МУҲАММАДЗАМОНИ СОЛЕҲ



ДЕВОРИ ХУРОСОН

МУҲАММАДЗАМОНИ СОЛЕҲ

ДЕВОРИ ХУРОСОН

Душанбе. Ирфон -1999

Государственная
республ. б-ка Тад.ССР
им. А. Фирдоуси
19/318
9804/ск

ДЕВОРИ ХАЗОН

Ба ифтихори 1100-солагии Давлати Сомонiён

Баргардони тарҷимаи "Наҳҷ-ул-балоға" ва интишори он дар соли 1999 мелодӣ (1378 шамсӣ) зери назари дуктур Алиасғари Шеъдӯст анҷом шудааст.

БИЁФОН

Виросторон: **Нуруллоҳи Исмат**
Мирзободал Бадалов

Ҳуруфчини компутор: **Мӯҳтарам Раҳимова**

Муҳаррири ороиш: **Нуруллоҳи Исмат**

Мухаммадзамони Солеҳ соли 1951 дар деҳи Пардоғи ноҳияи Масчо ба дунё омадааст.

Дерест, ки дар замини баруманди сухан чун деҳқони асил хомакашӣ мекунад. Офаридаҳои ӯ дар хумдони дил ва зеҳни ӯ чун лаъли музоб гудохта шудаанд. Ин аст, ки дӯстдорони сухан ҳикоя ва повестҳои ӯро бо унвони "Сарви Кашмир" (1984), "Оҳанги шаҳри Ишқ" (1989) ва "Ардовирафнома ё сояҳои шикаста" (Теҳрон, 1992) мутолиа кардаанд. Шеваи навиштор, оҳанги гуфтор, кутоҳбаёнии муассир баландғоягии арзиши асарҳои ӯро афзудааст. Хоса дарди бузурги инсон ва ҷомае дар ҳар асари нависанда бо обу ранги нав тачаллӣ намудааст. Асотир, фалсафаи хушбинона, маъонии таҳдор, дарди замон ҷавҳари осори ӯст. Ӯ дар насри имрӯзаи мо навпардоз аст: месӯзад ва месозад, то аз суханаш бӯйи хомӣ наояд.

БИЁБОН

Хуршед чун ташти сӯхтае паси гареваҳои биёбон пинҳон мешуд. Ғизоле, аз хайли хеш вомондае аз паси рӯз медавад. Рамаи гургони гурусна вайро дунболагир буданд. Ғизол аз ҳол мерафт ва гургон торафт ба ӯ наздик мешуданд. Онҳо низ хаста менамуданд. Ғизол бо охирин тавоне, ки дар рамаки мачрӯҳи худ дошт, худро ба тори гаревае мекашад. Ва бо умед ба сӯйи хуршед менигарад. Хуршед сари гаревае фурӯ мерафт. Ба назар чунин менамуд, ки ғизол гӯё дар дили Хуршед фурӯ меравад ва ё чун тасвире дар таште мисин насб мешавад. Ғизол лаҳзае ором, беҳаракат, хаста ба сӯйи Хуршед менигарад. Ва банохост гурге аз гареваи муқобили сар мекашад. Дигар гургҳо ӯро аз чор тараф гирд кардаанд. Роҳи гурезро барои ӯ бастаанд. Онҳо дигар маросими қурбонӣ ичро мекунанд фарёди бехудона мекашанд ва чашмашон чун алмос медурахшад.

Ғизол як-як ба сайёдони хеш менигарад. Нигоҳаш хаста, беҳолу камфурӯғ аст.

Дигар дар назараш биёбон сурх менамояд. Абрҳои сӯхтаи уфуқ аз ҳам медаранд, пареш мешаванд.Бод губори реги хунгунро паси гареваҳо тал мекунад. Ва боз дар чашмони гургони гурусна менигарад. Дар теғи нигоҳашон хун медурахшад. Ғизол якбора гӯё ба худ меояд, гӯшҳояшро тез мекунад ва бо чашмони пур аз умед ба сӯйи уфуқ менигарад. Гӯё бӯйи начот ба машомаш мерасад. Ва гургҳо низ гӯш тез мекунанд ва ба қалби биёбон менигаранд. Хатар эҳсос менамоянд.

Саворе бар аспи сафед дар гареваи муқобил, аз он ҷое, ки чашмони интизор аз як пайомади ногаҳонӣ нигаронанд, ба пайдо меояд. Ӯ Хуршедро дар паси хеш пинҳон мекунад. Гургон ба сӯйи ӯ меғурранд. Ӯ як-як ба умқи чашмони онҳо хира мешавад ва аспаш аз изтиробу ҳарос гӯш тез мекунад ва шиҳа мекашад. Гургҳо оҳиста-оҳиста ба сӯйи ғизол мехазанд. Вале ғизол ҳамоно рӯ ба сӯйи савор дорад. Савор бе́ҳолона камонро ба даст мегирад ва аз тиркаш тир ба он мегузорад ва ба сӯйи гурге, ки аз ҳама қавиҳайкалтару ба ғизол наздиктар аст, нишон мегирад. Гург ғурришкунон ба сӯйи ғизол ҳамла мебарад ва аз захми тир дар нимароҳ аз пой меафтад. Гургони дигар ба садойи чун

саг валангидани ӯ меғурранд ва савор ҳамчунон сӯйи онон тир партоб менамояд. Дар ин асно чанд сарбоз майдонро муҳосира мекунанд. Ғизол ҳамчунон орому ром аст, як гом-як гом ба сӯйи савор меравад. Аз захми суринаш хун метаравад. Савор тир ба тиркаш мегузорад ва хитоб ба сарбозон мегӯяд.

Исмоил: Ин дуро зинда бигиред!

Ва аз асп ба зер меояд ва ба истиқболи ғизол меравад. Ғизол ҳамчунон орому бепарво ба савор менигарад. Паси гарева мағал мехезад. Сарбозон гургонро зинда шикор мекунанд.

Исмоил дар гӯшае аз ин ғавғо ба ҷароҳати оҳу марҳам мегузорад ва хини ин амал байтеро дар тавсифи ҳоли оҳу замзама мекунад, аз рафтори ӯ чунин бармеояд, ки ӯ бо сайди захмӣ сухан мегӯяд.

Исмоил: ***Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,***
Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо...

Хуршед то ба ним бар сари гаревае фурӯ рафта буд. Аз паси гаревоҳо асирон ва баъд сарбозони савора намудор мешаванд.

Исмоил: Зуд бошед. То ба мағриб бояд ба ободие расем... Ин куффор, ки рӯзадор нестанд, пас иллати коҳилӣ чист? Зуд бошед! Намози шом мерасад.

Сарбозҳои савора тозиёнаро болои сар чарх мезанонанд. Асирон бо ҳарос сареътар ҳаракат мекунанд ва бӯзинае аз китф ба китфи асирон ҷаҳида шабушк мечӯяд. Исмоил ба ин манзара хира мешавад ва дар ҳолате, ки меандешад дар лабонаш табассум ҳувайдост. "Ин шабушкхурҳо одамхор шудаанд!"

Ва оҳу гирди Исмоил мечархад, дастҳояшро мебӯяд. Исмоил гоҳ аз гоҳ пушти оҳуро сила мекунад. Ду сарбоз аз байни асирон чаҳор нафарро ҷудо карда, гургони бастаро ба китфи эшон мегузоранд. Исмоил ба аспи хеш савор мешавад. Оҳу дунболи аспи Исмоил меояд.

Хуршед дигар дар паси гаревоҳо билкул пинҳон шуда буд ва фақат домони осмон сурхӣ мекард.

САМАРҚАНД

Кушки Исмоил. Бог.
Намуди умумии шаҳр. Кушку қасрҳо, кӯчаҳои сангфарш.

Боғистонҳои сабзу хуррам, дарахтони гуногун ба меваҳои расида. Маҳаллаи Исфизор. Кушки авлодии Сомониён. Боғи сабзу хуррам. Ҳавзи зулол. Чанд нафаре аз аъёни Самарқанд болои суффаи лаби ҳавз, зери дарахти себ нишастаанду дар хусуси ким-чие баҳсу мучодила доранд. Исмоил дар даст китобе аз дари кушк берун мешавад ва ба лаби ҳавз меояд. Акси кушк болои сатҳи ҳавз мавҷ мезанад. Ҳама ба истиқболи Исмоил аз ҷой баланд мешаванд ва ӯро барои "боло гузаштан" таоруф мекунанд. Онҳо ҳама одамони як насланд. Ҳарчанд риш доранду пуртамкинанд, вале ҳанӯз ҷавонанд.

Исмоил боло мегузарад. Зардолуву гелосу тут пухтааст. Гоҳ аз гоҳ тап-тап ба рӯйи сабзаи боғ ба ҳавз афтидани меваҳои расида ба гӯш мерасад, вале касе ба ин неъматҳои биҳиштӣ эътибор намедиҳад. Моҳи рамазон нав даромадааст. Ҳама рӯзадоранд. Исмоил китоби бузургеро ба яке аз ҳамсӯҳбатонаш дароз карда.

Исмоил: Китоби "Сияр-ул-мулук" ба хатти Юсуфи Сагзӣ.

Умар китобро варақ зада ба ҳайрат меояд.

Умар: Ин Юсуф бародари Иброҳими Сагзӣ аст. Онҳо аз бузургтарин донишмандони қарни аввали ислом ба шумор мераванд. Иброҳим дар соли шаст дар хатти маснад ё куфӣ ибтикор нишон дод ва понздаҳ ҳарф аз ҳуруфи диндабираро ба ҷои ҳуруфи маснад ба кор бурд ва барои он қоидаи васл тартиб дод ва ба ин васила хатти муаққаброро ба вуҷуд овард.

Абдуҷаббор: Ин чӣ хатт аст?

Исмоил: Маснадро қаламе аз хатти ҳумайрӣ медонанд. Яъне, маснад аз хаттҳои араб аст ва мансуб ба мардуми Яман. Яманиҳо онро аз ирониён гирифтаанд.

Абдуҷаббор: Ҳеч сар дар намеёварам. Бароям тавзеҳ диҳед.

Исмоил: Ҳумайрӣ, яъне ҳамоваронӣ. Ин ҳуруф дар шакли муфрад навишта мешаванд ва нуқта надоранд.

Умар: Шигифт он аст, ки таърихнависони араб қасдан номи Иброҳими Сиистониро Шаҷрӣ навиштаанд, то ироний будани ин хатро маҳв намоянд. Аз ин рӯ барои ризояти хотирашон Саҷзиро Шаҷрӣ мехонанду менависанд, дар ҳоле ки ному насаби Иброҳими Сагзӣ дар китобҳои мухталиф омадааст ва маҳв кардани он кори осон нест.

Исмоил: Ба ин гадбирсозиҳо намешавад барои хатти

арабӣ аслу насабе сирф арабӣ пайдо кард.

Умар: Юсуфи Сагзӣ аз хатти муаккалӣ қалами "ҷалилӣ" ва " сулсайн"-ро истихроҷ кард. Ба қавле хатти "ҷалилӣ" падари тамоми аклому хутути исломӣ аст. Ва то ба имрӯз роич аст. Ҳатто ин қалам ҳам ёздах харфи худро аз динда-бира айнан гирифтааст. Ба қалами Дебоҷ низ аз ин хат истихроҷ шудааст.

Исмоил: Ба ин қалам то ба хол аз тарафи хулафо бар тӯморхои комил ба подшохони рӯйи замин нома менависанд... Қиссаи ин хатти арабӣ ба мисли қиссахои "хазор достон" аст: Сиҷалоту тӯмори кубро... ҳамааш аз мост, вале ба номи қавму миллати дигаре...

Муҳаммад бинни Нӯх: Борхо аз қавли амми бузургам шунида будам, ки мегуфтанд: Пайғамбари худо фармудааст, ки "агар илм дар сурайёст ба он фақат ирониён даст меёбанд". Ва ба фахру шодӣ аз корнамоихои Салмони Форсиву Имом Ханифа сӯхбат мекарданд.

Исмоил: Дуруст, падари бузургворам ҳамеша аз гузаштагони таърихи Иронзамин ифтихор доштанд ва таъкид мекарданд, ки Афшину Мозиёр ва хатто Бобаки Хуррамдину Муқаннаъ бо роҳи хато рафтанд.

Умар: Яъне...

Исмоил: Яъне мебоист тамоми ибтикороти хешро бо номи халофату мазҳаб анҷом медоданд. Он гох метавонистанд шукӯҳи ҷалолати аздастрафтаи Иронзаминро боз гардонанд. Ба ин васила метавонистанд дасту пои аъробу атрокро аз ин кишвар қатъ кунанд. Имрӯз муассиртарин омил боз хамон аст, ки мо фитрати азалии хешро дар ривочи илму фарханги хеш ба кор андозем. Фақат ин кудратро мебояд ба як марказ ҷамъ овард.

Хочиби Кушк меояд. Ӯ як турки навҷавон аст. Таъзим мекунад.

Хочиб: Қосиди Амфи бузург Наср бинни Ахмад бор мехоҳад.

Исмоил: Бигӯ, дароял.

Хочиб дар хамон холи таъзим кардан пасноки аз лаби ҳавз дур мешавад. Исмоил ба суханаш идома медихад:

- Вале ба кадом роҳ ва дар чӣ сурат. Дар вазъи мавҷуд ин амалро баровардан имконпазир нест. Яъқуби Лайс дар Сиистону Кирмону Форс мечангад. Алавиён дар Гургону Табаристон, Абуубайда Муҳаммади Афшин дар Армани-

стону Озарбойҷон. Шом ноором. Рофеъ бинни Ҳарсама дар Хуросон... Имрӯз халофат қудрати пештараи худро қариб аз даст додааст. Фақат ба иғвогариву ҷангандозӣ машғул аст ва ба ин восита бақои мутазилзили худро нигоҳ медорад. Мо дар ин қисмат бо шабушкхӯрҳо даргир ҳастем...

Фақат бо таассуф метавонем бигӯем: ”Ку Рустаме? Оре, “ ку Рустаме”?

Қосиди амир Наср меояд ва таъзим мекунад. Ҳозирон ба эҳтироми шоҳ ба пешвози ӯ аз ҷой мехезанд.

Исмоил: Бифармоед, аз боло...

Дар ҳамин асно аз канораи боғ садои ғаши кӯдаке баланд мешавад. Ғуломон ба атроф медаванд. Ҳозирин парешонҳолона ба сӯйи фарёди кӯдак менигаранд.

Исмоил: Боке нест. Бифармоед...

Қосид:Боиси заҳмати шумо намешавам. Фавран бояд баргардам. Ин бегоҳ шоҳи ҷаҳон меҳмондорӣ хоҳанд кард. Таманнои ҳузури шумо ҷанобони олиро дар ин меҳмонӣ доранд.

Исмоил: Ба чӣ муносибате?

Қосид: Сафире аз ҷониби фақеҳи бузург, аз Бухоро омадааст. Шоҳи бузург ин бегоҳ аз эшон пазирой хоҳанд кард.

Дар ҳамин вақт ғуломон аз канори боғ бармегарданд. Ҳанӯз шоҳзода ҳиқ-ҳиқ мегиряд.

Ҳоҷиб: Шоҳзода аз гургҳои қафас тарсидаанд. Аҳмад аз бағали ғулом поин омада ба сӯйи падараш Исмоил медавад ва худро ба оғуши ӯ партофта гирф мекунад.

Исмоил:Магар шоҳзодагон метарсанд? Айб аст. Ман наметарсам.

Исмоил ашки чашмони писаро пок мекунад.

Исмоил: Бисёр хуб. Акнун бирав, дигар ба канори боғ нарав.

Аҳмад аз оғӯши падараш раҳо шуда ба сӯйи кушк медавад. Ҳозирон бо табассуму меҳрубонӣ аз пасаш менигаранд. Оҳу, ки озодона андаруни боғ мечарид, ба лаби ҳавз меояд. Қосид бори дигар таъзим намуда, иҷозаи рафтан мегирад.

Қосид: Дигар музоҳими ишон намешавам.

Меравад. Ҳозирон ӯро то назди дарвозаи кушк гусел мекунанд. Дар назди дарвоза Муҳаммад бинни Нӯҳ ва Муҳаммад бинни Умар ва Абдуҷаббор бинни Ҳамза низ

хайрухуш мекунанду мераванд. Исмоил ба Фазл бинни Ахмад ва Исмат бинни Муҳаммад ба ҷойи пештараи худ бармегарданд.

Исмоил саволомез ва бо тааҷуб ба ҳамсӯҳбатонаш менигарад.

Исмоил: Оё Шумо дар бораи ин "фақехи бузург" чизе медонед?

Фазл: Агар хато накунам ӯ бояд Абуабдулло Муҳаммад бинни Ахмад бинни Ҳафс бинни Забаркони Бухороии ҳанафӣ бошад. Ҳарчанд ӯ Абулҳафси Сағир аст, алҳол аз ӯ бузургтар фақехе дар Бухоро нест.

Исмоил: Ёдам омад. Ӯ писари Абулҳафси Кабир. Аз падари бузургворам дар бораи ишон бисёр қиссаҳо шунидаам. Якеш ин, ки Исмоили Бухороиро аз фатво додан манъ фармуд. Ӯ таваққуҳе ба маънии Абулҳафс накард ва аз фатво додан боз наистод, то он ки вақте аз ӯ суол шуд, ки агар ду кӯдаки ширхор, духтар ва писар аз шири як гов ва ё гӯсфанде бихӯранд, ризоъ байни он ду ҳосил мешавад ё на ва дар сурати субути ризоъ ин ду ба якдигар ҳаром хоҳанд буд ё на? Ӯ ба субути ризоъ ва ҳурмати издивоҷ фатво дод ва мӯҷиби он шуд, ки мардум бар вай шӯриданд ва ӯро аз Бухоро хориҷ карданд.

Исмат: Пас Исмоилро хориҷ карданд, то Исмоилеро ворид кунанд (*Механданд*). Ҷаноби олӣ ба дониш низ аз сохиби "Сахех" камтар наянд. Назди ҷадди аълову падари бузургвор илми хадис омӯхтаанд.

Исмоил (ба Фазл): Гумон мекунам чизеро аз мо пинҳон медоранд. Ва ё зиёдтар медонанду хасисӣ мекунанд.

Исмат: Он қадар медонам, ки менадонам.

Исмоил: Ин роз ҳам ошкор шуд, ки ишон аз Сукрот ҳам сабақ бурдаанд... (*механданд*).

Исмат: Ин роз нест, балки як ҳақиқати мусаллам аст.

Онҳо ба ин минвол, яъне шӯхикунону ҳандакунон ба сӯйи дарвоза мераванд ва паси табақаҳои он ғайб мезананд. Оҳу танҳо даруни бог мечарад. Ва аз канорахои бог садои зӯзаи гурге баланд мешавад.

Қасри Наср

Толори бархаво, ду рад сутунҳои мунаққаш. Паси сутунҳо суффаҳо ва рӯйи суффаҳо шоҳзодагону ашрофи Сама-

рканду Устурушана, Фарғонаву Чоч нишастаанд. Деворҳо бо деворнигораҳои рангин музайян шудаанд. Вале одамони деворнигораҳо сар надоранд. Дар охири толор суфаи нисбатан баландтаре ва рӯйи он тахти шоҳӣ гузошта шудааст. Хонтахтаҳо пур аз анвои меваву хӯрокворӣ аст. Шоҳ баъди азони намози шом ба толор ворид мешавад. Ҳозирон аз ҷой мехезанд ва ба ӯ таъзим менамоянд. Амир Наср бо имои сар ба меҳмонони ду тарафи толор "салом алейк" менамояд ва аз паси ӯ як гурӯҳ дарбориён вориди толор мешаванд ва ба ҳамин минвол ба ҳозирин "салом деҳон" ба ҷойҳои хеш мераванд. Шоҳ дар ҳоле, ки толорро барандоз мекунад ба ишорати даст рухсат ба нишастан медиҳад. Ғуломони турк дар косаҳои булурин шарбат меоранд ва назди меҳмонон мегузоранд.

Шоҳ: Пас аз он, ки хонадони Тоҳирия аз ҷониби Яъқуби Лайси Саффорӣ барандохта шуд, дар Бухоро фитнаву изтироб ба амал омад, раис ва фақеи Бухоро Абуабдулло бинни Абиҳафс ба ҷониби мо нома навиштаанд ва аз мо дархост кардаанд, ки касеро аз касони хеш барои забти Бухоро ба он ҷо бифиристем. Мо тасмими хешро гирифтем... (*Ва ба имтиҳон ба сӯйи ҳозирин менигарад*). Вале раъйи шуморо донистан мехостем... Шумо дар ин хусус чӣ мегӯед?

Амир Наср ҳар якеро бо нигоҳ барандоз мекунад ва охируламр дар амир Исмоил қарор мегирад. Ӯ як қадам пеш мегузорад ва бо таъзим ба шоҳ муроҷиат мекунад.

Исмоил: Тасмим тасмими ҳазратам аст!

Ва ба ҷойи худ бармегардад. Дигарон ин посухи амир Исмоилро бо нигоҳи қаноатмандона тарафгирӣ менамоянд.

Шоҳ: Пас мо тасмим гирифтем барои иҷрои ин амр амир Исмоилро ба Бухоро фиристем.

Ҳозирон ба амир Исмоил менигаранд. Амир Исмоил ба ризоияти хости шоҳ таъзим мекунад. Вале аз ваҷоҳаташ чунин пайдост, ки аз ин тасмими ғайричашмдошти шоҳ чандон розӣ нест. Ӯ худро чунон вонамуд мекунад, ки гӯё аз ин корҳо безор аст.

Шоҳ: Амир Исмоил хешро аз ҳама ҷиҳат ҳамчун ҷавонмарди оқилу ботадбир нишон додаанд. Чӣ дар лашкаркашӣ алайҳи саркӯб кардани туркони кофир дар кишвари Турон ва чӣ... (*ба дабир*). Ба Абуабдулло бинни Абиҳафси

Бухорой ҷавоб нависед ва аз тасмими мо ӯро огоҳ созед ва таъкид намоед, ки аз амир Исмоил он чунонки шоистаи шаъни эшон аст, пазирой ба амал биёваранд. (*Ба амир Исмоил*) Амири хиттаи Бухоро тадоруки сафар банданд, ҳар чӣ тезтар, хубтар *(Амир Исмоил даст ба чашм мебарад ва таъзим менамояд)*. Супориши махсусро баъдтар, яъне дар арафаи сафар ё ҳамин бегоҳ, баъди ифтор дарёб хоҳед намуд.

Исмоил: Агар ҳар чӣ тезтар супоришҳо маълум шаванд, барои тайёрӣ дидани сафар хубтар аст, шоҳам.

Амир Наср: Пас, баъдтар дар ин хусус машварат хоҳем кард.

Дастаи навозандагон ба толор ворид мешаванд ва ба сӯи суффае мераванд, ки деворнигораҳояш далолат ба ҷойи онҳо мекунад. Дар девор чанд нафар навозанда ва хонуми раққосе бо рангҳои рӯшан тасвир ёфта буд, вале афсӯс, ки онҳо низ бесар шуда буданд. Фақат аз созҳо ва ҳаракати баданҳо пай бурдан мумкин буд, ки кадоме аз онҳо навозандаву раққоса ҳастанд. Баъди чанд лаҳза оҳанги форами "хусравонӣ" садо медиҳад. Ғуломбачагон ҷомҳои шарбатро гирд мегардонанд.

Ҳучраи Наср

Дар равшании нури шамъҳо амир Наср ва Исмоил нишастаанд. Амир Наср аз ҷой мехезад ва ба тарафи панҷара меравад ва пардаҳои ҳарирро ба як сӯ кашида, дар боғ хира мешавад.

Амир Наср: Ҳаво дам асту гарм. Амири Бухоро майли сайри боғ надоранд?

Амир Исмоил: Шоҳам бо чунон тасмиме дар хусуси Бухоро харф мезананд, ки гӯё кайҳост ин мулк мустаъмараи мо бошад.

Амир Наср: Мо ба қудрат ва ройи хусни тадбири бародари худ бовар дорем. Дигар ин ки пеш аз он, ки шоҳон тасмим гиранд, аввал меандешанд ва бо аъёни худ машварат мекунанд ва баъд қатъиян ибрози акида мекунанд.

Онҳо аз қаср берун мераванд. Дар равшании ширгуни моҳ сатҳи орому сокити ҳавз ба мисли ойинае чило медиҳад. Осмон софу бегубор ва пур аз ситора аст. Амир Наср пеш-пеш ва Исмоил чанд қадам қафотар, яъне пасопеш

ба лаби ҳавз мераванд.

Амир Исмоил: Расолати ман дар Бухоро чист?

Амир Наср: Онро замимаи давлати мо кардан.

Амир Исмоил: Бо кадом роҳ?

Амир Наср: Ҳар роҳе, ки мумкин аст. Вале бе харобкорӣ. Мардуми Бухоро аз чаповалу ғорат, куштору сӯхторҳои пай дар пай хаста шудаанд, ба ҷон расидаанд. Дар моҳи рабеъ-ус-сонӣ Ҳусайн бинни Тоҳир ал-Тойӣ аз Хоразм ба Бухоро тохтан овард ва миёни ӯву мардуми Бухоро ҳарбҳо афтод. Ӯ баъд аз панҷ рӯзи ҷанг бар шаҳр даст ёфт. Ва ба аҳли Бухоро узри шаҳру русто кард ва бисёр касро бикушт ва хоразмиёнро баргумошт, то дуздӣ намуданд ва мусодират мекарданд ва ба шаб мукобираи хонаҳо бар мезаданд ва ҷиноятҳои гарон мениҳоданд ва мол месутуданд.

Аҳли Бухоро бо ӯ ба ҳарб берун омаданд ва бисёр кас кушта шуданд ва аз шаҳр миқдори ду донг бисӯхт ва чун аҳли шаҳр даст қавӣ карданд, ӯ мунодӣ кард ва амон дод. Ва мардумон, ки ҷамъ шуда буданд ва ҷангро омода гашта, чун хабари амон бишниданд, пароканда шуданд ва баъзе ба русто рафтанд. Чун Ҳусайн бинни Тоҳир донист, ки мардум пароканда шуданд, шамшер андар ниҳод ва халқе азимро бикушт. Мардум боз ғавғо карданд ва Ҳусайн бинни Тоҳир ба ҳазимат шуд ва ҳама рӯз ҳарб карданд ва чун шаб шуд, ӯ дари кушкро маҳкам кард. Ва халқро дар атрофи кушк нигоҳ медоштанд, то вайро бигиранд. Ва ӯ хирочи Бухоро ба тамомӣ гирифта буд: Ҳама дирам... ғадрифӣ ва дар миёни сарой рехта буд ва мехост то ба нукра сарф кунад, замон наёфт ва он шаб деворро сӯрох карду бигрехт, бо касони хеш барахнаву гурусна. Ва он дирамҳои ғадрифӣ бимонд. Мардумон хабар ёфтанд ва он мол ғорат карданд. Ва пас аз вай фитнаҳои дигар ва ҷангҳо бо аҳли Бухоро хар касро бисёр шуд. Аҳли илму салоҳ аз Бухоро бо назди Абуабдуллоҳ ал-факеҳ, писари хоҷа Абдулҳафси Кабир (раҳматуллоҳи алайҳ) ҷамъ шуданд, бо вай тадбир карданд. Он чӣ факеҳ вазъи Бухороро шарҳ дода буд, ба ҷаноби олӣ арз намудем.

Амир Исмоил: Пас Амири Бухоро ба чӣ кор машғул аст?

Амир Наср: Ӯ хаворичӣ аст ва дар Бухоро хавохоҳони зиёде надорад. Дар Бухоро аслан хаворичиён каманд. Хоҷа Абдулҳафси Сагир марди мубориз аст. Ва раисии Бухоро

бар дӯши ӯст. Бо ӯ машварат кунед. Бо аҳли Бухоро, чӣ аҷамиву чӣ бегона, бо шафқат рафтор намоед. Иншоол-лоҳ, корҳо хуб мешаванд.

Амир Исмоил: Дар рикоби ман киҳо мераванд?

Амир Наср: Кӯшиш кунед иддаи камеро бо худ гиред. Бокимонда дар салоҳияти худи шумост.

Амир Исмоил: Кай ба роҳ бароем?

Амир Наср: Ҳарчӣ зудтар, хубтар.

Онҳо ба қаср бармегарданд.

Беруни Самарқанд

Дарвозаи қасри шоҳӣ кушода мешавад. Аввал шоҳ Наср, аз паси ӯ амир Исмоил ва баъд аъёну ашрофи шаҳри Самарқанд, аз ҳама пасон бо теъдоди чаҳорсад-панҷсад нафар сарбоз берун меоянд. Онҳо ба сӯйи дарвозаи магрибии рабаз роҳ пеш мегиранд. Аз ду тарафи кӯча марду зани зиёде ба қасди гусели амир Исмоил саф кашидаанд. Амир Исмоил бо аҳли рикобаш аз байни ин сафҳо мегузарад. Амир Наср то аз дарвозаи рабаз (ҳисор) берун шудан ба амир Исмоил ҳамроҳӣ мекунад.

Бо кушода шудани дарвозаи рабаз кишгзорҳои сабзу хуррами то ба уфуқ доманкашида намудор мешаванд. Онҳо дар беруни дарвоза таваққуф менамоянд. Амир Наср ва амир Исмоил аз аспҳо поён меояд ва аз дунболи онҳо ашрофзодагон ба тақлид аз аспҳо пиёда мешаванд. Амирзодагони сомонӣ якдигарро ба оғӯш кашида, хайру хуш мекунанд ва баъд бо аҳли рикоби ҳамдигар бо панҷафишорӣ ин маросимро ичро мекунанд ва муфтии шаҳри Самарқанд забон ба тиловати чанд оёте мекушояд ва дар фарҷоми фотиҳа бар аспи сафеди худ савор мешавад. Қофила ба роҳ медарояд. Амир Наср то аз назарҳо гойиб шудани амир Исмоил бар ҷояш сокит ва бо андеша нигарон мемонад. Ӯ дар назар хеле хаставу ранҷур менамояд. Аз гусели бародар гамгин аст. Амир Наср ба шаҳр бармегардад.

КАРМИНА

Сарбозони амир Исмоил дар даромадгоҳи деҳаи Кармина, дар соҳили рӯди Кармина машғули хайма задан мебошанд. Худи амир Исмоил бо чанд нафар аз асҳобаш, ба

хусус Фазл бинни Аҳмад ал-Марвазӣ ва писари бародараш Абузакриё Яхё бинни Аҳмад бинни Асад ба Кармина ворид шуданд. Аз миёни кӯчаҳои сердолу дарахт гузаштанд, ба масҷиди ҷомеъи Кармина ворид шуданд. Саҳни масҷид хеле сабзу хуррам ва аз анвои гулҳо муаттар буд. Чанде нагузашта, имоми масҷид ба истиқболашон аз ҳуҷрааш берун омад. Ӯ марди серриш ва қоматбаланде буд. Ришаш ранги хурмоӣ дошт. Аз мутолиаи зиёд чашмонаш варамида буданд. Ӯ ба меҳмонон хира монда буд ва ба онҳо чӣ тавр муносибат карданашро намедонист. Хусусан салобати амир Исмоил ӯро гаранг карда буд. Меҳмонон аз авзои ӯ пай бурданд, ки худро ноҳинҷор эҳсос мекунад. Фазл бинни Аҳмад мушкили ӯро осон гардонид.

Фазл: Мо аз Самарқанд меоем ва ба Бухоро равонем. Ин ҷоро хеле ободон ёфтем ва қарор додем чанд рӯзе ин ҷо бимонем, то худамон ва ҳам чаҳорпоёнамон кӯфти роҳ барорем.

Амир Исмоил:Аз ин ҷо то ба Бухоро фосила чанд аст?

Имом (*гӯё чизе ӯро такон дода бошад, яққа мехӯрад ва изтиробомез ба сухан меояд*): Аз ин ҷо то ба Бухоро чаҳордаҳ фарсах роҳ аст, гардам.

Амир Исмоил ба осмон менигарад ва ба Фазлу Абузакриё мурочиат мекунад.

Амир Исмоил: Намози аср ин ҷо мегузорем, баъд ба қароргоҳ бармегардем.

Абузакриё бармегардад, то аспҳоро бифармояд тавила бибанданд. Амир Исмоил ва Фазл бинни Аҳмад ба назди суфаи лаби ҳавзи масҷид мераванд.

Амир Исмоил: Шумо имрӯз бояд аз Абуабдулло бинни Абулҳафс дидан кунед. Бубинем, то эшон чӣ мефармоянд. Худсарона рафтори мо иззати нафси ишонро карехадор хоҳад кард. Уламоро боз худи шумо беҳтар медонед. Ба ишон бифаҳмонед, ки расолати мо аслан бо роҳи гуфтушунид ҳал кардани қазия аст, дар акси ҳол ишон чӣ ёрмандие ба мо расонида метавонанд. Шумо дар хусуси иддаи сарбозони мо ҳарфе намезанед. Ин чиз бояд пинҳон монад. Ба шумо роҳи сафед ва тавфиқи амал орзу мекунам. Омин. Оллоҳу Акбар.

Имом дар каноре бо шубҳаву тардид ба рафтору гуфтори меҳмонон назора мекунад. Фазл бинни Аҳмад таъзим мекунад ва чанд қадам пасон рафта, аз масҷид берун ме-

шавад ва пас аз чанд лаҳзае садои пойи аспҳо шунида мешавад. Амир Исмоил офтобаеро гирифта, аз ҳавз пури об мекунад ва ба таҳоратхона меравад. Имоми масҷид аз фурсат истифода бурда, чанд кӯрпача бо худ меорад ва болои суфа паҳн мекунад. Ва ба интизори амир Исмоил менишинад. Пас аз гузаштани чанд лаҳзаи дигар амир Исмоил аз таҳоратхона берун меояд ва ба айвони масҷид рафта, ду ракъат намоз мехонад ва баъди "салом" додан ба лаби суфа бармегардад. Имом ба пешвозаш мехезад ва ба ӯ салом медиҳад ва барои болои кӯрпача гузаштанаш таоруф мекунад. Амир Исмоил ба хоҳиши ӯ амал мекунад.

Амир Исмоил: Ман худро шинос накардам, узр. Ман Исмоил бинни Аҳмад бинни Асади Сомонӣ, бародари амири Вароруд Абунаср бинни Аҳмад ҳастам.

Имом дубора аз ҷояш мехезад ва ба амир Исмоил таъзим мекунад. Худро аз хиҷолат ноҳинҷор ҳис мекунад ва чойи гурез мекобад, вале...

Имоми масҷид: Банда, ғуломи шумо, имоми ин масҷид ҳастам. Агар дар пазироии шумо аз мо хатое гузашт, пузиш мехоҳам. Ҷаноби олӣ бандаро бубахшанд.

Амир Исмоил: Мо ҳама бандаи худованд ҳастем. Шумо беҳуда худро азият медиҳед.

Имом:Банда Иброҳим писари Муслим, аз саканаи ин қасаба ҳастам, аз муридони фақеҳи бузург Абуабдулло бинни Абиҳафси Сағир.

Амир Исмоил: Банда аз иродатмандони ишон ҳастам ва ба зиёрати ҷанобашон омадаам. Хоҳиш мекунам, ин ҷо будани ман байни худамон бимонад. Аз ташрифоти зиёд хушам намеояд. Мехоҳам ба хидмати раиси ин ҷо бирасам. Агар дар ин амр ба ман кӯмак расонед, лутфатон беандоза аст.

Имом даст ба чашм мебарад ва аз ҷояш мехезад. "Ман ҳозир меоям"-гӯён аз масҷид бадар меравад. Амир Исмоил боз танҳо мемонад. Ин бор ба чаҳор тарафи масҷид зеҳн мемонад, ба кошикориву кандакорихои масҷид ва ҳашамати сохтмони он ба диққат менигарад. Пеши назараш деворнигорахои оташкадаи Самарқанд мегузаранд. Марди пире, ки саропояш сафедпӯш аст, аз хилоли ин деворнигорахо ба пайдо меояд, ки гот мехонад. Ва лаҳзае нагузашта, чанд аъробие бо шамшерҳои охта бар ӯ ҳамла ме-

кунанд ва сарашро аз тан ҷудо мекунанд. Ҳама ҷо ранги хун мегирад забонаҳои оташи муқаддас деворнигораҳоро ба коми худ мекашанд. Ва ӯ мебинад, ки он аъробиҳо даруни хуну оташ сар аз тасвири деворнигораҳо мебуранд ва муғи мӯйсафед даруни шӯълаҳои оташ месӯзад. Муғ ба имоми ин масҷид хеле монанд аст.

Аз "ҳарорат"-и он сӯхтори маръй гӯё худаш оташ гирифтааст. Араки сарде тамоми баданашро тар мекунад. Авзояш дар ин ҳолат беморгуна, рангпарида, ба мисли муғи мӯйсафед аст. Аз ришу мӯйи хурмогунаш арақ мешорад. Гармои чиллаи тобистон ва гуруснагии рамазону машаққати роҳ бар вай таъсири муҳлик гузаштааст. Ӯ аз олам рӯъёиш ба худ меояд. Намозгузороне, ки ба масҷид омадаанд, хеле каманд. Гоҳ аз гоҳ яке-яке пайдо мешаванд. Онҳо низ ҳолате беморгуна доранд.

Ниҳоят имоми масҷид бо як марди миёнасол, вале ашрофнамое, ки аз озодагон буданаш аз либосаш ҳувайдост, пайдо мешавад. Амир Исмоил аз рӯйи одоб аз ҷояш мехезад ва чанд гоме ба истиқболашон меравад.

Имом: Ишон раиси Кармина ҳастанд.

Раис: Раиси бузург устод Абуабдулло бинни Абиҳафс аз омадани шумо маро огоҳ карда буданд, вале рӯзи омадани ишон маълум набуд. Узр мехоҳам, ки беаҳамиятӣ кардем, аз омаданашон бехабар мондем.

Раиси Кармина дар баробари беҳолативу заъфе, ки дорад, боз ҳаяҷонзада менамояд. Ҳангоми гап заданаш чунин ҳис мешавад, ки сар аз по гум кардааст.

Раис: Қабули ҳамчунин меҳмоне барои мо аз бузургтарин шараф аст.

Амир Исмоил: Мо беруни Кармина хайма задаем, то боиси ташвиши шумо ва мардуми Кармина нашавем. Ягона таманнои мо ин аст, ки чанд рӯзе, ки меҳмони ин диёр ҳастем, чорпоёни моро бо алуфа таъмин намоед. Дигар мо боиси заҳмати шумо нахоҳем шуд. Мо озукаи аҳли рикобро бо худ овардаем. Дар ин хусус беташвиш бошед.

Раис: Ман шуморо ҳамчунин раҳо намекунам. Шумо бо тамоми хайлатон меҳмони мо ҳастед ва ба худ иҷоза намедихем ва шарти ҷавонмардй хам нест, ки чун шумое беруни касаба бимонед. Ин ҳам бар мову ҳам бар шумо муруввat аст.

Амир Исмоил: Он чунонки огоҳ ҳастед, ба Бухоро ома-

дани ман расмӣ нест. Ва ман намехоҳам, ки дар ин хусус дару дарвоза шавад. Ман аз меҳрубонии шумо мамнунам, вале маъмурияти ташрифи мо ичоза намедиҳад. Аз лутфи шумо мамнунам.

Раис:Ақаллан ҳамин бегоҳ меҳмони ман шавед ва рӯзаро бо ҳам кушоем. Таманно мекунам, рад накунед. Боиси ифтихори ман аст...

Амир Исмоил: Фардо ман дар хизмати шумо ҳастам. Баъди намоз шумо маро то ба хиргаҳ ҳамроҳӣ мекунед.

Раис: Ба чашм. Вале хеле боиси таасуф аст, ки... (*хичолатзада аст, бе даст у пост, чӣ кор карданашро намедонад*). Мо шарманда ҳастем... Рафтори мо дар ҳеҷ гӯшаи ҷавонмардӣ намеғунҷад. Ман шарманда ҳастам...

Садои муаззин баланд мешавад. Одамони рӯи ҳавлӣ ба дохили масҷид медароянд. Дермондагон бо шитобу ҳарос худро то ба масҷид мекашонанд. Имоми масҷид бо ҳамсӯҳбатонаш як по- як по вориди толори масҷид мешаванд.

Мардум аллакай саф кашидаанд. Имом бо тамкин ва то андозае ифтихормандона аз пеши саф мегузарад. Амир Исмоил ва раиси Кармина дар сафи охирин ҷой мегиранд. Ҳанӯз раис хичолатзада менамояд ва аракӣ шарму ҳаё аз сару рӯяш мерезад.

Баъди ба поён расидани намоз амир Исмоил бо ҳамроҳии раиси Кармина ва имоми масҷиди ҷомеъ ба кӯча мебароянд. Аспи сафеди амир Исмоил аз танҳоиву дилтангӣ пой ба замин мекӯбад. Исмоил аз лаҷоми аспаш гирифта, бо ҳамроҳии раиси Кармина ва имоми масҷиди ҷомеъи Кармина дар кӯчаҳои хилвати дех ба сӯйи мақарри хеш меравад. Ҳаво сахт тафсон аст.

Дар ду тарафи роҳ хонаҳову кушкҳо бо боғҳои пур аз долу дарахт қад афроштаанд. Оби ҷӯйҳои ду тарафи роҳ зулолу бо садо ҷорист. Мӯйсафеде чанд пушт ба танаи дарахтони лаби ҷӯй беҳолона гузошта, дар худ фурӯ рафтаанд. Онҳо на ба ҷараёни оби ҷӯй, на ба гузашти умрашон ва на ба гузарандагони ин роҳ эътибор медиҳанд. Онҳо ба ҳама чизе, ки дар ин дунёст, беэътино шудаанд. Гоҳ аз гоҳ ба худ меоянд ва чанд харфе байни ҳам ралду бадал намуда, боз ба умқи андешаи хеш фурӯ мераванд. Амир Исмоил бо ҳамроҳонаш хини аз миёни онҳо гузаштан салом медиҳад, вале бе ҷавоб мемонад, гӯё саломашро нашунида бошанд. Гӯё чизеро нашунидаанд. Исмоил ин

вазъи аҳволи онҳоро хеле хуб дарк мекунад.

Дар охири кӯча амир Исмоил бо ҳамроҳонаш хайру хуш мекунад ва ба аспаш савор мешавад. Раис ва имом пас аз он, ки ӯ дар хами кӯча нопадид мешавад, аз роҳи рафтаашон бармегарданд. Онҳо сӯҳбаткунону ҷадалкунон ба сад гумону тахмин омадани амир Исмоилро ҳадас мезананд.

Беруни Кармина

Рӯзи нӯҳуми рамазон дар маҳалли поён ёфтан аст. Сарбозон ҳар кадоме бо коре машғул аст. Амир Исмоил дар рӯйи харсанги сохили рӯд, нишастаст ва нигоҳаш ба ҷараёни об роҳ бастааст. Ӯ андешанок аст. Дар ҳамин вақт Фазл бинни Ахмади Марвазӣ ва Закриё аз Бухоро бармегарданд. Исмоил ба назди эшон меравад. Онҳо ба дохили хаймаи амир Исмоил медароянд.

Амир Исмоил: Хӯш, чӣ хабар? Абулҳафси Сағир чӣ пешниҳод мекунад.

Фазл: Узр мехоҳад, ки наметавонад ба хизмати шумо биёяд.

Амир Исмоил: Наметавонад ва ё намехоҳад?!

Фазл: Вазъият дар Бухоро чунон аст, ки гумон мекунам, наметавонад.

Амир Исмоил: Вазъият дар Бухоро чӣ тавр аст?

Фазл: Хеле муташаннич. Хабари ба Бухоро омадани амирам аҳли Бухороро ба фиркахо чудо кардааст.

Амир Исмоил: Онҳо чӣ мехоҳанд?

Фазл: Он чунон ки факехи бузурги Бухоро шарҳ дод, онҳо дахолати бегонагонро ба умури давлатии худ намехоҳанд. Амир ва сипоҳиёнаш аз омадани амирам бадгумон шудаанд.

Амир Исмоил: Пас факехи бузург ва тарафдоронаш чӣ мехоҳанд?

Фазл: Онҳо ба фазилат ва ҳусни тадбири ҷаноби олӣ умедворанд, ки масъала бо роҳи гуфтушунид ҳал шавад.

Амир Исмоил: Дигар чора хам надорем. Худо кунад, ки онҳо аз тӗъдоди лашкари мо огоҳ нашаванд. Дар акси ҳол тамоми ниятҳои мо беҳуда аст. Ба ҷуз шармандавор ҷонибӣ Самарқанд гурехтан дигар чорае нест.

Фазл: Ҳама дар Бухоро аз маҳорати лашкаркашии шумо

1913 1911

ва тадбири сахнасозй ва ғалабахои шумо сухан мегўянд. Аллакай ин авсоф онхоро дар сахнасозй дар баробари шумо дилсарду ноумед гардондааст.

Амир Исмоил чанд лахзае хомўш мемонад. Ва ба суръат аз хайма берун меравад. Фазл ва Закриё аз пасаш ба берун медаванд. Амир Исмоил савори аспи сафед ба сўи хуршеди ғуруб метозад ва аз назархо ғоиб мешавад. Дар он чое, ки амир Исмоил нопадид мешавад, аробахои алаф пайдо мегарданд. Дигар хиргах ба чунбиш афтодааст. Матбахихо ба пухту паз машғуланд. Чанд сарбоз ба холй кардани алафи аробахо гумошта мешаванд. Дар айни ин долу зарб амир Исмоил меояд пиёда, аз пештар хастатар, андўхгину андешаманд. Аспашро дар тавила мебандад ва як по-як по ба сўйи хаймааш меравад. Фазл бинни Ахмади Марвазй бо ташвиш аз пешаш мебарояд.

Амир Исмоил: Басо рўзи дарозу дилгир шуд. Хастаам, чунон хастагие, ки...

Фазл: Шохам даме истироҳат кунанд.

Амир Исмоил: Ё Абулфазл, ку фурсате? Агар чунин фурсате хам бошад, мо онро надорем. Чорае бояд чуст. Чорае, ки хам лаъл ба даст ояд хам ёр наранчад.

Аз сўйи Кармина садои азони намози шом меояд. Офтоб дар паси сахрохои Бухоро фурў рафта буд ва уфук ба ранги лолаи тоза менамуд. Амир Исмоил ба хаймаи худ медарояд. Фазл аз паи кори худ меравад. Сарбозон барои ичрои намоз саф мекашанд. Хама интизори амир Исмоиланд, то ба мисли хамеша имоматй кунад. Вале ў аз хаймааш берун намеояд. Фазл пас аз диранге ба пешнамоз мегузарад.

Баъди намоз, хангоме ки Фазл ба хаймаи амир Исмоил медарояд, ў ханўз сари чойи намоз аст. Бо даромадани Фазл ў "салом" дода, мехезад.

Амир Исмоил: Абузакриё Яхё кучост?

Фазл: Ишон холо меоянд.

Ғуломони турк хўроки шомро меоранд. Дере нагузашта, Абузакриё Яхё низ меояд.

Яхё: Дар хакикат рўз хеле дарозу дилгир буд.

Амир Исмоил: Акнун кўтох мешавад. Бифармоед, мехрубон бошед (*Пас аз чанд луқма хўрдан*). Фардо, субхи барвакт шумо хамчун расули мо ба назди Хусайн бинни Мухаммади Хаворичй меравед. Ба ў бо мулоимат мефахмонед, ки касди мо чангу харобй нест. Мо мехохем кишвари

Бухоро ва мардуми он орому осуда ба сар баранд ва кишвари хешро ободу ганӣ гардонанд. Ин қазияро ҳам фаромӯш накунед, ба таъкид иброз намоед, ки ҳусни тавақчӯхи хулафои Бағдод бо мост. Ва маҳз мо зомини амну амонати Вароруд ҳастем. Ҳар ки замимаи давлати амир Наср бинни Аҳмад бинни Асади Сомонӣ ҳаст, ӯ аз тақовузу ғорату куштору сӯхтор эмин аст. Ба ӯ мефаҳмонед, ки бояд аморати моро бипазирад ва мо ӯро фаромӯш нахоҳем кард. Агар барои ин амр баҳонаи сарпечӣ пеш меорад, шумо пеш аз ҳама ҳаводиси моҳи рабеъ-ул-охирро, яъне тохтутози Ҳусайн бинни Тоҳири Тойиро ба ёдаш оваред. Бо ин агар қонеъ нашуд, аз ҳарбҳои Яъқуби Лайси Саффорӣ ва ҷангҳои ӯ дар Кирмону Форс ва қисмате аз Хуросон барояш ҳикоят намоед ва дар охир таъкид кунед, ки мо, яъне Сомониён, дигар намегузорем ҳеҷ касе ба мулки Вароруд ҳуҷум оварад ва ин вилоятро хароб гардонад. Сомониён дорои ин қудрат ҳастанд ва ҳар лаҳза омодаанд. Вале боз таъкид мекунам, мо қасди ҷанг надорем, харобии Бухороро намехоҳем, агар лозим бошад, ба касе дигар иҷозаи онро намедиҳем, ки... Ё Абуфазл, боз сухан аз худи шумо намемонад. Ман ба дониш ва салоҳияти шумо умедворам. Дигар ҳар чӣ пеш ояд, худо доност.

Шумо Абузакриё бародари азизам, сад нафар сарбозро саропо мусаллаҳ мекунед ва дар рикоби расули мо мераведед. Ин сад нафар бояд шукӯҳи лашкари сомониёнро нишон диҳад. Ҳеҷ ибтикоре аз худ нишон намедиҳед. Шумо дар тамоми корҳо аз Абулфазл бинни Аҳмади Марвазӣ дастур мегиред. Ин кор густохӣ ва худсариро намепарварад. Шумо чунон рафтор мекунед, ки дар акибгоҳатон на чорсад нафар, балки чилҳазора лашкар истодааст.

Яҳё: Мардуми Бухоро силаҳшӯранд. Агар тарафдорони Ҳусайн бинни Муҳаммади Хаворочӣ дар шаҳр бетартибӣ ба рох андозанд ва ё бишӯранд, чӣ бояд кунем?

Амир Исмоил: Аз худованд умедворем, ки ин кор наменшавад ва худо накунад, ки рух дод, ҳеч ибтикоре аз худ нишон намедиҳед, то дастур ёбед. Шумо метавонед аз расули мо ва ё худи Абулҳафси Сағир дастур бигиред. Тарафдорони мо дар Бухоро ба маротиб зиёданд.

Дигар ин, ки аз номаи Абулҳафси Сағир ёд намекунед. Моро вазъияти ҷорӣ ба Бухоро овардааст. Дар акси ҳол бар зидди хавохоҳони мо ошӯбҳо ба рох хоҳанд андохт ва ё ишон игво хоҳанд кард. Дар ин масъала, умедворам, эҳти-

ёт мекунед. Барои ҳеҷ гуна иғво баҳонае намедиҳед. (*Ҳуд ба ҳуд*). Дар масири таърих хуни ин мардум ба ноҳақ басо рехтааст. Гӯё мо, фақат мо, қурбонии таърих будаем. Дигар бас аст. Ман омадаам, ки онро қатъ кунам. Дигар ман амини шумо ҳастам. Мо бояд қасоси худро аз дигарон бигирем...

Ҳолати Амир Исмоил билкул тағйир меёбад. Таб мекунад. Ранги рӯяш мепарад. Гӯё ҳазён мегӯяд.

Яҳё: Амирам хаста шудаанд. Лаҳзае роҳат кунед, то хастагиятон рафъ шавад.

Нигоҳи чашмони аз беморӣ барҷастаи амир Исмоил ба кунче рах мебанданд. Гӯё ӯ фаросӯи ин хаймаро, балки фаросӯйи таърихро ба мушоҳида гирифтааст. Ҳеҷ харфе, ҳеҷ насиҳатеро намешунавад, ба гӯшаш ҷуз хаю хуйи чангҳову сӯхторҳо чизи дигаре садо намедиҳад.

Ӯ ташнаву хаста аз миёни мурдаҳо мегузарад. Мурдаҳо аз қабрҳо хеста, домони ӯро мекашанд. Вале ӯ бо ҳамон суръат бо шамшери охта пеш меравад ва ҳар лаҳза ба такрор мегӯяд: "Ман омадам, ки шуморо наҷот диҳам! Ман омадам, ки дардҳои шуморо таскин диҳам. Ман омадам, ки ниёзҳои шуморо бароварда созам. Он **Бахроми Варҷованд** манам!..."

Ва аз даруни қабрҳо, аз дуриҳои дур, аз паҳноҳо, аз осмонҳо овози ҳамхонӣ меояд. Гӯё ин суруд ҳамчун шодбошии ӯ садо медиҳад:

"Кай бувод ке ояд пайке аз Хиндугон,
Ки мад он Шаҳвахром аз дудаи Каён.
Ки пеҳ аст ҳазор, абар сарон аст пилбон,
Ки ороста: драфш доред, рад евен, ки хусравон".*

Ва аз ҳар ҷониб он марди савори чангиро бо шамшери барахна, дурахшон дар нури хуршед, савори аспу пил, даванда ба майдон, таъқибкунанда чашмони хунгунро мебинад. Дар ҳамаи онҳо ӯ худашро мешиносад. Ва бо шо-

---

*Тарҷума:

"Кай бувад, ки ояд
Пайке аз Хиндустон.
Ки омад он шаҳ Бахром,
Аз дудаи Каён.
Ки пил аст ҳазор,
Бар сар аст пилбон.
Ки ороста дирафш дорад,
Ба айёни хусравон"

фу шодӣ фарёд мезанад: ***“Ман омадаам!, Ман меоям!”***

Ғуломон бо тарсу ҳарос дастурхонро мечинанд ва рахти хоби амир Исмоилро омода месозанд. Ӯ ҳанӯз бе хушу ёд аст. Фазл бинни Аҳмад ва Абузакриё Яҳё ӯро бо эҳтиёт бардошта, ба рӯйи рахти хобаш мегузоранд. Ӯ бедор намешавад. Абузакриё бо ишораи “ман мемонам” бо Фазл хушбошӣ мекунад. Фазл аз хайма баромада меравад.

Шаб ба мисли гӯр торик, вале осмон пур аз ситора аст. Моҳи Нав аз хилоли ситорагон мегузарад. Сарбозон ҷо-ҷо гулхан афрӯхта, гирди он нишаста, дар хусуси ким-чиҳое бо ҳам сӯҳбат доранд. Фақат хаймаи амир Исмоил рӯшан аст. Посбонон дар гирду атрофи хиргаҳ бедоранд.

Амир Исмоил дигар ором гирифтааст ва ором-ором нафас мекашад. Ӯ масти хоб аст. Абузакриё Яҳё болои сараш пинак меравад, вале ҷуръати ба хаймаи худ рафтан намекунад. Ӯ аввалин бор аст, ки бародарашро дар чунин ҳол мебинад. Ва беихтиёр ашк аз чашмонаш ҷорӣ мешавад. Ӯ амир Исмоилро дӯст медорад.

Хиргаҳ

Расулони амир Исмоил аз Бухоро бармегарданд. Амир Исмоил ҳанӯз аз сари намози аср барнахестааст. Бо омадани расул тозон ба берун мебарояд ва чанд гоме ба истиқболи эшон меравад.

Амир Исмоил: Зуд гом занед. Чӣ хабар?

Фазл ва Закриё аз дур аз аспҳо пиёда мешаванд.

Фазл: Хайр аст.

Амир Исмоил (*хушҳолона*): Ман ин ҷо аз дилтангӣ қариб гуссамарг мешудам.

Фазл: Корҳо, он чунон ки амирам мехостанд, бояд натича диҳанд. Барои машварат мӯҳлат гирифтанд. Имрӯз тадбир мекунанд, фардо ба мо ҷавоб медиҳанд, ки ба чӣ натича расидаанд.

Амир Исмоил: Пас, ҳанӯз маълум нест, ки чӣ мехоҳанд.

Фазл: Аз рафти сӯҳбат ва моҳияти суолоташон чунин бармеомад, ки ба ҷуз таслими қудрат ба ҷаноби олӣ дигар илоҷе надоранд. Вале ба кадом рох, ҳанӯз на ба худашон ва на ба мо маълум нест.

Амир Исмоил: Албатта онҳо аз ин ҳарос доранд, ки баъди тафвизи қудрат чӣ балое ба сарашон хоҳад омад. Онҳо,

албатта, аз мо замонати ҷону молашонро дархост хоҳанд намуд. Агар кор ҷунин сурат гирад, ба онҳо бифаҳмонед, ки дар сурате ба онҳо замонати ҷону мол медиҳем, ки ба мо байъат кунанд. Ҳусайн бинни Муҳаммадро халифаи худ мегардонем ва хилъатҳо мебахшем. Дар акси ҳол, ҳар чӣ зудтар бо Абуабдулло бинни Абулҳафси Бухорой машварат мекунед ва ё ба ҳамон зудӣ бу ҳузури ман ҳозир мешаведед. Он гоҳ якҷоя тадбир мекунем. Агар шароит мувофиқ афтад, кудато мекунед, саронии давлату лашкари амирро бо ҳабс мегиред. Ин кор бояд банохостӣ, сареъан сурат бандад. Дар ҳоли таъхир шикаст ногузир аст. Абуабдулло бинни Абилҳафс ба чӣ кор машғул аст?

Фазл: Ӯ ҳам дар гуфту шунид ширкат дорад, вале фақат аз ҷониби аҳли Бухоро.

Амир Исмоил: Андешааш дар хусуси гуфтушунид чист?

Фазл: Алҳол ӯ аз рафти музокирот розиву қаноатманд аст. Ҳарчанд ба сухан ибрози ақида накардааст, аз ҳолати рӯҳияш ҳувайдост.

Амир Исмоил: Муносибати аҳли Бухоро чӣ гуна аст?

Фазл: Имрӯз маълум набуд. Шаҳр дар ҳоли муқарари худ қарор дошт.

Беруни Кармина

Фазл бинни Аҳмад ва Абузакриё ба хиргаҳ бармегарданд, вале амир Исмоил нест. Яҳё ҳочибро фаро мехонад.

Яҳё: Амир кучостанд?

Ҳочиб: Як замоне ҷониби рӯд мерафтанд. Аз он гоҳ дигар ишонро надидаам.

Абузакриё ва Фазл ба сохили рӯд мераванд. Амир Исмоил болои маргзоре дароз кашидааст ва ба уфуқҳои дур менигарад. Аз омадани расул ва бародараш мехезад.

Фазл: Шукри худо, ҳама корҳо табъи дили амирам шуд.

Яҳьё: Аввал сарбозони амир шӯриданд ва хостанд дар шаҳр ягво барангезанд. Вале зуд ором карда шуданд.

Фазл: Имрӯз номи Яъқуби Лайс аз хутбаи намоз партофта хоҳад шуд. Дигар ба номи амир Наср садо хоҳад дод.

Ҳусайн бинни Муҳаммади Хаворичӣ ба халифаи амирам шудан розӣ шуд. Фардо аҳли Бухоро ба амирам байъат меоранд.

Амир Исмоил: Хилъати моро ба ӯ бипӯшонед ва алами моро бо ӯ дар шаҳр бигардонед.

Фазл: Фардо, баъди ин маросим, раиси Бухоро, яъне Абилҳафси Сағир бо бузургони Бухоро ба зиёрати ҷаноби олӣ меоянд.

Амир Исмоил: Э дареғ... Номи калону шаҳри вайрон. Мо ҳашаме надорем, ки лоиқи ному мартабаамон бошад. Э дареғ...

Фазл: Амирам худ ҷои ҳама ҳашами дарборро мегиранд. Дил танг мадоред. Шодӣ бояд кард.

Яхё:Афсӯс, моҳи рамазон асту...

Амир Исмоил: Ба Самарқанд пайк фиристед дили амири саросари Варорудро шод гардонед...

Соҳили Рӯди Кармина

Амир Исмоил, Фазл ва Яҳё ба сӯйи қароргоҳи хеш бармегарданд. Ҳочиб давон-давон ба истиқболашон меояд. Бо ҳаячону нафасзанон фикрашро ба зӯр ифода менамояд.

Ҳочиб: Ҳоло қосиде аз ҷониби Абилҳафси Сағир омада аст.Мегӯяд, ки фақеҳи бузург бо тамоми бузургони Бухоро мерасанд.

Амир Исмоил: *(бо асабоният)* Чӣ шармандагӣ! Амир Исмоил бо тамоми бузургони давлати Сомониён ба Бухоро ворид мешавад. Э хок бар сарам. Ҳатто мо дар баробари ҳашами як фақеҳи бухорӣ ночизу ҳақир менамоем. Чӣ расад ба шаҳри Бухоро!..

Яхё:Амирам, дигар дилтангӣ суде надорад.

Амир Исмоил: (*каме ором шуда*) Оре, дигар намешавад ин сари расвоиро бигрифту гурехт.

Фазл:Фурсат меравад. Бояд тадоруки сафарро дид.

Амир Исмоил: Оре, се нафар ҳашами бузург аст ва омодаги гирифтанаш ҳам ба ҳамон андозаи бузургиш мураккаб аст!

Фазл: Пас бояд чорае ҷуст.

Яхё: Оё метавонем чанд нафареро аз афсарони гурӯҳ дар либоси бузургони Самарқанду Усрушана, Фарғонаву Чоч биороем?

Амир Исмоил: Фақат ҳамин расвой намерасид.

Фазл: Агар худо хоҳад мушкиле нест, ки осон нашавад. То ба ҳол корҳо бо амри худо хеле хуб анҷом гирифт, умед аст, ки баъдаш ҳам худованд шарманда намесозад.

Амир Исмоил: Ё Абулфазл, он чунон харф мезанӣ, ки гӯё аз нияти худованд огоҳ бошӣ.

Фазл: Банда чӣ кудрате дорад, ки ба тасарруфоти худованд даст ёбад. Банда фақат ба умед аст, ки худованд шармандаву расвош нагардонад.

Яҳё:Аз ин ҳолатҳо ба амирам бисёр рух дода буд, вале ишонро ҳеҷ гоҳ дилтанг надида будам.

Амир Исмоил: Дуруст аст. Он вақт амири шумо фақат як шоҳзода буду баст. Дигар ин, ки ин ҷо Бухорост на Чочу Исфичоб! Аҳли ин шаҳр ҳама бузургони Вароруданд. Ин шаҳр масъулияти дигар дорад, бобо! Ин ҷо Бухорост!

Яҳё: (*бо шухӣ*) Мо ҳам шоҳзодагони ин диёр.

Ҳар сеяшон баробар механданд. Сарбозон кайҳо чодарҳоро кандаву, чизу чораи сафаршонро барои ҳаракат кардан омода сохтаанд. Аз дур бузургони Бухоро намоён мешаванд. Амир Исмоил бетокат мешавад ва бо изтиробу ҳаячон ҳашму хиҷолат пасу пеш қадам мезанад. Ба касеву чизе эътибор намедиҳад. Дигар ӯ дар худ фурӯ рафтааст ва бо худ меандешад. Магар Наср ба қасд ин корро кард, то маро бикушанад? Обрӯи маро бирезад?! Манро аз ҳеш дур кардан хост? Худоё, ман чаро бадгумон шудаам? Худоё, худовандо, шармандаи ду ҷаҳон нагардонӣ...

Рикоби Абилҳафс

Понздаҳ-бист нафар мардони синну соли гуногун болои аспҳои серу маст бо либосҳои ороставу озода аз Кармина берун мешаванд. Пешопеши онҳо марде дар либоси сафед, рӯйу мӯйи сафед, ки ба якин худи Абилҳафс аст, ин ҳайл меояд. Ӯ каме таки аспашро суст карда, фурсат медиҳад, ки ҳамроҳонаш бо ӯ баробар шаванд.

Абилҳафс: Ин хоналон аз бузургони хеле калими Вароруд, ҳатто агар Хуросон гӯям, хато нест, ба шумор мераванд. Онҳо мардуми ботавозуъ, диндор, донишманд хастанд. Хоҳиш мекунам дар ҳузури эшон одоби бузургонро риоя намоед. Дигар аз шарофати ишон он аст, ки бо ба сари кор омадани ин хоналон Вароруд аз тохтутози куффори турк, куштору сӯхтор, дуздиву горати онҳо масун

монд. Ин хонадон дар андак замоне дар заминҳои таҳти тасаллуташон ба пешрафтҳои чашмгире ноил гардиданд. Силаҳшӯранд.

Дехқони 1: Бино бар шуниди ман, амир Исмоил ҳанӯз ҷавон аст.

Абилҳафс: Бале. Хеле ҷавон, вале ботадбиру дониш, худотарсу боодоб.

Дехқони 2: Васфи ишонро дар ҷангҳо бо куффори турк бисёр кардаанд, ки далеру нотарс саҳнасозу ҷабҳашикан.

Абилҳафс: Агар васфи ишонро кунем, рӯз ба поён мерасаду ба огоз намерасем. Сифати ӯ бе мухобот аст.

Онҳо бо наздик шудан ба қароргоҳи Амир Исмоил аз аспҳо пиёда мешаванд. Амир Исмоил бо Фазлу Яхё ва чанд нафар афсар ба пешвози онҳо мераванд.

Абилҳафс: Бухоро пешкаш.

Амир Исмоил Абилҳафсро оғӯш мегирад ва бо бақияи аҳли рикоби ӯ дастфишорӣ мекунад.

Абилҳафс: Умедворам, ки ин чанд рӯз ҳеҷ чизе боиси норохатии амирам нашудааст. Ба фазлу марҳамати худо корҳо ҳамааш хуб анҷом ёфт.

Амир Исмоил: Лутфу марҳамати устод бузург аст.

Абилҳафс: Ғулув мекунанд, амирам.

Амир Исмоил: Ҳоли мо ҷои ғулуве надорад. Муваффақияти мо натиҷаи фазлу камоли устод буд.

Абилҳафс: Бузургию тадбири амирам бо як шаҳр рақобат мекунад. Ман хеле сарфарозам, ки амири Вароруд шуморо ба намояндагии хеш фиристодаанд. Дар ҳақиқат ин боиси ифтихори мост. Ҳарчанд мо дар Бухоро ҳастем, вале аз далерию кишваркушоии амирам ва ғазавоти ишон огоҳем. Бори дигар мегӯям: Бухоро пешкаш. Иншооллоҳ Бухоро дар шахсияти шумо ба мустаҳкамтарин қалъа табдил меёбад.

Амир Исмоил: Дар сояи фазлу баракати шумо.

Абилҳафс: Агар амирам омода бошанд, ба роҳ меафтем. Бухоро интизори амири хеш аст...

БУХОРО

Сипоҳиёни сарвари амири Сомонӣ аз ду тарафи роҳ саф

кашидаанд ва дар миёни ишон амир Исмоил бо аҳли рикобаш. Пешопеши рикоб амир Исмоил ва Абилҳафс, Фазли Марвазӣ пахлӯи хам ва дигар бузургони Бухоро аз паси эшон ба дарвозаи рабази шаҳр мерасанд. Мардуми шаҳр, хурду калон, зану мард бар бомҳо баромадаанд ва амирро бо карнаю сурнай, нисор кардани симу зар пешвоз мегиранд.

Абилҳафс: Ин мавзеъ, ки имрӯз Бухоро аст, обгире будааст ва баъзе ҷойҳояш найистон ва дарахзору марғзор. Ва мардумон аз ҳар ҷониб ба ин ҷо омаданд ва шаҳрро бино гузоштанд. Қиссаи шоҳонаш хеле ачибу тӯлонӣ аст ва дар мавридаш амирам аз он огоҳ хоҳанд шуд. Дар хусуси номи Бухоро ривоятҳо бисёранд. Яке Нимичкат. Албатта ин талаффузи аъроб аст. Ва аз номи рӯд гирифта шудааст. Дар порсӣ онро Номиккат мегӯянд. Ва дар ҷои дигар Бумискат гуфтаанд, шояд шакли вайроншудаи Нимичкат бошад. Ва дар байни аъроб бо номҳои Мадинат-ус-сафария, яъне шористони рӯин ва Мадинат-ут-туччор-шаҳри бозаргонон.

Амир Исмоил: Аъроб расме доштанд, ки номи вилоятро бо номи шаҳри марказии он вилоят яке мекарданд. Ончунон, ки Суғдро. Боид номи дурусти шаҳр Номиккат бошад.

Абилҳафс: Шояд. Вале имрӯз номи Бухоро маъруфтар аст. Дар Хуросон ҳеҷ шаҳре ба ин зиёдатии ном нест. Хатто дар ҳадисе номи Бухоро Фохира омадааст.

Аз Салмони Форсӣ разиаллоҳу анҳу, ҳадисе ривоят мекунанд, ки гуфт: Расул, салиаллоҳу алайҳи васаллам, фармуд, ки: Ҷабраил, салавотуллоҳ алайҳа, гуфт: Ба замини машриқ букъаест, ки онро Хуросон гӯянд. Се шаҳр аз Хуросон рӯзи қиёмат ороста биёранд ба ёкути сурху марҷон ва нуре аз ишон мебарорад ва гирд бар гирди ин шаҳрҳо фариштагони бисёр бошанд: тасбеҳу таҳмиду такбир меоранд. Ин шаҳрҳоро ба арасот оранд ба иззу ноз чун арӯсе, ки ба хонаи шӯяш баранд. Ва ҳар шаҳреро аз ин шаҳрҳо ҳафтод ҳазор алам бувад ва дар зери ҳар аламе ҳафтод ҳазор шаҳид бувад ва ба шафоати ҳар шаҳиде ҳафтод ҳазор муваҳҳиди порсигӯй начот ёбанд. Ва ба ҳар тарафе аз ин шаҳрҳо аз росту аз чап, аз пешу пас дахрӯза рох бувад, ки ҳама шаҳид бошанд.

Амир Исмоил: Оре, дар ин сарзамин басо хунҳо рехтааст. Аз турку тозӣ басо чафохо дидааст. борҳо хароб шу-

дааст, мардумаш кушта шудааст, ба бардагӣ бурда шудааст...

Абилҳафс: (*нашунида мегирад ва ба суханаш идома медиҳад*). Ҳазрати расул, салиаллоҳи алайҳи васаллам, гуфт: "Ё Ҷабраил номи ин шаҳрҳо бигӯй". Ҷабраил алайҳиалом гуфт: Номи яке аз ин шаҳрҳоро ба тозӣ Қосимия хонад ва ба порсӣ Бешгард ва дуввумро ба тозӣ Самарон хонанд ва ба порсӣ Самарқанд ва саввумро ба тозӣ Фохира хонанд ва ба порсӣ Бухоро. Расул, салиоллоҳу алайҳи васаллам, гуфт: Ё Ҷабраил чаро Фохира хонанд? Гуфт: Аз баҳри он, ки Бухоро рӯзи киёмат бар ҳама шаҳрҳо фахр кунад ба бисёрии шаҳид. Расул, салиоллоҳу алайҳи васаллам, фармуд: Аллоҳум борик фи фохирата ва таҳра қулубуҳум бил тақво. Ва заки аъмолаҳум ва ачъалҳум рачҳуман фӣ уммати. Ва аз баҳри ин маънӣ аст, ки бар раҳмдилии бухориён аз машрик то магриб гувоҳӣ медиҳанд ва ба эътиқоду покии ишон...

Амир Исмоил: Оре, ин аз бузургтарин нукси мардуми мост.

Абилҳафс бо тааччуб ба амир Исмоил менигарад ва амир ба сӯяш лабханд мезанад.

Амир Исмоил: Дуруст, хеле боиси тааччуб аст. Шумо ҳак доред тааччуб кунед, устод. Раҳмдилӣ барои мо беморӣ шудааст. Ва ҳар ки бар мо зулм мекунаду ҷабр, ӯро мепарастем ва аъмолашро тибқи фармудаи худованд тафсир медиҳем. Магар ҳамин хислати мо набуд, ки аз бузургтарин ва муназзаҳтарин дини ниёгонамон ба хурофот табдил ёфт ва мо тачзия шудем. Чаро бадавиҳои сахрогард бар мо галаба карданд? Як дастаи сарупо бараҳнаи гурусна! Магар на бо айби худи мо? Мо шаҳид шуданро аз мубориза бурдан авло медонем. Монӣ ҳам, ки бо дини худ омад, ӯро аз рӯйи раҳмдилӣ пазируфтем. Будло ҳам, ки омад, инчунин. Андешаи мо парешон шуд. Монӣ ба мо гуфт, ки ту натичаи гуноҳӣ. Будло ба сӯйи горҳо хидоятамон кард. Ҳар кас ба ҳар тараф пароканда шуд. Ҳатто бемориямон ба ҳалде хуруч кардаву бар вуҷудамон мусаллат шудааст, ки дигар наметавонем аз рӯйи ақли солим мулоҳиза кунем, бияндешем, интихоб кунем. Чаро мо наметавонем аз мавлоҳои худ хӯйи чиҳоду газоро бипазирем? Мо ҳамеша аз раҳмдилӣ гузашт мекунем. Ин боис шудааст, ки наметавонем аз ҳар чизе аслашро бипазирем. Шумо гумон намекунед, ки ин хӯ боиси завол мешавад?

Заволи ҳама чиз: дину имону андеша! Мефаҳмам, агар бар ҳасми хеш фоиқ ойӣ ва бар андешаву имонаш тасаллут куниӣ ва баъд гузашт намой, гузашт маънӣ пайдо мекунад. Дар акси ҳол бемаънист. Ин чиз бединӣ ва беимонӣ талаққӣ мешавад. Чаро мо наметавонем бигӯем: Эй мардум роҳе, ки шумо меравед ба сӯйи бединӣ аст? Чаро? Не, баръакс кӯшиш мекунем бо ҳар василае ин рафторро ҳақ ҷилва диҳем... Мо ҳеҷ гоҳ аз ҳақ ҷонибдорӣ накарда будаем.(*Ле хомӯши мераванд*). Ман аз густохии худ пӯзиш мехоҳам, устод. Дар ин масъала намешавад бе дард сухан кард. Ин маънии онро надорад, ки кас куфр мегӯяд. Аз имони ман комилтар имон нест. Вале масъала сари куфру дини ман ҳам нест. Ин ҷо бояд дар ҷигари мардум андешаеро парваронид, ки аз имонаш, аз динаш, аз кишвараш, аз қавмаш, аз гузаштаҳояш фахр кунад. Вагарна мазҳаби ҳар зӯреро қабул хоҳад кард. Он гоҳ дар ин марзу бум ҳеҷ дине пойдор нахоҳад монд.

Онҳо ба дарвозаи шарқии рабази Бухоро мерасанд. Халифаи навтаъиншудаи амир бо атрофиёнаш онҳоро дар даромадгоҳи ҳисори шаҳр пешвоз мегирад.

Абилҳафс: Халифаи Шумо Ҳусайн бинни Муҳаммад ал-Хаворичӣ.

Амир Исмоил бо ишорати даст корвони хешро нигоҳ медорад ва аз аспаш пиёда мешавад. Ҳусайн бинни Муҳаммад ба сӯйи амир мешитобад ва дасти ӯро мебӯсад.

Хаворичӣ: Бухоро пешкаш, амирам.

Мардуми шаҳр дар либосҳои идона болои бомҳо баромадаанд ва бар сари амир Исмоил симу зар нисор мекунанд. Дигар дар катори равандагон Ҳусайни Хаворичӣ чои Фазлро гирифтааст. Амир Исмоил бо сари бардошта то расидан ба манзил хомӯш мемонад, вале дили пур аз андеша дорад. Андеша аз гуфтори хеш. Абилҳафс низ ором аст. Аз вачоҳаташ намешавад чизеро фаҳмид: ба гуфтаҳои амир Исмоил ҳамсадост ва ё онро намепазирад? Амир Исмоил худ ба худ меандешад: "Намебоист назди ӯ дарди дил кардан! Ӯ сахт арабзада аст."

Вакте ки онҳо аз дарвозаи шарқӣ ворид бинои арк мешаванд, манзараи ачибе намудор мешавад. Аз ин дарвоза то дарвозаи ғарбӣ кӯчаи росте кашидаанд ва дар ду тарафи он сарбозон бо либосҳои ороста дар фосилаи ду-се метри байни якдигар саф кашидаанд. Сарбозони амир Исмо-

ил аз ду тараф саросари кӯча саф мекашанд, ба назар чунин мерасад, ки гӯё ин манзара аз рӯйи нақшаи пештар тахияшуда тадорук ёфтааст.

Ҳангоми ба назди кохи подшоҳӣ расидан амир Исмоил ва дигарон аз аспҳо пиёда шуданд, аз гӯшаву канорахои шаҳр садои ғавғо баланд шуд. Амир Исмоил пешопеш ва дигарон аз дунболи ӯ вориди кохи шоҳӣ шуданд.

Амир Исмоил: Ин чӣ ғавғо буд?

Абилҳафс ба Ҳусайни Хаворичӣ менигарад ва ӯ китф дарҳам мекашад. Дар ҳамин вақт марде дар либоси ашрофӣ ба назди Абилҳафс меояд ва дар гӯши ӯ бо овози паст чизе мегӯяд. Баъд аз рафтани ӯ Абилҳафс ба тарафи амир Исмоил чанд қадам зада мегӯяд.

Абилҳафс: Хаворичиёни шаҳр ғавғо барангехтаанд.

Амир Исмоил: (*Ба сӯйи Ҳусайни Хаворичӣ нигариста*). Иллати ин ғавғо чист?

Абилҳафс: Исён, нофармонӣ.

Хаворичӣ: Устод!? (*дигар хомӯши мемонад*).

Амир Исмоил: (*Ба тарафи Абузакриё Яҳё*). Шуртаи шаҳр ва сипохсолорро халъи силоҳ кунед.

Хаворичӣ: Амирам?!

Амир Исмоил: Баргаштан аз раъйи хеш сирати подшоҳон нест, вале шумо маро ба ин ночавонмардӣ водор сохтед! Халифаро низ бигиред ва ишонро ба зиндон баред.

Дар миёни ашроф ва деҳқонон ташвише ба вуҷуд меояд. Фақат амир Исмоил ором аст. Чанд сарбоз Ҳусайни Хаворичӣ, шуртаи шаҳр ва сипоҳсолорро даст мебанданд.

Амир Исмоил: Ором шавед, ҷанобон. Мо ҳанӯз иқдоме накарда... исён?! Маро намехоҳанд?! Модом, ки чунин аст. (*Ба сӯйи Абулҳафс менигарад*). Чаро боист моро оваридан?! Ин иҳонат аст!

Абилҳафс: Амирам... Онҳо як иддаи калиланд...

Ва ашрофзодагони хаворичӣ, ки бештар аз аҳли Бухоро ва мардуми асланд, бо ташвиш ба сӯйи Абилҳафс ҳайратзада менигаранд. Онҳо аз рафтори амир ва Абилҳафс норозиянд.

Амир Исмоил: Устод!...(*Ба сӯйи бародараш*) Ҳар кӣ розӣ нест, исён мекунад, бозхоред. Мо кафолоти амнияти ин шаҳрро ба гардан гирифтаем. Пас намегузорем касе заррае бар он халал расонад. Ба мардуми Бухоро ҳадафи моро бифаҳмонед. Осуда кору зиндагӣ кунанд. Дигар мо наме-

гузорем касе моли ишонро дуздад, хонаҳояшонро оташ занад ва худашонро ба бардагӣ барад. Дини мо, сиёсати мо дод аст!

Абилҳафс ба ҳочиби кох ишорат мекунад, ӯ аз толор баромада меравад ва баъди чанд сония хилъати шоҳонаро бузургони Бухоро меоранд. Абилҳафс хилъатро ба китфони амир Исмоил ҳамоил мекунад ва аз дасташ гирифта, ба сӯйи тахт меборад.

Абилҳафс: Бифармоед, амирам.

Амир Исмоил бар тахт мешинад. Дехкони дигаре точи мурассеъ бар чавохиротро ба дасти Абилҳафс медиҳад ва ӯ точро бар сари шоҳ мегузорад.

Абилҳафс: Муборак бошад!

Он гоҳ амир Исмоил ба бузургони Бухоро изни нишастан медиҳад. Ва Абилҳафсро бар тарафи рост ва Абулфазлро бар чониби чапи хеш мешинонад. Абузакриё Яҳё бародараш дар бари Фазли Марвазӣ чой мегирад ва дигар бузургон аз ду тараф, рӯйи суффаҳо мешинанд. Пеш аз нишастан ҳама ба як овоз табрикоти Абилҳафсро такрор мекунанд: ... Муборак бошад!

Амир Исмоил: Агар табъи ахлоқии башар ба камол рушд ёбад, давлат аз байн меравад. Расолати ҳамаи динҳои чаҳон таъмини камоли рушди ахлоқӣ бояд бошад. Вале баландагони ин адён, намедонам, ба кадом сабаб ин ҳадафи аслии хешро ба дасти фаромӯшӣ супурдаанд. Пас давлат ин табъи ахлоқии башарро танзим менамояд. Ҳама гуна давлат зулм аст. Мачбуркунӣ аст. Яъне давлат лашкар дорад, шаҳна дорад, қозӣ дорад, муфтӣ дорад, шоҳ дораду вазир, то ки табъи ахлоқии башарро барои камол ёфтан таъмин кунад. Мо акалан ин ҳадафро бояд дар доираи каламрави хеш таъмин намоем.

Абилҳафс: Муроди амирам Мадинаи Мунаввара аст?

Амир Исмоил: Башар алҳол Мадинаи Мунавварарро дар хоб мебинад. Ин ниёзи башар аст, орзӯи инсон аст. Табъи ахлоқии башар дар интиҳои камоли худ ба Мадинаи Мунаввара мерасад. Вале вазифа ва расолати мо дар каламрави хеш густариш додани дод аст, адл аст. Мо барои расидан ба ин ҳадафи хеш бисёр-бисёр одамонро чазо медиҳем, катл мекунем, ба зиндон мекашем. Аз ин рӯ, хохишмандам, аз амали мо наранҷед ва ҳар чӣ аз неку бад аз тарафи мо ба вучуд меояд, аз хамин ҳадаф сар мезанад.

Дар ҳамин вақт Аҳмад бинни Муҳаммад бинни ал-Лайс дар ҳалқаи чанд нафар сарбоз вориди толор мешавад ва баъди таъзим кардан рӯ ба ҳозирон меоварад.

Аҳмад Лайс: Ошӯбгарон пароканда шуданд ва ҳар кадоме ба деҳу манзили хеш рафтанд. Шаҳр осуда аст ва мардум аз омадани амирам шодиву сурӯре доранд...

Амир Исмоил: Хохишмандам, сабабҳои ошӯб ва баргезандагони он маълум карда шаванд. Бадтарин душмани мо дар миёни худи мост. Мо боид онҳоро бишносем. Душмани берунӣ он қадар хавфнок нест. Ҳамаи бадбахтиҳо, махрумиятҳо ва чаповалу сӯхторҳоро мардуми мо аз душманони дохилии хеш мутаҳаммил шудаанд. Мо боид онҳоро шиносем! Ин аввалин гомест, ки мо метавонем дар роҳи амнияти диёри хеш бардорем.

Дигар ин ки мо дар ин роҳи мушкил, яъне пиёда кардани ҳалафҳои олии худ ба донишу тадбири шумо (*ба тарафи Абилҳафс меғарад*) такя менамоем ва умедворем дар ин амр кӯмаки хешро дареғ намедоред. Дар ҳама амри гуфтурда мо ба шумо такя мекунем ва иншоаллоҳ якчоя ҳама корҳоро ба субут мерасонем.

Бузургони Бухоро бо саркардагии Абилҳафс аз ҷой мехезанду таъзим мекунанд ва боз ба ҷойҳои хеш мешинанд.

Абилҳафс: Мавзӯеро, ки амирам тарҳрезӣ карданд, албатта боиси андешидану кор бастан аст. Албатта дар расолати амирам аст, ки метавонанд қоидаҳои куллиро барои кирдор пайрезӣ кунанд, ки корбасти асли асосии ахлоқи ҷомеа ба шумор оянд. Аммо расолати ахлоқии фард аз вазифаҳои бешумор ташкил шудааст, ки вичдон дар ҳилоли онҳо рохнамои хатонопазир ба шумор меравад. Аз ин рӯ ҳар фард расолати ахлоқии вокеии худро дорад ва дар силсилаи ҳамкории амалие, ки рӯ ба сӯйи падид овардани як низоми ахлоқӣ, яъне фармонравоии комили ақл дар ҷаҳон аст, саҳми шахсӣ ба ӯҳда дорад. Дастёбӣ ба ин ҳадафи ормонӣ чунон, ки боид, ниёзманди таксими кори ахлоқӣ аст.

Исмоили Хаворичӣ: Модом, ки сухан дар хусуси ахлоқ ба миён омад, ишон дар масъалаи вафо ба аҳд чӣ андеша доранд?

Амир Исмоил: Ин ҷо ҷурм бар гардани мо нест. Он чунон, ки худованди таъолло дар сураи Фатҳ фармудааст: "Ҳамоно касоне, ки бо ту байъат мекунанд, чуз ин нест, ки

бо худованд байъат мекунанд. дасти худо болои дастхои онон аст". Ман ба ин далел накзи ваъда кардам.

Фазл: Амиралмуъминин Алӣ дар "Нахч-ул-балоға", фармудааст: "На танҳо мусулмонон, балки мушрикон низ вафо ба аҳдро дар миёни худ лозим мешуморанд, чаро ки пайомадҳои нобудкунандаи паймоншиканиро дарёфта буданд. Бинобар ин харгиз паймоншикан макун ва дар ахди худ хиёнат раво мадор ва душманатро фиреб мадех..."

Исмоили Хаворичӣ: Касе, ки ирода мекунад ваъдаеро муҳаккак намояд, агар ба таври чидд ин ирода дар зехни ӯ вуҷуд дошта бошад, яъне боядба гунае бошад, ки хеҷ гуна эҳтимоли хилоф дар он набошад, то дигарон бар он эътимод кунанд, ва фарде, ки ба чидд чунин иродае дорад, наметавонад дар айни ҳол ба чидд иродаи адами вафо ба ваъдаро дошта бошад.

Амир Исмоил: Ишон гуфтан мехоҳанд, ки иродаи адами вафое, ки мавзӯи адами вафои дигарон аст, зеро баргашти он ба ирода ва адами ирода шайъи воҳид аст ва ин як танокизи ошкор мебошад ва шахсе, ки қасди вафо ба ваъдаи худро надорад, ӯ ба чидд иродаи ваъда накардааст, балки факат ба зоҳир ифода мекунад, ки ӯ қасди анчоми ваъдаи худро дорад ва он чӣ ба таври чидд ӯ қасд кардааст, фиреб додани дигарон ва раҳонидани худ аз гирифторӣ мебошад...

Абилҳафс: Пас танокиз вуҷуд надорад. Бинобар ин факат як амри мутлақ вуҷуд дорад ва он ин аст, ки факат бинобар қоидае рафтор бикун, ки мӯчиби он дар хамон ҳол битавонӣ бихоҳӣ, ки он қоида як қонуни куллӣ шавад. Ва ба хамин далел аст, ки танҳо амри мутлақ метавонад мабнои ахлоқ бошад ва муттасиф ба унвони қонун гардад. Ва танҳо касоне, ки барои тахаккуки чунин амре аъмоли худро анчом медиҳанд, ахлоқӣ хастанд.

Исмоили Хаворичӣ: Муҳаккак намудани Хайри Авло мутаалики иродаест, бар тибқи қонуни ахлоқӣ рафтор мекунад ва шарти асосии он мувофикати томи ирода ва қонунии ахлокист ва ин таъбири дигаре аз Қадосат аст, дар холе ки хеҷ мавҷуди окиле дар олами махсус дар хеҷ лаҳза аз вуҷуди худ ба он намерасад. Аз нуқтаи назари амалӣ ин як амри зарур аст, пас боядяк масири тараққии доим вуҷуд дошта бошад, то бад-он тавофуқи том расид. Ва ин камоли беинтиҳо мумкин нест, магар бо фарзи вуҷуд ва шахсияте барои мавҷуди окил, ки то бениҳоят боқӣ бошад...

Амир Исмоил: Ташаббуҳу би ахлоқи оллоҳ ва дар ҳадис омадааст, ки ҳазрати расуллаллоҳ, салиаллоҳу алайҳи васаллам, фармуданд: "Барангехта шудам, то ахлоқи олиярро ба итмом расонам". Мобақӣ мавзӯи тадқиқу омӯзиши фақеҳону олимон аст, на баҳси чунин мачлисе. Валлоҳу аълам.

Ман сӯҳбати олимону фақеҳонро дӯст медорам ва вазифаи мост, ки барои онҳо як муҳити мувофиқро ба вуҷуд оварем, фарзандони диёрамонро, ки боиси ифтихори дигар марказҳои сиёсиву фарҳангӣ мебошанд, ба ватан баргардонем. Ақаллан як Мадинаи Фозиларо тарҳрезӣ намоем. Дар ин амр ман ба алоқаву робитаи шахсии ҳар кадоме аз шумоён умедвор ҳастам. Ва бо ин амали худ он шиори пештоқи Гунди Шопурро, ки аъроб бистурданд, ба ёд биёварем. Ва дар андешаи мардуми хеш ҳак бизанем. Агар хоҳед, онро ба ёдатон меоварам: "Шамшерҳои мо марзҳоро мегушоянд ва донишу фарҳанги мо дилҳорову андешаҳоро". Мо бояд ин шукӯҳро ба соҳибонаш баргардонем. Ва дар амалӣ шудани ин хоста бояд аз ҳеҷ чизе рӯйгардон набошем. Ин вазифаи шумост, ки дар рафтору пиндори мардум онро бирезед. Ҳеҷ чиз дар дунё ба монанди ақлу илм мӯҳтоҷи озодӣ нест. Мо ин озодиро барои шумо таъмин мекунем. Шумо фақат бояд амал кунед. Аз ҳамин лаҳза, аз ҳамин рӯз. Аллакай як соат баъд хеле дер аст. Бояд тамоми фарзандони ин диёр ба мадрасаҳо фаро хонда шаванд ва ба онҳо илм омӯзонда шавад, то ки онҳо шоистаи ин хоку бум, ин халқу миллат ба воя расанд ва ибтикороти мову шуморо то ба ояндаҳои дур бирасонанд. Ин аз бузургтарин ҳадафи мост. Гумон мекунам, қавли пайғамбари худоро дар хусуси расолати илмиву фарҳангии мардуми ироний ба ёд доред. Ин ҳама моро барои чунин амали шоистае муаззаф месозад.

Абилҳафс: Ин ҳама корҳо сохта аз амнияти кишвар аст. Яъқуби Лайс дар Хуросон, туркҳои кофар дар шимоли кишвар оромиро аз байн бурдаанд.

Амир Исмоил: Таъмини амнияти кишвар вазифаи мост. Алҳол Яъқуби Лайс бо худ машғул аст. Мо аз ин фурсат бояд истифода барем ва бо душманони моливу чониямон дар шимол мубориза барем, онҳоро торумор кунем ва орзӯи ин хиттаро аз саранон барканем.

Абилҳафс: Мо дар сурате эмин мешавем, ки ононро ба дини худо дароварем. Газавот кунем.

Амир Исмоил: Ин чо як масъалаи хеле нозук аст, ки онро боид фарқ кард. Туркҳои кофарро бо аъроби чоҳилият қиёс кардан хатост ва ҳатто бо ҳабаша намешавад онҳоро монанд кард. Инҳо ба ҷуз ба сарвату қудрати сиёсӣ ба чизи дигар имон надоранд. Инҳо аслан даъвои ҳукумат карданро фақат барои худ доранд. Онҳо дар ин рох аз барда шудан ҳам шарм намедоранд. Онҳо ба пасттарин аъмол, ки як мавҷуди зинда аз он танаффур мекунад, тан ба ризоят медиҳанд, ба умеде, ки бар дилу ҷони шумо раҳ ёбанд ва ба орзуяшон бирасанд. Тарғиби дини худо кардан дар байни онҳо хатост. Онҳо ҳеҷ гаҳ мусалмон намешаванд, агар шаванд ҳам, боз бо гузаштани фурсате ё бо дарёфти хостаашон аз он рӯйгардон мешаванд. Агар мо тибқи гуфтаи шумо амал кунем, фақат худро ба амнияти козиб фиреб медиҳем. Мо боид онҳоро аз ин паҳлӯ ҳеҷ гоҳ аз мадди назар дур нагузорем. Пас илоҷ ин аст, ки онҳоро бо ҷаҳолаташон вогузорем, то шиносхтанашон бароямон саҳл гардад. Дигар ин, ки онҳоро боид ба хосттгоҳашон баргардонем ва ин сарзамини мукаддасро аз касофаташон пок нигоҳ дорем. Шамшери мо боид донад: ба кадом сар фурул меоид. Дар акси хол ахлоқи чомеаро ба фасодӣ мерасонем. Магар ин фасодиро дар чомеаи Исфиҷобу Хоразму Чоч эҳсос накардаед? Онҳоро аз ин хиттаҳо ба дур боид партофт.

Абилҳафс: Худованди таъоло дар сураи Анкабут фармудааст, ки: "Касоне, ки дар роҳи мо мучоҳида намоянд, бо роҳҳои худ хидояташон хохем кард".

Амир Исмоил: Иннамо баисат, яъне: ман барангехта шудаам.

Фазл: Шоири тавоно Масъуди Марвазӣ дар шеъри гаррое фармудааст.

Мухолифони ту мӯрон будаид, мор шудаид,
Барор аз сари мӯрони морғашта димор.
Макун дираиг аз ин бешу рӯзгор мабар,
Ки аждаҳо шавад, ар рӯзгор ёбад мор.

Амир Исмоил: Оре, дуруст аст. Он гоҳ дер хоҳад шуд. Фарзандони ин марзу бум дар кулфат хоҳанд монд... Мо набоид ба ин чиз роҳ дихем...

Амир Исмоил ба фикр фурӯ меравад. Аз ваҷоҳаташ бармеоид, ки аз ин вохӯрӣ чандон розӣ нест, вале тахаммул мекунад. Мулло ас-Сандалӣ Исмоил Хаворичӣ, ки марле

пиру хирадманд аст, аз ҷой мехезад, таъзим мекунад.

Исмоили Хаворичӣ: Мар амр худойрост. Дар дақиқахои аввал боиси мазохимати шоҳам шудан аз рӯйи одоб нест. Бигзор имрӯз амирам фарогат кунанд, то фардо худо чӣ фармоял.

Амир Исмоил бо Фазли Марвазӣ ва бародараш аз толор берун меравад, дар рохрав аз рӯ ба рӯяшон ғуломи шох Ашинас мебароял ва амир Исмоил хаставу аламолуд мегӯяд: "Ба ин бӯзина, ки худро чун занони саройӣ оростааст, чун бовар мекунӣ!?" Ашинас дар ивази суханони амир дахонашро то баногӯш медаронад ва чунон менамоёнад, ки гӯё шоири бузурге мадехаш гуфта бошад.

Дар охири рахрав онхо ба хучраи зебое ворид мешаванд ва худро болои тахтхо мепартоянд.

Субҳ

Зардии хуршед дар уфуқ ба пайдо меояд. Богхо пур аз суруди мурғони хушилхон мешаванд. Амир аз чойнамоз хеста, ба сахни хавлии кох мебароял. хавои бог тозаву рӯхафзост. Аз чӯйи обе, ки богро шодоб месозад, садои хуш об меояд, обе, ки ба мисли булӯр шаффоф аст. Амир Исмоил дарун бог тани танхо сайр мекунад. Дере нагузашта, Ашинас пайдо мешавад.

Амир Исмоил: Аспхоро барои сайд омода кунанд. Ба устод Абулфазл ва Ахмад бини Мухаммад бирасон, ки мо боял аз шахру касабахо дилан кунем, бо мардум шинос шавем... Бирав.

Гулом меравад. Амир Исмоил ба сари хавз меояд. Дилаш танг аст. Бог хурраму зебост, вале оху надорад. Лахзае боги кохи Самарқанд ва охуву фарзандашро ба ёд меорад...

Фазл бини Мухаммади Марвазӣ ба бог мебароял.

Амир Исмоил: Имрӯз хамчун козӣ шумо сафари маро хамрохӣ мекунед. Мо боял мулки худро донем. (*Ба Ашинас*) Хоча Абулхафс ва Факех Исмоили Хаворичиро огох кунед, ки бо мо хамрох шавад.

Фазл: Магар пиковяте расидаст?

Амир Исмоил: Магар шарт аст? Масъалае пайдо шавад, боял дар чоши фавран кавокат ёбад. Ба фардо гузоштани корро дуст намедорам.

Ахмад бинни Мухаммад низ хозир мешавад. Амир Исмоил ба ӯ мурочиат мекунад.

Амир Исмоил: Дах нафар аз сарбозонро бо худ бигиред. Имрӯз бо худи шахр шинос мешавем ва бо мардум во мехӯрем. Вақти зиёде мегузарад, ба гумонам,касе ба доди мардум нарасидааст. Вазифаи мо хакро ба хаклораш расондан аст...

Фазл: Сайри худро аз бинои Арки Бухоро, ки ба хама шавохид онро Сиёвуш писари Кайковус бино карлааст ва аз ачобаташ ин аст, ки хеч подшохе андаруни он намурдааст ва ё дар ланге шикаст нахӯрдааст. Хамин, ки казо расид, подшох ба сабабе аз каср берун мерафт ва дар дигар чой мемурд.

Амир Исмоил: Чй. шумо гуфтан мехохед, ки мо дигар харгиз аз он берун наоем? (*Хама механданд*).

Абилхафс: Дирӯз мо аз дари Гуриён ба арк ворид шудем, имрӯз аз дари Регистон хорич мешавем.

Амир Исмоил: Устод дирӯз ба мо нагуфтанд, ки дар махалли дарвозаи Гуриён шох Сиёвуш дафн шудааст. Мо хам суннати мардуми Бухороро риоят менамудем. Охир, Сиёвуш чалл бар чалли моёнро чалли бузург аст. Мо аз масъулияту аклу талбири ӯ фахр дорем.

Абилхафс: Банда гунахкорам.

Амир Исмоил: Ман сахт пойбанду дилбастаи суннатхои гузаштаи мардуми хеш хастам. Мо боид ба хеч вачх нагузорем, ки фаромӯш шаванд. Ба онхо тобишхои исломй додан зарур аст... Хайф аст, чунин шукуфахои аклу закавати мардум аз байн биравад.

Абилхафс: Он чй амирам хостанд, мардуми Бухоро ба рӯзи Наврӯз куианд. Ба рӯзи аввал хурӯс курбон мекуианд ва тамоми рӯз ба маросим мепардозанд, ки бо номи Сӯги Сиёвушон машхур аст.

Амир Исмоил: Дар бораи ин маросим бисёрхо шунидам ва онро дидан мехохам.

Абилхафс: Худо агар хохад, амирам ба вакташ онро хоханд дид...

Онхо аз бари зинлон, манзили амирону вазирон ва сархангхо ва девонхо мегузаранд. Ба сароии Регистон мерасанд, ки хар омиперо девоне бар сарой буд.

Амир Исмоил: Бар лари ин сароии шохй боид девонхое аз кабили девони вазир, девони муставфй, девони шариф,

девони амидалмалик, девони сохибшурта, девони сохибмӯайяд, девони мамолики хок, девони мӯхтасиб, девони авкоф, девони каззо бояд сохт ва омилони онро дар он чой дод.

Онхо аз дари Регистон берун шуданд. То ба Дашгак бисмом хонахои мавзун, мунаккашу олии сангин ва мехмонхонахои мусаввар то чахорбогхои хуш ва сархавзхои некӯ аз рӯ ба рӯ намудор мешаванд. Дар ду тарафи рох ба хадде дарахти зиёд аст, ки офтоб ба сари кас намеафтад. Амир Исмоил то дер гох аз болои асп ин манзарарро тамошо мекунад.

Дар ин чорбогхо мевахои алвон фаровонанд, чун нок, шотиву бодом, фандаку гелос, ангуру хар меваи дигар, ки факат андар бихишти анбарсиришт хастанд.

Амир Исмоил: Ин зиёъ бад-ин хуррамӣ кирост?

Абилхафс: Оли Кашкаса. Аз гурабои асили Бухоро хастанд. Дар замони фатхи Бухоро Кутайба кушкхои эшонро биситонду ба аъроб дод ва ишон ин чойро обод кардаанд.

Амир Исмоил: Имрӯз ишон ба чӣ корхо машгуланд?

Абилхафс: Чунон, ки иброз доштам, оли Кашкаса аз гурабои асил хастанд ва аз кадим ба тичорат машгул мебошанд. Ин зиёъ авлоди ишонрост. Ин кушкхоро Кушки Мугон мехонданд. Ишон ислом наовардаанд. Оболонтар ва зеботар аз ин зиёъ ба Бухоро чое нест. Шохзодагону гуломони ишон ба ин зиёъ рагбати калон доштанд, вале ба хеч кимате натавонистанд онро бихаранд.

Амир Исмоил: Диёрдорӣ аз онхо бояд омӯхт. Э кош хама ахли Вароруд хамчунон мебуданд.

Абилхафсу Исмоили Хаворичӣ бо хайрату тааччуб ба амир Исмоил менигаранд. Ба назари онхо ин назари амир бадъат менамояд.

Абилхафс: Инон, ки хамин дунё доранд.

Амир Исмоил (*сӯҳбатро ба худ харф мезанад*): Мо хаминро хам надорем. Он чӣ дар дасти худост, ба мо ошкор нест.

Исмоили Хаворичӣ: Вале бар мо ваъда шудааст, мо аз даргохи карами § умедворем.

Абилхафс: Шайтон ноумед...

Амир Исмоил: Ман ба бузурги эшон сӯҳбат кардан мехохам. Ба кох даъват намоед.

Абилхафс: Шахристонро чониби рустохо хафт дарвоза аст. Ин дарвозаи бозор аст ва мо онро Дари Атторон ме-

хонем. Кутайба шахристонро аз ин чо то Дари Нун таксим кард ва ба Робеъа ва Мазар дод ва бокии махалро ба ахли Яман.

Амир Исмоил: Пас мардуми бумй кучо шуданд?

Абилхафс: Чун хонаву чорбогашонро арабхо гирифтанд, ба чойхои дигар кӯчиданд ва ободихо карданд.

Амир Исмоил: Пас дар ин махал аъроб сукунат доранд? Албатта. Ин ободихо ба кй писанд нест?! Боз, ки муфт ба даст оял...

Абилхафс: Чй тавр муфт? Онхо газо кардаанд...

Амир Исмоил: Оре, газо кардаанд, хар ки шарифтар буд, ба бардагй бурданд, то хайсияташро бишкананд ва дороишро, ки ба хоб надидаанд ва манзилашро, ки бихишт тавсиф шудааст, сохибй кунанд. Магар барои одаме, ки ба чуз хурмо дигар шачареро надидааст, ин чо бихишт нест?! Кй бихиштро аз даст додааст?! Мо!

Абилхафс: Амирам?..

Амир Исмоил: Магар хамин тавр нест? Чаро онхо натавонистанд сарзамини мукаддасро ба чунин бихишт табдил диханд?.. Он чо хам хамватанони мо бихишт бунёд мекунанд... Ба онхо дар Мадина дар чанги Хандак чунин бихиште ваъда шуда буд. Онхо онро ёфтанд... Бигӯед, ки сохибони ин бихиштхо чй кор кунанд?.. Оре, ба мо хам ваъда шудааст, аз даргохи карами худовандй... *Аё Салмон!.. Охирин гариби ин диёр дар кадом биёбон аст? ва барои кй бихишти мавъудро месозад?* Шумо бародарони худро дар Басра сурог кардаед? Онхо ханӯз зиндаанд?

Абилхафсу Ахмад Исмоили Хаворичй хайратзада ба Амир Исмоил менигаранд ва даст ба гиребони надомат мебаранд. Вале амир Исмоил онхоро намебинад. Гӯё онхо вучуд надоранд. Гӯё ӯ ба худо ниёиш мекунад. Аз дарвозаи Нун вориди шахристон мешаванд. Дар тарафи дасти чап Кӯйи Ринлон вокеъ шудааст ва аз паси он калисои тарсоёи намудор мешавад.

Абилхафс: Имрӯз ин калисо масчид аст. Онро масчиди Бани Ханзала меноманд. Дар тарафи дасти рост Кӯйи Вазир чой гирифтааст.

Абилхафс (*ба сухани идома дода*): Ин кӯйро Кӯйи Вазир хонанд ва хамчунин Кӯйи Кох номанд. Ва ин вазир Ибни Аюб аст, ки аз сархангони Кутайба буд ва паларош аз подшохони Бухоро, ки ба дасти Кутайба ислом овар-

данд.

Амир Исмоил: Ба тафсил....

Абилхафс: Пайваста амирони Бухоро дар ин Кӯйи Кох будаанд. Ва ин кохро дехконе асил Кадрахина нигаҳдорӣ мекард. Баъде, ки ислом пазируфт, ӯро ном Ахмад шуд. Ин кохро аъроб аз ӯ гирифтанд. Ва ба соли саду панҷох ворисонаш ба назди Абучаъфари Давонакӣ, ки халифа буд, даъво карданд ва кабола берун оварданд: ҳадди аввали он бораи шаҳристон пайвастаи Ҷубаи Бакколон аст. Ҳадди дуввумӣ ҳам бораи шаҳристон, ки пайвастаи бозори Писташиканон аст. Ҳадди саввум рохи рост, ки аз ин дар то миёни шаҳристон, аз Дари Атторон то Дари Нун ҷумла як маҳалла аст,ки рабъи шористон аст. Ва як ҳазор дукон андаруни шаҳри Бухоро ва ҳафтоду панҷ пора деҳаи хос ба рӯди Бухоро ва фаровези осиёро доро б уд. Ҷумларо пеши халифа даъво кард ва ҷумларо боз гирифтанд. Ва фарзандони ишон ин маҳалро пора-пора фурӯхтанд, то ин ки пароканда шуд дар дасти мардум.

Амир Исмоил: Аз онҳо касе бокӣ мондааст?

Абилхафс: Касе намедонад.

Амир Исмоил: Асилзодагони Вароруд ҳамаашон ҳамчунин сариавиит доштанд? Ман мехоҳам ҳамаи асилзодагони Бухороро пайдо кунед ва ба Арк оваред.

Абилхафс: Кадом асилзодагонро?

Амир Исмоил: Магар Бухоро дигар хел асилзодагон ҳам дорад? Онҳоеро, ки Бухороро бо номи ишон меҳмоносанд ва ин шаҳрро бино ниҳодаанд. Дигар онҳоро бояд аз кунчи магорбастаи фаромӯшӣ берун кашид ва ачрашонро ба чо овард. Бо тамоми асилзодагони ин диёр ҳамчунон бояд рафтор шавад. Э дарего, ганчи Бухоро дар вайронаҳо...

Офтоб дар паси касру кушкҳои шаҳр гуруб мекунад. Ва боз чанд тулӯъу гуруби дигар. Амир Исмоил бо аҳли рикобаш дар байни мардум дех ба дех мегардад. Бо мардум мунозира мекунад, чизеро исбот кардани мешавад ва боз бо гуруб рафтани хуршед ба Арк бармегардад. Шабҳо дар масчидҳои кандакории шаҳр бо мардум бахсу мунозира мекунад. Амир Исмоил тан чанд хафтаи пурчидолу пурташвиш тағйир ёфтааст. Ранги сафеди пӯсташ сӯхта, чаш-

монаш беморгуна фурӯ рафта, асабӣ, хаста ба назар менамояд.

Шаб аст. Аз масҷид меояд. Бо Фазлу Яҳё ва Ахмад бинни Муҳаммад-ал-Лайс ба ҳуҷраи мунаққаши ороста ворид мешаванд. Болои хон лаълиҳои пурмева ва ҷомҳои шарбат гузошта шудааст.

Амир Исмоил: Истиҳола накунед, дилатон ҳарчӣ мехоҳад, он кунед. Ман шуморо мешиносам. Сеяк бифармоям? (*Лабханди талх мезанад, ёронаш вокунише нишон намедиҳанд*). Таи ин чанд ҳафтае, ки дар Бухоро ҳастем, чӣ бардошт кардаед? Мулоҳизаҳоятонро бембо иброз намоед... (*Аз ваҷоҳататон ҳувайдост, ки чизе гуфтан мехоҳанд, вале ҷуръат намекунанд. Амир Исмоил хӯшаи ангурро бардошта тамошо мекунад ва донае канда боқиро рӯи лаълӣ мегузорад*). Чӣ фарқ дорад, ин донаро мехурӣ ва ё шарбатеро, ки аз он ҳосил шудааст?.. Не, бобо, инаш ҳалолу онаш ҳаром... Вале Муовия чунон маст мешуд, ки ҳангоми хут ба хонданаш ғалат мекард. Ҳорунро касе ҳушёр надидааст. Бифармоед, ҷанобон. Ман имрӯз сари мехрам. Хастагиро рафъ намоед. Агар то саҳарӣ ҳушёр нашавед, Хочаи Сагир ривоят меёбад (*ба сӯйи Фазл бинни Муҳаммад чашмак мезанад*). Дар май басо фазилатҳост. Аввало, кулфи забон мекушояд, дуввум, ҷасорат мебахшад... Алҳол барои мо ин ду фазилаташ басанда аст... Бирав,май биёр.

Ашнас, ки то ба ҳол ҳузураш аслан ҳис карда намешуд, ба мисли як зарфи кулуфте ба ҳаракат меояд ва беруи меравад.

Фазл: Магар...

Амир Исмоил: Ин ҷо амир моем. Алҳол... дил қавӣ кунед, ва аз ҳеҷ чиз, ба ҷуз разолату фасод бим, мадоред. Ба зарурат раво бошад.

Фазл:Чӣ зарурате?

Амир Исмоил: Уқдаҳо аз дил кушоед. Таи ин чанд ҳафта ба ҷуз казовати кори дигарон, аз шумо ҳарфе нашунидаем. Бирезед, он чӣ дар дил гирифтаед.

Фазл: Амирам, магар мо ҷурьати онро дорем, ки бар дил гирем?

Амир Исмоил: Валлоҳу аълам.

Фазл: Амирам...

Амир Исмоил: Чаро бародари бузурги мо хомӯшанд, чаро сохибшуртаи мо ба даҳон об бурдаанд? Ва ё ишон

хам аз рафтори мо хушашон намеояд?

Яхё: Ҳамаро амирам доранд. Худо макунод, мо укда бар дил гирем.

Ахмади Лайс: Алҳак, хамин тавр аст.

Амир Исмоил: Пас шумо чун сабӯи тихӣ андаруни хеш чизе надоред? Ман шуморо бо худ ба он касд гирифтаам, ки дар масоиле, ки пеш меояд, бо ман машварат кунед. Бисёр хуб. Ин турки бадбахт чаро хаял мекунад?.. Пас шумо таи ин рӯзхо чизеро пай набурдаед. Бисёр хуб...

Ашнас лаълие бар сар бо нозу ишваи занона ва хатто пероҳани занона ворид мешавад. Аз чунин сурати музхик гирифтани ӯ онхо ба ханда меоянд ва амир Исмоил боз хашмгинтар мешавад.

Амир Исмоил: Бирав, дафъ шав, беасли бемагз!

Ашнас бо харос, вале бо хамон ишвафурӯшӣ ба ароз баромада меравад. Амир Исмоил суханашро идома медихад: Ман дар чӣ хаёлу? (*Кӯзаро ба даст мегирад ва дар тиёлаҳо мерезад ва тиёлаи худро бардошта*) Нӯш бод. (*ёронаш хомӯшона тиёлаҳои худро мегиранд ва ба тардид менӯшанд*). Пас, чизеро пай набурдед? **Бухоро дар дасти сохибони хеш нест.** Ва онро ба эшон баргардониданӣ хам нестанд. Вакте, ки ман бо деҳконзодагони асили Бухоро сӯхбат мекардам ва аз онхо розу ниёзашонро мепурсидам, дар чехраи ин чанобон хашму эътироз пайдо мешуд. Магар он пири мугонро надидед, хис накардед? Он кадар бимаш додаанд, ки чуръати чуғидан надошт. ***Ӯ дар диёри худ бегона ас*т**, гариб аст. Ӯ хам метавонист ба мисли дигарон худро аз ин мехнат бирахонад ва нагузорад, ки ким-кадом як Абилхафс чойи ӯро бигирад. Ин монанд ба киссаи Иблису Одам аст. Шайтон киблаашро дигар накард, худоро ду накард, мардуд шуд. Шумо гумон намекунед, ки ин шайтон киссаи бофтаву тофтаи ин кабил Абилхафсхост. Инхо бидъатро асл гирифтаанд ва дар чабини поку беолоиши онхо тамғаи бидъату куфр мезананд. Ин пирамард ва табораш киблаашонро барои манфиатхои шахсии худ дигар накарданд. Чӣ фарк дорад, худованди якқаву ягонаро Оллох мегӯй ё Ахурамазло? Ин чо як чухудбозии азалист, манфиатчӯй! Шайтон аз нахустин курбонии ин манфиатчӯист, то тамоми разолати хешро бо номи вай содир кунанд. Хатто худованди азза ва чалро тарафи худ гардонидаанд. Чаро гумон мекунед, ки фардо бо шумо чунин накунанд, яъне хай-

сиятатонро баранд, асолататонро ночиз гардонанд, фахру ғурури озодагитонро поймол созанд. Кӣ кафолат медиҳад, ки бо шумо чунин намекунанд? Ин навдавлатони пойлуч барои расидан ба ғаразҳои нопоки хеш аз ҳеҷ чиз даст намекашанд. Магар шумо пай набурдед, ки онҳо омадани на манеро интизор буданд. Аз аввалин дақиқаҳо мо ҳамдигарро шинохтем. Онҳо манро қабул надоранд ва ман ҳукумате надорам, ки иродаи худро бар онҳо бикабулонам. Онҳо аз ман уммати ислом сохтан мехоҳанд. Алҳамдулиллоҳ, ман мусалмонам, вале ироний, аз нажоди озодагон. Вале онҳо мехоҳанд ман сари як дастурхон бо як шабушкхору бо як малаххор бинщинам. Сохтани уммати ислом як ниёз аст. Шояд ниёзи башар аст. Вале инҳо онро барои бардасозӣ истифода мебаранд. Магар ин тавр нест? Пас чаро ғозиёни аввали ислом, ҳамин ки ба кишварҳои Ирону Миср даромаданд, дар баробари сарвату дороии ишон ин ҳадафи худро фаромӯш карданд?!! Барои ба ин ниёз расидан ҳанӯз башар камол наёфтааст. Магар Зардушт намедонист? Магар Монӣ намедонист? Магар Будо намедонист? Магар Исо намедонист? Медонистанд. Ва барои ҳамин ҳам фақат қавми худро баргузидаи афкори хеш карданд. Мо медонем, Монӣ ҳадафи башарро як уммат сохтан дошт. Вале кораш ба кучо анҷомид? Агар мо мехоҳем уммати ислом созем, боид мардуми худро барои расидан ба ин ҳадаф тарбият намоем. Вале афсӯс...

Амир Исмоил нафастанг мешавад ва банди дилашро мекушоид ва бо дард оҳ мекашад. Ёронаш хомӯш бо сархои хам мондаанд. Ӯ ба ҳар кадом менигарад ва бо гашу чидол аз чояш часта мехезад ва сахни хучраро пасу пеш кадам мезанад.

Амир Исмоил: Ман барои ин эътирозот хукумат надорам, ман фақат як омилам, омили хироҷ. Онҳо низ ин вазъи маро хеле хуб медонанд. Онҳо минбарашонро аз тахти амир хам гоҳо боло бурдаанд. Аз ман тозиёна мехоҳанд ва ман онро надорам... Ман наметавонам. Ин дархӯри хӯйи ман нест. Рустами Фаррухзод дуруст гуфта буд. Дарего, ки инсон пандпазир нест. (*Пас аз хомӯшии дурудароз*). Мо расолати худро ичро кардем. Дигар ин чо монданам на ба нафъи ман аст. Ман намехоҳам иттиҳоми осигарӣ бар гардан гирам. Аз ман наметавонанд хомкалла бисозанд. Бас аст!... Фардо бармегардам...

САМАРҚАНД

Қасри шоҳ

Амир Наср бинни Ахмади Сомонӣ ворид толор мешавад. Аз ду тараф аъёну ашрофи Самарқанд ва аҳли дарбор саф кашидаанд. Дар назди чандин дари вурудии толори қаср сарбозони ороставу пероста ба либоси низомӣ, ки ҳашамату ҷалоли лашкари амири Сомониро менамоёнад, посбон истодаанд. Амир Наср аз миёни саф гузашта бар тахт менишинад. Ҳозирон аз амири хеш пайравӣ карда ҳар қадоме ба ҷойи хеш гузашта менишинад. Балъамии вазир, ки бо лақаби Хочаи Бузург маъруф, аст аз ҷой хеста аз аҳволи девони давлат иттилоъ медиҳад ва дар фаровардии суҳан ба масоили рӯзмарра мепардозад.

Балъамӣ: Шоҳам, дишаб аз Рабинҷон ба Бухоро қосидон расиданд. Амир Исмоил ба Самарқанд меоянд, ҳоло ба Рабинҷон фуруд омадаанд.

Амир Наср: Чӣ?! Аз Бухоро чӣ хабар?

Балъамӣ: Аз Абуабдулло Абилҳафси Сагир ба номи шоҳам нома расидааст. (*Номаро ба шоҳ дароз мекунад ва боз ба ҷойи худ бармегардад*). Амир Исмоил фардо ба Самарқанд мерасанд.

Амир Наср номаро кушода мехонад ва то дергоҳ ба андеша фурӯ меравад.

**Амир Наср (*Аз хилоли андешаҳо*): Худсарӣ! И с ё н! ... Кӯдак! Сари коса ба кӯза нарасида, соябонро дар девор бузург мебинанд! (*Аз ҷояш хеста ба тарафи панҷараҳои сӯйи чорбоғи қаср меравад. Ҳанӯз дар банди андеша аст*). Мо маншури омаданашро нафиристодаем. Ба касе машварат накардааст. Аз ин рафтори амир Исмоил мардуми Бухоро дар хусуси аминияти худ ба ташвиш афтодаанд. Агар барорамон Абузакриё Яҳё ин лаёқатро медоштанд, мо худ ишонро ба ҷои амир Исмоил мефиристодем! Дар ҷанги зидди туркони кофар ва дар кӯмак кардан ба Рофеъ мо гумон кардаем, ки ӯ болиғ шудааст. Ӯ ҳанӯз кӯдак бокӣ мондааст! (*Амир Наср ба панҷара тақя дода ба дурҳо менигарад. Аз панҷараҳои боғ садои гурдасти шерон ва зӯзаи гурдони қафас ба гӯшаш мерасад. Газале озодона, бетарвед дарунаш боғ мечакмад, додарзодаги Наср бинни Исмоил дунболи ғазол сарғардону машғул аст. Ва бо ҳасрате пур аз ҳасад ба*

ин манзара хира мемонад).

Балъамӣ: Амирам, шояд ба муборакбодии гирифтани маншури вилояти Мовароуннаҳр аз ҷониби халифа ба дастбӯсӣ омада бошанд.

Амир Наср:Дар чунин вазъият ин баҳона шуда наметавонад, ҳол он ки ҳамон вақт, яъне ба омадани маншури халифа, нома навишта узри дар маросими супурда шудани маншур ҳузур наёфтанашро иброз дошта буд. Ин баҳона нест! Чаро ман аз чизеву коре хабар надорам? Ё ман...

Балъамӣ (*Бе риёкорӣ*): Башар ин шафқату адли шуморо дар нисбати риояти ҳаққи бародарон ба ёд надорад, амирам.

Амир Наср: Пас чаро бо ман чунин рафтор мекунанд?! Мо адлро дар ҳаққи ҳама баробар риоя мекунем.

Балъамӣ: Ман гумон намекунам, ки муроҷиати амир Исмоил ба Самарқанд чунин оҳанге дошта бошад. Валлоҳу аълам...

Амир Наср (*Худ ба худ*): Худоё, дар сари ин кӯдак чист? Чаро ман ҳеҷ гаҳ наметавонистам дар гуфтору рафтораш, заррае ҳам бошад, аз эътирозу исён чизеро ҳис кунам? Ӯ чӣ мехоҳад? Муродаш чист? Намефаҳмам. Ҳарчанд кӯшидам, ӯро бифаҳмам... гӯё ӯро хуб мефаҳмидаму мешинохтам... Инсон шинохтанӣ нест. Фақат таҳти як қонуни умумӣ рафтор мекунад, фақат ҳамин қонуни ӯро бо дигарон умумият медиҳад... Дар дигар маврид ӯ мухтор аст, ба мисли дижи рӯйин аст, ки фақат аз дарун метавон онро тасхир кард... (*Ба Балъамӣ мурочиат мекунад*). Талқиқ кунед ва ба ман маълум намоед, ки ӯ бар сар чӣ хаёл дорад. Бухороро ҳамтур раҳо кардану бе манзур ба Самарқанд омадан бояд сабабе дошта бошад?

Балъамӣ: Шояд худи амирам бо омаданашон...

Амир Наср: Ман ӯро дидан намехохам.

Балъамӣ: Амирам...

Амир Наср: Ӯро пешвоз гирад ва дар саройи Самарқанд фуруд ored.

Ба боғ менигарад. Оҳу сару рӯйи Наср бинни Исмоили хурдсолро мелесад. Амир Наср ба раҳму шафқат лабханд мезанад.

Берун шаҳр. Дарвозаи ғарбӣ

Балъамӣ бо бузургони шаҳр дар тепаи назди дарвозаи ғарбӣ интизори омадани амир Исмоил истодаанд. Амир Исмоил аз баландӣ бо хайли қалили хеш намудор мешавад. Насри хурдсол дар бағали Балъамист ва сӯйи оянда-гон даст дароз мекунад.

Балъамӣ: Кӣ меояд?

Кӯдак: Падарам.

Балъамӣ: Ку?

Кӯдак: Пешопеши саворон.

Бо расидани хайл мушоҳида мешавад, ки амир Исмоил дар байни пешвозгирандагон шоҳро мечӯяд, безобита ва бо ташвиш ба ҳар тараф назар мекунад ва ҳатто талоши писарашро ба сӯяш нодида мегирад.

Пешвозгирандагон кайҳо пиёда шудаанд ва Насри хурд-сол ба сӯйи падараш медавад. Амир Исмоил аз асп пиёда мешавад ва фарзандашро аз замин бардошта мебӯсад ва болои аспи худаш савор мекунад ва рикоб дар даст пешо-пеши аспаш ба тарафи дарвоза меравад. Дар ин ҳангом Хочаи Бузург ва ғуломи хонадонашон турки пир Симо-ал—Кабир, ки амир Исмоилро дӯст медошт, бо огӯши боз мерасанд.

Балъамӣ: Пойтахт пешкаш.

Симо: Амирам хуш омаданд...

Амир Исмоил ҳар кадомро огӯш кашида, дар фаровар-ди пазирой ба Хочаи Бузург ва Симо ал-Кабир рӯ меорад. Ҳанӯз дар чеҳрааш ташвишу нигарониҳои номаълуме эҳсос мешавад.

Амир Исмоил: Ба хайр аст?... Амирам чӣ ҳол доранд?

Балъамӣ: Хайр аст. Амир бо намояндагони Бағдод хеле банд буданд ва ба пешвози амири Бухоро баромада ната-вонистанд. Аз ҷониби ишон ман узр пеш меорам.

Амир Исмоил: Мо кистем, ки амирам узр оваранд. Ман фақат аз набудани бародарам ба ташвиш афтодам, ки ма-бодо бемор бошанд ва ё ... Ман шодам, ки амири бузург тандуруст ҳастанд.

Симо (*Бо шодӣ ҷавҷон*): Пойтахт пешкаш...амирам хуш омаданд...

Онҳо ворид шаҳр мешаванд ва ба ҷониби сароиҳои Сама-рқанд мераванд. Аз ду тарафи роҳ болои бомҳо марду зан,

чавону пир, духтару писар ба истиқболи амир Исмоил баромадаанд. Амир Исмоил бо ҳайрат ба Хочаи Бузург менигарад.

Балъамӣ: Амирам фармуданд, ки то як муддат шуморо дар саройи шаҳр фуруд оварем.

Амир Исмоил: (*Парешонҳолона, гумонбар аз як пешомади ногувору номаълуме. Кариб, ки дар оҳанги суханаш тарсу ҳарос эҳсос мешавад*). Чаро?!.

Касе ба ин пурсиш ҷавоб намедиҳад. Амир Исмоил ҳамчунон ба чеҳраи Хочаи Бузург менигарад, вале ӯ нигоҳашро аз амир Исмоил мегурезонад. Симо-ал-Кабир низ ҳамчунин рафтор менамояд.

Амир Исмоил: Пас амирам аз омадани ман нохушнуданд...

Амир Исмоил дигар ба ҳамрикобонаш эътибор надода ба истиқболгиранда гонаш "салом" медиҳад, дар баробари мӯйсафедон аз рӯйи зин нимхез шуда таъзим менамояд. Ба ҳамин минвол ба дари саройи шаҳр мерасанд ва паси дарҳои он нопадид мешаванд.

Яке аз ҳуҷраҳои сарой

Абулфазли Балъамӣ ва Симо-ал-Кабир нишастаанд. Ғуломон ба густурдани дастурхон машғуланд.

Балъамӣ (*Ба ғуломе*): Амир Исмоил таъхир мекунанд?

Ғулом: Ишон губори роҳ мешӯянд. Дам ба дам меоянд.

Балъамӣ: Шояд дигар вакт биёем.

Ғулом: Ишон хоҳиш карданд, ки омаданашонро интизор бошанд.

Ғулом ба пиёлаҳо шарбат мерезад ва таоруф карда, баромада меравад. Пас аз чанд лаҳзаи дигар амир Исмоил вориди ҳуҷра мешавад. Меҳмонон ба пешвози ӯ аз ҷойҳояшон мехезанд.

Амир Исмоил: Бифармоед. Барои маъталҳо кардан аз ишон узр мехоҳам. Роҳ вазнин буд. Ғубораш ҳам шуста шуд. Акнун метавонем бо фарогату осуда сӯҳбат кунем.

Меҳмонон ба ҷойҳои хеш мешинанд. Амир Исмоил пиёлаҳои ишонро аз шарбат пур мекунад.

Амир Исмоил: Шояд талхтараш? Шароб хастагиҳоро мебарад. Мо бояд хастагиҳоямонро рафъ намоем: шумо ҳа-

стагии умурро, ман хастагии рохро...

(*Амир Исмоил се бор каф мезанад. Гулом ҳозир мешавад*). Шароби талх!...(*Гулом шароб меорад. Пиёлаҳо чанд бор гардиш мекунанд*).

Балъамӣ: Амирам аз бехабар омадани ҷаноби олӣ ва умури вилояти Бухороро ба холи худ гузоштан хеле дар ташвишанд.

Амир Исмоил: Фикратонро равшан баён кунед: Амирам аз ин рафтори ман ба хашм омадаанд.

Балъамӣ: Ман инро нагуфтаам. Дар ҳақиқат амир аз ин рафтори шумо розӣ нестанд ва иллати чунин амалро фахмидан мехоханд.

Амир Исмоил: То фардо сабр мекунем.

Симо-ал-Кабир: Ҷалолатпаноҳ моро маъмур кардаанд.

Амир Исмоил: Қазия аз он чӣ шон тасаввур мекунанд, мураккабтар аст. Агар ба як харфу ду ҳарф тафсир шавад, аз он маънии исёну ёгигарӣ бар меояд. Мо барои тафсили комили вазъият фардохо дорем.

Балъамӣ: Амирам фахмидан мехоханд...

Амир Исмоил (*ба андеша фурӯ меравад. Пас аз гузаштани чандин лаҳза сар боло карда, хаста ва бо овози гирифта мегӯяд*):

Хулласи калом, он чӣ онҳо мехоханд, ман намехоҳам ва он чӣ ман мехоҳам, онҳо намехоханд. Ва ман барои қабулидани хости худ расолат надорам. Ман факат омили хироҷ хастам. Ин ваъз наметавонад барои бакои миллат шароит фароҳам созад. Ҳама гуна давлате, ки фокиди андешаи бакои миллат бошад, пойдор нест. Мардуми Бухороро ба мисли бакияи нукоти Ирон аз хеш бегона сохтаанд. Саффорихо ба ҷуз ракобатҳои сиёсӣ бо халофат дар ин замина кореро анҷом надодаанд. Ҳатто барои он фурсати андешидан хам наёфтаанд. Вазифаи мо дар ин марҳала аз бедор кардани виҷдони таърихии мардум ва аз инҳитоту мутаассибехиавӣ нигоҳ доштани он аст.

Симо-ал-Кабир: Яъне?

Амир Исмоил: "Ман таассубаҳа бикдавмин фахм миноҳу" фармудааст расули худо. Яъне хар кй худро ба қавми дигаре шабех созад, дигар ба чомеаи худ пайваста нест, ба қавми дигаре вобаста аст, аз решаи худ буррида аст, бо худ бегона шуда аст, ойинаи дигаре шудааст. Мардуми мо аз Имоми Аъзам ба он сабаб пайравй карданд, ки мута-

шаббех нашаванд. Ин равия озодихое медод. Вагарна хуручи Абумуслим бемаънй мебуд. Чаро сафедчомагон бо рохнамоии Хошим бинни Хаким хурӯч карданд? Чй омиле онхоро барангехт? Ин исёнхо алайхи чй буд? Алайхи хамин мутташаббех шудан! Ханӯз онхо ба гузаштахои кавми хеш пайванд доштанд. Вичдони таърихиящон сохирона ба гафлат кашида нашуда буд. Вале имрӯз чй касоне худро ба дигаре шабех месозанд? Абилхафехову Исмоилхо аз худ мегурезанд, худро ачулона инкор мекунанд, пайвандхоящонро, хатто фитрати таърихиву ичтимой ва мохиятхои ичтимоиву фархангиящонро китмон мекунанд ва бо таҳқири хеш аз хеш ба домони бегона мегурезанд, мекӯшанд, то бо фанои хеш дар ӯ, ки ба назарашон авлову акмал аст, ба бако бирасанд. Ва хар чашмсиёху чаъдмӯйро, аз хар кй бо ӯ хамватану хамзод аст, афзалу ахсан мешёбанд ва сухани ӯро фазл-ал-хитоб мебинанд ва рафокат бо ӯро фахри худ ва таклид аз ӯро камоли худ ва накли кавли ӯро фазлу илми худ мешуморанд ва бо таҳқиру тамасхур ба мазҳабу суннат ва арзишхо ва хасоили чомеаи хеш менигаранд ва ба ӯ мефахмонанд, ки "Ман истисноам, ман аз онхо ба дурам, аз онхо бурридаву бегоналам, ба шумо табехам, мисли шумо мебинам, эҳсос мекунам, зиндагй мекунам". Чй касе имрӯз дар чомеаи мо чунин аст? Он кй шабех шудаast. Имрӯз ин шабехшудагон ба кудрат, ба сарват расидаанд. Балки онхоро хамчун ибрати дигарон ба ин мартабахо расонидаанд. Ин бузургтарин хатар дар рохи бакои миллат аст. Вакте як озода бадавй ва фокили фарханги хеш шуд, бинши ва эҳсосаш дигар кодир нест, ки арзишу зебоии кавми хешро, таъриху фарханги хешро дарёбад. Кавми моро ба хамин марҳила расонидаанд. Яке аз мушаххосот ва моияи фахри як озода, ки ӯро аз аквоми вахшй ва бадавй мутамоиз месозад, доштани вичдони таърихй ва маърифату ишк ба суннати гузашташ аст.

Бальзамй: Он чй ки шумо мехохед, як инқилоби такомулй аст, на коло ё мачмуае аз колохои солиротй, ин чиз як шаклу ранги хос надорад. Як гавхар аст ва хақиқати мутаолй аст, ки инсон ба тадрич ба он комёб мешавад.

Амир Исмоил: Оре. Фарханги сиёсии гузаштагони мо мутаваччех шуда буд, ки алорагми тавлиту нонмй ва ноустувории хукумати салтанатй метавон даъвоми миллатро таъмин кард. Вале масъала ин аст, ки чй гуна мешавад

алорагми хукуматҳои бегона давоми миллатро тазмин кард. Ин давоми миллат хаст, ки боз рӯзе хукумати мудо-ими хохал офарид. Ҳамин аст, ки дар киболи тағйироти сарсомовари хукуматҳо ва силсилаҳо ва афроди хоким дар ин сарзамини пурпукӯҳу паҳновари Ирон пас аз тасаллу-ти араб ва ислом боял давоми миллатро таъмин ва танзим намуд. Сарнагун шулани хукуматҳо нишони алами инти-боки он хукуматҳо бо миллат хаст. Ва акнун вазифаи мост, ки он арзишҳоро ки пояи давоми миллати ирони будааст, пояи бунёдгузории як хукумати фаррои навин бикунем, то он арзишхову ормонҳо он хукуматро бар дӯш бикашанд ва бо он чои бибахшанд. Акнун он хангом фаро расида-аст, ки он арзишхову ормонҳо боз аз сарчашмаи давоми миллат дар зарфи хукумат рехта шавад. Чун ин миллат аст, ки хазорсолаҳо давоми худро таъмин кардааст, то ба чое, ки хукуматҳо аз ӯҳдаи ин масъулият барнаёмадаанд. Аз ин рӯ миллати ирони бино ар хакке, ки дар асари "сар-чашмаи давоми худ будан" дорад, хакки бунёдгузории хукумат ва инзомеро дорад, ки тачассуми ин арзишҳо ва ормонҳо бошад.

Бальъамӣ: Ин миллат аст, ки давоми худро аз сарчашмаи худ хифз кардааст, на он ки хукуматҳо зомини ин давом буда бошанд. Ва он, ки ба худ давом мебахшад, худ сар-чашмаи хамаи кудратҳост.

Амир Исмоил: Оре, касе давом меёбад, ки кудрат дорад. Ва ин кудрат як давлати мутамарказ аст. Он гоҳ миллат ба сифати тобеи зухур мекунад.

Бальъамӣ: Вале ба кадом рох? Он чӣ амирам мехохад, хеле мушкил аст. Ва дар киболи сиёсате, ки ислом матрах месозад, барои давоми миллат хатарнок мебошад. Мо хамеша дар маърази тахоҷуми аквоми вахшиву бадавӣ карор дорем. Бо ин фалсафа, ки ҷаноби олӣ матрах меco-зад, яъне бунёд гузоштани як хокимияти фаррӣ, ки пояи вазифаи наёгурдани чои ва мукаддас будани эмдодист, барои мо хеле хатар дорад. Бо хоким кардани ин сиёсат дар дилу андеша ва рафтори кавму миллати хеш зарбаи мухлике ба он зада мешавад. Он вакт аст, ки муташаббех мешавад. Барои ой, ки ин сиёсатро хоким созем, боял ав-валан, чунон ки нишон фармудаед, як давлати мутамарказ ва кудратмандс бунёдгузорй шавад, ки мардумро барои хазрооҳаҳо аз шарри бегонагон эмин нигох дорад, бо ин фалсафа намешавад хукумати ормонҳоро сохт. Дар сурати

сохтани чунин хукумате ин ормонхо аз байн мераванд. Мо миллатро боид ба як озорандаи доимии зиндагиву чон табдил диҳем. Ин хилофи фалсафаи симургист. Башар боид то ба Рустами ормонӣ камол ёбад ва ба дардхову ранчхои зиндагӣ дармон бахшад.

Амир Исмоил: Аз вежагихои бунёдии ин андеша такаддуми мехр ба хар чизи дигар аст.

Балъамӣ: Аз чумла ба акида, имон, шариату миллат ва уммату нажод ва чинсу табака?

Амир Исмоил: Дар аввал дар доираи як миллату як нажод.

Балъамӣ: Чаро фикр намекунед, ки андеша дар замони хукуматхои муктадире чун Хахоманишу Ашконӣ ва Сосонӣ ба шикасти фохише рӯ ба рӯ шуд?

Амир Исмоил: Барои он ки онхо яке аз аслхои бунёдии ин андешаро фаромӯш карданд ва ё беэътибор сохтанд.

Балъамӣ: Он асли бунёдӣ чист?

Амир Исмоил: Хирад. Махз хирад посдору нигахдори чону зиндагист. Хираде, ки ба нигахбонии хама чонхову хама зиндагон ва хама инсонхо барнахезад, хирад нест. Аз ин рӯ хирад дар доманаи сиёсат факат накшу вазифа ва таахуди онро дорад, ки зиндагонии инсонхоро ба таври куллӣ бидуни хар гуна истисно ва табъизе нигох дорад. Хираде, ки чунин таахуде дорад, шолудаи сиёсат ва кишвардориву чахондорист.

Балъамӣ: Чаро шумо фикр намекунед, ки ин андеша ширк аст?! Ин хиради шумо он маъниро медихад, ки вай бартар аз хар шариате ва динест. Ин хиради Оллох нест. Аз ин назар хар чӣ зиндагиро дар ин гетӣ биёзорад, чӣ кавонину низом ва чӣ дастгоххои динӣ бошанд, бар зидди хираданд. Шариату дин ва иродаи худо асл нестанд, балки зиндагӣ дар ин гетӣ асл аст ва хирад посдори хамин зиндагист. Ин аст, ки хирад хак дорад бо андешидан хар чиро бар зидди зиндагии мардум дар гетӣ меёбад, дур бияфканад ва тард кунад.

Амир Исмоил: Шумо ба мисли Абилхафс наандешед. Маро тамоми вахшатам аз ин кабил одамон аст. Онхо муташаббех шудаанд. Муроди мо боид баргардондани ишон ба асли хеш бошад. Вагарна дар хама чиз тамгаи ширк задан мумкин мешавад. Ин чиз оиндаи хатир ба бор меоварад. Миллатро ба инхитоти фархангиву нажоди ги-

рифтор месозад. Мурод аз ба кор бастани ин сиёсат ё фалсафа чизи дигар аст? Чаро мо ин соатҳои дароз дар хусуси "бақои миллат" ҳарф мезанем? Муроди мо зинда кардани ойини гузаштагон нест. Балки аз вежагиҳойи бунёдии ин андеша асли растохези он аст. Асли симурғӣ дорад. Симурғ ҳам дар андешаи гузаштагони мо худро пас аз ҳар кушта шудане аз нав меёфаринад. Озурдани ӯ ангезаи худофаринии ӯст. Ин аст, ки шикасти Симурғ ҳамеша пирӯзист. Вақте ин вежагиро дар чаҳорчӯбаи мафҳуми сарчашмаи қудрат ва ҳукумат будани симурғ ё хирад ё меҳр бигзорем мебинем, ки маъное ҷуз ин намедиҳад, ки набудани ҳукумат ва низому фарҳанги миллати ироний бояд фақат сабаби боззоӣ ва худофаринии миллати Иронзамин гардад. Ва бо растохези ҳамин вежагиҳост, ки метавон рӯзе ҳукумати озоду додгар офарид, ки интибоқ бо ин вежагиҳо дошта бошад.

Чанд лаҳзае ҳама хомӯш мемонанд. Вале аз аввал то охири ин сӯҳбат муғи пир дар сурати номаръӣ ҳузур дорад. Ӯро фақат амир Исмоил мебинад ва гӯё бо ӯ сӯҳбат дорад ва ба назари бинанда чунин мерасад, ки он пирамард аз забони Исмоил сухан мегӯяд. Ин ҳолат фақат барои бинанда ва Исмоил маълум аст.

Амир Исмоил: Албатта аз ин суханон чунин бардоште ҳосил нашавад, ки гӯё ман даъвогари тоҷу тахти Вароруд ҳастам. Ман фақат ормонҳои хешро аз як давлату ҳокимияти фаррӣ иброз доштам. Ҳамаи ин омилҳо сабаб шуд, ки ман Бухороро тарк гӯям, зеро бори масъулияти ин маъмурият барои ман вазнинӣ мекунад. Яъне барои заррае ҳам пиёда кардани онҳо ман маъмурият надорам. Он чӣ бар ӯҳдаи ман гузошта буданд, ҳар каси дигар ҳам қудрати ичроиши онро дорад. Ман расолати худро дигар мебинам. Албатта ин афзунталабӣ нест, исёну ёгигарӣ нест, эътироз нест, ҳатто ношукрӣ аз марҳамати амирам ҳам нест. Аз ба амал бароварда натавонистан қабул накардан беҳтар аст. Хоҳиш мекунам, маро дуруст бифаҳманд. Аз як сухани бетаҳаммул ошно бегона мегардад.

Балъамӣ: Модом, ки зиндагӣ муқаддас аст, ҷангу ҷиҳод бемаъност. Он гоҳ ҳар қавме метавонад бар мо тасаллут ёбад ва зулм кунаду чон биёзорад.

Амир Исмоил: Қавми мо бино бар он расолате, ки бар ӯҳдааш гузоштаанд ё он ки фитрати азалиш аст, фақат ҳаққоният ба як навъ ҷанг доранд ва он ҷанг барои боз-

дошгани озордихандагони зиндагонӣ дар ин гетӣ аз озор мебошад. Аз ин рӯ барои аквоми ироний зиндагӣ чихол барои акида ва дину мафкура нест, балки пайкор барои хифзи хакки зистни хар инсон аст. Чангхои мо бо шабушкхорхои шимол аз хамин рох аст. Ва минбаъд боид ин чангхо зиёдтар шаванд, то тавонем онхоро аз сархадоти хеш ба диёрашон кафо партоем. Ман дар чанг бо ин вахшихо хамин касдро шиори худ дорам. Онхо ба маънии томаш озорандагони чону зиндагӣ хастанд.

Балъамӣ: Чаро гумон намебаред, ки Симо-ал-Кабир аз ин суханони шумо намеранчад?

Симо-ал-Кабир: Ман хакки ранчишро аз амирам надорам.

Амир Исмоил: Ин суханхо ба чаноби Симо-ал-Кабир заррае тааллук надоранд. Инхо ба сабаби ба шабушкхурхо мушаббех шуданашон турк хонда мешаванд, вале дар асл аз кавми мо хастанд.

Балъамӣ: Оё ин рост аст?

Симо: Бале. Ахли шахри Тироз аслан мардуми сугдӣ хастанд ва ба сабаби тасарруф шуданаш ба дасти чашмтангхои шимол, шахри туркон ба хисоб меояд. Туркхо дар он нуфус надоранд ва гирдогирди он беруни шахр дар чодархо зимистон мегузаронанд ва дар шахр бозор мекунанд. Алхол ин шахрхоро бо номи турк бурдан як хатои ом шудаст.

Балъамӣ: Пас муваттани онхо кучост?

Симо: Шимол, ки манзили сармост ва дар шимолу шаркии Чину Мугулистон. Динашон шаманӣ аст. Мо то мусулмон шудан кисме монавӣ ва кисме насорӣ будем. Ва замоне моро ба асирӣ овардаид, чун турки гулом харидуфурӯш кардаид. Ва аксари сархангхову сипахсолорхо аз кавми мо хастанд, вале бархато турк номида мешаванд.

Амир Исмоил: Оё аз чехраву мӯю рӯяшон пай намебаред, ки ишон бо он шабушкхорхои вахший хеч умумияте надоранд? Хукумати мо боид аз ин хатари бузург мардумонамонро барои абад эмин созад, вагарна вучуди хукумату давлати мо бемаъной мебуд. Сухан дар ин хусус хеле дароз аст. Бо хамин кӯтохаш мекунем.

Балъамӣ: Дуруст аст, ки мо боиси захмати амирам шудаем ва на гузоштем, ки губор бияфшонанду кӯфтагии рох бароранд. Маъзурем.

Амир Исмоил: Умедворам, то андозае ба ишон сабаби омаданамро фахмонда бошам. Дар акси хол тафсилотам боиси шойиоте хохад шуд.

Балъамӣ: Амирам хотирчамъ бошанд. Иншооллох хуб мешавад...

Онхо баромада мераванд. Амир Исмоил танхо мемонад.

Қасри шох

Амир Исмоил бесаброна, вале бо чехраи гирифтаву бо хаёле мушавваш пасу пеш кадам мезанад. Ҳочиб вориди толор мешавад ва амир Исмоил ба сӯяш чанд гом бармедорад.

Амир Исмоил: Ба амирам бирасонед, ки ман интизори бор ёфтан ҳастам. Шояд Хочаи Бузург хоҳиши бор ёфтанамро фаромӯш кардаанд. Хеле вакт гузашт.

Ҳочиб таъзим мекунад ва ба толори боргоҳ ворид мешавад. Ҳозирон ба сӯйи ӯ менигаранд. Ӯ пас аз адои маросими одоби дарбор ба амир Наср рӯ меорад.

Ҳочиб: Амирам, амир Исмоил бор мехоҳанд.

Наср: (*Ба сӯйи Балъамӣ*). Ҳанӯз ӯ инчост? Бигӯед, ман ӯро дидан намехом.

Балъамӣ: Амирам...

Наср: Хайр, тарзе ба ӯ фаҳмонед, ки дӯст душман нашавад. Имрӯз рӯзи бор ёфтан нест ва ҳоказо. Соҳибшуртаи Самарқанд ба номи ӯ гардонед ва Муҳаммад бинни Умарро халифааш таъин намоед. Дар ҳаққи ӯ аз ин зиёда коре бароварда нест.

Ба Абузакриё Яҳё нома нависед ва таъкид кунед, ки бо Абилҳафси Сағир мадоро кунад ва дар ҳар амале бо ӯ мушовират намояд. Ҳамчунин ба факеҳи бузург нома нависед ва иродати моро нисбат ба ишон иброз доред ва хоҳиш намоед, ки дар назму оромиши вилояти Бухоро ба бародари мо аз ҳеҷ кӯмаке дареғ надоранд.

Абулфазли Балъамӣ ва ҳочиб ба амир таъзим карда аз боргоҳ мебароянд. Амир Исмоил дар назди панҷара ба сӯйи чорбоғи қаср менигарист. Аз пайдо шудани Балъамиву ҳочиб ба худ омада чанд гоме ба пешвози онҳо бармедорад. Ва саволомез ба эшон менигарад.

Балъамӣ: Амирам ба сабаби зиёдатии умури давлатӣ ба шумор бор дода наметавонанд.

Амир Исмоил: Пас амирам бар ман хашм гирифтаанд. Чаро ончунон, ки ба шумо гуфтам...

Балъамӣ: Худо шохид, бо тафсил гуфтаи шуморо ба амирам расонидам... Зиёда аз он, боз Симо-ал-Кабир дар миёна даромад.

Амир Исмоил: Пас чаро амир бар ман хашм гирифтаанд? Ва ё казияи дигаре дар миён асту ман аз он бехабарам?

Балъамӣ: Аз он чое, ки ман медонаму мебинам, муносибати шохам ба шумо аз серкорист. Дигараш барои ман торик аст. Шумо сабр кунед.

Амир Исмоил бо хашм аз қаср бадар мешавад ва дар чорбоғи хуррам бемуродона гардиш мекунад. Ва ба нохост ба сӯйи қаср бармегардад. Амир Наср рафтори ӯро назора мекард. Амир Исмоил ба поёни чорбоғ, он чое, ки шерону гургон дар қафас буданд, меравад. Қафаси гургҳо хеле танг буд ва боз дар миёни қафаси кушоду баланди шерон чой шуда буд. Ғуррасту таҳдиди шерҳо гургҳоро афсурда карда буд. Амир Исмоил ба чашмони ин вуҳуши асир нигарист. Замирашонро, ҳастияшонро дар барқи нигоҳашон медид. Нигоҳе сарду алмосгун бурранда. Нигоҳе бегонаву вахший. Нигоҳе душманона доштанд.

Оҳу дар дуртар ба сӯйи ин манзара менигарист. Ҳамин, ки амир Исмоил аз чояш хеста ба сӯйи дар равон шуд, оҳу ҳам ӯро дунбола карл. Ӯ чанд бор баргашта пушташиро дастмол намуд. Амир Наср ҳанӯз назди панчара буд.

Китобхона

Амир Исмоил бо писараш Аҳмад деворнигорахои толори китобхонаро тамошо мекунанд. Наср бо ҳайрат ба тасвирҳо менигарад. Деворнигора аз тасвири дарахте азим, ки сар ба фалак кашидааст, огоз мешавад. Дарахт, ки бештар ба сарв шабеҳ аст, дар миёни дарёи бузург рустааст. Даруни об чондорхои дарёии гирди танаи он чамъ шудаанд. Як навъ махлукҳои афсонавӣ. Дар шохсораш анвои парандагон лона гузоштаанд. Дар сари дарахт парандаи азиме, бо пару болҳои бузургу зебое нишастааст. Дар сохили сабзу хуррами дарё чондорони рӯйи замин дар мавқеъхои мухталиф тасвир шудаанд. Шерон-нару мода ба истиқболи якдигар меоянд. Дар миёни онҳо гизоле орому

осуда ғунудааст. Аспи сафеде ба сӯйи уфукҳойи дур медавад, бе савор аст. Ва марде мусаллаҳ ба самти он асп равон аст. Ва офтоб аз паси мурғи афсонавии сари дарахт ҳамчун ҳалқаи заррини мушаъшаъ нурпош мебошад. Филе маст ба паланге ҳамлавар.

Ин ҳама болои шохи гови бузурге ва гов дар болои моҳие бузургтар. Ва моҳӣ дар замини бекарон.

Аҳмади хурдсол ба нигора наздиктар меравад ва бо дикқати ҳар чӣ томтар ба он менигарад.

Амир Исмоил: Ин нигора чӣ маънӣ дорад? Мефаҳмӣ? Номи ин дарё Фаррохкарҷ аст, ба маънои "Бузургсоҳил" ё Фаррохканор. Тиштр-эзади борон бо Апӯш- деви хушкӣ ба пайкор мехезад ва дар се навбат бар вай пирӯз мешавад ва ҳар бор муддати даҳ шабонарӯз борон меборад. Селҳо мехезанд. Дар асари ин селҳо Аҳриману ёронаш нобуд мешаванд ва онгоҳ боди тунде мевазад ва обҳоро ба канорае мебарад, ки аз онҳо дарёи Фаррохкарт ба вуҷуд меояд. Ин дарё як севвуми заминро ишғол мекунад ва чунон азим аст, ки оби ҳазор дарёчаро дар бар дорад. Ҳамаи обҳо аз чашмаи Ардависур-Аноҳит ҷорист. Дар роҳи худ як сад ҳазор мачроои заррин ҳосил шуда ва оби гарму зулол аз ин мачро гузашта ба сӯйи кӯҳи баланди Ҳукайра равон мешавад. Баъзе аз ин дарёчаҳо ба андозае бузурганд, ки як марди савор дар чиҳил рӯз даври онро наметавонад паймуд. Ин дарё дар аввал дар осмон ҷой дошт. Онро нӯҳсаду наваду нӯҳ ҳазору нӯҳсаду навуду нӯҳ фариштa посбонӣ мекунанд.

Ин дарахт Гаукарана ном дорад. Барои он, ки бар вай Аҳриман осеб нарасонад, моҳии Кararo ба посбонии он гумоштаанд.

Ин шерҳо маҳзари қудрату тавон ва нерӯ мебошанд ва бо калимаи шоҳу шаҳриёр аз як реша ҳастанд ва ба асл ҳар ду намояндаи хуршеданд. Ин моҳӣ Восӣ аст. Ин моҳӣ дар миёнаи дарёи Фарохкарт зиндагӣ мекунад. Тамоми ҷонвароии худоофарида андар ин дарё таҳти ҳимояти вай мебошанд. Ана ин, ки ҳама чиз рӯйи шохи зарринаш қарор дорад, Харо ном дорад. Ин ҳам дар миёни дарё зиндагӣ мекунад ва се по дорад. Баданаш сафед аст, пок аст, шаш чашму нӯҳ пӯзаву ду гӯш ва як шохи заррин дорад ва аз он ҳазор шохи дигар рӯйидааст ва ба воситаи онҳо ҷонвароони бадро нобуд мекунад. Гӯшаш ба андозае бузург аст, ки тамоми вилояти Мозандаронро ё Хоразмро фаро мегирад. Ҷойи қадами вай ба андозае калон аст, ки як рамаи ҳазор

гӯсфанда андаруни он чой хохад гирифт. Дар атрофи хурд-тарин пайи ӯ хазор марди савор давр зада метавонад ва вакте, ки ин чонвари нек сар дар дарё фурӯ барад ва гӯшхойи хеш бичунбонад, укёнус ба чӯшу хурӯш афтад, ларзаву изтироб дар доманаи кӯхи Гуновад падид оянд, аз таъсири овози ӯ хаман чонварони молдан нек дар укёнус обистан шаванд ва чонварони ахриманиву бад аз биму харос бача сакат кунанд. Агар худованд ӯро намеофарид, оби укёнус аз осеби Ахриман ях мебаст ва тамоми чонва-рон халок мешуданд.

Ин дарахти сар ба фалаккашида, ки тамоми парранда-гон бо сарварии Симурғ бар шохсори он лона гузошта-анд, "дарахти хаматухм" аст. Тамоми рустанихо аз тухми ӯ рӯидаанд. Дар мавриди хайвонот низ эътикод бар ин буд, ки гове ба номи Увагдат тухми куллияи чорпоён ва хатто бархе гиёхони судмандро бо худ дошт. Ин гов ягона мах-луки рӯйи замин ва хайвоне буд зебову неруманд, ки гохе ӯро ба сурати гове нар ва гохе хам дар хайати гове мода тасвир кардаанд.

Баъдан Каюмарс низ монанди ин гов аз хок падид омад ва чун рустание аз замин рӯйид ва то се хазор сол хар ду дар оромиш буданд. Хангоме, ки деви бадй ба гови нахус-тин расид, гов алорагми талоши худованди якто бемор шуд ва саранчом чашм аз чахон фурӯ баст. Сипас аз хар як аз аъзои гови нахустин панчохупанч навъи гиёхи ши-фобахш рӯйид. Аз тухми он як чуфт гови нару мода падид омад ва ба дунболи онхо дувисту хаштоду ду чуфт аз хар як аз хайвоноти рӯйи замин зохир шуд. Ин афсона хеле дуру дароз аст. Дар ривоёти кӯхан хаст, ки яке аз аъмоли чобиронаи Ковус, яъне бузургтарин гуноҳи ӯ куштани го-вест, ки нигахбони марзхои Ирону Турон буд. Ин говро Хурмузд офарид, то чун низои байни Ирону Турон дарги-рад, ӯ суми хеш дар хадди вокеии Ирону Турон бикӯбад ва чангу чидол аз байн биравад.

Ахмад: Хадди ин марзхо кучост?

Амир Исмоил: Дар он сӯйи кишвари Исфичоб, дар икли-ми хафтум ва шимолии Чин. Ин акъвоми балбахт аз он киш-вари дуру сарду безиёъ ба механи мукаддаси мо хамлао-вар шудаанд.

Аз ин рӯ гузаштагон муътакид буданд ба он, ки Замин рӯйи шохи гов карор дорад ва гов бар пушти мохие бу-зург, яъне говмохии Харо ва ӯ дар дарёи Фарохкарт ши-

новар аст. Ҳар гох, ки гов хаста мешавад, заминро аз рӯйи як шохаш ба рӯйи шохи дигар мелағзонад ва ҳамин кор мӯчиби заминларза мешавад.

Ахмад: Устодам зимни тафсири ояти "Лаху мо фӣ ас-самовотӣ ва мо фил-арзӣ ва мо байнаҳуммо ва мо тахт-ас-саро" ин киссаро накл карданд.

Амир Исмоил: Пас ту ин киссаро медонӣ?

Ахмад: Оре. Ҳамчунин дар хусуси Гӯсолаи Заррин қиссахо гуфт.

Амир Исмоил: Офарин...

Ҳамин вақт китобдор-хамон мӯйсафеде, ки дар сурати Муғ бар амир Исмоил зоҳир мешуд, ба толор мебарояд.

Китобдор: Дуруд ба амири Бухоро, дуруд ба шоҳзодаи ҷавону далер... (Як-як даст зада) Хуш омаданд, нури дида, точи сар.

Амир Исмоил: Дигар ман фурсати зиёде дар ихтиёр дорам ва метавонам аз дӯстонам дидан ба амал оварам ва омӯзиши хешро давом дихам.

Китобдор: Ба хайр аст?

Амир Исмоил: Оре, ба хайр аст. Фақат ҳамин қадар, ки ман ба Самарқанд баргаштам. Ин фоли нек аст.

Китобдор: Гумон мекунед?

Амир Исмоил: Чаро не?!. Хушбахтона, дар хонадони мо шахсиятҳои лоиқ хеле зиёданд. Ман фақат аз ишон бо як афзалиятам фарқ мекунам: силаҳшӯрӣ. Ин ҳам аз он хисс аст, ки ба гузаштаҳои пурифтихори қавму меҳанам ишқ меварзам ва фахр мекунам. Маҳз ҳамин эҳсоси ифтихор маро силаҳшӯр кардааст. Дар вазъе, ки кишвари мо қарор дорад, эҳсоси ватандӯстӣ дигар хел зуҳур карда наметавонад. Бо ин эҳсос бояд фақат силаҳшӯр шуд!.

Китобдор: Дер боз ин ҷо ҳастед?

Амир Исмоил: Не. Ҳанӯз ба мирзода саҳнаи аввали нигораро тафсир надода будам, ҷанобашон ҳозир шуданд.

Китобдор: О, шоҳзода ҳам ба фарҳанги гузаштаи меҳани худ марок доранд?!

Амир Исмоил: Инон ҳанӯз ҳамирмоя ҳастанд. Шакл бастанашон ба маҳорату ҳунари кӯзагар марбут аст.

Китобдор: Бифармоед, ба дарун.

Амир Исмоил: Мирзода ин ҷо бошанд ва нигораҳоро тамошо кунанд, ҳини бозгашт дар хусусашон сӯҳбат меку-

нем.

Амир Исмоил ба хучраи анларуни, ки хазинаи китоб боял бошад, ворид мешавад. Нуре, ки аз сакф ворили хучра мешавад, атрофро хеле рўшан намудааст.

Китобдор: Нафахмидам. Оё чизе шуда, ки амирамро аз кор барканор кардаанд? Дар шахр овозахо хастанд, ки ишонро сохибшуртаи Самарканд таъин кардаанд.

Амир Исмоил: Магар ин маъноп барканор кардан аз корхои давлатиро надорад?!

Китобдор: Модом, ки чунин аст, тасмим гирифтаанд, ки ба омўзишхои худ идома дихапд? Дар илми хадис, ки онро аз падари хеш фаро гирифтаанд, комиле бошанд. Гумон мекунам ба фикх мепардозанд.

Амир Исмоил: (*Механдад*). Хадису фикх илмхое хастанд, ки чун мане хар рўз ба онхо сару кор дорад, ва чун манеро донистани онхо аз вочибот ба шумор меравад. Вале омўзиши ман дар дигар хусус аст. Хеле мешавад андешаи маро масъалаи як хукумати фаррй, ки бар доду адолат бунёдгузорй мешавад, машгул медорад.

Китобдор: Худ хукумати фаррй як масъала аст. Ва татбики он масъалаи дигаре ва аз мухимтарин масъалае! Пояи он бар дод, мукаддас донистани зиндагй ва парвариши чон аст. Хамин тавр?

Амир Исмоил: Хамин тавр.

Китобдор: Фикр кардед, ки бо пиёда кардани ин андеша шуморо ба баддинию бидъат ва куфр гунахкор мекунанд?!

Амир Исмоил: Шумо хам ба мисли дигарон андеша мекунед. Мухим ин чо барои парвариши хирад замина мухайё кардан аст. Худ хирад аз бузургтарин тарозуи амал аст. Парвариши хирад пиёда кардани иродаи озод аст. Хидоят ба сўйи ободихои диёр аст, парвариши чонхост.

Китобдор: Касе ба шумо ичоза нахохад дод, ки мардумро аз корхои ухравияш, яъне иморати охираташ барканор дорад ва мачбур ба иморати ширку гунох созед.

Амир Исмоил: Обод доштани ин дунё дар хеч дине ширк нест. Мо худ ба чашми хеш дидаем, ки ин бадавиёни сахрой бихишти мавъудро дар вокеъ дар диёри мо ёфтанд ва он расолатеро, ки дар мусалмон кардани мо доштанд, аз ёд бурданд, ва богу рог, молу мулки моро сохибй карданд, мардуми моро ба гуломй бурданд, харчанд тороҷи моли муъмин куфр аст. Мардум харчанд ба ислом гаравида бо-

шад ҳам, вале тороҷ шуд, ба баҳонаи саркашӣ аз шаръу ислом ва зидди ҳукоми маҳаллӣ ба бардагӣ бурда шуд. Ин чизҳо ба мо имкон медиҳад, ки хирадро парваронем, ҳукумати додро поя бигузорем. Фақат аз ҳамин роҳ метавонем бар душмани бадавии хеш фоиқ оем. Дар асоси ислом ҷаҳонбинии хешро, ки ҳазорсолаҳо бар тавҳид асос ёфтааст, аз нав зинда созем.

Ба ҳамин қасд назди ишон омадам, ки кӯмакам намоянд, ҳар чӣ аз таъриху дониши гузаштагон аст, бароям муҳайё намоянд.

Китобдор: Амирам бо забони паҳлавӣ ва арабӣ ошноии комил доранд?

Амир Исмоил: Бобо, маро тамасхур мекунед?!

Китобдор: Забонам сӯзад, ман куҷову ҷуръати тамасхур кардани чун шуморо куҷо. Ман воқеан аз забондонии ишон огоҳӣ надорам. Барои ҳамин ҳам пурсидам.

Амир Исмоил: Паҳлавиро аз бобоям ва арабиро аз падари бузургворам омӯхтам ва дар назди устодони ин соҳа аз имтиҳон ҳам гузаштаам.

Китобдор: Дар мавқеи шумо инсон воқеан бояд донишманд бошад, хирадманд бошад. Узр мехом.Ин мадораи, ки амирам мехоҳанд, кай лозим доранд?

Амир Исмоил: Ҳозир.

Китобдор: Фурсате таъхир накарда ба хизматашон мерасонам. Ҳамин ҳозир аз дунболатон мерасам.

Амир Исмоил: Ман бо худам мегирам.

Китобдор: Заҳмат мешавад! Ман намегузорам...

Амир Исмоил: Не, шумо заҳмат накашед, уламои зиёде бо шумо сару кор доранд, интизор кардани онҳо кори хуб нест. Ман бо худ мегирам, агар зиёд бошанд ҳам, боке нест, бо худ ёвар овардаам. (*Табассум мекунад*).

Китобдор: Ман шарманда ҳастам. Э хок бар сари ман! (Аз *ҳуҷра бадар меравад ва баъд аз чанд лаҳза бо бастаи китоб бармегардад. Тамоми ин муддат амир Исмоил танҳост ва китобдорро пеши худ варақ мезанад*). Узр, амирам, узр... Ба худ ҷуръат медиҳам, ки аз шумо бипурсам. Ин ҷо уламо фақат бар ду илм фиқҳу ҳадис машғуланд. Пас чӣ тавр амирам ин масъаларо поярезӣ мекунанд?

Амир Исмоил: Фарзандони ин диёр, ки дар ҳар илме олиманд, хизмати аъроб мекунанд. Мо дар аввал заминаро барои баргашти онҳо муҳайё месозем. Дуввум, насли ди-

гареро ин чо ба воя мерасонем. Ирон ва ироний боял манзилати пештараи хешро ёбад!

Китобдор: Метарсам ки...

Амир исмоил: Аз чӣ. Бигӯед, ман тайёрам ба хама суханони шумо гӯш дихам. Бифармоед, бебокона...

Китобдор: Магар хамин хост, яъне андешаи поярезии як хукумати фаррӣ боиси барканории чаноби олӣ аз корхо нашуд? Пас чӣ сон шумо метавонед...

Амир Исмоил: Ман худам нахостам.

Китобдор: Мохият надорад, нахостед ва ё нахостанд. Ин масъала дигар барои шумо ҳамчу як хост ё ормон бокӣ мемонад, на зиёда аз ин. Зеро бо даст кашидан аз қудрат шумо худ теша ба решаи имконоти хеш задед. Барои ин тавр густохона иброз доштани андешаам аз чаноби олӣ узр мехоҳам. Шумо дигар наметавонед ва ё имконияте намеёбед, ки ба сарчашмахои хеш баргардед ва ё мардумро баргардонед.

Амир Исмоил: Пас ба фикри ишон чӣ боял кард? Чаноби олӣ рох нишон диханд.

Китобдор: Густохӣ мешавад, агар чу мане ба чаноби олӣ рох нишон дихад.

Амир Исмоил: Хохиш мекунам...

Китобдор: Шумо дар мавкее карор доред, ки мачбуред бо дӯсту душмани хеш муросо кунед. Бигузор мувакатӣ хам ки бошад.

Амир Исмоил: Шумо гуфтан мехохед, ки намебоист Бухороро тарк мекардам.

Китобдор: Оре. Бухоро барои пиёда кардани андешахои шумо чойи муносибе буд. Аввалан дар канорai каламрави хонадони Сомонӣ аст, дуввум ханӯз таассуботи фирка-гарой дар матни чомеа русух накардааст. Мухим хамин аст. Дар кишвари мо, Вароруд ба мисли дигар нукоти олами ислом таассуботи динию мазхабӣ рох наёфтааст. Дар замини он метавон хар гуна андешаро парварид.

Амир Исмоил: Ба шарте, ки аз кудрате бархурдор бошӣ. Хол он, ки ман аз хамчунин кудрате бархурдор набудам.

Китобдор: Кудрат чист? Тасаллут ёфтан бар вазъи мавчуд! Онро касе ба шумо намедихад! Шумо худатон, бо азми кавй, бо камоли фазлу акли чорасоз сохиб мешавед. Ин ба мисли чакондани як катра равган ба оби хавз аст. Кудрат талош аст, талоши пайгирона!

Амир Исмоил (*Андешааш садо медиҳад*): "Ӯ кучо медонад, ки ман аз осӣ шудан метарсам! Ва ҳар чӣ бодо бод гуфтан! Таваккул бар худо кардан!... Ҳанӯз..." (*Ба китобдор*) Сари ин масъала андеша мебояд кард.

Ӯ аз чояш мехезад ва бастаи китобҳоро бардошта, аз дар берун мешавад. Шоҳзодаи чавон Аҳмад ғарқи тамошои деворнигорахои толор аст. Китобдор онҳоро то кӯча гусел мекунад.

Амир Исмоил бо фарзандаш аз миёни кӯчабоғҳои зебову хуррам бо ҷӯйҳои оби зулол мегузаранд. Аҳмад хеле шод аст ва гирдогирди падараш мегардад ва бо шавқ сухан мекунад, онҳо бо завқ механданд.

Осмон софу бегубор аст. Нури хуршед аз хилоли шохсорони дарахтони мева медурахшад. Рӯд ором меравад. Амир Исмоил дар сояи дарахти зардолу болои сабзаҳо дароз кашидааст ва банди андеша аст. Аҳмад рӯйи регзори соҳил бо худ машғул аст. Ӯ аз рег "диж" месозад ва перомуни онро "девор" мебардорад. Дар он соҳили рӯд галаи аспон мечаранд ва барзгарон дар шолизорон машғули коранд.

Амир Исмоил: Он ҷо чӣ кор мекунӣ? Соя биё. Офтоб гарм аст, мебардорад, ин ҷо биё!

Аҳмад: Ман ин ҷо диж месозам. Диже мустаҳкам. Аз ҳамлаи душман осебнопазир. Ҳеҷ душман наметавонад онро фатҳ кунад.

Амир Исмоил аз чояш мехезад ва ба назди Аҳмад меравад.

Амир Исмоил: Чӣ дижи зебое! Бораву хандақ ҳам дорад. Бо тамоми қоида! Дарвозаҳош ку?

Аҳмад: Ин дижи мустаҳкам аст. Ҳар дижи мустаҳкам дарвоза надорад.

Амир Исмоил:Пас даромаду баромади мардум чӣ ҷур мешавад?

Аҳмад:Бо роҳҳои зеризаминӣ! Аз ин ҷо, аз ин ҷо. Ин роҳҳоро фақат душман намедонад. Боз ба мисли Ҳинги Афросиёб аст.

Амир Исмоил: Ҳинги Афросиёбро медонӣ?

Ахмад: Оре. Ҳинге рӯйин буд андар зери замин. Афросиёб аз марг хароснок, ба талаби бемаргӣ дар он паноҳ

гареро ин чо ба воя мерасонем. Ирон ва ироний боял мазилати пештараи хешро ёбад!

Китобдор: Метарсам ки...

Амир исмоил: Аз чй. Бигўед, ман тайёрам ба хама суханони шумо гўш диҳам. Бифармоед, бебокона...

Китобдор: Магар хамин хост, яъне андешаи поярезии як хукумати фаррй боиси барканории чаноби олй аз корхо нашуд? Пас чй сон шумо метавонед...

Амир Исмоил: Ман худам нахостам.

Китобдор: Мохият надорад, нахостед ва ё нахостанд. Ин масъала дигар барои шумо хамчу як хост ё ормон бокй мемонад, на зиёда аз ин. Зеро бо даст кашидан аз кудрат шумо худ теша ба решаи имконоти хеш задед. Барои ин тавр густохона иброз доштани андешаам аз чаноби олй узр мехоҳам. Шумо дигар наметавонед ва ё имконияте намеёбед, ки ба сарчашмахои хеш баргардед ва ё мардумро баргардонед.

Амир Исмоил: Пас ба фикри ишон чй боял кард? Чаноби олй рох нишон диҳанд.

Китобдор: Густохй мешавад, агар чу мане ба чаноби олй рох нишон дихад.

Амир Исмоил: Хохиш мекунам...

Китобдор: Шумо дар мавкее карор доред, ки мачбурел бо дўсту душмани хеш муросо кунед. Бигузор мувакатй хам ки бошад.

Амир Исмоил: Шумо гуфтан мехохед, ки намебоист Бухороро тарк мекардам.

Китобдор: Оре. Бухоро барои пиёда кардани андешахои шумо чойи муносибе буд. Авалан дар канорai каламрави хонадони Сомонй аст, дуввум ханўз таассуботи фиркагарой дар матни чомеа русух накардааст. Мухим хамин аст. Дар кишвари мо, Вароруд ба мисли дигар нукоти олами ислом таассуботи динию мазхабй рох наёфтааст. Дар замини он метавон хар гуна андешаро парварид.

Амир Исмоил: Ба шарте, ки аз кудрате бархурдор бошй. Хол он, ки ман аз хамчунин кудрате бархурдор набудам.

Китобдор: Кудрат чист? Тасаллут ёфтан бар вазъи мавчуд! Онро касе ба шумо намелихад! Шумо худатон, бо азми кавй, бо камоли фазлу акли чорасоз сохиб мешавед. Ин ба мисли чакондани як катра равган ба оби хавз аст. Кудрат талош аст, талоши пайгирона!

Амир Исмоил (*Андешаи садо медиҳад*): "Ӯ кучо медонад, ки ман аз осӣ шудан метарсам! Ва ҳар чӣ бодо бод гуфтан! Таваккул бар худо кардан!... Ҳанӯз..." (*Ба китобдор*) Сари ин масъала андеша мебояд кард.

Ӯ аз чояш мехезад ва бастаи китобҳоро бардошта, аз дар берун мешавад. Шоҳзодаи чавон Аҳмад ғарқи тамошои деворнигорахои толор аст. Китобдор онҳоро то кӯча гусел мекунад.

Амир Исмоил бо фарзандаш аз миёни кӯчабоғҳои зебову хуррам бо чӯйҳои оби зулол мегузаранд. Ахмад хеле шод аст ва гирдогирди падараш мегардад ва бо шавқ сухан мекунад, онҳо бо завқ механданд.

Осмон софу беғубор аст. Нури хуршед аз хилоли шохсорони дарахтони мева медурахшад. Рӯд ором меравад. Амир Исмоил дар сояи дарахти зардолу болои сабзахо дароз кашидааст ва банди андеша аст. Ахмад рӯйи регзори сохил бо худ машғул аст. Ӯ аз рег "диж" месозад ва перомуни онро "девор" мебардорад. Дар он сохили рӯд галаи аспон мечаранд ва барзгарон дар шолизорон машғули коранд.

Амир Исмоил: Он чо чӣ кор мекунӣ? Соя биё. Офтоб гарм аст, мебардорад, ин чо биё!

Аҳмад: Ман ин чо диж месозам. Диже мустаҳкам. Аз ҳамлаи душман осебнопазир. Ҳеч душман наметавонад онро фатҳ кунад.

Амир Исмоил аз чояш мехезад ва ба назди Аҳмад меравад.

Амир Исмоил: Чӣ дижи зебое! Бораву хандақ ҳам дорад. Бо тамоми қоида! Дарвозаҳош ку?

Аҳмад: Ин дижи мустаҳкам аст. Ҳар дижи мустаҳкам дарвоза надорад.

Амир Исмоил:Пас даромаду баромади мардум чӣ чур мешавад?

Ахмад:Бо роххои зеризаминӣ! Аз ин чо, аз ин чо. Ин рохҳоро факат душман намедонад. Боз ба мисли Ҳинги Афросиёб аст.

Амир Исмоил: Ҳинги Афросиёбро медонӣ?

Ахмад: Оре. Ҳинге рӯйин буд андар зери замин. Афросиёб аз марг хароснок, ба талаби бемаргӣ дар он панох

бурд.

Амир Исмоил: Пас ту ҳам мехоҳӣ аз душман ҳароснок шавӣ ва дар он паноҳ барӣ?

Аҳмад: На ҳаргиз! Ман бо душман набард мекунам.

Амир Исмоил: Барои он ки диж рӯйин шавад бояд, мардумони он силаҳшӯру паҳлавон бошанд. Он гоҳ ҳеҷ душмане наметавонад онро фатҳ кунад.

Аҳмад: Ман мехом ба мисли Рустам паҳлавон бошам.

Амир Исмоил: Бисёр хуб. Алҳол барои Рустам шудан бояд ғизо хӯрд. Рафтем, дер шуд.

Қасри шоҳ

Хочаи Бузург: Дар сарҳадоти ҷанубу ғарбии кишвар, яъне Хуросону Форс вазъият ноором аст. Яъқуби Лайс ҳамчунон ба лашкаркашиҳои хеш идома медиҳад. Ӯ баъди фатҳу Гургону Табаристон қасди Форс дорад. Аз ин рафтори Яъқуби Лайс халифа Мӯътамад розӣ нест ва ин нооромиҳо бими он дорад, ки мардуми Ирокро бар зидди халифа барангезад.

Амир Наср: Вазъи кишвари мо чун аст?

Хоҷаи Бузург: Дар қисмати шимолу шарқӣ, яъне Фарғонаву Исфиҷобу Чоч вазъият ором аст. Дар атрофи Бухоро яке аз дуздон халқеро ба худ гирд кардааст. Онҳо риндону авбошон ва айёрони рустоҳо ҳастанд ба теъдоди чаҳор ҳазор. Ва байни Ромитану Баркад роҳ мезананд. Бинобар ба хабарҳо тоза ишон қасди ғорати Бухороро ҳам дар сар доранд.

Амир Наср: Иллати ба Ироқи Аҷам лашкар кашидани Яъқуб чист?

Хоҷаи Бузург: Мегӯянд, вақте халифа аз лашкаркашии Яъқуби Лайс ба Гургону Табаристон огоҳ шуд, ба ҳоҷиён, ки аз Хуросон ба ҳаҷҷ рафта буданд, пайғом дод, ки "Мо қабл аз ин Яъқуб бинни Лайсро ба аёлати Сиистон сарфароз кардаем, акнун, ки аломати туғён аз вақаноти ҳоли ӯ зоҳир шуд, ҳукм мекунам, ки бар вай лаънат кунед". Чун ҳоҷиёни хуросонӣ беандоза аз Яъқуб метарсиданд, чараёни ҳолро ба ӯ гуфтанд. Ӯ ба Нишопур бозгашт ва барои тасхири Форс озими он минтақа шуд. Дигар ин, ки Яъқуби Лайс яке аз сардорони сипоҳи худ ба номи Муҳаммад бинни Зайдуяро ба ҳукумати Кӯҳистон фиристода буд, вале

чанде баъд ӯро узл намуд. Муҳаммад бинни Зайдуя ба ҷамъи душманони Яъқуб пайваст ва ба назди Муҳаммад бинни Восил ҳокими Форс рафт ва ӯро бар зидди Яъқуби Лайс таҳрик кард. Яъқуб ҳукумати Сиистонро ба Азҳар бинни Яҳё супурд ва барои саркӯб кардани онон озими Форс шуд. Яъқуб дар моҳи шаввол ба Форс наздик шуд ва чун ба Истахр расид, ба осонӣ бар он ҷо тасаллут ёфт. Аҳмад бинни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ бар Яъқуб осӣ шудаааст ва бими он дорад, ки дар Хуросон ошӯбе барангезад.

Амир Наср: Дар чунин вазъе бародари мо бе ҳеҷ сабаб ба Самарқанд бармегарданд, ба тадриси улуми ақлия машғул мешаванд.

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Амирам, Абоиброҳим афсурдаву ғамгинанд. Як солу як моҳ мегузарад ва ҳар рӯз ба дидори ҷаноби олӣ меоянд, вале бор намеёбанд.

Хоҷаи Бузург: Алҳол паси дар нишастаанд.

Амир Наср: Бифармоед, бо ишон дигар чӣ тавр рафтор намоем?

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Хоҳиш мекунам, амирам, агар аз ишон ҷурме ба нисбати ҷаноби олӣ содиршудааст, аз дари доду бахшиш дароед.

Абдуҷаббор бинни Ҳамза: Ишонро дигарбора ба Бухоро бифиристед.

Амир Наср: Ишон аз ин амр сар заданд ва бе ҳеҷ дастур Бухороро ба ҳоли худ гузошта ба Самарқанд баргаштанд. Ман намедонам, ки чӣ мехоҳанд.

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Ман кафолат медиҳам, ки ишон низ ҳамчунин мехоҳанд. Ва сониян дар чунин вазъ ба Бухоро рафтани Абоиброҳим зарур аст.

Амир Наср:Намефаҳмам, ин хоҳиши шумост ё Абоиброҳим?

Аҳмад бинни Нӯҳ: Хоҳиши ҳар ду тараф.

Амир Наср: Хоҷаи Бузург чӣ мефармоянд?

Хоҷаи Бузург: Ман ҳам ба ин фикр мувофикам. Барои хиттаи Бухоро аз амир Исмоил бехтар номзаде нест. Бо Бухоро рафтани амир Исмоил вазъияти он вилоят ором мегирад ва хотири шоҳам низ аз сарҳадоти шимолу ғарбии кишвар мутмаин мегардад.

Абдуҷаббор бинни Ҳамза: Фазлу камол, тадбиру дониш ва силаҳшӯрии Абоиброҳим ҳама ҷо, ки ишон ба расолате рафтаанд, намудор гардидааст.

Хоҷаи Бузург: Ҳама кори амир Исмоил Рустамона аст. Мушкилотро рӯи зарурат ҷое ба ҳусни тадбир ва ҷое бо зӯри синон ҳал кардаанд.

Амир Наср:

Меҳтарӣ гар ба коми шер-дар аст,
Шав, хатар кун, зи коми шер бичӯй!
Ё бузургию иззу неъмату ҷоҳ,
Ё чу мардон-т марг рӯёрӯй.

(*Баъд аз макси дуру дароз*): Амир Исмоилро даъват кунед.

Ҳочиб ба ҳаяҷон аз дар бадар мешавад. Ва пас аз лаҳзае бо амир Исмоил бар мегардад. Амир Наср ҳанӯз шеър мехонад:

Хуки худро гар бирезӣ бар замин,
Беҳ, ки оби рӯй резӣ дар канор...

(*ва ба истиқболи амир Исмоил меравад, ҳамдигарро огуш мегиранд. Ҳама шоду хурсанд менамоянд*).

Амир Наср қадамзанон ба сӯйи тахт ва пушт ба ҷониби ҳозирин мегӯяд:

- Мо тасмим гирифтем ва ҳамчунин дӯстон шафоъат оварданд, ки шуморо дубора ба Бухоро эъзом намоем.

Амир Исмоил: Шоҳам...

Амир Наср (*Сухани ӯро бурида маҷоли гуфтан надода ва суханашро дунбола мекунад*): Ҳар он чӣ буду гузашт, мо фаромӯш кардем. Донистан мехоҳем, ки дар ин хусус фикри ҷаноби олӣ чист? Оё ба тасмимоти мо, шафоати дӯстон мувофиқанд ё не.

Амир Исмоил (*дар баробари тахт ба зону мезанад ва замин мебӯсад*): Шоҳам... Шоҳам... Банда сари мӯ ба ризояти шоҳам хилоф накардаам, ҳатто дар пиндорам низ ба хеш иҷоза надодаам, ки хилофи ризояти ҷаноби олӣ бияндешам. Маъзурам.

Амир Наср: Ба гузаштаҳо салавот. Бархезед, зону шикастан кори озодагон нест... (*Ҳанӯз дар оҳанги сухани амир Наср нобоварӣ ва ранҷиш эҳсос мешавад*).

Амир Исмоил ҳамчунон истиробзадаву хиҷолаткашида аз ҷой мехезад ва ба шоҳ таъзим мекунад.

Амир Наср: Ин бор мо ба шумо озодиҳои зиёдтаре медиҳем. Он чунон, ки салоҳ медонед, амал мекунед. Хирочи яксолаи вилояти Бухоро панҷсадҳазор дирамро ташкил

медиҳад ва вазифаи шумо бе таъхир ба байтулмол фиристодани он аст. (*Ба Хоҷаи Бузург мурочиат намуда*) Вазъи кунунии Бухороро ба ишон бифаҳмонед ва агар дигар дастуре доред, бидиҳед.

Амир Исмоил: Ман аз авзои Бухоро ва навоҳии гирду атрофи он бохабарам.

Амир Наср: Пас одамони барои худ наздикро интихоб кунед. Ҳарчӣ тезтар, хубтар. Вазъият ҳарчӣ зудтар ба Бухоро рафтани шуморо тақозо мекунад. Шумо тасмими киро дар кадом вазифа бо худ гирифтанро кардаед?

Амир Исмоил: Бале, шоҳам.

Амир Наср: Бифармоед.

Амир Исмоил: Писарамуи бузургворам Муҳаммад бинни Нӯҳ, Исмат бинни Муҳаммади Марвазӣ, Фазл бинни Аҳмади Марвазӣ ва Абдуҷаббор бинни Ҳамзаро.

Амир Наср: Ба истисноои Муҳаммад бинни Нӯҳ ва Абдуҷаббор бинни Ҳамза ба боқӣ мувофикем. (*Ба Хоҷаи Бузург*) Маншури моро бо ин мазмун бароред: Абоиброҳимамири Бухоро, Исмат бинни Муҳаммади Марвазӣ- вазир ва Фазл бинни Аҳмади Марвазӣ -дабир. Боқӣ дар салоҳияти худи амир Исмоил аст.

Амир Наср аз тахт поён меояд, бародарро дигарбора ба оғӯш мегирад ва ҷабини ӯ мебӯсад ва дигарон амир Исмоилро ба навбат муборакбод мекунанд. Амир Наср Иброҳимро аз зери бағал гирифта, то ба назди дари баромад гусел мекунад.

Амир Наср: Амирам гумон накунанд, ки таи ин муддат фориғ аз андешаи ишон будем. Шумо ҳамеша дар дили манед. Худо ёратон бод.

Амир Исмоил: Худованд нигаҳдоратон бод, шоҳам!

Дигарон: Паноҳ ба худо!

Амир Наср бармегардад ва ба Муҳаммад бинни Нӯҳ ва Абдуҷаббор бинни Ҳамза рӯ меорад:

-Будани шумо ин ҷо назди ман заруртар аст. Ман ба фазлу ройи шумо мӯҳтоҷтар ҳастем.

Онҳо таъзим мекунанд: Мо бандаи шоҳам ҳастем.

Амир Наср: Фардо амир Исмоил ба рох мебароянд. Тадоруки сафари ишонро боид дид. Боид тамоми бузургони дарбор ва вилояти Самарқанд ба гусели амир бароид. Боид тачлили гусел пуршукӯҳ гузарад, то амирам бадгумон нараванд. Маншури моро ба ҳама вилоятҳо бифиристед, бо

замимаи огоҳкунанда аз вазъияти кишвар ва мамолики ҳамчавор.

Амир Наср ҳини сухан кардан ба назди панҷара меояд ва ба сӯйи чорбоғ менигарад. Шерҳо раҳо шудаанд. Ғуломон аз тарсу ҳарос ба ҳар тараф медаванд. Амир оҳуро мекобад, вале дар ҳеҷ кучо назараш бар он намеафтад. Ва беихтиёр андешааш ба садо дармеояд: "Шерҳо раҳо шудаанд!"

Хочаи Бузург: Шоҳам чизе гуфтан мехостанд?

Амир Наср: (*ҳаячонзада*) Шерҳо раҳо шудаанд...

Ва ғавғои рӯйи боғ ба даруни қаср русух мекунад. Ҳама ба назди панҷараҳо медаванд. Вале касе дар бехатар кардани ваҳшати шерҳо иқдоме намекунад. Қасри шоҳӣ ба изтиробу ҳарос меафтад.

Ва офтоб ғуруб мекард ва ба мисли ташти тафта сурх шуда буд.

Аъёну ашроф, бузургони давлати Сомонӣ бо саркардагии амир Наср ва амир Исмоил аз қасри шоҳӣ бадар мешаванд. Мардуми шаҳр ҳама ба гусели амир Исмоил баромадаанд. Издиҳоми ашроф аз миёни кӯчаҳои шаҳр гузошта ба дарвозаи Суғд мерасанд. Амир Наср бори дигар бо бародар хайру хуш мекунад, Абунаср Аҳмадро оғӯш гирифта мебӯсад ва сари духтари хурдсоли амир Исмоилро сила мекунад ва баъд бо дигар ҳамсафарони ӯ хайру хуш мекунад. Қофила ба рох мебарояд. Хочаи Бузург ва Абдуҷаббор бинни Ҳамза ба назди амир Наср меоянд. Амир Наср парешонхотирона ба Абдуҷаббор рӯй меоварад.

Амир Наср: Ё Абулфатҳ, ин кӯдакро, ки мо ба Бухоро ҳамефиристем, то мо аз вай чӣ хоҳем дидан?!

Абдуҷаббор: Шоҳам андеша бад макунанд, ки ӯ бандаи шумост. Шоҳам ҳар чӣ фармоянд, амир Исмоил ҳамон кунад, ҳаргиз хилоф накунад.

Амир Наср: На, чунон аст ба ҳақиқат, ки ман мегӯям.

Абдуҷаббор: Шоҳам боз чӣ ҳукм кардаанд?

Амир Наср: Андар чашмҳову шамоили вай хилофу исён ҳамебинам.

Қофилаи равандагон даруни ғубори роҳ гум мешавад. Нигоҳи амир Наср ба дунболи онҳо раҳ баста аст.

БУХОРО

Тамоми бузургона вилояти Бухоро бо саркардагии Абузакриё Яҳё, Абилҳафси Сағир ва шуртаи Бухоро Ҳусайн бинни Аъло дар даромадгоҳи Кармина интизори вуруди амир Исмоил истодаанд. Амир Исмоил бо ҳамсафаронаш намудор мешавад ва бузургони Бухоро аз аспҳо ба зер омада, пиёда ба истиқболи ӯ мераванд. Амир Исмоил бо наздик шудани пешвозгирандагон аз асп пиёда мешавад ва ба тақлид аз ӯ аҳли рикобаш низ пиёда мешаванд. Амир Исмоил аввал Абилҳафси Сағирро ба оғӯш мекашад ва баъдан бародараш Абузакриёро. Ва мобақӣ дасти амирро мебӯсанд. Онҳо чанд фосила пиёда рафта баъд ба аспҳои хеш мешинанд. Аз миёни киштзорҳо ва боғистонҳои сабзу хуррам мегузаранд ва ба Бухоро мерасанд. Аҳли Бухоро пиру ҷавон, зану духтар ба кӯчаҳо рехтаанд ва аз амир Исмоил истиқбол мекунанд. Хайли амир Исмоил дар даромади Бухоро таваққуф мекунад ва амир бо вазиру дабираш аз ҳамсафарон ҷудо шуда ба қабристон мераванд ва ду ракъат намоз гузорда боз бармегарданд.

Амир Исмоил: (*Ба Хоҷа Абилҳафс*). Кӯтоҳии гузоштаро боястӣ ислоҳ кард.

Хоҷа Абилҳафс: Фоли нек аст. Иншооллоҳ, дигар ҳама корҳо ба сомон хоҳад шуд.

Амир Исмоил: Ло амала илло биниятин, яъне ҳеҷ кирдоре арзиш надорад, магар ба ният. Ва боз аз паямбар саллиаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам аст, ки фармуд: "Ҳамоно кирдорҳо дар гарави ниятҳост. Ва ҳар кас ҳар чӣ қасд намуд, барои ӯст". Иннам-ал-аъмолу бинниёти ва ликулли амрин монаво.

Хоҷа Абилҳафс: Барои ман фазилати амирам маълум буд, вале на ба ин дарача.

Амир Исмоил: Чӣ ҷои тааҷҷуб! Сирати шоҳон ҳамчунин бошад. Магар сирати Сиёвуш камтар аз сирати Исо алайҳиссалом буд?

Хоҷа Абилҳафс: Амирам?..

Амир Исмоил: Яъне қасди ман ин набуд, ки ӯро қиёс бо пайғамбар кунам, балки мехостам, бигӯям: дар гузашта шоҳони ин сарзамин масъулияти динии мардумро низ бар дӯш доштанд. Камокон банда аз ҳукумат кардан чунин бардошт дорам.

Амир Исмоил ба сӯйи Хоҷа Абилҳафс лабханд мезанад ва қофила боз ба роҳ мебарояд. Ҳамчунон аз ҳар тараф садои дафу сурнай ва "шодбоду зинда бод"-ҳо баланд аст. Мардум ҳамчунон то даромадгоҳи қасри шоҳӣ бар амири худ зар нисор мекарданд.

Хайли Амир Исмоил дар назди қаср аз аспҳо пиёда мешаванд ва ғуломон аспонро ба истабл мебаранд. Онҳо вориди қаср мешаванд.

Абузакриё Яҳё: Аз ин гуна истиқболи мардум аз амирашон кас шод мешавад. Бухоро пазмони амири хеш шудааст.

Амир Исмоил: Не. Бухоро пазмони осоишу оромиш шудааст.

Абузакриё Яҳё: Номи амир Исмоил рамзи осоишу оромиши кишвар шудааст.

Амир Исмоил аз роҳ рафтан боз меистад ва бо тааҷҷуб ба бародараш хира мешавад.

Амир Исмоил: То фардо омилони Баркаду Ромитанро ҳозир кунед, бо қуззоташон. (*худ ба худ*) Дигар ҳар дузду айёре даъвогари тоҷу тахт шудааст. (*ба ҳама*) Дар ин кишвар ҳар касе бояд мақому мартабаи хешро шиносад.(*Ба Абузакриё*) Дар бораи вазъи кишвар маълумот тайёр кунед.(*Ба Ҳусайн бинни Аъло)* Лашкар дар чӣ вазъ аст? Чаро қодир ба таъмини осоиши мардуми кишвар нест? Вазъи сарҳадоти мамлакат чун аст?

Абилҳафс: Амирам барои бозрасӣ ба ин масоил фардо фурсат меёбанд. Ҳоло хуб мебуд, агар амирам ғубори роҳ меафшонданд.

Амир Исмоил: Магар бо чунин вазъе мешавад фароғат кард?!. (*Лаҳзае ҳама ҷоро оромии мудҳише фаро мепечад. амир Исмоил пасу пеш қадам мезанад ва боз сухан мекунад*). Таҳқиқ кунед, ки оё омилони мо бо ин дуздон ҳамдаст ҳастанд ё не? Бовар намекунам, ки онҳо бе муттакое ба чунин амале ҷуръат кунанд! (*Ба Ҳусайн бинни Аъло*). Онҳо бояд ин ҷо ҳам аз пуштибоне бархурдор бошанд. Бинобар иттилооти расида онҳо қасди Бухоро ҳам доранд.

Абузакриё: Вазъ чунон аст, ки наметавонем ба Ромитану Баркад расул бифиристем. Онҳо бар авзоъ мусаллат мебошанд.

Амир Исмоил: Пас чиро интизор будед? Оё таҳқиқ кардед, ки сабаби ин исёну шӯридагӣ чист? Бояд сабабе бо-

шад?! Вагарна роҳзаниву ғорат, дуздиву чаповал хӯйи мардуми ваҳшии саҳроист, ин хӯйи шабушкхӯрону малаххӯрон аст. Инсоф диҳед. Мо худамон ишонро ба чунин коре барангехтаем. Ҳама гуна амали зишт аз бедод сар мезанад. Мардуме, ки қарнҳои зиёд бар зидди бедод мубориза мебурд, имрӯз худаш омили бедод шудааст. Инсоф диҳед, ин фақат ба гуфтан осон аст. Бо ин вазъ намешавад муросо кард. Фардо тамоми бузургон, омилон, қуззот, олимони музофот ин ҷо ҳозир шаванд.

Хушбахтона, Яъқуби Лайс дар ғарбии кишвар даргири ҷанг аст, вагарна бе ҳеҷ заҳмат хоки ин диёрро мебехт. Ва ё омилони Хоразм аз ҳоли мо хабар надоранд.(*Ба Абуфазл бинни Аҳмад*) Аз фардо, не, аз имрӯз ба кори қуззоти вилоят расидагӣ кунед. Абуфазл бинни Ахмади Марвазиро ҳамаи шумо мешиносед. Ишон дабири мо ҳастанд. (Б*а Исмат бинни Муҳаммади Марвазӣ ишора карда*). Ишон Исмат бинни Муҳаммади Марвазӣ вазири мо ҳастанд. Аз ин баъд дар масоили умури давлатӣ ба ишон мурочиат фармоянд.

Абузакриё (*Ба Абилҳафс бо овози паст*): Амирам аз мо бадгумон шудаанд ва чунин мепиндорам, ки дигар ба мо бовар надоранд.

Абилҳафс: Ин тавр нест. Ҷанобашон ба хато бадгумон шудаанд.

Амир Исмоил хеле хастаҳолона хешро ба тахт мерасонад ва беҳолона мешинад. Ҳама хомӯшона интизори фармоишоти амир истодаанд. Амир Исмоил ба рӯйи якояк менигарад.

Амир Исмоил: Ман дигар ҳарфе надорам. Агар масъалае ҳаст, дар миён бигзоред, вагарна... хеле хаста шудаам. Ҳозирон якояк аз толор бадар мераванд. Дар назди амир Исмоил ба ҷуз Исмат ва Абулфазл дигар касе наменмонад.

Ҳавлии қалъа. Чорбоғ

Амир Ҳарас ба ғуломоне, ки рӯйи ҳавлии қалъа ба ҷунбуҷӯл машғуланд ва бори амир Исмоилро аз аробаҳо поин меоранд, чизе мефаҳмонад. Абунаср Ахмад аз назди қафаси шерони хеш дур намеравад. Абузакриё бо Абилҳафс ва Ҳусайн бинни Аъло сӯҳбаткунон аз қалъа берун меоянд. Абузакриё бо дидани Абунаср Ахмад ба назди қафасҳо

меояд.

Абузакриё: Бародарзодаи мо шергир шудаанд.

Абунаср Аҳмадро боло мебардорад, аз ҷабинаш мебӯсад ва боз ба замин мегузорад. Абилҳафс сари ӯро дастмол мекунад.

Абилҳафс: Хайра мақдам, амирзодаам, хуш омаданд, нури дида... Иншооллоҳ дигар тез-тез аз ҳамдигар дидан хоҳем кард.

Абунаср Аҳмад: Дигар устоди ман шумо хоҳед буд?

Абилҳафс: Иншооллоҳ, ишонро бо фиқҳи ҳанафӣ ошно хоҳам кард.

Абунаср Аҳмад: Ман онро фаро гирифтаам.

Ҳама шодмона механданд. Абунаср музтар мемонад ва бо ҳайрат ба онҳо менигарад.

Абилҳафс: Амирам чиро омӯхтан мехоҳанд?

Абунаср Аҳмад: Илми каломро, риёзиёту ҳандасаро, илми ҳарбро... Ҳама чизро донистан мехоҳам. Мехоҳам забони вуҳушро бифаҳмам, то донам, ки чӣ мегӯянд...

Ҳамин замон аз панҷараи қалъа овози зане баланд мешавад, ки Абунаср Аҳмадро фаро мехонд. Абунаср Аҳмад паси дарҳои қалъа нопадид мешавад.

Абилҳафс: Шоҳзода закӣ менамоянд.

Ҳусайни Аъло: Бачаае, ки дар ин синн бо шерон бозӣ мекунад, аз назари ҳақ дур наяфтодааст.

Даҳ-бист сарбоз аз қалъа бадар омада ба сӯйи дарвоза медаванд. Мардуми рӯйи ҳавлии қалъа бечавол мешаванд. Ҳусайни Аъло Амир Ҳарасро, ки ҳанӯз ба корфармоӣ машғул буд ба назди хеш мехонад. Амир Ҳарас коҳилона ба назди онҳо меояд.

Амир Ҳарас: Ишон фармоише доштанд?

Ҳусайни Аъло: Бигӯ, ки беруни дарвоза чӣ мағал аст ва сарбозон ба кучо шитоб доштанд?

Амир Ҳарос: Бозаргонони Байканд ӧмадани амирамро фаҳмида ба додхоҳӣ омадаанд.

Абилҳафс: (*Ба Ҳусайни Аъло*). Биравед, ҳоли воқеаро бифаҳмед ва аз паи чораи он бишавед. Худо накунад, амирам пеш аз мо хабар ёбанд ва табъашон, ки бе ин ҳам хира аст, боз хиратар шавад.

Ҳусайни Аъло бо шитоб сӯйи дарвозаи қалъа меравад ва Абузакриёву Абилҳафс низ аз паси ӯ.

Дах-бист нафар марде дар қабоe озода ва кулоҳи хоси бухориён, ханҷарҳо ба камар ҳамоил Ҳусайни Аълоро дар миён гирифтаанд. Овозҳо аз ҳар тараф садо медиҳанд ва Ҳусайни Аъло ишонро ором кардан мехоҳад.

Овозҳо аз издиҳом:

-Мо амир Исмоилро дидан мехоҳем.

-Дод мехоҳем.

-Корд ба устухонамон расид.

-Агар ҳукумат қудрати ҳимояти молу мулки моро надорад, пас ба худи мо иҷозат диҳад, ки аз худҳомон ҳимоят кунем.

Ҳусайни Аъло: Калонтари шумо кист? Бигузор ӯ ҳоли шуморо арза дорад. Бокӣ ба хонаҳои хеш баргардида.

Овоз аз издиҳом: То ба арзи мо расидагӣ нашавад. барнамегардем.

Ҳусайни Аъло: Амирам ҳамаи шуморо бор дода наметавонанд. Аз байни худ калонтаронро интихоб кунед, то ӯ аз шумо намояндагӣ кунад.

Овозҳо аз издиҳом: Абуҷаъфари Солор, Буҷаъфари Солор. Буҷаъфари Солор.

Ҳусайни Аъло: Хоҳиш мекунам, дигарҳотон ба манзилҳои хеш баргардед.

Касе аз ҷояш намеҷунбад.

Ҳусайни Аъло: Шумо ба оромиши шаҳр латма мезанед. Ба деҳҳои хеш баргардед.

Овоз аз издиҳом:

-Мо аз ин фиребҳоро бисёр хурдаем.

- То Амири Одил ба додамон нарасад, ба ҷое намеравем.

Абилҳафс ба назди Ҳусайни Аъло меравад ва дар гӯшаш чизе мегӯяд.

Ҳусайни Аъло: Буҷаъфар бо ман биёяд.

Онҳо даруи мераванд. Абузакриё мушаввашхотирона ба Абилҳафс эътибор надода аз паси Аъло ба қаср медарояд.

Шаб. Андаруни Қалъа

Дахлезҳои дарозу нимравшани қалъа хилват аст. Танҳо ду шербачае, ки имрӯз аз Самарқанд бо хайли амир Исмоил ба Бухоро оварда буданд, даруни қалъа ҳокими мутлақ

буданд. Шербачагони бадҳайбат андар дахлезҳои пурпечу хаму бешумори қалъа гашту гузор мекарданд ва хоби роҳати сокинони онро посбонӣ менамуданд.

Шабистони амир Исмоилро шамъе нимравшан кардааст ва ӯ болои тахти хоб нолишкунон аз паҳлӯе ба паҳлӯ мегардад. Амир Исмоил хоб мебинад: Чаҳор ҳазор нафар озодагони Самарқанду Бухоро дар либоси ашрофӣ дар иҳотаи сарбозони араб дар дили Регистон роҳ мепаймоянд. Онҳо хеле хастаанд ва ғубори меҳнати сангин бар чеҳраҳояшон нишаста. Аз паси онҳо қосиди бухорхудот Тугшода ба талаби ишон меояд.

Сарбози араб: Аз ҷониби Бухоро шахсе меояд.

Зайёд: Бигзор биёяд.

Қосиди бухорхудот ба назди гаравгонон мерасад ва аз асп пиёда мешавад.

Қосид: Сардори аъроб кучост?

Онҳо Зайёдро ба ӯ нишон медиҳанд. Қосид ба назди меравад ва номаи бухорхудотро месупорад. Зайёд беэътиноёна онро кушода мехонад ва ба сӯе мепартояд. Номаро бод мебарад.

Зайёд: Баргард ва ба бухорхудот бирасон, ки мо то ба Марв нарасем, гаравгононро барнагардонем.

Қосид меравад. Зайёд чанд сарбози хешро ба наздаш даъват мекунад.

Зайёд: Либосҳои фохираро аз тани онҳо бадар кунед ва ҳангоми ба он соҳил гузаштан бар ишон либосҳои дағали пашмина бипӯшонед ва дар дасту пояшон банд занед. Саркашонро бераҳмона ҷазо диҳед. Ҳама чизи онҳо ғанимати шумост.

Сарбозони араб озодагонро даста-даста мекунанд ва ба ин васила онҳоро байни худ тақсим мекунанд. Сарбозон гурӯҳеро ба соҳил меоваранд.

Сарбоз: Либосҳоятонро бадар кунед.

Асирон дили нохоҳам либосҳои фохири худро аз тан бадар мекунанд ва чанд аъробии дигар дасту поҳои ишонро мебандад.

Сарбози аввал: Шино кунед.

Чанд аъробии дигар сӯи заврақе медаванд ва бар он мешинонанд.

Озодае: Мо бо дасту пои баста шино кардан наметавонем.

Сарбоз: Завракҳо аз барои аъробанд. Шумо худхотон бояд гузаред.

Озодмардон эътироз мекунанд. Сарбоз ба назди Зайёд меравад.

Сарбоз: Онҳо шино карда наметавонанд.

Зайёд: Ёд мегиранд. Ба онҳо бифаҳмонед, ки дигар бояд ба сахтиҳо одат кунанд. Зуд бошед.

Сарбоз бармегардад ва асиронро мачбур бо зарбаи шалок ба рӯдхона мепартояд. Якеро об мебарад ва дигаре ғарқ мешавад ва иддаи ками гаравгон ба сохил мебарояд. Сарбоз боз ба назди Зайёд меояд.

Сарбоз: Агар ба ин минвол амал кунем, аз онҳо касе бокӣ намемонад.

Зайёд: Онҳоро ба ресмоне аз паси завракҳо бибандед ва он сохил кашед. (*Худ ба худ*). "Онҳо барои ба биҳишт табдил додани саҳроҳои араб зинда лозиманд". Ҳой Салм, бехтар аст онҳоро бо завракҳо бигзаронед, то ғарқ нашаванд. Зуд бошед!

Аъроб ба минволи пештара амал менамоянд, аз асирон либосҳояшонро бадар мекунанд. Асирон эътироз мекунанд. Марди баландболову тануманде аз миёни асирон чудо шуда назди сарбоз меояд.

Марди бухорӣ: Модом, ки бо завракхо мегузаронед, либос кашидан барои чист?

Аъробӣ: Барои он, ки агар заврак чапа шавад, либосат хадар наравад (*механдад*).

Марди бухорӣ: Мо асир нестем, ки чунин рафтор намоед.

Аъробӣ: Мо ба Арабистон начибзодагонро мебарем (*механдад*). Зуд бош, либосатро бадар кун!

Дигарон низ эътироз мекунанд. Аъробӣ бо тозиёна бар сари марди бухорӣ мезанад. Ӯ ба аъробӣ хучум меоварад ва сарбозони араб ӯро аз по дар меоваранд. Мағал мехезад. Зайёд ба сохил назди ишон меояд.

Зайёд: Чӣ гап? Ин чӣ магал аст?!

Аъробӣ: Ҷаноби олӣ (*бо тамасхур*) мефармоянд, ки ишон асир нестанд ва чунин рафтор дар хаккашон шоиста нест.

Зайёд: Ишон дуруст мегӯянд. Онҳо асир нестанд, балки ганиматанд (*Аъроб механдад*). Ғанимати чиҳод! Ин сагро зинда ба зинда ғарк кунед, бошад, ки мохиҳои худованд рӯзии хеш ёбанд.

Аъробие чанд марди бухориро бо хорӣ ба дасту пояш санг баста ба рӯд мепартоянд. Марди дигаре аз миёни асирон сар мекашад:

-Шумо хилофи таааҳҳуди хеш амал мекунед. Мо асир нестем ё ганимат. Мо озодагонем, ки ба гарав гирифта шудаем.

Зайёд (*механдад*): Бо ҳар, ки ба тақдираш тан дар медиҳад, чунин рафтор хоҳад шуд.

Мардум мешӯранд. Миёни озодагону аъроб ҷанг дар мегирад. Ҷанги силоҳдорон бо мардуми бесилоҳ. Сарбозони араб бераҳмона шӯришро пахш мекунанд. Соҳили дарё аз хуни бегуноҳи озодмардон гулгун мешавад. Сурхии шафақ бар рӯйи оби рӯд месечад ва дарёро хунолуд месозад. Ва мардони асил ба дарё ғарқ мешаванд ва мурдаҳояшон дар соҳили дарё бесоҳиб мемонад. Ва аз дурҳо садои каргасҳову мурдорхорҳо ба гӯш мерасад.

Ва амир Исмоил ба дарёи хунолуд ғарқ мешавад.

Ва зане бо фарёди ҷонгудозе аз паси асирон медавад. Бол мӯю пероҳанашро парешон мекунад.

Ва марде, паҳлавоне бо шамшери охта аз даруни оби ғализу хунолуди рӯдхона сар мекашад. Ва шамшери ӯ чун зоиқае дар осмони тираву абролуд медурахшад.

Ва овозе чун тундар уфуқҳоро меларзонад:

- Ку Рустаме?!!

Амир Исмоил такон мехурад, ба талвоса бедор мешавад ва ба шаст аз ҷояш парида мехезад. Араки хунуне баданашро тар карда буд. Ва тахтапушташ аз дард месӯхт. Ва аз шақиқааш хун метаровид. Ва панҷаҳои дасту пояш карахт буд. Шаҳбону ҳам бедор мешавад ва авзои амир Исмоилро дида ба ваҳшат меафтад.

Шаҳбону: Амирам!... Худовандо! Ин чӣ ҳол аст?!!

Амир Исмоил: Бонуи ман, ором шавед, гӯё ман хоб дидаам... Оре, хоб дидаам...

Шаҳбону ба назди Исмоил меояд ва аз ду дастони ӯ мегирад ва боз ваҳшаташ меафзояд.

Шаҳбону: Хок бар сари ман, чӣ хобе?! Аз чаккаҳои шоҳам хун меравад? Дастҳояшон сард аст?! Ин чӣ пай аст? Худоё!

Шаҳбону пайи хундамидаи дастони амир Исмоилро мемолад. Амир ба дард нолиш мекунад.

Амир Исмоил: Бонуи азиз, ором шавед...

Дастҳояшро аз қабати панҷаҳои нарми Шаҳбону раҳо карда ба сӯйи панҷараҳо бармегардад. Пушти куртаи шоҳ дарида буд ва гулгун шуда. Амир пардаҳоро ба як сӯ мекашад. Ҳанӯз шаб аст.

Шаҳбону: Худовандо, ин чӣ ҳол аст?! (*Мехоҳад фарёд занад, вале шоҳ ба суръат баргашта даҳони ӯро медорад*).

Амир Исмоил: Шаҳбону, ором шавед, ман фақат хоб дидаам... Дигар ҳеҷ... Ман ҳам чизеро дар намеёбам.

Паси дари шабистони шоҳ садои ғуриши шерон меояд. Амир Исмоил Шаҳбонуро ба рӯйи тахт мехобонад, рӯяшро бо рӯпуши барешими мепӯшонад.

Амир Исмоил: Ором шавед... Ман худам ҳам чизеро дар намеёбам... Тоза боят шуд...

Паси даре ғайб мезанад ва пас аз лаҳзае бо сару рӯйи тоза ва либоси ивазшуда пайдо мешавад. Шаҳбону ба андеша фурӯ рафтааст. Амир Исмоил ҷойнамозашро паҳн карда ба намоз меистад.

Субҳ медамад. Садои рафтуомади ғуломон шунида мешавад. Амир Исмоил ҷойнамозашро ҷамъ карда ба назди Шаҳбону меояд. Ҳанӯз ранг дар рӯяш нест.

Шаҳбону: Бемор шудаед? Табиброро даъват боят кард.

Амир Исмоил: Бону беташвиш бошанд. Ман бемор нестам.

Шаҳбону: Ранг дар рӯятон нест. Боз хоби асароромези шабона...

Амир Исмоил: Ин бори аввал нест, ки ман чунин хоб мебинам... Пеш аз ҳар иқдоме ё тасмиме чунин ҳолат ба ман рух медиҳад. Намедонам, ки ин ҳолати беморист ё илҳоми ғайбӣ. Дар ҳар сурат хуб мебуд, агар онро Шаҳбонуи азиз фаромӯш мекарданд.

Шаҳбону ҳайратзада ба амир Исмоил хира мешавад. Фарзандон аз хоб хестаанду ба саломи падару модар омаданд.

Боргоҳи шоҳ

Аъёну ашрофи Бухоро ҳама ҷамъ омадаанд. Ҳочиб ба боргоҳ ворид шуда ҷор мезанад:

- Амир Исмоил меоянд.

Ҳозирон ҳама аз ҷой мехезанд ва мунтазири вуруди амир

Исмоил мешаванд. Амир Исмоил пас аз лаҳзае бо вазиру дабири хеш вориди боргоҳ мешавад. Ҳозирон бар ӯ таъзим меоранд. Амир Исмоил аз байни сафи онҳо гузашта назди тахт меравад ва ба тарафи ҳозирон мегардад.

Амир Исмоил: Лутфи шумост, ки даъвати моро иҷобат кардед. Бифармоед, ҷанобон!

Амир Исмоил ба тахт мешинад ва дигарон аз ӯ пайравӣ мекунанд.

Амир Исмоил: Сабаби ба боргоҳ даъват шудани деҳқонони арҷманд, гумон мекунам, ки ба ҳама маълум аст. Вале маро фақат як чиз ба ташвиш овардааст. Наход деҳқонзодагони ин марзу бум анъанаҳои аҷдодии хешро фаромӯш карда бошанд? Агар чунин намебуд, ҳеҷ гоҳ чанд дузду роҳзане ҷуръат намекард дар ин сарзамин даст ба ғорату чаповал бизанад, осоишу оромии мардумро муғаннас созад. Ман аз худ мепурсам: чӣ омиле онҳоро ба чунин амале водоштааст? Ва деҳқонони мо дар баробари онҳо оҷиз мондаанд? Ё гуноҳ дар аъмоли омилони мост ва ё сохторҳои ҷомеаи мо таҷзия шудаанд? Ва набудани мо... Ман фаҳмидан мехоҳам. Наметавон бо чунин вазъе дар вилоят ҳукмфармост, муросо кард. Бигӯед, иллит чист? (*Ҳама хомӯшанд*). Иллат аз ду беш нест: ё шумо бо онҳо ҳамдастед ва ё аз ишон оҷиз омадаед?

Ҳусайни Аъло: Деҳқонони Ромитан ҳаминҷо ҳузур доранд. Аз ишон хоҳиш мекунем, ки қазияро барои амирам шарҳ диҳанд.

Амир Исмоил: Бифармоед.

Деҳқони ромитанӣ: Умри амирам дароз ва давлаташон поянда бод. "Раият беадаб гаштаанд ва аз бисёрии адл далер гардидаанд". Ва натиҷааш ин аст, ки чанд раҳзане мардумро гирди худ ҷамъ оварда, ба ғорати моли мардум даст задаанд.

Амир Исмоил: Ҷаро сари вақт хуручи онҳоро безарар накардед?

Деҳқони ромитанӣ: Давлати амирам поянда бод, кӯшидем, вале аз бисёрии эшон натавонистем бар онҳо фоиқ оем. Онҳо ғанимати ба дастовардаи хешро байни мардум тақсим мекунанд ва ба ин восита онҳоро ба худ ҷалб менамоянд. Қазия чунон аст, ки мардум аз аъмоли онҳо розиянд.

Амир Исмоил: Ҳм... Соҳибшуртаи Бухоро чаро иқдоме

накарданд?

Ҳусайни Аъло: Амирам, мо мунтазири...

Амир Исмоил (*сухани ӯро бурида*): Мунтазир будед, ки онҳо дар саросари вилоят хуруҷ кунанд? Ё амири Бухоро хабар надоштанд?

Абузакриё: Амирам, хабар доштем, вале...

Амир Исмоил: Вале чӣ?

Абузакриё: Онро чиддӣ нагирифтем, бузург шуд.

Амир Исмоил: Оташ, ки ба ҷангал уфтод, хурдиву бузургӣ надорад... Имрӯз дар саросари кишвари ислом хуруҷи Яъқуби Лайси Саффорӣ тамоми дуздону айёронро гӯш ба кимор кардааст. Пешрафтҳои ҷангии ӯ ишонро далер кардааст. Натиҷааш Баркаду Ромитан ва Хоразм аст... Лашкари кишвар аз бекориву таносой заиф. Мардуми кишвар ба умеди ҳукумат бепарво. Рӯҳи силаҳшӯрии мардум мурда. Дар чунин вазъе чӣ бояд кард? (*Ҳама хомӯшанд*). Бифармоед... Дигар анъанаи гузаштагонанро бояд зинда кард. Ҳар фарди кишвари мо бояд сарбоз бошад. Деҳқонони арҷманд, ин вазифаи шумост, ки раияти хешро ҳамеша ва дар ҳама ҳолат омодаи ҳимояти манфиатҳои кишвар гардонед. Ин рӯҳ дар дилу ҷигари мардуми мо бояд дар аз нав зинда гардонда шавад. Аз имрӯз ба ин кор иқдом бояд кард. Фардо ҳар деҳқоне бо дусад сарбози хеш ба ҷанг меравад. Ҳамаи қуввахоро Ҳусайн бинни Аъло рохбарӣ мекунад. Ҳарчӣ тезтар пеши рохи ин балво гирифта шавад! Дуздиву горату чаповал сирати мардуми мо нест. Лашкари мо ифодагари сирати мардуми мост. Дар хабар аст, ки" ҳар кирро рӯзи қиёмат ҳозир кунанд аз касоне, ки ишонро бар халқ дастеву фармоне буда бошад, дастҳояш баста бошанд. Агар одил бошад, адлаш дастҳои ӯ кушода кунад ва ба бихишт расонад ва агар золим бошад ҳамчунон баста ба гӯлхо ба дӯзах афгананд".

Ва ҳам дар хабар аст, ки "рӯзи қиёмат ҳар касеро, ки бар касе фармон буда бошад дар ин ҷаҳон, то бар мукимони сарой ва зердастони хеш ӯро аз он суол кунанд ва шӯбоне, ки гӯсфандон нигах дошта бошад, чавоб аз ӯ бихоҳанд". Валлоҳу аълам.

Чорбоғи қаср

Амир Исмоил бо дабири дарбор гардиш мекунанд.

Дабир: Ин чорбоғ хуш аст, вале ғизоле надорад.

Амир Исмоил: Дар воқеъ чорбоғи хуш аст.Чаро деҳқонон хомӯш буданд.

Дабир: Чӣ ҳам мегуфтанд? Ба гуноҳони худ иқрор буданд.

Амир Исмоил: Ин рафтор ба ман маъқул нест (*андеша-мандона*). Ғафлат давлатро бибарад...

Дабир: Дуруст аст. Ғафлати амир ва хиёнати вазир подшоҳӣ бибарад.

Амир Исмоил: Ба ҳар деҳе мо бояд одами худро дошта бошем.

Дабир: Ва ё омилони хешро бигзорем...

Амир Исмоил: Ҳанӯз барвақт аст... Бар мо хоҳанд шӯрид. Мо омадаем, ки дод кунем... Ман умедвор будам, ки Абуабдулло бинни Абилҳафс ахбори гузаштагонро дар қазияи Юсуф ба ҳозирон мегӯяд, вале ӯ ҳам хомӯш буд.

Дабир: Қиссаи марги Юсуф?

Амир Исмоил: Бале. Вақте Юсуф алайҳиссалом аз олам гузашт, хостанд ӯро ба наздики Иброҳими Халлилуллоҳ ба хок супоранд. Ҷабраил омаду гуфт: "Ӯро ҳамин ҷой бидоред, ки он ҷои ӯ нест,ӯро ҷавоби мулке бояд додан ба қиёмат". Чун ҳоли Юсуфи пайғамбар чунин бувад, вой бар мо!

Амир Исмоил бо Дабир ба интиҳои боғ нарасида бармегарданд. Ҳоҷиб бо Абилҳафс вориди қаср мешаванд.

Шабистони амир

Абилҳафс бо Ҳоҷиб вориди шабистон мешаванд. Шаҳбону паси парда нишастааст. Ҳоҷиб ба сӯйи парда таъзим карда баромада меравад.

Абулҳафс: Дуруд ба Шаҳбону.

Шаҳбону: Узр мехом, ки фақеҳи бузургро аз мутолиотташон канда кардам.

Абулҳафс: Гӯш ба фармонам. Шаҳбону мушкилоте доштанд?

Шаҳбону: Дишаб амир маро ба ташвиш оварданд, ва маҷбур шудам бо шумо дар ин бора маслиҳат кунам. Вале хоҳиш мекардам, сухан аз ин ҷо бадар наравад.

Абилҳафс: Итоат, гӯш ба фармонам, бифармоянд.

Шаҳбону: Дишаб амирам хоб медиданд, гумон мекунам, кобусе буд. Асорат аш дар ҷисми шоҳам зуҳур карда буд.

Абилҳафс: Ҳеҷ намефаҳмам, чӣ тавр асорат аш бар ҷисми шоҳам зоҳир шуда буд?

Шаҳбону: Аз шақиқаҳои амирам хун мерафт ва каллаи дастонашон пайи банд дошт ва аз зарбаи тозиёне душашашон даридаву хунчакон буд.

Абилҳафс: Фоли нек. Натиҷаи тақвову адл асту ростӣ!

Шаҳбону: Маро возеҳ бифаҳмонед.

Абилҳафс: Амирам **муҳаддас** мебошанд. Ин ҳолест, ки фақат ба авлиёулло рух медиҳад.

Шаҳбону: Яъне, муҳаддас чӣ?!

Абилҳафс: Касеро муҳаддас мегӯянд, ки малоика дар ботини қалбаш бо ӯ сухан мегӯянд ва шиноҳту маърифати ашёро бароят илҳом менамоянд. Гоҳо садои онҳоро, яъне малакро мешунавад, агарчӣ ӯро намебинад.

Шаҳбону: Ман ҳеҷ намефаҳмам...

Абилҳафс: Шаҳбону дил танг медоранд, ки ин сифоти хуби замири амирам аст, фоли нек аст.

Шаҳбонӯ: Таъсири иртиботи малоик бар тани муҳаддас зоҳиршаванда аст?

Абилҳафс: Ин ҳодисаи нодир аст.

Шаҳбонӯ: Ба табиб эҳтиёҷ надорад?

Абилҳафс: Не.

Шаҳбону: Шунидам, ки интихоби омӯзгоронро барои фарзандонамон бар зиммаи шумо гузоштаанд. Мехостам пеш аз шурӯъи корашон бо ишон сӯҳбат кунам ва пешакӣ донам, ки оиҳо кистанд.

Абилҳафс: Ба чашм.

Шаҳбону: Боиси сарфарозии мо мебуд, агар таълими фиқҳу ҳадисро ҷанобашон бар ӯҳдаи хеш мегирифтанд.

Абилҳафс: Мо шарафи худ мешуморем.

Шаҳбону:Лутфи шумо беандоза аст. Дигар хохиш мекардем, бонуи азиз гоҳ аз гоҳ ба дарбор биёянд. Мо алҳол ин ҷо касеро намешиносем.

Абилҳафс:Ба чашм.

Дарбор

Амир Исмоил бо чеҳраи ғамангез болои тахт нишаста-

аст. Бузургони Бухоро ба по истодаанд.

Амир Исмоил (*Худ ба худ*): Ҳанӯз фитнае фурӯ нанишаста, дигараш оғоз мегардад. (ба ҳама). Дирӯз аз Омуя хабар расид, ки Ҳусайн бинни Тоҳир бо ду ҳазор марди ҷангӣ ба соҳили Ому расидааст ва қасди Бухоро дорад. (*Ба Ҳусайни Аъло*). Лашкар дар чӣ вазъ аст? Умедворам, онҳо ҳанӯз ба хонаҳои хеш мурочиат накардаанд.

Ҳусайни Аъло (*Заминро бӯсида*): Ду ҳазор сарбозе, ки ба саркубии дуздон гирд омада буд, ҳанӯз дар Бухорост ва интизори фармон мебошад.

Амир Исмоил: Алҳол дуздонро ба зиндонҳо фиристед. Баъди фароғат ёфтан аз Ҳусайни Тоҳир ба қазовати онҳо хоҳем расид. Шоистагии ҷангии лашкар чӣ тавр аст?

Ҳусайни Аъло: Хуб аст, амирам, вале силоҳ кифоят намекунад. Агар маҳорати ҷангии беназире, ки сарбозон аз худ нишон доданд, намебуд, ба якинбар дуздон фоиқ намеомадем.

Амир Исмоил (*Ба Абузакриё менигарад. Ӯ сар ба зер меорад*). Деҳқонони азизи мо то ба ҳол чӣ гумон кардаанд? Ҳусайни Тоҳир бори аввал Бухороро ба хоку хун кашид, мардум байтулмолро ғорат карданд ва дуруст аст, ки аксари ишон аз он ҳисоб имрӯз тавонгар шудаанд. Магар ин дарси ибрат набуд, ки бар қудрати ҷангии лашкар бияфзоем? Ин бепарвой ва заъфи лашкардорӣ буд, ки дуздон андаруни кишвар хуруҷ карданд... Оё косибони мо қодир ба тайёр кардани силоҳ ҳастанд? Агар ҳастанд , дар чӣ муддате аз анҷоми ин кор мебароянд?

Ҳусайни Аъло: Косибони мо метавонанд лашкарро бо беҳтарин силоҳ таъмин намоянд, вале мо пули бозпардохти онро надорем.

Амир Исмоил: Ман умедворам, то қувват гирифтани давлат, бузургони мо, деҳқонон ин вазифаро худ ба дӯш мегиранд. Ақаллан сипоҳиёни хешро бо лавозимоти ҷангӣ таъмин менамоянд. Фурсат хеле танг аст. (*Ба Ҳусайни Аъло*). Лашкарро омода кунед, ман онро дидан мехоҳам. (*Ҳусайни Аъло аз боргоҳ баромада меравад.*) Ҷанобон майл доранд, бо ман ҳамроҳ шаванд?

Майдони қаср

Амир Исмоил бо деҳқонони Бухоро аз пеши аскарон

мегузарад. Қисми зиёди лашкарро пиёданизом ташкил медиҳад. Силоҳи онҳо бештар аз найза иборат аст. Каме аз онҳо сипару ҷавшану шамшеру камон доранд.

Амир Исмоил ҳангоми аз зинаҳо боло рафтан ба мулозимони атрофаш мегӯяд.

Амир Исмоил: Вароруд макони беҳтарин аспҳои фарғоний асту мо пиёда. Устурҳоро аз истаблҳо берун ored. Ҳар деҳқоне бояд сарбозони хешро ҳарчӣ зудтар бо силоҳу устур таъмин намояд. Мо фардо ба роҳ мебароем. То ба сохили Ому расидан масофат чанд аст?

Ҳусайни Аълo: Дурӯза рох, амирам.

Амир Исмоил: Оё мо метавонем пеши рохи Ҳусайни Тохирро бигирем, нагузорем, ки аз дарё бигзарад?

Ҳусайни Аълo: Марзбонони мо он чо ҳастанд ва аз Байканд ба ишон мадад мерасад. Ҳусайни Тоҳир бо сарбозонаш ҳоло дар Омуя аст. То он фурсат мо ҳам мерасем.

Амир Исмоил: Чӣ хушбоварие! Шумо инчо аз кучо медонед, ки марзбонон муқовимат мекунанд ё не ва ё аз Байканд ба онҳо мадад мерасад ё не?!

Ҳусайни Аълo: Мо дирӯз расул фиристодем. Марзро сарбозони фарғонӣ ҳимоят мекунанд, дар ҷангҳо варзидаанд. Дар Байканд қисме аз сарбозони истаравшанӣ ҳастанд. Онҳо низ имрӯз барои ҳаракат кардан маъмурият мегиранд.

Амир Исмоил: Фардо, сапедадам ба рох мебароем.

Амир Исмоил бо вазирону дабирон ва ашрофиёни шахри Бухоро вориди қаср мешаванд. Деҳқонон ва Ҳусайни Аълo назди сарбозон мераванд. Майдони қаср ба такопӯ медароянд. Деҳқонон ба сарбозони хеш фармоишот мединанд. Ҳусайни Аълo бо чанд нафар аз саркардагони лашкар.

Ҳусайни Аълo: Агар то субҳ сарбозонро бо аспҳо таъмин намоем ҳам, фурсати машқ додани онҳоро намеёбем.

Саркардае: Онҳо худро дар ҷанги зидди дуздон хеле хуб нишон доданд. Бо шамшеру найза хуб мечанганд. Ораишҳо низ зиёданд.

Ҳусайни Аълo: Дузд марди ҷангӣ нест Худо доносту гавоно! Тайёрии фардоро бинед: ҳеҷ чизу ҳеҷ кор набояд фаромӯш шавад. Худо нигаҳдор.

Ба сӯи қаср мераванд.

Амир Исмоил: Аз язак хабаре нест?

Ҳусайни Аъло: То баргашти он аз соҳили Ҷайҳун мо ба Фароб мерасем.

Амир Исмоил: Аз Фароб то ба Ҷайҳун чанд фарсанг аст?

Ҳусайни Аъло: Як фарсанг.

Амир Исмоил: Пойкоронро бифиристед, беруни Фароб чодар зананд. Мо ҳамон ҷо қароргоҳ месозем.

Ҳусайни Аъло: Ба чашм.

Аспашро гардонда муқобили масир ҳаракат медиҳад.

Амир Исмоил: Ба афсарон бифармоед, баъди фуруд омадан ба қароргоҳ дар хаймаи ман ҳозир шаванд.

Абузакриё: Ба чашм.

САМАРҚАНД

Қасри шоҳ

Тамоми бузургони Самарқанд ба боргоҳ даъват шудаанд. Наср бинни Аҳмад бар тахт нишаста. Хоҷаи Бузург ахбор медиҳад.

Амир Наср: Аз Бухоро чӣ хабар?

Хоҷаи Бузург: Амир Исмоил дасти роҳзанонро кӯтоҳ карда, сари роҳбарашонро ба дарвозаи Регистон овехта, муттафиқонашро ба зиндон андохта, мардуми Бухороро аз шарри ишон эмин сохтаанд. Дирӯз хабар расид, ки омили Хоразм Ҳусайни Тоҳир бо ду ҳазор сарбоз қасди Бухоро кардааст. Ва Амир Исмоил бо лашкари хеш ба ҷанги ӯ рафтаанд.

Наср бинни Аҳмад: Яъқуби Лайс маншури ҳукумати Хуросон, Табаристон, Гургон, Форс, Кирмон ва Синдро аз амиралмуъминин Муътамад дарёфт намудааст. Мо низ бояд ба назди ӯ сафире бифиристем. Номаро ба порсӣ нигоред. Аз арабӣ хушаш намеояд.

Хоҷаи Бузург: Шоирон дар даргоҳи ӯ ба порсии дарӣ шеър мегӯянд.

Наср бинни Аҳмад: Забони порсӣ ҳеҷ гоҳ дар кишвари мо қатъ нагаштааст. Магар мардуми мо набуд, ки ба забони модарии худаш намоз хонданро ба гардан гирифт ва Қуръонро ба порсӣ гардонданд

Самарқанди қандманд,

Бо зинат кӣ афканд.
Аз Чоч то беҳӣ ,
Ҳамеша та хуҳӣ.

Дар кишвари мо ин иддао дурӯғ аст, ки баъди ба сари қудрат омадани ҳокимони бумӣ, гӯё шеъри порсӣ оғоз мешавад. Фарҳанг и мо ҳеч гах ва дар ҳеч замоне аз ре-шаҳои хеш бурида нашудааст ва қудрате ҳам нест, ки онро бибурад. Ин қазия фақат ба қисмати ғарбии сарзамини Ирон сидқ мекунад. Бино ба ҳадисе, ки Ҳазифа бинни Ямон аз қавли пайғамбар меорад, "Самарқанд чашмае аз чаш-маҳои бихишт аст ва гӯре аз гӯрҳои пайғамбарон" ин ҷост. Пайғамбари мо Зардуҳишт аз ин хоку бум бархоставу мар-думро ба парастиши худои ягона хидоят намудааст. Мар-думи мо ин ифтихорро то дунё бокист, бо худ хоҳанд дошт. Ҳамеша Хуросон маркази Иронзамин будааст. Сарзами-не, ки ҳамеша бо бузургмардонаш, забармардони бо но-мусу нангаш боланда бар ҳама ҷаҳон будааст. Ҳадисҳо дар ои маврид хеле бисёр аст...

Аз Хуталон омазеҳ,
Ба рӯ табоҳ омазеҳ.
Овар боз омазеҳ,
Бедил фароз омазеҳ...

ФАРОБ

Хиргоҳи амир Исмоил

Амир Исмоил:
Меҳтарӣ гар ба коми шер-дар аст,
Рав хатар кун, зи коми шер бичӯй!
Ё бузургию иззу неъмату ҷох,
Ё чу мардон-т марг рӯёрӯй.

Бузургтарин рохбар касест, ки бо тавоноии хираду хуши сариҳор мардумонашро ба сарзамини Осоишу оромиш бирасонад. Сарзамини мо шолуда ба хамин сифот аст. Дигар хар чӯпоне орзӯи онро мекунад, ки гӯсфандонашро дар он бичаронад. Чаро? Зеро дирафши сулҳи мо зард шудааст. Доим ва гох аз гох аз ин ба баъд бар мо зарур аст, ки онро сурх кунем. Дарего, мо мори ханҷарро бо

хуни хеш сурх месозем. Ин амал аз мо шоиста нест, вале зарурат тақозо мекунад, осоишу оромиши кишвар тақозо мекунад, ки ба чунин амали зиште даст занем. Ҳол он, ки мебоист бо ҳамин пархош шамшерҳои худро бар ҷигари бегонагон рангин мекардем. Вале ин тавр нашуд. Онҳое, ки раъйи маро хато мепиндоранд, мухторанд. Ман фақа барои касоне, ки ҳамроҳу ҳаммаслаки ман ҳастанд, Қонун мебошам. Яъне чӣ? Онҳо бояд бозуҳои тавоно ва пойҳои чолок дошта бошанд ва дар ҳама ҳолат- ҷангу ҷашн яксон башшошу кушодарӯй, аз яъсу навмедӣ безор бошанд. Он гоҳ аст, ки бехтарини ҳама чизҳо ба онҳо тааллуқ хоҳад гирифт ва агар инҳо ба ишон дода нашавад, бо зӯр хоҳем гирифт. Ва сарбози мо бояд бошаҳомат бошад. Ва шаҳоматро касе дорад, ки тарсро мешиносад, вале онро мағлуб месозад, укобвор аз болои вартаҳои ҳоил парвоз мекунад. Агар рӯҳи сарбози мо чунин бахшанда нест, кишварро бӯйи фасод бугӣ мекунад ва тифлон нокис ба олам хоҳанд омад. Худовандо моро аз ин бадбахтӣ начот диҳад! (*Андешааш садо медиҳад*): “**Ту бояд сулхро ба унвони василаи ҷангҳои нав дӯст бидорӣ**”...

Як ҷанги хуб ҳар сабаберо муқаддас месозад. Аз ин баъд бояд тирҳои ораши ба фаросӯи марзҳо партоб шаванд!... Ҳанӯз, ки башар дар ҳолати **будан** мондаасту ҳадафашро наёфтааст, бояд мо хамчунон кунем.

Афсаре (*гичу гаранг*): Ман чизе дарнамеёбам.

Ҳама механданд.

Амир Исмоил: Яъне чиро дар намеёбӣ?

Афсар (*сурх шуда*): Ҳадафро...яъне чӣ?

Ҳама механданд.

Амир Исмоил: Оё шумо дарёфтаед, он чиро ки ӯ дарнаёфтааст?

Ҳама хомӯш монданд.

Башар аз рӯзи офариниши ҳазрати Одам то ба ҳол як ҳадаф дошту дорад ва хоҳад дошт. **Инсон шудан**! Ин марҳилаи камол аз бузургтарин ҳадаф аст. Он қадар пайғамбарон барои ҳидояти ин мақсад омаданд, вале ҳанӯз башар дар ҳолати нохудогоҳӣ боқӣ мондааст. Пайғамбарон худ намунаи **ҳидояту шудан** ҳастанд. Вале ку Рустаме? Ку Сиёвуше?...

Рӯзбон вориди чодар мешавад, амир Исмоил тарафи ӯ менигараду лабханд мезанад ва дигарон низ ба амири хеш

пайравӣ мекунанд.

Амир Исмоил: “Рустам”, ку бигӯ, чӣ хабар аст?

Рӯзбон: Амирам, сардори язак ҳузур ёфтан мехоҳад.

Амир Исмоил: Бигӯ, дарояд.

Рӯзбон хориҷ мешавад. Ва амир Исмоил ба суханаш идома медиҳад.

Амир Исмоил: Ҳангоми суол кардани мо ҳозир шудани рӯзбон магар ачиб нест, бигзор, ки як амри тасодуфӣ бошад. Ҳар касе боядРустам шавад ва ё то ба Рустам камол ёбад. Он гоҳ аст, ки башар бениёз мешавад.

Сардори гурӯҳи язак ворид мешавад ва дар муқобили амир ба зону мезанад ва замин бӯса мекунад.

Амир Исмоил: Хуш? Вазъият чи тавр аст?

Сардори язак: Вазъият алҳол ором аст. Душман дар он сӯи дарё ҷамъ шудааст. Шояд мехоҳад моро ғофилгир кунад, барои ҳамин ҳам фурсати мувофиқ мекобад.

Амир Исмоил: (*Ба Хусайни Аъло*). Аз Омуя чӣ хабарҳо мерасанд?

Хусайни Аъло: Амирам, хабаре нест, вале маълум аст, ки Тоҳир ба қасди Бухоро ба соҳили Ҷайҳун омадааст. Ва шояд ба Фароб омадани амирамро надонад ва барои ҳамин ҳам бафурча аст.

Амир Исмоил: Шояд? Шояд!... Ман ба яқин донистан мехоҳам! Шумо ба ман сухани кӯчаву бозор мегӯед... Нақшаи ҷангии хешро ба афсарони лашкар бифаҳмонед! Дар сурати дар гирифтани ҷанг шумо чӣ тадбир месозед?

Хусайни Аъло: Василаи маъмули ҷангро истифода мебарем. Яъне ҳуҷум. Ба ин василадушманро дар қароргоҳаш нобуд месозем.

Амир Исмоил: Ҷанобон чӣ фикр доранд?

Афсаре аз ҷой мехезад, аз вачоҳаташ маълум аст, ки бимнок аст.

Амир Исмоил: Ҷасурона андешаи хешро баён кунед. Ичо мо хама сарбоз хастем ва хама як хадаф дорем. Кадом рое мувофиктар, тибки он амал хохем кард.

Афсар: Амирам, дар мавкее, ки душман қарор дорад, ройи пешниходшуда мушкилоти зиёде ба бор меоварад. Ҳини убур аз дарё мо талафоти зиёд мебинем.

Амир Исмоил: Шумо чӣ пешниход мекунед?

Афсар: Мо боид имкон дихем, ки душман ба ин соҳил

гузорад. Мо бояд дар соҳили хеш бо вай ҷангем.

Амир Исмоил: Яъне бояд акси гуфтаи сохибшуртаро кунем?

Афсар: Оре.

Амир Исмоил: Дӯстон, фаъол шавед. Маслиҳат андешаро тоза мекунад. Бифармоед... Пас ҳама ба ин рой розианд?... Бисёр хуб. Чаро гумон мекунед, ки метавон бо ин васила душманро мунҳазим сохт?!

Афсар: Аввалан, мо мавқеи мудофиавиро мегирем, дуввум ин, ки душман якбора ба интиқоли пурраи қувваҳояш имконият надорад. Мо метавонем муттасил онҳоро нобуд созем.

Амир Исмоил: Бисёр хуб... Дигар фикре нест? Бисёр хуб... Чаро гумон намекунед, ки имкони ғалаба ва шикаст дар роҳи шумо пешниҳод карда, яксон аст? Душманро заиф тасаввур кардан хатост ва ин андеша ба манфиати ӯ кор мекунад. Не, бародарон, бо ин тарз ҷангидан хатарнок ва серзаҳмат аст. Дигар ин, ки мо қудрати ҷангии сарбозони душманро намедонем. Саввум, лашкаре, ки қасди кишвари дигаре мекунад, аз ҳама ҷиҳат тайёрӣ мебинад, яъне пухтатар аст. Барои ҳамин ҳам бо душман ҳамеша бо роҳҳои барои вай ношинохтаву бегона бояд ҳарб намуд. Вале боиси таассуф аст, ки сардорони мо дар ин хусус фориғбол шудаанд, аз пажӯҳиш боз мондаанд. Бубахшед, ин фориғболӣ ва бедоништӣ моро ба сӯйи бардагӣ мебарад. Мо ҳамеша дар маърази ҷанг қарор дорем! Барои он, ки кишвари ободу сарватманди мо чашми ҳарису танги ҷаҳонхоронро ба худ ҷалб месозад, рашки онҳоро меангезад. Онҳо на танҳо аз кишвари мо, балки аз андешаи мо бадашон меояд. Чунки ҳеҷ кадомеро надоранд. Мо абадан бояд сарбози кишвару андешаи хеш бошем! Халқе, ки андешаи тозаи худро надорад, бардаи дигарон аст. Барои дигарон зиндагӣ хоҳад кард. Ҳар чӣ ки мо дорем ва боиси хашму рашки дигарон шудааст, аз падарони хеш дорем. Мо мадюни ишон ҳастем. Худи мо кистем?! Бояд ба ишон сазовор буд ва сазовори ному кори ишон зиндагӣ кард...

... Лашкарро бояд се қисм кард: дар қалб бояд сарбозони Байканду Фароб, ки мавзеъро хуб медонанд, қарор гиранд ва ба ҷанги душман раванд, мобақӣ дар майманаву майсара пинҳон шаванд. Фавҷи қалб дар ҷанг ақибнишинӣ мекунад ва душманро бо роҳи биёбон ба ҷойи безиёъ ме-

кашад. Он гоҳ фавҷҳои майсараву маймана аз пас ба душман ҳамла меоваранд ва ӯро ғофилгир мекунанд. Ин усули ҷангро ҷадди мо Ашки аввал бори нахуст бар зидди юнониҳо истифода бурда буд ва понсад сол муваффақ буданд, то кишварро аз ҳуҷуму ғорати бегонагон орому осоишта нигоҳ доранд. Имрӯз ҳам Визонс тахти султаи авлоди ишон аст, ки то ба Саклобу Рус имтидод дорад... Пешниҳоди дигаре хаст?... Пас омодагӣ бинед...

Қароргоҳ

Афсарҳо, яъне сарони гурӯҳҳои лашкар бо ҳамроҳии Абузакриё ва Ҳусайни Аъло аз чодари амир Исмоил берун меоянд. Аз ду тарафи руде, ки киштзорҳои гирду атрофи Фаробро шодоб мегардонд, чодарҳои рангоранг зада буданд ва сарбозон ба коре машғул буданд. Ва чо-чо дида мешуд, ки онҳо, ду-дуву се-се шамшерзанӣ мекарданд ё найзапартой. Бо гузаштани чанд лаҳзае амир Исмоил аз хаймааш, ки ба ранги сурх буд, берун меояд ва бо Абузакриёву Ҳусайни Аъло ва чанд тани дигар аз афсарҳо бар аспҳо нишаста ҷониби майдони ҷанг раҳсипор мешаванд. Барои муайян кардани атроф онҳо ба гареваи баланде мебароянд ва амир Исмоил бо иҷрои тозиёнааш самтҳоро ба ишон нишон медиҳад. Афсарҳо ба қароргоҳ бармегарданд. Амир Исмоил бо Абузакриёву Ҳусайни Аъло он чо мемонанд. Аз ҷониби Ҷайҳун ҷанге ба ҳаво мепечад ва саворе шитобзада ба сӯйи онҳо меояд...

Руди Ҷайҳун

Лашкари Ҳусайни Тоҳир-чӣ савораву чи пиёданизом хешро ба дарё мезананд. Аспҳо аз ҳайбати амвоҷ ва ширу валвалаи сарбозони хоразмӣ рам мехӯранд, саворони хешро ба об мепартоянд ва ба завракҳо бархурданашон онҳоро ҷанпа месозанд. Сарҳадбононии бухороӣ ба ҷанг мепайвандиад, баъзеҳо кушта мешаванд ва баъзеҳо аз соҳил акиб мешинанд. Фавҷи сарбозони истаравшаниву фарғонӣ ба ҷанг ҳамроҳ мешаванд, вале онҳо низ дар мукобили лашкари Хоразм муковимат карда наметавонанд, акиб мешинанд, аз ду тараф куштаҳо бар пуштаҳо боқӣ мегузоранд. Дигар он тарафи дарё ҳеҷ сарбозе намондааст, ҳама

ба соҳили дигар гузаштаанд. Ҳусайни Тоҳир бо чанд афсараш болои теппае бар ҷанг назорат мекунад, аз пешрафтҳои лашкараш шодмон аст.

Дар ҳамин асно аз паси гареваҳои шарқии рӯди Ҷайҳун дастаҳои сарбозони Байканду Фароб ба ҷанг ҳамроҳ мешаванд. Ҷанг шадид мешавад. Куштаҳои зиёде аз ҳар ду тараф ба ҷой мегузарад. Аспҳои бе сарбоз ба чор тараф мегурезанд. Садои тарақотуруқи силоҳҳо бо чангу ғубори майдони ҷанг ба осмон мепечад. Сарбозони амир Исмоил ба дили дашт ақаб мешинанд. Ғайрати Ҳусайни Тоҳир ҷӯш мезанад ва аспашро ба қалби майдон медавонад. Ӯ барои хеш бо зарби шамшер роҳ мекушояд. Паҳлавоне аз сарбозони байкандӣ бо ӯ пархош мекунад, онҳо то дер бо ҳам мечанганд, паҳлавони бухоройӣ аз дасташ захм мебадорад ва аспи Ҳусайни Тоҳир аз болои ӯ мечаҳад. Ҳусайни Тоҳир ҳам аз ҳол рафтааст, фақат шамшерашро барои сиёсат болои сараш алвонҷ медиҳад, вале қодир ба зарба задан нест.

Амир Исмоил бо Абузакриё ва Ҳусайни Аъло ва чанд нафари дигар болои теппаи истода, ҷангро назора мекунанд.

Амир Исмоил: Ҳусайни Тоҳирро зинда бояд ба даст овард. Лашкари ӯ пурра дар майдон аст, аз ин зиёд сарбозони мо дар баробари анбӯҳи ишон поймардӣ карда наметавонанд. Мобақиро ба майдон дароред. Корро бояд яксара кард.

Ҳусайни Аъло ба ду сарбоз супориш медиҳад, ки ба сарони фавҷҳои майсараву маймана хабари ба набард ҳамроҳ шуданро бирасонанд. Онҳо бар аспҳо нишаста паси гареваҳо нопадид мешаванд.

Дар осмони ғуборолуд мурдорхорҳо ба парвоз меоянд ва садои наҳсашон бар андомҳо раъша медавонад. Аз ҳар тараф садои нолиши захмиҳо ба гӯш мерасад. Баъд аз чанд лаҳзае қисмҳои боқимонда дар майнамаву майсара бо садову валвала вориди майдони набард мешаванд, ва оқибгоҳи душманро бурида, ӯро билкул муҳосира менамоянд. Сарбозони хоразмӣ навмед мешаванд ва кӯшиш менамоянд, ки як самтро рахна намоянд. Ҷанги шадиду беамон аз нав боло мегирад. Иддае каме аз сарбозони Ҳусайни Тоҳир ба рахна кардани хати муҳосира комёб мешаванд. Дар миёни ишон Ҳусайни Тоҳир низ ҳаст.

Чанде нагузашта чакочуки садои силоххо ҳам кам мешавад. Ба якин ҳар ду тараф хеле хаста шудаанд. Гурӯҳе аз хоразмиён бо сардории Ҳусайни Тоҳир бо тамоми қудрати бокимондаашон навмедона кӯшиш доранд, ки хатти муҳосираро рахна намоянд, то идлаи камеро ҳам бошад начот диҳанд. Онҳо дар поёни рӯз хати муҳосираро рахна месозанд. Идлаи зиёде аз хоразмиён мегурезанд. Онҳоро сарбозони бухорой таъқиб менамоянд ва мобақӣ амон мехоҳанд.

Гурезандагон ба мисли оби рехта ба ҳар тараф парешон мешаванд, аспҳои ташнаву хастаи хешро медавонанд ва аз назарҳо ғоиб мешаванд. Рӯз ҳам дар ҳолати шом хурдан аст.

Амир Исмоил ҳинни аз теппа поин омадан ба Ҳусайни Аъло рӯ меорад.

Амир Исмоил: Бифармоед, бо асирон бадрафторӣ накунанд. Ҳусайни Тоҳир ва дигар бузургонашонро озор надиҳанд, бегоҳ ба назди мо оваранд.

Ва Амир Исмоил бо Абузакриё ва чанд сарбоз ба сӯйи қароргоҳ мераванд. Ҳусайни Аъло аспашро ба ҷониби набардгоҳ мегардонад.

Амир Исмоил: Дар ин шаҳр олими бузурге хаст?

Абузакриё: Дар ин шаҳр олим, ровии "Сахехи бухорӣ" Абуабдулло Муҳаммад бинни Юсуфи Фаробӣ зиндагӣ мекунад.

Амир Исмоил: Бисёр хуб. Ба шаҳр равед, ва ишонро биёваред то сарбозонро сафарбар намоянд ва ҷанозаашонро худашон хонанд.

Абузакриё: Ба чашм.

Амир Исмоил: Табибон дар кори мачрӯҳон мадад кунанд.

Абузакриё: Ба чашм.

Қароргоҳ

Амир Исмоил гамгин сар рӯйи дастон нишастааст. Бузургони лашкар низ хаставу ранҷур ба назар мерасанд.

Ҳусайни Аъло: Ҳусайни Тоҳир дар хеҷ кучо ба даст наёмад ва хеҷ маълум нашуд, ки кучост, гурӯҳе гуфтанд, ки ба Марв рафт ва гурӯҳе дигар гуфтанд, ба Хоразм. Аз ҳар ду тараф кушташудагон зиёданд. Лашкари Ҳусайни Тоҳир ҳангоми фирор талафот дид. Гурӯҳи зиёде аз ишон ба

дарё ғарқ шуданд ва шумори асирон ба ҳафтод мерасад. Ва бузургони лашкар мунтазири фармон гирифтан аз амирам ҳастанд, ки душманро то ба манзилаш саркӯб намоянд.

Амир Исмоил сарашро мебардорад ва ба рӯйи ҳамсӯҳбатонаш хира мешавад.

Амир Исмоил: Лашкари шикастхурдаро таъқиб кардан осон аст, вале оқибатҳои шум дорад. Ҳанӯз мо барои ин амал тайёр нестем. Алҳол вазифаи мо фақат ва фақат ҳимояи сарҳадоти кишвари хеш аст.

Абузакриё: Алҳол мавқеест, ки метавон ба осонӣ Хоразмро аз тасарруфоти мулки худ гардонд.

Амир Исмоил: Ҷиддан саронн лашкар чунин андеша доранд?

Ҳусайни Аъло: Оре, амирам.

Амир Исмоил: Ин маънии онро дорад, ки кишвар ба ҷанг кашида мешавад. Оё лашкари Бухоро бо лашкари Яъқуби Лайс поймардӣ карда метавонад? Ин хандаовар ва аз бехабарӣ аст. Аввалан, мо барои чунин ҷанге маъмурият надорем. Ва ё шумо мехоҳед, ман ба амири Вароруд Наср бинни Аҳмади Сомонӣ, бародари хеш осӣ шавам? Хулласи калом, иддаои шумо бар як асос такья менамояд: шумо манро намехоҳед! Бигзор ин ҳаққи фитрии шумо бошад. Вале ман ба касе иҷоза нахоҳам дод, ки барои манфиатҳои ночизу фосиди хеш кишварро, мардумро ба харобӣ кашад. Ин гуна аъмол аз ҷониби мо хиёнат маънидод хоҳад шуд. Ин гуна ашхос ба мисли Ҳусайни Тоҳир андеша мекунанд. Ва ё маънии ҷангидани шумо ҳам дарёфтани ғанимат аст?! Шумо бузургтарин ғаниматро дар ёфтаед: Озодӣ! Амнияти ҷону молу мулк! Ҳар кӣ ин неъматро дорад бениёз аст. Чаро фикр намекунед, ки дар баробари ҳар амали золимона, ҳар кори бераҳмона ҷавоб хоҳед гуфт: чӣ дар ин дунё ва чӣ дар охират. Бо ғорати мулки Хоразму хоразмиён мо хешро ғорат мекунем. Фақру бенавоии Хоразм боиси азобу ранҷу ноороми кишвари мо мешавад. Агар имрӯз онҳо як Ҳусайни Тоҳир доранд, фардо ҳамагон Ҳусайни Тоҳир хоҳанд шуд... Аз укубате, ки худо дар охират таҳдид кардааст, тарсед... Ба он сарбозону афсароне, ки дар ин набарди бераҳмона аз худ поймарди бемисл нишон додаанд, подош хоҳем дод.

Абузакриё: Фардо субҳ мардуми Фароб ба тадфини мақ-

тулон мебароянд. Ба онҳо сарбозони фаробӣ кӯмак хоҳанд кард.

Амир Исмоил: Сарбозонро аз ин кор маоф созед. Онҳо хеле хаста шудаанд... Дигар то фардо онҳоро ба ҳеҷ коре нагуморед. Фардо ба Бухоро бармегардем... Шумоён низ хеле хаста шудаед. То фардо рохат кунед... Вале васоили рохати сарбозонро низ муҳайё намоед. Ин бегоҳ ҳеҷ кас аз ҳеҷ чизе тангӣ набинад!

Шаб

Сарбозон ҷо-ҷо машъал афрӯхта, гирди он нишастаанд. Аз баъзе хаймаҳо садои хандаву шӯхӣ баланд мешавад ва аз чодаре, ки аз хама канортар аст, садои мусиқиву суруд ба гӯш мерасад. Ҷо-ҷои дигар нолаҳои ҳазину дардолуд садо медиҳад. Чеҳраи касе ба рӯшанӣ маълум нест. Таббохон назди дегҳои хеш серташвишанд. Амир Исмоил аз чодараш баромада, бегумон даруни сарбозони хеш гардиш мекунад ва дар охир болои теппаи назди қароргоҳ баромада, рӯ ба сӯйи машриқ мешинад. Субҳро интизор мешавад. Аз дурҳо садои лошаҳорҳо меояд. Хобаш намебарад. Боди хунук аз ҷониби сахро вазон аст.

Ва шаҳри Фароб бе биму харос ба хоб рафтааст.

Ва дар қароргоҳи лашкар гоҳ аз гоҳ посбонон якдигарро иваз менамоянд, то ёрони хаставу мачрӯҳашон бихобанд. Вале ба дидани касе хоб намеояд. Онҳо аз кобусҳои хеш метарсанд. Онҳо корнамоиҳои хешро дар майдони харб ба хамдигар нақл мекунанд. Корномаиҳои хунину вахшатҳо! Ва ин гули хавлнок то дерзамоне онҳоро таъқиб хоҳад кард. Худовандо, ҳеҷ амале беподош нест!

Дигар мох гуруб кардааст ва бод хокистари гулханҳои фурӯхуфтаро ба хаво бардоштааст. Ва ситораҳо дар осмони фирӯзафом ба кунҷи инзиво хазидаанд.

Ва шиҳобе домани зулмати шабро даридааст.

Ва сапеладам андешамандонаву бо харос бар каламрави зулмат русух мекунад.

Амир Исмоил бар лаби рӯди Фароб таҳорат мекунад ва як по-як по ба сӯйи чодаре меравад, ки тамоми шаб аз он нолаи пурдард ба осмон мерафт. Ӯ сарашро даруни чодар мехалад. Марде чанд бо захмҳои захиму хунчакон, чашмони варамидаву бехоб поёни ранчи хешро интизор. Ӯ аз

хичолат бо суръат сарашро берун мекашад ва бо қадамҳои сареъ ба сӯйи чодари хеш меравад. Дар дами дар бо Абузакриё рӯ ба рӯ мезанад.

Абузакриё: Амирам тамоми шаб дар чодари худ набуданд?!

Амир Исмоил: Ғафлати шоҳон давлатро бибарад... Баъди намози бомдод асиронро ҳозир кунед. Теъдоди ишон чанд аст?

Абузакриё: Ҳафтод...

Амир Исмоил: Ба ҳамин адад ҳадоё тайёр кунед. Бехтараш, чомаҳои зинданичӣ.

Абузакриё: Ба чашм.

Ӯ ҳайратзада ба як сӯ меистад ва амир Исмоил ба дарунни чодар медарояд. Абузакриё ба сӯйи рӯд меравад ва дар масири роҳ ба чандин чодар сар мехалонад.

Лашкари Бухоро ду тараф саф кашидааст. Асиронро, ки дасту пои баста доранд аз миёни ишон мегузаронанд. Онҳо хеле хаставу бимноканд. Дар ҳамин вақт Амир Исмоил аз чодари худ берун меояд ва ба сӯйи асирон меравад, ӯро Абузакриё ва Ҳусайни Аъло ҳамроҳӣ мекунанд. Амир Исмоил ҳамаро хомӯшона аз назар мегузаронад.

Амир Исмоил: Бандҳо аз дасту пои ишон бикушоед. Ҳадоё!

Чанд нафаре ба дастаи чомаҳои зинданичӣ ҳозир мешаванд ва амир Исмоил ҳар асиреро худаш чома бар китф мениҳад.

Амир Исмоил: Акнун ба хонумони хеш баргардед. Ва ба бузургони худ бигӯед, ки мо қасди чону моли касе надорем. Ҳеч гоҳ набудааст, ки хоразмиён бар бухориҳо ва ё бухориён бар хоразмиҳо баҳри ғорати молу мулк тохта бошанд. Ин хӯйи мардуми мо нест, ки бар ҳамқавмони хеш битозанд. Хуне, ки дирӯз рехт бо гуноҳи мо набуд. Мо ба мулки Хоразм лашкар накашидаем. Мо фақат кишвари хешро ҳимоят кардаем. Ва ҳар қавми дигаре ҳам мебуд, ҳамчунон мекард. Акнун биравед, шумо озодед!...

Ҳама бо ҳайрат ба якдигар менигаранд. Асирон аз ҳама зиёдтар ҳайратзадаанд. Онҳо нобоварона ба ҳамдигар менигаранд. Гаранг шудаанд. Чон дар рамақ надоранд. Ҳеч гоҳ ҳамчунин набудааст.

Амир Исмоил: Оре, шумо озодед! Метавонед ба диёри хеш баргардед.

Ашк аз чашмони ишон чорист. Онхо худро чониби амир Исмоил ба замин мепартоянду замини надомат бўса мекунанд ва аз чой бархеста нобоворона, бо харос аз майдон ба дар мераванд. Амир Исмоил ба чодари худ бармегардад. Бузургони лашкар аз ў пайравй мекунанд ва ба чодари амир медароянд. Чехраи ишон гирифта аст, онхо аз амали шох розй нестанд.

Амир Исмоил: Мефахмам, шумо аз амали ман розй нестед. Вале шумо хам боял бифахмед, ки чаро амири шумо ба чунин амале даст зад. Онхо то зиндаанд, дигар бар сари шумо шамшер нахоханд бардошт ва ба дигарон хам ичозаи чунин кореро нахоханд дод. Биравед, лашкарро барои бозгашт омода созед. Ба Бухоро бармегардем.

Хусайни Аъло: Сарбозони сархадбон талафоти зиёди чой ёфтаанд ва бо ин илдаи калил намешавад марзхоро посбонй кард.

Амир Исмоил: То аз Самарканд омадани сарбозони хукуматй вазифаи мост, ки чойи онхоро пур кунем. Ба ин хотир кисмхои Байканду Фароб барои адои ин вазифа ничо бимонанд... Ба сархадбонон бифахмонед, ки асиронро дар рох азоб надиханд.

Хусайни Аъло: Ба чашм...

Хама аз паси ичрои вазифаи худ аз чодари амир Исмоил берун мераванд. Амир Исмоил бо бародараш Абузакриё танхо мемонад ва онхо дар чашмони хамдигар хира мешаванд. Харду хастаанд...

Калхудо ба чодари амир Исмоил хўрок меорад. Онхо хомўшона хўрок мехўранд.

Амир Исмоил: Бачай! Шароби талх мехохад дилам... Абузакриё бо чашмони боз ва хайрат ба амир менигарад.

Амир Исмоил: Хеле хаста хастем. Ва боз рохи дуру дарозе дар пеш дорем. Зарар надорад...

Калхудо баромада меравад. Амир Исмоил лабханд мезанад...

БУХОРО

Ахли Бухоро амири музаффари худро бо шодмонй пешвоз мегираанд. Шахр дар либоси идона оро ёфтааст. Аз хар

тараф садойи лафу сурнай ба гӯш мерасад. Ҳар чо-ҳар чо нидохои "Зинда бод шох!" садо медиханд. Писарбачахо пешопеши аспи амир Исмоил медаванд.

Ҳамчунон мардуми шаҳр амир Исмоил ва лашкариёни ӯро то ба назди дарвозаи қалъа пешвоз мегиранд. Умаро ва вузаро дар рикоби амир Исмоил вориди қалъа мешаванд.

Шаҳр ғалабаи амири худро ҷашн мегирад.

Кӯйи Аъло

Абуҳомиди Ясорӣ ва Абумуҳаммади Бухорхудо аз Дари Атторон бигзаштанд ва ба Дари Саъдобод ва масҷиди Саъд расидаанд. Аз масҷид гузашта ба Кӯйи Аъло ва кушки зебои Ҳусайни Аълои Суғдӣ ворид мешаванд. Кушке ба тамоми зебоӣ миёни чорбоғи хуррам қад афроштааст. Онҳо то замоне машғули тамошои боғу кушк мешаванд.

Абумуҳаммад: Ин кушку соҳибонаш қиссаҳои аҷиб доранд. Ҳикоят мекунанд, ки ба рӯзгори Ҳасан бинни Тоҳир, ки амири Хуросон буд, ӯро вазире буд номи ӯ Ҳафс бинни Ҳошим, ӯ тамаъ кард, ки ин амлокро аз ишон бихарад. Вале ишон нафурӯхтанд. Ишонро зиндон карданд.

Ҳабсхона

Ҳасан бинни Аъло ва бо ду бародараш дар ғулҳо баста. Ҳафс бинни Ҳошим бо чанд сарбози ғулсифат вориди зиндон мешаванд ва зиндонбон бародаронро ба ҳуҷраи дигар, назди ӯ мебаранд.

Ҳафс бинни Ҳошим: Ба ҷуз фурӯхтани кушк чора надоред. Ё мефурӯшед ва ё дар ин ҷо мепусед.

Ҳасан бинни Аъло: Ин ҷо пусидан хубтар аст то бо чун туе, ки лоиқ нестӣ, муомила кардан.

Ҳасан бинни Ҳошим: Агар хоҳиши ин сагон аст, бигзор ҳамчунин бошад. Вале ҳар рӯз ба тарзи наве инҳоро уқубат мекунед.

Аз ин мӣён понздаҳ сол гузашт

Ҳафс бинни Ҳошим боз ба зиндон меояд. Зиндонбон ӯро ба ҳуҷраи махсус мебарад.

Ҳафс бинни Ҳошим: Онҳоро биёред.

Зиндонбон бо чанд сарбоз аз ҳуҷра берун мешавад ва ба назди Ҳасан бинни Аъло ва бародаронаш меравад. Онҳо ҳоли ғариб доранд: Ришу мӯйҳои дароз, пероҳанҳои дарида, андоми хароб. Онҳоро ба хамин минвол назди Ҳафс бинни Ҳошим меоранд. Ӯ бо дидани ишон бо тамасхур механдад.

Ҳафс бинни Ҳошим: Рӯзгоре дароз гузашт, то шумо дар укубат мондаед. Бо ин рафтору якравӣ чӣ фоида меёбед?

Ҳасан бинни Аъло: Яке аз се корро меёбем, ё он, ки ту бимирӣ, ё худовандигори ту бимирад, ё мо бимирем.

Ҳафс бинни Ҳошим: Укубатро зиёдтар кунед, то дами ишон паст шавад...

Кушки Аъло

Абумуҳаммад: Аз ин сухан як моҳ нагузашта буд, ки амири Хуросон бимурд. Дар Бухоро ғавғо барҳост ва дарҳои зиндон бишкастанд. Ҳафс бинни ҳошим гурехт ва сарои ӯро ғорат карданд ва Ҳафс бо ин алам мурд ва Ҳасан бинни Аълои Сугдӣ бо бародаронаш ба Бухоро боз омаданд...

Ҳусайни Аъло аз дари кушк ба истиқболи меҳмонон берун меояд. Ва онҳо ба дохили бино мераванд.

Толори васеи барҳаво. Ду рад сутунҳои кандакори шуда толорро ба се кисм ҷудо мекунанд. Гирдогирди толор суфаҳо бардоштанд. Деворҳо бо деворнигораҳо ва мучасаммаҳо музайян. Ҳусайни Аъло меҳмононашро ба сари суффаи мобайнӣ, ки алаккай он ҷо ду-се нафар аз бузургон Бухоро, аз ҷумла Абилҳафси Сағир ва чанд нафари дигар нишастаанд, мебаранд. Онҳо ба истиқболи меҳмонони тозаворид аз ҷойҳои хеш мехезанд ва ишонро аз бари Абилҳафси Сағир мешинонад. Ду-се ғуломи турк барои тазйини дастурхон равуо доранд. Абуҳомид бо ишорати даст ғуломонро аз толор берун мекунад.

Абуҳомид: Лозим ки шуданд, даъват мекунем.

Ҳусайни Аъло: Ҷаноби олӣ аз чизе хавф доранд?

Абумуҳаммад: Аз бало ҳазар. Ғулом сидқ надорад. Ба ҳамон муваффақият метавонад хоҷаашро бифурӯшад. Хусусан дар шароити имрӯз, ки мо қарор дорем: ҳама ҷоро бегонагон ишғол кардаанд.

Абилҳафс: Намефаҳмам, ин ҷо паи чӣ коре ҷамъ шуда-

ем. Агар паи меҳмонист...

Ҳусайни Аъло: Хоҷаам беҳуда ташвиш мекашанд. Ҳаводиси авохир ончунон машғуламон дошт, ки натавонистем лаҳзае ба фароғат ба дидори дӯстон бирасем. Баъди паси сар шудани ин ҳама меҳнатҳо хостем бо дӯстони қадим замоне дами беғам занем...

Абилҳафс: Ман дар ҳақиқат гумон бурдам, ки ин чо барои муҳокима кардани ман ҷамъ омадаанд.

Абуҳомид: То андозае ҳамчунон ҳам ҳаст. Бузургони Бухоро аз шумо домангир ҳастанд.

Абилҳафс: Чаро аз худашон не?! Магар заъфи ишон набуд, ки ба чунин амале даст задем?! Магар маслиҳати худи ҷанобон набуд? Воқеаҳои охир бори дигар нишон дод, ки фақат шоҳзодаи сомонӣ метавонад боиси амнияти кишвар бошад. Онҳо дар саросари кишвар тасаллут доранд ва эътимоди хулафои Бағдод ба ишон аст.

Абумуҳаммад: Дар воқеоти охир ҳам мо мадюни мардуми худ ҳастем. Ҳукумати марказӣ ҳеҷ коре накардааст. Агар аҳвол бад-ин минвол равад, ҳеҷ ҳоҷат ба бегонагон нест.

Абилҳафс: Барҳазар бошед, дӯстам, амир Исмоил бегона нест! Ва аз чун шумое, ки пушт дар пушт бухорхудо будед, сар задани ин суханҳо хуб нест. Шумо худ нағз медонед, ки қазия ин тавр нест. Ин аз рашк аст.

Абумуҳаммад: Ӯ чизе надорад, ки боиси рашки мо шавад. Як асилзодаи бухорой ҳам метавонад ҷойи ӯ бошад.

Абилҳафс: (*механдад*). Мефаҳмам, ба ҳайсияти шумо сахт расидааст. Вале чӣ чора? Дер шуд. Шумо дар ин муддат аз хеш ибтикоре нишон надодед, то мардум, ҳамон бузургоне, ки мегӯед, шуморо баргузинанд. Дер шуд ва аз суханҳо дигар беҳуда аст. Мардумро ба меҳнатҳои нав накашонед.

Абуҳомид: Ман намефаҳмам, чаро шумо аз ӯ бо ин эҳтирос пуштибонӣ мекунед. Ӯ як кӯдак аст! Коре, ки ӯ кардааст, чист? Мо мадюни Ҳусайн бинни Аъло ҳастем.

Абилҳафс: Пас шумо бифаҳмонед, ки ин "кӯдак" кист?! Ҳамеша бо ӯ будаед, чӣ дар умури дарбор ва чӣ дар набарду корзор. Шумо соҳиби шуртаи Бухоро хастед.

Ҳусайни Аъло: Ман дар тадбиру дониши амир Исмоил сухан надорам. Ӯ марде худопарасту бетамаъ аст. Намефаҳмам, чаро дӯстони мо аз ӯ хушашон намеояд. Ғалаба бар хоразмиҳо, сар кӯб кардани раҳзанони Ромитану Бар-

кад кори ишон буд. Хоҷа дуруст мегӯянд, ба амир Исмоил душманӣ варзидан беҳуда аст. Агар амир Исмоил намебуд, худо медонад, ин лаҳза ин ҷо нишастани мо имкон дошт ё не. Ҳар кас мехоҳад дар ҷои ӯ бошад, вале салоҳият ту дониши ӯро надорад. Ин хушбахтии Бухорову бухороиҳо, ки чун Амир Исмоил сарвар доранд.

Абилҳафс: Аҳли Бухоро ҳама медонанд, ки Абуҳомиди Ясорӣ аз доротарин мардони рӯзгор аст. Молу мулки Абумуҳаммад ҳадду канор надорад. Пас чаро барои худ дарди сар мехаред? Магар бо ин дороӣ, ки амир Исмоил чоряки онро надорад, дар осоишу оромиш зиндагӣ кардан хуб нест?

Абуҳомид: (*Бо тамасхур*) Мо надонистем, ки амир Исмоил дар байни бузургони Бухоро инчунин манзилат дошт ааст. Узр мехоҳем!

Абилҳафс: Дар манзили дӯст аз дӯстӣ сухан гӯед. Пиндорҳо ба кирдори нек хуш гардонед, ки ин дунё бо ҳама ҷоҳу ҷалолаш нопойдор аст. Ин кибр васвасаи нафси шайтонӣ аст, ки ҳазорон балоро ба сар орад. Подшоҳон бар умури кишвари хеш ғафлат накунанд. Ин ғалабаҳоро, ин осоишро бояд ҷашн гирифт, ки на ҳамеша муяссар мешаванд.

Абумуҳаммад: Сухан дигар ба ҷое кашидааст, ки гӯши ниюшандае намонда.

Абилҳафс: Хотир ба шеъру тарона шод доред, биме аз ҳаводиси рӯзгор дар андеша хутур надиҳед. Ҳар чӣ буд, гузашт ва аз гузашта шодмон мебояд буд ва аз наомада ғам намебояд хӯрд.

Ҳусайни Аъло каф мезанад ва ғуломи ҳоҷиб вориди толор мешавад.

Ҳусайни Аъло: Навозандагонро бихон!

Ҳоҷиб меравад ва баъди чанд лаҳзае дастаи навозандагон - дафзану уднавозу чангӣ вориди толор мешаванд ва ба суффае, ки махсуси ишон аст, мешинанд.

Касри шоҳ

Хуни офтоби шомгоҳон дар панҷарахои толори қасри шоҳӣ лат мебандад. Ғуломон шамъҳоро мегиронанд. Болои суффаи мобайнии толор суроби соярӯшани амир Исмоил, Абузакриё Яхё, Исмати Марвазӣ ва Абулфазли Мар-

вазӣ ба пайдо меояд.

Амир Исмоил: Кӣ мехоҳад, ки иззати нафсаш хадшадор шавад, боз вақте, ки одам аз худаш ким-киро тасаввур мекунад?! Ман ҳанӯз дар майдони ҷанг ин эҳсосоти таҳқирдидаи ононро пай бурда будам. Вале масъала сари ин нест. Оқибатҳои он хатарнок аст, яъне дар корҳомон моро халал хоҳанд расонд. Моро беэътибор хоҳанд гирифт. Ва мо барои таъдиби ишон сабабҳои қотеъ нахоҳем ёфт. Онҳоро ба кадом роҳ безарар метавон кард? Сарват? Абуҳомиди Ясорӣ аз мо доротар аст. Сиёсат? Ба кадом ҷурм?

Абулфазли Марвазӣ: Онҳоро бояд ба баҳонае аз Бухоро дур кард.

Амир Исмоил: Ба чӣ хел баҳона?

Абузакриё: Фақат бо мӯҳлати дароз дур кардани ишон мешавад аз макрашон эмин буд.

Амир Исмоил: Дуруст, вале ба кадом баҳона?

Исмати Марвазӣ: Бо дуздоне, ки дар маҳбасанд, онҳоро бояд ба Самарқанд фиристод ва аз амир Наср хоҳиш намуд, ки ишонро то замони барои мо мувофиқ он ҷо нигоҳ доранд. Ҳамин ки корҳо сомон ёфт, ишонро дубора талаб менамоем.

Амир Исмоил: Пас ба ҳамин мазмун барои амир Наср нома нависед ва бояд бузургони Бухоро аз он ва мазмуни он хабар наёбанд. Нома бояд махфӣ бошад.

Абулфазли Марвазӣ: Ба чашм.

Амир Исмоил: Фардо ишонро ба боргоҳ даъват намоед. Будани Абумуҳаммади Бухорхудо ва Абуҳомиди Ясорӣ ҳатмист. Бузургони Бухоро ба сухани ин ду кас эътибор медиҳанд ва ишон ҳастанд, ки онҳоро бар зидди мо меангезанд.

Рӯзона

Амир Исмоил болои тахт нишастааст. Аз ду тарафаш Абузакриё, Ҳусайни Аъло, Хоҷа Абилҳафс, Исмати Марвазӣ ва Абулфазли Марвазӣ. Бузургони Бухоро рӯйи суффаҳои ду тарафи толор нишастаанд.

Амир Исмоил: Ду ҷанги охире, ки бар сари мардуми Бухоро омад, мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд овардааст. Агар мо аз мардум хироқи иловагӣ ситонем, бар ишон гарон хоҳад афтод. Бар замми ин дар кишварҳои атроф нооро-

мию ҷангҳо ҳукмфармост. Бухоро дар чунин вазъе, ки қарор дорад, наметавонад аз ин беш бар муҳоҷиминаш муқовимат намояд. Мо тасмим гирифтем, шумоён-бузургони кишварро аз ҷониби хеш барои узрхоҳӣ ба Самарқанд фиристем.

(Хоҷа Абилҳафс ба Ҳусайни Аъло менигарад. Онҳо чашм ба чашм мезананд. Дар як он ҳарду ранг иваз мекунанд. Вале аз ҳозирон касе ба вазъи рӯҳии ишон пай намебарад.)

Мо ба салоҳият ва ҳусни тадбири ҳар кадоме аз шумоён эътимод дорем, вале мехостем Абумуҳаммади Бухорхудо ва Абуҳомиди Ясорӣ гурӯҳи ҷанобонро роҳбарӣ кунанд ва ба амири Варазруд узри моро расонанд, то ба мо дар пардохти хироҷи Бухоро мӯҳлат диҳанд, яъне ин хирочро барои як-ду сол аз мо бардоранд, то мо тавонем, қудрати дифоии кишварро пурзӯр намоем.

Абумуҳаммади Бухорхудо *(аз ҷояш хеста)*: Иҷрои ин супориши амирамро мо барои хеш шараф мешуморем.

Амир Исмоил: Пас шумоён розӣ ҳастед, ин амри муҳим барои кишварро бар ӯҳда гиред?

Абумуҳаммади Бухорхудо: Самъан ва тоатан (*Таъзим мекунад ва ба ҷои хеш мешинад*).

Амир Исмоил: Агар Хоҷа андешае доранд, марҳамат фармоянд.

Хоҷа Абилҳафс: Ройи амирам дуруст аст. Хироҷи дугона бар мардум гарон меафтад. Агар амир Наср бинни Аҳмад харҷи хироҷи Бухороро бар заруриёти он мебахшиданд, айни адолат мебуд.

Амир Исмоил: Пас ҷанобон пасфардо метавонанд ба рох бароянд. Мо аз пеш барои заҳмати ишон ташаккур мегӯем ва онро фаромӯш нахоҳем кард.

Бузургони Бухоро таъзимкунон баромада мераванд. Аз он пас Ҳусайни Аъло баромада рафтанӣ мешавад, ки Хоҷа Абилҳафс аз зери оранҷаш мегирад ва ҳар ду баробар шитобзада баромада мераванд. Амир Исмоил бо бародару вазиру дабираш мемонад.

Амир Исмоил: Метарсам, ки амирамро бар зидди мо иғво наангезанд...

Абулфазли Марвазӣ: Дар нома зикр шудааст, ки ишон сабаби нооромии Бухоро ҳастанд. Ва ҳар амалеро бар зидди ҷаноби олӣ амирам ҳамчун амали хасмонае қабул хоҳанд кард.

Амир Исмоил: Аз даргоҳи худовандигор умедворам...

Даҳлез

Хоча Абилҳафс: (*Ба Ҳусайни Аъло*) Худованд оқибаташро ба хайр кунад!

Ҳусайни Аъло: Агар дар ин миён хиёнате вуҷуд дошта бошад, аз ману шумо хоҳанд донист.

Хоҷа Абилҳафс: Савганд ба худои замину осмонҳо, хабар надорам. Вале таъкид карда будам, ки шоҳон дорои ҳазор чашму ҳазор гӯш ҳастанд. Ҳеҷ чизе аз назари ишон пинҳон наменонад.

Ҳусайни Аъло: Чӣ медонам... шояд...

Онҳо бо ҳазор тардид, аз ҳамдигар бадгумон шуда аз қаср баромада ба тарафи хонаҳои хеш мераванд.

САМАРҚАНД

Бузургони Бухоро ба по истодаанд. Амир Наср аз шиддати хашм ором надорад. Бузургони Самарқанд ва аҳли дарбор бо сардории Хоҷаи Бузург ва сипаҳсолори ӯ Симоал-Кабир бо ҳаросу нигаронӣ рафтори амирро таъқиб менамоянд. Ҳама бар даҳон об гирифтаанд.

Амир Наср: Кирдори ӯ шинохтанӣ нест! Аслан худи ӯ шинохтанӣ нест. Ман намедонам, ӯ бар сар чӣандешаҳо дорад. Худоё, мо ҳеҷ гоҳ аз кирдори ӯ мамнун нашудем. Як ҷурмашро гузашт мекунӣ, дигарашро пеш меорад. Дирӯз бе ҳеҷ узре Бухороро тарк гуфт, имрӯз узр пеш меорад, ки хирочро пардохта наметавонад. (*Ба сӯи бузургони Бухоро меравад ва Абуҳомиду Абумуҳаммад сар ба аломати таъзим хам менамоянд*). Чаро аз ҳукумати марказӣ кӯмак нахостед?!

Абумуҳаммад: Баъди саркӯб кардани роҳзанони Ромитану Баркад, Ҳусайни Тоҳир қасди Бухоро кард. Амирам фурсат надоштанд аз Самарқанд кӯмак дархост намоянд.

Абуҳомид: Маҳз донишу тадбири ҷангии амир Исмоил буд, ки бо шашсад нафар сарбоз бар лашкари духазорнафараи Хоразм ғалаба намоем. Ҷангҳои пайдарҳам ба Бухоро ва аҳли Бухоро хисороти бисёр оварда. Аз ин рӯ амирам хоҳиш намуданд, ки пардохти хирочро ба таъхир ан-

дозанд, он чунон ки сирати адолатгустарии шоҳам аст.

Амир Наср: Ҳеҷ чизе барои напардохтани хироҷ сабаб буда наметавонад! Мо наметавонем хироҷи Бухороро аз дигар вилоят бипардозем. Ин кишвар фақат Бухоро нест!

(*Аз назди бухориён ба тарафи Хочаи Бузург бармегардад*). Сареъан ба Бухоро расуле бифиристед ва пардохти панҷсад хазор дирҳам хироҷи Бухороро бе каму кост тақозо намоед. Ва таъкид кунед, ки дигар бозӣ кардан бас аст. Сабри мо ҳам дигар сар омад! (*Ба Симо-ал-Кабир*) Асиронро ба дижҳои мустаҳками Кӯҳистон ба мӯҳлати якумрӣ бифиристед... Бузургони Бухоро меҳмони арҷманди мо ҳастанд! Ба Самарқанд хуш омаданд...(*Дар гӯши Хоҷаи Бузург*). Аз ишон низ мувозиб бошед!

БУХОРО

Қасри амир Исмоил

Ҳучра нимравшан аст. Амир Исмоил ба ҳар тараф қадам мезанад. Абузакриё Яҳё бародараш нишаста аст.

Абузакриё: Ман намедонам, шумо ба кадом далел чунин рафтор менамоед. Шумо омили хироҷ ҳастед ва онро бояд бифиристед. Дар акси ҳол ин амал исёну саркаширо мефаҳмонад.

Амир Исмоил: Шумо худ муҳаббату садоқати манро нисбат ба бародари бузургамон хубтар аз дигарон медонед, вале боз чунин суолот мекунед. Ман алҳол маҷбурам, ки ба чунин коре даст занам. Давлати сомониён бояд дар ин қисмат аз кишвари худ пойгоҳи мустаҳкаме дошта бошанд. Вагарна сиёсати саффориён ҳар лаҳза метавонад нисбат ба мо тағйир ёбад.

Абузакриё: Бигзор ин вазифа ва масъулияти бародарамон бошад. Шумо фақат барои худ душманонро зиёд мекунед. Бадгӯён рафтори шуморо дигар хел маънидод хоҳанд кард. Хубтар аст, ки дар ҳар иқдоми худ бо бародарамон маслиҳат кунед ва фикру ройи ишонро бипурсед.

Амир Исмоил: Вакте амири Бухоро дар умури вилояти худ мустақил нест, касе ба ӯ эътимод нахоҳад кард. Он чунон, ки худ шоҳиди он будед, бузургони Бухоро нисбат ба мо чӣ гуна беэътиноӣ зоҳир карданд ва кам монда буд, ки кишварро бар зидди мо барангезанд. Амирам ба лаш-

кари Фарғонаву Исфичоб такя мекунанд. Имрӯз Абулашъасу Абуюсуф Яъқуб лашкари варзидаву мусаллаҳ доранд. Чаро Бухоро барои ҳимояти сарҳадоти худ лашкари варзидаи худро надошта бошад?!

Абузакриё: Ман нияти шуморо мефаҳмам, бо вуҷуди он аз оқибати кор метарсам. Ҳанӯз бузургони Бухоро дар Самарқанд ҳастанд ва онҳо метавонанд амирро зидди шумо барангезанд.

Амир Исмоил: Гумон намекунам.

Абузакриё: Ман метарсам, байни шумо ҷудой наяфтад.

Амир Исмоил: Абузакриё, шумо натарсед. Ҳеҷ гоҳ чунин ҳоле рух нахоҳад дод.

Абузакриё: Бар замми ин муносибати шуморо бо Рофеъ ҳар хел баҳо хоҳанд дод.

Амир Исмоил: Яъне? Муносибати дӯстиро ҷуз дӯстӣ чӣ баҳое метавон дод?

Абузакриё: Худо накунад. Агар ин дӯстиро иттиҳоди зидди ҳукумати марказӣ маънидод кунанд?!

Амир Исмоил: Абузакриё! Дигар гӯё шакку шубҳаҳои шумо дар ман русух мекунад ва андешаамро машкук месозад.

Абузакриё: Аз бало ҳазар!

Амир Исмоил: Дуруст аст, то бад наяндешӣ, нек пеш наёяд. Худ ҳукумат кардан балост. Ҳамеша бояд аз чизе нигарон буд. Дар акси ҳол зулму бедод густариш хоҳад ёфт.

Абузакриё: Амирам гуфтан мехоҳанд, ки агар шамшер вуҷуд намедошт, ситамгорӣ зиёд мешуд?

Амир Исмоил: Ин тавр ҳам фаҳмидан хато нест. Вале бояд он тарзе зиндагӣ кард, ки ҳамсояат ҳамеша аз ту дар биму ҳарос ва нигаронӣ бошад. Барои ҳамин ҳам хирочи Бухоро ба худи мо заруртар аст, то мо тавонем худро аз биму ҳароси бегонагон эмин созем. Ғайри ин андешаи дигар ботил аст.

Кушки Аъло

Ҳусайни Аъло шамъҳои толорри мунаққашро мегиронад. Тасвирҳо аз даруни торикӣ бурун меоянд ва сояҳо рӯйи ишон меларзанд. Хоҷа бо вазъи парешон хомӯш нишастааст. Ҳусайни Аъло бо ба анҷом расонидани рушан сохтани шамъҳо ба назди ӯ бармегардад ва дар баро-

бари ӯ мешинад.

Ҳусайни Аъло: Дирӯз писари Абумуҳаммад назди ман омада буд. Аз падари худ пурсид.

Хоҷа Абилҳафс: Чӣ посух додед?

Ҳусайни Аъло: Гуфтам, ки дар меҳмонии шоҳ ҳастанд, ҳар гоҳ амир Наср лозим донанд, ичозаи баргашташонро медиҳанд.

ХоҷаАбилҳафс: Аз ҷавоби шумо чизе пай набурд?

Ҳусайни Аъло: Не.

Хоҷа Абилҳафс: Ҳуб. Онҳо дар зиндон ба сар мебаранд ва намедонам аз он ҷо кай раҳо мешаванд. Амир Исмоил ҳар рӯз як балое ба сари хеш мехарад. Бегумон бо напардохтани хироҷ бародарро ҳам бар зидди хеш барангезад.

Ҳусайни Аъло: Максади амир Исмоил нек аст.

Хоҷа Абилҳафс: Инро мо мефаҳмем. Агар фардо хонаводаҳои деҳқононӣ Бухоро ба талаби бузургони хеш қиём кунанд, чӣ мешавад?

Ҳусайни Аъло: Бояд дар ин хусус бо амир машварат кард ва ба онҳо ҷавобҳои қаноатбахш дод.

Хоҷа Абилҳафс: Ҳатман, вагарна ишон аз мо домангир мешаванд.

Ҳусайни Аъло: Агар ишонро ба зиндон андохта бошанд, ба ҷуз аз ману шумо аз каси дигаре бадгумон нахоҳанд шуд.

Хоҷа Абилҳафс: Замонати мӯҳлати дубораи фиристодани хироҷ ҳам ба поён мерасад, вале амир Исмоил дар ин замина коре анҷом надодаанд. Чунин истинтоҷ мешавад, ки ҳамчунин ниятеро ҳам надоранд.

Ҳусайни Аъло: Амирам онро дар танзими лашкар ва мусаллаҳ сохтани он харҷ карданд. Имрӯз ҳар шаҳру деҳистони Бухоро дорои лашкари муназзаму мусаллаҳ мебошад.

Хоҷа Абулхафс: Намедонам, ин бор амир Исмоил ба амир Наср бинни Аҳмад чӣ ҷавоб хоҳанд дод.

Ҳусайни Аъло: Худованд чорасозу тавоност. Ҳар чӣ аз казову кадар ояд, онро хоҳем дид.

Қасри шоҳӣ

Дар боргохи Амир Исмоил мансабдорони дарборӣ ра-

вуо доранд. Ҳар кадоме ба коре машғул аст. Чанде нагузашта Хоҷа Абилҳафс ҳам меояд. Онҳо якҷоя ба қабули амир мераванд.

Ҳусайни Аъло: Амир Исмоил мунтазири шумо ҳастанд.

Хоҷа Абилҳафс меистад ва ба чашмони ҳайратзада ба Ҳусайни Аъло менигарад.

Хоҷа Абилҳафс: Чӣ хел?

Ҳусайни Аъло: Ман аз амир хостам шуморо қабул кунанд.

Хоҷа Абилҳафс: Саросема шудан лозим набуд.

Хоҷа Абилҳафс меандешад:

"Пас ин ҳама корҳо аз тақсири ӯст. Ва мехоҳад маро ҳам олуда созад. Ҳусайн чӣ фикре дорад?.."

Ҳусайни Аъло: Узр мехом, ҳамин тавр шуд.

Дарро мекушояд, Хоҷа ворид мешавад ва худаш паси дар мемонад.

Амир Исмоил ба пешвози Хоҷа Абилҳафс аз ҷояш мехезад ва чанд гом мезанад.

Амир Исмоил: Узр мехоҳам, ки Хоҷаро ба ташвиш андохтем. Мебоист аз ниятҳои хеш ишонро мутолеъ месохтем. Вале Хоҷа ташвиш накашанд ва ба хонаводаҳои ашроф ба итминон бирасонанд, ки бузургонашон аз паи ичрои умури давлатӣ ба Самарқанд рафтаанд, баъди анҷоми он ба манзилашон бармегарданд.

Хоҷа Абилҳафс: Аз рафтани онҳо вақти бисёре бигузашт. Дар ҳақиқат хонадони ишон ба ташвиш афтодаанд. Дирӯз фарзанди Абумуҳаммад ба талаби падараш ба назди Ҳусайни Аъло омада буд.

Амир Исмоил: Мо ба Самарқанд нома навиштем. Дар рӯзҳои наздик ишон бармегарданд. Супориш ҳам додаем, ки аз ишон хеле хуб пазирой намоянд. Аҳли Бухоро ишонро бо тамоми шукӯҳ, ки шоистаи шарафи онон бошад, истиқбол хоҳанд гирифт. Онҳо назди мо арҷманд ҳастанд ва баъди бозгашт дар мансабҳои хеш адои хизмат хоҳанд намуд. Мо ба ин кор Ҳусайни Аълоро маъмур кардаем. Агар Хоҷа маъмурияти дигаре доранд, бо камоли майл дар хизматашон ҳастем.

Хоҷа Абилҳафс лолу мот ба амир Исмоил менигарад ва беихтиёр таъзим мекунад.

Хоҷа Абилҳафс: Ман фақат ҳамин чизро донистанӣ будам. Дигар музоҳим ҷаноби олӣ намешавам.

Хоҷа Абилҳафс ҳамчунон лоту мот таъзимкунон, пушт-нокӣ, яъне аз амир рӯй нагардонда, баромада меравад. Ва то аз қаср бадар шудан бо худ ҳарф мезанад: “Мухаддас аст... Мухаддас аст... Мухаддас...”

САМАРҚАНД

Қасри шоҳӣ

Рӯйи суффаҳои ду тарафи тахти шоҳӣ Хоҷаи Бузург, Муҳаммад бинни Нӯҳ, Абдуҷаббор бинни Ҳамза, Симо-ал-Кабири сипаҳсолор хомӯш нишастаанд. Амир Наср бинни Аҳмад бо чеҳраи гирифта, хашмгин назди панҷара ба сӯйи боғ назора мекунад. Гӯё чизе дар хотираш хутур карда бошад, бо гомҳои сареъ ба сӯйи ҳозирин меравад.

Амир Наср: Дигар ҳеҷ ҷои таҳаммулаш намонд. Абоиб-роҳим дар сар андешаи дигаре дорад.

Нӯҳ: Ҳар андешае, ки бошад, хилофи манофеи кишвар ва амирам нест. Ман ҳатто ба хаёл дода наметавонам, ки Абоиброҳим коре хилофи фармудаи амирам анҷом дихад. Ин кори шуданӣ нест!

Амир Наср: Пас напардохтани хирочи Бухоро чӣ хел фаҳмем?! Рофеъ бинни Ҳарсама кист, ки бо вай тарҳи дӯстӣ афканам? Як исёнгар, осӣ бар хоҷаи худ! Магар ӯ ҳамон касе нест, ки Яъқуби Лайс ӯро аз зиштии зиёдааш аз наздаш ронд? Магар ин омилҳо тарҳи як исёну осӣ шуданро намерезанд?

Хоҷаи Бузург: Мо дигар ҳар чӣ ки нагӯем, амирам тас-мими хешро гирифтаанд. Вале масъулияти вазифа тақозо менамояд, ки дар ин замина андешаи хешро иброз дорем.

Амир Наср: Бифармоед.

Хоҷаи Бузург: Ман ҳадас мезанам, ки шояд дар пардох-тани хироҷ таъхир намудани шоҳзода ба сабаби хушксо-лие бошад, ки мардуми кишвар мубталои он шудаанд. Мо ҳама медонем Абоиброҳим чӣ хел як марди ботадбир ва одилу дар нихоят худотарс хастанд.

Амир Наср (*Хафсалагир шуда*): Хуш!...

Хоҷаи Бузург: Шояд ҳамин сирати фардии шоҳзода са-баб шуда бошад, ки нахостаанд бар мардум ситам раво бинанд, яъне аз мардум охирин сармояи зиндагиро, ки калил шудааст, бо зулм ситонанд.

Амир Наср: Мардуми Бухоро ва навоҳии он ҳунарманданд ва ҳирочи онҳо аз маҳсули косибии ишон аст. Таъриҳ ёддошт надодааст, ки мардуми Бухоро замоне тангдастӣ кашида бошанд. Ин бахона шуда наметавонад.

Хочаи Бузург: Он чунон, ки амирам фармуданд, тарҳи дӯстӣ андохтан бо ёғие ҳамчун Рофеъ бояд ба сабаби амнияти кишвар бошад. Ӯ ки тавонист ба осони Хуросонро ғасб намояд, чаро дар андешаи вусъат бахшидани қалампарави ҳукуматаш набошад? Шояд бо роҳи дӯстӣ Абоиброҳим ниятҳои шуми ӯро ханасӣ месозанд, то бар сари мардуми кишвар фалокатҳо наояд.

Амир Наср: Он чӣ Хочаи Бузург фармуданд, хости худи ишон аст. Вале тамоми рафтори Абоиброҳим хилофи ин андешаро нишон медиҳад. Аз замоне, ки ӯро дубора ба Бухоро ирсол намудем, дар чашмону шамоилаш исёну хилоф ҳувайдо буд. Вале ҳамон вақт ҳам ба мисли имрӯз дар ҳаққӣ вай некандешӣ намудед.

Симо-ал-Кабир: Имрӯз аз Бухоро хабарҳое расидаанд, ки гумонҳои амирамро ба яқин тасдиқ менамоянд: хироҷи Бухоро барои танзими як лашкари муназзам-ул-амал сарф шудааст.

Амир Наср: Абоиброҳим, бародари мо ҳамеша ба амалҳое даст мезананд, ки фармоиш нагирифтаанд, ҳамеша худро мустақил, худрой нишон додаанд. Имрӯз ин "сиратӣ фардии" ишон боиси ташвиш ва изтироби кишвар шудааст. Ё ҳанӯз ҳам пасарамуи азизи мо Муҳаммад ва вазири фозили мо Абдуҷаббор бинни Ҳамза дар шаҳодату кафолати хеш ҳамчунон содиқ мондаанд?!

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Бигзор амирам дар хусуси банда ҳар хаёле, ки доранд, бикунанд, вале ман ба садоқати амир Исмоил нисбат ба ҷаноби олӣ як зарра шак надорам. Ман гумон мекунам, ин ҷо ғаразу ҳасаду душманон дар миён аст, ва бӯйи хиёнат ба димоғ мерасад.

Амир Наср: Оре, дуруст аст: Бӯйи хиёнат. Не, балки бӯи тутиъа ба димоғ мерасад.

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Амирам... агар медонанд, ки андешаи тутиъае вуҷуд дорад, чаро иқтидоме намекунанд?

Амир Наср: Ҳанӯз мо онҳоро муайян накардаем. Вале ба зудӣ миси ишонро хоҳем бароварда.

Абдуҷаббор бинни Ҳамза: Амирам албатта аз мо, яъне ман ва писарамуяшон, ки ба амир Исмоил ва садоқату ис-

теъдоди ҳақшиносии ишон итминони комил дорем, бадгумон ҳастанд? Ва амир Исмоилро ба тутиъагарой гунаҳкор менамоянд?!

Амир Наср: Ман нагуфтаам, балки худи ишон чунин мегӯянд.

Абдучаббор бинни Ҳамза: Дар ҳақиқат ин ҷо бӯйи хиёнат ба димоғ мерасад. Вале ҳар хиёнате ошкор мешавад.

Амир Наср: Оре, ҳар хиёнате ошкор мешавад.

Абдучаббор бинни Ҳамза: Вале одамони зиёде ба ноҳақ ҷафо мекашанд.

Амир Наср: Якпорагии кишвар ва оромиши он тақозо менамояд., ки мо ба ҳеҷ кас гузашт накунем, агар он ҷафодида бародари мо бошад ҳам.

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Мебинам, ки амирам тасмими хешро гирифтаанд, вале ҳайронам, ки чаро таъхир менамоянд.(*Дастҳояшро ҷафс карда, ба сӯйи амир Наср дароз мекунад*). Бифармоед, бар онҳо завлона зананд.

Амир Наср аз тахт поин меояд ва ба мисли як шери захмӣ ба чор тарафи толор қадам мезанад. Муҳаммад бинни Нӯҳ ба дунболи ӯ бо дастҳои пешкашида меравад.

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Ман нисбат ба худам бадгумон шудаам. Хоҳиш мекунам...

Амир Наср якбора дар ҷояш меистад ва бо суръат ба тарафи Муҳаммади Нӯҳ мегардад ва ба хашм дар чашмони ӯ менигарад.

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Мо ҳар ду аз банди бадгумонӣ раҳо хоҳем шуд.

Амир Наср: Масқарабозӣ бас!... Агар нисбат ба худ бадгумонед, ин ҷурми шумост. Мо ҳамчунин андешаеро надоштаем. Шумо аз кучо гирифтед, ки мо нисбат ба шумо бадгумон хастем?! Ва шумо чӣ тасмим гирифтани моро, дар бораи чӣ тасмим гирифтани моро аз кучо медонед? Хоҳиш мекунам, ин гумонҳои беморгунаи хешро ба як сӯ гузоред. Ҳукми ҳоким то содир нашавад, ҳар гуна гумону андеша дар бораи он хатост!

Муҳаммад бинни Нӯҳ хиҷолатзада дастҳояшро поин меорад ва ба мисли мехкӯбшуда бар замин беҳаркат дар ҷояш меистад.

Амир Наср: Мо шуморо мешиносем, ҳусни нияти шуморо медонем... Аз аввал медонем ва дӯст медорем. Мо дӯстони худро қурб додаем. Мо дар бораи ҳеҷ кадом аз шумо

гумон надорем, балки манзилату сидқу сафои шуморо мешиносем. Пас агар, аз мо амале сар зада бошад, ки боиси гумону тардиди ишон шуда бошад, аз кӯтоҳии мост. Хоҳиш мекунам... барои мо дар чунин вазъе, ки дунё қарор дорад, ихтилофи дигаре наангезанд. Яъне Рофеъ дар Хуросон исён кардаасту худро амири Хуросон эълом доштааст, Саффориҳо дар ғарбии кишвар алайҳи халофат дар ҷанганд, ҳамин як ихтилоф бас аст. Ихтилофи дигаре наангезед, хоҳиш мекунам. Барои мо беш аз пеш ҳушёрӣ ва ягонагӣ зарур аст. Мо лашкари худро бояд ба сарҳадоти ҷанубу ғарбии кишвар пеш барем...

Амир Наср боз бар тахт мешинад ва ба Хоҷаи Бузург, ки то ба ҳол ба сари хам ғарқи андеша буд, мурочиат мекунад:

- Барои ин мақсад лашкари Самарқанду Истаравшан кифоят намекунад. Мо бояд лашкари фаровоне фароҳам оварем. Ба Фарғона ба наздики бародарон амир Абулашъас нома нависед ва бо лашкари бисёр ба пойтахт бихондашон. Ва номаи дигар ба Чоч фиристед ва аз бародарамон амир Абуюсуф Яъқуб дархост намоед, ки бо лашкари худ ва Исфичоб биёянд. Дар ичрои ин амр таъхир накунанд.

Симо-ал-Кабир: Ин эъломи ҷанг бо амир Исмоил аст, амирам?!

Амир Наср: Чӣ чора?! Бояд якпорчагии кишвар ҳифз шавад.

БУХОРО

Қасри амир Исмоил

Ҳуҷраи нисбатан калоне дар дохили қасри амир Исмоил. Амир Исмоил болои курсие назди оташдони нишаста бо оташгирак аловро рӯшан мекунад ва ба шӯълаҳои раққосаи оташ ва садои сухтани ҳезум хира мешавад. Ҳоҷиб вориди уток мегардад. Вале амир Исмоил ба омадани ӯ эътибор намедиҳад ва ҳамчунон нигоҳаш дар ракси шӯълаҳо роҳ бастааст.

Ҳоҷиб: Бузургон меоянд.

Амир Исмоил: Бигӯ, дароянд.

Аз курсӣ хеста ба назди панҷара меравад ва пардаҳои ҳаririро ба як тараф мекашад. Рӯшании сарду рангпари-

дае ба дохил мехезад. Барф меборад ва замин сафед шудааст.

Амир Исмоил гӯё аз дурҳо садои хешро мешунид:

Хуни хуршед дар панҷарахо лат баста буд...

Шабе дар бод

Танҳоии ман дӯза мекашид.

Бо овози сармозада аз яъс,

Бо чеҳри рангпарида чу мох...

Муҳаммади Марвазӣ, Ҳусайни Аъло, Абумуҳаммади Бухорхудо, Аҳмади Марвазӣ, Абуҳомиди Ясорӣ ва Абузакриё Яҳё вориди ҳуҷра мешаванд. Амир Исмоил аз панҷара дур мешаввад.

Амир Исмоил: Озодагон аз охирин таҳаввулоти кишвар хабар доранд? Ва медонанд, ки чаро дар ин бевақтӣ ишонро даъват намудем?!

Муҳаммади Марвазӣ: Баъзе овозаҳо аз Самарқнд меоянд, вале то чӣ андоза дурустанд, маълум нест.

Амир Исмоил: Чаро маълум накардаед? Ин вазифаи шумост. Як худи ман наметавонам ба ҷои ҳар кадоме аз шумо бияндешам, кор кунам, тадбир чӯям ва бар ҳама чиз огоҳ бошам... Ҳоло аз Самарқанд нома расид. Дар нома, ки ба соҳиби он ҳамчун худам бовар дорам, хабар медиҳад, ки амир Наср бо лашкари бисёр ба ҷониби Бухоро ҳаракат кардаанд.

Ҳусайни Аъло: Мо намедонем қасди амир Наср ба Бухоро омадан чист?

Амир Исмоил: Фақат сипаҳсолори мо аз қасди амирам бехабаранд ва ё ҳама? Ҳандаовар аст, гумон мекунед, ки шоҳи Вароруд бо лашкари Чочу Фарғона, Самарқанду Истаравшан ба меҳмонӣ меоянд? Ва ё ишон қасди Багдод доранд?! Худро ба нодонӣ задан ҳандаовар аст. Озодагон чӣ маслиҳат медиҳанд?

Ябузомиди Ясорӣ: Мо бояд аввал муайян намоем, ки қасди ишон чист?

Амир Исмоил (*Механдад*): Магар маълум нест?!

Ҳусайни Аъло: Мо бояд, пеш аз он ки ишон ба Бухоро наздик шаванд, лашкари худро ба Кармина расонем, он ҷо интизор шавем.

Амир Исмоил: Ин фикри қатъии сипаҳсолор аст?! Оё шумо бовар доред, ки бо ин лашкари қалил метавонед, бар лашкари Вароруд муковимат намоед? (*механдад*). Шумо-

ён чӣ фикр доред?

Ахмади Марвазӣ: Аз баски ҳодиса ногаҳонӣ аст, барои андешидану ба хулосае омадан фурсат лозим аст.

Амир Исмоил: Фурсат нест. Ҳамин ҳоло бояд чора андешид.

Муҳаммади Марвазӣ: Мо аз нияти амирам хабар надорем, бинобар ин ибораи ақида кардани мо дуруст нест.

Амир Исмоил: Мо сари ҷанг бо бародари худро надорем ва нисбат ба ҷанобашон чунин рафтореро беадабӣ мешуморем.

Абуҳомиди Ясорӣ: Интизор бояд буд, то қазо чӣ мефармояд.

Амир Исмоил: Чиро бояд интизор буд? Сари дор рафтанро? Ва ё кунҷи зиндон пусиданро? Чӣ , шумо гумон мекунед, амир Наср меояд, ки сари шумоёнро сила намоед?! Хомхаёлӣ бас аст! Ҳушёр шавед, агар хобед, бедор шавед. Аксуламали мо нисбат ба дархости амир Наср, агар ба он боз чизҳои дигаре афзуда бошанд, баробар ба осӣ шудан аст, исён аст, ёғигарӣ аст! Магар инро намефаҳмед?! Магар фаромӯш кардаед, ки шоҳон бо осиёни хеш чӣ рафторе мекунанд?! Мо Бухороро аз вуҷуди хеш холӣ мекунем. Дигар чорае нест. Ба шаҳрҳои гирду атроф расулон фиристед, то сарбозонро ба Фароб фиристанд ва мо пагоҳ ба роҳ мебароем. Дар Фароб интизор мешавем. Дигар ин, ки бояд аз амири Хуросон Рофеъ бинни Ҳарсама-дӯсти мо кӯмак талабид. Боз мегӯям, мо қасди ҷанг бо бародари худро надорем, барои эҳтиёт, худо накунад... Ба ҷуз Абулфазл дигарон метавонанд аз паси кор бишаванд. Мо фурсат надорем.

Ҳамагон ба ҷуз Абулфазл дабир баромада мераванд.

Амир Исмоил: Ҳамин ҳоло барои Рофеъ бинни Ҳарсама нома нависед. Ба фикри шумо аз одамони мо кӣ ин рисолатро хуб ичро карда метавонад?!

Ахмади Марвазӣ: Ман фикр мекунам, ки Ҳамӯя бинни Алӣ. Аввалан, ӯ исфароинӣ аст. Роҳҳоро хуб медонад ва дар он сӯйи Ому одами худӣ аст. Сониян, марди ботадбир ва далер аст.

Амир Исмоил: Бисёр хуб. Барои ӯ одам фиристоднед. Касе аз расолати ӯ набояд огоҳ шавад. Ман гумон мекунам ҷанг ногузир аст. Оре, ногузир!

Андешаи Амир Исмоил садо медиҳад: “Ту барои ҳада-

фҳои олӣ бояд аз болои сояҳои хеш бипарӣ. Ҳар ҳадафи олӣ ҷангро ҳақ мебарорад”.

Аҳмади Марвазӣ: Амирам дигар фармоишоте надоранд?

Амир Исмоил: Алҳол не. Ҳар гоҳ корро ба анҷом расонед, ман ҳамин ҷо ҳастам, бедор.

Аҳмади Марвазӣ баромада меравад. Амир Исмоил болои курсӣ нишаста оташро рӯшан мекунад ва нигоҳаш рӯйи рақси шӯълаҳо роҳ мебандад ва аз чӣ тавр ба ҳуҷра ворид шудани Шаҳбону бехабар мемонад. Сояи Шаҳбону аз болои курсӣ лағҷида ба девори оташдон мечаспад. Амир Исмоил ба сӯйи ӯ сар мебардорад ва то дер гоҳ бар чеҳрааш хира мемонад.

Амир Исмоил: Шаҳбонуро хоб намебарад...

Шаҳбону: Аз рӯйи инсоф нест, ки ман бихобаму ишон бехобӣ кашанд.

Амир Исмоил хастаҳолона, ба дард лабханд мезанад ва Шаҳбону аз пас гузашта сарашро дар оғӯш мефишорад.

Шаҳбонӯ: Амирам хаста шудаанд...

Амир Исмоил: Ку фурсате?

Шаҳбону: Агар бад-ин минвол дунбол кунанд.

Амир Исмоил: “Бад-ин минвол давом кунад”, яъне чӣ?

Шаҳбону: Шумо на танҳо амири Бухоро, балки падари фарзандон низ ҳастед. Ва ё ин ҷиҳати масъулияти худро аз ёд бурдаед?

Амир Исмоил: Бонуи азиз, чаро ба киноя ҳарф мезанад. Ман аз фарзандони хеш мутмаинам. Ва боз дар канори чунин модаре.

Шаҳбону: Онҳо бузург шудаанд, дигар дар канори падар будан мехоҳанд.

Амир Исмоил (*андешамандона*). Умр чӣ сон зуд, ноаён мегузарад. Онҳо бузург шудаанд, чӣ?!

Шаҳбону: Вақте фикри ишонро кардан шуда аст...Хостторхон Фарангис баромадаанд.

Амир Исмоил: Чӣ? Шуҳӣ накун. Ӯ ҳанӯз кӯдак аст.

Шаҳбону: Не, бобочон. Вақташ расидааст.

Амир Исмоил: (*андешамандона*) Ҳоло фурсати сур нест. Баъд дар ин бора фикр мекунем. Ҳоло фурсати ин корҳо нест.

Шаҳбону: Пас кай?

Амир Исмоил: Ҳоло барвақт аст. Ӯ боид донишҷ андӯ-

зад. Мо ба фарзандони оқилу доно ниёзмандтарем, нисбат ба домодҳои фарбеҳу курбталаб. Хостгорҳо кихоянд?

Шаҳбону: Ашрофзодагони Бухорову Самарқанд.

Амир Исмоил: Магар онҳо ном надоранд?

Шаҳбону: Чаро?! Ҳама аз хонадони бо ному шарафанд.

Амир Исмоил: Худ ӯ чӣ мегӯяд?

Шаҳбону: Чӣ ҳам мегуфт?! Ӯ дар амри падар аст.

Амир Исмоил: Ман худ бо ӯ дар ин хусус сӯҳбат хоҳам кард. Вале ҳоло фурсати ин корҳо нест. Баъд...

Шаҳбону: Охир, кай?

Амир Исмоил: Намедонам. Шояд баъди оромиҳо.

Шаҳбону: Чӣ шудааст? Наход, боз...

Амир Исмоил: Оре. Фардо мо Бухороро холӣ мекунем.

Шаҳбону: Ҳоли мо чӣ мешавад?

Амир Исмоил: Бо шумо коре нахоҳанд дошт.

Шаҳбону: Худоё... Магар зиндагӣ дар Самарқанд хуб набуд!

Амир Исмоил: Магар дар ин ҷо бад аст? Зиндагӣ майдони талошу ситез аст. Ва амирон ҳаққи фароғат надоранд.

Шаҳбону: Охир, чаро?

Амир Исмоил: Зеро онҳо бори масъулияти кишвари хешро бар дӯш доранд. Онҳо наметавонанд фақат барои хеш зиндагонӣ кунанд, ором бихобанду шиками сер бигарданд. Не, бонуи ман. Мо барои он зиндагӣ мекунем, ки дигарон ором бихобанду бо шиками сер бигарданд, бо шавқу завқ кор кунанд ва мояи саодати хешро ба вуҷуд биёваранд. Мо бояд ба чунин зиндагӣ кафолат диҳем, дар акси ҳол биҳишти мо дӯзахи ишон аст. (Амир Исмоил чанд тарошаи дигарро ба оташдон мепартояд.) Зиндагии мо мисли ин оташ бояд бошад: сӯзон, болохез, рӯшан, поку муназзаҳ аз ҳар гуна палидиҳо... Оташи сурху сӯзан...

Амир Исмоил ба намоз меистад ба Шаҳбону аз ҳуҷра баромада меравад. Аз фурӯғи шӯълаҳои рахшон сояи амир бар девор меларзад, мераксад.

ФАРОБ

Қалъа

Амир Исмоил бо сарлашкаронаш дар хучрае нишаста-

анд. Оташи оташдон хеле баланд аст. Соҳиби қалъа марде баландболо, бо рише кӯтоҳ ва дар либоси фохир ворид мешавад.

Абумуслим: Аз Бухоро расуле расидааст, амирамро мулокот кардан мехоҳад.

Амир Исмоил: Ӯро биёред.

Абумуслим ба талаби расул меравад. Ва баъди чанд лаҳза бо расул бармегардад. Расул бо ворид шудан замини хидмат бӯса мекунад.

Амир Исмоил: Бигӯ, аз Бухоро чӣ хабар овардай?

Расул: Сояи давлати амирам бар ҷаҳон густарда бод. Амир Наср ба Бухоро андар омаданд ва шаҳрро аз вуҷуди мубораки ҷанобашон холӣ ёфтанд, алҳол ба сӯйи Байканд меоянд.

Амир Исмоил: Ҳангоми вуруди амирам шаҳр чӣ вазъ дошт? Мардум шоҳи кишварро чӣ тавр қабул карданд?

Расул: Мардумони шаҳри Бухоро ба истиқболи амир Наср баромаданд ва ишонро бо лашкарашон хеле хуб қабул намуданд. Амир Наср ду рӯз дар Бухоро монданд ва ба талаби ҷаноби олӣ ба ин тараф меоянд.

Амир Исмоил: Бузургони Бухоро чӣ мегӯянд?

Расул: Ба ҷуз Абумуҳаммади Бухорхудот бокӣ ҳама дар рикоби шоҳ даромадаанд ва ба ин ҷониб меоянд.

Амир Исмоил: Чаро Абумуҳаммад бо амирам ҳамроҳ нашуд?

Расул: Дар хакки ишон овозаҳо бисёр буд: яке мегуфт, ки ӯ аз тарс бемор шудааст ва дигаре мегуфт, шоҳам ӯро ба зиндон андохтаанд. Касе чизи дурустеро дар хакки ишон намегӯяд ва ё намедонад.

Амир Исмоил: Чӣ ном дорӣ?

Расул: Ҳофизаддин, фарзанди Хоҷа Юнуси Бухорой.

Амир Исмоил: Фарзанди Хоҷа Юнуси фақеҳ?

Расул: Оре, амирам.

Амир Исмоил: Пас шумо Имом Хофизаддини Бухорой хастед?

Расул: Оре, амирам.

Амир Исмоил аз ҷояш мехезад ва ӯро дар канор мекашад ва дар бари хеш мешинонад.

Амир Исмоил: Ман дар бораи фазлу дониши шумо аз марҳум Хоҷа Абилҳафс бисёр шунидаам. Вале намедони-

стам боз чунин далер ҳам ҳастед. Кишвари мо дар вақеъ ба чунин ҷавонони вораста эҳтиёҷ дорад. Э кош ҳар ҷавоне дар ин кишвар ҳамчунон мебуд. Роҳ мушкил буд... хаста шудед?

Ҳофизаддин: Роҳ мушкил буд. Боду барф... Сармо, ба мисли дӯзахи габрон.

Амир Исмоил аз ин таъбироти Ҳофизаддин ба завқ меҳандад ва хандаи ӯ ба дигарон сироят мекунад. Ҳофизаддин аз хиҷолат сурх мешавад.

Амир Исмоил: Чанд рӯз ин ҷо кӯфти роҳ бароред. (*ба Абумуслим*) Мояи роҳати ишонро фароҳам созед. Хоҷа бояд боз ба Бухоро баргарданд.

Ҳофизаддин: Дар рикоби амирам мондан барои ман шараф аст. Ман омадам, ки бимонам.

Амир Исмоил: Кори уламо ҷангидан нест, бояд ишон ба таҳқиқу омӯзиш машғул бошанд.

Ҳофизаддин: Амирам, хоҳиш мекунам, ба ман иҷоза диҳанд, ин ҷо бимонам.

Амир Исмоил: Ин ҷо касоне мемонанд, ки илми ҷангро медонанд.

Ҳофизаддин: Ман ин илмро медонам ва дар аввалин набард онро исбот хоҳам намуд.

Амир Исмоил: Бигузор гуфтаи Хоҷа шавад.

Ӯ аз хурсандӣ аз ҷой парида мехезад ва ба шоҳ таъзим мекунад.

Ҳофизаддин: Дигар ман ба муродам расидам. Акнун лутф фармоед, маҷлисро тарк намоям.

Ӯ таъзимкунон ҳуҷраро тарк менамояд. Абумуслим аз дунболи ӯ меравад.

Амир Исмоил (*ба Аҳмади Марвазӣ*): Ҳанӯз аз Нишобур хабаре нест?

Аҳмади Марвазӣ: Сафири мо пешопеш қосиде фиристодааст, ки Рофеъ бинни Ҳарсама бо лашкари хеш ба кӯмаки мо меояд.

Амир Исмоил: Ӯ бояд пеш аз он ки амири Вароруд ба Байканд расанд, аз дарё бигзарад. Дар акси ҳол мо маҷбур мешавем, ки Фаробро убур намоем.

Ҳусайни Аъло: Гумон намекунам, ки амири Вароруд бо ворид шудан ба Байканд ҷангро оғоз намоянд. Ду-се рӯз лашкарашонро дам медиҳанд. То он вақт лашкари Рофеъ бинни Ҳарсама низ мерасад.

Амир Исмоил: Дар байни мардум шойиъот паҳн кунед, ки гӯё Рофеъ бинни Ҳарсама ба кӯмаки амир Исмоил омадааст ва аз Фароб гузаштааст.

Абуҳомиди Ясорӣ: Амирам, метарсам шойиъоти мо аксуламалеро ба вуҷуд ниёварад. Мо бояд сабр кунем, то бубинем мардуми Байканд аз амири Вароруд чӣ тавр пазирой менамоянд.

Амир Исмоил: Мо ҳадафамон на мардуми Байканд, балки лашкари амир аст. Онҳо бояд бифаҳманд.

Абуҳомиди Ясорӣ: Ҳар амале ду натиҷа дорад. Агар дар байни лашкариён ба манфиати мо кор кунад, мумкин аст дар байни мардум амали хилофро ба вуҷуд оварад.

Амир Исмоил: Ба кадом далел?

Абуҳомиди Ясорӣ: Аввалан, мардуми мо ҷафои бегонагонро бисёр кашидааст, сониян, Рофеъ бинни Ҳарсама бегона аст. Ин омил метавонад мардумро аз мо дур гардонад. Аз ҳоло нон гарон шудааст. Як ман нонро дар Фароб ба се дирҳам мехаранд.

Абумуслим, омили Фароб меояд.

Амир Исмоил: Ин қимат гӯшношунид аст! Ҳеҷ гах чунин набудааст. Сабабаш чист?

Абуҳомиди Ясорӣ: Хушксолиро сабаб нишон медиҳанд.

Амир Исмоил: Лалмӣ чоряки зироати кишварро ташкил медиҳад. Ҳеҷ гуна хушксолӣ баҳона шуда наметавонад, ки қимати галлаадона боло равад. Ё онро фақат ба мо гарон мефурӯшанд?

Абуҳомиди Ясорӣ: Нархи бозор ҳамин аст.

Амир Исмоил ба Абумуслим менигарад.

Абумуслим: Алҳол нарх дар бозорҳои Байканди Фароб ҳамчунин аст. Тахмин меравад, бо сар шудани ҷанг нархҳо боз боло раванд.

Амир Исмоил: Бозоргонон аз фурсат истифода бурда ҳамёнҳои хешро пур кардан мехоҳанд. Талқин кунед, гаронфурӯшонро сиёсат кунед.

Абумуслим: Амирам, хушксолӣ то андозае ба ҳосили имсола зарар овард. Мардум натавонистанд нисфи маҳсулоти ҳарсолаашонро ба даст оваранд.

Амир Исмоил: Аз кай нархҳо гарон шуданд?

Абумуслим: Як ҳафта мешавад. Мардум овозаи ҷангро шунида, нархҳоро боло бурданд. Агар бозоргононро сиёсат кунем, онҳо молашонро ба бозор нахоҳанд бароварда

ва мардум ба қаҳтӣ дучор хоҳанд шуд.

Амир Исмоил: Ин тадбири мулкдорӣ нест. Бозоргононро мачбур созед, ки бо нархи пештара савдо кунанд, то мардум қаҳтӣ накашанд, ҳар бозаргоне, ки аз ин амр сар мепечад, бояд сиёсат карда шавад. Ин кишвар алҳол соҳиб дорад ва намегузорад, ки ҳар кӣ ҳар чӣ хост, он бикунад. Дар кишвари Бухоро хушксолиро баҳона оварда, гаронфурӯшӣ кардан шармандагӣ ва зулм аст! Бунёди ҳама гуна зулму бедод куфр аст! Ба чунин вазъият ҳаргиз муросо кардан мумкин нест! Камокон мо ичоза намедиҳем!... Ман аз вазъият ҳар лаҳза бояд огоҳ шавам. Дар ин масъала ҳеч гуна мамониате набояд вучуд дошта бошад. Ман ҳар нафас интизори омадани пайке ҳастам. Ва ҳар кадоме аз омилони мо бояд маъмурияти хешро бе каму кост ҳушёрона ичро кунад! Ҳар кӣ ба ном фирефта шавад, ба нон андар монад ва ҳар кӣ ба нон хиёнат кунад ба чома дар монад...

БАЙКАНД

Кушк

Ҳучрае дар кушки ҳокими шаҳри Байканд. Хизматгорону ғуломон бо таштҳои ғизо вориди ҳучра мешаванд. Рӯйи суффаи назди оташдон амир Наср, ҳокими Фарғона Абулашъас, ҳокими Чоч Абуюсуф Яъқуб, Муҳаммад бинни Нӯҳ, Симо-ал-Кабир, Абдучаббор ва чанд тане дигар гирди дастархон нишастаанд.

Абулашъас: Аз истиқболи мардум, шодиву хурсандӣ, симу зар нисор кардан бар сари амирам чунин бармеояд, ки ишон нисбат ба амир Исмоил хушнуд нестанд.

Амир Наср: Ин наметавонад боиси форигболии мо гардад. Манро чизи дигар ба ташвиш андохтааст. Рофеъ бинни Ҳарсама ба кӯмаки амир Исмоил омадааст. Пеш аз он, ки ишон ба Бухоро раванд, мо бояд дар он чо бошем. Ҳамин шаб, бе овозаю дарвоза бояд озими Бухоро шуд.

Симо-ал-Кабир: Лашкар хаста аст. Акаллан то фардо бояд дам гирад.

Амир Наср: Фурсат аз даст меравад... Ба сарбозонвазъиятро бифаҳмонед. Мо дигар чорае надорем. Онҳо худашон низ хуб мефаҳманд.

Соҳили рӯди Ҷайҳун

Сарбозони Рофеъ бинни Ҳарсама аз рӯйи дарёи яхзада мегузаранд. Аввал пиёданизом, баъдан саворанизом. Онҳо аз чилави аспони хеш дошта бо эхтиёт мегузаранд. Дар тарафи мукобил Рофеъ бинни Ҳарсама, Ҳамӯя бинни Алӣ ва Ҳусайни Аъло болои теппае ба убури лашкар назора мекунанд. Муҳаммад бинни Ҳорун ба назди Рофеъ меояд.

Рофеъ: Ба саронии лашкар бифаҳмонед, ки ба сӯйи Фароб ҳаракат кунанд.

Муҳаммад бинни Ҳорун, ки сипаҳсолори лашкари Рофеъ аст, аспашро гардонда ба сӯйи лашкар метозонад ва Рофеъ, Ҳамӯя ва Ҳусайни Аъло аспҳояшонро ба сӯйи Фароб ҳаракат медиҳанд. Боди сард аз ҷониби Хоразм вазон аст. Сарбозони Рофеъ аз сармо меларзанд ва аз паймудании роҳи дуру дароз дар сармои сахти зимистон хастаҳол менамоянд. Аммомаҳо ба сару рӯ печонда, бо сари хам дар мукобили бод кохилона қадам мезананд ва касе ҷуръати сар бардоштану ҳарф задан надорад. Гоҳ аз гоҳ ба гӯши ишон садои сурфидани таболуди ҳамсафонашон мерасад. Саворанизом кайҳо аз назарҳо гайб задааст.

Дар он тарафи гаревахо, дар даромадгохи Фароб амир Исмоил бо бузургони Бухоро Рофеъ бинни Ҳарсамаро пешвоз мегирад. Рофеъ аз асп пиёда мешавад ва аз паси ӯ Ҳамӯяву Аъло ва Ҳоруи аз аспҳо поин меоянд. Амир Исмоил ин марди гулосову кареҳандому карохатангезро ҳамчун азизи дилаш ба канор мекашад ва аз гуноҳои сиёҳу доғдораш бӯса мегирад. Бузургони Бухоро ин тозии бадбӯро зиёрат мекунанд. Баъди ин маросими истиқбол ба поён мерасад ва амир Исмоилу Рофеъ бар аспҳои хеш мешинанд ва вориди Фароб мешаванд. Он ду нафар пеш-пеш ва аҳли рикобашон зи дунбол. Дар кӯчаҳо аҳён-аҳён равандагон ба назар мерасанд, гӯё мардуми шаҳр аз ин мехмон он қадар хушнуд нестанд.

Амир Исмоил: Амири Хуросон аз ин пазирой дил танг мадоранд. Вазъият такозо менамояд, ки мо боэхтиёт бошем. Вагарна аз ишон бо тачлил истиқбол мегирифтем.

Рофеъ: Мефаҳмам.

Онҳо кучахои танги шаҳрро гузашта ба дохили девори кушки хоким мешаванд. Аз аспҳо фаромада ба дохили кушк меларояд.

Рофеъ: Вазъият чӣ тавр аст?

Амир Исмоил: Алҳол ором аст. Бародари бузургамон дар Байканд фуруд омадаанд.

Рофеъ: Пас ҳар лаҳза метавонад ҷанг даргирад.

Амир Исмоил: Шояд. Вале ман гумон мекунам, ин ҷо ҷангидан маъние надорад. Мо бояд бо роҳи биёбон худро ба Бухоро расонем ва пеши роҳи амир Насрро барои бозгашт бандем.

Рофеъ: Шумо гумон мекунед, амир Наср нақшаи шуморо намефаҳмад?

Амир Исмоил: Гумон намекунам. Агар аз нақшаи мо пай баранд ҳам, вале имкони пешдастӣ кардан надоранд. Дирӯз ба Байканд расидаанд ва сарбозон хастанд.

Рофеъ: Чаро гумон намекунед, ин ҷо даргири ҷанг шавем.

Амир Исмоил: Зеро мо шаб ба роҳ мебароем. Хабари бозгашти моро ба Бухоро шунидаанд, ногузир бармегарданд. Мо дар ҳаволии Бухоро даргири ҷанг мешавем.

Рофеъ: Мо шаб ба роҳ баромада наметавонем, зеро сарбозонии мо хастаанд.

Ҳусайни Аъло башитоб вориди ҳуҷра мешавад.

Ҳусайни Аъло: Амирам, лашкари амир Наср дишаб Байкандро ба қасди Бухоро тарк кардааст.

Рофеъ: Шумо гуфтед, ки ин кор имкон надорад. Хушо ба ҳоли хасми доно!

Амир Исмоил: Пас нақшаҳои мо тағйир меёбад.

Рофеъ: Дигар таъҷил намехоҳад. Дунболаи лашкари амир Наср меравем.

Амир Исмоил ба хаёл меравад ва андешаашро мешунавад: “ Ин тавр шуданаш ҳеҷ мумкин нест!”

Рофеъ: Дидед- ку, мумкин будааст.

Амир Исмоил: Пас чораи дигаре бояд ҷуст!

Рофеъ:Чӣ чорае?

Амир Исмоил: (*андешанок*). Чорае, ки корҳо ба манфиати мо шавад... Дигар ба Бухоро рафтани мо маъние надорад.

Рофеъ: Пас чӣ бояд кард?

Амир Исмоил: Чӣ илоҷ!.. Сарнавишт аз рӯзи қазо ҳамин будааст. Худо шоҳид ман чунин сурат гирифтани вазъро намехостам. Худоё, гуноҳони манро бубахш.

Ҳозирини мачлис бо таҳайюр ба амир Исмоил менигаранд ва аз суханони таболуди ӯ чизеро пай намебаранд. Амир Исмоил пас аз максе ба суханаш идома медиҳад.

- Ҳар чӣ бодо бод! Мо бо роҳи биёбон ба сӯйи Самарқанд меравем ва пойтахтро мегирем. Сарнавишт ҳамин будааст...

Чашмони Рофеъ барқ мезананд. Бузургони Бухоро ҳайратзада ва бо тааҷҷуб ба амири худ менигаранд.

Абузакриё: Магар чораи дигаре нест?

Амир Исмоил: Бародари азизам, дигар кор аз кор гузаштааст. Ба ҳеҷ сурат рафтори мо дигар бахшиданӣ нест. Мо худро боид ҳаҷот диҳем, бародари ман, ҳаҷот!

Абузакриё: Магар намешавад аз ин нақшаҳо даст кашед ва бо гардани шикаста аз бародарашон авф пурсид? Ҳанӯз чизе нашудааст. Ҳанӯз барои авф талбидан фурсат ҳаст.

Амир Исмоил: Не, намешавад... Рӯямон дар баробари бародарамон сиёҳ шудааст. Бо тамоми оби Ҷайҳун наметавон онро шусту пок кард, мефаҳмӣ? Дигар дер шуд, дер!

Абузакриё аз чояш хеста фарёд мезанад:

- Чаро хомӯш нишастаед? Чораи дигаре бияндешед! Ин хиёнат аст! Бо хомӯшии худ амири худро ба вартаи ҳалокат мепартоед!...

Амир Исмоил: Абузакриё, бародари ман, ором шав! Чорае дигар вуҷуд надорад...

Рофеъ: Алҳол ин фикр дуруст аст. Ман ба он мувофикам. Ягона илочи масъала гирифтани Самарқанд аст. Илло мочаро то човидона тӯл хоҳад кашид.

Амир Исмоил: Дигар сари ин масъала бар намегардем. (*ба Хусайни Аъло*) Лашкарро ба сафар тӯлонӣ ва хеле машаққатовар омода боид кард. Худо агар хоҳад, пасфардо ба рох хоҳем баромад...

Овози ӯ хаставу ғамгин садо дод. Абузакриё бо гӯшаи фаш ноаён ашкашро пок месозад.

БУХОРО

Қасри амир Исмоил

Дар ҳуҷрае бародарон Амир Наср, Абулаҳсан, Абуюсуф Яъқуб, Муҳаммад бинни Нӯҳ ва Абдуҷаббор андӯхгин нишастаанд. Касе ҷуръати шикастани хомӯширо на-

дорад.

Амир Наср: Симо-ал-Кабир кучост?

Абуюсуф: Субҳ ба қароргоҳи сарбозон рафта буданд ва то ҳол бар нагаштаанд. Ана худашон ҳам омаданд.

Симо-ал-Кабир меояд.

Амир Наср: Рӯҳияи сарбозон чӣ тавр аст?

Симо-ал-Кабир: Хуб аст, амирам.Вале хабарҳои нохуше аз ҷониби амир Исмоил мерасанд.

Амир Наср: Чӣ хабар?

Симо-ал-Кабир: Амир Исмоил бо Рофеъ бинни Ҳарсама ҷониби Самарқанд ҳаракат мекунанд.

Амир Наср: Чӣ, ҷониби Самарқанд?!

Абулашъас: Ӯ девона шудааст?

Амир Наср: Ӯ хеле ҳушёр аст, балки моро девона мекунад... (*андӯҳнок*). Ба таъҷил бояд сӯйи Тавовис шуд. Бояд дар он ҷо сари роҳи ӯро гирифт. (*Ба Абдуҷабор*) Ба Суғди Самарқанд нома ба фарзанди мо Аҳмад бинни Наср нависед, то ғозиёни вилоятро барангезанд ва ба Тавовис биёваранд. Кош як бори дигар худованд он осии ёғиро бо ман рӯ ба рӯ мегардонд...

Ба роҳ!!!

БИЁБОН

Рӯйи дашт аз гулханҳои зиёде чароғон шудааст. Сарбозон гурӯҳ-гурӯҳ гирди гулханҳо ҳалқа зада бо ҳамдигар розу ниёз мегӯянд. Яке суруди ғамангезеро паст-паст замзама мекунад ва дигаре аз ҷазбаи дарад менолад. Фақат чодари амир Исмоил равшан аст. Сарони лашкар ҳама хаз ба тан доранд.

Амир Исмоил бар тахти чӯбии хеш бо сари афганда нишастааст. Рофеъ аз хашм ҷойи нишастаашро намеёбад ва ба мисли ҳайвони захмӣ худро ба чор тараф мезанад. Дигар бузургони лашкар бар даҳон об гирифта нишастаанд.

Рофеъ: Гуруснагӣ, сармо ва беморӣ лашкарро ба ҷон расондааст. Деҳоти Бухоро барои устурон алуфа намедиҳанд. Нон садчандон гаронқимат шудааст. Сарбозон аз гуруснагӣ ҳалок мешаванд. Ҳеҷ нест, ки мо ба чое бирасем. Ҷуброни ин талафот хеле гарон меуфтад!

Муҳаммад бинни Ҳорун: Рӯҳияи сарбозон хеле ғаманге-

зу яъсовар аст.

Амир Исмоил ҳамчунон хомӯш аст. Рофеъ бинни Ҳарсама ба хашм аз чодар бадар меравад.

Ҳоруи: Бо ин вазъият намешавад муросо кард. Боядилоче пайдо кард.

Амир Исмоил: Рӯҳияи шумо ба сарбозон сироят кардааст. Мо хамагон дар як вазъият қарор дорем.

Ҳусайни Аъло: Амир Наср дар Кармина фуруд омадаанд. Ғозиёни вилояти Самарқанд ҳам ба ишон ҳамроҳ шудаанд.

Амир Исмоил: Пас мурод наздик аст!

Ҳамӯя бинни Алӣ бо овози хафӣ дар гӯши Абузакриё мегӯяд: "Ман аз таҳлиди Рофеъ бинни Ҳарсама нигаронам". Абузакриё китф дарҳам мекашад ва ба бародар менигарад: "Намедонам, чӣ боядкард?" Ҳамӯя бинни Алӣ бо худ меандешад: "Рофеъ аз ин чанг қасди дигар дорад. Агар амир Исмоил бо мадади Рофеъ бар бародараш пирӯз гардад, дур нест, ки Рофеъ пас аз пирӯзӣ ба фикри он афтад, ки Имоилро ҳам аз байн бибарад ва ӯро дастгир намояд ва бар тамомии Мовароуннаҳр тасаллут ёбад. Ва агар ҳам ӯро нагирад ва бо Исмоил дар дӯстӣ вафо варзад, Исмоил боядбарои ин маладе, ки Рофеъ ба ӯ намуда, пайваста аз ӯ табъият намояд ва ӯ амру наҳйи ӯро бипазирад".

Ҳамӯя бинни Алӣ бо ин андеша аз чодари амир Исмоил бадар меояд ва ба сӯйи чодари Рофеъ бинни Ҳарсама меравад. Рофеъ танҳо рӯйи рахти хоб дароз кашидааст ва гуломбачаи турк дасту по, китфу миёни ӯро мемолад. Рофеъ бо шунидани шарфаи пои Ҳамӯя ба пушт мегелад.

Рофеъ: Ин тӯӣ, биё. Хизмат?

Ҳамӯя: Маро насиҳатест, ки вочиб аст онро ба ту бигӯям.

Рофеъ: Бигӯ!

Ҳамӯя: Ман аз Насру Исмоил чизҳои мутаваччеҳ шудаам, ки то кунун бар ман рӯшан набуд. Ман бар ту аз ин ду бародар эмин нестам.

Рофеъ: Рӯшантар харф бизан. Аз "насиҳат"-и ту чизеро намефаҳмам.

Ҳамӯя: Онҳо бо ҳам бародаранд, ту бегонай. Шояд онҳо дар ин чанг бо ҳам иттифоқ кунанд ва бар ту тозанд.

Рофеъ бинни Харсама ба фикр фурӯ меравад. "Шояд Ҳамӯя дуруст мегӯяд: Касдияшон аз ин чанг ман бошам?

Ба ин васила онҳо метавонанд бар куллияи Хуросон ҳокимият кунанд. Хулафо низ ишонро дар ин амр дастгирӣ хоҳанд кард...”

Рофеъ: Чӣ маслиҳат медиҳӣ? Ман чӣ бояд кунам?

Ҳамӯя: Ройи ман он аст, ки ту дар кори ҳарби ин ду бародар дахолат накунӣ ва дар ҷанг ширкат нанамоӣ, балки он дуро ба сулҳу ошти водорӣ.

Рофеъ: Бисёр хуб, ман бояд дар ин хусус бияндешам.

Ҳамӯя: Шаби хуш...

Баромада меравад.

Рофеъ: Бирав, Муҳаммад бинни Ҳорунро ба ин ҷо даъват кун.

Ғуломи турк меравад. Рофеъ аз рахт мехезад ва пасу пеш қадам мезанад.

Чодари амир Исмоил

Ба ҷуз Рофеъ бинни Ҳарсама ва Муҳаммад бинни Ҳорун дигар ҳама ҳастанд.

Абуҳомиди Ясорӣ: Мардуми шаҳру ноҳияҳои Бухоро аз мо рӯ гардондаанд. Ба мо ҳатто алуфа намедиҳанд.

Амир Исмоил: Ба кадом далел? Магар мо дар ҳаққи ишон зулм раво дидаем?

Абуҳомиди Ясорӣ: Мардуми вилоят мегӯянд, ки лашкари мо хориҷиёнанд ва моро ҳалол набошад нусрат додани ишон.

Ҳусайни Аъло: Дар воқеъ сарбозону устури сипоҳ аз гуруснагӣ ҳалок мешаванд ва ин шаҳру деҳот дар тасарруфи амир Наср мебошанд.

Амир Исмоил: Дигар бояд лашкарро ба таъқиби амир Наср бурд. Он гоҳ шаҳру деҳот ба тасарруфи мо хоҳанд даромад.

Чодари Рофеъ

Муҳаммад бинни Ҳорун вориди чодари Рофеъ мешавад.

Рофеъ: Ман аз мақсади ин ду бародар огоҳ нестам ва худро эмин эҳсос намекунам. Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо дар ниҳон нақшаи дигаре доранд.

Муҳаммади Ҳорун: Мо ба кӯмаки яке аз ин бародарон

омадаем. Бо ин хама талафоти чонию молӣ, дар сармои зимистон дар паймони хеш вафо кардаем. Дигар бакия кори ишон аст.

Рофеъ: Дуруст, ки кори ишон аст, вале метарсам, ки дар миён фиребе бошад. Зеро хонадони Сомонӣ байни хеш муттафиқанд ва бо ин сифат шинохта шудаанд. Агар харду бародар бо якдигар бисозанд ва лашкари моро дар миён гиранд, аз дасти мо чӣ меояд?

Мухаммади Ҳорун: Пас амирам чӣ кор карданӣ хастанд?

Рофеъ: Бояд онхоро оштӣ дод ва аз шарри ишон дар амон буд.

Ҳорун: Амир Исмоил ба хеч вачх розӣ намешавад.

Рофеъ: Ҳоло мо бояд расуле ба назди амир Наср бифиристем ва ба ӯ бифаҳмонем, ки "мо ба харб наёмадаем, бар он омадаем, то миёни шумо сулх кунем". Ҳамин холо ба Кармина ба назди амир Наср одам фиристед. Эхтиёт кунед, одамони амир Исмоил аз максади мо огох нашаванд.

Ҳорун: Шароити сулх чӣ гуна аст?

Рофеъ: Мо намедонем, бигзор ишон худашон шарту шароити сулхро муайян кунанд. Мо факат метавонем кафил шавем ва худро начот дихем. Вассалом, ин худ неъмати ноёбест.

Мухаммад бинни Ҳоруи аз чодар бадар меравад. Боди сарду тунде вазон аст, гулханхо хомӯш шудаанд ва Хорун аз миёни чодархои хурду бузург гузашта, ба чодари худ мерасад. Дар масири рох садои нолаи сарбозони бемору гуруснаву сармозада ба гӯшаш мерасад.

КАРМИНА

Хучрае дар кушки хокими Кармина. Хама бузургони Самарканд хузур доранд ва гирди дастурхони пурнозу неъмат нишастаанд. Хочиби кушк ворид мачлис мешавад.

Хочиб: Амирам, марде исрори бор ёфтан мекунад ва мегӯяд мухиме аз Рофеъ бинни Харсама барои амирам дорад.

Амир Наср: Бигзор даровад.

Хама ба сӯйи дар менигаранд. Марде баландболо дар либоси мардумони махаллӣ ворид мешавад ва замини курб мебусад. Ва аз шиддати сармохӯрдагӣ меларзад. Ранг дар

рӯй надорад. Ҳарф задан мехоҳад, вале аз шиддати ҳаяҷону сармояхӯрдагӣ наметавонад.

Амир Наср: Ба худ заҳмат мадеҳ. Ба назди оташдон бирав, гарм шав, ту меҳмони мо ҳастӣ.

Марди сармохӯрда таъзимкунон ба назди оташдон меравад ва диккак нишаста дастонашро ба сӯйи шӯълаҳои оташ дароз мекунад.

Амир Наср: (*ба сӯйи марди самохӯрда нигариста*). Чаро худоро хуш ояд! Агар яхгудоз шудӣ, сари дастурхон бинишин.

Мард аз ҷояш хеста ба сӯйи аҳли маҷлис меояд. Сурхӣ ба гуноҳояш давидааст, вале ҳанӯз ҳаяҷонаш фурӯ нанишастааст. Бо эҳтиёт шармгинона аз поён гузашта, дар муқобили амир Наср сари ду зону мешинад.

Амир Наср: Хиҷолат макаш, ғизо бихӯр.

Ӯ аввал бо хиҷолат даст ба таом мезанад, вале баъд бе ибо, далерона ба мисли гушназадагон хӯрок мехӯрад. Аҳли маҷлис бо табассум ба ӯ назора мекунанд. Мард баъди ҳар луқмаи фурӯ бурдааш шукрона ба худо мефиристад. Хизматгор болои сари ӯ истода, ба пиёлааш шарбат мерезад. Мард ҳангоми хӯрок хӯрдан ба касе эътибор намедиҳад, гӯё ҳузури шоҳро фаромӯш кардааст.

Абулашъас: Бародари мо Абоиброҳим чӣ ҳол доранд?

Мард бо шунидани ин пурсиш сар аз таом мебардорад ва дастонашро пок мекунад.

Мард: Онро намешавад ҳол гуфт. Сарбозону устурҳо аз гуруснагиву сармо ҳалок мешаванд. Мардуми шаҳру деҳот ба ишон хӯрокворӣ намедиҳад.

Амир Наср: Бигӯ, амири Хуросон ба мо чӣ паёме фиристодааст?

Мард номаро аз бағал бароварда ба ду дасти адаб ба амир Наср дароз мекунад. Амир Наср номаро кушода мехонад ва дар чеҳрааш осори шодмонӣ ва ризомандӣ хувайдо мешавад.

Амир Наср: Амири Хуросон дар номаи худ шарту шароити сулҳро муайян нанамудааст.

Мард: Ин ҷиҳати масъаларо амири Хуросон ба салоҳияти тарафайни мухосим вогузор намудаанд.

Амир Наср: Мо ба ин пешниҳоди амири Хуросон хеле хушнуд ва мувофиқ ҳастем. Оё амир Исмоил ба ин пешниҳод мувофиқ ҳаст ё не?

Мард: Ман фақат аз чониби амири Хуросон расолат дорам.

Амир Наср: Бисёр хуб. Ба амири Хуросон бирасонед, мо баъдан шарту шароити сулхро барои ишон муайян ва муқаррар менамоем.

Мард баромада меравад. Амир Наср дар андешаи хеш фуру меравад ва беихтиёр суханони Рофеъ бинни Ҳарсамаро такрор мекунад: "Ман ба харб наёмадаам, бар он омадаам то миёни шумо сулҳ кунам".

Амир Наср: Аз ин суханҳо хушам меояд! (номаро ба Абдучаббор медихад). Озори хешованд аз зарбати шахси бегона дардноктар аст!

Худхохии як нафар тамоми кишварро ба зиллат кашидааст. Аз кишоварз то амири кишвар дар азоб мондаанд...

Абулшъас: Абоиброҳим аслан чй мехохад?

Амир Наср: Магар маълум нест?! Ӯ чизеро мехоҳад, ки агар ба ӯ дихем, дигарон низ даъвогар хоҳанд шуд. Ӯ мустакилият мехоҳад! Ӯ мехохад, ки дар хутбахои намози чумъаи Бухоро номи ӯро зикр кунанд. Ӯ мехоҳад, ки хирочи Бухороро напардозад. Ӯ мехоҳад, ки дар Бухоро ба номи худ сим занад! Ин хоҳишҳои наҳангворона аст, ки олами исломро ба ташвиш андохтааст. Мо баъзе аз ин озодихоро ба ӯ хохем дод, вале кй кафолат медихад, ки фардо ӯ даъвогари саросари Вароруд нашавад?! Тамоми нигарони ман аз ин нафси таскиннопазири ӯст.

Абдучаббор: Ба амир Исмоил он озодиеро додан лозим аст, ки ӯро пойбанди хукумати марказй нигах дорад.

Амир Наср: Яъне чй тавр?

Абдучаббор: Бигзор дар хутбахо номи ӯро зикр кунанд. Бигзор бо номи худ сим занад. Вале боид хирочи Бухороро бе каму кост бипардозад. Барои ичро шудани ин шарти сулх Рофеъ бинни Харсама боид кафолат дихад.

Амир Наср: Мо наметавонем тамоми ин маъмуриятро фақат ба худи ӯ дихем. Амири хирочро боид худи мо тавин намоем, вай боид одами мо бошад. Дар акси хол мо ба сулхе, ки ишон пешниход мекунанд, розй нахохем шуд.

Абуюсуф Яъқуб: Магар ин эътирофи мустакилияти комили Або Иброхим дар Бухоро нест?

Амир Наср: Хама масъала хамин аст. Мо боид ӯро хамчун амири мустакили Бухоро эътироф намоем. Ва ин ташвишхо низ ба хамин хотир аст... (*ба Абдучаббор*) Ба хамин

мазмун ҷониби Рофеъ расул бифиристед ва аз тасмимоти мо ӯро огоҳ созед. Дар нома шарту шароити сулҳеро, ки мо мехоҳем, бо тафсил баён намоед.

Абулашъас: Ба ниёбати хеш киро дар ин маъмурият ба Бухоро хоҳанд фиристод?

Амир Наср: Дар ин масъала намешавад шитобкорӣ намуд. Фикр мебояд кард. Як бор хато кардем бас аст...

Амир Наср ба фикри хеш фурӯ меравад: "Кош ин сулҳ дасисаи нави бародарамон набошад. Ман аз қавлу амали ӯ нигаронам. Ӯ шинохтанӣ нест!..."

БИЁБОН

Чодари амир Исмоил. Ҳусайни Аъло ворид мешавад.

Ҳусайни Аъло: Рофеъ бинни Ҳарсама имрӯзро ҳам барои лашкариёнаш рӯзи истироҳат эълон кардааст.

Амир Исмоил: Чаро?

Ҳусайни Аъло: Ӯ мегӯяд, ки сарбозон хеле хаста шудаанд.

Амир Исмоил: Ба ӯ бифаҳмонед, ки ин кор ба манфиати мо нест. Ғозиён аз ҳама вилоят ҷамъ шудаанд ва ба ҷанги мо меоянд. Он гоҳ масъала мушкил хоҳад шуд.

Ҳусайни Аъло: Ба ӯ фаҳмондам, вале ӯ қабул намекунад.

Амир Исмоил: Ман худам ба ӯ мефаҳмонам.

Ба хашм аз чодар бадар меравад. Бориши барф суст шудааст. Бод аз вазидан мондааст. Вале ҳаво хеле сард аст. Амир Исмоил аз байни чодарҳо ба аҷала гузашта сӯйи хаймаи амири Хуросон меравад. Чодари амири Хуросон бо ранги сурх ва дар байни ҳамаи дигар чодарҳо пурҳашамат ба назар менамояд. Чанд сарбозе, ки ӯро ҳамчун муҳафиз ҳамроҳӣ мекарданд, беруни чодари Рофеъ мемонанд.

Амири Хуросон ба пешвози Амир Исмоил аз ҷояш мехезад.

Рофеъ: Бифармояед, амир.

Амир Исмоил: Фурсати нишатсан нест. Агар имрӯз ба Тавовис нашавем, дигар дер хоҳад шуд.

Рофеъ: Ҳар коре ба хости худованд аст. Магар фақат ҷанг ягона роҳ барои расидан ба ҳадаф аст?

Амир Исмоил: Ғараз аз ин гуфта чист?

Рофеъ: Сулҳ ҳам як усули ҷанг аст, ба шарте агар ба ин

васила ҳадафҳо бароварда шаванд. Мо тасмим гирифтем, байни ду бародар оштӣ диҳем. Хун ба ноҳақ рехтан, кишварро ба харобӣ андохтан, занону кӯдаконро бепарастор гузоштан гуноҳ аст.

Амир Исмоил: Дӯстам, коҳ кунад ба пӯстам...

Амир Исмоил гӯё худ ба худ ҳарф мезанад ва Рофеъ онро ношунида мегирад.

Рофеъ: Бо ҳам ҷангидани ин ду бародар бемаъност. Амири Мовароуннаҳр бе ҷанг хостаи шуморо бароварда месозад ва ман гумон мекунам, барои чунин ҳадафе бо якдигар ҷангидан, лашкарҳоро ба ҷони якдигар андохтан бе-ҳуда аст.

Амир Исмоил: Яъне бе мо масъалаи мо ҳал шудааст.

Рофеъ: Амир Наср ҳукумати Бухороро ба шумо медиҳад. Шумо метавонед бо номи худ сим занед, дар намозҳои одина хутба ба номи шумо хонда шавад, вале Бухоро яке аз вилояти амир Наср ба шумор хоҳад рафт.

Амир Исмоил: Ҳамин?...

Рофеъ: Магар барои амири як вилоят ин кам аст?! Магар худ шумо чунин мустақилиятро намехостед? Шумо бе ҷанг ба он ноил мешавед!

Амир Исмоил: Магар ин мустақилият аст?!

Рофеъ: Дар давлатдорӣ ҳама гуна озодӣ, мустақилият, нисбӣ аст. Итоат аз як кишваре қавитар ногузир аст. Чӣ фарқ дорад, хироҷи Бухороро ба Самарқанд мепардозад ё бо Бағдод? Мо бояд мувофиқати хешро ба шарту шароити сулҳ ба амири Мовароуннаҳр муайян намоем.

Амир Исмоил: Пешниҳоди сулҳ аз ҷониби кист?

Рофеъ: Аз ҷониби мо.

Амир Исмоил: Оё амир Наср ба он мувофиқ аст?!

Рофеъ: Бале.

Амир Исмоил: Дар сурате, ки ман онро напазирам?

Рофеъ: Мо илоҷ надорем. Мо тавонистем бе хунрезӣ, бе харобкорӣ ба ҳадафи худ расем. Ва намедонем, ин моҷаро бо ҷанг чӣ муддате анҷом меёфт? Ва ман дар кишвари худ амири Саффорӣ нигаронам. Мо бояд ризояти худро ба сулҳ диҳем ва харчи зудтар аз нияти хеш амири Мовароуннаҳрро муталеъ созем.

Амир Исмоил: Яъне ман ихтиёри интихоб надорам?

Рофеъ: Не.

Амир Исмоил: Бар зиммаи ман чӣ мондааст?

Рофеъ: Барои бастани сулҳ бояд ба Тавовис рафт.

Амир Исмоил: Кӣ кафолат медиҳад, ки дар ин миён хиёнате вуҷуд надорад?

Рофеъ: Ман.

Амир Исмоил: Шумо фақат метавонед аз ҷониби мо кафил бошед.

Рофеъ: Ба тамоми масъулият кафолати ҷонибайнро ман ба гардан мегирам.

Амир Исмоил меандешад: "Худоё, худовандо, ман ҳеҷ гоҳ худро чунин ҳақиру таҳқиршуда эҳсос накарда будам".

Амир Исмоил ғамгинона, вале бо шакку тардид дар ӯ хира мешавад.

ТАВОВИС

Амир Наср, амир Исмоил, Рофеъ бинни Ҳарсама ва бузургони Самарқанду Бухоро.

Амир Наср: Барои охирин бор мо гузашт мекунем ва ба амир Исмоил озодиҳо медиҳем. Вале намедонем, дар оянда бародари азизамон аз худ боз чӣ хорикулодагие буруз медиҳад. Мо ишонро аз маъмурияти амири хироҷ узл намуда, барои итмимнони хотир бародари дигарамон Абуисҳоқро ба ҷои ишон таин мекунем. Барои он, ки минбаъд чунин ҳодисоте аз ҷониби бародари азизамон рух надиҳад ва хирочи Бухоро дар мӯҳлаташ пардохта шавад, амири Хуросон кафолат медиҳанд. Акнун аз бародарамон амир Исмоил пурсида мешавад, ки оё ишон ба чунин сурат ҳал шудани мочаро, бо чунин шарту шароит баст шудани сулҳ мувофиқ ҳастанд ё не?

Амир Исмоил аз ҷой хеста ба амир Наср таъзим мекунад ва мегӯяд:

- Ман рози ҳастам. ва боқии умр бар он мекӯшам ки садоқати худро ба бародари бузургвор нишон диҳам.

Амир Наср аз тахт поин омада амир Исмоилро хилъат мепушонид ва ӯро ба оғӯш кашида, нобоварона ба чашмонаш менигарад. Амир Исмоил аз хичолат нигоҳашро мегурезонад. Амир Наср ба Абуисҳоқ низ хилъат пушонда ӯро дар оғӯш мекашад.

Амир Наср: Мо аз бародарони хеш умедворем, ки барои таҳкими сулҳ, осоишу оромиши кишвар ҷаҳд менамоянд.

Мо аз бародари азизамон Рофеъ бинни Ҳарсама дар талошҳои беғаразонашон барои таҳкими сулҳ дар кишварамон сипосгузор ҳастем, ва умед мебандем, ки дар оянда низ ин муносибати ҳасанаи мо баркарор бимонад. Мо аз ҳамаи ҳозирин, ки барои баркарории сулҳ шароит ба вуҷуд овардаанд, сипосгузорем. Мо ба худованди ҳақ субҳона сипос мегузорем, ки ниёти некро бар дилҳои мо ҷой дод ва бо баракоти қудрати бузургаш дар миёни мо сулҳу оштӣ баркарор гардид. Инналлоҳа яъмурукум ан тувадду аламонати илло аҳлиҳо ва изо ҳакамтум байна ан-носи -ат таҳкуму биладли. Яъне: ҳамоно худованд ба шумоён фармон медиҳад, ки амонатҳоро ба соҳибони онҳо бозгардонед ва чун дар миёни мардум доварӣ кунед, ба адолат ҳукм бironед.

Амра аллоҳу ал-вулота вал ҳукома ан яҳкуму бил адли ва ан насафта, яъне: худованд ба фармонравоён ва ҳокимон фармон додааст, ки бо адолату инсоф ҳукм бironед.

Ё айнаҳо ал-лазина оману атиъу иллоҳа ва атиъу ар-расула ва увли ал-амри минкум фа ин танозаътум фий шайъин фардуҳу иллоаллоҳу ва ар-расули, яъне: эй имоновардагон, худо ва паёмбар ва соҳибони амр аз миёни худатонро итоат кунед. Пас агар дар амре низоъ ва ихтилоф кардед, онро ба Худо ва паёмбар бозгардонед. Омин.

АЗ ИН МИЁН ПОНЗДАҲ МОҲ ГУЗАШТ

САМАРҚАНД

Чорбоғи қасри шоҳӣ

Дарахтон чун арӯсе дар либоси гул пироста заминро маҳмали сабза густурда, оби шаффофу зулол бар чӯйҳо ҷорӣ, боғҳо нағмасаро ба лаҳни сорӣ, насими форам ба ракс кашида гулбаргҳо абрҳо, абарҳо ҷигар халида тогарҳо...

Амири Наср бо амузодааш Муҳаммад бинни Нӯҳ хомушона даруни чорбоғи қасри шоҳӣ гардиш мекунанд. Ин манзараи бихиштгуни фарвардин дар чеҳраи гирифтаву нигарони онҳо бе агар мондааст.

Амир Наср: Ман дигар бо ӯ чӣ кор карданамро намедонам... Ман ҳисоби ӯро наёфтам... Ба ӯ намешавад бовар кард: на ба савгандаш, на ба сидқаш на ба дӯстиаш!...

Муҳаммади Нӯҳ: Амирам, магар Абоиброҳим боз...

Амир Наср: Мо дигар мачбурем, ки ӯро чабран аз Бухоро биронем. Ба ман мегуфтанд, ки ӯ ба саросари Вароруд тамаъ дорад, вале ман бовар намекардам. Ҳамеша меҳри бародари бар дигар эҳсосоти ман ғолиб меомад. Акнун, ки фикр мекунам, ҳамеша дар қиболи рафтори ӯ гӯл хурдаам.

Муҳаммади Нӯҳ: Магар Абоиброҳим бар амирам осӣ шудаанд? Ба ҷониби Самарқанд лашкар кашидаанд?

Амир Наср: Ӯ паймони сулҳро шикастааст. На ба даъвати мо гӯш фаро медиҳад ва на ба насиҳати амири Хуросон эътино мекунад. Магар ин маънои эъломи ҷангро надорад?! Ин эъломи ҷанг аст! Ба қаср бармегардем. Ҳеҷ баҳоре бар дилам сафо намебахшад. Бояд ба зудӣ чораи кори амири осии Бухороро дид.

Амир Наср бар лаби чӯй сари по мешинад, дасту рӯяшро бо оби софу сарди баҳорӣ мешӯяд. Муҳаммад бинни Нӯҳ миёнбандашро аз зери қабояш кашида, ба амир Наср дароз мекунад. Амир Наср дасту рӯяшро поккунон ҷониби қаср меравад. Ғуломону канизон рӯи ҳавлии қаср равуо доранд. Онҳо вориди қаср мешаванд. Даруни қаср муҳити идӣ ҳукмфармост. Садои мусиқии тарабангез аз ҷониби шабистон меояд. Ғуломону канизон дар либоси идона, хешро ҳамчун баҳор оростаанд. Ҳама ҷо аз бӯйи гул муаттар. Бузургони Самарқнд, ашрофу мансабдорони дарбор сари дастурхони идона нишастаанд. Бо ворид шудани амир Наср ва Муҳаммади Нӯҳ ҳама аз ҷой мехезанд ва идро барои амир муборак бод мегӯянд. Амир аз миёни суффаҳои пуродами толори пуршукуҳу бо гулу баргҳои тоза муазаян гузашт, ба суффаи тахтгоҳ меравад. Баъди он, ки ҳама дубора ба ҷойҳои хеш менишинанд, амир Наср сухан мекунад.

Амир Наср: Мо имрӯз рӯзҳои охири Наврӯзро, ки Ҷамшуд бар мо суннат гузозтаст, бар ҳамаи шумо муборак мегӯем. Ин рӯзи бахшишу дод аст. Рӯзест, ки кинаҳо аз дилҳо берун кунанд, чонҳоро бо фурӯғи меҳр татҳир кунанд, ақлҳоро бо сафои ишқ рахшон кунанд... Вале афсӯс, ин бор Наврӯз ба дилхоҳи мо наёмад. Мо мачбурем дилҳоро аз кинаҳо лабрез кунем, ҷонҳоро дар зулмати қаҳр мунҳасир кунем, ақлҳоро ба ҷаҳолати хашм кур кунем. Ин хости мо нест, вале моро мачбур мекунанд. Мачбур мекунанд, ба Фарғона нома кунем, ба Чоч нома кунем, лаш-

карро барои ҷанг фаро хонем. Наврӯз ин бор моро барои хунолуд кардани сабзазорон, сар задани навниҳолон фаро мехонад. Худо шоҳид, мо намехостем. Вале бародарамон дар Бухоро моро ба ин амали зишт во доштаанд. Худо шоҳид, мо намехостем дар чунин рӯзе муборак айши шуморо муғаннас созем. Ғозиёнро барои гулгун сохтани кафанҳо фаро хонед. Мо мадад аз худои худ металбем. Мардуми мо дахолати бегонагонро намехоҳад. Мо ба қудрати силаҳшӯрии мардуми худ такья мекунем, зеро дар корзорҳо хештанро шинохтаем.

Хоҷаи Бузург: Хоҳишмандам, барои охирин бор бузургони кишварро ба Бухоро фиристем, то ӯро насиҳат кунанд.

Амир Наср: Бо эътимодтарин наздикони хеш Симо-ал-Кабир ва Абӯяъқуб Исҳокро бо ӯ ҳамроҳ кардем, то аз кирдори нигаронкунандаи бародар эмин бимонем. Вале он чунон, ки мебинед ишон низ дар шӯъбадаҳои ӯ шарик шудаанд. Дигар бо забони сулҳ бо ӯ сухан гуфтан як кори беҳудаву беарзиш буд. Мо дигар на ба қавл, на ба савганд, на ба амали бародари хеш эътимод дорем. Бинобар ин ба Фарғонаву Чоч нома нависед ва талаб намоед, ки бародарронамон бо лашкарҳояшон ба зудӣ биёянд. Ба таомми сарони лашкар, ки дар маҳалҳо ҳастанд, нома нависед ва ба Байканд расул фиристед, то лашкари сарҳад ҳушёр бошанд ва бо оғоз шудани ҷанг ба ҷониби Бухоро ҳаракат кунанд. Инналлоҳа яъмурукум ан тувадду ал-амонати илло аҳлиҳо ва изо ҳакаматум байна ан-носи ан таҳкуму биладли, яъне: Ҳамоно худованд ба шумо фармон медиҳад, ки амонатҳоро ба соҳибони онҳо боз гардонед ва чун дар миёни мардум доварӣ кунед, ба адолат ҳукм бironед. Омин, оллоҳу акбар.

Ҳама даст ба рӯй мекашанд.

БУХОРО

Қасри Амир Исмоил ҳанӯз осори тазйини идонаро нигоҳ доштааст. Дар толори боргоҳ бузургони Бухоро ва аҳли дарбор Симо-ал-Кабир - сипаҳсолор, Ҳусайни Аълосоҳибшурта, Абӯяъқуб Исҳок-амири хироҷ, Аҳмади Марвазӣ ва Муҳаммади Марвазӣ, Абӯмуҳаммади Бухорхудо ва Абӯҳомиди Ясорӣ гирд омаданд. Амир Исмоил ба тоҷе

гавҳарнишон бар тахти мурассаъ бо сари шер нишастааст.

Амир Исмоил: Мо худ ба истиқболи чунин ҳаводис мерафтем. Зеро медонистем, аз иғвои душманон масун нахоҳем монд. Бинобарин ҷои шигифтӣ надорад, ки бародари бузургворамон ба набарди мо меоянд. Хоҳиш мекунам, ҳак касе ки ҳанӯз дар худ шакку тардиде эҳсос мекунад, (*Ба Симоъ-ал-Кабир ва Абӯяъқуб Исҳоқ менигарад*) ба яқин дарк кунанд: Ин бор амир Наср ба касе гузашт наменмаоянд. Мо ҳама бар ишон осӣ эълом шудаем.

Симо-ал-Кабир: Амирам, мо ин ҷо барои таъминиоромиши кишвар таъин шудаем ва хилофи ин маъмурият амал карданамон, дар ҳақиқат хиёнат аст. (*Ба Абӯяъқуб Исҳоқ менигарад. Ӯ бо сари хам аст*).

Амир Исмоил: Шумо ва бародари азизамон Амир Исҳоқ дар ҳамфикрӣ бо мо мучрим эълом шудаед. Агар то ҳамин лаҳза тардиде доред, метавонед аз маъмурияти хеш даст кашед. Мо ба рағйи шумо ихтилоф нахоҳем варзид.

Амир Исҳоқ: Агар бародари мо дар садоқати мо шакке доранд, ихтиёри ишон аст. Вале масъулияти ҳар маъмурият дар содиқони ва аз рӯи адлу дод анҷом шудани он аст. Дар акси ҳол хиёнат ба шумор меравад.

Амир Исмоил: Мо аз забони бародари азизи хеш ҳаминро шунидан мехостем. Ин ҳукми тақдир ва иғвои бадхоҳони мост, ки мо бародари бузургвори хеш рӯ ё рӯ мешавем.

Симо-ал-Кабир: Ман наметавонам, бар хоҷаи хеш осӣ шавам. Дигар ихтиёр шуморост. Бо банда ҳар чӣ раво мебинед, ҳамон кунед.

Амир Исмоил: Бисёр хуб... Мо шуморо муваққатан маъзул мекунем, вале иҷоза намедихем аз Бухоро хориҷ шавед. Моро маъзур доред.

Симо-ал-Кабир аз ҷояш хеста ба сӯйи дар меравад ва Амир Исмоил бо ишорати сарбозонро ба дунболи ӯ мефиристад ва ба суханаш идома медиҳад:

- Мо самимияти рафтори ғуломи падари хеш эҳтиром мегузорем... Вале ба касе иҷоза намедиҳем, ки дар чунин шароите муртакиби хиёнате шавад! Ҳанӯз барои муайян намудани майлҳо фурсат ҳаст. Бифармоед, боз ки мехоҳад аз ғуломи падари мо, аз сипаҳсолори мо пайравӣ кунад?!. Аз ҳамин лаҳза Ҳусайн бинни Аълоро сипаҳсолори

лашкар эълом мекунам... Ҳамӯя бинни Алӣ бо ман ҳамроҳӣ мекунанд. Амир Абӯяъқуб Исҳоқ бо сипоҳиёни хеш пеши роҳи биёбонро мегиранд. Пеш аз он ки амир Наср ба Кармина ворид шаванд, мо бояд дар Тавовис бошем... Бузургони кишвар ҳама медонанд, ки мо аз ҳеҷ кучо интизори кӯмак нестем. Бинобар ин хоҳиш мекунам тамоми маволиён ва ғуломон ба лашкар сафарбар карда шаванд. Ғозиён аз ҳама шаҳру деҳоти кишвар даъват гарданд. Дар ин амр истиҳола варзидан ба масобаи хиёнат аст ва омилони ишон ба сахтарин кайфар расонда хоҳанд шуд. Аз деҳқонони арҷманд хоҳиш менамоем, дар кӯмак намудан ба лашкар аз ҳеҷ амри сар напечанд. Деҳқонони деҳистонҳои бузургтар бо сарбозони хеш ба ҷанг раванд. Мо бояд аз тамоми имконияти мавҷуда истифода барем. Ин бор мо ба воқеияте рӯ ба рӯ омадаем, ки сарнавишти кишвар ва ҳар кадоме аз моёнро ба тарзи инфиродӣ ҳал менамояд...

ТАВОВИС

Лашкари Амир Исмоил дар беруни девори Бухоро, аз ду тарафи шоҳроҳи Самарқанд мавқеъ гирифтааст. Сарбозон дар кори дуруст кардани чодарҳои хеш машғуланд. Амир Исмоил бо Ҳусайни Аъло ва Ҳамӯя бинни Алӣ болои гаревае нишаста, бар аспҳо минтақаро муояна менамоянд. Киштзорҳои сабзу хуррам ва чорбоғҳои дилкушо рӯйи дашт он ҷое, ки чашм мебинад доман кашидаанд. Дарахтон гарқи гул.

Амир Исмоил: Дарегам аз ин киштзорҳову чорбоғҳои сабзу хуррам меояд. Фардо аз онҳо осоре ба ин дилрабой боқӣ нахоҳад монд. Зери пои аспҳо, зери наъши сарбозон фосид хоҳанд шуд...

Ҳусайни Аъло: Шояд амир Наср ҳам аз он сӯ аз назораи ин манзар ба чунин фикр меояд.

Амир Исмоил: Шояд. Вале одам ҳангоме, ки асири хашми худ мешавад, чизе ба назараш наменамояд. Андешаи ӯ банди чӣ сон саркуб кардани хасмаш аст.

Ҳамӯя: Имрӯз хабар омад, ки амир Исҳок дар роҳи Байканд бо лашкари Истаравшан даргир шудаанд.

Амир Исмоил: Пас пешбинии мо дуруст баромад. Онҳо бо роҳи биёбон ҳам лашкар фиристодаанд, то роҳи Хуросонро барои мо бубаранд, то ҳангоми мунҳазим шудан

гурехтан натавонем.

Ҳусайни Аъло: Шояд ҳамин тавр бошад...

Амир Исмоил: Шумо ба ин тахминҳо бовар мекунед? Ва ё тарсу ҳарос аз лашкари бародарамон андешаатонро тира сохтааст. Ҳанӯз набард оғоз нашуда пойи сипаҳсолори мо меларзад. Хоҳиш мекунам, ин эҳсосоти хешро назди сарбозон буруз надиҳед.

Ҳусайни Аъло: Амирам ба ҷидд мегӯянд ва ё маро масқара мекунанд?

Амир Исмоил: Ман аз гуфтори ишон натиҷа гирифтам. Кош фиреби назар бошад. (*механдад*)

КАРМИНА

Чодари амир Наср

Абулашъас (Вориди чодар мешавад): Амирам, аз Байканд пайк омад ва мегӯяд, ки лашкари амир Исҳоқ шикаст хӯрда ба Фароб қафо нишастааст.

Амир Наср: Хиёнат вуҷуди заъф дорад... Рафтори Симо-ал-Кабир боиси ситоиш аст. Бародари мо, ноиби мо ҳатто садоқати як ғуломи падарашро надорад.

Аҳмад бинни Наср: Магар дуруст аст, ки Симо-ал-Кабир барои сарпечиаш аз ҷанг бар зидди амирам ба зиндон андохта шудааст?

Амир Наср: Дуруст аст. Шарофатмандона ба сар бурдан дар зиндон беҳ аз хиёнаткорона мурдан дар майдон аст. Абуяъқуб Исҳоқ ба мо хиёнат кард, чӣ дид?!. Оре, хиёнат вуҷуди заъф дорад... Рӯхияи лашкари Фарғона чӣ тавр аст? Фардо рафти ҷанг ба рӯҳияи ишон вобаста аст.

Абулашъас: Онҳо рӯҳияи ҷангиро доранд ва омадани фардоро бесаброна интизоранд, то садоқату матонати хешро нисбат ба амири Мовароуннаҳр намоиш диҳанд.

Амир Наср: Ҳушёриро набояд аз даст дод. Дар мукоби-ли хасм бедор бояд буд. Посбонҳои бисёр гуморед... Худованд ёру мададгори мост, зеро мо бар ҳақ мечангем...

ТАВОВИС

Чодари амир Исмоил

Амир Исмоил: Агар фардо ба лашкари Фарғона зарбаи муҳлик назанем, рӯҳияи сарбозонамонро шикаста мешавад. Кӯшиш кунед, мунҳзим шудани лашкари амир Исҳоқ дар байни сарбозон овоза нашавад. Фардо ҷуброни ин шикаст бояд бароварда шавад, то ки ба сарбозон рӯҳияи боланда бахшад.

Субҳи рӯзи дигар сарбозони Амир Исмоил ба сӯйи Кармина ҳаракат мекунанд. Аз сӯйи дигар амир Наср бо лашкари хеш ба тарафи Тавосис ба роҳ мебароянд. Аз ду тараф садои духул ва шайпур баланд мешавад. Ду лашкар ба ҷони ҳам меафтанд. Ҷанги сахте сурат мегирад. Лашкари Фарғона тоби муқовимат наёварда, ақибнишинӣ мекунад.

Амир Исмоил (*Ба Ҳамӯя*): Акнун навбати шумо расид. Саворанизомро ба майдон дароред. Лашкари Абулшъас то ба охир бояд торумор карда шавад. Онҳо набояд дигарбора барои ҷамъоварии сарбозонашон фурсат ёбанд...

Ҳамӯя бинни Алӣ бо саворанизоми хеш вориди набард мешавад. Лашкари Фарғона мунҳазим мешавад ва ба сӯйи Самарқанд қафо мешинад.

Шаб

Ҳусайни Аъло: Амир Наср ба Рабинҷон рафта, то ки кори лашкарро танзим намоянд.

Ҳамӯя бинни Алӣ: Мардуми Самарқанд бар Абулашъас шӯридаанд, ба сабаби бародарро дар майдони ҷанг танҳо гузоштан. Хостаанд, ӯро бигиранд, вале ӯ боз лашкар қавӣ карда ба тарафи мо меояд.

Амир Исмоил: Пас бояд ба зудӣ лашкарро ба тарафи Рабинҷон ҳаракат дод. Ин фурсати хубест. Аз лашкари Истаравшан чӣ хабар аст?

Ҳусайни Аъло: Онҳо ба Кармина фуруд омадаанд ва ба амир Наср пайвастаанд. Аз ин рӯ мо наметавонем ба ҷониби Рабинҷон ҳаракат кунем. Фардо низ дар ҳаволии Кармина даргири ҷанг хоҳем шуд.

Амир Исмоил: Агар мардуми Самарқанд Абулашъас шӯрида бошанд. Пас ҳама ба ҷанг омадаанд. Онҳо мардумони силаҳшӯр ва ғозипеша ҳастанд. Ва ман гумон мекунам, ба Самарқанд қафо нишастани Абулашъас маҳз бо ҳадафи барангехтани мардум ва расидан ба вичдони ишон будааст, на пирӯзии мо.

Ҳусайни Аъло: Мо аз лашкари ишон асирони зиёде гирифтаем ва майдони ҷанг қариб ҳама аз мурдагони ишон буд.

Амир Исмоил: Бо асирон хуш муомила кунед, онҳоро мардуми мо ҳастанд ва ҳеҷ гуноҳе надоранд. (*худ ба худ*) Ҳама гуноҳ морост. Мо онҳоро ба чунин амали маргбор барангехтаем... (*меандешад*) "Ду шоҳ ба як кишвар намегунҷад, ҳарчанд бародар буда бошанд..."

Майдони ҷанг

Бо дамидани субҳ дуҳулҳову шайпурҳо ба садо дар меоянд, лашкарҳо ба ҷони ҳамдигар дар меовезанд. Қувваҳои нав ба нав вориди майдон мешаванд. Лашкари амир Исмоил лашкари амир Насрро пас мезанад ва дунболагири ишон то Рабинҷон меравад. Абулашъас бо қувваҳои нав ба ҷанг медарояд ва Ҳусайни Аълоро шикаст медиҳад.

Ҳамӯя бинни Алӣ: Агар қувваҳои нав ба кӯмаки мо наоянд...

Амир Исмоил: (*сухани ӯро бурида*) Ба тарсу ҳарос наяфтед.

Ҳамӯя бинни Алӣ: Сарбозон фирор мекунанд.

Амир Исмоил: Дар байни лашкар чор занед, ки аз майдон фирор кардан ҳам ба масобаи кушта шудан аст. Амон ёфтан фақат дар ғалаба кардан аст!

Ҳамӯя бинни Алӣ аспашро баргардонда ба набардгоҳ меравад. Амир Исмоил бо бародараш Абузакриё Яҳё иддаи ками сарбозон мемонанд.

Амир Исмоил: Зуд ба Бухоро баргардед, гурезагонро ҷамъ оваред ва аз ҳисоби ғуломону маволиён лашкар бисозед. Агар Абуяъқуб Исҳоқ ба Бухоро расидааст бе диранг ба набардгоҳ ояд. Фирориёнро низ бо ишон ҳамроҳ созед. Ба Муҳаммади Марвазӣ ва дигар бузургон бирасонед, ки аз ҳисоби озодагон ва ғозиён лашкар танзим намоянд. Худо малагори шумо бод.

Абулашъас: Пирӯзӣ бо мо буд, то он замон ки амир Исмоил худ вориди майдон шуд, гурезагони лашкараш ба набардгоҳ баргаштанд. Амир Исмоил бисёр хуб мечангид. Ҳарчанд хостам худро ба ӯ бирасонам, натавонистам. Ӯ Аҳмад бинни Мусии Марзукро мачрӯҳ сохт ва асир гирифт.

Амир Наср: Хоҳиш мекунам, дар ҳузури ман азон нагунбахт ёд накунед, ки шунидани номашро намехоҳам.

Абулашъас: Амирам маъзурам, алҳол лашкари мо афзалият дорад ва худо агар хоҳад фардо натиҷаи набард маълум мешавад.

Амир Наср: Ин бор ба сарбозонатон бифаҳонед, ки фардо бароямон рохи Самарқанд бурида аст, чои гурез надоранд, то охирин қувва бояд мубориза баранд. Дар ин амри муҳим далеливу тадбири ҳар гурӯҳбон бояд шоистаи тақдир ва пайравӣ бошад. (*Меандешад*). "Аз амир Исмоил бояд омӯхт!"

ТАВОВИС-

Чанд сарбоз Аҳмад бинни Мусии Марзукро ба дастҳои баста ва тани мачрӯҳ ва либоси даридаву хунолуд вориди чодар мекунанд. Амир Исмоил бо ворид шудани ӯ аз чой мехезад.

Амир Исмоил: Чаро дар чунин вазъе?! Магар фаромӯш кардаед, ки ӯ кист?!

Ҳусайни Аъло: Ӯ хасми мост ва бо хасми хеш ҷуз ба хориву зиллат муносиабт намекунанд.

Амир Исмоил: Ӯ хасми мо нест, балки хамчун озодмарди ин кишвар ба амири хеш содиқ аст ва тибқи ин садоқат амал намудааст. Ӯро аз банд раҳо кунед, захмҳояшро марҳам нихед, бо иззат он чӣ лоиқи шаъни ӯст, ба Бухоро фиристед.

Мусии Марзук бо хайрати тамом ба амир Исмоил менигарад ва ашк аз чашмонаш мерезад, мехоҳад арзи сипос намояд, забон бар комаш часпидааст. Ӯ наметавонад аз шодӣ боло бичаҳад ва амир Исмоилро ба огӯш кашад ва

ба мисли овони кӯдакиву ҷавонии бо ӯ гуштӣ гирад. Фақат ҳамин қадар меандешад, ки "ҳар чӣ дар бораи ту мегӯянд, дурӯғ аст. Ту ҳамон Абоиброҳими сахиву одилӣ, ту ҳамон ҷавони вафо пешаву пурсидқӣ. Боқи ҳама дурӯғ аст!. Онҳо дурӯғ мегӯянд бузургонро, озодагонро бар зидди ту мешӯронанд..."

Амир Исмоил: (*ба Мусии Марзуқ*) Мо дар Бухоро бо ҳам мулоқот хоҳем кард, ба мисли солҳои пеш.

Сарбозҳо дастҳои ӯро аз банд раҳо мекунанд ва аз чодар бадар мебаранд.

Амир Исмоил: Мо имрӯз то бад-он ҷо кушидем, ки зарбаҳои сахти лашкари Фаргонаро ханасӣ кунем. Агар фардо низ ҳамчунин идома кунад, мо бегумон шикаст хоҳем хӯрд. То ба ҳол аз ҳеҷ ҷо ба мо кӯмак намерасад, аз амир Абуяъқуб Исҳоқ дарак нест. Мо наметавонем бузургони давлат дар Бухоро ба чӣ коре машғуланд.

Ҳамӯя бинни Алӣ: Абӯяъқуб Исҳоқ ҳоло ба қароргоҳ фуруд омаданд ва дам ба дам ба хизмати амирам мерасанд.

Абӯяъқуб Исҳоқ, Абузакриё Яҳьё ва Абумуҳаммади Бухорхудо ва чанд бузургзодаи бухорой вориди чодар мешаванд. Амир Исмоил бародараш Исҳоқро ба оғӯш мекашад.

Амир Исмоил: Бузургтарин ҳадия...

Исҳоқ: ... гузашт аст!

Абӯмуҳаммади Бухорхудоро ба оғӯш мекашад.

Амир Исмоил: Мо маломати шумо мекардем.

Бухорхудо: Амирам дил қавӣ гардонанд, ки ду ҳазор ғозил бухорой ба ҳимояти амири хеш омадааст. Абузакриё Яҳёро ба оғӯш мегирад.

Абузакриё: Ду ҳазор маволию ғулом ва фирорӣ даст ба камари бандагии амирам зада...

Амир Исмоил: Ман аз дидори ҷанобон бағоят шодам. Худованд моро аз даргоҳи пуриноятӣ хеш ноумед нагардонод!

Исҳоқ: Умед аст, ки дарҳои биҳиштро на танҳо дар он ҷаҳон, балки дар ин ҷаҳон низ ба рӯйи мо боз мекунад.

Амир Исмоил: Фардо рӯзи сахте дар пеш дорем ва имрӯз набарди сангинеро ҳам паси сар гузоштем ва ҳама хаста шудаанд ва бародарон, ки аз роҳ расидаанд низ хаста шудаанд. Ҳарчанд саги дайду бехтар аз шери хобида аст. То бомдод дар паноҳи худованди бахшояндаву мехрубон бо-

шед. Худованди ҷони хирад ёру мадагор бод!

Майдони ҷанг

Аз ду тарафи муқобил лашкарҳо бо ҳам мерасанд ва садои таку туқи шамшерҳо ба осмон мепечад. Аз он тарафи нибардгоҳ амир Наср бо иддае сарбоз болои гаревае истода, рафти ҷангро назора мекунад. Амир Исмоил бо дар гирифтани ҷанг бо сарбозонаш ба майдони набард наздик мешавад. Баъди хеле ҷангидан қарибиҳои нисфи рӯз лашкари амир Наср ба парешоншавӣ оғоз мекунад ва қарибиҳои намози аср ба пуррагӣ мунҳазим мешавад. Амир Исмоил ба сӯйи гаревае асп метозонад, ки он ҷо амир Наср бо иддаи ками сарбозаш истода буду ба ҷанг назора мекард. Саворанизоми хоразмиҳо ба амир Наср метозанд ва дар ҳамин вақт бонги амир Исмоил баланд мешавад.

Амир Исмоил: Истед! Аз амир даст бардоред!

Саворанизоми хоразмӣ боз меистад. Амир Наср бо чеҳраи рангпарида ба сӯйи соҳиби овоз менигарад. Амир Исмоил аз паси гарева сар мебардорад ва ба сӯяш меояд. Аз асп пиёда мешавад ва рикоби аспи амир Насрро гирифта бӯса медиҳад. Ҳанӯз амир Наср карахт аст, аз шиддати изтироб меларзад, ранг дар рӯй надорад. Амир Исмоил барои аз асп фуруд омадани бародараш дасти кӯмак дароз кард, вале амир Наср бе мадади ӯ аз асп поин омад. Дигар пойҳояш тавони ӯро доштан надоштанд. Мачбур нихолайнашро ба замин гузошт. Амир Исмоил зонувони бародарро бӯса дод. Ҳамчунон амир Наср карахту мот буд, ӯро бар тахт нишонд.

Амир Исмоил: Ё амир, хукми худой ин буд, ки маро бар ту берун оварад. Ва мо ба чашми хеш мебинем: ин кор бадин азимиро.

Амир Наср: Мо мутааччибем бад-ин кор, ту овардай, ки итоати амири худ надоштӣ ва фармоне ки худойи таъоло бар ту карда буд, нагузоридӣ.

Амир Исмоил: Ё амир, ман макаррам, ки хато кардам ва хама гунох марост ва ту авлотарӣ ба фазл, ки ин гуноҳи бузург аз ман даргузарӣ ва авф кунӣ.

Дар хамин вакт Исҳок бинни Ахмад бирасид ва аз асп фуруд наёмад. Аспаш бар замин пой мекуфт бекарорӣ мекард.

Амир Исмоил (*хашмгинона*): Ба назди худойвандигори хеш фурӯд намеоӣ?! Носипоси палид!

Исҳоқ худро аз асп ба зер афганд ва худро ба пойи амир Наср партофту заминро бӯса дод.

Исҳоқ: Узр мехом, ки натавонистам зуд аз асп фуруд оям ва замини бандагӣ бӯса диҳам, зеро ин аспи ман тавсан аст ва аз вай ба зудӣ фуруд натавон омадан.

Амир Исмоил: Ё амирам, савоб он аст, ки зуд ба мақарри иззи хеш баргардӣ, пеш аз он ки ин хабар он ҷо расад ва раъият бишӯранд дар миёни Мовароуннаҳр.

Амир Наср: Ё Абоиброҳим ин тӯӣ, ки маро ба ҷои хеш мефиристӣ?!

Амир Исмоил: Агар ин кор накунам, чӣ кунам?! Ва бандаро ба худовандигори хеш ҷуз ин муомила нашояд кардан, ки ҳар чӣ муроди ту бошад.

Амир Наср: Ҷиддӣ равад ё ҳазл мегӯӣ?!

Амир Исмоил: Маозаллоҳ, ки маро дар ҳазрати ту маҷоли ҳазл бувад?!

Амир Наср (*худ ба худ*): Намефаҳмам... Ё Абоиброҳим ин тӯӣ?! Ман намешиносам.

Амир Наср: Ҳамеша дар андешае будам, ки ба ту арзи лоиқи истеъдодатро биёзорам, то рӯҳи падарамон ором гирад. Ӯ доим исрор менамуд, ки беш аз дигар бародарон мувозиби ту бошам. Падар ту бародари хеш Илёсро медид. Вале ман худи ӯро меёфтам: ҳам оқилу ҳам силаҳшӯр. Ин фазилатҳоро ҳеҷ як аз бародарон ба таври куллӣ дар хеш надоштанд. Ту будӣ, ки ба ман қуввату умед мебахшидӣ. Беш аз дигарон ба ту бовар доштам. Кирдору гуфторат дар ман чунин тасмимотро тавлид мекунанд. Ин мавқеъ ҳам фаро расид. Туро ба ниёбати хеш ба Бухоро фиристодам. Дигар дар хусуси ту хотирам осуда шуда буд.

Амир Исмоил: Оре ин манам, гунаҳкоре, ки ту худ ӯро парваридаӣ. Гунаҳкоре, ки ҷуз ҷанг бо куффори шимол дигар кореро намедонист ва аз лаззати ҳукумат кардан бар дигарон бебаҳра буд. Ҳама зиндагониш омӯзишу пайкор буд. Ӯ бо уламо ҳадис аз қавли падар накл мекарду ҷангро ҳамчун шикор дӯст медошт ва бо ин қаноатманду озод буд. Ин ки мебинӣ, парвардаи худи туст. Ту худ ӯро ба коми озу ниёз андохтӣ.

Амин Наср: Вале ин осудаҳолӣ дер давом накард. Ту умедҳои маро ба якборагӣ барбод додӣ. Худсарона амал

намудӣ. Аз ин лаҳзахо буд, ки нигаронии ман аз ҷониби ту оғоз гардид.

Амир Исмоил: Ман ноилоҷ будам. Ҳукумат кардан қудрат мехост, ман онро надоштам. Бинобар ин худро ҳамчун лутии маскарабозони бозор ба маъраз гузоштан нахостам. Бузургони тоза ба давлатрасидаи Бухоро хилофи андешаи ман амал мекарданд. Ман на зар доштам на шамшер. Ман ноилоҷ аз бими осӣ шудан ба худовандигори хеш ба чунин амале даст задам.

Амир Наср: Ман ба ту хашм гирифтам. Ин хашме буд, ки кас ба наздиктарин шахси худ аз сари истиғно мегирад. Ман тӯро танбеҳ додан хостам, то худ бифаҳмӣ, ки чӣ хатоиеро муртакиб шудай.

Амир Исмоил: Ин бузургтарин ҷазо буд. Ман на шаб ором доштам, на рӯз, баръакс ҳар рӯз сангинтар мешуд.

Амир Наср: Ман орзӯҳои туро без аз афсонаву хаёлоти кӯдакона қабул накардам. Он чӣ Абулфазлу Симо-ал-Кабир аз ниёти ту харф заданд, бароям хандаовар ва кӯдакона менамуд. Ҳамон вақт буд, ки дар чашмони як замон маъсумонаи ту, кину исён намудор гардида буд.

Амир Исмоил: Дигар ман дар худ тасмим гирифта будам: бо ҳар роҳе, ки бошад, ба мақарри иззи хеш бояд бозгашт. Дигар ман тасмим гирифтам, ки масъулияти аъмолам дар гардани дигарон хоҳад буд. Барои ҳукумат кардан бар дигарон қудрати ҷобира зарурат дорад. Дастёбӣ ба ин қудрат ҷуз бо рохи исён ба даст нахоҳад омад. Қудрат ин ҳам заррасту ҳам шамшер. Ман барои дарёфти ин ду қувваи қудратсоз аз баҳри ҳама чиз гузаштам.

Амир Наср: Ту дар тасмимоти худ он қадар дур рафтӣ, ки хостӣ бо кӯмаки бегонагон теша ба решаи хеш занӣ! Тамоми заҳмати ҷадд бар ҷаддатро бар бод дихӣ?!

Амир Исмоил: Ба мисли имрӯз... Вале касе ӯро насихат кард.

Амир Наср: Оё донистӣ, ки ӯ кӣ буд?

Амир Исмоил: Оре, Ҳамӯя бинни Алӣ. Ӯ бо насихати хеш моро аз инхитот нигах дошт.

Амир Наср: Оё гумон мекунӣ, агар ин марди начиб намебуд, ходисот ба мисли имрӯз сурат мегирифт?!

Амир Исмоил: ман ӯро барои ин хизматаш дар назди хонадони Сомонӣ азиз доштаам ва то ҳастам, аз дари кадршиносӣ бо ӯ дӯстӣ хохам кард, ва арҷ хохам гузошт.

Амир Наср: Пас дигарбора саркашӣ кардан, ҷангро ангехтан ба рехтани хунҳои ноҳақ, сабаб шудан ба чӣ хотир буд?! Қудрати мутлақа?! Ман?!

Амир Исмоил: Намояндагони садоқати хеш ба худовандигори худ. Баъди воқеаҳои понздаҳ моҳи пеш байни мо сафо барнагашт. Амирам аз мо будгумон киначӯ ва бо хашм баргаштанд. Дубора ёфтани садои пештара бароям бо дигар роҳе имконпазир набуд. Ман мебоист ин сафоро ё бо хуни хеш ва ё хуни дигарон бармегардондам. Оре дареғам меояд аз ин хунҳои нобаҳақ рехта, ба занҳои бевамонда, ва кӯдакоини бепарастор, киштзорҳои харобшуда, деҳоти сӯхтаву валангор андешаҳои пурбим, вичдонҳои ноором... Каффорати ин ҳама бар гардани ман аст, ба шарте тавониста бошам сафову меҳрубонии худовандигори хешро ба сӯи худ баргардонда бошам. Ту бузургӣ, маро авф бинмо ва аз гуноҳам бигзар. Ман ҳамон Абоибароҳим, бародари туам, ки худ ҳамчунон баробари худ дарёбӣ. Ман дигар битамом меҳру садоқати хешро дар пойгаҳи ту рехтаам, ва худро урён намоёндаам, маро дарёб, қазоват кун, авф бифармой. Ин Абоиброҳим аст, ки дигар то ба қиёмат бо ин эҳсоси вафодорӣ, бо масъулияти як фарзанди падар, чокари ту боқӣ хоҳад монд.

Амир Исмоил худро ба пойи амир Наср меафканад ва ғубори онро ба оби дида мешӯяд. Амир Наср аз тахт поин меояд ва бародарро аз хоки зиллат бардошта ба оғӯш мегирад. Ӯ низ ба риққат меояд ва ашк мерезад. Амир Исмоил бо овози аз ҳаяҷон ларзону гирифта мегӯяд:

- Пеш аз он, ки ин хабар ба пойтахт расад ту бояд ба мақарри иззи хеш баргардӣ.

Амир Наср: (*ашкашро пок карда бо овози хафӣ*). Ҳанӯз боварам намеояд.

Амир Исмоил: Фурсат кам аст.

Амир Насрро бар асп мешинонанд ва бародарон Исмоилу Исҳок аз чапу рост рикоби бародари бузурги хешро гирифта, то як манзил ба ин минвол ӯро гусел мекунанд. Аз паси онҳо бузургони Бухоро бо ҳамроҳии Симо-ал-Кабир, Абдулло бинни Муслим, Аҳмад бинни Мусии Марзуқ меоянд. Амир Исмоил баъди паймудани як манзил рох бо амир Наср видоъ мекунад ва дар фарҷом мегӯяд:

- Ман камокон дар Бухоро ба инобати ишон боқӣ хоҳам буд ва қадам аз тариқи чокариву фармонбардорӣ фа-

ротар нахоҳам гузошт.

Онҳо бори дигар хамдигарро ба оғӯш мегиранд ва амир Наср бо кӯмаки бародараш амир Исмоил бар асп мениишинад ва ба роҳ меафтад. Амир Исмоил то дер гоҳ бо нигоҳ ӯро гусел мекунад. Амир Наср пешопеши хайли худ меравад ва аз назарҳо гойиб мешавад. Он гоҳ амир Исмоил бар аспи хеш нишаста озими Бухоро мегардад.

Ин воқеа дар рӯзи сешанбе, понздаҳуми моҳи ҷамодиюлохир, сол бар дувисту ҳафтоду панҷ рух дода буд

САМАРҚАНД

Қасри шоҳӣ

Бузургони Самарқанд, деҳқонон, дарбориён дар толорҳо аз як пешомади ногаҳонӣ мушаввашанд. Ин вазъи рӯҳии онҳо гӯё ба тамоми қаср сироят карда бошад, ки ҳама чоро як интизори вахшатзо фарогирифтааст. Андӯҳу тарс дар чеҳраи ҳар кадоме ях баста, забонҳо аз гуфтор боз монда буд. Ходимону гуломон бесадо дар равуо.

Амир Наср бистари беморӣ хуфта чашми ҳасрат ба сӯйи боғ духта аст. Дар атрофаш фарзандонаш, бародаронаш бо додарзодаву амузодаҳояш хомӯш нишастаанд. Ҳар кадоме дар банди хаёле, охарин ҳукми амир Варорудро интизор аст: амир Наср бояд валиаҳди хешро эълом намояд ва зимоми давлатро ба дасти ӯ биспорад. Ҳама тасмими амири хешро ба тахмин медонанд, ки вай кист. Бино бар ин тахминҳое, ки дар худ икрор кардаанд, гоҳ аз гоҳ ба сӯйи Аҳмад бинии Наср фарзанди бузурги бародари хеш менигаранд ва бо нигоҳи мармуз ӯро тасаллӣ медиҳанд. Амир Наср дар ҳамон ҳолате, ки чашм ба сӯи панҷара бастааст, хомӯшии мудхишро мешикананд.

Амир Наср: Имрӯз кадом аст?

Абуюсуф Яъқуб: Ҷумъу, рӯзи бистусеввум аз рабеъулохил, сол бар дувисту хафтоду нӯх.

Амир Наср: Дар ин мох Ҳаҷҷоҷ хонаи Каъбаро бисӯзонад... Ҳафт рӯз монда бар ҷамодиулаввал. Имрӯз нахустин рӯз аз даймох аст. Рӯзи Хуррам. Ниёгон ин рӯзу ин мох-хардуро ба номи худои таолло, ки Хурмузд аст, номидаанд, яъне рӯзи подшохи хакиму сохибраъйи офарид-

гор.

Аҳли мачлис бо тааччуб, ки дар андешаи амир ихтилол афтодааст, ба ҳамдигар менигаранд.

Амир Исмоил: Амирам, моҳ исфандормӯз аст, рӯзи ҳур аст, ки аввали гуҳанбори дуюм бошад ва охири он "рӯзи дайбамеҳр" аст, ки "мадюшомгоҳ" ном дорад.

Амир Наср бо чашмони аз иллати дард фурӯрафта ба бенур ба ӯ менигарад ва лабханд мезанд.

Амир Наср: Чӣ фарқ дорад. Ба сақфи мунаққаш менигарад ва дар худ фурӯ меравад ва ба касеву чизе дигар эътибор намедиҳад. Гӯё хоб мебинад. "Аз тахт ба зер меояд".

Амир Наср: Ҷомаи сафеди маро биёред. Хуррамрӯз аст. Аспи сафеди маро тайёр кунед, ба посбону сарбозон гӯёд, ки шоҳ имрӯз ба ишон эҳтиёҷ надорад.

Либоси ҳарири сафедашро ба тан мекунад, аз қаср бадар меравад. Барф меборад. Ҳама чо сафед шудааст. Бар аспи сафедаш мешинад ва тани танҳо аз шаҳр бадар меравад ва сари баландие бар дашт аз асп фуруд меояд. Он чо чодари сафеде афрошта, фаршҳои сафед густурданд. Ӯ бо мӯю рӯю либоси сафед бар фарши сафед мешинад. Ва фориғболона ба атроф назар меафканад. Дашт пур аз мардумон мешавад. Онҳоро ба сӯи хеш фаро мехонад. Ва ҳар кас, ки миёни ишон ниёзманд буд, ки бо подшоҳ сухан бигӯяд, хоҳ гадо бошад, ё доро, ва шариф бошад ё паст, бидуни ҳеҷ ҳоҷату дарбоне ба назди шоҳ меояд. Ва бидуни ҳеҷ монее бо ӯ гуфтугӯ мекунад.

Амир Наср: Ман имрӯз монанди яке аз шумо ҳастам. Ва ман бо шумо бародар ҳастам, зеро шавад ва қивоми иморати он ҳам ба подшоҳ аст ва на подшоҳро аз раият гурезе аст ва на раиятро аз подшоҳ. Ва чун ҳақиқати амр чунин шуд, пас ман, ки подшоҳ ҳастам , бо шумо, барзагорон, бародар хоҳам буд. Ва монанди ду бародари меҳрубон хоҳам буд, ба хусус ки бародарони меҳрубон Ҳушангу Викарт чунин буданд, Насру Исмоил чунин буданд... Шумо чаро ба ман бовар намекунед? Ман фақат ҳамин рӯз... бо шумо бародарам, бародарам...фақат ҳамин рӯз... Хоҳиш мекунам, эй бародарон, эй деҳқонон, эй аҳли диёр аз ман дур нашавед...

Онҳо андаруни дашти сафед нопадид мешаванд. Ӯ аз ҷои хеш ба талаби ишон аз рӯйи фарш мехезад. Дашт сабз шудааст, дарахтон гул кардаанд ва барф ба ҳар тараф ме-

пошад. Вале ӯ бо ин манзара дастрасӣ надорад. Ва фарёд мезанад:

- Шумо кучо шудед, эй бародарони ман?

Худро рӯйи фарш афганда мегиряд.

Фарш сурх мешавад.

Барф сурх мешавад.

Абр сурх мешавад.

Ҷомааш сурх мешавад.

Аспаш сурх мешавад.

Боди сурх мевазад.

Ва ӯ тани танҳо, гум шуда дар сахро гиря мекунад...

Ӯ чашм боз мекунад. Бародаронаш, фарзандонаш, додарзодахояш, амубачахояш, гирди болинаш халқа заданд ва бо чашмхои аз бехобӣ даридаву сурхшуда ба ӯ менигаранд.

Амир Наср: Шумо хамин чо хастед? Абоиброхим ку?

Амир Исмоил: Ман хамин чо хастам, амирам.

Амир Наср дасти ӯро гирифта кабати панчахои намнокаш бехолона мефишорад ва дар чашмони ӯ хира мешавад.

Амир Наср: То ба хол туро интизор будам... Хушо, ки омадай!... Маро дарво кунед.

Ӯро бо эхтиёт нимхез мекунанд ва болиштхои зиёде бар гардаш мегузоранд.

Амир Наср: Имрӯз рӯзи супурдани амонатхост. Хар чизе, ки рӯзе дода шуд, боз рӯзе ситонда мешавад. Ин дунёи муомила аст. Бозори доду ситад!...

Абуашъас Асад: Амирам хаста шудаанд, лахзае фарогат кунанд.

Амир Наср: Танна шудаам. Оби сарди чашмасорам дихед. Аз ташнагӣ забонам ба комам часпидааст. Танам аз оташи ташнагӣ хушкидааст. Обам дихед...

Амир Исмоил аз кӯзае бар пиёла об рехта ба амир Наср худаш нӯшонданӣ мешавад, вале ӯ ин нияти бародарашро рад мекунад ва пиёларо аз дасташ гирифта, ба як нафас дам мекашад. Пиёларо боз дароз мекунад. Амир Исмоил онро гирифта аз об пур мекунад.

Амир Наср: Шутурро ба кафлес об намедиханд... Пиёлаи дуюму саввумро низ хамчунон дам мекашад ва шукронаи худованд ба чой меоварад.

Амир Наср: Бародари азизам Абулашъас, дигар фурсати фароғате намондааст.

Ба атрофаш бори дигар назар меафканад, гӯё касеро мекобад, вале наёфта ба фарзандаш Ахмад мурочиат мекунад.

Амир Наср: Бузургони дарборро ҳам даъват кунед. Замоне буд, мо ҳамагон гирди сари падари хеш ҳалқа зада будем. Ва ҳеч кадоме аз мо он вақт ба хаёл наёварда буд, ки рӯзе гирди сари ӯ низ ҳалқа хоҳанд зад. Он рӯз барои ман фаро расид. Умри ман ба охир расидааст.

Бузургони дарбор бо эҳтиёту оромона вориди ҳучра мешаванд ва дар гӯшае рост меистанд. Амир Наср ба ҳасрат сӯйи онҳо менигарад.

- Биёед меҳмони ман. Чаро истодаед, биншинед. Шумо, ҳам бародаронам, фарзандонам биншинед, хоҳиш мекунам... Наздик-наздик шинед... Ман дар зиндагонии хеш хушбахт будам. Аз неъмати ҳар айёми умр бениёз будам. Дӯстонам ба воситаи некиҳои ман хушбахт ва душманонам ноумед шудаанд. Ватанам, ки дастхуши тохтутози бегонагон буд, замоне, ки онро падруд мегӯям, орому осоишта аст ва мардумонаш ба хушӣ зиндагӣ мегузаронанд. Бо вуҷуди ин ҳамеша бимнок будам, ки мабодо шикасте бинам ё хабари бадбахтиеро бишнавам. Дар умри худ ҳеҷ гоҳ такаббур, шодии берун аз андоза накардаам. Акнун, ки умрам ба поён расидааст, хушбахтам, ки шумоёнро, эй бародари ман, эй фарзандони ман, зиндаву солим мебинаму меравам, ватану дӯстонамро саодатманд мегузораму мегузарам. Пас аз рӯйи инсоф мебуд, агар баъд аз сари ман ҳар замоне, ки ба ёди ман уфтодед, ёди касеро кунед, ки саодатманд будааст...

Бори дигар ҳозиринро якояк аз назар мегузаронад ва баъд ба панҷара, ки нури рӯшани хуршедро ба дохил интиқол медиҳад, хира мешавад. Дар назараш аспҳои пуштлуч дар чарогоҳҳои бе баргу гиёҳ метозанд. Ва ӯ бар аспе бе лаҷому зин нишастааст ва аспи лоғару вахшӣ ӯро ба ҳар тараф мебарад.

- Ман имрӯз бояд амонатеро, ки бо худ дорам, ба соҳибаш биспорам, яъне бояд ҷонишини хешро муайян кунам, то дар миёни шумо пас аз ман ихтилофе наяфтад. Эй бародарон, эй фарзандон ман ҳамаи шуморо ба як андоза дӯст медорам, ҳамаи шумо барои ман як сон азиз ҳастед.

Вале идораи умури давлатро ба касе аз Шумоён мегузорам, ки ба донишу тадбир, кордониву лашкардорӣ, адлу дод бузургтар аст. Ин суннат аз ниёгони қадим ба мо мерос мондааст. Балки ахлоқи мо шудааст, ки тибқи ин қонуни нонавишта амал кунем. Ин суннат хулқу хуйи мардуми мо шудааст, ки аз худ ба донишу рой бузургтаронро мукаддам мешуморанд. Тартибе иттихоз кунед, ки мувофиқи қавонин одоти қадима ва ахлоқи мо бошад. Бинобар ин суннат мо идораи умури давлати Варорудро бо хости худованди мутаол ба Абоиброҳим Исмоил вомегузорем. Агарчанд ӯ ба сол аз баъзеи шумоён бузург нест, вале ба тадбиру дониш, салоҳияту силаҳшӯрӣ бузургтар аст. Ба ту эй Абулашъас Асад, ба мисли пештара Фарғонаро мегузорам. Ба ту, эй Абуюсуф Яъқуб вилояти Чочу Исфичобро медиҳам. Ба ту, эй Абдуғоним Ҳамид Чағониён кифоят мекунад. Ба ту фарзандам Аҳмад мулки Самарқанду Суғдро мегузорам. Бо ин атоё саодати бе ғаму ғаше барои ҳар каломе аз шумоён таъмин мекунам ва хаёл намекунам, ки шумоён аз саодати башарӣ чизе кам дошта бошед, зеро он чи ки барои хушбахтии як инсон лозим аст, шумо онро доро хохед буд. Дӯст доштани чизҳое, ки ичрояш мушкил аст, гуссаи хазорон кор хӯрдан, фокиди як лаҳза фарогат будан, шаҳват ва ракобат кардан бо корҳое, ки ман бунёд гузоштаам, дом густурдан ва ба дом уфтодани инҳо сарнавишти касест, ки бояд мамлакатро идора кунад, на толеи шумоён. Ва бидонед, ки ин чизҳо дар роҳи хушбахти монеаест бузург. Аммо ту, эй Абоиброҳим фаромӯш макун, ки ҳифзи салтанат бо доштани асои салтанат сохта нест, балки мутмаинтару ҳақиқитарин ҳофизии он дӯстони вафодоранд. Таҳсили ин навъ дӯстон ба зӯр муяссар нашавад, зеро вафо самараи некӣ аст. Агар ту бихоҳӣ, ки ёроне барои салтанат дошта бошӣ, аввал ашхосеро интихоб кун, ки аз хонаводаи худат ҳастанд. Ҳамшаҳриҳои мо ба мо аз хоричиҳо наздиктаринанд. Касоне, ки бо мо хамсафаранд, аз ашхосе, ки дар хонаи дигар сакай доранд, бо мо наздиктаринанд. Ба ин тарик, оё мумкин аст ашхосе, ки бо мо аз як хунанд, як модар онҳоро шир дода, дар як хона парвариш ёфтаанд, ҳамон падару модар онҳоро азиз доштаанд ва онҳо ҳамон ашхосро падару модар мехонанд, ба риштаҳои маҳкам бо якдигар марбут набошанд? Ин риштаҳои муҳабатро, ки он қадар гуворост ва худованд ба василаи он меҳру муҳаббати ба-

родариро маҳкам кардааст, магсалед, то ба воситаи ин риштаҳо дар як зиндагонии муштарак битавонед тамоми шароити дигар муддатро ба ҷо ored: василаи таъмини ягонагии доимӣ дар ҳамин аст. Ҳар кӣ марокиби манофеи бародар бувад, барои худ кор кардааст, зеро барои кӣ ҷуз бародар азимати бародар боиси ном аст? Кӣ бародареро, ки дорои иқтидори бузург аст, беш аз бародар эҳтиром хоҳад кард? Пас, эй Абоиброҳим, бояд зудтар аз ҳар каси дигар ва самимонитар аз ҳама ба ӯ кӯмак кунӣ, зеро касе наметавонад дар иқболу идбори ӯ беш аз ту алоқаманд бошад. Дар ин хусус ҳам фикр кун. Пас аз некиҳои ту кӣ беш аз ӯ нисбат ба ту ҳақшинос хоҳад буд? Ва агар ту ӯро кӯмак кунӣ, ки нисбат ба ту аз ӯ мутаҳидтар хоҳад буд? Оё шармовартар аз ин чизе ҳаст, ки мо бародарро дӯст надорем?!. Эй Абоиброҳим, вақте, ки ту шоҳ бошӣ бародарат ягона касе хоҳад буд, ки ҷои дуввумро ишғол хоҳад кард, бе ин ки дар касе ҳисси ҳасад бедор кунад. Эй азизон, ман шуморо ба худо, ба ватан савганд медиҳам, ки агар мехоҳед рӯҳи маро аз худ хушнуд кунед бо ҳам дӯст бошед.

Ба эҳтироми рӯҳи ман он чизро, ки ман ба шумо тавсия мекунам ба ҷо ored. Худованд ҳофизи ин низоми собит ва тағйирнопазири олам аст ва ҷалолу азимати ӯ фавқи ҳар баёнест. Аз ӯ битарсед ва кору фикре макунед, ки бар хилофи такаддус ва адолат бошад. Пас аз худо аз мардум ва наслҳои оянда битарсед. Ҳеҷ аъмол пинҳон нахоҳад монд. Агар аъмоли шумо поку мувофиқи адолат аст, нуфузу иқтидори шумо қувват хоҳад гирифт, вале агар дар ин хаёл бошед, ки ба якдигар зиён бирасонед, эътимоди мардумро комилан фокид хоҳед шуд...

Дастурҳои ман кофист барои он, ки шумо бо ҳам чунон зиндагонӣ кунед, ки вазифаи шумост. Агар кофӣ набошад, ба таърихи гузаштаҳо мурочиат кунед. Таърих мактабест олӣ. Дар он хоҳед дид падаронеро, ки писаронашон онҳоро дӯст медоштанд, бародаронеро, ки ба бародаронашон меҳру муҳаббат меварзиданд ва низ хоҳед дид касонеро, ки роҳҳои дигар ихтиёр кардаанд. Дар миёни инҳову онҳо касонеро сармашқи худ қарор диҳед, ки роҳашонро хуб рафтаанд. Агар чунин кунед, оқилед. Билохира ин охирин ҳарфи маро фаромӯш макунед. Агар мехоҳед ба душманонатон зиён бирасонед, дар бораи дӯстон некӣ кунед... Дигар ман хаста шудам. Маро ба ҳоли хеш бигзоред. Худо ҳофизи шумо бод!

Ҳама аз ҳучраи амир Наср баромада мераванд. Ӯ худ танҳо мемонад.

Дарахтон ғарқи гул шудаанд. Сабзаҳо дамидаанд. Турнаҳо бо садо аз болои сараш парвоз мекунанд. Ӯ зи дунболи онҳо меравад...медавад...мепарад...

***

Қасри шоҳ ҳанӯз дар либоси мотам буд.

Амир Исмоил бо Хочаи Бузург даруни толори пурсутун танҳо ба танҳо сӯҳбат мекарданд.

Амир Исмоил: Агар тамоми умр ба азои бародар бишинем, ӯро дигар нахохем ёфт. Дигар бояд ба амри қазову қадар тан дардод ва хилофи хости худованд набояд эътироз кард... Чӣ чора, ки зиндагӣ корвони пешу қафост... Зиндаҳо боял аз паси кори хеш шаванд, вагарна Азроил сари мӯ ба кас фурсат намедихад.

Хочаи Бузург: Аз марг касеро амон нест. Аз одам ба мо ҳамин мерос аст.

Амир Исмоил: Ман ба зудӣ мехоҳам ба Бухоро баргардам.

Хочаи Бузург: Ба Бухоро?

Амир Исмоил: Оре. Маркази мамлакатро боял ба Бухоро кӯчонем.

Хочаи Бузург: Самарқанд чӣ мешавад?!. Охир пойтахт дар чои ами қарор дорад ва аз дастҳуши душманон бадур аст. Маҳз ҳамин чиҳати Самарқандро ниёи шумо пасандидаанд ва маркази қаламправй хеш карор додаанд.

Амир Исмоил: Самарқанд дар чалолу шукӯҳи хеш ҳамчунон бокӣ хоҳад монд. Вале имрӯз амну осоиши мамлакат аз худи мо вобаста аст. Ба қудрати харбии мо марбут аст. Аз ин лиҳоз мавқеъ ва мавзеъи марказ беаҳамият мешавад. Сониян, чаро мумкин нест Бухоро ба қалби як давлати муқтадир табдил диҳем?! Алҳол вазъият такозо мекунад, ки марказро кӯчонем. Ин амал чандон ба хости мо бастагӣ ҳам надорад...

Хочаи Бузург: Боз амирам бехтар медонанд.

Амир Исмоил: Дар ин амр, умедворам, хоча маро дастгирӣ хоҳанд намуд.

Хочаи Бузург: Хости амир амр аст. Кӣ метавонад аз амри амир сар бипечад?!

Амир Исмоил: Дар ин хусус бо бузургони мамлакат маш-

варат кардан мехоҳам. Ҳамин ҳоло.

Хочаи Бузург ба амир Исмоил ҳамчун аломати ризоиятмандӣ таъзим намуда баромада меравад. Амир Исмоил танҳо, андешамандона ин тарафу он тараф қадам мезанад ва бо гузаштани лаҳзае гӯё амри муҳиме ба хотираш расида бошад, меистад, ба атроф назар меафканад ва ба сӯйи боргоҳ меравад. Боргоҳ хилвату торик аст. Пардаҳои зарбофти панҷараҳоро ба як тараф мекашад: Рӯшанӣ бо каҳолат ба толор мехазад. Ва тасвирҳо аз қабати пардаи ҳаририи сияҳфом бо рангҳои хира намудор мешаванд. Ӯ ба тасвирҳо хира мешавад, ба онҳо ба таҳқиқ менигарад ва огози қиссаи тасвирҳоро пайдо кардан мехоҳад. Ба мақсад барандохтани пардаи азо тарафи дари вурудии толор меравад. Ва бо эҳтиёт аз гӯшаи парда мекашад, парда аз рӯйи тасвирҳо мелағҷад, ҳамчу обе мерезад. Тасвирҳо бо ҷилои тозаи рангҳо намудор мешаванд.

Ардависур Аноҳито бар тахт нишастааст. Пояҳои тахташ сурати Симурғро доранд, вале бо усули дигар, пойҳояш сагона, бо як шоху болҳои бузург тасвир ёфтааст. Ардависур Аноҳито точи бо гулҳо муазамян бар сар дорад, бар бозувонаш тасмаҳои рангоранги ҳаририӣ ҳамоил шуда. Бар як даст зангулаву бар дигар барсом гирифта. Аз тарафи чап марде дар даст ороиш ба сӯйи вай меояд ва аз тарафи рост марде бар даст мичмари оташ.

Чаҳор марди дигар бар дасти чап гирифта мичмарҳо саф кашидаанд. Онҳо бар рӯйи замин истодаанд. Нилуфарҳо шукуфтаанд. Уфуқ то ба зонуи онҳо тасвир шудааст. Аз нимрухашон маълум аст, ки риш надоранд ва мӯяшон мучаъаду сиёҳ аст, ва бар тан либоси сурх пӯшидаанд. Фараҳвашиҳо дар либоси пуршукӯҳ, бо точҳои мурассаъ, ва аламҳои гирд дар манзараи осмон тасвир шудаанд. Ин хонумҳои зебо ҳамчун арвоҳи муҳофиз аз ҳамвории андоваи девор бурун омадаанд.

Қисми калони деворро нигораи муҳосираи қалъа ташкил медиҳад. Дар ин деворнигора ҳамчунин саҳнаи точгузории шоҳи суғд, арабҳо ва ғйра тасвир ёфтааст. Манчаникеберуни девор аст. Андешаи амир Исмоил садо медиҳад: "Шоҳи Суғд-Хочаи Самарқанд. Ишғол шудани Самарқанд аз ҷониби аъроб..."

Хочаи Бузург бо чанд нафар вориди боргоҳ мешаванд, вале амир Исмоил ҳузури имонро ҳис намекунад ва ҳамчунон паси тамошои деворнигораҳо мегардад. Баъди ман-

зараи базм, нимтанаи зани миёнасоле, сар ба сӯйи мохи хафтрӯза чун шоххои гов бардоштааст. Атрофи сарашро фарр печондааст. Аз китфонаш шӯълахои оташ сар кашидаанд. Ӯ назди сутдии ниёишгар меистад, "Корномаи Рустамро" мехонад. "Панди падар бар фарзандашро" мениюшад, дар тасвири сахнахои размӣ иштирок мекунад, аз "Охангару бузина","Донишмандону паланг","Қиссаи зан ва шавхараш ва дӯстлоронаш" панд мегирад,"Қиссаи шохи Бузина","Зани диловар, вале захмӣ", "Мурғе, ки тухми тилои меовард","Набарди саворон","Деви сесар"-ро мегӯяд... Дилаш моломол аз дард мешавад. "- Намебоям, ки ба рӯйи гузаштахо парда кашид. Намешавад гузаштахои хешро сар бурид. Девхоро он кадар дар назарҳо пинҳон доштанд, ки имрӯз хафтсар шудаанд... Ва модарон фарзандони хешро алайхи вай қурбон мекунанд... Арӯсонро асир медиханд. Ку Рустаме, ки дар либоси палангинаи хеш чун палангон пархош кунад?! Онро ба зери пардаи фаромуш кашидаем. Ку Рустаме, ки Сиёвушеро начот дихад?! Оре, ин миллат ба Рустамхо зарурат дорад, то Сиёвушхо ба камол расанд..."

Ва бо овозе, ки шунида мешавад, мегӯяд: Мо ба Рустамхо зарурат дорем, то Сиёвушхоро ба камол расонем... (*Бармегардад*) Ман парда аз рӯйи ин тасвирхо гирифтам. (*Дар андешааш*) "Боят онхоро аз тасвири деворхо беруи кашид". Инхо гузаштахои мо хастанд, таърихи зиндагонии мо дар ин зиндагӣ хастанд. Онро хамеша боят пеши рӯ дошт. Чун дар ойинае дар онхо хештанро боят шинохт... Гузаштахои мо ба мисли ин деворинигорахо захмиву тачзияпудааст. Бо пинхон кардани захмхо омоси онро ба чое мерасонем, ки дигар илочи даво намеёбем. Ман хар кадоми шуморо дар ин хусус хушдор медихам: Сӯйи осмон туф партоб накунед, то ба рӯйи худхотон наяфтад!

Хаман хозирин дар либоси сиёханд.

-Мо агар хазор соли дигар нолаву шеван кунем хам бародарзодаи азиз родари хешро намеёбем. Бехтар он ки равонашодро бо дуои хайр, алҳу алолати хеш, ки бешак сабаки рахматист, ёд кунем. (*Ба Хочаи Бузург*) хохиш мекунам, фута аз миёни шон бикшоед.

Хочаи Бузург фотиха мехонад ва миёнбандхоро аз тани хозирин мекушояд.

-Умедворам, фарзо хама аз паи маъмурияти хеш мешаваид... Маъмурияти хама маълум аст. Бародарзодаи азиз

зи мо Аҳмад бинни Наср халифаи мостанд ва дар Самарқанд мемонанд. Амирони вилоёт ба мақоми иззи хеш бармегарданд. Мо фардо бо аркони давлат ба Бухоро меравем.

Хоҷаи Бузург: Амирам, мо барои интиқоли пойтахт то ба фардо фурсат намеёбем.

Амир Исмоил: Давлатмардон, фақат давлатмардон фардо ба мо ҳамроҳ мешаванд. Барои интиқоли мобақӣ маъмурон гуморед, то дар давоми як ду ҳафта ин корро анҷом диҳанд. Ман дигар сухане надорам. Хоҷагон метавонанд аз паи кор шаванд. Хоҷаи Бузург, Амир Аҳмад, Абуашъас Асад ва Абуюсуф Яъқуб бимонед.

Ба ҷуз ин номбурдагон мобақӣ баромада мераванд.

Амир Исмоил: Дигар нигоҳ доштан ва интиқол додани суннати давлатдории хонадони сомонӣ дар гардани мову шумост. Як сари мӯ хилофи ин суннатҳо амал кардан хиёнат аст. Барои ин мо бояд содиқона, беғаразона ва бародарона ба ҳам аз меҳр вафо дошта бошем, тибқи васияти бародари равоншоди хеш амал намоем. Мо дар вазъияти кунунӣ ҳаққи орому беташвиш зиндаги кардану ҳукуматдорӣ кардан надорем. Амри Лайе маншури ҳукумати Хуросонро гирифтааст ва имрӯз бо Рофеъ Ҳарсама эъломи ҷанг кардааст. Ман медонам, ки Амри Лайе бо он сирати ҷаҳонхорагӣ фақат ба Хуросон қаноат нахоҳад кард. Барои он ки мо аз шарри ӯ эмин бошем, аввалан бояд амнияти хешро аз тарафи шимол таъмин намоем. Бо саркуб кардани душманони шимол баргардонидани он ғаноиме, ки онҳо ба ғорат бурдаанд, то андозае ба қудрати ҳарбии худ салобат ва ҳашмат бахшида метавонем. Бинобар ин ман аз халифаи худ ва бародаронам тақозо менамоям, ки лашкари ин қисмат аз мамлакатро ба ҳоли худ нагузоранд, ҳамеша дар ҳолати омодабош бошад ва гоҳ аз гоҳ дар қисматҳои шимолу шарқӣ ба ғозавот машғул шавад. Ба ризояти худованди азза ва ҷалла ман бо лашкари Бухоро сӯйи мамлакати куффори турк ҳаракат хоҳам намуд. Ишонро бояд барои ҳамеша бехавф гардонем. Он гоҳ дар баробари рақиби тавоное чун Амри Лайе Саффорӣ қарор хоҳем гирифт. Он гоҳ мо аз ҷиҳати шимолии сарҳадоти хеш эмин хоҳем буд... Ва яке аз сабабҳои интиқоли пойтахт низ дар ҳамин аст... Акнун аз бародари азизамон амир Абуюсуф Яъқуб хоҳиш менамоем, ки дар хусуси шаҳрҳои билоди турк ба мо маълумот диҳанд.

Абуюсуф Яъқуб: Ин билод фақат дар замони истило ёфтани аъроб бар Хуросон ба тасарруфи туркҳо даромаданд. Пеш аз ин ҳодиса аз қаламрави Хуросон ба шумор мерафтанд. Мардумони ин шаҳрро-яъне шаҳрҳои Тироз, Фороб аз қавми мо ҳастанд, ҳамагон озодагонанд, вале дар дини насоро. Агар амирам ҳиммат гуморанд, метавонанд бегонагонро аз он хитта бironанд ва ишонро боз ба асли хеш бипайванданд. Имрӯз ин озодагон ва деҳқонон дар хидмати туркҳо мебошанд ва мардумеанд ҷасур, диловар ва силаҳшӯр.

Амир Исмоил: Агар мо қудрати ҳарбии худро мунтазам боло набарем, дур нест ки ба ҳоли ишон гирифтор шавем. Ҳамеша бояд дар баробари душман хушёр буд. Он рӯз мабод, ки ин шабушкхӯрҳо бо алқоби озодагону хочагон муфтахир гарданд...

Дигар ин, ки мехоҳам дар ҳар вилоят то ду ҳазор сарбозони савора дошта бошам ва фақат ба ман итоат намоянд. Таъминоти ишон аз ҳисоби хирочи вилоёт ва узлу таъини ишон ба дасти ман мешавад. Хохишмандам то фардо афсарони варзидае, ки лоики ин маъмурият бошанд, ба ман пешниход менамоянд...

БУХОРО

Амир Исмоил, Хочаи Бузург пахлӯ ба пахлӯ ва чанд сарбозе аз пасашон аз дарвозаи гарбии шаҳри Бухоро хорич мешаванд. Киштзорҳои фаррох, богистонҳои хуррам дар баробарашон намудор мегардад. Амир Исмоил лачоми аспашро, ки то ин дам ба сарвакти худ мерафт, пас мекашад ва аспи саманди сафедаш харакаташро суст карда, юрга меравад. Хочаи Бузург барон, он ки бо амир Исмоил пахлӯ ба пахлӯ равад, аспашро медорад. Вакте, ки онҳо баробар мешаванд, амир Исмоил мегӯяд:

-Хочаи Бузург хавои Бухороро чун ёфтанд ва ё ханӯз ёди Самарканд мекунанд?

Хочаи Бузург: Кишвари мо хар мавзеъаш таровату зебоии ба худ хос дорад, ки намешавад якеро ба дигаре монанд кард. Бухоро хосияте дорад, ки бо ягон бор дидан наметавон барои абад аз он дил канд. Ин чазобият буд, ки амирамро ба худ кашид, чй чои гап ки мо парем!...

Амир Исмоил: Бухоро дигар аст...

Аз дурҳо садои суруде ба гӯши ишон мерасад. Амир Исмоил аспашро нигоҳ дошта, гӯш сӯйи овоз фаро медиҳад. Овози суруду даф аз боғе меомад, ки фақат нақароти он бо овози ҳамхонӣ баланд буд:

Ҳар ке ки мусулмон набувад ёри араб,
Бад кардаву баднамой, бад кори араб.
Ҳар кас ба араб ситезаву ҷангӣ кунад, э бобо,
Не шири шутур хоҳаду не дидори араб...

Амир Исмоил: Ҳанӯз мардуми мо аз араб бадаш меояд.

Хоҷаи Бузург: Зеро онҳо паёми пайғамбарро фаромӯш карданд. Алайҳи зулму бедод хестанду худ зулму бедод гарданд. Мардум зулмро қабул намекунад...

Амир Исмоил: Султаи бегонагон ҳамеша дар тори номуси мардум нохун мезанад. Эҳсоси нафрат ба душман дар мардуми мо он қадар бузург аст, ки бо эъломи ғазавот зану мард ба по мехезанд. Магар сокинони шаҳрҳои шимоли кишвар мардумони ғозии мо нестанд?! Мегӯянд, ки мардумони Тирозу Фороб аслан мардумони Байканду Бухоро, Нахшабу Суғд ҳастанд ва ҳамагон ғозиён мебошанд.

Хоҷаи Бузург: Ва мо имрӯз байни онҳо ва қавмҳои саҳроии шимол фарқе намегузорем ва ба ишон низ тамғаи бардагӣ мезанем. Магар Симо-ал-Кабир-ғуломи хонадони шумо, аз ҳамин қабил нест?!! Сокинони он шаҳрҳо ҳама мардумони мо ҳастанд, онҳо деҳқононии мо, бузургзодагони ин диёранд.

Амир Исмоил: Дуруст аст, вале ягона, чизе ки ононро бо қавмҳои ваҳшӣ монанд месозад, мазҳаби муштараки ишон аст. Онҳо ҳама баддинон ҳастанд. Аз ин рӯ муносибати мардуми мо ба озодагони шаҳрҳои шимолӣ фақат ва фақат таассубӣ динӣ аст.

Хоҷаи Бузург: Агар аз рӯйи инсоф гирем, ин гуноҳи онҳо нест. Пеш аз мусалмон шудани мо онҳо ба дини насоро гаравида буданд ва ин чиз ба онҳо халал намерасонд, ки ватанашонро дӯст бидоранд ва онро аз таҳоҷуми мардуми саҳрой ҳимоят намоянд. Ин таасубро арабҳо мерос гузоштанд. Дуруст мебуд, агар мо онҳоро ба ислом мегардондем.

Амир Исмоил: Банда низ дар ҳамин фикр ҳастам, вале... аз баъзе омилони меросии хеш дилпур нестам.

Хоҷаи Бузург: Амирам чӣ гуфтан мехоҳанд?

Амир Исмоил: Агар ман ба ғазавот равам, аз имкон дур

нест, ки ишон дар ин чо исён кунанд. Шумо ишонро мешиносед.

Хочаи Бузург: Ман гумон намекунам, вале боз худо медонад. Амирам киро дар назар доранд?

Амир Исмоил: Гумон мекунам, бародарам Абуашъас Асад ба ман дили хуш надорад ва аз маро валахди худ хондани равоншод чандон розй хам нест.

Хочаи Бузург: Гумон намекунам, Абуашъас як марди худотарс ва кадршинос аст.

Амир Исмоил: Ман ин рухияи бадбинии ўро вакти дар чанг шикоят хўрданаш, хис карда будам. Равоншод Абунаср аз гуноҳам гузашт ва боз маро валиаҳди хеш эълон кард. Вале Абуашъас хамчунон сангдил бокй монд ва аз амири кулли Вазоруд шуданам чандон розй нест. Аз ў хавф дорам. Дар гайбатам ў метавонад бо хоналони Ковус, ки ба мо чандон рўйи хуш намедиханд, забон як кунад ва бало барангезад.

Хочаи Бузург: Пас амирам чй ният доранд?

Амир Исмоил: Барои дафъи бало, мехоҳам ўро аз ин вазифа узл кунам ва ба чои ў каси дигареро таъин намоям.

Хочаи Бузург: Киро?

Амир Исмоил: Абўяъкуб Исҳокро.

Хочаи Бузург: Марде олим аст. Абуашъас Асад чй мешавад?

Амир Исмоил: Ба ў нафақаи якумрй таъин мекунам, бигзор ба Самарканд баргардад.

Хочаи Бузург: Агар розй нашавад?

Амир Исмоил: Ногузир ўро ба зиндон андозем.

Хочаи Бузург: Умедворам, кор то ба ин чо намекашад.

Амир Исмоил: Ман хам ба ақлу тадбири Абуашъас умед мебандам. Ва оллоҳу аълам.

Аз аспхо пиёда мешаванд, аз чилави аспхо гирифта охиста-охиста зери дарахтхои себу зардолу кадам мезананд.

Амир Исмоил: Амри Лайс моро барои шитоб кардан мачбур месозад. Моро мачбур месозад, ки мардумамонро барои хамеша омода ва дар холати чанг нигох дорем.

Хочаи Бузург: Магар ин вазъияте, ки мардумро дар он карор медихед, барои хукумат ва якпорчагии мамлакат

хавфовар намешавад?

Амир Исмоил: Агар онҳоро фаҳмонед, мефаҳманд... Дигар ҳеҷ чиз аз шумо пушида нест: амал кунед?

Хочаи Бузург: Акнун, ки фикр мекунам, амирам дар ниёту ормонҳои хеш собиткадам будаанд. Он вақтҳо орзуи амирамро ман фақат як хаёлпарастии чавонӣ пиндошта будам. Ва ҳатто...

Амир Исмоил: Ва ҳатто чӣ?

Хочаи Бузург: Ва ҳатто зери дил хандида будам.

Онҳо механданд, баланд механданд ва хандаи онҳо тамоми дашту саҳроро фаро мегирад. Аспҳо мераманд, муғон аз шохсор мепаранд ва аз дурҳо овози ҳамхонии мардум шунида мешавад. Сарбозон аз дунболи аспҳои рамхурда медаванд...

Ва ҷорчиёни амир Исмоил дар саросари кишвар мардумро ба ғазавот даъват менамоянд...

БА СӮИ ТИРОЗ

Лашкари азим иборат аз савора, ки асосан мардуми маҳаллӣ ҳастанд, аз Бухоро хориҷ мешаванд. Дар садри ин лашкар амир Исмоил нишастааст ва бародаронаш Исҳоқу Яҳё аз ду бараш ва дигар бузургони лашкар як қади асп аз онҳо пастар мераванд. Дар масири рох дастаҳои нав ба нави ғозиён бо онҳо ҳамроҳ мешаванд ва амир Исмоил то ба Самарқанд расидан соҳиби шаш ҳазор ғозии савора мешавад.

Дар даромадгоҳи шаҳр Аҳмад бинни Наср бо бузургони Самарқанд ба пешвози амири Моваруннаҳр мебарояд. Амир Исмоил лашкарро дар беруни шаҳр нигоҳ дошта, худаш бо дигар бузургони лашкар ба шаҳр ворид мешавад.

САМАРҚАНД

Боргоҳи амир Аҳмад вазъи идона дорад. Амир Исмоил бо бузургони лашкараш сари дастурхони меҳмонӣ нишастаанд.

Аҳмад бинни Наср: Амирамро барои дарёфти маншури ҳукумати Вароруд муборакбод мегӯем.

Ҳамагон аз чой мехезанд ва ба амир Исмоил таъзим менамоянд.

Ин воқеъа дар моҳи муҳаррам ба таърихи дувисту ҳаштод буд

Амир Исмоил: Албатта сухани пуртахнияти дӯстонро шунидан хуш аст, вале мо на барои ин омадаем. То замоне ки кофирони шабушкхор дар шимолу шаркии мамлакат бар амнияти мо тахдид мекунанд, мо наметавонем бо фароғат чоми осоиш ба сар кашем. Ҳол он, ки мебоист мо ба танзими умури дохилии хеш машғул мешудем. Ва имрӯз мачбурем хама корхои хешро сариъан анчом дихем. Шумо, бародарзодаи азизам, бо Симеъ-ал-Кабир ба Бунчикат, лашкар мекашед ва кишварро аз игвои хонадони носипоси Ковус пок мегардонед ва Абузакриё Яхёро ба ниёбати мо дар Истаравшан хилъат мепӯшонед. Баъди сомон бахшидани умумри Истаравшан муддаиёни ғазовату чиходро бо сипохсолори мо Симо-ал-Кабир хамрох мекунед. Мо ишонро дар Фарғона интизор мешавем ва якчоя дар Исфичоб бо лашкари амир Абуюсуф Яъкуб мепайвандем.

Ахмад бинни Наср: Оли Ковус аз кадим бар ин вилоят хукумат доранд ва мардум аз ишон пуштибонӣ мекунанд.

Амир Исмоил: Баъди осӣ шудани Ғурак писари Ковус бар халофат, ин тараххуму ғамхории мо буд, ки ишонро боз ба сари кудрат овардем. Ва имрӯз алами нофармонӣ баланд кардан мехоханд ва дар интизори фурсат хастанд. Мо вакте ба ғазовот меравем бояд аз акибгохи хеш мутмаин бошем.

Ахмад бинни Наср: Мо хамтур наметавонем ишонро...

Амир Исмоил (*ба хашм аз чояш мехезад*): Кудрат хар сабаберо мукаддас месозад. Нофармонӣ ба хукумати марказӣ магар сабаб аст?! Тохириён ин вилоятро ба намояндаи Оли Сомон Яхё бинни Асадад муи мо дода буданд. Мо ба онхо бахшидем...

Абузакриё Яхё (*шухиомез*): Боз ба Яхё бинни Асад бармегардад. (Хама механданд). Хукумати Арманистон хам ба ман таалук хохад гирифт?

Амир Исмоил: Мо надонистем, ки бародари мо то ин андоза шӯх хастанд.

Абузакриё Яхё: Ман ба чидд мегӯям. Абуубайдуллох Мухаммад Афшин бинни Абилсоч фармондори Армани

стон аст ва аз хонадони афшинҳои Истаравшан мебошад

Ҳама боз механданд. Амир Исмоил хам худдорӣ карда натавониста механдад. Суҳбат боз холати мӯътадилу дӯстона мегирад.

Амир Исмоил: Агар факат Арманистон басанда бошад, онро ҳам бахшидем, вале метарсам ҳавои халофат накунанд, ки дар дасти ман нест... (*Ҳамагон боз механданд*)

Абузакриё Яхё: Ман тарс аз он дорам, ки ҳокимони Истаравшон метавонанд ба воситаи ин табори хеш амирамрор назди халифа бад кунанд, хусумат ангезанд...

Амир Исмоил: Муътазид марде зирак аст. Барои кайке хасро намесӯзад. Ӯ медонад, ки мо назди халофат чӣ маъмурияте дорем. Ва дар мамлакати худ масъулият дорем, ки сулҳу осоиш ва рифохи мардуми хешро таъмин намоем, ки бе ҷанг муяссар намешавад.(Ба Аҳмад бинни Наср) Ҳамин ҳоло ба шаҳру рустоҳо мунодиён фиристед ва ғазавот эълон кунед.

Аҳмад бинни Наср: Чаҳор ҳазор ғозӣ ҳастанд, дар ин чиҳод ба мири ғозиён бипайвандианд.

Амир Исмоил: Подош хоҳанд ёфт. Пас фурсати диранг нест. Дар Фарғона низ корҳое моро интизоранд, ки боиси ғамон додананд. Ҷанг тақозои шитоб дорад... Ба рох!

РОҲ

Лашкари гаронбору муназзаме ба роҳ мебарояд. Дехоту шаҳрҳоро паси сар мегузорад. Мардум ба хар ҷо, ки мерасад, ба истиқболаш мебароянд. Дар даромади шаҳри Хавос лашкар ба ду қисм мешавад ва дар сари хайли он Абузакриё Яҳё Аҳмад бинни Наср ва Симоъ-ал-Кабир ҷониби Бунчикат мегарданд. Амир Исмоил ҳангоми хайрухуш ба Абузакриё мегӯяд:

-Пояи хар хукумате адл асту дод. Дар муносибат бо хонадони афшин густохӣ накунед. Онҳо аз бузургзодагонанд. Онҳо ҷудо мешаванд. Амир Исмоил бо роҳи нахустин шаҳри вилояти Фаргона Хӯҷанд меравад. Руди Сайхун сероб аст. Дар тунукобҳои соҳилҳои он шолӣ коридаанд. Киштзорҳо то ба домони тепаҳо тул кашидаанд. Аз дур кухандизи азими шаҳр ба чашм мехурад. Тамоми роҳ аз пеши онҳо шаҳру рустаҳои ободон, киштзорҳои сабзу хур-

рам, боғистонҳои пур долударахт мебарояд. Онҳо ҳамаи ин зебоиҳоро паси сар мегузоранд ва бо маркази вилояти Фарғона шаҳри Ахсекат мерасанд. Шаҳр аз куҳандиз, шаҳристон ва рабаз иборат буд. Онҳо дар шаҳристон ба куҳандиз, ки қасру зиндон дар он воқеъ буданд ворид шуданд. Амир Исмоил лашкарро дар беруни шаҳристон, сохили дарё қарор дод ва худаш бо бузургони лашкар ба шаҳр дохил шуд. Дар остонаи шаҳр онҳоро амир Ашъас Асад ва аъёну ашрофи Фарғона пешвоз мегиранд. Мардуми шаҳри Ахсекат бо кӯчаҳо рехтаанд. Амир Исмоил мардуми ин диёри кӯдакияшро мешиносад. Шояд дӯстони кӯдакияш дар миёни ин издиҳом бошанд. Э кош онҳоро мешинохт! Онҳоро даруни мардум бо нигоҳи маъсумона мечуст, вале намешинохт.

Онҳо хомӯшона ба куҳандиз дохил мешаванд. Амир Ашъас аз чизе нигарон аст. Ва фақат вақте ки дар назди қаср аз аспҳо пиёда мешаванд, амир Исмоилро бо гирифтани маншури ҳукумати Вароруд мубораквод мегӯяд.

Абулашъас Асад: Мехостам паи ин манзур ба Бухоро оям, вале шунидам, ки амирам азми кишвари куффор дорад, аз ниятам гаштам, то ишонро дар зодгоҳашон пешвоз гирам.

Амир Исмоил: Дар ин синну сол ба худ заҳмат додан аз рӯйи инсоф нест. Мо бояд ба зиёрати ишон оем. Мо бародари хурдӣ хастем.

Онҳо ворид қаср мешаванд. Ҳиннӣ аз роҳравҳои қаср гузаштан амир Исмоил ба Абулашъас Асад мегӯяд:

-Мо худ омадаем, ки дигар шуморо аз заҳматҳои беҳуда озод кунем. Шумо басо ранҷ бурдаед ва дар таҳкими давлати Сомониён заҳамоти фаровон кашидаед, ҳифзи сарҳадоти шимолу шарқӣ ҳамеша бар гардани шумо будааст.

Абулашъас Асад: Ман ҳанӯз ҳам омодаам.

Амир Исмоил гӯё чизеро нашунида бошад, ба толор ворид мешавад ва дигар аз сухбат кардан бо Абулашъас мегурезад.

Абулашъас Асад: (*бо овози паст, ки дигарон нашунаванд*): Ту дар сар чӣ хаёл дорӣ? Охир...

Амир Исмоил: (*бо ҳамон лаҳн*): Мо наметавонем дигар сафои пештарарро баргардонем.

Абулашъас асад: Дигар тасмими хешро гирифтай?!

Амир Исмоил (*Гапро ба гап мебарад*): Хеле хаста шудем.

Рах басо дур буд...

Абулашъас Асад: Амирам дуруст мегӯянд. Бифармоед, дӯстон. бифармоед, нури дида, ба хонаи худ фуруд омадаед. (*Ба пазди Абуяъқуб Исҳоқ меравад ва фақат барои ӯ мегӯяд*). Ман чизеро намефаҳмам. Шумо бар сари ман лашкар кашидаед?!

Исҳоқ бо чашмони аз ҳайрат дарида ба бародараш Асад менигарад. Чизе намефаҳмад. Амир Исмоил бар мочарои харду бародараш назора мекунад. Аз хозирин касе ба чизе пай намебарад. Меҳмонон, бузургони лашкари амир Исмоил, аъёну ашрофи Фаргона, ҳар кадоме вобаста ба мартабаву мансабаш ба чое гузашта мешинанд. Ғуломон такопӯ хизмат мерасонанд.

Исҳоқ: Дар ҳақиқат ман чизеро намефаҳмам, ки бародарам чӣ манзуре доранд?

Абуашъас Асад: Шумо хуб мефаҳмед. Тамоми кирдорӣ шумо тамаллуқ ва риёкорӣ будааст. Ман акнун фаҳмидам.

Табъи Абуяъқуб Исҳоқ тира мешавад, ба сӯйи амир Исмоил менигарад. Нигоҳи ишон ба ҳам бар мехурад ва амир Исмоил ноаён ба сӯяш чашмак мезанад, ки бепарво бош.

Дар ҳамин вақт сипаҳсолори Фарғона Аҳмад бинни Мусии Марзук вориди мачлис мешавад.

Амир Исмоил: Гумон мекунам сипаҳсолор хастагии рохи Бухороро рафъ сохтанд, ва барои чиҳод омодаанд?!.

Аҳмад бинни Мусеи Марзук ба амир Исмоил таъзим намуда, дасташро мебӯсад.

Марзук:Дар рикоби амирам будан шараф аст!

Амир Исмоил: Вале амири Фарғона ҳамчунин андешае надоранд. Ишон аз сафарҳои тӯлонӣ ва чиҳоду пайкор хеле хаста шудаанд. Акнун замоне расидааст, ки бояд давлати пирӣ бironанд.

Абулашъас Асад: Амирам ба чои ман тасмими гирифтанд.

Амир Исмоил: Бародари арчманди мо худ заъфи худро медонанд ва мо ба натичае омадем, ки ишонро аз як зиндагии фарахмандона, бе дағдағаву дарди сар таъмин намоем. Ишон ҳар кучоеро, ки барои зиндагӣ кардан интихоб намоянд, мувофик ҳастам.

Абулашъас Асад: Ман ба ҳеч чо намеравам. Хонаи падарам ин чост.

Амир Исмоил: Хуб фикр кунед. Шумо ихтиёр доред...-

Ман мехохам аз хусуси шумо мутмаин бошам...

Абулаиъас Асад: Амирам хар чӣ фармоянд. ройи мақбул ҳамон аст.

Амир Исмоил: Тахаввулоти сиёсии кишварҳои хилофати ислом, бахусус кишварҳои шарқии хилофат такозо менамояд, ки мо низ вобаста ба он равиш корбарии хешро тағйир диҳем. Мо дар садади он ҳастем. Бинобар ин Абӯяъқуб Исҳоқро ба ниёбати хеш дар Фарғона амир таъин менамоем.Умедворам ишонро мешиносед: ишон дар баробари соҳибтадбиру силаҳшӯр будан боз олим ҳастанд. Хилъат!

Ҳамӯя бинни Алӣ хилъат меорад. Абӯяъқуб Исҳоқ бо ишорати амир Исмоил аз ҷояш хеста ба назди тахтгоҳ меравад ва дар ҳолате, ки ҳаячонзада аст ба амир Исмоил бо овози қариб ношунаво мегӯяд:

Исҳоқ: Хуб нашуд. Ӯ бародари бузурги мост. Мардум чӣ мегӯянд?

Амир Исмоил: Ӯ аз мо розӣ нест, ӯ моро намехохад!

Исҳоқ: Бародари бузургамон амир Наср низ ҳамчунин мегуфт. Дигарон низ ҳамчунин мегуфтанд.

Амир Исмоил: Онҳо намедонистанду мегуфтанд. Ман хеч гох бар зидди бародари хеш амир Наср мубориза набурда будам, балки бар зидди муддаиёни ӯ мечангидам. Имрӯз ҳам мечангам.

Ва хилъатро ба китифони Абӯяъқуб Исҳоқ мепартояд ва хозирон ӯро муборак бод менамоянд. Абулаиъас Асад аз толор баромада меравад. Чашми амир Исмоил аз пасаш рох мебандад. Дигар хеч садое ба гӯшаш намедарояд ва факат садои андешаи хешро мешунавад: "Ӯ эътироз мекунад. Ӯ исён кардан мехохад, вале намедонад, ки ӯ худ охирин мухолифи мост. Ӯ намедонад, ки дигар танхо мондааст"...

Чангу губори рох ба осмон мепечад. Охири лашкари амир гозиён хеч пайдо нест. Онҳо мераванду мераванд паси сар гузошта маргзорҳои хушкидаро, регзорҳои тафтаро, гаревахои бефуруг чун гургонҳои қадимро. Амир Исмоил ба ҳамсафаронаш, ба сипахсолорони лашкараш мегӯяд:

-Ба сарбозон, ба гозиён бифахмонед: Дар чои ин қуббаҳо ин чодархои пурбӯю чиркин дигар боят гулбунҳо бирӯянд. Ин даштҳо боят аз хунҳо шодоб шаванд. Ва лолаҳо ба до-

мони модарону арусон кӯч банданд. Ва шақоиқхо ба сару рӯю синаи ҷавонон бирӯянд...Ин калом чун мавзи дарё дар миёни лашкари гозиёни Вароруд лаб мезанад. Чашмони дар ғубори роҳу боди сахро хушкидаву бефурухшуда аз нав медурахшанд, асиҳои аз хол рафта, гӯиё аз нав ҷон мегиранд ва пойхои хешро ба зарбат бар замин мезананд ва барои чорхез задан омодагӣ мегиранд. Аз хама ҷо, аз хар тараф садои ба хам хурдани силох меояд...

Ва дар марғзорҳои сабзу хуррам тифлони беғам бозӣ мекунанд, баррачаву бузғолахо, говҳову гӯсолахо ба чор тараф ҷасту хезкунон медаванд, шоҳпарак хам рангоранг бар гулзорҳо ба парвоз меоянд. Гӯё дар ин дунё фақат садои зиндагӣ танинандоз аст. Гӯё зиндагӣ аз нуқтаи оғозини хеш нашв намудааст...

Дар уфуқҳои дур озарахш медурахшад. Ва ғозиён аз сари роҳи хеш қуббаҳои хокистаргуну чиркинро бар мечинанд. Ва андешаи амир Исмоил дар саросари ин паҳно садо медиҳад: "Зиндагӣ дар ёфтани фурсат аст ва ин фурсат ғанимат аст!..."

Хаймахо дар масири роҳ оташ мегиранд. Рамаҳо меафзоянд, ва қарлуқхои ҷавон ба асорат мераванд...

* * *

Лашкари ғозиёни амир Исмоил дар наздикии шаҳри Тироз чодар мезананд. Дастаи язаки лашкар аз ичрои супориши сарҳангҳо бармегардад. Сарони лашкар дар хаймаи амир Исмоил ҷамъ омадаанд. Сардори язак вазъияти гирду атрофи шаҳрро, ки бо рабази мустаҳкаме печонда шудааст, мефахмонад.

Язакӣ:Мо натавонистем шаҳрро аз наздик тадқиқ кунем. Туркҳои қарлуқӣ дар беруни шаҳр хайма задаанд ва шумораи туғашон ба бист ҳазор мерасад.

Амир Исмоил: Ишон дар чӣ вазъе қарор доранд?

Язакӣ: Аз тадорукашон чунон пайдост, ки аз қасди амирам огоҳ мебошанд.

Амир Исмоил: Солорҳои лашкар дар ин хусус чӣ фикр доранд?

Ҳамӯя бинни Алӣ: Ман гумон мекунам, онҳо ҳанӯз аз хайма заданамон дар ин ҷо огоҳӣ надоранд ва салоҳи кор он аст, ки ишонро ғофилгир кунем.

Симо-ал-Кабир: Хасмро гофил пиндоштан хатост. Бинобар ин вазъ такозо менамояд, ки хушёрии бисёр ба харч дихем, посбонхои зиёд гуморем, хеч равандаеву ояндаро ичозаи убур аз ин марзеъ надихем.

Ахмади Марзук: Маълумоте, ки язак дод, кофӣ нест. Зеро наметавонад хамаи сокинони хаймахо мардуми чангӣ бошанд. Ишон мардуми кӯчӣ хастанд ва дар беруни шахрхо хайма мезананд. Факат рохбари онхо, ки Танкиш хонда мешавад, дар шахр фуруд меояд. Мардуми шахр аслан кавми мо, яъне сугдӣ хастанд. Бинобарин тамоми сокинони хаймахоро лашкар пиндоштан хатост.

Амир Исмоил: Мо метавонем ба сокинони шахр такя кунем?

Ахмади Марзук: Ишон Харчанд аз кавми мо хастанд, вале дини моро надоранд. Онхо насорӣ мебошанд. Абумуслими Хуросонӣ садупанчох сол пеш онхоро ба дини ислом овард, вале боз ба дини худ баргаштанд.

Симо-ал-Кабир: Занодик низ зиёд доранд. Банда низ то асорат пайрави мазхати Монӣ будам ва ба дасти кибларохи амирам ислом овардам ва ба номи Симо-ал-Кабир хонда шудам. Ва имрӯз аксари сипахсолорхои халофати аббосӣ аз хамин кавм хастанд, вале бо сабаби бо кавмхои сахрой якчоя барда шуданашон баргалат турк хонда мешаванд.

Амир Исмоил: Аз ин ба мо чӣ сӯд? Онхо гайри дини мо ва хасми мо хастанд. Хасми сарсахт! Фаизо лакитуму аллазина кафару фазар би ар-рикоби хатто изо ахсантухум фашудду ал васока фа аммо маннан баъду ва аммо фидоан хатто назаъа-ал-харбу авзорахо золика ва лавшоу оллоху ла антасара минхум валекин лияблу абъазакум бибаъзин валлазина кутилу фӣ сабилуллохи фалан юзилла аъмолахум. Яъне худованд мефармояд: "Шумо мӯъминон чун (дар майдони чанг) бо кофирон рӯ ба рӯ шавед боядшӯчоъона) онхоро гардан занед то он гох, ки аз хунрезии бисёр душманро аз по дароваред (ва ба кулли маглубу таслим созед), пас аз он асирони чангиро махкам ба банд кашед, ки баъдан онхоро озод гардонед ё фидя гиред то (дар натича) чанг сахтихои худро фурӯ гузорад (яъне то кофирон таслим шаванд ва чанг хотима ёбад ё то хама имон оранд ва чанг аз чахон баруфтад). Ин хукми феълӣ аст ва агар худо мехост худ аз кофирон интиком мекашид ва хамаро (бе захмати чанги шумо) халок мекард, валекин

(ин ҷанги куфру имон) барои имтиҳони халқ ба якдигар аст ва онон, ки дар роҳи худо кушта шуданд, худо харгиз ранҷу аъмолашонро зоеъ нагардонад.

Ба сарбозон, ба гозиён бифаҳмонед: Кушед то кушта нашавед...Имрӯз майдондорой ба сипаҳсолор Марзуқ вогузор мешавад...

Садои нокуси калисо аз деворҳои баланду мустаҳками шаҳр гузашта дар паҳнои даштҳо танин меандозад. Овози ниёиши хамсароён то ба домони уфуқҳои сӯхта, то ба иртифои абрҳои хунолуди осмони гирифта имтидод меёбад. Посбонҳои лашкари амир Исмоил паси гаравҳо пинҳон шуда, чашм ба сӯйи шаҳр бастаанд. Сипаҳсолор Марзуқ барои як шабехун задан бо сарбозонаш омодагӣ мегирад.

ТИРОЗ

Танкиш дар либоси муғулӣ бар тахт нишастааст. Дар наздаш чандто марди деҳқони сугдӣ ва қарлуқ хузур доранд.

Танкиш: Подшоҳи мусалмонон ба касди ҷанг сӯйи мо меояд. Фардо занону кӯдакон ва пиронро ба даруни девор гиред ва дар роҳҳо посбонҳо гузоред. Ба уқсуфҳо бифаҳмонед то мардумро ба ҷанг даъват намоянд. Шаҳр бояд ба ҷанг омода шавад.

Даштт

Гурӯҳе мусаллаҳ чодарҳои қарлуққоро оташ мезананд. Аз чаҳор тараф садои духул баланд мешавад. Мардуми чодарҳо бо тарсу харос, бо доду вой ва аз дасту поча гумкардагӣ, худро ба ҳар тараф мезананд ва мачруҳу мактули шамшербадастону найзадорон мешаванд. Садои духулҳо то рафт бо зарба ва баланд садо медиҳад ва дар шабехуншудагон чунин андешаи хавлнокро мебарангезад, ки сипохиёни душман ба мисли муру малах майдони ҷанг мешаванд. Гурӯҳе ба сӯйи дарвозаҳои шаҳр фирор мекунанд, вале ба он ҷо нарасида кушта мешаванд. Гозиён берахмона мекушанду оташ мезананд.

Ҳамӯя бинни Алӣ гозиёнашро ба кӯмаки Марзуқ мефиристад:

Ҳамӯя:(*ба сарони лашкараш*) Тамоми майдони ҷангро

мухосида намоед ва хеч кас имшаб набояд амон ёбад.

Гозиёни Ҳамӯя бинни Алӣ тамоми майдони оташгирифтаро мухосира мекунанд. Ҳанӯз салои духулхо ба як зарб, бо шиддат аст. Ҳайёху ва салои нолиши мачрухону мактулони гофилгиршуда тамоми даштро пур мекунад.

Чодари амир Исмоил

Амир Исмоил: Бо дамидани субх боял манчаникхо ва нафтзанхо ба назди девори шахр кашонда шаванд. Масъулияти ин кор бар сипахсолори Фарғона Ахмад бинни Мусии Марзук гузошта мешавад. Ба сарбозон ва гозиён бифахмонед, то аз камонхо камтар истифода баранд. Барои кушодани шахр аз манчаникхо ва нафтзанхо бештар истифода боял бурд.

Симо-ал-Кабир бар души шумо тадкики мавзеи берунии шахр гузошта мешавад. Бубинед агар об аз берун вориди шахр мешавад, мачроящро тагйир дихед... Шахр баъди фатҳ шудан боял горат нашавад ва занону кудакон ва пирон боял масун бимонанд. Хамеша боял аз хасм пештар андеша кард ва ба ӯ имкони амал кардан надод. Дар хеч сурат хушёриро аз даст надихед. Дар баробари душман хамеша боял хушёр буд. Худованд ёру малалгори хар кадоме аз мо бод!

Дохили шахр

Нокуси калисо баланд садо медихад. Мардуми шахр ба кӯчахои танг мерезанд. Тарсу харос фазои шахрро фурӯ печидаст. Посбонхо бар бурчхо оташ гиронда омодагӣ ба чанг мегиранд. Хеч кас чизе намедонист. Гозиёни сӯйи посбонхои бурчхои калъа тир партоб мекарданд ва дохили шахр низ нахустин курбониёни хешро дода буд. Сарбозони карлук аз болои борахо ба берун тир партоб мекарданд, вале намедонистанд тирашон ба кй мехӯрад.

Наздики дамидани субх духулхо аз садо боз монданд ва гозиён, он ки чон ба саломат бурда буд, ба макарри худ баргаштанд. Хамӯя бинни Алй гозиёнашро бо манчаникхову нафтандозхояш ба сӯйи хисори шахр мебурд, то онро мухосира намоял.

Бо дамидани субх гозиён бар карлукхо, ки хеле кушта

дода буданд, ҳамлаи сареъ бурданд ва онҳоро мачбур ба таслим шудан карданд. Дар майдони даргирӣ ҳеҷ чодаре ба пой намонда бул: ё сӯхта буд ва ё даридаву афтода: Ва аз чои бисёр чодарҳо, аз тудаи хокистари онҳо ҳанӯз дуд ба осмон менечид. Занону кӯдакони ваҳшатзада гунгу карахт назди гулханҳои хомӯшгаштаи чодарҳояшон нишаста буданд. Майдон пур аз наъши мардони онҳо буд. Fозиён аз миёни асирон ҷавондухтарону писарбачаҳои солимро дасту по баста, ба ақибгоҳ мефиристоданд ва чизу чораи солиммонда, говону аспонро ба ақибгоҳ мефиристоданд ва манҷаникҳояшонро дар муқобили шаҳр устувор месохтанд.

Қарлуқхое, ки ҳеҷ лоиқ ба асорат бурдан набуданд ба ҷамъоварии мурдагони хеш гуморида мешуданд ва майдонро аз наъши азизони худ пок месохтанд.

Нокуси калисо якмаром садо медод. Амир Исмоил бар аспи сафеди хеш болои гаревае истода буд ва ба шаҳру майдони ҷанг назора мекард.

Амир Исмоил: Чаро Ҳамӯя бинни Алӣ таъхир мекунад?

Ҳанӯз ӯ суханонашро ба поён нарасонда буд, ки манҷаникҳо ба сӯйи шаҳр сангу нафт партоб намуданд. Бо гузаштани фосилае чунин ба назар менамуд, ки гӯё аз осмон бар сари Тироз сангу оташ меборад. Шаҳр чо-чо оташ мегирифт. Ва сарбозони болои бораҳо мачоли сар бардоштану тир партоб кардан намеёфтанд.

Сарбозони Симо-ал-Кабир роҳи вуруди обро ба дохили ҳисори шаҳр баста буданд ва дигар тир меандохтанд.

Қасри Танкиш

Танкиш бо деҳқонони шаҳр, ки аглаб суғдиёнанд ва уқсуфи аъзами калисо Хуршеддин пури Ҳурмуздофарид мачлис дорад.

Танкиш: Шаҳр месӯзад, об нест. Мардумони ман дар хоричи шаҳр ҳама талаф шуданд. Ва шумо ва шаҳри шумо низ амон нахоҳад ёфт. Шумоён бо ишон ҳамқавм ҳастед, илочи корро ёбед.

Уқсуф: Ба ҷуз таслими ишон шудан илочи дигаре нест.

Танкиш бо итоб ва хашм ба сӯйи уқсуф менигарад, вале ӯ ба хашми шоҳи туркон эътибор намедиҳад.

Уқсуф: Лашкари шумо беруни шаҳр мунҳазим шуд.

Танкиш: Шумо аз он бепарво сухан мекунед, ки ишон ас хамкавмони шумоянд ва бар шумоён гузашт мекунанд. Ман ба ин рох нахохам дод.

Уксуф: Пас чора чист?

Танкиш: Ман аз шумоён мепурсам, ки чора чист?

Марди бо салобати суғдӣ: Мо ду имкон дорем: яке чангидан ва дагаре сулх кардан. Аз баски мо кудрати дигар чангидан надорем, пас мачбур ба пазируфтани сулх мешавем.

Танкиш:Онхо ханӯз ба мо чизе пешниход накардаанд.

Марди суғдӣ: Ғолибон чизе пешниход намекунанд. Онхо хама масъалахоро бо тезии тегашон халлу фасл менамоянд. Аз мост, ки боял шарту шароити сулхро пешниход намоем. Вале мо медонем, шарту шароите, ки мо пешниход менамоем, бо кабули дини ишон хулоса мешавад. Мо барои кабули чунин сулхи нанговар розӣ нестем.

Уксуф:Аз начотдихандаи кулли гунахкорон битарсед; боми калисо оташ гирифтааст, мардуми шахр онро бо як азмӣ азим хомӯш мекунанд.

Марди суғдӣ: Пас чӣ фарк дорад, ки калисо месӯзад ва ё ба масчиде табдил мешавад?!

Танкиш: Ин мард он чунон сухан меронад, ки гӯё бо ишон хамзабон шуда бошад. Оре, хар кадоме аз шумоён дар дил итминон дорад, ки хамкавмхоятон бар шумо гузашт хоханд намуд.

Марди суғдӣ: Мо низ дар катори кавми шумо ба асорату бардагӣ бурда шудаем. Ин далел бар дилпурии мо нест. Ва фардо хохед дид, ки сарлашкарони ишон аз ин диёр мебошанд, яъне он суғдиёни асиру ба гуломӣ ба кавми хеш бурда шуда, хастанд. Танкиш наметавонад моро дар ин хусус ба хиёнат айбдор намояд. Агар мо бо ишон аз як кавм хастем, вале дар дин душманем.

Танкиш:Динхои шумо аз хам бегона нестанд. Исову Мухаммад аз як кавманд. Вале масъала сари ин нест. Масъала сари бакои мост... Ман шуморо кафил мегирам.

Мади суғдӣ: Яъне гаравгон?!.

Танкиш: Хар чӣ мехохӣ бифахм. (*ба Уқсуфи аъзам*) дувист дехконро, ки акобири дигарон бошанд бо худ бигир... Мо ба мулокот меравем.

Марди суғдӣ: ПасТанкиш, хокони турк ба таслим шудан гардан ниходааст?!

Танкиш: Ман бо ҳамсарам ба дини ишон имон меоварем то...(*ба ҳамсуҳбаташ назари имтиҳон медавонад*) то амон ёбем. Барои мо ҳамаи шумо бегона ҳастед...ва як ҳастед...

Уқсуфи аъзами калисо Хуршеддин пури Ҳурмуздофарид баромада меравад.

Танкиш: Барои мо моҳият надорад...

Чанд сарбози қарлуқ давида ба боргох медарояд.

Сабоз:Боми қаср оташ гирифтааст.

Танкиш:Онро хомӯш кунед! (*ба бузургони суғдӣ*) хабар расонед, мо ба гуфтушунид ҳозирем. Ва бо шитоб аз ҷояш хеста аз боргоҳ бадар меравад.

Майдони марказии шаҳр. Қарлуқе чанд тахти равон хотунро бардошта ба сӯйи дарвозаи шаҳр мебаранд. Танкиш бар аспи пасте нишаста аст ва аз паси ӯ деҳқонони суғдӣ. Дарвозаро боз мекунанд. Танкиш бо аҳли рикобаш аз шаҳр бадар мешаванд. Манҷаникҳо аз кор боз мемонанд. Танкиш аз миёни лашкар, аз миёни майдони ҷанг гузашта, ба тарафи қароргоҳи амир Исмоил меравад.

Чодари амир Исмоил

Амир Исмоил бо чанд тан аз сарлашкаронаш Симо-ал-Кабир, Аҳмади Марзуқ ва Абуюсуф Яъқуб Ҳамӯя бинни Алӣ дохили чодар мешавад.

Амир Исмоил: Чӣ хабар?

Ҳамӯя: Сардори қарлуқҳо бо завҷааш ва деҳқонони Тироз ба побӯсии амирам омадаанд.

Амир Исмоил: Чӣ мехоҳанд?

Ҳамӯя: Гуфтушунид кардан мехоҳанд.

Амир Исмоил: Бигузор деҳқонон аз байни худ бузургтарҳошонро интихоб кунанад. Ман вақти ба ҳамаи онҳо сухбат кардан надорам.

Ҳамӯя аз чодар бадар меравад ва баъди чанд лаҳза бо чаҳор-панҷ нафар аз бузургони Тироз боз мегардад.

Амир Исмоил: Шумо дар ин қисмат аз сарзамини мо аслу насаби хешро фаромӯш карда, боз бешармона мехохед бо мо гуфтушунид намоед.

Уқсуфи аъзам: Ин хости мо набуд, балки иродаи начотдиҳанда буд. Ба амри тақдир мазҳаби нав моро аз ҳам бегона сохт, вагарна...

Амир Исмоил:Гардан ба бардагии бегонаҳо ниходед.

Онҳоро барои ғорати ватани хеш сук медиҳед...

Уқсуфи аъзам:Аз дасти бандаи гунаҳкор чизе сохта нест. Мо омадаем шарти сулҳро бипазирем, то шаҳр хароб нашавад. Аз ин рӯ бандаворона хоҳиш менамудем Танишро, ки алҳол соҳибмулки мост, бипазиред.

Амир Исмоил: Мо ба ғосибони диёри худ гуфтушунид намекунем. Алҳол ӯ бандии мост ва ҳеҷ банда наметавонад бар мардуми озод ҳукумат кунад.

Уқсуфи аъзам: Пас чора чист? Шаҳр хароб мешавад...

Амир Исмоил: Аслан хуб нест, ки мардуми як қавму як нажод дар мазоҳиби мухталиф бошанд. Ин ҳамеша боиси парокандагии қавму кишвар аст. Шумо бояд ба мазҳаби ислом дароед, он чунон ки Абумуслими Хуросонӣ бобоёни шуморо ба дини бехин гаравонда буд. Вале шумо боз бар дини бобоёни худ кофар шудед. Он гоҳ мо бо шумо гуфтушунид хоҳем кард.

Уқсуфи аъзам:Фақат бо ислом овардани мо қазия ҳал намешавад. Ин ҷо қарлуқҳо бар вилоят тасаллут доранд, ризоияти ишон муҳим аст.

Амир Исмоил: Мо тасаллути ҳеҷ бегонаеро қабул надорем. Лашкари ишонро мунҳазим сохтем ва даҳ ҳазор асир гирифтем. Ва сардорашон низ асири мост. Агар мехоҳед шаҳр хароб нашавад, дарвозаҳоро бар лашкари мо боз менамоед ва мо фотеҳона вориди шаҳр мешавем. Дар акси ҳол ҷанг давом хоҳад ёфт.

Уқсуфи аъзам: Як рӯз мо амон мехоҳем, то ба шаҳр баргардем ва мардумро барои таслим розӣ намоем.

Амир Исмоил:Магар ба назди мо омаданатон дигар маънӣ дошт?! Фардо субҳ бояд дарвозаҳо боз шаванд. (*Ба Абуюсуф Яъқуб*) Ишонро ба дин оваред.

Амир Исмоил аз тахт хеста ба назди уксуф меравад ва ҷалипои гарданашро ба шаст канда ба дур мепартояд. Ёронаш аз тарс ҷалипоҳои гардани хешро гирифта ба пои тахт мегузоранд. Ва амир Исмоил ишонро бо ишорати даст мурааххас менамояд. Онҳо таъзимкунон аз чодар бадар мешаванд. Баъди чанд лаҳзаи дигар Ҳамӯя бо як даста аз ҷалипа бармегардад.

Субҳи рӯзи дигар амир Исмоил дар раъси лашкар аз дарвозаи ҷанубӣ вориди шаҳр мешавад. Кӯчаҳо аз одам холӣ хастанд. Сокинони шаҳр дар бурҷи хонаҳои хеш пи-

нҳон шудаанд. Баъди лашкар асиронро бо дасту пой баста, ки Танкиш ва хотунаш низ бо онҳост, ба шаҳр ворид менамоянд. Барои охирин бор нокуси калисои шаҳри Тироз ба садо дар меояд. Ва мардум бо тарсу ҳарос ба майдони назди калисо ва қасри шоҳ ҷамъ меоянд. Уқсуфи аъзам ва дигар бузургони Тироз, ки ҳамагон мардуми суғдӣ ҳастанд, ба назди мардуми тарсзадаву ҳаросманд мебароянд. Ба бо майдон баромадани онҳо дар байни мардум ҷунбише ба амал меояд.

Уқсуфи аъзам: Ҳамаи роҳҳо ба сӯйи худованди якто мебаранд. Интихоби ин ё он роҳ куфр нест. Вале мо бояд дар ин умри гузарону кутоҳи хеш кӯтоҳтарин роҳро барои иртибот бо офарандаи ҷаҳонҳо интихоб намоем, он чунон ки дигар ҳамқавмҳоямон дар куллияи Иронзамин кардаанд. Ва бо қабули дини ислом шумо дигар ҳамчун ғайридин ба бардагӣ бурда нахоҳед шуд, молу ҷонатон дар амон хоҳанд монд...

Овозе аз байни издиҳом: Ба мо бифаҳмонед, он кӯтоҳтарин роҳи иртибот бо худовандигор кадомаст?

Уқсуфи аъзам: Намози панҷвақта. Шумо дар ин намозҳо бо худои холиқи замину осмонҳо ду ба ду хоҳед буд ва касе байни шумо васила нахоҳад шуд. Шумо худ масъули гуноҳу савоби хеш хоҳед шуд.

Овозе аз байни издиҳом: Модом, ки ҳама роҳҳо ба сӯи худованд баранд, интихоби ин ё он роҳ куфр набошад, пас чӣ фарқ дорад, ки мо дар кадом роҳем?

Уқсуфи аъзам:Алҳол мо ҳаққи интихоб надорем, агар мехоҳем ҷону моламон, шаҳру деҳамон дар амон монанд, бояд тақозои ғолибонро бипазирем. Ва бо ҳамқавмони хеш ҳаммазҳаб шавем.

Майдон ба ҷунбиш меояд. Чанд сарбозе бар боми калисо баромада чалипову нокусро ба замин мепартоянд. Ва яке аз онҳо аз он баландӣ азон мехонад.

Уқсуфи аъзам:Дигар ба ҷои оҳанги нокус садои азон хоҳед шунид.

Бо шунидани садои азон мардуми шаҳр ба хонаҳои хеш пароканда мешаванд ва ғозиён ба майдон меоянд ва саф мекашанд. Амир Исмоил пешнамоз мегузарад. Баъди намоз ба мусулмонон рӯй оварда мегӯяд:

-Дар кутоҳтарин замоне ин калисо бояд ба масҷиди ҷомеъ мувофиқ карда шавад. Ва ҳар ғозӣ бояд панҷ-даҳ нафарро

мусулмон кунад.

Амир Исмоил бо бузургони қавми хеш ба дохили калисо медароянд. Уксуфи аъзам ба пешвози онҳо мебарояд.

Амир Исмоил:Мо ин калисоро ба масҷиди ҷомеъ табдил медиҳем. Ҳеҷ чиз аз ин ҷо бояд ғорат нашавад. Номи шумо чист?

Уксуфи аъзам: Хуршеддин писари Ҳурмуздофарид. Ин номро падаронамон ба ифтихори уксуфи муқадас Хуршеддини Ҳурмуздофарид, ки дой мо буд, қабул кардаанд.

Амир Исмоил: Номи зебост. Ҳама ҳамчунин номҳои порсӣ доранд?

Хуршеддин: Оре. Ҳама бузургони қавм ва деҳқонон бо номҳои хеш боқӣ мондаанд ва аксари авом номҳои инҷилӣ ба худ гирифтаанд.

Амир Исмоил: Ишонро ё ба номҳои қадимашон баргардонед ва ё номи исломӣ гузоред. Худи ҳамин рӯз амволи калисоро ба байтулмол интиқол диҳед.

Амир Исмоил бо ҳамрохонаш даруни калисо гардиш мекунад ва аз тазйини он ба чеҳраҳои маъсуму маслубу азиятдида ҳайрон мешавад.

Амир Исмоил:Аз бебақоии кори наққош дареғам меояд. (*Болои курсӣ мешинад ва дар тасвири Исои Маслуб хира мемонад*) Марде аз издиҳом дуруст мегуфт: Чӣ фарқе дорад?! Оре чӣ фарқе дорад: рост меравӣ ва ё уреб. Рост меистӣ ва ё зону мешиканӣ, сар ба замин мекӯбӣ ва ё... Оре, ҳама роҳҳо ба сӯйи худованд мебаранд. Оё ин инсонҳо дар ин роҳҳо мераванд?! Чаро онҳоро мебаранд?! Чаро худи онҳо намераванд?! Оё онҳое, ки ишонро аз дунболи хеш мебаранд, дар ниятҳову хостҳои худ беғаразанд?! Магар инсони андешаманд метавонад беғараз бошад?! Ин роҳҳо ба сӯйи худованд боядинсонро саодатманд созанд. Чаро он ки худ бо ишқу иродаи худ равад, бар дор мешавад?! Чаро инсон панд намегирад?!! Чаро гуфторҳо бо кирдорҳо яксон нест? Худоё, худовандо доно тӯӣ, бино тӯӣ... Инон, ки ба роҳи худ мераванд ва ҳанӯз, ки ба ҷое нарасидаанд, боз ишонро аз роҳ мезананд. Ӯ то нимароҳ бо шаку тардид меравад ва оё то ба охир, ба он ҷое, ки дигар орзуҳо мемиранд, мерасад? Магар то ба ин нимарох ӯ роҳи куфр напаймудааст?! ***Оё бошар ба ҷое мерасад***?! Оё мерасад?! Магар ин фасона нест?! Магар ин дом нест? Магари ҳодиёни роҳу ин роҳпаймоҳо фасонапардоз наянд? Пас

ман кистам?! Саргашта дар ин бодия аз баҳри чистам?! Худоё, фақат ту медонӣ, зеро бар ҳама корҳо ту доной. Ончунон ки ҳастем, ҳамчунон бипазирамон. Инсон панд-пазир нест. Он ки панд медиҳад, худ хилоф мекунад! Худовандо, савобу гуноҳамонро бар мо бубахшо! Зеро кори савобамон гуноҳ аст ва шояд гуноҳамон савоб бошад. Фақат туӣ бузург, фақат туӣ бартар аз ҳама сифот. Ҳама роҳҳо уреб аст, ягона роҳи рост туӣ, эй Рости рости рости рост! Бар мо бубахшо... Зеро бар ҳама корҳои худ туро шиор месозем. Зеро ҳама кори мо хатост. Ҳама савоби мо хатост. Ҳама гуноҳи мо хатост. Мо як пайкари ҳавлангез аз Хато ҳастем. Ту моро маъсум офаридӣ, вале мо бо дурӯғ аз худ пайкари ҳавлангези Хато сохтем. Ва бо номи ту бар роҳи худ арҷ ниҳодем... Фиръавнро аз маснадаш баровардохтем, ва бегумон худ бар маснадаш биншастем. Худоё аз муддаиёни маснадат моро начот деҳ! Ҳар кӣ бар маснади Фиръавн нишаст, Фиръавн шуд. Ҳар бутшикане худ бут шуд... Агар инсонҳо бо роҳи нахустин ҳодии ту мерафтанд, шояд имрӯз онҳо дар як ҷаҳони осоишу оромиш, бечангу ҷӯш, ҳамнаво бо оҳанги зиндагӣ ҳаёт ба сар мебурданд. Шояд онҳо ба он чӣ ту хостӣ мерасиданд. Аз бас имрӯз роҳҳо бисёри ба ҳам печида шудаанд, башар ҳадафи худро гум кардааст. Мурод аз ин роҳҳои печида бо ҳам ту нестӣ, балки ёфтани гумкардаи худи башар аст. Аз бас ҳадафи худро гум кардаанд, аз беилоҷиву дилхурагӣ, хашмгину асабонӣ шудаанд ва ба ҷони ҳамдигар дарафтодаанд. Эй кош башар ҳадафи хешро мешинохт!

Ин раҳеро, ки мо пеш гирифтем, ниҳоят нест. Ҳарчанд мо худро ба ниҳоят будани он тасалло медиҳем. Ҳар инсоне имконияти хуфтаву карахт ва ношинохта аст. Ҳайҳот, агар ин имконияти хуфтаву карахт ва дар таҳтушшуурҳо пинҳон шинохта шавад! Он гоҳ роҳҳо кӯр хоҳанд шуд. Он гоҳ башар басираташро аз даст хоҳад дод, он гоҳ башар хештанро гум хоҳад кард.

Эй кош, башар фақат бо роҳи нахустин ҳодӣ мерафт! Он замон башар ҳадафашро гум накарда буд. Ӯ тоза ба Сирот-ал-мустақим ворид шуда буд ва ҳанӯз гоме дар он барнадошта буд. Эй кош башар тариқи бозгаштро мешинохт!!!

Эй дареғ! Дареғ аз ин худорамида чанде!...

Амир Исмоил аз ҷой хеста ба гӯшаи хилвате рафта ду раъкат намози шукрона мехонад.

Амир Исмоил: Ба коргарон назорат кунед, ки дар вақти

кандан ба тасвирхо осебе нарасад.

Амир Исмоил бо хамрохонаш аз калисо баромала мераванд.

Амир Исмоил вакти ба каср бархонаш хеле хаста ба назар менамуд. Хини аз рохравхо ва дахлезхои каср убур кардаиаш ба Хамӯя фармуд:

-Тасхири Тироз ханӯз маъниш поёни чангро надорад. Боид тамоми касабахои он поксозй шавад, то минбаъд аз ин кисмати киливари хеш беташвиш бошем.

Гозиёни зиёд ба бозсозии калисо ба масчиди чомеъ машгуланд.

Амир Исмоил:Тамоми ганоими чангиро хисоб кунед, ки он насиби вокеии гозиён аст.

Абуюсуф Яъкуб: Мо онро хисоб кардем: факат пули наклиная, ки аз дорулмулк ва калисо ба даст омадааст, сари хар гозй хазор дирам мерасад. Ин чо зуруфи киматбахо ва чахориоён беруи аз шумор аст.

Амир Исмоил: Пулро байни гозиён,он чунон ки хисоб кардаед, баробар таксим намоед.

Симо-ал-Кабир: Амирам, ин гӯшношунид аст!

Амир Исмоил: Фармони шохон мавриди тардид карор намегирад. Он чй фармудем, ичро кунед.

Абуюсуф Яъкуб: Фармони амирам дар хусуси мусодира нашудани молу мулки мардуми шахр ба хама баробар таллук дорад?

Амир Исмоил: Не. Факат ба сохибони аслии шахр сидк мекунад. Заминхои тасарруфшуда дубора ба сохибонашон баргардонда шаванд. Госибони ин шахр чумлагй ба бардагй кашида мешаванд. Дар масоили марбут бо Хуриедини писари Хурмузлофарид маслихат кунед, ӯ вазъи ин диёрро бех хубтар медонад.

Симо-ал-Кабир: Оё мешавад ба ӯ бовар кард?

Амир Исмоил: Чаро не? Ва ё шумо мулохизаи дигаре доред, ки мо намедонем?

Симоъ-ал-Кабир: Не амирам, аз рӯи одат, хамту пурсидам.

Амир Исмоил: Маволии хонадони мо факат барои хамтур чизе намепурсанд. Агар шакку шубхае доред, бифар-

моед.

Симо-ал-Кабир: Аз рӯйи одат, шоҳон ба мардуми кишварҳои тасхиршуда бовар намекунанд. Пурсиши ман ҳам ба ҳамин хотир буд.

Амир Исмоил: Агар мо ба онҳо бовар намекардем, ишонро соҳибмансаб намегардондем.

Симо-ал-Кабир: Узр мехоҳам...

Амир Исмоил: Боке нест! Онҳо низ ба мисли шумо аз ҳамқавмҳои мо ҳастанд, вале гумроҳ шуда. Онҳоро ба роҳи ҳақ ҳидоят кардан, ислоҳ кардан аз вазифаҳои мост. Онҳо ҳанӯз аслу насаб ва қавмияти хешро фаромӯш накардаанд: онҳо бо ифтихор худро хоҷа, яъне озодагон мешуморанд. магар ин кофӣ нест, ки мо ба ишон бовар дошта бошем?!

Симо-ал-Кабир тамоми гуфтори амир Исмоилро ҳамчун танбеҳе ба худ қабул намуд ва зери бори миннат ва таҳқир аз арақ тар шуд.

Амир Исмоил: Бо гузашти қарнҳои мадид, ба сабаби дурафтодагияшон, шояд забону қавмияти худро гум намоянд, вале ҳаргиз озоданажод будани хешрофаромӯш наҳоҳанд кард. Ин як амри мусаллам аст.

Калисо ба масҷид табдил шудааст. Муаззин аз болои манора азон мегӯяд. Мардуми шаҳр ба масҷид мерезанд. Амир Исмоил хутбаи намози ҷумъаро ба номи халифаи аббосӣ Мӯътазид қироат менамояд.

Мо дар ин шаҳр ба пирон, занон ва кӯдакони қарлуқ ба шарти пазируфтани ислом амон медиҳем. Бигзор онҳо ба диёри худ баргарданд ва ба ҳамқавмони худ бифаҳмонанд, ки турк тозиву чаповали онҳо дигар дар кишвари исломии мо беҳуда ва як амали бесамар аст. Мо метавонем кишвари худро аз ҳама гуна ғорату таҷовуз ҳимоят кунем. Агар бебасароне ҳаваси диёри мо кунанд, ҷуз ба шамшери охта истиқбол нахоҳанд шуд.

Бародарони аҳли ислом, дигар ҳимояти сарҳадоти шимолии кишвари исломӣ бар гардани шумост. Шумо дигар ғозиёни исломед ва вазифаи шумост, ки ҳар ширку бединиро дар ин қисмат аз беху бун барканед. Мо барои амалӣ шудани ин ҳадафҳо ба кумаки шумо омузгорону устодон, факеҳону донишмандонеро ин ҷо мегузорем, то мактабҳои исломӣ ба вуҷуд оянд. Аз байни ғозиён ихтиёриёне пайдо

шулаанд, ки ин масъулияти азимро ба гардан мегиранд. Мо ба онхо дар ин амри мухим аз даргохи худованди якто тавфик таманно мекунем. Ва вазифаи шумост, ки ишонро дар хама умур бедарег кӯмак намоед. Аллохума салли ъало Мухаммадин ва ъало оли Мухаммадин камо салайта ъало Иброхима ва ъало оли Иброхима иннака хамидун мачидун. Аллохума борика ъало Мухаммадин ва ъало оли Мухаммадин камо борика ъало Иброхима ва ъало оли Иброхима иннака хамидун мачидун...

Ахли масчид салавотро такрор мекунанд.

Амир Исмоил: Ассалому алайкум ва рахматуллохи ва баракоти...

Ахли масчид: Оллоху акбар, оллоху акбар!...

Лашкари анбӯх бо ганоими хангуфт дар роҳ аст. Шаб мегузараду рӯз мегузарад. Мегузорад баъди худ бар панчаи бод хокистарнӯдахоро. Бод чизеро аз ишон нишон намегузорад. Пайи пойи аспхошонро, хокистари гулханхои хомӯшро месутурад. Рафтану омадани бенишон, хастакунанда, сутуранда ба мисли хӯра... Вале каломи тавхид бар забони бод аст: хама чо, дар масири лашкари анбӯх мудом садо медихад.

Лашкари гозиёни солори гозиён бар дили хунолуди хуршед фурӯ меравад ва аз дили бехуну зарду рангпаридаи он буруи мехазад, ба мисли латабаста хун бар пахнои дашт дог мебандад. Гӯё ин лашкар хамеша дар рох будааст, хастагинопазир рох мепаймудааст: каломаш бар забони бод...

Шахбону: Имрӯз духтарамон ба балогат расидааст, хостгорон аз хама вилоёт омаданд.

Амир Исмоил: Онхо киёнанд?

Шахбону: Бузургони кишвар...

Амир Исмоил: Худи духтар чй мегӯяд ва интихобаш бар кист?

Шахбону: Ӯ хеч каломеро намешнидаст ва хукми дахони худро бар киблагохаш додааст.

Амир Исмоил: Бисёр хуб...Мо хушбахтии фарзанди хешро мехохем. Ӯро назди мани фиристед.

Шахбону баромада меравад ва баъди чанд лахза духтараш ворини хучраи падараш мешавад.

Амир Исмоил: Фарзандон ченаки замонанд. Мо дар нумӯи онхо гузашти умри хешро мебинем...Бинишин (*чое дар*

паҳлӯяш нишон медиҳад). Солҳо тез мегузаранд. Дирӯз ту кӯдак будӣ, худойро шукр, чӣ тавр ба камол расидай, мо бехабар мондаем. Вақте модарат қазияро барои ман гуфт, хеле мабҳут шудам. (**Духтар аз хиҷолат сар поин меоварад**)

Бузургтарин сарвате, ки инсон онро бо меҳнати хеш ба даст меоварад ва ҳеҷ гоҳ коста намешавад ва ҳамеша меафзояд ва боз некномию ҷовидонагӣ ба ҳамроҳ дорад, дониш аст. Мобақӣ ҳама чирки даст аст, бебақост ва аз роҳҳои номатлуб андӯхта мешавад ва зудояндаи осоиш, мояи ғафлат аст. Ман гумон мекунам, фарзанди мо мефаҳмад ки ғарази мо чист? (*Духтар бо аломати ризо сар хам мекунад*)

Фарзанди мо дар зиндагии хеш эҳтиёҷманд нахоҳад шуд, ба ҷуз ташкили як оилаи саодатманд. Ин чиз ба худи ту вобаста аст. Ҳеҷ чиз дар дунё ба осоишу оромиши оилавӣ баробар нест. Биҳишту дузахи инсон маҳз аз оила манша мегирад. Ман умедворам, фарзанди мо тибқи гузаштагони худ амал мекунанд ва фарзандони оқилу доно, далеру паҳлавон, хубу зеборо тарбият менамояд... Агар ту худ чизи дигаре мехоҳӣ, бифармо, мо хилофи раъйи ту амал нахоҳем кард.

Духтар: Ман ҳеҷ гоҳ аз ёд набурдаам, ки кистам ва дар ин зиндагии чандрӯза масъулиятам чист. Бинобарин ҳар ҳукмеро аз ҷониби падари бузургворам барои худ саодат мешуморам, зеро медонам, ки волидон ҳамеша толиби хушбахтии фарзандони хешанд.

Амир Исмоил:Пас ман мехоҳам, фарзанди мо ба Имом Ҳофизаддин писари Хоҷа Юнуси Бухорой, ки ҷавони донишманду шуҷоъ аст, ризоят диҳад. Уро дидай?.

Духтар: Не. Шунидаам...

Амир Исмоил: Пас модаратро бигӯй назди ман ояд.

Духтар таъзимкунон баромада меравад. Чанде нагузашта Шаҳбону меояд.

Амир Исмоил: Ба Хоҷа Юнуси Бухорой бифаҳмон, ки хостгор бифиристад...

Шаҳбону: Охир, ӯ як толибилм аст! Ин чӣ тур мешавад?

Амир Исмоил: Мо хушбахтии фарзанди худро мехоҳем, на сарватманд шудани ӯро. Ӯ молики бузургтарин сарват аст, ки ҳеҷ дорое онро надорад ва ба он муҳтоҷ аст. Тоҷи ифтихори инсон хирад аст, на моли дунё! Ҳама чиз тороҷ

мешавад, ба бод меравад, магар гавҳари доной.

Бод шўълаҳои оташи гулханро ба рақс меоварад. Лашкари анбўҳи амир Исмоил аз хилоли ин шўълаҳои рақсанда мегузарад. Ва бод ҷамчамаҳои сари инсонро чун чўбкадуҳои хушк дар дили дашт ба ҳар сў меғелонад. Ва нигоҳи сўзандае аз қаъри гулхан ба амир Исмоил менигарад...

Ва марде зинда ба зинда дар танури оташ фурў меравад.

Ва аъзои бадани мардеро қисм-қисм ба танўраи оташ фурў мерезанд.

Ва бод бўйи сўхтаи устухонҳои Муқаннаъу Муқаффаъро ба машомаш мерасонад.

Ва танўраи нуре ба сўйи осмон меравад ва дили даштро дар зулмати шаб рўшан месозад.

"Оре, бузургмардони хиради ин сарзамини паҳновар роҳро барои ҳамеша бар мо рўшан гардондаанд!"...

Ва аз дуриҳои дур, аз қаъри зулмат, аз дили осмон, аз интиҳои беинтиҳо бод каломи рўшангар меоварад: "Муқаннаъ...Муқаффаъ...Мансур"..."

Ва озарахш медурахшад...

Ва раъд меғуррад...

Ва саворе бар аспи сафед мегузарад...

Ва шере андаруни қафас меғуррад...

Ва тифле ўро ором мекунад...

Ва саре аз маснаде меафтад...

Ва шафақи осмон хунолуд аст..

Ва дарёи хун мавҷ мезанад...

Амир Исмоил аз бари синфхонаи писараш Аҳмад мегузарад. Садои дашном додани муаллимро мешунавад ва назди дар таваққуф мекунад. Аз дарун садои муаллим ба гўшаш мерасад:

-Худованд ту ва он касеро, ки ту фарзандаш ҳастӣ, гиромиву хуш надорад!

Амир Исмоил вориди синфхона мешавад.

-Эй устод, оё гумон мебарӣ мо гунаҳкор ҳастем, ки ба мо носазо мегўйиву фаҳш медиҳӣ? Оё метавонӣ моро аз дашном муоф бидорӣ?

Устод сахт ҳаросид, забонаш лол монд ва амир Исмоил ба надимаш фармуд.

-Ба устод инъом диҳед, ҷомаву салла пӯшонед.

Ва аз синфхона бадар меравад.

Ва чоки гиребони субҳ медарад.

Ва амир Исмоил лабханд мезанад...

Ва бод лабханди ӯро ба садо дароварда бар дили дашт мутанағим месозад.

-Кафорати фарзандон бар гардани падарон аст.

Дар миёни лашкар ғалоғула ба по мехезад.

Оташи гулхан кайҳо хомӯш шудааст. ва амир Исмоил тамоми шаб бедор буд.

Амир Исмоил:Бифаҳмед, чӣ маҳал аст.

Ба чодари хеш медарояд ва баъди лаҳзае офтоба дар даст берун меояд. Дар ҳамин вақт Ҳамӯя меояд.

Ҳамӯя: Амирам Танкиш бо хатун ва чанд нафари дигар фирор кардаанд.

Амир Исмоил: Онҳо дар ин саҳро наметавонанд ба ҷое бирасанд. Ишонро таъқиб кунед ва постбононро ҷазо диҳед. Мурдаву зиндаи онҳоро пайдо кунед.

Амир Исмоил паси чодар мегузарад, Ҳамӯя аз паси фармоиш меравад. Уфуқ ба ранги зард рух менамояд. Ва чанд даста аз саворон ба сароғи хони қарлуқҳо мебароянд. Ғубори роҳ ба осмон мепечад...

Чанд нафар ғозӣ Танкишро ба завҷаву ёронаш пештози аспҳо мебаранд. Ба онҳо тозиёна мезананд ва ишон аз бими зери суми аспҳо намондан медаванд. Хаста, ташна, арақшор аз бими ҷон медаванд.

Сарбозе (*бо овози баланд*): Дигар то ба Самарқанд ҳамчунон хоҳед давид!

Сарбози П: Маълум аст, ки ҳеҷ гоҳ пиёда роҳ нарафтаанд. Бубин, ҳатто дуруст давидан наметавонанд.

Сарбози Ш: Хонумро рӯйи даст мебурданд.

Ва аспашро пеш давонда хонумро аз замин бардошта бар асп мешинонад ва паси гаевае мебарад. Ва сарбози аввал аз пасаш садо медиҳад.

-Зино макун!

Ва аз паси гарава овоз меояд: Ӯ кофар аст!

Сарбозон баланд-баланд механданд ва ҳамчунон асиронро пешо-пеши аспҳои хеш медавонанд.

Сарбози зинокорро аз қатор берун мекашанд ва дар ба-

робари ҳамагон сар мезананд.

Амир Исмоил: Бо ҳар худкомае ҳамчунин рафтор хоҳад шуд!

Ва хони карлукро дар баробари дигар асирон тозиёна мезананд... Ва амир Исмоил дар чашмони хаставу варамидаву нопайдои Танкиш менигарад. Ӯ тоби нигоҳу зарбати тозиёнаро наёварда ба дард нолиш мекунад, ба мисли гурги гуруснаву сармозада зӯза мекашад.

Амир Исмоил: Нофармонӣ чунин подош дорад!

Ва ёронашро сар мезананд. Ва хотунро ба ғозие зиштқарехаву ғулосо ҳадия мекунанд.

Амир Исмоил: Ҳадиси набавист, ки мефармояд: "Ҳар кас бо ситамгаре ҳамроҳӣ кунад ва бидонад, ки ӯ ситамгар аст, мусалмон нест". Агар мо ҳукми адлро ичро накунем, зулм афзоиш ёбад. Дар имон нерумандтарини шумо касест, ки бар хашму нафси хеш чира шавад... Бинобарин ҳар орзӯе сазовори дувист чӯб аст! Ғазовоту ҷиҳоди мо Ислоҳ аст. Мо бояд ислоҳ кунем. Ислом Ислоҳ аст...яъне ислоҳи зиндагии худу ҷомеаи худ ва кишвару дунё!!! Агар то ба имрӯз касе ин маъниро нафаҳмидааст, ба ӯ бифаҳмонед.

Амир Исмоил: Роҳи бозгашт ба манзил тӯлонист. Замон дер мегузарад.Муштоқи мардуми Бухоро шудаам.

Симо-ал-Кабир: Ин аз ишқи шумост ба ишон...

Амир Исмоил:Баъди бозгашт, кӯй ба кӯй, шаҳр ба шаҳр, деҳ ба деҳ хоҳам гашт.

Симо-ал-Кабир: Мардум ҳама ҷо аз шумо бо ишқ пазирой мекунанд. Ҳатто дар Тироз ин тамоюли мардум эҳсос мешуд. Зеро мардум аз адолат пуштибонӣ мекунад.

Амир Исмоил: (*андешамандона*) Адолат бояд пояи ахлоқӣ дошта бошад...ахлоқ бошад... дар акси ҳол ҷабр асту ҷафо... Тибқи шоҳони қадим бояд амал кард...

Симо-ал-Кабир: Чӣ тавр?

Амир Исмоил: Ба доди ҳар касе аз афроди кишвар бояд расид, новобаста аз он ки ӯ дорост ё нодор...

Чун Бедун Бухорхудот бимурд, аз вай як писари ширхора монд, номаш Туғшода. То ба балоғат расидани ӯ модараш Хутак подшоҳӣ мекард ва одил буду сохиброй. Одати ӯ чунон буд, ки ҳар рӯз аз дари Ҳисори Бухоро берун меомад.

Зане дар либоси шоҳона нишаста бар аспи зину лаҷомаш заррин аз Дарвозаи Алаффурӯшон берун омада бар тахти мурассаъ менишаст. Дар наздаш ғуломону хоҷасараён, яъне хассиён ва хоҷагон соф мекашанд. Дусад ҷавонони деҳқонзода бар камарҳои заррин шамшер ҳамоил карда дар хизмат истодаанд...

...Ва вай қоида ниҳода буд бар аҳли Бухоро, ки ҳар рӯз аз деҳқонон ва шоҳзодагон дувист барно ба хидмати ӯ меомаданд. Ва чун Хотун берун меомад, ҳама бар вай таъзим мекарданд ва ба ду саф меистоданд. Ва Хотун дар кори кишвар расидагӣ мекард ва амру наҳйи медод ва онро, ки хостӣ, хилъат медод ва онро ки хостӣ уқубат мефармуд. Ҳамчунон аз бомдод то чоштгоҳ менишаст ва ба ҳисор бармегашт ва хонҳо берун мефиристод ва ҳамаи ҳашамро таъом медод.

Ва чун бегоҳ мешуд ҳамчунон берун меомад, бар тахт менишаст ва аз деҳқонону мулукзодагон ба ду саф пеши ӯ ба хидмат меистоданд, то фурӯ рафтани офтоб. Онгоҳ аз тахт бархоста, бар асп нишаста, бар Кох бармегашт. Ва он бузургзодагон ба рустоҳои хеш бозмегаштанд ва рӯзи дигар қавми дигар бар ҳамин сифат хизмат мекард, то ки боз навбат ба ӯ расад. Соле ҳар қавмеро чаҳор бор навбат мерасид. Бад-ин минвол ин Хотун понздаҳ сол мулк дошт.

Ин ҳамон Кох аст, ки Хотун бо фарзандонаш дар он менишастанд. Ҳазор сол аст, ки вайрон мешаваду обод...

Мардуми деҳи Варахша аз омадани амир Исмоил огоҳ шуда, ҳама ба майдони кох мерезанд.

Амир Исмоил: Ман бист ҳазор дирам ва чӯб медиҳам, шумо ин кохро масҷиди ҷомеъ созед.

Марде мӯйсафед аз миёни мардум пеш баромада ба амир Исмоил таъзим карда мегӯяд.

Марди пир: Умри шоҳам поянда бод, масҷиди ҷомеъ дар деҳи мо рост набошад ва раво набошад.

Амир Исмоил: Чаро?

Марди пир: Ҷамоати деҳи мо кам аст ва сониян, ин кохи подшоҳони қадим аст.

Аҳмад бинни Муҳаммади Лайс: Ман дар мусалмон будани ишон шак мекунам.

Амир Исмоил: Баръакс, аз нахостанашон хушам меояд. Оиҳо мефахманд, ки чизи ободро вайрон кардан хуб нест. Ин маънии онро дорад, ки агар масҷиди ҷомеъ мехоҳед,

бино кунед, обод кунед...(*ба мардум*) Имрӯз ман ба назди шумо омадаам, то ба додатон бирасам. Оё аз омилони мо ва маллокони деҳ бар шумо зулм расидааст.

Марди пир: Умри шоҳам поянда бод, аз ҳеҷ чонзоде бар мо зулм намерасад. Мо ба худ таъмин ҳастем ва боз моли лояхтоҷи хешро ба фурӯш мебарорем.

Амир Исмоил: Ин зиёъот ва ғаллазорони ободон ҳама моли шумост?

Марди пир: Умри шоҳам поянда бод. Ин зиёъот ва ғалазорҳо аз қадим моли шоҳон буд.

Аҳмад бинни Муҳаммади Лайс: Ин мулк ҳанӯз дар дасти охирин бухорхудост Абӯисҳоқ Иброҳим бинни Холид бинни Буниёт аст.

Амир Исмоил: Ӯ дар ин кох зиндагӣ мекунад?

Аҳмад бинни Муҳаммади Лайс: Ӯ ба тобистон ин ҷой ва дигар вақт дар Бухорост.

Ясорӣ: Ё амир, ин зиёъ бад- ин некӯй, бо чандин ғалла ба Абӯисҳоқ аз кӣ мондааст?

Амир Исмоил:Ин зиёъ мулки ишон нест, мулки подшоҳӣ аст.

Аҳмад бинни Муҳаммади Лайс: Мулк аз они ишон аст, аммо ба сабаи раддати падари ишон халифа аз дасташон берун кардааст ва мулкро байтулмол гардонида ва боз бар сабили иҷрат ва ҷомагӣ ба ишон дода.

Ясорӣ:Вай ба амирам хидмати босазо намекунад ва чунон медонад, ки ин зиёъ мулки ӯст.

Абуисҳоқ Иброҳим меояд. Аз асп пиёда мешавад ва ба амир Исмоил таъзим мекунад.

Абӯисҳоқ Иброҳим: Хуш омаданд, амирам, нури дида тоҷи сар, ба саройи хеш фуруд омадаанд.

Амир Исмоил:Ё Або Исҳоқ, туро ҳар сол аз ин зиёъ чӣ қадар ғалла ба ҳосил ояд?

Абӯисҳоқ Иброҳим: Давлати шоҳам дароз бод, аз баъди ранҷи бисёр ва такаллуф соле бист ҳазор дирҳам ба ҳосил ояд.

Амир Исмоил: Мо ин мавзеъро ба соҳибшуртаи худ Аҳмад бинни Муҳаммади Лайс медиҳем. Онро бигир. Ба Абулҳасани Ориз бигӯй, то ҳар сол бист ҳазор дирам ба Абӯисҳоқ Иброҳим диҳад. Ё Абуисҳоқ, ту розӣ ҳастӣ? (*Абуисҳоқ Иброҳим хомӯшона ба аломати ризо таъзим менамояд*) Дигар дар Бухоро доимӣ хоҳӣ монд?

Ясорӣ:Або Исҳок дар деҳҳои Сафана ва Сиюнач низ мулкҳо дорад.

Амир Исмоил: Он зиёъот мулки меросии ӯшон аст ва ҳеҷ кас ҳаққи тасарруфи онро надорад!

Абӯисҳоқ Иброҳим ба амир Исмоил ва аҳли рикобаш қаноатмандона таъзим мекунад ва ишонро то беруни деҳаки Варахша гусел менамояд. Дубора ба Кох бармегардад. Ҳанӯз мардуми деҳ пароканда нашудаанд ва байни ҳамдигар вазъи рӯҳдодаро ташрех мекунанд. Абӯисҳоқ ҷавонеро бо ишорати даст ба наздаш фаро мехонад.

Абӯисҳоқ: Фардо, дер накарда, аз субҳ молу коли кохро ба Сафана интиқол диҳед, то омадани соҳибони нави кох бояд холӣ шавад. Ман ба Бухоро меравам ва баъди ду-се рӯз бармегардам.

Ҷавон: Хоҷа худашон танҳо меоянд ва ё бо аҳли хонаводаашон?

Абӯисҳоқ: Чаро мепурсӣ? Ба ту чӣ марбут аст!?

Ҷавон:Фақат донистан хостам, то тибқи он тайёрӣ бинам...

Абӯисҳоқ: Ба ғуломон супориш бидеҳ, ки кушки деҳи Сиюнҷро низ барои пазириши меҳмонон омода созанд.

Ҷавон: Ба чашм, хоҷа...

Абӯисҳоқ бар асп менишинад, ҷавон ӯро кӯмак мекунад. Баъди рафтани хоҷа ҷавон чанд ғуломро аз миёни мардум фаро хонда, супоришҳо медиҳад. Онҳо ба ҳар тараф пароканда мешаванд.

Амир Исмоил даруни кохи хеш бо Муҳаммад бинни Нӯҳ танҳо сӯҳбат доранд.

Нӯҳ:Хоразмшоҳ боз хиёнат намуд.

Амир Исмоил: Чӣ (*аз ҷояш яққа мехӯрад*) хиёнат? Равшантар ҳарф бизан!

Нӯҳ:Муҳаммад биннни Амри Хоразмӣ кишварро ба амири саффорӣ таслим менамояд.

Амир Исмоил: Яъне? Чӣ тавр?!

Нӯҳ: Рофеъ бинни Ҳарсама баъди шикаст хурданаш аз Амри Лайс ва хиёнати сипоҳсолораш Мансур бинни Мухлис ва куштани Алӣ бинни Лайс ва аз тарафи ғуломонаш ғорат шудан ба Хоразм мегурезад. Муҳаммади Хоразмшоҳ ӯро дастгир ва қатл месозад ва сари буридааширо якҷоя бо Хоразм ба Амри Лайси Саффорӣ тақдим мена-

мояд. Хоразм дигар дар итоати мо нест.

Амир Исмоил: Хоразмшоҳ шитоб кардааст. Ӯ гумон бурдааст, ки баъди раъфи Рофеъ Саффориён ҷойгузини Тоҳириён шудаанд. Шакке нест, ки худи Амри Лайс низ чунин мепиндорад. Пеш аз он, ки Хоразмшоҳ бо сипоҳи саффорӣ ба Хоразм баргардад, бешак чунин хам хоҳад шуд, мо бояд икдоме кунем. Нагузорем ҷанг ба ин тараф кашонида шавад. Ҳарчӣ зуддтар мо бояд омили худро ба Хоразм бифиристем.

Симо-ал-Кабир: Амирам, ин эъломи ҷанг бо Саффориёнро хоҳад дошт.

Амир Исмоил: Саффориён дар шарқи олами ислом дигар муддаие надоранд. Ин омил барои чунин гумон бурдан ҳақ медиҳад. Имрӯз Ироқу Хуросон амалан ба тоати Саффориён даромадааст. Барои дастёбӣ ба тамоми шаркии халофат фақат мо халал мерасонем. Яъне истиқлолияти мо дар хатар аст. Устод, дигар ҷанг оғоз шудааст, ҳоҷат ба эъломи он нест!

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Амири Саффорӣ сарҳанҳояш-Алӣ бинни Ҳусайнро бо лашкараш ба Гургон ва Муҳаммад бинни Шаҳфурро ба Марв фиристодааст. Онҳо бо лашкари худ дар ин манотиқ мустақар шудаанд.

Амир Исмоил: Арақ бинни Мансур ҳамчун омили мо ҳарчӣ зудтар бояд ба сӯи Хоразм ҳаракат кунад. Қуввахои сарҳадӣ бояд бедиранг пурзӯр гардонида шаванд.

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Амри Лайс ҳанӯз чунин ниятеро иброз нанамудааст. Устод дуруст мегӯянд, шояд чунин шитобзадагӣ...

Амир Исмоил: Вазири бариди мо чиҳо мегӯянд?! Амри Лайс аз бародари хеш Яъқуби Лайс ҳеҷ мондани надорад. Ӯ бо роҳи бародари худ меравад. Магар маълум нест!?! Яъқуб бар ҳама халофат ҳоким буд, вале қонеъ нашуд! Аз Амр чӣ мехоҳед?! Илочи вокеа пеш аз вуқӯъ.

НИШОПУР

Амри Лайси Саффорӣ бо як чашми баста, бо точи заррин ва либоси мӯҳташами шоҳона бар тахти мурассаъ нишастааст. Аз ду тарафи тахт дар пойгоҳ бузургони дарбор, уламо ва вузаро, сипаҳсолорону сарҳангҳо аз ҷумлаи Муҳаммад бинни Шоҳпур, Муҳаммад бинни Амр бинни

Лайс, Билол бинни Азҳар, Тоҳир ва Яъқуби Лайс (фарзандони Муҳаммади Лайс), Муҳаммад бинниҲамдон бинни Абдулоҳ-амири Зобулистон, Муҳаммад бинни Бишр, Алӣ бинни Шарвин, писарони Алӣ бинни Лайс-Лайс ва Муаддал саф кашидаанд.

Ҳочиб (*вориди боргоҳ шуда*): Хоразмшоҳ Муҳаммад бинни Амр ба пойбусии амири Хуросону Ирок, Зобулу Кобул ва Систон омадааст.

Хоразмшоҳ вориди боргоҳ мешавад. Бузургон ба ӯ таъзим мекунанд. Амри Лайс аз тахт поин омада, чанд қадам ба истиқболаш меравад. Хоразмшоҳ ҳаячонзада ба сӯйи амир Амр мешитобад ва ба зону меафтад, вале амири сафорӣ ӯро аз хоки узлат мебардорад ва ба оғӯш мекашад, баъд даст зери кашаш бурда, ӯро то ба назди тахт ҳамроҳӣ менамояд ва ӯро бар курсӣ нишастан таклиф менамояд.

Сарҳанги Хоразмшоҳ ба табақе пӯшида бо матои сурх вориди боргоҳ мешавад ва аз миёни саф гузашта онро пеши пои Амри Лайс мегузорад. Аз паси ӯ бузургони хоразмӣ бо тӯҳфаҳо, ки хироҷи Хоразм бошад, ворид мешаванд. Амри Лайс ба Хоразмшоҳ менигарад. Хоразмшоҳ аз ҷой хеста ба Амри Лайс таъзим мекунад. Амри Лайс рӯпушро аз болои табақи мисин мегирад ва бо танаффур рӯяшро аз сари буридаи Рофеъ бинни Ҳарсама мегардонад. Сари бузурге бо риши дароз ва чашмони боз ба Амри Лайс менигарад. Амри Лайс бо нафрати зиёд сарро аз ришаш бардошта ба ҳозирини маҷлис нишон медиҳад.

Амри Лайс: Дигар фитнаи Хуросон бетан аст.

Ва сарро ба дур мепартояд. Сари бетани Рофеъ то ба назди пои Билоли Азҳар меғелад. Азҳар ба ҳарос худро қафо мекашад.

Амри Лайс: Азҳари Хар аз сари бетане метарсад?!

Азҳар (***Сарро ба нуги пояш дуртар гелонда***): Он чунон зишт аст, ки зиндааш шоҳи ҷаҳон Яъқубро ба ваҳшат оварда буд. Ӯ бо он бузургию далерӣ чунин зиштиро таҳаммул карда натавонисту вайро аз наздаш биронд, мо кистем? (*Ҳамагон механданд*)

Муҳаммад Васиф:

Умри ӯ назди ту омад, ки ту чун Нӯҳ бизӣ.

Дар окори тани ӯ, сари ӯ боби таом.

Амри Лайс:Рафтори дӯсти мо Хоразмшоҳ Муҳаммад

бинни Амр боиси ситоиш ва пайравист. Барои Хоразмшох ва Муҳаммад Васиф хилъат биёваред!

Ҳочиби дарбор хилъати шоҳона меорад. Амри Лайс онҳоро якояк ба Хоразмшоҳ ва Муҳаммад Васиф мепӯшонад ва дар фарҷоми ин маросим ишон ду раъкат намози шукрона ба ҷо меоваранд.

Амир Лайс: Сомониён, ки аз қадим муддаии саёдат бар Хоразмшоҳонанд, ин иқдом бар мо гарон хоҳад омад. Хости худованд чунин будааст, ки байни мо шикофе эҷод шавад.

Билол: Барои он, ки шикоф амиқтар нашавад, амирам сӯйи ишон, яъне умарои сомонӣ расулон бифиристанд ва итоати ишонро талаб намоянд.

Амри Лайс: Ин ройи хуб аст ва тибқи он амал хоҳем намуд. Бо сари Рофеъро ба Бағдод фиристодан, қатъитар тақозои маншури Варозрудро бояд кард. Ҳанӯз ки туҳафи мо ба Бағдод нарасидааст, сари Рофеъро низ бифиристед.

Дар қасри шоҳ базми бошукӯҳе барпо мегардад. Раққосон бо сари Рофеъ бинни Ҳарсама бозӣ мекунанд ва дар фарҷоми ҳар рақсе онро назди пои Амри Лайс мепартоянд...

БАҒДОД

Корвони Амри Лайс Саффорӣ бо ҳадоёи ҳангуфт аз дарвозаи шарқии Бағдод вориди шаҳр мегардад. Аҳли шаҳр ба тамошои он мебароянд.

Саду панҷоҳ аспи зарринлагому хуросонӣ пешопеш, сад шутури маҳории хуросонӣ бо ҷамозаҳои бисёр ва буте заррин дар шакли зане чаҳордаст бо ду ҳамоили нуқраии мурассаъ ба ҷавоҳири сурху сафед бар он овехта ва аз ду тарафи он бутоне кӯчактар, яъне ба андозаи табии як инсон нишонда бар ҷамозаҳо, ҳайрати аҳли шаҳрро ангехта буд. Сарбозҳо мардумро, ки ба сӯйи бутҳо ҳамла меоваранд, пас мегардонанд ва сари роҳи ҳамлаҳои нав ба нави онҳоро мебастанд. Мардум аз ҳайрату шаафи шодӣ осмони шаҳрро ба сар бардошта буданд.

Халифаи Бағдод Мӯътазид биллоҳ аз садои валвалаи шаҳр ба ташвиш уфтода, ба пешайвони қаср мебарояд. Корвони амири Хуросон вориди қаср мешавад. Бутҳои бо зеварҳои қиматбаҳо ороста, аз шуои офтоби нимарӯз ме-

сечанд ва чашмони амиралмуъмининро мебаранд. Халифа ҳайрати худро боз дошта натавониста фарёд мезанад:

-Ин чӣ муъҷиза аст?Ман хоб мебинам ё дар бедорист?

Убайдуллоҳ-вазири халифа ҳарф мезанад, вале чизе ба гӯши халифа намедарояд. Ӯ шитобзада бо пероҳани шоҳии сафед ва сари урён ва пойҳои бекафш ба сӯйи мучассамаи Шиво аз зинаҳо поин медавад. Ҳайкалҳоро ламс мекунад ва беихтиёрона, ба мисли ҳазён, бо худ ҳарф мезанад:

-Ман чунин мӯъҷизаеро нашунидаву ҳатто дар хобнадида будам... Мӯъҷизи Фиръавн чунин зебо набуд...

Ва дубора ба пешайвон мебарояд.

Мӯътазид: Ин мӯъҷизаи кист?

Убайдуллоҳ: Амри Лайси Саффорӣ!

Мӯътазид дар фикр фурӯ меравад ва баъди максе ба вазираш Убайдуллоҳ мефармояд:

-Ин бутонро дар маърази тамошо бигзоред, то мардум аз дидани ин мӯъҷизаҳо бебаҳра намонанд.

Убайдуллоҳ бинни Сулаймон номаи Амри Лайсро кушода мехонад. Халифа то дергоҳ дар наззораи ҳайкали Шиво хира мемонад. Банохост табъаш хира мешавад.

Мӯътазид: Саломи дӯст бе тамаъ нест. Ӯ чӣ менависад.

Убайдуллоҳ: Ӯ менависад, ки Рофеъ бинни Ҳарсама дар Хуросон ба ҳазимат рафта, ба Хоразм фирор кардааст. Ва ин ҳадоё ба ҳамин муносибат аст.

Мӯътазид: Ӯ чӣ мехоҳад?

Убайдуллоҳ: Он чӣ Тоҳир бинни Абдуллоҳро буд, яъне қаламрави шарқии халофатро.

Мӯътазид: Ин бад-он маъност, ки тамаъ бар мулки Мовароуннаҳр дорад?

Убайдуллоҳ: Ҳамчунин аст.

Мӯътазид (***Ба хашм меояд***):Ин саффориҳо чӣ сон беҳаё ҳастанд! Хости Яъқубро иҷобат кардем. Амр низ бо тариқи бародар меравад. Ин валиневматиро мо дар ҳаққи ӯ карда наметавонем. Мовароуннаҳр мулки Сомониён аст ва мо онро ба номи амир Исмоил бинни Аҳмад танфиз кардаем. Бахшишҳои мо дар ҳаққи Амр бисёр аст. Ҳукуматҳои вилояти Форсу Кирмон, Систону Зобулистон, Кобулистон ва ниҳоят Хуросонро ба ҳукмаш гардонем. Дар хутбаҳои намози одинаи Ҳарамайн номаш хонда мешавад. Соҳиби шуртаи Бағдод низ ҳаст. Магар ин кам аст, ки боз тамаъ бар мулки Мовароуннаҳр мекунад?! Бигзор

ин хаёли хомро аз сар бадар кунад. Ӯ бо ин ҳадоёяш раъйи моро харидан мехоҳад. Дар ивази ҳадоёяш алами мо ва ҳадоё бо маншури Хуросонро барояш бифиристед! Вассалом.

Бо хашм пешайвонро тарк мекунад. Убайдуллоҳ дар пешайвон танҳо мемонад ва номаи амири саффориро морак карда ба қабати миёнбанди мурассаъаш мехалонад.

Сарбозони саффорӣ таҳти фармондиҳии Хоразмшоҳ Муҳаммад бинни Амр дар соҳили дарёи Ҷайҳун фуруд меоянд. Ҳаво сахт гарм аст.

Хоразмшоҳ: То мусоид шудани ҳаво ин ҷо мемонем. Саҳрои Хоразм ба мисли дӯзах тасфон аст.

Дар он тарафи соҳил сарбозони амир Исмоил намудор мешаванд, ба мисли сароб ва боз нопадид мегарданд.

Шарвин: Мо ин ҷо дер мондан наметавонем. Ҳарчӣ зудтар бояд ба Хоразм расем.

Хоразмшоҳ: Ба ҳаракати мо сипоҳи амири Исмоил монӗъ мешавад.

Шарвин: Шаб рӯдро убур мекунем, агар бо лашкари амир Исмоил рӯ ба рӯ оем, ҳарб мекунем. Дигар ҷои ақиб гаштан нест. Сарҳадбонон моро мушоҳида намуданд.

Шаб лашкари Хоразмшоҳ аз рӯди Ҷайҳун мегузарад, бе монеа. Онҳо беист ба роҳи биёбон мераванд. Ва баноҳост дар дили дашт лашкари амир Исмоил аз баробари ишон мебарояд. Лашкарҳо дар муқобили ҳамдигар қарор мегиранд.

Амир Исмоил: (*Ба сарҳанг Ҳамӯя*) Биравед, аз қазия огоҳ шавед. Агар Хоразмшоҳ аст, ӯро ба урдугоҳ биёваред. Агар эътирозе ба амал ояд, ба ишон бифаҳмонед, ки мо толиби ҷанг нестем, фақат бо Хоразмшоҳ кор дорем.

Ҳамӯя бо чанд сарбоз урудгоҳро ба қасди овардани Хоразмшоҳ тарк мекунанд. Алӣ бинни Шарвин аз пеши ишон мебарояд. Хоразмшоҳ бимнок аст. Лашкариёни саффорӣ ба ҷунбиш медароянд.

Ҳамӯя: Ман аз ҷониби амири Варазруд паём меоварам. Амири мо мефармояд: Мо бо лашкари саффорӣ толиби ҷанг нестем, фақат Хоразмшоҳро мехоҳем.

Шарвин: Хоразмшоҳ дар паноҳи амири Хуросон аст. Ва мо қасди Хоразм дорем, то онро ба номи Амри Лайси Саффорӣ фатҳ намоем.

Ҳамӯя: Хоразм ҳамеша дар ҳукми умарои Варазруд буд ва он аз тарафи омили Амир Исмоил Арок бинни Мансур фатҳ шудааст. Беҳтар он аст, ки ин гуфтушунид бо худи амир Исмоил бинни Аҳмад сурат бигирад.

Хоразмшоҳ: Дар ин маврид Хоразмшоҳ масъулияти чунин расолатро надорад. Алӣ бинни Шарвин намояндагии амири Хуросонро бар ӯҳда дорад.

Алӣ бинни Шарвин ба Хоразмшоҳ ба итоб менигарад.

Шарвин: Ман бо амир Исмоил бинни Аҳмад гуфтушунид мекунам.

Ҳамӯя бо Алӣ бинни Шарвин ва чанд нафар сипоҳӣ бар аспҳо нишаста, сӯйи лашкаргоҳи амир Исмоил мераванд. Дар лашкаргоҳ аз Алӣ бинни Шарвин хуш пазирой мешавад.

Амир Исмоил: Ман Хоразмшоҳро интизор будам, ки бубинам, вале чӣ фарқ мекунад?!

Шарвин: Ӯ масъулияти гуфтушунидро бар дӯши ман, ки аз амири Хуросон намояндагӣ мекунам, вогузошт.

Амир Исмоил: Ба амир Амри Лайси Саффорӣ ва Хоразмшоҳ Муҳаммад бинни Амр бирасонед, ки мо толиби ҷанг нестем, вале агар зарур шавад, қудрати онро дорем, ки аз сарҳадоти худ ҳимоят ба амал оварем ва якпорчагии мамлакати хешро ҳифз намоем... Вале нигарон аз онем, ки байни мо шикофе ба вуҷуд ояд ва ин ба нафъи ҳеҷ тараф нест, зеро мо аз ду тараф дар маърази ҳамалоти душманони кишвари хеш қарор гирифтаем. Мо аз шимол ва амир Амри Лайси Саффорӣ аз ҷануб. Бинобарин хуб нест, ки байни мо низоъ сар занад. Баргардед ва ба Амри Лайси Саффорӣ бирасонед, ки ӯро кишварҳои Ироқайну Хуросон ва Забулистону Кобулистон кифоят мекунад. Бар мо Варорудро вогузорад ва аз ҷониби шимолии сарҳадот эмин бошад. Бар мост, ки кишвари Варазруд ва Хуросонро аз таҳоҷуми қавмҳои ваҳшии шимол ҳимоя намоем. Ба ин хотир низоъ байни мо бемаънист. Ман пешниҳод мекунам: ҳанӯз, ки байни мо халое ба вуҷуд наёмадааст, ба назди Амри Лайси Саффорӣ баргардед. Хоразм наметавонад боиси низои мо бишавад, зеро он ҳамеша як ҷузве аз кишвари Варазруд будааст ва хоҳад буд. Мо бо ҳеҷ як аз кишварҳои исломӣ сари душманӣ надорем.

Шарвин: Ман ин паёми амири Варазрудро ба амири Хуросон Амри Лайси Саффорӣ хоҳам расонд.

Алӣ бинни Шарвин аз ҷойи хеш хеста ба амир Исмоил таъзим намуда, аз чодар бадар меравад. Амир Исмоил ӯро то истабли аспон гусел мекунад.

Фиристодаи Амри Лайси Саффорӣ сари бетани Рофеъ бинни Ҳарсамаро назди пои амиралмуъминин Мӯътазид биллоҳ мегузорад.

Расул: Фитнаи Хуросон фурӯ нишаст.

Ва туммори куброро аз ҷайб бароварда бо ду дасти адаб ба халифа дароз мекунад. Халифа тумморро ба вазири худ Убайдуллоҳ месупорад.

Мӯътазид: Оли Саффор назди халофат хизматҳои арзандае кардаанд, ки мо онро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳем кард! ва он қадронӣ ҳам шудааст. Имрӯз саффориён дар қаламрави шарқии халофат дигар барои худ ва халофати ислом муддаие боқӣ нагузоштаанд. Хушнудии мо ҳадде надорад, дигар умедворем Амри Лайси Саффорӣ мулкро дар ободиву оромӣ медорад ва онро ба нафъи муслимин идора хоҳад намуд. Ҳадоёе якҷоя бо хушнудии мо, ки сазовори чунин амир бошад ба Хуросон ирсол намоед.

Убайдуллоҳ номаро аз назар мегузаронад ва бо худ меандешад: Ин тақозо ҳеҷ зарурат надошт. Нек медонам, ки халифаро хуш намеояд. Ӯ теша бар решаи хеш мезанад...

Мӯътазид: Хуш, амири фотеҳ чӣ менависад?

Убайдуллоҳ: Агар амиралмӯъминин маншури ҳукумати Мовароуннаҳр ба номи вай фиристанд ва ризо ба казои ӯ диҳанд, бо амри худованди муттаол душманони хилофатро аз Табаристон пок хоҳад намуд. Дар акси ҳол худ иқдом хоҳад кард ва Исмоил бинни Аҳмадро аз Бухоро берун хоҳад ронд.

Амиралмӯъминин Мӯътазид сар фуруд афканд ва лаҳзае ҳамчунон бо сари афканда бимонд ва баъд сар аз гиребони андеша бароварда, андӯҳгинона, вале пур аз кина гуфт:

-Ҷавоб нависе номаи Амрро, ончунон ки хостааст! Ва чунон нек донам, ки ҳалоки ӯ дар ин бошад. Ба наздики Исмоил бинни Аҳмад бинавис ки..."Мо дасти ту кутоҳ накардем з-он амал, ки карда будем". Вассалом...

Убайдуллоҳ паи фармоиши амиралмӯъминин аз боргоҳ бадар меравад. Халифа дилтангона аз нав мехезад аз зери каши Абдуллоҳ бинни Сулаймон гирифта ба канор мера-

вад.

Мӯътазид: Ба Бухоро ба наздики Исмоил бинни Аҳмад дар сирр нома кун: “Хуруҷ кун бар Амр ва лашкари бикаш ва мулк аз дасти ӯ берун кун, ки ту ҳақтарӣ аморати Хуросон ва Ирокро, ки ин солҳо дар дасти падарони ту будааст ва ишон ба тағаллуб доранд, яке он, ки худованди хаққ туӣ, дигар он ки сиратҳои ту писандида аст ва се дигар он, ки ризои ман дар қазои туст. Бад-ин се маънӣ шак накунам, ки эзиди таолло туро бар ӯ нусрат диҳад ва бадон мангар ки туро иддат ва лашкар андак аст...”

Абдуллоҳ: Худо накунад, агар дар ин ҷанг Исмоил бинни Аҳмад шикаст хурад?

Мӯътазид: Ба нафъи мо хоҳад буд.

Абдуллоҳ: Чӣ сон? Пас ризои шумо чӣ маънӣ хоҳад дошт?

Мӯътазад: Ду ҳамватан ба ҷони ҳам хоҳанд афтод ва заиф хоҳанд шуд, дигар он ки як муддаии дигар кам мешавад.

Абдуллоҳ: Агар воқеаҳо ба сурате рух диҳанд, ки амири Сомонӣ ҳукумати Амрро бар Мовароуннаҳр ҳамчун дар замони Тоҳир бинни Абдуллоҳ қабул кунад?

Мӯътазид: Ин ба нафъи мо нест. Дар ҳар сурат, ки бошад Исмоилро бояд бар зидди Амр ангехт!

Боғҳову роғҳо ранг зард кардаанд. Боди сарди поизӣ мевазад. Осмон гирифта аст. Деҳқонону кишоварзон маҳсули зиёи хешро аз саҳроҳо ҷамъ оварда, ба деҳҳо интиқол медиҳанд. Паррандагон ба сӯйи Хуросон кӯч мебанданд. Амир Исмоил аз боздиди кишвари худ ба қасри шоҳӣ бармегардад. Дар ин сафар қуззоту дабирон ӯро ҳамроҳӣ кардаанд. Ғуломон аспҳоро ба истабл мебанданд. Амир Исмоил бо ҳамсафаронаш ба қаср ворид мешавад. Бузургони кишвар ӯро интизоранд. Хоҷаи Бузург ба пешвози амир меояд. Амир Исмоил бо имтиҳон бар вазири хеш менигарад.

Амир Исмоил: Оё ҳодисае рух додааст, ки бузургмардони давлат гирд омадаанд?

Хоҷаи Бузург: Аз ҷониби амири саффорӣ расуле омадааст.

Амир Исмоил: Чӣ мехоҳад?

Хоҷаи Бузург: Барои амирам пайғом овардааст ва исрор менамояд, ки фақат ба ҷаноби олӣ иброз медорад.

Амир Исмоил: Чӣ густохӣ! Кучост? Гӯед, биёяд.

Хочаи Бузург: Ҳамин ҷост.

Амир Исмоил бо давлатмардони кишвар саломкунон то ба тахтгоҳ мерасад ва бар тахт нишаста дигаронро таоруфи нишастан менамояд. Баъди нишастани давлатмардон Хочаи Бузург расули амир Амри Лайсро меоварад. У ду даст пеши бар амир Исмоилро таъзим мекунад ва номаро месупорад.

Расул: Амри Лайси Саффорӣ шоҳи Иронзамин Абудовуд амир Балх ва Аҳмад биннни Фареғун амири Кузкониёнро ба итоати хеш хонд ва ишон бар ин амр гардан ниҳоданд. Амир Амри Лайс бо эшон аҳдҳо некӯ кард. Амри Лайс мефармояд: "Ту бадин итоат намудан сазовортарӣ ва бузургворторӣ ва қадри подшоҳӣ ту беҳтар донӣ, ки подшохзодай".

Амир Исмоил (*Ба хашм*): Худованди ту бад-ин нодонӣ аст, ки маро бо ишон яке мекунад ва ишон маро бандаанд. Ба амират бирасон: ҷавоби ман ба шамшер турост ва миёни ману ту ҷуз ҳарб нест. Бозгард ва ӯро хабар деҳ, то асбоби ҳарб соз кунад.

Ва номаро ба назди расули Амри Лайс мепартояд ва дигар ба ӯ эътиборе намедиҳад. Расули амири Хуросон хиҷолатзада, паснокӣ, таъзимкунон аз боргоҳ бадар меравад. Амир Исмоил аз дунболаш фарёд мезанад.

-Ироқу Хуросон ҳанӯз Ирон нест! Ирон бе Варазруд ҳамеша ноқис аст!

Убайдуллоҳ: Зоирини хуросонӣ даъвати амиралмӯъмининро ичбат намуда, алъон интизори ихзори шариатпаноҳ мебошанд.

Мӯътазид ба каҳолат ва дили нохоҳам аз ҷой хеста ба қабулгоҳ меравад ва зоирони хуросонӣ ба истиқболи ӯ аз ҷой мехезанд ва ба ӯ намоз мебаранд.

Мӯътазид: Мо шуморо бад-он сабаб ба кохи хеш даъват намудем, то ки ниёти худро дар хусуси билоди ш а р қ и и хилофат ба зоирини мӯҳтарам маълум гардонем. Аз ин таърих мо фармони барканор кардани Исмоил биннни Ахмадро аз мулки Мовароуннахр ва интисоби Амри Лайси Саффориро ба куллияи билоди шарқии халофат, аз он ҷумла Мовароуннахр тасдиқ месозем.

Ва бо аҷала толорро тарк менамояд. Убайдуллоҳ бинни

Сулаймони вазир аз дунболи ӯ меравад. Зоирин аз ин рафтори амиралмӯъминин гиҷ мемонанд. Ҳочиби халифа Ҷаъфар бинни Баглогиз дар баробари ишон ҳамнгу манг мемонад.

Ҷаъфар: Зоирини мӯҳтарам маъзур доранд, умумри давлатӣ...Амиралмӯъминин аз зиёдии умумри давлатӣ натавонистанд аз ҷанобон он чунон, ки шоистаи шаъни хочагон аст, пазирой намоянд... Маъзур...

Ӯ низ аҷулан аз дунболи ишон меравад. Зоирин кохро тарк мекунанд.

Мӯътазид: Худо шоҳид, ризои ман нест!

Амиралмӯъминин тумори қуброро ба як сӯ ҳаво медиҳад. Убайдуллоҳ бинни Сулаймон оҷулона онро аз замин мебардорад. Дар ҳамин вақт Ҷаъфар ворид мешавад.

Мӯътазид: Қаллоши қалилалбако! Дузд! Рӯйгарзодаи бадасл! паст!... Ман касеро дидан намехоҳам! Дафъ шавед.

Убайдуллоҳ бинни Сулаймон ва Ҷаъфари ҳочиб аз назди амиралмӯъминин таҳқиршуда бадар мераванд ва ба дабирхонаи халофат, ки ҷои кори Убайдуллоҳ буд, ворид мешаванд. Убайдуллох аз токча чанд номаро мегирад.

Убайдуллоҳ: Ин маншури Мовароуннахр. Ин нома барои халифа Муктафӣ алӣ бинни Мӯътазид ва Абдуллоҳ бинни Сулаймон. Боқии дастурро аз Рай хохӣ гирифт. Метавонӣ ҳоли ҳозир ба роҳ барой. Худо нигаҳдор.

Убайдуллоҳ бинни Сулаймон, ки то ба ҳол ҳузури дабирашро пай набурд буд, аз диданаш шод мешавад ва ҳузури Ҷаъфари ҳочибро фаромӯш мекунад.

Убайдуллох: Лутф фармоянд, ва Ашнаси ғуломро пайдо намоянд.

Сухани вазир ғайри чашмдошти худаш тавҳиномезу нешдор садо медиҳад. Дабир озурдаҳолона "ба чашм" гӯён аз назари вазир худро нопадид месозад. Убайдуллох, ки сухани дабирашро аз ғояти пастӣ нашнида буд, ба ҳайрат ӯро бо нигоҳаш гусел мекунад ва худ ба худ меандешад: "Худованд окибаташро ба хайр гардонад!".

Амри Лайс: Мо аз амиралмӯъминин талаби ҳадоё накардаем? Корвони халифаро пас баргардонед. Тақозои мо маншури ҳукумати Мовароуннаҳр аст.

Шаҳфур: Магар ин рафтори амирамро ҳамчун иҳонат

ба шаъни амиралмӯъминин ташрех намедиханд?

Амри Лайс: Бигзор, хар туре, ки мехоханд, шарху маънидод кунанд. Ман ниёзе ба хадаоёи ӯ надорам, вале ӯ хамаро хамчун худаш харису тамаъкор ба моли дигарон мепиндорад.

Шахфур: Маншури хукумати Мовароуннахр то чӣ андоза мухим аст. Бо дарёфти ин маншур оё амири Сомонӣ мамлакатро ба фармони чаноби олӣ таслим мекунад?

Амри Лайс: Муроди мо аз маншури Мовароуннахр кӯмаки харбӣ аст. Вагарна кай будааст, ки мо аз ишон касби ичоза кунем. Ба Багдод расул бояд фиристод ва катъитар маншури хукумати Мовароуннахрро такозо намуд. Агар маншурро фавран нафиристад, он гох мо мачбур мешавем худ ба кудрати зӯр Исмоил бинни Ахмадро аз Бухоро биронем. Вале ман ин тавр сурат гирифтани ходисотро хохон нестам...Эй бани Хошим бо ту он кунам, ки Яъкуб накарда буд. Ва ё мехоҳӣ касидаи ғаррои Мамшоди Исфахониро дубора бароят бихонам, ё ба ёдат биёварам? Гӯш кун, эй бани Хошим, ман зодаи бузургон аз хонадони Чамшед ва вориси тахту точи Ачам хастам. Ман зиндакунандаи он иззатам, ки аз даст рафта ва рӯзгори кухан онро аз миён бурдааст. Ман ошкоро кинахохи онхо хастам ва толиби интикомам. Агар хар касе аз хакки онхо бигзарад, ман нахохам гузашт. Дирафши Ковиён хамрохи ман аст, ки бо он бар хамаи миллал сарварӣ дорам. Ба Бани Хошим бигӯ, пеш аз он ки пушаймон шавед, ба халъи худ икдом кунед. Зӯри найза ва шамшери охтаи мо буд, ки шуморо ба давлат расонид, падарони мо шуморо сохиби давлату салтанат карданд. Шумо поси хурмати онхоро нигох надоштед ва шукри неъмат ба чой наёвардед. Аз ин пас Хичоз-ба сарзамини аслии худ баргардед ва ба хурдани малаху сусмор ва чаронданигӯсфандхое чун худхотон бипардозед. Хамоно ман ба зудӣ, бо неруӣ тег, бар тахти подшохон хохам нишаст!...

Мачлиси Яъкубу кироати касидаи Мамшоди Исфаҳонӣ аз пеши назараш мегузарад, гӯё онро, хаводиси он рӯзгоронро, хуручи Абумуслиму Яъкубро, харбу газавоти ишонро зинда пеши назар мебинад. Ва нидое ба хасрат аз ниходаш бармеояд: "Малаххорхои бадасл! Барои зинда кардани ин иззат факат Варазруд намерасад. Он гох харобахои Тайсафун обод хоханд шуд..." Ахли дарбор ба дахон об гирифтаанд ва чун мучримон сар афкандаанд. Касе чуръ-

ати сухан кардан надорад. Амри Лайс аз ин хомӯшии дилгир дилхура мешавад ва фарёд мезанад:

-Чаро хомӯш нишастаед, аз паси чора шавед! Сусморхорро мачбур созед маншурри Варазрудро бе диранг бифристад. Ва ё хамаи шумо хайсияти як Мамшоди Исфахониро надоред... Эй дареғ, кихо дар атрофи ман гирд омадаанд!... Ку Мухаммад Васиф? Мамшоди мо шав!

Мухаммад Васиф пеш мебарояд ва шеър мехонад. Ва аз хилоли хотирахо манзарахои чангу пайкор, бахору зимистон, абру борон, ишқу марг мегузарад. Амри Лайси Саффорӣ дар ин хама манзарахо қахрамон аст. Ва корвони хадоёи амиралмуъминин пас гардонда мешавад. Ва расуле чун бод ба сӯйи Бағдод меравад. Ва Ҷаъфару расули Амр дар шахри Рай бо хам мулоқот мекунанд. Ва корвоне ба сӯйи Бағдод меравад ва дар Рай тавқиф мешавад. Ва корвоне ба сӯйи Нишобур харакат мекунанд...

Амри Лайс: Ҳарб кардан бо Исмоил бинни Ахмад ногузир аст. Бояд бичангем.

Супориши мо ба Алӣ бинни Шарвин: Сипохро ба Омул фуруд биовар ва барои гузаштан аз Ҷайхун шитоб макун, то он гох ки бифармоем.

Сипохсолор Алӣ бинни Шарвин: Ба чашм.

Амри Лайс: Киштихо созед. Ҷосусон фиристед.

Шарвин: Ба чашм.

Амри Лайс: Тадоруки сафар бинед. Худованд ёру мададгори шумо бод.

Алӣ бинни Шарвин аз мачлис берун мешавад. Ва сипохи амири Саффорӣ ба сӯйи Омул харакат мекунад.

Амир Исмоил лашкари худро ба Байканд фуруд меорад.

Амир Исмоил:Сохили рудро тахқиқ кунед. То фардо мавзеъ пурра омӯхта шавад. Ин кор бар зимаи сипохсолор Ҳамӯя бинни Алӣ гузошта шавад. Лашкар бояд истироҳат кунад. Аз сипохсолорон, сархангхо ва сарони лашкар такозо мешавад, ки асбоби осоиши сипохро фарохам созанд.

Дар яке аз кушкхои шахри Омул мачлиси базм дар авч буд. Саворе аз чониби Ҷайхун: ба шахр ворид мешавад ва

худро ба кушк мерасонад. Посбон ӯро манъ мекунад, вале баъди гуфтугӯе ӯро бо ҳамрохии хеш ба кушк мебарад.

Посбон: Ту ин ҷо бош, ман ба хочиби сипоҳсолор аз омаданат хабар мерасонам.

Посбон меравад ва марди ношинос дар дахлез танҳо мемонад. Аз толоре садои мусикии хуше меояд ва гох аз гох садоҳои хандаву шӯхиҳо бо кушодаву пӯшида шудани дар ба берун мехезад. Посбон меояд.

Посбон: Бо ман биё!

Онҳо аз дахлези нимравшан мегузаранд ва ба ҳуҷрае ворид мешаванд.

Посбон:Ту ин ҷо бош, ҳоло ба сурогат меоянд.

Ва боз баромада аз паи маъмурияти худ меравад. Бо гузаштани чанд лаҳзаи дилгир сипоҳсолор Алӣ бинни Шарвин ба ҳуҷра ворид мешавад

Марди ношинос ба истиқболи сипоҳсолор аз ҷояш мехезад ва таъзим мекунад.

Шарвин:Чӣ хабар?

Ҷосус: Амир Исмоил ба бист ҳазор сарбоз ба Байканд фуруд омад.

Шарвин:Боз чӣ?

Ҷосус: Русух кардан ба лашкаргоҳ ва умуман ба Байканд гайри имкон аст. Фақат ҳамин чиз маълумам гашт, ки сипоҳиён хама мардуми бумии Варазруд мебошанд.

Шарвин: Ачулан ба сӯи Нишопур меравӣ ва вазъиятро ба амир Амри Лайс мефаҳмонӣ.

Сипоҳсолор Шарвин андешанок аз ҳуҷра бадар мераванд ва аз дунболаш ҷосус низ мебарояд.

Шарвин: Худо ёрат.

Баъди рафтани ҷосус Алӣ бинни Шарвин бо чехраи гирифтаву пурбим ба мачлисгоҳ меравад. Пас аз лаҳзае садои хандаву шухӣ ва суруду мусикӣ катъ мегардад...

Амри Лайс: Дар сархади Ҷайҳун вазъият пуршиддат гардидааст. Муҳаммад Бишр бо шаш ҳазор сипохаш бояд ба кӯмаки Алӣ бинни Шарвин фиристода шавад. (*ба Балоли Азҳар*). Ба Ахмади Дароз ва Муҳаммади Шахфур нома нависед ва фармони моро ба ишон бирасонед. Бедиранг бо лашкари Муҳаммади Бишр бипайвандланд.

Бо Алӣ бинни Шарвин тадбир кунед, лашкарро бидореда

ва ҳар кас, ки аз он сӯ ба амон ояд, амон диҳед... Амир Исмоил боя̌д аз Бухоро ронда шавад... Мо пайопай ба сӯи шумо кӯмакҳо хоҳем фиристод...

Муҳаммад бинни Бишр дар Омул бо лашкари Алӣ бинни Шарвин мепайвандад.

Офтоб дар регзорҳои руди Ҷайҳун фурӯ меравад. Сипоҳиёни амир Исмоил ба соҳили руд, он ҷое ки Ҷайҳун тунукоб мешавад, фуруд меоянд.

Амир Исмоил: Ҳамин шаб саворанизом дарёро боя̌д убур кунад. То ба он соҳил гузаштани пиёданизом лашкари сафформӣ боя̌д талафоти фоҳиш диҳад. Ҳақ бо мост, худованд ёру мададгор бод!

Ҳамӯя бинни Алӣ худро ба дарё мезанад. Сипоҳи савора аз ӯ пайравӣ мекунанд. Онҳо даруни оби тираи Ҷайҳун ба он соҳил мехазанд ва дар дили шаб ғарқ мешаванд.

Амир Исмоил аз асп фуруд меояд ва ба намоз меистад... Пиёданизом бар завраҳо нишаста аз руд убур мекунанд. Гурӯҳи хурде аз саворанизом бо лашкаргоҳи Амри Лайс шабехун мезананд. Мобақӣ шаҳри Омулро муҳосира менамоянд То дамидани субҳ дар лашкаргоҳи Шарвин ҷанг идома меёбад. Бо дамидани субҳ Алӣ бинни Шарвин пиёданизоми хешро дар сафи пеш қарор медиҳад. Ҷанг аз нав даргир мешавад. Аҳмади Дароз аз лашкариёни амир Исмоил амон мехоҳад. Ӯро бо сипоҳаш ба ақибгоҳи хеш мефиристанд. Муҳаммади Бишр бо шаш ҳазор сарбоз Ҳазимат меёбад. Лашкари амир Исмоил ба таъқиби ӯ мераванд.

Ҳамӯя бинни Алӣ бо асирони зиёде ба урдугоҳи хеш бармегардад.

Ҳамӯя: Лашкари амири Саффорӣ ба пуррагӣ шикаст хурд, он ки ҷон ба саломат бурд, ба Нишопур фирор кард ё асир шуд. Сипоҳсолор ва аз бузургтарин асҳоби хоси Амри Лайс Муҳаммади Бишр бо тамоми сипоҳаш кушта шуд. Сипоҳсолор Алӣ бинни Шарвин асир шуд ва Аҳмади Дароз бо сипоҳаш амон хост.

Амир Исмоил: Сарони лашкари Амри Лайсро иҳзор кунед.

Ҳамӯя бинни Алӣ ва Алӣ бинни Аҳмад-сарҳангҳои амир Исмоил Алӣ бинни Шарвин, Аҳмади Дароз ва теъдоди

зиёди сарони лашкари саффорирo пешандоз намуда ба назди амир Исмоил меоваранд.

Амир Исмоил: Оҳо, ҳамагон аз бузургони Хуросон...

Бо дидани амир Исмоил асирон зону зада замини зиллат мебӯсанд. Амир Исмоил аз байни асирон гузашта, Аҳмади Дарозро аз хок бардошта, бо худ ба мақарраш бармегардад. Дигарон ҳамчунон сар ба рукуд боқӣ мемонанд.

Амир Исмоил: Ин рафтор шоистаи шаъни чунин озодмард нест. Хоҷа Аҳмади Дароз асир нест, балки меҳмон аст... Вале ман Алӣ бинни Шарвинро намебинам.

Алӣ бинни Шарвин, ки аз қафои саф буд, сар боло мекунад.

Амир Исмоил: Ман гумон намекардам рӯзгор дар чунин вазъе моро дубора бо ҳам рӯбарӯ мегардонад. Хилофи аҳд амал кардан, кори озодмардон нест. Амри Лайс як рӯйгарзодаасту айёр... Агар ӯ аслу насаби туро медошт чунин амали зиштро муртакиб намешуд. Вале ман аз ту умедвор набудам.

Шарвин:Нақзи фармони амири худ амал кардан хиёнат аст. Кушта шуда хубтар аз таслими душман шудан аст.

Амир Исмоил: Магар мо нисбат ба шумо душманӣ варзидаем? Магар мо набудем, ки хостем аз роҳи дӯстӣ ба ҳам биёем? Оё як варазрудӣ барои як хуросонӣ, ё сиистонӣ ё кирмонӣ ё дайламӣ метавонад душман бошад ва ё баръакс? (Алӣ бинни Шарвин сар боло намекунад) Ва ё мо иддаои кишвари шумо кардем. Мо метавонистем аз Рафеъ бинни Ҳарсама пуштибонӣ кунем. Вале ба ин роҳ нарафтем, зеро ӯ барои мо бегона буд. Вале шумо ва амири шумост, ки мардуми бегуноҳро ба ҷони ҳам меангезад. Магар ин хиёнат нест?! Магар ин душманӣ нест?!

Шарвин: Мо сарбоз ҳастем.

Амир Исмоил: Магар онҳое, ки беҳуда будани ин ҳарбро дарк кардан, сарбоз набуданд. Ин ҳама хунҳои нобаҳақ рехта бар гардани шумост. Дӯстро душман гардондан хиёнат аст, хиёнат дар баробари кишвар ва миллат аст. Ин шумо ва амири шумост, ки хиёнат мекунед ва бар он чӣ худованд лоиқатон донистааст, қаноат намекунед. Магар рехта шудани ин қадар хунҳои нохақ факат барои таскин додани ҳавасҳои бебунёд буд? Оё дигар Амри Лайси Саффорӣ ба беҳудагии талошҳояш созиш мекунад? Оё дигар конеъ мешавад? Мо ҳанӯз муддии ӯ нестем, ҳарчанд мета-

вонем ӯро аз кишвар берун кунем.

Ахмади Дароз: Ӯ марди бузургбин аст ва гумон аст, ин шикастро таҳаммул кунад.

Амир Исмоил: Мо, мардуми Варазруд, бар зидди ҳамкавмони худ ҷангидану ишонро хору залил сохтанро бар худ ор медонем. Хиёнат мешуморем. Магар залолати дусадсола кифоят набуд?! Шумоён асир нестед. Ҳеҷ озодмард дар кишвари худ асир нест. Бархезед, ки ин тарзи истодан шоистаи шаъни шумо нест. Вале, эй Алӣ писар Шарвин ба ту наметавон мисли дигарон рафтор намуд, зеро ту медонистӣ. Пас ту худ интихоб намо, ки бо ту чун рафтор кунем.

Дигар асирон аз хок боло мешаванд, вале нобоварона ба атроф менигаранд.

Амир Исмоил: Шумо сазовори чунин зиллат нестед. Фармон медиҳам: Ҳама озоданд! Ба ишон хилъат пушонед ва бигзоред ба назди хонаводаҳои хеш баргарданд. То фардо асбоби роҳати ишонро муҳайё созед. Вале бо ту чун рафтор кунем, эй писари Шарвин?!

Шарвин: Он чунон, ки шоистаи як асир аст!

Амир Исмоил: Асири ҷангӣе, чун ту аз ҳеҷ гуна шоистагие бархурдор нест. Ту худ интихоб кун.

Шарвин: Сари дор.

Амир Исмоил: Сари дор ҷои мардон аст

Шарвин: Шамшер...

Амир Исмоил: Осон аст. Ту ҳатто қодир нестӣ, ки барои худу аъмоли худ ҷазои сазоворро интихоб кунӣ.!

Ахмади Дароз худро ба назди пои амир Исмоил мепартояд ва аз домани ӯ мегирад:

-Амирам, аз хуни ӯ дар гузаранд. Шояд ӯ пушаймон шудааст...

Амир Исмоил: Бархезед, ӯ сазовори шафоати шумо нест. Ӯ ҳатто сазовор ба номи хонадони Шарвин нест. Ӯро ба зиндон баред, то умр дорад дигар муртакиби такрори гуноҳони хеш нашавад!

Ду сарбоз бо ишораи Ҳамӯя ӯро аз замин бардошта, кашон-кашон аз миёни асирон мебаранд. Ӯ мадори дар пой истодан ва ё рох рафтанро дар худ намеёбад.

Амир Исмоил: Ҳайфам меояд, ки чунин ҷавонмарде пахлавону озоднажод боқии умрро дар зиндон сипарӣ кунад. Вале чӣ чора?

Ахмади Дароз: Ҳар кас аз амали худ мебинад.

Алӣ бинни Ахмад: Инҳо, ки ба мо ҳарб карданд, амирам, онҳоро хилъат медиҳанд ва бозпас мефиристанд?!

Амир Исмоил: Аз ин бечорагон боз чӣ мехоҳед? Бимонед ба хонаҳои худ бираванд. Дигар ҳаргиз ба ҳарби шумо боз наёянд. Ононе, ки асир нашудаанд, дил табоҳ кунанд...

Абуҳотами Ясорӣ: Амирам, кӣ кафолат медиҳад, ки ишон баъди бозгаштан ба мақарри худ боз ба ҳарби мо наёянд?

Амир Исмоил:Тачрибаи талхи ҷанги ҳамватанӣ! Ба тамоми сипоҳи мо бирасонед, ба асирон аз сари хашм озор нарасонанд, бо ишон мехрубон бошанд, ба сутури ишон алуфа бидиҳанд. Зиёне ба ҷону моли мардуми шаҳр нарасонанд...

Байни посбонон мағал мехезад. Онҳо Ашнаси ғуломро боздоштаанд ва ба гуфтораш бовар надоранд.

... Бифаҳмед, чӣ ғавғост.

Посбоне ба шитоб меояд ва иброз мекунад.

Посбон: Туркеро боз доштаем ва ӯ иддао мекунад, ки расул аз ҷониби амиралмӯъминин аст ва паёме ба амирам овардааст.

Амир Исмоил: Ӯро биёред.

Посбон меравад ва Ашнасро меоварад. Ашнас бо ҳузур ёфтан худро ба пойи амир Исмоил партофтанӣ мешавад, вале амир монеъ мешавад.

Амир Исмоил: Ашнас!... Ин Ашнас аст...

Ашнас аз ҳаячон ба риққат меоянд ва ҳарф задан наметавонад.

Амир Исмоил: Ором гир... Марди болиғ шудай?... Вақте ӯро ба Бағдод фиристодем як наврасс буд... Замон тез мегузарад...

Ашнас бо чашмони ҳайратзадаву бо вазъи ҳаячон ба амир менигараду менигарад ва гӯё чизе ба хотираш омада бошад, якка мехӯрад ва аз чайбаш номаи халифаро бароварда ба амир Исмоил дароз мекунад. Амир номаро мехонад ва рангаш тағйир меёбад. Ба хашм номаро ба як сӯ мепартояд.

Амир Исмоил: "Мо дасти ту кӯтоҳ накардем з-он амал, ки кардем..." (*Хузури дигаронро фаромӯш мекунад*) Ҳар чӣ мехоҳӣ бикун, вале мо аз муддаии ту пуштибонӣ менамоем! Беҳаё! Кишвари Варазруд гӯё мероси падараш бошад! Онро ба амири Саффорӣ мебахшад! Боз моро миннатдор

кардан мехоҳад! Хомтамаъ! Як кӯдак дунёро ба бозӣ андохтааст!... Баргард ба халифа Мӯътазид бирасон, ки амир Исмоил мегӯяд: Ту ба муродат расидӣ... Эй Амри Лайс ин пиндор, ки бар сари хомат мепарварӣ, аз димоғат барорам!

Ҳанӯз шафақ зард нашуда, амир Исмоил ҷойнамозашро ҷамъ мекунад ва ба назди сипоҳи хеш мебарояд. Асиронро ба як саф кашидаанд. Амир Исмоил ҳар кадомеро хилъат мепӯшонад ва бо меҳр бар китфаш тап-тап мезанад.

Амир Исмоил: Ба амири худ бирасонед, Исмоил бинни Аҳмад қасди ту надорад. Ин ҳаво аз сар бадар кун.

Ва асирон сӯйи Нишобур равон мешаванд.

АмирИсмоил бо лашкари худ ба Бухоро бармегардад...

Амри Лайси Саффорӣ аз хабари шикасти лашкараш ба хашм омадааст ва чӣ кор карданашро намедонад. Мисли мурғи пойсухта қарор надорад. Дар ҳамин вақт Билоли Азҳар ба наздаш медарояд. Амр чун шери захмӣ ба сӯяш ҳамла меоварад.

-Шармандагӣ! Исмоили бараҳна лашкари саропо мусаллаҳи саффориро шикаст додааст!

Азҳар: Амир Исмоил ба Бухоро баргаштаст...

Амри Лайс: Э кош, ба Нишобур меомад, то корро яксара мекард. Маълум шуд, ки мо ба ҷои лашкар хукҳои парвоиро нигоҳ доштаем. Бешарафҳо!... Албатта, онҳо он чунон фарбеҳ шудаанд, ки... Сарони лашкар чӣ мехоҳанд? Онҳо ҳарфашонро бо амир Исмоил гуфтанд. Ман аз рӯйи ишон безорам. Ин сари расвоиро ба кучо метавон зад... Дунё ин қадар танг аст! Э кош замин мекафиду моро фурӯ мебурд, то чунин рӯзеро намедидем...

Муҳаммад бинни Лайс ворид мешавад. Амри Лайс ба сӯйи ӯ ҳамла мебарад.

-Ту зинда ҳастӣ!? Боз ба кадом рӯ назди ман омадай... Чӣ ҷуръати густохонае! Ва ё хиёнат ҳамчунон берӯй аст! Ва ё пушт ба майдон кардан ҳам мардонагист?!

Муҳаммади Лайс: Икрор шудан бар заифии худ низ мардонагист.

Амри Лайс: Бо кадом ҷуръат ин ҳарфҳоро мезанӣ палишт!

Муҳаммади Лайс: Қудрати ҷангии амир Исмоил шинохта нашуда буд. Мо бо ӯ тибқи усулҳои маъмули хеш муносибат намудем. Вале ӯ зирак будааст...

Амри Лайс: Дафъ шав аз назарам! Палид!

Муҳаммади Лайс: Ман меравам, вале намешавад сифатҳои писандидаи ӯ ва лашкарашро нодида гирифт. Ӯ бо тамоми усаро меҳрубонӣ намуд, хилъат дод ва бе фидя раҳо сохт. Мо ҳеҷ гоҳ чунин накардаем.

Амри Лайс: Дафъ шав! Ӯро дафъ кунед!

Ду сарбоз ворид мешаванд, вале Муҳаммади Лайс бе дахолати ишон Амри Лайс ва Азҳарро тарк мекунад.

Амри Лайс: Душмани доно ба чӣ корҳое қодир аст! Ҳатто фарзанди моро ба тарафи худ кашидааст! Онҳоро ба зиндон партоед!

Азҳар: Амирам!

Амри Лайс: Чӣ амирам?

Азҳар: Лашкарро бар худ душман магардонед!

Амри Лайс: Мо ин ҷалолро бо қудрати зӯр ба даст овардаем ва аз шамшери худ миннатдор ҳастем. Агар амири сомонӣ гумон мекунад, ки бо ин тадбир моро барканор месозад, хато мекунад! Бе диранг онҳоро ба зиндон партоед. Мо қудрати шамшери худро нишон хоҳем дод! (*Меандешад*) "Агар Мӯътазид хиёнат накунад..." Аз Бағдод чӣ хабар?

Азҳар:Корвони халифа дар роҳ аст. Дам ба дам мерасад.

Дар чашмони амир Амри Лайс умед барқ мезанад.

Амри Лайс:Дар роҳҳо посбонҳо бигзоред, то барои зудтар расониданаш дар роҳ монеаҳои сунъӣ эҷод нашаванд. Ҳеҷ касро ба назди ман нафиристед. Ман имрӯз фақат расули амиралмӯъмининро интизорам...

Билол бинни Азҳар меравад. Амри Лайс ба наазди панҷара меояд ва ба дурҳо, гӯё ба сӯйи Бағдод менигарад. Осмони Нишобур аз лаккаҳои абр пушида шудааст.

Корвони ҳадоёи халифа ворид Нишобур мешавад. Дах асп бо зину ситоми заррин. Ва якеро зину лагом ва ситом заррину мурассаъ ба ёқуту марворид ба ҷавоҳир ва чаҳор дасту пойи ӯ наъли зарин баста, пешопеш ва аз дунболи аспон шутурҳои бисёр бо сандуқҳо. Ҷаъфари ходим дар раъси корвон, посбонон аз дунбол... то ба майдони

кохи амир намоишкорона ва бо салобат ҳаракат мекунанд.

Амри Лайс бо ворид шудани корвони ҳадоё ба кохи салтанатӣ шодии хешро пинҳон дошта наметавонад ва аз ҳаяҷон худро пушти зини аспи саропо заррин мепартояд. Ва гирди майдон чарх мезанад ва бо суръат худро ба кӯчаҳои шаҳр мекашонад...

Хизматгорон аспҳоро ба истаблҳо мебанданд, сандуқҳоро ба дохили қаср мекашонанд. Ҷаъфари ҳочиб бо бузургони Хуросон, ки ба истиқболаш баромадаанд, якояк оғӯшкашӣ мекунад ва бо баргаштани амир Амри Лайс вориди кох мешавад.

Ҷаъфари хоҷиб ҳафт даста хилъатро яке паси дигар ба амири Амри Лайс мепӯшонад ва ӯ ҳар бор ду раъкат намози шукрона мегузорад. Шодии Амр ҳадду канор надорад. Ҳоҷиб баданаи мансух ба дурр ва мурассаъ ба ҷавоҳиру марворидро ба амири Хуросон мепӯшонад ва точи мурассаъ ба ёқуту ҷавоҳирро бар сараш мегузорад ва дар фарҷом ахдро ба ӯ месупорад. Бузургони кишвар амирро бо ин точгузорӣ муборак мекунанд. Амри Лайс бар тахт мешинад ва дигаронро низ таоруф менамояд. Ва туммороро мекушояд. Рангаш тағйир меёбад.

Амри Лайс: Инро чӣ хоҳам кард? (*маншури Варазрудро дар ҳаво такон медиҳад*). Ин вилоятро аз дасти Исмоил берун натавон кард, магар бо сад ҳазор шамшери охта!

Ҷаъфар: Ин хости амирам буд ва халифа тибқи он амал намуданд. Акнун амирам худ беҳтар донанд, ки чӣ кор кунанд. Ва ё интизории амир Амр бинни Лайси Саффорӣ аз маншури Мовароуннаҳр чизи дигаре буд?!

Амри Лайс: Магар халифа намедонист...

Аз ҷой мехезад ва маншури Варазрудро беэътиноёна ба сӯе мепартояд. Ва точро аз сар гирифта ба дур ҳаво медиҳад. Дуру марҷон ба чор тараф пош мехурад. Ҳозирон аз ин рафтори Амр ҳангу манг мешаванд.

—***Дар сари мо танг аст!*** ...Саффориён дар сукути тахориён аз халифа хеҷ гоҳ касби ичоза накардаанд. Ҳеҷ гоҳ касби ичоза накардаанд! Дар ҳама иқдомоти худ мустақил будаанд. Ва дар сурате ки мо дархости ичоза ва маншури аморат талабидем, боястӣ халифа мефаҳмид, ки чаро мо тақозои чунин дархост кардаем!

Ҷаъфари ҳоҷиб: Бо ин маншур амир Исмоил амалан аз ҳокимияти Мовароуннахр узл шудааст. Ман намедонам,

ташвиши амирам аз чи хусус аст?

Амри Лайс дубора аҳдномаро ба даст гирифта, дар ҳаво такон медиҳад.

Амри Лайс: Халифа худ нагз медонад, ки амир Исмоил дар минтақа қудрат аст. Вале маккорона, зиракона худро ба нодонӣ мезанад. Итоати амир Исмоил аз халофат ҷуз расмият беш нест!

Ҷаъфар: Бо вуҷуди он, амирам аввал тибқи маншури амиралмуъминин амал кунанд, хубтар аст.

Амри Лайс: Пешониамон деворро ҳам афтонд,вале панд нагирифтем. Аббосиҳо ҳамеша ба мо хиёнат кардаанд. Магар мо намедонистем, ки онҳо бо Бӯсаллама,Бӯмуслим, Оли Бармак ва Фазл бинни Саҳл дар ивази хидматҳояшон чӣ карданд? Онҳо бо мо низ ин хиёнатро карданд. Ҳоли мо дигар ба шере мемонад, ки дар бунбаст уфтодааст.Бояд худро раҳо кард! Бояд ин шармандагиро аз сари худ дур кард! Ба тамоми омилони вилоёт расул фиристед то бо лашкари худ ба Нишобур биёянд. Мо ба мисли собиқ азимати хешро бо зӯри шамшерҳо ба даст хоҳем овард.

Азҳар: Шамшер ягона роҳи ҳалли қазия нест.

Амри Лайс: Пас бигӯед, чӣ бояд кард?

Шаҳфур: Ба назди амир Исмоил каси дигар бояд фиристодан ва бо ӯ суханони хуш бояд гуфтан ва ваъдаҳои хуб бояд додан...

Азҳар: Номаи мо шоистаи шаъни ӯ набуд ва сафирамон низ густохона рафтор карда буд. Шояд... агар пирони обрӯманди Нишобурро ба назди ӯ бифристем ва ба ӯ аз дари мехрубонӣ ворид шавем, шояд...

АмриЛайс: Шояд ... вале боварам намеояд.Хушбахтӣ ба фарсаххо аз мо дур шудааст. Дилам тира асту бимнок! Вале ин ройи шумо икрори таслим шудан аст, ки бар шаъни худ лоиқ намедонам.

Азҳар: Мо бояд ин омилро ҳам ба назар гирем, ки раият чонибдори амир Исмоил аст. Лашкар ҳам ба чанги амир Исмоил он қадар гарм нест. Мо бо ишон мурувват кардаем.

Шаҳфур: Амир Исмоил муддаии мо нест. Мо фақат бояд ба ҳуқуқҳои ӯ эҳтиром гузорем. Ӯ низ дӯстӣ ба амирамро хостор мебошад.

Амри Лайс: Пас кафолаташ бар гардани шумост. Билол

бинни Азҳар, пас номае навис бад-ин мазмун:"Ҳарчанд амиралмуъминин ин вилоят маро дод,валекин туро бо худ шарик кардам дар мулк. Бояд ки маро ёр боршӣ ва дил бо ман хуш дорӣ, то ҳеч бадгӯе миёни мо роҳ наёбад. Ва он чи пеш аз ин гуфта будем, аз роҳи густохӣ буд, аз сари он даргузаштем. Бояд, ки вилояти Мовароуннахр нигах дорӣ, ки сарҳади душман аст ва раъиятро тимор дорӣ ва мо он вилоятро ба ту арзонӣ доштем ва ҷуз хушнудиву ободонии хонумони ту нахоҳем. Вассалом". Ва чанд марди маъруфи Нишобурро бо ҳадоёи шоиста ба сӯйи Бухоро бифиристед ва ба ишон бифармоед, ки дар ҳузури амир Исмоил бигӯянд: "Маро бар ҳеч кас эътимод нест ҷуз бар ту ва бо мо аҳд кунӣ, то миёни мо дӯстӣ устувор гардад..."

Амри Лайс дилтангона маншури ҳукумати Варазрудро ба як сӯ партофта, ҳашмгинона боргоҳро тарк мекунад.

Шаҳфур: Ин фоли нек нест. Худованд фарҷомашро нек гардонад.

Мардуми қасри амир Исмоил ҳанӯз рӯҳияи боландаи ғалаба бар хасмро доранд. Ин рӯҳия ба дараҷаест, ки аз қаср берун таровида, саросари кишварро фаро гирифтаст. Рӯҳияе, ки дигар онҳо қудратанд ва метавонанд ҷавоби ҳар гуна душманро баргардонанд, аз ин баъд бе биму ҳарос, бе тарсу ларз дар баробари ҳар гуна пешомади номаълуму бимнок метавонанд зиндагии созандаи хешро идома диҳанд, дар оромиву осоиш ба сар баранд... Гӯё онҳо дигар хасме надоранд ва ишонро ба ҷумлагӣ саркӯб кардаанд. Вале ҳанӯз амир Исмоил аз густохии Амри Лайс ва ҳуққабозии халифаи Бағдод ба худ наомадааст.

Нӯҳ: Аз сарҳади Ҷайҳун хабар расид, ки Амри Лайс ба назди амирам расулоне аз маъруфони Нишобур фиристодааст ва ишон иҷозаи убур аз рӯдро интизор мекашанд.

Амир Исмоил: Бигзор интизор кашанд! Бифармоед, ишонро ба хорӣ баргардонанд.

Нӯҳ: Амирам...

Амир Исмоил: Ӯ аз ин ҷанг дигар чизро интизор буд. Вале тираш хок хӯрд. Халифаи Бағдод хости ӯро баровард насохт,ба ӯ кӯмаки низомӣ нафиристод, то хисороти ин ҷангро ҷуброн кунад. Акнун мачбур аст ба мо аз дари мадоро ворид шавад. Ман мефаҳмам, ки ӯ чӣ мехоҳад. Акнун ман намехоҳам... Расулонро ба зиллат баргардо-

нед. Ӯ худ толиби чунин фарҷом буд. Як кишвар ба ду подшоҳ танг аст! Ӯ рӯйгарзодаи айёр аст, маро ҳафт пушт ба шоҳони ин сарзамин пайванд аст.

Ва дар зеҳнаш суруди ҳамсароии хусравонӣ садо медиҳад ва он манзараҳоро мебинад. Ӯ худ савори пил аст. Ӯ худ Баҳроми Варҷованд аст.

“Кай бавод, ки ойод
Пайке аз ҳиндугон
Ки пиҳ аст ҳазор
Абар сарон аст пилбон
Ки оростаг драфш доред
Пад эвен ки хусравон...”

Аз як гӯшаи қаср садои доду фарёдҳо баланд мешавад.

Исмоил (*ба сӯйи фарёдҳо гӯш фаро дода*): Бифаҳм, чӣ шуда?

Ҳочиб меравад, вале ҳеҷ нест, ки садои фарёдҳои тарсолуд қатъ гарданд. Амир Исмоил ба ташвиш меафтад.

Садоҳо аз ҷониби ҳарамсаро меоянд.

Ҳочиб бо ранги парида, бо тарсу ларз ворид мешавад.

Амир Исмоил: Бигӯ, чӣ ҳодиса? Ин мағалҳо чист?

Ҳочиб: Шер раҳо шудааст!

Исмоил: Чӣ?!

Ҳочиб: Набераи амирам дар бог танҳост. Ҳеҷ кас аз ҳайбати шер ҷуръати берун омадан намекунад...

Духтари шоҳ Фотима рӯйкану мӯйкан давон ворид мешавад. Ва бо гиреву нола,овози гирифта фарёд мезанад.

Фотима: Падарҷон,ба имдодам бирас, Ситора дар коми шер аст!

Исмоил: Бонии шер кучост?!!

Фотима: Касе намедонад. Падарҷон, ба имдодам бирасед!

Исмоил (*Фарёд мезанад*): Тозиёна!...

Ва бо шитоб аз боргоҳ бадар меравад. Бо гузаштани лаҳзаҳои дилгирии интизорӣ ҳочиб шодмон фарёд мезанад.

Ҳочиб: Амирам меоянд! Худойро шукри бехад... шукри бехад худойро!...

Амир Исмоил дар лаб табассум ва Ситора дар бағал ва бо дасти чап аз зери камари бонии шер гирифта, ба пайдо меояд.

Фотима: Ситора!

Фотима бо дастҳои пешкашида ба сӯйи падар медавад. Ситораро аз бағали амир Исмоил гирифта, бар синааш мефишорад. Ду сарбоз, ки ҳамеша назди дар ба посбонӣ меистоданд, бонии шерро аз дасти амир гирифта, болои гилем мехобонанд.

Исмоил: Пизишкро биёред!

Фотима (Дар гӯшае дунёро фаромӯш карда, худ ба худ аст): Ситораи иқболи ман... бахти ман!.. ту осеб надидай? Агар туро шер... забонам лол, ман чи мекардам! Натарсидӣ?

Исмоил: Ӯ бепарво дар бари шер хуфта буд. Гӯё шер ӯро посбонӣ мекард.

Пизишк меояд ва бонии шерро муояна мекунад, ҷароҳаташро ташхис медиҳад ва ба захми бозӯяш малҳам мегузорад.

Пизишк: Боке нест. Фақат пӯсташ каме захм бардоштааст.

Исмоил: Ин ҳодиса чун рух дод? Чаро шер раҳо шуд?

Бонии шер аз ҷой хеста, ҷомаашро мепӯшад.

-Наволаи шерро тайёр мекардам. Аз омадани шаҳзода Ситорабону бехабар мондам. Чун садои шер бишнидам, назар афгандам,дидам бо тифл бозӣ мекунад. Эҳтимол дари қафасро бонуи хурдсол боз карда буд. Чун қасди халос сохтани бонуи хурдсол кардам, шер бар ман ғуррид ва ба китфам панҷа зад. Дигар чизе дар ёдам нест. Аз садои тозиёнаи шоҳам ба худ омадаму дидам: шаҳзода Ситорабону беосеб дар бағали амири шергирам аст ва шерро дар қафас меандохтанд.

Исмоил: Бирав. Аз паси корат бишав, дигар ғафлат макун!

Бонии шер баромада рафт. Амир Исмоил назди духтару набераash меравад ва Фотимаро тасало медиҳад. Ӯ ҳанӯз мегирист.

Амир Исмоил: Воҳима накун. Чизе рух надодааст. Худойро шукр , ҳамаш бо иноятиparвардигори ҷалла субҳона хуб анҷом ёфт.

Фотима: Ман аз падарҷонам бим доштам. Сад ҷони ман фидойи ҷони азизи шумо бод! Тарс доштам, ки аз шер захм набардошта бошанд.

Исмоил: Ин шер барои мо хатар нест. Бирав фарзандам, ором бигир,мабод тарси ту бар фарзандат ориз гардад.

Фотима Ситораро ба сару рӯяш молидаву бӯида аз боргох, аз назди падараш бадар меравад.

Исмоил: Ҳама бими ман аз пайкори ояндаҳост. Эҳтимоли пора-пора шудани кишваро ба пай хоҳад дошт...

Сархадбонони амир Исмоил расулони Амри Лайсро ба хорӣ, ба зарби тозиёна аз соҳили рӯд дур мекунанд.

Ва бузургони Нишобур бо корвони ҳадоё ба пойтахти Амри Лайс бармегарданд.

Амри Лайси Саффорӣ аз рафтори амир Исмоил ба расулонаш андӯҳгин шуд, асабӣ буд. Мешӯриду мехурӯшид ва боз чун мавче дамида дар худ фурӯ мерафт.

Амри Лайс: Ин қабоҳат таҳаммулнопазир аст, иҳонат аст! таҳқир аст! Ман бо ӯ мадоро кардан мехостам!... Ба ҳама вилоёт расул фиристед ва талаби лашкар кунед. Ман кини Муҳаммади Бишру Алии Шарвинро бозхоҳам.

Ба як кишвар ду подшоҳ намегунчад!

Лашкари анбӯҳе ба Нишобур гирд омада буд. Амри Лайси Саффорӣ нишаста бар аспи шабдизгуне,бо либоси чангӣ сафи сипоҳиёни хешро аз назар мегузаронд. Набераҳояш, писарони Муҳамади Амр-Тоҳир ва Ёқуб чанд гоме аз паси ӯ мерафтанд. Ҳар сарҳанг дар назди сипоҳи хеш меистод. Сафи аввал аз пиёданизом иборат буд ва аз паси онҳо саворагон меистоданд. Лашкар саропо бо найзаву шамшеру гурзу сипар мусаллаҳ буд. Баъди аз назар гузаронидани лашкар табъи Амри Лайс шод буд.

Ӯ бо викор дар иҳотаи сарҳангҳояш Алӣ бини Ҳусайни Дирҳамӣ, Муҳаммад бинни Ҳамдон бинни Абдуллоҳ, Билол бини Азҳар, Муҳаммад бинни Шоҳфур, Тоҳир ва Яъқуби Лайс, Субкарӣ, писарони Шоҳфур -Аҳмад ва Муҳаммад, Абдуллоҳ бинни Муҳаммад бинни Микол вориди каср мешавад.

Амри Лайс: Худо шоҳид, мо толиби ин чанг набудем, вале намешавад бо рафтори амири Сомонӣ муросо кард. Дигар, ҳар гуна саркашӣ дар кишвари мо саркӯб хоҳад шуд. Мо дигар ба касе иҷоза намедиҳем, ки сар аз фармони мо битобад. Мо дар каламрави шаркии олами ислом ба та-

рики Тоҳир бинни Абдуллоҳ ҳукумат хоҳем кард... Дигар гузашт кардан бас аст! Аз ин рӯ аз сарони лашкар тақозо мешавад, ки бо сипоҳиёни хеш меҳрубон ва дар як саф бошанд. Маоши ишонро бе тангдастӣ таъмин намоянд. Сипоҳи мо набояд эҳтиёҷ дошта бошад. Имрӯз ҳама эҳтиёҷоти лашкарро бароварда созед. Фардо ба роҳ мебароем. Алӣ бинни Ҳусайни Дирҳами бо сипоҳи хеш дар мукаддимаи лашкар меравад... "Кутиба алайкуму алқилу ва ҳувва курҳун лакум ва ъасо ан такраҳу ашёъан ва ҳувва хайру лакум ва ъасо туҳиббу ашёъан тум ло таъламуна", яъне ҳукми ҷиҳод барои шумо муқаррар гардид ва ҳол он ки бар шумо ногувору макрӯҳ аст , лекин чи бисёр шавад, ки чизеро шумо ногувор шуморед, вале ба ҳакиқат хайру салоҳ дар он буда ва чӣ бисёр шавад, ки чизеро дӯст доред ва дар воқеъ шарру фасоди шумо дар он аст ва худованд ба мусолеҳи умур доност ва шумо нодонед! Оллоҳу акбар!

Ва дар қалби лашкар ин калом акси садо медиҳад. Ва лашкар ба роҳ меафтад. Ва осмони Хуросон аз ғубори роҳи лашкариёни Амри Лайси Саффорӣ тира мешавад ва офтоб дар нимарӯз, паси осмони гирифта чун моҳ метобад.

Субҳ нав медамид. Амир Исмоил бо Симо-ал-Кабир — ғуломи падараш бар ҳисори Бухоро баромаданд. Ва манзараҳои гирду атрофро назора мекарданд. Саҳрое бадомани ҳисор мепайваст ва ҷумла найистон буд.

Амир Исмоил: Дар қадим ин зиёъ мулки Туғшода Бухорхудот будааст ва ӯ аз он ҳар касе аз фарзандон ва домодони худро ҳиссае додааст.

Симо-ал-Кабир: Имрӯз ҳам дар дасти ишон аст?

Амир Исмоил: Магар ба ин ҳол меуфтод? Ин зиёъ дар замони Туғшода ва фарзандони ӯ аз ободтарин зиёоти Бухоро будааст. Пас баъди таҳоҷуми аъроб ба Варазруд онро сарҳанги Мустаъин Ибни Муътасим Ҳасан бинни Муҳаммади Толутӣ аз ишон бистонид ва ба ин ҳол гардонид.

Симо-ал-Кабир: Ин зиёъ дар харобияш низ хурраму зебост.

Амир Исмоил: Ба шумо маъқул аст?

Симо-ал-Кабир: Бисёр ҳам. Ман гоҳ аз гоҳ ин ҷо меоям

ва соатҳо ба тамошои он мешинам.

Амир Исмоил: Ҳаргиз бувад, ки худованди таоло сабабе созад, то ин зиёъро аз бахри шумо бихарам ва маро зиндагонӣ диҳад, то бибинам, ки зиёъ шуморо шудааст, аз он ки ин зиёъ аз ҳама зиёи Бухоро ба қиматтар асту хуштар.

Симо-ал-Кабир: Худованд зиндагонии амирамро баракат диҳод, лутфу марҳамати шумо дар ҳаққи банда беандоза аст.

Амир Исмоил: Он гоҳ ҳамроҳ дар ин найистонҳо шикор хоҳем кард. Сайди зиёде бояд дошта бошад.

Симо-ал-Кабир: Ман палангону бабрҳои зиёдеро мушоҳида кардаам, ки дар найистонҳо озодона сайр мекунанд. Рамаи ғизолон ҳамчунин...

Амир Исмоил: Бабру паланг! Чӣ хуб! Оҳу...

Ва паланги бадҳайбате ба сӯйи ҳисор меояд.

Амир Исмоил (бо овози хафӣ): Паланг!

Онҳо машғули назораи паланг мешаванд.

Амир Исмоил: Ҳатман ин зиёъро бояд харид!

Ва онҳо рӯ-рӯи девори ҳисор ба дигар тараф мераванд. Ва боди сард вазон аст. Офтоб зери абрҳои бурида ва тираи осмон гоҳ аз гоҳ ба ранги парида намудор мешавад. Ва бод дар найистонҳо нола мекунад...

Муҳаммади Нӯҳ бо чанд сарбоз аз истиқболашон мебароянд ва бо наздик омадани амир Исмоилу Симо-ал-Кабир аз аспҳо пиёда мешаванд.

Амир Исмоил: Хайр аст?

Муҳаммади Нӯҳ: Аз Нишобур хабар расид, ки Амри Лайс бо лашкари анбӯҳ касди Бухоро дорад.

Амри Исмоил: Боят ҳамчунин мешуд. Лашкари анбӯҳ, яъне чӣ? Барои таърих "анбӯҳ" мегӯянд. Вале барои мо донистани шумори дақики он зарур аст. Мефаҳмед, шумори дақик!

Муҳаммади Нӯҳ: Бинобар шумори дақике, ки расули мо ҳалас мезанад, лашкари Амри Лайс ба ҳафтод ҳазор мерасад ва матбахашро чаҳорсад шутур мекашад, ки бовар кардани нест ва аз ин рӯ онро ба "анбӯҳ" хулоса кардам.

Амир Исмоил: Хоҳиш мекунам, минбаъд чунин "хулоса" макунед... Дигар ин, ки дар саросари кишвар сало дар дихед: "Амри Лайс бар зидди мо лашкар кашидааст, то Варазрудро истило кунад, мардонро бикушад ва занону

кӯдаконро ба асорат барад”.

Амир Исмоил бар асп мешинад ва ба сӯйи дарбор метозад. Ҳамроҳонаш аз ӯ пайравӣ менамоянд. Дар боргоҳ ғайри мунтазира давлатмардони кишвар ҷамъ омада буданд. Бо ворид шудани амир Исмоил ҳамагон ба пешвозаш аз ҷойҳои хеш мехезанд ва то ба тахтгоҳ расиданаш дар ҳолати таъзим мемонанд.

Амир Исмоил: Гумон мекунам, ҳама аз қазия огоҳ ҳастанд. Амри Лайс ба қасди мо меояд. Бинобар ин салоҳро дар он мебинам, ки ба омилони вилоёт сареъан расулон бояд фиристод.

Аз мардони кишвар, ҳар кас ки қудрати силоҳ гирфтан дорад, бояд ба ҷанг сафарбар карда шавад.

Дар шаҳрҳо мардуми маҳаллӣ довталбона ба марказҳои сафарбаркунӣ гирд меоянд,мусаллаҳ мешаванд ва гурӯҳ-гурӯҳ пиёдаву савора ба роҳ меуфтанд. Онҳо ҳама рӯҳияи боланда доранд ва дар ҳар қадам шиор сар медиҳанд.: Дар ҷанг мардона мурдан беҳ аз он ки асир шудан!” Пирону занону кӯдакон сарбозони хешро ҳама ҷо гусел мекунанд. Ҳама ҷо ҳамҳамаи шодиву сурур ҳукмфармост.

Барфҳо об шудаанд, майсаҳо дамидаанд,дарахтон гул кардаанд...

Амир Исмоил болои гаревае истодааст ва сафи лашкар аз наздаш мегузараду мегузарад, рӯз поён меёбад ва охири лашкар даруни зулмат нопадид...

Амир Исмоил бо сарони лашкар машварат мекунад.

Амир Исмоил: Пеш аз он, ки Амр ба соҳили Ҷайҳун расад, мо бояд дар Омӯя бошем . Муҳаммади Ҳорун фардо дар муқаддимаи лашкар ба сӯйи Омӯя ҳаракат хоҳад намуд. Мо ба Порси Байкандӣ ва Мансури Қаротегин расулон фиристодаем. Онҳо бо сипоҳи хеш дар Омӯя бо мо мепайванданд. Бояд қосиди мо ба Хоразм расида бошад.

Амир Исмоил дар соҳили Ҷайҳун бо ҷамъе аз сарҳангони худ истода буд. Рӯз ба поён мерасид. Сипоҳи Муҳаммади Ҳорун бар завракҳо нишаста аз рӯд убур менамуд.

Ва сарбозон аз дарё бе сар сар мекашиданд. Аз қалби гареваҳо берун мешуданд. Аз қабати харобаи кушкҳо,аз қабати деворҳои фурӯхишта намудор мешуданд. Ҷумла бесар буданд. Ва саҳро аз сарбозону сарҳангҳои бесар сиёҳ шуда буд. Ва дарё аз чашмони амир Исмоил мерехт. Ва дарё хун мерафт. Осмон хун шуда буд. Ва зери гунбази

лаълфом пур аз садо шуда буд. Ва ин садоҳо аз дили амир Исмоил таровиш меёфтанд, дар саҳро паҳн мегаштанд ва дар домани уфуқҳои хунолуд полуда мешуданд. Садоҳои беравбту шикаста, муҷарраду мустақил, номафҳуму бемаъно... Олам ҳама бе рабту бемаъно шуда!... Ва чун гирдбоде боз ба як нуқта — ба қалби амир Исмоил — рехта, духулвор, раъдвор меғуррад: "Беҳуда?!!" ..Ва сарбозони бесар дар қалби майсаи реги биёбон ғарқ мешаванд, фурӯ мераванд ва чун лолае мешукуфанд. Ва завраки моҳ дар дарёи алмосрезу гавҳарбор ба шино дар меояд... Ва даррандаҳои шаб ба шикор мебароянд.

Ҳанӯз сарбозон аз дарё убур мекунанд...

ГУРГОН

Кушки амири Саффорӣ

Амри Лайси Саффорӣ бо сипоҳсолору сарҳангҳову бузургони дарбори хеш ба айшу нӯш нишастаанд. Муганниён нағма аз чанги Зӯҳра даровардаанд. Ва хубони моҳчабин бо рақси хеш бар дилҳову сарҳои махмур донаҳои алмоси ҳавас кошта. Билоли Азҳар ба хотири мушавваш вориди мачлис мешавад.

Амр: Чӣ шуда,ки вазири моро хотир пареш гашта?!

Азҳар (ба назди Амр меравад ва бо овози паст, ки фақат худи ӯ бишнавад,мегӯяд): Кишвар ноором. Носуди ҳиндӣ бо Алимони Ҳиндӣ иттифоқ баста, омили амирам - Бардалиро аз Ғазна берун кардаанд. Ва ба ҷониби Ҳирот меоянд!

Амр: Бас!

Мачлис хомӯш мешавад. Чанги Зӯҳра аз нағма боз мемонад. Пойи раққосон мешиканад. Бузургон бедор мешаванд.

Амр: Аз сӯйи Бухоро чӣ хабар меояд?

Азҳар: Ҳанӯз хабаре нест.

Амр: Мо дар чунин вазъият наметавонем бо Исмоил даргири чанг шавем. Шароити мусоиде барояш фарохам меовардем. Сареъан ба сӯйи Марв ба Алӣ бинни Ҳусайни Дирҳам расул фиристед ва таъкид намоед фавран ба ҷониби Балх ҳаракат кунад. Аввал ба куффори хинд мебоядчангид...

Лашкари Амр ба сӯйи Балх ҳаракат мекунад.

Амир Исмоил бо лашкари анбӯҳ аз Ҷайҳун убур намуда, дар Омӯя мефарояд. Муҳаммад бинни Ҳорун бо сарони сипоҳ ба истиқболи амир Исмоил мебарояд.

Амир Исмоил: Аз Нишобур чӣ хабар?

Ҳорун: Бо сабабҳое, ки барои мо ҳанӯз маълум нест,лашкари амири саффорӣ аз Марву Гургон ба сӯйи Балх ҳаракат доранд.

Амир Исмоил: Аз Хоразм чи хабар?

Ҳорун: Порси Байкандӣ ва Мансури Қаротегин бо сипоҳи хеш дар роҳанд ва имрӯз то пагоҳ ба Омуя мерасанд.

Амир Исмоил дар кори амир Амри Лайс ба фикр фурӯ рафт ва суоломез ба сӯйи Ҳамӯя бинни Алӣ нигарист. Нигоҳаш аз Алии Ҳамӯя гузашт ва дар марғзорҳои навдамидаи дашту саҳро, гулу лола гум шуд.

Лашкари Фарғонаву Истаравашан, Самарқанду Сугд, Бухорову Чағониён аз дунболаш савораву пиёда меомад. Амир Исмоил худ ба худ меандешид: "Ӯ боз дар сар чӣ хаёле дорад?"

Амир Исмоил: Омадани лашкари Хоразму Исфичобро интизор нашуда, шумо бо сипоҳи худ фардо амири саффориро таъқиб мекунед. Набояд ба ӯ фурсат дод,то андешаи дигар кунад!

Дар ҳавлии кушк аз аспҳо пиёда мешаванд,ғуломон аспҳоро дар истаблҳо мебанданд. Амир Исмоил бо бузургони сипоҳ вориди кушк мешавад.

Амир Исмоил: Имрӯз лашкар бояд баросояд. Аз паси сипаҳсолор Муҳамад бинни Ҳорун ба роҳ хоҳем баромад. Супориш диҳед, сапоҳиёнро дар саройҳо фуруд оваранд ва асбоби роҳаташонро фароҳам созанд, ба аспҳову уштурон алаф диҳанд!

Ҳамӯя бинни Алӣ "ба чашм" гӯён таъзим намуда, аз роҳи омадааш ба хоричи кушк бармегардад.

Амир Исмоил: Пеш аз ворид шудан ба шаҳрхову рустоҳо ҳамроҳи язакҳо сипоҳиён фиристед дар сари роҳҳо биистанд, то ҳангоми убури лашкар хисороте ба молу ҷони мардум нарасонанд. Ба ҳар шаҳру деҳе, ки ворид мешавед бо мардуми он меҳрубон бошед, ба доди ишон бирасед. Ҳар амале бояд аз рӯйи шаръи ислом ва адолат қазоват шавад. Зинҳор зулме аз ҷониби мо сар назанад, ки ин мар-

дум басо аз тарафи хокимони нав ба давлат расидаи хеш чабру ноадолатихо дидаанд. Ин талаби моро ба хар сарбози сипох бирасонед. Куззот низ бо шумо хоханд буд. Факат адолат аст, ки мардум аз мо чонибдорй мекунанд. Барандозандаи хама кудратхо зулм аст!

БАЛХ

Сипохиёни Амри Лайс шахристони Балхро ишгол намуданд. Шахр дорои калъаи мустахкам бо борахои баланд буд ва гирд бар гирд хандак дошт. Амири саффорй дар шористон чой гирифт.

Амри Лайс: Ба хандаки шахристон об сар дихед. Сипохро гирд бар гирди хандак рада бандед. Ба мардуми шористон бифахмонед: Мо омадаем, ки ишонро химоят кунем! Шойиот пахн созед, ки амири Сомонй касеро амон нахохад дод ва ягона рохи начот дар мукобилаш чангидан ва дасташро аз зулм кутох кардан аст!

Сарбозон борахои шористонро мустахкам мекарданд. Гурухе манчаникхову арродахоро дар чониби дарвозаи Алиобод рост менамуданд. Бокии сипохи Амри Лайс гирдогирди хандаки шористон радда баста буданд ва интизории хамлаи душманро мекашиданд. Амри Лайс тамоми ин муддат дар миёни лашкариёнаш мегашт ва дар баъзе корхо, ки медид мувофики табъи дилаш нест, ба ишон маслихатхо медод. Дар хамин вакт набераши Тохир ба дохили шористон даромад ва якху худро ба бобояш расонид.

Амри Лайс: Чй хабар?

Тохир: Лашкари амир Исмоил дишаб ба Алиобод фуруд омадааст.

Амри Лайс: Мувозиби у бошед, то ба мисли пеш гофилгар нашавем. Лашкарро диллихй кунед. Аз Гургону Тахористон чй хабар аст?

Тохир : Хануз хабаре аз он чониб нест. Мегуянд, ки лашкари Сомонй тамоми роххоро баБалх бастааст.

Амри Лайс: Айёрону чосусонро ба кор андозед. Мо набоял як нафас аз кори у гофил бимонем. Кувваи асосиро ба чониби рохи Алиобод интикол дихед. Хамаи арродахо ва манчаникхоро ба хамон тараф кашонед.

Сипохи савораву сарпо мусаллахи Амри Лайси Саффорй ба тарафи рохи Алиобод кашонида мешавад. Саро-

ни лашкар машғули муайян кардани мавқеъҳо ва дар ин мавқеъҳо ҷойгир намудани сипоҳиён мебошанд. Амри Лайс аз сари бораи баланди шористони Балх кирдори лашкари хешро назора мекунад.

Амир Исмоил бо сипаҳсолорони лашкараш болои гаревае сабзу хуррам истода буд ва ҷониби шористони Балхин модари шаҳрҳои Иронзамин менигарист. Сарбозонаш дар беруни рустои Алиобод дар ҷои безиёе фуруд омада буданд ва ҳар кадоме машғули коре. Дар гӯшае як гурӯҳ байни ҳам шамшерзанӣ мекарданд,дастае бо найзаҳо машқ менамуданд.

Амир Исмоил: Ин ҷо чанд рӯз, барои фиреби назар бояд бимонем. Мо дар ин чанд рӯз, ки ин ҷо мемонем, бояд омилони амири Саффорирро аз шаҳру рустоҳои гирду атроф пок созем.... Алӣ бинни Аҳмад кучост? (*Ҷавони тануманди зереҳпӯше аспаширо пеш меронад ва дар баробари амир Исмоил меистад.*)

—Ту бо сипоҳат ба Фориёб меравӣ, омили амири саффорирро асир мегирӣ, Ибни Фареғунро, ки мутаааҳҳиди мост, бар ҷояш барқарор мекунӣ... Поксозии шаҳру деҳоти гирду атроф аз омилони саффорӣ бар гардани туст. Бо мардуми Гузгонон он чунон бояд рафтор кунӣ, ки аз мо ҷонибдорӣ намоянд. Ҳамин ҳоло ба роҳ баро!

Алӣ бинни Аҳмад аспашро гардонда,ба лашкаргоҳ меравад. Амир Исмоил баъди рафтани Алӣ,ба Муҳаммад бини Нӯҳ, ки тамоми ин муддат дар бараш буд, мурочиат мекунад.

-Ба лашкаргоҳи амири Саффорӣ мубаллиғон фиристед, то миёни сипоҳи ӯ тарғиб кунанд, ки “мо мардуми мучоҳидем ва ҷуз худо толиби ҳеҷ нестем. Лекин Амр марде дунёдор ва молпараст аст, фақат ба ин қасд ҳаракат карда ва моро, ки аз як қавму як мазҳаб ҳастем, ба ҷони ҳам андохта...”

Сипоҳи Алӣ бинни Аҳмад ҷониби Фориёб ба роҳ баромад.

Субҳи рӯзи дигар амир Исмоил сарҳангҳову сипаҳсолорони лашкарро даъват намуда, аз нақшаҳои минбаъдаи хеш ишонро огоҳ сохт.

Амир Исмоил: Бегоҳ, баъди намози дигар, дар Намозгоҳи Балх таваққуф хоҳем кард. Ба ин манзур ба он сӯй

одамон фиристед, то роххоро васеъ ва хамвор созанд...

Шористони Балх

Ду сарбоз бо сардори сипахсолор Шахфур се нафарро пешандоз карда, ба шористон ворид мешаванд. Мардуми кӯчаву бозор ба асирон бо таассуф менигаранд. Шахфур ишонро дар назди дарвозаи кушки Амри Лайс боздошта, ба посбонон мефармояд:

— Мувозиби ишон бошед.

Ва худ ворид кушк мешавад. Сарбозхо нисбат ба асирон беэътино хастанд ва тавачҷӯхе ба ишон надоранд.

Марди асир: Эй бародар, ташна шудаам ва ду рӯз аст, ки лукмае ба дахон набурдаам, чӣ шавад, ки муроди мо барорӣ ва ба савоби азим бирасӣ.

Сарбоз: Дастур нест!

Марди асир: Кори савоб ба дастури дигарон намешавад,дар акси хол савоб нест.

Сарбоз суханони марди асирро ношунида мегирад ва ба хамяроқи хеш мегӯяд.

Сарбоз: Марди савобчӯ кори гайри савоб намекунад!

Марди асир ба шариконаш мегӯяд:

-Валлох, ки дар ин шахр ойини чавонмардй намондааст. Магар бо озодагон хамчунин рафтор мекунанд?

Ду асир дигар бо табассум ба сӯйи сарбозон менигаранд. Ранги рӯяшон парида ва лабхояшон аз ташнагй парсинг бастааст.

Ва хамин вакт аз кушк афсаре берун меояд ва ба сарбозон мефармояд:

-Асиронро ба зиндон баред.

Боз ба кушк бармегардад. Сарбозхо асиронро бо нӯги найза хал-хала аз чой мехезонанд ва ба тарафи зиндон мебаранд. Ва сарбозе бо тамасхур ба дигаре мегӯяд.

Сарбоз: Подоши куфрони неъмат хамин аст.

Марди асир мехохад дар посухи ин тамасхур чизе бигӯяд, вале шарикаш монеъ мешавад:

-Бехуда аст!

Ва асиронро ташнаву гурусна ба зиндон мепартоянд.

Сарбози ду: Ту бехуда ... Аз чехраашон пайдост, ки начибзода хастанд.

Сарбози як: Алхол асир хастанд.

Сарбози ду: Ишон бо асирон чунин рафтор намекунанд. Магар аз ёдат рафт. Ин ҷомаи танат магар моли асирӣ набуд, ки амири сомонӣ ба ту пӯшонд?

Сарбози аввал музтар мемонад.Сарбози дувум ба назди зиндонбон, ки дарро аз паси асирон қуфл зада, ба мақарраш бармегашт,меравад.

Сарбози ду: Ба асирон хӯрок диҳед. Фармон ҳамин аст...

Зиндонбон бо ҳайрат ба сарбоз менигарад, вале ӯ дигар ба чизе эътибор надода, аз роҳи омадаш бармегардад. Ӯ аз рафтори худ қаноатманд аст.

Кушки Амри Лайс

Амри Лайс андешамандона ва андӯҳгинона ба чор тараф қадам мезанад.

Шаҳфур: Мо айёрони амир Исмоилро дар қалби лашкар боздоштем. Онҳо дар накӯҳиши амирам суханҳо мегуфтанд ва амири Сомониро ба диндорию инсоф месутуданд.

Амри Лайс: Ҳатман одамоне ёфт мешуданд, ки ба харфи ишон гӯш медоданд?

Шаҳфур: Дар миёни сипоҳ ҳар гуна овозаҳо ҳаст, вале ман ба он бовар надорам.

Амри Лайс: Ба чӣ бовар надорӣ? Чӣ хел овозаҳо?!

Шаҳфур: Гӯё баъзе аз сарҳангони лашкари мо нақзи байъат ба амири хеш карда,ҳавохоҳи амири Сомонӣ шудаанд?

Амри Лайс: Чаро бовар надорӣ?!

Шаҳфур: Шуданӣ нест. Ҳама сипоҳ ба амири хеш содиқанд. Аз амири хеш басо навозишҳо ёфтаанд.

Амри Лайс: Ту худ низ ба он чӣ мегӯӣ, бовар надорӣ...

Тамоми мардуми Хуросон ҳавохоҳи амир Исмоил мебошанд. Вале дигар бефоида аст... Бигӯ, аз лашкаргоҳи амири Сомонӣ чи хабар мерасад?

Шаҳфур: Ба ҳар шаҳру деҳ сипоҳ мефиристад, омилони амирамро барканор месозад ва ғаноими зиёдеро барои иктифофи лашкараш фароҳам месозад. Дар ин амал мардумони маҳалҳо бо сипоҳи ӯ ҳамкорӣ мекунанд.

Амри Лайс: Модом ки мардум ба сипоҳи ӯ ҳамкорӣ кунад, пас аз лашкари мо чи шак?! (*Банохост хашмгин шуда*)

Ҳар кас, ки ба сар чунин андеша дорад, қаҳраш кунед! Кӯрнамакҳо!

Лашкаргоҳи амир Исмоил

Насими мартуби шомгоҳон шӯълаи гулханҳои назди чодарҳоро меларзонду мераксонд. Сипоҳиён гурӯҳ-гурӯҳ гирди ин гулханҳо нишаста,байни ҳам сӯҳбат мекарданд. Яке аз фардое сухан мегуфт, ки намедонист рӯзгор чӣ ҳаводисеро барояш ба армугон меоварад ва дигаре дар хусуси зану фарзандонаш. Ва саввумӣ хомӯш буд, балки метарсид, мабод ҳарфи куфре ба забон оварад... Аз дурҳо садои таки аспе меомад. Лаҳзае ҳамагон хомӯш монданд ва гӯш ба сӯйи садо доданд. Посбонҳо ӯро боздоштанд . Ва боз сӯҳбатҳо гирдогирди гулханҳо ба гардиш омад. Посбонҳо марди ношиносро ба сӯйи чодари амир Исмоил мебурданд...

Бузургони лашкар, кузоти адл назди амир Исмоил ҷамъ омада буданд. Бо ворид шудани посбон хама ба сӯйи ӯ менигаранд. Марди сарбоз дар вурудгоҳи чодар ба зону зада, сӯйи амир Исмоил заминро бӯса медиҳад.

Посбон: Умри амирам поянда бод, аз ҷониби лашкари саффорӣ косиде омадааст ва исрор меварзад, ки барои амирам пайғоми муҳиме дорад.

Амир Исмоил: Ӯро биёвар.

Посбон аз чодар бадар меравад ва ҳозирон хомӯшона ба ҳамдигар менигаранд, то он лаҳза, ки посбон дубора бо қосид бармегардад. Қосид зону мешиканад ва таъзим мекунад, пешониашро ба хоки зиллат месояд.

Амир Исмоил: Бигӯ, чӣ паёме дорӣ? Магар амири саффорӣ пушаймон шудааст?

Қосид: Мулки ҷаҳон ба коми шоҳ бод, то ҷаҳон боқӣ, номи некӯяш ҷовидон монод. Ман аз назди як гурӯҳ сарҳанги лашкари амири Хуросон меоям. Ишон накзи байъат бар амир Амр карданд ва мехоҳанд ба лашкари шумо бипайвандданд.

Амир Исмоил: Мо аз ин тасмими саронии лашкар ва бузургони Хуросон хурсандем. Вале донистан мехоҳем, чӣ омиле ишонро ба чунин иқдоме водошта аст.

Қосид: Аллу дод ва замири начиби амирам, ки шоистагии ҳукумат бар саросари кишварро дорад.

Амир Исмоил: Ман ба ишон чизе ваъда дода наметавонам.

Қосид: Ишон ба ҷуз оромиши кишвар ва ободонии он тибқи адлу дод дигар чизеро умедвор нестанд.

Амир Исмоил: Ку замонати ишон, ки фардо бо мо низ чунин рафтор нахоҳанд кард?!

Қосид: Замонати як озодмард дар сухани ӯст, ки ба амал мепайвандад. Ишон фардо дар майдони набард ба шумо мепайванданд.

Амир Исмоил: Ишонро аз мобақӣ чун тамиз диҳем?

Қоисд: Ишон бо ливои шумо ба майдон хоҳанд баромад.

Амир Исмоил якояк ба саронии лашкари хеш менигарад. Онҳо ба аломати ризомандӣ сари хешро поин меоранд.

Амир Исмоил: Пас ба ишон бирасонед: ҳар кӣ толиби ободонӣ ва осоиши кишвар аст, мо бо ӯ мувофиқем ва ҷуз ин дигар муроде надорем. Ва дигар ин, ки ишон назди мо низ дар мақоми пешинаи хеш, вале бо иззат бокӣ хоҳанд монд ва сари мӯе молу мулки ишон тасарруф нахоҳад шуд ва баръакс, ҳар он чи аз ишон ба зӯр ситонданд, дубора ба соҳибонашон баргардонда хоҳад шуд.

Худованди гардонсипеҳр ёру мададгор бод, ки ҳама пирӯзиҳо аз ӯст.

Қосид баромада меравад. Дар рӯҳияи бузургони лашкари амир Исмоил боландагӣ ҳувайдо мешавад. Баъзеи ишон ҳаяҷони хешро пахш кардан наметавонанд.

Муҳаммади Ҳорун: Мо ба мақсади хеш расидем! Рӯҳияи сипоҳи Амр шикастааст!

Амир Исмоил: Ҳанӯз шодӣ кардан барвақт аст. Амр марди соҳибтадбир ва айёру силаҳшӯр аст!

Аҳмади Дароз: Ин фурсатро ғанимат бояд бишмарем ва имкон надиҳем, ки амир Амр тадбир бияндешад.

Амир Исмоил: Ба фикри шумо чӣ бояд кард?

Аҳмади Дароз: Аз фардо дер накарда, ба Балх ҳуҷум бояд бурд.

Ҳорун: Агар амирам иҷозат диҳанд, ман бо сипоҳи хеш ҳамин ҳоло ба роҳ хоҳам баромад ва бо дамидани субҳ корзор хоҳам намуд.

Амир Исмоил: Қазияро он чунон осон магиред. Агар аз лашкари Амр дах ҳазор осӣ мешавад, бокӣ барҷой меманад. Сониян, ин рӯҳияе, ки дар шумо боланда шудаст, гӯё

бар Амри Лайс музаффар гардидаед, окибати хатир дорад. Шумо алҳол форигбол ва мутмаин шудаед, ки ин рӯҳияи як сипоҳи ба рифоҳ расида аст. Таъкид мекунам: ҳеч кас бе фармону супориши ман ба амале иқдом намекунад. Мо медонем, ки Амри Лайс тамоми қуввахои ҷангияшро дар сари роҳи мо қарор додааст. Ӯ моро фақат аз роҳи Алиобод интизор аст. Мо бояд ӯро дар ин тасмимоташ ноумед созем! Ва аз сӯе ба ҷанг ворид шавем, ки ҳеҷ интизор надошт. Бинобар ин мо фардо субҳ ба роҳ мебароем ва аз Дарвозаи Ато, яъне ҷануби шористон вориди набард мешавем. Ӯ дар ин сурат барои қуввахояшро ба самти мукобил кӯчонидан фурсат намеёбад.

Ҳамуя бинии Алӣ: Вакте мо тамоми қуввахои хешро ба ҷануби шаҳр интикол медиҳем, онҳо низ бекор намеишинад.

Амир Исмоил: Мо нагуфтаем, ки тамоми лашкарро ба ҷинуб интикол медиҳем. Мо чунин вонамуд мекунем, ки шаҳрро муҳосира менамоем ва ҳамчунин ҳам мекунем. Вале қуввахои зарбазанандаи хешро гофилгирона ба ҷинуб, ба дарвозаи Ато интқол медиҳем.

Амир Исмоил бо чанд нафар сипаҳсолорони хеш болои теппае дар мукобили Дарвозаи Ато истодааст ва лашкараш мавқеъ мегиранд.

Амир Исмоил: Оби шаҳрро қатъ боял кард. Ба сарбозон бигӯед, манчаникҳову арродахоро дар наздикии дарвоза соз кунанд ва ба рахна кардани бораи шористон бипардозанд.

Ахмад бинии Исмоил савори асп бар гарева фароз меояд ва чанд гом монда ба падараш аз асп пиёда мешавад.

Ахмад: Лашкари Мухаммади Хоруи аз гарб ва Порси Байкандӣ аз шарқ ба харб гузаштанд. Аглаби сипохи кисмати шимолии амири Саффорӣ ба лашкари Порси Байкандӣ пайвастанд. Ва зиёдати ишон хазимат шуданд ва ба сӯйи Систон гурехтанд.

Амир Исмоил: Манчаникҳову арродахои Ҳамӯя низ дару девор мешикананд...

Дохили шористони Балх

Ҷо-ҷо хонаҳо ва кушкҳо оташ гирифтаанд. Ҷӯйҳо аз беобӣ хушкидаанд. Мардуми шаҳр аз беилочӣ чун мурғони пойсӯхта ба чор тараф медаванд , вале беҳуда, бефоида. Аз дасташон коре барнамеояд.

Ва сипоҳиёни амири Хуросон болои бораи баланд камин гирифтаву сӯйи хоричи қалъа тир партоб мекунанд. Амри Лайс беқаророна гирдогирди бора мегардад ва ҳарби сипоҳиёнашро наззора мекунад. Сарбозонаш беруни қалъаи шористон дар ҳисор афатодаанд ва торафт тазйиқ меёбанд, ба хандақ мерезанд, ғарқ мешаванд. Сипаҳсолоронаш фирор мекунанд,таслим мешаванд. Ҳанӯз дарвозаҳои шаҳр бастаанд, мустаҳкаманд. Фақат санги арродаҳо бораро меуфтонанд, нафти манҷаниқҳо қалъаро месӯзонанд. Мардум чун мурғи посӯхта худро ба чор тараф мезанад... Амри Лайс аз болои бораи баланди шористон поин меояд.

-Бояд ба кӯмаки сипоҳиёни хеш рафт.

Сарбозон аз бора поин меоянд. Дарвозаи Ато боз мешавад. Амри Лайс дар раъси лашкар ба майдони ҳарб мебарояд. Амир Исмоил бо лашкаре андак ба истиқболи ӯ асп медавонад ва ҷанге сахт дар мепайвандад. Ва Амри Лайс муҳосираи сипоҳи амир Исмоилро рахна карда, аз қалъа дур мешавад. Сипоҳи Амир Исмоил ҷангкунон ӯро таъқиб мекунанд. Сипоҳаш куштаву асир мешавад ва худи Амр ба сӯи бешазорҳо фирор мекунад.

Амир Исмоил (*ба Ҳамӯя*): Аз пасаш рав!

Ва амир Исмоил ба шористони Балх ворид мешавад. Мардуми шаҳр хурду калон аз марду зан, писару духтар ба истиқболаш мебароянд.

Ва дар ҷӯйҳо об ҷорӣ мешавад...

Ва сӯхторҳо хомӯш мегарданд...

Ва ғубори чангу дудро насим ба дурҳо мебарад...

Ва абри баҳорӣ қатраҳои шаффофи хешро бар замини сӯхтаву тафта меборад...

Даруни бешазори анбӯҳ аспи Амри Лайс кунд медавад. Сипоҳиёни таъқибгари лашкари амир Исмоил торафт ба ӯ наздик мешаванд. Ӯ дилтангона аспашро тозиёна мезанад. Вале ҳамоно дар назари амир ба мисли пештара кунд меравад, ба мисли Рахши Рустам дар остонаи Кобул.

Асп пешпо мехӯрад, чанд гом ба зону меравад, Амри Лайс аз пушташ ба зер меафтад. Ӯ дигар мачоли аз ҷой хестану дубора бар аспе, ки болои сараш сӯгворона истодааст, нишастан надорад. Ӯ дигар тавони ҳеч коре надорад. Ӯ ҳатто бо ду гулом, ки якумр захраи ба рӯяш нигоҳ карданро надоштанду алҳол гиребонгираш шудаанд, мадоро мекунад, аз ишон амон мехоҳад. Ҷони хешро аз ишон мехарад.

Амри Лайс: Барои сомон додани зиндагият ин асп бо ҳама абзораш кифоят мекунад.

Ва ангуштарини қиматбаҳоро, ки ғулом ба он низ тамаъ баста буд,аз ангушт бароварда ба ӯ медиҳад. Ғулом бо чолокии ғайричашмдошт худро болои асп мегирад ва бо тозиёне аз назарҳо нопадид мегардад. Амри Лайс ба дард лабҳанд мезанад. Ин асп лахзае пеш лаванду кундгом буд, алон ба мисли бод меравад. "Эй дареғ, рӯзгор аз ман рӯй гардондааст!"

Вале ҳанӯз гиребонаш ба дасти чокари дигар аст ва аз шиддати такон додан даридааст.

Амри Лайс: Гиребони маро раҳо кун, каффофи зиндагии туро низ хохам дод.

Ва ғулом гиребони ӯро нобоварона раҳо мекунад, аз барои мабодо ханҷарро аз ниём мекашад.Амри Лайс лабханд мезанад ва аз соки мӯзааш ҳамёнеро беруи мекашад.

-Ин ҷо понздаҳ марворид аст, ҳар калом ба қимати ҳафтод ҳазор дирам. Бигир ,факат маро раҳо кун.

Ғулом харисона ҳамёнро аз дасти хочаи хеш чангол мезанад ва бо суръат онро зери багал пинҳон мекунад. Ва боз тамаъ дар музаи ӯ мекунад. Худ онҳоро аз пои амир беруи мекашад ва худ мепӯшад. Ҳамин вакт буд, ки сарбозони амир Исмоил ба ишон расиданд ва онҳоро асир гирифтанд. Амри Лайс ба дард лабҳанд мезанад: "Ҳама бузургони ин сарзамин ба дасти ғуломони хеш хор шудаанд! Кушта шудаанд! Э дареғ, мо худ панд нагирифтем. Эй дареғ,ки мо боз гуломпарвар мондем..."

Ҳамӯя бо дидани амир Амри Лайс ханда мезанад.

Ҳамӯя: Хостй либосатро иваз куний, то кй будаватро напӯшӣ?

Амри Лайс: Ман чунин касде накардаам.

Ҳамӯя: Пас ин чист?

Ба пойи ғулом ишора мекунад. Ранг аз рӯйи ғулом мепа-

рад.

Амри Лайс: Аз рӯйи ҳирс онро аз пойи ман дароварад. Ва сарбоз тозиёне чанд бар сари ғулом мезанад ва ӯро мачбур месозад, ки худ онҳоро бар пойи амир бипӯшонад.

Ҳамӯя: Ҳарчанд амир имрӯз асир аст,боз бар ту хоча аст. Ҳеч ғуломе ҳаққи тасарруф бар моли хочаи хеш надорад. Магар ба шумо нагуфта буданд?..

Ва тозиёнае дигар бар сараш мезанад, ғулом аз ҷазбаи дард бо ду даст сарашро дошта, бар замин мешинад. Сарбоз бо ишорати сар савореро амр медиҳад, ки аспашро барои Амри Лайс холӣ кунад. Ва Амри Лайс дар иҳотаи сарбозони савора ба роҳ меуфтад. Ва сарбози пиёда ғуломро пешандоз карда, бо дигар асирон ҳамроҳ месозад.

Амир Исмоил дар издиҳоми мардум аз масчиди ҷомеи шаҳри Балх берун меомад. Бо мардуми шаҳр самимона, ҳамчун ёрони қадим сӯҳбат мекард.Ба ҳамин минвол ба майдони шаҳр расиданд. Аз тарафи муқобил Амри Лайсро бо гурӯҳе асирон меоварданд. Амри Лайс бо дидани амир Исмоил хост аз асп пиёда шавад, вале солори ғозиён чанд гоми тунд тарафи ӯ зад.

Амир Исмоил: Ба арвоҳи падарат,аз сари заҳмат гузар, ки басо хаста шудай. Ман имрӯз ба ту он кунам, ки мардумон аҷаб доранд, зеро ту шоистагии ҳама гуна эҳтиромро доро ҳастӣ. (*Ба чокаронаш*). Амири Хуросонро ба саропарда фуруд оваред ва асбоби фароғати ишонро фароҳам созед.

Чокарон Амри Лайсро ба сӯйи кушке мебаранд, ки худ амир Исмоил он ҷо фуруд омада буд. Солори ғозиён бародараш Абуюсуфро ,ки чун муҳофизе аз ӯ дур намешуд, гуфт:

- Мувозиби Амри Лайс бошед. Ӯ дӯстон ва душманон дорад. Мабод, ки ҳаводисе рух диҳад ва зомин мо бошем. Бигзор имрӯз истироҳат кунад, фардо сӯҳбат хоҳем дошт.

Ҳорун: Бо дигар асирон чун рафтор кунем?

Амир Исмоил: Аввалан боэҳтиром рафтор кунед, ишонро ғизо диҳед ва ризояташонро бипурсед: Ҳар киро мехоҳад бо мо бимонад, ӯро нигоҳ доред ва дар байни лашкар тақсим кунед ва он, ки дигар ҷангидан намехоҳад, ӯро раҳо кунед, ба зодбуми хеш баргардад...

Амир Исмоил бар асп нишаста бо ҳамрохии писараш Ахмад ,сипахсолор Ҳамӯя бинни Алӣ, Ахмади Дароз ва ду бародари дигараш Юсуф ва Абузакриё аз қалъа бадар шуда, ба лашкаргох ва майдони харб мераванд.

Амир Исмоил: Имшаб ба шаҳр посбонҳо нагузоред, вале худ бепарво нашавед. Мо бояд сарбозони хешро дар парҳезкорӣ ва риояти ҳаққи мардум биёзмоем.

Сабозон мурдахоро ба сӯйи кабристони шаҳр, ки дар як баландии сабзу пургул вокеъ шуда буд, мебурданд.

Амир Исмоил бо ҳамроҳонаш лашкарашро чарх зада, ба назди рӯди Балх меоянд ва аз аспҳо пиёда шуда, ба сохили рӯд мефароянд. Оби гилолуд бошӯру ғавғо чорӣ буд.

Ахмад: Амри Лайс мехост ин рудро бо кисахои зар бибандад,то лашкараш аз он безаҳмат убур намояд.

Ва лабханд мезанад.

Исҳоқ: Магар шахзода шак доштанд?

Ахмад: Ин рӯдро бад-ин бузургӣ магар мешавад аз кисахои зар пур карду пул сохт?

Амир Исмоил: Амри Лайс метавонист...

Офтоб паси қалъа фурӯ мерафт. Онҳо хомӯш монданд. Ва амир Исмоил дасту рӯяшро дар оби рӯд шуста,то чанд лаҳзае сӯйи шаҳр нигарист.

Амир Исмоил: Бухорои мо дигар аст... Ночор боят ба ин шаҳри гариб баргашт. Вале дилам мехохад дар Бухорои худамон бошам...

Ва ба шаҳр бармегарданд. Шаҳр пуртаралдуд буд.Онҳо аз байни издиҳоми мардум гузашта, ба кушке, ки дар он барои амир Исмоил чойгоҳ муқаррар карда буданду алхол Амри Лайс дар он асир, ворид шуданд.

Амир Исмоил: Абудовуд кучост? Ӯро хозир кунед.

Исҳоқ: Ба суроғи ӯ рафтаанд, ҳанӯз пайдо нест.

Амир Исмоил: Аз тарс кучое пинҳон шудааст ва ё бо сарҳангҳои Амри Лайс ба Систон гурехтааст. Талқиқ кунед, овоза кунед, ки мо аз гуноҳаш гузаштаем. Шояд пайдо шавад.

Ахмад бинни Муҳаммади Лайс пои супориши амир Исмоил баромада меравад.

Амир Исмоил: Ин нусрат худойи таолло маро дод ва ҳеч касро бар ин неъмат бар ман даст нест, ҷуз худойро азза ва ҷалла.(*Ба бузургону саромы лашкар ба амтиҳон меистанд. Ишон ин сухани амири худро ҳамчун амири мусал-*

лам пазируфтаанд). Тақдир чунин будааст, ки хонадони саффорӣ ба дасти мо суқут кунад, ҳарчанд мо чунин ният надоштем. Дигар ин қаламрави бузург ба тасарруфи мо даромадаст. Ва ба хости худованд Хуросон якпорча шуд, дигар вазифаи мост, ки онро яклухт,ободон нигаҳ дорем, то мардуми зулмдидаи он дар оромиву осоиш, дар рифоҳ ба сар баранд, кор кунанд, кишварро ободон гардонанд... Вале ин нусрат ҳанӯз поёни кор нест. Қисми зиёде аз ин кишвар ҳанӯз дар тасарруфи куффори Ҳинд аст. Сиистон ба ин наздикӣ ором нахоҳад шуд, зеро бозмондагони Саффорӣ барои ба даст овардани қудрати аз даст додаашон ором нахоҳанд нишаст. Онҳо ин қадар сарвате гирд овардаанд, ки метавонанд барои чанд муддати дигар муқовимат кунанд. Алавиёни Дайламу Гургон интизори фурсате ҳастанд, ки қудратро дар қаламрави шарқии халофат ба даст гиранд... То замоне, ки ин хатарҳо вуҷуд доранд, мо наметавонем кори оғоз кардаи худро поёнёфта пиндорем. Бо хости худованд мо дигар дар маърази ҳаводиси бузург қарор гирифтаем. То поёни ин роҳ рафтан дигар масъулияти мост. Худованд дар ин роҳ мову шуморо тавфиқи нусрат бахшад.

Ҳама дасти дуо ба рӯй мекашанд.

Ҳорун: Амирам дар масъалаи Амри Лайс чӣ тасмим гирифтаанд?

Амир Исмоил: Амри Лайс марде бузургҳиммату бузургато ва бо олату иддат ва раъю тадбир ва бедор дар корҳо ва фарохнону намак аст. Раъйи ман чунон аст,ки бикушам,то ӯро ҳеч газанде нарасаду аз ин банд халосӣ ёбад.

Абуҳотами Ясорӣ: Раъйи амир савобтар, ҳар чӣ маслиҳат бошад, фармоянд

Амир Исмоил: Мо ба Бухоро бармегардем. Алӣ бинни Аҳмад бо сипоҳаш ба Ғазна. Ғазнаро аз дасти Алимони ҳиндӣ ва муттафиқаш ҳарчи зудтар бояд озод кард.

Аҳмади Дароз: Ман гумон намекунам, ки дар муқобили Алимони ҳиндӣ ва сипоҳаш Алӣ бинниАҳмад кофӣ бошад. Бо Алӣ бинни Аҳмад каси дигаре низ ҳамроҳ бояд кард.

Амир Исмоил: Киро?

Аҳмади Дароз: Амирам ҳар касеро, ки шоиста донанд.

Амир Исмоил: Ин хиттаро ишон хубтар аз дигарон медонанд, пас хуб мешуд, худашон ин сафарро роҳбарӣ кунанд. Дар ин хусус мулоҳизоти дигаре вуҷуд дорад?

Ҳама: Амирам ҳар чи салоҳ донанд, айни савоб бошад!

Амир Исмоил : Ба ҷуз сипаҳсолор Муҳаммад бинни Ҳорун дигарон озоданд.

Муҳаммад бинни Ҳорун мемонад. Дигар бузургони лашкар ба амир Исмоил "шаб ба хайр" карданду рафтанд.

Амир Исмоил: Мурод аз он суол чӣ буд?

Ҳорун: Амирам ба пурсиши ман посух доданд. Ман фақат ҳамин чизро фаҳмидан мехостам.

Амир Исмоил: Рӯшантар ҳарф бизан, Ҳорун!

Ҳорун: Ҳеҷ асроре аз амирам пӯшида нест. Зинда доштани амирам худ масъалаест. Агар амирам тасмим гирифтаанд, ки Амри Лайсро газанде нарасонанд ва дар назди хеш нигоҳ доранд, амиралмӯъминин бимнок хоҳад шуд ва дар муқобили амирам фитнае хоҳад барангехт. Аз ин рӯ ӯ аз амирам Амрро талаб хоҳад кард. Бо ирсоли Амр амиралмӯъминин аз барои мабодо ӯро ҳамчун санге зери бағал хоҳад дошт. Мурод аз суол барои худ муайян кардани ин қазия буд, дигар ҳеч.

Амир Исмоил: Мо аз ҷониби амиралмӯъминин маъзул шудаем ва ҳеч муносибате бо ӯ надорем.

Ҳорун: Ӯ ночор аст, ки бо амирам сари ин қазия муомила кунад, зеро намехоҳад аз минтақаи шарқии қаламрави ислом маҳрум бимонад. Ӯ хуб медонад, ки бо аз даст рафтани минтақаҳои шарқӣ аз Ирок ҳам маҳрум хоҳад гашт. Агар сари ин масъала бо амирам ба муомилае нарасид, ҳатман бо душманонаш-алавиёни Табаристону Гургон созиш хохад кард.

Амир Исмоил: Ҳм..Шояд..

Амир Исмоил ба андеша фурӯ меравад.

Ҳорун: Аз ин рӯ Амри Лайс аз бузургтарин масъала аст миёни амирам ва халифаи Бағдод. Дигар ба раъйи амирам марбут аст.

Амир Исмоил: Агар ҳукм ба қатлаш дихем?

Ҳорун: Амирам дар посухи суоли ман ҳукми хешро эълом доштанд.

Амир Исмоил: Бо вуҷуди он...

Ҳорун: Халифа аз як муддаии сарсахти хеш халос хоҳад шуд.

Амир Исмоил: Пас бо Амри Лайс ҳар коре ки кунам натиҷаааш бар зарари мо хоҳад буд... Маслиҳат он аст, ки алҳол мо бояд истироҳат кунем, то фардо худованд чӣ

фармояд.

Ҳорун баромада меравад. Амир Исмоил то дергоҳ андешамандона пасу пеш қадам мезанад. Дигар хоб аз дидагонаш паридааст. Ҷойнамоз мегустарад ва ба ибодат машғул мешавад.

Субҳи рӯзи дигар амир Исмоил худ ба суроғи Амри Лайс ба ҳучраи ӯ рафт. Амр бо дидани амири сомонӣ ба суръат аз болои ҷойнамоз бархест ва ба истиқболи ӯ чанд гом зад. Амир Исмоил ӯро ба оғӯш гирифт ва аз ҷабинаш бӯсид. Дар ин як шаб Амр хеле пир шуда буд: чашмаш аз бехобӣ варамидаву хун гирифта , пӯсти рӯяш пажмурдаву беранг гардида. Амир Исмоил пардаҳо аз панҷара ба як сӯ кашид ва нури хуршед ҳучраро равшан намуд. Амр дар изтироб буд.

Амир Исмоил: Ҳеҷ дил машғул мадор. Нагузорам, ки ба ту газанде бирасад.

Амри Лайс: Ман бим аз халифа дорам. Ӯ маро талаб хоҳад кард.

Амир Исмоил: Дар он тадбирам, ки ҷони туро аз халифа бихоҳам. Дар ин роҳ агар ҳама хазона бадал шавад, раво дорам, ки туро ба ҷон газанде нарасад ва боқии умр ба саломат бигзаронӣ.

Амри Лайс мехоҳад худро дар пои амир Исмоил афганад, вале солори ғозиён ӯро намегузорад.

Амир Исмоил: Дар чунин вазъе дидани чун туе барои ман ногувор аст. Бо арвоҳи падарат, дигар чунин рафтор манамо. Ин хости худованд буд. Ман омадаам бидонам, ки бо ту чун рафтор менамоянд.

Амри Лайс: Агар об гӯям, гулобам медиҳанд. Худованд туро хор магардонод.

Амир Исмоил: Ман ҳанӯз ношито нашикастаам. Бо ҳам субҳона мехӯрем.

Амир Исмоил кафҳояшро ба ҳам мезанад ва бародараш Абуюсуф Яъқуб ворид мешавад ва ба ишон таъзим менамояд.

Амир Исмоил: Бифармоед, субҳонаи моро ин ҷо биёваранд.

Хизматгорон паиҳам бо лаълиҳои таом вориди ҳучраи ишон мешаванд. Амри Лайс ба гӯшаи остин ашкашро пок

мекунад, лабханд мезанад.

Амир Исмоил: Чӣ шуд?

Амри Лайс: Бародарам Яъқуб ба як тарпиёзу нони хушку моҳӣ қаноат дошт...

Амир Исмоил: Алайҳуррахма вал ғуфрон марде буд далеру паҳлавон, шуҷоъу парҳезкору ватанпараст.

Амри Лайс ба ҳайрат дар амир Исмоил менигарад. Ӯ дар ҳар сухан, дар ҳар амали амири Сомонӣ беш аз пеш ҳайратзадаву шефтатар мешавад.

Амир Исмоил: Ман хато гуфтам?

Амри Лайс: Ман бовар намекардам.

Амир Исмоил: Ба чӣ?

Амри Лайс: Ки ту ҳамчуноне, ки мегуфтанд!

Амир Исмоил: Инсонҳо бо амалҳошон шинохта мешаванд. Вале ман ин ҷо на ба он мақсад омадаам, ки аз якдигар тамҷид кунем. Ман донистан мехоҳам, ки чун асир шудӣ?

Амри Лайс: Магар чӣ тавр асир шудани ман имрӯз моҳиятеву маъние дорад?

Амир Исмоил: Даъвогарон ба асир гирифтани амири Хуросон зиёд шудаанд. Аз ин рӯ ман чигунагии қазияро донистан мехоҳам.

Амри Лайс: Даруни мурдоб ҳаметохтам. Асбам дар гил фурӯ монд. Аз асп фуруд омадам ва дар зери дарахте хуфтам. Чун чашм боз кардам, дидам ду гуломам бар сари ман ситода. Яке аз ишон тозиёна кашид ва бар биниам ниҳод. Ба ӯ гуфтам: "Дигар аз ин пирамард чӣ мехоҳӣ". Ишонро ба ҳаққи он неъматҳоям савганд додам, то маро ҳалок накунанд. Ишон худро ба пойи ман партофтанду бӯса доданд ва маро зинҳор доданд. Ва яке аз ишон маро бар асп нишонд. Мардумон гирди мо ҷамъ омаданд. Он яке дигар гуфт: "Бо худ чӣ дорӣ?" Гуфтам: "Бо ман чанд марворид аст, қимати ҳар яке ҳафтод ҳазор дирам". Мӯза аз пойи ман берун карданд. Лахте гавҳарҳои гаронбаҳо ёфтанд...

Амир Исмоил гавҳарҳо назди Амри Лайс мегузорад. Онҳоро бозпас тела медиҳад, вале амири Сомонӣ қабул намекунад ва қатъан болои ин қазия дасти хатм мениҳад. Бо ишорати сар ӯро ба идома додани суханаш медорад.

Амри Лайс: ... ва ангуштари хеш ба ӯ додам. Аз асп, ки хеч харакат намекард, поин омадам ва онро ба дигарӣ бах-

шидам. Асп зери пои ғулом ба мисли бод мерафт. Ва ҳамин лаҳзаҳо сипоҳи амир маро андар ёфт.

Ва амир Исмоил ангуштарӣ низ пеши ӯ мегузорад. Амри Лайс эътироз мекунад.

Амир Исмоил: Ҳамчун тӯҳфаи мо бипазир.

Амри Лайс: Акнун ин ҷарқу барқ маро чӣ кор ояд?!

Амир Исмоил ба эътирози ӯ эътибор надода, аз ҷояш мехезад ва аз ҳуҷра бадар меравад. Амри Лайс ҳангу манг мемонанд. Бародарон дар даҳлез ба ҳам дучор меоянд.

Амир Исмоил: Имрӯз ба шаҳрамон бармегардем. Шумо бо роҳи дигар ба Самарқанд ҳаракат мекунед ва ӯро дар кушки худамон фуруд меоваред. Зинҳор касе аз ин қазия огоҳӣ наёбад. Ҳамеша ба шабҳангом ҳаракат кунед. Бо худ одамони мутмаинатонро бигиред. Фақат ва фақат шабҳангомҳо ба роҳ бароед. Дастури минбаъдаро дар Самарқанд аз мо дарёфт хоҳед намуд. Дар паноҳи худо бошед.

Абуюсуф Яъқубро ба оғӯш мегирад ва аз ҷабинаш мебӯсад. Юсуф бародарро то беруни кушк гусел мекунад. Амир Исмоил бар чармаи хеш нишаста, ба қаср бармегардад.

Лашкари амир Исмоил дар майдони шаҳр саф кашида буданд ва омодагии сафари Ҳироту Ғазнаро медиданд. Бузургони сипоҳ бо саркардагони амири Сомонӣ аз кушк бадар меомаданд. Ғуломон бо намудор шудани онҳо аспҳояшонро аз истаблҳо кушода, то ба назди зинаҳо оварданд. Амир Исмоил аз ҷайбаш номаеро бароварда, ба писараш Аҳмад месупорад ва шифоҳӣ таъкид мекунад.

Амир Исмоил: Ин нома ба амуят Абуюсуф Яъқуб бирасон ва бигӯй, ки нақшаҳо дигар шуданд. То аз Ғазна баргаштани мо ин ҷо бошанд, вале лаҳзае ғафлат накунанд.

Аҳмад бинни Исмоил бар аспи сурхфоми хеш нишаста, бо суръат аз майдон хориҷ мешавад. Шоҳ Исмоили Сомонӣ бар аспи хеш менишинад ва баъд саронии лашкар аз ӯ пайравӣ менамояд. Ба майдони шаҳр меоянд ва аз назди лашкар мегузаранд. Сипоҳиён бо як рӯҳбаландии бузург аз шоҳи худ истиқбол мекунанд.

Амир Исмоил: Ман умедворам, сипоҳиёни далеру боимони мо хаста нашудаанд...

Аз саросари лашкар садои ҳамраъйӣ бо шоҳи хеш танин

меандозад.

Амир Исмоил: Мо наметавонем кори худро нотамом бигзорем ва бозгардем. Масъулияти оромиши ин хитта аз кишвар дигар бар гардани мост... Мо фақат Амри Лайсро асир гирифтаем ва намедонем саронн лашкари фирории ӯ бар сари чӣ хаёле доранд. Мо ҳанӯз толиби сулҳем. Мо мехоҳем ишон бо оромӣ ба хонаҳои хеш баргарданд. Агар бо мо ҳамроҳ шаванд ва дар кори якпорча сохтани кишвар бо мо ҳамдастӣ намоянд аз гуноҳи ишон мегузарем, вале дигар намегузорем касе алами исён боло кунад. Ман аз шумоён мепурсам: оё барои таҳкими ин ормон бо амири хеш ҳамқавл ҳастед? Оё тайёред ӯро ҳамроҳӣ кунед?

Боз сипоҳ бо садои шаафбор суханони шоҳи хешро истиқбол менамоянд.

Амир Исмоил: Худованд тавфиқро рафиқ гардонод.

Амир Исмоил аспашро гардонда босуръат аз қалъа бадар меравад. Саронн сипоҳ чанд фосила аз дунболаш асп метозонанд. Сипоҳ ба роҳ мебарояд: дар сафи пеш саворанизом пасон пиёданизом. Мардуми шаҳр ишонро то дами дарвозаҳои шаҳр гусел мекунанд. Занону духтарон ва наврасон аз болои бораҳо ба сӯйи сипоҳи дар ғубори роҳ нопадидшаванда даст меафшонанд.

ҲИРОТ

Кушки амир

Посбонони амир Исмоил як гурӯҳ мардони мӯҳташамро, ки қасди вуруди кушкро доштанд, бозмедоранд.

Рӯзбон: Истед. Шумо кистед?

Онҳо аспҳои хешро қарор медиҳанд ва пиёда мешаванд. Марде солхӯрда аз миёни ишон ҷудо шуда ба назди рӯзбони кушк меояд.

Марди солхӯрда: Мо аз бузургони ин шаҳр ҳастем ва мехоҳем ба хизмати шоҳ Исмоил бирасем.

Рӯзбон: Амирам тоза аз роҳ расидаанд ва хастаанд.

Марди солхӯрда: Ҷонам ба фидоят, мушкиле дорем ба назди шоҳ, таъхирнопазир.

Рӯзбон: Ҳамин ҷо бошед.

Рӯзбон сарбозеро, ки дар он атроф буд, ба наздаш даъ-

ват менамояд ва ӯро андаруни кушк мефиристад.

Ҳочиб ба назди амир Исмоил меравад. Амир Исмоил бо бузургони сипоҳи хеш нишастааст ва перомуни масъалаҳои ҷории худ сӯҳбат доранд. Бо ворид шудани ҳочиб онҳо хомӯш мешаванд ва ҷониби ӯ менигаранд. Ҳочиб таъзим менамояд.

Ҳочиб: Амирам бузургони шаҳр ба зиёрат омадаанд..

Амир Исмоил: Бигӯ, дигар замон биёянд.

Ҳочиб: Исрор меварзанд, ки мушкиле доранд ба назди шоҳам, ки таъхир намепазирад.

Амир Исмоил: Бигзор дароянд.

Пас аз лаҳзае бузургони шаҳри Ҳирот назди амир Исмоил ҳузур меёбанд. Бо дидани ишон амири сомонӣ аз ҷой бархоста, чанд гоме пешвозашон меравад. Бузургони шаҳр дар баробари ин фотеҳи одил замин мебӯсанд. Ӯ мехоҳад монеъи чунин амали ишон шавад, вале дер шуда буд ва ноилоҷ пирамардеро аз хоки зиллат бармедорад.

Амир Исмоил: Хуб нест... Бифармоед...

Пирамард каф ба китфони амир кашида, бар дидагонаш мемолад. Ва нафас рост мекунад.

Пирмард: Сояи адли шоҳам бар раоё ҷовидона бод!

Амир Исмоил: Бифармоед...

Ва пирамардро боло мешинонад ва ёронаш поинтар дар бари бузургони сипоҳ ҷой мегиранд.

Пирамард: Сад ҳазор ҷони раоёи ин шаҳр фидои ҷони шоҳи ҷаҳон бод! Мо аз баҳри амон омадаем.

Амир Исмоил бо тааҷҷуб ба саронн лашкараш менигарад. Ишон низ дар тааҷҷуб мемонанд.

Амир Исмоил: Магар аз мо ба ишон зулме расидааст?

Мо ҳанӯз аз мардуми шаҳр чизе талаб накардаем, ҳарчанд метавонем...

Пирамард: Умри шоҳам ҷовидон бод, мардум аз вуруди лашкари фотеҳи шоҳам сари мӯ зиёне надидаанд, вале...

Амир Исмоил: “Вале” чӣ?

Пирмард: ...вале мардум бим доранд ва аз ғорату чаповали доимӣ ба сутӯҳ омадаанд, аз ин рӯ аз шоҳам амон мехоҳанд.

Абӯисҳоқ: Бо вуҷуди он, ки ба сипоҳиёни мо кӯмаке намекунанд ва ҳатто назари душманона доранд?...

Амир Исмоил: Оре, дуруст аст.

Пирамард: Моргазида аз ресмони ало метарсад. Мардум аз тохтутозу ғорат ва футуҳоти мутааддиди бегонагон нотавон шудаанд, ҳар чи доштанд, ба ғорат доданд ва имрӯз аз ҷону номуси хеш метарсанд.

Амир Исмоил: Магар сипоҳиёни мо дари хонаеро задаанд ва ё дастдарозӣ ба меваи боғе кардаанд?

Пирамард: На.

Амир Исмоил: Пас ба мардуми шаҳр итминон дихед, ки сипоҳи амир Исмоили Сомонӣ ин ҷо паи ғорату куштор наёмадааст, балки мехоҳад ба ин хаттаи ҷафокашидаи кишвар ва мардуми зулмдидаи он сулҳу оромиш бахшад, то ишон минбаъд тавонанд бе тарсу ҳарос кору зиндагӣ кунанд, кишвари ҳосилхезро ободону хуррам гардонанд. Ҳеҷ кас аз сипоҳиёни мо чашм ба молу мулки ишон, ба аёли ишон нахоҳад баст. Ба мардум бирасонед: Амир Исмоили Сомонӣ аз ин баъд ба замони амони шумо хоҳад буд. Ман ин замонатро дар хузури ин ҷанобон медиҳам... Боз чӣ мушкиле доред? Бифармоед... Шояд дигар фурсате барои расиданӣ ба масоили мардуми ин шаҳр наёбем. Ҳарчанд худам хоҳишмандам, ки ба ҳар фарди ин диёр сӯҳбат кунам. Зеро медонам, онҳо имкони бо ман аз гирифторихояшон сӯҳбат карданро намеёбанд, балки ба ишон чунин имконеро намедиҳанд.

Пирамард: Ҷуз икболи шоҳам дигар таманное надорем.

Амир Исмоил: Афсӯс, ки дар чунин шароит тангдастӣ мекашам. Вагарна ба мардуми шаҳр кӯмак мерасондем. Вале умедворам ишон худ мушкилоташонро рафъ хоҳанд намуд.

Пирамард: Давлати шоҳам поянда бод ва сояи адлашонро хеч гоҳ аз сари мо дур магардонод! Мо дигар музоҳими адолатпаноҳ намешавем.

Ва пирамард замини иззи шоҳро мебӯсад ва ҳамроҳонаш аз ӯ пайравӣ мекунанд.Амир Исмоил аз дунболи ишон то ба назди дари хуручӣ меояд. Пирамард бори охир таъзим карда меравад. Шоҳ ба ҷойгоҳи хеш бармегардад.

Амири Исмоил: Зинҳор, зинҳор ба моли мардум дастдарозӣ накунед! Ба ҳар амале, ки шумо бар мардум раво медоред, фардо дар рӯзи Ҳисоб ман ҷавоб хоҳам гуфт.

Ҳамӯя: Вале ман гумон мекунам, ки амонноман амирам нобаҳангом буд, зеро...

Амир Исмоил (ба хашм омада): Алҳол ман чӣ карданам-

ро медонам.

Ҳамӯя: Мо шакке дар соҳибтадбирии амирам надорем, вале вазъи лашкар тақозо мекунад.

Амир Исмоил: Боз маро муттаҳам ба надонистани вазъи сипоҳ мепиндоред. Ман вазъи сипоҳи хешро медонам ва онро мешиносам. Агар дар ин миён ғарази дигаре вуҷуд дорад, ки мо намедонем,бифармоед, хоҳиш мекунам.

Ҳамӯя: Амирам хуб медонанд, ки дар миён ҳеч гуна ғаразе вуҷуд надорад. Сухани ман иттако бар он буд, ки сипоҳ ба умеди дарёфти ғанимат буд, вале ҳеҷгуна бархурде чашмгир рух надод. Ва имрӯз сипоҳ дар асорати роҳ ба тангӣ афтодаанд.

Амир Исмоил: Пас мехоҳед,ки бифармоям лашкар бо ғорату таҷовуз даст зананд?!

Ҳамӯя: Худо нигоҳ дорад!

Амир Исмоил: Пас чӣ?

Ҳамӯя: Мардуми Ҳирот ба сипоҳиёни мо ҳеч кӯмаке намекунанд.

Исҳоқ: Амирам бояд аз ҳар сари аҳолии шаҳр як мисқол зар талаб намоянд. Он гоҳ вазъи сипоҳ беҳбуд хоҳад ёфт.

Амир Исмоил: Магар шумо худ шоҳид набудед, ки бузургони шаҳр аз нотавонии мардум амон хостанд. Ва боз аз ин мардум зар металабед?! Ман наметавонам нақзи амонномаи худ амал кунам. Ман масъулият дорам, фардо ман ҷавоб хоҳам гуфт. Не, намешавад!

Ва бо аҷала аз толор бадар меравад,то худро аз ин суханон дур дорад.

Амир Исмоил бо чанд сарбоз аз кӯчаҳои шаҳр ба қасди хориҷ шудан аз он мегузашт, ки гузараш ба кӯчабоғҳои Ҳирот афтод. Дарахти пурсебе дид, ки шохаҳояш аз пурборӣ аз девор сар ба роҳ андохта буданд. Сарбозеро фаро хонду гуфт:

-Ин ҷо мутаваҷҷеҳ бош ва мушоҳида бинмо, ки оё касе аз сарбозони мо осеб бад-ин дарахт мерасонад ё не?

Ва худ аз шаҳр берун шуд. Киштзорҳои сабзу хуррам то ба уфуқ доман мекашиданд. Аз насими форам гандумзорҳо чун дарё ба ҳангоми шафақсӯз мавҷ мезаданд. Кӯдакон дар домани ин киштзорҳо зи дунболи чаковакҳо медавиданду ва нури хуршед дар пораойинаҳояшон мешикаст. Ва амир Исмоил ба ёд овард, ки дар замоне дур, дар

чунин ҳоле падараш гуфта буд: “Барои боздоштани ин парандаҳои хуршедӣ пойи чолок бояд дошт”. Ӯ дар гумонаш то ҳанӯз зи дунболи онҳо медавад. “Амри Лайс бо талаби муътамаде аз ӯ чӣ мехоҳад? Чаро пайғамбар дар хобаш ӯро ҳамроҳи худ ба сӯйи уфуқҳои рӯшан мебурд ва Абуюсуф Яъқуб аз наздаш биронд? Абуюсуф бар сар чи хаёле дорад? Чаро бо Амри Лайс наздик шудааст ва ба ҷои об ба ӯ гулоб медиҳад? Чаро дигар бародаронаш ба ӯ монанд нестанд? Чаро кирдори ман ишонро аз ман мегурезонад, ранҷур месозад? Ва ё бардошти ишон аз ҳукумат кардан бар маҷоли чизи дигар аст? Ин чиз чист? Чаро имрӯз бародарам Исҳоқ гуфт, ки “Ту амири Хуросон ҳастӣ, марде аз раоёи ту бар ту ворид мешавад ту бармехезӣ, ӯро то ба назди дар гусел мекунӣ. Магар намедонӣ, ки ба ин рафторат сиёсатро аз байн мебарӣ?! “Магар дар пиндори ишон сиёсат ва ҳукумат кардан дурӣ ҷустан аз мардум аст?! Наход бад-ин зудӣ суннати ниёи хеш -доду додгариву додгустариро аз ёд бурда бошед. Наход фаромӯш кардаанд, ки ҳукумат кардан масъулиятест дучаҳонӣ. Магар дар растохез онҳо ба ёварии ман нахоҳанд шитофт?! Ва ба ҷои ман ҷавоб хоҳанд гуфт?!

ин мавъуд фаромӯш мешавад ва масъулияти амалҳо бар гардани дигарон бор мегардад? Магар фатвои Исмоил аз ҳамин асл барнаёмада буд?..”

Сарбоз: Шоҳам, бузургони сипоҳ меоянд.

Амир Исмоил бефарқ ба сӯйи ояндагон менигарад.

Амир Исмоил: Ман аз зулми ишон мегурезам, ба сутӯҳ омадам! Ин чо ҳам як лаҳза ба ҳоли хеш намегузорандам... Доду сад дод...

Омадани бузургони сипоҳро интизор нашуда,бар асп нишаста сӯйи шаҳр равон мешавад. Ҳине, ки ба ишон рӯ ба рӯ шуд,гуфт:

-Ман медонам, ки шумо чӣ мехоҳед. Вале ман нақзи амоннома нахоҳам кард.

Бузургони сипоҳ зи дунболи шоҳ аспҳои хешро баргардонданд. Абуяъқуб Исҳоқ аспашро тозиёна зада ба амир Исмоил баробар мешавад.

Исҳоқ: Шоҳам, шаҳреро ки маълум нест дар тасарруфи мо бимонад ё на, набояд раҳо карду рафт.

Амир Исмоил: Дуруст аст, вақте мо бо мардуми он чунин зулмро раво бинем, на ин ки Ҳирот, балки тамоми кишвар имкони аз даст рафтан дорад. Бародари ман, таваккул ба худо кунед. Ӯ донандаи аҳволи ҳама аст...

Амир Исмоил аспашро метозонад ва аз ҳамсафонаш босуръат дур мешавад.

Абуғоним Ҳамид аз Балх, аз назди Амри Лайс баргашта буд. Ва бесаборона омадани бародараш ва бузургони сипоҳро интизор мекашид. Аз тӯҳфаи овардааш барои бародараш аз шодӣ дар кушк намеғунчид. Ва ниҳоят сабраш ҳам сар омад, вале аз амир дарак набуд. Бар асп нишаста ба сароғи бародараш баромад. Ва онҳо дармадгоҳи шаҳр, дар назди дарвозаи Тӯс ба ҳам рӯ ба рӯ шуданд.

Ҳомид: Муждагонӣ, шоҳам! Аз ҳама меҳнат бирастем!

Амир Исмоил бо тааҷҷуб ба ӯ менигарад, вале ҳарфе намезанад ва ҳатто аспашро боз намедорад. Ва дар дил ба соддалавҳии бародараш ҳасад мебарад: “Чӣ осон хешро-ву дигаронро аз мушкилот наҷот медиҳанд! Ин меҳнат, ки ӯ мегӯяд ҷуз ишкам чист? “ Бегаму босафо ба сӯйи Абуғоним-ин бародари аз ҳама хурдияш лабханд мезанад. Ва

хине, ки дар назди кушк аз асп пиёда мешавад ва бародарашро ба оғӯш мекашад,бо як эҳсоси пур аз дард мегӯяд:

-Басо хаста шудаам, эътироз накун, бародар, ман мефаҳмам, ки ту чӣ гуфтан мехоҳӣ: "Ту ҳаққи хаста шудан надорӣ!" Ман худам ҳам медонам, вале чӣ илоҷ?

Ва аз зери каши Абуғоним дошта вориди кушк мешавад. Ӯ ин лаҳзаҳо тамоми дунёро бо як ҷуръа майи талх иваз кардан мехост. Вале ҳайҳот, он чунон, ки дунёро иваз кардан намешавад, ба ҳамон андоза баровардани хостаҳояш барояш мушкил аст.

-Зиндагӣ барои як Инсон, инсони вораста бисёр мушкил аст.

Ҳомид: Магар худи ишон боиси ин мушкилӣ нестанд?

Амир Исмоил: Дар акси ҳол Офариниш бемаъно мебуд.

Ҳомид: Пас шиква кардан хам бемаънову бехуда аст.

Амир Исмоил: Дуруст мегӯӣ, бародари ман. Шиква назди бедардон низ мушкил аст.

Механдад ва бар китфи Абуғоним тап-тап мезанад, ки ин ҳарфҳо шӯхӣ буд.

Амир Исмоил (ба Ҳоҷиб): Мо соате хилват менишинем.

Ӯ дигар ҳузури ҳоҷиби сароро фаромӯш мекунад ва бо бародараш хилват мегузинад.

Амир Исмоил: Хуш, Амри Лайс бо мӯътамади мо чи пайғоме фиристодааст, ки ишон аз шодӣ ба бесабрӣ расидаанд?

Абуғоним Ҳомид: Хасоили шоҳам бар вай таъсири инфиолии жарфе бар ҷой гузоштааст ва нафасе бе санои ишон намекашад. Ӯ аз рафтори худ пушаймон шудааст ва дар қиболи шоҳам худро шарманда эҳсос менамояд. (*Ва аз ҷойбаш бозубандеро берун гирифта ба амир Исмоил дароз мекунад*). Ӯ ин бозубандро ба ман доду гуфт: Амир Исмоилро аз чониби мо хидмат расон ва бигӯй, ки : "мешунавам , ки лашкарат бенавост. Ин нусхаи ганҷҳои ман асту барорам. Ҳамон бехтар, ки ин мол ба бандагони ту оид гардад, то ишонро сӯҳбате бошад".

Амир Исмоил аз хашм ба нохости Абуғоним ба сурьат бармехезад ва бар ӯ бонг мезанад:

-Тӯтиъагарони худобехабар! Гумонҳо дуруст баромад. Бозгард ва ин нусха ба ӯ боз дех ва бигӯ: Исмоил мегӯяд "аз гояти дониш мехоҳӣ ки бар аҳли хирад фузуний ҷӯйӣ?! Туро ва бародаратро ин ҳама ганҷу дафина аз кучо ҳосил

шуда?! Ҳама ҷаҳонро маълум аст, ки шумо рӯйгарбачагонед! Ду-се рӯзе худованд саодате, ки ба ҳақиқат айни шаковат бувад, мусоидати шумо карду дар ҷаҳон истилло ёфтед ва ба зӯри зулму ҷавр амволи мардуми бечора ҳосил кардед. Мазлумае, ки аз ин амвол дар гардани шумост,мехоҳӣ, ки ба санъат дар гардани ман афганӣ? Ман аз онҳо нестам, ки ин бозӣ бихарам... Ва ҷавоби ҳама фардо пеши худи таоло шуморо мебояд дод ва ба ҷуз ӯ подош чашидан. Ту зиракӣ, мехоҳӣ, ки ин бор бар гардани ман кунӣ, то чун фардо дар рӯзи Ҳисоб мазлумон гиребонгири шумо бигарданд ки моли мо ба ноҳақ аз мо ситондаед, боз дихед, бигӯед: "Ҳар чӣ ситондем, ба Исмоил додем. Аз ӯ талаб кунед, ки ман тоқати ҷавоби онон надорам" Ва ба Абуюсуф Яъқуб бирасон, ки ин хаёли хом аз сар бадар кунад ва ба Амри Лайс қурбат начӯяд, ки ин бозӣ басо хатарнок аст... (*Бозубндро назди Абугоним мепартояд*). Чаро карахт нишастай? Бархезу бирав!

Абугоним Ҳомид (*ҳанӯз ки ҳайраташ фурӯ нанишастааст*): Ман ҳеч намефаҳмам....Охир, ин... Не,чизе намефаҳмам...

Амир Исмоил: Ту ҳанӯз тифл боқӣ мондай.Ба саодати ту ҳасад мебарам.

Абугоним Ҳомид: Рост мегӯям. Ман ҳеч намефаҳмам. Охир ӯ ....

Амир Исмоил: Бародарат Абуюсуф бо Амр мехоҳанд ба ин васила моро ба худ мутамоил гардонанд, то мо бо Амри Лайс иттиҳод бандем.

Абӯгоним Ҳомид: Магар ин кори бад аст?

Амир Исмоил: Шояд даҳ сол пештар мехостам,вале он замон шароит ба ин сурат набуд. Ва имрӯз шароит мусоид аст,вале ман дигар намехоҳам.

Абугоним Ҳомид: Охир, як замоне амирам ҳамчунон орзуе доштанд, ки ба кишвар ҷалолати аздастрафтаашро баргардонанд.

Амир Исмоил: Хаста шудаам. Ин иттиҳод оғози нооромиҳои тоза ба тоза хоҳад буд. Ман дигар намехоҳам. Ман хаста шудаам. Мардум хаста шудааст.

Абугоним Ҳомид: Рой ройи амирам аст. Ман фақат намехоҳам боре бародарамро мутаассиф бинам.

Амир Исмоил: Ин дунё барои осоиши ҳама кифоят мекунад ва аз сари ҳама ҳам мемонад. Акнун бирав.Ба Абу-

юсуф бирасон , ки интизори мо нашаванд, ба роҳ баро-янд.

Абӯғоним Ҳомид: Ман барои ин густохиям узр мехоҳам...

Амир Исмоил: Боз чӣ шуд?

Абуғоним Ҳомид: Ҳар хукме, ки сари хашм бароварда мешавад, боиси пушаймонӣ мегардад. Ман мехоҳам ами-рам дар ин амр шитоб накунанд. Ас-сабру мифтоҳ-ал-фа-рах!

Амир Исмоил: Аз ту гумон надоштам. Афсӯс,одам ши-нохтанӣ набудааст! Чанд лахза пеш ба ту хасад мебур-дам...

Абуғоним Ҳомид: Амирам беҳуда гумони бад мебаранд, ман ҳатто дар андешаам ҷуръати чунин ниятеро накардам.

Амир Исмоил: Агар ман дар қиболи ишон ғалат рафтам, узр мехоҳам. Аз хастагист. Акнун бирав...

Амир Исмоил баъди рафтани Абуғоним Ҳомид танҳо мемонад.

Сарбозоне савор бо садои ҳаюҳӯ аз дунболи кулоғе медаванд.

Ва кулоге гирифта ба минкор ҳамоиле мурассаъ, дар пах-нои беғубори осмони нимарӯз бо ҳарос парвоз мекунад.

Ва зане бо лобаву зорӣ аз сарҳангҳои амир Исмоил ма-дад металабад: "Ҳамоилам мурассаъ ба чанд дона ёкут буд..."

Мардуми ҳангомачӯ аз хонаҳо ба кӯчаҳо рехта буданд.

Ва занону духтарон бо нигоххои пур аз суол бар бомҳо шуда....

-Чӣ вокеа? Чӣ ҳодиса?..

-Кулоге хамоили занеро рабуда..

-Чӣ бехуда!

Амир Исмоил: Ин чо касе мондааст? (Хочиби сарой ба шитоб меояд.) Чаро ба кушк андар садое дар намеояд?

Хочиб: Ҳама шаҳр ба дунболи кулоге мегарданд.

Амир Исмоил: Чӣ хел кулог?!

Хочиб: Намедонам.

Амир Исмоил: Пас бираву бифахм!

Ҳочиби сарой меравад.

"Ҳама шаҳр ба дунболи кулоғе мегарданд". Амир Исмоил андешамандона ба назди панҷара меравад. Мардуми ҳангомачӯ ба хонаҳои хеш бармегаштанд. Ва кулоғе танҳо ба осмони шаҳр парвоз мекард ва гоҳ аз гоҳ малололуда шеван мезад. Ҳочиб ҳар роҳгузареро, ки аз баробараш мебаромад, боздошта,суол мекард. Ва раҳгузарон дар посухи ин ҳочиби ғафлатзада китф дарҳам кашида дунболаш роҳих еш мегирифтанд.Занону духтарон нигоҳашонро аз дурҳои дур канда, аз бомҳо поин меомаданд. Лахзае баъд даруни хилвати кӯчаҳо шаҳр Абуяъқуб Исҳоқ, фарзанди амир Исмоил Аҳмад, Ҳамӯя бинни Алӣ, Муҳаммади Ҳорун,Порси Байкандӣ пайдо мешаванд ва ба сӯйи кушк меоянд. Сарбозони зиёде сандуқҳои бисёрро меоварданд. Амир Исмоил ба хашм меандешид: "Кишварро кулоғе ба ғорат бурдаасту инону чун кудаконе бесару по паи чӣ чизе мегарданд!"

Бузургони сипоҳ бо рӯҳи болида вориди ҳучраи амир Исмоил мешаванд. Ва амир Исмоил ба ишон ҳамла меоварад.

Амир Исмоил: Алимони Ҳиндӣ бо бародараш дар Газнаву Кобулистон ба ғорату куштори мардум даст зада ин ҷо бузургони сипоҳи мо чун кӯдакони бесару по зи дунболи кулоғе мегарданд!

Исҳоқ: Амирам...

Амир Исмоил: Чанд ғатрифие аз моли мардум оидатон нашуд, ранҷидед?! Шумо фаромӯш кардаед, ки сардори сипоҳи мардумӣ ҳастед! Ин хиёнат аст. Ин исён аст!

Ҳамӯя: Шоҳам...

Амир Исмоил: Бас! Ман ба касе иҷоза нахоҳам дод, ки ба молу ҷони мардум дастдарозӣ кунад! Умед набандед, ҳеҷ гоҳ нахоҳад шуд! Худоё,ин чӣ ҳол аст, ки сипоҳиёни мо ба мисли шабушкхорҳои шимол рафтор мекунанд? Бародарони худро ғорат кардан мехоҳанд? Ё Абоиброҳим! Талошҳои ту беҳуда аст! Ту об бар ҳован мекӯфтай!.... Шумо худ маро ба чунин сӯҳбати номатлуб кашонидед. Ба ҷони Аҳмад савганд ман намехостам дар касе миннат гузорам. Акнун ки сухан ба ин ҷо кашида шуд, аз ҳақ ичтиноб напазиред, бигӯед ки ман оё заррае аз ҳаққи шумоёнро костаам?! Ва ёкути ман на аз ҳамон деги сарбозист?! Ин ҳучраи ман ба ҷуз курсии чӯбин чӣ зиёдатӣ аз ҳучраҳои

шумоён дорад? Чаро ман баробар бо як сарбоз қаноат мекунам, вале шумо намехохед? Ба худованде, ки замину осмонҳо офарид, савганд, ки нагузорам сари мӯе аз Адли Султон халал ёбад. Ман аз шумо мепурсам: Адли Султон чист?.. Ҷаҳл шуморо ба чое кашонидаст, ки аз омӯзиш ҳам мондаед. Ман арафа нафсаҳу фақад арафа раббаҳу . Сифоти нафси мӯъмин чанд аст? Дах: аввал зуҳд, дуввум тақво, сеюм ранч ,чаҳорум инсоф, панҷум ихлос, шашум закот, ҳафтум ҳач, ҳаштум рӯза, нӯҳум намоз, дахум чиход! Ин сифати нафси ломеа аст. Муҳаммад бинни Ҳоруни Сарахсӣ сифати нафси аммораро баён кун.

Ҳамагон ба Ҳорун менигаранд. Вале ӯ ба гумоне, ки амир Исмоил ба гуноҳи ӯ ишорате дорад, хомӯш мемонад ва ҳозирон аз ин сукути ӯ ҳамчунон аз як пайомади ногуворе, ки гӯё вай муртакиби он шуда бошад, шак мекунанд. Вале амир Исмоил ҳеч касде ба ишора кардани гуноҳони ӯро надошт ва фақат мехост, ки ба ёди ишон биёварад: Инсон шудан чист? Ӯ ба чавонтарин асҳоби худ -Ахмад мурочиат мекунад.

-Инсон бар куфри хеш чун чира мешавад?

Ахмад: Бо он дах сифоте, ки шоҳам ёдовар шуданд.

Амир Исмоил: Оё куфр сифот дорад?

Ахмад: Оре.

Амир Исмоил: Баён кун.

Ахмад: Аввал ҷаҳл, дуввум хашм, саввум бугз, чаҳорум қаҳр, панҷум кибр, шашум кина, ҳафтум ҳасад, ҳаштум бухл, нӯҳум нифоқ ва дахум гайбат.

Амир Исмоил: Пас чун аз шумо сифоти инсони вораста-ро, озодаро тақозо кунам, ки ба дах дарача хосил шавад?

Ин нафси мулҳама аст: аввал илм, дуюм хикмат, сеюм имон, чаҳорум дониш, панҷум меҳр, шашум вафо, ҳафтум раксу самоъ, ҳаштум вачд, нӯҳум ҳалолат ва дахум қабули сухан... Ва он гах расидан ба шиноҳти нафси мутмаина аст, ки он низ дах сифат дорад: аввал илми ҳаё, дуюм сабри тамом, сеюм тасолим,чаҳорум ризо,панҷум адл, шашум эҳсон, ҳафтум шафқат,ҳаштум авф, нӯҳум фано, дахум каноат. Ин расидан ба ман арафа нафсаҳуст. Ин шиноҳтани нафси худ аст... шумо фаромӯш кардаед? Вакте ишон расолати хешро дар ин будан аз ёд мебарад қонуни дод ба майдон меояд. Ин қонун ба мисли мӯ борик ва монанди тег бурро мебошад. Ман шуморо бо тамоми чиддият

“ҳушёр бош!” медиҳам, ки зинҳор тарзе зиндагиву амал намоед ки ба ин майдон кашонида нашавед! Масъулияти инсон шудан бояд дигар ғаризаи башар бошад, ба мисли он ки хӯрдану хуфтан будан ва ғаризаи як ҷонвар аст! Дар акси ҳол тарҳрезии мадинаҳои мунаввара кори абас ва худфиребист. Тавбаи Одам дигаронро тасалло додану худро фирефтан аст! Мефаҳмед, ки бо ночо гузоштани як хишт тамоми созмони тамоюлоти инсон бар бод меравад, ҳеч мешавад! Ва ҳар бор лозим меояд, ки онро аз нав бино кунанд. Барои ин, ки ин тахриб ба вуҷуд намояд, қонуни ахлоқ ба майдон омадааст ва шариати худро дуруст кардааст. Пас, ҳар лаҳзаву ҳар нафас мо муаззафем, ки худро бисозем, ислоҳ кунем.. То замоне, ки инсон ислоҳгар нашавад, бедодиву зулм, харобкориву бадахлоқӣ бар чой хоҳад монд.

Қуззоту фақеҳон хомӯш буданд. Сарони лашкар ҳама хомӯш буданд. Касе ҷуръати ҷуғидан надошт. Ҳар касе метарсид, ки мабодо бо сухан гуфтан, бо дар баҳс ҳамроҳ шудан, оғози баҳси дигаре гардад ва ё тамоми хашми амир бар сари ӯ рехта шавад. Ва оё аз он чи амир Исмоил мегуфт, чизе мефаҳмиданд? Гуё худ амир ҳам аз ин қазия пай бурда бошад, чанд гоҳе ором гирифт ва бар курсияш нишаст. Ҳанӯз мулозимони дарбораш ба по меистоданд. Амир дар ҳақиқат хеле хаста менамуд ва бо овози ғашадору гирифта гуфт:

-Бифармоед. - Ва бо худ андешид: “Эй кош дар баробари қонун низ ҳамчунон мутеъ мебудед. Вале ҳайҳот! Фақат мутеъ дар баробари нафси худанд ва маро ба сӯйи куфр тела медиҳанд, то икрор кунам, ки :Қонун манам! Худоё,худовандо маро аз ин тамаллуқи тамаллуққорон бираҳон!” -Хуш, қазия чӣ будааст?

Касе ҷуръати сухан кардан надорад. Охир, ҳама кору бори онҳо, тамоми он чӣ, ки қасди ба шоҳ гуфтани онро доштанд, дар баробари гуфтаҳои ӯ беарзиш аст. Хилофи он гуфтаҳост. Ҳар чи бодобод, Абӯяъқуб Исҳоқ аз ҷой бармехезад.

Исҳоқ: Сояи давлати шоҳам бар сари мо ва ҷумлаи раоё бардавом бод. Имрӯз ҳодисае рух дод ки басо шигифтовар аз он чи мо тасаввур мекунем. Тасодуфан мақоруни бори дуввум дидори муборак диданамон ин ҳодиса рух дод. Канизе, ки козури сипоҳ аст, ба ҳангоми тағйири либоси худ хамоиле, ки мурассаъ ба чанд дона ёқут буд,аз гар-

дан берун меоварад ва болои рахташ мегузорад. Кулоғе, ба тасаввури ин, ки васлаҳои гӯшт аст, онро даррабуда бо худ мебарад. Чун он зан назди мо шеван карду ин қазия гуфт, мо ба дунболи кулоғ фиристодем. Ва чун кулоғ худ аз тарс онро раҳо кард ва иттифоқан дар чоҳе афтод. Ва чун касеро ба чоҳ карданд, ӯ муждаи сандуқҳои зарро, ки дар он пинҳон буд, бад-онҳо дод.

Амир Исмоил: Маълум кардед, ки ганчи кист?

Исҳоқ: Зоҳиран инҳо аз ганҷҳои пинҳони Амри Лайс бояд бошанд. Мардум ҳамчунон тахмин мекунанд.

Ҳамӯя: Худоро шукр, он чи мехостам бар мардуми Ҳирот тахмил кунем, он ба даст омад.

Сандуқҳоро оварданд. Сари сандуқҳоро боз карданд. Амир Исмоил ин лаҳзаҳо мутаваҷҷеҳ гардид, ки асҳобаш ҳузури ӯро билкул фаромӯш кардаанд ва бо тамоми ҳуш ва завқи моломол аз шодӣ чашм сӯйи сандуқҳо бастаанд. Хост онҳоро ба худ оварад, вале аз нияташ баргашт,то бубинад ҳирси ишон то ба кучо кашида мешавад. Ӯ ба ҳар қадоме бо диққат менигарад ва бо тамасхур лабханд мезанад.

"Мо дар чӣ хаёлу фалак дар чӣ хаёл... Агар худ инсон тамоюл ба тағйир пазируфтан надошта бошад, агар худи ӯ ин ғаризаи хуфтаро дар худ бедор насозад, кӯшиши беруна мухол аст, ба мисли дар ҳован об куфтан аст".

Амир Исмоил: Бо ин зар чӣ мекунед?

Исҳоқ: Ба сипоҳ харҷ мекунем ва ҳар чи бокӣ моид ба байтулмол месупорем.

Амир Исмоил: Хуб... Байтулмол ба ин маблаг эҳтиёҷ надорад.

Исҳоқ: Дар байтулмол гатрифие нест, ки ба сипоҳ харҷ кунем,пас..

Амир Исмоил: Байтулмолро ба ин рох пур намекунанд. Ҳар чӣ бокӣ мемонад, ба омили шаҳр супоред ва назорат кунед, ки он дар сохтани мактабҳо сарф шавад.

Ҳамӯя: Шаҳр мактаб дорад.

Амир Исмоил: Ду-се мактаб кофӣ нест. Ҳеҷ тифле набояд беруи аз омӯзишу парвариш бимонад.

Хочиб медарояд.

Хочиб: Амирам, сарбозе бор мехохад. Ӯ иддао мекунад, ки супориши худи шоҳам аст.

Амир Исмоил: Бигӯ дарояд.

Хочиб меравад ва пас аз лаҳзае бо рӯзбон ворид мешавад. Рӯзбон ба ҳозирин таъзим менамояд ва мунтазир меистад.

Амир Исмоил: Бифармо,чи дидӣ ва чӣ ҳодисае рух дод?

Рӯзбон: Умри шоҳам поянда бод. Ман дуртар аз ҷойи муояна меистодам ва мушоҳида мекардам. Лашкариён аз он ҷо мегузаштанд, вале касе эътиборе ба меваи дарахт намедод. То ин лаҳзаҳо ҳол бад-ин минвол буд.

Ва сарбоз аз ҳол меравад ва ба мисли тани дарахти табархӯрда ба замин меафтад. Ҳозирин болои сари ӯ медаванд.Амир Исмоил дасти сарбозро гирифта, набзашро месанҷад.

Амир Исмоил: Зуд пизишкро даъват кунед.

Ҳоҷиб меравад.Ҳанӯз дасти сарбоз дар дасти шоҳ аст.

Амир Исмоил: Набзаш суст мезанад. Таб дорад. Кӣ ӯро мешиносад? Ҳеҷ кас! Шумо худро он қадар бузург гирифтаед, ки сарбози хешро намешиносед.Назари худованд дар пастист. Дарвешон аз суфаи пайғамбаранд .

Табиб бо ҳамроҳии ҳоҷиби сарой меояд. Ӯ марде баландболо бо чеҳраи кушоду зебо ва риши мошу бариҷ аст. Ба сӯйи амир Исмоил таъзим мекунад ва шоҳ аз ҷой, ки бар сари сарбоз сари по нишаста буд, мехезад. Табиб сарбозро муояна мекунад ва бо чанд торсакие, ки бари рӯяш мезанад, ӯро ба худ меорад. Амир Исмоил суломез ба пизишк менигарад.

Пизишк: Боке нест, амирам. Аз ғизо нахӯрдан қувваташ таҳким рафтааст.

Амир Исмоил ба сӯйи сарҳангҳо менигарад. Ва ба ҳоҷиб мефармояд.

-Аз ғизои сарҳангҳо биёвар. (Ба меҳр даст бар китфони сарбоз мегузорад). Чанд вақт шуд, ки хӯрок нахурдай?

Сарбоз сар ба хиҷолат поин меоварад ва аз шиддати ҳаячон ранги рӯяш сурх мешавад.

Рӯзбон: Чаҳор рӯз мешавад.

Амир Исмоил: Чаро аз он меваи себ, ки зераш посбонӣ мекардӣ, нахӯрдӣ.

Рӯзбон (*хиҷолатмандона*): Соҳиби бог он ҷо набуд, то аз ӯ иҷозат пурсам.

Амир Исмоил ӯро аз зери кашаш гирифта, бар суфа менишонад ва худ бари ӯ ҷой мегирад.

Амир Исмоил: Ман ҳам чанд рӯзест, ки чизе нахӯрдаам.

Бо ҳам хӯрок мехӯрем.

Рӯзбон хичолатмандона ба сарҳангҳо менигарад ва боз сар поин меорад.

Амир Исмоил: Ту хичолат накаш. Ишон лаҳзае шиками худро хор шудан намегузоранд. Бубин шикамашон чунон пиҳ гирифтааст, ки ба мушкилӣ нафас мекашанд.

Хизматгорон хӯрок меоранд. Амир Исмоил ба пизишк менигарад ва ӯро бар сари дастурхон даъват менамояд.

-Бифармоед.

Пизишк: Давлати шоҳам поянда бод, ҳанӯз вакти хӯрок хӯрдани ман нарасидааст.

Амир Исмоил: Пизишки мо ба чӣ вақте хӯрок мехӯранд?

Пизишк: Ба субҳу ба аср. Ва бист сол мешавад, ки аз гизои шомгоҳон ичтиноб варзидаам.

Абӯяъқуб Исҳок ба сӯйи ҳочиби сарой балхашмона менигарад. Ахмад бинни Исмоил ба хайрат афтодааст. Ва мобакӣ суоломез ба ҳамдигар менигаранд: чӣ тавр шуда ки ин тавр шуда? Амир Исмоил ба мисли як сарбози бемоя гуруснагӣ мекашад! Вале касе хабар надорад.

Пизишк дубора ба амир ва хозирин таъзим намуда, ичозаи рафтан мепурсад: "Бо ичозаи Шумо..." Ва амир Исмоил ба ишорати сар ба рафтани ӯ рухсат медихад. Ва бо сарбоз бо иштихо машгули хӯрок хӯрдан мешавад.

Амир Исмоил: Ин хӯрок факат барои ду нафар аст. Агар чанобон майл доранд...

САМАРҚАНД

Амри Лайси Саффорӣ бо хотири парешон, бо чехраи гирифта, бемуродона ба сарвакти худ, бепосбону мухофизин даруни чорбоги касри амир Наср сайр мекард. Абуюсуф Яъқуб паси панчара истода буд ва ба ӯ наззора мебурд, хамчунон ки бародари бузургаш Наср бар бародарзодааш Ахмад. Дар ин чанд соли охир дарахтони боғ пир шудаанд. Замоне буд, ки онхо бароларон хамрохи падараш он ин чорбогро бунёд нихода буданд. Ёдаш аст, гӯё замони зиёде нагузашта бошад, падараш навихолҳоро медошт ва ӯ ба бунашон хок мерехт. Падару бародараш аз ин чахон рахт барбастанд. Ришн ӯ хам мошу биринч шудааст. Асари замон дар хама чиз, ки марбут ба ин касру чорбоғ бошад, амик шудааст. Шохахои дарахтон хушки-

дааанд. Чаро боғбонҳо онҳоро хушкчинӣ намекунанд. Бародарзодааш қасрро ба ҳоли хеш гузоштааст. Ва ё ӯ ҳам аз амуяш Абоиброҳим таъсир бардоштааст, ки ба кори дунё чунин лояқил рафтор мекунад?! Ин шабушкхорҳои дарборро ба зӯри тозиёна бояд кор фармуд, зеро ишон хӯйи шабушк гирифтаанд....

-Эй ҳочиб! Чаро боғро ба ҳоли худ гузоштай? Қаср чунин фарсудааст! Магар шуморо барои ҳамин ин чо нигох медоранд, ки вайрон кунед? Кай ин хӯйи вайронгарӣ аз худ бадар мекунед? Шумо кай одам мешавед? Оё мешавед?

Ҳочиб бо сари афканда, хомӯш чун мучриме меистод.

Абуюсуф Яъқуб: Эй ифрит, гумон мекунам он чунон ботамиз ҳастӣ, ки ҳатто мумкин забони биҳиштиёнро низ надонӣ?! Дур шав аз назарам! Дигар бор вазъ ба чунин аҳвол бинам, аз худат домангир бош! Дур шав, ифрити палид!

Ҳочиб ба мисли саги шаллоқхӯрда, вале даҳоне пур аз табассум аз толор бадар меравад. Абуюсуф боз ба назди панчара бармегардад. Амри Лайс ба поёни боғ расида буд. Ба он чое, ки гургҳо хӯса буданд ва касерову чизеро бим намедоданд ва ё аз ҳайбати мунчамиди онҳо касеву чизе дигар намеҳаросид. Ва ғизоли пире ҳанӯз беибову бебок даруни маргзор мечамид. Ва қафаси шер холӣ буд. Амри Лайс то дергоҳ назди ин қафаси мустаҳкам бимонд, гӯё чун сутунҳои он бар замин фурӯ рафта буд, ки наметавонист аз чой бичунбад. Шояд ин тасодуф бо мачоз айни ҳоли ӯ буд? Гургҳое, ки дигар касеро бим намедоданд, ғизоли пире, ки бепарво мечамид ва қафасе, ки холӣ буд. Ӯ дар худ чуръат пайдо кард, ки вориди қафас шавад. Мустаҳкамии онро имтиҳон намуд. Сутунҳо гӯё дар замин реша давонда буданд , ба мисли дарахти пир. Ҳанӯз андаруни қафас бӯйи шер медод. Аз ин пас бӯйи Амри Лайс хоҳад гирифт! Ӯ аз ин андешаи ғамангез лабханд зад. Дигар ҳама чиз барои ӯ тамом шудааст ва ё чизҳо барояш моҳияти хешро гум кардаанд. Ӯ беҳуда умед мебандад. Абуюсуф низ ба ҳован об мекубад. Аз худаш гузашт. Намебоист шерро биёлуғд. Ӯ дигар ин қафасро раҳо кардааст ва гумон аст, ки дигарбора ба он баргардад. Моҳӣ, ки ба дарё рехт, наҳанг мешавад.

Ӯ банди андешаҳои ғамангези хеш буд, ки ҳочиб ба суроғаш омад. Онҳо ба қаср баргаштанд. Вале Амри Лайс аз пеш медонист, ки ҳама кӯшишашон баҳри тарсими як

итифоқ бехуда аст. Бо ворид шудани Амри Лайс Абуюсуф Яъқуб ба пешвозаш аз чой хест.

Абуюсуф: Ман ба суроғи Абдучаббор бини Ҳамза одам фиристодам. Ӯ дам ба дам ҳозир мешавад.

Амри Лайс: Ман гумон намекунам, ки сӯҳбати мо ба натичае хохад расид.

Абуюсуф: Ҳанӯз ноумед шудан бехуда аст. То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст!

Амри Лайс: Шояд...

Ҳочиби сарой ворид мешавад.

Ҳочиб: Расуле аз Сиистон омадааст ва мехоҳад бо амир Амри Лайс вохӯрад.

Абӯюсуф: Хуб тадқиқ кардед, ки ӯ кист?

Ҳочиб: Мегӯяд, расул аз чониби Тоҳир ва Яъқуб аст, исмаш Ҳафс бинни Умар .

Амри Лайс: Ман ӯро мешиносам. Ӯ аз бандагони ман будл.

Абуюсуф: Бигӯ, дарояд.

Ҳочиб меравад.

Амри Лайс: Ӯ чавоби номаи маро овардааст.

Ҳафс бинни Умар , марди сиёҳчурдаи баландболои точикнажоде ворид мешавад ва худро бар пойи Амри Лайс меафканад ва сарашро дар кадамхои ӯ месояд. Амри Лайс мехоҳад монеъи залилии ӯ бишавад,вале тамоми кӯшишаш бехуда аст.

Ҳафс: Ман дигар ба орзуи хеш расидаам... Ҳама ниёзам аз ин зиндагӣ дубора дидани хочаам буд...худоро шукр... Хочаро ба саломат мебинам. Ва ё ман хоб мебинам.. Худоё, худовандо, ин дар хоб аст ё дар бедорӣ?!!

Амри Лайс: Ё Абоҳафс ором бигир.. Он чунон, ки мебинӣ, ман хамонам ки будам. Балки осудатар аз пеш ... бо хамон иззу чалол.. Бубин,оё аз шавкати мо чизе кастаст?..

Хафс бини Умар сар боло мекунад, ба хайрат бар Амри Лайс менигарад ва дубора бо нолаву лоба сар бар пойҳои хочааш мекӯбад.

Амри Лайс: Бигӯ, он чо фарзандони мо дар чӣ холанд?

Хафс (*Бо гиреви нола*): Чойи шумо холисту сукони давлат ба дасти бод уфтода.

Абӯюсуф чашм аз Хафс намеканад. Абдучаббор бинни

Ҳамза номаълум вориди толор мешавад ва худро ба гӯшае мекашад. Ӯ дигар пир шудааст. Бар риши мучаадаш ғубори солҳо нишаста. Қомати зебояш дол гардида.

Амри Лайс: Бигӯ, ту худ чӣ ҳол дорӣ?

Ҳафс бинни Умар дилаш пур шуда буд ва ашк аз чашмонаш мерехт , ҳарф задан натавонист.

Абуюсуф: Бечора... Бигзор имрӯз истироҳат кунад, ғубори роҳ бияфшонад... Аз омадани хоҷа бехабар мондаем... Ассалому алейкум хоҷа...

Онҳо ҳамдигарро ба оғӯш мегиранд.

Амри Лайс: Бирав, имрӯз истироҳат кун, фардо сӯҳбат хоҳем кард.

Ҳафс бинни Умар бо ҳоҷиби сарой аз толор хорич мешавад.

Абдуҷаббор: Ман дар хусуси корнамоиҳову футуҳоти хонаводаи Саффорӣ басо суханони нек шунидаам, вале имрӯз хушбахтам, ки худро дар сӯҳбати ишон мебинам. Ва барои ман ҳамчунин ногувор аст, ки амири билоди шарқии халофатро дар чунин вазъе зиёрат менамоям. Ба ҳеҷ кадом аз шоҳони кишвари мо муяссар нашуда буд, ки хулафои аббосӣ дар ҳарамайн хутба ба номашон хонанд, магар ба номи Яъқубу Амри Лайси Саффорӣ! (*Амри Лайсро зиёрат мекунад ва ба дидагонаш мемолад. Ва ҳамзамон ашкашро пок мекунад*). Эй дареғо, ки гоҳ иззию гаҳ зилл.

Ҳафс бинни Умар аз роҳаш бармегардад ва номаро ба Амри Лайс медиҳад.

Ҳафс: Фаромӯш кардаам, узр, амирам, аз ҳаячон фаромӯшӣ кардаам.

Амр: Боке нест.Дигар мо фурсат ба кифоят дорем.

Номаро гирифта мекушояд, вазъаш тағйир мепазирад. Дубора онро аз назар мегузаронад.

Амр: Агар иҷозат бошад бо расул хилват кунам. Хотирам мушавваш аст. Метарсам, аз он чӣ мо мехостем, чизе бар наояд.

Абуюсуф: Чӣ хабар? Чӣ менависанд?

Амр: Алҳол аз нома ба рӯшанӣ маълум намешавад. Баъд сӯҳбат хоҳем кард (*Ба тарафи Абдуҷаббор бинни Ҳамза*) узр мехоҳам. Бисёр мушток будам бо ишон ҳамнишин шавам. Узр мехоҳам..

Абдуҷаббор: Боке нест.Мо ҳама барои ҳамсӯҳбат шудан фурсати зиёде дорем. Ман интизор мешавам.

Амри Лайс аз назди ишон хорич мешавад. Абдучабор бинни Ҳамза кунчковона ба Абуюсуф Яъқуб менигарад. вале ӯ худро ногумон мегирад ва чунон вонамуд месозад, ки чизеро намефаҳмад.

Абдучаббор: Шумо чӣ мехостед, ки Амр аз ичро шуданаш ноумед гардид?

Абдуюсуф: Магар ин замон баргаштан ба он дигар мохияте дорад? Чизе набуд, ҳеч чизе набуд...

Абдучаббор хамчунон ба Абуюсуф кунчковона ин бор вале нобоварона менигарад. Нигоҳаш гӯё аз ҳилоли андешаҳои ӯ гузар мекунад, вале Абуюсуф худро нигоҳ дошта наметавонад ва бехудона, вале хашмгинона фарёд мезанад.

Абуюсуф: Ҳо, буд! Мо мехостем онҳоро муттафик созем, як созем! Шунидед,нашуд! Ҳамааш барбод рафт. Вассалом.

Ба ачала баромада меравад. Абдучаббор бинни Ҳамза бо андешаи худ танҳо мемонад. "Пас маро дар чараён дошташ будаанд! Ва ё маро ба тарафи хеш кашидан мехостанд. Ман боид накши миёнчиро ичро мекардам. Шоид мақсади хубе буд. Вале ҳамааш барбод рафт. Шоид ҳанӯз фурсате бокӣ бошад? Шоид? Чорае боид кард. То ки ҳадаф накше бар об намонад. Абоиброҳим худ хамчунон орзуе дошт. Агар тағйир наёфта бошад, пас имкон дорад. Охир, ӯ орзуи баргардонидани иззати аздастрафтаи ин кишварро дар сар мепарварид. Имрӯз ин имкон вучуд дорад. Намебоид ноумед шуд. Аббосихо хилофи ормонҳои ин кишвар рафтор намуданд ва таахудоти хешро дар киболи Абумуслим аз ёд бурдаанд.

Хеч монеае вучуд надорад, ки инҳо яке бишаванд,ранчишхоишонро, ки байни салотин як амали маълум аст,фаромӯш кунанд. Ин ранчишхо дар баробари чунин ҳадафе беарзиш мешаванд. Ин фурсатро набоид аз даст дод..."

Ва аз дунболи Абуюсуф ба чорбоги каср мебароид, то ӯро дилдихӣ кунад, ки ҳанӯз чизе барбод нарафтааст, "ҳанӯз имкон вучуд дорад".

Мухити нимравшани хучран музайян вазнин буд. Амри Лайс чашм айнаки зону сохта буд ва дар худ гум

шуда, кунчи суффа менишаст. Ҳафс бинни Умар дилхура назди дар меистод. Ӯ саропо ҳайкали тарс шуда буд ва аз банохост оташ гирифтани Амри Лайс бим дошт. Амри Лайс ғайри чашмдошти Ҳафс бинни Умар андешамандонаву хаёлолуд хомӯширо мешиканад.

Амр: (номаро дубора кушода мехонад).

Кӯшиши банда сабаб аз бахшиш аст,
Кори қазо буд, туро айб нест.
Буду набуд аз сифати эзад аст.
Бандаи дармондаи бечора кист?...
..Аввали махлуқ чӣ бошад? Завол!
Кори ҷаҳон аввалу охир якест...

Пас кори моро тамомшуда... Чӣ тасаллои хубе! Хуш ба ҳоли ишон, ки Муҳаммад Васиф будааст, вагарна баҳри тасаллои мо чӣ мегуфтанд?! Як даста бечигари парвой. Бешарафони тарсу (*Оташ гирифта*). Чаро ба номаи аввали ман посух надоданд?

Ҳафс: Вақте бори нахуст нома аз амирам ба Сиистон расид, сарҳангони лашкар Тоҳир ва Яъқубро фаро хонда, ишонро тарс доданд ки:

"Донед, ки чӣ рафт андар ин миёна? Он акнун ҳама Амр андар дил дорад. Накардед ҳарб он рӯз, то ӯ гирифта шуд, - ки танҳо ҳарб ӯ кард ва мо накардем ва ғорат кардан ки бо ӯ буд. Ва аз он чо биёмадем. Он чи аз мо рафт андар Хуросон ба ҳар шаҳре ва нишондани ту, ки Тоҳирӣ ва байъат кардан туро ва атият ту додӣ аз хазина моро ва бисёр ҳадасон ки аз мо уфтодааст ба ҳеҷ ҳол салоҳи мову ту нест, ки ӯро халос бошад. Ва чун ӯ берун омад, на ту монӣ ва на мо. Агар худ бо ин ҳама ризо хоҳад, мо он гаҳ он чӣ хоҳем, натавонем кард. Бокӣ ту донӣ. Ин вазифаи мо буд, ки туро биёгоҳонем". Он гоҳ Яъқуб пурсид, ки: Агар ӯро раҳо созем, пас шумо чи хоҳед кард" гуфтанд: "Саҳрои худо васеъ аст". Тоҳир чора чуз қабул кардан надонист.

Амр: Пас фарзандонам бо дасти хеш маро ба хок супориданд. Як каси зиндае пайдо нашуд? Аз хар чо мурда буд?! Ва ё ӯ ҳам дар ин тӯтиа иштирок дошт?

Ҳафс: Ҳама ҳузур дошт. Тамоми лашкар ба Сиистон ҷамъ омада ва ба Тоҳир бинни Муҳаммад байъат карданд. Тоҳир вазоратро ба Аҳмад бинни Шаҳфур супурд ва ӯ зимоми ҳукуматро ба даст гирифт.

Ҳамон рӯзе, ки лашкар ба Тоҳир байъат намуду вазорат ба Шаҳфур гузашт, ӯ ба халифа Муътазид ва Убайдуллоҳ бинни Сулаймон аз асирии амрам хабар фиристод. Субкарӣ Тоҳирро тахти таъсир дароварда, лашкарро бар хеш мутеъ сохт ва кулли умурро ба даст гирифт. Аз вазорат ёфтани Аҳмад бинни Шаҳфур розӣ набуд, бинобар ин касди барканории ӯ намуд ва дар ин чой номзадии Абдуллоҳ бинни Мухаммад бинни Миколро пешбарӣ мекард. Кор ба чое расид, ки Субкарӣ касди куштани писарони Шаҳфур Аҳмад ва Мухаммадро дар сар мепарварид. -

Амри Лайс бо тааҷҷуб ба нақли Ҳафс гӯш медиҳад гоҳ аз гоҳ лабханд мезанад, хашм мегирад, тамасхуромез табассум мекунад.

Амр: Хуш, хуш, басо аҷиб аст!

Ҳафс: Шаҳфур ба Буст, ба бародараш Мухаммад дар номае ба исрор такозо менамояд , ки ба марказ биёяд. Ӯ худ вазоратро идора хоҳад карда ва ӯ сипаҳсолор хоҳад шуд. Вале Мухаммад чавоби рад мефиристад, ки "дар чунин замонаи бесарусомон як чо будани онҳо аз рӯйи ақли солим нест. Дуруст он аст, ки ман дар Буст бимонам ва ту дар Сиистон, баъд маълум хоҳад шуд. Алҳол давлат рӯ ба сӯйи завол дорад." Вале Аҳмад Тоҳирро ба чону ҳолаш нагузошта мачбур менамояд, ки барои Мухаммад нома нависад ва хоҳиши ӯро тасдиқ созад. Мухаммад ичборан ба Сиистон омад. Тоҳир аз ӯ хуш истиқбол намуд ва бо мехрубониҳову ҳадоёи зиёде ин иқлоширо қадрдонӣ кард. Мухаммад бинни Шаҳфур сипоҳсолориро напазируфт. Ин гоҳ мачбур шуданд, ки Субкариро аз пойтахт дур кунанд.

Амр: Пас ин номаро кӣ навишт? ки "Аҳмад ва Мухаммад - писарони Шаҳфур ва Мухаммад ибни Ҳамдон бар ин подшоҳӣ муставлӣ гаштанд ва аз ишон он фасод омад андар вилоят ва хазина ки натвон гуфт, ки то мо чаҳл кардем то яъни ишон баргирифта шуд. Акнун чаҳл кунем бар асар,он чи хоста бифиристем"..

Ҳафс: Ибни Микол.

Амр: Равшантар ҳарф бизан, ман чизе дарнамеёбам.

Ҳафс аз дилтангии Амри Лайс дасту по мекӯрад.

Амр: Саросема машав, ин чо каси дигаре нест. Батафсил бигӯй.

Ҳафс (*ҳанӯз дар авозаи изтироб мушоҳида мешавад*): Ман ҳамчунон ки амирам такозо дорад, амал кардам.

Ҳукумати Руходро бо Кобулистону Ҳинд ба номи Субкарӣ карданд, вале вай дар ҳаракат ба сӯйи мулки хеш таъхир мекард, бо баҳонаҳои зиёд кори имрӯзро ба фардо мепартофт. Аҳмади Шаҳфур нисбат ба сипоҳ сахтгириву хасисӣ зоҳир месохт. Ин боиси ҳалоки ишон гардид. Сипоҳ миёни хеш машварат карданд, агар Муҳаммад ибни Ҳамдон ба пойтахт ҳозир шавад,ҳалоки бародарон Аҳмад ва Муҳаммад муҳол мегардад. Ба ин мақсад маншури мулки Замини Довар ва Бустро ба номи ӯ карданд, то он чо бимонад,вале Муҳаммад ибни Ҳамдон сипоҳи хеш гирд оварда ба дарбор омад. Тоҳир аз ишон хуш пазирой кард. ҳадяҳо дод ва савганд ёд кард, ки коре хилоф накунад ва то ҳаст ин таъаҳуднома барҷой хоҳад буд. Вале фардои ҳамон рӯз корҳову қавлҳо дигар шуд.

"Рӯзи дигар Тоҳир бар боми кушки Яъқуб баромад, ки сипоҳ бо пуррагӣ дар майдони дарвозаи қаср гирд омада буданд. Ҳамёнҳои дирҳамро биёварданд ва аз бом бар сари сипоҳ нисор карданд. Сарбозон дирҳам бичиданду ором гирифтанд. Байни сипоҳ овозаҳо паҳн мешуд,ки гӯё Тоҳир бо ин рафтораш гуфтан мехост, ки : "Агар Аҳмади Шаҳфур шуморо аз дафтари девон барафкандааст, бим мадоред, ки мо худ ба шумо дирам диҳем."

Тоҳир ба қаср баргашт. Муҳаммад ибни Ҳамдон барои арзи сипос ба побӯсии ӯ даромад ва баъди таъзиму икром хост баргардад. Вале Зукайҳодим ӯро аз даст бигрифт ва ба ҳучраи худ бурду гуфт.

Зукай: Пеш аз он, ки биравӣ, ба дастуроти амир амал намой.

Ҳине ки онҳо вориди ҳучра мешуданд,одамони мусаллаҳ зи дунболашон ворид гардида, ӯро куштанд. Ӯ ҳатто фурсат ба лаб кушодан наёфт ва дар замон ҷон ба ҷонофарин супурд ва даҳонаш ҳамчунон бо фурсати барои сухан гуфтан наёфта боз бимонд.

Зукай: Ӯро пинҳон кунед, то писарони Шаҳфур хабар наёбанд.

Қотилон бо дари дигар ҷасади Муҳаммад Ҳамдонро кашон -кашон мебаранд. Зукайҳодим пайи чинояти хешро пок месозад.

Дар беруни қаср сипоҳиёне чанд ба интизори писарони Шаҳфур, ки дар боргохи Тоҳир буданд, истодаанд. Баъди фурсате бародарон аз боргох хорич мешаванд ва сарбо-

зон аз истиқболи ишон аз ҷой хеста,шамшерҳо аз ниём баркашида, нигинҳо аз панҷаҳояшон мегиранд. Аҳмад муқобилият нишон додан мехоҳад.

-Хиёнат... Ин хиёнат аст! Субкарӣ бо ибни Микол тутиъа мекунанд....

Вале сарбозҳо ба доду фарёди онҳо гӯш надода, ишонро ичборан ба зиндон мебаранд.

-Моро кучо мебаред? Ин хиёнат аст! Амир аз ин аҳвол огоҳ нест!

-Шояд ин ҷо ором бигирӣ.

- Онҳоро ба зиндон мепартоянд. Ва дарро бар рӯяшон мебанданд. Ҳанӯз паси дари зиндон садои доду вояшон шунида мешавад.

Субкарӣ ва Ибни Микол пайдо мешаванд.

Субкарӣ: Ман фармудам ки Симо-ал-Ҷайонӣ молу мулки ишонро мусодира намояд ва наздашон мустахриҷ бимонад.

Микол: Ман аз Муҳаммад бим дорам. Ӯ марде заранг аст.

Субкарӣ: Ӯ дар дасти мо безарар мешавад, биме ба дил роҳ мадеҳ, ки ҷаҳон аз шарри ишон хоҳад баросуд...

Ҳафс: Ҳангоми додхоҳӣ Муҳаммад ба дасти Симо кушта шуд. Мансаби вазирӣ ба номи Ибни Микол тасвиб гардид ва тамоми умури давлат ба дасти Субкарӣ гузашт. Ишон ба сипоҳ бахшишҳо доданд ва ҷомаҳо пӯшонданд. Ва маро барои узрхоҳӣ аз ин таъхир ба назди амирам фиристоданд....

Амри Лайс дар андешаи худ банд меафтад ва ҳузури Ҳафс ибни Умарро билкул аз ёд мебарад. Гӯё Алӣ ибни Лайс нигини қудратро гирифтааст. Гӯё ҳанӯз ҳам зи дунболи ӯст. “Кори қазо буд,туро айб нест.. . Кори ҷаҳон аввалу охир якест - Завол!..” Ҳафс ибни Умар гоҳ аз гоҳ аз хилоли андешаҳо бо худ ҳарф заданашро мешунид. Чӣ ҳоли ғарибу риққатоваре дошт. Нигоҳаш ба мисли сайди қафас буд: номурод, фурӯғи умедаш бенур гашта, ба мисли шиша кӯр гардида. Ҳафс бо сари остин ашкашро, ки беихтиёр аз мушоҳидаи аҳволи Амри Лайс гулӯгираш шуда буд, пок сохт, вале натавонист садои ҳиқ заданашро хафа намояд. Амр бо азоби як пири солхӯрда, базӯр аз ҷой хест. Ва калов-калов ба сӯйи дар рафт. Пойҳояш қудрати ӯро бардоштан надоштанд. Ҳафсро ҳангоми аз сари

роҳаш як тараф истодан мушоҳида кард.

Амр: Ту ҳанӯз ин ҷо ҳастӣ?

Ҳафс: Амирам ҳар чӣ фармоянд.

Амр: Баргард. Ба ишон бирасон, ки Амр озод аст.

Ҳафс: Ман бо амирам ин ҷо мемонам. Хизмат мекунам.

Амр: Бандаи озод аз қайди ҳамаву ҳама чиз растааст.

Ӯ эҳтиёҷ надорад, ниёз надорад,умед надорад.Озод аст. Ҳамин тавр бирасон. Озод! Акнун бирав, ки ин ҷо танҳоӣ хоҳӣ кашид.

Ҳафс ибни Умар эътироз кардан мехоҳад. Вале Амр бо ангуштро рӯйи лабонаш бурдан , ӯро маньъ мекунад.

-Маро на Исмоил,балки ишон шикаст додаанд!

Ва аз ангушт нигинро бароварда ба Ҳафс медиҳад.

-Ба Муҳаммад ибни Васиф бидеҳ ва бигӯй, ки қиматтар чизе бо худ надорам. Ганҷам ба тороҷ рафта, вагарна бахшишро зиёд мекардам. Бигӯ, ками моро ивази зиёд бипазиранд.

Ва худ ба худ шеъри Муҳаммад Васифро такроркунон аз назди Ҳафс ибни Умар меравад.

..Буду набуд аз сифати эзад аст,

Бандайи дармондайи бечора кист?..

Ва садояш дар поёни даҳлез қатъ мегардад. Ҳафс ибни Умар ҳанӯз дар пояи паланд часпида буд.

Ҳафс: Дил аз ин ҷаҳон баргирифта аст...

Вақте Амри Лайс бо авзои перешон ва андешаи машкук ба толор баргашт, ҷуз Абдуҷаббор ибни Ҳамза касеро надид. Пирмард дар козаи андешаҳояш пинак рафта буд. Ҳанӯз аз Абуюсуф дарак набуд.

Амри Лайс: Парвариши гургҳои пир вақти амирзодаро зиёд мегирад,

Абдуҷаббор Ибни Ҳамза дар аввал чизе нафаҳмид ва баъди чанд лахзае гӯё чизе ба хотираш расида бошад,даст сӯйи осмон бардошта “а-а!” хитоб кард.

Амри Лайс ба назди панҷара рафт,то дар чорбоғ ба чӣ кор машғул будани Абуюсуфро бубинад. Вале ӯ дар чое аз чаҳорбоғ наменамуд. Фақат оҳуи пир тани танҳо дарунни дарахтону рӯйи сабзаҳо мечамид.

Амри Лайс: Оҳуи пир танҳо мечамад.

Абдуҷаббор ибни Ҳамза ба мисли пештара даст боло бардошта боз “а-а!” хитоб намуд. Амри Лайс бо худ андешид. “Пирӣ бо кариву кӯриву шаллӣ ҳамзод аст!”

Амри Лайс: Пирӣ ҳузнангез аст. Ҳарчанд озод мечамад, вале афсурдаву хаста аст. Пояш шиканак медиҳад, пешпо мехӯрад, аз он ки чашмош хира шудааст, танаш бе тавон гардидааст. Шояд гӯшош ҳам нашнаванд.

Ба назди Абдуҷаббор мегардад. Ва дар канори ӯ бар лаби суффа менишинад. Абдуҷаббор ибни Ҳамза аз хиҷолат эътироз кардан мехоҳад, вале Амри Лайс бо даст ба сина бурдан ӯро таскин медиҳад ва ба суханаш, ки барои Абдуҷаббор аз як ногуворӣ пардапӯш шуда буд, идома медиҳад:

-Замон ба мисли як нафас зуд мегузарад!

Абдуҷаббор: Умри нафс нафас аст. Ҳар кӣ ин нафас дар ёфт, бурд...

Амри Лайс: Вале ман чизе дарнаёфтам, шояд фурсат надоштам. Ҳамеша коре мекардаму чизи дигаре мехостам. Балки дар ман як хости бузурге вуҷуд дошт, ки ҳамеша алайҳи кирдорам бар мехост. Ман кори худ мекардаму ӯ кори худ. Ҳеҷ гоҳ набудааст, ки мо ҳамоҳанг шуда бошем. Алҳол, ки бо шумо суҳбат мекунам, даруни гӯшом нағмаи дигаре танинандоз аст. Ин нағма тамоми зиндагим бо ман будааст, вале ман ҷуръати буруз додани онро дар худ наёфтаам. Балки ҳамеша аз садо доданаш тарсидаам. Тарси ман аз худам нест. Балки аз дигарон аст. Мабод ки маро ба бузургтарин ҷурме дар зиндагим иттиҳом зананд.

Абдуҷаббор: Оё ин лаҳза метавонед онро бо ман қисмат кунед? Он садо чист? Он қудрати пурзӯр чист, ки ҳамеша шуморо дар ҳолати инфиолӣ доштааст? Бим ба худ роҳ мадиҳед, ин ҷо фақат ҳардумон ҳастем.

Амри Лайс:Имрӯз зиндагии ман ба он ҳадде расидааст, ки ҳама гуна истиҳола варзидан дигар камоли пучӣ аст. Ман бо худ тасмимамро гирифтаам, ки бояд онро барои худ яксара кунам. Ман бояд барои худам маълуму муайян намоям, ки ин зиндагие, ки ман паси сар гузоштам чӣ моҳияте, чӣ маъние дошт? Оё он зулме ки дар фурӯ нишондани аташи дарунам раво доштам, дуруст буд?! Магар умри гаронмояро ба беҳуда ҳадар насохтам? Бо вуҷуди ин ҳама истиҳолаҳо, гумон мекунам,ки зиндагим дурӯғ будааст.Тибқи иродаи дигарон амал кардан будааст,худ-

ро барои ҳадафҳои дигарон ба қурбонӣ додан будааст! Акнун ки фурсате намондааст, ман пушаймон шудаам. Ман он қудратро доштам, ки метавонистам тибқи хостҳои худам зиндагӣ кунам. Шояд ин имконияти маро дигарон надоштанд. Аз ману аз онҳо наметавонад пурсиш яксон бошад, зеро онҳо зиндагишонро як амри мусаллам, ончунон ки ҳасту бояд бошад, қабул мекунанд. Ман ба ҳама амале, ки содир кардаам, дар ниҳон эътироз доштаам, нафрат доштаам. Ва он амалеро ҳам ки кардаам бо дудиливу қароҳат кардаам. Шояд имрӯз фаҳмидаам, ки чунин эҳсосе доштаем.

Абдуҷаббор: Ҳар инсоне гирифтор ба чунин эҳсос ҳаст. Агар ин эҳсос реша дар имон надошта бошад, боке нест. Ҳамчунин ҳам бояд бошад, зеро инсон дубуна аст. Ҳар амале ки бақо надорад, мояи пушаймонист. Фақат як рох аст, ки пушаймонӣ надорад.

Амри Лайс: Бадбахтона, ҳар гуна андеша реша дар раги имон дорад, бар дини инсон мезанад.

Абдуҷаббор: Чаро бадбахтона? Андешае,ки реша дар имон дорад, сидқу сафо меорад. Аз заданаш иҷтиноб бояд варзид. Ин кори шайтон аст!

Амри Лайс: Дар реша давондан ва ё теша задани он фақат худи мо масъулем. Мо ин масъулиятро бо иродаи озоди худ қабул кардаем. Пас дар ин амр ҷуз ман касе дигар масъул нест. Иштикоки ман сари ин масъулият аст,ки зиндагимро дарҳам рехтааст. Метарсам, ки онро таҳоқуқ бахшам,зеро медонам, ки аз сар баровардани он дунё аз ҳам фурӯ хоҳад рехт. Аввал худ шумо маро маҳкум хоҳед кард. ба мунофиқӣ айбдор хохед намуд. Вале ба шумо мегӯям. ки ман дар зиндагии худ мунофиқ набудаам. Онро буруз надодаам. Ҳарчанд дарунамро месӯзонад, хаёламро мунҷамид месозад. Фақат ҳамин лаҳзаҳоро ки бо шумо дарди дил мегӯям,ором гирифтааст, балки ҳолати фурсатталабонаеро бо худ гирифтааст ва дар пайи ҳамон лаҳзаи мувофиқест, ки аз нав сар кашад, исён кунад. Ҳанӯз аз бурузаш метарсам, ҳарчанд гумон мекунам, ки сари калобаро кушода бошам. Дигар бароям, он чунон ки гуфтам, фарқе намекунад. Хаста шудаам. Фурсате ки мондааст баросудан мехоҳам. Бигзор дигар дунё аз ҳам пошида шавад...

Онҳо лаҳзае хомӯш мемонанд. Банохост бо эҳтирос Амри Лайс хомӯширо мешиканад.

-Дар ман дигар намегунчад, аз даруни хокистари Каркӯй забона мекашад ба мисли нағмаи масгит ҳама офоқро пур мекунад, ҳафт осмони мармаринро медарад, ҳамчун талиаи Меҳр медамад. Худоё, худовандо!

“Фарахта бодо рӯи,
Ханида Гаршасп ҳӯи.
Ҳаме пур аст аз ҷӯи,
Нӯш кун май анӯш.
Дӯст бизо, гӯш,
Ба офарин над гӯш.
Ҳамеша некӣ, кӯш.
Ки гузашту дӯш.
Шоҳо, худойгоно,
Ба офарини шоҳӣ...

Абдучаббор: Ҳар марди озодае дар зиндагии худ бо чунин аждаре даргир аст. Дар умқи андешаи ҳар кадом аз ин гуна ашхос ҳамчунин суруде аз каркӯе ҳамеша тинандоз аст. Ва ҳар кадоме онро ҳамчунин фурӯ менишонд.

Амри Лайс: Ман ҳамеша аз худ мепурсам: оё ин эҳсосро, ин андешаро, он чунон ки шумо дуруст гуфтед, ин аждарро фақат ман дорам ва танҳо ман бо он даргирам? Ва ё дигарон хештанро фиреб медиҳанд, ба худи худ дурӯғ мегӯянд ва чунин вонамуд мекунанд, ки аз як вичдони осудаву ором бархӯрдоранд имони ишон комилу бехадша аст.

Абдучаббор: Ворастагон ё онҳое ки қодир ба матраҳ сохтани “чораҳое” шудаанд дигар масъулият доранд тартибу низомро дар ҷомеа бо манфиатҳои умум риоя намоянд. Дусад сол мегузарад ҳанӯз мо бар андешаи хеш ғолиб наёмадаем.

Амри Лайс: Пас ин андешаи мо нест. Таҳмилӣ аст! Андешае, ки реша дар раги инсон надорад, табдил ба афзор мешавад. Ман ҳамеша зимомдори ичбории ин афзор будам. Пас аз ин ман мехоҳам бидонам, ки кистам ва ё то ин лаҳзаҳо кӣ будаам?

Абдучаббор: Бузургтарин ҳақиқат боварнокарданитарин чиз аст ва бартарин қудрат фиребро лозим дорад.

Амри Лайс: Ман ҳар нафас бо рӯзаву намоз худро тазкия кардан хостам, вале натавонистам. Аз ман зӯртар аст. Ҳар нафас ниятҳои маро барбод медоду медиҳад. Дар ҳама ҳолат - чӣ дар пайкор,чӣ дар ибодат ва чӣ дар фарогат. Хато гуфтам, аз он нафасе фароғат надоштаам.

Амри Лайс хомӯш мемонад. Ба фикр фурӯ меравад ва дар андешааш бо худ ҷидол мекунад, чизерову кореро ба ёд меоварад.

Абдуҷаббор: Амирам хомӯш монданд?

Амри Лайс: Акнун фаҳмидам, ки чаро бародарам равоншод Яъқуб ибтидои ҳар коре мегуфт: ло ҳавла ва ло қуввата ило биллоҳ ва ё наузубилоҳи мин аш-шайтони раҷим...

Абуюсуф Яъқуб вориди толор мешавад ва Амри Лайс. Абдуҷаббор ибни Ҳамза ба истиқболаш аз ҷой мехезанд.

Абуюсуф: Ҳеч намехостам ба сӯҳбати шумо халал бирасонам, вале аз шавқи бесабрӣ тоқат карда натавонистам. Куфру дин аз масоили аҷиб аст,ки фақеҳонро як умр ба худ машғул медорад . Ва ё ширку имон... Вале бародари мо Абоиброҳим ҳамеша таъкид меварзанд, ки роҳу усул муҳим нест, инсон бояд муслиҳ бишавад, ҳаёташро ба сӯйи як зиндагии шарофатмандона ислоҳ бинамояд...

Онҳо ба сӯҳбати Абуюсуф ҳамроҳ намешаванд, то поён бурдани суханаш сабр мекунанд. Аз хомӯшии ишон ӯ худро ноҳинҷор эҳсос мекунад, сурх мешавад ва узрхоҳона мегӯяд:

-Шояд ман бемавқеъ омадам?.. Бовар кунед, ҳамчунин қасде надоштам. Сӯҳбати шумо хеле аҷиб буд.

Абдуҷаббор: Сӯҳбати пирон аҷобате надорад, балки моломоли ҳасрат асту дард.

Абуюсуф: Ман гумон намекардам, ки зиндагии шумо ҳасратангез бошад. Яке амири Хуросону Ироқайн ва дигаре ҳама умр вазири арҷманд. Кӣ бовар мекунад?!

Амри Лайс: Зоғе бе доғе нест. Зиндагӣ ҳар қадар олитар дарду ҳасрataш ба ҳамон андоза бузургтар. Агар бозгаште будӣ ҳеҷ инсоне бо тариқи собиқаш намерафт.

Абуюсуф: Чаро?

Амри Лайс: Зеро инсон таҷрибапазир нест. Як хаторо ҳазор нафар такрор мекунад,вале панд намегирад. Ва ҳангоме ки умраш ба ҷое расид, аз тамоми кардаву гуфтааш пушаймон мешавад ва дар ҳасрати умри дигаре меуфтад то аздастдодаҳояшро ислоҳ намояд, вале ҳайҳот! Онгоҳ ба дигарон аз хатоҳои хеш панд медиҳад. Агар мардум пандпазир мебуд, аз замони Одам то ба ин дам Инсон фариштa мешуд. Вале афсӯс, ки то ба ҳол гӯли биёбон бокӣ мондааст...

Абдучаббор: Оре, рафта барнамегардад,оянда кутоҳ асту номаълум ва саломатӣ бебақо. Ба қавли дигар гузашта нест. Аслан, ки гузашта чист? Ҳамин нафасе ки бароварда мешавад, ва эътимод ба нафаси тоза кашидан чист? Ҳеҷ . Яъне мо ҳечро ба ҳеч сарф мекунем. Сари ин ҳечӣ пархош мекунем, талош мекунем, дунёро кунфаякун мекунем. Ва боз Мансурвор даъво мекунем. Ва Ҳаҷҷочвор зулм бар дигарон раво медорем.

Абуюсуф: Пас чӣ бояд кард?

Абдучаббор: Ин пурсиш ба мисли одам қадимист. Балки ҳамзоди Одам аст. Ба қавли Абоиброҳим инсон фақат як илочи раҳоӣ аз ин қайду бастҳоро дорад ва он ҳам муслиҳ шудан. Ҳар кас дар роҳи камоли хеш бояд то ба як муслиҳ иртифоъ ёбад, яъне аз болои сояҳои хеш бичаҳад. Вагарна ҷаҳон як дори ҳасратҳо аз хатоҳо боқӣ хоҳад монд.

Амри Лайс: Ман аз болои мурдаҳо ҷаҳидаам. Ва он қадар бори заҳмати ин ҷаҳон гардидаам, ки дигар токати таҳаммули онро надорам. Ба имдодам расед, агар кори хайре дар ҳаққи ман кардан хоҳед, ҳарчи зудтар ба Бухоро расул фиристед.

Абуюсуф бо чашмони ҳайратзада гоҳ ба Амри Лайс ва гоҳ ба Абдучаббор ибни Ҳамза менигарад ва гуфтан мехоҳад ки шумо дар набудани ман боҳам забон як кардаед. Вале ман ин корро ҳамтур раҳо нахоҳам сохт. Ин чо ниятҳо тоза нест.

Абуюсуф: Манзур аз ирсоли расул чист?

Амри Лайс: Таслими Бағдод шудан. Дигар ин чо мондани ман маъние надорад. Ман намехоҳам бар заҳмати шумо барафзоям. Ҳама корҳо тамом шудааст. Ман ба касе даркор нестам.

Абуюсуф: Абоиброҳим Исмоил қабул нахоҳад кард. Ӯ замонат додаст. Ин шуданӣ нест! Корҳо акнун дуруст мешаванд.

Амри Лайс: Бовар мекунам, вале ман дигар пуштивона надорам. Сиистон дар дасти харачу марач. Сипоҳ ба Тохир байъат кардаанд ва бузургони кишвар озодии маро дигар намехоҳанд.

Абдучаббор ба Абуюсуф менигарад. Ишон дар ҳамдигар хира мешавнад. Чизе намефаҳманд.

Амри Лайс: Дар ин кишвар сулолаҳо бо дасти гуломон аз байн рафтаанд ва давлатмардон аз дасти ҳочибони са-

роямон кушта шудаанд. Ин ҳам таҷрибаи талхи зиндагии мост, ки ҳеч панд напазируфтем. Рустамҳо ба дасти Шағодҳо кушта мешаванд!...

Ва мактубро бароварда ба Абуюсуф Яъқуб медиҳад. Ӯ номаро хонда ба Абдуҷаббор дароз мекунад ва интизор мемонад, ки чи мебояд кард.

Амри Лайс: Ин ҷо дигар асир мондани ман ба кафолате масъул нест. Ман тасмими худро гирифтаам. Хуб мешавад ман таслими Бағдод шавам. Дигар ман барои ҳар ду тараф безарар гардидаам. Хоҳиш мекунам, ба назди Абоиброҳим Исмоил амири Хуросон расул фиристед.

Абдуҷаббор: Он вақт фикри Абоиброҳим низ маълум хоҳад шуд ва тибқи он амал хоҳем кард. Ба амирам номаи муфассал бояд навишт ва қазияро битамом баён бояд намуд. Вассалом.

Амри Лайс: Ройи дуруст ҳамин аст.Он гоҳ амири Хуросон ба салоҳияти хеш амал хоҳад намуд.

Абуюсуф: Афсӯс... афсӯс... Мурод наздик буд.. Ҳама чиз дар дасти қазост.

Амри Лайс: Абоиброҳим ба танҳоӣ метавонад аз ӯҳдаи ин амали шарофатманд сарбаландона барояд. Шумо дар ин хусус парво накунед. Муҳим он аст,ки ҳадаф бошад. Дил танг мадор ки Баҳром аз Ҳиндустон савори пил хоҳад омад...

Абуюсуф: Дар Бағдод чи чиз интизор буданашонро амирам тасаввур карда метавонанд? Ишон бо ҷанобашон чун рафтор хоҳанд намуд?

Амри Лайс: Аз он ки ин ҷо умр ба беҳуда дар интизори номаълумиҳо бигзаронӣ, магар хубнест ки бидонӣ бо ту чи хоҳанд кард. Ман пеш аз он ки тасмимамро бигирам, неку бадашро барои худ санҷидаам. Агар хуб рафтор кунанд, ба мисли Афшин Ғурак писари Ковус ба ҷазои гуруснагӣ дар кунҷи зиндон ҳалок хоҳам шуд. Дар акси ҳол ҷазоямро на камтар аз ҷазои Мозиёр ва ё Бобак муқаррар хоҳанд намуд. Ин муҳим нест. Магар мо хиёнати ишонро кам дидаем. Онҳо ҳеч гоҳ моро бо хеш дар як саф намегузоранд. Онҳо бо Абумуслим чӣ кор карданд! Аз тааҳудоте ки бо ӯ баста буданд , рӯ гардонданд. Бусалмаву оли Бармакро куштанд. Афшину Бобаку Мозиёрро ба дасти худамон аз миён бардоштанд. Ибни Муқаффаъро зинда-зинда аҷзо ба ҷазо андар оташ андохтанд. Бо ман аз он зиёд

намекунанд. Дар сиёсат ба манфиати бегонагон хидмат кардан ҳамеша оқибати ҳузнангез ба ҳамроҳ дорад Ин омилро ҷуз Яъқуб дигар давлатмардони мо нодида мегирифтанд ё мегиранд. Сукути хонадони Тоҳириро аз мо медонанд. Мо ба онҳо то он лаҳзае зарурем, ки заиф бошем. Мо барои Бағдод номатлуб будем. Икрор мекунам,-хато аз ман ҳам гузашт.Қудрат то андозае маро худкома сохт. Имрӯз ки фикр мекунам, маро гофилгир карда, ноаён бар оташи худхоҳиям равған рехта будаанд. Онҳо барои чунин як фарҷоме бо ҳама рафтори ман муросову сабр мекардаанд. Вале ман бо он чи бо ишон кардаам пушаймон нестам. Ва дар вопасин нафас ҳам мехоҳам ба рӯяшон бингарам ва ночиз буданашонро барояшон бинамоёнам.

Абуюсуф: Бо ин ҳам муросо хоҳанд кард,вале ба мо чи ҳаз! Боз ҳам ба манфиати Бағдод хоҳад буд.

Амри Лайс: Вале ин ҷо монданам ҳам ба манфиати шумо нахоҳад буд.Фақат барояшон баҳонае мешавад, ҳарчанд медонанд ки ман барояшон сари мӯе дигар хатарнок нестам. Ман намехоҳам ки ҳатто ба фарҷоми худ коре ба манфиати шуми онҳо карда бошам. Вале афсӯс, Абоиброҳим бағоят худотарс аст ва ишонро ончунон ки бояд бошанд, қабул мекунад, кизбу риёшонро ба чои сидқу марҷеъият қабул мекунад. Онҳо бо он чи мекунанду ҳастанд бовар надоранд. Онҳо ҳатто ба расули худо,ки хешро аз он тухма медонанд, бовар надоранд. Агар бовар медоштанд, ба хонадони пайғамбар чунин рафтор наменамуданд. Не, онҳо ба он чӣ мо барояшон хун мерезем,бовар надоранд. Ҳатто ба дини овардаашон имон надоранд. Ва мо ин риёву кизбро ҳамчун амри мусаллам мепазирем. Ҳамин ки касе аз аслашон аз андешаашон, аз асли зиндагиашон огоҳ шуд ё заррае ба ниятҳояшон , фиребу дӯруғашон пай бурд, ӯро аз роҳи хеш мебардоранд. Бағдод дар ин масъала дижи руин аст. На касе аз он хориҷ мешавад ва на касе ба он ворид мегардад. Рӯзгори ишон андаруни ин дижи рӯин қиссаи “Ҳазор достон” аст. Кадоми онро гӯям?! Барои хондани он як умр, намерасад. Инҳо аз уммавиҳо заррае кам нестанд, балки аз ишон гӯйи сабқат мебаранд. Аз куфр сухан гуфтан сафои имон мебарад.

Абуюсуф: Ҳар чӣ мехоҳӣ далел биёвар, вале тасмим хатост, беҳудааст. Ман онро пазируфтан наметавонам. Фарҷоми шумаш ҳар чи бошад бар гардани худи ишон аст.

Ман дигар ҳарфе надорам. Шумо чӣ мегӯед?

Абдучаббор (ба худ омада): Ишон дигар тасмимашонро гирифтаанд ва далел ҳам доранд.

Абуюсуф: Боз нагӯед, ки нагуфта буд. Бигзор гуфтаи шумо шавад. Ман имрӯз ба Бухоро расул мефиристам. Номаҳо якчоя бинвисед

Амри Лайс: Барои охирин бор таманно мекунам: Дошгани гургҳо бар оҳу ҷабр аст.

Абуюсуф (*механдад*): Онҳо хӯса ҳастанд.

Амри Лайс: Барои оҳу фарқе намекунад.

Абуюсуф: Бошад.

Ва ба назди панҷара меравад.Ба сӯйи қафасҳо менигарад. Дар ҳақиқат оҳу пиру лоғар шуда буд. Ва ба худ меандешад: "Осори солҳост!"

БУХОРО

Амир Исмоил дилтангона, бо авзои гирифта байни сутунҳои толори нимравшани боргоҳ гардиш мекунад. Вазири барид Муҳаммад бини Нӯҳ бар суффае оромона нишастааст ва гӯш ба қимори фармоишоти амир мебошад. Вале амир Исмоил ҳузури ӯро аз ёд бурдааст ва худ ба худ ҳарф мезанад ва бар Нӯҳ чунин менамояд, ки ӯ ҳазён мегӯяд!

Амир Исмоил: Сараш бод гирифтааст. Ҳар киро сараш бод гирад,ба сӯйи маргаш мешитобад. Намедонам чаро зиндагӣ ин қадар бар дилашон задааст. Ӯ гумон мекунад халифа сарашро навозиш мекунад. Табиист, саратро навозиш хоҳад кард! Ончунон ки Ҳорун сари Зайди алавиро. Сарашро ба хок супурдед? Ба ҳар навъ сайид аст, аз тухмаи пайғамбар! Ба як реша ба тухмаи Сосон мерасад. Бар ин арзу бум бегона нест. Аслан ки сайидзодагон бегона нестанд. Боди буруташон низ аз ин ҷост! Ҳатман бо шарофати он роҳзан моро бо Муовияву Язид-ул-лаъна ба як саф хоҳанд гузошт ва соли дароз мардумро ба мӯя кашидану дашноми ин "кофар" барангехта хоҳанд кард. Ҳорун, дар воқеъ коре кард, ки шоистаи як роҳзан аст. Бо Абулҳусайни Зайд чӣ кардед?! Умедворам он чи бо падараш рафт,бо ӯ накардаанд. Мегӯянд марде фозилу олим аст, дуруст аст? Фаҳмидед? Ӯро ҳозир кунед. Ман худам бо ӯ суҳбат хоҳам кард.

Мухаммад бинни Нӯҳ аз паи ихзори асир меравад ва амир Исмоил худ ба худ меандешад.

"Ҳарчанд сипоҳи алавӣ ҳазимат ёфтаанд, вале минтақа ором нахоҳад гирифт. Мардумро, он чунон ки сирати алавиён аст, дар муқобили халофат қарор хоҳанд дод. Абулҳусайни Зайдро ба саёдати хеш боядончо фиристод, то аз шӯришҳои эҳтимолӣ пешгирӣ шавад. Дар акси ҳол..."

Муҳаммад бинни Нӯҳ сайиди асирро пешандози ду сарбоз меорад.

Амир Исмоил: Ҳанӯз дар банд?! Инсон қодир нест дар як вақт ҳама чо бошад,ҳамаро бинад,ба як амал ҳазор кирдор кунад. Ин тачовуз бар Ҳукумати худованд аст, аз як банда даъвии чунин иддао куфр аст,писарамӯи азиз! То ба кай ҳама корро ман худам мекунам?! Инсоф диҳед. Зӯри ман барои расидагӣ ба ҳама корҳо намерасад! Пас шумо давлатмардони кишвар ба чӣ кор меоед?!

Ва худ амир Исмоил ба боз кардани банди дасту пои Абулҳусайни Зайд бинни Муҳаммади Зайд фарзанди доии мақтул мешитобад, вале Муҳаммади Нӯҳ пешдастӣ мекунад ва амирро аз ин амал пешгирӣ менамояд. Ӯ бо сарбозҳо якчоя дасту пои сайиди асирро аз банд озод месозад.

Амир Исмоил: Ман ҳеч гоҳ розӣ набудааму нестам, ки бо асирон, хусусан асилзодагон ҳамчунин рафтор кунанд. Ин амали язидӣ аст! Ман ичоза нахоҳам дод! Дигар бас аст! Ман намедонам ин талафоти сайидзодаро чун метавон ҷуброн кард. Ин сӯги ман аст, ки перомунамро роҳзанону худкомагон гирифтаанд.

Зайд: Аз қазо чунин рафта будааст ва андӯҳу нороҳатии амирамро сабабе намебинам. Аъмоли Амри Лайс беҳин сабаке буд. Амирам дар ин амр ҷурме надоранд. Хашму нописандӣ равони марҳумро тира сохта буд. Мучрим мо ҳастем, ки бар ишон лашкар кашидем. Мо сазовор ба накӯҳиш ва укубату хорӣ ҳастем. Хоҳиш мекунам аз сари меҳрубонӣ бар мо гузашт кунанд, аз гуноҳамон даргузаранд ва он чи сазовор бар аъмоламон аст, он раво бинанд...

Амир Исмоил ба гӯшаи даст ашки чашмонашро пок месозад ва сайидзодаро ба канор мекашад ва сарашро бар китфони ӯ мегузорад. Вале наметавонад ашкашро боз дорад ва ҳамчунон мегиряд.

Зайд: Аз мо гузашт, ки насиҳати амирамро напазируфтем ва аз мақсади хеш барнагаштем. Тақдир чунин буд ва ҷои таассуф нест. Мо бо ҷомаҳои сафед ботини сияҳ доштаем ва солори ғозиён ҳанӯз бо парчами муслимӣ кори сафеди ҷадди мо мекунанд.

Амир Исмоил Абулҳусайни Зайдро дар бараш менишонад. Бузургони давлат ворид мешаванд.

Симо-ал-Кабир: Ҳасан бинни Муҳаммад омадааст .

Амир Исмоил: Ӯ кист?

Симо-ал-Кабир: Ибни Толут, аз сарҳангони Муътазид. Дар хусуси Ҷӯйи Мӯлиён...

Амир Исмоил: Ин муомиларо ба вақти дигар гузоред ва ё ҳуҷҷатҳояшро омода созед.

Симо-ал-Кабир меравад. Амир Исмоил ба суханонаш идома медиҳад.

-Чаро сипаҳсолори мо Ҳамӯя бини Алӣ ҳузур надорад?

Ҳама ба сӯйи якдигар менигаранд ва аз якдигар ҷавоб мечӯянд, вале дар ҳамин вақт Ҳамӯя бинни Алӣ ҳозир мешавад. Ҳозирин нафаси осуда мекашанд.

-Мо маслиҳати шуморо гирифтем, дар ҳаққи Ҳорун хато кардем. Набоист ӯро мефиристодем.

Ҳамӯя: Амирам, ҷанг аст. Агар накушӣ кушта хоҳӣ шуд. Агар зафар наёбӣ мағлуб хоҳӣ шуд. Ҳеч сипоҳе бахуд ин зиллатро раво намебинад.

Амир Исмоил: Сулҳ ҳам усули ҷанг аст!

Нӯх: Доии Табаристон напазируфт.Ин ҷо гуноҳи мо нест.

Амир Исмоил ба Абулҳусайни Зайд рӯ меоварад:

-Сайидзода назди мо мӯҳтараманд. Ишон ба гирифтани ҳар гуна тасмим ихтиёр доранд. Агар хоҳанд метавонанд ба ниёбати мо ба Табаристон баргарданд.

Зайд: Аҳволи Табаристон аз ҷангҳои охир тағйир гирифт ва наметавонам он ҷо бишавам. Дар Бухоро мондан авлотар.

Амир Исмоил: Ин чун мешавад, ки аҳли аёл он ҷо бошад...

Зайд: Ман ҳанӯз издивоҷ накардаам, балки фурсате наёфта будам.

Амир Исмоил: Агар сайидзода зид набошанд, мо худамон барояшон аз Бухоро ҳамсари муносиб пайдо мекунем.

Абулҳусайни Зайд аз хиҷолат сар поин меоварад.

-Алҳол барои сайидзода хонаи муносиб пайдо бинамоед ва мухориҷашонро низ аз байтулмол муайян хоҳем намуд.

Зайд: Адолати амирам дар ҳаққи банда беандоза аст. Бисёр шунида будам ва имрӯз аён мебинам.

Амир Исмоил: Ҳар он чи дар бораи амир ё шоҳ мегӯянд, ба тамҷит аст, ғулув аст, ба он бовар намекунед. Шоҳон ба мисли оташанд: қурбашону ғурбаташон бисӯзонад. Аз ин рӯст, ки мегӯянд: Меҳру кинаашон яксон аст.

Зайд: Бигзор ҳар чи гӯянд, мо амири хешро шинохтаем. Ва аз сабабҳои ин ҷо монданам ҳам амираманд.

Амир Исмоил: Агар сайид солиён назди мо биншинанд суханашон тамҷид барояд ва сухани ба тамҷид касро ғофил гардонад ва аз ин рӯ гуфтаанд, ки ҳаром аст. Сайидзода хеле кӯфти роҳ бардоштаанд ва ҷароҳаташон дар сӯги падар хунчакон аст. Хуб мешуд ишон ба гармоба мерафтанд ва истироҳат менамуданд. Сӯҳбати мо ба ҷое намегуреазад. Умедворам ишонро ҳамеша хоҳам дид.

Амир Исмоил Абулҳусайни Зайдро то назди дар гусел мекунад ва дар фарҷом мегӯяд:

-Умедворам, ба таври доимӣ аз сӯҳбати шумо баҳравар хоҳам шуд.

Зайд (*шӯхиомез ,вале маълум аст, ки дар ҳузури шоҳ одоби муоширатро риоя менамояд*): Амирам дар нисбати ман ғулув мекунанд... Мо мӯҳтоҷи сӯҳбати пурбаракати ҷаноб ҳастем.

Амир Исмоил ғамгинона лабханд мезанад. Абулҳусайни Зайд таъзим намуда, бо ҳоҷиби сарой баромада меравад ва амир Исмоил бачои хеш бармегардад.

Амир Исмоил: Ба ин қабоҳат кушта шудани Муҳаммади Зайд дар саросари олами ислом инзиҷор ба амал меоварад! Тамоми кори давлатдории моро хатти батлон мекашад. Кулли шайъин арҷаъа ило аслиҳӣ . Таррор таррориящро кард. Тадбир чист? Ин тари ӯро кӣ хушк мекунад?

Хоҷаи Бузург: Худаш. Минтақаро хуб медонад, мардумонашро хуб мешиносад.

Амир Исмоил: Боз ҳамон!

Нӯҳ: Хоҷаи Бузург дуруст мегӯянд, алҳол барои ин минтақа аз вай воридтар касеро надорем. Бо ирсоли шахси дигар метавон харҷу марҷро тезонд.

Амир Исмоил: Кӣ кафолат медиҳад, ки ӯ аз ин бадтар накунад?

Нӯҳ: Шоҳам,ман дар ин амал ҳеч қабоҳат намебинам. Донии алавӣ сазовори амалаш чазо гирифт.

Амир Исмоил (бо хашм омада): Магар моро бо Язид дар як саф гузоштан ин қабоҳат нест?!

Нӯҳ: Бар мардум зулм кардан, молу мулки ишонро ситонидан,ба номуси ишон дастдарозӣ намудан ҳам қабоҳат аст. Мо мардумро аз золиме раҳо кардаем.

Амир Исмоил: Ва золими дигареро ба ҷойи ӯ гузоштаем!

Нӯҳ: Алҳол ӯ зарур аст. Вале ҳамеша аз ӯ бохабар бояд буд.

Амир Исмоил: Аз ӯ шак доред?

Нӯҳ: Аз ӯ ҳар бало сар заданаш мумкин аст. Аз бало ҳазар гуфтаанд. Вале имрӯз ӯ зарур аст.

Амир Исмоил: Э хушо ба ҳоли мо ! Дар як мамлакати бузург як нафари сазовор наёбӣ? Бигзор ин бор ҳам ба гуфти шумо шавад! Маншури хукумати Табаристонро барояш бифиристед, вале зинҳораш диҳед. Ман намехоҳам дигар аз ӯ дардисарҳое дошта бошам. Э кош, саидзода қабул мекард....

Дигар Давлати Сомонӣ то шимол имтидод ёфта буд ва Муҳаммад Ҳоруни Сарахсӣ лаззати хукумат мечашид.

Ва халифаи Бағдод Мӯътазид аз марги салафи хеш Муҳаммад Зайди алавӣ аз муддаиёни ҷалолати халофат андӯҳгин шуда буд ва дар ивази сари бетани Доии Гургону Табаристон сари равон тақозо менамуд:

"Ман Абуабдуллоҳ бинн- ал-Имом Абилаббос ал-Мӯътазид биллоҳ амиралмӯъминин ило Абоиброҳим Исмоил бинни Аҳмад мавлии амиралмӯъминин.."

Ӯ каломи "мавло"-ро ба таъкид набишта буд.

"Амрро бифирист!.."

Аз ин хунбаҳо амир Исмоил андӯҳгин буду тадбир мечуст. Озодагон кай хилофи ваъдаи хеш амал кунанд?!! Онҳо ҳастанд, ки хилофат ба зиёдат мекунанд.Бо сипарӣ шудани садсолаҳо ҳанӯз дунболаи аспи афтодаашон медаванд. Ҳанӯз худовандро моли маврусии хеш мешуморанд ва ҳамчун зимоми қудрат бақои худро таъмин менамоянд. Онро ба минбари хостаҳои ғаризии хеш табдил додаанд. Худоё, худовандо ман ниёиш ба шукронаи ту меку-

нам ва тавакkал барои ту мекунам. Эй Аҳад, эй Воҳид,эй фард, ки туро мислу ҷинсу шабеҳ набошад, эй фард ба зот, ки зоти ту ба ҳеч зот намонад, эй дар ато фард, эй дар карам фард, ки беистиҳқоқ ато дихӣ, эй дар ғуфрон фард, ки бешумор омӯрзӣ, э й дар накуӣ фард, ки бе эҳтиёт андаке бипазирӣ; эй дар ҷабборӣ фард, ки ҳамаро бишканӣ, эй дар малаки фард, ки ҳама малакон ба малаки ту малаканд ва ту бо малаку бемалак малакӣ, эй дар моликӣ фард, ки ҳама моликон ба мулк маликанд ва ту бе мулк моликӣ, эй самад, эй ки ҳамаро ба ту хоҷат буваду туро ба кас ҳоҷат на, эй бениёз, эй қадим, ки туро аввалу оғоз набошад, эй олим ба илм; эй қодир ба қудрат; эй ҳай,эй боқӣ, билниҳоя, эй азали азалҳо, эй сайиди ҳафт осмону ҳафт замин, эй бе халқ холиқ, эй раҳмон фид-дунё ва эй раҳим фил-охират, эй мурид ба иродати қадим, эй хоҳо, эй ба зоти хеш ҳаким, эй розиқ, эй рауф, эй мутакаббир, эй бузург бо худ, эй мавсуф ба ҳарчи худро бад-он васф кунӣ,эй мусаммо ба ҳар чӣ худро бад-он ном дихӣ...

Ва зери дарахти бузурге парандагону чарандагон гирд омадаанд ва шере бузург гирдогирди ишон мечархад...

Ва шоҳине азим аз тори ин дарахти осмонсой ба парвоз меояд, болҳояш ҳама ҷо соя меафкананд...

Ва моҳие азим бар дарёи муҳит шиновар аст...

Ва гове азим заминро сари шохи заррин гирифтаасту бар моҳӣ шиновар аст...

Ва ҳафт осмон дар гардиш...

Ва ин ҷаҳон аз карон то карон дар зеҳн нопадид, ақл дар шинохташ тифли безабон, нотавон...

Эй Ахмад, ман натавонистам ин достонро то ба поён бароят тавзеҳ дихам.... Шояд он замон фурсат надоштем, вале имрӯз фурсат рафтааст. Ту бузург шудай.Он муғи китобдор ҳам намондааст. Ва ин дарахти азим хам пажмурдааст, ин хазандагону чарандагон решаҳои онро макидаанд, хойиданд. Парандагон аз шохсоронаш паридаанду ба акcои олам фирор кардаанд...

Ва Симурғи шохсораш ба зеҳнҳо кӯч бастааст...

Ва Ҷамшед худовандро аз офариниши хеш хичил гардондааст...

Ва Нӯҳ худоро пушаймон сохтаст...

Дигар шабушкҳо ба боли малаххо лона кардаанду ишон аз парвоз мондаанд,коҳил шудаанд... Чун чӯгиён расола-

ти хешро фаромӯш кардаанд. Дигар ин диноварон динвар шудаанд.

Эй бузург меҳано, эй Бузург Хуросон, дигар тобиши ховар аз туст! Ту расолати хешро дарёфтаӣ! Пайки ту омад, Бахроми ту омад! Бо ороста дирафш ба ойини хусравон! Дигар офтоб аз дили ту уруҷ хоҳад намуд. Ту дигар ба Кайхусрави хеш бол хоҳӣ дод! Ту Ҷамшедро ба сарзамини ҷовидона ҷавониҳо хоҳӣ кашид! Эй Хуросон, Эй сарзамини пайёмоварони раҳоӣ,эй маҳди Офариниш! Ҷовидона моно!..

Ва он шаб хоб ба дидаи амир Исмоил наёмад. Қаср оромӯ сокит буд. Аз дурҳо, аз найистонҳои Ҷӯйи Мӯлиён гоҳ аз гоҳ садои шағолон ба гӯш мерасид. Ва шери шаҳзода Аҳмад тани танҳо даруни даҳлезҳои қасри шоҳӣ гардиш мекард.

Ва Амри Лайсро бар тахти равон ба Бухоро меовардand...

Худо шоҳид , амир Исмоил инро намехост. Ва фардо бо ӯ чун рӯбарӯ хоҳад шуд?!

Аз ҳар канораи шаҳр садои муаззинҳо мардумро ба намози бомдод фаро мехонд. Амир Исмоил ҳанӯз дар намози хуфтан буд.

Сапедаи саҳар густурдатар мешуд. Чорбоғ бо нағмаи мурғон бедор мегашт. Ва ду марде дар дили дашт,зери офтоби тафсон, яке савор бар маркабе ва дигаре пиёда ,яке ташнаву хаста, дигаре роҳату осуда аз бими гармову ташнагӣ мерафтанд. Яке Фарохимиву дигаре Иброҳимӣ, яке беҳдину дигаре ҷуҳуд...Он марди савори беҳдин ҳатто асбашро бар хӯи хеш парварда буд ва лавозимеро ки бар як мусофир зарурат дорад,бар он бор карда, вале марди ҷуҳуд бору барге надошт. Байни ишон гуфтугӯе ба вуқӯъ омад.

Марди савор: Мазҳабу эътиқоди ту чист?

Ҷуҳуд: Эътиқоди ман ин аст ки дар осмон худост ва ман бандаи ӯ ҳастам ва аз ӯ мехоҳам ки ба ман ва ҳар касе ки бар дини ман аст хайр расонад. Муътақидам ки ҳар касе бо дини ман мухолиф бошад хуну молу арзу аҳлу фарзандонаш бар ман ҳалол аст ва ёрии ӯву насиҳати ӯву муруввати ӯву тараҳҳуму шафқати ӯ бар ман ҳаром аст. Ин аст

1.Фароҳим (Phrahim) бобои модарии Зардушт.

2. Арабҳои даврai аввалро дар Ironзамин ҷуҳуд меномиданд.

мазҳабу эътиқоди ман. Акнун ту бигӯй ки дину мазҳабат чист?

Марди савор: Мазҳаби ман ин аст, ки ман барои худ ва тамоми инсони замин хайр талабам ва барои ҳеч кас аз офаридаҳои худо бад намехоҳам,хоҳ бар дини ман бошад ва хоҳ мухолиф бошад ва мӯътақидам ки бо ҳар ҷондоре бояд меҳрубон буд ва бедоду номардумӣ набояд кард. Ҳар гоҳ касе дардманд бошад ман ҳам дар худ дарди ӯро эҳсос мекунам ва орзумандам хайру саодат ва сиҳату масаррат ба ҳамаи мардум яксара баробар бирасад.

Марди ҷуҳуд: Агар касе ба ту зулму бедод кунад, чӣ мекунӣ?

Марди савор: Ба худованде додгар бовар дорам, ки зулму бедодро посух медиҳад ҳамчунон ки эҳсону некӯиро подош мебахшояд.

Марди ҷуҳуд: Аммо ман мебинам, ки ту тибқи дини худ амал намекунӣ.

Марди савор: Чӣ гуна?

Марди ҷуҳуд: Ман ҳам аз чинси ту ҳастам ва мебинӣ, ки пиёдаам ва зоду тӯшае надорам,хаставу гурусnаам,дар ҳоле ки ту бар асп саворӣ ва бору буна фаровон дорӣ.

Марди савор: Рост мегӯй, ин мурувват набошад.

Аз асп ба зер меояд. Суфра мегустарад ва он чӣ аз хӯрданиву ошомиданӣ, ки дошт бар сари суфра мениҳад. Марди ҷуҳуд харисона шикам сер мекунад. Он гоҳ марди зардуштӣ ҷуҳудро бар аспи хеш савор мекунад ва худ пиёда ҳамерафтанд. Ҷуҳуд аспро маҳмез мезанад. Марди зардуштӣ зи дунболаш фарёд мезанад:

-Эй мард,маро танҳо магузор, ки дар ин биёбон безоду тӯшаву маркаб ҳалок хоҳам шуд.

Марди ҷуҳуд: Магар ман динамро ба ту нагуфтам, ва ту ҳам мазҳабатро ба ман гуфтӣ. Ту ба дини хеш амал кардӣ ва ман ҳам мехоҳам тибқи мазҳабам рафтор кунам.

Марди ҷуҳуд бе ҳеч биму афсӯс аспро биронд ва марди зардуштӣ аз дунболаш медавид ва мекӯшид ӯро ба сари салоҳ биёварад,вале беҳуда. Ҷуҳуд дар мазҳаби хеш устувор буд. Ба насиҳату шикваи зардуштӣ эътино накарда бирафт. Марди зардуштӣ вомонда миёни биёбон бимонд. Пас дил ба сӯйи худованд карду гуфт:

-Худоё ман ба ақидаи мазҳабиву инсоним амал кардам ва бар ту аз ин моҷаро чизе пӯшида нест.

Пас ба рох афтод. Ҳанӯз чандон роҳе нарафта буд,ки дид асп ҷуҳудро бар замин афканда ва худ ба гӯшае истодааст. Марди ҷуҳуд гардану пой шикаста,зору низор бар замин аст.

Асп соҳибашро шинохта ба сӯяш меравад. Марди зардуштӣ бар асп савор шуда қасди рафтан карда буд, ки ҷуҳуд бо яъсу навмедӣ фарёд зад:

-Эй мард, ман акнун бештар сазовори раҳматам ва ту ҳам бештар аз пеш раҳмат кун, ки ман афтодаам. Бар ман раҳм кун ва бар мазҳаби хеш амал кун, ки он мазҳаб туро ёрӣ карда ва фирӯз шудӣ.

Марди савор: Ту сазовор ба меҳрубонӣ нестӣ, зеро ҷуз худат ба касе мурувват надорӣ.

Марди ҷуҳуд: Эй мард, сарзанишам макун, ки ба ту гуфтам эътиқоду диёнату мазҳаберо, ки тибқи он парварда шудаам ва падарону пирони мо ба он муътақиданд.

Марди зардуштӣ дубора аз асп ба зер омад, ҷуҳуди носипосро бар он нишонду ба шаҳр бурд.

Амир Исмоил бар ҷойнамози хеш аз арақ тар шуда буд ва он қадар хаставу беҳол менамуд, ки гӯё тамоми биёбонро пиёда паймуда бошад.Дар ҳақиқат буд ё дар рӯъё ӯ ҳамсафари ҷуҳуде биёбонро пиёда паймуда буд.Ва ҳанӯз даруни як шаҳри пурмағалу ноошнову пурдуд ва мардумаш бегона ҳайрон гардиш мекард,ки чанд шаҳнае ӯро боз доштанд. Ӯ сабаби боздошт шудани хешро пурсон шуд, вале шаҳнаҳо сӯяш бо тамасхур лабханд заданд, ки ту марди ғариб ҳастӣ. Дар ин шаҳр бар бегонагон ҷой нест.

Амир Исмоил эътироз кард, ки чун бегона аст. Ин шаҳру кишвар аз рӯди қолубино аз они онҳо буд. Ин бор шаҳнае ба баногӯшаш муште заду гуфт:

-Оре, аз шумо буд,вале худованди таолло насиби мо гардонд. Магар ба ҳангоми кандани Хандақ нашнида будӣ, ки ҳамаашро бар мо ваъда кард. Боз худро ба нодонӣ задану пурсидан чист? Беҳтар аст, бигӯй, аз тӯшаи рох чӣ дорӣ?

Амир Исмоил аз бими мушти дуввум ноилоҷ гуфт:

-Бо худ аспе дорам.

-Кучост?

-Дар корвонсарои соҳил (*худ ба худ*) Ҳанӯз моли Оли Бармакро ба ғорат мебаранд!...

-Эй аҷамӣ, бо худ чи ғур-ғур дорӣ?

-Ҳеч.

Ва ӯро ба сӯйи корвонсарой бо ачала мебурданд. Шаҳр дар ҳакикат бӯйи ганди мурдахо мекард ва аз ҳар тараф боди саргардон бӯйи фасод меовард. Аз зиёдии пашша дахон кушодану ҳарф задан ва ё бо бинӣ сахт нафас кашидан намешуд. Бими он дошт ки бар замири одам ворид шаванду касро аз дарун холӣ кунанд. Бозори пашшахо!

-Ин чи шаҳр аст? - ба тарс мепурсад амир Исмоил.

-Оё тағйир кардааст? - бо хушунат чавоб медиҳад шахна.

-Ман онро намешиносам. Пас тағйир кардааст.

-Ин Дорулхилофа аст!

-Яъне Багдод? Ман аспамро ба Тайсафун гузошта будам.

-Ту моро масқара мекунӣ, эй ачамӣ?

-Ман барост мегӯям.

-Бо вучуди он ки маволӣ, аст боз девона ҳам будааст. Ва ё мехоҳад худро хамчунон намоёнад, моро гӯл занад. Аз инхо эхтиёт боид кард. Макри ишон поён надорад. Магар инхо набуданд, ки бинни Аббосро дарди сари мо гардонданд.

Амир Исмоилро ба корвонсарой бурданд, вале аспи ӯ набуд.

-Асбатро мешиносӣ? Чун буд?

-Сафед. Ба мисли абри бахор...

Онхо хама корвонсаройхои шахрро гаштанд, вале аз аспи Сафед ному нишоне наёфтанд.

-Ту дурӯғ мегӯй. Ҳеч гах аспе ҳам надоштай,хостӣ моро гӯл бизанӣ.

-Мо дурӯғро душман медорем ва дурӯғгӯйро душмани худо медонем.

-Пас кучост?

-Дар Тайсафун....

Шахна аз рӯи хашм ӯро мушти дигаре мезанад.

-Ӯро рахо кун. Як ачамии чинние будааст.

-Рӯзи мо ба умеди аспи "Сафед"-и ӯ бебахраву бехосил ба абас рафт. Ман ӯро хамин тавр рахо нахохам кард.

-Либосашро бигир.

-Киро намекунад. Вале барои ноумед нашудан ба хамин хам каноат мекунем.

Амир Исмоилро бо либоси таг мегузоранд. Ӯ аз шар-

мандагии урён мондан худро аз дарун пашшаҳову фасодҳо ба соҳили рӯди Арванд мекашад.

Ва дар фаросуйи Арванд сари бетани Яҳё ҳанӯз бар шохаи сарве месӯхт. Бегумон ин ҳамон сарвест, ки писари Тоҳир ба буриданаш амр карда буд. Онҳо якчо, ҳамтан месӯхтанд.

Ва аспе Сафед аз бими шере гирд бар гирди он медавид, мегурехт. Пушти асп холӣ буд, саворе надошт. Аз қазо асп ба суръати бод аз ин ҳалқаи гирдгардон раҳо мешавад ва ба сӯйи тулӯи хуршед фирор мекунад. Бегумон бӯйи сояҳибашро аз хилоли бӯйҳои гандида мешамаду ташхис медиҳад, мешиносад. Худоё ӯро бе газанд ба соҳибаш бирасон!..

Ва амир Исмоил чун афсунгарони Бағдодӣ ,чун Синдбоди дарёгард аз болои рӯди азими Арванд Исовор мегузарад, дунболи аспи Сафеди хеш меравад. Ва аз шаҳри пуртаафун ба гӯшаш садое ҳамчун нағвое пур аз умед мерасад: Худоё, худовандо ин манзилро ба соҳибаш бирасон!...

Ин садоҳои фаросӯй ӯро чолоктар, тезгомтар мегардонанд.

Дари ҳуҷраи намозгити амир Исмоил ба садое нолон боз мегардад ва хоҷиб солори бузурги даргоҳ ворид мешавад. Амир Исмоил аз ҷойнамози хеш мехезад. Нури хуршед сари шохсоронро заррин гардонда буд. Ҳоҷиб панҷараҳоро, ки ба сӯйи чорбоғ менигаристанд,боз мекунад.

Амир Исмоил: Ин чи бӯйи фасод аст, ки аз қаср меояд?

Ҳоҷиб ҳайрон китф дар ҳам мекашад ва бечуръатона бо тарс ҳавои ҳуҷраро бо садои шунаво мешамад.

Хоҷиб: Шоҳам ,бӯе ба машоми ман намерасад.

Амир Исмоил: Панҷ бор бояд таҳорат кард, дар ҳафт қадам. бояд даст шуст!..

Амир Исмоил ҳанӯз дар тасарруфи рӯъёи хеш буд, вале ҳоҷиб аз қазия бехабар чӣ гуфтану чӣ карданашро дигар намедонист. Амир дилтангона ба сӯяш нигарист.Чӣ зарурате дар ин субҳи барвақт ҳоҷиброро ба ҳуҷраи ӯ овардааст? Ҳоҷиб бечуръатона сухан оғоз мекунад.

-Аз Бағдод расуле омадааст ва бор мехоҳад.

-Ашнаси ғулом?

-Магар кораш таъҷилист, ки ...Аз Самарқанд чи хабар?

-Амри Лайс ба Ромитан расидааст ва интизори фармои-

ши шоҳам аст.

-Барояш ҷойгоҳе шоиста муҳайё созед. Ӯ назди мо асир нест!

Онҳо аз ҳучра бадар шуда, аз толорҳо гузашта ба боргоҳ мераванд. Амир Исмоил таи рох дар хусуси Амри Лайс меандешид, вале ба натичае намерасид. Расули Бағдод хатман ба талаби ӯ омадааст.. Агар ӯ худ нахоҳад ... худкардаро даво нест..

Умаро ҷамъ омада буданд.

Деворнигораҳои толори боргоҳ гӯё ҳаёт ёфта буданд. Ҳаракат мекарданд, мечунбиданд,балки ҷунбу ҷӯш дошганд. Пирмарди нуронӣ, ки тамоми шаб амир Исмоил бо ӯ сухбат дошт, ҳанӯз сухан мекард. Ва суханони ӯ чунон гирова рӯшан буд, ки ӯро дар бедории хеш ба иштикок меовард. Ӯ бо оҳистагӣ аз байни сутунҳои мунаққаш гузашта ба умарои дарбор ба имтиҳон менигарист. Оё онҳо низ ин каломро мешунаванд? Вале дар ваҷоҳаташон чизе ки намудоркунандаи ин ҳол бошад мушоҳида намешуд. Аз хилоли лабҳои ҷовидона сокиту беҳаракати пирмард суханҳо чун оби равону гуворо фаввора мезаданд:

"-Эй касоне, ки аз дуру наздик барои огоҳ шудан омадаед, ман акнун бароятон сухан хоҳам гуфт. Гӯш фаро дихед ва бишнавед ҳакикати рӯшанеро, ки ба шумо меомӯзам. Бодиққат ба хотир биспаред,мабодо бори дигар омӯзгори бадҳоҳ зиндагонии мардумро табоҳ созад ва дурӯғпараст бо қаҷомӯзии хеш ононро гумроҳ намояд..."

Амир Исмоил пеш аз он ки бар тахт нишинад,бори дигар баргашта ба умаро менигарад.Онҳо ҳанӯз хомӯшанд ва интизори фармоишоти ӯ ҳастанд. Вале ӯ ба таъкидхое, ки аз хилоли девори боргоҳ мешоранд гӯш фаро додааст.

"- Акнун дар бораи ду минӯ ё ду гавҳаре, ки дар огози зиндагонӣ вуҷуд доштаанд, сухан хоҳам гуфт. Аз ин ду гавҳар он яке ки поку муқаддас буд ба ҳамзоди хеш гавҳари палид чунин гуфт: Ҳеҷ гоҳ андешаву омӯзиш ва иродаву имон ва гуфтору кирдору вичдони мо бо якдигар созиш надошта ва аз ҳам ҷудо ҳастанд.."

Ва чун тифлаконе фариштаҳӯ дар миёни толор, байни сутунҳо мунаққаши мармарин пароканда мешуданд ба ҳар тараф мегурехтанд, нопадид мегардиданд. Суханҳое ки бар боли фариштагон пароз мекарданд. Эй ҳушо ба ҳоли он тифлаконе ки ба чунин сурат ҳаст меёбанд! Инон аз чисми

кадомин хушбахттарин тане буруз хоҳанд кард?! Чун шоранда обҳо мусаффо, вазанда чун сабуктарин насимҳо,боланда чун оташҳои пок! Худоё, худовандо , дар чунин дунёи девгуна зуллом чандин покиву рӯшанӣ! Ин фақат муъчизи туст. Фақат ту қодирӣ, эй Яктои беҳамто! Эй кош метавонистам бо болҳои шикастаи хеш дунболаи ишон бигирам. Эй ангезонанда бар некиҳову покиҳо, муъчизи туро гӯл мезананд, худогун туро ба сӯи девгунагӣ сӯқ медиҳанд.

"...-поёни зиндагии онҳо пушаймониву оҳу афсӯс хоҳад буд... Ҳастибахши якто ва аз ҳама чиз огоҳро натавон фирефтан..."

Аз забони Амир Исмоил беихтиёр каломи ба қалимат сеҳазорсола садо медиҳад, балки лабҳои то ба ҳол хомӯшу ба ҳам часпидаашро кафонда,начво мекунад.

-Ат хурушиё ҳит мӯй мараут сипентутаму.. - Амир Исмоил аз ин садои пуроҳанг, ки гӯё аз фаросӯйи ин чаҳон дар забонаш қорӣ шула шуда буд,ба харос афтод ва саропои вуҷудаш ларзид.

Амир Исмоил: Касе дигар аз забони ман, ба чои ман мантра мехонд! Шумо шунидед?

Касе аз хайрат чизе гуфтан натавонист. Онҳо низ на камтар аз амири хеш музтариб монда буданд. Ин калому оҳанги қадим барояшон ошно буд, бе тарҷума фаҳмо буд... "Эдун аз суханоне. ки аз сӯйи парвардигор ба ман илҳом шудааст, гуфтугӯ хоҳам кард..." Онҳо ба тааҷҷуби афзун интизор буданд. Ин лаҳзаҳо аз ҳангоматалабони бозорӣ фарқе надоштанд.Вале амир Исмоил аз поёни номаълуми ин ҳодиса бим кард.

Амир Исмоил: Маро танҳо гузоред!

Умаро шитобзадаву ҳароснок боргоҳро тарк карданд. Ва амир Исмоил дар худ мачоли гуфтани "Хаста шудаам"-ро наёфт ва пушташро бар тахт такия дод. Ин каломе аз забон ва ё берун аз ихтиёраш,бо иродаи дигаре садо дод. барояш ошно буд. Ӯ онро борҳо шунида буд. Дар китобхонаи Самарқанд. Аз забони китобдори пир... Дигар на садое буду на сояе. Тасвирҳо дар деворҳо аз калом афтида. Дигар ин сарҳои бетани тасвирҳо мантра намехонданд. Ман танҳо мондаам, худоё ин дугонагӣ дар андешаи ман чист? Ва ё ҳанӯз имони ман комил нашудааст. Ва ё ҳанӯз Ҷамшед даруни ман исён мекунад. Ва ё ман ҳам ба мисли ӯ барои пазириши навин омода нашудаам?! Ҳар чи мета-

вонад, бошад, вале ҷуз ғариза аст. Пас чист,худоё? Ло ҳавла ва ло қуввата ило биллоҳ! Он чи бар забони ман ҷорӣ мешавад,каломи шайтанат нест, гумроҳӣ нест, шак нест. Ҳидоят ба сӯи туст.Вале мансух аст. Ҳидояти қадиму ҷадид аст. Ҷанги қадиму ҷадид нест. Онҳо дар ман сулҳ кардаанд, дар созишанд. Дар танҳоӣ бо ту аз қадим мегӯянд бо дигарон аз ҷадид. Ман бо худам қадимам, вале бо дигарон ҷадидам. Эй яктои беҳамто, ин дугонагӣ чист? Имон ё илҳод? Ғурур ё тарс? Худхоҳӣ ва ё тавотӯъ? Исён ё таслим? Чаро бо худ исёнам,вале бо дигарон таслим? Худоё, ман тарс аз ин дугонагӣ дорам, ки мабодо бар бандагонат ошкор шавад. Он гоҳ аст, ки туро фаромӯш хоҳанд кард,-он гоҳ аст ки бо ному “амри” ту ҷиноят хоҳанд намуд, зеро расолати хешро аз ёд бурдаанд. Моҳияти офариниши туро аз хотирҳо зудудаанд. Онҳо аз як офариниши худогуна, ки ҳар нафас бояд худогунатар шавад, як муҷассамаи Абулҳавл сохтаанд, ба ҳоим сохтаанд. Он чӣ ту дар офариниши ӯ медонистиву дигарон шак карданд, инак ҳам надонистанд. Ҷазои Ҷамшед қаҳри ту набуд, ӯ офаридаи туро ба сӯйи худогуна шудан, инсон шудан мебурд. Инҳо буданд, ки ӯро қаҳр карданд ва аз сироти мустақим баргардонданд, балки тариқи туро ба қаҳр кардани ӯ қатъ карданд. Ман аз ин гуна фарҷомҳо метарсам. Ҷамшедро рад карда, Заҳҳок мепазиранд, Алӣ кушта Муовия меоранд. Инон дар ивази Ту Сикка пазируфтаанд. Ин исёни мардудшудагон аст. Ин тариқи парастандагони гӯсолаи Қорун аст. Гӯсолаи Зарди Сомирӣ!

Эй аз Офариниш бениёз,эй бе ҳама Олам Ҳаст,эй ҳама ҷаҳон дугонаву ту Якто, ман паноҳ фақат ба ту овардаам. Дар ин олами дубуна чун метавон бо ту монанд шуд?! Якрӯ шуд? Якто шуд?!! Оё юге фарохури гардани ғафси ҳафтоду ду миллат фароҳам омадааст?! Оё башар ҳадафи хешро ёфтааст?... Оё башар ҳадафе дорад?! Оё башаре, ки ба гунаи фариштагон бошад, вуҷуд дорад?! Оё башар метавонад худогуна бишавад, дар ҳоле, ки худ вуҷудаш тахтушшои шак қарор гирифтаст? Чора чист? Аз рӯйи сояҳои ин махлуқи башаргуна бояд ҷаҳид? Мисли Ҷамшед бояд парид,чун Кайхусрав бояд рахид.То он замон домонгири ту хоҳанд буд, эй худо. Бо номи ту фасод хоҳанд кард, эй парвардигор. Оҳ агар башар медонист, ки дар самти мукобили ту қарор гирифтааст! Аз ту дур гардидааст! Эй кош башар ин хатои хешро мешинохт ва бар худ икрор мекард!

Ва ҳадафи офаринишро медонист. Он гоҳ буд, ки Иблис бе дасту поча мешуд музтар мемонад, ҳадафи исёнаш бе моҳият мегардид: Иблис ба пӯчӣ мегароид! Девҳои гӯлзанандаи ин махлуқи башаргуна ҳалок мешуданд. Ва аз аъмоли онҳо дигар шигифтзада намешуданд, аъузхонӣ аз забонҳо меуфтод. Вале афсӯс ки ин хом офаридгорро гӯл зад: Иблис аз тани ӯ нарафта буд. Он ки дар баробари фариштагон асмо мехонд, Иблис буд. Аз ин рӯ кори ҳодиён бенатича монд, муслиҳин ба ҷое нарасонданд. Одам фақат лачан буд. Аз ӯ фақат бӯйи бад меомад. Атри фиреби Иблис ҳам ӯро хушбӯй нагардонд.. Деви Видоту! Ҳукумати беқонунӣ! Ҷангали Гаутама! То ба рӯзи Хурдод ҳамчунон боқӣ хоҳад монд....

Шаҳбону ва АҳмадуМуҳаммадиНӯҳ шитобзада ва бо ҳоли парешон ворид мешаванд. Амир Исмоил бо нигоҳе хаста, беморгуна ба ишон менигарад.

Шаҳбону: Шоҳам?...

Амир Исмоил: Фақат хаста шудаам.

Нӯҳ: Басо хуб мешуд агар амирам чанд рӯзе боргоҳро тарк мекарданд ва ба Ҷӯйи Мӯлиён ва ё ҳар чое ки мақбули табъашон бошад, бираванд.

Шаҳбону: Абулаббос Муҳаммад дуруст мегӯянд. Шоҳам бояд чанд рӯзе фориғ аз кори давлат истироҳат кунанд.

Амир Исмоил: Дилам мехоҳад, вале наметавонам.Корҳо хеле зиёданд, корҳое ки анҷом надодаем, хеле зиёданд. Онҳоро бояд амалӣ гардонд. Ин корҳои накарда фурсат намедиҳанд.

Шаҳбону: Охир, то ба кай метавон кори дигаронро кард? Вақти он аст,ки девону даргоҳ ҳар кадоме кори худро иҷро кунанд.

Аҳмад: Дар даргоҳ одамони шоиста гирд омадаанд. Модарам дуруст мегӯянд: Онҳоро бояд масъул гардонд.

Амир Исмоил хомӯшона ба гапи фарзандаш гӯш медод ва бо худ меандешид: салоҳиятдоре ку? Ҳама ба даҳони ман менигаранд. Ман медонам, ки чаро ба даҳони ман менигаранд.Ҳанӯз ман кори хешро ба поён нарасондаам. Аз ин рӯ наметавонам онро нотамом, дар нимароҳ вел кунам... Он гоҳ мебуд,ки ...Инон мехоҳанд аз ман масъулиятамро бигиранд. Бигзоред, ман то поён роҳамро биравам.

Амир Исмоил: Дуруст, ба дарбор мардони фарзона гирд омадаанд. Вале ман худ бояд кори огоз кардаамро ба поён расонам. Мутмаин шавам, ки кори ман поён ёфтааст, мақсади ман ичро шудааст. Кори ман ҳанӯз анҷом наёфтааст. Маслиҳати шумо ҳанӯз нобаҳангом аст, барвақт аст... Хастагии ман мегузарад. Бонуи ман, фарзанди ман,бародари ман мутмаин бошанд, ман ҳанӯз қувва ва қудрати дар худ рафъ кардани хастагиро дорам. Он чи дигарон шуморо ба ташвиш андохтаанд, дурӯғ аст. Ман дар воқеъ чизеро мебинаму мешунавам, ки дигарон аз идроки он маҳруманд, очизанд, бебахраанд.. Хоҳиш мекунам, дар хусуси ман мутмаин бошед.

Тасвирҳои бесари деворҳо ба Иброҳим дар Навбаҳор сухан гуфтанд: "Бемаргӣ ёфта шуд! Дарвозаҳои бемаргӣ кушода шудаанд!" Ӯ ҷома дарид ва аз ин дарвозаҳо Балхро тарк гуфт. Сар дар биёбони беобу бегиёҳи Арабистон ниҳод. Ҳама роҳ ин сухан чун овози табле дар гӯшаш садо медод. Саранҷом ба ҷое дар қалби биёбон расид,ки дигар онро нашунид. Сарашро таккон дод, гӯшашро тоза кард, вале чизе аз он овозро дигар нашунид. Гӯё кар шуда буд! Дигар роҳро гум кард, гӯё кӯр шуда буд. Саргардон дар биёбони беобу бегиёҳ мегашт, роҳ бероҳа мерафт...

Дарвозаҳо имрӯз аз Бухоро кушуда шудаанд! Ин Иброҳим роҳро мешиносад, ҳанӯз ба бероҳа нарафтааст. Худро начот додан рӯшангарӣ нест. Ҷангалистони анбӯҳу пурбим ва торику вахшатзоро, ки беруни ин дарвозаҳост,бояд рӯшан кард.

-Шумо ҳарфе аз ин тасвирҳои мақтулу бе сару по шунидаед? Оё ин овози рӯшану бедоргарро ки аз хилоли ин суратҳо, аз қабати деворҳо ба мисли оби чашмасорон бо садои фораму гуворо берун метарованд, мешунавед? Оё медонед, ки чаро ин нилуфарҳои сурху сафед, гулобӣ ба қаъри ҳавз хазидаанд ва майли буруз намекунанд? Онҳо ин садоро шунидаанду мешунаванд: "Дарвозаҳои бемаргӣ кушода шуданд! Бемаргӣ ёфта шуд!" Ин тасвирҳо имрӯз аз забони ман ҳарф мезананд. Ин дарвозаҳо имрӯз аз Бухоро кушуда шудаанд! Ва ман масъулам, ки ин каррону кӯрон аз ин дарвозаҳо ба бероҳа нараванд. Масъулияти як шунаванда ин садоҳоро ин каломро нишон додани сароти мустақим аст. Бурдан ба сироти мустақим аст расондан ба сироти мустақим аст! Он гоҳ аст, ки ман масъулияти хешро ба поён расондаам, он гоҳ аст,ки дигаронро

бо худ шарик хоҳам гардонд. Ин шӯрии ташнагизоро бо ин каломи тарованда чун чашмасорон боид татҳир кард, боид шуст, то кӯриву каррихо аз байн равад, то ин каломи ташначудой шунида шавад, дида шавад. Он гоҳ аст ки ин бегонагон аз ин ошно бегонагӣ нагиранд, аз дари ошной бо ӯ унс ҷӯянд. На Адҳамвор аз он дурӣ гиранд,роҳ ба бероҳа раванд. Иброҳим боистӣ дигаронро бибарад, на худро бираҳад. Иброҳим боистӣ Гуштосп мебуд. Он гоҳ мебуд, ки кори муслиҳин башарро обистан месохт ва ба ҷое мерасад. Вале афсӯс,нутфаи андешаро дар раҳми башар афтгона аст... Ман ба шумо сирреро гуфтам,ки Ҷамшед дар шаби торик бо худ наёрист! Абунаср мувозиби шерони хеш бош, ба шербонон эътимод нест! Шаҳбону чаро дар фикри фарзанди хеш нестанд ва ё мо бехабарем?

Шаҳбону: Ӯ худ иддао мекунад, ки ҳанӯз барвақт аст. Ба падарат худ бигӯ, ки чаро ҳоло вақт нарасидааст?

Амир Исмоил: Ман беш аз пеш моилам, ки наберагон дошта бошам. Ақалан аз ҷиҳати ворисони хеш дилпур бошам.Ҳо, бисёр мехом.

Абунаср Аҳмад: Ҳанӯз сари қазия наандешидаам, гумон мекунам ҳанӯз аҳамият надорад.

Амир Исмоил: Шояд барои ту аҳамият надошта бошад, ва ин корро беаҳамият гирифтан бемасъулиятист. Моро ҳама корамон , ҳатто андешаамон барои дигарон ҳоизи аҳамият аст. Аз рафтору кирдор ва андешаи мод ар бораи кишвар ҳадас мезананд. Шикор хуб аст, вале ба вақташ Ҳар кор вақту андоза дорад ва берун аз он адаб нест. Ба ҳама корҳо боид расидагӣ кард.

Абнаср Аҳмад: Шоҳам ин гапи бадгӯён аст. Мехоҳанд...

Амир Исмоил: Кори як ҷавони вораста он аст, ки ҳеч бадгӯ дар он раҳ наёбад. Мо фақат аз роҳи гуфтору кирдор ва андешаҳои худ ба дигарон дастак медиҳем, баҳо медиҳем ва қазоват мекунем. То мо сухан нагӯем, амал накунем, шинохта намешавем. Ба гардани дигарон партофтани аъмоли худ ва ба қавли шоҳзода бори гуноҳи бадгӯён хасмон донистани онҳо бемасъулиятист. Ман гумон мекардам, ки танбеҳ ва дашноми муаллим шоҳзодаро дарсе шудааст.

Абунаср Аҳмад он айёмро аз ёд бурда буд. Ва ҳеч гах аз хотираш хутур накарда буд, ки зиндагии ӯ, гуфтору кирдораш мавриди бозпурсӣ карор гирифт. Гоҳ аз гоҳ, ки

модараш вокеан изҳори норизояти мекард,онро аз рашку ҳасади дигарон, бадхоҳонаш медонист ва гӯё бо ин сабукдӯшкунӣ модарашро тасало медод ва худашро фиреб. Ӯ имрӯз дар баробари падараш дар як вазъи ногуворе қарор гирифта буд: мешуд дигар аъмоли худро ба гардани дигарон ҳавола кард. Ӯ дар аввал ҳамчунин кушишеро буруз додан хост, вале мантиқи бемуросои падараш ин далелсозиро ботил гардонд. Ӯ баъди танбеҳи муаллимаш дувумин бор буд, ки дар баробари падараш ҳамчун мучрим қарор мегирифт.

Амир Исмоил: Ин бор на манро, балки худатро танбеҳ хоҳанд дод ва ба худат носазо хоҳанд фиристод. Ҳар бемасъулиятӣ сазовор ба танбеҳ аст! (Ба Шаҳбону ва Муҳаммади Нӯҳ рӯ меорад) Пас худ қазоват кунед, чун мешавад ба дигарон бовар кард?! Ман метарсам, ки тамоми мақсади ман, ки дар сохтану такмили он умрамро ба сар бурдаам, дастхушии бемасъулиятиҳо гардад. Аламон аз он рӯз , аламон! Шоҳзодаи азиз, ман на барои он месозам, ки шумо вайрон кунед.

Ин лаҳзаҳо буд, ки Муҳаммади Нӯҳ фаҳмид: амир Исмоил аз роҳи бародараш амир Наср рафтанӣ нест. Ӯ ҳарчанд аланан иброз надоштааст ва эълом накардааст, вале чуз хонадони хеш бо хеч каси дигар эътимод кардани нест. Наср мебояд буд то барои як ҳадафи бузург бар хостаҳову гаризаҳои ночизи хеш фоиқ омад! Аз худ беҳонро такрим кард. Ӯ дигар он амир Исмоили пешин,яъне бист сол пештар нест, ҳарчанд дар ӯ рафтораш бо дӯстони овони чавонияш тағйире намебинанд. Ӯ бо Муҳаммади Нӯҳ ҳамчунин муносибат мекунад: дуруст аст ки ҳамеша бо ӯ машварат менамояд ва аз муҳимтарин вазоратҳо вазорати баридро ба ӯ бовар кардааст. Шояд ӯ, яъне Муҳаммади Нӯҳ ба ӯ, яъне Исмоил ҳасад мебарад. Вале ҳасади ӯ поя надорад. “Чӣ фарқ дорад?”- кохилона меандешад ӯ - “Муҳим он аст, ки Исмоил ҳам аз ин дудмон аст. Ӯ фақат аз муносибати падару писар каме рашк бурд. Охир ӯ тарғибгару даъвогари бунёд намудани маҷлисе чун маҷлиси ниёгонаш ашконӣён “Магистон” буд, дар ҳайати озодагон, то умури давлатӣ дар он муҳокима шаванд. Шояд ҳамчунон ниятe ҳанӯз дар дилаш зиндааст.

Ва фақат лаҳзае, лаҳзаи танбеҳ додани фарзандаш аз маромаш дур шудааст. Ба мисли ӯ, ки паи як лаҳза нисбат ба салоқати ӯ дар қиболи ҳадафҳояш ба шакку тардид ду-

чор гардид.”

Амир Исмоил: Чаро бародари мо хомӯшанд?

Муҳаммади Нӯҳ: Ман мехостам бифаҳмам, ки шоҳам чӣ мушкиле доранд. Худоро шукр мекунам, ки ҷанобашонро ба мисли ҳамешагӣ мебинам.

Амир Исмоил: Бародари мо ё нисбат ба мо беэътино шудаанд ва ё мисли ҳамеша дар мо нанигаристаанд. Ман пинҳон намекунам. Имрӯз бузургтарин мушкиле бар сарам омадааст ва намедонам чи сон онро ҳал намоям.

Муҳаммади Нӯҳ: Он чӣ мушкил аст?

Амир Исмоил: Амри Лайс! Ман наметавонам ба ӯ рӯ ба рӯ оям ва дар чашмонаш бингарам. Назди ӯ шарманда ҳастам! Аз ӯ шармам меояд,ки натавонистам ӯро аз шари Бағдод эмин дорам. Ҳарчанад дар ин амр ман гуноҳе надорам. Ӯ худ исрор варзид. Вале бехабарон қазияро баръакс талаққӣ хоҳанд намуд. Яъне ман нахостам! Худо шоҳид, ман ҳамчунон нияте надоштаму ҳанӯз ҳам надорам. Агар имрӯз ҳам аз раъяш баргардад, ман дар қавли хеш содиқ мемонам. - Амир Исмоил ин лаҳзаҳо ҳузури Шаҳбону ва фарзандашро, ки лаҳзае чанд аз ёд бурда буд, эҳсос мекунад. - Аз Шаҳбону маъзарат мехоҳам. Агар бо ман дигар коре надоранд,мехостам бо бародарам Муҳаммад дар хилват машварат намоям.

Шаҳбону ва Абунаср Аҳмад баромада мераванд. Амир Исмоил баъди рафтани онҳо суханонашро дунбола мекунад: - Он ҷо чизеро аз ман мехоҳанд, ки хилофи мантиқ аст. Ба як кишвар ду шоҳ намегунҷад! Шояд дар марҳилаҳои аввал созишу муросо ба вуҷуд ояд,вале табиати инсонро намешавад ҳамеша дар лаҷом нигоҳ дошт. Ӯ рӯзе даъво хоҳад кард; нооромиву хунрезиҳо оғоз хоҳанд шуд; мардум нодору заиф хоҳанд гардид. Ман ин чизро намехоҳам. Ва онҳое,ки ӯро ба ин тараф тела медиҳанд, инро намефаҳманд ва агар мефаҳманд нисбат ба мо нияти нек надоранд ва рафторашон мугризона аст. Амри Лайсро гумроҳ кардаанд ва ё ин пирамард аз ақл бегона шудаасту чун кӯдакон меандешад. Пас бигӯ,чора чист, ман чӣ бояд бикунам?

Муҳаммади Нӯҳ: Шояд ӯ умедвор аст, ки Бағдод дар адои он ҳама хизматҳояш сарашро дастмол мекунад ва чун сангги зери бағал нигоҳ медорад ва дар як рӯзе, ҳамин ки шоҳам барои халифа нодаркор шуданд, онро партоб ме-

кунад. Шояд Амри Лайс ба ҳамин фурсат умед мебандад ва орзуи бозгашт дорад?

Амир Исмоил: Аввалан, ин чиз муҳим нест. Сониян, ӯ дар дарбори халифа душманони зиёде дорад. Ба ҳеч вачҳ онҳо ба ӯ чунин имкониятро нахоҳанд дод.Вале бими ман на аз Амр асту на аз халифа. Ман аз тӯҳмати ояндагони ин сарзамин метарсам. Онҳо сукути хонадони Саффориро дар гардани ман хоҳанд баст. Ман аз ин тӯҳмат метарсам.

Муҳаммади Нӯҳ: Оё бозгашти Амри Лайс барои амирам хатаре дорад?

Амир Исмоил: Боз дар сар чӣ хаёле дорӣ?

Муҳаммади Нӯҳ: Ҳичӣ, ҳамту пурсидам.

Амир Исмоил: Имрӯз ҳеҷ қудрате наметавонад боиси хатари мо гардад. Инро бародари мо хеле хуб медонанд. Вале нооромӣ ба вуҷуд меоварад.

Муҳаммади Нӯҳ: Пас ӯро бо роҳи Сиистон бояд ба Бағдод фиристод.

Амир Исмоил: Чаро?

Муҳаммади Нӯҳ: Агар фарзандонаш ӯро раҳо кунанд, шоҳам аз маломати нофармонии амри халифа масун хоҳанд моид ва дар акси ҳол аз тӯҳмати ояндагон дар амон хоҳанд буд. Ҳама гуноҳ бар гардани худи Саффориён хоҳад афтод.

Амир Исмоил: Ачаб чораи раҳоӣ! Беҳин тадбир! - Кӯдакворшодӣ мекунад,Муҳаммадро ба огӯш гирифта аз замин мебардорад ва чарх мезанад. - Зиҳӣ ақли тадбиргар! Ман ҳеч гоҳ ҳамчунон шод нашуда будам.- Ва аз гунаҳои Муҳаммад мебӯсад. - Мушкилтарин масъалаи маро ба ин осонӣ ҳал намудӣ! Зиҳӣ чунин раҳоӣ!.. - Амир Исмоил макс мекунад. Ба худ чеҳраи ҷиддӣ мегирад. Гӯё ин марди чанд нафас пештар шодмонаву хушбахт ӯ набуд. - Ман аз ӯ шарм медорам. Балки аз суханони хеш шармандаам. Ба кадом рӯй ба ӯ рӯ ба рӯ мешавам?! - Сухани амир хеле гамангезу ноумедона садо медиҳад. - Ман ба ӯ истимолат дода будам, ки туро аз хашми халифа халос кунам... ва боз намедонам чӣ ваъдаҳои дигар...

Муҳаммади Нӯҳ: Шоҳам андӯҳгин набошанд ва аз ин хусус андешае ба дил роҳ надиҳанд, агар ризоят доранд, банда ин мушкилро ба зимма хоҳад гирифт.

Амир Исмоил: Бе ту ман чӣ кор мекардам?!

Муҳаммади Нӯҳ: Каси дигаре низ ҳамин корро мекард.

Амир Исмоил: Гумон намекунам. Бародарон дар паи фурсате ҳастанд, ки ман кай муртакиби хурдтарин лағзише мегардам.

Муҳаммади Нӯҳ: Аз он чо, ки ман медонам ва қариб ҳамеша бо ишонам,ҳамагон шоҳамро дӯст медоранд ва имрӯз дар саросари Хуросон хутбаҳо ба номи шоҳам мехонанд. Аз ҳама муҳимтар раоёи кишвар шоҳи хешро дӯст медоранд ва оромишу рифоҳи хешро мадюни ҷанобашон медонанд. Ва мардуми кишвар муҳаббати хешро ба шоҳи худ борҳо намоиш додаанд... Агар шоҳам иҷозат фармоянд аз паси маъмурияти худ ба назди Амри Лайс биравам.

Амир Исмоил: Бисёр хуб. Вале пеш аз он бояд аз нияти халифа огоҳ бошем.

Муҳаммади Нӯҳ ба талаби Ашнаси ғулом, ки алҳол ходими дарбори Бағдод ва расули халифа буд, аз назди амир Исмоил бадар рафт. Амир Исмоил дилтангона аз тахт поин омада гардиш мекард ва бо худ меандешид: "Дигар имрӯз дарвозаҳо аз Бухоро кушуда шудаанд... Ва роҳи бемаргӣ ёфта шудааст... Муждагонӣ, эй Иронзамин,дигар ту начот ёфтай!Ва нуре зи дили зулмот ба сӯи ситорагони фалак уруҷ мекунад, дунё рӯшан мешавад. Ин зиё дигар роҳи туст... Ин бемаргӣ тӯӣ... Ин дарвозаҳо аз қалби ту боз мешаванд ва ин роҳҳо ба сӯйи ту меоранд ва дар ту қатъ мегарданд. Дигар то абад ҳамчунон боқӣ хоҳад монд, дигар то абад ҳамчунин имтидод хоҳад ёфт. Ин масири туст, ин дигар сарнавишти туст. Рудҳои гилолуд дар ту софӣ хоҳанд шуд. Барои ин дунё як осмони пурситора хоҳӣ гашт. Ва ин ситораҳо бо мурур ин олами зулмотро чун офтобе равшан хоҳанд сохт...Эй сарзамини шукӯҳманд, эй диёри нахустин омӯзгорон, муждагонӣ!!!"

Ва аз хилоли панҷараҳо садои муаззин меомад.. Ва суруди ниёиши як сарзамин бо ин ҳама паҳноварӣ ба сӯйи осмон мерафт.

Ва фариштагон дар пойгоҳи мукаддаси Арш салавот мефиристоданд...

Ва амир Исмоил дигар дар дилу андешааш сафо ёфта буд.

Дунё лабрез аз нағмаҳо шуда буд.. Нағмаҳои аршӣ! Нағмаҳои Аъло!..

Дигар ҳар чиз ба асли хеш бар мегардад!

То абад ҳамчунин хоҳад монд!!!

ҚАСРИ ВАРАХША

Аҳмад бинни Муҳаммади Лайс дар кушки қадимаи Варахша барои Амри Лайс, Аҳмад ибни Наср ва Абуюсуф Яъқуб,ки ӯро то ба Бухоро ҳамроҳӣ мекарданд, мачлиси пазирой ороста буд. Вале рӯзи дуввум мегузашт ва ҳанӯз аз ҷониби шоҳи Хуросон хабаре не. Амри Лайс дилтанг шуда буд ва дигар нисбат ба атофиёнаш беэътино гардида, фақат бо худ меандешид. Абуюсуф Яъқуб ҳам аз боргохи бародараш барнагашатааст. Ба Аҳмад бинни Муҳаммад низ рӯҳияи меҳмон гузаштааст. Чизе дар дилаш намегунчад. Вале рафтораш фақат аз рӯйи одоб аст. Амри Лайс бо худ меандешид,ки амир Исмоил дар хусуси ӯ чӣ хаёле ба сар дорад. Вале наметавонист чизе бифаҳмад ва ё иқдомеро аз тарафи ӯ тахмин ҳадас бизанад. Ва дар натиҷа ки ба ҷое нарасид ба худ иқрор кард: шояд рафтораш ноодуруст буд, намебоист чунин мекард. Дигар хама ҳадас заданҳояш бехуда буд. Хайр чӣ?! Айби худи ӯст. Ирак дар тасарруфи малаххорҳо, гӯё аз азал моли падарашон бошад. Шабушкхорхо аз ҷониби Чин таҳдид мекунанд. Магар дар ҳаман ин вазъият худи ӯ айбдор нест. Чаро фақат ба қисмати ғарбии кишвар қаноат накард, ва сарҳадоти бокимондаи мамлакатро аз дасти госибон бигирад. Он гоҳ амир Исмоил таҳдидҳои шимолу шарқии кишварро ханасӣ мекард. Метавонистанд дар сулҳу осоиш бо ҳам муросо кунанд.Айби худи ӯст. Исмоил гуноҳе надорад. Ҳатто халифа аз ӯ пуштибонӣ накардааст. Ҳатто ӯ метавонист дар Самарқанд боқии умрашро бо осудагӣ сипарӣ созад. Вале не, ин хама кам буд, ӯ бештар мехост. Амир Исмоил дар баробари хашму қаҳри халифа ӯро замонат буд, вале не, хумори таҳсину ситоиши халифааш гирифт. Дигар дер шудааст, фурсат аз даст рафтааст. Дигар ҳар чи андешидан дар ин хусус бефоида, абас аст. Чаро амир Исмоил дер мекунад, ду рӯз мегузарад, вале аз ӯ дарак нест. Ин интизорӣ аз як амри номаълум ӯро дилтанг сохтааст. Ин ду рӯз ба мисли ду сол гузаштааст. Худоё ин интизорӣ поён дорад?! Ӯ имрӯз ба касе даркор нест. Ҳатто ба навводагонаш! Агар халифа ӯро талаб ҳам ки мекунад, фақат барои оромии худаш аст. Амри Лайс барои онҳо ба масобаи исёну нофармонӣ талаққӣ мешуд. Ба мисли Яъқуби Лайс!.. Амр ,сабур бош, ки парвардигор чӣ мефармояд?

Ҳочиб аз дар медароямд ва дар гӯши Аҳмад ибни Муҳам-

мад чизе мегӯяд. Ӯ саросема бадар меравад. Мусиқӣ хомӯш мегардад. Амри Лайс ду чашм ба дар интизор мемонад. Шоҳи Хуросон мсояд! Вале ғайри чашмдошти ӯ аз дар Муҳаммади Нӯҳ ворид мешавад. Ҳозирин ба истиқболи ӯ аз ҷой мехезанд.

Муҳаммади Нӯҳ: Шоҳи Хуросон ба Амри Лайс дуруд мефиристанд ва вуруди ҷанобашонро ба Бухоро хайра мақдам мегӯянд.

Амри Лайс хост аз вазири барид бипурсад, ки чаро амир Исмоил худ ба мулоқоти ӯ наёмадааст, вале аз нияташ баргашт ва онро беҳуда ангошт.

Амри Лайс: Давлати шоҳам дар паноҳи додори додгар поянда бод!

Муҳаммади Нӯҳ: Шоҳам дирӯз аз амиралмӯъминин Абдуллоҳ бинал-Имом Абилаббос ал-Мӯътазид биллоҳ нома дарёфт намуданд.

Амри Лайс: Умедворам, ки шоҳам маншури аморати Хуросону Гургон ва Табаристонро гирифтаанд?

Муҳаммади Нӯҳ: Амиралмӯъминин дар номааш шуморо дархост намудааст.

Амри Лайс: Иддаои худи мо низ ҳамин буд.

Муҳаммади Нӯҳ: Баъди дарёфти ин нома шоҳам хеле андӯҳгин гардидаанд, ки набоястӣ Амри Лайс ба дасти мо гирифтор мешуд ва чун гирифтор шуд,ҷавонмардӣ нахоҳад буд, ки ӯро ба Бағдод бифиристем.

Амри Лайс: Таманнои мо аз шоҳам буд, ки моро таслими Бағдод кунанд. Ман намехоҳам, ки ин амри халифа боиси нороҳатии хотири шоҳам бошад. Аз қазо ҳамчунин рафта будааст.

Муҳаммади Нӯҳ: Шоҳам намехоҳанд, ки заволи давлати шумо ба дасти ишон бошад. Аз ин рӯ мехоҳанд хилофи амиралмӯъминин шуморо бо иддаи сарбозон бо роҳи Систон фиристанд. Бинобар ин мефармоянд: “Ҷаҳд кун, то касе аз ҳавохоҳонат биёяд ва туро аз дасти ин сарбозон бистонад, то маро узр бошад...”

Амри Лайс: Ин амр ҳатмист?

Муҳаммади Нӯҳ: Бале.

Амри Лайс: Ман намехостам барои шоҳам дарди саре эҷод намоям. Ман медонам,ки Мӯътазид маккор ва кинатуз аст. Агар шоҳам чунин мехоҳанд, пас далел доранд.

Муҳаммади Нӯҳ: Шоҳам мефармоянд: Агар Амри Лайс

хочате дорад, бихоҳад.

Амри Лайс: Ба шоҳам бирасонед, ки фарзандони маро некӯ доранд ва ба ин касоне, ки маро мебаранд васият кунанд, ки эҳтироми маро ба ҷой оваранд.

Муҳаммади Нӯҳ: Ман хочати шуморо ба шоҳам мерасонам. Паноҳи шумо ба худо бод! - ва меравад. Дар дили Амри Лайс умеде пайдо мешавад. Ва ба тарафи Ҳафс ибни Умар лабханд мезанад. Рафтори наводагонашро дар ҷавоби дархостҳояш фаромӯш мекунад. Ва кинаҳо аз сина бурун мерезад ва ба Ҳафс ибни Умар мегӯяд:

-Як бори дигар .... – Вале Ҳафс ибни Умар хомӯш мемонад. Ӯ бовар надорад. Боз худо медонад. -Дигар бо дили осуда ва хотире ҷамъ шодӣ мебояд кард. Мусиқӣ! Ноҳиди навогарро ба мачлиси мо фуруд оваред! Олам ҳама пур аз бонги ҳачот гардидааст! Ноҳиди чангзанро фуруд ор,эй муганнӣ!..

Тасвирҳо дар деворҳо ба ракс меоянд.

ҚАСРИ ШОҲӢ

Муҳаммади Нӯҳ аз назди Амри Лайс меомад. Боргоҳ аз рафтуо, даро-барои умарову вузаро майдони Регистонро мемонд. Ҳар кас маъмурияти хешро ичро мекард.

Амир Исмоил бо Абуюсуф Яъқуб, бародарзодааш Ахмал ибни Наср ва Хочаи Бузург танҳо ба танҳо монда буданд ва ҳамин лаҳзаҳо буд,ки Муҳаммади Нӯҳ ворид гардид. Амир Исмоил ба пешвозаш аз ҷой бархост.

Амир Исмоил: Ӯ чуи буд?!

Мухаммади Нӯх: Дар аввал беэътино ва дилсард менамуд,вале бо шунидани пайғоми шоҳам каноатманд гардид

Амир Исмоил: Ҳочаташ чист?

Мухаммади Нӯх: Ӯ аз шоҳам таманно дорад, ки фарзандонашро некӯ доранд, ва ба барандагонаш бифармоянд, ки эхтиромашро ба ҷой оваранд ва некӯш доранд.

Амир Исмоил: Боз чй?

Мухамади Нӯх: Ҳамин шоҳам.

Амир Исмоил: Факат ҳамин?

Мухаммади Нӯх: Оре, факат ҳамин, шоҳам.

Хочаи Бузург: Магар барои як марди асир ин кофӣ нест,

ки шоҳам ба ӯ умеди начот медиҳанд?

Абуюсуф: Ӯ дигар он Амр нест.

Амир Исмоил: Чун?

Абуюсуф: Ҷунунаш фурӯ нишастааст. Дигар як марди бурдбору ботавозӯъ гардидааст. Беҳуда шоҳам бовар накарданд.

Амир Исмоил: Оё бародари мо боре шуда, ки ба чашми шери қафас нигоҳ карда бошанд? Гургҳоро дар чорбоғи Самарқанд мушоҳида кардаед? Онҳо дар бари шер меситоданд.

Абуюсуф: Эътибор надодаам.

Амир Исмоил: Афсӯс.

Аҳмад ибни Наср: Хеле лоғар шудаанд.

Амир Исмоил: Ҳанӯз оҳу озодона мечарад.

Аҳмад ибни Наср: Оре,вале пир шудааст.

Абуюсуф: Муроди шоҳамро намефаҳмам.

Амир Исмоил: Фаҳмидани мушоҳидакории бародарамон, ачиб ҳолатест. Даруни чорбоғ хеч кадоме аз онҳо озод нест.Шеру гургҳо дар қафас ва оҳу даруни девор асиранд ва озодии ҳар кадом нисбист. Ва тасаввури, ҳамчунин фарз мекунем, ҳар кадоме аз онҳо дар хусуси озодӣ тавофут дорад. Оҳуву гургҳо бим аз шер доранд ва шер аз шербон. Тасаввури ин ду аз озодӣ дур будан аз назди шер аст. Шер орзуи чангал мекунад. Ниёзи онҳо фақат ин озодӣ аст. Раҳо шудан? Агар онҳоро дар як замон раҳо созем ин тафриқаи тасаввур аз озодиро мушоҳида хоҳем намуд. Онҳо дар ин вазъашон фақат як ниёз доранд: раҳо ёфтан! Ва ҳол он ки беруни ин чорбоғ ҳар кадоме барои дигаре хатар эчод мекунад. Оё барои онҳо даруни чорбоғ будан бехтару амнтар нест?! Маълум аст. Вале онҳо асири ғаризаи ҳастанд. Онҳо дар чорбоғ аз даст наёфтан ба ғаризаашон гирди қафасҳои хеш мечарханд ва ба назар шафқатангез менамоянд. Дар аввал чунин ба назар менамояд, он чи намоёнандаи офариниш ё хилқат аст,инсон ғариза надорад, зеро нотиқа аст, андешаманд аст, ин афзалияти ӯст. Ин хулоса аз моҳияти хилқати инсон аст,ки бояд ҳамчунин буда бошад. Вале чунин нест. Инсон бар ғаризаи будан тасаллут наёфтааст, нафси хешро маҳор назадаст. Баръакс, фазилати андешиданро ҳамчу абзоре дар дасти нафс, ки худ ғаризаи инсон аст, қарор додааст. Вақте акл ҳамчун абзор дар дасти нафс қарор мегирад, ба бадтарин

василаи вахшат табдил меёбад. Ҳеч муслихе натавонист ин махоргусехтаро ба ислох оварад. Боз бародари мо мехоҳанд, ки ман бовар кунам! Тарбиятдидатарин инсонҳо натавонистанд ислоҳ бишаванд,балки хатарноктарин гардидаанд, зеро дубуна амал мекунанд. Ба ҳамеша як бунаашшеро пинҳон мелоранд. Ҳатто муслиҳин,бо истисноӣ як нафар ,он ҳам ба тардид, дубунаанд. Фақат худованд бедареғ бахшанда аст, ба як амр ҷаҳонҳоро саршор месозад, бениёз аст,вале ниёзҳоро бароварда мекунад. Фақат худованд аз худ-ҷӯшанда аст, бедареғ бахшандаву шоранда аст, мисли дарё,мисли ҷангал, мисли замин... Фақат инсон аст, ки қаноатманд нест! Дар баробари хостҳояш қонеъ нест. Ва хостҳояш поён надорад. Аташаш бе таскин аст. Ин ташнагӣ ба андозаест, ки тасарруф ба мулки худованд мекунад. Ва боз фақат худованд аст, ки ӯро ноумед намекунад. Тирашро рангин мегардонад. Қоруну Ҳотам як нафаранд... Дигар барои худованд таваккул мекунем. Ҳамааш дар дасти ӯст. Дар ҳаққи Амри Лайс: ин ҳочаташро низ бароварда хоҳем сохт. Ба Ашнаси ходим бифармоед фардо ба рох бароянд. Бо рохи Систон. Иддаи каме аз сарбозонро бо ӯ ҳамроҳ кунед. Ӯ бояд мақсади моро нафаҳмад.Ба ӯ фаҳмонед, ки рохи Хуросон амн нест. Ҳорун чоми сафед пӯшидаааст...

Ҳамагонҷонибӣ Муҳаммади Нӯҳ ба тааҷҷуб менигаранд. Вале ӯ аз он чӣ амир Исмоил дар хусуси осигии Муҳаммади Ҳоруи гуфт, хабар надошт. Шояд. Он чиро ки шоҳон медонанд, дигарон бехабар мемонанд. Алалхусус агар он шоҳ боз Исмоил бошад. Ӯ ба чониби шоҳ менигарад. Амир Исмоил бо лабханде малеҳ сӯяш чашмак мезанад. Шоҳон ишва намефурӯшанд, балки гӯл мезананд, дигаронро дар як холати ногувору номуайяне мегузоранд. Абуюсуф Яъқуб, Ахмад ибни Наср ва Абулфазл боз чониби шоҳ менигаранд. Аз он табассуми малеҳу гӯлзананда дар чеҳраи шоҳ осоре намонда буд. Ишон аз вазъи шоҳу вазири барид чизе нафаҳмиданд, ва боят ҳамчунин ҳам буда бошад.

Амир Исмоил: Ханӯз қафаси чорбоғи кушк холӣ аст?

Ахмад ибни Наср: Оре, шоҳам.

Амир Исмоил: Вакте чизе барои иктизоят истифода намешавад ,аз он чо бӯйи харобӣ меояд. Ои қафас бо шер обод аст ва дар якчоягӣ бо гургҳову охуву девор манзараи Чорбоғро комил мегардонад. Кӯҳсорони шумо пур аз

шеру паланганд... Ва ё сайёди ба дилу гурдае дар вилояти шумо намондааст?!

Аҳмад ибни Наср: Ман худам онро пурра мекунам.

Амир Исмоил: Барои ҳамин ҳам мо аз муҳимтарин вилоёти хеш Самарқандро ба шумо бовар кардем..

Аҳмад ибни Наср аз ҷой хеста таъзим мекунад ва амир Исмоил суханонашро давом медиҳад.

-Умедворам дӯстони мо саломатанд? Пири китобдор чӣ ҳол дорад?

Аҳмад ибни Наср: Худоро шукр, туфайли марҳамату лутфи шоҳам давлати пирӣ мегузаронанд. Вале як сол шуд, ки китобдори пир ҷаҳонро видоъ гуфт.

Амир Исмоил *(даст ба рӯй кашида)* :Хабар наёфтаам, бисёр мехостам дар маъракаи дафнаш ҳузур дошта бошам. Ӯ аз ман таманно карда буд. Чӣ инсоне шарифу вораста буд. - Ашкашро пок мекунад.- Ҳар он хубие, ки дар ман вуҷуд дорад, аз ӯ гирифтаам. Бардошти ман аз инсон ҳаммонанди ӯ будан аст. Худо ҷояшро биҳишт гардонод. -Дубора дасти дуо ба рӯй мекашад. - Хазинаи китобхона хеле ғанӣ буд. Ҳар гуна китобро ёфтан мешуд. Умедворам ин хазинаи маърифат хароб нашудааст. Зеро мардуми мо аз шинохти худо бардошти ғалату мутаасибона доранд.

Аҳмад ибни Наср: Пирамардро аз рӯйи васияти худаш дафн намуданд. Ва имрӯз китобхона дар дасти фарзанди аршадаш қарор дорад. Ӯ низ марде фозилу поксиришт аст.

Амир Исмоил: Мардонии фозилу донишманди ростин аз мобақӣ бо як фазилати худ фарқ мекунад. Онҳо таассуб надоранд. Ва беш аз ҳама мавриди рашку ҳасад ва душманӣ қарор мегиранд. Онҳо беш аз ҳама ниёз ба ҳимоят шудан доранд. Вазифаи давлат аст, ки аз онҳо пуштибонӣ кунад, ба меҳнати ишон ачр гузорад. Ва дар маърази ибрати дигарон қарор диҳад. Ин гуна давлат растагор мешавад ва раоёи хешро ба сӯйи растагорӣ ва рифоҳи моддӣ мебарад.Абулфазлу Муҳамад шоҳид,ҳанӯз дар Самарқанд мо дар ин хусус баҳсҳо мекардем. Ва орзуи мо таҷдид кардани азамату озодӣ ва истиқлоли ин сарзамини пахновар буд, ки бо номи ягонаи Ирон бар тоҷи таърих медурахшид... - Чанд лаҳза хомӯш мемонад ва оҳе сард мекашад.- Ба мобақӣ фақат муросо мебояд кард. Зеро онҳо бо таассуби худ,бо дониши нокомили худ зиндагиро ба майдони хунрезиҳо, вайрониҳо, душманиҳо мекашонанд.Ба-

рои як инсони вораста ҳама роҳҳо ба растагорӣ мебаранд. Ва моҳияти будани инсон растагорист. Ва вазифаи ин марди вораста равшан кардани ҳама роҳҳост. Он гоҳ аст, ки замин ҳам ба мисли осмон фақат аз ситора иборат мешавад. Он гоҳ аст, ки Иблиси Нодонӣ, гумроҳӣ тани башарро тарк хоҳад кард ва он гоҳ аст то аз забони худи ӯ рӯҳи поку беолоишаш суруди Асмо мехонад. Он гоҳ аст ки аъмолаш дар вокеъ боиси рашку ҳасади фариштагон мегардад. Дар акси ҳол ӯ ҳамон Одам аст, ки ҳанӯз Иблис баданаш-ро тарк накардааст ва аз ӯ бӯйи фасод меояд. Чаро аз як чашмасор хушамон меояд? Зеро вай аз худ чӯшанда аст, поку зулол аст, равон аст! Як инсон бояд ҳамчунин чашмасор бошад. Ҳар чо, ки ин об меравад, бо худ хуррамӣ меоваранд. Муроди эъломи худованд аз як офариниш ҳамин буд. Фариштагон ба ин нияти муназзаҳи худованд саҷда кардаанд, на ба лачан! Ва ин иблис буд, ки онро шинохт, ба вай ҳасад варзид, зеро медонист моияи ишки худованд ба вучуд меояд, ӯ дар канор мемонад. Бе эътино мегардад. Ӯ аз ҷазби ишки худ ба худои хеш осӣ шуд. Зулайховор панча ба пироҳани Юсуф андохт. Ворастагон асли моҳияти хилкатанд. Ҳама роҳҳо барои ишон кушуда мегардад. Оиҳоро ҳар чо, ки ҳастанд, азиз мебояд дошт...

Амир Исмоил каф мекӯбад. Ҳочиб ҳозир мешавад.

Амир Исмоил: Шаҳбонуро даъват намо. - Ҳочиб боз баромада меравад .- Ба шумо сирреро мекушоям. Вале дар ҳузури Шаҳбону. Ҳузури Шаҳбону зарур аст... -Пас аз макси дуруларозу фишороваранда. - Шумо маро ба ёди Самарқанд овардед. Гумон мекунам дар кушки худамон ҳастам ва шумо ба мисли ҳамешагӣ бо манед. Он қадар дилам мехоҳад дар Самарқанд бошам. Тани танҳо дар кӯчаҳои сангфаршаш гардиш кунам. Хоттоҳ инсонро ҳамеша ба сӯйи хеш мекашад. Самсоро! Бинобар кавли будлоиёни чагонӣ ин мафҳуми бозгашт аст. Ва ба кавли зандика фурӯ рафтан дар Зулмати бепоён ва дар масири хеш чун нуре дурахшидан аст. Балки аз он Зулмот нури асирро раҳо кардан! Дунё хеле ачиб аст... Ҳар чӣ аз рӯшанӣ вучуд дорад, асир аст! Ва нур ҳамеша аз хоттоҳи хеш гурезон аст ва дар талоши раҳоист. Об ҳам рӯшноист. Нур ҳам аз худ чӯшандаву равон ва поку зулол аст. Ва дар мачрои хеш рӯшангару поксозанда аст. Агар оби чашмасор ба сӯйи, дарё меравад, нур ба сӯйи Осмонҳо... Ана Шаҳбону ҳам омаданд. Ва шуморо аз сӯҳбатҳои дилгири ман

раҳониданд. Барои ман ин гуна сӯҳбатҳо ками дар кам муяссар мегарданд. Гузашти замон, таъҷили расидагӣ ба умури давлатӣ лаҳзае амон намедиҳад. Ва ёрони қадим ҳам дар Самарқанд мондаанд. Шаҳбону, Беҳофариди пирро, китобдори шаҳрро ба ёд доред.

Шаҳбону: Ҳамсояамонро? Арабе молу зиёашро, хонаву дарашро барои габр буданаш ғасб карда буд. Шоҳам онро аз ғосиб гирифта ба соҳибаш баргардонда буданд.

Амир Исмоил: Оре, ӯ аз олам гузаштаст.

Шаҳбону: Илоҳо ҷояшро биҳишт гардонод. - Даст ба рӯй мебарад.

Амир Исмоил: Се фарзандашро ҳам дар ёд доранд. ки ба фарзандони мо як ҷо бозӣ мекарданд?

Шаҳбону: Тифлакони хубе буданд: боодобу хушрӯй.

Амир Исмоил: Ман тарсидам, ки Шаҳбону фаромӯш кардаанд. Аноҳито бояд духтари калон шуда бошад.

Шаҳбону: Шояд ба шавҳар баромадааст?

Амир Исмоил: Метарсидам, ки Шаҳбону фаромӯш кардаанд. Мо ӯро гаҳворабахши фарзандамон карда будем. Наход аз хотирашон баромада бошад? Аз ман чашмдошт шудан мумкин аст. Ман хеле банд ҳастам. Вале Шаҳбону..

Аҳмад ибни Наср: Аз он ҷо, ки ман медонам, пирамард фақат писари калонаш-Фаридунро хонадор карда буд.

Амир Исмоил: Бисёр хуб. Шаҳбону ҳамроҳи бародар ва бародарзодаамон ба Самарқанд бояд бираванд.

Шаҳбону: Наход ман?!!

Амир Исмоил: Ман наметавонам, ҳарчанд дилам меход худам ба Самарқанд биравам. Вазъият чунин аст ,ки бояд фавран ба Табаристон биравам.

Муҳаммади Нӯҳ аз хиҷолат сурх мешавад. Вазири барид намедонад, ки дар Табаристон чӣ мегузарад. Ва акнун маънии чашмак задани шоҳ барояш маълум мегардад.

Амир Исмоил: Абуюсуф Яъқуб ва агар бародари бузургамон Абулашъас ҳанӯз дар Самарқанд бошанд ва бародарзодаамон Аҳмад ибни Наср дар ин амр ба Шаҳбону маслиҳат ва кӯмаки хешро дареғ нахоҳанд дошт.

Шаҳбону: Охир, чи хел мешавад? Падар дар арӯсии фарзанд иштирок надоранд.

Амир Исмоил: Писар бо ман меравад.Шумо арӯсро танҳо бе шавҳар ба Бухоро меоваред. Арӯсиро дар Бухоро

баргузор мекунем.

Шахбону: Охир, ин чи хел мешавад?

Амир Исмоил: Ҳама корҳо хуб мешавад. Агар хонаводаи арӯс майли ба Бухоро кӯчидан дошта бошад, бедиранг онҳоро ҳамроҳи хеш бигиред. Боз кор хубтар хоҳад шуд. Онҳоро дар Ҷӯйи Мӯлиён ва ё Баркад, ҳар ҷо ки маъкулашон афтод, фуруд оред. Ман барои муҳайё сохтани манзилашон пеш аз рафтан супориш медиҳам... Дигар фикр мекунам, чизе намонд. Ман бародарам Абуюсуфро ба гардиши Бухоро мебароранам. Шаҳр хеле тағйир ёфтааст.

Ва бародарон аз боргоҳ хориҷ мешаванд. Шахбону, Ахмад ибни Наср, Муҳаммади Нӯҳ ва Абулфазл то дергоҳ дар боргоҳ мемонанд.

ДАР РОҲИ БАҒДОД

Амри Лайс сӣ рӯз мешуд, ки ба умеди раҳоӣ дар иҳотаи сӣ сарбози мухофиз рох мепаймуд. Ҳамагон хаста шуда, сутурҳо кариб аз пои равон монда буданд. Вале Амри Лайс хастагиашро эҳсос намекард. Ва барои Ашноси ходим ин рохе, ки мерафтанд, хеҷ ба Бағдод намерасонд. Ҳафс ибни Умар аз зиндагияш безор шуда буд ва дар дил ба умедхои бепояи Амр лаънат мефиристод. Фақат ӯ медонист, ки амири маъзули Ироқайну Хуросон ва Синд бехуда умед мебандад ва дар ёди хеҷ касе аз навводагонаш нест. Ӯро фаромӯш кардаанд ва ё аз бахраш баромадаанд. Ҳар кадоман дар хафоли худаш бо айшу нӯш машғул аст. Сармояи ба захмати ду насли саффорӣ гирдомада ройгон харҷ мешавад ва чун барги хазоне асири панҷаи бод мегардад. Ох, Сиистон пур аз бод аст! Боде, ки аз сахрои Лут мевазад ва якбора ба муддати якдаҳ бист рӯз хоки Сиистонро мебезад. Боде, ки ба шаб сардту ба рӯз дӯзахофарин аст. Боде, ки ба касеву чизе амон намедихад. Касеву чизе аз газанди он панах намеёбад.

Дигар сахрои Лут бо боду бо гармову бо сармояш ишонро хаста кардааст. Ашнаси гулом аз тангдиливу хашм фарёд мезанад:

-Ки мелонад,оё ин сахро поён дорад? Оё мо ба ободие мерасем? Ин боди сарду дӯзахэо оё меистад?...

Ин фарёдҳои аз дард ба лаб расидаро бод мебарад. Даҳони фарёдгари Ашнаси ғулом аз рег пур мешавад ва ҳамчунон дар ҳолати фарёд задан боз мемонад. Амри Лайс чизе намешунавад. Гӯшҳояш аз нағмаи раҳоӣ пур шудааст. Ҳафс ибни Умар ба зӯр лаб мекушояд , вале дар пӯзбандаш ҳабс мешавад. Ӯ гӯё бо тамоми тавонаш фарёд мекашид, ки: “Оре, поён дорад! Дар интиҳои ин саҳро шаҳраки Ниҳ ободону бо кишт аст. Мӯъҷизи худоро бин, ки пашша надорад!..” Ӯ мехост Ашнаси ғуломро тасаллӣ диҳад. Сарбозонро умедвор созад. Вале афсӯс, боди гарми Нимрӯз каломашро дар гулӯяш сӯзонд, чун дуде аз димоғаш бурун овард. Оре, ин саҳро бо шаҳраки Ниҳ интиҳо меёбад ва ӯ аз ин меҳнат барои боқии умр халос мешавад. То ба Ниҳ чанд фарсахе боқӣ мондааст. Дигар раҳоӣ дар дастраси эшон қарор дорад. Баъди чанд фарсахе дигар ва ё манзиле онҳо азобу шиканҷа ва хастагии роҳро фаромӯш хоҳанд кард. Бо шаб баробар ,балки якҷо, дар як вақт ба Ниҳ хоҳанд расид, ба Ниҳ ворид хоҳанд шуд! Ашнас реги даҳонашро туф карда боз фарёд мезанад:

-Ин сарзамини Гаршоспу Рустам аст?!

Ҳафс ибни Умар зери лаб хешро тамасхур мекунад. “Дар ин диёр ҳатман Рустаму Гаршосп мебояд буд! Вагарна писари Луҳросп бошӣ ҳам, зарир хоҳӣ шуд!”

Амри Лайс хомӯш буд ва ҳарфеву садое ба гӯшаш намедаромад. Ӯ саропо дар тасарруфи тасаввури пазироии наберагонаш буд. Онҳо хеле пазмонаш шудаанд! Балки Систон чун аташзадае ба қатраи борон пазмон шудаанд. Тоҳиру Яъқуб ӯро дар миён гирифта, аз байни пешвозгирандагони пазмоншуда ба сӯйи Заранҷ мебаранд. Ӯ аз ин пазирой ба риққат меояд,ашк мерезад.Ва дар ҷавоби шаафу шодии мардум фарёд мезанад: “Ман бо шумоям. Ман дигар то абад бо шумоям!” Ва Мӯътазид ноумед мегардад. Дар вокеъ ӯ фарёд мезад ва ин фарёди ӯро фақат Ҳафс ибни Умар, ки ҳампаҳлӯяш буд, мешунид ва бо тамасхур мегуфт: “Чӣ ҳаз!”.

Ва бод фарёд мекашид, бо хашм хору хасро бар ҳаво мебурд, регро бар сару рӯйҳо мезад. Бод девона мешуд. Офтоб паси осмони пургубор бо ранги парида сӯйи гуруб мерафт. Офтоби Нимрӯз ҳам сард мешуд! Ва саҳрои Лут менолид: “Чӣ ҳазззз!

Иштиёқи дидори “пазмоншудагон” сабр аз дили Амр мебарад. Гузашти замон сангин мегардад. Аспашро ба

аспи Ҳафс ибни Умар наздиктар мебарад.

Амри Лайс: Мебояст аз роҳи дигар ба Заранч мерафтӣ! Дар Них интизор намешудем. Ҳанӯз хам дер нест. Аспатро баргардон, то Заранч бидавон!

Ҳафс ибни Умар: Ашнас пай хохад бурд. Ва шумо рохро ба бероха хохед рафт.

Амри Лайс: Ту фикри рохро накун. Ман ҳастам! Ишонро ба Них хоҳам расонд.

Ҳафс ибни Умар: Амирам лахзае бо худ нестанд. Сангинии роҳ ишонро хаставу парешон сохтааст.

Дар Них чора хоҳем ҷуст, то ғулом аз асрори мо огох нагардад.Манзил қариб мондаст. Сабр мебояд кард.

Амри Лайс: Сабр мебояд кард! Тфу...- Ҳанӯз дар дахонаш рег бокӣ мондааст ва зери дандонаш садо мебарорад, ғаш меоварад, гӯё чизи андахеро бар забон бурда бошад. – Оре,дуруст мегӯй. Эҳтиёт мебояд кард! Манзил наздик мондааст. Тфу! - Рег дар кому забонаш часпидааст! Кому дахонаш хушкидааст! Ин аз аташи иштиёқ аст. Ин аз ташнагии дидор аст! - Тфу!..

Ва дигар то ба Них фақат туфи дар дахонаш набударо ба рӯйи бод партоб мекунад.

Отфоб дар дили дашт фурӯ меравад. Шабаҳи соягуни шаҳраки Них намудор мегардад. Мусофирон беҳолона хурсандии худро буруз медиҳанд.

Амри Лайс: Зудтар ба назди шаҳрдор сарбозеро бояд фиристод, то омадани моро ба ӯ хабар дихад.

Ҳафс ибни Умар: Ба чӣ хотир?

Амри Лайс: Ман меоям! Тадоруки пазироиро бубинад.

Ҳафс ибни Умар: Аз омадани амирам касе бояд хабар наёбад. Магар фаромӯш кардаед, ки шумо дигар асири амиралмӯъминин ҳастед?

Амри Лайс ба воқеияти зиндагии худ бармегардад, махзун мешавад. Бо андӯҳи бузург мегӯяд:

-Охир, ба ободӣ мерасем. Тадорук бояд дид.

Ҳафс ибни Умар: Бигзор сари Ашнаси ғулом дард кунад. Ӯ масъули роҳ аст.

Амри Лайс: Дар воқеъ дуруст мегӯй. Гӯё гоҳ аз гоҳ ҳавосам меравад,ки будан, кучо буданамро фаромӯш мекунам. Шояд аз пирист?..Пирӣ ҳам бар ман чира шудааст. Гузашти замон бегумон бар мо асари хешро мегузорад. Вагарна

кай буд? Дирӯз, амири Хуросону имрӯз асири банда! Ачаб дунёи дун аст!

Ҳафс ибни Умар: Зиндагии ҳар фард нишони ибрат аст.

Амри Лайс (*ба андӯҳи бузурге*): Дирӯз вай бозичаи дасти ман буд ва имрӯз вай бо ман бозӣ мекунад!.. Ҷуз таваккул бар худо кардан дигар коре аз дастамон намеояд. Дар кучое шунида будам, ки фарзонае мегуфт: Шоҳ бо масхара кардани масхарабоз бегумон худ масхарабоз шуда буд! Лут мешавад лутӣ ва лутӣ мешавад Лут! Пас то ба он лаҳзаи муродбахш ибтикоре аз худ нишон намедиҳем, фақат интизор мешавем.

Ҳафс ибни Умар: Таваккул бар худо мекунем, то чӣ мефармояд..

Сарбозон аз хастагиву кӯфтагии роҳ пинак мерафтанд, ва ба такон хӯрдан бо ҳарос бедор мешуданд.Ашнаси ғулом дар даромадгоҳи шаҳр аспашро баргардонда, ба назди Амри Лайс, ки дар миёни гурӯҳ мерафт, меояд.

Ашнас: Ин ободи корвонсарой дорад?

Амри Лайс: Оре.

Ӯ боз аспашро чорнаъл мезанад ва дар раъси мусофирон вориди шаҳр мешавад. Дар назди бинои корвонсарой меистанд. Ашнас бо сарбозе фармон медиҳад: "Саройдорро даъват кун!" Сарбоз коҳилона аз асп поин меояд ва мисли тифли нав пои равон бароварда ҷониби дарвоза меравад. Ашнас аз гомзании ӯ дилтанг мешавад ва аз пасаш фарёд мезанад:

-Зуд бош!

Сарбоз қасди давидан мекунад , вале по ба по зада меафтад. Дигар сарбозон беҳолона лабханд мезананд. Сарбоз дарвозаро ҳалқа мезанад, вале аз дарун садое намеояд. Боз сахтар мезанад. Касе ҷавоб намедиҳад. Сарбоз дар нимторикӣ ба сӯйи Ашнас фарёд мезанад:

-Ин чо касе нест!

Ашнас (бо овози хашмин): Ӯро пайдо бикун! Хонаҳои гирду атрофро дар бизан!

Сарбоз даруни торикиву боди сард ғарқ мешавад. Дақиқаҳо тӯл мекашанду аз бекарорӣ соат мешаванд. Ва дар поёни кӯча нури хирае пайдо меояд ва боз ғайб мезанад. Ва гаҳ аз гаҳ аз хилоли боду торикӣ садои дар задани сарбоз ба гӯшҳо мерасад. Аспҳо аз хастагиву сармо пой мекӯбанд.Саворагон аз ламси боди сард дар худ хазида-

анд. Ниҳоят сарбоз бо марде пайдо мешавад. Сарбозон аз омадани саройдор сар аз гиребон кашида боз чун сугур дар хафоли хеш фурӯ мехазанд. Овози бо сарбоз харф задани саройдор шунида мешавад, ки шикоят мекунад: " Як сол мешавад, ки ба ин чониб касе наёмадааст, курбон... Манзиле, ки дар он одам зиндагӣ накунад, хароба аст, курбон...Дар замони Амири Асир ин чо ободон буд, пуродам буд, курбон...Дунёи сифлапарвар!.. Кишварро ба горат бесамар гардондаанд.... Дигар ба чуз доду водод аз дасти мо чи хам меояд, курбон.. Аз одам хамин тавр омада, ки ин қавм худаш бузургонашро ба курбонгоҳ мебарад, бо дасти худаш қурбон...

Ин суханҳо барои сарбозони хаста ҳоизи аҳамияте набудаанд, балки дар гӯшашон ҳамчунон ин бод садо медоданд. Вале "Амири Асир" вазъи дигаре дошт. Ҳар сухани саройдор ӯро маҳкум мекард, теге ба чигараш мезад. Ин ҳоли ногувори Амри Лайсро фақат Ҳафс ибни Умар мефахмид. Ашнаси ғулом нисбат ба ин пурҳарфии саройдор беэътибор буд ва аз худ вокунише нишон намедод. Ӯ бо тафохур фикр мекард, ки амиреро бо чунин бузургӣ худованд назди ӯ чунин залил гардондааст. Имрӯз дар ин мавқеъ,дар ин ҳолат халифаи Бағдод вай аст!

Ашнас (*аз он баландиҳо*): Эй мард, зуд бош, ки сардии ин бод бар устухонам расидааст! Сергапӣ одамро коҳил месозад.

Саройдор: Ба чашм,ого ҳамин замон корҳо хуб мешавад..

Дарвоза боз мешавад. Сарбозон аз аспҳо пиёда шуда вориди ҳаёти сангфарши Сарой мегарданд. Амри Лайс болои аспи хеш, балки аспи Ашнас, ҳанӯз карахт нишастааст. Ашнас бо тарсу ҳарос аз дарвоза берун медавад ва базӯр худро аз дашном додан боз медорад.

-Амирам?!

Рашъа бар андоми Амри Лайс давид. Ҳатто амир Исмоил чунин густохона таҳқир карданро ба худ раво надида буд. Амри Лайс бо хашм лачомро ба сӯйи Ашнас ҳаво дода, аз асп пиёда мешавад ва вориди корвонсарой мегардад. Ашнас бо тамасхур пузханд мезанад ва аз дунболаш аспро ба андарун мебарад. Дере нагузашта ду-се хизматгори корвонсарой пайдо мешаванд ва меҳмононро чо ба чо мекунад. Аспҳоро ба истаблҳо мебанданд ва ба онҳо алаф

медиҳанд.

Хизматгор ба ҳучраи Амри Лайс ва Ҳафс ибни Умар медарояд.

Хизматгор: Хоҷагон чӣ мефармоянд?

Амр Лайс: Ҳар чӣ гарм аст. Фарқе надорад.

Хизматгор меравад.

Амри Лайс: Ман каме дароз мекашам. Хӯрок, ки оварданд,маро бедор мекунӣ. Ҳатман ман субҳгоҳон шаҳрдорро бояд бубинам. Фаромӯш накунӣ.

Ҳафс ибни Умар: Ман бомдод бояд ба роҳ бароям.

Амри Лайс тамоми шаб таб мекунад ва аноӣ мегӯяд. Ҳафс ибни Умар лаҳзае аз болини амири хеш дур намешавад ва бо дамидани субҳ ишонро хоб мебарад. Дигарон низ фақат нисфи рӯз аз хоб бедор мешаванд.

Ашнас,бо вуҷуди он ки паси ҳучраи Амри Лайс посбон гузошта буд,баъди аз хоб хестан аввал сар ба ҳучраи ӯ мехалонад ва пасон машғули шустушӯ мегардад. Ҳафс ибни Умар аз паси Ашнаси ғулом берун меояд ва дар рӯи ҳаёти корвонсарой ба ҳам рӯ ба рӯ меоянд.

Ҳафс ибни Умар: Касеро паси пизишк бояд фиристод.

Ашнас (*бо тамасхур*): Боз чӣ шуд?

Хафс ибни Умар: Амир Амри Лайс бемор аст. Ӯ тамоми шаб табларза дошт.

Ашнас: Мо бояд ба роҳ бароем.

Ҳафс ибни Умар: Амир Амри Лайс дар чунин вазъе, ки дорад, сафар кардан наметавонад. Хатарнок аст.

Ашнас: Ӯ ҳамеша дарди сар эҷод кардааст! Ин ҷо мондanамон низ хатар дорад. Ман масъулам, ки ӯро ба Бағдод бирасонам. Худоё, ин чи бало буд?!

Ҳафс ибни Умар: Шояд аз байни сарбозон табибе бошад.

Ашнас: Намедонам.

Ҳафс ибни Умар: Одатан ҳангоми сафарҳои дурударз ба гурӯҳ табиберо ҳамроҳ мекунанд.

Ашнас: Намедонам. Ҳоло мефаҳмем.

Ашнаси ғулом андарун меравад ва баъди фосилае бармегардад.

Ашнас: Мутаассифона, касе ин илмро намедонад.

Ҳафс ибни Умар: Пас аз паи чора бояд шуд.Ва ё Ашнас ходим аз чизе бим доранд?

Ашнас(худ ба худ) : Гӯё намедонад. (ба Ҳафс ибни Умар). Амри Лайси Саффорӣ Ашнаси ходим нест, ки ӯро нашносанд.

Ҳафс ибни Умар: Оё Ашнас ходим гумон мекунанд, ки тамоми мардуми қаламрави хилофат агар дар шаҳр халифаи хешро танҳо, бинанд ӯро мешиносанд?

Ашнас: Намедонам. Вале ман часорати ин корро надорам.

Ҳафс ибни Умар: Дигар илоче нест. Ӯ саломат боид ба Бағдод расад.

Ашнас ба таҳқиқу имтиҳон ба чашмони Ҳафс ибни Умар менигарад. Ӯ аз ин исрорварзиҳо дар бемор будани Амри Лайс ба шубҳа меафтад.

Ашнас: Чаро махз ӯ бемор мешавад? Боз вақте ки ба диёраш расидаем..

Ҳафс ибни Умар: Ӯ марде пир аст. Ва ин роҳи дуру дарозро бетанаффус паймудан барои чун ӯе кори осоне нест. Худоро шукр боид кард, ки ӯ то ба ин ҷо саломат расидааст. Ман вазифаи худ медонистам, ки ба шумо хабар дихам. Дигар бокӣ шумо медонеду Амри Лайсу Бағдод....

Ҳафс ибни Умар баргашта рафтанӣ мешавад, вале Ашнаси ғулом ӯро боз медорад.

Ашнас: Чаро шумо худро аз масъулит сабукдӯш месозед? Шумо ҳам барои ӯ масъулед.

Ҳафс ибни Умар (*худро тааҷҷубзада гирифта*): Кӣ гуфт? Мо фақат ҳамсафар будему бас. Дигар ҳеч! Ман ба сафари шумо ҳеч вобастагие надорам. Аз ин ҷо роҳҳои мо ҷудо мешаванд.

Ашнас: Ба шумо чун бовар кунам, ки худро ба ҷойи каси дигар намедиҳед?

Ҳафс ибни Умар: Ҳар чур, ки мехоҳанд . Дар акси ҳол боз ба Бухоро мебоид гашт.

Ашнас: Шӯхӣ мекунед?!

Ҳафс ибни Умар: Далел надорам.

Ашнас: Ман шуморо раҳо намекунам.

Ҳафс ибни Умар: Ман фақат барои амнияти худ ба хайли шумо ҳамроҳ шудаям.

Ашнас: Аз ба роҳ баромадани мо касе хабар надошт, ба ҷуз ду-се кас. Агар шумо аз вобастагони ӯ нестед,чун бо мо ҳамроҳ шудед?

Ҳафс ибни Умар: Чаро шумо намефаҳмед,ки ин банда ҳам метавонад аз ҷониби он ду-се кас маъмурият дошта бошад?

Ашнас: Ҳуҷҷат?

Ҳафс ибни Умар (*худро бар зӯр даст гирифта*): Кай шудааст ки асрори шоҳонро ба ходимаке арза доранд?!

Ва ба хашм аз назди Ашнас дур мешавад. Ходими халифаи халофат ва намояндаи шоҳи Хуросон дар кори худ Амри Лайс хира мемонад. Агар ҳисоби ишонро худо наёбад, бандааш очиз аст! Ҳатто халифаи мусулмонон аз макри ишон очиз мондааст. Чӣ расад ба ғуломе ҳамчун ӯ?!

Ҳафс ибни Умар сар ба ҳуҷраи Амри Лайс халонд .Ӯ ҳанӯз дар хоб буд. Боз дарро ба рӯяш баста ба кофтукови саройдор баромад. Лаҳзае нагузашта онҳо дар ҳавлии корвонсарой суҳбат мекарданд. Ва дар фарҷом саройдор Ҳафс ибни Умарро дилпур кард, ки : "Мутмаин бошед, дигар навбати ба амирам хидмат кардани мо расидааст. Агар ин лаҳза иқдом накунем, пас аз будани мо чӣ суд?"

Ҳафс ибни Умар: Ба шаҳрдор ҳамаашро бифаҳмонед. Ё ҳоло ва ё ҳеч гоҳ!

Онҳо аз ҳам ҷудо шуданд. Ҳафс ибни Умар ба ҳуҷраи худ рафт. Амри Лайс ҳанӯз дар хоб буд ва гоҳ аз гоҳ аной мегуфт. Ҳанӯз таб дошт. Ҳафс ибни Умар ӯро боэҳтиёт бедор кард. Амри Лайс аз дидани ӯ дар ҳайрат монд.

Амри Лайс: Чаро ҳанӯз нарафтаӣ?

Ҳафс ибни Умар: Амирам таб доштанд, салоҳ дар он дидам,ки то ба по хестани амирам ҳамроҳашон монам. Эҳтимоли онро дорад,ки ҳамроҳ меравем.(Ва бо овози хафӣ) Ашнас гумонбар шудааст. Ӯ ҳатто розӣ нест,ки пизишкро даъват кунад. Иншооллоҳ, ҳама корҳо хуб мешавад. Фақат шумо бемории хешро ваҳимтар вонамуд намоед. Мобақии кор дар дасти мост.

Амри Лайс: Шаҳрдор хабар дорад?

Ҳафс ибни Умар: Мешавад. Шумо тибқи гуфтаи ман амал кунед, ҳама корҳо хуб мешавад.Шуморо сиҳат ва саломат ба манзили мурод хоҳем расонид.

Амри Лайс: Гумон намекунам. Хобамро дидам..

Ба ҳуҷра ворид шудани Ашнас ва пизишк ришгаи сӯҳбати ишонро бурид.Табиб пас аз муоянаи дуру дароз бемории Амри Лайсро ваҳим муайян намуда, фармуд ки бемор бояд бештар истироҳат кунад...

Ашнас: Бемор тавони бардошти сафарро доранд?

Пизишк: Мутлако мумкин нест. Беморӣ сахт хуруҷ карданаш аз эхтимол дур нест. Ба камаш як хафта сабр кардананшон зарур аст,то бемор рӯ ба бехбудӣ оварад.

Ашнас (бо Ҳафс ибни Умар рӯ меоварад) : Шумо чӣ кор мекунед?

Ҳафс ибни Умар: Тасмим гирифтам,ки то бехбуд ёфтани бемор бо шумо бимонам. Дар бозгашт аз ман чигунагии рохро бозпурсӣ хоханд кард. Ман хам бояд мутмаин бошам, ки шумо бе ҳеч дарди саре ба роҳи худ идома додаед.

Ашнас: Узр мехом, маъмуриятам тақозо мекунад, ки хеле эхтиёткор бошам. Агар аз ман гузашта бошад аз хоча узр мепурсам.

Ҳафс ибни Умар: Мефаҳмам. Ҷои шумо хар каси дигар хам ҳамчунин рафтор мекард.

Пизишк: Ман боз фардо меоям..

Онҳо баромада мераванд. Нигоҳи Амри Лайс дар Ҳафс ибни Умар раҳ мебандад.

Ва рӯзҳо ба каҳолат мегузаранд ва касолати Амри Лайсро вахимтар месозанд, вале хеч нест, ки аз ҷониби Заранч касе ба сурогашон ояд.

Ва ҳафтаҳо мегузаранд, вале интизории Амри Лайс аз раҳоияш беҳуда мешавад хеч кас ба ёди ӯ нест. Алҳак, бахт аз ӯ рӯ гардондааст. Дигар ба сарнивашти талхи хеш тан дардодааст. Дигар аз нолиш мондааст. Дигар аз ҳарф мондааст. Дигар аз ҳама дунё безор шудааст. Ӯ дигар на дидан мехоҳаду на шунидан. Ӯ дигар дар ин дунё ба касе аркор нест! Тамоми зиндагияш беҳуда буд, абас буд. Накши рӯйи рег буд!. Ӯ дигар намехост на барои охирин бор ба сӯйи Заранг бингарад, на бо Ҳафс ибни Умар видоъ кунад. Ӯ дигар мучассамаи марги хостҳои худ шуда буд.

Рох дигар азоб надошт...

Бод дигар сард набуд...

Отфоб дигар намесӯзонд...

Хилқати худованд фақат як бозии худнамой буд...

Худоё, худовандо, чаро ин бозӣ бад-ин сон берахмона аст!...

ТАБАРИСТОН

Бузургони Рай ин бор Ибни Ҷустонро, ки ба Носир Ка-

бир ва ҳасудон муттафиқ ва аз иродатмандони доии Дайламон буд, бо худ ба Табаристон оварданд. Муҳаммад ибни Ҳоруни Сарахсӣ то ба ҳол аз ибтикор кардан алайҳи хочаи хеш амир Исмоил тардид дошт. Ӯ қудрати чангии амири Сомониро нек медонист.

Ибни Ҷустон: Вале имрӯз вазъият ба манфиати мо кор мекунад. Амир Исмоил Амри Лайсро бо роҳи Сиистон ба Бағдод фиристодааст. Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амри Лайс ҷадди хешро раҳо хоҳад кард. Ин маънии онро дорад, ки Саффориён алайҳи Аббосиён алам хоҳанд бардошт. Ин фурсати муносиб аст, ки мо Райро аз ҳузури шабушкхорҳои халифа пок созем.

Ҳорун: Қиём кардан алайҳи хулафо ба масобаи исён кардан бар зидди худост!...

Ҷустон: Ин хулафо ҳукумати худо ба тақаллуб гирифтаанд ва то ба ҳол зулм бар аҳли байт раво медоранд. Магар ин куфру исён нест?! Дои Носири Кабир бо мост. Хилофат бар ҳақ чои ишон аст. Ва сониян ҳукумат кардани чанд ғуломи турк бар кишвари мо магар иҳонат нест?!

Бузурги Розӣ: Мардуми вилояти Рай аз зулми ин ғуломи манфуруламал ба сутӯҳ омадаанд. Ӯ ба мисли Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф саффок аст. Дигар, ки Абуубайдуллоҳ Муҳаммади Афшин ибни Абисоҷ аз ҳокимияти Озарбодагон маълум ва ба фармондори Арманистон мансуб шудааст. Аз ин интисоб бародараш Юсуф ва писараш Девдод розӣ нестанд. Ин омилҳо ҳама ба манфиати мост. Ва мардуми Рай умедворанд, ки ҳокими Табаристон иқдом намоянд ва бар ишон роҳбарӣ кунанд.

Ҳорун: Ман аз осӣ шудан бар фотеҳи Хуросон бим дорам.

Ҷустон: Омили Табаристон алайҳи хилофат қиём мекунад, на бар амирам Сомонӣ... Дигар ин, ки алавиёни Табаристону Гургон, Дайламу Гелон аз аввал дар мухолифат бо хилофати аббосиҳо буданд. Аз ин рӯ шумо ҳамчуи ҳокими ин манотиқ амал мекунед. Барои ин фақат чомаи муслимиро иваз бояд кард.

Ҳорун: Чӣ сон кори осон аст! - Худро ба хандидан мачбур месозад,вале дар рафти хандаҳо ба худ авзои чиддӣ мегирад. -Дигар риёкорона азо гирифтан бас аст. Дигар чомаҳои сафед дар хуни банӣ Ҳошим мебояд гулгуна сохт.

Ва чомаи сиёҳро аз тан бадар карда сӯйи пойгаҳ мепар-

тояд. Ва фардо алами Абумуслимро ба коми оташ меандозад... Ва сипохиёни норизои хешро бо хабс мегирад...

Ва ба чомаи сафед нишаста, бар аспи сафед барафрошта алами сафед, аз кӯххои сафед чониби Рай харакат мекунад. Ӯ мерафт, то хиёнат кунад!

Ё Хорун, ту бо чомаи сафед факат рӯй сиёх кардай! Бо рӯйи сиёху чомаи сафед кучо хохй рафт?!!

Мухаммади Хорун дигар кӯр шуда буд. Он Хоруни хайёти сарахсиро намелид... ӯ дигар кар шуда буд ва он Хоруни дузди Сарахсй кораш дигар факат паймоншиканиву хиёнат буд.

Дигар ӯ факат як хоб медид: шабушкхо бар боли малаххо чун зулуке часпидаанд.

Ӯ меравад то киштзорхоро начот дихад...

БАҒДОД

Корвони барандагони Амри Лайс намози шом ба дехе расид, ки дар саводи Багдод буд. Ашнаси ғулом баъди ба манзиле фуруд овардани хамрохонаш бо дасти сарбозе назди Бадр-ул-Кабир ,ки аз сипахсолорони Тулӯни ғулом буд ва ботинан бо Амри Лайс душманй меварзид, нома фиристод ва омадани амири саркаши саффориро ба ӯ хабар дод. Амри Лайси Саффорӣ замони хукуматаш бар як кишвари бузург ва хангоми сохиби шуртаи Багдод будаваш ба худ ичоза намедод, ки хулафо ӯро ба Тулӯни ғулом ки хукумати Мисрро бо чоплӯсӣ ва тахкирхо ба даст оварда буд, дар як саф гузоранд ва дар Макка аламашро дар чои алами ӯ карор диханд. Ин тахкирхоро Бадр, ки намояндаи Тулӯн дар Багдод буд, беш аз сохибаш эхсос мекард. Хатто чокарони Амри Лайс бо ихонат ба ӯ, ки сипахсолори аббосӣ буд, муносибат мекарданд. Ин кина асосан аз соли 267 (881 м) огоз шуда буд. Хамин сол Мухаммад бинни Тулӯни сипахсолор ва амири Миср ба Макка сафар кард. Ва аз рӯи анъана дар рӯзхои ид алами Амри Лайсро дар минбар нигох медошатнд. Ба сабаби он ки омили Форс Мухаммад ибни Лайс хироҷи Багдодро нафиристода буд, қасд карданд алами Амри Лайсро аз минбари Макка бияфгананд. Ин хабар ба амири Саффорӣ расид, қасди Порс кард ва ба фарзандаш,ки хамрохи Ахмад ибни Абдуллох ба Хузистон тархи хиёнат рехта буданд, ба мазмуни “Ба

мавқеи ман дар Макка зарба зад" номаи тунде фиристод. Барояш хабар расид, ки қасд доранд ҷои алами ӯ алами Мисрро боло кунад. Вале намояндаи Амр дар Макка ба ин кор иҷоза надод. Кор ба ҷое кашид, ки байни тарафҳо ҷанг бархост. Сокинони Макка аз намояндаи Амр пуштибонӣ карданд ва нагузоштанд, ки алами ғуломе ҷои алами ҳамчун Амри Лайси ғозиро бигирад. Ва боз аз рӯйи анъана дар тарафи рости минбар алами амири саффорӣ барҷой монд. Дар ин воқеа Бадри ҳаммомӣ-ғуломи Тулуни ғулом ҳузур дошт. Аз ин рӯ Бадр бо дарёфти хабари оварда шудани Амри Лайс, ки ҳама умр орзуи залил дидани ӯро дар дил мепарварид, бедиранг ба сӯйи Ашнаси ғулом, вале имрӯз ходим шитофт. Рӯзи дигар Амри Лайсро бар шутури дукӯҳонае филмонанд нишонданд ва ба Бағдод оварданд Ӯро либоси абрешимини шоҳона пӯшонда буданд. Ин шутурро худ Амри Лайс дар қатори дигар ҳадоё ба халифа баҳри дарёфти маншури Варазруд фиристода буд. Ӯ шутури масти хешро шинохт. Онҳо аз дарвозаи Порс вориди Бағдод шуданд. Мардуми шаҳр аз хурду калон, марду зан ба кӯчаҳо рехта буданд ва ҳанӯз мунодиён аз "ташрифи" амири саркаши саффорӣ нидо медоданд. "Амри Лайс омадааст, ки Бағдодро тасхир кунад!" Амри Лайс бар шутури филҳайбати хеш бо виқор нишаста буд. Бадри Ҳаммомиву Қосим бинни Абдуллоҳи сарҳанг бо сипоҳи хеш аз пасаш мерафтанд. Садои таҳқирҳову таассуфҳо аз миёни издиҳоми ҳангомачӯёни ду тарафи роҳ ба гӯшаш мерасид: "Ин ҳамон аст, ки айши моро мунағғас месохт!.. Осоиши моро халалдор мекард!.. Фарзандони моро ба коми марг месупорид! Ӯ ҳанӯз шикаста нест! Ӯ ҳанӯз шукӯҳи шоҳона дорад!.. Эй дареғ, дунё сифлапарвар аст!... Шер ба ҳангоми марг ҳам шер мемонад... Бо чашми кӯр ҳам чӣ зебост ӯ!.."

Ӯро дар кӯчаҳои шаҳр мегардонданд. Бадри ғулом умед дошт мардуми Бағдод санги маломат ба сӯяш мепартояд. Вале хилофи чашмдошти ӯ, чунин ба назар мерасид, ки мардум аз фотеҳи хеш истиқбол мекарданд. Аз хашм чашмони тангаш дар рӯйи пачақаш гум шуда ва амомаи бузург қомати кӯтоҳашро бар болои зин боз хурдтар сохта буд. Нукси чиз ҳангоми намоиш хувайдо мешавад. Ва мардуми Бағдодро аз саликаву табъи пасти халифаи худ хомгӣ меомад: чи сон мумкин аст?! Ҳирси дунё ҳар чизи номумкинро имконпазир мегардонад! Ҳамчунон дар ба-

робари чунин зиштиву палиштӣ таҳаммул карданро!

Қасри Сурайё

Халифа Мӯътазид биллоҳ дар зеботарин бинои шаҳри Бағдод-қасри Сурайё бо Ашнаси ходим танҳо ба танҳо сӯҳбат мекард. Ранги рӯяш беморгуна парида буд ва овозаш аз ранҷи дард хаставу хафӣ садо медод. Чашмонаш аз бехобӣ варам кардаву сурх гардида.

Мӯътазид: Таъхир кардӣ?

Ашнас: Сафари мо аз тариқи Сиистон буд.

Мӯътазид: Чаро?

Ашнас: Роҳи Хуросон амн набуд ва маслиҳат он дидем, ки аз дур бошад ҳам аз тариқи Сиистон биёем.

Мӯътазид: Аз Бухоро кай баромадӣ?

Ашнас: Ду моҳ пеш.

Мӯътазид: Барои чунин маъмурияте басо дароз аст.

Ашнас: Амри Лайс қариб як моҳ бемор буд ва мачбур шудем, ки то сиҳат ёфтани ӯ дар Ниҳ таваққуф кунем.

Мӯътазид: Ӯ бемор буд ва ё хостед?.. Ва амир Исмоил ибни Аҳмад мехост ӯро бигрезонад?..

Ашнас: Гумон намекунам. Агар ӯ чунин мақсаде медошт, ӯро аслан ба Бағдод намефиристод.

Мӯътазид (*худ ба худ*): Ту чӣ медонӣ, ки ишон чӣ мақсаде доштанд. Худованд ростоварандаи корҳост! (бо Ашнас) Ҳоло ӯро кучо фуруд овардай?

Ашнас: Ӯро дар шаҳр мегардонанд.

Мӯътазид (*фарёд мезанад*): Ин амали зиштро кӣ фармуд?

Ашнас: Бадр-ул-Кабир. Ишон бо Қосим ибни-Абдуллох дар шаҳр ҳамегардонанд.

Мӯътазид хашмолуд аз ҷойгаҳаш хестанӣ мешавад,вале аз заъф немтавонад. Бо овози ларзон хитоб мекунад.

-Фавран, ӯро биёред!

Ашнаси ходим гӯё ба фарши мармарин мехкӯб шуда бошад, карахту ночунбон аст. Аз сари худ андеша дорад. Амиралмӯъминин аз чизе огоҳ аст, ки ӯ намедонанд!

-Чаро карахт шудай? Зуд бош!

Ин каломи эҳтиромноки амиралмӯъминин ӯро ба худ меоварад. Якбора якка мехӯрад ва пуштнокӣ ба сӯйи дар меравад. Мӯътазид биллоҳ танҳо мемонад ва дигар ҳеч кас-

ро ба ҳузураш намедиҳад. Исмоил ибни Аҳмад чизи дигар мехост! Тираш хок хӯрд! Тоҳир аз ин моҷаро қасди дигар дорад. Дигар ӯ аз паи ин баҳона мегардад. Ин баҳона дигар асорати ҷаддаш дар сияҳчоли Мӯътазид хоҳам буд! Ман ин баҳонаро ба ту нахоҳам дод! Тифли ширхора! Мехоҳад аз роҳи аҷдодаш биравад. Ман ба ту фурсат нахоҳам дод, то бар ошӯбӣ, исён кунӣ! Дигар ибтикори ту аз худат вобаста нахоҳад буд. Дигар халифа мабҷбур аст ҷуръати фавқулодаи фотеҳи Хуросонро эътироф намояд ва оромишу осудагии қисмати аъзами ҷаҳони исломро аз ӯ вобаста бидонад. Дигар ба ӯ аз дари мадоро муросо мебояд кард. Оре, дигар ӯ мачбур аст, ки хостҳояшро бипазирад. Дигар чора надорад. Алавиёни Табаристон сар бардоштаанд. Фардо Тоҳир ибни Муҳаммад ба додхоҳии ҷаддаш алам хоҳад барафрошт. Мағриб ноором аст... Ғуломони турк аз тамаъ кулуфт шудаанд. Бе тамаъ бар байтулмол коре намекунанд: дех хуранд - зан муранд! Ин тангчашмони гурусна серӣ надоранд!.

Амри Лайси Саффорирo меоранд. Халифа сарашро аз болин бардошта хастаҳолона ба ӯ менигарад. Ҳанӯз викори шоҳона аз ваҷоҳаташ нарафтааст. Забунбинии Бадри ғулом назди ин шаҳомату виқор ночизу беранг менамоянд. Бадр зону мезанал ва дасти ларзони амиралмӯъмининро бӯсидан мехоҳад, вале Мӯътазид бо кароҳат дасташро кашида мегирад. Ӯ аз Амр чашмдор аст ки ба пояш афтода пузиш металабад. Вале Амри Лайс чун сутунҳои тахти Ҷамшед шукӯҳманду бепарвост. Дақиқаҳо тӯл мекашиданд, амиралмӯъминин интизор мекашид, вале Амри Лайс ҳамчунин орому бовиқор буд. Агар гузашт менамуд, тибқи чашмдошти халифа амал мекард, шояд аз гуноҳаш мегузашт, ӯро мебахшид. Вале халифа аз забонаш ҳатто ҳарфе нашунид. Бар ӯ хашм гирифт.

Мӯътазид: Алҳамдулиллоҳ, ки шарри ту кифоят шуд ва дилҳо аз шуғли ту фориғ гашт.

Амри Лайс аз худ вокунише нишон надод, ҳамчунон шукӯҳманду бовиқор буд.

Мӯътазид: Ӯро ба зиндон баред!

Бадр: Ӯро бибояд кушт, ки ӯро тамаъ аз мамлакат ҳама ҷаҳон аст. Набояд бар ҷаҳон касе бимонад ки бар амиралмӯъминин вал муслимин бузургӣ ёрад кард.

Мӯътазид: Ин мард бузург аст андар ислом ва кас андар

дорулкуфр чандон футух кард, ки ин накард. Бидоред, то нигоҳ кунем.

Амри Лайсро ба зиндон бурданд. Ба зиндоне, ки Ғурак писари Ковус дар он ҷой аз гуруснагиву ташнагӣ мурда буд. Ва Мансурро он ҷой асир нигаҳ хоҳанд дошт. Вале Мӯътазид аз шуғли ӯ фориғ нашуд. Аз андешаи кори ӯ бемор гашт.

Амри Лайс дар зиндон ҳам ба касе ҳарфе назад. Ҳар рӯз Бадр барои коҳондани ҷони ӯ ба зиндон меомад ва аз иҳонат гуфтан дар ҳаққи Амри Лайс хаста шуда, боз ба қаср бармегашт. Амри Лайс ӯро ҳам бемор карда буд. Ӯ мехост бар иззати нафсаш бирасад, ӯро шикаста созад, вале ҳама кушишаш беҳуда буд, балки баръакс худаш шикаставу ноумед мегардид. Халифаи беморро ҳам ҳар рӯз ба куштанаш ташвиқ мекард: "Зинда мондани ӯ дарди сарҳое ба бор хоҳад овард!"

Дигар он "дарди сарҳо" новобаста аз Амри Лайс пайдо мешуданд.

Муҳаммади Ҳорун дар Табаристон алами сафед афрошта, дар Рай Укартамиш-намояндаи халифаро бо ду писараш бо қабеҳтарин уқубат бикушт ва Райро аз тахти тасаллути Бағдод берун гирифта ба Табаристон пайваст. Душманонаш дар шимолу шарқии хилофат рӯз ба рӯз пурзӯр мешуданд.

Тоҳир бинни Муҳаммад ба тасарруфи Форс меомад, то шаъну шавкати аҷдодашро дубора баргардонад.

Дигар касе сухани Мӯътазид биллоҳоро нафаҳмид. Забонаш мегирифт.Ба лакнат сухан мегуфт. Ва ҳангоме ки аз ин нотавонияш асабӣ мешуд,забонаш билкул мегирифт. Соатҳо лозим меомад, ки ором биёбад ва қудрати такаллум пайдо кунад. Дигар зиндагии Мӯътазид ба кобус табдил шуда буд. Гӯё ин кобуси ваҳшатзои зиндагияш поён надошт. Дарёи гилолуд ӯро фурӯ мебурд.Ӯ оби гилолуди ғализро фурӯ мебурд. Нафасаш мегирифт. Ба талвоса дасту по задан мехост, фақат мехост, ки дасту по бизанад ва худро ба соҳил бирасонад. Вале афсӯс,оби ғализи дарё ба ӯ имконе намедод. Ӯро дар худ фурӯ мебурд. Яъсаш амиқтар мерафт.Ва ҳамин лаҳзаҳо буд, ки марди саворе дар соҳил ба пайдо меомад. Бидуни он ки тар шавад аз дарё мегузашт, ба шаҳри ҷовидонаи кобусҳо ворид мегардид. Нигоҳи ҳасратбори Мӯътазид ба дунболаш мерафт. Ва дар

худ фарёд мезад: “Эй марди хуросонӣ ба имдодам бирас!.. Начотам дех ки ғарқ мешавам” Ва аз дурҳо садое ба гӯшаш мерасад: “Подоши начот додани мо Абусалмаву Абумуслим буд! Боз аз кадом начот сухан мегӯӣ?!” Мӯътазид маъюсона иқрор мекунад: “Оре, ин хатои мо буд. Чокарони сароиро, ки озодагон бардоштаем ҳузури шумо барои мо шармовар буд,зеро мо ҳанӯз дар баробари шумо саҳроӣ, аъробӣ боқӣ мондаем... Мо зарурат ба аз худ пасттаре доштем. Оре, ин хатои мо буд... Мо аз Салмон ракш бурдаем. “Салмон аҳли байти” бароямон иҳонатовар буд. Бо ҳилла ба рӯз расидагон ҳамеша ҳамчунинанд! Качравон ҳеч гоҳ мустақим нараванд! Оре, хатои мо аз ибтидо буд! Бубин ман ба дарёи гилолуд ғарқ мешавам. Вале ту бидуни олуда шудан, бидуни тар шудан, онро убур мекунӣ! Хушо ба ҳоли Салмон! Хушо ба ҳоли Бӯҳанифа!.. Хушо ба ҳоли растагорон!.. “ Мӯътазид бо эҳтиросу таб фарёд мезанад.

-Амр!.. Амр!..

Касе дар ёди ӯ нест. Ин нидо ҳам мисли боқии суханонаш ба бод меравад, ҳазёни таболуд пиндошта мешавад. Ӯ бухс мекунад. Ӯ бо нидо гуфтанӣ буд, ки даст ба дамани фотеҳи Хуросон мебояд зад. Аз роҳи озмуда мебояд рафт. Вале ҳайҳот, дар ин шаҳри ҷовидона кобусҳо на забони гирову мутакаллим вуҷуд дораду не гӯши ниюшо, аз ниюша!.. Аз ин вузарову умаро чи фоида?! Амиралмӯъминин аз ишон хаста шудааст! “Ӯро ба ҳоли худ гузоред... Мегӯяд табиб.- Амиралмӯъминин ба осоиш ниёз дорад. Даме бояд баросояд”. Муктафӣ бар болини падар интизор мемонад. Ҷойи ӯ ин ҷост! Ӯ бояд бо падар бимонад. Ба касе намешавад бовар кард. Кӣ медонад? Мӯътазид биллоҳ сӯи фарзанд бо шакку тарс менигарад.Ва табиброро бо ишорати даст мефаҳмонад, ки ин ҷо бимонад.Табиб қасди рафтан надорад. Ӯ фақат дигаронро барои осоиши амиралмӯъминин ба дар кардаасту бас! Мӯътазид биллоҳ хушнуд мешавад ва бо ишорат ба писар фаҳмондан мехоҳад ,ки коғазу давот лозим дорад.

Табиб: Амиралмӯъминин коғазу давот мехоҳанд.

Муктафӣ биллоҳ коғазу давот меорад. Табиб Мӯътазидро бар рахт менишонад,чанд болиштеро бар пушташ такягоҳ мегузорад. Халифаи мусулмонон дигар муродашро гавассути набиштан ба дигарон хоҳад фаҳмонд.

Ҳанӯз мағзи фалачшудаи амиралмӯъминин қобилити

фикр кардан дорад. Ҳанӯз андешааш фалаҷ нашудааст .

Корвони ҳадоёи халифа ,ки ҳама тӯҳафи Амри Лайс буд, ҷониби Бухоро ҳаракат мекунад, то амир Исмоил кишвари хешро вусъат бахшад, амнияти халофатро таъмин созад.

Ва Амри Лайс бо ин ҳама атоё дар кунҷи зиндони халофат гуруснагӣ мекашад.

Ва тоҷи мурасаъи шоҳаншоҳ Яздигурд вориси хешоро меёбад.

Ва шамшери тиллоии яздигурдӣ ба дасти соҳибаш мерасад.

Ва аспи сафед иситабли Тайсафунро раҳо мекунад

Ва Симурғ ба лонаи хеш бармегардад.

Ва шер вуҳушро ба зери сояи ин сарви азим гирд меоварад.

Ва паррандагон ба лонаҳои хеш дар шохсори ин сарви азим кӯч мебанданд.

Ва дигар дарёи азим ором мегирад...

Ва Яҳмус - ин гови муқаддас бар шоҳҳои заррини хеш Заминро ором медорад.

Ва моҳӣ дар об намелағжад...

Ва ҷаҳон ба оини ростӣ ҳамоҳанг мешавад..

Ва амир Исмоил ба қасди вусъат додани қаламрави ҳукумати маврусии хеш аз дарвозаҳои Бухоро берун меравад-,то оини ростиро густурдатар созад.

Ва “роҳ дар ҷаҳон якест ва он роҳи ростӣ аст”

Ва ростӣ беҳтарин неъмат ва ҳам мояи саодат аст ва саодат азони касест, хостори беҳтарин ростист...

МАРВ

Амир Исмоил ба шаҳри пуршукӯҳи Марви Шоҳиҷаҳон ворид мешавад. Ҳама ҷо садои мунодиёи ба гӯш мерасад: “Сипоҳи амир Исмоилро бо раъияти ӯ коре нест”Мардуми шаҳр чӣ марду чӣ зан ба истиқболи амири хеш мебароянд. Онҳо аввалин бор шоҳи худро мебинанд. Ӯ ба эҳтироми мардум аз аспаш пиёда мешавад ва пешопеши лашкар аз байни мардум мегузарад. Шодию шаафи мардуми

шаҳр ҳадду канор надорад. Онҳо бар сари шоҳи худ парвоза мечошанд, танга мерезанд. Шиор мепартоянд: "Зиҳӣ шоҳи одил! Зиҳӣ Баҳроми мо! То рӯзи хурдод ҳамчунин бодо!". Шиордиҳӣ ба сурудхонӣ мегузарад. Мардуми шаҳр бо як овоз мехонанд.

Кай бувад ки ояд,
Пайк аз Ҳиндустон.
Ки омад он шаҳ Баҳром,
Аз дӯдаи Кайён,
Ки пил аст ҳазор,
Бар сар аст пилбон.
Ки ороста дирафш дорад,
Ба оини хусравон...

Ва ин замзамаи ҳамсароӣ шаҳрро гӯё ба осмон мебардошт. Амир Исмоил аввалин бор буд,ки хешро чунин боланда меёфт. Гӯё ӯ ҳамроҳи ин шаҳр ба сӯйи осмонҳо уруҷ мекард: сабук, озод, фараҳманд, шодмона чун ба рӯзи Наврӯз! Худоё, худовандо дарвозаҳои осмон боз мешаванд! Ин суруд дар фаросӯи осмонҳо садо медиҳад. Ё ин суруди ҷовидона чист, ки аз он сӯи осмонҳо ба лаҳни қудси садо медиҳад! Онро фариштагон нишаста бар боли бодҳо тараннум мекунанд. Чун қумриёни нағмапардоз бар шохсорон!..

Эй кош ин лаҳзаҳо поён надоштӣ! Дунё ба вачд омада буд. Амир Исмоил гӯё бар ҳарири абрҳо гом мезад. Овози карнайу суранӣ аз токҳо садо медод. Нағмаи қудсӣ! Сурудди осмонӣ! Дарвозаҳои биҳишт аз хилоли абрҳо бо ин садоҳо боз мешаванд. Эй кош ин лаҳзаҳо бебозгашт будандӣ!...

Амир Исмоил то субҳи рӯзи дигар бад-ин аҳвол буд, аз худ бехуд буд, маст аз шодиҳо дар рӯъё буд. Ба сайр шаҳр ҳам, ки аз рӯйи одати ҳамешагии худ баромада буд, ҳамин рӯҳияи боландаро дошт. Ва бо дидани манзараи нохуше ба вокеияти зиндагӣ баргашт. Айшаш мунағғас гардид: Шутури масте миёни киштзори хуррам мастона мечарид.

Амир Исмоил: Бифаҳмед, ин шутури кист, ки киштзорашро хароб мекунад.

Чанд сарбоз паи амр рафтанд. Шутур аз ишон рамид, дигар бедод мекард. Шутури маҳоргусехта бар рони хешдоғи амири Хуросонро дошт.

Амир Исмоил (*ба сарбозе*): Биштоб, сорбонро изҳор кун!

Сорбон савор бар ҷамозае бимнок омад. Амир Исмоил аз хашм бекарор буд. Тайёр буд хашми хешро бар сари ӯ бирезад. Сорбон худ гумкардаву музтариб менамуд.

Амир Исмоил: Шутури ман дар киштзори мусулмонон чӣ мекунад?!

Сорбон (бо харос): Ба арвоҳи падарам савганд ин шутур аз дӯш боз рамидааст. Ва ман то акнун дар талаби ӯ будам.

Амир Исмоил: Ба ҳар чо ки адлу инсоф нест,он ҷо дузах аст! Агар ин бедод аз шоҳ бошад ,худо худаш нигоҳ дорад! Ин бор узратро пазируфтам. Мувочиби кори хеш бош. Соҳиби киштзорро биёваред.

Ӯро оварданд. Аз тарс меларзид.

Амир Исмоил: Шутури ман дар киштзори ту рафта харобӣ кардааст.

Зореъ: Медидам.

Амир Исмоил: Пас чаро монеъ нашудӣ, ки ба киштзорат харобӣ наёварад?

Зореъ: Дар ӯ доғи шоҳамро шинохтам ва ҷуръат накардам, ки онро аз киштзор берун кунам.

Амир Исмоил (*ба ҳамроҳонаш менигарад*) : Ал-амон, аз зулми шоҳон ал-амон! Муртакиб шумо мешавед, вале назди худованд маро мебояд ҷавоб гуфт. (*ба Зореъ*) Зарареро, ки шутури мо дар киштзорат овардааст,баён кун.

Зореъ: Ман хушбахтии хеш мешуморам, ки шутури шоҳи Хуросон ба киштзори ман даромадааст.

Амир Исмоил (лабханд мезанад): Замини киштат бисёр аст, ки ин қадар валиниъмати мекунӣ?

Зореъ: Фақат ҳамин.

Амир Исмоил: Дигар манбаи таъмини рӯзгоратро дорӣ.

Зореъ: Не, амирам.

Амир Исмоил: Ту фақат ҳамин мулк дорӣ, вале шоҳи Хуросон коргузорони бисёр. Агар ишон ҳар кадоме чунин харобӣ ба мулки раоё ованд, чун мешавад?

Зореъ музтару хомӯш мемонад.

Амир Исмоил: Кишвар хароб мешавад! Ман назди худованд ҷавоб медиҳам, ки бо ҳангоми аморати ман, бо гуноҳи ходимони ман фарзандони фалонӣ ибни фалон гуруснагӣ кашиданд. Агар ту гузашт мекунӣ, ман наметавонам. Ҷавоби як қатра ашки фарзанди ту барои ман муш-

кил аст. Зарарро баён кун.

Зореъ: Сӣ дирам...

Амир Исмоил: Изъофи он диҳед.

Зореъ он рӯз ва рӯзҳои дигар низ аз ин ҳодиса рӯҳияи боланда пайдо карда буд. Бовараш намеомад. Ӯ аз адолати шоҳон бисёр қиссаҳо шунидаву хонда буд, вале надида буд, балки ҳеҷ касро чунин саодате муяссар нагардида буд. Ҳар рӯз чунин ҳодисае воқеъ намешавад. Агар чунин воқеаҳо ҳар рӯз имконпазир мебуданд, қиссаи шоҳ Исмоилу Зореъ вирди забонҳо намегардид. Мардуми шаҳру деҳистон ба ҷуз ҳикоят кардани ин ҳодиса гӯё дигар коре надоштанд. Ва худи ҳамон рӯз воқеаи дигаре ба вуқӯъ пайваст, ки мардумро беш аз пеш шигифтзада сохт. Ҳинне ки амир Исмоил дар шаҳр гардиш мекард, мардум харбандаи ӯро пешандоз карда ба наздаш бурданд ва нолиданд. Амир Исмоил ба хашм сӯи харбанда нигаристу гуфт:

—Туро музд хаст?

Харбанда (бо тарсу ҳарос): Ҳаст.

Амир Исмоил: Мунодии ман нашнидӣ?

Харбанда: Шунидам.

Амир Исмоил: Пас чаро ба полизи раъияти ман андар шудӣ ва зиён кардӣ?

Харбанда: Хато кардам.

Амир Исмоил: Ман аз баҳри хатои ту ба дӯзах натавонам рафтан. Барои ибрати дигарон дасташ бибуред, дар шаҳр бигардонед ва мунодӣ кунед: Бо ҳар касе ки хилофи раъйи амир амал мекунад, дар моли раоё дастдарозӣ мекунад, ба чунин ҷазо гирифтор мешавад.

Фармони шоҳро худдом дар ҳол ба маърази ичро гузоштанд. Харбанда ҳеҷ гумон накарда буд, ки ғафлаташ аз хари хеш ӯро ба чунин ҷазои саъб гирифтор месозад. Ба соҳибони зиёъ писханд зада буд, ки ба беҳуда хешро ранҷа месозанд. Дигар аз тарс ранг дар рӯяш намонда буд. Шокиён низ аз кори хеш пушаймон шуданд ва тарс бар мардум муставлӣ гардид. Онҳо, яъне мардуми шаҳр аввалин бор буд, ки бо муҷримон чунин муносибат карданро медиданд. Лашкарии Рофеъ бинни Ҳарсама агар шаҳреро ба ғорат мебурд, бе ҷазо мемонд. Хоразмиён низ аз аъроб бадтар берахму золим буданд. Ва рафтори онҳо бо раоё ҳамчун амри мусаллам пазируфта мешуд ва мардум ба ин тарзи муносибат хӯ гирифта буданд; боид чунин буда бо-

шад! Вале амир Исмоил ҳатто бар харбандааш гузашт накард, чӣ расад, ба лашкарӣ! Ва ё пояи адл бо зулм гузошта мешавад?! Зулмро бояд бо зулм фурӯ нишонд! Дар акси ҳол адолате буруз нахоҳад дод. Хишти биҳиштро аз хокистартудаҳои дӯзах мебояд рехт!..

Амир Исмоил ҳарчанд ба қаҳр ҳукми харбандааашро бароварда, вале ғамгин шуда буд. Ӯ ба ёди фарзандони ин муҷрим афтод, дилаш ба ҳоли ишон сӯхт. Вале чӣ чора?! Агар пеши роҳи зулм гирифта нашавад, густариш меёбад. Он гоҳ бар ҳамагон мушкил мегардад. Зиндагӣ бесамар хоҳад шуд. Ӯ ба ин хотир ба роҳ баромадааст. Ӯ меравад, ки дасти зулмро кӯтоҳ кунад. Қатъ кунад! Ӯ меравад, ки диёри аҷдодашро бубинад, бо наберагони Меҳрон, ба амузодагонаш ошно шавад.Ин Нӯшрадӣ меравад то ба фарзандони Меҳрону Шопуру Баҳроми Чӯбин хешро бишносонад, нишон диҳад, ки номи Нӯшрад - он ҷадди аълои хонадони сомонӣ аз дафтари рӯзгор сутурда нашудааст. Ӯ омадааст, ки он шукӯҳи аз даст рафтаро аз нав муҷалло кунад. Мардуми ин сарзамини паҳновару шукӯҳмандро дар орзуву умедҳои хеш мутмаин созад: Баҳроми Варҷованд дар роҳ аст! Ман омадаам ки ба шумо эълом кунам: Ҳар кас такрори ҷадди худ аст! Навмед набошед, бар аспи шукӯҳманди орзуҳои хеш зин занед. Он шукӯҳманд, он род, он тачассумгари дод, балки худ Дод дар роҳ аст! Гирди ман ҳалқа занед. Ман худ паёмовари ин навид ҳастам. Дигар навидан бас аст! Эй такрори такрори такрорҳои пуршукӯҳ, бар аспи сафеди орзуҳо зин занед! Ҳанӯз ки киштзорҳои хуррами шумо ба пуррагӣ дастхуши торочи малаххо нагардидааст, ҳанӯз ки тани тавонои шумо аз газанди шабушкҳо осеб надидааст, бар аспи шукӯҳи орзуҳо зин занед! Дигар як нафас фурсати таъхир нест.

—Ба роҳ!

Табли ҳаракат навохта мешавад. Ҳанӯз ки зулму бедод густариш наёфтааст бояд саркуб шавад, решакан шавад! Амир Исмоил аз дарвозаи Гургон Марврро ба қасди Рай тарк гуфт. Мардуми шаҳр шоҳи Хуросонро бо бардошти дугона гусел карданд. Ва бузургону начибзодагон як манзил аз пасаш рафтанд. Амир Исмоил ҳангоми видоъ ба ишон гуфт:

—Зинҳор бо мардуми хеш зулму бедод раво мадоред. Подоши зулм зулм аст!

Тири аз камончастаро намешавад пас гирифт. Бигзор ин

сусморхорҳои лавандшуда ҳар чӣ мехоҳанд бияндешанд. Бигзор фикр кунанд ва ҳатман хоҳанд кард, ки амир Исмоил хилофи наси китоби осмонӣ сухан мегӯяд. Вале бурӯз нахоҳанд дод. Медонанд, балки мефаҳманд, ки дигар он замонҳо гузаштааст. Имрӯз маволӣ мулло шудааст. Ин маволӣ аст ки дигар рамӯзи каломи ишонро шарҳ медиҳад, набудаҳоро меёбад, тачрибаи таърихии худро ба ишон нисбат медиҳад. Афсӯс ки дар Марв асилзодае намондааст ва ё аз ишон ҳар кӣ чон ба саломат бурд, аз ин диёр фирор намудааст. Ва ё ҳастанду чунон пинҳон шудаанд, ки ба чароғ наметавон ишонро пайдо кард. Сабр кунед, ман шуморо аз хафолҳои хеш берун хоҳам кашид! Ва амир Исмоил банохост ба Ҳамӯя ибни Алӣ, ки аз бараш мерафт мегӯяд:

—Ачиб аст, дар ишон аз арабӣ чизе намондааст. Ба лаҳни мардуми Хоразм сухан мекунанд!

Ҳамуя: Аз букаламуни диёри хеш ирс гирифтаанд.

Амир Исмоил лабханд мезанад, то дер гоҳ хомӯш мемонад ва боз бегумон, ба мисли он ки бо худ ҳарф мезада бошад, мегӯяд:

—Баъзан ба худ фикр мекунам, ки он аъробе, ки даҷ Хуросон, хусусан Бухорову Самарқанд, Марву Нишобур, Балху Ҳирот чиҳод карданд ва ба қавли расули худо хусусан дар Бухоро он қадар шаҳид шуданд, ки ба рӯзи растохез аз зери суми аспе ҳафтод ҳазор аламбардор мехезад, кучо шуданд?

Ҳамуя: Шаҳид шуданд!

Амир Исмоил: Бояд зиндаҳош дучандон монда бошад. Ту хоҳӣ гуфт ки боз ба сарзамини Ҳичоз баргаштанд? Вале ин тавр нест. Аз рӯзи аввали истилошон ба ишон ваъдаи кишварҳои обод медоданд ва ишон дар ин сарзаминҳо дунболи биҳишти мавъуд мегаштанд. Ҳеч имкон надорад, ки онҳо ин биҳиштро бигзоранду биёбони бе обу гиёро авло бишморанд.

Ҳамуя: Он қадар бурданд, ки метавон биёбонро бӯстон гардонд.

Амир Исмоил: Ин тавр нест. Ғаризаи одамӣ ҳамеша осоиш мечӯяд. Юниҳо низ дар ин паҳноҳои ободу хуррам гум шудаанд ва ё ифтихор аз ин сарзамин кардаанд. Юниҳо аз арабҳо хубтар набуданд. Балки арабҳо тачрибаи ишонро такрор карданд.Ин сарзамин ҳамеша худро бо

хуни ғосибон рангин кардааст ва дар фарҷом барояшон муқаддас гардидааст ва бо ин бақои миллати моро таъмин сохтааст. Ҳеҷ сарзамине дар таърихи хеш инчунин тачрибаро надоштааст. Мефаҳмӣ, ҳеҷ кишваре, ҳеҷ милате! Мо чизе дорем ки ҳеч ғосиби мо надорад ва ногузир аст онро бипазирад, бар он арҷ ниҳад ва онро барои худ оини зиндагӣ бисозад, муқаддас гардонад. Оё медонӣ, ки ин чист?!

Ҳамӯя: Ин қазия боре ҳам аз хотирам хутур накардааст.

Амир Исмоил: Ман тамоми умр сари ин қазия андешидаам. Ин азимату шукӯҳи гузаштагони ин сарзамин аст. Як гузаштаи ҳамеша ифтихорангез, шукӯҳманд! Ҳоло аз роҳи Деҳистон мегузарем. Фақат як худи ин русто он қадар бузургони таърихи моро додааст, ки ҳеҷ кишвари дигар надода. Ҳар хонадоне ки дар тӯли ҳазор сол дар ин сарзамин ҳукумат кардаанд ва бо фазлу ақли ботадбири хеш ин сарзаминро муҳташаму азамат бахшидаанд. Имрӯз ҳам аз дудаи ишон касе бояд бокӣ монда бошад. Онҳоро бояд пайдо кард. Онҳо ҳатман дар Табаристон бояд бокӣ монда бошанд.

Ҳамуя: Нашнидаам.

Амир Исмоил: Испаҳбад Шаҳриёр писари Подусиён ва маликулҷибол Испаҳбад Шарвин писари Рустам ибни Қорун.

Ҳамуя: Магар ишон дар байъати нашри Дой нестанд? Ва ё Муҳаммади Ҳорун? Гумон намекунам, ки исёни Муҳаммади Ҳорун дар як майдони холӣ ба вуҷуд омада бошад?

Амир Исмоил: Аз он ҷое ки ман иттилоъ дорам миёни Зайдиҳо ва испаҳбадон як халои хусумату душманӣ вуҷуд дорад. Испаҳбад Рустам писари Қорунро ки маликулҷибол буд. Рофеъ ба ҳила асир гирифт ва тамоми наздиконашро укубат кард, молу мулкашонро ба зулм гирифт ва худашро ба зиндон партофт то дар он ҷо фармон ёфт. Имрӯз мулки ишон дар тасарруфи Носири Кабир ва ёрони ӯ карор дорад. Дигар ин ки тарафдорони Носир, яъне содоти алавӣ тамоми молу мулки наҷибзодагони Табаристонро тасоҳиб шудаанд.

Ҳамуя: Пас мардуми Табаристон аз вуҷуди эшон хушнуд нестанд?

Амир Исмоил: То андозае ҳамин тавр аст. Содот аз яке

гирифтанд ва ба дигаре бахшиданд. Он нав ба давлатрасидагон аз ишон пуштибонӣ мекунанд.

Ҳамуя: Пас вазифаи мост, ки ҳақро ба ҳақдораш қарор диҳем.

Амир Исмоил: Бегуфтугӯ! Вале алҳол ишонро бояд пайдо кунем. Ба ишон одам монед. Ман дар шаҳри Гургон бо онҳо мулоқот кардан мехоҳам. Бо ҳар кадоме аз ишон мулоқоти мустақими сипаҳсолори Хуросон ҳатмист.

Дар ин фармони амир Исмоил бисёр нуктаҳо барои Ҳамӯя ибни Алӣ, ки басо марди фозилу кордон ва донишманду тадбиргар буд, тира менамуд. Чаро амир Исмоил ин корро на ба Абулаббос ибни Муҳаммади Нӯҳ, балки ба зимаи ӯ гузошт. Ҳанӯз касе ба сипаҳсолории Хуросон тасдиқ нашуда буд. Даъвогарон хеле зиёданд. Сараш гиҷ рафта буд, вале дар нимароҳ барояш рӯшан гардид, ки муроди шоҳи Хуросон чист. Вале ҳанӯз дар хусуси маъмурияти вазири барид чизе барояш маълум набуд. Нияти шоҳонро ҷуз худованд каси дигаре намедонад.

Амир Исмоил дар Гургону Сорӣ таваққуф накард. Ба Омул омад, вале вориди шаҳр нашуд. Дар мавзеи хушманзари саҳрои Лайконӣ бифармуд чодар заданд. Бузургони шаҳр ба мулоқоти ӯ меомаданду мерафтанд, вале амир Исмоил ба ишон эътимод намекард ва аз кирдори Муҳаммади Ҳорун ва содоти алавӣ пурсон мешуд. Вале дар ахбори ишон аз худ вокунише нишон намедод: Фақат ӯ омадааст, ки ҷомаи исиёнро ба мотами Носир бикашад! Кораш дигар тафаҳҳус дар Табаристон буд, то ин ки Ҳамӯя бо испаҳбадони ҷабрдида ба хизматаш расиданд. Амир Исмоил аз Испаҳбад Шаҳриёр писари Подӯсиён ва Испаҳбад Шарвин писари Рустам писари Коран ва бародарзодааш Апарвиз, ки ҳанӯз бар оини аҷдодӣ содиқ монда бударданд, хуш пазирой кард ва ишонро бо лутфу эҳтиром бинвохт. Ишон ҳанӯз дар Табаристон ҳавохоҳони зиёде дошт.

Амир Исмоил: Ҷаҳон то ҳаст гирдгардон бувад. Хонадонҳо ба ҳам мерасанд ва боз аз ҳам пароканда мешаванд. боз бо ҳам меоянд. Дар тӯли ин ҳазор сол магар кам будааст, ки хонадонҳои Меҳрону Корану Исфаҳбадон ба ҳам омада бошанду боз аз ҳам дур гардида?! Ва имрӯз ҳам ин се хонадон сари як хон гирд омадаанд, то масъулияташонро, вафодориашонро дар баробари меҳани хеш нишон диҳанд. Ин сарнавишти мост, сарнавишти ин хонадонҳо!

Марздориву точгузориву точдорӣ кори мо будааст. Аз Ашки аввал то ба Яздигурди охир!

Аҳли мачлис аз ин ахбор ба шигифт меафтанд, такон мехӯранд, бедор мешаванд, ба риққат меоянд. Лахзаҳо мегузаранд, вале ҳеч кас тавони ҳарф заданро дар хеш намеёбад. Фақат ашки шодӣ баёнгари ҳоли ишон буду бас! Онҳо ҳамдигарро аз сари меҳр, бидуни буруз додани эҳсосот, лолу гунг ба оғӯш мекашиданд, ашки ҳасрат мерехтанд: Худоё, худовандо, магар ин кор мумкин аст?!! Оё мумкин аст!?? Ин нидои машкуке буд, ки аз ниҳонхонаи ҳар андешае, ҳар диле буруз мекард. Бовар карданӣ нест, ки пас аз садсолаҳо хонадонҳои масъули ин сарзамин, пас аз мунфарику пароканда шудан, пас аз афтоданашон аз авранг боз ба ҳам чамъ оянд! Эй додори додгар, доно ба ҳар роз туӣ!

—Фурсати он аст, ки раҳгумзадагон ба асли хеш баргарданд.

Амир Исмоил пай бурд, ки аз сухани ӯ бардошти дугона мекунанд, тавзеҳ дод:

—Хохиш мекунам, сухани маро дуруст фаҳмед. Он ба шахсиятҳои алоҳида аз баъзе хонадонҳо тааллуқ дорад.

Дар вокеъ амир Исмоил бовияҳоро дар назар дошт, ки ба Носири Кабир байъат карда буданд ва ҳукумати ӯро дар Дайламу Гелон пуштибонӣ менамуданд. Дар иттиҳоди Муҳаммади Зайд ва Рофеъ ибни Ҳарсама бар зидди Амри Лайс Муҳаммад ибни Ваҳсудон ва Алӣ ибни Сурхоб (Сухро) бо алавиён буданд ва имрӯз фарзандони ишон бо Носири Кабиру Муҳаммади Ҳорун муттафиқ гаштаанд. Дар фарчом амир Исмоил Исфаҳбад Шаҳриёр писари Фодусиён, Шарвин писари Рустам писари Корун ва бародарзодааш Апарвезро хилъатҳои шоҳона пушонд. Ва фардо дар шаҳрҳои Табаристону Гургон мунодӣ карданд, ки Амир Исмоил омадааст то ҳакро ба ҳақдораш бирасонад...

—Ман умедворам, - ба испаҳбадон мурочиат намуд амирИсмоил, — дар ин кор ба ман кӯмаки хешро дареғ намедоред. Мо тасмим гирифтаем, ки аз дасти содот, ки ба тагаллуб амлоки қадимаи аҳли Табаристонро ситондаанд, боз ба сохибони аслиаш баргардонем.

Шарвин: Содот ошӯб хоханд кард.

Амир Исмоил: Мо дар ин чо Хукми адлро мебарорем,

то мардуми ин вилоят ба ҳар иғвое дода нашаванд, барои як порча нони биринчӣ ба ҷони ҳам дар наафтанд, сулҳу осоиш баркарор гардад, то мардуми ҷабрдида ба кору бори созандаи хеш баргарданд. Мо фардо якҷоя ин ҳукмро содир мекунем.

Шарвину Шаҳриёр аз назди амир Исмоил омадан ҳамин муродро доштанд, вале хуб шуд ки худи ӯ ин масъаларо ба миён андохт. Ин ҳамон фурсате буд, ки онҳо метавонистанд амлоки хешро бозситонанд ва аз душманони ҷониву мазҳабии худ қасос бигиранд.Вале ҳадафи амир Исмоил аз ин амал ба ҷанг кашидани Носири Кабир ва муттафиқонаш буд. Мехост бо як тир ду нишон занад. Ӯ медонист, ки Доии Кабир ба ин иҳонат ва хоргирӣ муросо карда наметавонад ва хурӯҷ хоҳад намуд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Абӯмуҳаммад Ҳасан ибни Алӣ мулаққаб бо Носири Кабир ба Дайламу Гелон бо шиори хунхоҳӣ аз "Доиюлҳақ Муҳаммади Зайд хурӯҷ кард. Бо мардуме зиёд рӯй ба Омул ниҳод. Мардуми Омул ба куллӣ гирди амир Исмоил ҷамъ омаданд. Амир Исмоил фарзандаш - Аҳмад ибни Исмоил ва писарамуяш - Абулаббос Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Нӯҳро ба масоф фиристод. Исфаҳбад Шаҳриёр писари Подӯсбон ва Шарвин писари Рустам писари Коран, мисли анъанаи қадим бо сипоҳи хеш дар ҳайати лашкари Абулаббос Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Нӯҳ ширкат варзиданд. Лашкарҳо дар мавзеи Фалос ба ҳам расиданд. Сипоҳи Носири Кабир ва муттафиқинаш ҷуз сипару зубин, ки одати қадимаи мардумони Табаристону Дайлам буд, дигар намуд силоҳе ҳам надоштанд. Дар миён ҷангҳои сангину хунине сурат гирифт ва даёлама ҳазимат шуданд. Носири Кабир бо талаф додани ду ҳазор сарбоз ва падари Мокони Кокӣ ва падари Ҳасани Фирӯзон ки мулуки Гелону Дайлам буданд, ба Дайламон гурехт. Баъди ин пирӯзӣ дубора тамоми Табаристон мутеъи қалamрави Сомониён гардид. Амир Исмоил ин вилоятро ба писари аммааш Абулаббоси Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Нӯҳ ибни Асад, ки "марде бо сирати ҳасана" буд, супурд ва испаҳбад Шаҳриёр ибни Подусбонро сипаҳсолору мушовири ӯ таин кард ва Гургон ба писараш Аҳмад ибни Исмоил дод ва мулки Шарвин ибни Рустамро баргардонд.

Амир Исмоил чун аз ин ҷониб фориғ шуд ба талаби Муҳаммади Ҳорун ба тарафи Рай ба роҳ афтод ва бузургони шаҳри Омул ба гуселаш баромаданд. Ӯ ҳангоме ки бо фар-

зандашу писари амакаш видоъ мекард, дар хузури хама ба Ахмад супориш дод, ки:

—Ту ханӯз чавонӣ ва дар идора кардани умури вилоят аз Абулаббос Абдуллох, ки "марде боақлу киёсат ва фазлу диросат ва сирате хасана" хастанд, дастур бигир, ва дар хар амре аз ишон итоат намой!

Вале ин насихати падар ба иззати нафсаш расида буд ва ин боис гардид ки боқии умр бо ӯ хусусмат варзад ва ӯро аз худхохиву баландназарӣ, ки хоси хӯи чавонист, нодида бигирад.

—Дар ёд бидор, ки худованди таоло ин амирӣ бар ту рӯзӣ гардонд ва хукм бар бандагони худо рондан басо саъб асту масъулиятдор. Корест хатарнок. Бояд ки амир худойтарс бошаду порсо, то бандагони худо аз ӯ пуштибонии хешро ёбанд. Дар акси хол чунин амирро дар байни раоёи кишвар хурмату эхтиром набошад ва хеч касе бар ӯ эътимод накунад. Ва дар садади он бош ки ононро бо адлу доду диҳиш бар хеш мушфику мехрубон гардонӣ, то рӯзе мушкиле ба сарат ояд, онхо ба тараф дорит бархезанд. Ин фазилатро метавон фақат аз роҳи илму донишу хирад ҳосил намуд. Дӯстдори илм бошу мардони хирадманд. Бо факехон мадоро кун, ки сухани ишон миёни мардум коргар афтад. Дар кори мазҳабиву фирқахо дахолат макун, чуз аз роҳи машварат...

Амир Исмоил то ба роҳ баромадан фарзандро насихат медоду зинҳор. Ва аз Абулаббос Абдуллох ибни Мухаммад такозо намуд, ки мувозиби фарзандаш бошад: Ҳар чӣ ройгон ба даст меояд, ройгон ба бод меравад! Мо на барои он сохтаем, ки ишон вайрон кунанд. Дар эъмори ин бино умри наслҳо сарф шудааст. Мо бояд ба гузаштаву ояндаи кори хеш масъул бошем... Ман хам мехоҳам бедарди сар, конеъ ба обу ноне ва ба мисли хама аз як зиндагонии хусусӣ бархурдор бошам. Боваркарданӣ нест, вале ман баъзан аз як дарвеши бесарупое хасад мебарам. Хушо ба холи ононе ки фақат масъули худ хастанд... Замони ифтироқи мо хам расид...

Ашкашро пок мекунад. Ҳеч гох фикр накарда буд, ки хамчунин рӯзе ёрони чавонӣ аз хам чудо мешаванд: яке ба Самарқанду дигаре ба Омул! Худо нигахдор!.. Ва ба аспи сафеди хеш махмез мезанад, ба суръати бод дур мешавад. Абулаббос Абдуллоҳ ибни Муҳаммад бо дили шикаста то дер гох ба губори таки аспи амир Исмоил менигарад. Во-

қеан онҳо пир шудаанд... Тан ба ризои қазо мебояд дод! Аз ин раҳ на фақат онҳо омадаанду мераванд! Ҷадди аълошон Баҳром низ аз ин роҳ омадааст. Ва имрӯз навобаи ӯ аз ин роҳ мераванд.

Ва шаҳри Рай бимнок аст... аз он ки осиеро ба хиёнату исён суқ додааст; аз он ки сипаҳсолор Аҳмад ибни Саҳлро аз карда пушаймон гардондааст: Осиён ба ҳар ду олам сияҳрӯянд!

Ва Муҳаммади Ҳорун бимнок аст... аз он ки доии алавиёни Дайлам ҳазимат шудаву ба ҷангалистони анбуҳи Мозандарон паноҳ мебарад; аз он ки ӯ дигар ҳокими Табаристон нест; аз он ки сипаҳсолор Аҳмад ибни Саҳл аз ӯ гурехтаву ба лашкари Хуросон пайвастааст: Хиёнатро хиёнат гӯр аст, Ҳорун! Фотеҳи Хуросон шоҳ Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад, ибни Сомон, ибни Нӯшрод ибни Баҳроми Шӯбин ибни Мехрон меояд! Аз роҳи ҷадди аълои хеш Баҳром меояд! Мавъуди Ironзамин аз Ҳиндугон меояд! Худовандо, ӯро Нусрат бахш!

Мурдаи ғуломони бани Аббос бар сари дор тачзия шудаанд, аз сарири хеш афтидаанд!

Ва шаҳри Рай буйи ганди мурдаҳо гирифтааст!

Ва илми Муҳаммади Розӣ беилоҷ мондааст!

Кирми чашмони Укартамишу фарзандонаш мор шудаанду бар хафоли ҷамҷамаҳо хазидаанд!

Ва мӯзиҳо шаҳрро фаро гирифтаанд.

Ва Муҳаммад Ҳоруни Сарахсӣ дар бими раҳоӣ...

Амир Исмоил: Ман гумон надоштам, ки ту бар мо осӣ шавӣ.

Аҳмад ибни Саҳл: Ӯ аз мо пинҳон медошт.

Амир Исмоил: Аламу либосаш ҳам пинҳон буд?

Аҳмад ибни Саҳл: Ӯ мегуфт: мо бад-он хотир ҷома дигар мекунем, ки амиралмуъминин Мӯътазид биллоҳ аз амир Исмоил ибни Аҳмад бадгумон нашавад. Мо бо номи алавиёни Дайламу Гургон сарҳадоти кишвари оли Сомонро вусъат мебахшем...

Амир Исмоил: Каломат ифшогари дурўғат аст. Ман намедонам, дигар ба ту чун бовар кунам.

Аҳмад ибни Саҳл (хиҷолат кашида): Агар шоҳам аз гуноҳам бигзаранд, ман дар масоф бо Муҳаммади Ҳорун садоқатамро ба шоҳам нишон хоҳам дод.

Амир Исмоил: Вазъи лашкараш чун аст?

Ахмад ибни Сахл: Аз ғалабаи шоҳам бар доии алавӣ ба ҳарос уфтодаанд. Тарс бар эшон муставлӣ гардидааст.

Амир Исмоил: Бе сипоҳи ту бо ӯ чӣ қадар сарбоз мондаст?

Ахмад ибни Сахл: Ҳашт ҳазор. Ба ҷуз як ҳазор дайламӣ, мо бақӣ майли ҷангидан бо сипоҳи шоҳамро надоранд. Ва он ҳазор нафар ҳам ба шубҳа афтодаанд.

Амир Исмоил: Модом ки чунин аст, чаро бо ту ҳамрох нашуданд?

Ахмад ибни Сахл: Аз бими ғазаби шоҳам, ки бар эшон гузашт нахоҳанд кард.

Амир Исмоил: Чаро ту бим накардӣ?

Ахмад ибни Сахл: Бехтар он донистам, ки ба ғазаби шоҳам гирифтор бошам нисбат ба он ки дар муқобили ишон шамшер кашам.

Амир Исмоил: Пас маълум мешавад, ки аз аввал бар мо осӣ шудани Ҳорунро медонистӣ. Худо накунод, агар мо дар муқобили доии алавӣ мунҳазим мешудем, ту ҳеҷ гоҳ ба тарафи мо намегузаштӣ.

Ахмад ибни Сахл: Савганд ба номи худое ки маро халқ кардааст, ҳамеша дилам хиҷил буд. Ман гуноҳи хешро дар масоф бо ӯ ҷуброн мекунам.

Амир Исмоил: Магар гуноҳ ҷуброн мешавад? Ин ҳам ба монанди даъвии Носир аст.

Ахмад ибни Сахл: Савганд ба номи худое ки маро халқ кардааст, ман дар ин масоф гуноҳамро бо хуни хеш хоҳам шуст.

Ҳамуя ибни Алӣ механдад. Амир Исмоил аз ҳоли низори ӯ лабханд мезанад. Ахмад ибни Сахл ҳис мекунад ки ӯро масқара мекунанд,сар ба зер афканда, хомӯш мемонад.

Амир Исмоил: Он кас ки як бор хиёнат кард, бори дуюму сейум ҳам мекунад. Ин пандро Муҳаммади Ҳорун ба мо биёмӯзонд. Бигзор гуфтаи ту шавад. Туро ҳам меозмоем: Рӯзи аввал ту масоф хоҳӣ дод.

Ахмад ибни Сахл худро ба пои амир Исмоил мепартояд. Аз шиддати риққат ашк дар чашмонаш ҳалқа мезанад.

Амир Исмоил: Бархез, ин амал шоистаи як озода нест.

Ҳамуя: Аз касрати ғуломони турк дар сипоҳ ин хӯй бар озодагон ҳам ориз шудааст. Дигар лозим меояд, ки ин хӯйи пастро бо зарбати тозиёна аз замири ишон бадар кунем.

Амир Исмоил механдад, дигарон аз ӯ пайравӣ мекунанд. Ҳамӯя ибни Алӣ боз хашмингин мешавад.

Ҳамуя: Ман мазоҳ намегӯям!

Амир Исмоил: Пас хӯйи хиёнат кардан аз касрати чист?

Ҳамуя: Аз касрати ғаррагӣ... аз касрати дарки Озод будан, худрой будан...

Амир Исмоил: Пас ин хӯй низ бад аст. Ин хӯй тафриқаву тақзия шудан меоварад, ки самарааш бардагӣ хоҳад буд! Ин ҳис аз касрати нодонист! Бехабарист! Ноогоҳист! Ҷаҳолат аст!

Амир Исмоил низ хашмин мешавад. Якбора ҳама ба чеҳра никоби ҷиддият мекашанд.

Амир Исмоил: То ба хашм омадан, ҳиммат гуморед, мадрасаҳо кушоед, ҳар шаҳристони ин кишварро Бағдод созед. Чаро аз он ки мардум бесавод мемонанд ба хашм намеоед? Таҳсили илму маърифат, бояд маҷбурӣ бошад. Ҳама Муҳаммади Розӣ нест! Дигаронро ичборан тарбият мебояд кард! Он гоҳ аст ки хашмин шудани шуморо аз як амали ношоист метавон ҳамчун як амри мусаллам пазируфт. Дар акси ҳол ҳар гуна вокуниш боиси ханда аст! Аввал мебояд мадраса сохт ва аз он пас масгит! Ба масгит касе меравад ки худро шинохта бошад. Худшиносӣ ба илм муяссар мегардад. Мӯъмини худогоҳ худошинос аст, худотарс аст. Худошиносӣ аз роҳи инфиродӣ ҳосил мегардад. Хушбахтона соҳиби китобу коғаз ҳам ҳастем. Ин масъулият аст! Масъулияти бо ҳама чизро доштан худро ба кадом сурат мешиносонем!.. Китобхонаҳои мо пур аз китоб аст. Аъроб натавонистанд ҷумла китоби моро ба коми обу оташ андозанд. Ин амали зишту худобехабарона буд. Вақте ки ба он ниёзманд шуданд, дигар дер шуда буд, дигар пушаймон шуда буданд. Умавиҳо ҳар чанд тафриқа андохтанду моро хор шуморданд боз бе мо будан натавонистанд. Ин китобҳо бояд самар бахшанд, мағзҳои китобзой бизоянд. Дар ин сафар кӣ китобхонаи Марврро дид? Ҳеҷ кас! Ҳиммат гуморед, агар чунин ифтихоре доред, ба он ҷо толибилмонро фиристед, бо ҳазинаи худ ишонро тарбият кунед! Бо донистани ду-се ҳарф намешавад худоро шинохт, бо хондани фақат як китоб наметавон олим буд! Ачиб он аст, ки дар ин китобхонаи бузург як мусулмон намеёбӣ. Ҳама габру зандиқу муғу тарсо! Фақат онҳо кохи илмро бо омӯзишу дониши хеш боло мебаранд... Бо як

хишт намешавад бино кард! Беҳуда! Мо ба фахрфурӯшии хеш овора! Чӣ беҳуда! Хастакунанда!.. Омодагӣ бинед, фардо рӯзи масоф аст...

Ҷанг ду рӯз давом кард. Одамони амир Исмоил дар набардгоҳи лашкари Муҳаммади Ҳорун мунодӣ мекарданд, ки амири Хуросон бар осиён гузашт хоҳад намуд. Хоҳ таъсири ин мунодиҳо буд ва ё худ фаҳмидани бемаънигии дар баробари амир Исмоил алам боло карданд, ки сарбозон гурӯҳ-гурӯҳ ба лашкариёни амир Исмоил мепайвастанд. Аҳмад ибни Саҳл ки дар қалби лашкар мечангид, барои шустани гуноҳонаш басо мардонагӣ нишон медод. Сипоҳиёни майманаву майсара, ки таҳти фармондихии Ҳамуя ибни Алӣ ва Абусолеҳ Мансур ибни Исҳоқ ибни Аҳмад амал мекарданд, ҳалқаи муҳосираи лашкари Ҳорунро торафт тангтар мегардонданд. Сипоҳиёни Испаҳбад Шарвин писари Рустам ҳанӯз ичозаи масоф додан наёфта буданд ва барои лаҳзаи "мабодо" нигоҳдорӣ мешуданд. Амир Исмоил ки аз баландие ба ин набард назора мекард, аз ҷангидани сипоҳиёнаш розӣ буд.

Ҳокими маъзули Табаристон дар майдон наменамуд. Шояд ӯ ҳам аз ҷониби муқобил ба ҷанг наззора мекард. Вале бегоҳ маълум шуд, ки Ҳорун бо ҳазор сарбози дайламӣ ҷониби Қазвин гурехтааст. Амир Исмоил бедиранг ба таъқиби ӯ бародарзодааш Абӯсолеҳ Мансурро, ки худро дар ҷанг нишон дода буд, фиристод.

—Зинҳор, ба сипоҳиён бифаҳмонед, ки бо мардуми шаҳр ва молу маноли ишон дастдарозӣ накунанд. Ба ин мақсад ишонро маош медиҳем, ки инкора набошанд.

Муҳаммади Ҳорун дар Қазвин таваққуф накард, ба Зинҷон рафта аз он ҷой ба Дайлам паноҳ бурд. Ва сарбозонаш дар кӯҳҳову ҷангалҳо пароканда шуданд, то ҷони худро ба саломат ба хонаҳошон бирасонанд.

Дигар хабари ғалабаҳои охири амир Исмоил дар Ирак (Ирок) паҳн шуда буд. Мардуми Рай ӯро бо ҷадди аълояш Баҳроми Шӯбин муқоиса мекарданд! Ва тасалло меёфтанд.

Амир Исмоил:

Амир... дар маҳалле ки ба Қазвин расид, ҳангоми иртифоот буд ва дар он иртифоот шоҳҳову меваҳои раз фаровон. Лашкариёнаш хӯшаи ангуре аз касе талаб накардаенд ва фақат гоҳе ба зар мехариданд...

Баҳроми Шӯбин:

Ҳеҷ як аз сипоҳиёни ӯ (Баҳром) ба тасарруфи моли мардум, ҳатто ба андозаи хардале таваҷҷӯҳ надоранд...

Амир Исмоил ҳам ба мисла ҷадди аълояш фақат дар баробари бедод золим буд. Ӯ дар ин амр, ҳатто ба умарояш бовар намекард. Худаш мерафт, ки қазоват кунад. Ба рӯзҳои яхбандони зимистон ки рафту омади мардумон мушкил мешуд, ба чое мебаромад ки иртиботи мардум бо вай саҳлтар бошад. Ӯ ба ин мақсад танҳо бар асп нишаста ба майдон меомад ва то намози пешин дар пушти асп мебуд. Вақте умаро ба ӯ мегуфтанд, ки дар чунин рӯзҳо дигар шоҳон аз кохи хеш берун намераванд, ту чаро чунин заҳматро бар худ раво медорӣ, амир Исмоил посух медод: "Бошад ки ҷабрдидае ба даргоҳ ояд аз паи ҳочати хеш ва ӯро нафақотеву маскане набошад ва чун ба узри сармову хунукӣ маро набинад ва ба мо расидани ӯро, донам ки гардонанд, бечора боз ноумед ба хонаи худ баргардад. Аз ин рӯ ба майдон мебароям, зеро рафъи гирифторихо дар ин гуна айём назди худованд боарзиштар аз дигар замонҳост".

Вақте ки ба Рай ворид шуд, аввалин коре ки кард, ба суроғи Муҳаммад Закариёи Розӣ рафт. Ҳакими бузург дар Бемористони хеш буд, маризонро муояна мекард ва ба дафтари шахсии онон иллати амрозу табобати ишонро менавишт. Ин тарзи муоличаи ниёгон ба шумор мерафт, ки бо тасаллути аъроб аз байн бирафт. Муҳаммади Закариё барои аввалин бор дар қаламрави ҳукумати исломӣ онро ба роҳ монда буд. Амир Исмоил бисёрҳо тавсифи ин бемористону тарзи муоличаи беморонро аз уламо шунида буд ва орзуи дидани онро дар дил мепарварад.Имрӯз ба орзӯи дили худ расида буд. Пазишкёре ки назди даромадгоҳи Бемористон ба забту қайди маризон иштигол дошт, аз дидани амир Исмоил ба ҳарос афтода, шитобзада худро ба Ҳаким расонид. Аз шиддати тарсу эҳтирос забонаш бар ком часпида буд. Ҳаким аз тарсхӯрдагии пизишкёраш ба ташвиш афтода машғулияташро қатъ намуда, тунд пурсид:

—Чӣ шуд?

Пизишкёр: Аааааамир Иссссммоил...

Сухани пизишкёр ба охир нарасида буд, ки амир Исмоил аз дар намудор гардид. Ӯ марди баландболои лоғаран-

доме буд, дар ришу мӯйи муҷаҳҳаду бураш сафедӣ давида, чашмони бузургу сабзгунаш аз меҳнати бехобиву сафарҳои дароз хаста гардида, мижгонҳои дароз-дарозаш бар пилкҳояш гаронӣ карда, сари китфии дарозе ба ранги сурх бар тан пушида дошт. Шоҳаншоҳе ки аз рӯъёи таърих берун омада. Дигар Ҳакими бузург маҷзубу мехкуб шуда буд. Боваркарданӣ набуд: шоҳи Хуросон, Ғозии бузург ба дидори ӯ омадааст! Назди ӯ омадааст! Зиёрати ӯ омадааст! Ҳеҷ гаҳ чунин набудааст! Ӯро доим паи ҳоҷати хеш ба кушкҳо бурдаанд, ба дидори хеш сарафроз гардондаанд, ба зиёрати хеш мушарраф сохтаанд! У барои ишон фақат пизишк будааст. Вале ин лаҳзаҳо намедонад бо шоҳи Хуросон чӣ тарз муносибат кунад. Агар+ худ амир Исмоил икдом ба суҳбат намекард, Ҳакими бузург ҳамчунон лолу карахт ба як ҷой мехкуб меистод.

Амир Исмоил: Басо орзуманд будам, ки ба хизмати шумо бирасам. Худованд ин рӯзи саодатмандро бар ман насиб гардонд.

Розӣ: Барои ман шарафи бузург аст, ки... шоҳи Хуросонро дар вайронаи хеш қабул мекунам. Нури дида ...

Амир Исмоил: Устоди бузургвор маъзарат металабам, ки зоеи вақти қимати ишон шудем. Вале шавқу иштиёқи дидорашон зӯртар аз мо буд. Ҳама роҳҳои Рай моро ба ин кошона мекашиданд.

Розӣ: Боиси сарафрозии ман аст...

Дигар амир Исмоил ба як ҷавони камтаҷрибае табдил ёфта буд ки ғалаёни эҳсосот ӯро бо худ мебурд. Ва чун навомӯзе беработ дасту по мезад, то аз ин ноҳинҷориву худгумӣ раҳо ёбад.

Розӣ: Чаро ин чо истодаем, бифармоед, хуш омадед, нури дида...

Амир Исмоил: Шуморо аз коратон боз доштан, гунох аст. Ба вакти муносиб. Ба вакти фарогати устод ба шарафёбии дидорашон хоҳем омад, вале холо паи маъмурияташон бошанд. Маризон ба шумо бештар зарурат доранд...

Розӣ: Ҳама умри ман фидои сари шоҳам бод, андешае дар хусуси ман ба хотир масупоред. Бифармоед...

Амир Исмоил: Ман аз устод пурсиданиҳо бисёр дорам ва метарсам суҳбатамон ба дарозо кашад.

Розӣ: Агарчӣ ба дарозои умр бошад, нагузорам ки бира-

вед.

Амир Исмоил ҳамроҳонашро паи фуруд овардани лашкар бифиристод ва худ танҳо ба танҳо бо Муҳаммад Закариёи Розӣ бимонд. Онҳо то дергоҳ бо ҳам дар хусуси оламу одам, моҳияти офариниш, ҳақиқати адён, расолати инсон, шинохти худованд, инсон ва шайтон, хуллас он чӣ ақли кунҷкови амир Исмоилро ором намегузошт, сӯҳбат карданд. Ҳакими бузург дар матраҳ сохтани масъалаҳо, баровардани хулосаҳо, посухи суолоте, ки инсонро ба ваҳму тардид меовард, густоҳу бемуросо буд. Риндона сухан мегуфт ва одаму ҳавоҳои ӯро ба боди масқара мекашид. Ҳама пурсишҳоро посух дошт муттакӣ бар таҷрибаву илму мантиқ. Ҳама бадгӯиҳо дар ҳаққи ӯ аз ҳасад бурдан аз ақли берози ӯ буд. Сӯҳбати ишон ҳар чанд тӯл мекашид ишқу эҳтироми амир Исмоил ба ӯ зиёда мешуд. Дигар ӯ маҷзуб шуда буд. Дигар ӯ фаҳмида буд, ки олам як роҳи беохир дар такомулу пешрафт аст, ки ҳеҷ касеву ҳеҷ қавмеву ҳеҷ миллате аз якдигар бартарӣ надоранд. Бартари додани як касе, як қавме ва ё як миллате бар дигареро маҳсули хаёли касал аст, ки инсонро аз такомул боз медорад...

Амир Исмоил: Аз Шумо дар масъалаи нубувват ва эъҷози пайамбарон бад мегӯянд.

Розӣ: Шоҳам омадаанд, ки маро қазоват кунанд ва ҳукмамро...

Амир Исмоил: Ҳаргиз чунин нияте надоштам, фақат аз забони худи шумо фаҳмидан мехостам.

Розӣ: Аз кучо мардум бар худ воҷиб донистанд, ки худо қавмеро ба нубувват ихтисос диҳад ва қавми дигарро аз ин фазилат маҳрум созад? Ва касонеро ки ихтисос ба нубувват дод, бар мардум бартарӣ ниҳад ва раҳнамои дигар халқҳо кунад ва мардумро бар онон ниёзманд созад?! Худованд ҳамаи бандагони хешро баробар офаридааст ва ҳеҷ кадомеро бар дигаре бартарӣ надодааст! Ҳама дар як масиранд пешу қафо ба сӯи такомул. Мӯъҷизоти мутанабиён низ чизе ҷуз худъаву найрангу фиреб нест ва ғолиби онҳо аз мақолаи афсонаҳои динӣ аст, ки баъд аз худи онон падид омадааст. Ва мабониву усули динҳо, хусусан адёни сомӣ бо ҳакоик мухолифату мугойират дорад. Ҳамин сабаб аст, ки миёни онҳо ихтилофу танокиз дида мешавад..

Амир Исмоил: Пас чаро мардум аз онҳо пайравӣ мекунанд?

Розӣ: Иллати эътимоду эътиқоди мардум ба адён, итоат аз пешвоёни мазҳабӣ танҳо одат аст. Адёну мазоҳиб иллати асосии ҷангҳо ва мухолифат бо андешаҳои фалсафӣ ва пажуҳишҳои илмӣ мебошанд.

Амир Исмоил: Пас Шумо китобҳои осмониро инкор мекунед?

Розӣ: Ҳамин тавр аст. Осори қудамо монанди Афлотуну Арасту Уқлидусу Буқрот хидмати муҳимтар ва муфидтаре ба башар карда метавонад.

Амир Исмоил: Фарз кардем, башар ин чизҳоро тард кард? пас чи чизе, ё омиле ё қудрате метавонад дар роҳи таомулаш ӯро пеш барад?

Розӣ: Одат. Одат лаёқати онро дорад, ки бо тамрин ҳар мушкилеро осон ва ҳар амри ғариберо ошно созад. Ва ин ҳол чӣ дар боби умури нафсонӣ ва чӣ дар мавриди умури ҷисмонӣ, ҳарду содиқ аст.

Амир Исмоил: Пас дар ҳисоби занодиқ шумурдани шумо аз ин чо манша мегирад?

Розӣ: Тӯҳмат аст. Ман аз ҳар гуна ранҷ расондан иҷтиноб меварзам. Ин ҳукм ҳам шомили ҷузъиёти касир аст, ки ақл онҳоро пазируфтан натавонад, мисли амали мардуми Ҳинд дар сӯхтани ачсоди худ ва афкандани хеш бар оташи сӯзон ба қасди такарруб ёфтан ба худо ва равиши монавия дар буридани нафси худ ҳар гоҳ ки хотир ба ҷимоъ майл кунад ва одат додани хеш ба гуруснагиву ташнагӣ ва иҷтиноб аз истеъмоли об дар шустушӯй ва ба кор бурдани бавл ба чои он... Таҳмили ранҷ бар нуфуси муҳаррик газаби илоҳист!Ман бар онам ки чун парвардигори арҷманду боҷалол олимест, ки чаҳл дар ӯ роҳ надорад ва одилест, ки оламаш аз ҷавр холист. Ва илму адлу раҳматаш барзиёдатист ва холиқу молики мост. Ва мо бандагони ҳалқабагӯши ӯем ва маҳбубтарин бандагонаш сазовори дӯстдории худи он аст, ки беҳтар бар сирати банда равад ва мутеътар фармони ӯро ба кор бандад. Пас наздиктарин бандагон ба худои арҷманду боҷалол донотарину одилтарин ва раҳимтарину мехрубонтарини онон аст... Аз худованд ки бахшандаи ақлу кушояндаи ғами вахм аст, тавфиқу ёрӣ металабем, то моро бар он чӣ хости ӯст бидорад ва бо он чӣ ки сабаби наздикшавӣ ба уст, хидоят фармояд.

Амир Исмоил вакте аз бемористон берун омад, рӯз шом хӯрда буд ва ҷаҳон ба мисли бардошташ аз бахс бо Ҳаки-

ми бузург нимравшану нимторик буд. Ҳанӯз ба таври комил он чӣ аз ин сӯҳбат чашмдор буд, қонеъ набуд. Балки ӯро мутазалзил сохта, дубунагиро дар эътиқодоташ амиқтар бурда буд. Дигар барои ҳар бунааш далелҳои қотеъе ҳосил карда буд.

Ҳавлии бемористон аз бӯи гулу райҳон оганда буд. Онҳо аз роҳрави сангфаршу покиза хомӯшона ба сӯи дарвоза мерафтанд.

Амир Исмоил: Саргарми масъалаҳои рӯҳонӣ гардида, фаромӯш кардаам аз ҳолу аҳвол, кору борашон чӯё шавам.

Розӣ: Ҳама зиндагии ман ҳамон аст, ки бо шоҳам арза фармудам.

Амир Исмоил: Ташкили чунин бемористоне хеле писандида аст. Ҳавасе дар дилам шӯъла зад, ки кош ба ҳар шаҳре, ба ҳар деҳе ҳамчунин бемористоне месохтем. Фақат миллати солим ба як зиндагии фараҳмандонаву комиле қодир буда метавонад.

Розӣ: Кори мушкиле нест. Миллатро бояд тарбият кард, ба илму дониш одат дод. Он гоҳ мешавад дар матни чунин ҷомеаи тарбиятёфта ҳама орзуҳоро бароварда сохт. Дар ин мақсад ба шоҳам тавфиқ мехоҳем.

Амир Исмоил: Ин корро аз ташриф овардани шумо ба Бухоро оғоз хоҳем кард. Ман бисёр мехоҳам, ки шумо ба Бухоро оед.

Розӣ: Ё насиб.

Амир Исмоил: Пас бо шумо видоъ намекунем. То дар ин ҷо буданам, ба хидмати шумо хоҳам расид. Паноҳ ба худо, то дидан.

Розӣ: Паноҳ ба худо, то дидан...

Амир Исмоил бо аҳли рикобаш дар паси кӯчаҳои тангу тори шаҳри Рай ғайб мезанад. Муҳаммад Закариёи Розӣ бо диле шодмона ба Бемористон бармегардад. Ӯ солҳо буд ҳамчунин ёри ҳамсӯҳбате наёфта буд ки қаноатманд шавад. Амир Исмоил он касе буд, ки Ҳакими бузург тамоми умр дар талабаш буд, ӯро мехост. Э кош, ҳар инсоне Исмоиле мешуд! Он гоҳ мебуд, ки ин маошхӯрони даргоҳи худованд аз минбарҳо меуфтоданд. Он гоҳ мебуд, ки ҷангҳо қатъ мешуданд, он гоҳ мебуд ки инсонҳо бо ақле боланда аз ишқ ба худованди арҷманду боҷалол қурбат меёфтанд. Он гоҳ мебуд, ки Ҷамшед ба сарири хеш менишаст

Ҳанӯз як Исмоил кам аст!..

Ҳанӯз як Муҳаммади Розӣ кам аст, ки зиндагии беморгунаи башарро шифо бахшад!..

Ҳанӯз Бахроми Варҷованд бо пайғоми мавъуд наёмадаст!..

Ҳанӯз башар ба бероҳа меравад!..

Ҳанӯз башарро ба бероҳа мебаранд!..

Ҳанӯз башар ба зулмати ваҳм фурӯ меравад!

Мурлиспанд!!!

БАҒДОД

Қасри Сурайё ғамзада менамуд. Гӯё пои зиндагӣ дар ин нуқта аз халофат қатъ гардида бошад. Амиралмӯъминин Мӯътазид биллоҳ билкул фалаҷ шуда буд ва охирин лаҳзаҳои зиндагии хешро мегузаронд! Бемории лоилочи ӯ барои густариш ёфтани талошхову муборизаҳои пинҳон баҳона медод. Дигар ҳама вонамудсозиҳо бозӣ буд, барои фиреби назар буд! Бадри ходим дигар дил аз халифа шуста даст ба домани Софии хуррамиву Қосим ибни Абдуллоҳ ибни Сулаймон, зада буд. Муктафӣ биллоҳ баъди марги падар Амри Лайсро озод хоҳад кард, зеро аз ӯ басо тӯҳфаҳову хубиҳо дидааст. Он рӯз аст ки марги Бадри ходим фаро хоҳад расид. Вале ишон дар фикри Амри Лайси Саффорӣ нестанд. Ӯро фаромӯш кардаанд. Ин Бадри гулом аст, ки як лаҳза аз фикри ӯ озод нест, ҳар замон ба дидораш меравад, то ӯро хору залилтар гардонад, дар ташнагиву гуруснагӣ ба ҳалокат бирасонад... Чаро ӯ, яъне Бадри Кабир наметавонад бар чои Муктафӣ бародараш Ҷаъфарро ба сарир бирасонад, то аз шарри Амри Лайс бираҳад?! Ҳанӯз ки Мӯътазид биллоҳ намурда... Муктафӣ биллоҳ умури халофатро ба даст гирифтааст. Пинҳонӣ бо вузарои падар дар умури давлат машварат мекунад.

Муктафӣ: Исёни Муҳаммади Ҳорун дар Табаристону Рай чӣ шуд?

Сулаймон: Аз ҷониби амир Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ пахш гардид, вале ҳанӯз оташи ташнагии Муҳаммади Ҳорун фурӯ нанишастааст. Ӯ дигар ба алавиёни Дайламу Гелон амон бурдааст.

Муктафӣ: Умед аст, ки амир Исмоил шарри ӯро кифоят мекунад.

Сафӣ: Амир Исмоил ба Хуросон баргаштааст...

Сулаймон: Ҳукумати Райро ба бародарзодааш Абӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқ бахшидааст. Ин амал аз ҷониби ӯ худсарӣ маҳсуб мешавад.

Муктафӣ: Аз душманӣ бо ӯ иҷтиноб мебояд варзид. Ӯ дигар амири Мовароуннаҳр нест. Ӯ дар қаламрави шарқии халофат миёни мардум аз маҳбубияти хосае бархурдор мебошад. Шояд ин маҳбубиятро фақат Абумуслим молик буду бас! Дар ин амр ӯ мадюни фазилату кордонӣ ва адолату диндории хеш мебошад. Ва сониян дар ин хитта аз хилофат ӯ ба худ рақибе надорад. Ва хушбахтии мост ки ӯ ба мисли умарои саффорӣ исёнгару саркаш нест.

Сулаймон: Дар ин масъала сиёсати амиралмӯъминин басо самарабахш аст: Душманро бо дӯсти дохилӣ аз байн бурдан!

Муктафӣ: Иншооллоҳ, мо ин сиёсати хирадмандонро низ ба ирс хоҳем гирифт.

Вале Бадри ходим ором надошт. Имрӯз бори дуввум буд, ки ба зиндон назди Амри Лайс мерафт.

Бадр: Ту хурсандӣ макун, ки умри Мӯътазид биллоҳ ба охир расидааст. Агар як нафас бокӣ бошад, ризояти ӯро хоҳам гирифт. Ту ҳаргиз рӯзи рӯшанро нахоҳӣ дид!

Амри Лайс фақат бо тамасхӯр сӯяш лабханд зад. Ӯ аз гуруснагиву ташнагӣ бемадор шуда буд ва дар вуҷудаш он қадар қуввае пайдо карда натавонист, ки ба сару рӯйи ин хабис туф кунад. Фақат нимғурма гуфт:

-Ту дигар пир шудай... ба дарди касе намехӯрӣ... беҳуда талош мекунӣ.. Вале ман... - нафасаш дар гулӯяш дармонд, натавонист суханашро ба поён барисонад. Вале Бадри ғулом медонист, ки Амри Лайс чӣ гуфтан мехоҳад. Ӯ ҳанӯз барвақт ба забони мустаории Амри Лайс ошно шуда буд. Аз ин рӯ давоми танзу таъни ӯро нашунида, ба хашм аз наздаш баромада рост ба кохи Сурайё назди халифаи фалаҷ рафт. Халифаро, агар табибро истисно кунем, дигар ба ҳоли худ тани танҳо гузошта буданд. Ӯ дигар метавонист хабарҳои номатлубро гуфта хашми халифаро биёварад ва ҳукми эъдоми ӯро ҳосил кунад.

Бадр: Бозмондагони саффорӣ алами исён алайҳи хилофат баланд кардаанд. Тоҳир ибни Муҳаммади Лайс бо тарафдоронаш ба Форс омадааст.

Халифа беэътиноӣна ба Бадр менигарад; ҳоли гарибе

дорад. Ба мисли саги шаллоқхӯрдае бо сари хам дум меликонад. Амиралмӯъминин бо поин овардани пилкҳои чашми росташ аз ӯ, ки ҳар нафас ва ба таври доимӣ мувозиби Амри Лайс мебошад, аз ҳолу аҳволаш пурсон мешавад.

Бадр: Амр умедвор аст, ки набераш ӯро раҳо хоҳад кард.

Амиралмӯъминин ба бемоягии ин дурӯғ лабханд задан мехоҳад , вале наметавонад. Ӯро фаромӯш мекунад. Муктафӣ бо вузаро меоянд. Валиаҳд ба назди Бадр меравад ва бо овози паст, ки мабодо ба роҳату оромиши амиралмӯъминин халал ворид карда бошад, мегӯяд:

-Дӯсти мо Амри Лайс чӣ ҳоле дорад? Умедворам барояш музоҳимате ба вуҷуд намеёваранд?

Бадр: Ҳолу аҳволи Амри Лайс хуб аст.

Муктафӣ: Аз мо ба ӯ салом расон.

Бадр: Ба чашм.

Муктафӣ аз бари падар гузашта, мешинад. Ҳама хомӯшанд, аз баланд гап задан метарсанд. Вале амиралмӯъминин нисбат ба зиндагӣ, нисбат ба атрофиёнаш дигар беэътино гардидааст, ба холи худ шудааст. Муктафӣ ба чои падар калима арза мекунад: Оёте чанд қироят мекунад. Чашмони халифа ба сақфи Сурайё духта мешаванд, англакаш меафтад, бе ҳеҷ монеае ҷон аз баданаш раҳо мегардад, ҳозиринро дар ғафлат мегузорад. Муктафӣ бо харос чашмони ранҷкашидаву фурӯрафтаи хабдаҳум халифаи муслиминро аз оли Аббос барои абад мепӯшад. Манахашро мебандад. Тарашро хушк мекунанд. Баъди ин тадорукот марги халифаи муслимин, амиралмӯъминин Абдуллох биннал-Имом Абилаббос ал-Мӯътазид биллохро эълом карданд. Бадр аз ин фурсати мувофиқ истифода бурда бо чанд сарбоз ба зиндон рафт. Амри Лайс бехолу ранҷур хобида буд. Аз омадани ғуломи ғулом бедор нашул.

Бадр: Ӯро бедор кунед!

Сарбозҳо ба хорӣ Амри Лайсро бедор мекунанд. Ӯ дар баробари худ Бадри изтиробзадаву харосонро мебинад, лабханд мезанад: кори чунин хоҷае ба дасти чунин бандае афтодааст! Дунёи букаламун! Агар ҳар сохибватане ба мисли ин беватанон умраш мабзули талошу ҷиҳод мебуд!?

Бадр: Амиралмӯъминин пеш аз фармон ёфтан, фармонии...

Дигар барои Амри Лайс рӯшан шуда буд, ки чаро ин ғулом, агар фармон ёфта бошад, чунин изтиробиву харо-

сон аст

Амри Лайс: Ту бо хоинона куштани чун мане эмин натавонӣ шуд! Ҳазорсолаҳо мегузаранд ва ман барои шумо дарди сарҳое эҷод хоҳам кард. Шумо аз идроки он ки кӣ будеду чӣ шудед барои худ дардисарҳо эҷод хоҳед намуд. Шояд шумо худ фаромӯш кунед, ки киҳо будед, вале таърихи ин сарзамин бо мардумаш ҳамчунон бокӣ хоҳанд монд ва ҳар лаҳза шуморо ба ёди гузаштаҳотон хоҳад афканд. Гузаштаҳои шумо барои шумо дузах эҷод хоҳанд намуд...

Бадр (хашмолуд ва хунсардона): Рӯҳи исёнгарашро ором кунед! Зудтар!

Сарбозҳо мутеъкорона сари Амри Лайсро аз тан ҷудо мекунанд .Сареро ба хоки зиллат, пеши пои ғуломе меафгананд, ки шукӯҳи аврангҳо буд. Худоё, худовандо дигар ин шабушкҳо одамхор шудаанд! Дигар ин шабушкҳо нишаста бар боли малаххо киштзорҳои хуррамро хароб мекунанд!.. Қабоҳати ғуломон ваҳшатангез аст? Бадри ғулом аз қабоҳати хеш, ки бо дасти ду шабушкхори дигар сурат пазируфт, ба ваҳшат меояд, ва ё аз салобати Хоҷа метарсад ва бо таҳлука зиндонро тарк мекунад. Дар хориҷи зиндон қотилони амири Ироқайну Хуросон, Ҳинду Синд, Кобулистону Зобулистонро мекушанд. Ин кушторҳо дигар шоҳиде нахоҳанд дошт. Касе Бадри "кабир"-ро ба дорӯға нахоҳад кашид! Ба маҳкама нахоҳад кашид. Қуззот далел надоранд! Дигар нахоҳанд дошт! Зиндонбонон кушандагони Амри Лайсро куштаанд! Вассалом! Эй ғулом, куштани чунин Хоҷа на корест осон!!! Дигар то ба ҳашр кушта хоҳӣ шуд! Ҳар рӯз, ҳар соат, ҳар нафас аз нав бо дасти ҳар кадоме аз ин ватандорон кушта хоҳӣ шуд!

Рустамҳоро шағодҳо мекушанд! Ё ин амр сарнавишти озодагон шудааст? Шояд масали "сагбачаро калон кунӣ аз поят мегазад" зодаи ҳамин сарнавишт аст?! Шояд? Вале Абӯмуҳаммад бинни Алӣ ал-Муктафӣ биллоҳ дар ҷои падар нишаст ба расми ирониёни қадим! Инон ки ҷуз регзорҳои Ҳичоз чизе намедонистанд, имрӯз ба расму одати мутеони хеш зиндагиву ҳукумат мекарданд. Бо тақвотарини ишон дар арабият натавонист назди чилову шукӯҳи ироният худро боз дорад, бо асли худро аз даст додан ногузир аз ироният пайравиву тақлид намуд. Ҳичоз дигар чарогоҳи шутурҳо шудааст! Ҳичозиҳо хонаву дарҳои хешро фаромӯш кардаанд, ба кушкҳои Мадоин кӯчидаанд. Ди-

гар суруди регҳову бодҳои биёбонро ба нағмаҳои осмонии Ноҳид иваз намудаанд. Ҷомаҳои дурушти пашмбофту ноҳинҷорро ба абрешими шоҳӣ бадал кардаанд. Сарҳои чун занон пушидаро ба точи шоҳаншаҳӣ оростаанд. Дар соҳили рудҳои равон, дар миёни киштзорҳои сабзу хуррам, боғҳои биҳиштгун маскан гузидаанд. Дигар биҳишти мавъудро ёфтаанд! Магар мешавад дигар аз ин зиндагии ҳавасангез даст кашид?! Дигар ҳар касе агар туро аз он биёбонҳои беобу бегиёҳ ба сӯйи хеш фаро хонад, гӯ бирав, эй бобо! Мо ба он чӣ баҳраш талош кардаем ёфтаем. Сарзамини Ҳиҷоз бо биҳишти мавъудаш аз шумост!

Лазизтар аз малаху сусмор ғизо ёфтаанд...Инонро ба мавъуди худ баред! Инон аз ин мавъуде ки мо ёфтаем фаротар мехоҳанд! Инонро ба биҳишти Мавъуди Ҳиҷоз фаро хонед! Инон мушток шудаанд, мачзуб шудаанд! Мо дигар аз мавҷуди Ҳиҷоз ба ин ҷо Ҳубут кардаем. Моро ба ҳоли хеш гузоред, эй воъидон Мавъуд!..Эй воъидони Мавъуд, моро раҳо кунед!..

Муктафӣ биллоҳ умури ҳукумати халофатро аз фармони озодии Амри Лайси Саффорӣ огоз мекунад, то дар қаламрави шарқии импротурии хеш ду мухраи қудрати ба ҳам зидро дошта бошад. Вале ин тираш хок мехӯрад! Амри Лайсро куштаанд!

Муктафӣ: Кушандаи ӯро пайдо кунед! Худи ҳамин лахза!

Қотил маъмури чустучӯи хеш мешавад! Бадр бенатича бармегардад: Қотилонро куштаанд! Ду сарбози турк!

Муктафӣ: Сарбоз ба амир чӣ хусумате дошта метавонад, агар бе пуштивонае бошад?! Иллати душмании ду сарбоз аз як амири барояшон ноошно чист?!

Софӣ (*дар гӯши Муктафӣ*): Буданд касоне, ки фармони қатли ӯро аз худобиёмурзод исрор мекарданд.

Муктафӣ: Ин чо ҳузур дорад?

Софӣ: Не.

Муктафӣ: Ӯро пайдо кунед!

Софии хуррамӣ бо сарбозе чанд ба сурогаи Бадри ходим меравад. Муктафӣ ба Қосим ибни Абдуллоҳ рӯ меорад.

Муктафӣ: Ниятҳо барбод рафт. Дигар илоҷе нест. Аҳди вулӯъ ба амир Исмоил ибни Аҳмад фиристед ва вилоёти Ироқу Райу Исфахон ва диёри Табаристону Гургон ҳама ба Хуросон зам кунед...

Сарбозҳо Бадри ғуломро, ки аз бешарафиву беномусӣ то ба "кабир" уруҷ карда буд, бо дастҳои баста меоранд. Аз тарси бими халифа ранг дар рӯйи зарди пурожангаш, ки хоси кӯсаҳост, намонда буд. Аслан ки рӯяш ранг надошт. Онро ба наврасияш рехта буд. Имрӯз фурсати онро ранг кардан наёфта буд, ки Софии Хуррамӣ ғофилгираш кард.

Муктафӣ: Маро бо ин ғулом хилват гузоред!

Ҷуз ду сарбози муҳофизи муҷрим дигар ҳама мераванд ва халифа ба Бадр рӯ меорад.

—Чаро чунин амали зиштеро муртакиб шудӣ?

Бадр: Ӯро тамаи мамлакат ҳама ҷаҳон буд. Набоястӣ, ки дар ҷаҳон касе бошад ки бар амиралмӯъминин бузургӣ ёрад кардан"

Ин суханҳо назди Мӯътазид ба каррот гуфта буд, вале посухе ҷуз лабханди дардолуд наёфта буд.

Муктафӣ: Ӯ талоши кишвари хеш мекард, гумкардаҳои хешро баргардондан мехост. Туро ки ҳеҷ мояе надоштиву надорӣ, чӣ таҳрик ба ин амали зишт дод?

Бадр: Садоқату вафодорӣ ба амиралмӯъминин ва поси намаки ишон.

Муктафӣ: Оё як ғулом озодона, бехабар аз Хоҷаи хеш ҳаққи мустақилона амал карданро доранд?!

Бадр: Не.

Муктафӣ: Ӯро ба зиндон баред!

Бадр пои равонро гум карда буд, забонаш ба комаш часпида буд ва сарбозҳо кашон-кашон ӯро аз боргоҳ ба зиндон бурданд. Ӯ аз ваҳшати ҷазо дидан ҳатто гиряву лобадон бурданд, зориданро аз ёд бурда буд. Ӯро чун кундаи тару оташгирифта, кашон-кашон аз миёни кӯчаву бозор ба зиндон мебаранд. Қотили Амри Лайс! Қотили он кӣ дар Макка хутба ба номаш мехонданд, дар партави ливояш боди бако мехӯрданд!..

Шаҳр аз марги халифаи хеш ба чунин сутӯҳ наёмада буд! Амри Лайсро куштаанд! Марги чунин Хоҷа на корест осон! Ин хиёнат ба осоиши мардум аст! Дигар мувозиби бало бошед! Хабари кушта шудани Амри Лайс ба зиндон дар байни мардум тарсу вахм, шафқату ҳамдардӣ барангехта буд. Ҳанӯз касе барқи буриши шамшери тези ишонро фаромӯш накарда буд! Ҳанӯз касе лаззати бориши атои хонин ишонро аз ёд набурда буд! Дарего, дарего, дарег!!! Мук-

тафӣ биллоҳ дар оташи хашму ғазаб аланга гирифтааст!

Муктафӣ: Ӯро бо қабеҳтарин вачҳ баҳри ибрати дигарон дар миёни мардуми Бағдод кушед!..

Сулаймон: Фармони амиралмӯъминин ачулона аст, ки оқибати хубе нахоҳад дошт. Шояд боиси шӯридани атрок шавад.

Муктафӣ: Чаро аз оқибати шумаш намеандешед! Ин абулҳавлҳоиозро мо худ сохтаем. Минбаъд ҳамчунин хоҳад шуд! Ҳар ғуломе, ғуломзодае агар бар хочаи хеш даст мебардорад, ё бар хочаи хеш осӣ мешавад ва ё бидуни фармоишоти хочаи хеш амал мекунад, чунин кайфар хоҳад шуд!

Ва Бадри "Кабир"-ро дар паси шутуре баста дар шахр мекашонанд. Шутури масту дукӯҳонае ки бар он Амри Лайсро мегардонданд, имрӯз рам хӯрдаву тозон аст, гурезон аст.

Ва корвони ҳадоёи амиралмӯъминин Абӯмуҳаммад Муктафӣ биллоҳ аз Бағдод баромада рах ба сӯйи Хуросон гирифтааст. Ӯ дар дил бим аз саркашии наводаи Амри Лайс дорад.

Ва амир Исмоил ибни Ахмад Райро ба қасди Бухоро тарк гуфтааст. Дигар ҳама роҳҳо дар Бухоро қатъ мешаванд. Дигар Бухоро нофи замин аст! Поянда пойтахт моно, эй Бухоро!..

БОЗГАШТ

Амир Исмоил дар Нишобур аз шунидани хабари марги халифа Мӯътазид ва қатли Амри Лайси Саффорӣ сахт андӯҳгин шуд. Ва ҳамон соат номаи хашмолуде ба Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амри Лайс навишт: "Шунидам ки исён кардай ва чониби Форс лашкар кашидай ва аз Ахвоз тарафдоронатро фаро хондай, то давлати саффориро тачдид намой? Хон эй писар, ба такаллуб рафтай! Агар даъвй дошта бошй, ки бо чаддат чунону чунин рафтор карданд, мардумфиребист, аз сари хумор аст. Ту ханӯз болиг аз кафтарбозй нашудай. Агар чунин чигари мардй дошти, ба рӯзи майдонорой кучо будй?! Амри Лайс дар майдон танҳо монда буд, аз дасти чокаронаш ба горат рафта буд. Аз ту мепурсам, эй писари Муҳаммад, он рӯз кучо будед?! Он рӯз рӯзи даъво, рӯзи поймардй, рӯзи далерию номус буд!

Он рӯз аст, ки тамоми даъвоҳои шуморо ботил месозад. Он рӯз буд, ки шуморо халъи қудрат кард. Дар он рӯз ҳар он чиро ки аз писари Тоҳир ба тағаллуб сохиб шуда будед, аз даст додед. Ту набояст ба сӯи Форс лашкар мекашидӣ. Ту роҳ ба бероҳа рафтай. Даъвии ту фақат бо Бухорост; Имрӯз даъвои ту ба Бағдод бепоя аст, зеро вақте ки қасди Бухоро кардед, Бағдод дар паси шумо буд. Ҳар чиз ки ба тазаллум ҳосил мешавад, боз ба тазаллум аз даст меравад. Ҳон!

Ин мулкро, ки дар он ҳукумат меронӣ, мадюни касе бош ки ба лаҳзаи зарурӣ қадраш надонистӣ, ҳатто ба як ҷав арзиш нагузоштӣ. Он замон ки ба Ниҳ интизори туро мекашид, то аз банди сарбозони халифа раҳояш кунӣ, кучо будӣ? Сӣ рӯз ба роҳ буд. Ҳеч кас андар ҳама Хуросону Сиистон нагуфт, ки Амр худ ҳаст? Ту имрӯз мулдай шудай? Ё аз ҳукми фардо тарсидӣ? Шумо фурсатро ҳанӯз ба Балх андар аз даст дода будед. Ҳанӯз ки мулки Нимрӯз дорӣ, туфайли хоҳишу васияти ҷадди хеш дорӣ ба замонати зинҳор маро! Эй кош, ӯ медонист!.. Дигар дар ин сарзамини паҳновар - аз Ираку Нимрӯзу Табаристону Гургону Хуросон то Туркистони Чин ҳаққи даъво марост, ҳаққи пурсиш марост,.. Имрӯз ҳаққи мардуми ин сарзаминро даъвогар манам. Ман даъво мекунам! Ва намегузорам, касе ба тазаллум моли мардум барад, бар мардум меҳнат афзояд. Ба ду ҷаҳон посухгӯи ин кишвар манам. Ҳанӯз ки фитна доман паҳн накардааст, ҳамди худой ба ҷой биёвар ва ба мақарри хеш баргард. Ман ҳанӯз намехоҳам, ки заволи оли Саффор ба дасти ман бошад, он чунон ки заволи давлати оли Тоҳир ба дасти шумо шуд! Дар акси ҳол, заволи шумо ба дасти худи шумо хоҳад буд! Вассалом!.."

Амир Исмоил номаро барои сарони сипоҳ ва қуззоти ҳамроҳаш хонд. Нома дар ҳақиқат хашмолуд ва таҳқиромез буд.

Амир Исмоил: Ҳарчанд хостам лаҳни номаро нармтар созам, вале бешарафии Тоҳир монеи ин амр мешуд. Ҳеч гап не, гоҳ аз гоҳ ин тифлонро гӯшмол додан зарур аст. Вале ман гумон намекунам, ки ӯ гапшунаву пандгир бошад. Бинобар ин дар баробари нома сипоҳе низ мебояд ба Форс ирсол кард. То напиндорад, ки сухани мо фақат аз сиёсат иборат мебошад.

Боят ӯ ҳис кунад, ки дар паси сухани мо на танҳо сиёсат, балки ҳамчунон қудрат низ вучуд дорад. Он гоҳ аст, ки

сухани мо ба замин нахоҳад расид.

Ҳамуя: Хеле ба маврид хоҳад буд, зеро ханӯз зарбати шамшери сипоҳи мо дар димоғашон боқист, гумон намекунам, ки ҷуръати рӯёрӯ шудан бо сипоҳи моро кунанд. Сониян, Тоҳир худ нағз эҳсос мекунад, ки бо даргири ҷанг шудан охирин пойгоҳи кудраташро ҳам аз даст хоҳад дод. Солисан, ӯ гумон намебурд, ки дар ин амр шоҳам дахолат хоҳанд кард...

Ахмади Саҳл: Аз лашкаркашии Тоҳир ибни Муҳаммад ба Форс доии Дайлам огоҳ буд.

Амир Исмоил: Аз кучо медонӣ?

Ахмади Саҳл: Муҳаммади Ҳорунро аз хуручи ӯ дар Ирак ва муборизоти дарбории Абӯсоҷ бо бародараш Юсуф дар Арманистон дилпур карда буданд.

Амир Исмоил: Ачаб нест... Пас Ҳорун ором нахоҳад гирифт... Бехуда... Худованд ишонро огоҳ кардааст: Ва ло тулку биайдикум ила-т-тахлукати, яъне: Худро ба дасти хеш ба нобудӣ накашонед.

Мебоист ӯро то ба охир таъқиб кардан, вачаб ба вачаб чангалистони Дайламро поксозӣ кардан, шаҳҳои касногузарро, ки сипоҳи шикастхӯрдаи доиву Ҳорун панох бурдаанд, ба хок хамвор кардан!.. Мебоист ин чангалистони анбӯҳро бо шеру палангаш ба коми оташ кашид, ишонро ба интихои орзуҳояшон, ба фаросӯи хостҳошон, ки навмедӣ хохад буд, расонид...

Амир Исмоил (*ба Ҳамуя ибни Алӣ*): Имрӯз нафақаи савора низомро бипардозед, то субҳгоҳон ба рох бароянд. Ахмад ибни Сахли Моҳон ба фармондихии он таъин карда шавад. Ҳар ошӯб дар нутфааш боят нобуд гардад!..

Рӯзи дигар субҳгоҳон пеш аз ба рох баромдан, амир Исмоил аз назди сафи сарбозони савора гузашт. Бору бунаву силоҳи ишонро аз назар гузаронд.

Амир Исмоил: Шумо ба хар чо ки мерасед, боят оваридаи осоишу оромӣ бошед, то мардум аз шумо ба мехр истикбол кунанд. Шумо дар кишвари худ амал мекунед, бо мардуми хеш аз рӯи инсофу адолат муносибат кунед, то онхо ба як зиндагии ободу созанда дилгарм шаванд. Дар ин кор хеҷ чиз ба мисли ахлоки хамидаи сипоҳиён муассиртар вокеъ намегардад. Худо нигоҳ дорад аз "он рӯзе ки бародар аз бародар фирор мекунад. Одил бошед, ки "адли яксоата бех аз ибодати хафтодсола" гуфтаанд.

Сипоҳ ба як овоз нидо сар доданд: "Аййада-л-лаҳу-Ул амира".*

Саворанизом бо фармондеҳии сипаҳсолори Хуросон Аҳмад ибни Саҳли Моҳон ба сӯи Форс ба роҳ мебарояд. Амир Исмоил ба Бухоро бармегардад.

Ҳанӯз ин роҳ ба поёни талошу чиҳод нарасидааст.

Яъҷуҷу маъҷуҷ боз ба қасди яғмогарӣ дар шарқи мамлакат гирд омадаанд...

Ҳорун боз алами исён бардоштааст...

Тоҳир ибни Муҳаммад ба Сиистон баргаштааст...

Убайдуллоҳ Муҳаммади Афшин дар Арманистон аз вабои хонумонсуз даргузаштааст. Дигар Девдозу амуяш Юсуф ба ҷони хеш уфтодаанд.

Ҳанӯз ин роҳ бо поёни талошу чиҳод нарасидааст.

Зангулаи корвонҳо акси садои ноқуси фалак шудааст:

Ва ин дунёи акс бояд ба асли хеш баргардад!

Инсон худогуна шавад!..

Ҷамҷамаи ҷомгуни Ҷам пур аз ин садо шудааст.

Ва Рустам аз Бухоро сар мекашад- Марзбоне мустаҳкамтар аз девори Чин, сангинтар аз садди Зулқарнайн! Куруши Кабир ба хато шуда Искандар - пайғамбар ба палид! Эй Хуросон Зулқарнайни ту Куруш буд ва имрӯз ба додхоҳӣ бархостааст! Ифтихороти туро ба яғмо бурдаанд, ин бобулиҳову қибтиён! Дарахти Асурик, Дарахти Аҳуро дигар дар ин ҷо сабз мешавад, дигар бор аз ин ҷо сар мекашад!

Ҳафтод ҳазор чодари Яъҷуҷ ба қурбонгаҳи Иброҳим нисор мешавад. Бозори Нахшаб пур аз ғулом аст, имрӯз!

Дигар бораҳо ба шаҳрҳо фурӯ меуфтанд! Киштзорҳо то ба уфуқҳо доман кашидаанд.

БОРАИ ШУМО МАНАМ!..

Ва Ҳорун бо чигари сӯхта медавад! Навмедиҳо беист ӯро медавонанд то Бухоро, шабу рӯз! Сарнавишти осиён ҳам-

Худой дастгири шоҳ буд!

чунин хоҳад буд! Дой ба инзивои хеш мехазад. Ва Аҳмад мучиби хашми падар мешавад. Даъво карда бошӣ?! Бегонае натавонад кори ту кардан! Гар мекунад ба иғроз мекунад!

Ҳанӯз ин роҳ ба поёни талошу чиҳод нарасидааст!.. Ҳанӯз Бахром дар роҳ аст...

Ҳанӯз Сарв дар ҷавона аст...
Ҳанӯз Шери шукӯҳ дар гурриш аст...
Ҳанӯз Симурғи орзу дар гардиш аст...
Ҳанӯз Аспи Сафеди қудрат дар давидан аст...

Ҳанӯз ин сарзамин дар интизори Мавъуди хеш сурудхон аст:

КАЙ БУВАД КИ ОЯД
ПАЙКЕ АЗ ҲИНДУГОН.
КИ ОМАД ОН ШАҲ БАҲРОМ
АЗ ДУДАИ КАЁН.

КИ ПИЛ АСТ ҲАЗОР
БАР САР АСТ ПИЛБОН
КИ ОРОСТА ДИРАФШ ДОРАД
БА ОИНИ ХУСРАВОН...

Ҳанӯз ин роҳ ба поёни талошу чиҳод нарасидааст. Ҳанӯз Яъҷуҷ даҷҷолзост.

-Ин роҳи талошу чиҳод манам, ки то ба шумо имтидод хоҳад ёфт! Ҳар чиз ба асли хеш бармегардад! То абад ҳамчунин хоҳад буд, хон!..

191313
Китобхонаи миллии Тоҷикистон

МУҲАММАДЗАМОНИ СОЛЕҲ



ДЕВОРИ ХУРОСОН

МУҲАММАДЗАМОНИ СОЛЕҲ

ДЕВОРИ ХУРОСОН

Душанбе. Ирфон -1999

Государственная
республ. б-ка Тад.ССР
им. А. Фирдоуси
19/318
9804/ск

ДЕВОРИ ХАЗОН

Ба ифтихори 1100-солагии Давлати Сомонiён

Баргардони тарҷимаи "Наҳҷ-ул-балоға" ва интишори он дар соли 1999 мелодӣ (1378 шамсӣ) зери назари дуктур Алиасғари Шеъдӯст анҷом шудааст.

БИЁФОН

Виросторон: **Нуруллоҳи Исмат**
Мирзободал Бадалов

Ҳуруфчини компутор: **Мӯҳтарам Раҳимова**

Муҳаррири ороиш: **Нуруллоҳи Исмат**

Мухаммадзамони Солеҳ соли 1951 дар деҳи Пардоғи ноҳияи Масчо ба дунё омадааст.

Дерест, ки дар замини баруманди сухан чун деҳқони асил хомакашӣ мекунад. Офаридаҳои ӯ дар хумдони дил ва зеҳни ӯ чун лаъли музоб гудохта шудаанд. Ин аст, ки дӯстдорони сухан ҳикоя ва повестҳои ӯро бо унвони "Сарви Кашмир" (1984), "Оҳанги шаҳри Ишқ" (1989) ва "Ардовирафнома ё сояҳои шикаста" (Теҳрон, 1992) мутолиа кардаанд. Шеваи навиштор, оҳанги гуфтор, кутоҳбаёнии муассир баландғоягии арзиши асарҳои ӯро афзудааст. Хоса дарди бузурги инсон ва ҷомае дар ҳар асари нависанда бо обу ранги нав тачаллӣ намудааст. Асотир, фалсафаи хушбинона, маъонии таҳдор, дарди замон ҷавҳари осори ӯст. Ӯ дар насри имрӯзаи мо навпардоз аст: месӯзад ва месозад, то аз суханаш бӯйи хомӣ наояд.

БИЁБОН

Хуршед чун ташти сӯхтае паси гареваҳои биёбон пинҳон мешуд. Ғизоле, аз хайли хеш вомондае аз паси рӯз медавад. Рамаи гургони гурусна вайро дунболагир буданд. Ғизол аз ҳол мерафт ва гургон торафт ба ӯ наздик мешуданд. Онҳо низ хаста менамуданд. Ғизол бо охирин тавоне, ки дар рамаки мачрӯҳи худ дошт, худро ба тори гаревае мекашад. Ва бо умед ба сӯйи хуршед менигарад. Хуршед сари гаревае фурӯ мерафт. Ба назар чунин менамуд, ки ғизол гӯё дар дили Хуршед фурӯ меравад ва ё чун тасвире дар таште мисин насб мешавад. Ғизол лаҳзае ором, беҳаракат, хаста ба сӯйи Хуршед менигарад. Ва банохост гурге аз гареваи муқобили сар мекашад. Дигар гургҳо ӯро аз чор тараф гирд кардаанд. Роҳи гурезро барои ӯ бастаанд. Онҳо дигар маросими қурбонӣ ичро мекунанд фарёди бехудона мекашанд ва чашмашон чун алмос медурахшад.

Ғизол як-як ба сайёдони хеш менигарад. Нигоҳаш хаста, беҳолу камфурӯғ аст.

Дигар дар назараш биёбон сурх менамояд. Абрҳои сӯхтаи уфуқ аз ҳам медаранд, пареш мешаванд.Бод губори реги хунгунро паси гареваҳо тал мекунад. Ва боз дар чашмони гургони гурусна менигарад. Дар теғи нигоҳашон хун медурахшад. Ғизол якбора гӯё ба худ меояд, гӯшҳояшро тез мекунад ва бо чашмони пур аз умед ба сӯйи уфуқ менигарад. Гӯё бӯйи начот ба машомаш мерасад. Ва гургҳо низ гӯш тез мекунанд ва ба қалби биёбон менигаранд. Хатар эҳсос менамоянд.

Саворе бар аспи сафед дар гареваи муқобил, аз он ҷое, ки чашмони интизор аз як пайомади ногаҳонӣ нигаронанд, ба пайдо меояд. Ӯ Хуршедро дар паси хеш пинҳон мекунад. Гургон ба сӯйи ӯ меғурранд. Ӯ як-як ба умқи чашмони онҳо хира мешавад ва аспаш аз изтиробу ҳарос гӯш тез мекунад ва шиҳа мекашад. Гургҳо оҳиста-оҳиста ба сӯйи ғизол мехазанд. Вале ғизол ҳамоно рӯ ба сӯйи савор дорад. Савор бе́ҳолона камонро ба даст мегирад ва аз тиркаш тир ба он мегузорад ва ба сӯйи гурге, ки аз ҳама қавиҳайкалтару ба ғизол наздиктар аст, нишон мегирад. Гург ғурришкунон ба сӯйи ғизол ҳамла мебарад ва аз захми тир дар нимароҳ аз пой меафтад. Гургони дигар ба садойи чун

саг валангидани ӯ меғурранд ва савор ҳамчунон сӯйи онон тир партоб менамояд. Дар ин асно чанд сарбоз майдонро муҳосира мекунанд. Ғизол ҳамчунон орому ром аст, як гом-як гом ба сӯйи савор меравад. Аз захми суринаш хун метаравад. Савор тир ба тиркаш мегузорад ва хитоб ба сарбозон мегӯяд.

Исмоил: Ин дуро зинда бигиред!

Ва аз асп ба зер меояд ва ба истиқболи ғизол меравад. Ғизол ҳамчунон орому бепарво ба савор менигарад. Паси гарева мағал мехезад. Сарбозон гургонро зинда шикор мекунанд.

Исмоил дар гӯшае аз ин ғавғо ба ҷароҳати оҳу марҳам мегузорад ва хини ин амал байтеро дар тавсифи ҳоли оҳу замзама мекунад, аз рафтори ӯ чунин бармеояд, ки ӯ бо сайди захмӣ сухан мегӯяд.

Исмоил: ***Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,***
Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо...

Хуршед то ба ним бар сари гаревае фурӯ рафта буд. Аз паси гаревоҳо асирон ва баъд сарбозони савора намудор мешаванд.

Исмоил: Зуд бошед. То ба мағриб бояд ба ободие расем... Ин куффор, ки рӯзадор нестанд, пас иллати коҳилӣ чист? Зуд бошед! Намози шом мерасад.

Сарбозҳои савора тозиёнаро болои сар чарх мезанонанд. Асирон бо ҳарос сареътар ҳаракат мекунанд ва бӯзинае аз китф ба китфи асирон ҷаҳида шабушк мечӯяд. Исмоил ба ин манзара хира мешавад ва дар ҳолате, ки меандешад дар лабонаш табассум ҳувайдост. "Ин шабушкхурҳо одамхор шудаанд!"

Ва оҳу гирди Исмоил мечархад, дастҳояшро мебӯяд. Исмоил гоҳ аз гоҳ пушти оҳуро сила мекунад. Ду сарбоз аз байни асирон чаҳор нафарро ҷудо карда, гургони бастаро ба китфи эшон мегузоранд. Исмоил ба аспи хеш савор мешавад. Оҳу дунболи аспи Исмоил меояд.

Хуршед дигар дар паси гаревоҳо билкул пинҳон шуда буд ва фақат домони осмон сурхӣ мекард.

САМАРҚАНД

Кушки Исмоил. Бог.
Намуди умумии шаҳр. Кушку қасрҳо, кӯчаҳои сангфарш.

Боғистонҳои сабзу хуррам, дарахтони гуногун ба меваҳои расида. Маҳаллаи Исфизор. Кушки авлодии Сомониён. Боғи сабзу хуррам. Ҳавзи зулол. Чанд нафаре аз аъёни Самарқанд болои суффаи лаби ҳавз, зери дарахти себ нишастаанду дар хусуси ким-чие баҳсу мучодила доранд. Исмоил дар даст китобе аз дари кушк берун мешавад ва ба лаби ҳавз меояд. Акси кушк болои сатҳи ҳавз мавҷ мезанад. Ҳама ба истиқболи Исмоил аз ҷой баланд мешаванд ва ӯро барои "боло гузаштан" таоруф мекунанд. Онҳо ҳама одамони як насланд. Ҳарчанд риш доранду пуртамкинанд, вале ҳанӯз ҷавонанд.

Исмоил боло мегузарад. Зардолуву гелосу тут пухтааст. Гоҳ аз гоҳ тап-тап ба рӯйи сабзаи боғ ба ҳавз афтидани меваҳои расида ба гӯш мерасад, вале касе ба ин неъматҳои биҳиштӣ эътибор намедиҳад. Моҳи рамазон нав даромадааст. Ҳама рӯзадоранд. Исмоил китоби бузургеро ба яке аз ҳамсӯҳбатонаш дароз карда.

Исмоил: Китоби "Сияр-ул-мулук" ба хатти Юсуфи Сагзӣ.

Умар китобро варақ зада ба ҳайрат меояд.

Умар: Ин Юсуф бародари Иброҳими Сагзӣ аст. Онҳо аз бузургтарин донишмандони қарни аввали ислом ба шумор мераванд. Иброҳим дар соли шаст дар хатти маснад ё куфӣ ибтикор нишон дод ва понздаҳ ҳарф аз ҳуруфи диндабираро ба ҷои ҳуруфи маснад ба кор бурд ва барои он қоидаи васл тартиб дод ва ба ин васила хатти муаққаброро ба вуҷуд овард.

Абдуҷаббор: Ин чӣ хатт аст?

Исмоил: Маснадро қаламе аз хатти ҳумайрӣ медонанд. Яъне, маснад аз хаттҳои араб аст ва мансуб ба мардуми Яман. Яманиҳо онро аз ирониён гирифтаанд.

Абдуҷаббор: Ҳеч сар дар намеёварам. Бароям тавзеҳ диҳед.

Исмоил: Ҳумайрӣ, яъне ҳамоваронӣ. Ин ҳуруф дар шакли муфрад навишта мешаванд ва нуқта надоранд.

Умар: Шигифт он аст, ки таърихнависони араб қасдан номи Иброҳими Сиистониро Шаҷрӣ навиштаанд, то ироний будани ин хатро маҳв намоянд. Аз ин рӯ барои ризояти хотирашон Саҷзиро Шаҷрӣ мехонанду менависанд, дар ҳоле ки ному насаби Иброҳими Сагзӣ дар китобҳои мухталиф омадааст ва маҳв кардани он кори осон нест.

Исмоил: Ба ин гадбирсозиҳо намешавад барои хатти

арабӣ аслу насабе сирф арабӣ пайдо кард.

Умар: Юсуфи Сагзӣ аз хатти муаккалӣ қалами "ҷалилӣ" ва " сулсайн"-ро истихроҷ кард. Ба қавле хатти "ҷалилӣ" падари тамоми аклому хутути исломӣ аст. Ва то ба имрӯз роич аст. Ҳатто ин қалам ҳам ёздах харфи худро аз динда-бира айнан гирифтааст. Ба қалами Дебоҷ низ аз ин хат истихроҷ шудааст.

Исмоил: Ба ин қалам то ба хол аз тарафи хулафо бар тӯморхои комил ба подшохони рӯйи замин нома менависанд... Қиссаи ин хатти арабӣ ба мисли қиссахои "хазор достон" аст: Сиҷалоту тӯмори кубро... ҳамааш аз мост, вале ба номи қавму миллати дигаре...

Муҳаммад бинни Нӯх: Борхо аз қавли амми бузургам шунида будам, ки мегуфтанд: Пайғамбари худо фармудааст, ки "агар илм дар сурайёст ба он фақат ирониён даст меёбанд". Ва ба фахру шодӣ аз корнамоихои Салмони Форсиву Имом Ханифа сӯхбат мекарданд.

Исмоил: Дуруст, падари бузургворам ҳамеша аз гузаштагони таърихи Иронзамин ифтихор доштанд ва таъкид мекарданд, ки Афшину Мозиёр ва хатто Бобаки Хуррамдину Муқаннаъ бо роҳи хато рафтанд.

Умар: Яъне...

Исмоил: Яъне мебоист тамоми ибтикороти хешро бо номи халофату мазҳаб анҷом медоданд. Он гох метавонистанд шукӯҳи ҷалолати аздастрафтаи Иронзаминро боз гардонанд. Ба ин васила метавонистанд дасту пои аъробу атрокро аз ин кишвар қатъ кунанд. Имрӯз муассиртарин омил боз хамон аст, ки мо фитрати азалии хешро дар ривочи илму фарханги хеш ба кор андозем. Фақат ин кудратро мебояд ба як марказ ҷамъ овард.

Хочиби Кушк меояд. Ӯ як турки навҷавон аст. Таъзим мекунад.

Хочиб: Қосиди Амфи бузург Наср бинни Ахмад бор мехоҳад.

Исмоил: Бигӯ, дароял.

Хочиб дар хамон холи таъзим кардан пасноки аз лаби ҳавз дур мешавад. Исмоил ба суханаш идома медихад:

- Вале ба кадом роҳ ва дар чӣ сурат. Дар вазъи мавҷуд ин амалро баровардан имконпазир нест. Яъқуби Лайс дар Сиистону Кирмону Форс мечангад. Алавиён дар Гургону Табаристон, Абуубайда Муҳаммади Афшин дар Армани-

стону Озарбойҷон. Шом ноором. Рофеъ бинни Ҳарсама дар Хуросон... Имрӯз халофат қудрати пештараи худро қариб аз даст додааст. Фақат ба иғвогариву ҷангандозӣ машғул аст ва ба ин восита бақои мутазилзили худро нигоҳ медорад. Мо дар ин қисмат бо шабушкхӯрҳо даргир ҳастем...

Фақат бо таассуф метавонем бигӯем: ”Ку Рустаме? Оре, “ ку Рустаме”?

Қосиди амир Наср меояд ва таъзим мекунад. Ҳозирон ба эҳтироми шоҳ ба пешвози ӯ аз ҷой мехезанд.

Исмоил: Бифармоед, аз боло...

Дар ҳамин асно аз канораи боғ садои ғаши кӯдаке баланд мешавад. Ғуломон ба атроф медаванд. Ҳозирин парешонҳолона ба сӯйи фарёди кӯдак менигаранд.

Исмоил: Боке нест. Бифармоед...

Қосид:Боиси заҳмати шумо намешавам. Фавран бояд баргардам. Ин бегоҳ шоҳи ҷаҳон меҳмондорӣ хоҳанд кард. Таманнои ҳузури шумо ҷанобони олиро дар ин меҳмонӣ доранд.

Исмоил: Ба чӣ муносибате?

Қосид: Сафире аз ҷониби фақеҳи бузург, аз Бухоро омадааст. Шоҳи бузург ин бегоҳ аз эшон пазирой хоҳанд кард.

Дар ҳамин вақт ғуломон аз канори боғ бармегарданд. Ҳанӯз шоҳзода ҳиқ-ҳиқ мегиряд.

Ҳоҷиб: Шоҳзода аз гургҳои қафас тарсидаанд. Аҳмад аз бағали ғулом поин омада ба сӯйи падараш Исмоил медавад ва худро ба оғуши ӯ партофта гирф мекунад.

Исмоил:Магар шоҳзодагон метарсанд? Айб аст. Ман наметарсам.

Исмоил ашки чашмони писаро пок мекунад.

Исмоил: Бисёр хуб. Акнун бирав, дигар ба канори боғ нарав.

Аҳмад аз оғӯши падараш раҳо шуда ба сӯйи кушк медавад. Ҳозирон бо табассуму меҳрубонӣ аз пасаш менигаранд. Оҳу, ки озодона андаруни боғ мечарид, ба лаби ҳавз меояд. Қосид бори дигар таъзим намуда, иҷозаи рафтан мегирад.

Қосид: Дигар музоҳими ишон намешавам.

Меравад. Ҳозирон ӯро то назди дарвозаи кушк гусел мекунанд. Дар назди дарвоза Муҳаммад бинни Нӯҳ ва Муҳаммад бинни Умар ва Абдуҷаббор бинни Ҳамза низ

хайрухуш мекунанду мераванд. Исмоил ба Фазл бинни Ахмад ва Исмат бинни Муҳаммад ба ҷойи пештараи худ бармегарданд.

Исмоил саволомез ва бо тааҷуб ба ҳамсӯҳбатонаш менигарад.

Исмоил: Оё Шумо дар бораи ин "фақехи бузург" чизе медонед?

Фазл: Агар хато накунам ӯ бояд Абуабдулло Муҳаммад бинни Ахмад бинни Ҳафс бинни Забаркони Бухороии ҳанафӣ бошад. Ҳарчанд ӯ Абулҳафси Сағир аст, алҳол аз ӯ бузургтар фақехе дар Бухоро нест.

Исмоил: Ёдам омад. Ӯ писари Абулҳафси Кабир. Аз падари бузургворам дар бораи ишон бисёр қиссаҳо шунидаам. Якеш ин, ки Исмоили Бухороиро аз фатво додан манъ фармуд. Ӯ таваққуҳе ба маънии Абулҳафс накард ва аз фатво додан боз наистод, то он ки вақте аз ӯ суол шуд, ки агар ду кӯдаки ширхор, духтар ва писар аз шири як гов ва ё гӯсфанде бихӯранд, ризоъ байни он ду ҳосил мешавад ё на ва дар сурати субути ризоъ ин ду ба якдигар ҳаром хоҳанд буд ё на? Ӯ ба субути ризоъ ва ҳурмати издивоҷ фатво дод ва мӯҷиби он шуд, ки мардум бар вай шӯриданд ва ӯро аз Бухоро хориҷ карданд.

Исмат: Пас Исмоилро хориҷ карданд, то Исмоилеро ворид кунанд (*Механданд*). Ҷаноби олӣ ба дониш низ аз сохиби "Сахех" камтар наянд. Назди ҷадди аълову падари бузургвор илми хадис омӯхтаанд.

Исмоил (ба Фазл): Гумон мекунам чизеро аз мо пинҳон медоранд. Ва ё зиёдтар медонанду хасисӣ мекунанд.

Исмат: Он қадар медонам, ки менадонам.

Исмоил: Ин роз ҳам ошкор шуд, ки ишон аз Сукрот ҳам сабақ бурдаанд... (*механданд*).

Исмат: Ин роз нест, балки як ҳақиқати мусаллам аст.

Онҳо ба ин минвол, яъне шӯхикунону ҳандакунон ба сӯйи дарвоза мераванд ва паси табақаҳои он ғайб мезананд. Оҳу танҳо даруни бог мечарад. Ва аз канорахои бог садои зӯзаи гурге баланд мешавад.

Қасри Наср

Толори бархаво, ду рад сутунҳои мунаққаш. Паси сутунҳо суффаҳо ва рӯйи суффаҳо шоҳзодагону ашрофи Сама-

рканду Устурушана, Фарғонаву Чоч нишастаанд. Деворҳо бо деворнигораҳои рангин музайян шудаанд. Вале одамони деворнигораҳо сар надоранд. Дар охири толор суфаи нисбатан баландтаре ва рӯйи он тахти шоҳӣ гузошта шудааст. Хонтахтаҳо пур аз анвои меваву хӯрокворӣ аст. Шоҳ баъди азони намози шом ба толор ворид мешавад. Ҳозирон аз ҷой мехезанд ва ба ӯ таъзим менамоянд. Амир Наср бо имои сар ба меҳмонони ду тарафи толор "салом алейк" менамояд ва аз паси ӯ як гурӯҳ дарбориён вориди толор мешаванд ва ба ҳамин минвол ба ҳозирин "салом деҳон" ба ҷойҳои хеш мераванд. Шоҳ дар ҳоле, ки толорро барандоз мекунад ба ишорати даст рухсат ба нишастан медиҳад. Ғуломони турк дар косаҳои булурин шарбат меоранд ва назди меҳмонон мегузоранд.

Шоҳ: Пас аз он, ки хонадони Тоҳирия аз ҷониби Яъқуби Лайси Саффорӣ барандохта шуд, дар Бухоро фитнаву изтироб ба амал омад, раис ва фақеи Бухоро Абуабдулло бинни Абиҳафс ба ҷониби мо нома навиштаанд ва аз мо дархост кардаанд, ки касеро аз касони хеш барои забти Бухоро ба он ҷо бифиристем. Мо тасмими хешро гирифтем... (*Ва ба имтиҳон ба сӯйи ҳозирин менигарад*). Вале раъйи шуморо донистан мехостем... Шумо дар ин хусус чӣ мегӯед?

Амир Наср ҳар якеро бо нигоҳ барандоз мекунад ва охируламр дар амир Исмоил қарор мегирад. Ӯ як қадам пеш мегузорад ва бо таъзим ба шоҳ муроҷиат мекунад.

Исмоил: Тасмим тасмими ҳазратам аст!

Ва ба ҷойи худ бармегардад. Дигарон ин посухи амир Исмоилро бо нигоҳи қаноатмандона тарафгирӣ менамоянд.

Шоҳ: Пас мо тасмим гирифтем барои иҷрои ин амр амир Исмоилро ба Бухоро фиристем.

Ҳозирон ба амир Исмоил менигаранд. Амир Исмоил ба ризоияти хости шоҳ таъзим мекунад. Вале аз ваҷоҳаташ чунин пайдост, ки аз ин тасмими ғайричашмдошти шоҳ чандон розӣ нест. Ӯ худро чунон вонамуд мекунад, ки гӯё аз ин корҳо безор аст.

Шоҳ: Амир Исмоил хешро аз ҳама ҷиҳат ҳамчун ҷавонмарди оқилу ботадбир нишон додаанд. Чӣ дар лашкаркашӣ алайҳи саркӯб кардани туркони кофир дар кишвари Турон ва чӣ... (*ба дабир*). Ба Абуабдулло бинни Абиҳафси

Бухорой ҷавоб нависед ва аз тасмими мо ӯро огоҳ созед ва таъкид намоед, ки аз амир Исмоил он чунонки шоистаи шаъни эшон аст, пазирой ба амал биёваранд. (*Ба амир Исмоил*) Амири хиттаи Бухоро тадоруки сафар банданд, ҳар чӣ тезтар, хубтар *(Амир Исмоил даст ба чашм мебарад ва таъзим менамояд)*. Супориши махсусро баъдтар, яъне дар арафаи сафар ё ҳамин бегоҳ, баъди ифтор дарёб хоҳед намуд.

Исмоил: Агар ҳар чӣ тезтар супоришҳо маълум шаванд, барои тайёрӣ дидани сафар хубтар аст, шоҳам.

Амир Наср: Пас, баъдтар дар ин хусус машварат хоҳем кард.

Дастаи навозандагон ба толор ворид мешаванд ва ба сӯи суффае мераванд, ки деворнигораҳояш далолат ба ҷойи онҳо мекунад. Дар девор чанд нафар навозанда ва хонуми раққосе бо рангҳои рӯшан тасвир ёфта буд, вале афсӯс, ки онҳо низ бесар шуда буданд. Фақат аз созҳо ва ҳаракати баданҳо пай бурдан мумкин буд, ки кадоме аз онҳо навозандаву раққоса ҳастанд. Баъди чанд лаҳза оҳанги форами "хусравонӣ" садо медиҳад. Ғуломбачагон ҷомҳои шарбатро гирд мегардонанд.

Ҳучраи Наср

Дар равшании нури шамъҳо амир Наср ва Исмоил нишастаанд. Амир Наср аз ҷой мехезад ва ба тарафи панҷара меравад ва пардаҳои ҳарирро ба як сӯ кашида, дар боғ хира мешавад.

Амир Наср: Ҳаво дам асту гарм. Амири Бухоро майли сайри боғ надоранд?

Амир Исмоил: Шоҳам бо чунон тасмиме дар хусуси Бухоро харф мезананд, ки гӯё кайҳост ин мулк мустаъмараи мо бошад.

Амир Наср: Мо ба қудрат ва ройи хусни тадбири бародари худ бовар дорем. Дигар ин ки пеш аз он, ки шоҳон тасмим гиранд, аввал меандешанд ва бо аъёни худ машварат мекунанд ва баъд қатъиян ибрози акида мекунанд.

Онҳо аз қаср берун мераванд. Дар равшании ширгуни моҳ сатҳи орому сокити ҳавз ба мисли ойинае чило медиҳад. Осмон софу бегубор ва пур аз ситора аст. Амир Наср пеш-пеш ва Исмоил чанд қадам қафотар, яъне пасопеш

ба лаби ҳавз мераванд.

Амир Исмоил: Расолати ман дар Бухоро чист?

Амир Наср: Онро замимаи давлати мо кардан.

Амир Исмоил: Бо кадом роҳ?

Амир Наср: Ҳар роҳе, ки мумкин аст. Вале бе харобкорӣ. Мардуми Бухоро аз чаповалу ғорат, куштору сӯхторҳои пай дар пай хаста шудаанд, ба ҷон расидаанд. Дар моҳи рабеъ-ус-сонӣ Ҳусайн бинни Тоҳир ал-Тойӣ аз Хоразм ба Бухоро тохтан овард ва миёни ӯву мардуми Бухоро ҳарбҳо афтод. Ӯ баъд аз панҷ рӯзи ҷанг бар шаҳр даст ёфт. Ва ба аҳли Бухоро узри шаҳру русто кард ва бисёр касро бикушт ва хоразмиёнро баргумошт, то дуздӣ намуданд ва мусодират мекарданд ва ба шаб мукобираи хонаҳо бар мезаданд ва ҷиноятҳои гарон мениҳоданд ва мол месутуданд.

Аҳли Бухоро бо ӯ ба ҳарб берун омаданд ва бисёр кас кушта шуданд ва аз шаҳр миқдори ду донг бисӯхт ва чун аҳли шаҳр даст қавӣ карданд, ӯ мунодӣ кард ва амон дод. Ва мардумон, ки ҷамъ шуда буданд ва ҷангро омода гашта, чун хабари амон бишниданд, пароканда шуданд ва баъзе ба русто рафтанд. Чун Ҳусайн бинни Тоҳир донист, ки мардум пароканда шуданд, шамшер андар ниҳод ва халқе азимро бикушт. Мардум боз ғавғо карданд ва Ҳусайн бинни Тоҳир ба ҳазимат шуд ва ҳама рӯз ҳарб карданд ва чун шаб шуд, ӯ дари кушкро маҳкам кард. Ва халқро дар атрофи кушк нигоҳ медоштанд, то вайро бигиранд. Ва ӯ хирочи Бухоро ба тамомӣ гирифта буд: Ҳама дирам... ғадрифӣ ва дар миёни сарой рехта буд ва мехост то ба нукра сарф кунад, замон наёфт ва он шаб деворро сӯрох карду бигрехт, бо касони хеш барахнаву гурусна. Ва он дирамҳои ғадрифӣ бимонд. Мардумон хабар ёфтанд ва он мол ғорат карданд. Ва пас аз вай фитнаҳои дигар ва ҷангҳо бо аҳли Бухоро хар касро бисёр шуд. Аҳли илму салоҳ аз Бухоро бо назди Абуабдуллоҳ ал-факеҳ, писари хоҷа Абдулҳафси Кабир (раҳматуллоҳи алайҳ) ҷамъ шуданд, бо вай тадбир карданд. Он чӣ факеҳ вазъи Бухороро шарҳ дода буд, ба ҷаноби олӣ арз намудем.

Амир Исмоил: Пас Амири Бухоро ба чӣ кор машғул аст?

Амир Наср: Ӯ хаворичӣ аст ва дар Бухоро хавохоҳони зиёде надорад. Дар Бухоро аслан хаворичиён каманд. Хоҷа Абдулҳафси Сагир марди мубориз аст. Ва раисии Бухоро

бар дӯши ӯст. Бо ӯ машварат кунед. Бо аҳли Бухоро, чӣ аҷамиву чӣ бегона, бо шафқат рафтор намоед. Иншоол-лоҳ, корҳо хуб мешаванд.

Амир Исмоил: Дар рикоби ман киҳо мераванд?

Амир Наср: Кӯшиш кунед иддаи камеро бо худ гиред. Бокимонда дар салоҳияти худи шумост.

Амир Исмоил: Кай ба роҳ бароем?

Амир Наср: Ҳарчӣ зудтар, хубтар.

Онҳо ба қаср бармегарданд.

Беруни Самарқанд

Дарвозаи қасри шоҳӣ кушода мешавад. Аввал шоҳ Наср, аз паси ӯ амир Исмоил ва баъд аъёну ашрофи шаҳри Самарқанд, аз ҳама пасон бо теъдоди чаҳорсад-панҷсад нафар сарбоз берун меоянд. Онҳо ба сӯйи дарвозаи магрибии рабаз роҳ пеш мегиранд. Аз ду тарафи кӯча марду зани зиёде ба қасди гусели амир Исмоил саф кашидаанд. Амир Исмоил бо аҳли рикобаш аз байни ин сафҳо мегузарад. Амир Наср то аз дарвозаи рабаз (ҳисор) берун шудан ба амир Исмоил ҳамроҳӣ мекунад.

Бо кушода шудани дарвозаи рабаз кишгзорҳои сабзу хуррами то ба уфуқ доманкашида намудор мешаванд. Онҳо дар беруни дарвоза таваққуф менамоянд. Амир Наср ва амир Исмоил аз аспҳо поён меояд ва аз дунболи онҳо ашрофзодагон ба тақлид аз аспҳо пиёда мешаванд. Амирзодагони сомонӣ якдигарро ба оғӯш кашида, хайру хуш мекунанд ва баъд бо аҳли рикоби ҳамдигар бо панҷафишорӣ ин маросимро ичро мекунанд ва муфтии шаҳри Самарқанд забон ба тиловати чанд оёте мекушояд ва дар фарҷоми фотиҳа бар аспи сафеди худ савор мешавад. Қофила ба роҳ медарояд. Амир Наср то аз назарҳо гойиб шудани амир Исмоил бар ҷояш сокит ва бо андеша нигарон мемонад. Ӯ дар назар хеле хаставу ранҷур менамояд. Аз гусели бародар гамгин аст. Амир Наср ба шаҳр бармегардад.

КАРМИНА

Сарбозони амир Исмоил дар даромадгоҳи деҳаи Кармина, дар соҳили рӯди Кармина машғули хайма задан мебошанд. Худи амир Исмоил бо чанд нафар аз асҳобаш, ба

хусус Фазл бинни Аҳмад ал-Марвазӣ ва писари бародараш Абузакриё Яхё бинни Аҳмад бинни Асад ба Кармина ворид шуданд. Аз миёни кӯчаҳои сердолу дарахт гузаштанд, ба масҷиди ҷомеъи Кармина ворид шуданд. Саҳни масҷид хеле сабзу хуррам ва аз анвои гулҳо муаттар буд. Чанде нагузашта, имоми масҷид ба истиқболашон аз ҳуҷрааш берун омад. Ӯ марди серриш ва қоматбаланде буд. Ришаш ранги хурмоӣ дошт. Аз мутолиаи зиёд чашмонаш варамида буданд. Ӯ ба меҳмонон хира монда буд ва ба онҳо чӣ тавр муносибат карданашро намедонист. Хусусан салобати амир Исмоил ӯро гаранг карда буд. Меҳмонон аз авзои ӯ пай бурданд, ки худро ноҳинҷор эҳсос мекунад. Фазл бинни Аҳмад мушкили ӯро осон гардонид.

Фазл: Мо аз Самарқанд меоем ва ба Бухоро равонем. Ин ҷоро хеле ободон ёфтем ва қарор додем чанд рӯзе ин ҷо бимонем, то худамон ва ҳам чаҳорпоёнамон кӯфти роҳ барорем.

Амир Исмоил:Аз ин ҷо то ба Бухоро фосила чанд аст?

Имом (*гӯё чизе ӯро такон дода бошад, яққа мехӯрад ва изтиробомез ба сухан меояд*): Аз ин ҷо то ба Бухоро чаҳордаҳ фарсах роҳ аст, гардам.

Амир Исмоил ба осмон менигарад ва ба Фазлу Абузакриё мурочиат мекунад.

Амир Исмоил: Намози аср ин ҷо мегузорем, баъд ба қароргоҳ бармегардем.

Абузакриё бармегардад, то аспҳоро бифармояд тавила бибанданд. Амир Исмоил ва Фазл бинни Аҳмад ба назди суфаи лаби ҳавзи масҷид мераванд.

Амир Исмоил: Шумо имрӯз бояд аз Абуабдулло бинни Абулҳафс дидан кунед. Бубинем, то эшон чӣ мефармоянд. Худсарона рафтори мо иззати нафси ишонро карехадор хоҳад кард. Уламоро боз худи шумо беҳтар медонед. Ба ишон бифаҳмонед, ки расолати мо аслан бо роҳи гуфтушунид ҳал кардани қазия аст, дар акси ҳол ишон чӣ ёрмандие ба мо расонида метавонанд. Шумо дар хусуси иддаи сарбозони мо ҳарфе намезанед. Ин чиз бояд пинҳон монад. Ба шумо роҳи сафед ва тавфиқи амал орзу мекунам. Омин. Оллоҳу Акбар.

Имом дар каноре бо шубҳаву тардид ба рафтору гуфтори меҳмонон назора мекунад. Фазл бинни Аҳмад таъзим мекунад ва чанд қадам пасон рафта, аз масҷид берун ме-

шавад ва пас аз чанд лаҳзае садои пойи аспҳо шунида мешавад. Амир Исмоил офтобаеро гирифта, аз ҳавз пури об мекунад ва ба таҳоратхона меравад. Имоми масҷид аз фурсат истифода бурда, чанд кӯрпача бо худ меорад ва болои суфа паҳн мекунад. Ва ба интизори амир Исмоил менишинад. Пас аз гузаштани чанд лаҳзаи дигар амир Исмоил аз таҳоратхона берун меояд ва ба айвони масҷид рафта, ду ракъат намоз мехонад ва баъди "салом" додан ба лаби суфа бармегардад. Имом ба пешвозаш мехезад ва ба ӯ салом медиҳад ва барои болои кӯрпача гузаштанаш таоруф мекунад. Амир Исмоил ба хоҳиши ӯ амал мекунад.

Амир Исмоил: Ман худро шинос накардам, узр. Ман Исмоил бинни Аҳмад бинни Асади Сомонӣ, бародари амири Вароруд Абунаср бинни Аҳмад ҳастам.

Имом дубора аз ҷояш мехезад ва ба амир Исмоил таъзим мекунад. Худро аз хиҷолат ноҳинҷор ҳис мекунад ва чойи гурез мекобад, вале...

Имоми масҷид: Банда, ғуломи шумо, имоми ин масҷид ҳастам. Агар дар пазироии шумо аз мо хатое гузашт, пузиш мехоҳам. Ҷаноби олӣ бандаро бубахшанд.

Амир Исмоил: Мо ҳама бандаи худованд ҳастем. Шумо беҳуда худро азият медиҳед.

Имом:Банда Иброҳим писари Муслим, аз саканаи ин қасаба ҳастам, аз муридони фақеҳи бузург Абуабдулло бинни Абиҳафси Сағир.

Амир Исмоил: Банда аз иродатмандони ишон ҳастам ва ба зиёрати ҷанобашон омадаам. Хоҳиш мекунам, ин ҷо будани ман байни худамон бимонад. Аз ташрифоти зиёд хушам намеояд. Мехоҳам ба хидмати раиси ин ҷо бирасам. Агар дар ин амр ба ман кӯмак расонед, лутфатон беандоза аст.

Имом даст ба чашм мебарад ва аз ҷояш мехезад. "Ман ҳозир меоям"-гӯён аз масҷид бадар меравад. Амир Исмоил боз танҳо мемонад. Ин бор ба чаҳор тарафи масҷид зеҳн мемонад, ба кошикориву кандакорихои масҷид ва ҳашамати сохтмони он ба диққат менигарад. Пеши назараш деворнигорахои оташкадаи Самарқанд мегузаранд. Марди пире, ки саропояш сафедпӯш аст, аз хилоли ин деворнигорахо ба пайдо меояд, ки гот мехонад. Ва лаҳзае нагузашта, чанд аъробие бо шамшерҳои охта бар ӯ ҳамла ме-

кунанд ва сарашро аз тан ҷудо мекунанд. Ҳама ҷо ранги хун мегирад забонаҳои оташи муқаддас деворнигораҳоро ба коми худ мекашанд. Ва ӯ мебинад, ки он аъробиҳо даруни хуну оташ сар аз тасвири деворнигораҳо мебуранд ва муғи мӯйсафед даруни шӯълаҳои оташ месӯзад. Муғ ба имоми ин масҷид хеле монанд аст.

Аз "ҳарорат"-и он сӯхтори маръй гӯё худаш оташ гирифтааст. Араки сарде тамоми баданашро тар мекунад. Авзояш дар ин ҳолат беморгуна, рангпарида, ба мисли муғи мӯйсафед аст. Аз ришу мӯйи хурмогунаш арақ мешорад. Гармои чиллаи тобистон ва гуруснагии рамазону машаққати роҳ бар вай таъсири муҳлик гузаштааст. Ӯ аз олам рӯъёиш ба худ меояд. Намозгузороне, ки ба масҷид омадаанд, хеле каманд. Гоҳ аз гоҳ яке-яке пайдо мешаванд. Онҳо низ ҳолате беморгуна доранд.

Ниҳоят имоми масҷид бо як марди миёнасол, вале ашрофнамое, ки аз озодагон буданаш аз либосаш ҳувайдост, пайдо мешавад. Амир Исмоил аз рӯйи одоб аз ҷояш мехезад ва чанд гоме ба истиқболашон меравад.

Имом: Ишон раиси Кармина ҳастанд.

Раис: Раиси бузург устод Абуабдулло бинни Абиҳафс аз омадани шумо маро огоҳ карда буданд, вале рӯзи омадани ишон маълум набуд. Узр мехоҳам, ки беаҳамиятӣ кардем, аз омаданашон бехабар мондем.

Раиси Кармина дар баробари беҳолативу заъфе, ки дорад, боз ҳаяҷонзада менамояд. Ҳангоми гап заданаш чунин ҳис мешавад, ки сар аз по гум кардааст.

Раис: Қабули ҳамчунин меҳмоне барои мо аз бузургтарин шараф аст.

Амир Исмоил: Мо беруни Кармина хайма задаем, то боиси ташвиши шумо ва мардуми Кармина нашавем. Ягона таманнои мо ин аст, ки чанд рӯзе, ки меҳмони ин диёр ҳастем, чорпоёни моро бо алуфа таъмин намоед. Дигар мо боиси заҳмати шумо нахоҳем шуд. Мо озукаи аҳли рикобро бо худ овардаем. Дар ин хусус беташвиш бошед.

Раис: Ман шуморо ҳамчунин раҳо намекунам. Шумо бо тамоми хайлатон меҳмони мо ҳастед ва ба худ иҷоза намедихем ва шарти ҷавонмардй хам нест, ки чун шумое беруни касаба бимонед. Ин ҳам бар мову ҳам бар шумо муруввat аст.

Амир Исмоил: Он чунонки огоҳ ҳастед, ба Бухоро ома-

дани ман расмӣ нест. Ва ман намехоҳам, ки дар ин хусус дару дарвоза шавад. Ман аз меҳрубонии шумо мамнунам, вале маъмурияти ташрифи мо ичоза намедиҳад. Аз лутфи шумо мамнунам.

Раис:Ақаллан ҳамин бегоҳ меҳмони ман шавед ва рӯзаро бо ҳам кушоем. Таманно мекунам, рад накунед. Боиси ифтихори ман аст...

Амир Исмоил: Фардо ман дар хизмати шумо ҳастам. Баъди намоз шумо маро то ба хиргаҳ ҳамроҳӣ мекунед.

Раис: Ба чашм. Вале хеле боиси таасуф аст, ки... (*хичолатзада аст, бе даст у пост, чӣ кор карданашро намедонад*). Мо шарманда ҳастем... Рафтори мо дар ҳеҷ гӯшаи ҷавонмардӣ намеғунҷад. Ман шарманда ҳастам...

Садои муаззин баланд мешавад. Одамони рӯи ҳавлӣ ба дохили масҷид медароянд. Дермондагон бо шитобу ҳарос худро то ба масҷид мекашонанд. Имоми масҷид бо ҳамсӯҳбатонаш як по- як по вориди толори масҷид мешаванд.

Мардум аллакай саф кашидаанд. Имом бо тамкин ва то андозае ифтихормандона аз пеши саф мегузарад. Амир Исмоил ва раиси Кармина дар сафи охирин ҷой мегиранд. Ҳанӯз раис хичолатзада менамояд ва аракӣ шарму ҳаё аз сару рӯяш мерезад.

Баъди ба поён расидани намоз амир Исмоил бо ҳамроҳии раиси Кармина ва имоми масҷиди ҷомеъ ба кӯча мебароянд. Аспи сафеди амир Исмоил аз танҳоиву дилтангӣ пой ба замин мекӯбад. Исмоил аз лаҷоми аспаш гирифта, бо ҳамроҳии раиси Кармина ва имоми масҷиди ҷомеъи Кармина дар кӯчаҳои хилвати дех ба сӯйи мақарри хеш меравад. Ҳаво сахт тафсон аст.

Дар ду тарафи роҳ хонаҳову кушкҳо бо боғҳои пур аз долу дарахт қад афроштаанд. Оби ҷӯйҳои ду тарафи роҳ зулолу бо садо ҷорист. Мӯйсафеде чанд пушт ба танаи дарахтони лаби ҷӯй беҳолона гузошта, дар худ фурӯ рафтаанд. Онҳо на ба ҷараёни оби ҷӯй, на ба гузашти умрашон ва на ба гузарандагони ин роҳ эътибор медиҳанд. Онҳо ба ҳама чизе, ки дар ин дунёст, беэътино шудаанд. Гоҳ аз гоҳ ба худ меоянд ва чанд харфе байни ҳам ралду бадал намуда, боз ба умқи андешаи хеш фурӯ мераванд. Амир Исмоил бо ҳамроҳонаш хини аз миёни онҳо гузаштан салом медиҳад, вале бе ҷавоб мемонад, гӯё саломашро нашунида бошанд. Гӯё чизеро нашунидаанд. Исмоил ин

вазъи аҳволи онҳоро хеле хуб дарк мекунад.

Дар охири кӯча амир Исмоил бо ҳамроҳонаш хайру хуш мекунад ва ба аспаш савор мешавад. Раис ва имом пас аз он, ки ӯ дар хами кӯча нопадид мешавад, аз роҳи рафтаашон бармегарданд. Онҳо сӯҳбаткунону ҷадалкунон ба сад гумону тахмин омадани амир Исмоилро ҳадас мезананд.

Беруни Кармина

Рӯзи нӯҳуми рамазон дар маҳалли поён ёфтан аст. Сарбозон ҳар кадоме бо коре машғул аст. Амир Исмоил дар рӯйи харсанги сохили рӯд, нишастаст ва нигоҳаш ба ҷараёни об роҳ бастааст. Ӯ андешанок аст. Дар ҳамин вақт Фазл бинни Ахмади Марвазӣ ва Закриё аз Бухоро бармегарданд. Исмоил ба назди эшон меравад. Онҳо ба дохили хаймаи амир Исмоил медароянд.

Амир Исмоил: Хӯш, чӣ хабар? Абулҳафси Сағир чӣ пешниҳод мекунад.

Фазл: Узр мехоҳад, ки наметавонад ба хизмати шумо биёяд.

Амир Исмоил: Наметавонад ва ё намехоҳад?!

Фазл: Вазъият дар Бухоро чунон аст, ки гумон мекунам, наметавонад.

Амир Исмоил: Вазъият дар Бухоро чӣ тавр аст?

Фазл: Хеле муташаннич. Хабари ба Бухоро омадани амирам аҳли Бухороро ба фиркахо чудо кардааст.

Амир Исмоил: Онҳо чӣ мехоҳанд?

Фазл: Он чунон ки факехи бузурги Бухоро шарҳ дод, онҳо дахолати бегонагонро ба умури давлатии худ намехоҳанд. Амир ва сипоҳиёнаш аз омадани амирам бадгумон шудаанд.

Амир Исмоил: Пас факехи бузург ва тарафдоронаш чӣ мехоҳанд?

Фазл: Онҳо ба фазилат ва ҳусни тадбири ҷаноби олӣ умедворанд, ки масъала бо роҳи гуфтушунид ҳал шавад.

Амир Исмоил: Дигар чора хам надорем. Худо кунад, ки онҳо аз тӗъдоди лашкари мо огоҳ нашаванд. Дар акси ҳол тамоми ниятҳои мо беҳуда аст. Ба ҷуз шармандавор ҷонибӣ Самарқанд гурехтан дигар чорае нест.

Фазл: Ҳама дар Бухоро аз маҳорати лашкаркашии шумо

1913 1911

ва тадбири сахнасозй ва ғалабахои шумо сухан мегўянд. Аллакай ин авсоф онхоро дар сахнасозй дар баробари шумо дилсарду ноумед гардондааст.

Амир Исмоил чанд лахзае хомўш мемонад. Ва ба суръат аз хайма берун меравад. Фазл ва Закриё аз пасаш ба берун медаванд. Амир Исмоил савори аспи сафед ба сўи хуршеди ғуруб метозад ва аз назархо ғоиб мешавад. Дар он чое, ки амир Исмоил нопадид мешавад, аробахои алаф пайдо мегарданд. Дигар хиргах ба чунбиш афтодааст. Матбахихо ба пухту паз машғуланд. Чанд сарбоз ба холй кардани алафи аробахо гумошта мешаванд. Дар айни ин долу зарб амир Исмоил меояд пиёда, аз пештар хастатар, андўхгину андешаманд. Аспашро дар тавила мебандад ва як по-як по ба сўйи хаймааш меравад. Фазл бинни Ахмади Марвазй бо ташвиш аз пешаш мебарояд.

Амир Исмоил: Басо рўзи дарозу дилгир шуд. Хастаам, чунон хастагие, ки...

Фазл: Шохам даме истироҳат кунанд.

Амир Исмоил: Ё Абулфазл, ку фурсате? Агар чунин фурсате хам бошад, мо онро надорем. Чорае бояд чуст. Чорае, ки хам лаъл ба даст ояд хам ёр наранчад.

Аз сўйи Кармина садои азони намози шом меояд. Офтоб дар паси сахрохои Бухоро фурў рафта буд ва уфук ба ранги лолаи тоза менамуд. Амир Исмоил ба хаймаи худ медарояд. Фазл аз паи кори худ меравад. Сарбозон барои ичрои намоз саф мекашанд. Хама интизори амир Исмоиланд, то ба мисли хамеша имоматй кунад. Вале ў аз хаймааш берун намеояд. Фазл пас аз диранге ба пешнамоз мегузарад.

Баъди намоз, хангоме ки Фазл ба хаймаи амир Исмоил медарояд, ў ханўз сари чойи намоз аст. Бо даромадани Фазл ў "салом" дода, мехезад.

Амир Исмоил: Абузакриё Яхё кучост?

Фазл: Ишон холо меоянд.

Ғуломони турк хўроки шомро меоранд. Дере нагузашта, Абузакриё Яхё низ меояд.

Яхё: Дар хакикат рўз хеле дарозу дилгир буд.

Амир Исмоил: Акнун кўтох мешавад. Бифармоед, мехрубон бошед (*Пас аз чанд луқма хўрдан*). Фардо, субхи барвакт шумо хамчун расули мо ба назди Хусайн бинни Мухаммади Хаворичй меравед. Ба ў бо мулоимат мефахмонед, ки касди мо чангу харобй нест. Мо мехохем кишвари

Бухоро ва мардуми он орому осуда ба сар баранд ва кишвари хешро ободу ганӣ гардонанд. Ин қазияро ҳам фаромӯш накунед, ба таъкид иброз намоед, ки ҳусни тавақчӯхи хулафои Бағдод бо мост. Ва маҳз мо зомини амну амонати Вароруд ҳастем. Ҳар ки замимаи давлати амир Наср бинни Аҳмад бинни Асади Сомонӣ ҳаст, ӯ аз тақовузу ғорату куштору сӯхтор эмин аст. Ба ӯ мефаҳмонед, ки бояд аморати моро бипазирад ва мо ӯро фаромӯш нахоҳем кард. Агар барои ин амр баҳонаи сарпечӣ пеш меорад, шумо пеш аз ҳама ҳаводиси моҳи рабеъ-ул-охирро, яъне тохтутози Ҳусайн бинни Тоҳири Тойиро ба ёдаш оваред. Бо ин агар қонеъ нашуд, аз ҳарбҳои Яъқуби Лайси Саффорӣ ва ҷангҳои ӯ дар Кирмону Форс ва қисмате аз Хуросон барояш ҳикоят намоед ва дар охир таъкид кунед, ки мо, яъне Сомониён, дигар намегузорем ҳеҷ касе ба мулки Вароруд ҳуҷум оварад ва ин вилоятро хароб гардонад. Сомониён дорои ин қудрат ҳастанд ва ҳар лаҳза омодаанд. Вале боз таъкид мекунам, мо қасди ҷанг надорем, харобии Бухороро намехоҳем, агар лозим бошад, ба касе дигар иҷозаи онро намедиҳем, ки... Ё Абуфазл, боз сухан аз худи шумо намемонад. Ман ба дониш ва салоҳияти шумо умедворам. Дигар ҳар чӣ пеш ояд, худо доност.

Шумо Абузакриё бародари азизам, сад нафар сарбозро саропо мусаллаҳ мекунед ва дар рикоби расули мо мераведед. Ин сад нафар бояд шукӯҳи лашкари сомониёнро нишон диҳад. Ҳеҷ ибтикоре аз худ нишон намедиҳед. Шумо дар тамоми корҳо аз Абулфазл бинни Аҳмади Марвазӣ дастур мегиред. Ин кор густохӣ ва худсариро намепарварад. Шумо чунон рафтор мекунед, ки дар акибгоҳатон на чорсад нафар, балки чилҳазора лашкар истодааст.

Яҳё: Мардуми Бухоро силаҳшӯранд. Агар тарафдорони Ҳусайн бинни Муҳаммади Хаворочӣ дар шаҳр бетартибӣ ба рох андозанд ва ё бишӯранд, чӣ бояд кунем?

Амир Исмоил: Аз худованд умедворем, ки ин кор наменшавад ва худо накунад, ки рух дод, ҳеч ибтикоре аз худ нишон намедиҳед, то дастур ёбед. Шумо метавонед аз расули мо ва ё худи Абулҳафси Сағир дастур бигиред. Тарафдорони мо дар Бухоро ба маротиб зиёданд.

Дигар ин, ки аз номаи Абулҳафси Сағир ёд намекунед. Моро вазъияти ҷорӣ ба Бухоро овардааст. Дар акси ҳол бар зидди хавохоҳони мо ошӯбҳо ба рох хоҳанд андохт ва ё ишон игво хоҳанд кард. Дар ин масъала, умедворам, эҳти-

ёт мекунед. Барои ҳеҷ гуна иғво баҳонае намедиҳед. (*Ҳуд ба ҳуд*). Дар масири таърих хуни ин мардум ба ноҳақ басо рехтааст. Гӯё мо, фақат мо, қурбонии таърих будаем. Дигар бас аст. Ман омадаам, ки онро қатъ кунам. Дигар ман амини шумо ҳастам. Мо бояд қасоси худро аз дигарон бигирем...

Ҳолати Амир Исмоил билкул тағйир меёбад. Таб мекунад. Ранги рӯяш мепарад. Гӯё ҳазён мегӯяд.

Яҳё: Амирам хаста шудаанд. Лаҳзае роҳат кунед, то хастагиятон рафъ шавад.

Нигоҳи чашмони аз беморӣ барҷастаи амир Исмоил ба кунче рах мебанданд. Гӯё ӯ фаросӯи ин хаймаро, балки фаросӯйи таърихро ба мушоҳида гирифтааст. Ҳеҷ харфе, ҳеҷ насиҳатеро намешунавад, ба гӯшаш ҷуз хаю хуйи чангҳову сӯхторҳо чизи дигаре садо намедиҳад.

Ӯ ташнаву хаста аз миёни мурдаҳо мегузарад. Мурдаҳо аз қабрҳо хеста, домони ӯро мекашанд. Вале ӯ бо ҳамон суръат бо шамшери охта пеш меравад ва ҳар лаҳза ба такрор мегӯяд: "Ман омадам, ки шуморо наҷот диҳам! Ман омадам, ки дардҳои шуморо таскин диҳам. Ман омадам, ки ниёзҳои шуморо бароварда созам. Он **Бахроми Варҷованд** манам!..."

Ва аз даруни қабрҳо, аз дуриҳои дур, аз паҳноҳо, аз осмонҳо овози ҳамхонӣ меояд. Гӯё ин суруд ҳамчун шодбошии ӯ садо медиҳад:

"Кай бувод ке ояд пайке аз Хиндугон,
Ки мад он Шаҳвахром аз дудаи Каён.
Ки пеҳ аст ҳазор, абар сарон аст пилбон,
Ки ороста: драфш доред, рад евен, ки хусравон".*

Ва аз ҳар ҷониб он марди савори чангиро бо шамшери барахна, дурахшон дар нури хуршед, савори аспу пил, даванда ба майдон, таъқибкунанда чашмони хунгунро мебинад. Дар ҳамаи онҳо ӯ худашро мешиносад. Ва бо шо-

---

*Тарҷума:

"Кай бувад, ки ояд
Пайке аз Хиндустон.
Ки омад он шаҳ Бахром,
Аз дудаи Каён.
Ки пил аст ҳазор,
Бар сар аст пилбон.
Ки ороста дирафш дорад,
Ба айёни хусравон"

фу шодӣ фарёд мезанад: ***“Ман омадаам!, Ман меоям!”***

Ғуломон бо тарсу ҳарос дастурхонро мечинанд ва рахти хоби амир Исмоилро омода месозанд. Ӯ ҳанӯз бе хушу ёд аст. Фазл бинни Аҳмад ва Абузакриё Яҳё ӯро бо эҳтиёт бардошта, ба рӯйи рахти хобаш мегузоранд. Ӯ бедор намешавад. Абузакриё бо ишораи “ман мемонам” бо Фазл хушбошӣ мекунад. Фазл аз хайма баромада меравад.

Шаб ба мисли гӯр торик, вале осмон пур аз ситора аст. Моҳи Нав аз хилоли ситорагон мегузарад. Сарбозон ҷо-ҷо гулхан афрӯхта, гирди он нишаста, дар хусуси ким-чиҳое бо ҳам сӯҳбат доранд. Фақат хаймаи амир Исмоил рӯшан аст. Посбонон дар гирду атрофи хиргаҳ бедоранд.

Амир Исмоил дигар ором гирифтааст ва ором-ором нафас мекашад. Ӯ масти хоб аст. Абузакриё Яҳё болои сараш пинак меравад, вале ҷуръати ба хаймаи худ рафтан намекунад. Ӯ аввалин бор аст, ки бародарашро дар чунин ҳол мебинад. Ва беихтиёр ашк аз чашмонаш ҷорӣ мешавад. Ӯ амир Исмоилро дӯст медорад.

Хиргаҳ

Расулони амир Исмоил аз Бухоро бармегарданд. Амир Исмоил ҳанӯз аз сари намози аср барнахестааст. Бо омадани расул тозон ба берун мебарояд ва чанд гоме ба истиқболи эшон меравад.

Амир Исмоил: Зуд гом занед. Чӣ хабар?

Фазл ва Закриё аз дур аз аспҳо пиёда мешаванд.

Фазл: Хайр аст.

Амир Исмоил (*хушҳолона*): Ман ин ҷо аз дилтангӣ қариб гуссамарг мешудам.

Фазл: Корҳо, он чунон ки амирам мехостанд, бояд натича диҳанд. Барои машварат мӯҳлат гирифтанд. Имрӯз тадбир мекунанд, фардо ба мо ҷавоб медиҳанд, ки ба чӣ натича расидаанд.

Амир Исмоил: Пас, ҳанӯз маълум нест, ки чӣ мехоҳанд.

Фазл: Аз рафти сӯҳбат ва моҳияти суолоташон чунин бармеомад, ки ба ҷуз таслими қудрат ба ҷаноби олӣ дигар илоҷе надоранд. Вале ба кадом рох, ҳанӯз на ба худашон ва на ба мо маълум нест.

Амир Исмоил: Албатта онҳо аз ин ҳарос доранд, ки баъди тафвизи қудрат чӣ балое ба сарашон хоҳад омад. Онҳо,

албатта, аз мо замонати ҷону молашонро дархост хоҳанд намуд. Агар кор ҷунин сурат гирад, ба онҳо бифаҳмонед, ки дар сурате ба онҳо замонати ҷону мол медиҳем, ки ба мо байъат кунанд. Ҳусайн бинни Муҳаммадро халифаи худ мегардонем ва хилъатҳо мебахшем. Дар акси ҳол, ҳар чӣ зудтар бо Абуабдулло бинни Абулҳафси Бухорой машварат мекунед ва ё ба ҳамон зудӣ бу ҳузури ман ҳозир мешаведед. Он гоҳ якҷоя тадбир мекунем. Агар шароит мувофиқ афтад, кудато мекунед, саронии давлату лашкари амирро бо ҳабс мегиред. Ин кор бояд банохостӣ, сареъан сурат бандад. Дар ҳоли таъхир шикаст ногузир аст. Абуабдулло бинни Абилҳафс ба чӣ кор машғул аст?

Фазл: Ӯ ҳам дар гуфту шунид ширкат дорад, вале фақат аз ҷониби аҳли Бухоро.

Амир Исмоил: Андешааш дар хусуси гуфтушунид чист?

Фазл: Алҳол ӯ аз рафти музокирот розиву қаноатманд аст. Ҳарчанд ба сухан ибрози ақида накардааст, аз ҳолати рӯҳияш ҳувайдост.

Амир Исмоил: Муносибати аҳли Бухоро чӣ гуна аст?

Фазл: Имрӯз маълум набуд. Шаҳр дар ҳоли муқарари худ қарор дошт.

Беруни Кармина

Фазл бинни Аҳмад ва Абузакриё ба хиргаҳ бармегарданд, вале амир Исмоил нест. Яҳё ҳочибро фаро мехонад.

Яҳё: Амир кучостанд?

Ҳочиб: Як замоне ҷониби рӯд мерафтанд. Аз он гоҳ дигар ишонро надидаам.

Абузакриё ва Фазл ба сохили рӯд мераванд. Амир Исмоил болои маргзоре дароз кашидааст ва ба уфуқҳои дур менигарад. Аз омадани расул ва бародараш мехезад.

Фазл: Шукри худо, ҳама корҳо табъи дили амирам шуд.

Яҳьё: Аввал сарбозони амир шӯриданд ва хостанд дар шаҳр ягво барангезанд. Вале зуд ором карда шуданд.

Фазл: Имрӯз номи Яъқуби Лайс аз хутбаи намоз партофта хоҳад шуд. Дигар ба номи амир Наср садо хоҳад дод.

Ҳусайн бинни Муҳаммади Хаворичӣ ба халифаи амирам шудан розӣ шуд. Фардо аҳли Бухоро ба амирам байъат меоранд.

Амир Исмоил: Хилъати моро ба ӯ бипӯшонед ва алами моро бо ӯ дар шаҳр бигардонед.

Фазл: Фардо, баъди ин маросим, раиси Бухоро, яъне Абилҳафси Сағир бо бузургони Бухоро ба зиёрати ҷаноби олӣ меоянд.

Амир Исмоил: Э дареғ... Номи калону шаҳри вайрон. Мо ҳашаме надорем, ки лоиқи ному мартабаамон бошад. Э дареғ...

Фазл: Амирам худ ҷои ҳама ҳашами дарборро мегиранд. Дил танг мадоред. Шодӣ бояд кард.

Яхё:Афсӯс, моҳи рамазон асту...

Амир Исмоил: Ба Самарқанд пайк фиристед дили амири саросари Варорудро шод гардонед...

Соҳили Рӯди Кармина

Амир Исмоил, Фазл ва Яҳё ба сӯйи қароргоҳи хеш бармегарданд. Ҳочиб давон-давон ба истиқболашон меояд. Бо ҳаячону нафасзанон фикрашро ба зӯр ифода менамояд.

Ҳочиб: Ҳоло қосиде аз ҷониби Абилҳафси Сағир омада аст.Мегӯяд, ки фақеҳи бузург бо тамоми бузургони Бухоро мерасанд.

Амир Исмоил: *(бо асабоният)* Чӣ шармандагӣ! Амир Исмоил бо тамоми бузургони давлати Сомониён ба Бухоро ворид мешавад. Э хок бар сарам. Ҳатто мо дар баробари ҳашами як фақеҳи бухорӣ ночизу ҳақир менамоем. Чӣ расад ба шаҳри Бухоро!..

Яхё:Амирам, дигар дилтангӣ суде надорад.

Амир Исмоил: (*каме ором шуда*) Оре, дигар намешавад ин сари расвоиро бигрифту гурехт.

Фазл:Фурсат меравад. Бояд тадоруки сафарро дид.

Амир Исмоил: Оре, се нафар ҳашами бузург аст ва омодаги гирифтанаш ҳам ба ҳамон андозаи бузургиш мураккаб аст!

Фазл: Пас бояд чорае ҷуст.

Яхё: Оё метавонем чанд нафареро аз афсарони гурӯҳ дар либоси бузургони Самарқанду Усрушана, Фарғонаву Чоч биороем?

Амир Исмоил: Фақат ҳамин расвой намерасид.

Фазл: Агар худо хоҳад мушкиле нест, ки осон нашавад. То ба ҳол корҳо бо амри худо хеле хуб анҷом гирифт, умед аст, ки баъдаш ҳам худованд шарманда намесозад.

Амир Исмоил: Ё Абулфазл, он чунон ҳарф мезанӣ, ки гӯё аз нияти худованд огоҳ бошӣ.

Фазл: Банда чӣ қудрате дорад, ки ба тасарруфоти худованд даст ёбад. Банда фақат ба умед аст, ки худованд шармандаву расвош нагардонад.

Яҳё:Аз ин ҳолатҳо ба амирам бисёр рух дода буд, вале ишонро ҳеҷ гоҳ дилтанг надида будам.

Амир Исмоил: Дуруст аст. Он вақт амири шумо фақат як шоҳзода буду баст. Дигар ин, ки ин ҷо Бухорост на Чочу Исфичоб! Аҳли ин шаҳр ҳама бузургони Вароруданд. Ин шаҳр масъулияти дигар дорад, бобо! Ин ҷо Бухорост!

Яҳё: (*бо шухӣ*) Мо ҳам шоҳзодагони ин диёр.

Ҳар сеяшон баробар механданд. Сарбозон кайҳо чодарҳоро кандаву, чизу чораи сафаршонро барои ҳаракат кардан омода сохтаанд. Аз дур бузургони Бухоро намоён мешаванд. Амир Исмоил бетоқат мешавад ва бо изтиробу ҳаячон ҳашму хиҷолат пасу пеш қадам мезанад. Ба касеву чизе эътибор намедиҳад. Дигар ӯ дар худ фурӯ рафтааст ва бо худ меандешад. Магар Наср ба қасд ин корро кард, то маро бикушанад? Обрӯи маро бирезад?! Манро аз ҳеш дур кардан хост? Худоё, ман чаро бадгумон шудаам? Худоё, худовандо, шармандаи ду ҷаҳон нагардонӣ...

Рикоби Абилҳафс

Понздаҳ-бист нафар мардони синну соли гуногун болои аспҳои серу маст бо либосҳои ороставу озода аз Кармина берун мешаванд. Пешопеши онҳо марде дар либоси сафед, рӯйу мӯйи сафед, ки ба якин худи Абилҳафс аст, ин ҳайл меояд. Ӯ каме таки аспашро суст карда, фурсат медиҳад, ки ҳамроҳонаш бо ӯ баробар шаванд.

Абилҳафс: Ин хоналон аз бузургони хеле калими Вароруд, ҳатто агар Хуросон гӯям, хато нест, ба шумор мераванд. Онҳо мардуми ботавозуъ, диндор, донишманд ҳастанд. Хоҳиш мекунам дар ҳузури эшон одоби бузургонро риоя намоед. Дигар аз шарофати ишон он аст, ки бо ба сари кор омадани ин хоналон Вароруд аз тохтутози куффори турк, куштору сӯхтор, дуздиву горати онҳо масун

монд. Ин хонадон дар андак замоне дар заминҳои таҳти тасаллуташон ба пешрафтҳои чашмгире ноил гардиданд. Силаҳшӯранд.

Дехқони 1: Бино бар шуниди ман, амир Исмоил ҳанӯз ҷавон аст.

Абилҳафс: Бале. Хеле ҷавон, вале ботадбиру дониш, худотарсу боодоб.

Дехқони 2: Васфи ишонро дар ҷангҳо бо куффори турк бисёр кардаанд, ки далеру нотарс саҳнасозу ҷабҳашикан.

Абилҳафс: Агар васфи ишонро кунем, рӯз ба поён мерасаду ба огоз намерасем. Сифати ӯ бе мухобот аст.

Онҳо бо наздик шудан ба қароргоҳи Амир Исмоил аз аспҳо пиёда мешаванд. Амир Исмоил бо Фазлу Яхё ва чанд нафар афсар ба пешвози онҳо мераванд.

Абилҳафс: Бухоро пешкаш.

Амир Исмоил Абилҳафсро оғӯш мегирад ва бо бақияи аҳли рикоби ӯ дастфишорӣ мекунад.

Абилҳафс: Умедворам, ки ин чанд рӯз ҳеҷ чизе боиси норохатии амирам нашудааст. Ба фазлу марҳамати худо корҳо ҳамааш хуб анҷом ёфт.

Амир Исмоил: Лутфу марҳамати устод бузург аст.

Абилҳафс: Ғулув мекунанд, амирам.

Амир Исмоил: Ҳоли мо ҷои ғулуве надорад. Муваффақияти мо натиҷаи фазлу камоли устод буд.

Абилҳафс: Бузургию тадбири амирам бо як шаҳр рақобат мекунад. Ман хеле сарфарозам, ки амири Вароруд шуморо ба намояндагии хеш фиристодаанд. Дар ҳақиқат ин боиси ифтихори мост. Ҳарчанд мо дар Бухоро ҳастем, вале аз далерию кишваркушоии амирам ва ғазавоти ишон огоҳем. Бори дигар мегӯям: Бухоро пешкаш. Иншооллоҳ Бухоро дар шахсияти шумо ба мустаҳкамтарин қалъа табдил меёбад.

Амир Исмоил: Дар сояи фазлу баракати шумо.

Абилҳафс: Агар амирам омода бошанд, ба роҳ меафтем. Бухоро интизори амири хеш аст...

БУХОРО

Сипоҳиёни сарвари амири Сомонӣ аз ду тарафи роҳ саф

кашидаанд ва дар миёни ишон амир Исмоил бо аҳли рикобаш. Пешопеши рикоб амир Исмоил ва Абилҳафс, Фазли Марвазӣ пахлӯи хам ва дигар бузургони Бухоро аз паси эшон ба дарвозаи рабази шаҳр мерасанд. Мардуми шаҳр, хурду калон, зану мард бар бомҳо баромадаанд ва амирро бо карнаю сурнай, нисор кардани симу зар пешвоз мегиранд.

Абилҳафс: Ин мавзеъ, ки имрӯз Бухоро аст, обгире будааст ва баъзе ҷойҳояш найистон ва дарахзору марғзор. Ва мардумон аз ҳар ҷониб ба ин ҷо омаданд ва шаҳрро бино гузоштанд. Қиссаи шоҳонаш хеле ачибу тӯлонӣ аст ва дар мавридаш амирам аз он огоҳ хоҳанд шуд. Дар хусуси номи Бухоро ривоятҳо бисёранд. Яке Нимичкат. Албатта ин талаффузи аъроб аст. Ва аз номи рӯд гирифта шудааст. Дар порсӣ онро Номиккат мегӯянд. Ва дар ҷои дигар Бумискат гуфтаанд, шояд шакли вайроншудаи Нимичкат бошад. Ва дар байни аъроб бо номҳои Мадинат-ус-сафария, яъне шористони рӯин ва Мадинат-ут-туччор-шаҳри бозаргонон.

Амир Исмоил: Аъроб расме доштанд, ки номи вилоятро бо номи шаҳри марказии он вилоят яке мекарданд. Ончунон, ки Суғдро. Боид номи дурусти шаҳр Номиккат бошад.

Абилҳафс: Шояд. Вале имрӯз номи Бухоро маъруфтар аст. Дар Хуросон ҳеҷ шаҳре ба ин зиёдатии ном нест. Хатто дар ҳадисе номи Бухоро Фохира омадааст.

Аз Салмони Форсӣ разиаллоҳу анҳу, ҳадисе ривоят мекунанд, ки гуфт: Расул, салиаллоҳу алайҳи васаллам, фармуд, ки: Ҷабраил, салавотуллоҳ алайҳа, гуфт: Ба замини машриқ букъаест, ки онро Хуросон гӯянд. Се шаҳр аз Хуросон рӯзи қиёмат ороста биёранд ба ёкути сурху марҷон ва нуре аз ишон мебарорад ва гирд бар гирди ин шаҳрҳо фариштагони бисёр бошанд: тасбеҳу таҳмиду такбир меоранд. Ин шаҳрҳоро ба арасот оранд ба иззу ноз чун арӯсе, ки ба хонаи шӯяш баранд. Ва ҳар шаҳреро аз ин шаҳрҳо ҳафтод ҳазор алам бувад ва дар зери ҳар аламе ҳафтод ҳазор шаҳид бувад ва ба шафоати ҳар шаҳиде ҳафтод ҳазор муваҳҳиди порсигӯй начот ёбанд. Ва ба ҳар тарафе аз ин шаҳрҳо аз росту аз чап, аз пешу пас дахрӯза рох бувад, ки ҳама шаҳид бошанд.

Амир Исмоил: Оре, дар ин сарзамин басо хунҳо рехтааст. Аз турку тозӣ басо чафохо дидааст. борҳо хароб шу-

дааст, мардумаш кушта шудааст, ба бардагӣ бурда шудааст...

Абилҳафс: (*нашунида мегирад ва ба суханаш идома медиҳад*). Ҳазрати расул, салиаллоҳи алайҳи васаллам, гуфт: "Ё Ҷабраил номи ин шаҳрҳо бигӯй". Ҷабраил алайҳиалом гуфт: Номи яке аз ин шаҳрҳоро ба тозӣ Қосимия хонад ва ба порсӣ Бешгард ва дуввумро ба тозӣ Самарон хонанд ва ба порсӣ Самарқанд ва саввумро ба тозӣ Фохира хонанд ва ба порсӣ Бухоро. Расул, салиоллоҳу алайҳи васаллам, гуфт: Ё Ҷабраил чаро Фохира хонанд? Гуфт: Аз баҳри он, ки Бухоро рӯзи киёмат бар ҳама шаҳрҳо фахр кунад ба бисёрии шаҳид. Расул, салиоллоҳу алайҳи васаллам, фармуд: Аллоҳум борик фи фохирата ва таҳра қулубуҳум бил тақво. Ва заки аъмолаҳум ва ачъалҳум рачҳуман фӣ уммати. Ва аз баҳри ин маънӣ аст, ки бар раҳмдилии бухориён аз машрик то магриб гувоҳӣ медиҳанд ва ба эътиқоду покии ишон...

Амир Исмоил: Оре, ин аз бузургтарин нукси мардуми мост.

Абилҳафс бо тааччуб ба амир Исмоил менигарад ва амир ба сӯяш лабханд мезанад.

Амир Исмоил: Дуруст, хеле боиси тааччуб аст. Шумо ҳак доред тааччуб кунед, устод. Раҳмдилӣ барои мо беморӣ шудааст. Ва ҳар ки бар мо зулм мекунаду ҷабр, ӯро мепарастем ва аъмолашро тибқи фармудаи худованд тафсир медиҳем. Магар ҳамин хислати мо набуд, ки аз бузургтарин ва муназзаҳтарин дини ниёгонамон ба хурофот табдил ёфт ва мо тачзия шудем. Чаро бадавиҳои сахрогард бар мо галаба карданд? Як дастаи сарупо бараҳнаи гурусна! Магар на бо айби худи мо? Мо шаҳид шуданро аз мубориза бурдан авло медонем. Монӣ ҳам, ки бо дини худ омад, ӯро аз рӯйи раҳмдилӣ пазируфтем. Будло ҳам, ки омад, инчунин. Андешаи мо парешон шуд. Монӣ ба мо гуфт, ки ту натичаи гуноҳӣ. Будло ба сӯйи горҳо хидоятамон кард. Ҳар кас ба ҳар тараф пароканда шуд. Ҳатто бемориямон ба ҳалде хуруч кардаву бар вуҷудамон мусаллат шудааст, ки дигар наметавонем аз рӯйи ақли солим мулоҳиза кунем, бияндешем, интихоб кунем. Чаро мо наметавонем аз мавлоҳои худ хӯйи чиҳоду газоро бипазирем? Мо ҳамеша аз раҳмдилӣ гузашт мекунем. Ин боис шудааст, ки наметавонем аз ҳар чизе аслашро бипазирем. Шумо гумон намекунед, ки ин хӯ боиси завол мешавад?

Заволи ҳама чиз: дину имону андеша! Мефаҳмам, агар бар ҳасми хеш фоиқ ойӣ ва бар андешаву имонаш тасаллут куниӣ ва баъд гузашт намой, гузашт маънӣ пайдо мекунад. Дар акси ҳол бемаънист. Ин чиз бединӣ ва беимонӣ талаққӣ мешавад. Чаро мо наметавонем бигӯем: Эй мардум роҳе, ки шумо меравед ба сӯйи бединӣ аст? Чаро? Не, баръакс кӯшиш мекунем бо ҳар василае ин рафторро ҳақ ҷилва диҳем... Мо ҳеҷ гоҳ аз ҳақ ҷонибдорӣ накарда будаем.(*Ле хомӯши мераванд*). Ман аз густохии худ пӯзиш мехоҳам, устод. Дар ин масъала намешавад бе дард сухан кард. Ин маънии онро надорад, ки кас куфр мегӯяд. Аз имони ман комилтар имон нест. Вале масъала сари куфру дини ман ҳам нест. Ин ҷо бояд дар ҷигари мардум андешаеро парваронид, ки аз имонаш, аз динаш, аз кишвараш, аз қавмаш, аз гузаштаҳояш фахр кунад. Вагарна мазҳаби ҳар зӯреро қабул хоҳад кард. Он гоҳ дар ин марзу бум ҳеҷ дине пойдор нахоҳад монд.

Онҳо ба дарвозаи шарқии рабази Бухоро мерасанд. Халифаи навтаъиншудаи амир бо атрофиёнаш онҳоро дар даромадгоҳи ҳисори шаҳр пешвоз мегирад.

Абилҳафс: Халифаи Шумо Ҳусайн бинни Муҳаммад ал-Хаворичӣ.

Амир Исмоил бо ишорати даст корвони хешро нигоҳ медорад ва аз аспаш пиёда мешавад. Ҳусайн бинни Муҳаммад ба сӯйи амир мешитобад ва дасти ӯро мебӯсад.

Хаворичӣ: Бухоро пешкаш, амирам.

Мардуми шаҳр дар либосҳои идона болои бомҳо баромадаанд ва бар сари амир Исмоил симу зар нисор мекунанд. Дигар дар катори равандагон Ҳусайни Хаворичӣ чои Фазлро гирифтааст. Амир Исмоил бо сари бардошта то расидан ба манзил хомӯш мемонад, вале дили пур аз андеша дорад. Андеша аз гуфтори хеш. Абилҳафс низ ором аст. Аз вачоҳаташ намешавад чизеро фаҳмид: ба гуфтаҳои амир Исмоил ҳамсадост ва ё онро намепазирад? Амир Исмоил худ ба худ меандешад: "Намебоист назди ӯ дарди дил кардан! Ӯ сахт арабзада аст."

Вакте ки онҳо аз дарвозаи шарқӣ ворид бинои арк мешаванд, манзараи ачибе намудор мешавад. Аз ин дарвоза то дарвозаи ғарбӣ кӯчаи росте кашидаанд ва дар ду тарафи он сарбозон бо либосҳои ороста дар фосилаи ду-се метри байни якдигар саф кашидаанд. Сарбозони амир Исмо-

ил аз ду тараф саросари кӯча саф мекашанд, ба назар чунин мерасад, ки гӯё ин манзара аз рӯйи нақшаи пештар тахияшуда тадорук ёфтааст.

Ҳангоми ба назди кохи подшоҳӣ расидан амир Исмоил ва дигарон аз аспҳо пиёда шуданд, аз гӯшаву канорахои шаҳр садои ғавғо баланд шуд. Амир Исмоил пешопеш ва дигарон аз дунболи ӯ вориди кохи шоҳӣ шуданд.

Амир Исмоил: Ин чӣ ғавғо буд?

Абилҳафс ба Ҳусайни Хаворичӣ менигарад ва ӯ китф дарҳам мекашад. Дар ҳамин вақт марде дар либоси ашрофӣ ба назди Абилҳафс меояд ва дар гӯши ӯ бо овози паст чизе мегӯяд. Баъд аз рафтани ӯ Абилҳафс ба тарафи амир Исмоил чанд қадам зада мегӯяд.

Абилҳафс: Хаворичиёни шаҳр ғавғо барангехтаанд.

Амир Исмоил: (*Ба сӯйи Ҳусайни Хаворичӣ нигариста*). Иллати ин ғавғо чист?

Абилҳафс: Исён, нофармонӣ.

Хаворичӣ: Устод!? (*дигар хомӯши мемонад*).

Амир Исмоил: (*Ба тарафи Абузакриё Яҳё*). Шуртаи шаҳр ва сипохсолорро халъи силоҳ кунед.

Хаворичӣ: Амирам?!

Амир Исмоил: Баргаштан аз раъйи хеш сирати подшоҳон нест, вале шумо маро ба ин ночавонмардӣ водор сохтед! Халифаро низ бигиред ва ишонро ба зиндон баред.

Дар миёни ашроф ва деҳқонон ташвише ба вуҷуд меояд. Фақат амир Исмоил ором аст. Чанд сарбоз Ҳусайни Хаворичӣ, шуртаи шаҳр ва сипоҳсолорро даст мебанданд.

Амир Исмоил: Ором шавед, ҷанобон. Мо ҳанӯз иқдоме накарда... исён?! Маро намехоҳанд?! Модом, ки чунин аст. (*Ба сӯйи Абулҳафс менигарад*). Чаро боист моро оваридан?! Ин иҳонат аст!

Абилҳафс: Амирам... Онҳо як иддаи калиланд...

Ва ашрофзодагони хаворичӣ, ки бештар аз аҳли Бухоро ва мардуми асланд, бо ташвиш ба сӯйи Абилҳафс ҳайратзада менигаранд. Онҳо аз рафтори амир ва Абилҳафс норозиянд.

Амир Исмоил: Устод!...(*Ба сӯйи бародараш*) Ҳар кӣ розӣ нест, исён мекунад, бозхоред. Мо кафолоти амнияти ин шаҳрро ба гардан гирифтаем. Пас намегузорем касе заррае бар он халал расонад. Ба мардуми Бухоро ҳадафи моро бифаҳмонед. Осуда кору зиндагӣ кунанд. Дигар мо наме-

гузорем касе моли ишонро дуздад, хонаҳояшонро оташ занад ва худашонро ба бардагӣ барад. Дини мо, сиёсати мо дод аст!

Абилҳафс ба ҳочиби кох ишорат мекунад, ӯ аз толор баромада меравад ва баъди чанд сония хилъати шоҳонаро бузургони Бухоро меоранд. Абилҳафс хилъатро ба китфони амир Исмоил ҳамоил мекунад ва аз дасташ гирифта, ба сӯйи тахт меборад.

Абилҳафс: Бифармоед, амирам.

Амир Исмоил бар тахт мешинад. Дехкони дигаре точи мурассеъ бар чавохиротро ба дасти Абилҳафс медиҳад ва ӯ точро бар сари шоҳ мегузорад.

Абилҳафс: Муборак бошад!

Он гоҳ амир Исмоил ба бузургони Бухоро изни нишастан медиҳад. Ва Абилҳафсро бар тарафи рост ва Абулфазлро бар чониби чапи хеш мешинонад. Абузакриё Яҳё бародараш дар бари Фазли Марвазӣ чой мегирад ва дигар бузургон аз ду тараф, рӯйи суффаҳо мешинанд. Пеш аз нишастан ҳама ба як овоз табрикоти Абилҳафсро такрор мекунанд: ... Муборак бошад!

Амир Исмоил: Агар табъи ахлоқии башар ба камол рушд ёбад, давлат аз байн меравад. Расолати ҳамаи динҳои чаҳон таъмини камоли рушди ахлоқӣ бояд бошад. Вале баландагони ин адён, намедонам, ба кадом сабаб ин ҳадафи аслии хешро ба дасти фаромӯшӣ супурдаанд. Пас давлат ин табъи ахлоқии башарро танзим менамояд. Ҳама гуна давлат зулм аст. Мачбуркунӣ аст. Яъне давлат лашкар дорад, шаҳна дорад, қозӣ дорад, муфтӣ дорад, шоҳ дораду вазир, то ки табъи ахлоқии башарро барои камол ёфтан таъмин кунад. Мо акалан ин ҳадафро бояд дар доираи каламрави хеш таъмин намоем.

Абилҳафс: Муроди амирам Мадинаи Мунаввара аст?

Амир Исмоил: Башар алҳол Мадинаи Мунавварарро дар хоб мебинад. Ин ниёзи башар аст, орзӯи инсон аст. Табъи ахлоқии башар дар интиҳои камоли худ ба Мадинаи Мунаввара мерасад. Вале вазифа ва расолати мо дар каламрави хеш густариш додани дод аст, адл аст. Мо барои расидан ба ин ҳадафи хеш бисёр-бисёр одамонро чазо медиҳем, катл мекунем, ба зиндон мекашем. Аз ин рӯ, хохишмандам, аз амали мо наранҷед ва ҳар чӣ аз неку бад аз тарафи мо ба вучуд меояд, аз хамин ҳадаф сар мезанад.

Дар ҳамин вақт Аҳмад бинни Муҳаммад бинни ал-Лайс дар ҳалқаи чанд нафар сарбоз вориди толор мешавад ва баъди таъзим кардан рӯ ба ҳозирон меоварад.

Аҳмад Лайс: Ошӯбгарон пароканда шуданд ва ҳар кадоме ба деҳу манзили хеш рафтанд. Шаҳр осуда аст ва мардум аз омадани амирам шодиву сурӯре доранд...

Амир Исмоил: Хохишмандам, сабабҳои ошӯб ва баргезандагони он маълум карда шаванд. Бадтарин душмани мо дар миёни худи мост. Мо боид онҳоро бишносем. Душмани берунӣ он қадар хавфнок нест. Ҳамаи бадбахтиҳо, махрумиятҳо ва чаповалу сӯхторҳоро мардуми мо аз душманони дохилии хеш мутаҳаммил шудаанд. Мо боид онҳоро шиносем! Ин аввалин гомест, ки мо метавонем дар роҳи амнияти диёри хеш бардорем.

Дигар ин ки мо дар ин роҳи мушкил, яъне пиёда кардани ҳалафҳои олии худ ба донишу тадбири шумо (*ба тарафи Абилҳафс меғарад*) такя менамоем ва умедворем дар ин амр кӯмаки хешро дареғ намедоред. Дар ҳама амри гуфтурда мо ба шумо такя мекунем ва иншоаллоҳ якчоя ҳама корҳоро ба субут мерасонем.

Бузургони Бухоро бо саркардагии Абилҳафс аз ҷой мехезанду таъзим мекунанд ва боз ба ҷойҳои хеш мешинанд.

Абилҳафс: Мавзӯеро, ки амирам тарҳрезӣ карданд, албатта боиси андешидану кор бастан аст. Албатта дар расолати амирам аст, ки метавонанд қоидаҳои куллиро барои кирдор пайрезӣ кунанд, ки корбасти асли асосии ахлоқи ҷомеа ба шумор оянд. Аммо расолати ахлоқии фард аз вазифаҳои бешумор ташкил шудааст, ки вичдон дар ҳилоли онҳо рохнамои хатонопазир ба шумор меравад. Аз ин рӯ ҳар фард расолати ахлоқии вокеии худро дорад ва дар силсилаи ҳамкории амалие, ки рӯ ба сӯйи падид овардани як низоми ахлоқӣ, яъне фармонравоии комили ақл дар ҷаҳон аст, саҳми шахсӣ ба ӯҳда дорад. Дастёбӣ ба ин ҳадафи ормонӣ чунон, ки боид, ниёзманди таксими кори ахлоқӣ аст.

Исмоили Хаворичӣ: Модом, ки сухан дар хусуси ахлоқ ба миён омад, ишон дар масъалаи вафо ба аҳд чӣ андеша доранд?

Амир Исмоил: Ин ҷо ҷурм бар гардани мо нест. Он чунон, ки худованди таъолло дар сураи Фатҳ фармудааст: "Ҳамоно касоне, ки бо ту байъат мекунанд, чуз ин нест, ки

бо худованд байъат мекунанд. дасти худо болои дастхои онон аст". Ман ба ин далел накзи ваъда кардам.

Фазл: Амиралмуъминин Алӣ дар "Нахч-ул-балоға", фармудааст: "На танҳо мусулмонон, балки мушрикон низ вафо ба аҳдро дар миёни худ лозим мешуморанд, чаро ки пайомадҳои нобудкунандаи паймоншиканиро дарёфта буданд. Бинобар ин харгиз паймоншикан макун ва дар ахди худ хиёнат раво мадор ва душманатро фиреб мадех..."

Исмоили Хаворичӣ: Касе, ки ирода мекунад ваъдаеро муҳаккак намояд, агар ба таври чидд ин ирода дар зехни ӯ вуҷуд дошта бошад, яъне боядба гунае бошад, ки хеҷ гуна эҳтимоли хилоф дар он набошад, то дигарон бар он эътимод кунанд, ва фарде, ки ба чидд чунин иродае дорад, наметавонад дар айни ҳол ба чидд иродаи адами вафо ба ваъдаро дошта бошад.

Амир Исмоил: Ишон гуфтан мехоҳанд, ки иродаи адами вафое, ки мавзӯи адами вафои дигарон аст, зеро баргашти он ба ирода ва адами ирода шайъи воҳид аст ва ин як танокизи ошкор мебошад ва шахсе, ки қасди вафо ба ваъдаи худро надорад, ӯ ба чидд иродаи ваъда накардааст, балки факат ба зоҳир ифода мекунад, ки ӯ қасди анчоми ваъдаи худро дорад ва он чӣ ба таври чидд ӯ қасд кардааст, фиреб додани дигарон ва раҳонидани худ аз гирифторӣ мебошад...

Абилҳафс: Пас танокиз вуҷуд надорад. Бинобар ин факат як амри мутлақ вуҷуд дорад ва он ин аст, ки факат бинобар қоидае рафтор бикун, ки мӯчиби он дар хамон ҳол битавонӣ бихоҳӣ, ки он қоида як қонуни куллӣ шавад. Ва ба хамин далел аст, ки танҳо амри мутлақ метавонад мабнои ахлоқ бошад ва муттасиф ба унвони қонун гардад. Ва танҳо касоне, ки барои тахаккуки чунин амре аъмоли худро анчом медиҳанд, ахлоқӣ хастанд.

Исмоили Хаворичӣ: Муҳаккак намудани Хайри Авло мутаалики иродаест, бар тибқи қонуни ахлоқӣ рафтор мекунад ва шарти асосии он мувофикати томи ирода ва қонунии ахлокист ва ин таъбири дигаре аз Қадосат аст, дар холе ки хеҷ мавҷуди окиле дар олами махсус дар хеҷ лаҳза аз вуҷуди худ ба он намерасад. Аз нуқтаи назари амалӣ ин як амри зарур аст, пас боядяк масири тараққии доим вуҷуд дошта бошад, то бад-он тавофуқи том расид. Ва ин камоли беинтиҳо мумкин нест, магар бо фарзи вуҷуд ва шахсияте барои мавҷуди окил, ки то бениҳоят боқӣ бошад...

Амир Исмоил: Ташаббуҳу би ахлоқи оллоҳ ва дар ҳадис омадааст, ки ҳазрати расуллаллоҳ, салиаллоҳу алайҳи васаллам, фармуданд: "Барангехта шудам, то ахлоқи олиярро ба итмом расонам". Мобақӣ мавзӯи тадқиқу омӯзиши фақеҳону олимон аст, на баҳси чунин мачлисе. Валлоҳу аълам.

Ман сӯҳбати олимону фақеҳонро дӯст медорам ва вазифаи мост, ки барои онҳо як муҳити мувофиқро ба вуҷуд оварем, фарзандони диёрамонро, ки боиси ифтихори дигар марказҳои сиёсиву фарҳангӣ мебошанд, ба ватан баргардонем. Ақаллан як Мадинаи Фозиларо тарҳрезӣ намоем. Дар ин амр ман ба алоқаву робитаи шахсии ҳар кадоме аз шумоён умедвор ҳастам. Ва бо ин амали худ он шиори пештоқи Гунди Шопурро, ки аъроб бистурданд, ба ёд биёварем. Ва дар андешаи мардуми хеш ҳак бизанем. Агар хоҳед, онро ба ёдатон меоварам: "Шамшерҳои мо марзҳоро мегушоянд ва донишу фарҳанги мо дилҳорову андешаҳоро". Мо бояд ин шукӯҳро ба соҳибонаш баргардонем. Ва дар амалӣ шудани ин хоста бояд аз ҳеҷ чизе рӯйгардон набошем. Ин вазифаи шумост, ки дар рафтору пиндори мардум онро бирезед. Ҳеҷ чиз дар дунё ба монанди ақлу илм мӯҳтоҷи озодӣ нест. Мо ин озодиро барои шумо таъмин мекунем. Шумо фақат бояд амал кунед. Аз ҳамин лаҳза, аз ҳамин рӯз. Аллакай як соат баъд хеле дер аст. Бояд тамоми фарзандони ин диёр ба мадрасаҳо фаро хонда шаванд ва ба онҳо илм омӯзонда шавад, то ки онҳо шоистаи ин хоқу бум, ин халқу миллат ба воя расанд ва ибтикороти мову шуморо то ба ояндаҳои дур бирасонанд. Ин аз бузургтарин ҳадафи мост. Гумон мекунам, қавли пайғамбари худоро дар хусуси расолати илмиву фарҳангии мардуми ироний ба ёд доред. Ин ҳама моро барои чунин амали шоистае муаззаф месозад.

Абилҳафс: Ин ҳама корҳо сохта аз амнияти кишвар аст. Яъқуби Лайс дар Хуросон, туркҳои кофар дар шимоли кишвар оромиро аз байн бурдаанд.

Амир Исмоил: Таъмини амнияти кишвар вазифаи мост. Алҳол Яъқуби Лайс бо худ машғул аст. Мо аз ин фурсат бояд истифода барем ва бо душманони моливу чониямон дар шимол мубориза барем, онҳоро торумор кунем ва орзӯи ин хиттаро аз саранон барканем.

Абилҳафс: Мо дар сурате эмин мешавем, ки ононро ба дини худо дароварем. Газавот кунем.

Амир Исмоил: Ин чо як масъалаи хеле нозук аст, ки онро боид фарқ кард. Туркҳои кофарро бо аъроби чоҳилият қиёс кардан хатост ва ҳатто бо ҳабаша намешавад онҳоро монанд кард. Инҳо ба ҷуз ба сарвату қудрати сиёсӣ ба чизи дигар имон надоранд. Инҳо аслан даъвои ҳукумат карданро фақат барои худ доранд. Онҳо дар ин рох аз барда шудан ҳам шарм намедоранд. Онҳо ба пасттарин аъмол, ки як мавҷуди зинда аз он танаффур мекунад, тан ба ризоят медиҳанд, ба умеде, ки бар дилу ҷони шумо раҳ ёбанд ва ба орзуяшон бирасанд. Тарғиби дини худо кардан дар байни онҳо хатост. Онҳо ҳеҷ гаҳ мусалмон намешаванд, агар шаванд ҳам, боз бо гузаштани фурсате ё бо дарёфти хостаашон аз он рӯйгардон мешаванд. Агар мо тибқи гуфтаи шумо амал кунем, фақат худро ба амнияти козиб фиреб медиҳем. Мо боид онҳоро аз ин паҳлӯ ҳеҷ гоҳ аз мадди назар дур нагузорем. Пас илоҷ ин аст, ки онҳоро бо ҷаҳолаташон вогузорем, то шиносхтанашон бароямон саҳл гардад. Дигар ин, ки онҳоро боид ба хосттгоҳашон баргардонем ва ин сарзамини мукаддасро аз касофаташон пок нигоҳ дорем. Шамшери мо боид донад: ба кадом сар фурул меоид. Дар акси хол ахлоқи чомеаро ба фасодӣ мерасонем. Магар ин фасодиро дар чомеаи Исфиҷобу Хоразму Чоч эҳсос накардаед? Онҳоро аз ин хиттаҳо ба дур боид партофт.

Абилҳафс: Худованди таъоло дар сураи Анкабут фармудааст, ки: "Касоне, ки дар роҳи мо мучоҳида намоянд, бо роҳҳои худ хидояташон хохем кард".

Амир Исмоил: Иннамо баисат, яъне: ман барангехта шудаам.

Фазл: Шоири тавоно Масъуди Марвазӣ дар шеъри гаррое фармудааст.

Мухолифони ту мӯрон будаид, мор шудаид,
Барор аз сари мӯрони морғашта димор.
Макун дираиг аз ин бешу рӯзгор мабар,
Ки аждаҳо шавад, ар рӯзгор ёбад мор.

Амир Исмоил: Оре, дуруст аст. Он гоҳ дер хоҳад шуд. Фарзандони ин марзу бум дар кулфат хоҳанд монд... Мо набоид ба ин чиз роҳ дихем...

Амир Исмоил ба фикр фурӯ меравад. Аз ваҷоҳаташ бармеоид, ки аз ин вохӯрӣ чандон розӣ нест, вале тахаммул мекунад. Мулло ас-Сандалӣ Исмоил Хаворичӣ, ки марле

пиру хирадманд аст, аз ҷой мехезад, таъзим мекунад.

Исмоили Хаворичӣ: Мар амр худойрост. Дар дақиқахои аввал боиси мазохимати шоҳам шудан аз рӯйи одоб нест. Бигзор имрӯз амирам фарогат кунанд, то фардо худо чӣ фармоял.

Амир Исмоил бо Фазли Марвазӣ ва бародараш аз толор берун меравад, дар рохрав аз рӯ ба рӯяшон ғуломи шох Ашинас мебароял ва амир Исмоил хаставу аламолуд мегӯяд: "Ба ин бӯзина, ки худро чун занони саройӣ оростааст, чун бовар мекунӣ!?" Ашинас дар ивази суханони амир дахонашро то баногӯш медаронад ва чунон менамоёнад, ки гӯё шоири бузурге мадехаш гуфта бошад.

Дар охири рахрав онхо ба хучраи зебое ворид мешаванд ва худро болои тахтхо мепартоянд.

Субҳ

Зардии хуршед дар уфуқ ба пайдо меояд. Богхо пур аз суруди мурғони хушилхон мешаванд. Амир аз чойнамоз хеста, ба сахни хавлии кох мебароял. хавои бог тозаву рӯхафзост. Аз чӯйи обе, ки богро шодоб месозад, садои хуш об меояд, обе, ки ба мисли булӯр шаффоф аст. Амир Исмоил дарун бог тани танхо сайр мекунад. Дере нагузашта, Ашинас пайдо мешавад.

Амир Исмоил: Аспхоро барои сайд омода кунанд. Ба устод Абулфазл ва Ахмад бини Мухаммад бирасон, ки мо боял аз шахру касабахо дилан кунем, бо мардум шинос шавем... Бирав.

Гулом меравад. Амир Исмоил ба сари хавз меояд. Дилаш танг аст. Бог хурраму зебост, вале оху надорад. Лахзае боги кохи Самарқанд ва охуву фарзандашро ба ёд меорад...

Фазл бини Мухаммади Марвазӣ ба бог мебароял.

Амир Исмоил: Имрӯз хамчун козӣ шумо сафари маро хамрохӣ мекунед. Мо боял мулки худро донем. (*Ба Ашинас*) Хоча Абулхафс ва Факех Исмоили Хаворичиро огох кунед, ки бо мо хамрох шавад.

Фазл: Магар пиковяте расидаст?

Амир Исмоил: Магар шарт аст? Масъалае пайдо шавад, боял дар чоши фавран кавокат ёбад. Ба фардо гузоштани корро дуст намедорам.

Ахмад бинни Мухаммад низ хозир мешавад. Амир Исмоил ба ӯ мурочиат мекунад.

Амир Исмоил: Дах нафар аз сарбозонро бо худ бигиред. Имрӯз бо худи шахр шинос мешавем ва бо мардум во мехӯрем. Вақти зиёде мегузарад, ба гумонам,касе ба доди мардум нарасидааст. Вазифаи мо хакро ба хаклораш расондан аст...

Фазл: Сайри худро аз бинои Арки Бухоро, ки ба хама шавохид онро Сиёвуш писари Кайковус бино карлааст ва аз ачобаташ ин аст, ки хеч подшохе андаруни он намурдааст ва ё дар ланге шикаст нахӯрдааст. Хамин, ки казо расид, подшох ба сабабе аз каср берун мерафт ва дар дигар чой мемурд.

Амир Исмоил: Чй. шумо гуфтан мехохед, ки мо дигар харгиз аз он берун наоем? (*Хама механданд*).

Абилхафс: Дирӯз мо аз дари Гуриён ба арк ворид шудем, имрӯз аз дари Регистон хорич мешавем.

Амир Исмоил: Устод дирӯз ба мо нагуфтанд, ки дар махалли дарвозаи Гуриён шох Сиёвуш дафн шудааст. Мо хам суннати мардуми Бухороро риоят менамудем. Охир, Сиёвуш чалл бар чалли моёнро чалли бузург аст. Мо аз масъулияту аклу талбири ӯ фахр дорем.

Абилхафс: Банда гунахкорам.

Амир Исмоил: Ман сахт пойбанду дилбастаи суннатхои гузаштаи мардуми хеш хастам. Мо боид ба хеч вачх нагузорем, ки фаромӯш шаванд. Ба онхо тобишхои исломй додан зарур аст... Хайф аст, чунин шукуфахои аклу закавати мардум аз байн биравад.

Абилхафс: Он чй амирам хостанд, мардуми Бухоро ба рӯзи Наврӯз куианд. Ба рӯзи аввал хурӯс курбон мекуианд ва тамоми рӯз ба маросим мепардозанд, ки бо номи Сӯги Сиёвушон машхур аст.

Амир Исмоил: Дар бораи ин маросим бисёрхо шунидам ва онро дидан мехохам.

Абилхафс: Худо агар хохад, амирам ба вакташ онро хоханд дид...

Онхо аз бари зинлон, манзили амирону вазирон ва сархангхо ва девонхо мегузаранд. Ба сароии Регистон мерасанд, ки хар омиперо девоне бар сарой буд.

Амир Исмоил: Бар лари ин сароии шохй боид девонхое аз кабили девони вазир, девони муставфй, девони шариф,

девони амидалмалик, девони сохибшурта, девони сохибмӯайяд, девони мамолики хок, девони мӯхтасиб, девони авкоф, девони каззо бояд сохт ва омилони онро дар он чой дод.

Онхо аз дари Регистон берун шуданд. То ба Дашгак бисмом хонахои мавзун, мунаккашу олии сангин ва мехмонхонахои мусаввар то чахорбогхои хуш ва сархавзхои некӯ аз рӯ ба рӯ намудор мешаванд. Дар ду тарафи рох ба хадде дарахти зиёд аст, ки офтоб ба сари кас намеафтад. Амир Исмоил то дер гох аз болои асп ин манзарарро тамошо мекунад.

Дар ин чорбогхо мевахои алвон фаровонанд, чун нок, шотиву бодом, фандаку гелос, ангуру хар меваи дигар, ки факат андар бихишти анбарсиришт хастанд.

Амир Исмоил: Ин зиёъ бад-ин хуррамӣ кирост?

Абилхафс: Оли Кашкаса. Аз гурабои асили Бухоро хастанд. Дар замони фатхи Бухоро Кутайба кушкхои эшонро биситонду ба аъроб дод ва ишон ин чойро обод кардаанд.

Амир Исмоил: Имрӯз ишон ба чӣ корхо машгуланд?

Абилхафс: Чунон, ки иброз доштам, оли Кашкаса аз гурабои асил хастанд ва аз кадим ба тичорат машгул мебошанд. Ин зиёъ авлоди ишонрост. Ин кушкхоро Кушки Мугон мехонданд. Ишон ислом наовардаанд. Оболонтар ва зеботар аз ин зиёъ ба Бухоро чое нест. Шохзодагону гуломони ишон ба ин зиёъ рагбати калон доштанд, вале ба хеч кимате натавонистанд онро бихаранд.

Амир Исмоил: Диёрдорӣ аз онхо бояд омӯхт. Э кош хама ахли Вароруд хамчунон мебуданд.

Абилхафсу Исмоили Хаворичӣ бо хайрату тааччуб ба амир Исмоил менигаранд. Ба назари онхо ин назари амир бадъат менамояд.

Абилхафс: Инон, ки хамин дунё доранд.

Амир Исмоил (*сӯҳбатро ба худ харф мезанад*): Мо хаминро хам надорем. Он чӣ дар дасти худост, ба мо ошкор нест.

Исмоили Хаворичӣ: Вале бар мо ваъда шудааст, мо аз даргохи карами § умедворем.

Абилхафс: Шайтон ноумед...

Амир Исмоил: Ман ба бузурги эшон сӯҳбат кардан мехохам. Ба кох даъват намоед.

Абилхафс: Шахристонро чониби рустохо хафт дарвоза аст. Ин дарвозаи бозор аст ва мо онро Дари Атторон ме-

хонем. Кутайба шахристонро аз ин чо то Дари Нун таксим кард ва ба Робеъа ва Мазар дод ва бокии махалро ба ахли Яман.

Амир Исмоил: Пас мардуми бумй кучо шуданд?

Абилхафс: Чун хонаву чорбогашонро арабхо гирифтанд, ба чойхои дигар кӯчиданд ва ободихо карданд.

Амир Исмоил: Пас дар ин махал аъроб сукунат доранд? Албатта. Ин ободихо ба кй писанд нест?! Боз, ки муфт ба даст оял...

Абилхафс: Чй тавр муфт? Онхо газо кардаанд...

Амир Исмоил: Оре, газо кардаанд, хар ки шарифтар буд, ба бардагй бурданд, то хайсияташро бишкананд ва дороишро, ки ба хоб надидаанд ва манзилашро, ки бихишт тавсиф шудааст, сохибй кунанд. Магар барои одаме, ки ба чуз хурмо дигар шачареро надидааст, ин чо бихишт нест?! Кй бихиштро аз даст додааст?! Мо!

Абилхафс: Амирам?..

Амир Исмоил: Магар хамин тавр нест? Чаро онхо натавонистанд сарзамини мукаддасро ба чунин бихишт табдил диханд?.. Он чо хам хамватанони мо бихишт бунёд мекунанд... Ба онхо дар Мадина дар чанги Хандак чунин бихиште ваъда шуда буд. Онхо онро ёфтанд... Бигӯед, ки сохибони ин бихиштхо чй кор кунанд?.. Оре, ба мо хам ваъда шудааст, аз даргохи карами худовандй... *Аё Салмон!.. Охирин гариби ин диёр дар кадом биёбон аст? ва барои кй бихишти мавъудро месозад?* Шумо бародарони худро дар Басра сурог кардаед? Онхо ханӯз зиндаанд?

Абилхафсу Ахмад Исмоили Хаворичй хайратзада ба Амир Исмоил менигаранд ва даст ба гиребони надомат мебаранд. Вале амир Исмоил онхоро намебинад. Гӯё онхо вучуд надоранд. Гӯё ӯ ба худо ниёиш мекунад. Аз дарвозаи Нун вориди шахристон мешаванд. Дар тарафи дасти чап Кӯйи Ринлон вокеъ шудааст ва аз паси он калисои тарсоёи намудор мешавад.

Абилхафс: Имрӯз ин калисо масчид аст. Онро масчиди Бани Ханзала меноманд. Дар тарафи дасти рост Кӯйи Вазир чой гирифтааст.

Абилхафс (*ба сухани идома дода*): Ин кӯйро Кӯйи Вазир хонанд ва хамчунин Кӯйи Кох номанд. Ва ин вазир Ибни Аюб аст, ки аз сархангони Кутайба буд ва паларош аз подшохони Бухоро, ки ба дасти Кутайба ислом овар-

данд.

Амир Исмоил: Ба тафсил....

Абилхафс: Пайваста амирони Бухоро дар ин Кӯйи Кох будаанд. Ва ин кохро дехконе асил Кадрахина нигаҳдорӣ мекард. Баъде, ки ислом пазируфт, ӯро ном Ахмад шуд. Ин кохро аъроб аз ӯ гирифтанд. Ва ба соли саду панҷох ворисонаш ба назди Абучаъфари Давонакӣ, ки халифа буд, даъво карданд ва кабола берун оварданд: ҳадди аввали он бораи шаҳристон пайвастаи Ҷубаи Бакколон аст. Ҳадди дуввумӣ ҳам бораи шаҳристон, ки пайвастаи бозори Писташиканон аст. Ҳадди саввум рохи рост, ки аз ин дар то миёни шаҳристон, аз Дари Атторон то Дари Нун ҷумла як маҳалла аст,ки рабъи шористон аст. Ва як ҳазор дукон андаруни шаҳри Бухоро ва ҳафтоду панҷ пора деҳаи хос ба рӯди Бухоро ва фаровези осиёро доро б уд. Ҷумларо пеши халифа даъво кард ва ҷумларо боз гирифтанд. Ва фарзандони ишон ин маҳалро пора-пора фурӯхтанд, то ин ки пароканда шуд дар дасти мардум.

Амир Исмоил: Аз онҳо касе бокӣ мондааст?

Абилхафс: Касе намедонад.

Амир Исмоил: Асилзодагони Вароруд ҳамаашон ҳамчунин сариавиит доштанд? Ман мехоҳам ҳамаи асилзодагони Бухороро пайдо кунед ва ба Арк оваред.

Абилхафс: Кадом асилзодагонро?

Амир Исмоил: Магар Бухоро дигар хел асилзодагон ҳам дорад? Онҳоеро, ки Бухороро бо номи ишон меҳмоносанд ва ин шаҳрро бино ниҳодаанд. Дигар онҳоро бояд аз кунчи магорбастаи фаромӯшӣ берун кашид ва ачрашонро ба чо овард. Бо тамоми асилзодагони ин диёр ҳамчунон бояд рафтор шавад. Э дарего, ганчи Бухоро дар вайронаҳо...

Офтоб дар паси касру кушкҳои шаҳр гуруб мекунад. Ва боз чанд тулӯъу гуруби дигар. Амир Исмоил бо аҳли рикобаш дар байни мардум дех ба дех мегардад. Бо мардум мунозира мекунад, чизеро исбот кардани мешавад ва боз бо гуруб рафтани хуршед ба Арк бармегардад. Шабҳо дар масчидҳои кандакории шаҳр бо мардум бахсу мунозира мекунад. Амир Исмоил тан чанд хафтаи пурчидолу пурташвиш тағйир ёфтааст. Ранги сафеди пӯсташ сӯхта, чаш-

монаш беморгуна фурӯ рафта, асабӣ, хаста ба назар менамояд.

Шаб аст. Аз масҷид меояд. Бо Фазлу Яҳё ва Ахмад бинни Муҳаммад-ал-Лайс ба ҳуҷраи мунаққаши ороста ворид мешаванд. Болои хон лаълиҳои пурмева ва ҷомҳои шарбат гузошта шудааст.

Амир Исмоил: Истиҳола накунед, дилатон ҳарчӣ мехоҳад, он кунед. Ман шуморо мешиносам. Сеяк бифармоям? (*Лабханди талх мезанад, ёронаш вокунише нишон намедиҳанд*). Таи ин чанд ҳафтае, ки дар Бухоро ҳастем, чӣ бардошт кардаед? Мулоҳизаҳоятонро бембо иброз намоед... (*Аз ваҷоҳататон ҳувайдост, ки чизе гуфтан мехоҳанд, вале ҷуръат намекунанд. Амир Исмоил хӯшаи ангурро бардошта тамошо мекунад ва донае канда боқиро рӯи лаълӣ мегузорад*). Чӣ фарқ дорад, ин донаро мехурӣ ва ё шарбатеро, ки аз он ҳосил шудааст?.. Не, бобо, инаш ҳалолу онаш ҳаром... Вале Муовия чунон маст мешуд, ки ҳангоми хут ба хонданаш ғалат мекард. Ҳорунро касе ҳушёр надидааст. Бифармоед, ҷанобон. Ман имрӯз сари мехрам. Хастагиро рафъ намоед. Агар то саҳарӣ ҳушёр нашавед, Хочаи Сагир ривоят меёбад (*ба сӯйи Фазл бинни Муҳаммад чашмак мезанад*). Дар май басо фазилатҳост. Аввало, кулфи забон мекушояд, дуввум, ҷасорат мебахшад... Алҳол барои мо ин ду фазилаташ басанда аст... Бирав,май биёр.

Ашнас, ки то ба ҳол ҳузураш аслан ҳис карда намешуд, ба мисли як зарфи кулуфте ба ҳаракат меояд ва беруи меравад.

Фазл: Магар...

Амир Исмоил: Ин ҷо амир моем. Алҳол... дил қавӣ кунед, ва аз ҳеҷ чиз, ба ҷуз разолату фасод бим, мадоред. Ба зарурат раво бошад.

Фазл:Чӣ зарурате?

Амир Исмоил: Уқдаҳо аз дил кушоед. Таи ин чанд ҳафта ба ҷуз казовати кори дигарон, аз шумо ҳарфе нашунидаем. Бирезед, он чӣ дар дил гирифтаед.

Фазл: Амирам, магар мо ҷурьати онро дорем, ки бар дил гирем?

Амир Исмоил: Валлоҳу аълам.

Фазл: Амирам...

Амир Исмоил: Чаро бародари бузурги мо хомӯшанд, чаро сохибшуртаи мо ба даҳон об бурдаанд? Ва ё ишон

хам аз рафтори мо хушашон намеояд?

Яхё: Ҳамаро амирам доранд. Худо макунод, мо укда бар дил гирем.

Ахмади Лайс: Алҳак, хамин тавр аст.

Амир Исмоил: Пас шумо чун сабӯи тихӣ андаруни хеш чизе надоред? Ман шуморо бо худ ба он касд гирифтаам, ки дар масоиле, ки пеш меояд, бо ман машварат кунед. Бисёр хуб. Ин турки бадбахт чаро хаял мекунад?.. Пас шумо таи ин рӯзхо чизеро пай набурдаед. Бисёр хуб...

Ашнас лаълие бар сар бо нозу ишваи занона ва хатто пероҳани занона ворид мешавад. Аз чунин сурати музхик гирифтани ӯ онхо ба ханда меоянд ва амир Исмоил боз хашмгинтар мешавад.

Амир Исмоил: Бирав, дафъ шав, беасли бемагз!

Ашнас бо харос, вале бо хамон ишвафурӯшӣ ба ароз баромада меравад. Амир Исмоил суханашро идома медихад: Ман дар чӣ хаёлу? (*Кӯзаро ба даст мегирад ва дар тиёлаҳо мерезад ва тиёлаи худро бардошта*) Нӯш бод. (*ёронаш хомӯшона тиёлаҳои худро мегиранд ва ба тардид менӯшанд*). Пас, чизеро пай набурдед? **Бухоро дар дасти сохибони хеш нест.** Ва онро ба эшон баргардониданӣ хам нестанд. Вакте, ки ман бо деҳконзодагони асили Бухоро сӯхбат мекардам ва аз онхо розу ниёзашонро мепурсидам, дар чехраи ин чанобон хашму эътироз пайдо мешуд. Магар он пири мугонро надидед, хис накардед? Он кадар бимаш додаанд, ки чуръати чуғидан надошт. ***Ӯ дар диёри худ бегона ас*т**, гариб аст. Ӯ хам метавонист ба мисли дигарон худро аз ин мехнат бирахонад ва нагузорад, ки ким-кадом як Абилхафс чойи ӯро бигирад. Ин монанд ба киссаи Иблису Одам аст. Шайтон киблаашро дигар накард, худоро ду накард, мардуд шуд. Шумо гумон намекунед, ки ин шайтон киссаи бофтаву тофтаи ин кабил Абилхафсхост. Инхо бидъатро асл гирифтаанд ва дар чабини поку беолоиши онхо тамғаи бидъату куфр мезананд. Ин пирамард ва табораш киблаашонро барои манфиатхои шахсии худ дигар накарданд. Чӣ фарк дорад, худованди якқаву ягонаро Оллох мегӯй ё Ахурамазло? Ин чо як чухудбозии азалист, манфиатчӯй! Шайтон аз нахустин курбонии ин манфиатчӯист, то тамоми разолати хешро бо номи вай содир кунанд. Хатто худованди азза ва чалро тарафи худ гардонидаанд. Чаро гумон мекунед, ки фардо бо шумо чунин накунанд, яъне хай-

сиятатонро баранд, асолататонро ночиз гардонанд, фахру ғурури озодагитонро поймол созанд. Кӣ кафолат медиҳад, ки бо шумо чунин намекунанд? Ин навдавлатони пойлуч барои расидан ба ғаразҳои нопоки хеш аз ҳеҷ чиз даст намекашанд. Магар шумо пай набурдед, ки онҳо омадани на манеро интизор буданд. Аз аввалин дақиқаҳо мо ҳамдигарро шинохтем. Онҳо манро қабул надоранд ва ман ҳукумате надорам, ки иродаи худро бар онҳо бикабулонам. Онҳо аз ман уммати ислом сохтан мехоҳанд. Алҳамдулиллоҳ, ман мусалмонам, вале ироний, аз нажоди озодагон. Вале онҳо мехоҳанд ман сари як дастурхон бо як шабушкхору бо як малаххор бинщинам. Сохтани уммати ислом як ниёз аст. Шояд ниёзи башар аст. Вале инҳо онро барои бардасозӣ истифода мебаранд. Магар ин тавр нест? Пас чаро ғозиёни аввали ислом, ҳамин ки ба кишварҳои Ирону Миср даромаданд, дар баробари сарвату дороии ишон ин ҳадафи худро фаромӯш карданд?!! Барои ба ин ниёз расидан ҳанӯз башар камол наёфтааст. Магар Зардушт намедонист? Магар Монӣ намедонист? Магар Будо намедонист? Магар Исо намедонист? Медонистанд. Ва барои ҳамин ҳам фақат қавми худро баргузидаи афкори хеш карданд. Мо медонем, Монӣ ҳадафи башарро як уммат сохтан дошт. Вале кораш ба кучо анҷомид? Агар мо мехоҳем уммати ислом созем, боид мардуми худро барои расидан ба ин ҳадаф тарбият намоем. Вале афсӯс...

Амир Исмоил нафастанг мешавад ва банди дилашро мекушоид ва бо дард оҳ мекашад. Ёронаш хомӯш бо сархои хам мондаанд. Ӯ ба ҳар кадом менигарад ва бо гашу чидол аз чояш часта мехезад ва сахни хучраро пасу пеш кадам мезанад.

Амир Исмоил: Ман барои ин эътирозот хукумат надорам, ман фақат як омилам, омили хироҷ. Онҳо низ ин вазъи маро хеле хуб медонанд. Онҳо минбарашонро аз тахти амир хам гоҳо боло бурдаанд. Аз ман тозиёна мехоҳанд ва ман онро надорам... Ман наметавонам. Ин дархӯри хӯйи ман нест. Рустами Фаррухзод дуруст гуфта буд. Дарего, ки инсон пандпазир нест. (*Пас аз хомӯшии дурудароз*). Мо расолати худро ичро кардем. Дигар ин чо монданам на ба нафъи ман аст. Ман намехоҳам иттиҳоми осигарӣ бар гардан гирам. Аз ман наметавонанд хомкалла бисозанд. Бас аст!... Фардо бармегардам...

САМАРҚАНД

Қасри шоҳ

Амир Наср бинни Ахмади Сомонӣ ворид толор мешавад. Аз ду тараф аъёну ашрофи Самарқанд ва аҳли дарбор саф кашидаанд. Дар назди чандин дари вурудии толори қаср сарбозони ороставу пероста ба либоси низомӣ, ки ҳашамату ҷалоли лашкари амири Сомониро менамоёнад, посбон истодаанд. Амир Наср аз миёни саф гузашта бар тахт менишинад. Ҳозирон аз амири хеш пайравӣ карда ҳар қадоме ба ҷойи хеш гузашта менишинад. Балъамии вазир, ки бо лақаби Хочаи Бузург маъруф, аст аз ҷой хеста аз аҳволи девони давлат иттилоъ медиҳад ва дар фаровардии суҳан ба масоили рӯзмарра мепардозад.

Балъамӣ: Шоҳам, дишаб аз Рабинҷон ба Бухоро қосидон расиданд. Амир Исмоил ба Самарқанд меоянд, ҳоло ба Рабинҷон фуруд омадаанд.

Амир Наср: Чӣ?! Аз Бухоро чӣ хабар?

Балъамӣ: Аз Абуабдулло Абилҳафси Сагир ба номи шоҳам нома расидааст. (*Номаро ба шоҳ дароз мекунад ва боз ба ҷойи худ бармегардад*). Амир Исмоил фардо ба Самарқанд мерасанд.

Амир Наср номаро кушода мехонад ва то дергоҳ ба андеша фурӯ меравад.

**Амир Наср (*Аз хилоли андешаҳо*): Худсарӣ! И с ё н! ... Кӯдак! Сари коса ба кӯза нарасида, соябонро дар девор бузург мебинанд! (*Аз ҷояш хеста ба тарафи панҷараҳои сӯйи чорбоғи қаср меравад. Ҳанӯз дар банди андеша аст*). Мо маншури омаданашро нафиристодаем. Ба касе машварат накардааст. Аз ин рафтори амир Исмоил мардуми Бухоро дар хусуси аминияти худ ба ташвиш афтодаанд. Агар барорамон Абузакриё Яҳё ин лаёқатро медоштанд, мо худ ишонро ба ҷои амир Исмоил мефиристодем! Дар ҷанги зидди туркони кофар ва дар кӯмак кардан ба Рофеъ мо гумон кардаем, ки ӯ болиғ шудааст. Ӯ ҳанӯз кӯдак бокӣ мондааст! (*Амир Наср ба панҷара тақя дода ба дурҳо менигарад. Аз панҷараҳои боғ садои гурдасти шерон ва зӯзаи гурдони қафас ба гӯшаш мерасад. Газале озодона, бетарвед дарунаш боғ мечакмад, додарзодаги Наср бинни Исмоил дунболи ғазол сарғардону машғул аст. Ва бо ҳасрате пур аз ҳасад ба*

ин манзара хира мемонад).

Балъамӣ: Амирам, шояд ба муборакбодии гирифтани маншури вилояти Мовароуннаҳр аз ҷониби халифа ба дастбӯсӣ омада бошанд.

Амир Наср:Дар чунин вазъият ин баҳона шуда наметавонад, ҳол он ки ҳамон вақт, яъне ба омадани маншури халифа, нома навишта узри дар маросими супурда шудани маншур ҳузур наёфтанашро иброз дошта буд. Ин баҳона нест! Чаро ман аз чизеву коре хабар надорам? Ё ман...

Балъамӣ (*Бе риёкорӣ*): Башар ин шафқату адли шуморо дар нисбати риояти ҳаққи бародарон ба ёд надорад, амирам.

Амир Наср: Пас чаро бо ман чунин рафтор мекунанд?! Мо адлро дар ҳаққи ҳама баробар риоя мекунем.

Балъамӣ: Ман гумон намекунам, ки муроҷиати амир Исмоил ба Самарқанд чунин оҳанге дошта бошад. Валлоҳу аълам...

Амир Наср (*Худ ба худ*): Худоё, дар сари ин кӯдак чист? Чаро ман ҳеҷ гаҳ наметавонистам дар гуфтору рафтораш, заррае ҳам бошад, аз эътирозу исён чизеро ҳис кунам? Ӯ чӣ мехоҳад? Муродаш чист? Намефаҳмам. Ҳарчанд кӯшидам, ӯро бифаҳмам... гӯё ӯро хуб мефаҳмидаму мешинохтам... Инсон шинохтанӣ нест. Фақат таҳти як қонуни умумӣ рафтор мекунад, фақат ҳамин қонуни ӯро бо дигарон умумият медиҳад... Дар дигар маврид ӯ мухтор аст, ба мисли дижи рӯйин аст, ки фақат аз дарун метавон онро тасхир кард... (*Ба Балъамӣ мурочиат мекунад*). Талқиқ кунед ва ба ман маълум намоед, ки ӯ бар сар чӣ хаёл дорад. Бухороро ҳамтур раҳо кардану бе манзур ба Самарқанд омадан бояд сабабе дошта бошад?

Балъамӣ: Шояд худи амирам бо омаданашон...

Амир Наср: Ман ӯро дидан намехохам.

Балъамӣ: Амирам...

Амир Наср: Ӯро пешвоз гирад ва дар саройи Самарқанд фуруд ored.

Ба боғ менигарад. Оҳу сару рӯйи Наср бинни Исмоили хурдсолро мелесад. Амир Наср ба раҳму шафқат лабханд мезанад.

Берун шаҳр. Дарвозаи ғарбӣ

Балъамӣ бо бузургони шаҳр дар тепаи назди дарвозаи ғарбӣ интизори омадани амир Исмоил истодаанд. Амир Исмоил аз баландӣ бо хайли қалили хеш намудор мешавад. Насри хурдсол дар бағали Балъамист ва сӯйи оянда-гон даст дароз мекунад.

Балъамӣ: Кӣ меояд?

Кӯдак: Падарам.

Балъамӣ: Ку?

Кӯдак: Пешопеши саворон.

Бо расидани хайл мушоҳида мешавад, ки амир Исмоил дар байни пешвозгирандагон шоҳро мечӯяд, безобита ва бо ташвиш ба ҳар тараф назар мекунад ва ҳатто талоши писарашро ба сӯяш нодида мегирад.

Пешвозгирандагон кайҳо пиёда шудаанд ва Насри хурд-сол ба сӯйи падараш медавад. Амир Исмоил аз асп пиёда мешавад ва фарзандашро аз замин бардошта мебӯсад ва болои аспи худаш савор мекунад ва рикоб дар даст пешо-пеши аспаш ба тарафи дарвоза меравад. Дар ин ҳангом Хочаи Бузург ва ғуломи хонадонашон турки пир Симо-ал—Кабир, ки амир Исмоилро дӯст медошт, бо огӯши боз мерасанд.

Балъамӣ: Пойтахт пешкаш.

Симо: Амирам хуш омаданд...

Амир Исмоил ҳар кадомро огӯш кашида, дар фаровар-ди пазирой ба Хочаи Бузург ва Симо ал-Кабир рӯ меорад. Ҳанӯз дар чеҳрааш ташвишу нигарониҳои номаълуме эҳсос мешавад.

Амир Исмоил: Ба хайр аст?... Амирам чӣ ҳол доранд?

Балъамӣ: Хайр аст. Амир бо намояндагони Бағдод хеле банд буданд ва ба пешвози амири Бухоро баромада ната-вонистанд. Аз ҷониби ишон ман узр пеш меорам.

Амир Исмоил: Мо кистем, ки амирам узр оваранд. Ман фақат аз набудани бародарам ба ташвиш афтодам, ки ма-бодо бемор бошанд ва ё ... Ман шодам, ки амири бузург тандуруст ҳастанд.

Симо (*Бо шодӣ ҷавҷон*): Пойтахт пешкаш...амирам хуш омаданд...

Онҳо ворид шаҳр мешаванд ва ба ҷониби сароиҳои Сама-рқанд мераванд. Аз ду тарафи роҳ болои бомҳо марду зан,

чавону пир, духтару писар ба истиқболи амир Исмоил баромадаанд. Амир Исмоил бо ҳайрат ба Хочаи Бузург менигарад.

Балъамӣ: Амирам фармуданд, ки то як муддат шуморо дар саройи шаҳр фуруд оварем.

Амир Исмоил: (*Парешонҳолона, гумонбар аз як пешомади ногувору номаълуме. Кариб, ки дар оҳанги суханаш тарсу ҳарос эҳсос мешавад*). Чаро?!.

Касе ба ин пурсиш ҷавоб намедиҳад. Амир Исмоил ҳамчунон ба чеҳраи Хочаи Бузург менигарад, вале ӯ нигоҳашро аз амир Исмоил мегурезонад. Симо-ал-Кабир низ ҳамчунин рафтор менамояд.

Амир Исмоил: Пас амирам аз омадани ман нохушнуданд...

Амир Исмоил дигар ба ҳамрикобонаш эътибор надода ба истиқболгиранда гонаш "салом" медиҳад, дар баробари мӯйсафедон аз рӯйи зин нимхез шуда таъзим менамояд. Ба ҳамин минвол ба дари саройи шаҳр мерасанд ва паси дарҳои он нопадид мешаванд.

Яке аз ҳуҷраҳои сарой

Абулфазли Балъамӣ ва Симо-ал-Кабир нишастаанд. Ғуломон ба густурдани дастурхон машғуланд.

Балъамӣ (*Ба ғуломе*): Амир Исмоил таъхир мекунанд?

Ғулом: Ишон губори роҳ мешӯянд. Дам ба дам меоянд.

Балъамӣ: Шояд дигар вакт биёем.

Ғулом: Ишон хоҳиш карданд, ки омаданашонро интизор бошанд.

Ғулом ба пиёлаҳо шарбат мерезад ва таоруф карда, баромада меравад. Пас аз чанд лаҳзаи дигар амир Исмоил вориди ҳуҷра мешавад. Меҳмонон ба пешвози ӯ аз ҷойҳояшон мехезанд.

Амир Исмоил: Бифармоед. Барои маъталҳо кардан аз ишон узр мехоҳам. Роҳ вазнин буд. Ғубораш ҳам шуста шуд. Акнун метавонем бо фарогату осуда сӯҳбат кунем.

Меҳмонон ба ҷойҳои хеш мешинанд. Амир Исмоил пиёлаҳои ишонро аз шарбат пур мекунад.

Амир Исмоил: Шояд талхтараш? Шароб хастагиҳоро мебарад. Мо бояд хастагиҳоямонро рафъ намоем: шумо ҳа-

стагии умурро, ман хастагии рохро...

(*Амир Исмоил се бор каф мезанад. Гулом ҳозир мешавад*). Шароби талх!...(*Гулом шароб меорад. Пиёлаҳо чанд бор гардиш мекунанд*).

Балъамӣ: Амирам аз бехабар омадани ҷаноби олӣ ва умури вилояти Бухороро ба холи худ гузоштан хеле дар ташвишанд.

Амир Исмоил: Фикратонро равшан баён кунед: Амирам аз ин рафтори ман ба хашм омадаанд.

Балъамӣ: Ман инро нагуфтаам. Дар ҳақиқат амир аз ин рафтори шумо розӣ нестанд ва иллати чунин амалро фахмидан мехоханд.

Амир Исмоил: То фардо сабр мекунем.

Симо-ал-Кабир: Ҷалолатпаноҳ моро маъмур кардаанд.

Амир Исмоил: Қазия аз он чӣ шон тасаввур мекунанд, мураккабтар аст. Агар ба як харфу ду ҳарф тафсир шавад, аз он маънии исёну ёгигарӣ бар меояд. Мо барои тафсили комили вазъият фардохо дорем.

Балъамӣ: Амирам фахмидан мехоханд...

Амир Исмоил (*ба андеша фурӯ меравад. Пас аз гузаштани чандин лаҳза сар боло карда, хаста ва бо овози гирифта мегӯяд*):

Хулласи калом, он чӣ онҳо мехоханд, ман намехоҳам ва он чӣ ман мехоҳам, онҳо намехоханд. Ва ман барои қабулидани хости худ расолат надорам. Ман факат омили хироҷ хастам. Ин ваъз наметавонад барои бакои миллат шароит фароҳам созад. Ҳама гуна давлате, ки фокиди андешаи бакои миллат бошад, пойдор нест. Мардуми Бухороро ба мисли бакияи нукоти Ирон аз хеш бегона сохтаанд. Саффорихо ба ҷуз ракобатҳои сиёсӣ бо халофат дар ин замина кореро анҷом надодаанд. Ҳатто барои он фурсати андешидан хам наёфтаанд. Вазифаи мо дар ин марҳала аз бедор кардани виҷдони таърихии мардум ва аз инҳитоту мутаассибехиавӣ нигоҳ доштани он аст.

Симо-ал-Кабир: Яъне?

Амир Исмоил: "Ман таассубаҳа бикдавмин фахм миноҳу" фармудааст расули худо. Яъне хар кй худро ба қавми дигаре шабех созад, дигар ба чомеаи худ пайваста нест, ба қавми дигаре вобаста аст, аз решаи худ буррида аст, бо худ бегона шуда аст, ойинаи дигаре шудааст. Мардуми мо аз Имоми Аъзам ба он сабаб пайравй карданд, ки мута-

шаббех нашаванд. Ин равия озодихое медод. Вагарна хуручи Абумуслим бемаънй мебуд. Чаро сафедчомагон бо рохнамоии Хошим бинни Хаким хурӯч карданд? Чй омиле онхоро барангехт? Ин исёнхо алайхи чй буд? Алайхи хамин мутташаббех шудан! Ханӯз онхо ба гузаштахои кавми хеш пайванд доштанд. Вичдони таърихиящон сохирона ба гафлат кашида нашуда буд. Вале имрӯз чй касоне худро ба дигаре шабех месозанд? Абилхафехову Исмоилхо аз худ мегурезанд, худро ачулона инкор мекунанд, пайвандхоящонро, хатто фитрати таърихиву ичтимой ва мохиятхои ичтимоиву фархангиящонро китмон мекунанд ва бо таҳқири хеш аз хеш ба домони бегона мегурезанд, мекӯшанд, то бо фанои хеш дар ӯ, ки ба назарашон авлову акмал аст, ба бако бирасанд. Ва хар чашмсиёху чаъдмӯйро, аз хар кй бо ӯ хамватану хамзод аст, афзалу ахсан мешёбанд ва сухани ӯро фазл-ал-хитоб мебинанд ва рафокат бо ӯро фахри худ ва таклид аз ӯро камоли худ ва накли кавли ӯро фазлу илми худ мешуморанд ва бо таҳқиру тамасхур ба мазҳабу суннат ва арзишхо ва хасоили чомеаи хеш менигаранд ва ба ӯ мефахмонанд, ки "Ман истисноам, ман аз онхо ба дурам, аз онхо бурридаву бегоналам, ба шумо табехам, мисли шумо мебинам, эҳсос мекунам, зиндагй мекунам". Чй касе имрӯз дар чомеаи мо чунин аст? Он кй шабех шудаast. Имрӯз ин шабехшудагон ба кудрат, ба сарват расидаанд. Балки онхоро хамчун ибрати дигарон ба ин мартабахо расонидаанд. Ин бузургтарин хатар дар рохи бакои миллат аст. Вакте як озода бадавй ва фокили фарханги хеш шуд, бинши ва эҳсосаш дигар кодир нест, ки арзишу зебоии кавми хешро, таъриху фарханги хешро дарёбад. Кавми моро ба хамин марҳила расонидаанд. Яке аз мушаххосот ва моияи фахри як озода, ки ӯро аз аквоми вахшй ва бадавй мутамоиз месозад, доштани вичдони таърихй ва маърифату ишк ба суннати гузашташ аст.

Бальзамй: Он чй ки шумо мехохед, як инқилоби такомулй аст, на коло ё мачмуае аз колохои солиротй, ин чиз як шаклу ранги хос надорад. Як гавхар аст ва хақиқати мутаолй аст, ки инсон ба тадрич ба он комёб мешавад.

Амир Исмоил: Оре. Фарханги сиёсии гузаштагони мо мутаваччех шуда буд, ки алорагми тавлиту нонмй ва ноустувории хукумати салтанатй метавон даъвоми миллатро таъмин кард. Вале масъала ин аст, ки чй гуна мешавад

алорагми хукуматҳои бегона давоми миллатро тазмин кард. Ин давоми миллат хаст, ки боз рӯзе хукумати мудо-ими хохал офарид. Ҳамин аст, ки дар киболи тағйироти сарсомовари хукуматҳо ва силсилаҳо ва афроди хоким дар ин сарзамини пурпукӯҳу паҳновари Ирон пас аз тасаллу-ти араб ва ислом боял давоми миллатро таъмин ва танзим намуд. Сарнагун шулани хукуматҳо нишони алами инти-боки он хукуматҳо бо миллат хаст. Ва акнун вазифаи мост, ки он арзишҳоро ки пояи давоми миллати ирони будааст, пояи бунёдгузории як хукумати фаррин навин бикунем, то он арзишхову ормонҳо он хукуматро бар дӯш бикашанд ва бо он чон бибахшанд. Акнун он хангом фаро расида-аст, ки он арзишхову ормонҳо боз аз сарчашмаи давоми миллат дар зарфи хукумат рехта шавад. Чун ин миллат аст, ки хазорсолаҳо давоми худро таъмин кардааст, то ба чое, ки хукуматҳо аз ӯҳдаи ин масъулият барнаёмадаанд. Аз ин рӯ миллати ирони бино ар хакке, ки дар асари "сар-чашмаи давоми худ будан" дорад, хакки бунёдгузории хукумат ва инзомеро дорад, ки тачассуми ин арзишҳо ва ормонҳо бошад.

Бальямӣ: Ин миллат аст, ки давоми худро аз сарчашмаи худ хифз кардааст, на он ки хукуматҳо зомини ин давом буда бошанд. Ва он, ки ба худ давом мебахшад, худ сар-чашмаи хамаи кудратҳост.

Амир Исмоил: Оре, касе давом меёбад, ки кудрат дорад. Ва ин кудрат як давлати мутамарказ аст. Он гоҳ миллат ба сифати тобеи зухур мекунад.

Бальямӣ: Вале ба кадом рох? Он чӣ амирам мехоҳад, хеле мушкил аст. Ва дар киболи сиёсате, ки ислом матрах месозад, барои давоми миллат хатарнок мебошад. Мо хамеша дар маърази тахоҷуми аквоми вахшиву бадавӣ карор дорем. Бо ин фалсафа, ки ҷаноби олӣ матрах меco-зад, яъне бунёд гузоштани як хокимияти фаррӣ, ки пояи вазияш наёгурдани чон ва мукаддас будани замласт, барои мо хеле хатар дорад. Бо хоким кардани ин сиёсат дар дилу андеша ва рафтори кавму миллати хеш зарбаи мухлике ба он зада мешавад. Он вакт аст, ки муташаббех мешавад. Барои ой, ки ин сиёсатро хоким созем, боял ав-валан, чунон ки нишон фармудаед, як давлати мутамарказ ва кудратманде бунёдгузорӣ шавад, ки мардумро барои хазорсолаҳо аз шарри бегонагон эмин нигоҳ дорад, бо ин фалсафа намешавад хукумати ормонҳоро сохт. Дар сурати

сохтани чунин хукумате ин ормонхо аз байн мераванд. Мо миллатро боид ба як озорандаи доимии зиндагиву чон табдил диҳем. Ин хилофи фалсафаи симургист. Башар боид то ба Рустами ормонӣ камол ёбад ва ба дардхову ранчхои зиндагӣ дармон бахшад.

Амир Исмоил: Аз вежагихои бунёдии ин андеша такаддуми мехр ба хар чизи дигар аст.

Балъамӣ: Аз чумла ба акида, имон, шариату миллат ва уммату нажод ва чинсу табака?

Амир Исмоил: Дар аввал дар доираи як миллату як нажод.

Балъамӣ: Чаро фикр намекунед, ки андеша дар замони хукуматхои муктадире чун Хахоманишу Ашконӣ ва Сосонӣ ба шикасти фохише рӯ ба рӯ шуд?

Амир Исмоил: Барои он ки онхо яке аз аслхои бунёдии ин андешаро фаромӯш карданд ва ё беэътибор сохтанд.

Балъамӣ: Он асли бунёдӣ чист?

Амир Исмоил: Хирад. Махз хирад посдору нигахдори чону зиндагист. Хираде, ки ба нигахбонии хама чонхову хама зиндагон ва хама инсонхо барнахезад, хирад нест. Аз ин рӯ хирад дар доманаи сиёсат факат накшу вазифа ва таахуди онро дорад, ки зиндагонии инсонхоро ба таври куллӣ бидуни хар гуна истисно ва табъизе нигох дорад. Хираде, ки чунин таахуде дорад, шолудаи сиёсат ва кишвардориву чахондорист.

Балъамӣ: Чаро шумо фикр намекунед, ки ин андеша ширк аст?! Ин хиради шумо он маъниро медихад, ки вай бартар аз хар шариате ва динест. Ин хиради Оллох нест. Аз ин назар хар чӣ зиндагиро дар ин гетӣ биёзорад, чӣ кавонину низом ва чӣ дастгоххои динӣ бошанд, бар зидди хираданд. Шариату дин ва иродаи худо асл нестанд, балки зиндагӣ дар ин гетӣ асл аст ва хирад посдори хамин зиндагист. Ин аст, ки хирад хак дорад бо андешидан хар чиро бар зидди зиндагии мардум дар гетӣ меёбад, дур бияфканад ва тард кунад.

Амир Исмоил: Шумо ба мисли Абилхафс наандешед. Маро тамоми вахшатам аз ин кабил одамон аст. Онхо муташаббех шудаанд. Муроди мо боид баргардондани ишон ба асли хеш бошад. Вагарна дар хама чиз тамгаи ширк задан мумкин мешавад. Ин чиз оиндаи хатир ба бор меоварад. Миллатро ба инхитоти фархангиву нажоди ги-

рифтор месозад. Мурод аз ба кор бастани ин сиёсат ё фалсафа чизи дигар аст? Чаро мо ин соатҳои дароз дар хусуси "бақои миллат" ҳарф мезанем? Муроди мо зинда кардани ойини гузаштагон нест. Балки аз вежагиҳойи бунёдии ин андеша асли растохези он аст. Асли симурғӣ дорад. Симурғ ҳам дар андешаи гузаштагони мо худро пас аз ҳар кушта шудане аз нав меёфаринад. Озурдани ӯ ангезаи худофаринии ӯст. Ин аст, ки шикасти Симурғ ҳамеша пирӯзист. Вақте ин вежагиро дар чаҳорчӯбаи мафҳуми сарчашмаи қудрат ва ҳукумат будани симурғ ё хирад ё меҳр бигзорем мебинем, ки маъное ҷуз ин намедиҳад, ки набудани ҳукумат ва низому фарҳанги миллати ироний бояд фақат сабаби боззоӣ ва худофаринии миллати Иронзамин гардад. Ва бо растохези ҳамин вежагиҳост, ки метавон рӯзе ҳукумати озоду додгар офарид, ки интибоқ бо ин вежагиҳо дошта бошад.

Чанд лаҳзае ҳама хомӯш мемонанд. Вале аз аввал то ба охири ин сӯҳбат муғи пир дар сурати номаръӣ ҳузур дорад. Ӯро фақат амир Исмоил мебинад ва гӯё бо ӯ сӯҳбат дорад ва ба назари бинанда чунин мерасад, ки он пирамард аз забони Исмоил сухан мегӯяд. Ин ҳолат фақат барои бинанда ва Исмоил маълум аст.

Амир Исмоил: Албатта аз ин суханон чунин бардоште ҳосил нашавад, ки гӯё ман даъвогари тоҷу тахти Вароруд ҳастам. Ман фақат ормонҳои хешро аз як давлату ҳокимияти фаррӣ иброз доштам. Ҳамаи ин омилҳо сабаб шуд, ки ман Бухороро тарк гӯям, зеро бори масъулияти ин маъмурият барои ман вазнинӣ мекунад. Яъне барои заррае ҳам пиёда кардани онҳо ман маъмурият надорам. Он чӣ бар ӯҳдаи ман гузошта буданд, ҳар каси дигар ҳам қудрати ичроиши онро дорад. Ман расолати худро дигар мебинам. Албатта ин афзунталабӣ нест, исёну ёгигарӣ нест, эътироз нест, ҳатто ношукрӣ аз марҳамати амирам ҳам нест. Аз ба амал бароварда натавонистан қабул накардан беҳтар аст. Хоҳиш мекунам, маро дуруст бифаҳманд. Аз як сухани бетаҳаммул ошно бегона мегардад.

Балъамӣ: Модом, ки зиндагӣ муқаддас аст, ҷангу ҷиҳод бемаъност. Он гоҳ ҳар қавме метавонад бар мо тасаллут ёбад ва зулм кунаду ҷон биёзорад.

Амир Исмоил: Қавми мо бино бар он расолате, ки бар ӯҳдааш гузоштаанд ё он ки фитрати азалиш аст, фақат ҳаққоният ба як навъ ҷанг доранд ва он ҷанг барои боз-

дошгани озордихандагони зиндагонӣ дар ин гетӣ аз озор мебошад. Аз ин рӯ барои аквоми ироний зиндагӣ чихол барои акида ва дину мафкура нест, балки пайкор барои хифзи хакки зистни хар инсон аст. Чангхои мо бо шабушкхорхои шимол аз хамин рох аст. Ва минбаъд боид ин чангхо зиёдтар шаванд, то тавонем онхоро аз сархадоти хеш ба диёрашон кафо партоем. Ман дар чанг бо ин вахшихо хамин касдро шиори худ дорам. Онхо ба маънии томаш озорандагони чону зиндагӣ хастанд.

Балъамӣ: Чаро гумон намебаред, ки Симо-ал-Кабир аз ин суханони шумо намеранчад?

Симо-ал-Кабир: Ман хакки ранчишро аз амирам надорам.

Амир Исмоил: Ин суханхо ба чаноби Симо-ал-Кабир заррае тааллук надоранд. Инхо ба сабаби ба шабушкхурхо мушаббех шуданашон турк хонда мешаванд, вале дар асл аз кавми мо хастанд.

Балъамӣ: Оё ин рост аст?

Симо: Бале. Ахли шахри Тироз аслан мардуми сугдӣ хастанд ва ба сабаби тасарруф шуданаш ба дасти чашмтангхои шимол, шахри туркон ба хисоб меояд. Туркхо дар он нуфус надоранд ва гирдогирди он беруни шахр дар чодархо зимистон мегузаронанд ва дар шахр бозор мекунанд. Алхол ин шахрхоро бо номи турк бурдан як хатои ом шудаст.

Балъамӣ: Пас муваттани онхо кучост?

Симо: Шимол, ки манзили сармост ва дар шимолу шаркии Чину Мугулистон. Динашон шаманӣ аст. Мо то мусулмон шудан кисме монавӣ ва кисме насорӣ будем. Ва замоне моро ба асирӣ овардаид, чун турки гулом харидуфурӯш кардаид. Ва аксари сархангхову сипахсолорхо аз кавми мо хастанд, вале бархато турк номида мешаванд.

Амир Исмоил: Оё аз чехраву мӯю рӯяшон пай намебаред, ки ишон бо он шабушкхорхои вахший хеч умумияте надоранд? Хукумати мо боид аз ин хатари бузург мардумонамонро барои абад эмин созад, вагарна вучуди хукумату давлати мо бемаъной мебуд. Сухан дар ин хусус хеле дароз аст. Бо хамин кӯтохаш мекунем.

Балъамӣ: Дуруст аст, ки мо боиси захмати амирам шудаем ва на гузоштем, ки губор бияфшонанду кӯфтагии рох бароранд. Маъзурем.

Амир Исмоил: Умедворам, то андозае ба ишон сабаби омаданамро фахмонда бошам. Дар акси хол тафсилотам боиси шойиоте хохад шуд.

Балъамӣ: Амирам хотирчамъ бошанд. Иншооллох хуб мешавад...

Онхо баромада мераванд. Амир Исмоил танхо мемонад.

Қасри шох

Амир Исмоил бесаброна, вале бо чехраи гирифтаву бо хаёле мушавваш пасу пеш кадам мезанад. Ҳочиб вориди толор мешавад ва амир Исмоил ба сӯяш чанд гом бармедорад.

Амир Исмоил: Ба амирам бирасонед, ки ман интизори бор ёфтан ҳастам. Шояд Хочаи Бузург хоҳиши бор ёфтанамро фаромӯш кардаанд. Хеле вакт гузашт.

Ҳочиб таъзим мекунад ва ба толори боргоҳ ворид мешавад. Ҳозирон ба сӯйи ӯ менигаранд. Ӯ пас аз адои маросими одоби дарбор ба амир Наср рӯ меорад.

Ҳочиб: Амирам, амир Исмоил бор мехоҳанд.

Наср: (*Ба сӯйи Балъамӣ*). Ҳанӯз ӯ инчост? Бигӯед, ман ӯро дидан намехом.

Балъамӣ: Амирам...

Наср: Хайр, тарзе ба ӯ фаҳмонед, ки дӯст душман нашавад. Имрӯз рӯзи бор ёфтан нест ва ҳоказо. Соҳибшуртаи Самарқанд ба номи ӯ гардонед ва Муҳаммад бинни Умарро халифааш таъин намоед. Дар ҳаққи ӯ аз ин зиёда коре бароварда нест.

Ба Абузакриё Яҳё нома нависед ва таъкид кунед, ки бо Абилҳафси Сағир мадоро кунад ва дар ҳар амале бо ӯ мушовират намояд. Ҳамчунин ба факеҳи бузург нома нависед ва иродати моро нисбат ба ишон иброз доред ва хоҳиш намоед, ки дар назму оромиши вилояти Бухоро ба бародари мо аз ҳеҷ кӯмаке дареғ надоранд.

Абулфазли Балъамӣ ва ҳочиб ба амир таъзим карда аз боргоҳ мебароянд. Амир Исмоил дар назди панҷара ба сӯйи чорбоғи қаср менигарист. Аз пайдо шудани Балъамиву ҳочиб ба худ омада чанд гоме ба пешвози онҳо бармедорад. Ва саволомез ба эшон менигарад.

Балъамӣ: Амирам ба сабаби зиёдатии умури давлатӣ ба шумор бор дода наметавонанд.

Амир Исмоил: Пас амирам бар ман хашм гирифтаанд. Чаро ончунон, ки ба шумо гуфтам...

Балъамӣ: Худо шохид, бо тафсил гуфтаи шуморо ба амирам расонидам... Зиёда аз он, боз Симо-ал-Кабир дар миёна даромад.

Амир Исмоил: Пас чаро амир бар ман хашм гирифтаанд? Ва ё казияи дигаре дар миён асту ман аз он бехабарам?

Балъамӣ: Аз он чое, ки ман медонаму мебинам, муносибати шохам ба шумо аз серкорист. Дигараш барои ман торик аст. Шумо сабр кунед.

Амир Исмоил бо хашм аз қаср бадар мешавад ва дар чорбоғи хуррам бемуродона гардиш мекунад. Ва ба нохост ба сӯйи қаср бармегардад. Амир Наср рафтори ӯро назора мекард. Амир Исмоил ба поёни чорбоғ, он чое, ки шерону гургон дар қафас буданд, меравад. Қафаси гургҳо хеле танг буд ва боз дар миёни қафаси кушоду баланди шерон чой шуда буд. Ғуррасту таҳдиди шерҳо гургҳоро афсурда карда буд. Амир Исмоил ба чашмони ин вуҳуши асир нигарист. Замирашонро, ҳастияшонро дар барқи нигоҳашон медид. Нигоҳе сарду алмосгун бурранда. Нигоҳе бегонаву вахший. Нигоҳе душманона доштанд.

Оҳу дар дуртар ба сӯйи ин манзара менигарист. Ҳамин, ки амир Исмоил аз чояш хеста ба сӯйи дар равон шуд, оҳу ҳам ӯро дунбола карл. Ӯ чанд бор баргашта пушташиро дастмол намуд. Амир Наср ҳанӯз назди панчара буд.

Китобхона

Амир Исмоил бо писараш Аҳмад деворнигорахои толори китобхонаро тамошо мекунанд. Наср бо ҳайрат ба тасвирҳо менигарад. Деворнигора аз тасвири дарахте азим, ки сар ба фалак кашидааст, огоз мешавад. Дарахт, ки бештар ба сарв шабеҳ аст, дар миёни дарёи бузург рустааст. Даруни об чондорхои дарёии гирди танаи он чамъ шудаанд. Як навъ махлукҳои афсонавӣ. Дар шохсораш анвои парандагон лона гузоштаанд. Дар сари дарахт парандаи азиме, бо пару болҳои бузургу зебое нишастааст. Дар сохили сабзу хуррами дарё чондорони рӯйи замин дар мавқеъхои мухталиф тасвир шудаанд. Шерон-нару мода ба истиқболи якдигар меоянд. Дар миёни онҳо гизоле орому

осуда ғунудааст. Аспи сафеде ба сӯйи уфукҳойи дур медавад, бе савор аст. Ва марде мусаллаҳ ба самти он асп равон аст. Ва офтоб аз паси мурғи афсонавии сари дарахт ҳамчун ҳалқаи заррини мушаъшаъ нурпош мебошад. Филе маст ба паланге ҳамлавар.

Ин ҳама болои шохи гови бузурге ва гов дар болои моҳие бузургтар. Ва моҳӣ дар замини бекарон.

Аҳмади хурдсол ба нигора наздиктар меравад ва бо дикқати ҳар чӣ томтар ба он менигарад.

Амир Исмоил: Ин нигора чӣ маънӣ дорад? Мефаҳмӣ? Номи ин дарё Фаррохкарҷ аст, ба маънои "Бузургсоҳил" ё Фаррохканор. Тиштр-эзади борон бо Апӯш- деви хушкӣ ба пайкор мехезад ва дар се навбат бар вай пирӯз мешавад ва ҳар бор муддати даҳ шабонарӯз борон меборад. Селҳо мехезанд. Дар асари ин селҳо Аҳриману ёронаш нобуд мешаванд ва онгоҳ боди тунде мевазад ва обҳоро ба канорае мебарад, ки аз онҳо дарёи Фаррохкарт ба вуҷуд меояд. Ин дарё як севвуми заминро ишғол мекунад ва чунон азим аст, ки оби ҳазор дарёчаро дар бар дорад. Ҳамаи обҳо аз чашмаи Ардависур-Аноҳит ҷорист. Дар роҳи худ як сад ҳазор мачроои заррин ҳосил шуда ва оби гарму зулол аз ин мачро гузашта ба сӯйи кӯҳи баланди Ҳукайра равон мешавад. Баъзе аз ин дарёчаҳо ба андозае бузурганд, ки як марди савор дар чиҳил рӯз даври онро наметавонад паймуд. Ин дарё дар аввал дар осмон ҷой дошт. Онро нӯҳсаду наваду нӯҳ ҳазору нӯҳсаду навуду нӯҳ фариштa посбонӣ мекунанд.

Ин дарахт Гаукарана ном дорад. Барои он, ки бар вай Аҳриман осеб нарасонад, моҳии Кararo ба посбонии он гумоштаанд.

Ин шерҳо маҳзари қудрату тавон ва нерӯ мебошанд ва бо калимаи шоҳу шаҳриёр аз як реша ҳастанд ва ба асл ҳар ду намояндаи хуршеданд. Ин моҳӣ Восӣ аст. Ин моҳӣ дар миёнаи дарёи Фарохкарт зиндагӣ мекунад. Тамоми ҷонвароии худоофарида андар ин дарё таҳти ҳимояти вай мебошанд. Ана ин, ки ҳама чиз рӯйи шохи зарринаш қарор дорад, Харо ном дорад. Ин ҳам дар миёни дарё зиндагӣ мекунад ва се по дорад. Баданаш сафед аст, пок аст, шаш чашму нӯҳ пӯзаву ду гӯш ва як шохи заррин дорад ва аз он ҳазор шохи дигар рӯйидааст ва ба воситаи онҳо ҷонвароони бадро нобуд мекунад. Гӯшаш ба андозае бузург аст, ки тамоми вилояти Мозандаронро ё Хоразмро фаро мегирад. Ҷойи қадами вай ба андозае калон аст, ки як рамаи ҳазор

гӯсфанда андаруни он чой хохад гирифт. Дар атрофи хурд-тарин пайи ӯ хазор марди савор давр зада метавонад ва вакте, ки ин чонвари нек сар дар дарё фурӯ барад ва гӯшхойи хеш бичунбонад, укёнус ба чӯшу хурӯш афтад, ларзаву изтироб дар доманаи кӯхи Гуновад падид оянд, аз таъсири овози ӯ хаман чонварони молдан нек дар укёнус обистан шаванд ва чонварони ахриманиву бад аз биму харос бача сакат кунанд. Агар худованд ӯро намеофарид, оби укёнус аз осеби Ахриман ях мебаст ва тамоми чонва-рон халок мешуданд.

Ин дарахти сар ба фалаккашида, ки тамоми парранда-гон бо сарварии Симурғ бар шохсори он лона гузошта-анд, "дарахти хаматухм" аст. Тамоми рустанихо аз тухми ӯ рӯидаанд. Дар мавриди хайвонот низ эътикод бар ин буд, ки гове ба номи Увагдат тухми куллияи чорпоён ва хатто бархе гиёхони судмандро бо худ дошт. Ин гов ягона мах-луки рӯйи замин ва хайвоне буд зебову неруманд, ки гохе ӯро ба сурати гове нар ва гохе хам дар хайати гове мода тасвир кардаанд.

Баъдан Каюмарс низ монанди ин гов аз хок падид омад ва чун рустание аз замин рӯйид ва то се хазор сол хар ду дар оромиш буданд. Хангоме, ки деви бадй ба гови нахус-тин расид, гов алорагми талоши худованди якто бемор шуд ва саранчом чашм аз чахон фурӯ баст. Сипас аз хар як аз аъзои гови нахустин панчохупанч навъи гиёхи ши-фобахш рӯйид. Аз тухми он як чуфт гови нару мода падид омад ва ба дунболи онхо дувисту хаштоду ду чуфт аз хар як аз хайвоноти рӯйи замин зохир шуд. Ин афсона хеле дуру дароз аст. Дар ривоёти кӯхан хаст, ки яке аз аъмоли чобиронаи Ковус, яъне бузургтарин гуноҳи ӯ куштани го-вест, ки нигахбони марзхои Ирону Турон буд. Ин говро Хурмузд офарид, то чун низои байни Ирону Турон дарги-рад, ӯ суми хеш дар хадди вокеии Ирону Турон бикӯбад ва чангу чидол аз байн биравад.

Ахмад: Хадди ин марзхо кучост?

Амир Исмоил: Дар он сӯйи кишвари Исфичоб, дар икли-ми хафтум ва шимолии Чин. Ин акъвоми балбахт аз он киш-вари дуру сарду безиёъ ба механи мукаддаси мо хамлао-вар шудаанд.

Аз ин рӯ гузаштагон муътакид буданд ба он, ки Замин рӯйи шохи гов карор дорад ва гов бар пушти мохие бу-зург, яъне говмохии Харо ва ӯ дар дарёи Фарохкарт ши-

новар аст. Ҳар гох, ки гов хаста мешавад, заминро аз рӯйи як шохаш ба рӯйи шохи дигар мелағзонад ва ҳамин кор мӯчиби заминларза мешавад.

Ахмад: Устодам зимни тафсири ояти "Лаху мо фӣ ас-самовотӣ ва мо фил-арзӣ ва мо байнаҳуммо ва мо тахт-ас-саро" ин киссаро накл карданд.

Амир Исмоил: Пас ту ин киссаро медонӣ?

Ахмад: Оре. Ҳамчунин дар хусуси Гӯсолаи Заррин қиссахо гуфт.

Амир Исмоил: Офарин...

Ҳамин вақт китобдор-хамон мӯйсафеде, ки дар сурати Муғ бар амир Исмоил зоҳир мешуд, ба толор мебарояд.

Китобдор: Дуруд ба амири Бухоро, дуруд ба шоҳзодаи ҷавону далер... (Як-як даст зада) Хуш омаданд, нури дида, точи сар.

Амир Исмоил: Дигар ман фурсати зиёде дар ихтиёр дорам ва метавонам аз дӯстонам дидан ба амал оварам ва омӯзиши хешро давом дихам.

Китобдор: Ба хайр аст?

Амир Исмоил: Оре, ба хайр аст. Фақат ҳамин қадар, ки ман ба Самарқанд баргаштам. Ин фоли нек аст.

Китобдор: Гумон мекунед?

Амир Исмоил: Чаро не?!. Хушбахтона, дар хонадони мо шахсиятҳои лоиқ хеле зиёданд. Ман фақат аз ишон бо як афзалиятам фарқ мекунам: силаҳшӯрӣ. Ин ҳам аз он хисс аст, ки ба гузаштаҳои пурифтихори қавму меҳанам ишқ меварзам ва фахр мекунам. Маҳз ҳамин эҳсоси ифтихор маро силаҳшӯр кардааст. Дар вазъе, ки кишвари мо қарор дорад, эҳсоси ватандӯстӣ дигар хел зуҳур карда наметавонад. Бо ин эҳсос бояд фақат силаҳшӯр шуд!.

Китобдор: Дер боз ин ҷо ҳастед?

Амир Исмоил: Не. Ҳанӯз ба мирзода саҳнаи аввали нигораро тафсир надода будам, ҷанобашон ҳозир шуданд.

Китобдор: О, шоҳзода ҳам ба фарҳанги гузаштаи меҳани худ марок доранд?!

Амир Исмоил: Инон ҳанӯз ҳамирмоя ҳастанд. Шакл бастанашон ба маҳорату ҳунари кӯзагар марбут аст.

Китобдор: Бифармоед, ба дарун.

Амир Исмоил: Мирзода ин ҷо бошанд ва нигораҳоро тамошо кунанд, ҳини бозгашт дар хусусашон сӯҳбат меку-

нем.

Амир Исмоил ба хучраи анларуни, ки хазинаи китоб боял бошад, ворид мешавад. Нуре, ки аз сакф ворили хучра мешавад, атрофро хеле рўшан намудааст.

Китобдор: Нафахмидам. Оё чизе шуда, ки амирамро аз кор барканор кардаанд? Дар шахр овозахо хастанд, ки ишонро сохибшуртаи Самарканд таъин кардаанд.

Амир Исмоил: Магар ин маъноп барканор кардан аз корхои давлатиро надорад?!

Китобдор: Модом, ки чунин аст, тасмим гирифтаанд, ки ба омўзишхои худ идома дихапд? Дар илми хадис, ки онро аз падари хеш фаро гирифтаанд, комиле бошанд. Гумон мекунам ба фикх мепардозанд.

Амир Исмоил: (*Механдад*). Хадису фикх илмхое хастанд, ки чун мане хар рўз ба онхо сару кор дорад, ва чун манеро донистани онхо аз вочибот ба шумор меравад. Вале омўзиши ман дар дигар хусус аст. Хеле мешавад андешаи маро масъалаи як хукумати фаррй, ки бар доду адолат бунёдгузорй мешавад, машгул медорад.

Китобдор: Худ хукумати фаррй як масъала аст. Ва татбики он масъалаи дигаре ва аз мухимтарин масъалае! Пояи он бар дод, мукаддас донистани зиндагй ва парвариши чон аст. Хамин тавр?

Амир Исмоил: Хамин тавр.

Китобдор: Фикр кардед, ки бо пиёда кардани ин андеша шуморо ба баддинию бидъат ва куфр гунахкор мекунанд?!

Амир Исмоил: Шумо хам ба мисли дигарон андеша мекунед. Мухим ин чо барои парвариши хирад замина мухайё кардан аст. Худ хирад аз бузургтарин тарозуи амал аст. Парвариши хирад пиёда кардани иродаи озод аст. Хидоят ба сўйи ободихои диёр аст, парвариши чонхост.

Китобдор: Касе ба шумо ичоза нахохад дод, ки мардумро аз корхои ухравияш, яъне иморати охираташ барканор дорад ва мачбур ба иморати ширку гунох созед.

Амир Исмоил: Обод доштани ин дунё дар хеч дине ширк нест. Мо худ ба чашми хеш дидаем, ки ин бадавиёни сахрой бихишти мавъудро дар вокеъ дар диёри мо ёфтанд ва он расолатеро, ки дар мусалмон кардани мо доштанд, аз ёд бурданд, ва богу рог, молу мулки моро сохибй карданд, мардуми моро ба гуломй бурданд, харчанд тороҷи моли муъмин куфр аст. Мардум харчанд ба ислом гаравида бо-

шад ҳам, вале тороҷ шуд, ба баҳонаи саркашӣ аз шаръу ислом ва зидди ҳукоми маҳаллӣ ба бардагӣ бурда шуд. Ин чизҳо ба мо имкон медиҳад, ки хирадро парваронем, ҳукумати додро поя бигузорем. Фақат аз ҳамин роҳ метавонем бар душмани бадавии хеш фоиқ оем. Дар асоси ислом ҷаҳонбинии хешро, ки ҳазорсолаҳо бар тавҳид асос ёфтааст, аз нав зинда созем.

Ба ҳамин қасд назди ишон омадам, ки кӯмакам намоянд, ҳар чӣ аз таъриху дониши гузаштагон аст, бароям муҳайё намоянд.

Китобдор: Амирам бо забони паҳлавӣ ва арабӣ ошноии комил доранд?

Амир Исмоил: Бобо, маро тамасхур мекунед?!

Китобдор: Забонам сӯзад, ман куҷову ҷуръати тамасхур кардани чун шуморо куҷо. Ман воқеан аз забондонии ишон огоҳӣ надорам. Барои ҳамин ҳам пурсидам.

Амир Исмоил: Паҳлавиро аз бобоям ва арабиро аз падари бузургворам омӯхтам ва дар назди устодони ин соҳа аз имтиҳон ҳам гузаштаам.

Китобдор: Дар мавқеи шумо инсон воқеан бояд донишманд бошад, хирадманд бошад. Узр мехом.Ин мадораи, ки амирам мехоҳанд, кай лозим доранд?

Амир Исмоил: Ҳозир.

Китобдор: Фурсате таъхир накарда ба хизматашон мерасонам. Ҳамин ҳозир аз дунболатон мерасам.

Амир Исмоил: Ман бо худам мегирам.

Китобдор: Заҳмат мешавад! Ман намегузорам...

Амир Исмоил: Не, шумо заҳмат накашед, уламои зиёде бо шумо сару кор доранд, интизор кардани онҳо кори хуб нест. Ман бо худ мегирам, агар зиёд бошанд ҳам, боке нест, бо худ ёвар овардаам. (*Табассум мекунад*).

Китобдор: Ман шарманда ҳастам. Э хок бар сари ман! (Аз *ҳуҷра бадар меравад ва баъд аз чанд лаҳза бо бастаи китоб бармегардад. Тамоми ин муддат амир Исмоил танҳост ва китобдорро пеши худ варақ мезанад*). Узр, амирам, узр... Ба худ ҷуръат медиҳам, ки аз шумо бипурсам. Ин ҷо уламо фақат бар ду илм фиқҳу ҳадис машғуланд. Пас чӣ тавр амирам ин масъаларо поярезӣ мекунанд?

Амир Исмоил: Фарзандони ин диёр, ки дар ҳар илме олиманд, хизмати аъроб мекунанд. Мо дар аввал заминаро барои баргашти онҳо муҳайё месозем. Дуввум, насли ди-

гареро ин чо ба воя мерасонем. Ирон ва ироний боял манзилати пештараи хешро ёбад!

Китобдор: Метарсам ки...

Амир исмоил: Аз чӣ. Бигӯед, ман тайёрам ба хама суханони шумо гӯш дихам. Бифармоед, бебокона...

Китобдор: Магар хамин хост, яъне андешаи поярезии як хукумати фаррӣ боиси барканории чаноби олӣ аз корхо нашуд? Пас чӣ сон шумо метавонед...

Амир Исмоил: Ман худам нахостам.

Китобдор: Мохият надорад, нахостед ва ё нахостанд. Ин масъала дигар барои шумо ҳамчу як хост ё ормон бокӣ мемонад, на зиёда аз ин. Зеро бо даст кашидан аз қудрат шумо худ теша ба решаи имконоти хеш задед. Барои ин тавр густохона иброз доштани андешаам аз чаноби олӣ узр мехоҳам. Шумо дигар наметавонед ва ё имконияте намеёбед, ки ба сарчашмахои хеш баргардед ва ё мардумро баргардонед.

Амир Исмоил: Пас ба фикри ишон чӣ боял кард? Чаноби олӣ рох нишон диханд.

Китобдор: Густохӣ мешавад, агар чу мане ба чаноби олӣ рох нишон дихад.

Амир Исмоил: Хохиш мекунам...

Китобдор: Шумо дар мавкее карор доред, ки мачбуред бо дӯсту душмани хеш муросо кунед. Бигузор мувакатӣ хам ки бошад.

Амир Исмоил: Шумо гуфтан мехохед, ки намебоист Бухороро тарк мекардам.

Китобдор: Оре. Бухоро барои пиёда кардани андешахои шумо чойи муносибе буд. Аввалан дар канорai каламрави хонадони Сомонӣ аст, дуввум ханӯз таассуботи фирка-гарой дар матни чомеа русух накардааст. Мухим хамин аст. Дар кишвари мо, Вароруд ба мисли дигар нукоти олами ислом таассуботи динию мазхабӣ рох наёфтааст. Дар замини он метавон хар гуна андешаро парварид.

Амир Исмоил: Ба шарте, ки аз кудрате бархурдор бошӣ. Хол он, ки ман аз хамчунин кудрате бархурдор набудам.

Китобдор: Кудрат чист? Тасаллут ёфтан бар вазъи мавчуд! Онро касе ба шумо намедихад! Шумо худатон, бо азми кавй, бо камоли фазлу акли чорасоз сохиб мешавед. Ин ба мисли чакондани як катра равган ба оби хавз аст. Кудрат талош аст, талоши пайгирона!

Амир Исмоил (*Андешааш садо медиҳад*): "Ӯ кучо медонад, ки ман аз осӣ шудан метарсам! Ва ҳар чӣ бодо бод гуфтан! Таваккул бар худо кардан!... Ҳанӯз..." (*Ба китобдор*) Сари ин масъала андеша мебояд кард.

Ӯ аз чояш мехезад ва бастаи китобҳоро бардошта, аз дар берун мешавад. Шоҳзодаи чавон Аҳмад ғарқи тамошои деворнигорахои толор аст. Китобдор онҳоро то кӯча гусел мекунад.

Амир Исмоил бо фарзандаш аз миёни кӯчабоғҳои зебову хуррам бо ҷӯйҳои оби зулол мегузаранд. Аҳмад хеле шод аст ва гирдогирди падараш мегардад ва бо шавқ сухан мекунад, онҳо бо завқ механданд.

Осмон софу бегубор аст. Нури хуршед аз хилоли шохсорони дарахтони мева медурахшад. Рӯд ором меравад. Амир Исмоил дар сояи дарахти зардолу болои сабзаҳо дароз кашидааст ва банди андеша аст. Аҳмад рӯйи регзори соҳил бо худ машғул аст. Ӯ аз рег "диж" месозад ва перомуни онро "девор" мебардорад. Дар он соҳили рӯд галаи аспон мечаранд ва барзгарон дар шолизорон машғули коранд.

Амир Исмоил: Он ҷо чӣ кор мекунӣ? Соя биё. Офтоб гарм аст, мебардорад, ин ҷо биё!

Аҳмад: Ман ин ҷо диж месозам. Диже мустаҳкам. Аз ҳамлаи душман осебнопазир. Ҳеҷ душман наметавонад онро фатҳ кунад.

Амир Исмоил аз чояш мехезад ва ба назди Аҳмад меравад.

Амир Исмоил: Чӣ дижи зебое! Бораву хандақ ҳам дорад. Бо тамоми қоида! Дарвозаҳош ку?

Аҳмад: Ин дижи мустаҳкам аст. Ҳар дижи мустаҳкам дарвоза надорад.

Амир Исмоил:Пас даромаду баромади мардум чӣ ҷур мешавад?

Аҳмад:Бо роҳҳои зеризаминӣ! Аз ин ҷо, аз ин ҷо. Ин роҳҳоро фақат душман намедонад. Боз ба мисли Ҳинги Афросиёб аст.

Амир Исмоил: Ҳинги Афросиёбро медонӣ?

Ахмад: Оре. Ҳинге рӯйин буд андар зери замин. Афросиёб аз марг хароснок, ба талаби бемаргӣ дар он паноҳ

гареро ин чо ба воя мерасонем. Ирон ва ироний боял мазилати пештараи хешро ёбад!

Китобдор: Метарсам ки...

Амир исмоил: Аз чй. Бигўед, ман тайёрам ба хама суханони шумо гўш диҳам. Бифармоед, бебокона...

Китобдор: Магар хамин хост, яъне андешаи поярезии як хукумати фаррй боиси барканории чаноби олй аз корхо нашуд? Пас чй сон шумо метавонед...

Амир Исмоил: Ман худам нахостам.

Китобдор: Мохият надорад, нахостед ва ё нахостанд. Ин масъала дигар барои шумо хамчу як хост ё ормон бокй мемонад, на зиёда аз ин. Зеро бо даст кашидан аз кудрат шумо худ теша ба решаи имконоти хеш задед. Барои ин тавр густохона иброз доштани андешаам аз чаноби олй узр мехоҳам. Шумо дигар наметавонед ва ё имконияте намеёбед, ки ба сарчашмахои хеш баргардед ва ё мардумро баргардонед.

Амир Исмоил: Пас ба фикри ишон чй боял кард? Чаноби олй рох нишон диҳанд.

Китобдор: Густохй мешавад, агар чу мане ба чаноби олй рох нишон дихад.

Амир Исмоил: Хохиш мекунам...

Китобдор: Шумо дар мавкее карор доред, ки мачбурел бо дўсту душмани хеш муросо кунед. Бигузор мувакатй хам ки бошад.

Амир Исмоил: Шумо гуфтан мехохед, ки намебоист Бухороро тарк мекардам.

Китобдор: Оре. Бухоро барои пиёда кардани андешахои шумо чойи муносибе буд. Авалан дар канорai каламрави хонадони Сомонй аст, дуввум ханўз таассуботи фиркагарой дар матни чомеа русух накардааст. Мухим хамин аст. Дар кишвари мо, Вароруд ба мисли дигар нукоти олами ислом таассуботи динию мазхабй рох наёфтааст. Дар замини он метавон хар гуна андешаро парварид.

Амир Исмоил: Ба шарте, ки аз кудрате бархурдор бошй. Хол он, ки ман аз хамчунин кудрате бархурдор набудам.

Китобдор: Кудрат чист? Тасаллут ёфтан бар вазъи мавчуд! Онро касе ба шумо намелихад! Шумо худатон, бо азми кавй, бо камоли фазлу акли чорасоз сохиб мешавед. Ин ба мисли чакондани як катра равган ба оби хавз аст. Кудрат талош аст, талоши пайгирона!

Амир Исмоил (*Андешаи садо медиҳад*): "Ӯ кучо медонад, ки ман аз осӣ шудан метарсам! Ва ҳар чӣ бодо бод гуфтан! Таваккул бар худо кардан!... Ҳанӯз..." (*Ба китобдор*) Сари ин масъала андеша мебояд кард.

Ӯ аз чояш мехезад ва бастаи китобҳоро бардошта, аз дар берун мешавад. Шоҳзодаи чавон Аҳмад ғарқи тамошои деворнигорахои толор аст. Китобдор онҳоро то кӯча гусел мекунад.

Амир Исмоил бо фарзандаш аз миёни кӯчабоғҳои зебову хуррам бо чӯйҳои оби зулол мегузаранд. Ахмад хеле шод аст ва гирдогирди падараш мегардад ва бо шавқ сухан мекунад, онҳо бо завқ механданд.

Осмон софу беғубор аст. Нури хуршед аз хилоли шохсорони дарахтони мева медурахшад. Рӯд ором меравад. Амир Исмоил дар сояи дарахти зардолу болои сабзахо дароз кашидааст ва банди андеша аст. Ахмад рӯйи регзори сохил бо худ машғул аст. Ӯ аз рег "диж" месозад ва перомуни онро "девор" мебардорад. Дар он сохили рӯд галаи аспон мечаранд ва барзгарон дар шолизорон машғули коранд.

Амир Исмоил: Он чо чӣ кор мекунӣ? Соя биё. Офтоб гарм аст, мебардорад, ин чо биё!

Аҳмад: Ман ин чо диж месозам. Диже мустаҳкам. Аз ҳамлаи душман осебнопазир. Ҳеч душман наметавонад онро фатҳ кунад.

Амир Исмоил аз чояш мехезад ва ба назди Аҳмад меравад.

Амир Исмоил: Чӣ дижи зебое! Бораву хандақ ҳам дорад. Бо тамоми қоида! Дарвозаҳош ку?

Аҳмад: Ин дижи мустаҳкам аст. Ҳар дижи мустаҳкам дарвоза надорад.

Амир Исмоил:Пас даромаду баромади мардум чӣ чур мешавад?

Ахмад:Бо роххои зеризаминӣ! Аз ин чо, аз ин чо. Ин рохҳоро факат душман намедонад. Боз ба мисли Ҳинги Афросиёб аст.

Амир Исмоил: Ҳинги Афросиёбро медонӣ?

Ахмад: Оре. Ҳинге рӯйин буд андар зери замин. Афросиёб аз марг хароснок, ба талаби бемаргӣ дар он панох

бурд.

Амир Исмоил: Пас ту ҳам мехоҳӣ аз душман ҳароснок шавӣ ва дар он паноҳ барӣ?

Аҳмад: На ҳаргиз! Ман бо душман набард мекунам.

Амир Исмоил: Барои он ки диж рӯйин шавад бояд, мардумони он силаҳшӯру паҳлавон бошанд. Он гоҳ ҳеҷ душмане наметавонад онро фатҳ кунад.

Аҳмад: Ман мехом ба мисли Рустам паҳлавон бошам.

Амир Исмоил: Бисёр хуб. Алҳол барои Рустам шудан бояд ғизо хӯрд. Рафтем, дер шуд.

Қасри шоҳ

Хочаи Бузург: Дар сарҳадоти ҷанубу ғарбии кишвар, яъне Хуросону Форс вазъият ноором аст. Яъқуби Лайс ҳамчунон ба лашкаркашиҳои хеш идома медиҳад. Ӯ баъди фатҳу Гургону Табаристон қасди Форс дорад. Аз ин рафтори Яъқуби Лайс халифа Мӯътамад розӣ нест ва ин нооромиҳо бими он дорад, ки мардуми Ирокро бар зидди халифа барангезад.

Амир Наср: Вазъи кишвари мо чун аст?

Хоҷаи Бузург: Дар қисмати шимолу шарқӣ, яъне Фарғонаву Исфиҷобу Чоч вазъият ором аст. Дар атрофи Бухоро яке аз дуздон халқеро ба худ гирд кардааст. Онҳо риндону авбошон ва айёрони рустоҳо ҳастанд ба теъдоди чаҳор ҳазор. Ва байни Ромитану Баркад роҳ мезананд. Бинобар ба хабарҳо тоза ишон қасди ғорати Бухороро ҳам дар сар доранд.

Амир Наср: Иллати ба Ироқи Аҷам лашкар кашидани Яъқуб чист?

Хоҷаи Бузург: Мегӯянд, вақте халифа аз лашкаркашии Яъқуби Лайс ба Гургону Табаристон огоҳ шуд, ба ҳоҷиён, ки аз Хуросон ба ҳаҷҷ рафта буданд, пайғом дод, ки "Мо қабл аз ин Яъқуб бинни Лайсро ба аёлати Сиистон сарфароз кардаем, акнун, ки аломати туғён аз вақаноти ҳоли ӯ зоҳир шуд, ҳукм мекунам, ки бар вай лаънат кунед". Чун ҳоҷиёни хуросонӣ беандоза аз Яъқуб метарсиданд, чараёни ҳолро ба ӯ гуфтанд. Ӯ ба Нишопур бозгашт ва барои тасхири Форс озими он минтақа шуд. Дигар ин, ки Яъқуби Лайс яке аз сардорони сипоҳи худ ба номи Муҳаммад бинни Зайдуяро ба ҳукумати Кӯҳистон фиристода буд, вале

чанде баъд ӯро узл намуд. Муҳаммад бинни Зайдуя ба ҷамъи душманони Яъқуб пайваст ва ба назди Муҳаммад бинни Восил ҳокими Форс рафт ва ӯро бар зидди Яъқуби Лайс таҳрик кард. Яъқуб ҳукумати Сиистонро ба Азҳар бинни Яҳё супурд ва барои саркӯб кардани онон озими Форс шуд. Яъқуб дар моҳи шаввол ба Форс наздик шуд ва чун ба Истахр расид, ба осонӣ бар он ҷо тасаллут ёфт. Аҳмад бинни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ бар Яъқуб осӣ шудаааст ва бими он дорад, ки дар Хуросон ошӯбе барангезад.

Амир Наср: Дар чунин вазъе бародари мо бе ҳеҷ сабаб ба Самарқанд бармегарданд, ба тадриси улуми ақлия машғул мешаванд.

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Амирам, Абоиброҳим афсурдаву ғамгинанд. Як солу як моҳ мегузарад ва ҳар рӯз ба дидори ҷаноби олӣ меоянд, вале бор намеёбанд.

Хоҷаи Бузург: Алҳол паси дар нишастаанд.

Амир Наср: Бифармоед, бо ишон дигар чӣ тавр рафтор намоем?

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Хоҳиш мекунам, амирам, агар аз ишон ҷурме ба нисбати ҷаноби олӣ содиршудааст, аз дари доду бахшиш дароед.

Абдуҷаббор бинни Ҳамза: Ишонро дигарбора ба Бухоро бифиристед.

Амир Наср: Ишон аз ин амр сар заданд ва бе ҳеҷ дастур Бухороро ба ҳоли худ гузошта ба Самарқанд баргаштанд. Ман намедонам, ки чӣ мехоҳанд.

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Ман кафолат медиҳам, ки ишон низ ҳамчунин мехоҳанд. Ва сониян дар чунин вазъ ба Бухоро рафтани Абоиброҳим зарур аст.

Амир Наср:Намефаҳмам, ин хоҳиши шумост ё Абоиброҳим?

Аҳмад бинни Нӯҳ: Хоҳиши ҳар ду тараф.

Амир Наср: Хоҷаи Бузург чӣ мефармоянд?

Хоҷаи Бузург: Ман ҳам ба ин фикр мувофикам. Барои хиттаи Бухоро аз амир Исмоил бехтар номзаде нест. Бо Бухоро рафтани амир Исмоил вазъияти он вилоят ором мегирад ва хотири шоҳам низ аз сарҳадоти шимолу ғарбии кишвар мутмаин мегардад.

Абдуҷаббор бинни Ҳамза: Фазлу камол, тадбиру дониш ва силаҳшӯрии Абоиброҳим ҳама ҷо, ки ишон ба расолате рафтаанд, намудор гардидааст.

Хоҷаи Бузург: Ҳама кори амир Исмоил Рустамона аст. Мушкилотро рӯи зарурат ҷое ба ҳусни тадбир ва ҷое бо зӯри синон ҳал кардаанд.

Амир Наср:

Меҳтарӣ гар ба коми шер-дар аст,
Шав, хатар кун, зи коми шер бичӯй!
Ё бузургию иззу неъмату ҷоҳ,
Ё чу мардон-т марг рӯёрӯй.

(*Баъд аз макси дуру дароз*): Амир Исмоилро даъват кунед.

Ҳочиб ба ҳаяҷон аз дар бадар мешавад. Ва пас аз лаҳзае бо амир Исмоил бар мегардад. Амир Наср ҳанӯз шеър мехонад:

Хуки худро гар бирезӣ бар замин,
Беҳ, ки оби рӯй резӣ дар канор...

(*ва ба истиқболи амир Исмоил меравад, ҳамдигарро огуш мегиранд. Ҳама шоду хурсанд менамоянд*).

Амир Наср қадамзанон ба сӯйи тахт ва пушт ба ҷониби ҳозирин мегӯяд:

- Мо тасмим гирифтем ва ҳамчунин дӯстон шафоъат оварданд, ки шуморо дубора ба Бухоро эъзом намоем.

Амир Исмоил: Шоҳам...

Амир Наср (*Сухани ӯро бурида маҷоли гуфтан надода ва суханашро дунбола мекунад*): Ҳар он чӣ буду гузашт, мо фаромӯш кардем. Донистан мехоҳем, ки дар ин хусус фикри ҷаноби олӣ чист? Оё ба тасмимоти мо, шафоати дӯстон мувофиқанд ё не.

Амир Исмоил (*дар баробари тахт ба зону мезанад ва замин мебӯсад*): Шоҳам... Шоҳам... Банда сари мӯ ба ризояти шоҳам хилоф накардаам, ҳатто дар пиндорам низ ба хеш иҷоза надодаам, ки хилофи ризояти ҷаноби олӣ бияндешам. Маъзурам.

Амир Наср: Ба гузаштаҳо салавот. Бархезед, зону шикастан кори озодагон нест... (*Ҳанӯз дар оҳанги сухани амир Наср нобоварӣ ва ранҷиш эҳсос мешавад*).

Амир Исмоил ҳамчунон истиробзадаву хиҷолаткашида аз ҷой мехезад ва ба шоҳ таъзим мекунад.

Амир Наср: Ин бор мо ба шумо озодиҳои зиёдтаре медиҳем. Он чунон, ки салоҳ медонед, амал мекунед. Хирочи яксолаи вилояти Бухоро панҷсадҳазор дирамро ташкил

медиҳад ва вазифаи шумо бе таъхир ба байтулмол фиристодани он аст. (*Ба Хоҷаи Бузург мурочиат намуда*) Вазъи кунунии Бухороро ба ишон бифаҳмонед ва агар дигар дастуре доред, бидиҳед.

Амир Исмоил: Ман аз авзои Бухоро ва навоҳии гирду атрофи он бохабарам.

Амир Наср: Пас одамони барои худ наздикро интихоб кунед. Ҳарчӣ тезтар, хубтар. Вазъият ҳарчӣ зудтар ба Бухоро рафтани шуморо тақозо мекунад. Шумо тасмими киро дар кадом вазифа бо худ гирифтанро кардаед?

Амир Исмоил: Бале, шоҳам.

Амир Наср: Бифармоед.

Амир Исмоил: Писарамуи бузургворам Муҳаммад бинни Нӯҳ, Исмат бинни Муҳаммади Марвазӣ, Фазл бинни Аҳмади Марвазӣ ва Абдуҷаббор бинни Ҳамзаро.

Амир Наср: Ба истисноои Муҳаммад бинни Нӯҳ ва Абдуҷаббор бинни Ҳамза ба боқӣ мувофикем. (*Ба Хоҷаи Бузург*) Маншури моро бо ин мазмун бароред: Абоиброҳимамири Бухоро, Исмат бинни Муҳаммади Марвазӣ- вазир ва Фазл бинни Аҳмади Марвазӣ -дабир. Боқӣ дар салоҳияти худи амир Исмоил аст.

Амир Наср аз тахт поён меояд, бародарро дигарбора ба оғӯш мегирад ва ҷабини ӯ мебӯсад ва дигарон амир Исмоилро ба навбат муборакбод мекунанд. Амир Наср Иброҳимро аз зери бағал гирифта, то ба назди дари баромад гусел мекунад.

Амир Наср: Амирам гумон накунанд, ки таи ин муддат фориғ аз андешаи ишон будем. Шумо ҳамеша дар дили манед. Худо ёратон бод.

Амир Исмоил: Худованд нигаҳдоратон бод, шоҳам!

Дигарон: Паноҳ ба худо!

Амир Наср бармегардад ва ба Муҳаммад бинни Нӯҳ ва Абдуҷаббор бинни Ҳамза рӯ меорад:

-Будани шумо ин ҷо назди ман заруртар аст. Ман ба фазлу ройи шумо мӯҳтоҷтар ҳастем.

Онҳо таъзим мекунанд: Мо бандаи шоҳам ҳастем.

Амир Наср: Фардо амир Исмоил ба рох мебароянд. Тадоруки сафари ишонро боид дид. Боид тамоми бузургони дарбор ва вилояти Самарқанд ба гусели амир бароид. Боид тачлили гусел пуршукӯҳ гузарад, то амирам бадгумон нараванд. Маншури моро ба ҳама вилоятҳо бифиристед, бо

замимаи огоҳкунанда аз вазъияти кишвар ва мамолики ҳамчавор.

Амир Наср ҳини сухан кардан ба назди панҷара меояд ва ба сӯйи чорбоғ менигарад. Шерҳо раҳо шудаанд. Ғуломон аз тарсу ҳарос ба ҳар тараф медаванд. Амир оҳуро мекобад, вале дар ҳеҷ кучо назараш бар он намеафтад. Ва беихтиёр андешааш ба садо дармеояд: "Шерҳо раҳо шудаанд!"

Хочаи Бузург: Шоҳам чизе гуфтан мехостанд?

Амир Наср: (*ҳаячонзада*) Шерҳо раҳо шудаанд...

Ва ғавғои рӯйи боғ ба даруни қаср русух мекунад. Ҳама ба назди панҷараҳо медаванд. Вале касе дар бехатар кардани ваҳшати шерҳо иқдоме намекунад. Қасри шоҳӣ ба изтиробу ҳарос меафтад.

Ва офтоб ғуруб мекард ва ба мисли ташти тафта сурх шуда буд.

Аъёну ашроф, бузургони давлати Сомонӣ бо саркардагии амир Наср ва амир Исмоил аз қасри шоҳӣ бадар мешаванд. Мардуми шаҳр ҳама ба гусели амир Исмоил баромадаанд. Издиҳоми ашроф аз миёни кӯчаҳои шаҳр гузошта ба дарвозаи Суғд мерасанд. Амир Наср бори дигар бо бародар хайру хуш мекунад, Абунаср Аҳмадро оғӯш гирифта мебӯсад ва сари духтари хурдсоли амир Исмоилро сила мекунад ва баъд бо дигар ҳамсафарони ӯ хайру хуш мекунад. Қофила ба рох мебарояд. Хочаи Бузург ва Абдуҷаббор бинни Ҳамза ба назди амир Наср меоянд. Амир Наср парешонхотирона ба Абдуҷаббор рӯй меоварад.

Амир Наср: Ё Абулфатҳ, ин кӯдакро, ки мо ба Бухоро ҳамефиристем, то мо аз вай чӣ хоҳем дидан?!

Абдуҷаббор: Шоҳам андеша бад макунанд, ки ӯ бандаи шумост. Шоҳам ҳар чӣ фармоянд, амир Исмоил ҳамон кунад, ҳаргиз хилоф накунад.

Амир Наср: На, чунон аст ба ҳақиқат, ки ман мегӯям.

Абдуҷаббор: Шоҳам боз чӣ ҳукм кардаанд?

Амир Наср: Андар чашмҳову шамоили вай хилофу исён ҳамебинам.

Қофилаи равандагон даруни ғубори роҳ гум мешавад. Нигоҳи амир Наср ба дунболи онҳо раҳ баста аст.

БУХОРО

Тамоми бузургона вилояти Бухоро бо саркардагии Абузакриё Яҳё, Абилҳафси Сағир ва шуртаи Бухоро Ҳусайн бинни Аъло дар даромадгоҳи Кармина интизори вуруди амир Исмоил истодаанд. Амир Исмоил бо ҳамсафаронаш намудор мешавад ва бузургони Бухоро аз аспҳо ба зер омада, пиёда ба истиқболи ӯ мераванд. Амир Исмоил бо наздик шудани пешвозгирандагон аз асп пиёда мешавад ва ба тақлид аз ӯ аҳли рикобаш низ пиёда мешаванд. Амир Исмоил аввал Абилҳафси Сағирро ба оғӯш мекашад ва баъдан бародараш Абузакриёро. Ва мобақӣ дасти амирро мебӯсанд. Онҳо чанд фосила пиёда рафта баъд ба аспҳои хеш мешинанд. Аз миёни киштзорҳо ва боғистонҳои сабзу хуррам мегузаранд ва ба Бухоро мерасанд. Аҳли Бухоро пиру ҷавон, зану духтар ба кӯчаҳо рехтаанд ва аз амир Исмоил истиқбол мекунанд. Хайли амир Исмоил дар даромади Бухоро таваққуф мекунад ва амир бо вазиру дабираш аз ҳамсафарон ҷудо шуда ба қабристон мераванд ва ду ракъат намоз гузорда боз бармегарданд.

Амир Исмоил: (*Ба Хоҷа Абилҳафс*). Кӯтоҳии гузоштаро боястӣ ислоҳ кард.

Хоҷа Абилҳафс: Фоли нек аст. Иншооллоҳ, дигар ҳама корҳо ба сомон хоҳад шуд.

Амир Исмоил: Ло амала илло биниятин, яъне ҳеҷ кирдоре арзиш надорад, магар ба ният. Ва боз аз паямбар саллиаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам аст, ки фармуд: "Ҳамоно кирдорҳо дар гарави ниятҳост. Ва ҳар кас ҳар чӣ қасд намуд, барои ӯст". Иннам-ал-аъмолу бинниёти ва ликулли амрин монаво.

Хоҷа Абилҳафс: Барои ман фазилати амирам маълум буд, вале на ба ин дарача.

Амир Исмоил: Чӣ ҷои тааҷҷуб! Сирати шоҳон ҳамчунин бошад. Магар сирати Сиёвуш камтар аз сирати Исо алайҳиссалом буд?

Хоҷа Абилҳафс: Амирам?..

Амир Исмоил: Яъне қасди ман ин набуд, ки ӯро қиёс бо пайғамбар кунам, балки мехостам, бигӯям: дар гузашта шоҳони ин сарзамин масъулияти динии мардумро низ бар дӯш доштанд. Камокон банда аз ҳукумат кардан чунин бардошт дорам.

Амир Исмоил ба сӯйи Хоҷа Абилҳафс лабханд мезанад ва қофила боз ба роҳ мебарояд. Ҳамчунон аз ҳар тараф садои дафу сурнай ва "шодбоду зинда бод"-ҳо баланд аст. Мардум ҳамчунон то даромадгоҳи қасри шоҳӣ бар амири худ зар нисор мекарданд.

Хайли Амир Исмоил дар назди қаср аз аспҳо пиёда мешаванд ва ғуломон аспонро ба истабл мебаранд. Онҳо вориди қаср мешаванд.

Абузакриё Яҳё: Аз ин гуна истиқболи мардум аз амирашон кас шод мешавад. Бухоро пазмони амири хеш шудааст.

Амир Исмоил: Не. Бухоро пазмони осоишу оромиш шудааст.

Абузакриё Яҳё: Номи амир Исмоил рамзи осоишу оромиши кишвар шудааст.

Амир Исмоил аз роҳ рафтан боз меистад ва бо тааҷҷуб ба бародараш хира мешавад.

Амир Исмоил: То фардо омилони Баркаду Ромитанро ҳозир кунед, бо қуззоташон. (*худ ба худ*) Дигар ҳар дузду айёре даъвогари тоҷу тахт шудааст. (*ба ҳама*) Дар ин кишвар ҳар касе бояд мақому мартабаи хешро шиносад.(*Ба Абузакриё*) Дар бораи вазъи кишвар маълумот тайёр кунед.(*Ба Ҳусайн бинни Аъло)* Лашкар дар чӣ вазъ аст? Чаро қодир ба таъмини осоиши мардуми кишвар нест? Вазъи сарҳадоти мамлакат чун аст?

Абилҳафс: Амирам барои бозрасӣ ба ин масоил фардо фурсат меёбанд. Ҳоло хуб мебуд, агар амирам ғубори роҳ меафшонданд.

Амир Исмоил: Магар бо чунин вазъе мешавад фароғат кард?!. (*Лаҳзае ҳама ҷоро оромии мудҳише фаро мепечад. амир Исмоил пасу пеш қадам мезанад ва боз сухан мекунад*). Таҳқиқ кунед, ки оё омилони мо бо ин дуздон ҳамдаст ҳастанд ё не? Бовар намекунам, ки онҳо бе муттакое ба чунин амале ҷуръат кунанд! (*Ба Ҳусайн бинни Аъло*). Онҳо бояд ин ҷо ҳам аз пуштибоне бархурдор бошанд. Бинобар иттилооти расида онҳо қасди Бухоро ҳам доранд.

Абузакриё: Вазъ чунон аст, ки наметавонем ба Ромитану Баркад расул бифиристем. Онҳо бар авзоъ мусаллат мебошанд.

Амир Исмоил: Пас чиро интизор будед? Оё таҳқиқ кардед, ки сабаби ин исёну шӯридагӣ чист? Бояд сабабе бо-

шад?! Вагарна роҳзаниву ғорат, дуздиву чаповал хӯйи мардуми ваҳшии саҳроист, ин хӯйи шабушкхӯрону малаххӯрон аст. Инсоф диҳед. Мо худамон ишонро ба чунин коре барангехтаем. Ҳама гуна амали зишт аз бедод сар мезанад. Мардуме, ки қарнҳои зиёд бар зидди бедод мубориза мебурд, имрӯз худаш омили бедод шудааст. Инсоф диҳед, ин фақат ба гуфтан осон аст. Бо ин вазъ намешавад муросо кард. Фардо тамоми бузургон, омилон, қуззот, олимони музофот ин ҷо ҳозир шаванд.

Хушбахтона, Яъқуби Лайс дар ғарбии кишвар даргири ҷанг аст, вагарна бе ҳеҷ заҳмат хоки ин диёрро мебехт. Ва ё омилони Хоразм аз ҳоли мо хабар надоранд.(*Ба Абуфазл бинни Аҳмад*) Аз фардо, не, аз имрӯз ба кори қуззоти вилоят расидагӣ кунед. Абуфазл бинни Ахмади Марвазиро ҳамаи шумо мешиносед. Ишон дабири мо ҳастанд. (Б*а Исмат бинни Муҳаммади Марвазӣ ишора карда*). Ишон Исмат бинни Муҳаммади Марвазӣ вазири мо ҳастанд. Аз ин баъд дар масоили умури давлатӣ ба ишон мурочиат фармоянд.

Абузакриё (*Ба Абилҳафс бо овози паст*): Амирам аз мо бадгумон шудаанд ва чунин мепиндорам, ки дигар ба мо бовар надоранд.

Абилҳафс: Ин тавр нест. Ҷанобашон ба хато бадгумон шудаанд.

Амир Исмоил хеле хастаҳолона хешро ба тахт мерасонад ва беҳолона мешинад. Ҳама хомӯшона интизори фармоишоти амир истодаанд. Амир Исмоил ба рӯйи якояк менигарад.

Амир Исмоил: Ман дигар ҳарфе надорам. Агар масъалае ҳаст, дар миён бигзоред, вагарна... хеле хаста шудаам. Ҳозирон якояк аз толор бадар мераванд. Дар назди амир Исмоил ба ҷуз Исмат ва Абулфазл дигар касе наменмонад.

Ҳавлии қалъа. Чорбоғ

Амир Ҳарас ба ғуломоне, ки рӯйи ҳавлии қалъа ба ҷунбуҷӯл машғуланд ва бори амир Исмоилро аз аробаҳо поин меоранд, чизе мефаҳмонад. Абунаср Ахмад аз назди қафаси шерони хеш дур намеравад. Абузакриё бо Абилҳафс ва Ҳусайн бинни Аъло сӯҳбаткунон аз қалъа берун меоянд. Абузакриё бо дидани Абунаср Ахмад ба назди қафасҳо

меояд.

Абузакриё: Бародарзодаи мо шергир шудаанд.

Абунаср Аҳмадро боло мебардорад, аз ҷабинаш мебӯсад ва боз ба замин мегузорад. Абилҳафс сари ӯро дастмол мекунад.

Абилҳафс: Хайра мақдам, амирзодаам, хуш омаданд, нури дида... Иншооллоҳ дигар тез-тез аз ҳамдигар дидан хоҳем кард.

Абунаср Аҳмад: Дигар устоди ман шумо хоҳед буд?

Абилҳафс: Иншооллоҳ, ишонро бо фиқҳи ҳанафӣ ошно хоҳам кард.

Абунаср Аҳмад: Ман онро фаро гирифтаам.

Ҳама шодмона механданд. Абунаср музтар мемонад ва бо ҳайрат ба онҳо менигарад.

Абилҳафс: Амирам чиро омӯхтан мехоҳанд?

Абунаср Аҳмад: Илми каломро, риёзиёту ҳандасаро, илми ҳарбро... Ҳама чизро донистан мехоҳам. Мехоҳам забони вуҳушро бифаҳмам, то донам, ки чӣ мегӯянд...

Ҳамин замон аз панҷараи қалъа овози зане баланд мешавад, ки Абунаср Аҳмадро фаро мехонд. Абунаср Аҳмад паси дарҳои қалъа нопадид мешавад.

Абилҳафс: Шоҳзода закӣ менамоянд.

Ҳусайни Аъло: Бачаае, ки дар ин синн бо шерон бозӣ мекунад, аз назари ҳақ дур наяфтодааст.

Даҳ-бист сарбоз аз қалъа бадар омада ба сӯйи дарвоза медаванд. Мардуми рӯйи ҳавлии қалъа бечавол мешаванд. Ҳусайни Аъло Амир Ҳарасро, ки ҳанӯз ба корфармоӣ машғул буд ба назди хеш мехонад. Амир Ҳарас коҳилона ба назди онҳо меояд.

Амир Ҳарас: Ишон фармоише доштанд?

Ҳусайни Аъло: Бигӯ, ки беруни дарвоза чӣ мағал аст ва сарбозон ба кучо шитоб доштанд?

Амир Ҳарос: Бозаргонони Байканд ӧмадани амирамро фаҳмида ба додхоҳӣ омадаанд.

Абилҳафс: (*Ба Ҳусайни Аъло*). Биравед, ҳоли воқеаро бифаҳмед ва аз паи чораи он бишавед. Худо накунад, амирам пеш аз мо хабар ёбанд ва табъашон, ки бе ин ҳам хира аст, боз хиратар шавад.

Ҳусайни Аъло бо шитоб сӯйи дарвозаи қалъа меравад ва Абузакриёву Абилҳафс низ аз паси ӯ.

Дах-бист нафар марде дар қабоe озода ва кулоҳи хоси бухориён, ханҷарҳо ба камар ҳамоил Ҳусайни Аълоро дар миён гирифтаанд. Овозҳо аз ҳар тараф садо медиҳанд ва Ҳусайни Аъло ишонро ором кардан мехоҳад.

Овозҳо аз издиҳом:

-Мо амир Исмоилро дидан мехоҳем.

-Дод мехоҳем.

-Корд ба устухонамон расид.

-Агар ҳукумат қудрати ҳимояти молу мулки моро надорад, пас ба худи мо иҷозат диҳад, ки аз худҳомон ҳимоят кунем.

Ҳусайни Аъло: Калонтари шумо кист? Бигузор ӯ ҳоли шуморо арза дорад. Бокӣ ба хонаҳои хеш баргардида.

Овоз аз издиҳом: То ба арзи мо расидагӣ нашавад. барнамегардем.

Ҳусайни Аъло: Амирам ҳамаи шуморо бор дода наметавонанд. Аз байни худ калонтаронро интихоб кунед, то ӯ аз шумо намояндагӣ кунад.

Овозҳо аз издиҳом: Абуҷаъфари Солор, Буҷаъфари Солор. Буҷаъфари Солор.

Ҳусайни Аъло: Хоҳиш мекунам, дигарҳотон ба манзилҳои хеш баргардед.

Касе аз ҷояш намеҷунбад.

Ҳусайни Аъло: Шумо ба оромиши шаҳр латма мезанед. Ба деҳҳои хеш баргардед.

Овоз аз издиҳом:

-Мо аз ин фиребҳоро бисёр хурдаем.

- То Амири Одил ба додамон нарасад, ба ҷое намеравем.

Абилҳафс ба назди Ҳусайни Аъло меравад ва дар гӯшаш чизе мегӯяд.

Ҳусайни Аъло: Буҷаъфар бо ман биёяд.

Онҳо даруи мераванд. Абузакриё мушаввашхотирона ба Абилҳафс эътибор надода аз паси Аъло ба қаср медарояд.

Шаб. Андаруни Қалъа

Дахлезҳои дарозу нимравшани қалъа хилват аст. Танҳо ду шербачае, ки имрӯз аз Самарқанд бо хайли амир Исмоил ба Бухоро оварда буданд, даруни қалъа ҳокими мутлақ

буданд. Шербачагони бадҳайбат андар дахлезҳои пурпечу хаму бешумори қалъа гашту гузор мекарданд ва хоби роҳати сокинони онро посбонӣ менамуданд.

Шабистони амир Исмоилро шамъе нимравшан кардааст ва ӯ болои тахти хоб нолишкунон аз паҳлӯе ба паҳлӯ мегардад. Амир Исмоил хоб мебинад: Чаҳор ҳазор нафар озодагони Самарқанду Бухоро дар либоси ашрофӣ дар иҳотаи сарбозони араб дар дили Регистон роҳ мепаймоянд. Онҳо хеле хастаанд ва ғубори меҳнати сангин бар чеҳраҳояшон нишаста. Аз паси онҳо қосиди бухорхудот Тугшода ба талаби ишон меояд.

Сарбози араб: Аз ҷониби Бухоро шахсе меояд.

Зайёд: Бигзор биёяд.

Қосиди бухорхудот ба назди гаравгонон мерасад ва аз асп пиёда мешавад.

Қосид: Сардори аъроб кучост?

Онҳо Зайёдро ба ӯ нишон медиҳанд. Қосид ба назди меравад ва номаи бухорхудотро месупорад. Зайёд беэътиноёна онро кушода мехонад ва ба сӯе мепартояд. Номаро бод мебарад.

Зайёд: Баргард ва ба бухорхудот бирасон, ки мо то ба Марв нарасем, гаравгононро барнагардонем.

Қосид меравад. Зайёд чанд сарбози хешро ба наздаш даъват мекунад.

Зайёд: Либосҳои фохираро аз тани онҳо бадар кунед ва ҳангоми ба он соҳил гузаштан бар ишон либосҳои дағали пашмина бипӯшонед ва дар дасту пояшон банд занед. Саркашонро бераҳмона ҷазо диҳед. Ҳама чизи онҳо ғанимати шумост.

Сарбозони араб озодагонро даста-даста мекунанд ва ба ин васила онҳоро байни худ тақсим мекунанд. Сарбозон гурӯҳеро ба соҳил меоваранд.

Сарбоз: Либосҳоятонро бадар кунед.

Асирон дили нохоҳам либосҳои фохири худро аз тан бадар мекунанд ва чанд аъробии дигар дасту поҳои ишонро мебандад.

Сарбози аввал: Шино кунед.

Чанд аъробии дигар сӯи заврақе медаванд ва бар он мешинонанд.

Озодае: Мо бо дасту пои баста шино кардан наметавонем.

Сарбоз: Завракҳо аз барои аъробанд. Шумо худхотон бояд гузаред.

Озодмардон эътироз мекунанд. Сарбоз ба назди Зайёд меравад.

Сарбоз: Онҳо шино карда наметавонанд.

Зайёд: Ёд мегиранд. Ба онҳо бифаҳмонед, ки дигар бояд ба сахтиҳо одат кунанд. Зуд бошед.

Сарбоз бармегардад ва асиронро мачбур бо зарбаи шалок ба рӯдхона мепартояд. Якеро об мебарад ва дигаре ғарқ мешавад ва иддаи ками гаравгон ба сохил мебарояд. Сарбоз боз ба назди Зайёд меояд.

Сарбоз: Агар ба ин минвол амал кунем, аз онҳо касе бокӣ намемонад.

Зайёд: Онҳоро ба ресмоне аз паси завракҳо бибандед ва он сохил кашед. (*Худ ба худ*). "Онҳо барои ба биҳишт табдил додани саҳроҳои араб зинда лозиманд". Ҳой Салм, бехтар аст онҳоро бо завракҳо бигзаронед, то ғарқ нашаванд. Зуд бошед!

Аъроб ба минволи пештара амал менамоянд, аз асирон либосҳояшонро бадар мекунанд. Асирон эътироз мекунанд. Марди баландболову тануманде аз миёни асирон чудо шуда назди сарбоз меояд.

Марди бухорӣ: Модом, ки бо завракхо мегузаронед, либос кашидан барои чист?

Аъробӣ: Барои он, ки агар заврак чапа шавад, либосат хадар наравад (*механдад*).

Марди бухорӣ: Мо асир нестем, ки чунин рафтор намоед.

Аъробӣ: Мо ба Арабистон начибзодагонро мебарем (*механдад*). Зуд бош, либосатро бадар кун!

Дигарон низ эътироз мекунанд. Аъробӣ бо тозиёна бар сари марди бухорӣ мезанад. Ӯ ба аъробӣ хучум меоварад ва сарбозони араб ӯро аз по дар меоваранд. Мағал мехезад. Зайёд ба сохил назди ишон меояд.

Зайёд: Чӣ гап? Ин чӣ магал аст?!

Аъробӣ: Ҷаноби олӣ (*бо тамасхур*) мефармоянд, ки ишон асир нестанд ва чунин рафтор дар хаккашон шоиста нест.

Зайёд: Ишон дуруст мегӯянд. Онҳо асир нестанд, балки ганиматанд (*Аъроб механдад*). Ғанимати чиҳод! Ин сагро зинда ба зинда ғарк кунед, бошад, ки мохиҳои худованд рӯзии хеш ёбанд.

Аъробие чанд марди бухориро бо хорӣ ба дасту пояш санг баста ба рӯд мепартоянд. Марди дигаре аз миёни асирон сар мекашад:

-Шумо хилофи таааҳҳуди хеш амал мекунед. Мо асир нестем ё ганимат. Мо озодагонем, ки ба гарав гирифта шудаем.

Зайёд (*механдад*): Бо ҳар, ки ба тақдираш тан дар медиҳад, чунин рафтор хоҳад шуд.

Мардум мешӯранд. Миёни озодагону аъроб ҷанг дар мегирад. Ҷанги силоҳдорон бо мардуми бесилоҳ. Сарбозони араб бераҳмона шӯришро пахш мекунанд. Соҳили дарё аз хуни бегуноҳи озодмардон гулгун мешавад. Сурхии шафақ бар рӯйи оби рӯд месечад ва дарёро хунолуд месозад. Ва мардони асил ба дарё ғарқ мешаванд ва мурдаҳояшон дар соҳили дарё бесоҳиб мемонад. Ва аз дурҳо садои каргасҳову мурдорхорҳо ба гӯш мерасад.

Ва амир Исмоил ба дарёи хунолуд ғарқ мешавад.

Ва зане бо фарёди ҷонгудозе аз паси асирон медавад. Бол мӯю пероҳанашро парешон мекунад.

Ва марде, паҳлавоне бо шамшери охта аз даруни оби ғализу хунолуди рӯдхона сар мекашад. Ва шамшери ӯ чун зоиқае дар осмони тираву абролуд медурахшад.

Ва овозе чун тундар уфуқҳоро меларзонад:

- Ку Рустаме?!!

Амир Исмоил такон мехурад, ба талвоса бедор мешавад ва ба шаст аз ҷояш парида мехезад. Араки хунуне баданашро тар карда буд. Ва тахтапушташ аз дард месӯхт. Ва аз шақиқааш хун метаровид. Ва панҷаҳои дасту пояш карахт буд. Шаҳбону ҳам бедор мешавад ва авзои амир Исмоилро дида ба ваҳшат меафтад.

Шаҳбону: Амирам!... Худовандо! Ин чӣ ҳол аст?!!

Амир Исмоил: Бонуи ман, ором шавед, гӯё ман хоб дидаам... Оре, хоб дидаам...

Шаҳбону ба назди Исмоил меояд ва аз ду дастони ӯ мегирад ва боз ваҳшаташ меафзояд.

Шаҳбону: Хок бар сари ман, чӣ хобе?! Аз чаккаҳои шоҳам хун меравад? Дастҳояшон сард аст?! Ин чӣ пай аст? Худоё!

Шаҳбону пайи хундамидаи дастони амир Исмоилро мемолад. Амир ба дард нолиш мекунад.

Амир Исмоил: Бонуи азиз, ором шавед...

Дастҳояшро аз қабати панҷаҳои нарми Шаҳбону раҳо карда ба сӯйи панҷараҳо бармегардад. Пушти куртаи шоҳ дарида буд ва гулгун шуда. Амир пардаҳоро ба як сӯ мекашад. Ҳанӯз шаб аст.

Шаҳбону: Худовандо, ин чӣ ҳол аст?! (*Мехоҳад фарёд занад, вале шоҳ ба суръат баргашта даҳони ӯро медорад*).

Амир Исмоил: Шаҳбону, ором шавед, ман фақат хоб дидаам... Дигар ҳеҷ... Ман ҳам чизеро дар намеёбам.

Паси дари шабистони шоҳ садои ғуриши шерон меояд. Амир Исмоил Шаҳбонуро ба рӯйи тахт мехобонад, рӯяшро бо рӯпуши барешими мепӯшонад.

Амир Исмоил: Ором шавед... Ман худам ҳам чизеро дар намеёбам... Тоза боят шуд...

Паси даре ғайб мезанад ва пас аз лаҳзае бо сару рӯйи тоза ва либоси ивазшуда пайдо мешавад. Шаҳбону ба андеша фурӯ рафтааст. Амир Исмоил ҷойнамозашро паҳн карда ба намоз меистад.

Субҳ медамад. Садои рафтуомади ғуломон шунида мешавад. Амир Исмоил ҷойнамозашро ҷамъ карда ба назди Шаҳбону меояд. Ҳанӯз ранг дар рӯяш нест.

Шаҳбону: Бемор шудаед? Табиброро даъват боят кард.

Амир Исмоил: Бону беташвиш бошанд. Ман бемор нестам.

Шаҳбону: Ранг дар рӯятон нест. Боз хоби асароромези шабона...

Амир Исмоил: Ин бори аввал нест, ки ман чунин хоб мебинам... Пеш аз ҳар иқдоме ё тасмиме чунин ҳолат ба ман рух медиҳад. Намедонам, ки ин ҳолати беморист ё илҳоми ғайбӣ. Дар ҳар сурат хуб мебуд, агар онро Шаҳбонуи азиз фаромӯш мекарданд.

Шаҳбону ҳайратзада ба амир Исмоил хира мешавад. Фарзандон аз хоб хестаанду ба саломи падару модар омаданд.

Боргоҳи шоҳ

Аъёну ашрофи Бухоро ҳама ҷамъ омадаанд. Ҳочиб ба боргоҳ ворид шуда ҷор мезанад:

- Амир Исмоил меоянд.

Ҳозирон ҳама аз ҷой мехезанд ва мунтазири вуруди амир

Исмоил мешаванд. Амир Исмоил пас аз лаҳзае бо вазиру дабири хеш вориди боргоҳ мешавад. Ҳозирон бар ӯ таъзим меоранд. Амир Исмоил аз байни сафи онҳо гузашта назди тахт меравад ва ба тарафи ҳозирон мегардад.

Амир Исмоил: Лутфи шумост, ки даъвати моро иҷобат кардед. Бифармоед, ҷанобон!

Амир Исмоил ба тахт мешинад ва дигарон аз ӯ пайравӣ мекунанд.

Амир Исмоил: Сабаби ба боргоҳ даъват шудани деҳқонони арҷманд, гумон мекунам, ки ба ҳама маълум аст. Вале маро фақат як чиз ба ташвиш овардааст. Наход деҳқонзодагони ин марзу бум анъанаҳои аҷдодии хешро фаромӯш карда бошанд? Агар чунин намебуд, ҳеҷ гоҳ чанд дузду роҳзане ҷуръат намекард дар ин сарзамин даст ба ғорату чаповал бизанад, осоишу оромии мардумро муғаннас созад. Ман аз худ мепурсам: чӣ омиле онҳоро ба чунин амале водоштааст? Ва деҳқонони мо дар баробари онҳо оҷиз мондаанд? Ё гуноҳ дар аъмоли омилони мост ва ё сохторҳои ҷомеаи мо таҷзия шудаанд? Ва набудани мо... Ман фаҳмидан мехоҳам. Наметавон бо чунин вазъе дар вилоят ҳукмфармост, муросо кард. Бигӯед, иллит чист? (*Ҳама хомӯшанд*). Иллат аз ду беш нест: ё шумо бо онҳо ҳамдастед ва ё аз ишон оҷиз омадаед?

Ҳусайни Аъло: Деҳқонони Ромитан ҳаминҷо ҳузур доранд. Аз ишон хоҳиш мекунем, ки қазияро барои амирам шарҳ диҳанд.

Амир Исмоил: Бифармоед.

Деҳқони ромитанӣ: Умри амирам дароз ва давлаташон поянда бод. "Раият беадаб гаштаанд ва аз бисёрии адл далер гардидаанд". Ва натиҷааш ин аст, ки чанд раҳзане мардумро гирди худ ҷамъ оварда, ба ғорати моли мардум даст задаанд.

Амир Исмоил: Ҷаро сари вақт хуручи онҳоро безарар накардед?

Деҳқони ромитанӣ: Давлати амирам поянда бод, кӯшидем, вале аз бисёрии эшон натавонистем бар онҳо фоиқ оем. Онҳо ғанимати ба дастовардаи хешро байни мардум тақсим мекунанд ва ба ин восита онҳоро ба худ ҷалб менамоянд. Қазия чунон аст, ки мардум аз аъмоли онҳо розиянд.

Амир Исмоил: Ҳм... Соҳибшуртаи Бухоро чаро иқдоме

накарданд?

Ҳусайни Аъло: Амирам, мо мунтазири...

Амир Исмоил (*сухани ӯро бурида*): Мунтазир будед, ки онҳо дар саросари вилоят хуруҷ кунанд? Ё амири Бухоро хабар надоштанд?

Абузакриё: Амирам, хабар доштем, вале...

Амир Исмоил: Вале чӣ?

Абузакриё: Онро чиддӣ нагирифтем, бузург шуд.

Амир Исмоил: Оташ, ки ба ҷангал уфтод, хурдиву бузургӣ надорад... Имрӯз дар саросари кишвари ислом хуруҷи Яъқуби Лайси Саффорӣ тамоми дуздону айёронро гӯш ба кимор кардааст. Пешрафтҳои ҷангии ӯ ишонро далер кардааст. Натиҷааш Баркаду Ромитан ва Хоразм аст... Лашкари кишвар аз бекориву таносой заиф. Мардуми кишвар ба умеди ҳукумат бепарво. Рӯҳи силаҳшӯрии мардум мурда. Дар чунин вазъе чӣ бояд кард? (*Ҳама хомӯшанд*). Бифармоед... Дигар анъанаи гузаштагонанро бояд зинда кард. Ҳар фарди кишвари мо бояд сарбоз бошад. Деҳқонони арҷманд, ин вазифаи шумост, ки раияти хешро ҳамеша ва дар ҳама ҳолат омодаи ҳимояти манфиатҳои кишвар гардонед. Ин рӯҳ дар дилу ҷигари мардуми мо бояд дар аз нав зинда гардонда шавад. Аз имрӯз ба ин кор иқдом бояд кард. Фардо ҳар деҳқоне бо дусад сарбози хеш ба ҷанг меравад. Ҳамаи қуввахоро Ҳусайн бинни Аъло рохбарӣ мекунад. Ҳарчӣ тезтар пеши рохи ин балво гирифта шавад! Дуздиву горату чаповал сирати мардуми мо нест. Лашкари мо ифодагари сирати мардуми мост. Дар хабар аст, ки" ҳар кирро рӯзи қиёмат ҳозир кунанд аз касоне, ки ишонро бар халқ дастеву фармоне буда бошад, дастҳояш баста бошанд. Агар одил бошад, адлаш дастҳои ӯ кушода кунад ва ба бихишт расонад ва агар золим бошад ҳамчунон баста ба гӯлхо ба дӯзах афгананд".

Ва ҳам дар хабар аст, ки "рӯзи қиёмат ҳар касеро, ки бар касе фармон буда бошад дар ин ҷаҳон, то бар мукимони сарой ва зердастони хеш ӯро аз он суол кунанд ва шӯбоне, ки гӯсфандон нигах дошта бошад, чавоб аз ӯ бихоҳанд". Валлоҳу аълам.

Чорбоғи қаср

Амир Исмоил бо дабири дарбор гардиш мекунанд.

Дабир: Ин чорбоғ хуш аст, вале ғизоле надорад.

Амир Исмоил: Дар воқеъ чорбоғи хуш аст.Чаро деҳқонон хомӯш буданд.

Дабир: Чӣ ҳам мегуфтанд? Ба гуноҳони худ иқрор буданд.

Амир Исмоил: Ин рафтор ба ман маъқул нест (*андеша-мандона*). Ғафлат давлатро бибарад...

Дабир: Дуруст аст. Ғафлати амир ва хиёнати вазир подшоҳӣ бибарад.

Амир Исмоил: Ба ҳар деҳе мо бояд одами худро дошта бошем.

Дабир: Ва ё омилони хешро бигзорем...

Амир Исмоил: Ҳанӯз барвақт аст... Бар мо хоҳанд шӯрид. Мо омадаем, ки дод кунем... Ман умедвор будам, ки Абуабдулло бинни Абилҳафс ахбори гузаштагонро дар қазияи Юсуф ба ҳозирон мегӯяд, вале ӯ ҳам хомӯш буд.

Дабир: Қиссаи марги Юсуф?

Амир Исмоил: Бале. Вақте Юсуф алайҳиссалом аз олам гузашт, хостанд ӯро ба наздики Иброҳими Халлилуллоҳ ба хок супоранд. Ҷабраил омаду гуфт: "Ӯро ҳамин ҷой бидоред, ки он ҷои ӯ нест,ӯро ҷавоби мулке бояд додан ба қиёмат". Чун ҳоли Юсуфи пайғамбар чунин бувад, вой бар мо!

Амир Исмоил бо Дабир ба интиҳои боғ нарасида бармегарданд. Ҳоҷиб бо Абилҳафс вориди қаср мешаванд.

Шабистони амир

Абилҳафс бо Ҳоҷиб вориди шабистон мешаванд. Шаҳбону паси парда нишастааст. Ҳоҷиб ба сӯйи парда таъзим карда баромада меравад.

Абулҳафс: Дуруд ба Шаҳбону.

Шаҳбону: Узр мехом, ки фақеҳи бузургро аз мутолиотташон канда кардам.

Абулҳафс: Гӯш ба фармонам. Шаҳбону мушкилоте доштанд?

Шаҳбону: Дишаб амир маро ба ташвиш оварданд, ва маҷбур шудам бо шумо дар ин бора маслиҳат кунам. Вале хоҳиш мекардам, сухан аз ин ҷо бадар наравад.

Абилҳафс: Итоат, гӯш ба фармонам, бифармоянд.

Шаҳбону: Дишаб амирам хоб медиданд, гумон мекунам, кобусе буд. Асорат аш дар ҷисми шоҳам зуҳур карда буд.

Абилҳафс: Ҳеҷ намефаҳмам, чӣ тавр асорат аш бар ҷисми шоҳам зоҳир шуда буд?

Шаҳбону: Аз шақиқаҳои амирам хун мерафт ва каллаи дастонашон пайи банд дошт ва аз зарбаи тозиёне душашашон даридаву хунчакон буд.

Абилҳафс: Фоли нек. Натиҷаи тақвову адл асту ростӣ!

Шаҳбону: Маро возеҳ бифаҳмонед.

Абилҳафс: Амирам **муҳаддас** мебошанд. Ин ҳолест, ки фақат ба авлиёулло рух медиҳад.

Шаҳбону: Яъне, муҳаддас чӣ?!

Абилҳафс: Касеро муҳаддас мегӯянд, ки малоика дар ботини қалбаш бо ӯ сухан мегӯянд ва шиноҳту маърифати ашёро бароят илҳом менамоянд. Гоҳо садои онҳоро, яъне малакро мешунавад, агарчӣ ӯро намебинад.

Шаҳбону: Ман ҳеҷ намефаҳмам...

Абилҳафс: Шаҳбону дил танг медоранд, ки ин сифоти хуби замири амирам аст, фоли нек аст.

Шаҳбонӯ: Таъсири иртиботи малоик бар тани муҳаддас зоҳиршаванда аст?

Абилҳафс: Ин ҳодисаи нодир аст.

Шаҳбонӯ: Ба табиб эҳтиёҷ надорад?

Абилҳафс: Не.

Шаҳбону: Шунидам, ки интихоби омӯзгоронро барои фарзандонамон бар зиммаи шумо гузоштаанд. Мехостам пеш аз шурӯъи корашон бо ишон сӯҳбат кунам ва пешакӣ донам, ки оиҳо кистанд.

Абилҳафс: Ба чашм.

Шаҳбону: Боиси сарфарозии мо мебуд, агар таълими фиқҳу ҳадисро ҷанобашон бар ӯҳдаи хеш мегирифтанд.

Абилҳафс: Мо шарафи худ мешуморем.

Шаҳбону:Лутфи шумо беандоза аст. Дигар хохиш мекардем, бонуи азиз гоҳ аз гоҳ ба дарбор биёянд. Мо алҳол ин ҷо касеро намешиносем.

Абилҳафс:Ба чашм.

Дарбор

Амир Исмоил бо чеҳраи ғамангез болои тахт нишаста-

аст. Бузургони Бухоро ба по истодаанд.

Амир Исмоил (*Худ ба худ*): Ҳанӯз фитнае фурӯ нанишаста, дигараш оғоз мегардад. (ба ҳама). Дирӯз аз Омуя хабар расид, ки Ҳусайн бинни Тоҳир бо ду ҳазор марди ҷангӣ ба соҳили Ому расидааст ва қасди Бухоро дорад. (*Ба Ҳусайни Аъло*). Лашкар дар чӣ вазъ аст? Умедворам, онҳо ҳанӯз ба хонаҳои хеш мурочиат накардаанд.

Ҳусайни Аъло (*Заминро бӯсида*): Ду ҳазор сарбозе, ки ба саркубии дуздон гирд омада буд, ҳанӯз дар Бухорост ва интизори фармон мебошад.

Амир Исмоил: Алҳол дуздонро ба зиндонҳо фиристед. Баъди фароғат ёфтан аз Ҳусайни Тоҳир ба қазовати онҳо хоҳем расид. Шоистагии ҷангии лашкар чӣ тавр аст?

Ҳусайни Аъло: Хуб аст, амирам, вале силоҳ кифоят намекунад. Агар маҳорати ҷангии беназире, ки сарбозон аз худ нишон доданд, намебуд, ба якинбар дуздон фоиқ намеомадем.

Амир Исмоил (*Ба Абузакриё менигарад. Ӯ сар ба зер меорад*). Деҳқонони азизи мо то ба ҳол чӣ гумон кардаанд? Ҳусайни Тоҳир бори аввал Бухороро ба хоку хун кашид, мардум байтулмолро ғорат карданд ва дуруст аст, ки аксари ишон аз он ҳисоб имрӯз тавонгар шудаанд. Магар ин дарси ибрат набуд, ки бар қудрати ҷангии лашкар бияфзоем? Ин бепарвой ва заъфи лашкардорӣ буд, ки дуздон андаруни кишвар хуруҷ карданд... Оё косибони мо қодир ба тайёр кардани силоҳ ҳастанд? Агар ҳастанд , дар чӣ муддате аз анҷоми ин кор мебароянд?

Ҳусайни Аъло: Косибони мо метавонанд лашкарро бо беҳтарин силоҳ таъмин намоянд, вале мо пули бозпардохти онро надорем.

Амир Исмоил: Ман умедворам, то қувват гирифтани давлат, бузургони мо, деҳқонон ин вазифаро худ ба дӯш мегиранд. Ақаллан сипоҳиёни хешро бо лавозимоти ҷангӣ таъмин менамоянд. Фурсат хеле танг аст. (*Ба Ҳусайни Аъло*). Лашкарро омода кунед, ман онро дидан мехоҳам. (*Ҳусайни Аъло аз боргоҳ баромада меравад.*) Ҷанобон майл доранд, бо ман ҳамроҳ шаванд?

Майдони қаср

Амир Исмоил бо деҳқонони Бухоро аз пеши аскарон

мегузарад. Қисми зиёди лашкарро пиёданизом ташкил медиҳад. Силоҳи онҳо бештар аз найза иборат аст. Каме аз онҳо сипару ҷавшану шамшеру камон доранд.

Амир Исмоил ҳангоми аз зинаҳо боло рафтан ба мулозимони атрофаш мегӯяд.

Амир Исмоил: Вароруд макони беҳтарин аспҳои фарғоний асту мо пиёда. Устурҳоро аз истаблҳо берун ored. Ҳар деҳқоне бояд сарбозони хешро ҳарчӣ зудтар бо силоҳу устур таъмин намояд. Мо фардо ба роҳ мебароем. То ба сохили Ому расидан масофат чанд аст?

Ҳусайни Аълo: Дурӯза рох, амирам.

Амир Исмоил: Оё мо метавонем пеши рохи Ҳусайни Тохирро бигирем, нагузорем, ки аз дарё бигзарад?

Ҳусайни Аълo: Марзбонони мо он чо ҳастанд ва аз Байканд ба ишон мадад мерасад. Ҳусайни Тоҳир бо сарбозонаш ҳоло дар Омуя аст. То он фурсат мо ҳам мерасем.

Амир Исмоил: Чӣ хушбоварие! Шумо инчо аз кучо медонед, ки марзбонон муқовимат мекунанд ё не ва ё аз Байканд ба онҳо мадад мерасад ё не?!

Ҳусайни Аълo: Мо дирӯз расул фиристодем. Марзро сарбозони фарғонӣ ҳимоят мекунанд, дар ҷангҳо варзидаанд. Дар Байканд қисме аз сарбозони истаравшанӣ ҳастанд. Онҳо низ имрӯз барои ҳаракат кардан маъмурият мегиранд.

Амир Исмоил: Фардо, сапедадам ба рох мебароем.

Амир Исмоил бо вазирону дабирон ва ашрофиёни шахри Бухоро вориди қаср мешаванд. Деҳқонон ва Ҳусайни Аълo назди сарбозон мераванд. Майдони қаср ба такопӯ медароянд. Деҳқонон ба сарбозони хеш фармоишот мединанд. Ҳусайни Аълo бо чанд нафар аз саркардагони лашкар.

Ҳусайни Аълo: Агар то субҳ сарбозонро бо аспҳо таъмин намоем ҳам, фурсати машқ додани онҳоро намеёбем.

Саркардае: Онҳо худро дар ҷанги зидди дуздон хеле хуб нишон доданд. Бо шамшеру найза хуб мечанганд. Ораишҳо низ зиёданд.

Ҳусайни Аълo: Дузд марди ҷангӣ нест Худо доносту гавоно! Тайёрии фардоро бинед: ҳеҷ чизу ҳеҷ кор набояд фаромӯш шавад. Худо нигаҳдор.

Ба сӯи қаср мераванд.

Амир Исмоил: Аз язак хабаре нест?

Ҳусайни Аъло: То баргашти он аз соҳили Ҷайҳун мо ба Фароб мерасем.

Амир Исмоил: Аз Фароб то ба Ҷайҳун чанд фарсанг аст?

Ҳусайни Аъло: Як фарсанг.

Амир Исмоил: Пойкоронро бифиристед, беруни Фароб чодар зананд. Мо ҳамон ҷо қароргоҳ месозем.

Ҳусайни Аъло: Ба чашм.

Аспашро гардонда муқобили масир ҳаракат медиҳад.

Амир Исмоил: Ба афсарон бифармоед, баъди фуруд омадан ба қароргоҳ дар хаймаи ман ҳозир шаванд.

Абузакриё: Ба чашм.

САМАРҚАНД

Қасри шоҳ

Тамоми бузургони Самарқанд ба боргоҳ даъват шудаанд. Наср бинни Аҳмад бар тахт нишаста. Хоҷаи Бузург ахбор медиҳад.

Амир Наср: Аз Бухоро чӣ хабар?

Хоҷаи Бузург: Амир Исмоил дасти роҳзанонро кӯтоҳ карда, сари роҳбарашонро ба дарвозаи Регистон овехта, муттафиқонашро ба зиндон андохта, мардуми Бухороро аз шарри ишон эмин сохтаанд. Дирӯз хабар расид, ки омили Хоразм Ҳусайни Тоҳир бо ду ҳазор сарбоз қасди Бухоро кардааст. Ва Амир Исмоил бо лашкари хеш ба ҷанги ӯ рафтаанд.

Наср бинни Аҳмад: Яъқуби Лайс маншури ҳукумати Хуросон, Табаристон, Гургон, Форс, Кирмон ва Синдро аз амиралмуъминин Муътамад дарёфт намудааст. Мо низ бояд ба назди ӯ сафире бифиристем. Номаро ба порсӣ нигоред. Аз арабӣ хушаш намеояд.

Хоҷаи Бузург: Шоирон дар даргоҳи ӯ ба порсии дарӣ шеър мегӯянд.

Наср бинни Аҳмад: Забони порсӣ ҳеҷ гоҳ дар кишвари мо қатъ нагаштааст. Магар мардуми мо набуд, ки ба забони модарии худаш намоз хонданро ба гардан гирифт ва Қуръонро ба порсӣ гардонданд

Самарқанди қандманд,

Бо зинат кӣ афканд.
Аз Чоч то беҳӣ ,
Ҳамеша та хуҳӣ.

Дар кишвари мо ин иддао дурӯғ аст, ки баъди ба сари қудрат омадани ҳокимони бумӣ, гӯё шеъри порсӣ оғоз мешавад. Фарҳанг и мо ҳеч гах ва дар ҳеч замоне аз ре-шаҳои хеш бурида нашудааст ва қудрате ҳам нест, ки онро бибурад. Ин қазия фақат ба қисмати ғарбии сарзамини Ирон сидқ мекунад. Бино ба ҳадисе, ки Ҳазифа бинни Ямон аз қавли пайғамбар меорад, "Самарқанд чашмае аз чаш-маҳои бихишт аст ва гӯре аз гӯрҳои пайғамбарон" ин ҷост. Пайғамбари мо Зардуҳишт аз ин хоку бум барҳоставу мар-думро ба парастиши худои ягона ҳидоят намудааст. Мар-думи мо ин ифтихорро то дунё бокист, бо худ хоҳанд дошт. Ҳамеша Хуросон маркази Иронзамин будааст. Сарзами-не, ки ҳамеша бо бузургмардонаш, забармардони бо но-мусу нангаш боланда бар ҳама ҷаҳон будааст. Ҳадисҳо дар ои маврид хеле бисёр аст...

Аз Хуталон омазеҳ,
Ба рӯ табоҳ омазеҳ.
Овар боз омазеҳ,
Бедил фароз омазеҳ...

ФАРОБ

Хиргоҳи амир Исмоил

Амир Исмоил:
Меҳтарӣ гар ба коми шер-дар аст,
Рав хатар кун, зи коми шер бичӯй!
Ё бузургию иззу неъмату ҷоҳ,
Ё чу мардон-т марг рӯёрӯй.

Бузургтарин рохбар касест, ки бо тавоноии хираду хуши сариҳор мардумонашро ба сарзамини Осоишу оромиш бирасонад. Сарзамини мо шолуда ба хамин сифот аст. Дигар хар чӯпоне орзӯи онро мекунад, ки гӯсфандонашро дар он бичаронад. Чаро? Зеро дирафши сулҳи мо зард шудааст. Доим ва гох аз гох аз ин ба баъд бар мо зарур аст, ки онро сурх кунем. Дарего, мо мори ханҷарро бо

хуни хеш сурх месозем. Ин амал аз мо шоиста нест, вале зарурат тақозо мекунад, осоишу оромиши кишвар тақозо мекунад, ки ба чунин амали зиште даст занем. Ҳол он, ки мебоист бо ҳамин пархош шамшерҳои худро бар ҷигари бегонагон рангин мекардем. Вале ин тавр нашуд. Онҳое, ки раъйи маро хато мепиндоранд, мухторанд. Ман фақа барои касоне, ки ҳамроҳу ҳаммаслаки ман ҳастанд, Қонун мебошам. Яъне чӣ? Онҳо бояд бозуҳои тавоно ва пойҳои чолок дошта бошанд ва дар ҳама ҳолат- ҷангу ҷашн яксон башшошу кушодарӯй, аз яъсу навмедӣ безор бошанд. Он гоҳ аст, ки бехтарини ҳама чизҳо ба онҳо тааллуқ хоҳад гирифт ва агар инҳо ба ишон дода нашавад, бо зӯр хоҳем гирифт. Ва сарбози мо бояд бошаҳомат бошад. Ва шаҳоматро касе дорад, ки тарсро мешиносад, вале онро мағлуб месозад, укобвор аз болои вартаҳои ҳоил парвоз мекунад. Агар рӯҳи сарбози мо чунин бахшанда нест, кишварро бӯйи фасод бугӣ мекунад ва тифлон нокис ба олам хоҳанд омад. Худовандо моро аз ин бадбахтӣ начот диҳад! (*Андешааш садо медиҳад*): “**Ту бояд сулхро ба унвони василаи ҷангҳои нав дӯст бидорӣ**”...

Як ҷанги хуб ҳар сабаберо муқаддас месозад. Аз ин баъд бояд тирҳои ораши ба фаросӯи марзҳо партоб шаванд!... Ҳанӯз, ки башар дар ҳолати **будан** мондаасту ҳадафашро наёфтааст, бояд мо хамчунон кунем.

Афсаре (*гичу гаранг*): Ман чизе дарнамеёбам.

Ҳама механданд.

Амир Исмоил: Яъне чиро дар намеёбӣ?

Афсар (*сурх шуда*): Ҳадафро...яъне чӣ?

Ҳама механданд.

Амир Исмоил: Оё шумо дарёфтаед, он чиро ки ӯ дарнаёфтааст?

Ҳама хомӯш монданд.

Башар аз рӯзи офариниши ҳазрати Одам то ба ҳол як ҳадаф дошту дорад ва хоҳад дошт. **Инсон шудан**! Ин марҳилаи камол аз бузургтарин ҳадаф аст. Он қадар пайғамбарон барои ҳидояти ин мақсад омаданд, вале ҳанӯз башар дар ҳолати нохудогоҳӣ боқӣ мондааст. Пайғамбарон худ намунаи **ҳидояту шудан** ҳастанд. Вале ку Рустаме? Ку Сиёвуше?...

Рӯзбон вориди чодар мешавад, амир Исмоил тарафи ӯ менигараду лабханд мезанад ва дигарон низ ба амири хеш

пайравӣ мекунанд.

Амир Исмоил: “Рустам”, ку бигӯ, чӣ хабар аст?

Рӯзбон: Амирам, сардори язак ҳузур ёфтан мехоҳад.

Амир Исмоил: Бигӯ, дарояд.

Рӯзбон хориҷ мешавад. Ва амир Исмоил ба суханаш идома медиҳад.

Амир Исмоил: Ҳангоми суол кардани мо ҳозир шудани рӯзбон магар ачиб нест, бигзор, ки як амри тасодуфӣ бошад. Ҳар касе бояд Рустам шавад ва ё то ба Рустам камол ёбад. Он гоҳ аст, ки башар бениёз мешавад.

Сардори гурӯҳи язак ворид мешавад ва дар муқобили амир ба зону мезанад ва замин бӯса мекунад.

Амир Исмоил: Хуш? Вазъият чи тавр аст?

Сардори язак: Вазъият алҳол ором аст. Душман дар он сӯи дарё ҷамъ шудааст. Шояд мехоҳад моро ғофилгир кунад, барои ҳамин ҳам фурсати мувофиқ мекобад.

Амир Исмоил: (*Ба Хусайни Аъло*). Аз Омуя чӣ хабарҳо мерасанд?

Хусайни Аъло: Амирам, хабаре нест, вале маълум аст, ки Тоҳир ба қасди Бухоро ба соҳили Ҷайҳун омадааст. Ва шояд ба Фароб омадани амирамро надонад ва барои ҳамин ҳам бафурча аст.

Амир Исмоил: Шояд? Шояд!... Ман ба яқин донистан мехоҳам! Шумо ба ман сухани кӯчаву бозор мегӯед... Нақшаи ҷангии хешро ба афсарони лашкар бифаҳмонед! Дар сурати дар гирифтани ҷанг шумо чӣ тадбир месозед?

Хусайни Аъло: Василаи маъмули ҷангро истифода мебарем. Яъне ҳуҷум. Ба ин василa душманро дар қароргоҳаш нобуд месозем.

Амир Исмоил: Ҷанобон чӣ фикр доранд?

Афсаре аз ҷой мехезад, аз вачоҳаташ маълум аст, ки бимнок аст.

Амир Исмоил: Ҷасурона андешаи хешро баён кунед. Ичо мо хама сарбоз хастем ва хама як хадаф дорем. Кадом рое мувофиктар, тибки он амал хохем кард.

Афсар: Амирам, дар мавкее, ки душман қарор дорад, ройи пешниходшуда мушкилоти зиёде ба бор меоварад. Ҳини убур аз дарё мо талафоти зиёд мебинем.

Амир Исмоил: Шумо чӣ пешниход мекунед?

Афсар: Мо боид имкон дихем, ки душман ба ин соҳил

гузорад. Мо бояд дар соҳили хеш бо вай ҷангем.

Амир Исмоил: Яъне бояд акси гуфтаи сохибшуртаро кунем?

Афсар: Оре.

Амир Исмоил: Дӯстон, фаъол шавед. Маслиҳат андешаро тоза мекунад. Бифармоед... Пас ҳама ба ин рой розианд?... Бисёр хуб. Чаро гумон мекунед, ки метавон бо ин васила душманро мунҳазим сохт?!

Афсар: Аввалан, мо мавқеи мудофиавиро мегирем, дуввум ин, ки душман якбора ба интиқоли пурраи қувваҳояш имконият надорад. Мо метавонем муттасил онҳоро нобуд созем.

Амир Исмоил: Бисёр хуб... Дигар фикре нест? Бисёр хуб... Чаро гумон намекунед, ки имкони ғалаба ва шикаст дар роҳи шумо пешниҳод карда, яксон аст? Душманро заиф тасаввур кардан хатост ва ин андеша ба манфиати ӯ кор мекунад. Не, бародарон, бо ин тарз ҷангидан хатарнок ва серзаҳмат аст. Дигар ин, ки мо қудрати ҷангии сарбозони душманро намедонем. Саввум, лашкаре, ки қасди кишвари дигаре мекунад, аз ҳама ҷиҳат тайёрӣ мебинад, яъне пухтатар аст. Барои ҳамин ҳам бо душман ҳамеша бо роҳҳои барои вай ношинохтаву бегона бояд ҳарб намуд. Вале боиси таассуф аст, ки сардорони мо дар ин хусус фориғбол шудаанд, аз пажӯҳиш боз мондаанд. Бубахшед, ин фориғболӣ ва бедоништӣ моро ба сӯйи бардагӣ мебарад. Мо ҳамеша дар маърази ҷанг қарор дорем! Барои он, ки кишвари ободу сарватманди мо чашми ҳарису танги ҷаҳонхоронро ба худ ҷалб месозад, рашки онҳоро меангезад. Онҳо на танҳо аз кишвари мо, балки аз андешаи мо бадашон меояд. Чунки ҳеҷ кадомеро надоранд. Мо абадан бояд сарбози кишвару андешаи хеш бошем! Халқе, ки андешаи тозаи худро надорад, бардаи дигарон аст. Барои дигарон зиндагӣ хоҳад кард. Ҳар чӣ ки мо дорем ва боиси хашму рашки дигарон шудааст, аз падарони хеш дорем. Мо мадюни ишон ҳастем. Худи мо кистем?! Бояд ба ишон сазовор буд ва сазовори ному кори ишон зиндагӣ кард...

... Лашкарро бояд се қисм кард: дар қалб бояд сарбозони Байканду Фароб, ки мавзеъро хуб медонанд, қарор гиранд ва ба ҷанги душман раванд, мобақӣ дар майманаву майсара пинҳон шаванд. Фавҷи қалб дар ҷанг ақибнишинӣ мекунад ва душманро бо роҳи биёбон ба ҷойи безиёъ ме-

кашад. Он гоҳ фавҷҳои майсараву маймана аз пас ба душман ҳамла меоваранд ва ӯро ғофилгир мекунанд. Ин усули ҷангро ҷадди мо Ашки аввал бори нахуст бар зидди юнониҳо истифода бурда буд ва понсад сол муваффақ буданд, то кишварро аз ҳуҷуму ғорати бегонагон орому осоишта нигоҳ доранд. Имрӯз ҳам Визонс тахти султаи авлоди ишон аст, ки то ба Саклобу Рус имтидод дорад... Пешниҳоди дигаре хаст?... Пас омодагӣ бинед...

Қароргоҳ

Афсарҳо, яъне сарони гурӯҳҳои лашкар бо ҳамроҳии Абузакриё ва Ҳусайни Аъло аз чодари амир Исмоил берун меоянд. Аз ду тарафи руде, ки киштзорҳои гирду атрофи Фаробро шодоб мегардонд, чодарҳои рангоранг зада буданд ва сарбозон ба коре машғул буданд. Ва чо-чо дида мешуд, ки онҳо, ду-дуву се-се шамшерзанӣ мекарданд ё найзапартой. Бо гузаштани чанд лаҳзае амир Исмоил аз хаймааш, ки ба ранги сурх буд, берун меояд ва бо Абузакриёву Ҳусайни Аъло ва чанд тани дигар аз афсарҳо бар аспҳо нишаста ҷониби майдони ҷанг раҳсипор мешаванд. Барои муайян кардани атроф онҳо ба гареваи баланде мебароянд ва амир Исмоил бо иҷрои тозиёнааш самтҳоро ба ишон нишон медиҳад. Афсарҳо ба қароргоҳ бармегарданд. Амир Исмоил бо Абузакриёву Ҳусайни Аъло он чо мемонанд. Аз ҷониби Ҷайҳун ҷанге ба ҳаво мепечад ва саворе шитобзада ба сӯйи онҳо меояд...

Руди Ҷайҳун

Лашкари Ҳусайни Тоҳир-чӣ савораву чи пиёданизом хешро ба дарё мезананд. Аспҳо аз ҳайбати амвоҷ ва ширу валвалаи сарбозони хоразмӣ рам мехӯранд, саворони хешро ба об мепартоянд ва ба завракҳо бархурданашон онҳоро ҷанпа месозанд. Сарҳадбононии бухороӣ ба ҷанг мепайвандиад, баъзеҳо кушта мешаванд ва баъзеҳо аз соҳил акиб мешинанд. Фавҷи сарбозони истаравшаниву фарғонӣ ба ҷанг ҳамроҳ мешаванд, вале онҳо низ дар мукобили лашкари Хоразм муковимат карда наметавонанд, акиб мешинанд, аз ду тараф куштаҳо бар пуштаҳо боқӣ мегузоранд. Дигар он тарафи дарё ҳеҷ сарбозе намондааст, ҳама

ба соҳили дигар гузаштаанд. Ҳусайни Тоҳир бо чанд афсараш болои теппае бар ҷанг назорат мекунад, аз пешрафтҳои лашкараш шодмон аст.

Дар ҳамин асно аз паси гареваҳои шарқии рӯди Ҷайҳун дастаҳои сарбозони Байканду Фароб ба ҷанг ҳамроҳ мешаванд. Ҷанг шадид мешавад. Куштаҳои зиёде аз ҳар ду тараф ба ҷой мегузарад. Аспҳои бе сарбоз ба чор тараф мегурезанд. Садои тарақотуруқи силоҳҳо бо чангу ғубори майдони ҷанг ба осмон мепечад. Сарбозони амир Исмоил ба дили дашт ақаб мешинанд. Ғайрати Ҳусайни Тоҳир ҷӯш мезанад ва аспашро ба қалби майдон медавонад. Ӯ барои хеш бо зарби шамшер роҳ мекушояд. Паҳлавоне аз сарбозони байкандӣ бо ӯ пархош мекунад, онҳо то дер бо ҳам мечанганд, паҳлавони бухоройӣ аз дасташ захм мебадорад ва аспи Ҳусайни Тоҳир аз болои ӯ мечаҳад. Ҳусайни Тоҳир ҳам аз ҳол рафтааст, фақат шамшерашро барои сиёсат болои сараш алвонҷ медиҳад, вале қодир ба зарба задан нест.

Амир Исмоил бо Абузакриё ва Ҳусайни Аъло ва чанд нафари дигар болои теппаи истода, ҷангро назора мекунанд.

Амир Исмоил: Ҳусайни Тоҳирро зинда бояд ба даст овард. Лашкари ӯ пурра дар майдон аст, аз ин зиёд сарбозони мо дар баробари анбӯҳи ишон поймардӣ карда наметавонанд. Мобақиро ба майдон дароред. Корро бояд яксара кард.

Ҳусайни Аъло ба ду сарбоз супориш медиҳад, ки ба сарони фавҷҳои майсараву маймана хабари ба набард ҳамроҳ шуданро бирасонанд. Онҳо бар аспҳо нишаста паси гареваҳо нопадид мешаванд.

Дар осмони ғуборолуд мурдорхорҳо ба парвоз меоянд ва садои наҳсашон бар андомҳо раъша медавонад. Аз ҳар тараф садои нолиши захмиҳо ба гӯш мерасад. Баъд аз чанд лаҳзае қисмҳои боқимонда дар майнамаву майсара бо садову валвала вориди майдони набард мешаванд, ва оқибгоҳи душманро бурида, ӯро билкул муҳосира менамоянд. Сарбозони хоразмӣ навмед мешаванд ва кӯшиш менамоянд, ки як самтро рахна намоянд. Ҷанги шадиду беамон аз нав боло мегирад. Иддае каме аз сарбозони Ҳусайни Тоҳир ба рахна кардани хати муҳосира комёб мешаванд. Дар миёни ишон Ҳусайни Тоҳир низ ҳаст.

Чанде нагузашта чакочуки садои силоххо ҳам кам мешавад. Ба якин ҳар ду тараф хеле хаста шудаанд. Гурӯҳе аз хоразмиён бо сардории Ҳусайни Тоҳир бо тамоми қудрати бокимондаашон навмедона кӯшиш доранд, ки хатти муҳосираро рахна намоянд, то идлаи камеро ҳам бошад начот диҳанд. Онҳо дар поёни рӯз хати муҳосираро рахна месозанд. Идлаи зиёде аз хоразмиён мегурезанд. Онҳоро сарбозони бухорой таъқиб менамоянд ва мобақӣ амон мехоҳанд.

Гурезандагон ба мисли оби рехта ба ҳар тараф парешон мешаванд, аспҳои ташнаву хастаи хешро медавонанд ва аз назарҳо ғоиб мешаванд. Рӯз ҳам дар ҳолати шом хурдан аст.

Амир Исмоил ҳинни аз теппа поин омадан ба Ҳусайни Аъло рӯ меорад.

Амир Исмоил: Бифармоед, бо асирон бадрафторӣ накунанд. Ҳусайни Тоҳир ва дигар бузургонашонро озор надиҳанд, бегоҳ ба назди мо оваранд.

Ва Амир Исмоил бо Абузакриё ва чанд сарбоз ба сӯйи қароргоҳ мераванд. Ҳусайни Аъло аспашро ба ҷониби набардгоҳ мегардонад.

Амир Исмоил: Дар ин шаҳр олими бузурге хаст?

Абузакриё: Дар ин шаҳр олим, ровии "Сахехи бухорӣ" Абуабдулло Муҳаммад бинни Юсуфи Фаробӣ зиндагӣ мекунад.

Амир Исмоил: Бисёр хуб. Ба шаҳр равед, ва ишонро биёваред то сарбозонро сафарбар намоянд ва ҷанозаашонро худашон хонанд.

Абузакриё: Ба чашм.

Амир Исмоил: Табибон дар кори мачрӯҳон мадад кунанд.

Абузакриё: Ба чашм.

Қароргоҳ

Амир Исмоил гамгин сар рӯйи дастон нишастааст. Бузургони лашкар низ хаставу ранҷур ба назар мерасанд.

Ҳусайни Аъло: Ҳусайни Тоҳир дар хеҷ кучо ба даст наёмад ва хеҷ маълум нашуд, ки кучост, гурӯҳе гуфтанд, ки ба Марв рафт ва гурӯҳе дигар гуфтанд, ба Хоразм. Аз ҳар ду тараф кушташудагон зиёданд. Лашкари Ҳусайни Тоҳир ҳангоми фирор талафот дид. Гурӯҳи зиёде аз ишон ба

дарё ғарқ шуданд ва шумори асирон ба ҳафтод мерасад. Ва бузургони лашкар мунтазири фармон гирифтан аз амирам ҳастанд, ки душманро то ба манзилаш саркӯб намоянд.

Амир Исмоил сарашро мебардорад ва ба рӯйи ҳамсӯҳбатонаш хира мешавад.

Амир Исмоил: Лашкари шикастхурдаро таъқиб кардан осон аст, вале оқибатҳои шум дорад. Ҳанӯз мо барои ин амал тайёр нестем. Алҳол вазифаи мо фақат ва фақат ҳимояи сарҳадоти кишвари хеш аст.

Абузакриё: Алҳол мавқеест, ки метавон ба осонӣ Хоразмро аз тасарруфоти мулки худ гардонд.

Амир Исмоил: Ҷиддан саронн лашкар чунин андеша доранд?

Ҳусайни Аъло: Оре, амирам.

Амир Исмоил: Ин маънии онро дорад, ки кишвар ба ҷанг кашида мешавад. Оё лашкари Бухоро бо лашкари Яъқуби Лайс поймардӣ карда метавонад? Ин хандаовар ва аз бехабарӣ аст. Аввалан, мо барои чунин ҷанге маъмурият надорем. Ва ё шумо мехоҳед, ман ба амири Вароруд Наср бинни Аҳмади Сомонӣ, бародари хеш осӣ шавам? Хулласи калом, иддаои шумо бар як асос такья менамояд: шумо манро намехоҳед! Бигзор ин ҳаққи фитрии шумо бошад. Вале ман ба касе иҷоза нахоҳам дод, ки барои манфиатҳои ночизу фосиди хеш кишварро, мардумро ба харобӣ кашад. Ин гуна аъмол аз ҷониби мо хиёнат маънидод хоҳад шуд. Ин гуна ашхос ба мисли Ҳусайни Тоҳир андеша мекунанд. Ва ё маънии ҷангидани шумо ҳам дарёфтани ғанимат аст?! Шумо бузургтарин ғаниматро дар ёфтаед: Озодӣ! Амнияти ҷону молу мулк! Ҳар кӣ ин неъматро дорад бениёз аст. Чаро фикр намекунед, ки дар баробари ҳар амали золимона, ҳар кори бераҳмона ҷавоб хоҳед гуфт: чӣ дар ин дунё ва чӣ дар охират. Бо ғорати мулки Хоразму хоразмиён мо хешро ғорат мекунем. Фақру бенавоии Хоразм боиси азобу ранҷу ноороми кишвари мо мешавад. Агар имрӯз онҳо як Ҳусайни Тоҳир доранд, фардо ҳамагон Ҳусайни Тоҳир хоҳанд шуд... Аз укубате, ки худо дар охират таҳдид кардааст, тарсед... Ба он сарбозону афсароне, ки дар ин набарди бераҳмона аз худ поймарди бемисл нишон додаанд, подош хоҳем дод.

Абузакриё: Фардо субҳ мардуми Фароб ба тадфини мақ-

тулон мебароянд. Ба онҳо сарбозони фаробӣ кӯмак хоҳанд кард.

Амир Исмоил: Сарбозонро аз ин кор маоф созед. Онҳо хеле хаста шудаанд... Дигар то фардо онҳоро ба ҳеҷ коре нагуморед. Фардо ба Бухоро бармегардем... Шумоён низ хеле хаста шудаед. То фардо рохат кунед... Вале васоили рохати сарбозонро низ муҳайё намоед. Ин бегоҳ ҳеҷ кас аз ҳеҷ чизе тангӣ набинад!

Шаб

Сарбозон ҷо-ҷо машъал афрӯхта, гирди он нишастаанд. Аз баъзе хаймаҳо садои хандаву шӯхӣ баланд мешавад ва аз чодаре, ки аз хама канортар аст, садои мусиқиву суруд ба гӯш мерасад. Ҷо-ҷои дигар нолаҳои ҳазину дардолуд садо медиҳад. Чеҳраи касе ба рӯшанӣ маълум нест. Таббохон назди дегҳои хеш серташвишанд. Амир Исмоил аз чодараш баромада, бегумон даруни сарбозони хеш гардиш мекунад ва дар охир болои теппаи назди қароргоҳ баромада, рӯ ба сӯйи машриқ мешинад. Субҳро интизор мешавад. Аз дурҳо садои лошаҳорҳо меояд. Хобаш намебарад. Боди хунук аз ҷониби сахро вазон аст.

Ва шаҳри Фароб бе биму харос ба хоб рафтааст.

Ва дар қароргоҳи лашкар гоҳ аз гоҳ посбонон якдигарро иваз менамоянд, то ёрони хаставу мачрӯҳашон бихобанд. Вале ба дидани касе хоб намеояд. Онҳо аз кобусҳои хеш метарсанд. Онҳо корнамоиҳои хешро дар майдони харб ба хамдигар нақл мекунанд. Корномаиҳои хунину вахшатҳо! Ва ин гули хавлнок то дерзамоне онҳоро таъқиб хоҳад кард. Худовандо, ҳеҷ амале беподош нест!

Дигар мох гуруб кардааст ва бод хокистари гулханҳои фурӯхуфтаро ба хаво бардоштааст. Ва ситораҳо дар осмони фирӯзафом ба кунҷи инзиво хазидаанд.

Ва шиҳобе домани зулмати шабро даридааст.

Ва сапеладам андешамандонаву бо харос бар каламрави зулмат русух мекунад.

Амир Исмоил бар лаби рӯди Фароб таҳорат мекунад ва як по-як по ба сӯйи чодаре меравад, ки тамоми шаб аз он нолаи пурдард ба осмон мерафт. Ӯ сарашро даруни чодар мехалад. Марде чанд бо захмҳои захиму хунчакон, чашмони варамидаву бехоб поёни ранчи хешро интизор. Ӯ аз

хичолат бо суръат сарашро берун мекашад ва бо қадамҳои сареъ ба сӯйи чодари хеш меравад. Дар дами дар бо Абузакриё рӯ ба рӯ мезанад.

Абузакриё: Амирам тамоми шаб дар чодари худ набуданд?!

Амир Исмоил: Ғафлати шоҳон давлатро бибарад... Баъди намози бомдод асиронро ҳозир кунед. Теъдоди ишон чанд аст?

Абузакриё: Ҳафтод...

Амир Исмоил: Ба ҳамин адад ҳадоё тайёр кунед. Бехтараш, чомаҳои зинданичӣ.

Абузакриё: Ба чашм.

Ӯ ҳайратзада ба як сӯ меистад ва амир Исмоил ба дарунни чодар медарояд. Абузакриё ба сӯйи рӯд меравад ва дар масири роҳ ба чандин чодар сар мехалонад.

Лашкари Бухоро ду тараф саф кашидааст. Асиронро, ки дасту пои баста доранд аз миёни ишон мегузаронанд. Онҳо хеле хаставу бимноканд. Дар ҳамин вақт Амир Исмоил аз чодари худ берун меояд ва ба сӯйи асирон меравад, ӯро Абузакриё ва Ҳусайни Аъло ҳамроҳӣ мекунанд. Амир Исмоил ҳамаро хомӯшона аз назар мегузаронад.

Амир Исмоил: Бандҳо аз дасту пои ишон бикушоед. Ҳадоё!

Чанд нафаре ба дастаи чомаҳои зинданичӣ ҳозир мешаванд ва амир Исмоил ҳар асиреро худаш чома бар китф мениҳад.

Амир Исмоил: Акнун ба хонумони хеш баргардед. Ва ба бузургони худ бигӯед, ки мо қасди чону моли касе надорем. Ҳеч гоҳ набудааст, ки хоразмиён бар бухориҳо ва ё бухориён бар хоразмиҳо баҳри ғорати молу мулк тохта бошанд. Ин хӯйи мардуми мо нест, ки бар ҳамқавмони хеш битозанд. Хуне, ки дирӯз рехт бо гуноҳи мо набуд. Мо ба мулки Хоразм лашкар накашидаем. Мо фақат кишвари хешро ҳимоят кардаем. Ва ҳар қавми дигаре ҳам мебуд, ҳамчунон мекард. Акнун биравед, шумо озодед!...

Ҳама бо ҳайрат ба якдигар менигаранд. Асирон аз ҳама зиёдтар ҳайратзадаанд. Онҳо нобоварона ба ҳамдигар менигаранд. Гаранг шудаанд. Чон дар рамақ надоранд. Ҳеч гоҳ ҳамчунин набудааст.

Амир Исмоил: Оре, шумо озодед! Метавонед ба диёри хеш баргардед.

Ашк аз чашмони ишон чорист. Онхо худро чониби амир Исмоил ба замин мепартоянду замини надомат бўса мекунанд ва аз чой бархеста нобоворона, бо харос аз майдон ба дар мераванд. Амир Исмоил ба чодари худ бармегардад. Бузургони лашкар аз ў пайравй мекунанд ва ба чодари амир медароянд. Чехраи ишон гирифта аст, онхо аз амали шох розй нестанд.

Амир Исмоил: Мефахмам, шумо аз амали ман розй нестед. Вале шумо хам боял бифахмед, ки чаро амири шумо ба чунин амале даст зад. Онхо то зиндаанд, дигар бар сари шумо шамшер нахоханд бардошт ва ба дигарон хам ичозаи чунин кореро нахоханд дод. Биравед, лашкарро барои бозгашт омода созед. Ба Бухоро бармегардем.

Хусайни Аъло: Сарбозони сархадбон талафоти зиёди чой ёфтаанд ва бо ин илдаи калил намешавад марзхоро посбонй кард.

Амир Исмоил: То аз Самарканд омадани сарбозони хукуматй вазифаи мост, ки чойи онхоро пур кунем. Ба ин хотир кисмхои Байканду Фароб барои адои ин вазифа ничо бимонанд... Ба сархадбонон бифахмонед, ки асиронро дар рох азоб надиханд.

Хусайни Аъло: Ба чашм...

Хама аз паси ичрои вазифаи худ аз чодари амир Исмоил берун мераванд. Амир Исмоил бо бародараш Абузакриё танхо мемонад ва онхо дар чашмони хамдигар хира мешаванд. Харду хастаанд...

Калхудо ба чодари амир Исмоил хўрок меорад. Онхо хомўшона хўрок мехўранд.

Амир Исмоил: Бачай! Шароби талх мехохад дилам... Абузакриё бо чашмони боз ва хайрат ба амир менигарад.

Амир Исмоил: Хеле хаста хастем. Ва боз рохи дуру дарозе дар пеш дорем. Зарар надорад...

Калхудо баромада меравад. Амир Исмоил лабханд мезанад...

БУХОРО

Ахли Бухоро амири музаффари худро бо шодмонй пешвоз мегираанд. Шахр дар либоси идона оро ёфтааст. Аз хар

тараф садойи лафу сурнай ба гӯш мерасад. Ҳар чо-ҳар чо нидохои "Зинда бод шох!" садо медиханд. Писарбачахо пешопеши аспи амир Исмоил медаванд.

Ҳамчунон мардуми шаҳр амир Исмоил ва лашкариёни ӯро то ба назди дарвозаи қалъа пешвоз мегиранд. Умаро ва вузаро дар рикоби амир Исмоил вориди қалъа мешаванд.

Шаҳр ғалабаи амири худро ҷашн мегирад.

Кӯйи Аъло

Абуҳомиди Ясорӣ ва Абумуҳаммади Бухорхудо аз Дари Атторон бигзаштанд ва ба Дари Саъдобод ва масҷиди Саъд расидаанд. Аз масҷид гузашта ба Кӯйи Аъло ва кушки зебои Ҳусайни Аълои Суғдӣ ворид мешаванд. Кушке ба тамоми зебоӣ миёни чорбоғи хуррам қад афроштааст. Онҳо то замоне машғули тамошои боғу кушк мешаванд.

Абумуҳаммад: Ин кушку соҳибонаш қиссаҳои аҷиб доранд. Ҳикоят мекунанд, ки ба рӯзгори Ҳасан бинни Тоҳир, ки амири Хуросон буд, ӯро вазире буд номи ӯ Ҳафс бинни Ҳошим, ӯ тамаъ кард, ки ин амлокро аз ишон бихарад. Вале ишон нафурӯхтанд. Ишонро зиндон карданд.

Ҳабсхона

Ҳасан бинни Аъло ва бо ду бародараш дар ғулҳо баста. Ҳафс бинни Ҳошим бо чанд сарбози ғулсифат вориди зиндон мешаванд ва зиндонбон бародаронро ба ҳуҷраи дигар, назди ӯ мебаранд.

Ҳафс бинни Ҳошим: Ба ҷуз фурӯхтани кушк чора надоред. Ё мефурӯшед ва ё дар ин ҷо мепусед.

Ҳасан бинни Аъло: Ин ҷо пусидан хубтар аст то бо чун туе, ки лоиқ нестӣ, муомила кардан.

Ҳасан бинни Ҳошим: Агар хоҳиши ин сагон аст, бигзор ҳамчунин бошад. Вале ҳар рӯз ба тарзи наве инҳоро уқубат мекунед.

Аз ин мӣён понздаҳ сол гузашт

Ҳафс бинни Ҳошим боз ба зиндон меояд. Зиндонбон ӯро ба ҳуҷраи махсус мебарад.

Ҳафс бинни Ҳошим: Онҳоро биёред.

Зиндонбон бо чанд сарбоз аз ҳуҷра берун мешавад ва ба назди Ҳасан бинни Аъло ва бародаронаш меравад. Онҳо ҳоли ғариб доранд: Ришу мӯйҳои дароз, пероҳанҳои дарида, андоми хароб. Онҳоро ба хамин минвол назди Ҳафс бинни Ҳошим меоранд. Ӯ бо дидани ишон бо тамасхур механдад.

Ҳафс бинни Ҳошим: Рӯзгоре дароз гузашт, то шумо дар укубат мондаед. Бо ин рафтору якравӣ чӣ фоида меёбед?

Ҳасан бинни Аъло: Яке аз се корро меёбем, ё он, ки ту бимирӣ, ё худовандигори ту бимирад, ё мо бимирем.

Ҳафс бинни Ҳошим: Укубатро зиёдтар кунед, то дами ишон паст шавад...

Кушки Аъло

Абумуҳаммад: Аз ин сухан як моҳ нагузашта буд, ки амири Хуросон бимурд. Дар Бухоро ғавғо барҳост ва дарҳои зиндон бишкастанд. Ҳафс бинни ҳошим гурехт ва сарои ӯро ғорат карданд ва Ҳафс бо ин алам мурд ва Ҳасан бинни Аълои Сугдӣ бо бародаронаш ба Бухоро боз омаданд...

Ҳусайни Аъло аз дари кушк ба истиқболи меҳмонон берун меояд. Ва онҳо ба дохили бино мераванд.

Толори васеи барҳаво. Ду рад сутунҳои кандакори шуда толорро ба се кисм ҷудо мекунанд. Гирдогирди толор суфаҳо бардоштанд. Деворҳо бо деворнигораҳо ва мучасаммаҳо музайян. Ҳусайни Аъло меҳмононашро ба сари суффаи мобайнӣ, ки алаккай он ҷо ду-се нафар аз бузургон Бухоро, аз ҷумла Абилҳафси Сағир ва чанд нафари дигар нишастаанд, мебаранд. Онҳо ба истиқболи меҳмонони тозаворид аз ҷойҳои хеш мехезанд ва ишонро аз бари Абилҳафси Сағир мешинонад. Ду-се ғуломи турк барои тазйини дастурхон равуо доранд. Абуҳомид бо ишорати даст ғуломонро аз толор берун мекунад.

Абуҳомид: Лозим ки шуданд, даъват мекунем.

Ҳусайни Аъло: Ҷаноби олӣ аз чизе хавф доранд?

Абумуҳаммад: Аз бало ҳазар. Ғулом сидқ надорад. Ба ҳамон муваффақият метавонад хоҷаашро бифурӯшад. Хусусан дар шароити имрӯз, ки мо қарор дорем: ҳама ҷоро бегонагон ишғол кардаанд.

Абилҳафс: Намефаҳмам, ин ҷо паи чӣ коре ҷамъ шуда-

ем. Агар паи меҳмонист...

Ҳусайни Аъло: Хоҷаам беҳуда ташвиш мекашанд. Ҳаводиси авохир ончунон машғуламон дошт, ки натавонистем лаҳзае ба фароғат ба дидори дӯстон бирасем. Баъди паси сар шудани ин ҳама меҳнатҳо хостем бо дӯстони қадим замоне дами беғам занем...

Абилҳафс: Ман дар ҳақиқат гумон бурдам, ки ин чо барои муҳокима кардани ман ҷамъ омадаанд.

Абуҳомид: То андозае ҳамчунон ҳам ҳаст. Бузургони Бухоро аз шумо домангир ҳастанд.

Абилҳафс: Чаро аз худашон не?! Магар заъфи ишон набуд, ки ба чунин амале даст задем?! Магар маслиҳати худи ҷанобон набуд? Воқеаҳои охир бори дигар нишон дод, ки фақат шоҳзодаи сомонӣ метавонад боиси амнияти кишвар бошад. Онҳо дар саросари кишвар тасаллут доранд ва эътимоди хулафои Бағдод ба ишон аст.

Абумуҳаммад: Дар воқеоти охир ҳам мо мадюни мардуми худ ҳастем. Ҳукумати марказӣ ҳеҷ коре накардааст. Агар аҳвол бад-ин минвол равад, ҳеҷ ҳоҷат ба бегонагон нест.

Абилҳафс: Барҳазар бошед, дӯстам, амир Исмоил бегона нест! Ва аз чун шумое, ки пушт дар пушт бухорхудо будед, сар задани ин суханҳо хуб нест. Шумо худ нағз медонед, ки қазия ин тавр нест. Ин аз рашк аст.

Абумуҳаммад: Ӯ чизе надорад, ки боиси рашки мо шавад. Як асилзодаи бухорой ҳам метавонад ҷойи ӯ бошад.

Абилҳафс: (*механдад*). Мефаҳмам, ба ҳайсияти шумо сахт расидааст. Вале чӣ чора? Дер шуд. Шумо дар ин муддат аз хеш ибтикоре нишон надодед, то мардум, ҳамон бузургоне, ки мегӯед, шуморо баргузинанд. Дер шуд ва аз суханҳо дигар беҳуда аст. Мардумро ба меҳнатҳои нав накашонед.

Абуҳомид: Ман намефаҳмам, чаро шумо аз ӯ бо ин эҳтирос пуштибонӣ мекунед. Ӯ як кӯдак аст! Коре, ки ӯ кардааст, чист? Мо мадюни Ҳусайн бинни Аъло ҳастем.

Абилҳафс: Пас шумо бифаҳмонед, ки ин "кӯдак" кист?! Ҳамеша бо ӯ будаед, чӣ дар умури дарбор ва чӣ дар набарду корзор. Шумо соҳиби шуртаи Бухоро хастед.

Ҳусайни Аъло: Ман дар тадбиру дониши амир Исмоил сухан надорам. Ӯ марде худопарасту бетамаъ аст. Намефаҳмам, чаро дӯстони мо аз ӯ хушашон намеояд. Ғалаба бар хоразмиҳо, сар кӯб кардани раҳзанони Ромитану Бар-

кад кори ишон буд. Хоҷа дуруст мегӯянд, ба амир Исмоил душманӣ варзидан беҳуда аст. Агар амир Исмоил намебуд, худо медонад, ин лаҳза ин ҷо нишастани мо имкон дошт ё не. Ҳар кас мехоҳад дар ҷои ӯ бошад, вале салоҳият ту дониши ӯро надорад. Ин хушбахтии Бухорову бухороиҳо, ки чун Амир Исмоил сарвар доранд.

Абилҳафс: Аҳли Бухоро ҳама медонанд, ки Абуҳомиди Ясорӣ аз доротарин мардони рӯзгор аст. Молу мулки Абумуҳаммад ҳадду канор надорад. Пас чаро барои худ дарди сар мехаред? Магар бо ин дороӣ, ки амир Исмоил чоряки онро надорад, дар осоишу оромиш зиндагӣ кардан хуб нест?

Абуҳомид: (*Бо тамасхур*) Мо надонистем, ки амир Исмоил дар байни бузургони Бухоро инчунин манзилат дошт ааст. Узр мехоҳем!

Абилҳафс: Дар манзили дӯст аз дӯстӣ сухан гӯед. Пиндорҳо ба кирдори нек хуш гардонед, ки ин дунё бо ҳама ҷоҳу ҷалолаш нопойдор аст. Ин кибр васвасаи нафси шайтонӣ аст, ки ҳазорон балоро ба сар орад. Подшоҳон бар умури кишвари хеш ғафлат накунанд. Ин ғалабаҳоро, ин осоишро бояд ҷашн гирифт, ки на ҳамеша муяссар мешаванд.

Абумуҳаммад: Сухан дигар ба ҷое кашидааст, ки гӯши ниюшандае намонда.

Абилҳафс: Хотир ба шеъру тарона шод доред, биме аз ҳаводиси рӯзгор дар андеша хутур надиҳед. Ҳар чӣ буд, гузашт ва аз гузашта шодмон мебояд буд ва аз наомада ғам намебояд хӯрд.

Ҳусайни Аъло каф мезанад ва ғуломи ҳоҷиб вориди толор мешавад.

Ҳусайни Аъло: Навозандагонро бихон!

Ҳоҷиб меравад ва баъди чанд лаҳзае дастаи навозандагон - дафзану уднавозу чангӣ вориди толор мешаванд ва ба суффае, ки махсуси ишон аст, мешинанд.

Касри шоҳ

Хуни офтоби шомгоҳон дар панҷарахои толори қасри шоҳӣ лат мебандад. Ғуломон шамъҳоро мегиронанд. Болои суффаи мобайнии толор суроби соярӯшани амир Исмоил, Абузакриё Яхё, Исмати Марвазӣ ва Абулфазли Мар-

вазӣ ба пайдо меояд.

Амир Исмоил: Кӣ мехоҳад, ки иззати нафсаш хадшадор шавад, боз вақте, ки одам аз худаш ким-киро тасаввур мекунад?! Ман ҳанӯз дар майдони ҷанг ин эҳсосоти таҳқирдидаи ононро пай бурда будам. Вале масъала сари ин нест. Оқибатҳои он хатарнок аст, яъне дар корҳомон моро халал хоҳанд расонд. Моро беэътибор хоҳанд гирифт. Ва мо барои таъдиби ишон сабабҳои қотеъ нахоҳем ёфт. Онҳоро ба кадом роҳ безарар метавон кард? Сарват? Абуҳомиди Ясорӣ аз мо доротар аст. Сиёсат? Ба кадом ҷурм?

Абулфазли Марвазӣ: Онҳоро бояд ба баҳонае аз Бухоро дур кард.

Амир Исмоил: Ба чӣ хел баҳона?

Абузакриё: Фақат бо мӯҳлати дароз дур кардани ишон мешавад аз макрашон эмин буд.

Амир Исмоил: Дуруст, вале ба кадом баҳона?

Исмати Марвазӣ: Бо дуздоне, ки дар маҳбасанд, онҳоро бояд ба Самарқанд фиристод ва аз амир Наср хоҳиш намуд, ки ишонро то замони барои мо мувофиқ он ҷо нигоҳ доранд. Ҳамин ки корҳо сомон ёфт, ишонро дубора талаб менамоем.

Амир Исмоил: Пас ба ҳамин мазмун барои амир Наср нома нависед ва бояд бузургони Бухоро аз он ва мазмуни он хабар наёбанд. Нома бояд махфӣ бошад.

Абулфазли Марвазӣ: Ба чашм.

Амир Исмоил: Фардо ишонро ба боргоҳ даъват намоед. Будани Абумуҳаммади Бухорхудо ва Абуҳомиди Ясорӣ ҳатмист. Бузургони Бухоро ба сухани ин ду кас эътибор медиҳанд ва ишон ҳастанд, ки онҳоро бар зидди мо меангезанд.

Рӯзона

Амир Исмоил болои тахт нишастааст. Аз ду тарафаш Абузакриё, Ҳусайни Аъло, Хоҷа Абилҳафс, Исмати Марвазӣ ва Абулфазли Марвазӣ. Бузургони Бухоро рӯйи суффаҳои ду тарафи толор нишастаанд.

Амир Исмоил: Ду ҷанги охире, ки бар сари мардуми Бухоро омад, мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд овардааст. Агар мо аз мардум хироқи иловагӣ ситонем, бар ишон гарон хоҳад афтод. Бар замми ин дар кишварҳои атроф нооро-

мию ҷангҳо ҳукмфармост. Бухоро дар чунин вазъе, ки қарор дорад, наметавонад аз ин беш бар муҳоҷиминаш муқовимат намояд. Мо тасмим гирифтем, шумоён-бузургони кишварро аз ҷониби хеш барои узрхоҳӣ ба Самарқанд фиристем.

(Хоҷа Абилҳафс ба Ҳусайни Аъло менигарад. Онҳо чашм ба чашм мезананд. Дар як он ҳарду ранг иваз мекунанд. Вале аз ҳозирон касе ба вазъи рӯҳии ишон пай намебарад.)

Мо ба салоҳият ва ҳусни тадбири ҳар кадоме аз шумоён эътимод дорем, вале мехостем Абумуҳаммади Бухорхудо ва Абуҳомиди Ясорӣ гурӯҳи ҷанобонро роҳбарӣ кунанд ва ба амири Варазруд узри моро расонанд, то ба мо дар пардохти хироҷи Бухоро мӯҳлат диҳанд, яъне ин хирочро барои як-ду сол аз мо бардоранд, то мо тавонем, қудрати дифоии кишварро пурзӯр намоем.

Абумуҳаммади Бухорхудо *(аз ҷояш хеста)*: Иҷрои ин супориши амирамро мо барои хеш шараф мешуморем.

Амир Исмоил: Пас шумоён розӣ ҳастед, ин амри муҳим барои кишварро бар ӯҳда гиред?

Абумуҳаммади Бухорхудо: Самъан ва тоатан (*Таъзим мекунад ва ба ҷои хеш мешинад*).

Амир Исмоил: Агар Хоҷа андешае доранд, марҳамат фармоянд.

Хоҷа Абилҳафс: Ройи амирам дуруст аст. Хироҷи дугона бар мардум гарон меафтад. Агар амир Наср бинни Аҳмад харҷи хироҷи Бухороро бар заруриёти он мебахшиданд, айни адолат мебуд.

Амир Исмоил: Пас ҷанобон пасфардо метавонанд ба рох бароянд. Мо аз пеш барои заҳмати ишон ташаккур мегӯем ва онро фаромӯш нахоҳем кард.

Бузургони Бухоро таъзимкунон баромада мераванд. Аз он пас Ҳусайни Аъло баромада рафтанӣ мешавад, ки Хоҷа Абилҳафс аз зери оранҷаш мегирад ва ҳар ду баробар шитобзада баромада мераванд. Амир Исмоил бо бародару вазиру дабираш мемонад.

Амир Исмоил: Метарсам, ки амирамро бар зидди мо иғво наангезанд...

Абулфазли Марвазӣ: Дар нома зикр шудааст, ки ишон сабаби нооромии Бухоро ҳастанд. Ва ҳар амалеро бар зидди ҷаноби олӣ амирам ҳамчун амали хасмонае қабул хоҳанд кард.

Амир Исмоил: Аз даргоҳи худовандигор умедворам...

Даҳлез

Хоча Абилҳафс: (*Ба Ҳусайни Аъло*) Худованд оқибаташро ба хайр кунад!

Ҳусайни Аъло: Агар дар ин миён хиёнате вуҷуд дошта бошад, аз ману шумо хоҳанд донист.

Хоҷа Абилҳафс: Савганд ба худои замину осмонҳо, хабар надорам. Вале таъкид карда будам, ки шоҳон дорои ҳазор чашму ҳазор гӯш ҳастанд. Ҳеҷ чизе аз назари ишон пинҳон наменонад.

Ҳусайни Аъло: Чӣ медонам... шояд...

Онҳо бо ҳазор тардид, аз ҳамдигар бадгумон шуда аз қаср баромада ба тарафи хонаҳои хеш мераванд.

САМАРҚАНД

Бузургони Бухоро ба по истодаанд. Амир Наср аз шиддати хашм ором надорад. Бузургони Самарқанд ва аҳли дарбор бо сардории Хоҷаи Бузург ва сипаҳсолори ӯ Симоал-Кабир бо ҳаросу нигаронӣ рафтори амирро таъқиб менамоянд. Ҳама бар даҳон об гирифтаанд.

Амир Наср: Кирдори ӯ шинохтанӣ нест! Аслан худи ӯ шинохтанӣ нест. Ман намедонам, ӯ бар сар чӣандешаҳо дорад. Худоё, мо ҳеҷ гоҳ аз кирдори ӯ мамнун нашудем. Як ҷурмашро гузашт мекунӣ, дигарашро пеш меорад. Дирӯз бе ҳеҷ узре Бухороро тарк гуфт, имрӯз узр пеш меорад, ки хирочро пардохта наметавонад. (*Ба сӯи бузургони Бухоро меравад ва Абуҳомиду Абумуҳаммад сар ба аломати таъзим хам менамоянд*). Чаро аз ҳукумати марказӣ кӯмак нахостед?!

Абумуҳаммад: Баъди саркӯб кардани роҳзанони Ромитану Баркад, Ҳусайни Тоҳир қасди Бухоро кард. Амирам фурсат надоштанд аз Самарқанд кӯмак дархост намоянд.

Абуҳомид: Маҳз донишу тадбири ҷангии амир Исмоил буд, ки бо шашсад нафар сарбоз бар лашкари духазорнафараи Хоразм ғалаба намоем. Ҷангҳои пайдарҳам ба Бухоро ва аҳли Бухоро хисороти бисёр оварда. Аз ин рӯ амирам хоҳиш намуданд, ки пардохти хирочро ба таъхир ан-

дозанд, он чунон ки сирати адолатгустарии шоҳам аст.

Амир Наср: Ҳеҷ чизе барои напардохтани хироҷ сабаб буда наметавонад! Мо наметавонем хироҷи Бухороро аз дигар вилоят бипардозем. Ин кишвар фақат Бухоро нест!

(*Аз назди бухориён ба тарафи Хочаи Бузург бармегардад*). Сареъан ба Бухоро расуле бифиристед ва пардохти панҷсад хазор дирҳам хироҷи Бухороро бе каму кост тақозо намоед. Ва таъкид кунед, ки дигар бозӣ кардан бас аст. Сабри мо ҳам дигар сар омад! (*Ба Симо-ал-Кабир*) Асиронро ба дижҳои мустаҳками Кӯҳистон ба мӯҳлати якумрӣ бифиристед... Бузургони Бухоро меҳмони арҷманди мо ҳастанд! Ба Самарқанд хуш омаданд...(*Дар гӯши Хоҷаи Бузург*). Аз ишон низ мувозиб бошед!

БУХОРО

Қасри амир Исмоил

Ҳучра нимравшан аст. Амир Исмоил ба ҳар тараф қадам мезанад. Абузакриё Яҳё бародараш нишаста аст.

Абузакриё: Ман намедонам, шумо ба кадом далел чунин рафтор менамоед. Шумо омили хироҷ ҳастед ва онро бояд бифиристед. Дар акси ҳол ин амал исёну саркаширо мефаҳмонад.

Амир Исмоил: Шумо худ муҳаббату садоқати манро нисбат ба бародари бузургамон хубтар аз дигарон медонед, вале боз чунин суолот мекунед. Ман алҳол маҷбурам, ки ба чунин коре даст занам. Давлати сомониён бояд дар ин қисмат аз кишвари худ пойгоҳи мустаҳкаме дошта бошанд. Вагарна сиёсати саффориён ҳар лаҳза метавонад нисбат ба мо тағйир ёбад.

Абузакриё: Бигзор ин вазифа ва масъулияти бародарамон бошад. Шумо фақат барои худ душманонро зиёд мекунед. Бадгӯён рафтори шуморо дигар хел маънидод хоҳанд кард. Хубтар аст, ки дар ҳар иқдоми худ бо бародарамон маслиҳат кунед ва фикру ройи ишонро бипурсед.

Амир Исмоил: Вакте амири Бухоро дар умури вилояти худ мустақил нест, касе ба ӯ эътимод нахоҳад кард. Он чунон, ки худ шоҳиди он будед, бузургони Бухоро нисбат ба мо чӣ гуна беэътиноӣ зоҳир карданд ва кам монда буд, ки кишварро бар зидди мо барангезанд. Амирам ба лаш-

кари Фарғонаву Исфичоб такя мекунанд. Имрӯз Абулашъасу Абуюсуф Яъқуб лашкари варзидаву мусаллаҳ доранд. Чаро Бухоро барои ҳимояти сарҳадоти худ лашкари варзидаи худро надошта бошад?!

Абузакриё: Ман нияти шуморо мефаҳмам, бо вуҷуди он аз оқибати кор метарсам. Ҳанӯз бузургони Бухоро дар Самарқанд ҳастанд ва онҳо метавонанд амирро зидди шумо барангезанд.

Амир Исмоил: Гумон намекунам.

Абузакриё: Ман метарсам, байни шумо ҷудой наяфтад.

Амир Исмоил: Абузакриё, шумо натарсед. Ҳеҷ гоҳ чунин ҳоле рух нахоҳад дод.

Абузакриё: Бар замми ин муносибати шуморо бо Рофеъ ҳар хел баҳо хоҳанд дод.

Амир Исмоил: Яъне? Муносибати дӯстиро ҷуз дӯстӣ чӣ баҳое метавон дод?

Абузакриё: Худо накунад. Агар ин дӯстиро иттиҳоди зидди ҳукумати марказӣ маънидод кунанд?!

Амир Исмоил: Абузакриё! Дигар гӯё шакку шубҳаҳои шумо дар ман русух мекунад ва андешаамро машкук месозад.

Абузакриё: Аз бало ҳазар!

Амир Исмоил: Дуруст аст, то бад наяндешӣ, нек пеш наёяд. Худ ҳукумат кардан балост. Ҳамеша бояд аз чизе нигарон буд. Дар акси ҳол зулму бедод густариш хоҳад ёфт.

Абузакриё: Амирам гуфтан мехоҳанд, ки агар шамшер вуҷуд намедошт, ситамгорӣ зиёд мешуд?

Амир Исмоил: Ин тавр ҳам фаҳмидан хато нест. Вале бояд он тарзе зиндагӣ кард, ки ҳамсояат ҳамеша аз ту дар биму ҳарос ва нигаронӣ бошад. Барои ҳамин ҳам хирочи Бухоро ба худи мо заруртар аст, то мо тавонем худро аз биму ҳароси бегонагон эмин созем. Ғайри ин андешаи дигар ботил аст.

Кушки Аъло

Ҳусайни Аъло шамъҳои толорри мунаққашро мегиронад. Тасвирҳо аз даруни торикӣ бурун меоянд ва сояҳо рӯйи ишон меларзанд. Хоҷа бо вазъи парешон хомӯш нишастааст. Ҳусайни Аъло бо ба анҷом расонидани рушан сохтани шамъҳо ба назди ӯ бармегардад ва дар баро-

бари ӯ мешинад.

Ҳусайни Аъло: Дирӯз писари Абумуҳаммад назди ман омада буд. Аз падари худ пурсид.

Хоҷа Абилҳафс: Чӣ посух додед?

Ҳусайни Аъло: Гуфтам, ки дар меҳмонии шоҳ ҳастанд, ҳар гоҳ амир Наср лозим донанд, ичозаи баргашташонро медиҳанд.

ХоҷаАбилҳафс: Аз ҷавоби шумо чизе пай набурд?

Ҳусайни Аъло: Не.

Хоҷа Абилҳафс: Ҳуб. Онҳо дар зиндон ба сар мебаранд ва намедонам аз он ҷо кай раҳо мешаванд. Амир Исмоил ҳар рӯз як балое ба сари хеш мехарад. Бегумон бо напардохтани хироҷ бародарро ҳам бар зидди хеш барангезад.

Ҳусайни Аъло: Максади амир Исмоил нек аст.

Хоҷа Абилҳафс: Инро мо мефаҳмем. Агар фардо хонаводаҳои деҳқононӣ Бухоро ба талаби бузургони хеш қиём кунанд, чӣ мешавад?

Ҳусайни Аъло: Бояд дар ин хусус бо амир машварат кард ва ба онҳо ҷавобҳои қаноатбахш дод.

Хоҷа Абилҳафс: Ҳатман, вагарна ишон аз мо домангир мешаванд.

Ҳусайни Аъло: Агар ишонро ба зиндон андохта бошанд, ба ҷуз аз ману шумо аз каси дигаре бадгумон нахоҳанд шуд.

Хоҷа Абилҳафс: Замонати мӯҳлати дубораи фиристодани хироҷ ҳам ба поён мерасад, вале амир Исмоил дар ин замина коре анҷом надодаанд. Чунин истинтоҷ мешавад, ки ҳамчунин ниятеро ҳам надоранд.

Ҳусайни Аъло: Амирам онро дар танзими лашкар ва мусаллаҳ сохтани он харҷ карданд. Имрӯз ҳар шаҳру деҳистони Бухоро дорои лашкари муназзаму мусаллаҳ мебошад.

Хоҷа Абулхафс: Намедонам, ин бор амир Исмоил ба амир Наср бинни Аҳмад чӣ ҷавоб хоҳанд дод.

Ҳусайни Аъло: Худованд чорасозу тавоност. Ҳар чӣ аз казову кадар ояд, онро хоҳем дид.

Қасри шоҳӣ

Дар боргохи Амир Исмоил мансабдорони дарборӣ ра-

вуо доранд. Ҳар кадоме ба коре машғул аст. Чанде нагузашта Хоҷа Абилҳафс ҳам меояд. Онҳо якҷоя ба қабули амир мераванд.

Ҳусайни Аъло: Амир Исмоил мунтазири шумо ҳастанд.

Хоҷа Абилҳафс меистад ва ба чашмони ҳайратзада ба Ҳусайни Аъло менигарад.

Хоҷа Абилҳафс: Чӣ хел?

Ҳусайни Аъло: Ман аз амир хостам шуморо қабул кунанд.

Хоҷа Абилҳафс: Саросема шудан лозим набуд.

Хоҷа Абилҳафс меандешад:

"Пас ин ҳама корҳо аз тақсири ӯст. Ва мехоҳад маро ҳам олуда созад. Ҳусайн чӣ фикре дорад?.."

Ҳусайни Аъло: Узр мехом, ҳамин тавр шуд.

Дарро мекушояд, Хоҷа ворид мешавад ва худаш паси дар мемонад.

Амир Исмоил ба пешвози Хоҷа Абилҳафс аз ҷояш мехезад ва чанд гом мезанад.

Амир Исмоил: Узр мехоҳам, ки Хоҷаро ба ташвиш андохтем. Мебоист аз ниятҳои хеш ишонро мутолеъ месохтем. Вале Хоҷа ташвиш накашанд ва ба хонаводаҳои ашроф ба итминон бирасонанд, ки бузургонашон аз паи ичрои умури давлатӣ ба Самарқанд рафтаанд, баъди анҷоми он ба манзилашон бармегарданд.

Хоҷа Абилҳафс: Аз рафтани онҳо вақти бисёре бигузашт. Дар ҳақиқат хонадони ишон ба ташвиш афтодаанд. Дирӯз фарзанди Абумуҳаммад ба талаби падараш ба назди Ҳусайни Аъло омада буд.

Амир Исмоил: Мо ба Самарқанд нома навиштем. Дар рӯзҳои наздик ишон бармегарданд. Супориш ҳам додаем, ки аз ишон хеле хуб пазирой намоянд. Аҳли Бухоро ишонро бо тамоми шукӯҳ, ки шоистаи шарафи онон бошад, истиқбол хоҳанд гирифт. Онҳо назди мо арҷманд ҳастанд ва баъди бозгашт дар мансабҳои хеш адои хизмат хоҳанд намуд. Мо ба ин кор Ҳусайни Аълоро маъмур кардаем. Агар Хоҷа маъмурияти дигаре доранд, бо камоли майл дар хизматашон ҳастем.

Хоҷа Абилҳафс лолу мот ба амир Исмоил менигарад ва беихтиёр таъзим мекунад.

Хоҷа Абилҳафс: Ман фақат ҳамин чизро донистанӣ будам. Дигар музоҳим ҷаноби олӣ намешавам.

Хоҷа Абилҳафс ҳамчунон лоту мот таъзимкунон, пушт-нокӣ, яъне аз амир рӯй нагардонда, баромада меравад. Ва то аз қаср бадар шудан бо худ ҳарф мезанад: “Мухаддас аст... Мухаддас аст... Мухаддас...”

САМАРҚАНД

Қасри шоҳӣ

Рӯйи суффаҳои ду тарафи тахти шоҳӣ Хоҷаи Бузург, Муҳаммад бинни Нӯҳ, Абдуҷаббор бинни Ҳамза, Симо-ал-Кабири сипаҳсолор хомӯш нишастаанд. Амир Наср бинни Аҳмад бо чеҳраи гирифта, хашмгин назди панҷара ба сӯйи боғ назора мекунад. Гӯё чизе дар хотираш хутур карда бошад, бо гомҳои сареъ ба сӯйи ҳозирин меравад.

Амир Наср: Дигар ҳеҷ ҷои таҳаммулаш намонд. Абоиб-роҳим дар сар андешаи дигаре дорад.

Нӯҳ: Ҳар андешае, ки бошад, хилофи манофеи кишвар ва амирам нест. Ман ҳатто ба хаёл дода наметавонам, ки Абоиброҳим коре хилофи фармудаи амирам анҷом дихад. Ин кори шуданӣ нест!

Амир Наср: Пас напардохтани хирочи Бухоро чӣ хел фаҳмем?! Рофеъ бинни Ҳарсама кист, ки бо вай тарҳи дӯстӣ афканам? Як исёнгар, осӣ бар хоҷаи худ! Магар ӯ ҳамон касе нест, ки Яъқуби Лайс ӯро аз зиштии зиёдааш аз наздаш ронд? Магар ин омилҳо тарҳи як исёну осӣ шуданро намерезанд?

Хоҷаи Бузург: Мо дигар ҳар чӣ ки нагӯем, амирам тас-мими хешро гирифтаанд. Вале масъулияти вазифа тақозо менамояд, ки дар ин замина андешаи хешро иброз дорем.

Амир Наср: Бифармоед.

Хоҷаи Бузург: Ман ҳадас мезанам, ки шояд дар пардох-тани хироҷ таъхир намудани шоҳзода ба сабаби хушксо-лие бошад, ки мардуми кишвар мубталои он шудаанд. Мо ҳама медонем Абоиброҳим чӣ хел як марди ботадбир ва одилу дар нихоят худотарс хастанд.

Амир Наср (*Хафсалагир шуда*): Хуш!...

Хоҷаи Бузург: Шояд ҳамин сирати фардии шоҳзода са-баб шуда бошад, ки нахостаанд бар мардум ситам раво бинанд, яъне аз мардум охирин сармояи зиндагиро, ки калил шудааст, бо зулм ситонанд.

Амир Наср: Мардуми Бухоро ва навоҳии он ҳунарманданд ва ҳирочи онҳо аз маҳсули косибии ишон аст. Таъриҳ ёддошт надодааст, ки мардуми Бухоро замоне тангдастӣ кашида бошанд. Ин бахона шуда наметавонад.

Хочаи Бузург: Он чунон, ки амирам фармуданд, тарҳи дӯстӣ андохтан бо ёғие ҳамчун Рофеъ бояд ба сабаби амнияти кишвар бошад. Ӯ ки тавонист ба осони Хуросонро ғасб намояд, чаро дар андешаи вусъат бахшидани қалампарави ҳукуматаш набошад? Шояд бо роҳи дӯстӣ Абоиброҳим ниятҳои шуми ӯро ханасӣ месозанд, то бар сари мардуми кишвар фалокатҳо наояд.

Амир Наср: Он чӣ Хочаи Бузург фармуданд, хости худи ишон аст. Вале тамоми рафтори Абоиброҳим хилофи ин андешаро нишон медиҳад. Аз замоне, ки ӯро дубора ба Бухоро ирсол намудем, дар чашмону шамоилаш исёну хилоф ҳувайдо буд. Вале ҳамон вақт ҳам ба мисли имрӯз дар ҳаққӣ вай некандешӣ намудед.

Симо-ал-Кабир: Имрӯз аз Бухоро хабарҳое расидаанд, ки гумонҳои амирамро ба яқин тасдиқ менамоянд: хироҷи Бухоро барои танзими як лашкари муназзам-ул-амал сарф шудааст.

Амир Наср: Абоиброҳим, бародари мо ҳамеша ба амалҳое даст мезананд, ки фармоиш нагирифтаанд, ҳамеша худро мустақил, худрой нишон додаанд. Имрӯз ин "сиратӣ фардии" ишон боиси ташвиш ва изтироби кишвар шудааст. Ё ҳанӯз ҳам пасарамуи азизи мо Муҳаммад ва вазири фозили мо Абдуҷаббор бинни Ҳамза дар шаҳодату кафолати хеш ҳамчунон содиқ мондаанд?!

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Бигзор амирам дар хусуси банда ҳар хаёле, ки доранд, бикунанд, вале ман ба садоқати амир Исмоил нисбат ба ҷаноби олӣ як зарра шак надорам. Ман гумон мекунам, ин ҷо ғаразу ҳасаду душманон дар миён аст, ва бӯйи хиёнат ба димоғ мерасад.

Амир Наср: Оре, дуруст аст: Бӯйи хиёнат. Не, балки бӯи тутиъа ба димоғ мерасад.

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Амирам... агар медонанд, ки андешаи тутиъае вуҷуд дорад, чаро иқтидоме намекунанд?

Амир Наср: Ҳанӯз мо онҳоро муайян накардаем. Вале ба зудӣ миси ишонро хоҳем бароварда.

Абдуҷаббор бинни Ҳамза: Амирам албатта аз мо, яъне ман ва писарамуяшон, ки ба амир Исмоил ва садоқату ис-

теъдоди ҳақшиносии ишон итминони комил дорем, бадгумон ҳастанд? Ва амир Исмоилро ба тутиъагарой гунаҳкор менамоянд?!

Амир Наср: Ман нагуфтаам, балки худи ишон чунин мегӯянд.

Абдучаббор бинни Ҳамза: Дар ҳақиқат ин ҷо бӯйи хиёнат ба димоғ мерасад. Вале ҳар хиёнате ошкор мешавад.

Амир Наср: Оре, ҳар хиёнате ошкор мешавад.

Абдучаббор бинни Ҳамза: Вале одамони зиёде ба ноҳақ ҷафо мекашанд.

Амир Наср: Якпорагии кишвар ва оромиши он тақозо менамояд., ки мо ба ҳеҷ кас гузашт накунем, агар он ҷафодида бародари мо бошад ҳам.

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Мебинам, ки амирам тасмими хешро гирифтаанд, вале ҳайронам, ки чаро таъхир менамоянд.(*Дастҳояшро ҷафс карда, ба сӯйи амир Наср дароз мекунад*). Бифармоед, бар онҳо завлона зананд.

Амир Наср аз тахт поин меояд ва ба мисли як шери захмӣ ба чор тарафи толор қадам мезанад. Муҳаммад бинни Нӯҳ ба дунболи ӯ бо дастҳои пешкашида меравад.

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Ман нисбат ба худам бадгумон шудаам. Хоҳиш мекунам...

Амир Наср якбора дар ҷояш меистад ва бо суръат ба тарафи Муҳаммади Нӯҳ мегардад ва ба хашм дар чашмони ӯ менигарад.

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Мо ҳар ду аз банди бадгумонӣ раҳо хоҳем шуд.

Амир Наср: Масқарабозӣ бас!... Агар нисбат ба худ бадгумонед, ин ҷурми шумост. Мо ҳамчунин андешаеро надоштаем. Шумо аз кучо гирифтед, ки мо нисбат ба шумо бадгумон хастем?! Ва шумо чӣ тасмим гирифтани моро, дар бораи чӣ тасмим гирифтани моро аз кучо медонед? Хоҳиш мекунам, ин гумонҳои беморгунаи хешро ба як сӯ гузоред. Ҳукми ҳоким то содир нашавад, ҳар гуна гумону андеша дар бораи он хатост!

Муҳаммад бинни Нӯҳ хиҷолатзада дастҳояшро поин меорад ва ба мисли мехкӯбшуда бар замин беҳаркат дар ҷояш меистад.

Амир Наср: Мо шуморо мешиносем, ҳусни нияти шуморо медонем... Аз аввал медонем ва дӯст медорем. Мо дӯстони худро қурб додаем. Мо дар бораи ҳеҷ кадом аз шумо

гумон надорем, балки манзилату сидқу сафои шуморо мешиносем. Пас агар, аз мо амале сар зада бошад, ки боиси гумону тардиди ишон шуда бошад, аз кӯтоҳии мост. Хоҳиш мекунам... барои мо дар чунин вазъе, ки дунё қарор дорад, ихтилофи дигаре наангезанд. Яъне Рофеъ дар Хуросон исён кардаасту худро амири Хуросон эълом доштааст, Саффориҳо дар ғарбии кишвар алайҳи халофат дар ҷанганд, ҳамин як ихтилоф бас аст. Ихтилофи дигаре наангезед, хоҳиш мекунам. Барои мо беш аз пеш ҳушёрӣ ва ягонагӣ зарур аст. Мо лашкари худро бояд ба сарҳадоти ҷанубу ғарбии кишвар пеш барем...

Амир Наср боз бар тахт мешинад ва ба Хоҷаи Бузург, ки то ба ҳол ба сари хам ғарқи андеша буд, мурочиат мекунад:

- Барои ин мақсад лашкари Самарқанду Истаравшан кифоят намекунад. Мо бояд лашкари фаровоне фароҳам оварем. Ба Фарғона ба наздики бародарон амир Абулашъас нома нависед ва бо лашкари бисёр ба пойтахт бихондашон. Ва номаи дигар ба Чоч фиристед ва аз бародарамон амир Абуюсуф Яъқуб дархост намоед, ки бо лашкари худ ва Исфичоб биёянд. Дар ичрои ин амр таъхир накунанд.

Симо-ал-Кабир: Ин эъломи ҷанг бо амир Исмоил аст, амирам?!

Амир Наср: Чӣ чора?! Бояд якпорчагии кишвар ҳифз шавад.

БУХОРО

Қасри амир Исмоил

Ҳуҷраи нисбатан калоне дар дохили қасри амир Исмоил. Амир Исмоил болои курсие назди оташдони нишаста бо оташгирак аловро рӯшан мекунад ва ба шӯълаҳои раққосаи оташ ва садои сухтани ҳезум хира мешавад. Ҳоҷиб вориди уток мегардад. Вале амир Исмоил ба омадани ӯ эътибор намедиҳад ва ҳамчунон нигоҳаш дар ракси шӯълаҳо роҳ бастааст.

Ҳоҷиб: Бузургон меоянд.

Амир Исмоил: Бигӯ, дароянд.

Аз курсӣ хеста ба назди панҷара меравад ва пардаҳои ҳаririро ба як тараф мекашад. Рӯшании сарду рангпари-

дае ба дохил мехезад. Барф меборад ва замин сафед шудааст.

Амир Исмоил гӯё аз дурҳо садои хешро мешунид:

Хуни хуршед дар панҷарахо лат баста буд...

Шабе дар бод

Танҳоии ман дӯза мекашид.

Бо овози сармозада аз яъс,

Бо чеҳри рангпарида чу мох...

Муҳаммади Марвазӣ, Ҳусайни Аъло, Абумуҳаммади Бухорхудо, Аҳмади Марвазӣ, Абуҳомиди Ясорӣ ва Абузакриё Яҳё вориди ҳуҷра мешаванд. Амир Исмоил аз панҷара дур мешаввад.

Амир Исмоил: Озодагон аз охирин таҳаввулоти кишвар хабар доранд? Ва медонанд, ки чаро дар ин бевақтӣ ишонро даъват намудем?!

Муҳаммади Марвазӣ: Баъзе овозаҳо аз Самарқнд меоянд, вале то чӣ андоза дурустанд, маълум нест.

Амир Исмоил: Чаро маълум накардаед? Ин вазифаи шумост. Як худи ман наметавонам ба ҷои ҳар кадоме аз шумо бияндешам, кор кунам, тадбир чӯям ва бар ҳама чиз огоҳ бошам... Ҳоло аз Самарқанд нома расид. Дар нома, ки ба соҳиби он ҳамчун худам бовар дорам, хабар медиҳад, ки амир Наср бо лашкари бисёр ба ҷониби Бухоро ҳаракат кардаанд.

Ҳусайни Аъло: Мо намедонем қасди амир Наср ба Бухоро омадан чист?

Амир Исмоил: Фақат сипаҳсолори мо аз қасди амирам бехабаранд ва ё ҳама? Ҳандаовар аст, гумон мекунед, ки шоҳи Вароруд бо лашкари Чочу Фарғона, Самарқанду Истаравшан ба меҳмонӣ меоянд? Ва ё ишон қасди Багдод доранд?! Худро ба нодонӣ задан ҳандаовар аст. Озодагон чӣ маслиҳат медиҳанд?

Ябузомиди Ясорӣ: Мо бояд аввал муайян намоем, ки қасди ишон чист?

Амир Исмоил (*Механдад*): Магар маълум нест?!

Ҳусайни Аъло: Мо бояд, пеш аз он ки ишон ба Бухоро наздик шаванд, лашкари худро ба Кармина расонем, он ҷо интизор шавем.

Амир Исмоил: Ин фикри қатъии сипаҳсолор аст?! Оё шумо бовар доред, ки бо ин лашкари қалил метавонед, бар лашкари Вароруд муковимат намоед? (*механдад*). Шумо-

ён чӣ фикр доред?

Ахмади Марвазӣ: Аз баски ҳодиса ногаҳонӣ аст, барои андешидану ба хулосае омадан фурсат лозим аст.

Амир Исмоил: Фурсат нест. Ҳамин ҳоло бояд чора андешид.

Муҳаммади Марвазӣ: Мо аз нияти амирам хабар надорем, бинобар ин ибораи ақида кардани мо дуруст нест.

Амир Исмоил: Мо сари ҷанг бо бародари худро надорем ва нисбат ба ҷанобашон чунин рафтореро беадабӣ мешуморем.

Абуҳомиди Ясорӣ: Интизор бояд буд, то қазо чӣ мефармояд.

Амир Исмоил: Чиро бояд интизор буд? Сари дор рафтанро? Ва ё кунҷи зиндон пусиданро? Чӣ , шумо гумон мекунед, амир Наср меояд, ки сари шумоёнро сила намоед?! Хомхаёлӣ бас аст! Ҳушёр шавед, агар хобед, бедор шавед. Аксуламали мо нисбат ба дархости амир Наср, агар ба он боз чизҳои дигаре афзуда бошанд, баробар ба осӣ шудан аст, исён аст, ёғигарӣ аст! Магар инро намефаҳмед?! Магар фаромӯш кардаед, ки шоҳон бо осиёни хеш чӣ рафторе мекунанд?! Мо Бухороро аз вуҷуди хеш холӣ мекунем. Дигар чорае нест. Ба шаҳрҳои гирду атроф расулон фиристед, то сарбозонро ба Фароб фиристанд ва мо пагоҳ ба роҳ мебароем. Дар Фароб интизор мешавем. Дигар ин, ки бояд аз амири Хуросон Рофеъ бинни Ҳарсама-дӯсти мо кӯмак талабид. Боз мегӯям, мо қасди ҷанг бо бародари худро надорем, барои эҳтиёт, худо накунад... Ба ҷуз Абулфазл дигарон метавонанд аз паси кор бишаванд. Мо фурсат надорем.

Ҳамагон ба ҷуз Абулфазл дабир баромада мераванд.

Амир Исмоил: Ҳамин ҳоло барои Рофеъ бинни Ҳарсама нома нависед. Ба фикри шумо аз одамони мо кӣ ин рисолатро хуб ичро карда метавонад?!

Ахмади Марвазӣ: Ман фикр мекунам, ки Ҳамӯя бинни Алӣ. Аввалан, ӯ исфароинӣ аст. Роҳҳоро хуб медонад ва дар он сӯйи Ому одами худӣ аст. Сониян, марди ботадбир ва далер аст.

Амир Исмоил: Бисёр хуб. Барои ӯ одам фиристоднед. Касе аз расолати ӯ набояд огоҳ шавад. Ман гумон мекунам ҷанг ногузир аст. Оре, ногузир!

Андешаи Амир Исмоил садо медиҳад: “Ту барои ҳада-

фҳои олӣ бояд аз болои сояҳои хеш бипарӣ. Ҳар ҳадафи олӣ ҷангро ҳақ мебарорад”.

Аҳмади Марвазӣ: Амирам дигар фармоишоте надоранд?

Амир Исмоил: Алҳол не. Ҳар гоҳ корро ба анҷом расонед, ман ҳамин ҷо ҳастам, бедор.

Аҳмади Марвазӣ баромада меравад. Амир Исмоил болои курсӣ нишаста оташро рӯшан мекунад ва нигоҳаш рӯйи рақси шӯълаҳо роҳ мебандад ва аз чӣ тавр ба ҳуҷра ворид шудани Шаҳбону бехабар мемонад. Сояи Шаҳбону аз болои курсӣ лағҷида ба девори оташдон мечаспад. Амир Исмоил ба сӯйи ӯ сар мебардорад ва то дер гоҳ бар чеҳрааш хира мемонад.

Амир Исмоил: Шаҳбонуро хоб намебарад...

Шаҳбону: Аз рӯйи инсоф нест, ки ман бихобаму ишон бехобӣ кашанд.

Амир Исмоил хастаҳолона, ба дард лабханд мезанад ва Шаҳбону аз пас гузашта сарашро дар оғӯш мефишорад.

Шаҳбонӯ: Амирам хаста шудаанд...

Амир Исмоил: Ку фурсате?

Шаҳбону: Агар бад-ин минвол дунбол кунанд.

Амир Исмоил: “Бад-ин минвол давом кунад”, яъне чӣ?

Шаҳбону: Шумо на танҳо амири Бухоро, балки падари фарзандон низ ҳастед. Ва ё ин ҷиҳати масъулияти худро аз ёд бурдаед?

Амир Исмоил: Бонуи азиз, чаро ба киноя ҳарф мезанад. Ман аз фарзандони хеш мутмаинам. Ва боз дар канори чунин модаре.

Шаҳбону: Онҳо бузург шудаанд, дигар дар канори падар будан мехоҳанд.

Амир Исмоил (*андешамандона*). Умр чӣ сон зуд, ноаён мегузарад. Онҳо бузург шудаанд, чӣ?!

Шаҳбону: Вақте фикри ишонро кардан шуда аст...Хостторхон Фарангис баромадаанд.

Амир Исмоил: Чӣ? Шуҳӣ накун. Ӯ ҳанӯз кӯдак аст.

Шаҳбону: Не, бобочон. Вақташ расидааст.

Амир Исмоил: (*андешамандона*) Ҳоло фурсати сур нест. Баъд дар ин бора фикр мекунем. Ҳоло фурсати ин корҳо нест.

Шаҳбону: Пас кай?

Амир Исмоил: Ҳоло барвақт аст. Ӯ боид донишҷ андӯ-

зад. Мо ба фарзандони оқилу доно ниёзмандтарем, нисбат ба домодҳои фарбеҳу курбталаб. Хостгорҳо кихоянд?

Шаҳбону: Ашрофзодагони Бухорову Самарқанд.

Амир Исмоил: Магар онҳо ном надоранд?

Шаҳбону: Чаро?! Ҳама аз хонадони бо ному шарафанд.

Амир Исмоил: Худ ӯ чӣ мегӯяд?

Шаҳбону: Чӣ ҳам мегуфт?! Ӯ дар амри падар аст.

Амир Исмоил: Ман худ бо ӯ дар ин хусус сӯҳбат хоҳам кард. Вале ҳоло фурсати ин корҳо нест. Баъд...

Шаҳбону: Охир, кай?

Амир Исмоил: Намедонам. Шояд баъди оромиҳо.

Шаҳбону: Чӣ шудааст? Наход, боз...

Амир Исмоил: Оре. Фардо мо Бухороро холӣ мекунем.

Шаҳбону: Ҳоли мо чӣ мешавад?

Амир Исмоил: Бо шумо коре нахоҳанд дошт.

Шаҳбону: Худоё... Магар зиндагӣ дар Самарқанд хуб набуд!

Амир Исмоил: Магар дар ин ҷо бад аст? Зиндагӣ майдони талошу ситез аст. Ва амирон ҳаққи фароғат надоранд.

Шаҳбону: Охир, чаро?

Амир Исмоил: Зеро онҳо бори масъулияти кишвари хешро бар дӯш доранд. Онҳо наметавонанд фақат барои хеш зиндагонӣ кунанд, ором бихобанду шиками сер бигарданд. Не, бонуи ман. Мо барои он зиндагӣ мекунем, ки дигарон ором бихобанду бо шиками сер бигарданд, бо шавқу завқ кор кунанд ва мояи саодати хешро ба вуҷуд биёваранд. Мо бояд ба чунин зиндагӣ кафолат диҳем, дар акси ҳол биҳишти мо дӯзахи ишон аст. (Амир Исмоил чанд тарошаи дигарро ба оташдон мепартояд.) Зиндагии мо мисли ин оташ бояд бошад: сӯзон, болохез, рӯшан, поку муназзаҳ аз ҳар гуна палидиҳо... Оташи сурху сӯзан...

Амир Исмоил ба намоз меистад ба Шаҳбону аз ҳуҷра баромада меравад. Аз фурӯғи шӯълаҳои рахшон сояи амир бар девор меларзад, мераксад.

ФАРОБ

Қалъа

Амир Исмоил бо сарлашкаронаш дар хучрае нишаста-

анд. Оташи оташдон хеле баланд аст. Соҳиби қалъа марде баландболо, бо рише кӯтоҳ ва дар либоси фохир ворид мешавад.

Абумуслим: Аз Бухоро расуле расидааст, амирамро мулокот кардан мехоҳад.

Амир Исмоил: Ӯро биёред.

Абумуслим ба талаби расул меравад. Ва баъди чанд лаҳза бо расул бармегардад. Расул бо ворид шудан замини хидмат бӯса мекунад.

Амир Исмоил: Бигӯ, аз Бухоро чӣ хабар овардай?

Расул: Сояи давлати амирам бар ҷаҳон густарда бод. Амир Наср ба Бухоро андар омаданд ва шаҳрро аз вуҷуди мубораки ҷанобашон холӣ ёфтанд, алҳол ба сӯйи Байканд меоянд.

Амир Исмоил: Ҳангоми вуруди амирам шаҳр чӣ вазъ дошт? Мардум шоҳи кишварро чӣ тавр қабул карданд?

Расул: Мардумони шаҳри Бухоро ба истиқболи амир Наср баромаданд ва ишонро бо лашкарашон хеле хуб қабул намуданд. Амир Наср ду рӯз дар Бухоро монданд ва ба талаби ҷаноби олӣ ба ин тараф меоянд.

Амир Исмоил: Бузургони Бухоро чӣ мегӯянд?

Расул: Ба ҷуз Абумуҳаммади Бухорхудот бокӣ ҳама дар рикоби шоҳ даромадаанд ва ба ин ҷониб меоянд.

Амир Исмоил: Чаро Абумуҳаммад бо амирам ҳамроҳ нашуд?

Расул: Дар хакки ишон овозаҳо бисёр буд: яке мегуфт, ки ӯ аз тарс бемор шудааст ва дигаре мегуфт, шоҳам ӯро ба зиндон андохтаанд. Касе чизи дурустеро дар хакки ишон намегӯяд ва ё намедонад.

Амир Исмоил: Чӣ ном дорӣ?

Расул: Ҳофизаддин, фарзанди Хоҷа Юнуси Бухорой.

Амир Исмоил: Фарзанди Хоҷа Юнуси фақеҳ?

Расул: Оре, амирам.

Амир Исмоил: Пас шумо Имом Хофизаддини Бухорой хастед?

Расул: Оре, амирам.

Амир Исмоил аз ҷояш мехезад ва ӯро дар канор мекашад ва дар бари хеш мешинонад.

Амир Исмоил: Ман дар бораи фазлу дониши шумо аз марҳум Хоҷа Абилҳафс бисёр шунидаам. Вале намедони-

стам боз чунин далер ҳам ҳастед. Кишвари мо дар вақеъ ба чунин ҷавонони вораста эҳтиёҷ дорад. Э кош ҳар ҷавоне дар ин кишвар ҳамчунон мебуд. Роҳ мушкил буд... хаста шудед?

Ҳофизаддин: Роҳ мушкил буд. Боду барф... Сармо, ба мисли дӯзахи габрон.

Амир Исмоил аз ин таъбироти Ҳофизаддин ба завқ меҳандад ва хандаи ӯ ба дигарон сироят мекунад. Ҳофизаддин аз хиҷолат сурх мешавад.

Амир Исмоил: Чанд рӯз ин ҷо кӯфти роҳ бароред. (*ба Абумуслим*) Мояи роҳати ишонро фароҳам созед. Хоҷа бояд боз ба Бухоро баргарданд.

Ҳофизаддин: Дар рикоби амирам мондан барои ман шараф аст. Ман омадам, ки бимонам.

Амир Исмоил: Кори уламо ҷангидан нест, бояд ишон ба таҳқиқу омӯзиш машғул бошанд.

Ҳофизаддин: Амирам, хоҳиш мекунам, ба ман иҷоза диҳанд, ин ҷо бимонам.

Амир Исмоил: Ин ҷо касоне мемонанд, ки илми ҷангро медонанд.

Ҳофизаддин: Ман ин илмро медонам ва дар аввалин набард онро исбот хоҳам намуд.

Амир Исмоил: Бигузор гуфтаи Хоҷа шавад.

Ӯ аз хурсандӣ аз ҷой парида мехезад ва ба шоҳ таъзим мекунад.

Ҳофизаддин: Дигар ман ба муродам расидам. Акнун лутф фармоед, маҷлисро тарк намоям.

Ӯ таъзимкунон ҳуҷраро тарк менамояд. Абумуслим аз дунболи ӯ меравад.

Амир Исмоил (*ба Аҳмади Марвазӣ*): Ҳанӯз аз Нишобур хабаре нест?

Аҳмади Марвазӣ: Сафири мо пешопеш қосиде фиристодааст, ки Рофеъ бинни Ҳарсама бо лашкари хеш ба кӯмаки мо меояд.

Амир Исмоил: Ӯ бояд пеш аз он ки амири Вароруд ба Байканд расанд, аз дарё бигзарад. Дар акси ҳол мо маҷбур мешавем, ки Фаробро убур намоем.

Ҳусайни Аъло: Гумон намекунам, ки амири Вароруд бо ворид шудан ба Байканд ҷангро оғоз намоянд. Ду-се рӯз лашкарашонро дам медиҳанд. То он вақт лашкари Рофеъ бинни Ҳарсама низ мерасад.

Амир Исмоил: Дар байни мардум шойиъот паҳн кунед, ки гӯё Рофеъ бинни Ҳарсама ба кӯмаки амир Исмоил омадааст ва аз Фароб гузаштааст.

Абуҳомиди Ясорӣ: Амирам, метарсам шойиъоти мо аксуламалеро ба вуҷуд ниёварад. Мо бояд сабр кунем, то бубинем мардуми Байканд аз амири Вароруд чӣ тавр пазирой менамоянд.

Амир Исмоил: Мо ҳадафамон на мардуми Байканд, балки лашкари амир аст. Онҳо бояд бифаҳманд.

Абуҳомиди Ясорӣ: Ҳар амале ду натиҷа дорад. Агар дар байни лашкариён ба манфиати мо кор кунад, мумкин аст дар байни мардум амали хилофро ба вуҷуд оварад.

Амир Исмоил: Ба кадом далел?

Абуҳомиди Ясорӣ: Аввалан, мардуми мо ҷафои бегонагонро бисёр кашидааст, сониян, Рофеъ бинни Ҳарсама бегона аст. Ин омил метавонад мардумро аз мо дур гардонад. Аз ҳоло нон гарон шудааст. Як ман нонро дар Фароб ба се дирҳам мехаранд.

Абумуслим, омили Фароб меояд.

Амир Исмоил: Ин қимат гӯшношунид аст! Ҳеҷ гах чунин набудааст. Сабабаш чист?

Абуҳомиди Ясорӣ: Хушксолиро сабаб нишон медиҳанд.

Амир Исмоил: Лалмӣ чоряки зироати кишварро ташкил медиҳад. Ҳеҷ гуна хушксолӣ баҳона шуда наметавонад, ки қимати галлаадона боло равад. Ё онро фақат ба мо гарон мефурӯшанд?

Абуҳомиди Ясорӣ: Нархи бозор ҳамин аст.

Амир Исмоил ба Абумуслим менигарад.

Абумуслим: Алҳол нарх дар бозорҳои Байканди Фароб ҳамчунин аст. Тахмин меравад, бо сар шудани ҷанг нархҳо боз боло раванд.

Амир Исмоил: Бозоргонон аз фурсат истифода бурда ҳамёнҳои хешро пур кардан мехоҳанд. Талқин кунед, гаронфурӯшонро сиёсат кунед.

Абумуслим: Амирам, хушксолӣ то андозае ба ҳосили имсола зарар овард. Мардум натавонистанд нисфи маҳсулоти ҳарсолаашонро ба даст оваранд.

Амир Исмоил: Аз кай нархҳо гарон шуданд?

Абумуслим: Як ҳафта мешавад. Мардум овозаи ҷангро шунида, нархҳоро боло бурданд. Агар бозоргононро сиёсат кунем, онҳо молашонро ба бозор нахоҳанд бароварда

ва мардум ба қаҳтӣ дучор хоҳанд шуд.

Амир Исмоил: Ин тадбири мулкдорӣ нест. Бозоргононро мачбур созед, ки бо нархи пештара савдо кунанд, то мардум қаҳтӣ накашанд, ҳар бозаргоне, ки аз ин амр сар мепечад, бояд сиёсат карда шавад. Ин кишвар алҳол соҳиб дорад ва намегузорад, ки ҳар кӣ ҳар чӣ хост, он бикунад. Дар кишвари Бухоро хушксолиро баҳона оварда, гаронфурӯшӣ кардан шармандагӣ ва зулм аст! Бунёди ҳама гуна зулму бедод куфр аст! Ба чунин вазъият ҳаргиз муросо кардан мумкин нест! Камокон мо ичоза намедиҳем!... Ман аз вазъият ҳар лаҳза бояд огоҳ шавам. Дар ин масъала ҳеч гуна мамониате набояд вучуд дошта бошад. Ман ҳар нафас интизори омадани пайке ҳастам. Ва ҳар кадоме аз омилони мо бояд маъмурияти хешро бе каму кост ҳушёрона ичро кунад! Ҳар кӣ ба ном фирефта шавад, ба нон андар монад ва ҳар кӣ ба нон хиёнат кунад ба чома дар монад...

БАЙКАНД

Кушк

Ҳучрае дар кушки ҳокими шаҳри Байканд. Хизматгорону ғуломон бо таштҳои ғизо вориди ҳучра мешаванд. Рӯйи суффаи назди оташдон амир Наср, ҳокими Фарғона Абулашъас, ҳокими Чоч Абуюсуф Яъқуб, Муҳаммад бинни Нӯҳ, Симо-ал-Кабир, Абдучаббор ва чанд тане дигар гирди дастархон нишастаанд.

Абулашъас: Аз истиқболи мардум, шодиву хурсандӣ, симу зар нисор кардан бар сари амирам чунин бармеояд, ки ишон нисбат ба амир Исмоил хушнуд нестанд.

Амир Наср: Ин наметавонад боиси форигболии мо гардад. Манро чизи дигар ба ташвиш андохтааст. Рофеъ бинни Ҳарсама ба кӯмаки амир Исмоил омадааст. Пеш аз он, ки ишон ба Бухоро раванд, мо бояд дар он чо бошем. Ҳамин шаб, бе овозаю дарвоза бояд озими Бухоро шуд.

Симо-ал-Кабир: Лашкар хаста аст. Акаллан то фардо бояд дам гирад.

Амир Наср: Фурсат аз даст меравад... Ба сарбозонвазъиятро бифаҳмонед. Мо дигар чорае надорем. Онҳо худашон низ хуб мефаҳманд.

Соҳили рӯди Ҷайҳун

Сарбозони Рофеъ бинни Ҳарсама аз рӯйи дарёи яхзада мегузаранд. Аввал пиёданизом, баъдан саворанизом. Онҳо аз чилави аспони хеш дошта бо эхтиёт мегузаранд. Дар тарафи мукобил Рофеъ бинни Ҳарсама, Ҳамӯя бинни Алӣ ва Ҳусайни Аъло болои теппае ба убури лашкар назора мекунанд. Муҳаммад бинни Ҳорун ба назди Рофеъ меояд.

Рофеъ: Ба саронии лашкар бифаҳмонед, ки ба сӯйи Фароб ҳаракат кунанд.

Муҳаммад бинни Ҳорун, ки сипаҳсолори лашкари Рофеъ аст, аспашро гардонда ба сӯйи лашкар метозонад ва Рофеъ, Ҳамӯя ва Ҳусайни Аъло аспҳояшонро ба сӯйи Фароб ҳаракат медиҳанд. Боди сард аз ҷониби Хоразм вазон аст. Сарбозони Рофеъ аз сармо меларзанд ва аз паймудании роҳи дуру дароз дар сармои сахти зимистон хастаҳол менамоянд. Аммомаҳо ба сару рӯ печонда, бо сари хам дар мукобили бод кохилона қадам мезананд ва касе ҷуръати сар бардоштану ҳарф задан надорад. Гоҳ аз гоҳ ба гӯши ишон садои сурфидани таболуди ҳамсафонашон мерасад. Саворанизом кайҳо аз назарҳо гайб задааст.

Дар он тарафи гаревахо, дар даромадгохи Фароб амир Исмоил бо бузургони Бухоро Рофеъ бинни Ҳарсамаро пешвоз мегирад. Рофеъ аз асп пиёда мешавад ва аз паси ӯ Ҳамӯяву Аъло ва Ҳоруи аз аспҳо поин меоянд. Амир Исмоил ин марди гулосову кареҳандому карохатангезро ҳамчун азизи дилаш ба канор мекашад ва аз гуноҳои сиёҳу доғдораш бӯса мегирад. Бузургони Бухоро ин тозии бадбӯро зиёрат мекунанд. Баъди ин маросими истиқбол ба поён мерасад ва амир Исмоилу Рофеъ бар аспҳои хеш мешинанд ва вориди Фароб мешаванд. Он ду нафар пеш-пеш ва аҳли рикобашон зи дунбол. Дар кӯчаҳо аҳён-аҳён равандагон ба назар мерасанд, гӯё мардуми шаҳр аз ин мехмон он қадар хушнуд нестанд.

Амир Исмоил: Амири Хуросон аз ин пазирой дил танг мадоранд. Вазъият такозо менамояд, ки мо боэхтиёт бошем. Вагарна аз ишон бо тачлил истиқбол мегирифтем.

Рофеъ: Мефаҳмам.

Онҳо кучахои танги шаҳрро гузашта ба дохили девори кушки хоким мешаванд. Аз аспҳо фаромада ба дохили кушк меларояд.

Рофеъ: Вазъият чӣ тавр аст?

Амир Исмоил: Алҳол ором аст. Бародари бузургамон дар Байканд фуруд омадаанд.

Рофеъ: Пас ҳар лаҳза метавонад ҷанг даргирад.

Амир Исмоил: Шояд. Вале ман гумон мекунам, ин ҷо ҷангидан маъние надорад. Мо бояд бо роҳи биёбон худро ба Бухоро расонем ва пеши роҳи амир Насрро барои бозгашт бандем.

Рофеъ: Шумо гумон мекунед, амир Наср нақшаи шуморо намефаҳмад?

Амир Исмоил: Гумон намекунам. Агар аз нақшаи мо пай баранд ҳам, вале имкони пешдастӣ кардан надоранд. Дирӯз ба Байканд расидаанд ва сарбозон хастанд.

Рофеъ: Чаро гумон намекунед, ин ҷо даргири ҷанг шавем.

Амир Исмоил: Зеро мо шаб ба роҳ мебароем. Хабари бозгашти моро ба Бухоро шунидаанд, ногузир бармегарданд. Мо дар ҳаволии Бухоро даргири ҷанг мешавем.

Рофеъ: Мо шаб ба роҳ баромада наметавонем, зеро сарбозонии мо хастаанд.

Ҳусайни Аъло башитоб вориди ҳуҷра мешавад.

Ҳусайни Аъло: Амирам, лашкари амир Наср дишаб Байкандро ба қасди Бухоро тарк кардааст.

Рофеъ: Шумо гуфтед, ки ин кор имкон надорад. Хушо ба ҳоли хасми доно!

Амир Исмоил: Пас нақшаҳои мо тағйир меёбад.

Рофеъ: Дигар таъҷил намехоҳад. Дунболаи лашкари амир Наср меравем.

Амир Исмоил ба хаёл меравад ва андешаашро мешунавад: “ Ин тавр шуданаш ҳеҷ мумкин нест!”

Рофеъ: Дидед- ку, мумкин будааст.

Амир Исмоил: Пас чораи дигаре бояд ҷуст!

Рофеъ:Чӣ чорае?

Амир Исмоил: (*андешанок*). Чорае, ки корҳо ба манфиати мо шавад... Дигар ба Бухоро рафтани мо маъние надорад.

Рофеъ: Пас чӣ бояд кард?

Амир Исмоил: Чӣ илоҷ!.. Сарнавишт аз рӯзи қазо ҳамин будааст. Худо шоҳид ман чунин сурат гирифтани вазъро намехостам. Худоё, гуноҳони манро бубахш.

Ҳозирини мачлис бо таҳайюр ба амир Исмоил менигаранд ва аз суханони таболуди ӯ чизеро пай намебаранд. Амир Исмоил пас аз максе ба суханаш идома медиҳад.

- Ҳар чӣ бодо бод! Мо бо роҳи биёбон ба сӯйи Самарқанд меравем ва пойтахтро мегирем. Сарнавишт ҳамин будааст...

Чашмони Рофеъ барқ мезананд. Бузургони Бухоро ҳайратзада ва бо тааҷҷуб ба амири худ менигаранд.

Абузакриё: Магар чораи дигаре нест?

Амир Исмоил: Бародари азизам, дигар кор аз кор гузаштааст. Ба ҳеҷ сурат рафтори мо дигар бахшиданӣ нест. Мо худро боид ҳаҷот диҳем, бародари ман, ҳаҷот!

Абузакриё: Магар намешавад аз ин нақшаҳо даст кашед ва бо гардани шикаста аз бародарашон авф пурсид? Ҳанӯз чизе нашудааст. Ҳанӯз барои авф талбидан фурсат ҳаст.

Амир Исмоил: Не, намешавад... Рӯямон дар баробари бародарамон сиёҳ шудааст. Бо тамоми оби Ҷайҳун наметавон онро шусту пок кард, мефаҳмӣ? Дигар дер шуд, дер!

Абузакриё аз чояш хеста фарёд мезанад:

- Чаро хомӯш нишастаед? Чораи дигаре бияндешед! Ин хиёнат аст! Бо хомӯшии худ амири худро ба вартаи ҳалокат мепартоед!...

Амир Исмоил: Абузакриё, бародари ман, ором шав! Чорае дигар вуҷуд надорад...

Рофеъ: Алҳол ин фикр дуруст аст. Ман ба он мувофикам. Ягона илочи масъала гирифтани Самарқанд аст. Илло мочаро то човидона тӯл хоҳад кашид.

Амир Исмоил: Дигар сари ин масъала бар намегардем. (*ба Хусайни Аъло*) Лашкарро ба сафар тӯлонӣ ва хеле машаққатовар омода боид кард. Худо агар хоҳад, пасфардо ба рох хоҳем баромад...

Овози ӯ хаставу ғамгин садо дод. Абузакриё бо гӯшаи фаш ноаён ашкашро пок месозад.

БУХОРО

Қасри амир Исмоил

Дар ҳуҷрае бародарон Амир Наср, Абулаҳсан, Абуюсуф Яъқуб, Муҳаммад бинни Нӯҳ ва Абдуҷаббор андӯхгин нишастаанд. Касе ҷуръати шикастани хомӯширо на-

дорад.

Амир Наср: Симо-ал-Кабир кучост?

Абуюсуф: Субҳ ба қароргоҳи сарбозон рафта буданд ва то ҳол бар нагаштаанд. Ана худашон ҳам омаданд.

Симо-ал-Кабир меояд.

Амир Наср: Рӯҳияи сарбозон чӣ тавр аст?

Симо-ал-Кабир: Хуб аст, амирам.Вале хабарҳои нохуше аз ҷониби амир Исмоил мерасанд.

Амир Наср: Чӣ хабар?

Симо-ал-Кабир: Амир Исмоил бо Рофеъ бинни Ҳарсама ҷониби Самарқанд ҳаракат мекунанд.

Амир Наср: Чӣ, ҷониби Самарқанд?!

Абулашъас: Ӯ девона шудааст?

Амир Наср: Ӯ хеле ҳушёр аст, балки моро девона мекунад... (*андӯҳнок*). Ба таъҷил бояд сӯйи Тавовис шуд. Бояд дар он ҷо сари роҳи ӯро гирифт. (*Ба Абдуҷабор*) Ба Суғди Самарқанд нома ба фарзанди мо Аҳмад бинни Наср нависед, то ғозиёни вилоятро барангезанд ва ба Тавовис биёваранд. Кош як бори дигар худованд он осии ёғиро бо ман рӯ ба рӯ мегардонд...

Ба роҳ!!!

БИЁБОН

Рӯйи дашт аз гулханҳои зиёде чароғон шудааст. Сарбозон гурӯҳ-гурӯҳ гирди гулханҳо ҳалқа зада бо ҳамдигар розу ниёз мегӯянд. Яке суруди ғамангезеро паст-паст замзама мекунад ва дигаре аз ҷазбаи дарад менолад. Фақат чодари амир Исмоил равшан аст. Сарони лашкар ҳама хаз ба тан доранд.

Амир Исмоил бар тахти чӯбии хеш бо сари афганда нишастааст. Рофеъ аз хашм ҷойи нишастаашро намеёбад ва ба мисли ҳайвони захмӣ худро ба чор тараф мезанад. Дигар бузургони лашкар бар даҳон об гирифта нишастаанд.

Рофеъ: Гуруснагӣ, сармо ва беморӣ лашкарро ба ҷон расондааст. Деҳоти Бухоро барои устурон алуфа намедиҳанд. Нон садчандон гаронқимат шудааст. Сарбозон аз гуруснагӣ ҳалок мешаванд. Ҳеҷ нест, ки мо ба чое бирасем. Ҷуброни ин талафот хеле гарон меуфтад!

Муҳаммад бинни Ҳорун: Рӯҳияи сарбозон хеле ғаманге-

зу яъсовар аст.

Амир Исмоил ҳамчунон хомӯш аст. Рофеъ бинни Ҳарсама ба хашм аз чодар бадар меравад.

Ҳоруи: Бо ин вазъият намешавад муросо кард. Боял илоче пайдо кард.

Амир Исмоил: Рӯҳияи шумо ба сарбозон сироят кардааст. Мо хамагон дар як вазъият қарор дорем.

Ҳусайни Аъло: Амир Наср дар Кармина фуруд омадаанд. Ғозиёни вилояти Самарқанд ҳам ба ишон ҳамроҳ шудаанд.

Амир Исмоил: Пас мурод наздик аст!

Ҳамӯя бинни Алӣ бо овози хафӣ дар гӯши Абузакриё мегӯяд: "Ман аз таҳлиди Рофеъ бинни Ҳарсама нигаронам". Абузакриё китф дарҳам мекашад ва ба бародар менигарад: "Намедонам, чӣ боял кард?" Ҳамӯя бинни Алӣ бо худ меандешад: "Рофеъ аз ин чанг қасди дигар дорад. Агар амир Исмоил бо мадади Рофеъ бар бародараш пирӯз гардад, дур нест, ки Рофеъ пас аз пирӯзӣ ба фикри он афтад, ки Имоилро ҳам аз байн бибарад ва ӯро дастгир намояд ва бар тамомии Мовароуннаҳр тасаллут ёбад. Ва агар ҳам ӯро нагирад ва бо Исмоил дар дӯстӣ вафо варзад, Исмоил боял барои ин маладе, ки Рофеъ ба ӯ намуда, пайваста аз ӯ табъият намояд ва ӯ амру наҳйи ӯро бипазирад".

Ҳамӯя бинни Алӣ бо ин андеша аз чодари амир Исмоил бадар меояд ва ба сӯйи чодари Рофеъ бинни Ҳарсама меравад. Рофеъ танҳо рӯйи рахти хоб дароз кашидааст ва гуломбачаи турк дасту по, китфу миёни ӯро мемолад. Рофеъ бо шунидани шарфаи пои Ҳамӯя ба пушт мегелад.

Рофеъ: Ин тӯй, биё. Хизмат?

Ҳамӯя: Маро насиҳатест, ки вочиб аст онро ба ту бигӯям.

Рофеъ: Бигӯ!

Ҳамӯя: Ман аз Насру Исмоил чизҳои мутаваччеҳ шудаам, ки то кунун бар ман рӯшан набуд. Ман бар ту аз ин ду бародар эмин нестам.

Рофеъ: Рӯшантар харф бизан. Аз "насиҳат"-и ту чизеро намефаҳмам.

Ҳамӯя: Онҳо бо ҳам бародаранд, ту бегонай. Шоял онҳо дар ин чанг бо ҳам иттифоқ кунанд ва бар ту тозанд.

Рофеъ бинни Харсама ба фикр фурӯ меравад. "Шоял Ҳамӯя дуруст мегӯяд: Касли ишон аз ин чанг ман бошам?

Ба ин васила онҳо метавонанд бар куллияи Хуросон ҳокимият кунанд. Хулафо низ ишонро дар ин амр дастгирӣ хоҳанд кард...”

Рофеъ: Чӣ маслиҳат медиҳӣ? Ман чӣ бояд кунам?

Ҳамӯя: Ройи ман он аст, ки ту дар кори ҳарби ин ду бародар дахолат накунӣ ва дар ҷанг ширкат нанамоӣ, балки он дуро ба сулҳу ошти водорӣ.

Рофеъ: Бисёр хуб, ман бояд дар ин хусус бияндешам.

Ҳамӯя: Шаби хуш...

Баромада меравад.

Рофеъ: Бирав, Муҳаммад бинни Ҳорунро ба ин ҷо даъват кун.

Ғуломи турк меравад. Рофеъ аз рахт мехезад ва пасу пеш қадам мезанад.

Чодари амир Исмоил

Ба ҷуз Рофеъ бинни Ҳарсама ва Муҳаммад бинни Ҳорун дигар ҳама ҳастанд.

Абуҳомиди Ясорӣ: Мардуми шаҳру ноҳияҳои Бухоро аз мо рӯ гардондаанд. Ба мо ҳатто алуфа намедиҳанд.

Амир Исмоил: Ба кадом далел? Магар мо дар ҳаққи ишон зулм раво дидаем?

Абуҳомиди Ясорӣ: Мардуми вилоят мегӯянд, ки лашкари мо хориҷиёнанд ва моро ҳалол набошад нусрат додани ишон.

Ҳусайни Аъло: Дар воқеъ сарбозону устури сипоҳ аз гуруснагӣ ҳалок мешаванд ва ин шаҳру деҳот дар тасарруфи амир Наср мебошанд.

Амир Исмоил: Дигар бояд лашкарро ба таъқиби амир Наср бурд. Он гоҳ шаҳру деҳот ба тасарруфи мо хоҳанд даромад.

Чодари Рофеъ

Муҳаммад бинни Ҳорун вориди чодари Рофеъ мешавад.

Рофеъ: Ман аз мақсади ин ду бародар огоҳ нестам ва худро эмин эҳсос намекунам. Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо дар ниҳон нақшаи дигаре доранд.

Муҳаммади Ҳорун: Мо ба кӯмаки яке аз ин бародарон

омадаем. Бо ин хама талафоти чонию молӣ, дар сармои зимистон дар паймони хеш вафо кардаем. Дигар бакия кори ишон аст.

Рофеъ: Дуруст, ки кори ишон аст, вале метарсам, ки дар миён фиребе бошад. Зеро хонадони Сомонӣ байни хеш муттафиқанд ва бо ин сифат шинохта шудаанд. Агар харду бародар бо якдигар бисозанд ва лашкари моро дар миён гиранд, аз дасти мо чӣ меояд?

Мухаммади Ҳорун: Пас амирам чӣ кор карданӣ хастанд?

Рофеъ: Бояд онхоро оштӣ дод ва аз шарри ишон дар амон буд.

Ҳорун: Амир Исмоил ба хеч вачх розӣ намешавад.

Рофеъ: Ҳоло мо бояд расуле ба назди амир Наср бифиристем ва ба ӯ бифаҳмонем, ки "мо ба харб наёмадаем, бар он омадаем, то миёни шумо сулх кунем". Ҳамин холо ба Кармина ба назди амир Наср одам фиристед. Эхтиёт кунед, одамони амир Исмоил аз максади мо огох нашаванд.

Ҳорун: Шароити сулх чӣ гуна аст?

Рофеъ: Мо намедонем, бигзор ишон худашон шарту шароити сулхро муайян кунанд. Мо факат метавонем кафил шавем ва худро начот дихем. Вассалом, ин худ неъмати ноёбест.

Мухаммад бинни Ҳоруи аз чодар бадар меравад. Боди сарду тунде вазон аст, гулханхо хомӯш шудаанд ва Хорун аз миёни чодархои хурду бузург гузашта, ба чодари худ мерасад. Дар масири рох садои нолаи сарбозони бемору гуруснаву сармозада ба гӯшаш мерасад.

КАРМИНА

Хучрае дар кушки хокими Кармина. Хама бузургони Самарканд хузур доранд ва гирди дастурхони пурнозу неъмат нишастаанд. Хочиби кушк ворид мачлис мешавад.

Хочиб: Амирам, марде исрори бор ёфтан мекунад ва мегӯяд мухиме аз Рофеъ бинни Харсама барои амирам дорад.

Амир Наср: Бигзор даровад.

Хама ба сӯйи дар менигаранд. Марде баландболо дар либоси мардумони махаллӣ ворид мешавад ва замини курб мебусад. Ва аз шиддати сармохӯрдагӣ меларзад. Ранг дар

рӯй надорад. Ҳарф задан мехоҳад, вале аз шиддати ҳаяҷону сармояхӯрдагӣ наметавонад.

Амир Наср: Ба худ заҳмат мадеҳ. Ба назди оташдон бирав, гарм шав, ту меҳмони мо ҳастӣ.

Марди сармохӯрда таъзимкунон ба назди оташдон меравад ва диккак нишаста дастонашро ба сӯйи шӯълаҳои оташ дароз мекунад.

Амир Наср: (*ба сӯйи марди самохӯрда нигариста*). Чаро худоро хуш ояд! Агар яхгудоз шудӣ, сари дастурхон бинишин.

Мард аз ҷояш хеста ба сӯйи аҳли маҷлис меояд. Сурхӣ ба гуноҳояш давидааст, вале ҳанӯз ҳаяҷонаш фурӯ нанишастааст. Бо эҳтиёт шармгинона аз поён гузашта, дар муқобили амир Наср сари ду зону мешинад.

Амир Наср: Хиҷолат макаш, ғизо бихӯр.

Ӯ аввал бо хиҷолат даст ба таом мезанад, вале баъд бе ибо, далерона ба мисли гушназадагон хӯрок мехӯрад. Аҳли маҷлис бо табассум ба ӯ назора мекунанд. Мард баъди ҳар луқмаи фурӯ бурдааш шукрона ба худо мефиристад. Хизматгор болои сари ӯ истода, ба пиёлааш шарбат мерезад. Мард ҳангоми хӯрок хӯрдан ба касе эътибор намедиҳад, гӯё ҳузури шоҳро фаромӯш кардааст.

Абулашъас: Бародари мо Абоиброҳим чӣ ҳол доранд?

Мард бо шунидани ин пурсиш сар аз таом мебардорад ва дастонашро пок мекунад.

Мард: Онро намешавад ҳол гуфт. Сарбозону устурҳо аз гуруснагиву сармо ҳалок мешаванд. Мардуми шаҳру деҳот ба ишон хӯрокворӣ намедиҳад.

Амир Наср: Бигӯ, амири Хуросон ба мо чӣ паёме фиристодааст?

Мард номаро аз бағал бароварда ба ду дасти адаб ба амир Наср дароз мекунад. Амир Наср номаро кушода мехонад ва дар чеҳрааш осори шодмонӣ ва ризомандӣ хувайдо мешавад.

Амир Наср: Амири Хуросон дар номаи худ шарту шароити сулҳро муайян нанамудааст.

Мард: Ин ҷиҳати масъаларо амири Хуросон ба салоҳияти тарафайни мухосим вогузор намудаанд.

Амир Наср: Мо ба ин пешниҳоди амири Хуросон хеле хушнуд ва мувофиқ ҳастем. Оё амир Исмоил ба ин пешниҳод мувофиқ ҳаст ё не?

Мард: Ман фақат аз чониби амири Хуросон расолат дорам.

Амир Наср: Бисёр хуб. Ба амири Хуросон бирасонед, мо баъдан шарту шароити сулхро барои ишон муайян ва муқаррар менамоем.

Мард баромада меравад. Амир Наср дар андешаи хеш фуру меравад ва беихтиёр суханони Рофеъ бинни Ҳарсамаро такрор мекунад: "Ман ба харб наёмадаам, бар он омадаам то миёни шумо сулҳ кунам".

Амир Наср: Аз ин суханҳо хушам меояд! (номаро ба Абдучаббор медихад). Озори хешованд аз зарбати шахси бегона дардноктар аст!

Худхохии як нафар тамоми кишварро ба зиллат кашидааст. Аз кишоварз то амири кишвар дар азоб мондаанд...

Абулшъас: Абоиброҳим аслан чй мехохад?

Амир Наср: Магар маълум нест?! Ӯ чизеро мехоҳад, ки агар ба ӯ дихем, дигарон низ даъвогар хоҳанд шуд. Ӯ мустакилият мехоҳад! Ӯ мехохад, ки дар хутбахои намози чумъаи Бухоро номи ӯро зикр кунанд. Ӯ мехоҳад, ки хирочи Бухороро напардозад. Ӯ мехоҳад, ки дар Бухоро ба номи худ сим занад! Ин хоҳишҳои наҳангворона аст, ки олами исломро ба ташвиш андохтааст. Мо баъзе аз ин озодихоро ба ӯ хохем дод, вале кй кафолат медихад, ки фардо ӯ даъвогари саросари Вароруд нашавад?! Тамоми нигарони ман аз ин нафси таскиннопазири ӯст.

Абдучаббор: Ба амир Исмоил он озодиеро додан лозим аст, ки ӯро пойбанди хукумати марказй нигах дорад.

Амир Наср: Яъне чй тавр?

Абдучаббор: Бигзор дар хутбахо номи ӯро зикр кунанд. Бигзор бо номи худ сим занад. Вале боид хирочи Бухороро бе каму кост бипардозад. Барои ичро шудани ин шарти сулх Рофеъ бинни Харсама боид кафолат дихад.

Амир Наср: Мо наметавонем тамоми ин маъмуриятро фақат ба худи ӯ дихем. Амири хирочро боид худи мо тавин намоем, вай боид одами мо бошад. Дар акси хол мо ба сулхе, ки ишон пешниход мекунанд, розй нахохем шуд.

Абуюсуф Яъқуб: Магар ин эътирофи мустакилияти комили Або Иброхим дар Бухоро нест?

Амир Наср: Хама масъала хамин аст. Мо боид ӯро хамчун амири мустакили Бухоро эътироф намоем. Ва ин ташвишхо низ ба хамин хотир аст... (*ба Абдучаббор*) Ба хамин

мазмун ҷониби Рофеъ расул бифиристед ва аз тасмимоти мо ӯро огоҳ созед. Дар нома шарту шароити сулҳеро, ки мо мехоҳем, бо тафсил баён намоед.

Абулашъас: Ба ниёбати хеш киро дар ин маъмурият ба Бухоро хоҳанд фиристод?

Амир Наср: Дар ин масъала намешавад шитобкорӣ намуд. Фикр мебояд кард. Як бор хато кардем бас аст...

Амир Наср ба фикри хеш фурӯ меравад: "Кош ин сулҳ дасисаи нави бародарамон набошад. Ман аз қавлу амали ӯ нигаронам. Ӯ шинохтанӣ нест!..."

БИЁБОН

Чодари амир Исмоил. Ҳусайни Аъло ворид мешавад.

Ҳусайни Аъло: Рофеъ бинни Ҳарсама имрӯзро ҳам барои лашкариёнаш рӯзи истироҳат эълон кардааст.

Амир Исмоил: Чаро?

Ҳусайни Аъло: Ӯ мегӯяд, ки сарбозон хеле хаста шудаанд.

Амир Исмоил: Ба ӯ бифаҳмонед, ки ин кор ба манфиати мо нест. Ғозиён аз ҳама вилоят ҷамъ шудаанд ва ба ҷанги мо меоянд. Он гоҳ масъала мушкил хоҳад шуд.

Ҳусайни Аъло: Ба ӯ фаҳмондам, вале ӯ қабул намекунад.

Амир Исмоил: Ман худам ба ӯ мефаҳмонам.

Ба хашм аз чодар бадар меравад. Бориши барф суст шудааст. Бод аз вазидан мондааст. Вале ҳаво хеле сард аст. Амир Исмоил аз байни чодарҳо ба аҷала гузашта сӯйи хаймаи амири Хуросон меравад. Чодари амири Хуросон бо ранги сурх ва дар байни ҳамаи дигар чодарҳо пурҳашамат ба назар менамояд. Чанд сарбозе, ки ӯро ҳамчун муҳафиз ҳамроҳӣ мекарданд, беруни чодари Рофеъ мемонанд.

Амири Хуросон ба пешвози Амир Исмоил аз ҷояш мехезад.

Рофеъ: Бифармояед, амир.

Амир Исмоил: Фурсати нишатсан нест. Агар имрӯз ба Тавовис нашавем, дигар дер хоҳад шуд.

Рофеъ: Ҳар коре ба хости худованд аст. Магар фақат ҷанг ягона роҳ барои расидан ба ҳадаф аст?

Амир Исмоил: Ғараз аз ин гуфта чист?

Рофеъ: Сулҳ ҳам як усули ҷанг аст, ба шарте агар ба ин

васила ҳадафҳо бароварда шаванд. Мо тасмим гирифтем, байни ду бародар оштӣ диҳем. Хун ба ноҳақ рехтан, кишварро ба харобӣ андохтан, занону кӯдаконро бепарастор гузоштан гуноҳ аст.

Амир Исмоил: Дӯстам, коҳ кунад ба пӯстам...

Амир Исмоил гӯё худ ба худ ҳарф мезанад ва Рофеъ онро ношунида мегирад.

Рофеъ: Бо ҳам ҷангидани ин ду бародар бемаъност. Амири Мовароуннаҳр бе ҷанг хостаи шуморо бароварда месозад ва ман гумон мекунам, барои чунин ҳадафе бо якдигар ҷангидан, лашкарҳоро ба ҷони якдигар андохтан бе-ҳуда аст.

Амир Исмоил: Яъне бе мо масъалаи мо ҳал шудааст.

Рофеъ: Амир Наср ҳукумати Бухороро ба шумо медиҳад. Шумо метавонед бо номи худ сим занед, дар намозҳои одина хутба ба номи шумо хонда шавад, вале Бухоро яке аз вилояти амир Наср ба шумор хоҳад рафт.

Амир Исмоил: Ҳамин?...

Рофеъ: Магар барои амири як вилоят ин кам аст?! Магар худ шумо чунин мустақилиятро намехостед? Шумо бе ҷанг ба он ноил мешавед!

Амир Исмоил: Магар ин мустақилият аст?!

Рофеъ: Дар давлатдорӣ ҳама гуна озодӣ, мустақилият, нисбӣ аст. Итоат аз як кишваре қавитар ногузир аст. Чӣ фарқ дорад, хироҷи Бухороро ба Самарқанд мепардозад ё бо Бағдод? Мо бояд мувофиқати хешро ба шарту шароити сулҳ ба амири Мовароуннаҳр муайян намоем.

Амир Исмоил: Пешниҳоди сулҳ аз ҷониби кист?

Рофеъ: Аз ҷониби мо.

Амир Исмоил: Оё амир Наср ба он мувофиқ аст?!

Рофеъ: Бале.

Амир Исмоил: Дар сурате, ки ман онро напазирам?

Рофеъ: Мо илоҷ надорем. Мо тавонистем бе хунрезӣ, бе харобкорӣ ба ҳадафи худ расем. Ва намедонем, ин моҷаро бо ҷанг чӣ муддате анҷом меёфт? Ва ман дар кишвари худ амири Саффорӣ нигаронам. Мо бояд ризояти худро ба сулҳ диҳем ва харчи зудтар аз нияти хеш амири Мовароуннаҳрро муталеъ созем.

Амир Исмоил: Яъне ман ихтиёри интихоб надорам?

Рофеъ: Не.

Амир Исмоил: Бар зиммаи ман чӣ мондааст?

Рофеъ: Барои бастани сулҳ бояд ба Тавовис рафт.

Амир Исмоил: Кӣ кафолат медиҳад, ки дар ин миён хиёнате вуҷуд надорад?

Рофеъ: Ман.

Амир Исмоил: Шумо фақат метавонед аз ҷониби мо кафил бошед.

Рофеъ: Ба тамоми масъулият кафолати ҷонибайнро ман ба гардан мегирам.

Амир Исмоил меандешад: "Худоё, худовандо, ман ҳеҷ гоҳ худро чунин ҳақиру таҳқиршуда эҳсос накарда будам".

Амир Исмоил ғамгинона, вале бо шакку тардид дар ӯ хира мешавад.

ТАВОВИС

Амир Наср, амир Исмоил, Рофеъ бинни Ҳарсама ва бузургони Самарқанду Бухоро.

Амир Наср: Барои охирин бор мо гузашт мекунем ва ба амир Исмоил озодиҳо медиҳем. Вале намедонем, дар оянда бародари азизамон аз худ боз чӣ хорикулодагие буруз медиҳад. Мо ишонро аз маъмурияти амири хироҷ узл намуда, барои итмимнони хотир бародари дигарамон Абуисҳоқро ба ҷои ишон таин мекунем. Барои он, ки минбаъд чунин ҳодисоте аз ҷониби бародари азизамон рух надиҳад ва хирочи Бухоро дар мӯҳлаташ пардохта шавад, амири Хуросон кафолат медиҳанд. Акнун аз бародарамон амир Исмоил пурсида мешавад, ки оё ишон ба чунин сурат ҳал шудани мочаро, бо чунин шарту шароит баст шудани сулҳ мувофиқ ҳастанд ё не?

Амир Исмоил аз ҷой хеста ба амир Наср таъзим мекунад ва мегӯяд:

- Ман рози ҳастам. ва боқии умр бар он мекӯшам ки садоқати худро ба бародари бузургвор нишон диҳам.

Амир Наср аз тахт поин омада амир Исмоилро хилъат мепушонид ва ӯро ба оғӯш кашида, нобоварона ба чашмонаш менигарад. Амир Исмоил аз хичолат нигоҳашро мегурезонад. Амир Наср ба Абуисҳоқ низ хилъат пушонда ӯро дар оғӯш мекашад.

Амир Наср: Мо аз бародарони хеш умедворем, ки барои таҳкими сулҳ, осоишу оромиши кишвар ҷаҳд менамоянд.

Мо аз бародари азизамон Рофеъ бинни Ҳарсама дар талошҳои беғаразонашон барои таҳкими сулҳ дар кишварамон сипосгузор ҳастем, ва умед мебандем, ки дар оянда низ ин муносибати ҳасанаи мо баркарор бимонад. Мо аз ҳамаи ҳозирин, ки барои баркарории сулҳ шароит ба вуҷуд овардаанд, сипосгузорем. Мо ба худованди ҳақ субҳона сипос мегузорем, ки ниёти некро бар дилҳои мо ҷой дод ва бо баракоти қудрати бузургаш дар миёни мо сулҳу оштӣ баркарор гардид. Инналлоҳа яъмурукум ан тувадду аламонати илло аҳлиҳо ва изо ҳакамтум байна ан-носи -ат таҳкуму биладли. Яъне: ҳамоно худованд ба шумоён фармон медиҳад, ки амонатҳоро ба соҳибони онҳо бозгардонед ва чун дар миёни мардум доварӣ кунед, ба адолат ҳукм бironед.

Амра аллоҳу ал-вулота вал ҳукома ан яҳкуму бил адли ва ан насафта, яъне: худованд ба фармонравоён ва ҳокимон фармон додааст, ки бо адолату инсоф ҳукм бironед.

Ё айнаҳо ал-лазина оману атиъу иллоҳа ва атиъу ар-расула ва увли ал-амри минкум фа ин танозаътум фий шайъин фардуҳу иллоаллоҳу ва ар-расули, яъне: эй имоновардагон, худо ва паёмбар ва соҳибони амр аз миёни худатонро итоат кунед. Пас агар дар амре низоъ ва ихтилоф кардед, онро ба Худо ва паёмбар бозгардонед. Омин.

АЗ ИН МИЁН ПОНЗДАҲ МОҲ ГУЗАШТ

САМАРҚАНД

Чорбоғи қасри шоҳӣ

Дарахтон чун арӯсе дар либоси гул пироста заминро маҳмали сабза густурда, оби шаффофу зулол бар чӯйҳо ҷорӣ, боғҳо нағмасаро ба лаҳни сорӣ, насими форам ба ракс кашида гулбаргҳо абрҳо, абарҳо ҷигар халида тогарҳо...

Амири Наср бо амузодааш Муҳаммад бинни Нӯҳ хомушона даруни чорбоғи қасри шоҳӣ гардиш мекунанд. Ин манзараи бихиштгуни фарвардин дар чеҳраи гирифтаву нигарони онҳо бе агар мондааст.

Амир Наср: Ман дигар бо ӯ чӣ кор карданамро намедонам... Ман ҳисоби ӯро наёфтам... Ба ӯ намешавад бовар кард: на ба савгандаш, на ба сидқаш на ба дӯстиаш!...

Муҳаммади Нӯҳ: Амирам, магар Абоиброҳим боз...

Амир Наср: Мо дигар мачбурем, ки ӯро чабран аз Бухоро биронем. Ба ман мегуфтанд, ки ӯ ба саросари Вароруд тамаъ дорад, вале ман бовар намекардам. Ҳамеша меҳри бародари бар дигар эҳсосоти ман ғолиб меомад. Акнун, ки фикр мекунам, ҳамеша дар қиболи рафтори ӯ гӯл хурдаам.

Муҳаммади Нӯҳ: Магар Абоиброҳим бар амирам осӣ шудаанд? Ба ҷониби Самарқанд лашкар кашидаанд?

Амир Наср: Ӯ паймони сулҳро шикастааст. На ба даъвати мо гӯш фаро медиҳад ва на ба насиҳати амири Хуросон эътино мекунад. Магар ин маънои эъломи ҷангро надорад?! Ин эъломи ҷанг аст! Ба қаср бармегардем. Ҳеҷ баҳоре бар дилам сафо намебахшад. Бояд ба зудӣ чораи кори амири осии Бухороро дид.

Амир Наср бар лаби чӯй сари по мешинад, дасту рӯяшро бо оби софу сарди баҳорӣ мешӯяд. Муҳаммад бинни Нӯҳ миёнбандашро аз зери қабояш кашида, ба амир Наср дароз мекунад. Амир Наср дасту рӯяшро поккунон ҷониби қаср меравад. Ғуломону канизон рӯи ҳавлии қаср равуо доранд. Онҳо вориди қаср мешаванд. Даруни қаср муҳити идӣ ҳукмфармост. Садои мусиқии тарабангез аз ҷониби шабистон меояд. Ғуломону канизон дар либоси идона, хешро ҳамчун баҳор оростаанд. Ҳама ҷо аз бӯйи гул муаттар. Бузургони Самарқнд, ашрофу мансабдорони дарбор сари дастурхони идона нишастаанд. Бо ворид шудани амир Наср ва Муҳаммади Нӯҳ ҳама аз ҷой мехезанд ва идро барои амир муборак бод мегӯянд. Амир аз миёни суффаҳои пуродами толори пуршукуҳу бо гулу баргҳои тоза муазаян гузашт, ба суффаи тахтгоҳ меравад. Баъди он, ки ҳама дубора ба ҷойҳои хеш менишинанд, амир Наср сухан мекунад.

Амир Наср: Мо имрӯз рӯзҳои охири Наврӯзро, ки Ҷамшуд бар мо суннат гузозтаст, бар ҳамаи шумо муборак мегӯем. Ин рӯзи бахшишу дод аст. Рӯзест, ки кинаҳо аз дилҳо берун кунанд, чонҳоро бо фурӯғи меҳр татҳир кунанд, ақлҳоро бо сафои ишқ рахшон кунанд... Вале афсӯс, ин бор Наврӯз ба дилхоҳи мо наёмад. Мо мачбурем дилҳоро аз кинаҳо лабрез кунем, ҷонҳоро дар зулмати қаҳр мунҳасир кунем, ақлҳоро ба ҷаҳолати хашм кур кунем. Ин хости мо нест, вале моро мачбур мекунанд. Мачбур мекунанд, ба Фарғона нома кунем, ба Чоч нома кунем, лаш-

карро барои ҷанг фаро хонем. Наврӯз ин бор моро барои хунолуд кардани сабзазорон, сар задани навниҳолон фаро мехонад. Худо шоҳид, мо намехостем. Вале бародарамон дар Бухоро моро ба ин амали зишт во доштаанд. Худо шоҳид, мо намехостем дар чунин рӯзе муборак айши шуморо муғаннас созем. Ғозиёнро барои гулгун сохтани кафанҳо фаро хонед. Мо мадад аз худои худ металбем. Мардуми мо дахолати бегонагонро намехоҳад. Мо ба қудрати силаҳшӯрии мардуми худ такья мекунем, зеро дар корзорҳо хештанро шинохтаем.

Хоҷаи Бузург: Хоҳишмандам, барои охирин бор бузургони кишварро ба Бухоро фиристем, то ӯро насиҳат кунанд.

Амир Наср: Бо эътимодтарин наздикони хеш Симо-ал-Кабир ва Абӯяъқуб Исҳокро бо ӯ ҳамроҳ кардем, то аз кирдори нигаронкунандаи бародар эмин бимонем. Вале он чунон, ки мебинед ишон низ дар шӯъбадаҳои ӯ шарик шудаанд. Дигар бо забони сулҳ бо ӯ сухан гуфтан як кори беҳудаву беарзиш буд. Мо дигар на ба қавл, на ба савганд, на ба амали бародари хеш эътимод дорем. Бинобар ин ба Фарғонаву Чоч нома нависед ва талаб намоед, ки бародарронамон бо лашкарҳояшон ба зудӣ биёянд. Ба таомми сарони лашкар, ки дар маҳалҳо ҳастанд, нома нависед ва ба Байканд расул фиристед, то лашкари сарҳад ҳушёр бошанд ва бо оғоз шудани ҷанг ба ҷониби Бухоро ҳаракат кунанд. Инналлоҳа яъмурукум ан тувадду ал-амонати илло аҳлиҳо ва изо ҳакаматум байна ан-носи ан таҳкуму биладли, яъне: Ҳамоно худованд ба шумо фармон медиҳад, ки амонатҳоро ба соҳибони онҳо боз гардонед ва чун дар миёни мардум доварӣ кунед, ба адолат ҳукм бironед. Омин, оллоҳу акбар.

Ҳама даст ба рӯй мекашанд.

БУХОРО

Қасри Амир Исмоил ҳанӯз осори тазйини идонаро нигоҳ доштааст. Дар толори боргоҳ бузургони Бухоро ва аҳли дарбор Симо-ал-Кабир - сипаҳсолор, Ҳусайни Аълосоҳибшурта, Абӯяъқуб Исҳок-амири хироҷ, Аҳмади Марвазӣ ва Муҳаммади Марвазӣ, Абӯмуҳаммади Бухорхудо ва Абӯҳомиди Ясорӣ гирд омаданд. Амир Исмоил ба тоҷе

гавҳарнишон бар тахти мурассаъ бо сари шер нишастааст.

Амир Исмоил: Мо худ ба истиқболи чунин ҳаводис мерафтем. Зеро медонистем, аз иғвои душманон масун нахоҳем монд. Бинобарин ҷои шигифтӣ надорад, ки бародари бузургворамон ба набарди мо меоянд. Хоҳиш мекунам, ҳак касе ки ҳанӯз дар худ шакку тардиде эҳсос мекунад, (*Ба Симоъ-ал-Кабир ва Абӯяъқуб Исҳоқ менигарад*) ба яқин дарк кунанд: Ин бор амир Наср ба касе гузашт наменмаоянд. Мо ҳама бар ишон осӣ эълом шудаем.

Симо-ал-Кабир: Амирам, мо ин ҷо барои таъминиоромиши кишвар таъин шудаем ва хилофи ин маъмурият амал карданамон, дар ҳақиқат хиёнат аст. (*Ба Абӯяъқуб Исҳоқ менигарад. Ӯ бо сари хам аст*).

Амир Исмоил: Шумо ва бародари азизамон Амир Исҳоқ дар ҳамфикрӣ бо мо мучрим эълом шудаед. Агар то ҳамин лаҳза тардиде доред, метавонед аз маъмурияти хеш даст кашед. Мо ба рағйи шумо ихтилоф нахоҳем варзид.

Амир Исҳоқ: Агар бародари мо дар садоқати мо шакке доранд, ихтиёри ишон аст. Вале масъулияти ҳар маъмурият дар содиқони ва аз рӯи адлу дод анҷом шудани он аст. Дар акси ҳол хиёнат ба шумор меравад.

Амир Исмоил: Мо аз забони бародари азизи хеш ҳаминро шунидан мехостем. Ин ҳукми тақдир ва иғвои бадхоҳони мост, ки мо бародари бузургвори хеш рӯ ё рӯ мешавем.

Симо-ал-Кабир: Ман наметавонам, бар хоҷаи хеш осӣ шавам. Дигар ихтиёр шуморост. Бо банда ҳар чӣ раво мебинед, ҳамон кунед.

Амир Исмоил: Бисёр хуб... Мо шуморо муваққатан маъзул мекунем, вале иҷоза намедихем аз Бухоро хориҷ шавед. Моро маъзур доред.

Симо-ал-Кабир аз ҷояш хеста ба сӯйи дар меравад ва Амир Исмоил бо ишорати сарбозонро ба дунболи ӯ мефиристад ва ба суханаш идома медиҳад:

- Мо самимияти рафтори ғуломи падари хеш эҳтиром мегузорем... Вале ба касе иҷоза намедиҳем, ки дар чунин шароите муртакиби хиёнате шавад! Ҳанӯз барои муайян намудани майлҳо фурсат ҳаст. Бифармоед, боз ки мехоҳад аз ғуломи падари мо, аз сипаҳсолори мо пайравӣ кунад?!. Аз ҳамин лаҳза Ҳусайн бинни Аълоро сипаҳсолори

лашкар эълом мекунам... Ҳамӯя бинни Алӣ бо ман ҳамроҳӣ мекунанд. Амир Абӯяъқуб Исҳоқ бо сипоҳиёни хеш пеши роҳи биёбонро мегиранд. Пеш аз он ки амир Наср ба Кармина ворид шаванд, мо бояд дар Тавовис бошем... Бузургони кишвар ҳама медонанд, ки мо аз ҳеҷ кучо интизори кӯмак нестем. Бинобар ин хоҳиш мекунам тамоми маволиён ва ғуломон ба лашкар сафарбар карда шаванд. Ғозиён аз ҳама шаҳру деҳоти кишвар даъват гарданд. Дар ин амр истиҳола варзидан ба масобаи хиёнат аст ва омилони ишон ба сахтарин кайфар расонда хоҳанд шуд. Аз деҳқонони арҷманд хоҳиш менамоем, дар кӯмак намудан ба лашкар аз ҳеҷ амри сар напечанд. Деҳқонони деҳистонҳои бузургтар бо сарбозони хеш ба ҷанг раванд. Мо бояд аз тамоми имконияти мавҷуда истифода барем. Ин бор мо ба воқеияте рӯ ба рӯ омадаем, ки сарнавишти кишвар ва ҳар кадоме аз моёнро ба тарзи инфиродӣ ҳал менамояд...

ТАВОВИС

Лашкари Амир Исмоил дар беруни девори Бухоро, аз ду тарафи шоҳроҳи Самарқанд мавқеъ гирифтааст. Сарбозон дар кори дуруст кардани чодарҳои хеш машғуланд. Амир Исмоил бо Ҳусайни Аъло ва Ҳамӯя бинни Алӣ болои гаревае нишаста, бар аспҳо минтақаро муояна менамоянд. Киштзорҳои сабзу хуррам ва чорбоғҳои дилкушо рӯйи дашт он ҷое, ки чашм мебинад доман кашидаанд. Дарахтон гарқи гул.

Амир Исмоил: Дарегам аз ин киштзорҳову чорбоғҳои сабзу хуррам меояд. Фардо аз онҳо осоре ба ин дилрабой боқӣ нахоҳад монд. Зери пои аспҳо, зери наъши сарбозон фосид хоҳанд шуд...

Ҳусайни Аъло: Шояд амир Наср ҳам аз он сӯ аз назораи ин манзар ба чунин фикр меояд.

Амир Исмоил: Шояд. Вале одам ҳангоме, ки асири хашми худ мешавад, чизе ба назараш наменамояд. Андешаи ӯ банди чӣ сон саркуб кардани хасмаш аст.

Ҳамӯя: Имрӯз хабар омад, ки амир Исҳок дар роҳи Байканд бо лашкари Истаравшан даргир шудаанд.

Амир Исмоил: Пас пешбинии мо дуруст баромад. Онҳо бо роҳи биёбон ҳам лашкар фиристодаанд, то роҳи Хуросонро барои мо бубаранд, то ҳангоми мунҳазим шудан

гурехтан натавонем.

Ҳусайни Аъло: Шояд ҳамин тавр бошад...

Амир Исмоил: Шумо ба ин тахминҳо бовар мекунед? Ва ё тарсу ҳарос аз лашкари бародарамон андешаатонро тира сохтааст. Ҳанӯз набард оғоз нашуда пойи сипаҳсолори мо меларзад. Хоҳиш мекунам, ин эҳсосоти хешро назди сарбозон буруз надиҳед.

Ҳусайни Аъло: Амирам ба ҷидд мегӯянд ва ё маро масқара мекунанд?

Амир Исмоил: Ман аз гуфтори ишон натиҷа гирифтам. Кош фиреби назар бошад. (*механдад*)

КАРМИНА

Чодари амир Наср

Абулашъас (Вориди чодар мешавад): Амирам, аз Байканд пайк омад ва мегӯяд, ки лашкари амир Исҳоқ шикаст хӯрда ба Фароб қафо нишастааст.

Амир Наср: Хиёнат вуҷуди заъф дорад... Рафтори Симо-ал-Кабир боиси ситоиш аст. Бародари мо, ноиби мо ҳатто садоқати як ғуломи падарашро надорад.

Аҳмад бинни Наср: Магар дуруст аст, ки Симо-ал-Кабир барои сарпечиаш аз ҷанг бар зидди амирам ба зиндон андохта шудааст?

Амир Наср: Дуруст аст. Шарофатмандона ба сар бурдан дар зиндон беҳ аз хиёнаткорона мурдан дар майдон аст. Абуяъқуб Исҳоқ ба мо хиёнат кард, чӣ дид?!. Оре, хиёнат вуҷуди заъф дорад... Рӯхияи лашкари Фарғона чӣ тавр аст? Фардо рафти ҷанг ба рӯҳияи ишон вобаста аст.

Абулашъас: Онҳо рӯҳияи ҷангиро доранд ва омадани фардоро бесаброна интизоранд, то садоқату матонати хешро нисбат ба амири Мовароуннаҳр намоиш диҳанд.

Амир Наср: Ҳушёриро набояд аз даст дод. Дар мукоби-ли хасм бедор бояд буд. Посбонҳои бисёр гуморед... Худованд ёру мададгори мост, зеро мо бар ҳақ мечангем...

ТАВОВИС

Чодари амир Исмоил

Амир Исмоил: Агар фардо ба лашкари Фарғона зарбаи муҳлик назанем, рӯҳияи сарбозонамонро шикаста мешавад. Кӯшиш кунед, мунҳзим шудани лашкари амир Исҳоқ дар байни сарбозон овоза нашавад. Фардо ҷуброни ин шикаст бояд бароварда шавад, то ки ба сарбозон рӯҳияи боланда бахшад.

Субҳи рӯзи дигар сарбозони Амир Исмоил ба сӯйи Кармина ҳаракат мекунанд. Аз сӯйи дигар амир Наср бо лашкари хеш ба тарафи Тавосис ба роҳ мебароянд. Аз ду тараф садои духул ва шайпур баланд мешавад. Ду лашкар ба ҷони ҳам меафтанд. Ҷанги сахте сурат мегирад. Лашкари Фарғона тоби муқовимат наёварда, ақибнишинӣ мекунад.

Амир Исмоил (*Ба Ҳамӯя*): Акнун навбати шумо расид. Саворанизомро ба майдон дароред. Лашкари Абулшъас то ба охир бояд торумор карда шавад. Онҳо набояд дигарбора барои ҷамъоварии сарбозонашон фурсат ёбанд...

Ҳамӯя бинни Алӣ бо саворанизоми хеш вориди набард мешавад. Лашкари Фарғона мунҳазим мешавад ва ба сӯйи Самарқанд қафо мешинад.

Шаб

Ҳусайни Аъло: Амир Наср ба Рабинҷон рафта, то ки кори лашкарро танзим намоянд.

Ҳамӯя бинни Алӣ: Мардуми Самарқанд бар Абулашъас шӯридаанд, ба сабаби бародарро дар майдони ҷанг танҳо гузоштан. Хостаанд, ӯро бигиранд, вале ӯ боз лашкар қавӣ карда ба тарафи мо меояд.

Амир Исмоил: Пас бояд ба зудӣ лашкарро ба тарафи Рабинҷон ҳаракат дод. Ин фурсати хубест. Аз лашкари Истаравшан чӣ хабар аст?

Ҳусайни Аъло: Онҳо ба Кармина фуруд омадаанд ва ба амир Наср пайвастаанд. Аз ин рӯ мо наметавонем ба ҷониби Рабинҷон ҳаракат кунем. Фардо низ дар ҳаволии Кармина даргири ҷанг хоҳем шуд.

Амир Исмоил: Агар мардуми Самарқанд Абулашъас шӯрида бошанд. Пас ҳама ба ҷанг омадаанд. Онҳо мардумони силаҳшӯр ва ғозипеша ҳастанд. Ва ман гумон мекунам, ба Самарқанд қафо нишастани Абулашъас маҳз бо ҳадафи барангехтани мардум ва расидан ба вичдони ишон будааст, на пирӯзии мо.

Ҳусайни Аъло: Мо аз лашкари ишон асирони зиёде гирифтаем ва майдони ҷанг қариб ҳама аз мурдагони ишон буд.

Амир Исмоил: Бо асирон хуш муомила кунед, онҳоро мардуми мо ҳастанд ва ҳеҷ гуноҳе надоранд. (*худ ба худ*) Ҳама гуноҳ морост. Мо онҳоро ба чунин амали маргбор барангехтаем... (*меандешад*) "Ду шоҳ ба як кишвар намегунҷад, ҳарчанд бародар буда бошанд..."

Майдони ҷанг

Бо дамидани субҳ дуҳулҳову шайпурҳо ба садо дар меоянд, лашкарҳо ба ҷони ҳамдигар дар меовезанд. Қувваҳои нав ба нав вориди майдон мешаванд. Лашкари амир Исмоил лашкари амир Насрро пас мезанад ва дунболагири ишон то Рабинҷон меравад. Абулашъас бо қувваҳои нав ба ҷанг медарояд ва Ҳусайни Аълоро шикаст медиҳад.

Ҳамӯя бинни Алӣ: Агар қувваҳои нав ба кӯмаки мо наоянд...

Амир Исмоил: (*сухани ӯро бурида*) Ба тарсу ҳарос наяфтед.

Ҳамӯя бинни Алӣ: Сарбозон фирор мекунанд.

Амир Исмоил: Дар байни лашкар чор занед, ки аз майдон фирор кардан ҳам ба масобаи кушта шудан аст. Амон ёфтан фақат дар ғалаба кардан аст!

Ҳамӯя бинни Алӣ аспашро баргардонда ба набардгоҳ меравад. Амир Исмоил бо бародараш Абузакриё Яҳё иддаи ками сарбозон мемонанд.

Амир Исмоил: Зуд ба Бухоро баргардед, гурезагонро ҷамъ оваред ва аз ҳисоби ғуломону маволиён лашкар бисозед. Агар Абуяъқуб Исҳоқ ба Бухоро расидааст бе диранг ба набардгоҳ ояд. Фирориёнро низ бо ишон ҳамроҳ созед. Ба Муҳаммади Марвазӣ ва дигар бузургон бирасонед, ки аз ҳисоби озодагон ва ғозиён лашкар танзим намоянд. Худо малагори шумо бод.

Абулашъас: Пирӯзӣ бо мо буд, то он замон ки амир Исмоил худ вориди майдон шуд, гурезагони лашкараш ба набардгоҳ баргаштанд. Амир Исмоил бисёр хуб мечангид. Ҳарчанд хостам худро ба ӯ бирасонам, натавонистам. Ӯ Аҳмад бинни Мусии Марзукро мачрӯҳ сохт ва асир гирифт.

Амир Наср: Хоҳиш мекунам, дар ҳузури ман азон нагунбахт ёд накунед, ки шунидани номашро намехоҳам.

Абулашъас: Амирам маъзурам, алҳол лашкари мо афзалият дорад ва худо агар хоҳад фардо натиҷаи набард маълум мешавад.

Амир Наср: Ин бор ба сарбозонатон бифаҳонед, ки фардо бароямон рохи Самарқанд бурида аст, чои гурез надоранд, то охирин қувва бояд мубориза баранд. Дар ин амри муҳим далеливу тадбири ҳар гурӯҳбон бояд шоистаи тақдир ва пайравӣ бошад. (*Меандешад*). "Аз амир Исмоил бояд омӯхт!"

ТАВОВИС-

Чанд сарбоз Аҳмад бинни Мусии Марзукро ба дастҳои баста ва тани мачрӯҳ ва либоси даридаву хунолуд вориди чодар мекунанд. Амир Исмоил бо ворид шудани ӯ аз чой мехезад.

Амир Исмоил: Чаро дар чунин вазъе?! Магар фаромӯш кардаед, ки ӯ кист?!

Ҳусайни Аъло: Ӯ хасми мост ва бо хасми хеш ҷуз ба хориву зиллат муносиабт намекунанд.

Амир Исмоил: Ӯ хасми мо нест, балки хамчун озодмарди ин кишвар ба амири хеш содиқ аст ва тибқи ин садоқат амал намудааст. Ӯро аз банд раҳо кунед, захмҳояшро марҳам нихед, бо иззат он чӣ лоиқи шаъни ӯст, ба Бухоро фиристед.

Мусии Марзук бо хайрати тамом ба амир Исмоил менигарад ва ашк аз чашмонаш мерезад, мехоҳад арзи сипос намояд, забон бар комаш часпидааст. Ӯ наметавонад аз шодӣ боло бичаҳад ва амир Исмоилро ба огӯш кашад ва

ба мисли овони кӯдакиву ҷавонии бо ӯ гуштӣ гирад. Фақат ҳамин қадар меандешад, ки "ҳар чӣ дар бораи ту мегӯянд, дурӯғ аст. Ту ҳамон Абоиброҳими сахиву одилӣ, ту ҳамон ҷавони вафо пешаву пурсидқӣ. Боқи ҳама дурӯғ аст!. Онҳо дурӯғ мегӯянд бузургонро, озодагонро бар зидди ту мешӯронанд..."

Амир Исмоил: (*ба Мусии Марзуқ*) Мо дар Бухоро бо ҳам мулоқот хоҳем кард, ба мисли солҳои пеш.

Сарбозҳо дастҳои ӯро аз банд раҳо мекунанд ва аз чодар бадар мебаранд.

Амир Исмоил: Мо имрӯз то бад-он ҷо кушидем, ки зарбаҳои сахти лашкари Фаргонаро ханасӣ кунем. Агар фардо низ ҳамчунин идома кунад, мо бегумон шикаст хоҳем хӯрд. То ба ҳол аз ҳеҷ ҷо ба мо кӯмак намерасад, аз амир Абуяъқуб Исҳоқ дарак нест. Мо наметавонем бузургони давлат дар Бухоро ба чӣ коре машғуланд.

Ҳамӯя бинни Алӣ: Абӯяъқуб Исҳоқ ҳоло ба қароргоҳ фуруд омаданд ва дам ба дам ба хизмати амирам мерасанд.

Абӯяъқуб Исҳоқ, Абузакриё Яҳьё ва Абумуҳаммади Бухорхудо ва чанд бузургзодаи бухорой вориди чодар мешаванд. Амир Исмоил бародараш Исҳоқро ба оғӯш мекашад.

Амир Исмоил: Бузургтарин ҳадия...

Исҳоқ: ... гузашт аст!

Абӯмуҳаммади Бухорхудоро ба оғӯш мекашад.

Амир Исмоил: Мо маломати шумо мекардем.

Бухорхудо: Амирам дил қавӣ гардонанд, ки ду ҳазор ғозил бухорой ба ҳимояти амири хеш омадааст. Абузакриё Яҳёро ба оғӯш мегирад.

Абузакриё: Ду ҳазор маволию ғулом ва фирорӣ даст ба камари бандагии амирам зада...

Амир Исмоил: Ман аз дидори ҷанобон бағоят шодам. Худованд моро аз даргоҳи пуриноятӣ хеш ноумед нагардонод!

Исҳоқ: Умед аст, ки дарҳои биҳиштро на танҳо дар он ҷаҳон, балки дар ин ҷаҳон низ ба рӯйи мо боз мекунад.

Амир Исмоил: Фардо рӯзи сахте дар пеш дорем ва имрӯз набарди сангинеро ҳам паси сар гузоштем ва ҳама хаста шудаанд ва бародарон, ки аз роҳ расидаанд низ хаста шудаанд. Ҳарчанд саги дайду бехтар аз шери хобида аст. То бомдод дар паноҳи худованди бахшояндаву мехрубон бо-

шед. Худованди ҷони хирад ёру мадагор бод!

Майдони ҷанг

Аз ду тарафи муқобил лашкарҳо бо ҳам мерасанд ва садои таку туқи шамшерҳо ба осмон мепечад. Аз он тарафи нибардгоҳ амир Наср бо иддае сарбоз болои гаревае истода, рафти ҷангро назора мекунад. Амир Исмоил бо дар гирифтани ҷанг бо сарбозонаш ба майдони набард наздик мешавад. Баъди хеле ҷангидан қарибиҳои нисфи рӯз лашкари амир Наср ба парешоншавӣ оғоз мекунад ва қарибиҳои намози аср ба пуррагӣ мунҳазим мешавад. Амир Исмоил ба сӯйи гаревае асп метозонад, ки он ҷо амир Наср бо иддаи ками сарбозаш истода буду ба ҷанг назора мекард. Саворанизоми хоразмиҳо ба амир Наср метозанд ва дар ҳамин вақт бонги амир Исмоил баланд мешавад.

Амир Исмоил: Истед! Аз амир даст бардоред!

Саворанизоми хоразмӣ боз меистад. Амир Наср бо чеҳраи рангпарида ба сӯйи соҳиби овоз менигарад. Амир Исмоил аз паси гарева сар мебардорад ва ба сӯяш меояд. Аз асп пиёда мешавад ва рикоби аспи амир Насрро гирифта бӯса медиҳад. Ҳанӯз амир Наср карахт аст, аз шиддати изтироб меларзад, ранг дар рӯй надорад. Амир Исмоил барои аз асп фуруд омадани бародараш дасти кӯмак дароз кард, вале амир Наср бе мадади ӯ аз асп поин омад. Дигар пойҳояш тавони ӯро доштан надоштанд. Мачбур нихолайнашро ба замин гузошт. Амир Исмоил зонувони бародарро бӯса дод. Ҳамчунон амир Наср карахту мот буд, ӯро бар тахт нишонд.

Амир Исмоил: Ё амир, хукми худой ин буд, ки маро бар ту берун оварад. Ва мо ба чашми хеш мебинем: ин кор бадин азимиро.

Амир Наср: Мо мутааччибем бад-ин кор, ту овардай, ки итоати амири худ надоштӣ ва фармоне ки худойи таъоло бар ту карда буд, нагузоридӣ.

Амир Исмоил: Ё амир, ман макаррам, ки хато кардам ва хама гунох марост ва ту авлотарӣ ба фазл, ки ин гуноҳи бузург аз ман даргузарӣ ва авф кунӣ.

Дар хамин вакт Исҳок бинни Ахмад бирасид ва аз асп фуруд наёмад. Аспаш бар замин пой мекуфт бекарорӣ мекард.

Амир Исмоил (*хашмгинона*): Ба назди худойвандигори хеш фурӯд намеоӣ?! Носипоси палид!

Исҳоқ худро аз асп ба зер афганд ва худро ба пойи амир Наср партофту заминро бӯса дод.

Исҳоқ: Узр мехом, ки натавонистам зуд аз асп фуруд оям ва замини бандагӣ бӯса диҳам, зеро ин аспи ман тавсан аст ва аз вай ба зудӣ фуруд натавон омадан.

Амир Исмоил: Ё амирам, савоб он аст, ки зуд ба мақарри иззи хеш баргардӣ, пеш аз он ки ин хабар он ҷо расад ва раъият бишӯранд дар миёни Мовароуннаҳр.

Амир Наср: Ё Абоиброҳим ин тӯӣ, ки маро ба ҷои хеш мефиристӣ?!

Амир Исмоил: Агар ин кор накунам, чӣ кунам?! Ва бандаро ба худовандигори хеш ҷуз ин муомила нашояд кардан, ки ҳар чӣ муроди ту бошад.

Амир Наср: Ҷиддӣ равад ё ҳазл мегӯӣ?!

Амир Исмоил: Маозаллоҳ, ки маро дар ҳазрати ту маҷоли ҳазл бувад?!

Амир Наср (*худ ба худ*): Намефаҳмам... Ё Абоиброҳим ин тӯӣ?! Ман намешиносам.

Амир Наср: Ҳамеша дар андешае будам, ки ба ту арзи лоиқи истеъдодатро биёзорам, то рӯҳи падарамон ором гирад. Ӯ доим исрор менамуд, ки беш аз дигар бародарон мувозиби ту бошам. Падар ту бародари хеш Илёсро медид. Вале ман худи ӯро меёфтам: ҳам оқилу ҳам силаҳшӯр. Ин фазилатҳоро ҳеҷ як аз бародарон ба таври куллӣ дар хеш надоштанд. Ту будӣ, ки ба ман қуввату умед мебахшидӣ. Беш аз дигарон ба ту бовар доштам. Кирдору гуфторат дар ман чунин тасмимотро тавлид мекунанд. Ин мавқеъ ҳам фаро расид. Туро ба ниёбати хеш ба Бухоро фиристодам. Дигар дар хусуси ту хотирам осуда шуда буд.

Амир Исмоил: Оре ин манам, гунаҳкоре, ки ту худ ӯро парваридаӣ. Гунаҳкоре, ки ҷуз ҷанг бо куффори шимол дигар кореро намедонист ва аз лаззати ҳукумат кардан бар дигарон бебаҳра буд. Ҳама зиндагониш омӯзишу пайкор буд. Ӯ бо уламо ҳадис аз қавли падар накл мекарду ҷангро ҳамчун шикор дӯст медошт ва бо ин қаноатманду озод буд. Ин ки мебинӣ, парвардаи худи туст. Ту худ ӯро ба коми озу ниёз андохтӣ.

Амин Наср: Вале ин осудаҳолӣ дер давом накард. Ту умедҳои маро ба якборагӣ барбод додӣ. Худсарона амал

намудӣ. Аз ин лаҳзахо буд, ки нигаронии ман аз ҷониби ту оғоз гардид.

Амир Исмоил: Ман ноилоҷ будам. Ҳукумат кардан қудрат мехост, ман онро надоштам. Бинобар ин худро ҳамчун лутии маскарабозони бозор ба маъраз гузоштан нахостам. Бузургони тоза ба давлатрасидаи Бухоро хилофи андешаи ман амал мекарданд. Ман на зар доштам на шамшер. Ман ноилоҷ аз бими осӣ шудан ба худовандигори хеш ба чунин амале даст задам.

Амир Наср: Ман ба ту хашм гирифтам. Ин хашме буд, ки кас ба наздиктарин шахси худ аз сари истиғно мегирад. Ман тӯро танбеҳ додан хостам, то худ бифаҳмӣ, ки чӣ хатоиеро муртакиб шудай.

Амир Исмоил: Ин бузургтарин ҷазо буд. Ман на шаб ором доштам, на рӯз, баръакс ҳар рӯз сангинтар мешуд.

Амир Наср: Ман орзӯҳои туро без аз афсонаву хаёлоти кӯдакона қабул накардам. Он чӣ Абулфазлу Симо-ал-Кабир аз ниёти ту харф заданд, бароям хандаовар ва кӯдакона менамуд. Ҳамон вақт буд, ки дар чашмони як замон маъсумонаи ту, кину исён намудор гардида буд.

Амир Исмоил: Дигар ман дар худ тасмим гирифта будам: бо ҳар роҳе, ки бошад, ба мақарри иззи хеш бояд бозгашт. Дигар ман тасмим гирифтам, ки масъулияти аъмолам дар гардани дигарон хоҳад буд. Барои ҳукумат кардан бар дигарон қудрати ҷобира зарурат дорад. Дастёбӣ ба ин қудрат ҷуз бо рохи исён ба даст нахоҳад омад. Қудрат ин ҳам заррасту ҳам шамшер. Ман барои дарёфти ин ду қуввои қудратсоз аз баҳри ҳама чиз гузаштам.

Амир Наср: Ту дар тасмимоти худ он қадар дур рафтӣ, ки хостӣ бо кӯмаки бегонагон теша ба решаи хеш занӣ! Тамоми заҳмати ҷадд бар ҷаддатро бар бод дихӣ?!

Амир Исмоил: Ба мисли имрӯз... Вале касе ӯро насихат кард.

Амир Наср: Оё донистӣ, ки ӯ кӣ буд?

Амир Исмоил: Оре, Ҳамӯя бинни Алӣ. Ӯ бо насихати хеш моро аз инхитот нигах дошт.

Амир Наср: Оё гумон мекунӣ, агар ин марди начиб намебуд, ходисот ба мисли имрӯз сурат мегирифт?!

Амир Исмоил: ман ӯро барои ин хизматаш дар назди хонадони Сомонӣ азиз доштаам ва то ҳастам, аз дари кадршиносӣ бо ӯ дӯстӣ хохам кард, ва арҷ хохам гузошт.

Амир Наср: Пас дигарбора саркашӣ кардан, ҷангро ангехтан ба рехтани хунҳои ноҳақ, сабаб шудан ба чӣ хотир буд?! Қудрати мутлақа?! Ман?!

Амир Исмоил: Намояндагони садоқати хеш ба худовандигори худ. Баъди воқеаҳои понздаҳ моҳи пеш байни мо сафо барнагашт. Амирам аз мо будгумон киначӯ ва бо хашм баргаштанд. Дубора ёфтани садои пештара бароям бо дигар роҳе имконпазир набуд. Ман мебоист ин сафоро ё бо хуни хеш ва ё хуни дигарон бармегардондам. Оре дареғам меояд аз ин хунҳои нобаҳақ рехта, ба занҳои бевамонда, ва кӯдакоини бепарастор, киштзорҳои харобшуда, деҳоти сӯхтаву валангор андешаҳои пурбим, вичдонҳои ноором... Каффорати ин ҳама бар гардани ман аст, ба шарте тавониста бошам сафову меҳрубонии худовандигори хешро ба сӯи худ баргардонда бошам. Ту бузургӣ, маро авф бинмо ва аз гуноҳам бигзар. Ман ҳамон Абоибароҳим, бародари туам, ки худ ҳамчунон баробари худ дарёбӣ. Ман дигар битамом меҳру садоқати хешро дар пойгаҳи ту рехтаам, ва худро урён намоёндаам, маро дарёб, қазоват кун, авф бифармой. Ин Абоиброҳим аст, ки дигар то ба қиёмат бо ин эҳсоси вафодорӣ, бо масъулияти як фарзанди падар, чокари ту боқӣ хоҳад монд.

Амир Исмоил худро ба пойи амир Наср меафканад ва ғубори онро ба оби дида мешӯяд. Амир Наср аз тахт поин меояд ва бародарро аз хоки зиллат бардошта ба оғӯш мегирад. Ӯ низ ба риққат меояд ва ашк мерезад. Амир Исмоил бо овози аз ҳаяҷон ларзону гирифта мегӯяд:

- Пеш аз он, ки ин хабар ба пойтахт расад ту бояд ба мақарри иззи хеш баргардӣ.

Амир Наср: (*ашкашро пок карда бо овози хафӣ*). Ҳанӯз боварам намеояд.

Амир Исмоил: Фурсат кам аст.

Амир Насрро бар асп мешинонанд ва бародарон Исмоилу Исҳок аз чапу рост рикоби бародари бузурги хешро гирифта, то як манзил ба ин минвол ӯро гусел мекунанд. Аз паси онҳо бузургони Бухоро бо ҳамроҳии Симо-ал-Кабир, Абдулло бинни Муслим, Аҳмад бинни Мусии Марзуқ меоянд. Амир Исмоил баъди паймудани як манзил рох бо амир Наср видоъ мекунад ва дар фарҷом мегӯяд:

- Ман камокон дар Бухоро ба инобати ишон боқӣ хоҳам буд ва қадам аз тариқи чокариву фармонбардорӣ фа-

ротар нахоҳам гузошт.

Онҳо бори дигар хамдигарро ба оғӯш мегиранд ва амир Наср бо кӯмаки бародараш амир Исмоил бар асп мениишинад ва ба роҳ меафтад. Амир Исмоил то дер гоҳ бо нигоҳ ӯро гусел мекунад. Амир Наср пешопеши хайли худ меравад ва аз назарҳо гойиб мешавад. Он гоҳ амир Исмоил бар аспи хеш нишаста озими Бухоро мегардад.

Ин воқеа дар рӯзи сешанбе, понздаҳуми моҳи ҷамодиюлохир, сол бар дувисту ҳафтоду панҷ рух дода буд

САМАРҚАНД

Қасри шоҳӣ

Бузургони Самарқанд, деҳқонон, дарбориён дар толорҳо аз як пешомади ногаҳонӣ мушаввашанд. Ин вазъи рӯҳии онҳо гӯё ба тамоми қаср сироят карда бошад, ки ҳама чоро як интизори вахшатзо фарогирифтааст. Андӯҳу тарс дар чеҳраи ҳар кадоме ях баста, забонҳо аз гуфтор боз монда буд. Ходимону гуломон бесадо дар равуо.

Амир Наср бистари беморӣ хуфта чашми ҳасрат ба сӯйи боғ духта аст. Дар атрофаш фарзандонаш, бародаронаш бо додарзодаву амузодаҳояш хомӯш нишастаанд. Ҳар кадоме дар банди хаёле, охарин ҳукми амир Варорудро интизор аст: амир Наср бояд валиаҳди хешро эълом намояд ва зимоми давлатро ба дасти ӯ биспорад. Ҳама тасмими амири хешро ба тахмин медонанд, ки вай кист. Бино бар ин тахминҳое, ки дар худ икрор кардаанд, гоҳ аз гоҳ ба сӯйи Аҳмад бинии Наср фарзанди бузурги бародари хеш менигаранд ва бо нигоҳи мармуз ӯро тасаллӣ медиҳанд. Амир Наср дар ҳамон ҳолате, ки чашм ба сӯи панҷара бастааст, хомӯшии мудхишро мешикананд.

Амир Наср: Имрӯз кадом аст?

Абуюсуф Яъқуб: Ҷумъу, рӯзи бистусеввум аз рабеъулохил, сол бар дувисту хафтоду нӯх.

Амир Наср: Дар ин мох Ҳаҷҷоҷ хонаи Каъбаро бисӯзонад... Ҳафт рӯз монда бар ҷамодиулаввал. Имрӯз нахустин рӯз аз даймох аст. Рӯзи Хуррам. Ниёгон ин рӯзу ин мох-хардуро ба номи худои таолло, ки Хурмузд аст, номидаанд, яъне рӯзи подшохи хакиму сохибраъйи офарид-

гор.

Аҳли мачлис бо тааччуб, ки дар андешаи амир ихтилол афтодааст, ба ҳамдигар менигаранд.

Амир Исмоил: Амирам, моҳ исфандормӯз аст, рӯзи ҳур аст, ки аввали гуҳанбори дуюм бошад ва охири он "рӯзи дайбамеҳр" аст, ки "мадюшомгоҳ" ном дорад.

Амир Наср бо чашмони аз иллати дард фурӯрафта ба бенур ба ӯ менигарад ва лабханд мезанд.

Амир Наср: Чӣ фарқ дорад. Ба сақфи мунаққаш менигарад ва дар худ фурӯ меравад ва ба касеву чизе дигар эътибор намедиҳад. Гӯё хоб мебинад. "Аз тахт ба зер меояд".

Амир Наср: Ҷомаи сафеди маро биёред. Хуррамрӯз аст. Аспи сафеди маро тайёр кунед, ба посбону сарбозон гӯёд, ки шоҳ имрӯз ба ишон эҳтиёҷ надорад.

Либоси ҳарири сафедашро ба тан мекунад, аз қаср бадар меравад. Барф меборад. Ҳама чо сафед шудааст. Бар аспи сафедаш мешинад ва тани танҳо аз шаҳр бадар меравад ва сари баландие бар дашт аз асп фуруд меояд. Он чо чодари сафеде афрошта, фаршҳои сафед густурданд. Ӯ бо мӯю рӯю либоси сафед бар фарши сафед мешинад. Ва фориғболона ба атроф назар меафканад. Дашт пур аз мардумон мешавад. Онҳоро ба сӯи хеш фаро мехонад. Ва ҳар кас, ки миёни ишон ниёзманд буд, ки бо подшоҳ сухан бигӯяд, хоҳ гадо бошад, ё доро, ва шариф бошад ё паст, бидуни ҳеҷ ҳоҷату дарбоне ба назди шоҳ меояд. Ва бидуни ҳеҷ монее бо ӯ гуфтугӯ мекунад.

Амир Наср: Ман имрӯз монанди яке аз шумо ҳастам. Ва ман бо шумо бародар ҳастам, зеро шавад ва қивоми иморати он ҳам ба подшоҳ аст ва на подшоҳро аз раият гурезе аст ва на раиятро аз подшоҳ. Ва чун ҳақиқати амр чунин шуд, пас ман, ки подшоҳ ҳастам , бо шумо, барзагорон, бародар хоҳам буд. Ва монанди ду бародари меҳрубон хоҳам буд, ба хусус ки бародарони меҳрубон Ҳушангу Викарт чунин буданд, Насру Исмоил чунин буданд... Шумо чаро ба ман бовар намекунед? Ман фақат ҳамин рӯз... бо шумо бародарам, бародарам...фақат ҳамин рӯз... Хоҳиш мекунам, эй бародарон, эй деҳқонон, эй аҳли диёр аз ман дур нашавед...

Онҳо андаруни дашти сафед нопадид мешаванд. Ӯ аз ҷои хеш ба талаби ишон аз рӯйи фарш мехезад. Дашт сабз шудааст, дарахтон гул кардаанд ва барф ба ҳар тараф ме-

пошад. Вале ӯ бо ин манзара дастрасӣ надорад. Ва фарёд мезанад:

- Шумо кучо шудед, эй бародарони ман?

Худро рӯйи фарш афганда мегиряд.

Фарш сурх мешавад.

Барф сурх мешавад.

Абр сурх мешавад.

Ҷомааш сурх мешавад.

Аспаш сурх мешавад.

Боди сурх мевазад.

Ва ӯ тани танҳо, гум шуда дар сахро гиря мекунад...

Ӯ чашм боз мекунад. Бародаронаш, фарзандонаш, додарзодахояш, амубачахояш, гирди болинаш халқа заданд ва бо чашмхои аз бехобӣ даридаву сурхшуда ба ӯ менигаранд.

Амир Наср: Шумо хамин чо хастед? Абоиброхим ку?

Амир Исмоил: Ман хамин чо хастам, амирам.

Амир Наср дасти ӯро гирифта кабати панчахои намнокаш бехолона мефишорад ва дар чашмони ӯ хира мешавад.

Амир Наср: То ба хол туро интизор будам... Хушо, ки омадай!... Маро дарво кунед.

Ӯро бо эхтиёт нимхез мекунанд ва болиштхои зиёде бар гардаш мегузоранд.

Амир Наср: Имрӯз рӯзи супурдани амонатхост. Хар чизе, ки рӯзе дода шуд, боз рӯзе ситонда мешавад. Ин дунёи муомила аст. Бозори доду ситад!...

Абуашъас Асад: Амирам хаста шудаанд, лахзае фарогат кунанд.

Амир Наср: Танна шудаам. Оби сарди чашмасорам дихед. Аз ташнагӣ забонам ба комам часпидааст. Танам аз оташи ташнагӣ хушкидааст. Обам дихед...

Амир Исмоил аз кӯзае бар пиёла об рехта ба амир Наср худаш нӯшонданӣ мешавад, вале ӯ ин нияти бародарашро рад мекунад ва пиёларо аз дасташ гирифта, ба як нафас дам мекашад. Пиёларо боз дароз мекунад. Амир Исмоил онро гирифта аз об пур мекунад.

Амир Наср: Шутурро ба кафлес об намедиханд... Пиёлаи дуюму саввумро низ хамчунон дам мекашад ва шукронаи худованд ба чой меоварад.

Амир Наср: Бародари азизам Абулашъас, дигар фурсати фароғате намондааст.

Ба атрофаш бори дигар назар меафканад, гӯё касеро мекобад, вале наёфта ба фарзандаш Ахмад мурочиат мекунад.

Амир Наср: Бузургони дарборро ҳам даъват кунед. Замоне буд, мо ҳамагон гирди сари падари хеш ҳалқа зада будем. Ва ҳеч кадоме аз мо он вақт ба хаёл наёварда буд, ки рӯзе гирди сари ӯ низ ҳалқа хоҳанд зад. Он рӯз барои ман фаро расид. Умри ман ба охир расидааст.

Бузургони дарбор бо эҳтиёту оромона вориди ҳучра мешаванд ва дар гӯшае рост меистанд. Амир Наср ба ҳасрат сӯйи онҳо менигарад.

- Биёед меҳмони ман. Чаро истодаед, биншинед. Шумо, ҳам бародаронам, фарзандонам биншинед, хоҳиш мекунам... Наздик-наздик шинед... Ман дар зиндагонии хеш хушбахт будам. Аз неъмати ҳар айёми умр бениёз будам. Дӯстонам ба воситаи некиҳои ман хушбахт ва душманонам ноумед шудаанд. Ватанам, ки дастхуши тохтутози бегонагон буд, замоне, ки онро падруд мегӯям, орому осоишта аст ва мардумонаш ба хушӣ зиндагӣ мегузаронанд. Бо вуҷуди ин ҳамеша бимнок будам, ки мабодо шикасте бинам ё хабари бадбахтиеро бишнавам. Дар умри худ ҳеҷ гоҳ такаббур, шодии берун аз андоза накардаам. Акнун, ки умрам ба поён расидааст, хушбахтам, ки шумоёнро, эй бародари ман, эй фарзандони ман, зиндаву солим мебинаму меравам, ватану дӯстонамро саодатманд мегузораму мегузарам. Пас аз рӯйи инсоф мебуд, агар баъд аз сари ман ҳар замоне, ки ба ёди ман уфтодед, ёди касеро кунед, ки саодатманд будааст...

Бори дигар ҳозиринро якояк аз назар мегузаронад ва баъд ба панҷара, ки нури рӯшани хуршедро ба дохил интиқол медиҳад, хира мешавад. Дар назараш аспҳои пуштлуч дар чарогоҳҳои бе баргу гиёҳ метозанд. Ва ӯ бар аспе бе лаҷому зин нишастааст ва аспи лоғару вахшӣ ӯро ба ҳар тараф мебарад.

- Ман имрӯз бояд амонатеро, ки бо худ дорам, ба соҳибаш биспорам, яъне бояд ҷонишини хешро муайян кунам, то дар миёни шумо пас аз ман ихтилофе наяфтад. Эй бародарон, эй фарзандон ман ҳамаи шуморо ба як андоза дӯст медорам, ҳамаи шумо барои ман як сон азиз ҳастед.

Вале идораи умури давлатро ба касе аз Шумоён мегузорам, ки ба донишу тадбир, кордониву лашкардорӣ, адлу дод бузургтар аст. Ин суннат аз ниёгони қадим ба мо мерос мондааст. Балки ахлоқи мо шудааст, ки тибқи ин қонуни нонавишта амал кунем. Ин суннат хулқу хуйи мардуми мо шудааст, ки аз худ ба донишу рой бузургтаронро мукаддам мешуморанд. Тартибе иттихоз кунед, ки мувофиқи қавонин одоти қадима ва ахлоқи мо бошад. Бинобар ин суннат мо идораи умури давлати Варорудро бо хости худованди мутаол ба Абоиброҳим Исмоил вомегузорем. Агарчанд ӯ ба сол аз баъзеи шумоён бузург нест, вале ба тадбиру дониш, салоҳияту силаҳшӯрӣ бузургтар аст. Ба ту эй Абулашъас Асад, ба мисли пештара Фарғонаро мегузорам. Ба ту, эй Абуюсуф Яъқуб вилояти Чочу Исфичобро медиҳам. Ба ту, эй Абдуғоним Ҳамид Чағониён кифоят мекунад. Ба ту фарзандам Аҳмад мулки Самарқанду Суғдро мегузорам. Бо ин атоё саодати бе ғаму ғаше барои ҳар каломе аз шумоён таъмин мекунам ва хаёл намекунам, ки шумоён аз саодати башарӣ чизе кам дошта бошед, зеро он чи ки барои хушбахтии як инсон лозим аст, шумо онро доро хохед буд. Дӯст доштани чизҳое, ки ичрояш мушкил аст, гуссаи хазорон кор хӯрдан, фокиди як лаҳза фарогат будан, шаҳват ва ракобат кардан бо корҳое, ки ман бунёд гузоштаам, дом густурдан ва ба дом уфтодани инҳо сарнавишти касест, ки бояд мамлакатро идора кунад, на толеи шумоён. Ва бидонед, ки ин чизҳо дар роҳи хушбахти монеаест бузург. Аммо ту, эй Абоиброҳим фаромӯш макун, ки ҳифзи салтанат бо доштани асои салтанат сохта нест, балки мутмаинтару ҳақиқитарин ҳофизии он дӯстони вафодоранд. Таҳсили ин навъ дӯстон ба зӯр муяссар нашавад, зеро вафо самараи некӣ аст. Агар ту бихоҳӣ, ки ёроне барои салтанат дошта бошӣ, аввал ашхосеро интихоб кун, ки аз хонаводаи худат ҳастанд. Ҳамшаҳриҳои мо ба мо аз хоричиҳо наздиктаринанд. Касоне, ки бо мо хамсафаранд, аз ашхосе, ки дар хонаи дигар сакай доранд, бо мо наздиктаринанд. Ба ин тарик, оё мумкин аст ашхосе, ки бо мо аз як хунанд, як модар онҳоро шир дода, дар як хона парвариш ёфтаанд, ҳамон падару модар онҳоро азиз доштаанд ва онҳо ҳамон ашхосро падару модар мехонанд, ба риштаҳои маҳкам бо якдигар марбут набошанд? Ин риштаҳои муҳабатро, ки он қадар гуворост ва худованд ба василаи он меҳру муҳаббати ба-

родариро маҳкам кардааст, магсалед, то ба воситаи ин риштаҳо дар як зиндагонии муштарак битавонед тамоми шароити дигар муддатро ба ҷо ored: василаи таъмини ягонагии доимӣ дар ҳамин аст. Ҳар кӣ марокиби манофеи бародар бувад, барои худ кор кардааст, зеро барои кӣ ҷуз бародар азимати бародар боиси ном аст? Кӣ бародареро, ки дорои иқтидори бузург аст, беш аз бародар эҳтиром хоҳад кард? Пас, эй Абоиброҳим, бояд зудтар аз ҳар каси дигар ва самимонитар аз ҳама ба ӯ кӯмак кунӣ, зеро касе наметавонад дар иқболу идбори ӯ беш аз ту алоқаманд бошад. Дар ин хусус ҳам фикр кун. Пас аз некиҳои ту кӣ беш аз ӯ нисбат ба ту ҳақшинос хоҳад буд? Ва агар ту ӯро кӯмак кунӣ, ки нисбат ба ту аз ӯ мутаҳидтар хоҳад буд? Оё шармовартар аз ин чизе ҳаст, ки мо бародарро дӯст надорем?!. Эй Абоиброҳим, вақте, ки ту шоҳ бошӣ бародарат ягона касе хоҳад буд, ки ҷои дуввумро ишғол хоҳад кард, бе ин ки дар касе ҳисси ҳасад бедор кунад. Эй азизон, ман шуморо ба худо, ба ватан савганд медиҳам, ки агар мехоҳед рӯҳи маро аз худ хушнуд кунед бо ҳам дӯст бошед.

Ба эҳтироми рӯҳи ман он чизро, ки ман ба шумо тавсия мекунам ба ҷо ored. Худованд ҳофизи ин низоми собит ва тағйирнопазири олам аст ва ҷалолу азимати ӯ фавқи ҳар баёнест. Аз ӯ битарсед ва кору фикре макунед, ки бар хилофи такаддус ва адолат бошад. Пас аз худо аз мардум ва наслҳои оянда битарсед. Ҳеҷ аъмол пинҳон нахоҳад монд. Агар аъмоли шумо поку мувофиқи адолат аст, нуфузу иқтидори шумо қувват хоҳад гирифт, вале агар дар ин хаёл бошед, ки ба якдигар зиён бирасонед, эътимоди мардумро комилан фокид хоҳед шуд...

Дастурҳои ман кофист барои он, ки шумо бо ҳам чунон зиндагонӣ кунед, ки вазифаи шумост. Агар кофӣ набошад, ба таърихи гузаштаҳо мурочиат кунед. Таърих мактабест олӣ. Дар он хоҳед дид падаронеро, ки писаронашон онҳоро дӯст медоштанд, бародаронеро, ки ба бародаронашон меҳру муҳаббат меварзиданд ва низ хоҳед дид касонеро, ки роҳҳои дигар ихтиёр кардаанд. Дар миёни инҳову онҳо касонеро сармашқи худ қарор диҳед, ки роҳашонро хуб рафтаанд. Агар чунин кунед, оқилед. Билохира ин охирин ҳарфи маро фаромӯш макунед. Агар мехоҳед ба душманонатон зиён бирасонед, дар бораи дӯстон некӣ кунед... Дигар ман хаста шудам. Маро ба ҳоли хеш бигзоред. Худо ҳофизи шумо бод!

Ҳама аз ҳучраи амир Наср баромада мераванд. Ӯ худ танҳо мемонад.

Дарахтон ғарқи гул шудаанд. Сабзаҳо дамидаанд. Турнаҳо бо садо аз болои сараш парвоз мекунанд. Ӯ зи дунболи онҳо меравад...медавад...мепарад...

***

Қасри шоҳ ҳанӯз дар либоси мотам буд.

Амир Исмоил бо Хочаи Бузург даруни толори пурсутун танҳо ба танҳо сӯҳбат мекарданд.

Амир Исмоил: Агар тамоми умр ба азои бародар бишинем, ӯро дигар нахохем ёфт. Дигар бояд ба амри қазову қадар тан дардод ва хилофи хости худованд набояд эътироз кард... Чӣ чора, ки зиндагӣ корвони пешу қафост... Зиндаҳо боял аз паси кори хеш шаванд, вагарна Азроил сари мӯ ба кас фурсат намедихад.

Хочаи Бузург: Аз марг касеро амон нест. Аз одам ба мо ҳамин мерос аст.

Амир Исмоил: Ман ба зудӣ мехоҳам ба Бухоро баргардам.

Хочаи Бузург: Ба Бухоро?

Амир Исмоил: Оре. Маркази мамлакатро боял ба Бухоро кӯчонем.

Хочаи Бузург: Самарқанд чӣ мешавад?!. Охир пойтахт дар чои ами қарор дорад ва аз дастҳуши душманон бадур аст. Маҳз ҳамин чиҳати Самарқандро ниёи шумо пасандидаанд ва маркази қаламправй хеш карор додаанд.

Амир Исмоил: Самарқанд дар чалолу шукӯҳи хеш ҳамчунон бокӣ хоҳад монд. Вале имрӯз амну осоиши мамлакат аз худи мо вобаста аст. Ба қудрати харбии мо марбут аст. Аз ин лиҳоз мавқеъ ва мавзеъи марказ беаҳамият мешавад. Сониян, чаро мумкин нест Бухоро ба қалби як давлати муқтадир табдил диҳем?! Алҳол вазъият такозо мекунад, ки марказро кӯчонем. Ин амал чандон ба хости мо бастагӣ ҳам надорад...

Хочаи Бузург: Боз амирам бехтар медонанд.

Амир Исмоил: Дар ин амр, умедворам, хоча маро дастгирӣ хоҳанд намуд.

Хочаи Бузург: Хости амир амр аст. Кӣ метавонад аз амри амир сар бипечад?!

Амир Исмоил: Дар ин хусус бо бузургони мамлакат маш-

варат кардан мехоҳам. Ҳамин ҳоло.

Хочаи Бузург ба амир Исмоил ҳамчун аломати ризоиятмандӣ таъзим намуда баромада меравад. Амир Исмоил танҳо, андешамандона ин тарафу он тараф қадам мезанад ва бо гузаштани лаҳзае гӯё амри муҳиме ба хотираш расида бошад, меистад, ба атроф назар меафканад ва ба сӯйи боргоҳ меравад. Боргоҳ хилвату торик аст. Пардаҳои зарбофти панҷараҳоро ба як тараф мекашад: Рӯшанӣ бо каҳолат ба толор мехазад. Ва тасвирҳо аз қабати пардаи ҳаририи сияҳфом бо рангҳои хира намудор мешаванд. Ӯ ба тасвирҳо хира мешавад, ба онҳо ба таҳқиқ менигарад ва огози қиссаи тасвирҳоро пайдо кардан мехоҳад. Ба мақсад барандохтани пардаи азо тарафи дари вурудии толор меравад. Ва бо эҳтиёт аз гӯшаи парда мекашад, парда аз рӯйи тасвирҳо мелағҷад, ҳамчу обе мерезад. Тасвирҳо бо ҷилои тозаи рангҳо намудор мешаванд.

Ардависур Аноҳито бар тахт нишастааст. Пояҳои тахташ сурати Симурғро доранд, вале бо усули дигар, пойҳояш сагона, бо як шоху болҳои бузург тасвир ёфтааст. Ардависур Аноҳито точи бо гулҳо муазамян бар сар дорад, бар бозувонаш тасмаҳои рангоранги ҳаририӣ ҳамоил шуда. Бар як даст зангулаву бар дигар барсом гирифта. Аз тарафи чап марде дар даст ороиш ба сӯйи вай меояд ва аз тарафи рост марде бар даст мичмари оташ.

Чаҳор марди дигар бар дасти чап гирифта мичмарҳо саф кашидаанд. Онҳо бар рӯйи замин истодаанд. Нилуфарҳо шукуфтаанд. Уфуқ то ба зонуи онҳо тасвир шудааст. Аз нимрухашон маълум аст, ки риш надоранд ва мӯяшон мучаъаду сиёҳ аст, ва бар тан либоси сурх пӯшидаанд. Фараҳвашиҳо дар либоси пуршукӯҳ, бо точҳои мурассаъ, ва аламҳои гирд дар манзараи осмон тасвир шудаанд. Ин хонумҳои зебо ҳамчун арвоҳи муҳофиз аз ҳамвории андоваи девор бурун омадаанд.

Қисми калони деворро нигораи муҳосираи қалъа ташкил медиҳад. Дар ин деворнигора ҳамчунин саҳнаи точгузории шоҳи суғд, арабҳо ва ғйра тасвир ёфтааст. Манчаникеберуни девор аст. Андешаи амир Исмоил садо медиҳад: "Шоҳи Суғд-Хочаи Самарқанд. Ишғол шудани Самарқанд аз ҷониби аъроб..."

Хочаи Бузург бо чанд нафар вориди боргоҳ мешаванд, вале амир Исмоил ҳузури имонро ҳис намекунад ва ҳамчунон паси тамошои деворнигораҳо мегардад. Баъди ман-

зараи базм, нимтанаи зани миёнасоле, сар ба сӯйи мохи хафтрӯза чун шоххои гов бардоштааст. Атрофи сарашро фарр печондааст. Аз китфонаш шӯълахои оташ сар кашидаанд. Ӯ назди сутдии ниёишгар меистад, "Корномаи Рустамро" мехонад. "Панди падар бар фарзандашро" мениюшад, дар тасвири сахнахои размӣ иштирок мекунад, аз "Охангару бузина","Донишмандону паланг","Қиссаи зан ва шавхараш ва дӯстлоронаш" панд мегирад,"Қиссаи шохи Бузина","Зани диловар, вале захмӣ", "Мурғе, ки тухми тилои меовард","Набарди саворон","Деви сесар"-ро мегӯяд... Дилаш моломол аз дард мешавад. "- Намебоям, ки ба рӯйи гузаштахо парда кашид. Намешавад гузаштахои хешро сар бурид. Девхоро он кадар дар назарҳо пинҳон доштанд, ки имрӯз хафтсар шудаанд... Ва модарон фарзандони хешро алайхи вай қурбон мекунанд... Арӯсонро асир медиханд. Ку Рустаме, ки дар либоси палангинаи хеш чун палангон пархош кунад?! Онро ба зери пардаи фаромуш кашидаем. Ку Рустаме, ки Сиёвушеро начот дихад?! Оре, ин миллат ба Рустамхо зарурат дорад, то Сиёвушхо ба камол расанд..."

Ва бо овозе, ки шунида мешавад, мегӯяд: Мо ба Рустамхо зарурат дорем, то Сиёвушхоро ба камол расонем... (*Бармегардад*) Ман парда аз рӯйи ин тасвирхо гирифтам. (*Дар андешааш*) "Боят онхоро аз тасвири деворхо беруи кашид". Инхо гузаштахои мо хастанд, таърихи зиндагонии мо дар ин зиндагӣ хастанд. Онро хамеша боят пеши рӯ дошт. Чун дар ойинае дар онхо хештанро боят шинохт... Гузаштахои мо ба мисли ин деворинигорахо захмиву тачзияпудааст. Бо пинхон кардани захмхо омоси онро ба чое мерасонем, ки дигар илочи даво намеёбем. Ман хар кадоми шуморо дар ин хусус хушдор медихам: Сӯйи осмон туф партоб накунед, то ба рӯйи худхотон наяфтад!

Хаман хозирин дар либоси сиёханд.

-Мо агар хазор соли дигар нолаву шеван кунем хам бародарзодаи азиз родари хешро намеёбем. Бехтар он ки равонашодро бо дуои хайр, алҳу алолати хеш, ки бешак сабаки рахматист, ёд кунем. (*Ба Хочаи Бузург*) хохиш мекунам, фута аз миёни шон бикшоед.

Хочаи Бузург фотиха мехонад ва миёнбандхоро аз тани хозирин мекушояд.

-Умедворам, фарзо хама аз паи маъмурияти хеш мешаваид... Маъмурияти хама маълум аст. Бародарзодаи азиз

зи мо Аҳмад бинни Наср халифаи мостанд ва дар Самарқанд мемонанд. Амирони вилоёт ба мақоми иззи хеш бармегарданд. Мо фардо бо аркони давлат ба Бухоро меравем.

Хоҷаи Бузург: Амирам, мо барои интиқоли пойтахт то ба фардо фурсат намеёбем.

Амир Исмоил: Давлатмардон, фақат давлатмардон фардо ба мо ҳамроҳ мешаванд. Барои интиқоли мобақӣ маъмурон гуморед, то дар давоми як ду ҳафта ин корро анҷом диҳанд. Ман дигар сухане надорам. Хоҷагон метавонанд аз паи кор шаванд. Хоҷаи Бузург, Амир Аҳмад, Абуашъас Асад ва Абуюсуф Яъқуб бимонед.

Ба ҷуз ин номбурдагон мобақӣ баромада мераванд.

Амир Исмоил: Дигар нигоҳ доштан ва интиқол додани суннати давлатдории хонадони сомонӣ дар гардани мову шумост. Як сари мӯ хилофи ин суннатҳо амал кардан хиёнат аст. Барои ин мо бояд содиқона, беғаразона ва бародарона ба ҳам аз меҳр вафо дошта бошем, тибқи васияти бародари равоншоди хеш амал намоем. Мо дар вазъияти кунунӣ ҳаққи орому беташвиш зиндаги кардану ҳукуматдорӣ кардан надорем. Амри Лайе маншури ҳукумати Хуросонро гирифтааст ва имрӯз бо Рофеъ Ҳарсама эъломи ҷанг кардааст. Ман медонам, ки Амри Лайе бо он сирати ҷаҳонхорагӣ фақат ба Хуросон қаноат нахоҳад кард. Барои он ки мо аз шарри ӯ эмин бошем, аввалан бояд амнияти хешро аз тарафи шимол таъмин намоем. Бо саркуб кардани душманони шимол баргардонидани он ғаноиме, ки онҳо ба ғорат бурдаанд, то андозае ба қудрати ҳарбии худ салобат ва ҳашмат бахшида метавонем. Бинобар ин ман аз халифаи худ ва бародаронам тақозо менамоям, ки лашкари ин қисмат аз мамлакатро ба ҳоли худ нагузоранд, ҳамеша дар ҳолати омодабош бошад ва гоҳ аз гоҳ дар қисматҳои шимолу шарқӣ ба ғозавот машғул шавад. Ба ризояти худованди азза ва ҷалла ман бо лашкари Бухоро сӯйи мамлакати куффори турк ҳаракат хоҳам намуд. Ишонро бояд барои ҳамеша бехавф гардонем. Он гоҳ дар баробари рақиби тавоное чун Амри Лайе Саффорӣ қарор хоҳем гирифт. Он гоҳ мо аз ҷиҳати шимолии сарҳадоти хеш эмин хоҳем буд... Ва яке аз сабабҳои интиқоли пойтахт низ дар ҳамин аст... Акнун аз бародари азизамон амир Абуюсуф Яъқуб хоҳиш менамоем, ки дар хусуси шаҳрҳои билоди турк ба мо маълумот диҳанд.

Абуюсуф Яъқуб: Ин билод фақат дар замони истило ёфтани аъроб бар Хуросон ба тасарруфи туркҳо даромаданд. Пеш аз ин ҳодиса аз қаламрави Хуросон ба шумор мерафтанд. Мардумони ин шаҳрро-яъне шаҳрҳои Тироз, Фороб аз қавми мо ҳастанд, ҳамагон озодагонанд, вале дар дини насоро. Агар амирам ҳиммат гуморанд, метавонанд бегонагонро аз он хитта биронанд ва ишонро боз ба асли хеш бипайванданд. Имрӯз ин озодагон ва деҳқонон дар хидмати туркҳо мебошанд ва мардумеанд ҷасур, диловар ва силаҳшӯр.

Амир Исмоил: Агар мо қудрати ҳарбии худро мунтазам боло набарем, дур нест ки ба ҳоли ишон гирифтор шавем. Ҳамеша бояд дар баробари душман ҳушёр буд. Он рӯз мабод, ки ин шабушкхӯрҳо бо алқоби озодагону хочагон муфтахир гарданд...

Дигар ин, ки мехоҳам дар ҳар вилоят то ду ҳазор сарбозони савора дошта бошам ва фақат ба ман итоат намоянд. Таъминоти ишон аз ҳисоби хирочи вилоёт ва узлу таъини ишон ба дасти ман мешавад. Хохишмандам то фардо афсарони варзидае, ки лоиқи ин маъмурият бошанд, ба ман пешниҳод менамоянд...

БУХОРО

Амир Исмоил, Хочаи Бузург пахлӯ ба пахлӯ ва чанд сарбозе аз пасашон аз дарвозаи гарбии шаҳри Бухоро хориҷ мешаванд. Киштзорҳои фаррох, богистонҳои хуррам дар баробарашон намудор мегардад. Амир Исмоил лаҷоми аспашро, ки то ин дам ба сарвақти худ мерафт, пас мекашад ва аспи саманди сафедаш ҳаракаташро суст карда, юрга меравад. Хочаи Бузург барон, он ки бо амир Исмоил пахлӯ ба пахлӯ равад, аспашро медорад. Вақте, ки онҳо баробар мешаванд, амир Исмоил мегӯяд:

-Хочаи Бузург хавои Бухороро чун ёфтанд ва ё ханӯз ёди Самарқанд мекунанд?

Хочаи Бузург: Кишвари мо ҳар мавзеъаш тароват зебоии ба худ хос дорад, ки намешавад якеро ба дигаре монанд кард. Бухоро хосияте дорад, ки бо ягон бор дидан наметавон барои абад аз он дил канд. Ин ҷазобият буд, ки амирамро ба худ кашид, чй чои гап ки мо парем!...

Амир Исмоил: Бухоро дигар аст...

Аз дурҳо садои суруде ба гӯши ишон мерасад. Амир Исмоил аспашро нигоҳ дошта, гӯш сӯйи овоз фаро медиҳад. Овози суруду даф аз боғе меомад, ки фақат нақароти он бо овози ҳамхонӣ баланд буд:

Ҳар ке ки мусулмон набувад ёри араб,
Бад кардаву баднамой, бад кори араб.
Ҳар кас ба араб ситезаву ҷангӣ кунад, э бобо,
Не шири шутур хоҳаду не дидори араб...

Амир Исмоил: Ҳанӯз мардуми мо аз араб бадаш меояд.

Хоҷаи Бузург: Зеро онҳо паёми пайғамбарро фаромӯш карданд. Алайҳи зулму бедод хестанду худ зулму бедод гарданд. Мардум зулмро қабул намекунад...

Амир Исмоил: Султаи бегонагон ҳамеша дар тори номуси мардум нохун мезанад. Эҳсоси нафрат ба душман дар мардуми мо он қадар бузург аст, ки бо эъломи ғазавот зану мард ба по мехезанд. Магар сокинони шаҳрҳои шимоли кишвар мардумони ғозии мо нестанд?! Мегӯянд, ки мардумони Тирозу Фороб аслан мардумони Байканду Бухоро, Нахшабу Суғд ҳастанд ва ҳамагон ғозиён мебошанд.

Хоҷаи Бузург: Ва мо имрӯз байни онҳо ва қавмҳои саҳроии шимол фарқе намегузорем ва ба ишон низ тамғаи бардагӣ мезанем. Магар Симо-ал-Кабир-ғуломи хонадони шумо, аз ҳамин қабил нест?!! Сокинони он шаҳрҳо ҳама мардумони мо ҳастанд, онҳо деҳқононии мо, бузургзодагони ин диёранд.

Амир Исмоил: Дуруст аст, вале ягона, чизе ки ононро бо қавмҳои ваҳшӣ монанд месозад, мазҳаби муштараки ишон аст. Онҳо ҳама баддинон ҳастанд. Аз ин рӯ муносибати мардуми мо ба озодагони шаҳрҳои шимолӣ фақат ва фақат таассубӣ динӣ аст.

Хоҷаи Бузург: Агар аз рӯйи инсоф гирем, ин гуноҳи онҳо нест. Пеш аз мусалмон шудани мо онҳо ба дини насоро гаравида буданд ва ин чиз ба онҳо халал намерасонд, ки ватанашонро дӯст бидоранд ва онро аз таҳоҷуми мардуми саҳрой ҳимоят намоянд. Ин таасубро арабҳо мерос гузоштанд. Дуруст мебуд, агар мо онҳоро ба ислом мегардондем.

Амир Исмоил: Банда низ дар ҳамин фикр ҳастам, вале... аз баъзе омилони меросии хеш дилпур нестам.

Хоҷаи Бузург: Амирам чӣ гуфтан мехоҳанд?

Амир Исмоил: Агар ман ба ғазавот равам, аз имкон дур

нест, ки ишон дар ин чо исён кунанд. Шумо ишонро мешиносед.

Хочаи Бузург: Ман гумон намекунам, вале боз худо медонад. Амирам киро дар назар доранд?

Амир Исмоил: Гумон мекунам, бародарам Абуашъас Асад ба ман дили хуш надорад ва аз маро валахди худ хондани равоншод чандон розй хам нест.

Хочаи Бузург: Гумон намекунам, Абуашъас як марди худотарс ва кадршинос аст.

Амир Исмоил: Ман ин рухияи бадбинии ўро вакти дар чанг шикоят хўрданаш, хис карда будам. Равоншод Абунаср аз гуноҳам гузашт ва боз маро валиаҳди хеш эълон кард. Вале Абуашъас хамчунон сангдил бокй монд ва аз амири кулли Вазоруд шуданам чандон розй нест. Аз ў хавф дорам. Дар гайбатам ў метавонад бо хоналони Ковус, ки ба мо чандон рўйи хуш намедиханд, забон як кунад ва бало барангезад.

Хочаи Бузург: Пас амирам чй ният доранд?

Амир Исмоил: Барои дафъи бало, мехоҳам ўро аз ин вазифа узл кунам ва ба чои ў каси дигареро таъин намоям.

Хочаи Бузург: Киро?

Амир Исмоил: Абўяъкуб Исҳокро.

Хочаи Бузург: Марде олим аст. Абуашъас Асад чй мешавад?

Амир Исмоил: Ба ў нафақаи якумрй таъин мекунам, бигзор ба Самарканд баргардад.

Хочаи Бузург: Агар розй нашавад?

Амир Исмоил: Ногузир ўро ба зиндон андозем.

Хочаи Бузург: Умедворам, кор то ба ин чо намекашад.

Амир Исмоил: Ман хам ба ақлу тадбири Абуашъас умед мебандам. Ва оллоҳу аълам.

Аз аспхо пиёда мешаванд, аз чилави аспхо гирифта охиста-охиста зери дарахтхои себу зардолу кадам мезананд.

Амир Исмоил: Амри Лайс моро барои шитоб кардан мачбур месозад. Моро мачбур месозад, ки мардумамонро барои хамеша омода ва дар холати чанг нигох дорем.

Хочаи Бузург: Магар ин вазъияте, ки мардумро дар он карор медихед, барои хукумат ва якпорчагии мамлакат

хавфовар намешавад?

Амир Исмоил: Агар онҳоро фаҳмонед, мефаҳманд... Дигар ҳеҷ чиз аз шумо пушида нест: амал кунед?

Хочаи Бузург: Акнун, ки фикр мекунам, амирам дар ниёту ормонҳои хеш собиткадам будаанд. Он вақтҳо орзуи амирамро ман фақат як хаёлпарастии чавонӣ пиндошта будам. Ва ҳатто...

Амир Исмоил: Ва ҳатто чӣ?

Хочаи Бузург: Ва ҳатто зери дил хандида будам.

Онҳо механданд, баланд механданд ва хандаи онҳо тамоми дашту саҳроро фаро мегирад. Аспҳо мераманд, муғон аз шохсор мепаранд ва аз дурҳо овози ҳамхонии мардум шунида мешавад. Сарбозон аз дунболи аспҳои рамхурда медаванд...

Ва ҷорчиёни амир Исмоил дар саросари кишвар мардумро ба ғазавот даъват менамоянд...

БА СӮИ ТИРОЗ

Лашкари азим иборат аз савора, ки асосан мардуми маҳаллӣ ҳастанд, аз Бухоро хориҷ мешаванд. Дар садри ин лашкар амир Исмоил нишастааст ва бародаронаш Исҳоқу Яҳё аз ду бараш ва дигар бузургони лашкар як қади асп аз онҳо пастар мераванд. Дар масири рох дастаҳои нав ба нави ғозиён бо онҳо ҳамроҳ мешаванд ва амир Исмоил то ба Самарқанд расидан соҳиби шаш ҳазор ғозии савора мешавад.

Дар даромадгоҳи шаҳр Аҳмад бинни Наср бо бузургони Самарқанд ба пешвози амири Моваруннаҳр мебарояд. Амир Исмоил лашкарро дар беруни шаҳр нигоҳ дошта, худаш бо дигар бузургони лашкар ба шаҳр ворид мешавад.

САМАРҚАНД

Боргоҳи амир Аҳмад вазъи идона дорад. Амир Исмоил бо бузургони лашкараш сари дастурхони меҳмонӣ нишастаанд.

Аҳмад бинни Наср: Амирамро барои дарёфти маншури ҳукумати Вароруд муборакбод мегӯем.

Ҳамагон аз чой мехезанд ва ба амир Исмоил таъзим менамоянд.

Ин воқеъа дар моҳи муҳаррам ба таърихи дувисту ҳаштод буд

Амир Исмоил: Албатта сухани пуртахнияти дӯстонро шунидан хуш аст, вале мо на барои ин омадаем. То замоне ки кофирони шабушкхор дар шимолу шаркии мамлакат бар амнияти мо тахдид мекунанд, мо наметавонем бо фароғат чоми осоиш ба сар кашем. Ҳол он, ки мебоист мо ба танзими умури дохилии хеш машғул мешудем. Ва имрӯз мачбурем хама корхои хешро сариъан анчом дихем. Шумо, бародарзодаи азизам, бо Симеъ-ал-Кабир ба Бунчикат, лашкар мекашед ва кишварро аз игвои хонадони носипоси Ковус пок мегардонед ва Абузакриё Яхёро ба ниёбати мо дар Истаравшан хилъат мепӯшонед. Баъди сомон бахшидани умумри Истаравшан муддаиёни ғазовату чиходро бо сипохсолори мо Симо-ал-Кабир хамрох мекунед. Мо ишонро дар Фарғона интизор мешавем ва якчоя дар Исфичоб бо лашкари амир Абуюсуф Яъкуб мепайвандем.

Ахмад бинни Наср: Оли Ковус аз кадим бар ин вилоят хукумат доранд ва мардум аз ишон пуштибонӣ мекунанд.

Амир Исмоил: Баъди осӣ шудани Ғурак писари Ковус бар халофат, ин тараххуму ғамхории мо буд, ки ишонро боз ба сари кудрат овардем. Ва имрӯз алами нофармонӣ баланд кардан мехоханд ва дар интизори фурсат хастанд. Мо вакте ба ғазовот меравем бояд аз акибгохи хеш мутмаин бошем.

Ахмад бинни Наср: Мо хамтур наметавонем ишонро...

Амир Исмоил (*ба хашм аз чояш мехезад*): Кудрат хар сабаберо мукаддас месозад. Нофармонӣ ба хукумати марказӣ магар сабаб аст?! Тохириён ин вилоятро ба намояндаи Оли Сомон Яхё бинни Асадад муи мо дода буданд. Мо ба онхо бахшидем...

Абузакриё Яхё (*шухиомез*): Боз ба Яхё бинни Асад бармегардад. (Хама механданд). Хукумати Арманистон хам ба ман таалук хохад гирифт?

Амир Исмоил: Мо надонистем, ки бародари мо то ин андоза шӯх хастанд.

Абузакриё Яхё: Ман ба чидд мегӯям. Абуубайдуллох Мухаммад Афшин бинни Абилсоч фармондори Армани

стон аст ва аз хонадони афшинҳои Истаравшан мебошад

Ҳама боз механданд. Амир Исмоил хам худдорӣ карда натавониста механдад. Суҳбат боз холати мӯътадилу дӯстона мегирад.

Амир Исмоил: Агар факат Арманистон басанда бошад, онро ҳам бахшидем, вале метарсам ҳавои халофат накунанд, ки дар дасти ман нест... (*Ҳамагон боз механданд*)

Абузакриё Яхё: Ман тарс аз он дорам, ки ҳокимони Истаравшон метавонанд ба воситаи ин табори хеш амирамрор назди халифа бад кунанд, хусумат ангезанд...

Амир Исмоил: Муътазид марде зирак аст. Барои кайке хасро намесӯзад. Ӯ медонад, ки мо назди халофат чӣ маъмурияте дорем. Ва дар мамлакати худ масъулият дорем, ки сулҳу осоиш ва рифохи мардуми хешро таъмин намоем, ки бе ҷанг муяссар намешавад.(Ба Аҳмад бинни Наср) Ҳамин ҳоло ба шаҳру рустоҳо мунодиён фиристед ва ғазавот эълон кунед.

Аҳмад бинни Наср: Чаҳор ҳазор ғозӣ ҳастанд, дар ин чиҳод ба мири ғозиён бипайвандианд.

Амир Исмоил: Подош хоҳанд ёфт. Пас фурсати диранг нест. Дар Фарғона низ корҳое моро интизоранд, ки боиси ғамон додананд. Ҷанг тақозои шитоб дорад... Ба рох!

РОҲ

Лашкари гаронбору муназзаме ба роҳ мебарояд. Дехоту шаҳрҳоро паси сар мегузорад. Мардум ба хар ҷо, ки мерасад, ба истиқболаш мебароянд. Дар даромади шаҳри Хавос лашкар ба ду қисм мешавад ва дар сари хайли он Абузакриё Яҳё Аҳмад бинни Наср ва Симоъ-ал-Кабир ҷониби Бунчикат мегарданд. Амир Исмоил ҳангоми хайрухуш ба Абузакриё мегӯяд:

-Пояи хар хукумате адл асту дод. Дар муносибат бо хонадони афшин густохӣ накунед. Онҳо аз бузургзодагонанд. Онҳо ҷудо мешаванд. Амир Исмоил бо роҳи нахустин шаҳри вилояти Фаргона Хӯҷанд меравад. Руди Сайхун сероб аст. Дар тунукобҳои соҳилҳои он шолӣ коридаанд. Киштзорҳо то ба домони тепаҳо тул кашидаанд. Аз дур кухандизи азими шаҳр ба чашм мехурад. Тамоми роҳ аз пеши онҳо шаҳру рустаҳои ободон, киштзорҳои сабзу хур-

рам, боғистонҳои пур долударахт мебарояд. Онҳо ҳамаи ин зебоиҳоро паси сар мегузоранд ва бо маркази вилояти Фарғона шаҳри Ахсекат мерасанд. Шаҳр аз куҳандиз, шаҳристон ва рабаз иборат буд. Онҳо дар шаҳристон ба куҳандиз, ки қасру зиндон дар он воқеъ буданд ворид шуданд. Амир Исмоил лашкарро дар беруни шаҳристон, сохили дарё қарор дод ва худаш бо бузургони лашкар ба шаҳр дохил шуд. Дар остонаи шаҳр онҳоро амир Ашъас Асад ва аъёну ашрофи Фарғона пешвоз мегиранд. Мардуми шаҳри Ахсекат бо кӯчаҳо рехтаанд. Амир Исмоил мардуми ин диёри кӯдакияшро мешиносад. Шояд дӯстони кӯдакияш дар миёни ин издиҳом бошанд. Э кош онҳоро мешинохт! Онҳоро даруни мардум бо нигоҳи маъсумона мечуст, вале намешинохт.

Онҳо хомӯшона ба куҳандиз дохил мешаванд. Амир Ашъас аз чизе нигарон аст. Ва фақат вақте ки дар назди қаср аз аспҳо пиёда мешаванд, амир Исмоилро бо гирифтани маншури ҳукумати Вароруд мубораквод мегӯяд.

Абулашъас Асад: Мехостам паи ин манзур ба Бухоро оям, вале шунидам, ки амирам азми кишвари куффор дорад, аз ниятам гаштам, то ишонро дар зодгоҳашон пешвоз гирам.

Амир Исмоил: Дар ин синну сол ба худ заҳмат додан аз рӯйи инсоф нест. Мо бояд ба зиёрати ишон оем. Мо бародари хурдӣ хастем.

Онҳо ворид қаср мешаванд. Ҳиннӣ аз роҳравҳои қаср гузаштан амир Исмоил ба Абулашъас Асад мегӯяд:

-Мо худ омадаем, ки дигар шуморо аз заҳматҳои беҳуда озод кунем. Шумо басо ранҷ бурдаед ва дар таҳкими давлати Сомониён заҳамоти фаровон кашидаед, ҳифзи сарҳадоти шимолу шарқӣ ҳамеша бар гардани шумо будааст.

Абулашъас Асад: Ман ҳанӯз ҳам омодаам.

Амир Исмоил гӯё чизеро нашунида бошад, ба толор ворид мешавад ва дигар аз сухбат кардан бо Абулашъас мегурезад.

Абулашъас Асад: (*бо овози паст, ки дигарон нашунаванд*): Ту дар сар чӣ хаёл дорӣ? Охир...

Амир Исмоил: (*бо ҳамон лаҳн*): Мо наметавонем дигар сафои пештарарро баргардонем.

Абулашъас асад: Дигар тасмими хешро гирифтай?!

Амир Исмоил (*Гапро ба гап мебарад*): Хеле хаста шудем.

Рах басо дур буд...

Абулашъас Асад: Амирам дуруст мегӯянд. Бифармоед, дӯстон. бифармоед, нури дида, ба хонаи худ фуруд омадаед. (*Ба пазди Абуяъқуб Исҳоқ меравад ва фақат барои ӯ мегӯяд*). Ман чизеро намефаҳмам. Шумо бар сари ман лашкар кашидаед?!

Исҳоқ бо чашмони аз ҳайрат дарида ба бародараш Асад менигарад. Чизе намефаҳмад. Амир Исмоил бар мочарои харду бародараш назора мекунад. Аз хозирин касе ба чизе пай намебарад. Меҳмонон, бузургони лашкари амир Исмоил, аъёну ашрофи Фаргона, ҳар кадоме вобаста ба мартабаву мансабаш ба чое гузашта мешинанд. Ғуломон такопӯ хизмат мерасонанд.

Исҳоқ: Дар ҳақиқат ман чизеро намефаҳмам, ки бародарам чӣ манзуре доранд?

Абуашъас Асад: Шумо хуб мефаҳмед. Тамоми кирдорӣ шумо тамаллуқ ва риёкорӣ будааст. Ман акнун фаҳмидам.

Табъи Абуяъқуб Исҳоқ тира мешавад, ба сӯйи амир Исмоил менигарад. Нигоҳи ишон ба ҳам бар мехурад ва амир Исмоил ноаён ба сӯяш чашмак мезанад, ки бепарво бош.

Дар ҳамин вақт сипаҳсолори Фарғона Аҳмад бинни Мусии Марзук вориди мачлис мешавад.

Амир Исмоил: Гумон мекунам сипаҳсолор хастагии рохи Бухороро рафъ сохтанд, ва барои чиҳод омодаанд?!.

Аҳмад бинни Мусеи Марзук ба амир Исмоил таъзим намуда, дасташро мебӯсад.

Марзук:Дар рикоби амирам будан шараф аст!

Амир Исмоил: Вале амири Фарғона ҳамчунин андешае надоранд. Ишон аз сафарҳои тӯлонӣ ва чиҳоду пайкор хеле хаста шудаанд. Акнун замоне расидааст, ки бояд давлати пирӣ бironанд.

Абулашъас Асад: Амирам ба чои ман тасмими гирифтанд.

Амир Исмоил: Бародари арчманди мо худ заъфи худро медонанд ва мо ба натичае омадем, ки ишонро аз як зиндагии фарахмандона, бе дағдағаву дарди сар таъмин намоем. Ишон ҳар кучоеро, ки барои зиндагӣ кардан интихоб намоянд, мувофик ҳастам.

Абулашъас Асад: Ман ба ҳеч чо намеравам. Хонаи падарам ин чост.

Амир Исмоил: Хуб фикр кунед. Шумо ихтиёр доред...-

Ман мехохам аз хусуси шумо мутмаин бошам...

Абулаиъас Асад: Амирам хар чӣ фармоянд. ройи мақбул ҳамон аст.

Амир Исмоил: Тахаввулоти сиёсии кишварҳои хилофати ислом, бахусус кишварҳои шарқии хилофат такозо менамояд, ки мо низ вобаста ба он равиш корбарии хешро тағйир диҳем. Мо дар садади он ҳастем. Бинобар ин Абӯяъқуб Исҳоқро ба ниёбати хеш дар Фарғона амир таъин менамоем.Умедворам ишонро мешиносед: ишон дар баробари соҳибтадбиру силаҳшӯр будан боз олим ҳастанд. Хилъат!

Ҳамӯя бинни Алӣ хилъат меорад. Абӯяъқуб Исҳоқ бо ишорати амир Исмоил аз ҷояш хеста ба назди тахтгоҳ меравад ва дар ҳолате, ки ҳаячонзада аст ба амир Исмоил бо овози қариб ношунаво мегӯяд:

Исҳоқ: Хуб нашуд. Ӯ бародари бузурги мост. Мардум чӣ мегӯянд?

Амир Исмоил: Ӯ аз мо розӣ нест, ӯ моро намехохад!

Исҳоқ: Бародари бузургамон амир Наср низ ҳамчунин мегуфт. Дигарон низ ҳамчунин мегуфтанд.

Амир Исмоил: Онҳо намедонистанду мегуфтанд. Ман хеч гох бар зидди бародари хеш амир Наср мубориза набурда будам, балки бар зидди муддаиёни ӯ мечангидам. Имрӯз ҳам мечангам.

Ва хилъатро ба китифони Абӯяъқуб Исҳоқ мепартояд ва хозирон ӯро муборак бод менамоянд. Абулаиъас Асад аз толор баромада меравад. Чашми амир Исмоил аз пасаш рох мебандад. Дигар хеч садое ба гӯшаш намедарояд ва факат садои андешаи хешро мешунавад: "Ӯ эътироз мекунад. Ӯ исён кардан мехохад, вале намедонад, ки ӯ худ охирин мухолифи мост. Ӯ намедонад, ки дигар танхо мондааст"...

Чангу губори рох ба осмон мепечад. Охири лашкари амир гозиён хеч пайдо нест. Онҳо мераванду мераванд паси сар гузошта маргзорҳои хушкидаро, регзорҳои тафтаро, гаревахои бефуруг чун гургонҳои қадимро. Амир Исмоил ба ҳамсафаронаш, ба сипахсолорони лашкараш мегӯяд:

-Ба сарбозон, ба гозиён бифахмонед: Дар чои ин қуббаҳо ин чодархои пурбӯю чиркин дигар боят гулбунҳо бирӯянд. Ин даштҳо боят аз хунҳо шодоб шаванд. Ва лолаҳо ба до-

мони модарону арусон кӯч банданд. Ва шақоиқхо ба сару рӯю синаи ҷавонон бирӯянд...Ин калом чун мавзи дарё дар миёни лашкари гозиёни Вароруд лаб мезанад. Чашмони дар ғубори роҳу боди сахро хушкидаву бефурухшуда аз нав медурахшанд, асиҳои аз хол рафта, гӯиё аз нав ҷон мегиранд ва пойхои хешро ба зарбат бар замин мезананд ва барои чорхез задан омодагӣ мегиранд. Аз хама ҷо, аз хар тараф садои ба хам хурдани силох меояд...

Ва дар марғзорҳои сабзу хуррам тифлони беғам бозӣ мекунанд, баррачаву бузғолахо, говҳову гӯсолахо ба чор тараф ҷасту хезкунон медаванд, шоҳпарак хам рангоранг бар гулзорҳо ба парвоз меоянд. Гӯё дар ин дунё фақат садои зиндагӣ танинандоз аст. Гӯё зиндагӣ аз нуқтаи оғозини хеш нашв намудааст...

Дар уфуқҳои дур озарахш медурахшад. Ва ғозиён аз сари роҳи хеш қуббаҳои хокистаргуну чиркинро бар мечинанд. Ва андешаи амир Исмоил дар саросари ин паҳно садо медиҳад: "Зиндагӣ дар ёфтани фурсат аст ва ин фурсат ғанимат аст!..."

Хаймахо дар масири роҳ оташ мегиранд. Рамаҳо меафзоянд, ва қарлуқхои ҷавон ба асорат мераванд...

* * *

Лашкари ғозиёни амир Исмоил дар наздикии шаҳри Тироз чодар мезананд. Дастаи язаки лашкар аз ичрои супориши сарҳангҳо бармегардад. Сарони лашкар дар хаймаи амир Исмоил ҷамъ омадаанд. Сардори язак вазъияти гирду атрофи шаҳрро, ки бо рабази мустаҳкаме печонда шудааст, мефахмонад.

Язакӣ:Мо натавонистем шаҳрро аз наздик тадқиқ кунем. Туркҳои қарлуқӣ дар беруни шаҳр хайма задаанд ва шумораи туғашон ба бист ҳазор мерасад.

Амир Исмоил: Ишон дар чӣ вазъе қарор доранд?

Язакӣ: Аз тадорукашон чунон пайдост, ки аз қасди амирам огоҳ мебошанд.

Амир Исмоил: Солорҳои лашкар дар ин хусус чӣ фикр доранд?

Ҳамӯя бинни Алӣ: Ман гумон мекунам, онҳо ҳанӯз аз хайма заданамон дар ин ҷо огоҳӣ надоранд ва салоҳи кор он аст, ки ишонро ғофилгир кунем.

Симо-ал-Кабир: Хасмро гофил пиндоштан хатост. Бинобар ин вазъ такозо менамояд, ки хушёрии бисёр ба харч дихем, посбонхои зиёд гуморем, хеч равандаеву ояндаро ичозаи убур аз ин марзеъ надихем.

Ахмади Марзук: Маълумоте, ки язак дод, кофӣ нест. Зеро наметавонад хамаи сокинони хаймахо мардуми чангӣ бошанд. Ишон мардуми кӯчӣ хастанд ва дар беруни шахрхо хайма мезананд. Факат рохбари онхо, ки Танкиш хонда мешавад, дар шахр фуруд меояд. Мардуми шахр аслан кавми мо, яъне сугдӣ хастанд. Бинобарин тамоми сокинони хаймахоро лашкар пиндоштан хатост.

Амир Исмоил: Мо метавонем ба сокинони шахр такя кунем?

Ахмади Марзук: Ишон Харчанд аз кавми мо хастанд, вале дини моро надоранд. Онхо насорӣ мебошанд. Абумуслими Хуросонӣ садупанчох сол пеш онхоро ба дини ислом овард, вале боз ба дини худ баргаштанд.

Симо-ал-Кабир: Занодик низ зиёд доранд. Банда низ то асорат пайрави мазхати Монӣ будам ва ба дасти кибларохи амирам ислом овардам ва ба номи Симо-ал-Кабир хонда шудам. Ва имрӯз аксари сипахсолорхои халофати аббосӣ аз хамин кавм хастанд, вале бо сабаби бо кавмхои сахрой якчоя барда шуданашон баргалат турк хонда мешаванд.

Амир Исмоил: Аз ин ба мо чӣ сӯд? Онхо гайри дини мо ва хасми мо хастанд. Хасми сарсахт! Фаизо лакитуму аллазина кафару фазар би ар-рикоби хатто изо ахсантухум фашудду ал васока фа аммо маннан баъду ва аммо фидоан хатто назаъа-ал-харбу авзорахо золика ва лавшоу оллоху ла антасара минхум валекин лияблу абъазакум бибаъзин валлазина кутилу фӣ сабилуллохи фалан юзилла аъмолахум. Яъне худованд мефармояд: "Шумо мӯъминон чун (дар майдони чанг) бо кофирон рӯ ба рӯ шавед боядшӯчоъона) онхоро гардан занед то он гох, ки аз хунрезии бисёр душманро аз по дароваред (ва ба кулли маглубу таслим созед), пас аз он асирони чангиро махкам ба банд кашед, ки баъдан онхоро озод гардонед ё фидя гиред то (дар натича) чанг сахтихои худро фурӯ гузорад (яъне то кофирон таслим шаванд ва чанг хотима ёбад ё то хама имон оранд ва чанг аз чахон баруфтад). Ин хукми феълӣ аст ва агар худо мехост худ аз кофирон интиком мекашид ва хамаро (бе захмати чанги шумо) халок мекард, валекин

(ин ҷанги куфру имон) барои имтиҳони халқ ба якдигар аст ва онон, ки дар роҳи худо кушта шуданд, худо харгиз ранҷу аъмолашонро зоеъ нагардонад.

Ба сарбозон, ба гозиён бифаҳмонед: Кушед то кушта нашавед...Имрӯз майдондорой ба сипаҳсолор Марзуқ вогузор мешавад...

Садои нокуси калисо аз деворҳои баланду мустаҳками шаҳр гузашта дар паҳнои даштҳо танин меандозад. Овози ниёиши хамсароён то ба домони уфуқҳои сӯхта, то ба иртифои абрҳои хунолуди осмони гирифта имтидод меёбад. Посбонҳои лашкари амир Исмоил паси гаравҳо пинҳон шуда, чашм ба сӯйи шаҳр бастаанд. Сипаҳсолор Марзуқ барои як шабехун задан бо сарбозонаш омодагӣ мегирад.

ТИРОЗ

Танкиш дар либоси муғулӣ бар тахт нишастааст. Дар наздаш чандто марди деҳқони сугдӣ ва қарлуқ хузур доранд.

Танкиш: Подшоҳи мусалмонон ба касди ҷанг сӯйи мо меояд. Фардо занону кӯдакон ва пиронро ба даруни девор гиред ва дар роҳҳо посбонҳо гузоред. Ба уқсуфҳо бифаҳмонед то мардумро ба ҷанг даъват намоянд. Шаҳр бояд ба ҷанг омода шавад.

Даштт

Гурӯҳе мусаллаҳ чодарҳои қарлуққоро оташ мезананд. Аз чаҳор тараф садои духул баланд мешавад. Мардуми чодарҳо бо тарсу харос, бо доду вой ва аз дасту поча гумкардагӣ, худро ба ҳар тараф мезананд ва мачруҳу мактули шамшербадастону найзадорон мешаванд. Садои духулҳо то рафт бо зарба ва баланд садо медиҳад ва дар шабехуншудагон чунин андешаи хавлнокро мебарангезад, ки сипохиёни душман ба мисли муру малах майдони ҷанг мешаванд. Гурӯҳе ба сӯйи дарвозаҳои шаҳр фирор мекунанд, вале ба он ҷо нарасида кушта мешаванд. Гозиён берахмона мекушанду оташ мезананд.

Ҳамӯя бинни Алӣ гозиёнашро ба кӯмаки Марзуқ мефиристад:

Ҳамӯя:(*ба сарони лашкараш*) Тамоми майдони ҷангро

мухосида намоед ва хеч кас имшаб набояд амон ёбад.

Гозиёни Ҳамӯя бинни Алӣ тамоми майдони оташгирифтаро мухосира мекунанд. Ҳанӯз салои духулхо ба як зарб, бо шиддат аст. Ҳайёху ва салои нолиши мачрухону мактулони гофилгиршуда тамоми даштро пур мекунад.

Чодари амир Исмоил

Амир Исмоил: Бо дамидани субх боял манчаникхо ва нафтзанхо ба назди девори шахр кашонда шаванд. Масъулияти ин кор бар сипахсолори Фарғона Ахмад бинни Мусии Марзук гузошта мешавад. Ба сарбозон ва гозиён бифахмонед, то аз камонхо камтар истифода баранд. Барои кушодани шахр аз манчаникхо ва нафтзанхо бештар истифода боял бурд.

Симо-ал-Кабир бар души шумо тадкики мавзеи берунии шахр гузошта мешавад. Бубинед агар об аз берун вориди шахр мешавад, мачроящро тагйир дихед... Шахр баъди фатҳ шудан боял горат нашавад ва занону кудакон ва пирон боял масун бимонанд. Хамеша боял аз хасм пештар андеша кард ва ба ӯ имкони амал кардан надод. Дар хеч сурат хушёриро аз даст надихед. Дар баробари душман хамеша боял хушёр буд. Худованд ёру малалгори хар кадоме аз мо бод!

Дохили шахр

Нокуси калисо баланд садо медихад. Мардуми шахр ба кӯчахои танг мерезанд. Тарсу харос фазои шахрро фурӯ печидааст. Посбонхо бар бурчхо оташ гиронда омодагӣ ба чанг мегиранд. Хеч кас чизе намедонист. Гозиён сӯйи посбонхои бурчхои калъа тир партоб мекарданд ва дохили шахр низ нахустин курбониёни хешро дода буд. Сарбозони карлук аз болои борахо ба берун тир партоб мекарданд, вале намедонистанд тирашон ба кй мехӯрад.

Назики дамидани субх духулхо аз садо боз монданд ва гозиён, он ки чон ба саломат бурда буд, ба макарри худ баргаштанд. Ҳамӯя бинни Алй гозиёнашро бо манчаникхову нафтандозхояш ба сӯйи хисори шахр мебурд, то онро мухосира намоял.

Бо дамидани субх гозиён бар карлукхо, ки хеле кушта

дода буданд, ҳамлаи сареъ бурданд ва онҳоро мачбур ба таслим шудан карданд. Дар майдони даргирӣ ҳеҷ чодаре ба пой намонда бул: ё сӯхта буд ва ё даридаву афтода: Ва аз чои бисёр чодарҳо, аз тудаи хокистари онҳо ҳанӯз дуд ба осмон менечид. Занону кӯдакони ваҳшатзада гунгу карахт назди гулханҳои хомӯшгаштаи чодарҳояшон нишаста буданд. Майдон пур аз наъши мардони онҳо буд. Fозиён аз миёни асирон ҷавондухтарону писарбачаҳои солимро дасту по баста, ба ақибгоҳ мефиристоданд ва чизу чораи солиммонда, говону аспонро ба ақибгоҳ мефиристоданд ва манҷаникҳояшонро дар муқобили шаҳр устувор месохтанд.

Қарлуқхое, ки ҳеҷ лоиқ ба асорат бурдан набуданд ба ҷамъоварии мурдагони хеш гуморида мешуданд ва майдонро аз наъши азизони худ пок месохтанд.

Нокуси калисо якмаром садо медод. Амир Исмоил бар аспи сафеди хеш болои гаревае истода буд ва ба шаҳру майдони ҷанг назора мекард.

Амир Исмоил: Чаро Ҳамӯя бинни Алӣ таъхир мекунад?

Ҳанӯз ӯ суханонашро ба поён нарасонда буд, ки манҷаникҳо ба сӯйи шаҳр сангу нафт партоб намуданд. Бо гузаштани фосилае чунин ба назар менамуд, ки гӯё аз осмон бар сари Тироз сангу оташ меборад. Шаҳр чо-чо оташ мегирифт. Ва сарбозони болои бораҳо мачоли сар бардоштану тир партоб кардан намеёфтанд.

Сарбозони Симо-ал-Кабир роҳи вуруди обро ба дохили ҳисори шаҳр баста буданд ва дигар тир меандохтанд.

Қасри Танкиш

Танкиш бо деҳқонони шаҳр, ки аглаб суғдиёнанд ва уқсуфи аъзами калисо Хуршеддин пури Ҳурмуздофарид мачлис дорад.

Танкиш: Шаҳр месӯзад, об нест. Мардумони ман дар хоричи шаҳр ҳама талаф шуданд. Ва шумо ва шаҳри шумо низ амон нахоҳад ёфт. Шумоён бо ишон ҳамқавм ҳастед, илочи корро ёбед.

Уқсуф: Ба ҷуз таслими ишон шудан илочи дигаре нест.

Танкиш бо итоб ва хашм ба сӯйи уқсуф менигарад, вале ӯ ба хашми шоҳи туркон эътибор намедиҳад.

Уқсуф: Лашкари шумо беруни шаҳр мунҳазим шуд.

Танкиш: Шумо аз он бепарво сухан мекунед, ки ишон ас хамкавмони шумоянд ва бар шумоён гузашт мекунанд. Ман ба ин рох нахохам дод.

Уксуф: Пас чора чист?

Танкиш: Ман аз шумоён мепурсам, ки чора чист?

Марди бо салобати суғдӣ: Мо ду имкон дорем: яке чангидан ва дагаре сулх кардан. Аз баски мо кудрати дигар чангидан надорем, пас мачбур ба пазируфтани сулх мешавем.

Танкиш:Онхо ханӯз ба мо чизе пешниход накардаанд.

Марди суғдӣ: Ғолибон чизе пешниход намекунанд. Онхо хама масъалахоро бо тезии тегашон халлу фасл менамоянд. Аз мост, ки боял шарту шароити сулхро пешниход намоем. Вале мо медонем, шарту шароите, ки мо пешниход менамоем, бо кабули дини ишон хулоса мешавад. Мо барои кабули чунин сулхи нанговар розӣ нестем.

Уксуф:Аз начотдихандаи кулли гунахкорон битарсед; боми калисо оташ гирифтааст, мардуми шахр онро бо як азмӣ азим хомӯш мекунанд.

Марди суғдӣ: Пас чӣ фарк дорад, ки калисо месӯзад ва ё ба масчиде табдил мешавад?!

Танкиш: Ин мард он чунон сухан меронад, ки гӯё бо ишон хамзабон шуда бошад. Оре, хар кадоме аз шумоён дар дил итминон дорад, ки хамкавмхоятон бар шумо гузашт хоханд намуд.

Марди суғдӣ: Мо низ дар катори кавми шумо ба асорату бардагӣ бурда шудаем. Ин далел бар дилпурии мо нест. Ва фардо хохед дид, ки сарлашкарони ишон аз ин диёр мебошанд, яъне он суғдиёни асиру ба гуломӣ ба кавми хеш бурда шуда, хастанд. Танкиш наметавонад моро дар ин хусус ба хиёнат айбдор намояд. Агар мо бо ишон аз як кавм хастем, вале дар дин душманем.

Танкиш:Динхои шумо аз хам бегона нестанд. Исову Мухаммад аз як кавманд. Вале масъала сари ин нест. Масъала сари бакои мост... Ман шуморо кафил мегирам.

Мади суғдӣ: Яъне гаравгон?!.

Танкиш: Хар чӣ мехохӣ бифахм. (*ба Уқсуфи аъзам*) дувист дехконро, ки акобири дигарон бошанд бо худ бигир... Мо ба мулокот меравем.

Марди суғдӣ: ПасТанкиш, хокони турк ба таслим шудан гардан ниходааст?!

Танкиш: Ман бо ҳамсарам ба дини ишон имон меоварем то...(*ба ҳамсуҳбаташ назари имтиҳон медавонад*) то амон ёбем. Барои мо ҳамаи шумо бегона ҳастед...ва як ҳастед...

Уқсуфи аъзами калисо Хуршеддин пури Ҳурмуздофарид баромада меравад.

Танкиш: Барои мо моҳият надорад...

Чанд сарбози қарлуқ давида ба боргох медарояд.

Сабоз:Боми қаср оташ гирифтааст.

Танкиш:Онро хомӯш кунед! (*ба бузургони суғдӣ*) хабар расонед, мо ба гуфтушунид ҳозирем. Ва бо шитоб аз ҷояш хеста аз боргоҳ бадар меравад.

Майдони марказии шаҳр. Қарлуқе чанд тахти равон хотунро бардошта ба сӯйи дарвозаи шаҳр мебаранд. Танкиш бар аспи пасте нишаста аст ва аз паси ӯ деҳқонони суғдӣ. Дарвозаро боз мекунанд. Танкиш бо аҳли рикобаш аз шаҳр бадар мешаванд. Манҷаникҳо аз кор боз мемонанд. Танкиш аз миёни лашкар, аз миёни майдони ҷанг гузашта, ба тарафи қароргоҳи амир Исмоил меравад.

Чодари амир Исмоил

Амир Исмоил бо чанд тан аз сарлашкаронаш Симо-ал-Кабир, Аҳмади Марзуқ ва Абуюсуф Яъқуб Ҳамӯя бинни Алӣ дохили чодар мешавад.

Амир Исмоил: Чӣ хабар?

Ҳамӯя: Сардори қарлуқҳо бо завҷааш ва деҳқонони Тироз ба побӯсии амирам омадаанд.

Амир Исмоил: Чӣ мехоҳанд?

Ҳамӯя: Гуфтушунид кардан мехоҳанд.

Амир Исмоил: Бигузор деҳқонон аз байни худ бузургтарҳошонро интихоб кунанад. Ман вақти ба ҳамаи онҳо сухбат кардан надорам.

Ҳамӯя аз чодар бадар меравад ва баъди чанд лаҳза бо чаҳор-панҷ нафар аз бузургони Тироз боз мегардад.

Амир Исмоил: Шумо дар ин қисмат аз сарзамини мо аслу насаби хешро фаромӯш карда, боз бешармона мехохед бо мо гуфтушунид намоед.

Уқсуфи аъзам: Ин хости мо набуд, балки иродаи начотдиҳанда буд. Ба амри тақдир мазҳаби нав моро аз ҳам бегона сохт, вагарна...

Амир Исмоил:Гардан ба бардагии бегонаҳо ниходед.

Онҳоро барои ғорати ватани хеш сук медиҳед...

Уқсуфи аъзам:Аз дасти бандаи гунаҳкор чизе сохта нест. Мо омадаем шарти сулҳро бипазирем, то шаҳр хароб нашавад. Аз ин рӯ бандаворона хоҳиш менамудем Танишро, ки алҳол соҳибмулки мост, бипазиред.

Амир Исмоил: Мо ба ғосибони диёри худ гуфтушунид намекунем. Алҳол ӯ бандии мост ва ҳеҷ банда наметавонад бар мардуми озод ҳукумат кунад.

Уқсуфи аъзам: Пас чора чист? Шаҳр хароб мешавад...

Амир Исмоил: Аслан хуб нест, ки мардуми як қавму як нажод дар мазоҳиби мухталиф бошанд. Ин ҳамеша боиси парокандагии қавму кишвар аст. Шумо бояд ба мазҳаби ислом дароед, он чунон ки Абумуслими Хуросонӣ бобоёни шуморо ба дини бехин гаравонда буд. Вале шумо боз бар дини бобоёни худ кофар шудед. Он гоҳ мо бо шумо гуфтушунид хоҳем кард.

Уқсуфи аъзам:Фақат бо ислом овардани мо қазия ҳал намешавад. Ин ҷо қарлуқҳо бар вилоят тасаллут доранд, ризоияти ишон муҳим аст.

Амир Исмоил: Мо тасаллути ҳеҷ бегонаеро қабул надорем. Лашкари ишонро мунҳазим сохтем ва даҳ ҳазор асир гирифтем. Ва сардорашон низ асири мост. Агар мехоҳед шаҳр хароб нашавад, дарвозаҳоро бар лашкари мо боз менамоед ва мо фотеҳона вориди шаҳр мешавем. Дар акси ҳол ҷанг давом хоҳад ёфт.

Уқсуфи аъзам: Як рӯз мо амон мехоҳем, то ба шаҳр баргардем ва мардумро барои таслим розӣ намоем.

Амир Исмоил:Магар ба назди мо омаданатон дигар маънӣ дошт?! Фардо субҳ бояд дарвозаҳо боз шаванд. (*Ба Абуюсуф Яъқуб*) Ишонро ба дин оваред.

Амир Исмоил аз тахт хеста ба назди уксуф меравад ва ҷалипои гарданашро ба шаст канда ба дур мепартояд. Ёронаш аз тарс ҷалипоҳои гардани хешро гирифта ба пои тахт мегузоранд. Ва амир Исмоил ишонро бо ишорати даст мурааххас менамояд. Онҳо таъзимкунон аз чодар бадар мешаванд. Баъди чанд лаҳзаи дигар Ҳамӯя бо як даста аз ҷалипа бармегардад.

Субҳи рӯзи дигар амир Исмоил дар раъси лашкар аз дарвозаи ҷанубӣ вориди шаҳр мешавад. Кӯчаҳо аз одам холӣ хастанд. Сокинони шаҳр дар бурҷи хонаҳои хеш пи-

нҳон шудаанд. Баъди лашкар асиронро бо дасту пой баста, ки Танкиш ва хотунаш низ бо онҳост, ба шаҳр ворид менамоянд. Барои охирин бор нокуси калисои шаҳри Тироз ба садо дар меояд. Ва мардум бо тарсу ҳарос ба майдони назди калисо ва қасри шоҳ ҷамъ меоянд. Уқсуфи аъзам ва дигар бузургони Тироз, ки ҳамагон мардуми суғдӣ ҳастанд, ба назди мардуми тарсзадаву ҳаросманд мебароянд. Ба бо майдон баромадани онҳо дар байни мардум ҷунбише ба амал меояд.

Уқсуфи аъзам: Ҳамаи роҳҳо ба сӯйи худованди якто мебаранд. Интихоби ин ё он роҳ куфр нест. Вале мо бояд дар ин умри гузарону кутоҳи хеш кӯтоҳтарин роҳро барои иртибот бо офарандаи ҷаҳонҳо интихоб намоем, он чунон ки дигар ҳамқавмҳоямон дар куллияи Иронзамин кардаанд. Ва бо қабули дини ислом шумо дигар ҳамчун ғайридин ба бардагӣ бурда нахоҳед шуд, молу ҷонатон дар амон хоҳанд монд...

Овозе аз байни издиҳом: Ба мо бифаҳмонед, он кӯтоҳтарин роҳи иртибот бо худовандигор кадомаст?

Уқсуфи аъзам: Намози панҷвақта. Шумо дар ин намозҳо бо худои холиқи замину осмонҳо ду ба ду хоҳед буд ва касе байни шумо васила нахоҳад шуд. Шумо худ масъули гуноҳу савоби хеш хоҳед шуд.

Овозе аз байни издиҳом: Модом, ки ҳама роҳҳо ба сӯи худованд баранд, интихоби ин ё он роҳ куфр набошад, пас чӣ фарқ дорад, ки мо дар кадом роҳем?

Уқсуфи аъзам:Алҳол мо ҳаққи интихоб надорем, агар мехоҳем ҷону моламон, шаҳру деҳамон дар амон монанд, бояд тақозои ғолибонро бипазирем. Ва бо ҳамқавмони хеш ҳаммазҳаб шавем.

Майдон ба ҷунбиш меояд. Чанд сарбозе бар боми калисо баромада чалипову нокусро ба замин мепартоянд. Ва яке аз онҳо аз он баландӣ азон мехонад.

Уқсуфи аъзам:Дигар ба ҷои оҳанги нокус садои азон хоҳед шунид.

Бо шунидани садои азон мардуми шаҳр ба хонаҳои хеш пароканда мешаванд ва ғозиён ба майдон меоянд ва саф мекашанд. Амир Исмоил пешнамоз мегузарад. Баъди намоз ба мусулмонон рӯй оварда мегӯяд:

-Дар кутоҳтарин замоне ин калисо бояд ба масҷиди ҷомеъ мувофиқ карда шавад. Ва ҳар ғозӣ бояд панҷ-даҳ нафарро

мусулмон кунад.

Амир Исмоил бо бузургони қавми хеш ба дохили калисо медароянд. Уксуфи аъзам ба пешвози онҳо мебарояд.

Амир Исмоил:Мо ин калисоро ба масҷиди ҷомеъ табдил медиҳем. Ҳеҷ чиз аз ин ҷо бояд ғорат нашавад. Номи шумо чист?

Уксуфи аъзам: Хуршеддин писари Ҳурмуздофарид. Ин номро падаронамон ба ифтихори уксуфи муқадас Хуршеддини Ҳурмуздофарид, ки дой мо буд, қабул кардаанд.

Амир Исмоил: Номи зебост. Ҳама ҳамчунин номҳои порсӣ доранд?

Хуршеддин: Оре. Ҳама бузургони қавм ва деҳқонон бо номҳои хеш боқӣ мондаанд ва аксари авом номҳои инҷилӣ ба худ гирифтаанд.

Амир Исмоил: Ишонро ё ба номҳои қадимашон баргардонед ва ё номи исломӣ гузоред. Худи ҳамин рӯз амволи калисоро ба байтулмол интиқол диҳед.

Амир Исмоил бо ҳамрохонаш даруни калисо гардиш мекунад ва аз тазйини он ба чеҳраҳои маъсуму маслубу азиятдида ҳайрон мешавад.

Амир Исмоил:Аз бебақоии кори наққош дареғам меояд. (*Болои курсӣ мешинад ва дар тасвири Исои Маслуб хира мемонад*) Марде аз издиҳом дуруст мегуфт: Чӣ фарқе дорад?! Оре чӣ фарқе дорад: рост меравӣ ва ё уреб. Рост меистӣ ва ё зону мешиканӣ, сар ба замин мекӯбӣ ва ё... Оре, ҳама роҳҳо ба сӯйи худованд мебаранд. Оё ин инсонҳо дар ин роҳҳо мераванд?! Чаро онҳоро мебаранд?! Чаро худи онҳо намераванд?! Оё онҳое, ки ишонро аз дунболи хеш мебаранд, дар ниятҳову хостҳои худ беғаразанд?! Магар инсони андешаманд метавонад беғараз бошад?! Ин роҳҳо ба сӯйи худованд боядинсонро саодатманд созанд. Чаро он ки худ бо ишқу иродаи худ равад, бар дор мешавад?! Чаро инсон панд намегирад?!! Чаро гуфторҳо бо кирдорҳо яксон нест? Худоё, худовандо доно тӯӣ, бино тӯӣ... Инон, ки ба роҳи худ мераванд ва ҳанӯз, ки ба ҷое нарасидаанд, боз ишонро аз роҳ мезананд. Ӯ то нимароҳ бо шаку тардид меравад ва оё то ба охир, ба он ҷое, ки дигар орзуҳо мемиранд, мерасад? Магар то ба ин нимарох ӯ роҳи куфр напаймудааст?! ***Оё бошар ба ҷое мерасад***?! Оё мерасад?! Магар ин фасона нест?! Магар ин дом нест? Магари ҳодиёни роҳу ин роҳпаймоҳо фасонапардоз наянд? Пас

ман кистам?! Саргашта дар ин бодия аз баҳри чистам?! Худоё, фақат ту медонӣ, зеро бар ҳама корҳо ту доной. Ончунон ки ҳастем, ҳамчунон бипазирамон. Инсон панд-пазир нест. Он ки панд медиҳад, худ хилоф мекунад! Худовандо, савобу гуноҳамонро бар мо бубахшо! Зеро кори савобамон гуноҳ аст ва шояд гуноҳамон савоб бошад. Фақат туӣ бузург, фақат туӣ бартар аз ҳама сифот. Ҳама роҳҳо уреб аст, ягона роҳи рост туӣ, эй Рости рости рости рост! Бар мо бубахшо... Зеро бар ҳама корҳои худ туро шиор месозем. Зеро ҳама кори мо хатост. Ҳама савоби мо хатост. Ҳама гуноҳи мо хатост. Мо як пайкари ҳавлангез аз Хато ҳастем. Ту моро маъсум офаридӣ, вале мо бо дурӯғ аз худ пайкари ҳавлангези Хато сохтем. Ва бо номи ту бар роҳи худ арҷ ниҳодем... Фиръавнро аз маснадаш баровардохтем, ва бегумон худ бар маснадаш биншастем. Худоё аз муддаиёни маснадат моро начот деҳ! Ҳар кӣ бар маснади Фиръавн нишаст, Фиръавн шуд. Ҳар бутшикане худ бут шуд... Агар инсонҳо бо роҳи нахустин ҳодии ту мерафтанд, шояд имрӯз онҳо дар як ҷаҳони осоишу оромиш, бечангу ҷӯш, ҳамнаво бо оҳанги зиндагӣ ҳаёт ба сар мебурданд. Шояд онҳо ба он чӣ ту хостӣ мерасиданд. Аз бас имрӯз роҳҳо бисёри ба ҳам печида шудаанд, башар ҳадафи худро гум кардааст. Мурод аз ин роҳҳои печида бо ҳам ту нестӣ, балки ёфтани гумкардаи худи башар аст. Аз бас ҳадафи худро гум кардаанд, аз беилоҷиву дилхурагӣ, хашмгину асабонӣ шудаанд ва ба ҷони ҳамдигар дарафтодаанд. Эй кош башар ҳадафи хешро мешинохт!

Ин раҳеро, ки мо пеш гирифтем, ниҳоят нест. Ҳарчанд мо худро ба ниҳоят будани он тасалло медиҳем. Ҳар инсоне имконияти хуфтаву карахт ва ношинохта аст. Ҳайҳот, агар ин имконияти хуфтаву карахт ва дар таҳтушшуурҳо пинҳон шинохта шавад! Он гоҳ роҳҳо кӯр хоҳанд шуд. Он гоҳ башар басираташро аз даст хоҳад дод, он гоҳ башар хештанро гум хоҳад кард.

Эй кош, башар фақат бо роҳи нахустин ҳодӣ мерафт! Он замон башар ҳадафашро гум накарда буд. Ӯ тоза ба Сирот-ал-мустақим ворид шуда буд ва ҳанӯз гоме дар он барнадошта буд. Эй кош башар тариқи бозгаштро мешинохт!!!

Эй дареғ! Дареғ аз ин худорамида чанде!...

Амир Исмоил аз ҷой хеста ба гӯшаи хилвате рафта ду раъкат намози шукрона мехонад.

Амир Исмоил: Ба коргарон назорат кунед, ки дар вақти

кандан ба тасвирхо осебе нарасад.

Амир Исмоил бо хамрохонаш аз калисо баромала мераванд.

Амир Исмоил вакти ба каср бархонаш хеле хаста ба назар менамуд. Хини аз рохравхо ва дахлезхои каср убур кардаиаш ба Хамӯя фармуд:

-Тасхири Тироз ханӯз маъниш поёни чангро надорад. Боид тамоми касабахои он поксозй шавад, то минбаъд аз ин кисмати киливари хеш беташвиш бошем.

Гозиёни зиёд ба бозсозии калисо ба масчиди чомеъ машгуланд.

Амир Исмоил:Тамоми ганоими чангиро хисоб кунед, ки он насиби вокеии гозиён аст.

Абуюсуф Яъкуб: Мо онро хисоб кардем: факат пули наклиная, ки аз дорулмулк ва калисо ба даст омадааст, сари хар гозй хазор дирам мерасад. Ин чо зуруфи киматбахо ва чахориоён беруи аз шумор аст.

Амир Исмоил: Пулро байни гозиён,он чунон ки хисоб кардаед, баробар таксим намоед.

Симо-ал-Кабир: Амирам, ин гӯшношунид аст!

Амир Исмоил: Фармони шохон мавриди тардид карор намегирад. Он чй фармудем, ичро кунед.

Абуюсуф Яъкуб: Фармони амирам дар хусуси мусодира нашудани молу мулки мардуми шахр ба хама баробар таллук дорад?

Амир Исмоил: Не. Факат ба сохибони аслии шахр сидк мекунад. Заминхои тасарруфшуда дубора ба сохибонашон баргардонда шаванд. Госибони ин шахр чумлагй ба бардагй кашида мешаванд. Дар масоили марбут бо Хуриедини писари Хурмузлофарид маслихат кунед, ӯ вазъи ин диёрро бех хубтар медонад.

Симо-ал-Кабир: Оё мешавад ба ӯ бовар кард?

Амир Исмоил: Чаро не? Ва ё шумо мулохизаи дигаре доред, ки мо намедонем?

Симоъ-ал-Кабир: Не амирам, аз рӯи одат, хамту пурсидам.

Амир Исмоил: Маволии хоналони мо факат барои хамтур чизе намепурсанд. Агар шакку шубхае доред, бифар-

моед.

Симо-ал-Кабир: Аз рӯйи одат, шоҳон ба мардуми кишварҳои тасхиршуда бовар намекунанд. Пурсиши ман ҳам ба ҳамин хотир буд.

Амир Исмоил: Агар мо ба онҳо бовар намекардем, ишонро соҳибмансаб намегардондем.

Симо-ал-Кабир: Узр мехоҳам...

Амир Исмоил: Боке нест! Онҳо низ ба мисли шумо аз ҳамқавмҳои мо ҳастанд, вале гумроҳ шуда. Онҳоро ба роҳи ҳақ ҳидоят кардан, ислоҳ кардан аз вазифаҳои мост. Онҳо ҳанӯз аслу насаб ва қавмияти хешро фаромӯш накардаанд: онҳо бо ифтихор худро хоҷа, яъне озодагон мешуморанд. магар ин кофӣ нест, ки мо ба ишон бовар дошта бошем?!

Симо-ал-Кабир тамоми гуфтори амир Исмоилро ҳамчун танбеҳе ба худ қабул намуд ва зери бори миннат ва таҳқир аз арақ тар шуд.

Амир Исмоил: Бо гузашти қарнҳои мадид, ба сабаби дурафтодагияшон, шояд забону қавмияти худро гум намоянд, вале ҳаргиз озоданажод будани хешрофаромӯш наҳоҳанд кард. Ин як амри мусаллам аст.

Калисо ба масҷид табдил шудааст. Муаззин аз болои манора азон мегӯяд. Мардуми шаҳр ба масҷид мерезанд. Амир Исмоил хутбаи намози ҷумъаро ба номи халифаи аббосӣ Мӯътазид қироат менамояд.

Мо дар ин шаҳр ба пирон, занон ва кӯдакони қарлуқ ба шарти пазируфтани ислом амон медиҳем. Бигзор онҳо ба диёри худ баргарданд ва ба ҳамқавмони худ бифаҳмонанд, ки турк тозиву чаповали онҳо дигар дар кишвари исломии мо беҳуда ва як амали бесамар аст. Мо метавонем кишвари худро аз ҳама гуна ғорату таҷовуз ҳимоят кунем. Агар бебасароне ҳаваси диёри мо кунанд, ҷуз ба шамшери охта истиқбол нахоҳанд шуд.

Бародарони аҳли ислом, дигар ҳимояти сарҳадоти шимолии кишвари исломӣ бар гардани шумост. Шумо дигар ғозиёни исломед ва вазифаи шумост, ки ҳар ширку бединиро дар ин қисмат аз беху бун барканед. Мо барои амалӣ шудани ин ҳадафҳо ба кумаки шумо омузгорону устодон, факеҳону донишмандонеро ин ҷо мегузорем, то мактабҳои исломӣ ба вуҷуд оянд. Аз байни ғозиён ихтиёриёне пайдо

шулаанд, ки ин масъулияти азимро ба гардан мегиранд. Мо ба онхо дар ин амри мухим аз даргохи худованди якто тавфик таманно мекунем. Ва вазифаи шумост, ки ишонро дар хама умур бедарег кӯмак намоед. Аллохума салли ъало Мухаммадин ва ъало оли Мухаммадин камо салайта ъало Иброхима ва ъало оли Иброхима иннака хамидун мачидун. Аллохума борика ъало Мухаммадин ва ъало оли Мухаммадин камо борика ъало Иброхима ва ъало оли Иброхима иннака хамидун мачидун...

Ахли масчид салавотро такрор мекунанд.

Амир Исмоил: Ассалому алайкум ва рахматуллохи ва баракоти...

Ахли масчид: Оллоху акбар, оллоху акбар!...

Лашкари анбӯх бо ганоими хангуфт дар роҳ аст. Шаб мегузараду рӯз мегузарад. Мегузорад баъди худ бар панчаи бод хокистарнӯдахоро. Бод чизеро аз ишон нишон намегузорад. Пайи пойи аспхошонро, хокистари гулханхои хомӯшро месутурад. Рафтану омадани бенишон, хастакунанда, сутуранда ба мисли хӯра... Вале каломи тавхид бар забони бод аст: хама чо, дар масири лашкари анбӯх мудом садо медихад.

Лашкари гозиёни солори гозиён бар дили хунолуди хуршед фурӯ меравад ва аз дили бехуну зарду рангпаридаи он буруи мехазад, ба мисли латабаста хун бар пахнои дашт дог мебандад. Гӯё ин лашкар хамеша дар рох будааст, хастагинопазир рох мепаймудааст: каломаш бар забони бод...

Шахбону: Имрӯз духтарамон ба балогат расидааст, хостгорон аз хама вилоёт омаданд.

Амир Исмоил: Онхо киёнанд?

Шахбону: Бузургони кишвар...

Амир Исмоил: Худи духтар чй мегӯяд ва интихобаш бар кист?

Шахбону: Ӯ хеч каломеро намешнидаст ва хукми дахони худро бар киблагохаш додааст.

Амир Исмоил: Бисёр хуб...Мо хушбахтии фарзанди хешро мехохем. Ӯро назди мани фиристед.

Шахбону баромада меравад ва баъди чанд лахза духтараш ворини хучраи падараш мешавад.

Амир Исмоил: Фарзандон ченаки замонанд. Мо дар нумӯи онхо гузашти умри хешро мебинем...Бинишин (*чое дар*

паҳлӯяш нишон медиҳад). Солҳо тез мегузаранд. Дирӯз ту кӯдак будӣ, худойро шукр, чӣ тавр ба камол расидай, мо бехабар мондаем. Вақте модарат қазияро барои ман гуфт, хеле мабҳут шудам. (**Духтар аз хиҷолат сар поин меоварад**)

Бузургтарин сарвате, ки инсон онро бо меҳнати хеш ба даст меоварад ва ҳеҷ гоҳ коста намешавад ва ҳамеша меафзояд ва боз некномию ҷовидонагӣ ба ҳамроҳ дорад, дониш аст. Мобақӣ ҳама чирки даст аст, бебақост ва аз роҳҳои номатлуб андӯхта мешавад ва зудояндаи осоиш, мояи ғафлат аст. Ман гумон мекунам, фарзанди мо мефаҳмад ки ғарази мо чист? (*Духтар бо аломати ризо сар хам мекунад*)

Фарзанди мо дар зиндагии хеш эҳтиёҷманд нахоҳад шуд, ба ҷуз ташкили як оилаи саодатманд. Ин чиз ба худи ту вобаста аст. Ҳеҷ чиз дар дунё ба осоишу оромиши оилавӣ баробар нест. Биҳишту дузахи инсон маҳз аз оила манша мегирад. Ман умедворам, фарзанди мо тибқи гузаштагони худ амал мекунанд ва фарзандони оқилу доно, далеру паҳлавон, хубу зеборо тарбият менамояд... Агар ту худ чизи дигаре мехоҳӣ, бифармо, мо хилофи раъйи ту амал нахоҳем кард.

Духтар: Ман ҳеҷ гоҳ аз ёд набурдаам, ки кистам ва дар ин зиндагии чандрӯза масъулиятам чист. Бинобарин ҳар ҳукмеро аз ҷониби падари бузургворам барои худ саодат мешуморам, зеро медонам, ки волидон ҳамеша толиби хушбахтии фарзандони хешанд.

Амир Исмоил:Пас ман мехоҳам, фарзанди мо ба Имом Ҳофизаддин писари Хоҷа Юнуси Бухорой, ки ҷавони донишманду шуҷоъ аст, ризоят диҳад. Уро дидай?.

Духтар: Не. Шунидаам...

Амир Исмоил: Пас модаратро бигӯй назди ман ояд.

Духтар таъзимкунон баромада меравад. Чанде нагузашта Шаҳбону меояд.

Амир Исмоил: Ба Хоҷа Юнуси Бухорой бифаҳмон, ки хостгор бифиристад...

Шаҳбону: Охир, ӯ як толибилм аст! Ин чӣ тур мешавад?

Амир Исмоил: Мо хушбахтии фарзанди худро мехоҳем, на сарватманд шудани ӯро. Ӯ молики бузургтарин сарват аст, ки ҳеҷ дорое онро надорад ва ба он муҳтоҷ аст. Тоҷи ифтихори инсон хирад аст, на моли дунё! Ҳама чиз тороҷ

мешавад, ба бод меравад, магар гавҳари доной.

Бод шўълаҳои оташи гулханро ба рақс меоварад. Лашкари анбўҳи амир Исмоил аз хилоли ин шўълаҳои рақсанда мегузарад. Ва бод ҷамчамаҳои сари инсонро чун чўбкадуҳои хушк дар дили дашт ба ҳар сў меғелонад. Ва нигоҳи сўзандае аз қаъри гулхан ба амир Исмоил менигарад...

Ва марде зинда ба зинда дар танури оташ фурў меравад.

Ва аъзои бадани мардеро қисм-қисм ба танўраи оташ фурў мерезанд.

Ва бод бўйи сўхтаи устухонҳои Муқаннаъу Муқаффаъро ба машомаш мерасонад.

Ва танўраи нуре ба сўйи осмон меравад ва дили даштро дар зулмати шаб рўшан месозад.

"Оре, бузургмардони хиради ин сарзамини паҳновар роҳро барои ҳамеша бар мо рўшан гардондаанд!"...

Ва аз дуриҳои дур, аз қаъри зулмат, аз дили осмон, аз интиҳои беинтиҳо бод каломи рўшангар меоварад: "Муқаннаъ...Муқаффаъ...Мансур"..."

Ва озарахш медурахшад...

Ва раъд меғуррад...

Ва саворе бар аспи сафед мегузарад...

Ва шере андаруни қафас меғуррад...

Ва тифле ўро ором мекунад...

Ва саре аз маснаде меафтад...

Ва шафақи осмон хунолуд аст..

Ва дарёи хун мавҷ мезанад...

Амир Исмоил аз бари синфхонаи писараш Аҳмад мегузарад. Садои дашном додани муаллимро мешунавад ва назди дар таваққуф мекунад. Аз дарун садои муаллим ба гўшаш мерасад:

-Худованд ту ва он касеро, ки ту фарзандаш ҳастӣ, гиромиву хуш надорад!

Амир Исмоил вориди синфхона мешавад.

-Эй устод, оё гумон мебарӣ мо гунаҳкор ҳастем, ки ба мо носазо мегўйиву фаҳш медиҳӣ? Оё метавонӣ моро аз дашном муоф бидорӣ?

Устод сахт ҳаросид, забонаш лол монд ва амир Исмоил ба надимаш фармуд.

-Ба устод инъом диҳед, ҷомаву салла пӯшонед.

Ва аз синфхона бадар меравад.

Ва чоки гиребони субҳ медарад.

Ва амир Исмоил лабханд мезанад...

Ва бод лабханди ӯро ба садо дароварда бар дили дашт мутанағим месозад.

-Кафорати фарзандон бар гардани падарон аст.

Дар миёни лашкар ғалоғула ба по мехезад.

Оташи гулхан кайҳо хомӯш шудааст. ва амир Исмоил тамоми шаб бедор буд.

Амир Исмоил:Бифаҳмед, чӣ маҳал аст.

Ба чодари хеш медарояд ва баъди лаҳзае офтоба дар даст берун меояд. Дар ҳамин вақт Ҳамӯя меояд.

Ҳамӯя: Амирам Танкиш бо хатун ва чанд нафари дигар фирор кардаанд.

Амир Исмоил: Онҳо дар ин саҳро наметавонанд ба ҷое бирасанд. Ишонро таъқиб кунед ва постбононро ҷазо диҳед. Мурдаву зиндаи онҳоро пайдо кунед.

Амир Исмоил паси чодар мегузарад, Ҳамӯя аз паси фармоиш меравад. Уфуқ ба ранги зард рух менамояд. Ва чанд даста аз саворон ба сароғи хони қарлуқҳо мебароянд. Ғубори роҳ ба осмон мепечад...

Чанд нафар ғозӣ Танкишро ба завҷаву ёронаш пештози аспҳо мебаранд. Ба онҳо тозиёна мезананд ва ишон аз бими зери суми аспҳо намондан медаванд. Хаста, ташна, арақшор аз бими ҷон медаванд.

Сарбозе (*бо овози баланд*): Дигар то ба Самарқанд ҳамчунон хоҳед давид!

Сарбози П: Маълум аст, ки ҳеҷ гоҳ пиёда роҳ нарафтаанд. Бубин, ҳатто дуруст давидан наметавонанд.

Сарбози Ш: Хонумро рӯйи даст мебурданд.

Ва аспашро пеш давонда хонумро аз замин бардошта бар асп мешинонад ва паси гаевае мебарад. Ва сарбози аввал аз пасаш садо медиҳад.

-Зино макун!

Ва аз паси гарава овоз меояд: Ӯ кофар аст!

Сарбозон баланд-баланд механданд ва ҳамчунон асиронро пешо-пеши аспҳои хеш медавонанд.

Сарбози зинокорро аз қатор берун мекашанд ва дар ба-

робари ҳамагон сар мезананд.

Амир Исмоил: Бо ҳар худкомае ҳамчунин рафтор хоҳад шуд!

Ва хони карлукро дар баробари дигар асирон тозиёна мезананд... Ва амир Исмоил дар чашмони хаставу варамидаву нопайдои Танкиш менигарад. Ӯ тоби нигоҳу зарбати тозиёнаро наёварда ба дард нолиш мекунад, ба мисли гурги гуруснаву сармозада зӯза мекашад.

Амир Исмоил: Нофармонӣ чунин подош дорад!

Ва ёронашро сар мезананд. Ва хотунро ба ғозие зиштқарехаву ғулосо ҳадия мекунанд.

Амир Исмоил: Ҳадиси набавист, ки мефармояд: "Ҳар кас бо ситамгаре ҳамроҳӣ кунад ва бидонад, ки ӯ ситамгар аст, мусалмон нест". Агар мо ҳукми адлро ичро накунем, зулм афзоиш ёбад. Дар имон нерумандтарини шумо касест, ки бар хашму нафси хеш чира шавад... Бинобарин ҳар орзӯе сазовори дувист чӯб аст! Ғазовоту ҷиҳоди мо Ислоҳ аст. Мо бояд ислоҳ кунем. Ислом Ислоҳ аст...яъне ислоҳи зиндагии худу ҷомеаи худ ва кишвару дунё!!! Агар то ба имрӯз касе ин маъниро нафаҳмидааст, ба ӯ бифаҳмонед.

Амир Исмоил: Роҳи бозгашт ба манзил тӯлонист. Замон дер мегузарад.Муштоқи мардуми Бухоро шудаам.

Симо-ал-Кабир: Ин аз ишқи шумост ба ишон...

Амир Исмоил:Баъди бозгашт, кӯй ба кӯй, шаҳр ба шаҳр, деҳ ба деҳ хоҳам гашт.

Симо-ал-Кабир: Мардум ҳама ҷо аз шумо бо ишқ пазирой мекунанд. Ҳатто дар Тироз ин тамоюли мардум эҳсос мешуд. Зеро мардум аз адолат пуштибонӣ мекунад.

Амир Исмоил: (*андешамандона*) Адолат бояд пояи ахлоқӣ дошта бошад...ахлоқ бошад... дар акси ҳол ҷабр асту ҷафо... Тибқи шоҳони қадим бояд амал кард...

Симо-ал-Кабир: Чӣ тавр?

Амир Исмоил: Ба доди ҳар касе аз афроди кишвар бояд расид, новобаста аз он ки ӯ дорост ё нодор...

Чун Бедун Бухорхудот бимурд, аз вай як писари ширхора монд, номаш Туғшода. То ба балоғат расидани ӯ модараш Хутак подшоҳӣ мекард ва одил буду сохиброй. Одати ӯ чунон буд, ки ҳар рӯз аз дари Ҳисори Бухоро берун меомад.

Зане дар либоси шоҳона нишаста бар аспи зину лаҷомаш заррин аз Дарвозаи Алаффурӯшон берун омада бар тахти мурассаъ менишаст. Дар наздаш ғуломону хоҷасараён, яъне хассиён ва хоҷагон соф мекашанд. Дусад ҷавонони деҳқонзода бар камарҳои заррин шамшер ҳамоил карда дар хизмат истодаанд...

...Ва вай қоида ниҳода буд бар аҳли Бухоро, ки ҳар рӯз аз деҳқонон ва шоҳзодагон дувист барно ба хидмати ӯ меомаданд. Ва чун Хотун берун меомад, ҳама бар вай таъзим мекарданд ва ба ду саф меистоданд. Ва Хотун дар кори кишвар расидагӣ мекард ва амру наҳйи медод ва онро, ки хостӣ, хилъат медод ва онро ки хостӣ уқубат мефармуд. Ҳамчунон аз бомдод то чоштгоҳ менишаст ва ба ҳисор бармегашт ва хонҳо берун мефиристод ва ҳамаи ҳашамро таъом медод.

Ва чун бегоҳ мешуд ҳамчунон берун меомад, бар тахт менишаст ва аз деҳқонону мулукзодагон ба ду саф пеши ӯ ба хидмат меистоданд, то фурӯ рафтани офтоб. Онгоҳ аз тахт бархоста, бар асп нишаста, бар Кох бармегашт. Ва он бузургзодагон ба рустоҳои хеш бозмегаштанд ва рӯзи дигар қавми дигар бар ҳамин сифат хизмат мекард, то ки боз навбат ба ӯ расад. Соле ҳар қавмеро чаҳор бор навбат мерасид. Бад-ин минвол ин Хотун понздаҳ сол мулк дошт.

Ин ҳамон Кох аст, ки Хотун бо фарзандонаш дар он менишастанд. Ҳазор сол аст, ки вайрон мешаваду обод...

Мардуми деҳи Варахша аз омадани амир Исмоил огоҳ шуда, ҳама ба майдони кох мерезанд.

Амир Исмоил: Ман бист ҳазор дирам ва чӯб медиҳам, шумо ин кохро масҷиди ҷомеъ созед.

Марде мӯйсафед аз миёни мардум пеш баромада ба амир Исмоил таъзим карда мегӯяд.

Марди пир: Умри шоҳам поянда бод, масҷиди ҷомеъ дар деҳи мо рост набошад ва раво набошад.

Амир Исмоил: Чаро?

Марди пир: Ҷамоати деҳи мо кам аст ва сониян, ин кохи подшоҳони қадим аст.

Аҳмад бинни Муҳаммади Лайс: Ман дар мусалмон будани ишон шак мекунам.

Амир Исмоил: Баръакс, аз нахостанашон хушам меояд. Оиҳо мефахманд, ки чизи ободро вайрон кардан хуб нест. Ин маънии онро дорад, ки агар масҷиди ҷомеъ мехоҳед,

бино кунед, обод кунед...(*ба мардум*) Имрӯз ман ба назди шумо омадаам, то ба додатон бирасам. Оё аз омилони мо ва маллокони деҳ бар шумо зулм расидааст.

Марди пир: Умри шоҳам поянда бод, аз ҳеҷ чонзоде бар мо зулм намерасад. Мо ба худ таъмин ҳастем ва боз моли лояхтоҷи хешро ба фурӯш мебарорем.

Амир Исмоил: Ин зиёъот ва ғаллазорони ободон ҳама моли шумост?

Марди пир: Умри шоҳам поянда бод. Ин зиёъот ва ғалазорҳо аз қадим моли шоҳон буд.

Аҳмад бинни Муҳаммади Лайс: Ин мулк ҳанӯз дар дасти охирин бухорхудост Абӯисҳоқ Иброҳим бинни Холид бинни Буниёт аст.

Амир Исмоил: Ӯ дар ин кох зиндагӣ мекунад?

Аҳмад бинни Муҳаммади Лайс: Ӯ ба тобистон ин ҷой ва дигар вақт дар Бухорост.

Ясорӣ: Ё амир, ин зиёъ бад- ин некӯй, бо чандин ғалла ба Абӯисҳоқ аз кӣ мондааст?

Амир Исмоил:Ин зиёъ мулки ишон нест, мулки подшоҳӣ аст.

Аҳмад бинни Муҳаммади Лайс: Мулк аз они ишон аст, аммо ба сабаи раддати падари ишон халифа аз дасташон берун кардааст ва мулкро байтулмол гардонида ва боз бар сабили иҷрат ва ҷомагӣ ба ишон дода.

Ясорӣ:Вай ба амирам хидмати босазо намекунад ва чунон медонад, ки ин зиёъ мулки ӯст.

Абуисҳоқ Иброҳим меояд. Аз асп пиёда мешавад ва ба амир Исмоил таъзим мекунад.

Абӯисҳоқ Иброҳим: Хуш омаданд, амирам, нури дида тоҷи сар, ба саройи хеш фуруд омадаанд.

Амир Исмоил:Ё Або Исҳоқ, туро ҳар сол аз ин зиёъ чӣ қадар ғалла ба ҳосил ояд?

Абӯисҳоқ Иброҳим: Давлати шоҳам дароз бод, аз баъди ранҷи бисёр ва такаллуф соле бист ҳазор дирҳам ба ҳосил ояд.

Амир Исмоил: Мо ин мавзеъро ба соҳибшуртаи худ Аҳмад бинни Муҳаммади Лайс медиҳем. Онро бигир. Ба Абулҳасани Ориз бигӯй, то ҳар сол бист ҳазор дирам ба Абӯисҳоқ Иброҳим диҳад. Ё Абуисҳоқ, ту розӣ ҳастӣ? (*Абуисҳоқ Иброҳим хомӯшона ба аломати ризо таъзим менамояд*) Дигар дар Бухоро доимӣ хоҳӣ монд?

Ясорӣ:Або Исҳок дар деҳҳои Сафана ва Сиюнач низ мулкҳо дорад.

Амир Исмоил: Он зиёъот мулки меросии ӯшон аст ва ҳеҷ кас ҳаққи тасарруфи онро надорад!

Абӯисҳоқ Иброҳим ба амир Исмоил ва аҳли рикобаш қаноатмандона таъзим мекунад ва ишонро то беруни деҳаки Варахша гусел менамояд. Дубора ба Кох бармегардад. Ҳанӯз мардуми деҳ пароканда нашудаанд ва байни ҳамдигар вазъи рӯҳдодаро ташрех мекунанд. Абӯисҳоқ ҷавонеро бо ишорати даст ба наздаш фаро мехонад.

Абӯисҳоқ: Фардо, дер накарда, аз субҳ молу коли кохро ба Сафана интиқол диҳед, то омадани соҳибони нави кох бояд холӣ шавад. Ман ба Бухоро меравам ва баъди ду-се рӯз бармегардам.

Ҷавон: Хоҷа худашон танҳо меоянд ва ё бо аҳли хонаводаашон?

Абӯисҳоқ: Чаро мепурсӣ? Ба ту чӣ марбут аст!?

Ҷавон:Фақат донистан хостам, то тибқи он тайёрӣ бинам...

Абӯисҳоқ: Ба ғуломон супориш бидеҳ, ки кушки деҳи Сиюнҷро низ барои пазириши меҳмонон омода созанд.

Ҷавон: Ба чашм, хоҷа...

Абӯисҳоқ бар асп менишинад, ҷавон ӯро кӯмак мекунад. Баъди рафтани хоҷа ҷавон чанд ғуломро аз миёни мардум фаро хонда, супоришҳо медиҳад. Онҳо ба ҳар тараф пароканда мешаванд.

Амир Исмоил даруни кохи хеш бо Муҳаммад бинни Нӯҳ танҳо сӯҳбат доранд.

Нӯҳ:Хоразмшоҳ боз хиёнат намуд.

Амир Исмоил: Чӣ (*аз ҷояш яққа мехӯрад*) хиёнат? Равшантар ҳарф бизан!

Нӯҳ:Муҳаммад биннни Амри Хоразмӣ кишварро ба амири саффорӣ таслим менамояд.

Амир Исмоил: Яъне? Чӣ тавр?!

Нӯҳ: Рофеъ бинни Ҳарсама баъди шикаст хурданаш аз Амри Лайс ва хиёнати сипоҳсолораш Мансур бинни Мухлис ва куштани Алӣ бинни Лайс ва аз тарафи ғуломонаш ғорат шудан ба Хоразм мегурезад. Муҳаммади Хоразмшоҳ ӯро дастгир ва қатл месозад ва сари буридааширо якҷоя бо Хоразм ба Амри Лайси Саффорӣ тақдим мена-

мояд. Хоразм дигар дар итоати мо нест.

Амир Исмоил: Хоразмшоҳ шитоб кардааст. Ӯ гумон бурдааст, ки баъди раъфи Рофеъ Саффориён ҷойгузини Тоҳириён шудаанд. Шакке нест, ки худи Амри Лайс низ чунин мепиндорад. Пеш аз он, ки Хоразмшоҳ бо сипоҳи саффорӣ ба Хоразм баргардад, бешак чунин хам хоҳад шуд, мо бояд икдоме кунем. Нагузорем ҷанг ба ин тараф кашонида шавад. Ҳарчӣ зуддтар мо бояд омили худро ба Хоразм бифиристем.

Симо-ал-Кабир: Амирам, ин эъломи ҷанг бо Саффориёнро хоҳад дошт.

Амир Исмоил: Саффориён дар шарқи олами ислом дигар муддаие надоранд. Ин омил барои чунин гумон бурдан ҳақ медиҳад. Имрӯз Ироқу Хуросон амалан ба тоати Саффориён даромадааст. Барои дастёбӣ ба тамоми шаркии халофат фақат мо халал мерасонем. Яъне истиқлолияти мо дар хатар аст. Устод, дигар ҷанг оғоз шудааст, ҳоҷат ба эъломи он нест!

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Амири Саффорӣ сарҳанҳояш-Алӣ бинни Ҳусайнро бо лашкараш ба Гургон ва Муҳаммад бинни Шаҳфурро ба Марв фиристодааст. Онҳо бо лашкари худ дар ин манотиқ мустақар шудаанд.

Амир Исмоил: Арақ бинни Мансур ҳамчун омили мо ҳарчӣ зудтар бояд ба сӯи Хоразм ҳаракат кунад. Қуввахои сарҳадӣ бояд бедиранг пурзӯр гардонида шаванд.

Муҳаммад бинни Нӯҳ: Амри Лайс ҳанӯз чунин ниятеро иброз нанамудааст. Устод дуруст мегӯянд, шояд чунин шитобзадагӣ...

Амир Исмоил: Вазири бариди мо чиҳо мегӯянд?! Амри Лайс аз бародари хеш Яъқуби Лайс ҳеҷ мондани надорад. Ӯ бо роҳи бародари худ меравад. Магар маълум нест!?! Яъқуб бар ҳама халофат ҳоким буд, вале қонеъ нашуд! Аз Амр чӣ мехоҳед?! Илочи вокеа пеш аз вуқӯъ.

НИШОПУР

Амри Лайси Саффорӣ бо як чашми баста, бо точи заррин ва либоси мӯҳташами шоҳона бар тахти мурассаъ нишастааст. Аз ду тарафи тахт дар пойгоҳ бузургони дарбор, уламо ва вузаро, сипаҳсолорону сарҳангҳо аз ҷумлаи Муҳаммад бинни Шоҳпур, Муҳаммад бинни Амр бинни

Лайс, Билол бинни Азҳар, Тоҳир ва Яъқуби Лайс (фарзандони Муҳаммади Лайс), Муҳаммад бинниҲамдон бинни Абдулоҳ-амири Зобулистон, Муҳаммад бинни Бишр, Алӣ бинни Шарвин, писарони Алӣ бинни Лайс-Лайс ва Муаддал саф кашидаанд.

Ҳочиб (*вориди боргоҳ шуда*): Хоразмшоҳ Муҳаммад бинни Амр ба пойбусии амири Хуросону Ирок, Зобулу Кобул ва Систон омадааст.

Хоразмшоҳ вориди боргоҳ мешавад. Бузургон ба ӯ таъзим мекунанд. Амри Лайс аз тахт поин омада, чанд қадам ба истиқболаш меравад. Хоразмшоҳ ҳаячонзада ба сӯйи амир Амр мешитобад ва ба зону меафтад, вале амири сафорӣ ӯро аз хоки узлат мебардорад ва ба оғӯш мекашад, баъд даст зери кашаш бурда, ӯро то ба назди тахт ҳамроҳӣ менамояд ва ӯро бар курсӣ нишастан таклиф менамояд.

Сарҳанги Хоразмшоҳ ба табақе пӯшида бо матои сурх вориди боргоҳ мешавад ва аз миёни саф гузашта онро пеши пои Амри Лайс мегузорад. Аз паси ӯ бузургони хоразмӣ бо тӯҳфаҳо, ки хироҷи Хоразм бошад, ворид мешаванд. Амри Лайс ба Хоразмшоҳ менигарад. Хоразмшоҳ аз ҷой хеста ба Амри Лайс таъзим мекунад. Амри Лайс рӯпушро аз болои табақи мисин мегирад ва бо танаффур рӯяшро аз сари буридаи Рофеъ бинни Ҳарсама мегардонад. Сари бузурге бо риши дароз ва чашмони боз ба Амри Лайс менигарад. Амри Лайс бо нафрати зиёд сарро аз ришаш бардошта ба ҳозирини маҷлис нишон медиҳад.

Амри Лайс: Дигар фитнаи Хуросон бетан аст.

Ва сарро ба дур мепартояд. Сари бетани Рофеъ то ба назди пои Билоли Азҳар меғелад. Азҳар ба ҳарос худро қафо мекашад.

Амри Лайс: Азҳари Хар аз сари бетане метарсад?!

Азҳар (***Сарро ба нуги пояш дуртар гелонда***): Он чунон зишт аст, ки зиндааш шоҳи ҷаҳон Яъқубро ба ваҳшат оварда буд. Ӯ бо он бузургию далерӣ чунин зиштиро таҳаммул карда натавонисту вайро аз наздаш биронд, мо кистем? (*Ҳамагон механданд*)

Муҳаммад Васиф:

Умри ӯ назди ту омад, ки ту чун Нӯҳ бизӣ.

Дар окори тани ӯ, сари ӯ боби таом.

Амри Лайс:Рафтори дӯсти мо Хоразмшоҳ Муҳаммад

бинни Амр боиси ситоиш ва пайравист. Барои Хоразмшох ва Муҳаммад Васиф хилъат биёваред!

Ҳочиби дарбор хилъати шоҳона меорад. Амри Лайс онҳоро якояк ба Хоразмшоҳ ва Муҳаммад Васиф мепӯшонад ва дар фарҷоми ин маросим ишон ду раъкат намози шукрона ба ҷо меоваранд.

Амир Лайс: Сомониён, ки аз қадим муддаии саёдат бар Хоразмшоҳонанд, ин иқдом бар мо гарон хоҳад омад. Хости худованд чунин будааст, ки байни мо шикофе эҷод шавад.

Билол: Барои он, ки шикоф амиқтар нашавад, амирам сӯйи ишон, яъне умарои сомонӣ расулон бифиристанд ва итоати ишонро талаб намоянд.

Амри Лайс: Ин ройи хуб аст ва тибқи он амал хоҳем намуд. Бо сари Рофеъро ба Бағдод фиристодан, қатъитар тақозои маншури Варозрудро бояд кард. Ҳанӯз ки туҳафи мо ба Бағдод нарасидааст, сари Рофеъро низ бифиристед.

Дар қасри шоҳ базми бошукӯҳе барпо мегардад. Раққосон бо сари Рофеъ бинни Ҳарсама бозӣ мекунанд ва дар фарҷоми ҳар рақсе онро назди пои Амри Лайс мепартоянд...

БАҒДОД

Корвони Амри Лайс Саффорӣ бо ҳадоёи ҳангуфт аз дарвозаи шарқии Бағдод вориди шаҳр мегардад. Аҳли шаҳр ба тамошои он мебароянд.

Саду панҷоҳ аспи зарринлагому хуросонӣ пешопеш, сад шутури маҳории хуросонӣ бо ҷамозаҳои бисёр ва буте заррин дар шакли зане чаҳордаст бо ду ҳамоили нуқраии мурассаъ ба ҷавоҳири сурху сафед бар он овехта ва аз ду тарафи он бутоне кӯчактар, яъне ба андозаи табии як инсон нишонда бар ҷамозаҳо, ҳайрати аҳли шаҳрро ангехта буд. Сарбозҳо мардумро, ки ба сӯйи бутҳо ҳамла меоваранд, пас мегардонанд ва сари роҳи ҳамлаҳои нав ба нави онҳоро мебастанд. Мардум аз ҳайрату шаафи шодӣ осмони шаҳрро ба сар бардошта буданд.

Халифаи Бағдод Мӯътазид биллоҳ аз садои валвалаи шаҳр ба ташвиш уфтода, ба пешайвони қаср мебарояд. Корвони амири Хуросон вориди қаср мешавад. Бутҳои бо зеварҳои қиматбаҳо ороста, аз шуои офтоби нимарӯз ме-

сечанд ва чашмони амиралмуъмининро мебаранд. Халифа ҳайрати худро боз дошта натавониста фарёд мезанад:

-Ин чӣ муъҷиза аст?Ман хоб мебинам ё дар бедорист?

Убайдуллоҳ-вазири халифа ҳарф мезанад, вале чизе ба гӯши халифа намедарояд. Ӯ шитобзада бо пероҳани шоҳии сафед ва сари урён ва пойҳои бекафш ба сӯйи мучассамаи Шиво аз зинаҳо поин медавад. Ҳайкалҳоро ламс мекунад ва беихтиёрона, ба мисли ҳазён, бо худ ҳарф мезанад:

-Ман чунин мӯъҷизаеро нашунидаву ҳатто дар хобнадида будам... Мӯъҷизи Фиръавн чунин зебо набуд...

Ва дубора ба пешайвон мебарояд.

Мӯътазид: Ин мӯъҷизаи кист?

Убайдуллоҳ: Амри Лайси Саффорӣ!

Мӯътазид дар фикр фурӯ меравад ва баъди максе ба вазираш Убайдуллоҳ мефармояд:

-Ин бутонро дар маърази тамошо бигзоред, то мардум аз дидани ин мӯъҷизаҳо бебаҳра намонанд.

Убайдуллоҳ бинни Сулаймон номаи Амри Лайсро кушода мехонад. Халифа то дергоҳ дар наззораи ҳайкали Шиво хира мемонад. Банохост табъаш хира мешавад.

Мӯътазид: Саломи дӯст бе тамаъ нест. Ӯ чӣ менависад.

Убайдуллоҳ: Ӯ менависад, ки Рофеъ бинни Ҳарсама дар Хуросон ба ҳазимат рафта, ба Хоразм фирор кардааст. Ва ин ҳадоё ба ҳамин муносибат аст.

Мӯътазид: Ӯ чӣ мехоҳад?

Убайдуллоҳ: Он чӣ Тоҳир бинни Абдуллоҳро буд, яъне қаламрави шарқии халофатро.

Мӯътазид: Ин бад-он маъност, ки тамаъ бар мулки Мовароуннаҳр дорад?

Убайдуллоҳ: Ҳамчунин аст.

Мӯътазид (***Ба хашм меояд***):Ин саффориҳо чӣ сон беҳаё ҳастанд! Хости Яъқубро иҷобат кардем. Амр низ бо тариқи бародар меравад. Ин валиневматиро мо дар ҳаққи ӯ карда наметавонем. Мовароуннаҳр мулки Сомониён аст ва мо онро ба номи амир Исмоил бинни Аҳмад танфиз кардаем. Бахшишҳои мо дар ҳаққи Амр бисёр аст. Ҳукуматҳои вилояти Форсу Кирмон, Систону Зобулистон, Кобулистон ва ниҳоят Хуросонро ба ҳукмаш гардонем. Дар хутбаҳои намози одинаи Ҳарамайн номаш хонда мешавад. Соҳиби шуртаи Бағдод низ ҳаст. Магар ин кам аст, ки боз тамаъ бар мулки Мовароуннаҳр мекунад?! Бигзор

ин хаёли хомро аз сар бадар кунад. Ӯ бо ин ҳадоёяш раъйи моро харидан мехоҳад. Дар ивази ҳадоёяш алами мо ва ҳадоё бо маншури Хуросонро барояш бифиристед! Вассалом.

Бо хашм пешайвонро тарк мекунад. Убайдуллоҳ дар пешайвон танҳо мемонад ва номаи амири саффориро морак карда ба қабати миёнбанди мурассаъаш мехалонад.

Сарбозони саффорӣ таҳти фармондиҳии Хоразмшоҳ Муҳаммад бинни Амр дар соҳили дарёи Ҷайҳун фуруд меоянд. Ҳаво сахт гарм аст.

Хоразмшоҳ: То мусоид шудани ҳаво ин ҷо мемонем. Саҳрои Хоразм ба мисли дӯзах тасфон аст.

Дар он тарафи соҳил сарбозони амир Исмоил намудор мешаванд, ба мисли сароб ва боз нопадид мегарданд.

Шарвин: Мо ин ҷо дер мондан наметавонем. Ҳарчӣ зудтар бояд ба Хоразм расем.

Хоразмшоҳ: Ба ҳаракати мо сипоҳи амири Исмоил монӗъ мешавад.

Шарвин: Шаб рӯдро убур мекунем, агар бо лашкари амир Исмоил рӯ ба рӯ оем, ҳарб мекунем. Дигар ҷои ақиб гаштан нест. Сарҳадбонон моро мушоҳида намуданд.

Шаб лашкари Хоразмшоҳ аз рӯди Ҷайҳун мегузарад, бе монеа. Онҳо беист ба роҳи биёбон мераванд. Ва баноҳост дар дили дашт лашкари амир Исмоил аз баробари ишон мебарояд. Лашкарҳо дар муқобили ҳамдигар қарор мегиранд.

Амир Исмоил: (*Ба сарҳанг Ҳамӯя*) Биравед, аз қазия огоҳ шавед. Агар Хоразмшоҳ аст, ӯро ба урдугоҳ биёваред. Агар эътирозе ба амал ояд, ба ишон бифаҳмонед, ки мо толиби ҷанг нестем, фақат бо Хоразмшоҳ кор дорем.

Ҳамӯя бо чанд сарбоз урудгоҳро ба қасди овардани Хоразмшоҳ тарк мекунанд. Алӣ бинни Шарвин аз пеши ишон мебарояд. Хоразмшоҳ бимнок аст. Лашкариёни саффорӣ ба ҷунбиш медароянд.

Ҳамӯя: Ман аз ҷониби амири Варазруд паём меоварам. Амири мо мефармояд: Мо бо лашкари саффорӣ толиби ҷанг нестем, фақат Хоразмшоҳро мехоҳем.

Шарвин: Хоразмшоҳ дар паноҳи амири Хуросон аст. Ва мо қасди Хоразм дорем, то онро ба номи Амри Лайси Саффорӣ фатҳ намоем.

Ҳамӯя: Хоразм ҳамеша дар ҳукми умарои Варазруд буд ва он аз тарафи омили Амир Исмоил Арок бинни Мансур фатҳ шудааст. Беҳтар он аст, ки ин гуфтушунид бо худи амир Исмоил бинни Аҳмад сурат бигирад.

Хоразмшоҳ: Дар ин маврид Хоразмшоҳ масъулияти чунин расолатро надорад. Алӣ бинни Шарвин намояндагии амири Хуросонро бар ӯҳда дорад.

Алӣ бинни Шарвин ба Хоразмшоҳ ба итоб менигарад.

Шарвин: Ман бо амир Исмоил бинни Аҳмад гуфтушунид мекунам.

Ҳамӯя бо Алӣ бинни Шарвин ва чанд нафар сипоҳӣ бар аспҳо нишаста, сӯйи лашкаргоҳи амир Исмоил мераванд. Дар лашкаргоҳ аз Алӣ бинни Шарвин хуш пазирой мешавад.

Амир Исмоил: Ман Хоразмшоҳро интизор будам, ки бубинам, вале чӣ фарқ мекунад?!

Шарвин: Ӯ масъулияти гуфтушунидро бар дӯши ман, ки аз амири Хуросон намояндагӣ мекунам, вогузошт.

Амир Исмоил: Ба амир Амри Лайси Саффорӣ ва Хоразмшоҳ Муҳаммад бинни Амр бирасонед, ки мо толиби ҷанг нестем, вале агар зарур шавад, қудрати онро дорем, ки аз сарҳадоти худ ҳимоят ба амал оварем ва якпорчагии мамлакати хешро ҳифз намоем... Вале нигарон аз онем, ки байни мо шикофе ба вуҷуд ояд ва ин ба нафъи ҳеҷ тараф нест, зеро мо аз ду тараф дар маърази ҳамалоти душманони кишвари хеш қарор гирифтаем. Мо аз шимол ва амир Амри Лайси Саффорӣ аз ҷануб. Бинобарин хуб нест, ки байни мо низоъ сар занад. Баргардед ва ба Амри Лайси Саффорӣ бирасонед, ки ӯро кишварҳои Ироқайну Хуросон ва Забулистону Кобулистон кифоят мекунад. Бар мо Варорудро вогузорад ва аз ҷониби шимолии сарҳадот эмин бошад. Бар мост, ки кишвари Варазруд ва Хуросонро аз таҳоҷуми қавмҳои ваҳшии шимол ҳимоя намоем. Ба ин хотир низоъ байни мо бемаънист. Ман пешниҳод мекунам: ҳанӯз, ки байни мо халое ба вуҷуд наёмадааст, ба назди Амри Лайси Саффорӣ баргардед. Хоразм наметавонад боиси низои мо бишавад, зеро он ҳамеша як ҷузве аз кишвари Варазруд будааст ва хоҳад буд. Мо бо ҳеҷ як аз кишварҳои исломӣ сари душманӣ надорем.

Шарвин: Ман ин паёми амири Варазрудро ба амири Хуросон Амри Лайси Саффорӣ хоҳам расонд.

Алӣ бинни Шарвин аз ҷойи хеш хеста ба амир Исмоил таъзим намуда, аз чодар бадар меравад. Амир Исмоил ӯро то истабли аспон гусел мекунад.

Фиристодаи Амри Лайси Саффорӣ сари бетани Рофеъ бинни Ҳарсамаро назди пои амиралмуъминин Мӯътазид биллоҳ мегузорад.

Расул: Фитнаи Хуросон фурӯ нишаст.

Ва туммори куброро аз ҷайб бароварда бо ду дасти адаб ба халифа дароз мекунад. Халифа тумморро ба вазири худ Убайдуллоҳ месупорад.

Мӯътазид: Оли Саффор назди халофат хизматҳои арзандае кардаанд, ки мо онро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳем кард! ва он қадронӣ ҳам шудааст. Имрӯз саффориён дар қаламрави шарқии халофат дигар барои худ ва халофати ислом муддаие боқӣ нагузоштаанд. Хушнудии мо ҳадде надорад, дигар умедворем Амри Лайси Саффорӣ мулкро дар ободиву оромӣ медорад ва онро ба нафъи муслимин идора хоҳад намуд. Ҳадоёе якҷоя бо хушнудии мо, ки сазовори чунин амир бошад ба Хуросон ирсол намоед.

Убайдуллоҳ номаро аз назар мегузаронад ва бо худ меандешад: Ин тақозо ҳеҷ зарурат надошт. Нек медонам, ки халифаро хуш намеояд. Ӯ теша бар решаи хеш мезанад...

Мӯътазид: Хуш, амири фотеҳ чӣ менависад?

Убайдуллоҳ: Агар амиралмӯъминин маншури ҳукумати Мовароуннаҳр ба номи вай фиристанд ва ризо ба казои ӯ диҳанд, бо амри худованди муттаол душманони хилофатро аз Табаристон пок хоҳад намуд. Дар акси ҳол худ иқдом хоҳад кард ва Исмоил бинни Аҳмадро аз Бухоро берун хоҳад ронд.

Амиралмӯъминин Мӯътазид сар фуруд афканд ва лаҳзае ҳамчунон бо сари афканда бимонд ва баъд сар аз гиребони андеша бароварда, андӯҳгинона, вале пур аз кина гуфт:

-Ҷавоб нависе номаи Амрро, ончунон ки хостааст! Ва чунон нек донам, ки ҳалоки ӯ дар ин бошад. Ба наздики Исмоил бинни Аҳмад бинавис ки..."Мо дасти ту кутоҳ накардем з-он амал, ки карда будем". Вассалом...

Убайдуллоҳ паи фармоиши амиралмӯъминин аз боргоҳ бадар меравад. Халифа дилтангона аз нав мехезад аз зери каши Абдуллоҳ бинни Сулаймон гирифта ба канор мера-

вад.

Мӯътазид: Ба Бухоро ба наздики Исмоил бинни Аҳмад дар сирр нома кун: “Хуруҷ кун бар Амр ва лашкари бикаш ва мулк аз дасти ӯ берун кун, ки ту ҳақтарӣ аморати Хуросон ва Ирокро, ки ин солҳо дар дасти падарони ту будааст ва ишон ба тағаллуб доранд, яке он, ки худованди хаққ туӣ, дигар он ки сиратҳои ту писандида аст ва се дигар он, ки ризои ман дар қазои туст. Бад-ин се маънӣ шак накунам, ки эзиди таолло туро бар ӯ нусрат диҳад ва бадон мангар ки туро иддат ва лашкар андак аст...”

Абдуллоҳ: Худо накунад, агар дар ин ҷанг Исмоил бинни Аҳмад шикаст хурад?

Мӯътазид: Ба нафъи мо хоҳад буд.

Абдуллоҳ: Чӣ сон? Пас ризои шумо чӣ маънӣ хоҳад дошт?

Мӯътазад: Ду ҳамватан ба ҷони ҳам хоҳанд афтод ва заиф хоҳанд шуд, дигар он ки як муддаии дигар кам мешавад.

Абдуллоҳ: Агар воқеаҳо ба сурате рух диҳанд, ки амири Сомонӣ ҳукумати Амрро бар Мовароуннаҳр ҳамчун дар замони Тоҳир бинни Абдуллоҳ қабул кунад?

Мӯътазид: Ин ба нафъи мо нест. Дар ҳар сурат, ки бошад Исмоилро бояд бар зидди Амр ангехт!

Боғҳову роғҳо ранг зард кардаанд. Боди сарди поизӣ мевазад. Осмон гирифта аст. Деҳқонону кишоварзон маҳсули зиёи хешро аз саҳроҳо ҷамъ оварда, ба деҳҳо интиқол медиҳанд. Паррандагон ба сӯйи Хуросон кӯч мебанданд. Амир Исмоил аз боздиди кишвари худ ба қасри шоҳӣ бармегардад. Дар ин сафар қуззоту дабирон ӯро ҳамроҳӣ кардаанд. Ғуломон аспҳоро ба истабл мебанданд. Амир Исмоил бо ҳамсафаронаш ба қаср ворид мешавад. Бузургони кишвар ӯро интизоранд. Хоҷаи Бузург ба пешвози амир меояд. Амир Исмоил бо имтиҳон бар вазири хеш менигарад.

Амир Исмоил: Оё ҳодисае рух додааст, ки бузургмардони давлат гирд омадаанд?

Хоҷаи Бузург: Аз ҷониби амири саффорӣ расуле омадааст.

Амир Исмоил: Чӣ мехоҳад?

Хоҷаи Бузург: Барои амирам пайғом овардааст ва исрор менамояд, ки фақат ба ҷаноби олӣ иброз медорад.

Амир Исмоил: Чӣ густохӣ! Кучост? Гӯед, биёяд.

Хочаи Бузург: Ҳамин ҷост.

Амир Исмоил бо давлатмардони кишвар саломкунон то ба тахтгоҳ мерасад ва бар тахт нишаста дигаронро таоруфи нишастан менамояд. Баъди нишастани давлатмардон Хочаи Бузург расули амир Амри Лайсро меоварад. У ду даст пеши бар амир Исмоилро таъзим мекунад ва номаро месупорад.

Расул: Амри Лайси Саффорӣ шоҳи Иронзамин Абудовуд амир Балх ва Аҳмад биннни Фареғун амири Кузкониёнро ба итоати хеш хонд ва ишон бар ин амр гардан ниҳоданд. Амир Амри Лайс бо эшон аҳдҳо некӯ кард. Амри Лайс мефармояд: "Ту бадин итоат намудан сазовортарӣ ва бузургворторӣ ва қадри подшоҳӣ ту беҳтар донӣ, ки подшохзодай".

Амир Исмоил (*Ба хашм*): Худованди ту бад-ин нодонӣ аст, ки маро бо ишон яке мекунад ва ишон маро бандаанд. Ба амират бирасон: ҷавоби ман ба шамшер турост ва миёни ману ту ҷуз ҳарб нест. Бозгард ва ӯро хабар деҳ, то асбоби ҳарб соз кунад.

Ва номаро ба назди расули Амри Лайс мепартояд ва дигар ба ӯ эътиборе намедиҳад. Расули амири Хуросон хиҷолатзада, паснокӣ, таъзимкунон аз боргоҳ бадар меравад. Амир Исмоил аз дунболаш фарёд мезанад.

-Ироқу Хуросон ҳанӯз Ирон нест! Ирон бе Варазруд ҳамеша ноқис аст!

Убайдуллоҳ: Зоирини хуросонӣ даъвати амиралмӯъмининро ичбат намуда, алъон интизори ихзори шариатпаноҳ мебошанд.

Мӯътазид ба каҳолат ва дили нохоҳам аз ҷой хеста ба қабулгоҳ меравад ва зоирони хуросонӣ ба истиқболи ӯ аз ҷой мехезанд ва ба ӯ намоз мебаранд.

Мӯътазид: Мо шуморо бад-он сабаб ба кохи хеш даъват намудем, то ки ниёти худро дар хусуси билоди ш а р қ и и хилофат ба зоирини мӯҳтарам маълум гардонем. Аз ин таърих мо фармони барканор кардани Исмоил биннни Ахмадро аз мулки Мовароуннахр ва интисоби Амри Лайси Саффориро ба куллияи билоди шарқии халофат, аз он ҷумла Мовароуннахр тасдиқ месозем.

Ва бо аҷала толорро тарк менамояд. Убайдуллоҳ бинни

Сулаймони вазир аз дунболи ӯ меравад. Зоирин аз ин рафтори амиралмӯъминин гиҷ мемонанд. Ҳочиби халифа Ҷаъфар бинни Баглогиз дар баробари ишон ҳамнгу манг мемонад.

Ҷаъфар: Зоирини мӯҳтарам маъзур доранд, умумри давлатӣ...Амиралмӯъминин аз зиёдии умумри давлатӣ натавонистанд аз ҷанобон он чунон, ки шоистаи шаъни хочагон аст, пазирой намоянд... Маъзур...

Ӯ низ аҷулан аз дунболи ишон меравад. Зоирин кохро тарк мекунанд.

Мӯътазид: Худо шоҳид, ризои ман нест!

Амиралмӯъминин тумори қуброро ба як сӯ ҳаво медиҳад. Убайдуллоҳ бинни Сулаймон оҷулона онро аз замин мебардорад. Дар ҳамин вақт Ҷаъфар ворид мешавад.

Мӯътазид: Қаллоши қалилалбако! Дузд! Рӯйгарзодаи бадасл! паст!... Ман касеро дидан намехоҳам! Дафъ шавед.

Убайдуллоҳ бинни Сулаймон ва Ҷаъфари ҳочиб аз назди амиралмӯъминин таҳқиршуда бадар мераванд ва ба дабирхонаи халофат, ки ҷои кори Убайдуллоҳ буд, ворид мешаванд. Убайдуллох аз токча чанд номаро мегирад.

Убайдуллоҳ: Ин маншури Мовароуннахр. Ин нома барои халифа Муктафӣ алӣ бинни Мӯътазид ва Абдуллоҳ бинни Сулаймон. Боқии дастурро аз Рай хохӣ гирифт. Метавонӣ ҳоли ҳозир ба роҳ барой. Худо нигаҳдор.

Убайдуллоҳ бинни Сулаймон, ки то ба ҳол ҳузури дабирашро пай набурд буд, аз диданаш шод мешавад ва ҳузури Ҷаъфари ҳочибро фаромӯш мекунад.

Убайдуллох: Лутф фармоянд, ва Ашнаси ғуломро пайдо намоянд.

Сухани вазир ғайри чашмдошти худаш тавҳиномезу нешдор садо медиҳад. Дабир озурдаҳолона "ба чашм" гӯён аз назари вазир худро нопадид месозад. Убайдуллох, ки сухани дабирашро аз ғояти пастӣ нашнида буд, ба ҳайрат ӯро бо нигоҳаш гусел мекунад ва худ ба худ меандешад: "Худованд окибаташро ба хайр гардонад!".

Амри Лайс: Мо аз амиралмӯъминин талаби ҳадоё накардаем? Корвони халифаро пас баргардонед. Тақозои мо маншури ҳукумати Мовароуннаҳр аст.

Шаҳфур: Магар ин рафтори амирамро ҳамчун иҳонат

ба шаъни амиралмӯъминин ташрех намедиханд?

Амри Лайс: Бигзор, хар туре, ки мехоханд, шарху маънидод кунанд. Ман ниёзе ба хадаоёи ӯ надорам, вале ӯ хамаро хамчун худаш харису тамаъкор ба моли дигарон мепиндорад.

Шахфур: Маншури хукумати Мовароуннахр то чӣ андоза мухим аст. Бо дарёфти ин маншур оё амири Сомонӣ мамлакатро ба фармони чаноби олӣ таслим мекунад?

Амри Лайс: Муроди мо аз маншури Мовароуннахр кӯмаки харбӣ аст. Вагарна кай будааст, ки мо аз ишон касби ичоза кунем. Ба Багдод расул бояд фиристод ва катъитар маншури хукумати Мовароуннахрро такозо намуд. Агар маншурро фавран нафиристад, он гох мо мачбур мешавем худ ба кудрати зӯр Исмоил бинни Ахмадро аз Бухоро биронем. Вале ман ин тавр сурат гирифтани ходисотро хохон нестам...Эй бани Хошим бо ту он кунам, ки Яъкуб накарда буд. Ва ё мехоҳӣ касидаи ғаррои Мамшоди Исфахониро дубора бароят бихонам, ё ба ёдат биёварам? Гӯш кун, эй бани Хошим, ман зодаи бузургон аз хонадони Чамшед ва вориси тахту точи Ачам хастам. Ман зиндакунандаи он иззатам, ки аз даст рафта ва рӯзгори кухан онро аз миён бурдааст. Ман ошкоро кинахохи онхо хастам ва толиби интикомам. Агар хар касе аз хакки онхо бигзарад, ман нахохам гузашт. Дирафши Ковиён хамрохи ман аст, ки бо он бар хамаи миллал сарварӣ дорам. Ба Бани Хошим бигӯ, пеш аз он ки пушаймон шавед, ба халъи худ икдом кунед. Зӯри найза ва шамшери охтаи мо буд, ки шуморо ба давлат расонид, падарони мо шуморо сохиби давлату салтанат карданд. Шумо поси хурмати онхоро нигох надоштед ва шукри неъмат ба чой наёвардед. Аз ин пас Хичоз-ба сарзамини аслии худ баргардед ва ба хурдани малаху сусмор ва чаронданигӯсфандхое чун худхотон бипардозед. Хамоно ман ба зудӣ, бо неруӣ тег, бар тахти подшохон хохам нишаст!...

Мачлиси Яъкубу кироати касидаи Мамшоди Исфаҳонӣ аз пеши назараш мегузарад, гӯё онро, хаводиси он рӯзгоронро, хуручи Абумуслиму Яъкубро, харбу газавоти ишонро зинда пеши назар мебинад. Ва нидое ба хасрат аз ниходаш бармеояд: "Малаххорхои бадасл! Барои зинда кардани ин иззат факат Варазруд намерасад. Он гох харобахои Тайсафун обод хоханд шуд..." Ахли дарбор ба дахон об гирифтаанд ва чун мучримон сар афкандаанд. Касе чуръ-

ати сухан кардан надорад. Амри Лайс аз ин хомӯшии дилгир дилхура мешавад ва фарёд мезанад:

-Чаро хомӯш нишастаед, аз паси чора шавед! Сусморхорро мачбур созед маншурри Варазрудро бе диранг бифристад. Ва ё хамаи шумо хайсияти як Мамшоди Исфахониро надоред... Эй дареғ, кихо дар атрофи ман гирд омадаанд!... Ку Мухаммад Васиф? Мамшоди мо шав!

Мухаммад Васиф пеш мебарояд ва шеър мехонад. Ва аз хилоли хотирахо манзарахои чангу пайкор, бахору зимистон, абру борон, ишқу марг мегузарад. Амри Лайси Саффорӣ дар ин хама манзарахо қахрамон аст. Ва корвони хадоёи амиралмуъминин пас гардонда мешавад. Ва расуле чун бод ба сӯйи Бағдод меравад. Ва Ҷаъфару расули Амр дар шахри Рай бо хам мулоқот мекунанд. Ва корвоне ба сӯйи Бағдод меравад ва дар Рай тавқиф мешавад. Ва корвоне ба сӯйи Нишобур харакат мекунанд...

Амри Лайс: Ҳарб кардан бо Исмоил бинни Ахмад ногузир аст. Бояд бичангем.

Супориши мо ба Алӣ бинни Шарвин: Сипохро ба Омул фуруд биовар ва барои гузаштан аз Ҷайхун шитоб макун, то он гох ки бифармоем.

Сипохсолор Алӣ бинни Шарвин: Ба чашм.

Амри Лайс: Киштихо созед. Ҷосусон фиристед.

Шарвин: Ба чашм.

Амри Лайс: Тадоруки сафар бинед. Худованд ёру мададгори шумо бод.

Алӣ бинни Шарвин аз мачлис берун мешавад. Ва сипохи амири Саффорӣ ба сӯйи Омул харакат мекунад.

Амир Исмоил лашкари худро ба Байканд фуруд меорад.

Амир Исмоил:Сохили рудро тахқиқ кунед. То фардо мавзеъ пурра омӯхта шавад. Ин кор бар зимаи сипохсолор Ҳамӯя бинни Алӣ гузошта шавад. Лашкар бояд истироҳат кунад. Аз сипохсолорон, сархангхо ва сарони лашкар такозо мешавад, ки асбоби осоиши сипохро фарохам созанд.

Дар яке аз кушкхои шахри Омул мачлиси базм дар авч буд. Саворе аз чониби Ҷайхун: ба шахр ворид мешавад ва

худро ба кушк мерасонад. Посбон ӯро манъ мекунад, вале баъди гуфтугӯе ӯро бо ҳамрохии хеш ба кушк мебарад.

Посбон: Ту ин ҷо бош, ман ба хочиби сипоҳсолор аз омаданат хабар мерасонам.

Посбон меравад ва марди ношинос дар дахлез танҳо мемонад. Аз толоре садои мусикии хуше меояд ва гох аз гох садоҳои хандаву шӯхиҳо бо кушодаву пӯшида шудани дар ба берун мехезад. Посбон меояд.

Посбон: Бо ман биё!

Онҳо аз дахлези нимравшан мегузаранд ва ба ҳуҷрае ворид мешаванд.

Посбон:Ту ин ҷо бош, ҳоло ба сурогат меоянд.

Ва боз баромада аз паи маъмурияти худ меравад. Бо гузаштани чанд лаҳзаи дилгир сипоҳсолор Алӣ бинни Шарвин ба ҳуҷра ворид мешавад

Марди ношинос ба истиқболи сипоҳсолор аз ҷояш мехезад ва таъзим мекунад.

Шарвин:Чӣ хабар?

Ҷосус: Амир Исмоил ба бист ҳазор сарбоз ба Байканд фуруд омад.

Шарвин:Боз чӣ?

Ҷосус: Русух кардан ба лашкаргоҳ ва умуман ба Байканд гайри имкон аст. Фақат ҳамин чиз маълумам гашт, ки сипоҳиён хама мардуми бумии Варазруд мебошанд.

Шарвин: Ачулан ба сӯи Нишопур меравӣ ва вазъиятро ба амир Амри Лайс мефаҳмонӣ.

Сипоҳсолор Шарвин андешанок аз ҳуҷра бадар мераванд ва аз дунболаш ҷосус низ мебарояд.

Шарвин: Худо ёрат.

Баъди рафтани ҷосус Алӣ бинни Шарвин бо чехраи гирифтаву пурбим ба мачлисгоҳ меравад. Пас аз лаҳзае садои хандаву шухӣ ва суруду мусикӣ катъ мегардад...

Амри Лайс: Дар сархади Ҷайҳун вазъият пуршиддат гардидааст. Муҳаммад Бишр бо шаш ҳазор сипохаш бояд ба кӯмаки Алӣ бинни Шарвин фиристода шавад. (*ба Балоли Азҳар*). Ба Ахмади Дароз ва Муҳаммади Шахфур нома нависед ва фармони моро ба ишон бирасонед. Бедиранг бо лашкари Муҳаммади Бишр бипайвандланд.

Бо Алӣ бинни Шарвин тадбир кунед, лашкарро бидореда

ва ҳар кас, ки аз он сӯ ба амон ояд, амон диҳед... Амир Исмоил боя̌д аз Бухоро ронда шавад... Мо пайопай ба сӯи шумо кӯмакҳо хоҳем фиристод...

Муҳаммад бинни Бишр дар Омул бо лашкари Алӣ бинни Шарвин мепайвандад.

Офтоб дар регзорҳои руди Ҷайҳун фурӯ меравад. Сипоҳиёни амир Исмоил ба соҳили руд, он ҷое ки Ҷайҳун тунукоб мешавад, фуруд меоянд.

Амир Исмоил: Ҳамин шаб саворанизом дарёро боя̌д убур кунад. То ба он соҳил гузаштани пиёданизом лашкари сафформӣ боя̌д талафоти фоҳиш диҳад. Ҳақ бо мост, худованд ёру мададгор бод!

Ҳамӯя бинни Алӣ худро ба дарё мезанад. Сипоҳи савора аз ӯ пайравӣ мекунанд. Онҳо даруни оби тираи Ҷайҳун ба он соҳил мехазанд ва дар дили шаб ғарқ мешаванд.

Амир Исмоил аз асп фуруд меояд ва ба намоз меистад... Пиёданизом бар завраҳо нишаста аз руд убур мекунанд. Гурӯҳи хурде аз саворанизом бо лашкаргоҳи Амри Лайс шабехун мезананд. Мобақӣ шаҳри Омулро муҳосира менамоянд То дамидани субҳ дар лашкаргоҳи Шарвин ҷанг идома меёбад. Бо дамидани субҳ Алӣ бинни Шарвин пиёданизоми хешро дар сафи пеш қарор медиҳад. Ҷанг аз нав даргир мешавад. Аҳмади Дароз аз лашкариёни амир Исмоил амон мехоҳад. Ӯро бо сипоҳаш ба ақибгоҳи хеш мефиристанд. Муҳаммади Бишр бо шаш ҳазор сарбоз Ҳазимат меёбад. Лашкари амир Исмоил ба таъқиби ӯ мераванд.

Ҳамӯя бинни Алӣ бо асирони зиёде ба урдугоҳи хеш бармегардад.

Ҳамӯя: Лашкари амири Саффорӣ ба пуррагӣ шикаст хурд, он ки ҷон ба саломат бурд, ба Нишопур фирор кард ё асир шуд. Сипоҳсолор ва аз бузургтарин асҳоби хоси Амри Лайс Муҳаммади Бишр бо тамоми сипоҳаш кушта шуд. Сипоҳсолор Алӣ бинни Шарвин асир шуд ва Аҳмади Дароз бо сипоҳаш амон хост.

Амир Исмоил: Сарони лашкари Амри Лайсро иҳзор кунед.

Ҳамӯя бинни Алӣ ва Алӣ бинни Аҳмад-сарҳангҳои амир Исмоил Алӣ бинни Шарвин, Аҳмади Дароз ва теъдоди

зиёди сарони лашкари саффорирo пешандоз намуда ба назди амир Исмоил меоваранд.

Амир Исмоил: Оҳо, ҳамагон аз бузургони Хуросон...

Бо дидани амир Исмоил асирон зону зада замини зиллат мебӯсанд. Амир Исмоил аз байни асирон гузашта, Аҳмади Дарозро аз хок бардошта, бо худ ба мақарраш бармегардад. Дигарон ҳамчунон сар ба рукуд боқӣ мемонанд.

Амир Исмоил: Ин рафтор шоистаи шаъни чунин озодмард нест. Хоҷа Аҳмади Дароз асир нест, балки меҳмон аст... Вале ман Алӣ бинни Шарвинро намебинам.

Алӣ бинни Шарвин, ки аз қафои саф буд, сар боло мекунад.

Амир Исмоил: Ман гумон намекардам рӯзгор дар чунин вазъе моро дубора бо ҳам рӯбарӯ мегардонад. Хилофи аҳд амал кардан, кори озодмардон нест. Амри Лайс як рӯйгарзодаасту айёр... Агар ӯ аслу насаби туро медошт чунин амали зиштро муртакиб намешуд. Вале ман аз ту умедвор набудам.

Шарвин:Нақзи фармони амири худ амал кардан хиёнат аст. Кушта шуда хубтар аз таслими душман шудан аст.

Амир Исмоил: Магар мо нисбат ба шумо душманӣ варзидаем? Магар мо набудем, ки хостем аз роҳи дӯстӣ ба ҳам биёем? Оё як варазрудӣ барои як хуросонӣ, ё сиистонӣ ё кирмонӣ ё дайламӣ метавонад душман бошад ва ё баръакс? (Алӣ бинни Шарвин сар боло намекунад) Ва ё мо иддаои кишвари шумо кардем. Мо метавонистем аз Рафеъ бинни Ҳарсама пуштибонӣ кунем. Вале ба ин роҳ нарафтем, зеро ӯ барои мо бегона буд. Вале шумо ва амири шумост, ки мардуми бегуноҳро ба ҷони ҳам меангезад. Магар ин хиёнат нест?! Магар ин душманӣ нест?!

Шарвин: Мо сарбоз ҳастем.

Амир Исмоил: Магар онҳое, ки беҳуда будани ин ҳарбро дарк кардан, сарбоз набуданд. Ин ҳама хунҳои нобаҳақ рехта бар гардани шумост. Дӯстро душман гардондан хиёнат аст, хиёнат дар баробари кишвар ва миллат аст. Ин шумо ва амири шумост, ки хиёнат мекунед ва бар он чӣ худованд лоиқатон донистааст, қаноат намекунед. Магар рехта шудани ин қадар хунҳои нохақ факат барои таскин додани ҳавасҳои бебунёд буд? Оё дигар Амри Лайси Саффорӣ ба беҳудагии талошҳояш созиш мекунад? Оё дигар конеъ мешавад? Мо ҳанӯз муддии ӯ нестем, ҳарчанд мета-

вонем ӯро аз кишвар берун кунем.

Ахмади Дароз: Ӯ марди бузургбин аст ва гумон аст, ин шикастро таҳаммул кунад.

Амир Исмоил: Мо, мардуми Варазруд, бар зидди ҳамкавмони худ ҷангидану ишонро хору залил сохтанро бар худ ор медонем. Хиёнат мешуморем. Магар залолати дусадсола кифоят набуд?! Шумоён асир нестед. Ҳеҷ озодмард дар кишвари худ асир нест. Бархезед, ки ин тарзи истодан шоистаи шаъни шумо нест. Вале, эй Алӣ писар Шарвин ба ту наметавон мисли дигарон рафтор намуд, зеро ту медонистӣ. Пас ту худ интихоб намо, ки бо ту чун рафтор кунем.

Дигар асирон аз хок боло мешаванд, вале нобоварона ба атроф менигаранд.

Амир Исмоил: Шумо сазовори чунин зиллат нестед. Фармон медиҳам: Ҳама озоданд! Ба ишон хилъат пушонед ва бигзоред ба назди хонаводаҳои хеш баргарданд. То фардо асбоби роҳати ишонро муҳайё созед. Вале бо ту чун рафтор кунем, эй писари Шарвин?!

Шарвин: Он чунон, ки шоистаи як асир аст!

Амир Исмоил: Асири ҷангӣе, чун ту аз ҳеҷ гуна шоистагие бархурдор нест. Ту худ интихоб кун.

Шарвин: Сари дор.

Амир Исмоил: Сари дор ҷои мардон аст

Шарвин: Шамшер...

Амир Исмоил: Осон аст. Ту ҳатто қодир нестӣ, ки барои худу аъмоли худ ҷазои сазоворро интихоб кунӣ.!

Ахмади Дароз худро ба назди пои амир Исмоил мепартояд ва аз домани ӯ мегирад:

-Амирам, аз хуни ӯ дар гузаранд. Шояд ӯ пушаймон шудааст...

Амир Исмоил: Бархезед, ӯ сазовори шафоати шумо нест. Ӯ ҳатто сазовор ба номи хонадони Шарвин нест. Ӯро ба зиндон баред, то умр дорад дигар муртакиби такрори гуноҳони хеш нашавад!

Ду сарбоз бо ишораи Ҳамӯя ӯро аз замин бардошта, кашон-кашон аз миёни асирон мебаранд. Ӯ мадори дар пой истодан ва ё рох рафтанро дар худ намеёбад.

Амир Исмоил: Ҳайфам меояд, ки чунин ҷавонмарде пахлавону озоднажод боқии умрро дар зиндон сипарӣ кунад. Вале чӣ чора?

Ахмади Дароз: Ҳар кас аз амали худ мебинад.

Алӣ бинни Ахмад: Инҳо, ки ба мо ҳарб карданд, амирам, онҳоро хилъат медиҳанд ва бозпас мефиристанд?!

Амир Исмоил: Аз ин бечорагон боз чӣ мехоҳед? Бимонед ба хонаҳои худ бираванд. Дигар ҳаргиз ба ҳарби шумо боз наёянд. Ононе, ки асир нашудаанд, дил табоҳ кунанд...

Абуҳотами Ясорӣ: Амирам, кӣ кафолат медиҳад, ки ишон баъди бозгаштан ба мақарри худ боз ба ҳарби мо наёянд?

Амир Исмоил:Тачрибаи талхи ҷанги ҳамватанӣ! Ба тамоми сипоҳи мо бирасонед, ба асирон аз сари хашм озор нарасонанд, бо ишон мехрубон бошанд, ба сутури ишон алуфа бидиҳанд. Зиёне ба ҷону моли мардуми шаҳр нарасонанд...

Байни посбонон мағал мехезад. Онҳо Ашнаси ғуломро боздоштаанд ва ба гуфтораш бовар надоранд.

... Бифаҳмед, чӣ ғавғост.

Посбоне ба шитоб меояд ва иброз мекунад.

Посбон: Туркеро боз доштаем ва ӯ иддао мекунад, ки расул аз ҷониби амиралмӯъминин аст ва паёме ба амирам овардааст.

Амир Исмоил: Ӯро биёред.

Посбон меравад ва Ашнасро меоварад. Ашнас бо ҳузур ёфтан худро ба пойи амир Исмоил партофтанӣ мешавад, вале амир монеъ мешавад.

Амир Исмоил: Ашнас!... Ин Ашнас аст...

Ашнас аз ҳаячон ба риққат меоянд ва ҳарф задан наметавонад.

Амир Исмоил: Ором гир... Марди болиғ шудай?... Вақте ӯро ба Бағдод фиристодем як наврасс буд... Замон тез мегузарад...

Ашнас бо чашмони ҳайратзадаву бо вазъи ҳаячон ба амир менигараду менигарад ва гӯё чизе ба хотираш омада бошад, якка мехӯрад ва аз чайбаш номаи халифаро бароварда ба амир Исмоил дароз мекунад. Амир номаро мехонад ва рангаш тағйир меёбад. Ба хашм номаро ба як сӯ мепартояд.

Амир Исмоил: "Мо дасти ту кӯтоҳ накардем з-он амал, ки кардем..." (*Хузури дигаронро фаромӯш мекунад*) Ҳар чӣ мехоҳӣ бикун, вале мо аз муддаии ту пуштибонӣ менамоем! Беҳаё! Кишвари Варазруд гӯё мероси падараш бошад! Онро ба амири Саффорӣ мебахшад! Боз моро миннатдор

кардан мехоҳад! Хомтамаъ! Як кӯдак дунёро ба бозӣ андохтааст!... Баргард ба халифа Мӯътазид бирасон, ки амир Исмоил мегӯяд: Ту ба муродат расидӣ... Эй Амри Лайс ин пиндор, ки бар сари хомат мепарварӣ, аз димоғат барорам!

Ҳанӯз шафақ зард нашуда, амир Исмоил ҷойнамозашро ҷамъ мекунад ва ба назди сипоҳи хеш мебарояд. Асиронро ба як саф кашидаанд. Амир Исмоил ҳар кадомеро хилъат мепӯшонад ва бо меҳр бар китфаш тап-тап мезанад.

Амир Исмоил: Ба амири худ бирасонед, Исмоил бинни Аҳмад қасди ту надорад. Ин ҳаво аз сар бадар кун.

Ва асирон сӯйи Нишобур равон мешаванд.

АмирИсмоил бо лашкари худ ба Бухоро бармегардад...

Амри Лайси Саффорӣ аз хабари шикасти лашкараш ба хашм омадааст ва чӣ кор карданашро намедонад. Мисли мурғи пойсухта қарор надорад. Дар ҳамин вақт Билоли Азҳар ба наздаш медарояд. Амр чун шери захмӣ ба сӯяш ҳамла меоварад.

-Шармандагӣ! Исмоили бараҳна лашкари саропо мусаллаҳи саффориро шикаст додааст!

Азҳар: Амир Исмоил ба Бухоро баргаштаст...

Амри Лайс: Э кош, ба Нишобур меомад, то корро яксара мекард. Маълум шуд, ки мо ба ҷои лашкар хукҳои парвоиро нигоҳ доштаем. Бешарафҳо!... Албатта, онҳо он чунон фарбеҳ шудаанд, ки... Сарони лашкар чӣ мехоҳанд? Онҳо ҳарфашонро бо амир Исмоил гуфтанд. Ман аз рӯйи ишон безорам. Ин сари расвоиро ба кучо метавон зад... Дунё ин қадар танг аст! Э кош замин мекафиду моро фурӯ мебурд, то чунин рӯзеро намедидем...

Муҳаммад бинни Лайс ворид мешавад. Амри Лайс ба сӯйи ӯ ҳамла мебарад.

-Ту зинда ҳастӣ!? Боз ба кадом рӯ назди ман омадай... Чӣ ҷуръати густохонае! Ва ё хиёнат ҳамчунон берӯй аст! Ва ё пушт ба майдон кардан ҳам мардонагист?!

Муҳаммади Лайс: Икрор шудан бар заифии худ низ мардонагист.

Амри Лайс: Бо кадом ҷуръат ин ҳарфҳоро мезанӣ палишт!

Муҳаммади Лайс: Қудрати ҷангии амир Исмоил шинохта нашуда буд. Мо бо ӯ тибқи усулҳои маъмули хеш муносибат намудем. Вале ӯ зирак будааст...

Амри Лайс: Дафъ шав аз назарам! Палид!

Муҳаммади Лайс: Ман меравам, вале намешавад сифатҳои писандидаи ӯ ва лашкарашро нодида гирифт. Ӯ бо тамоми усаро меҳрубонӣ намуд, хилъат дод ва бе фидя раҳо сохт. Мо ҳеҷ гоҳ чунин накардаем.

Амри Лайс: Дафъ шав! Ӯро дафъ кунед!

Ду сарбоз ворид мешаванд, вале Муҳаммади Лайс бе дахолати ишон Амри Лайс ва Азҳарро тарк мекунад.

Амри Лайс: Душмани доно ба чӣ корҳое қодир аст! Ҳатто фарзанди моро ба тарафи худ кашидааст! Онҳоро ба зиндон партоед!

Азҳар: Амирам!

Амри Лайс: Чӣ амирам?

Азҳар: Лашкарро бар худ душман магардонед!

Амри Лайс: Мо ин ҷалолро бо қудрати зӯр ба даст овардаем ва аз шамшери худ миннатдор ҳастем. Агар амири сомонӣ гумон мекунад, ки бо ин тадбир моро барканор месозад, хато мекунад! Бе диранг онҳоро ба зиндон партоед. Мо қудрати шамшери худро нишон хоҳем дод! (*Меандешад*) "Агар Мӯътазид хиёнат накунад..." Аз Бағдод чӣ хабар?

Азҳар:Корвони халифа дар роҳ аст. Дам ба дам мерасад.

Дар чашмони амир Амри Лайс умед барқ мезанад.

Амри Лайс:Дар роҳҳо посбонҳо бигзоред, то барои зудтар расониданаш дар роҳ монеаҳои сунъӣ эҷод нашаванд. Ҳеҷ касро ба назди ман нафиристед. Ман имрӯз фақат расули амиралмӯъмининро интизорам...

Билол бинни Азҳар меравад. Амри Лайс ба наазди панҷара меояд ва ба дурҳо, гӯё ба сӯйи Бағдод менигарад. Осмони Нишобур аз лаккаҳои абр пушида шудааст.

Корвони ҳадоёи халифа ворид Нишобур мешавад. Дах асп бо зину ситоми заррин. Ва якеро зину лагом ва ситом заррину мурассаъ ба ёқуту марворид ба ҷавоҳир ва чаҳор дасту пойи ӯ наъли зарин баста, пешопеш ва аз дунболи аспон шутурҳои бисёр бо сандуқҳо. Ҷаъфари ходим дар раъси корвон, посбонон аз дунбол... то ба майдони

кохи амир намоишкорона ва бо салобат ҳаракат мекунанд.

Амри Лайс бо ворид шудани корвони ҳадоё ба кохи салтанатӣ шодии хешро пинҳон дошта наметавонад ва аз ҳаяҷон худро пушти зини аспи саропо заррин мепартояд. Ва гирди майдон чарх мезанад ва бо суръат худро ба кӯчаҳои шаҳр мекашонад...

Хизматгорон аспҳоро ба истаблҳо мебанданд, сандуқҳоро ба дохили қаср мекашонанд. Ҷаъфари ҳочиб бо бузургони Хуросон, ки ба истиқболаш баромадаанд, якояк оғӯшкашӣ мекунад ва бо баргаштани амир Амри Лайс вориди кох мешавад.

Ҷаъфари хоҷиб ҳафт даста хилъатро яке паси дигар ба амири Амри Лайс мепӯшонад ва ӯ ҳар бор ду раъкат намози шукрона мегузорад. Шодии Амр ҳадду канор надорад. Ҳоҷиб баданаи мансух ба дурр ва мурассаъ ба ҷавоҳиру марворидро ба амири Хуросон мепӯшонад ва точи мурассаъ ба ёқуту ҷавоҳирро бар сараш мегузорад ва дар фарҷом ахдро ба ӯ месупорад. Бузургони кишвар амирро бо ин точгузорӣ муборак мекунанд. Амри Лайс бар тахт мешинад ва дигаронро низ таоруф менамояд. Ва туммороро мекушояд. Рангаш тағйир меёбад.

Амри Лайс: Инро чӣ хоҳам кард? (*маншури Варазрудро дар ҳаво такон медиҳад*). Ин вилоятро аз дасти Исмоил берун натавон кард, магар бо сад ҳазор шамшери охта!

Ҷаъфар: Ин хости амирам буд ва халифа тибқи он амал намуданд. Акнун амирам худ беҳтар донанд, ки чӣ кор кунанд. Ва ё интизории амир Амр бинни Лайси Саффорӣ аз маншури Мовароуннаҳр чизи дигаре буд?!

Амри Лайс: Магар халифа намедонист...

Аз ҷой мехезад ва маншури Варазрудро беэътиноёна ба сӯе мепартояд. Ва точро аз сар гирифта ба дур ҳаво медиҳад. Дуру марҷон ба чор тараф пош мехурад. Ҳозирон аз ин рафтори Амр ҳангу манг мешаванд.

—***Дар сари мо танг аст!*** ...Саффориён дар сукути тахориён аз халифа хеҷ гоҳ касби ичоза накардаанд. Ҳеҷ гоҳ касби ичоза накардаанд! Дар ҳама иқдомоти худ мустақил будаанд. Ва дар сурате ки мо дархости ичоза ва маншури аморат талабидем, боястӣ халифа мефаҳмид, ки чаро мо тақозои чунин дархост кардаем!

Ҷаъфари ҳоҷиб: Бо ин маншур амир Исмоил амалан аз ҳокимияти Мовароуннахр узл шудааст. Ман намедонам,

ташвиши амирам аз чи хусус аст?

Амри Лайс дубора аҳдномаро ба даст гирифта, дар ҳаво такон медиҳад.

Амри Лайс: Халифа худ нагз медонад, ки амир Исмоил дар минтақа қудрат аст. Вале маккорона, зиракона худро ба нодонӣ мезанад. Итоати амир Исмоил аз халофат ҷуз расмият беш нест!

Ҷаъфар: Бо вуҷуди он, амирам аввал тибқи маншури амиралмуъминин амал кунанд, хубтар аст.

Амри Лайс: Пешониамон деворро ҳам афтонд,вале панд нагирифтем. Аббосиҳо ҳамеша ба мо хиёнат кардаанд. Магар мо намедонистем, ки онҳо бо Бӯсаллама,Бӯмуслим, Оли Бармак ва Фазл бинни Саҳл дар ивази хидматҳояшон чӣ карданд? Онҳо бо мо низ ин хиёнатро карданд. Ҳоли мо дигар ба шере мемонад, ки дар бунбаст уфтодааст.Бояд худро раҳо кард! Бояд ин шармандагиро аз сари худ дур кард! Ба тамоми омилони вилоёт расул фиристед то бо лашкари худ ба Нишобур биёянд. Мо ба мисли собиқ азимати хешро бо зӯри шамшерҳо ба даст хоҳем овард.

Азҳар: Шамшер ягона роҳи ҳалли қазия нест.

Амри Лайс: Пас бигӯед, чӣ бояд кард?

Шаҳфур: Ба назди амир Исмоил каси дигар бояд фиристодан ва бо ӯ суханони хуш бояд гуфтан ва ваъдаҳои хуб бояд додан...

Азҳар: Номаи мо шоистаи шаъни ӯ набуд ва сафирамон низ густохона рафтор карда буд. Шояд... агар пирони обрӯманди Нишобурро ба назди ӯ бифристем ва ба ӯ аз дари мехрубонӣ ворид шавем, шояд...

АмриЛайс: Шояд ... вале боварам намеояд.Хушбахтӣ ба фарсаххо аз мо дур шудааст. Дилам тира асту бимнок! Вале ин ройи шумо икрори таслим шудан аст, ки бар шаъни худ лоиқ намедонам.

Азҳар: Мо бояд ин омилро ҳам ба назар гирем, ки раият чонибдори амир Исмоил аст. Лашкар ҳам ба чанги амир Исмоил он қадар гарм нест. Мо бо ишон мурувват кардаем.

Шаҳфур: Амир Исмоил муддаии мо нест. Мо фақат бояд ба ҳуқуқҳои ӯ эҳтиром гузорем. Ӯ низ дӯстӣ ба амирамро хостор мебошад.

Амри Лайс: Пас кафолаташ бар гардани шумост. Билол

бинни Азҳар, пас номае навис бад-ин мазмун:"Ҳарчанд амиралмуъминин ин вилоят маро дод,валекин туро бо худ шарик кардам дар мулк. Бояд ки маро ёр боршӣ ва дил бо ман хуш дорӣ, то ҳеч бадгӯе миёни мо роҳ наёбад. Ва он чи пеш аз ин гуфта будем, аз роҳи густохӣ буд, аз сари он даргузаштем. Бояд, ки вилояти Мовароуннахр нигах дорӣ, ки сарҳади душман аст ва раъиятро тимор дорӣ ва мо он вилоятро ба ту арзонӣ доштем ва ҷуз хушнудиву ободонии хонумони ту нахоҳем. Вассалом". Ва чанд марди маъруфи Нишобурро бо ҳадоёи шоиста ба сӯйи Бухоро бифиристед ва ба ишон бифармоед, ки дар ҳузури амир Исмоил бигӯянд: "Маро бар ҳеч кас эътимод нест ҷуз бар ту ва бо мо аҳд кунӣ, то миёни мо дӯстӣ устувор гардад..."

Амри Лайс дилтангона маншури ҳукумати Варазрудро ба як сӯ партофта, ҳашмгинона боргоҳро тарк мекунад.

Шаҳфур: Ин фоли нек нест. Худованд фарҷомашро нек гардонад.

Мардуми қасри амир Исмоил ҳанӯз рӯҳияи боландаи ғалаба бар хасмро доранд. Ин рӯҳия ба дараҷаест, ки аз қаср берун таровида, саросари кишварро фаро гирифтаст. Рӯҳияе, ки дигар онҳо қудратанд ва метавонанд ҷавоби ҳар гуна душманро баргардонанд, аз ин баъд бе биму ҳарос, бе тарсу ларз дар баробари ҳар гуна пешомади номаълуму бимнок метавонанд зиндагии созандаи хешро идома диҳанд, дар оромиву осоиш ба сар баранд... Гӯё онҳо дигар хасме надоранд ва ишонро ба ҷумлагӣ саркӯб кардаанд. Вале ҳанӯз амир Исмоил аз густохии Амри Лайс ва ҳуққабозии халифаи Бағдод ба худ наомадааст.

Нӯҳ: Аз сарҳади Ҷайҳун хабар расид, ки Амри Лайс ба назди амирам расулоне аз маъруфони Нишобур фиристодааст ва ишон иҷозаи убур аз рӯдро интизор мекашанд.

Амир Исмоил: Бигзор интизор кашанд! Бифармоед, ишонро ба хорӣ баргардонанд.

Нӯҳ: Амирам...

Амир Исмоил: Ӯ аз ин ҷанг дигар чизро интизор буд. Вале тираш хок хӯрд. Халифаи Бағдод хости ӯро баровард насохт,ба ӯ кӯмаки низомӣ нафиристод, то хисороти ин ҷангро ҷуброн кунад. Акнун мачбур аст ба мо аз дари мадоро ворид шавад. Ман мефаҳмам, ки ӯ чӣ мехоҳад. Акнун ман намехоҳам... Расулонро ба зиллат баргардо-

нед. Ӯ худ толиби чунин фарҷом буд. Як кишвар ба ду подшоҳ танг аст! Ӯ рӯйгарзодаи айёр аст, маро ҳафт пушт ба шоҳони ин сарзамин пайванд аст.

Ва дар зеҳнаш суруди ҳамсароии хусравонӣ садо медиҳад ва он манзараҳоро мебинад. Ӯ худ савори пил аст. Ӯ худ Баҳроми Варҷованд аст.

“Кай бавод, ки ойод
Пайке аз ҳиндугон
Ки пиҳ аст ҳазор
Абар сарон аст пилбон
Ки оростаг драфш доред
Пад эвен ки хусравон...”

Аз як гӯшаи қаср садои доду фарёдҳо баланд мешавад.

Исмоил (*ба сӯйи фарёдҳо гӯш фаро дода*): Бифаҳм, чӣ шуда?

Ҳочиб меравад, вале ҳеҷ нест, ки садои фарёдҳои тарсолуд қатъ гарданд. Амир Исмоил ба ташвиш меафтад.

Садоҳо аз ҷониби ҳарамсаро меоянд.

Ҳочиб бо ранги парида, бо тарсу ларз ворид мешавад.

Амир Исмоил: Бигӯ, чӣ ҳодиса? Ин мағалҳо чист?

Ҳочиб: Шер раҳо шудааст!

Исмоил: Чӣ?!

Ҳочиб: Набераи амирам дар бог танҳост. Ҳеҷ кас аз ҳайбати шер ҷуръати берун омадан намекунад...

Духтари шоҳ Фотима рӯйкану мӯйкан давон ворид мешавад. Ва бо гиреву нола,овози гирифта фарёд мезанад.

Фотима: Падарҷон,ба имдодам бирас, Ситора дар коми шер аст!

Исмоил: Бонии шер кучост?!!

Фотима: Касе намедонад. Падарҷон, ба имдодам бирасед!

Исмоил (*Фарёд мезанад*): Тозиёна!...

Ва бо шитоб аз боргоҳ бадар меравад. Бо гузаштани лаҳзаҳои дилгирии интизорӣ ҳочиб шодмон фарёд мезанад.

Ҳочиб: Амирам меоянд! Худойро шукри бехад... шукри бехад худойро!...

Амир Исмоил дар лаб табассум ва Ситора дар бағал ва бо дасти чап аз зери камари бонии шер гирифта, ба пайдо меояд.

Фотима: Ситора!

Фотима бо дастҳои пешкашида ба сӯйи падар медавад. Ситораро аз бағали амир Исмоил гирифта, бар синааш мефишорад. Ду сарбоз, ки ҳамеша назди дар ба посбонӣ меистоданд, бонии шерро аз дасти амир гирифта, болои гилем мехобонанд.

Исмоил: Пизишкро биёред!

Фотима (Дар гӯшае дунёро фаромӯш карда, худ ба худ аст): Ситораи иқболи ман... бахти ман!.. ту осеб надидай? Агар туро шер... забонам лол, ман чи мекардам! Натарсидӣ?

Исмоил: Ӯ бепарво дар бари шер хуфта буд. Гӯё шер ӯро посбонӣ мекард.

Пизишк меояд ва бонии шерро муояна мекунад, ҷароҳаташро ташхис медиҳад ва ба захми бозӯяш малҳам мегузорад.

Пизишк: Боке нест. Фақат пӯсташ каме захм бардоштааст.

Исмоил: Ин ҳодиса чун рух дод? Чаро шер раҳо шуд?

Бонии шер аз ҷой хеста, ҷомаашро мепӯшад.

-Наволаи шерро тайёр мекардам. Аз омадани шаҳзода Ситорабону бехабар мондам. Чун садои шер бишнидам, назар афгандам,дидам бо тифл бозӣ мекунад. Эҳтимол дари қафасро бонуи хурдсол боз карда буд. Чун қасди халос сохтани бонуи хурдсол кардам, шер бар ман ғуррид ва ба китфам панҷа зад. Дигар чизе дар ёдам нест. Аз садои тозиёнаи шоҳам ба худ омадаму дидам: шаҳзода Ситорабону беосеб дар бағали амири шергирам аст ва шерро дар қафас меандохтанд.

Исмоил: Бирав. Аз паси корат бишав, дигар ғафлат макун!

Бонии шер баромада рафт. Амир Исмоил назди духтару набераash меравад ва Фотимаро тасало медиҳад. Ӯ ҳанӯз мегирист.

Амир Исмоил: Воҳима накун. Чизе рух надодааст. Худойро шукр , ҳамаш бо иноятиparвардигори ҷалла субҳона хуб анҷом ёфт.

Фотима: Ман аз падарҷонам бим доштам. Сад ҷони ман фидойи ҷони азизи шумо бод! Тарс доштам, ки аз шер захм набардошта бошанд.

Исмоил: Ин шер барои мо хатар нест. Бирав фарзандам, ором бигир,мабод тарси ту бар фарзандат ориз гардад.

Фотима Ситораро ба сару рӯяш молидаву бӯида аз боргох, аз назди падараш бадар меравад.

Исмоил: Ҳама бими ман аз пайкори ояндаҳост. Эҳтимоли пора-пора шудани кишваро ба пай хоҳад дошт...

Сархадбонони амир Исмоил расулони Амри Лайсро ба хорӣ, ба зарби тозиёна аз соҳили рӯд дур мекунанд.

Ва бузургони Нишобур бо корвони ҳадоё ба пойтахти Амри Лайс бармегарданд.

Амри Лайси Саффорӣ аз рафтори амир Исмоил ба расулонаш андӯҳгин шуд, асабӣ буд. Мешӯриду мехурӯшид ва боз чун мавче дамида дар худ фурӯ мерафт.

Амри Лайс: Ин қабоҳат таҳаммулнопазир аст, иҳонат аст! таҳқир аст! Ман бо ӯ мадоро кардан мехостам!... Ба ҳама вилоёт расул фиристед ва талаби лашкар кунед. Ман кини Муҳаммади Бишру Алии Шарвинро бозхоҳам.

Ба як кишвар ду подшоҳ намегунчад!

Лашкари анбӯҳе ба Нишобур гирд омада буд. Амри Лайси Саффорӣ нишаста бар аспи шабдизгуне,бо либоси чангӣ сафи сипоҳиёни хешро аз назар мегузаронд. Набераҳояш, писарони Муҳамади Амр-Тоҳир ва Ёқуб чанд гоме аз паси ӯ мерафтанд. Ҳар сарҳанг дар назди сипоҳи хеш меистод. Сафи аввал аз пиёданизом иборат буд ва аз паси онҳо саворагон меистоданд. Лашкар саропо бо найзаву шамшеру гурзу сипар мусаллаҳ буд. Баъди аз назар гузаронидани лашкар табъи Амри Лайс шод буд.

Ӯ бо викор дар иҳотаи сарҳангҳояш Алӣ бини Ҳусайни Дирҳамӣ, Муҳаммад бинни Ҳамдон бинни Абдуллоҳ, Билол бини Азҳар, Муҳаммад бинни Шоҳфур, Тоҳир ва Яъқуби Лайс, Субкарӣ, писарони Шоҳфур -Аҳмад ва Муҳаммад, Абдуллоҳ бинни Муҳаммад бинни Микол вориди каср мешавад.

Амри Лайс: Худо шоҳид, мо толиби ин чанг набудем, вале намешавад бо рафтори амири Сомонӣ муросо кард. Дигар, ҳар гуна саркашӣ дар кишвари мо саркӯб хоҳад шуд. Мо дигар ба касе иҷоза намедиҳем, ки сар аз фармони мо битобад. Мо дар каламрави шаркии олами ислом ба та-

рики Тоҳир бинни Абдуллоҳ ҳукумат хоҳем кард... Дигар гузашт кардан бас аст! Аз ин рӯ аз сарони лашкар тақозо мешавад, ки бо сипоҳиёни хеш меҳрубон ва дар як саф бошанд. Маоши ишонро бе тангдастӣ таъмин намоянд. Сипоҳи мо набояд эҳтиёҷ дошта бошад. Имрӯз ҳама эҳтиёҷоти лашкарро бароварда созед. Фардо ба роҳ мебароем. Алӣ бинни Ҳусайни Дирҳами бо сипоҳи хеш дар мукаддимаи лашкар меравад... "Кутиба алайкуму алқилу ва ҳувва курҳун лакум ва ъасо ан такраҳу ашёъан ва ҳувва хайру лакум ва ъасо туҳиббу ашёъан тум ло таъламуна", яъне ҳукми ҷиҳод барои шумо муқаррар гардид ва ҳол он ки бар шумо ногувору макрӯҳ аст , лекин чи бисёр шавад, ки чизеро шумо ногувор шуморед, вале ба ҳакиқат хайру салоҳ дар он буда ва чӣ бисёр шавад, ки чизеро дӯст доред ва дар воқеъ шарру фасоди шумо дар он аст ва худованд ба мусолеҳи умур доност ва шумо нодонед! Оллоҳу акбар!

Ва дар қалби лашкар ин калом акси садо медиҳад. Ва лашкар ба роҳ меафтад. Ва осмони Хуросон аз ғубори роҳи лашкариёни Амри Лайси Саффорӣ тира мешавад ва офтоб дар нимарӯз, паси осмони гирифта чун моҳ метобад.

Субҳ нав медамид. Амир Исмоил бо Симо-ал-Кабир — ғуломи падараш бар ҳисори Бухоро баромаданд. Ва манзараҳои гирду атрофро назора мекарданд. Саҳрое бадомани ҳисор мепайваст ва ҷумла найистон буд.

Амир Исмоил: Дар қадим ин зиёъ мулки Туғшода Бухорхудот будааст ва ӯ аз он ҳар касе аз фарзандон ва домодони худро ҳиссае додааст.

Симо-ал-Кабир: Имрӯз ҳам дар дасти ишон аст?

Амир Исмоил: Магар ба ин ҳол меуфтод? Ин зиёъ дар замони Туғшода ва фарзандони ӯ аз ободтарин зиёоти Бухоро будааст. Пас баъди таҳоҷуми аъроб ба Варазруд онро сарҳанги Мустаъин Ибни Муътасим Ҳасан бинни Муҳаммади Толутӣ аз ишон бистонид ва ба ин ҳол гардонид.

Симо-ал-Кабир: Ин зиёъ дар харобияш низ хурраму зебост.

Амир Исмоил: Ба шумо маъқул аст?

Симо-ал-Кабир: Бисёр ҳам. Ман гоҳ аз гоҳ ин ҷо меоям

ва соатҳо ба тамошои он мешинам.

Амир Исмоил: Ҳаргиз бувад, ки худованди таоло сабабе созад, то ин зиёъро аз бахри шумо бихарам ва маро зиндагонӣ диҳад, то бибинам, ки зиёъ шуморо шудааст, аз он ки ин зиёъ аз ҳама зиёи Бухоро ба қиматтар асту хуштар.

Симо-ал-Кабир: Худованд зиндагонии амирамро баракат диҳод, лутфу марҳамати шумо дар ҳаққи банда беандоза аст.

Амир Исмоил: Он гоҳ ҳамроҳ дар ин найистонҳо шикор хоҳем кард. Сайди зиёде бояд дошта бошад.

Симо-ал-Кабир: Ман палангону бабрҳои зиёдеро мушоҳида кардаам, ки дар найистонҳо озодона сайр мекунанд. Рамаи ғизолон ҳамчунин...

Амир Исмоил: Бабру паланг! Чӣ хуб! Оҳу...

Ва паланги бадҳайбате ба сӯйи ҳисор меояд.

Амир Исмоил (бо овози хафӣ): Паланг!

Онҳо машғули назораи паланг мешаванд.

Амир Исмоил: Ҳатман ин зиёъро бояд харид!

Ва онҳо рӯ-рӯи девори ҳисор ба дигар тараф мераванд. Ва боди сард вазон аст. Офтоб зери абрҳои бурида ва тираи осмон гоҳ аз гоҳ ба ранги парида намудор мешавад. Ва бод дар найистонҳо нола мекунад...

Муҳаммади Нӯҳ бо чанд сарбоз аз истиқболашон мебароянд ва бо наздик омадани амир Исмоилу Симо-ал-Кабир аз аспҳо пиёда мешаванд.

Амир Исмоил: Хайр аст?

Муҳаммади Нӯҳ: Аз Нишобур хабар расид, ки Амри Лайс бо лашкари анбӯҳ касди Бухоро дорад.

Амри Исмоил: Боят ҳамчунин мешуд. Лашкари анбӯҳ, яъне чӣ? Барои таърих "анбӯҳ" мегӯянд. Вале барои мо донистани шумори дақики он зарур аст. Мефаҳмед, шумори дақик!

Муҳаммади Нӯҳ: Бинобар шумори дақике, ки расули мо ҳалас мезанад, лашкари Амри Лайс ба ҳафтод ҳазор мерасад ва матбахашро чаҳорсад шутур мекашад, ки бовар кардани нест ва аз ин рӯ онро ба "анбӯҳ" хулоса кардам.

Амир Исмоил: Хоҳиш мекунам, минбаъд чунин "хулоса" макунед... Дигар ин, ки дар саросари кишвар сало дар дихед: "Амри Лайс бар зидди мо лашкар кашидааст, то Варазрудро истило кунад, мардонро бикушад ва занону

кӯдаконро ба асорат барад”.

Амир Исмоил бар асп мешинад ва ба сӯйи дарбор метозад. Ҳамроҳонаш аз ӯ пайравӣ менамоянд. Дар боргоҳ ғайри мунтазира давлатмардони кишвар ҷамъ омада буданд. Бо ворид шудани амир Исмоил ҳамагон ба пешвозаш аз ҷойҳои хеш мехезанд ва то ба тахтгоҳ расиданаш дар ҳолати таъзим мемонанд.

Амир Исмоил: Гумон мекунам, ҳама аз қазия огоҳ ҳастанд. Амри Лайс ба қасди мо меояд. Бинобар ин салоҳро дар он мебинам, ки ба омилони вилоёт сареъан расулон бояд фиристод.

Аз мардони кишвар, ҳар кас ки қудрати силоҳ гирфтан дорад, бояд ба ҷанг сафарбар карда шавад.

Дар шаҳрҳо мардуми маҳаллӣ довталбона ба марказҳои сафарбаркунӣ гирд меоянд,мусаллаҳ мешаванд ва гурӯҳ-гурӯҳ пиёдаву савора ба роҳ меуфтанд. Онҳо ҳама рӯҳияи боланда доранд ва дар ҳар қадам шиор сар медиҳанд.: Дар ҷанг мардона мурдан беҳ аз он ки асир шудан!” Пирону занону кӯдакон сарбозони хешро ҳама ҷо гусел мекунанд. Ҳама ҷо ҳамҳамаи шодиву сурур ҳукмфармост.

Барфҳо об шудаанд, майсаҳо дамидаанд,дарахтон гул кардаанд...

Амир Исмоил болои гаревае истодааст ва сафи лашкар аз наздаш мегузараду мегузарад, рӯз поён меёбад ва охири лашкар даруни зулмат нопадид...

Амир Исмоил бо сарони лашкар машварат мекунад.

Амир Исмоил: Пеш аз он, ки Амр ба соҳили Ҷайҳун расад, мо бояд дар Омӯя бошем . Муҳаммади Ҳорун фардо дар муқаддимаи лашкар ба сӯйи Омӯя ҳаракат хоҳад намуд. Мо ба Порси Байкандӣ ва Мансури Қаротегин расулон фиристодаем. Онҳо бо сипоҳи хеш дар Омӯя бо мо мепайванданд. Бояд қосиди мо ба Хоразм расида бошад.

Амир Исмоил дар соҳили Ҷайҳун бо ҷамъе аз сарҳангони худ истода буд. Рӯз ба поён мерасид. Сипоҳи Муҳаммади Ҳорун бар завракҳо нишаста аз рӯд убур менамуд.

Ва сарбозон аз дарё бе сар сар мекашиданд. Аз қалби гареваҳо берун мешуданд. Аз қабати харобаи кушкҳо,аз қабати деворҳои фурӯхишта намудор мешуданд. Ҷумла бесар буданд. Ва саҳро аз сарбозону сарҳангҳои бесар сиёҳ шуда буд. Ва дарё аз чашмони амир Исмоил мерехт. Ва дарё хун мерафт. Осмон хун шуда буд. Ва зери гунбази

лаълфом пур аз садо шуда буд. Ва ин садоҳо аз дили амир Исмоил таровиш меёфтанд, дар саҳро паҳн мегаштанд ва дар домани уфуқҳои хунолуд полуда мешуданд. Садоҳои беравбту шикаста, муҷарраду мустақил, номафҳуму бемаъно... Олам ҳама бе рабту бемаъно шуда!... Ва чун гирдбоде боз ба як нуқта — ба қалби амир Исмоил — рехта, духулвор, раъдвор меғуррад: "Беҳуда?!!" ..Ва сарбозони бесар дар қалби майсаи реги биёбон ғарқ мешаванд, фурӯ мераванд ва чун лолае мешукуфанд. Ва завраки моҳ дар дарёи алмосрезу гавҳарбор ба шино дар меояд... Ва даррандаҳои шаб ба шикор мебароянд.

Ҳанӯз сарбозон аз дарё убур мекунанд...

ГУРГОН

Кушки амири Саффорӣ

Амри Лайси Саффорӣ бо сипоҳсолору сарҳангҳову бузургони дарбори хеш ба айшу нӯш нишастаанд. Муганниён нағма аз чанги Зӯҳра даровардаанд. Ва хубони моҳчабин бо рақси хеш бар дилҳову сарҳои махмур донаҳои алмоси ҳавас кошта. Билоли Азҳар ба хотири мушавваш вориди мачлис мешавад.

Амр: Чӣ шуда,ки вазири моро хотир пареш гашта?!

Азҳар (ба назди Амр меравад ва бо овози паст, ки фақат худи ӯ бишнавад,мегӯяд): Кишвар ноором. Носуди ҳиндӣ бо Алимони Ҳиндӣ иттифоқ баста, омили амирам - Бардалиро аз Ғазна берун кардаанд. Ва ба ҷониби Ҳирот меоянд!

Амр: Бас!

Мачлис хомӯш мешавад. Чанги Зӯҳра аз нағма боз мемонад. Пойи раққосон мешиканад. Бузургон бедор мешаванд.

Амр: Аз сӯйи Бухоро чӣ хабар меояд?

Азҳар: Ҳанӯз хабаре нест.

Амр: Мо дар чунин вазъият наметавонем бо Исмоил даргири чанг шавем. Шароити мусоиде барояш фарохам меовардем. Сареъан ба сӯйи Марв ба Алӣ бинни Ҳусайни Дирҳам расул фиристед ва таъкид намоед фавран ба ҷониби Балх ҳаракат кунад. Аввал ба куффори хинд мебоядчангид...

Лашкари Амр ба сӯйи Балх ҳаракат мекунад.

Амир Исмоил бо лашкари анбӯҳ аз Ҷайҳун убур намуда, дар Омӯя мефарояд. Муҳаммад бинни Ҳорун бо сарони сипоҳ ба истиқболи амир Исмоил мебарояд.

Амир Исмоил: Аз Нишобур чӣ хабар?

Ҳорун: Бо сабабҳое, ки барои мо ҳанӯз маълум нест,лашкари амири саффорӣ аз Марву Гургон ба сӯйи Балх ҳаракат доранд.

Амир Исмоил: Аз Хоразм чи хабар?

Ҳорун: Порси Байкандӣ ва Мансури Қаротегин бо сипоҳи хеш дар роҳанд ва имрӯз то пагоҳ ба Омуя мерасанд.

Амир Исмоил дар кори амир Амри Лайс ба фикр фурӯ рафт ва суоломез ба сӯйи Ҳамӯя бинни Алӣ нигарист. Нигоҳаш аз Алии Ҳамӯя гузашт ва дар марғзорҳои навдамидаи дашту саҳро, гулу лола гум шуд.

Лашкари Фарғонаву Истаравашан, Самарқанду Сугд, Бухорову Чағониён аз дунболаш савораву пиёда меомад. Амир Исмоил худ ба худ меандешид: "Ӯ боз дар сар чӣ хаёле дорад?"

Амир Исмоил: Омадани лашкари Хоразму Исфичобро интизор нашуда, шумо бо сипоҳи худ фардо амири саффориро таъқиб мекунед. Набояд ба ӯ фурсат дод,то андешаи дигар кунад!

Дар ҳавлии кушк аз аспҳо пиёда мешаванд,ғуломон аспҳоро дар истаблҳо мебанданд. Амир Исмоил бо бузургони сипоҳ вориди кушк мешавад.

Амир Исмоил: Имрӯз лашкар бояд баросояд. Аз паси сипаҳсолор Муҳамад бинни Ҳорун ба роҳ хоҳем баромад. Супориш диҳед, сапоҳиёнро дар саройҳо фуруд оваранд ва асбоби роҳаташонро фароҳам созанд, ба аспҳову уштурон алаф диҳанд!

Ҳамӯя бинни Алӣ "ба чашм" гӯён таъзим намуда, аз роҳи омадааш ба хоричи кушк бармегардад.

Амир Исмоил: Пеш аз ворид шудан ба шаҳрхову рустоҳо ҳамроҳи язакҳо сипоҳиён фиристед дар сари роҳҳо биистанд, то ҳангоми убури лашкар хисороте ба молу ҷони мардум нарасонанд. Ба ҳар шаҳру деҳе, ки ворид мешавед бо мардуми он меҳрубон бошед, ба доди ишон бирасед. Ҳар амале бояд аз рӯйи шаръи ислом ва адолат қазоват шавад. Зинҳор зулме аз ҷониби мо сар назанад, ки ин мар-

дум басо аз тарафи хокимони нав ба давлат расидаи хеш чабру ноадолатихо дидаанд. Ин талаби моро ба хар сарбози сипох бирасонед. Куззот низ бо шумо хоханд буд. Факат адолат аст, ки мардум аз мо чонибдорй мекунанд. Барандозандаи хама кудратхо зулм аст!

БАЛХ

Сипохиёни Амри Лайс шахристони Балхро ишгол намуданд. Шахр дорои калъаи мустахкам бо борахои баланд буд ва гирд бар гирд хандак дошт. Амири саффорй дар шористон чой гирифт.

Амри Лайс: Ба хандаки шахристон об сар дихед. Сипохро гирд бар гирди хандак рада бандед. Ба мардуми шористон бифахмонед: Мо омадаем, ки ишонро химоят кунем! Шойиот пахн созед, ки амири Сомонй касеро амон нахохад дод ва ягона рохи начот дар мукобилаш чангидан ва дасташро аз зулм кутох кардан аст!

Сарбозон борахои шористонро мустахкам мекарданд. Гурухе манчаникхову арродахоро дар чониби дарвозаи Алиобод рост менамуданд. Бокии сипохи Амри Лайс гирдогирди хандаки шористон радда баста буданд ва интизории хамлаи душманро мекашиданд. Амри Лайс тамоми ин муддат дар миёни лашкариёнаш мегашт ва дар баъзе корхо, ки медид мувофики табъи дилаш нест, ба ишон маслихатхо медод. Дар хамин вакт набераши Тохир ба дохили шористон даромад ва якху худро ба бобояш расонид.

Амри Лайс: Чй хабар?

Тохир: Лашкари амир Исмоил дишаб ба Алиобод фуруд омадааст.

Амри Лайс: Мувозиби у бошед, то ба мисли пеш гофилгар нашавем. Лашкарро диллихй кунед. Аз Гургону Тахористон чй хабар аст?

Тохир : Хануз хабаре аз он чониб нест. Мегуянд, ки лашкари Сомонй тамоми роххоро баБалх бастааст.

Амри Лайс: Айёрону чосусонро ба кор андозед. Мо набоял як нафас аз кори у гофил бимонем. Кувваи асосиро ба чониби рохи Алиобод интикол дихед. Хамаи арродахо ва манчаникхоро ба хамон тараф кашонед.

Сипохи савораву сарпо мусаллахи Амри Лайси Саффорй ба тарафи рохи Алиобод кашонида мешавад. Саро-

ни лашкар машғули муайян кардани мавқеъҳо ва дар ин мавқеъҳо ҷойгир намудани сипоҳиён мебошанд. Амри Лайс аз сари бораи баланди шористони Балх кирдори лашкари хешро назора мекунад.

Амир Исмоил бо сипаҳсолорони лашкараш болои гаревае сабзу хуррам истода буд ва ҷониби шористони Балхин модари шаҳрҳои Иронзамин менигарист. Сарбозонаш дар беруни рустои Алиобод дар ҷои безиёе фуруд омада буданд ва ҳар кадоме машғули коре. Дар гӯшае як гурӯҳ байни ҳам шамшерзанӣ мекарданд,дастае бо найзаҳо машқ менамуданд.

Амир Исмоил: Ин ҷо чанд рӯз, барои фиреби назар бояд бимонем. Мо дар ин чанд рӯз, ки ин ҷо мемонем, бояд омилони амири Саффорирро аз шаҳру рустоҳои гирду атроф пок созем.... Алӣ бинни Аҳмад кучост? (*Ҷавони тануманди зереҳпӯше аспаширо пеш меронад ва дар баробари амир Исмоил меистад.*)

—Ту бо сипоҳат ба Фориёб меравӣ, омили амири саффорирро асир мегирӣ, Ибни Фареғунро, ки мутаааҳҳиди мост, бар ҷояш барқарор мекунӣ... Поксозии шаҳру деҳоти гирду атроф аз омилони саффорӣ бар гардани туст. Бо мардуми Гузгонон он чунон бояд рафтор кунӣ, ки аз мо ҷонибдорӣ намоянд. Ҳамин ҳоло ба роҳ баро!

Алӣ бинни Аҳмад аспашро гардонда,ба лашкаргоҳ меравад. Амир Исмоил баъди рафтани Алӣ,ба Муҳаммад бини Нӯҳ, ки тамоми ин муддат дар бараш буд, мурочиат мекунад.

-Ба лашкаргоҳи амири Саффорӣ мубаллиғон фиристед, то миёни сипоҳи ӯ тарғиб кунанд, ки “мо мардуми мучоҳидем ва ҷуз худо толиби ҳеҷ нестем. Лекин Амр марде дунёдор ва молпараст аст, фақат ба ин қасд ҳаракат карда ва моро, ки аз як қавму як мазҳаб ҳастем, ба ҷони ҳам андохта...”

Сипоҳи Алӣ бинни Аҳмад ҷониби Фориёб ба роҳ баромад.

Субҳи рӯзи дигар амир Исмоил сарҳангҳову сипаҳсолорони лашкарро даъват намуда, аз нақшаҳои минбаъдаи хеш ишонро огоҳ сохт.

Амир Исмоил: Бегоҳ, баъди намози дигар, дар Намозгоҳи Балх таваққуф хоҳем кард. Ба ин манзур ба он сӯй

одамон фиристед, то роххоро васеъ ва хамвор созанд...

Шористони Балх

Ду сарбоз бо сардори сипахсолор Шахфур се нафарро пешандоз карда, ба шористон ворид мешаванд. Мардуми кӯчаву бозор ба асирон бо таассуф менигаранд. Шахфур ишонро дар назди дарвозаи кушки Амри Лайс боздошта, ба посбонон мефармояд:

— Мувозиби ишон бошед.

Ва худ ворид кушк мешавад. Сарбозхо нисбат ба асирон беэътино хастанд ва тавачҷӯхе ба ишон надоранд.

Марди асир: Эй бародар, ташна шудаам ва ду рӯз аст, ки лукмае ба дахон набурдаам, чӣ шавад, ки муроди мо барорӣ ва ба савоби азим бирасӣ.

Сарбоз: Дастур нест!

Марди асир: Кори савоб ба дастури дигарон намешавад,дар акси хол савоб нест.

Сарбоз суханони марди асирро ношунида мегирад ва ба хамяроқи хеш мегӯяд.

Сарбоз: Марди савобчӯ кори гайри савоб намекунад!

Марди асир ба шариконаш мегӯяд:

-Валлох, ки дар ин шахр ойини чавонмардй намондааст. Магар бо озодагон хамчунин рафтор мекунанд?

Ду асир дигар бо табассум ба сӯйи сарбозон менигаранд. Ранги рӯяшон парида ва лабхояшон аз ташнагй парсинг бастааст.

Ва хамин вакт аз кушк афсаре берун меояд ва ба сарбозон мефармояд:

-Асиронро ба зиндон баред.

Боз ба кушк бармегардад. Сарбозхо асиронро бо нӯги найза хал-хала аз чой мехезонанд ва ба тарафи зиндон мебаранд. Ва сарбозе бо тамасхур ба дигаре мегӯяд.

Сарбоз: Подоши куфрони неъмат хамин аст.

Марди асир мехохад дар посухи ин тамасхур чизе бигӯяд, вале шарикаш монеъ мешавад:

-Бехуда аст!

Ва асиронро ташнаву гурусна ба зиндон мепартоянд.

Сарбози ду: Ту бехуда ... Аз чехраашон пайдост, ки начибзода хастанд.

Сарбози як: Алхол асир хастанд.

Сарбози ду: Ишон бо асирон чунин рафтор намекунанд. Магар аз ёдат рафт. Ин ҷомаи танат магар моли асирӣ набуд, ки амири сомонӣ ба ту пӯшонд?

Сарбози аввал музтар мемонад.Сарбози дувум ба назди зиндонбон, ки дарро аз паси асирон қуфл зада, ба мақарраш бармегашт,меравад.

Сарбози ду: Ба асирон хӯрок диҳед. Фармон ҳамин аст...

Зиндонбон бо ҳайрат ба сарбоз менигарад, вале ӯ дигар ба чизе эътибор надода, аз роҳи омадаш бармегардад. Ӯ аз рафтори худ қаноатманд аст.

Кушки Амри Лайс

Амри Лайс андешамандона ва андӯҳгинона ба чор тараф қадам мезанад.

Шаҳфур: Мо айёрони амир Исмоилро дар қалби лашкар боздоштем. Онҳо дар накӯҳиши амирам суханҳо мегуфтанд ва амири Сомониро ба диндорию инсоф месутуданд.

Амри Лайс: Ҳатман одамоне ёфт мешуданд, ки ба харфи ишон гӯш медоданд?

Шаҳфур: Дар миёни сипоҳ ҳар гуна овозаҳо ҳаст, вале ман ба он бовар надорам.

Амри Лайс: Ба чӣ бовар надорӣ? Чӣ хел овозаҳо?!

Шаҳфур: Гӯё баъзе аз сарҳангони лашкари мо нақзи байъат ба амири хеш карда,ҳавохоҳи амири Сомонӣ шудаанд?

Амри Лайс: Чаро бовар надорӣ?!

Шаҳфур: Шуданӣ нест. Ҳама сипоҳ ба амири хеш содиқанд. Аз амири хеш басо навозишҳо ёфтаанд.

Амри Лайс: Ту худ низ ба он чӣ мегӯӣ, бовар надорӣ...

Тамоми мардуми Хуросон ҳавохоҳи амир Исмоил мебошанд. Вале дигар бефоида аст... Бигӯ, аз лашкаргоҳи амири Сомонӣ чи хабар мерасад?

Шаҳфур: Ба ҳар шаҳру деҳ сипоҳ мефиристад, омилони амирамро барканор месозад ва ғаноими зиёдеро барои иктифофи лашкараш фароҳам месозад. Дар ин амал мардумони маҳалҳо бо сипоҳи ӯ ҳамкорӣ мекунанд.

Амри Лайс: Модом ки мардум ба сипоҳи ӯ ҳамкорӣ кунад, пас аз лашкари мо чи шак?! (*Банохост хашмгин шуда*)

Ҳар кас, ки ба сар чунин андеша дорад, қаҳраш кунед! Кӯрнамакҳо!

Лашкаргоҳи амир Исмоил

Насими мартуби шомгоҳон шӯълаи гулханҳои назди чодарҳоро меларзонду мераксонд. Сипоҳиён гурӯҳ-гурӯҳ гирди ин гулханҳо нишаста,байни ҳам сӯҳбат мекарданд. Яке аз фардое сухан мегуфт, ки намедонист рӯзгор чӣ ҳаводисеро барояш ба армугон меоварад ва дигаре дар хусуси зану фарзандонаш. Ва саввумӣ хомӯш буд, балки метарсид, мабод ҳарфи куфре ба забон оварад... Аз дурҳо садои таки аспе меомад. Лаҳзае ҳамагон хомӯш монданд ва гӯш ба сӯйи садо доданд. Посбонҳо ӯро боздоштанд . Ва боз сӯҳбатҳо гирдогирди гулханҳо ба гардиш омад. Посбонҳо марди ношиносро ба сӯйи чодари амир Исмоил мебурданд...

Бузургони лашкар, кузоти адл назди амир Исмоил ҷамъ омада буданд. Бо ворид шудани посбон хама ба сӯйи ӯ менигаранд. Марди сарбоз дар вурудгоҳи чодар ба зону зада, сӯйи амир Исмоил заминро бӯса медиҳад.

Посбон: Умри амирам поянда бод, аз ҷониби лашкари саффорӣ косиде омадааст ва исрор меварзад, ки барои амирам пайғоми муҳиме дорад.

Амир Исмоил: Ӯро биёвар.

Посбон аз чодар бадар меравад ва ҳозирон хомӯшона ба ҳамдигар менигаранд, то он лаҳза, ки посбон дубора бо қосид бармегардад. Қосид зону мешиканад ва таъзим мекунад, пешониашро ба хоки зиллат месояд.

Амир Исмоил: Бигӯ, чӣ паёме дорӣ? Магар амири саффорӣ пушаймон шудааст?

Қосид: Мулки ҷаҳон ба коми шоҳ бод, то ҷаҳон боқӣ, номи некӯяш ҷовидон монод. Ман аз назди як гурӯҳ сарҳанги лашкари амири Хуросон меоям. Ишон накзи байъат бар амир Амр карданд ва мехоҳанд ба лашкари шумо бипайвандданд.

Амир Исмоил: Мо аз ин тасмими саронии лашкар ва бузургони Хуросон хурсандем. Вале донистан мехоҳем, чӣ омиле ишонро ба чунин иқдоме водошта аст.

Қосид: Аллу дод ва замири начиби амирам, ки шоистагии ҳукумат бар саросари кишварро дорад.

Амир Исмоил: Ман ба ишон чизе ваъда дода наметавонам.

Қосид: Ишон ба ҷуз оромиши кишвар ва ободонии он тибқи адлу дод дигар чизеро умедвор нестанд.

Амир Исмоил: Ку замонати ишон, ки фардо бо мо низ чунин рафтор нахоҳанд кард?!

Қосид: Замонати як озодмард дар сухани ӯст, ки ба амал мепайвандад. Ишон фардо дар майдони набард ба шумо мепайванданд.

Амир Исмоил: Ишонро аз мобақӣ чун тамиз диҳем?

Қоисд: Ишон бо ливои шумо ба майдон хоҳанд баромад.

Амир Исмоил якояк ба саронии лашкари хеш менигарад. Онҳо ба аломати ризомандӣ сари хешро поин меоранд.

Амир Исмоил: Пас ба ишон бирасонед: ҳар кӣ толиби ободонӣ ва осоиши кишвар аст, мо бо ӯ мувофиқем ва ҷуз ин дигар муроде надорем. Ва дигар ин, ки ишон назди мо низ дар мақоми пешинаи хеш, вале бо иззат бокӣ хоҳанд монд ва сари мӯе молу мулки ишон тасарруф нахоҳад шуд ва баръакс, ҳар он чи аз ишон ба зӯр ситонданд, дубора ба соҳибонашон баргардонда хоҳад шуд.

Худованди гардонсипеҳр ёру мададгор бод, ки ҳама пирӯзиҳо аз ӯст.

Қосид баромада меравад. Дар рӯҳияи бузургони лашкари амир Исмоил боландагӣ ҳувайдо мешавад. Баъзеи ишон ҳаяҷони хешро пахш кардан наметавонанд.

Муҳаммади Ҳорун: Мо ба мақсади хеш расидем! Рӯҳияи сипоҳи Амр шикастааст!

Амир Исмоил: Ҳанӯз шодӣ кардан барвақт аст. Амр марди соҳибтадбир ва айёру силаҳшӯр аст!

Аҳмади Дароз: Ин фурсатро ғанимат бояд бишмарем ва имкон надиҳем, ки амир Амр тадбир бияндешад.

Амир Исмоил: Ба фикри шумо чӣ бояд кард?

Аҳмади Дароз: Аз фардо дер накарда, ба Балх ҳуҷум бояд бурд.

Ҳорун: Агар амирам иҷозат диҳанд, ман бо сипоҳи хеш ҳамин ҳоло ба роҳ хоҳам баромад ва бо дамидани субҳ корзор хоҳам намуд.

Амир Исмоил: Қазияро он чунон осон магиред. Агар аз лашкари Амр дах ҳазор осӣ мешавад, бокӣ барҷой меманад. Сониян, ин рӯҳияе, ки дар шумо боланда шудаст, гӯё

бар Амри Лайс музаффар гардидаед, окибати хатир дорад. Шумо алҳол форигбол ва мутмаин шудаед, ки ин рӯҳияи як сипоҳи ба рифоҳ расида аст. Таъкид мекунам: ҳеч кас бе фармону супориши ман ба амале иқдом намекунад. Мо медонем, ки Амри Лайс тамоми қуввахои ҷангияшро дар сари роҳи мо қарор додааст. Ӯ моро фақат аз роҳи Алиобод интизор аст. Мо бояд ӯро дар ин тасмимоташ ноумед созем! Ва аз сӯе ба ҷанг ворид шавем, ки ҳеҷ интизор надошт. Бинобар ин мо фардо субҳ ба роҳ мебароем ва аз Дарвозаи Ато, яъне ҷануби шористон вориди набард мешавем. Ӯ дар ин сурат барои қуввахояшро ба самти мукобил кӯчонидан фурсат намеёбад.

Ҳамуя бинии Алӣ: Вакте мо тамоми қуввахои хешро ба ҷануби шаҳр интикол медиҳем, онҳо низ бекор намеишинад.

Амир Исмоил: Мо нагуфтаем, ки тамоми лашкарро ба ҷинуб интикол медиҳем. Мо чунин вонамуд мекунем, ки шаҳрро муҳосира менамоем ва ҳамчунин ҳам мекунем. Вале қуввахои зарбазанандаи хешро гофилгирона ба ҷинуб, ба дарвозаи Ато интқол медиҳем.

Амир Исмоил бо чанд нафар сипаҳсолорони хеш болои теппае дар мукобили Дарвозаи Ато истодааст ва лашкараш мавқеъ мегиранд.

Амир Исмоил: Оби шаҳрро қатъ боял кард. Ба сарбозон бигӯед, манчаникҳову арродахоро дар наздикии дарвоза соз кунанд ва ба рахна кардани бораи шористон бипардозанд.

Ахмад бинии Исмоил савори асп бар гарева фароз меояд ва чанд гом монда ба падараш аз асп пиёда мешавад.

Ахмад: Лашкари Мухаммади Хоруи аз гарб ва Порси Байкандӣ аз шарқ ба харб гузаштанд. Аглаби сипохи кисмати шимолии амири Саффорӣ ба лашкари Порси Байкандӣ пайвастанд. Ва зиёдати ишон хазимат шуданд ва ба сӯйи Систон гурехтанд.

Амир Исмоил: Манчаникҳову арродахои Ҳамӯя низ дару девор мешикананд...

Дохили шористони Балх

Ҷо-ҷо хонаҳо ва кушкҳо оташ гирифтаанд. Ҷӯйҳо аз беобӣ хушкидаанд. Мардуми шаҳр аз беилочӣ чун мурғони пойсӯхта ба чор тараф медаванд , вале беҳуда, бефоида. Аз дасташон коре барнамеояд.

Ва сипоҳиёни амири Хуросон болои бораи баланд камин гирифтаву сӯйи хоричи қалъа тир партоб мекунанд. Амри Лайс беқаророна гирдогирди бора мегардад ва ҳарби сипоҳиёнашро наззора мекунад. Сарбозонаш беруни қалъаи шористон дар ҳисор афатодаанд ва торафт тазйиқ меёбанд, ба хандақ мерезанд, ғарқ мешаванд. Сипаҳсолоронаш фирор мекунанд,таслим мешаванд. Ҳанӯз дарвозаҳои шаҳр бастаанд, мустаҳкаманд. Фақат санги арродаҳо бораро меуфтонанд, нафти манҷаниқҳо қалъаро месӯзонанд. Мардум чун мурғи посӯхта худро ба чор тараф мезанад... Амри Лайс аз болои бораи баланди шористон поин меояд.

-Бояд ба кӯмаки сипоҳиёни хеш рафт.

Сарбозон аз бора поин меоянд. Дарвозаи Ато боз мешавад. Амри Лайс дар раъси лашкар ба майдони ҳарб мебарояд. Амир Исмоил бо лашкаре андак ба истиқболи ӯ асп медавонад ва ҷанге сахт дар мепайвандад. Ва Амри Лайс муҳосираи сипоҳи амир Исмоилро рахна карда, аз қалъа дур мешавад. Сипоҳи Амир Исмоил ҷангкунон ӯро таъқиб мекунанд. Сипоҳаш куштаву асир мешавад ва худи Амр ба сӯи бешазорҳо фирор мекунад.

Амир Исмоил (*ба Ҳамӯя*): Аз пасаш рав!

Ва амир Исмоил ба шористони Балх ворид мешавад. Мардуми шаҳр хурду калон аз марду зан, писару духтар ба истиқболаш мебароянд.

Ва дар ҷӯйҳо об ҷорӣ мешавад...

Ва сӯхторҳо хомӯш мегарданд...

Ва ғубори чангу дудро насим ба дурҳо мебарад...

Ва абри баҳорӣ қатраҳои шаффофи хешро бар замини сӯхтаву тафта меборад...

Даруни бешазори анбӯҳ аспи Амри Лайс кунд медавад. Сипоҳиёни таъқибгари лашкари амир Исмоил торафт ба ӯ наздик мешаванд. Ӯ дилтангона аспашро тозиёна мезанад. Вале ҳамоно дар назари амир ба мисли пештара кунд меравад, ба мисли Рахши Рустам дар остонаи Кобул.

Асп пешпо мехӯрад, чанд гом ба зону меравад, Амри Лайс аз пушташ ба зер меафтад. Ӯ дигар мачоли аз ҷой хестану дубора бар аспе, ки болои сараш сӯгворона истодааст, нишастан надорад. Ӯ дигар тавони ҳеч коре надорад. Ӯ ҳатто бо ду гулом, ки якумр захраи ба рӯяш нигоҳ карданро надоштанду алҳол гиребонгираш шудаанд, мадоро мекунад, аз ишон амон мехоҳад. Ҷони хешро аз ишон мехарад.

Амри Лайс: Барои сомон додани зиндагият ин асп бо ҳама абзораш кифоят мекунад.

Ва ангуштарини қиматбаҳоро, ки ғулом ба он низ тамаъ баста буд,аз ангушт бароварда ба ӯ медиҳад. Ғулом бо чолокии ғайричашмдошт худро болои асп мегирад ва бо тозиёне аз назарҳо нопадид мегардад. Амри Лайс ба дард лабҳанд мезанад. Ин асп лахзае пеш лаванду кундгом буд, алон ба мисли бод меравад. "Эй дареғ, рӯзгор аз ман рӯй гардондааст!"

Вале ҳанӯз гиребонаш ба дасти чокари дигар аст ва аз шиддати такон додан даридааст.

Амри Лайс: Гиребони маро раҳо кун, каффофи зиндагии туро низ хохам дод.

Ва ғулом гиребони ӯро нобоварона раҳо мекунад, аз барои мабодо ханҷарро аз ниём мекашад.Амри Лайс лабханд мезанад ва аз соки мӯзааш ҳамёнеро беруи мекашад.

-Ин ҷо понздаҳ марворид аст, ҳар калом ба қимати ҳафтод ҳазор дирам. Бигир ,факат маро раҳо кун.

Ғулом харисона ҳамёнро аз дасти хочаи хеш чангол мезанад ва бо суръат онро зери багал пинҳон мекунад. Ва боз тамаъ дар музаи ӯ мекунад. Худ онҳоро аз пои амир беруи мекашад ва худ мепӯшад. Ҳамин вакт буд, ки сарбозони амир Исмоил ба ишон расиданд ва онҳоро асир гирифтанд. Амри Лайс ба дард лабҳанд мезанад: "Ҳама бузургони ин сарзамин ба дасти ғуломони хеш хор шудаанд! Кушта шудаанд! Э дареғ, мо худ панд нагирифтем. Эй дареғ,ки мо боз гуломпарвар мондем..."

Ҳамӯя бо дидани амир Амри Лайс ханда мезанад.

Ҳамӯя: Хостй либосатро иваз куний, то кй будаватро напӯшӣ?

Амри Лайс: Ман чунин касде накардаам.

Ҳамӯя: Пас ин чист?

Ба пойи ғулом ишора мекунад. Ранг аз рӯйи ғулом мепа-

рад.

Амри Лайс: Аз рӯйи ҳирс онро аз пойи ман дароварад. Ва сарбоз тозиёне чанд бар сари ғулом мезанад ва ӯро мачбур месозад, ки худ онҳоро бар пойи амир бипӯшонад.

Ҳамӯя: Ҳарчанд амир имрӯз асир аст,боз бар ту хоча аст. Ҳеч ғуломе ҳаққи тасарруф бар моли хочаи хеш надорад. Магар ба шумо нагуфта буданд?..

Ва тозиёнае дигар бар сараш мезанад, ғулом аз ҷазбаи дард бо ду даст сарашро дошта, бар замин мешинад. Сарбоз бо ишорати сар савореро амр медиҳад, ки аспашро барои Амри Лайс холӣ кунад. Ва Амри Лайс дар иҳотаи сарбозони савора ба роҳ меуфтад. Ва сарбози пиёда ғуломро пешандоз карда, бо дигар асирон ҳамроҳ месозад.

Амир Исмоил дар издиҳоми мардум аз масчиди ҷомеи шаҳри Балх берун меомад. Бо мардуми шаҳр самимона, ҳамчун ёрони қадим сӯҳбат мекард.Ба ҳамин минвол ба майдони шаҳр расиданд. Аз тарафи муқобил Амри Лайсро бо гурӯҳе асирон меоварданд. Амри Лайс бо дидани амир Исмоил хост аз асп пиёда шавад, вале солори ғозиён чанд гоми тунд тарафи ӯ зад.

Амир Исмоил: Ба арвоҳи падарат,аз сари заҳмат гузар, ки басо хаста шудай. Ман имрӯз ба ту он кунам, ки мардумон аҷаб доранд, зеро ту шоистагии ҳама гуна эҳтиромро доро ҳастӣ. (*Ба чокаронаш*). Амири Хуросонро ба саропарда фуруд оваред ва асбоби фароғати ишонро фароҳам созед.

Чокарон Амри Лайсро ба сӯйи кушке мебаранд, ки худ амир Исмоил он ҷо фуруд омада буд. Солори ғозиён бародараш Абуюсуфро ,ки чун муҳофизе аз ӯ дур намешуд, гуфт:

- Мувозиби Амри Лайс бошед. Ӯ дӯстон ва душманон дорад. Мабод, ки ҳаводисе рух диҳад ва зомин мо бошем. Бигзор имрӯз истироҳат кунад, фардо сӯҳбат хоҳем дошт.

Ҳорун: Бо дигар асирон чун рафтор кунем?

Амир Исмоил: Аввалан боэҳтиром рафтор кунед, ишонро ғизо диҳед ва ризояташонро бипурсед: Ҳар киро мехоҳад бо мо бимонад, ӯро нигоҳ доред ва дар байни лашкар тақсим кунед ва он, ки дигар ҷангидан намехоҳад, ӯро раҳо кунед, ба зодбуми хеш баргардад...

Амир Исмоил бар асп нишаста бо ҳамрохии писараш Ахмад ,сипахсолор Ҳамӯя бинни Алӣ, Ахмади Дароз ва ду бародари дигараш Юсуф ва Абузакриё аз қалъа бадар шуда, ба лашкаргох ва майдони харб мераванд.

Амир Исмоил: Имшаб ба шаҳр посбонҳо нагузоред, вале худ бепарво нашавед. Мо бояд сарбозони хешро дар парҳезкорӣ ва риояти ҳаққи мардум биёзмоем.

Сабозон мурдахоро ба сӯйи кабристони шаҳр, ки дар як баландии сабзу пургул вокеъ шуда буд, мебурданд.

Амир Исмоил бо ҳамроҳонаш лашкарашро чарх зада, ба назди рӯди Балх меоянд ва аз аспҳо пиёда шуда, ба сохили рӯд мефароянд. Оби гилолуд бошӯру ғавғо чорӣ буд.

Ахмад: Амри Лайс мехост ин рудро бо кисахои зар бибандад,то лашкараш аз он безаҳмат убур намояд.

Ва лабханд мезанад.

Исҳоқ: Магар шахзода шак доштанд?

Ахмад: Ин рӯдро бад-ин бузургӣ магар мешавад аз кисахои зар пур карду пул сохт?

Амир Исмоил: Амри Лайс метавонист...

Офтоб паси қалъа фурӯ мерафт. Онҳо хомӯш монданд. Ва амир Исмоил дасту рӯяшро дар оби рӯд шуста,то чанд лаҳзае сӯйи шаҳр нигарист.

Амир Исмоил: Бухорои мо дигар аст... Ночор боят ба ин шаҳри гариб баргашт. Вале дилам мехохад дар Бухорои худамон бошам...

Ва ба шаҳр бармегарданд. Шаҳр пуртаралдуд буд.Онҳо аз байни издиҳоми мардум гузашта, ба кушке, ки дар он барои амир Исмоил чойгоҳ муқаррар карда буданду алхол Амри Лайс дар он асир, ворид шуданд.

Амир Исмоил: Абудовуд кучост? Ӯро хозир кунед.

Исҳоқ: Ба суроғи ӯ рафтаанд, ҳанӯз пайдо нест.

Амир Исмоил: Аз тарс кучое пинҳон шудааст ва ё бо сарҳангҳои Амри Лайс ба Систон гурехтааст. Талқиқ кунед, овоза кунед, ки мо аз гуноҳаш гузаштаем. Шояд пайдо шавад.

Ахмад бинни Муҳаммади Лайс пои супориши амир Исмоил баромада меравад.

Амир Исмоил: Ин нусрат худойи таолло маро дод ва ҳеч касро бар ин неъмат бар ман даст нест, ҷуз худойро азза ва ҷалла.(*Ба бузургону саромы лашкар ба амтиҳон меистанд. Ишон ин сухани амири худро ҳамчун амири мусал-*

лам пазируфтаанд). Тақдир чунин будааст, ки хонадони саффорӣ ба дасти мо суқут кунад, ҳарчанд мо чунин ният надоштем. Дигар ин қаламрави бузург ба тасарруфи мо даромадаст. Ва ба хости худованд Хуросон якпорча шуд, дигар вазифаи мост, ки онро яклухт,ободон нигаҳ дорем, то мардуми зулмдидаи он дар оромиву осоиш, дар рифоҳ ба сар баранд, кор кунанд, кишварро ободон гардонанд... Вале ин нусрат ҳанӯз поёни кор нест. Қисми зиёде аз ин кишвар ҳанӯз дар тасарруфи куффори Ҳинд аст. Сиистон ба ин наздикӣ ором нахоҳад шуд, зеро бозмондагони Саффорӣ барои ба даст овардани қудрати аз даст додаашон ором нахоҳанд нишаст. Онҳо ин қадар сарвате гирд овардаанд, ки метавонанд барои чанд муддати дигар муқовимат кунанд. Алавиёни Дайламу Гургон интизори фурсате ҳастанд, ки қудратро дар қаламрави шарқии халофат ба даст гиранд... То замоне, ки ин хатарҳо вуҷуд доранд, мо наметавонем кори оғоз кардаи худро поёнёфта пиндорем. Бо хости худованд мо дигар дар маърази ҳаводиси бузург қарор гирифтаем. То поёни ин роҳ рафтан дигар масъулияти мост. Худованд дар ин роҳ мову шуморо тавфиқи нусрат бахшад.

Ҳама дасти дуо ба рӯй мекашанд.

Ҳорун: Амирам дар масъалаи Амри Лайс чӣ тасмим гирифтаанд?

Амир Исмоил: Амри Лайс марде бузургҳиммату бузургато ва бо олату иддат ва раъю тадбир ва бедор дар корҳо ва фарохнону намак аст. Раъйи ман чунон аст,ки бикушам,то ӯро ҳеч газанде нарасаду аз ин банд халосӣ ёбад.

Абуҳотами Ясорӣ: Раъйи амир савобтар, ҳар чӣ маслиҳат бошад, фармоянд

Амир Исмоил: Мо ба Бухоро бармегардем. Алӣ бинни Аҳмад бо сипоҳаш ба Ғазна. Ғазнаро аз дасти Алимони ҳиндӣ ва муттафиқаш ҳарчи зудтар бояд озод кард.

Аҳмади Дароз: Ман гумон намекунам, ки дар муқобили Алимони ҳиндӣ ва сипоҳаш Алӣ бинниАҳмад кофӣ бошад. Бо Алӣ бинни Аҳмад каси дигаре низ ҳамроҳ бояд кард.

Амир Исмоил: Киро?

Аҳмади Дароз: Амирам ҳар касеро, ки шоиста донанд.

Амир Исмоил: Ин хиттаро ишон хубтар аз дигарон медонанд, пас хуб мешуд, худашон ин сафарро роҳбарӣ кунанд. Дар ин хусус мулоҳизоти дигаре вуҷуд дорад?

Ҳама: Амирам ҳар чи салоҳ донанд, айни савоб бошад!

Амир Исмоил : Ба ҷуз сипаҳсолор Муҳаммад бинни Ҳорун дигарон озоданд.

Муҳаммад бинни Ҳорун мемонад. Дигар бузургони лашкар ба амир Исмоил "шаб ба хайр" карданду рафтанд.

Амир Исмоил: Мурод аз он суол чӣ буд?

Ҳорун: Амирам ба пурсиши ман посух доданд. Ман фақат ҳамин чизро фаҳмидан мехостам.

Амир Исмоил: Рӯшантар ҳарф бизан, Ҳорун!

Ҳорун: Ҳеҷ асроре аз амирам пӯшида нест. Зинда доштани амирам худ масъалаест. Агар амирам тасмим гирифтаанд, ки Амри Лайсро газанде нарасонанд ва дар назди хеш нигоҳ доранд, амиралмӯъминин бимнок хоҳад шуд ва дар муқобили амирам фитнае хоҳад барангехт. Аз ин рӯ ӯ аз амирам Амрро талаб хоҳад кард. Бо ирсоли Амр амиралмӯъминин аз барои мабодо ӯро ҳамчун санге зери бағал хоҳад дошт. Мурод аз суол барои худ муайян кардани ин қазия буд, дигар ҳеч.

Амир Исмоил: Мо аз ҷониби амиралмӯъминин маъзул шудаем ва ҳеч муносибате бо ӯ надорем.

Ҳорун: Ӯ ночор аст, ки бо амирам сари ин қазия муомила кунад, зеро намехоҳад аз минтақаи шарқии қаламрави ислом маҳрум бимонад. Ӯ хуб медонад, ки бо аз даст рафтани минтақаҳои шарқӣ аз Ирок ҳам маҳрум хоҳад гашт. Агар сари ин масъала бо амирам ба муомилае нарасид, ҳатман бо душманонаш-алавиёни Табаристону Гургон созиш хохад кард.

Амир Исмоил: Ҳм..Шояд..

Амир Исмоил ба андеша фурӯ меравад.

Ҳорун: Аз ин рӯ Амри Лайс аз бузургтарин масъала аст миёни амирам ва халифаи Бағдод. Дигар ба раъйи амирам марбут аст.

Амир Исмоил: Агар ҳукм ба қатлаш дихем?

Ҳорун: Амирам дар посухи суоли ман ҳукми хешро эълом доштанд.

Амир Исмоил: Бо вуҷуди он...

Ҳорун: Халифа аз як муддаии сарсахти хеш халос хоҳад шуд.

Амир Исмоил: Пас бо Амри Лайс ҳар коре ки кунам натиҷаааш бар зарари мо хоҳад буд... Маслиҳат он аст, ки алҳол мо бояд истироҳат кунем, то фардо худованд чӣ

фармояд.

Ҳорун баромада меравад. Амир Исмоил то дергоҳ андешамандона пасу пеш қадам мезанад. Дигар хоб аз дидагонаш паридааст. Ҷойнамоз мегустарад ва ба ибодат машғул мешавад.

Субҳи рӯзи дигар амир Исмоил худ ба суроғи Амри Лайс ба ҳучраи ӯ рафт. Амр бо дидани амири сомонӣ ба суръат аз болои ҷойнамоз бархест ва ба истиқболи ӯ чанд гом зад. Амир Исмоил ӯро ба оғӯш гирифт ва аз ҷабинаш бӯсид. Дар ин як шаб Амр хеле пир шуда буд: чашмаш аз бехобӣ варамидаву хун гирифта , пӯсти рӯяш пажмурдаву беранг гардида. Амир Исмоил пардаҳо аз панҷара ба як сӯ кашид ва нури хуршед ҳучраро равшан намуд. Амр дар изтироб буд.

Амир Исмоил: Ҳеҷ дил машғул мадор. Нагузорам, ки ба ту газанде бирасад.

Амри Лайс: Ман бим аз халифа дорам. Ӯ маро талаб хоҳад кард.

Амир Исмоил: Дар он тадбирам, ки ҷони туро аз халифа бихоҳам. Дар ин роҳ агар ҳама хазона бадал шавад, раво дорам, ки туро ба ҷон газанде нарасад ва боқии умр ба саломат бигзаронӣ.

Амри Лайс мехоҳад худро дар пои амир Исмоил афганад, вале солори ғозиён ӯро намегузорад.

Амир Исмоил: Дар чунин вазъе дидани чун туе барои ман ногувор аст. Бо арвоҳи падарат, дигар чунин рафтор манамо. Ин хости худованд буд. Ман омадаам бидонам, ки бо ту чун рафтор менамоянд.

Амри Лайс: Агар об гӯям, гулобам медиҳанд. Худованд туро хор магардонод.

Амир Исмоил: Ман ҳанӯз ношито нашикастаам. Бо ҳам субҳона мехӯрем.

Амир Исмоил кафҳояшро ба ҳам мезанад ва бародараш Абуюсуф Яъқуб ворид мешавад ва ба ишон таъзим менамояд.

Амир Исмоил: Бифармоед, субҳонаи моро ин ҷо биёваранд.

Хизматгорон паиҳам бо лаълиҳои таом вориди ҳучраи ишон мешаванд. Амри Лайс ба гӯшаи остин ашкашро пок

мекунад, лабханд мезанад.

Амир Исмоил: Чӣ шуд?

Амри Лайс: Бародарам Яъқуб ба як тарпиёзу нони хушку моҳӣ қаноат дошт...

Амир Исмоил: Алайҳуррахма вал ғуфрон марде буд далеру паҳлавон, шуҷоъу парҳезкору ватанпараст.

Амри Лайс ба ҳайрат дар амир Исмоил менигарад. Ӯ дар ҳар сухан, дар ҳар амали амири Сомонӣ беш аз пеш ҳайратзадаву шефтатар мешавад.

Амир Исмоил: Ман хато гуфтам?

Амри Лайс: Ман бовар намекардам.

Амир Исмоил: Ба чӣ?

Амри Лайс: Ки ту ҳамчуноне, ки мегуфтанд!

Амир Исмоил: Инсонҳо бо амалҳошон шинохта мешаванд. Вале ман ин ҷо на ба он мақсад омадаам, ки аз якдигар тамҷид кунем. Ман донистан мехоҳам, ки чун асир шудӣ?

Амри Лайс: Магар чӣ тавр асир шудани ман имрӯз моҳиятеву маъние дорад?

Амир Исмоил: Даъвогарон ба асир гирифтани амири Хуросон зиёд шудаанд. Аз ин рӯ ман чигунагии қазияро донистан мехоҳам.

Амри Лайс: Даруни мурдоб ҳаметохтам. Асбам дар гил фурӯ монд. Аз асп фуруд омадам ва дар зери дарахте хуфтам. Чун чашм боз кардам, дидам ду гуломам бар сари ман ситода. Яке аз ишон тозиёна кашид ва бар биниам ниҳод. Ба ӯ гуфтам: "Дигар аз ин пирамард чӣ мехоҳӣ". Ишонро ба ҳаққи он неъматҳоям савганд додам, то маро ҳалок накунанд. Ишон худро ба пойи ман партофтанду бӯса доданд ва маро зинҳор доданд. Ва яке аз ишон маро бар асп нишонд. Мардумон гирди мо ҷамъ омаданд. Он яке дигар гуфт: "Бо худ чӣ дорӣ?" Гуфтам: "Бо ман чанд марворид аст, қимати ҳар яке ҳафтод ҳазор дирам". Мӯза аз пойи ман берун карданд. Лахте гавҳарҳои гаронбаҳо ёфтанд...

Амир Исмоил гавҳарҳо назди Амри Лайс мегузорад. Онҳоро бозпас тела медиҳад, вале амири Сомонӣ қабул намекунад ва қатъан болои ин қазия дасти хатм мениҳад. Бо ишорати сар ӯро ба идома додани суханаш медорад.

Амри Лайс: ... ва ангуштари хеш ба ӯ додам. Аз асп, ки хеч харакат намекард, поин омадам ва онро ба дигарӣ бах-

шидам. Асп зери пои ғулом ба мисли бод мерафт. Ва ҳамин лаҳзаҳо сипоҳи амир маро андар ёфт.

Ва амир Исмоил ангуштарӣ низ пеши ӯ мегузорад. Амри Лайс эътироз мекунад.

Амир Исмоил: Ҳамчун тӯҳфаи мо бипазир.

Амри Лайс: Акнун ин ҷарқу барқ маро чӣ кор ояд?!

Амир Исмоил ба эътирози ӯ эътибор надода, аз ҷояш мехезад ва аз ҳуҷра бадар меравад. Амри Лайс ҳангу манг мемонанд. Бародарон дар даҳлез ба ҳам дучор меоянд.

Амир Исмоил: Имрӯз ба шаҳрамон бармегардем. Шумо бо роҳи дигар ба Самарқанд ҳаракат мекунед ва ӯро дар кушки худамон фуруд меоваред. Зинҳор касе аз ин қазия огоҳӣ наёбад. Ҳамеша ба шабҳангом ҳаракат кунед. Бо худ одамони мутмаинатонро бигиред. Фақат ва фақат шабҳангомҳо ба роҳ бароед. Дастури минбаъдаро дар Самарқанд аз мо дарёфт хоҳед намуд. Дар паноҳи худо бошед.

Абуюсуф Яъқубро ба оғӯш мегирад ва аз ҷабинаш мебӯсад. Юсуф бародарро то беруни кушк гусел мекунад. Амир Исмоил бар чармаи хеш нишаста, ба қаср бармегардад.

Лашкари амир Исмоил дар майдони шаҳр саф кашида буданд ва омодагии сафари Ҳироту Ғазнаро медиданд. Бузургони сипоҳ бо саркардагони амири Сомонӣ аз кушк бадар меомаданд. Ғуломон бо намудор шудани онҳо аспҳояшонро аз истаблҳо кушода, то ба назди зинаҳо оварданд. Амир Исмоил аз ҷайбаш номаеро бароварда, ба писараш Аҳмад месупорад ва шифоҳӣ таъкид мекунад.

Амир Исмоил: Ин нома ба амуят Абуюсуф Яъқуб бирасон ва бигӯй, ки нақшаҳо дигар шуданд. То аз Ғазна баргаштани мо ин ҷо бошанд, вале лаҳзае ғафлат накунанд.

Аҳмад бинни Исмоил бар аспи сурхфоми хеш нишаста, бо суръат аз майдон хориҷ мешавад. Шоҳ Исмоили Сомонӣ бар аспи хеш менишинад ва баъд саронии лашкар аз ӯ пайравӣ менамояд. Ба майдони шаҳр меоянд ва аз назди лашкар мегузаранд. Сипоҳиён бо як рӯҳбаландии бузург аз шоҳи худ истиқбол мекунанд.

Амир Исмоил: Ман умедворам, сипоҳиёни далеру боимони мо хаста нашудаанд...

Аз саросари лашкар садои ҳамраъйӣ бо шоҳи хеш танин

меандозад.

Амир Исмоил: Мо наметавонем кори худро нотамом бигзорем ва бозгардем. Масъулияти оромиши ин хитта аз кишвар дигар бар гардани мост... Мо фақат Амри Лайсро асир гирифтаем ва намедонем саронн лашкари фирории ӯ бар сари чӣ хаёле доранд. Мо ҳанӯз толиби сулҳем. Мо мехоҳем ишон бо оромӣ ба хонаҳои хеш баргарданд. Агар бо мо ҳамроҳ шаванд ва дар кори якпорча сохтани кишвар бо мо ҳамдастӣ намоянд аз гуноҳи ишон мегузарем, вале дигар намегузорем касе алами исён боло кунад. Ман аз шумоён мепурсам: оё барои таҳкими ин ормон бо амири хеш ҳамқавл ҳастед? Оё тайёред ӯро ҳамроҳӣ кунед?

Боз сипоҳ бо садои шаафбор суханони шоҳи хешро истиқбол менамоянд.

Амир Исмоил: Худованд тавфиқро рафиқ гардонод.

Амир Исмоил аспашро гардонда босуръат аз қалъа бадар меравад. Саронн сипоҳ чанд фосила аз дунболаш асп метозонанд. Сипоҳ ба роҳ мебарояд: дар сафи пеш саворанизом пасон пиёданизом. Мардуми шаҳр ишонро то дами дарвозаҳои шаҳр гусел мекунанд. Занону духтарон ва наврасон аз болои бораҳо ба сӯйи сипоҳи дар ғубори роҳ нопадидшаванда даст меафшонанд.

ҲИРОТ

Кушки амир

Посбонони амир Исмоил як гурӯҳ мардони мӯҳташамро, ки қасди вуруди кушкро доштанд, бозмедоранд.

Рӯзбон: Истед. Шумо кистед?

Онҳо аспҳои хешро қарор медиҳанд ва пиёда мешаванд. Марде солхӯрда аз миёни ишон ҷудо шуда ба назди рӯзбони кушк меояд.

Марди солхӯрда: Мо аз бузургони ин шаҳр ҳастем ва мехоҳем ба хизмати шоҳ Исмоил бирасем.

Рӯзбон: Амирам тоза аз роҳ расидаанд ва хастаанд.

Марди солхӯрда: Ҷонам ба фидоят, мушкиле дорем ба назди шоҳ, таъхирнопазир.

Рӯзбон: Ҳамин ҷо бошед.

Рӯзбон сарбозеро, ки дар он атроф буд, ба наздаш даъ-

ват менамояд ва ӯро андаруни кушк мефиристад.

Ҳочиб ба назди амир Исмоил меравад. Амир Исмоил бо бузургони сипоҳи хеш нишастааст ва перомуни масъалаҳои ҷории худ сӯҳбат доранд. Бо ворид шудани ҳочиб онҳо хомӯш мешаванд ва ҷониби ӯ менигаранд. Ҳочиб таъзим менамояд.

Ҳочиб: Амирам бузургони шаҳр ба зиёрат омадаанд..

Амир Исмоил: Бигӯ, дигар замон биёянд.

Ҳочиб: Исрор меварзанд, ки мушкиле доранд ба назди шоҳам, ки таъхир намепазирад.

Амир Исмоил: Бигзор дароянд.

Пас аз лаҳзае бузургони шаҳри Ҳирот назди амир Исмоил ҳузур меёбанд. Бо дидани ишон амири сомонӣ аз ҷой бархоста, чанд гоме пешвозашон меравад. Бузургони шаҳр дар баробари ин фотеҳи одил замин мебӯсанд. Ӯ мехоҳад монеъи чунин амали ишон шавад, вале дер шуда буд ва ноилоҷ пирамардеро аз хоки зиллат бармедорад.

Амир Исмоил: Хуб нест... Бифармоед...

Пирамард каф ба китфони амир кашида, бар дидагонаш мемолад. Ва нафас рост мекунад.

Пирмард: Сояи адли шоҳам бар раоё ҷовидона бод!

Амир Исмоил: Бифармоед...

Ва пирамардро боло мешинонад ва ёронаш поинтар дар бари бузургони сипоҳ ҷой мегиранд.

Пирамард: Сад ҳазор ҷони раоёи ин шаҳр фидои ҷони шоҳи ҷаҳон бод! Мо аз баҳри амон омадаем.

Амир Исмоил бо тааҷҷуб ба саронн лашкараш менигарад. Ишон низ дар тааҷҷуб мемонанд.

Амир Исмоил: Магар аз мо ба ишон зулме расидааст?

Мо ҳанӯз аз мардуми шаҳр чизе талаб накардаем, ҳарчанд метавонем...

Пирамард: Умри шоҳам ҷовидон бод, мардум аз вуруди лашкари фотеҳи шоҳам сари мӯ зиёне надидаанд, вале...

Амир Исмоил: “Вале” чӣ?

Пирмард: ...вале мардум бим доранд ва аз ғорату чаповали доимӣ ба сутӯҳ омадаанд, аз ин рӯ аз шоҳам амон мехоҳанд.

Абӯисҳоқ: Бо вуҷуди он, ки ба сипоҳиёни мо кӯмаке намекунанд ва ҳатто назари душманона доранд?...

Амир Исмоил: Оре, дуруст аст.

Пирамард: Моргазида аз ресмони ало метарсад. Мардум аз тохтутозу ғорат ва футуҳоти мутааддиди бегонагон нотавон шудаанд, ҳар чи доштанд, ба ғорат доданд ва имрӯз аз ҷону номуси хеш метарсанд.

Амир Исмоил: Магар сипоҳиёни мо дари хонаеро задаанд ва ё дастдарозӣ ба меваи боғе кардаанд?

Пирамард: На.

Амир Исмоил: Пас ба мардуми шаҳр итминон дихед, ки сипоҳи амир Исмоили Сомонӣ ин ҷо паи ғорату куштор наёмадааст, балки мехоҳад ба ин хаттаи ҷафокашидаи кишвар ва мардуми зулмдидаи он сулҳу оромиш бахшад, то ишон минбаъд тавонанд бе тарсу ҳарос кору зиндагӣ кунанд, кишвари ҳосилхезро ободону хуррам гардонанд. Ҳеҷ кас аз сипоҳиёни мо чашм ба молу мулки ишон, ба аёли ишон нахоҳад баст. Ба мардум бирасонед: Амир Исмоили Сомонӣ аз ин баъд ба замони амони шумо хоҳад буд. Ман ин замонатро дар хузури ин ҷанобон медиҳам... Боз чӣ мушкиле доред? Бифармоед... Шояд дигар фурсате барои расиданӣ ба масоили мардуми ин шаҳр наёбем. Ҳарчанд худам хоҳишмандам, ки ба ҳар фарди ин диёр сӯҳбат кунам. Зеро медонам, онҳо имкони бо ман аз гирифторихояшон сӯҳбат карданро намеёбанд, балки ба ишон чунин имконеро намедиҳанд.

Пирамард: Ҷуз икболи шоҳам дигар таманное надорем.

Амир Исмоил: Афсӯс, ки дар чунин шароит тангдастӣ мекашам. Вагарна ба мардуми шаҳр кӯмак мерасондем. Вале умедворам ишон худ мушкилоташонро рафъ хоҳанд намуд.

Пирамард: Давлати шоҳам поянда бод ва сояи адлашонро хеч гоҳ аз сари мо дур магардонод! Мо дигар музоҳими адолатпаноҳ намешавем.

Ва пирамард замини иззи шоҳро мебӯсад ва ҳамроҳонаш аз ӯ пайравӣ мекунанд.Амир Исмоил аз дунболи ишон то ба назди дари хуручӣ меояд. Пирамард бори охир таъзим карда меравад. Шоҳ ба ҷойгоҳи хеш бармегардад.

Амири Исмоил: Зинҳор, зинҳор ба моли мардум дастдарозӣ накунед! Ба ҳар амале, ки шумо бар мардум раво медоред, фардо дар рӯзи Ҳисоб ман ҷавоб хоҳам гуфт.

Ҳамӯя: Вале ман гумон мекунам, ки амонноман амирам нобаҳангом буд, зеро...

Амир Исмоил (ба хашм омада): Алҳол ман чӣ карданам-

ро медонам.

Ҳамӯя: Мо шакке дар соҳибтадбирии амирам надорем, вале вазъи лашкар тақозо мекунад.

Амир Исмоил: Боз маро муттаҳам ба надонистани вазъи сипоҳ мепиндоред. Ман вазъи сипоҳи хешро медонам ва онро мешиносам. Агар дар ин миён ғарази дигаре вуҷуд дорад, ки мо намедонем,бифармоед, хоҳиш мекунам.

Ҳамӯя: Амирам хуб медонанд, ки дар миён ҳеч гуна ғаразе вуҷуд надорад. Сухани ман иттако бар он буд, ки сипоҳ ба умеди дарёфти ғанимат буд, вале ҳеҷгуна бархурде чашмгир рух надод. Ва имрӯз сипоҳ дар асорати роҳ ба тангӣ афтодаанд.

Амир Исмоил: Пас мехоҳед,ки бифармоям лашкар бо ғорату таҷовуз даст зананд?!

Ҳамӯя: Худо нигоҳ дорад!

Амир Исмоил: Пас чӣ?

Ҳамӯя: Мардуми Ҳирот ба сипоҳиёни мо ҳеч кӯмаке намекунанд.

Исҳоқ: Амирам бояд аз ҳар сари аҳолии шаҳр як мисқол зар талаб намоянд. Он гоҳ вазъи сипоҳ беҳбуд хоҳад ёфт.

Амир Исмоил: Магар шумо худ шоҳид набудед, ки бузургони шаҳр аз нотавонии мардум амон хостанд. Ва боз аз ин мардум зар металабед?! Ман наметавонам нақзи амонномаи худ амал кунам. Ман масъулият дорам, фардо ман ҷавоб хоҳам гуфт. Не, намешавад!

Ва бо аҷала аз толор бадар меравад,то худро аз ин суханон дур дорад.

Амир Исмоил бо чанд сарбоз аз кӯчаҳои шаҳр ба қасди хориҷ шудан аз он мегузашт, ки гузараш ба кӯчабоғҳои Ҳирот афтод. Дарахти пурсебе дид, ки шохаҳояш аз пурборӣ аз девор сар ба роҳ андохта буданд. Сарбозеро фаро хонду гуфт:

-Ин ҷо мутаваҷҷеҳ бош ва мушоҳида бинмо, ки оё касе аз сарбозони мо осеб бад-ин дарахт мерасонад ё не?

Ва худ аз шаҳр берун шуд. Киштзорҳои сабзу хуррам то ба уфуқ доман мекашиданд. Аз насими форам гандумзорҳо чун дарё ба ҳангоми шафақсӯз мавҷ мезаданд. Кӯдакон дар домани ин киштзорҳо зи дунболи чаковакҳо медавиданду ва нури хуршед дар пораойинаҳояшон мешикаст. Ва амир Исмоил ба ёд овард, ки дар замоне дур, дар

чунин ҳоле падараш гуфта буд: “Барои боздоштани ин парандаҳои хуршедӣ пойи чолок бояд дошт”. Ӯ дар гумонаш то ҳанӯз зи дунболи онҳо медавад. “Амри Лайс бо талаби муътамаде аз ӯ чӣ мехоҳад? Чаро пайғамбар дар хобаш ӯро ҳамроҳи худ ба сӯйи уфуқҳои рӯшан мебурд ва Абуюсуф Яъқуб аз наздаш биронд? Абуюсуф бар сар чи хаёле дорад? Чаро бо Амри Лайс наздик шудааст ва ба ҷои об ба ӯ гулоб медиҳад? Чаро дигар бародаронаш ба ӯ монанд нестанд? Чаро кирдори ман ишонро аз ман мегурезонад, ранҷур месозад? Ва ё бардошти ишон аз ҳукумат кардан бар маҷоли чизи дигар аст? Ин чиз чист? Чаро имрӯз бародарам Исҳоқ гуфт, ки “Ту амири Хуросон ҳастӣ, марде аз раоёи ту бар ту ворид мешавад ту бармехезӣ, ӯро то ба назди дар гусел мекунӣ. Магар намедонӣ, ки ба ин рафторат сиёсатро аз байн мебарӣ?! “Магар дар пиндори ишон сиёсат ва ҳукумат кардан дурӣ ҷустан аз мардум аст?! Наход бад-ин зудӣ суннати ниёи хеш -доду додгариву додгустариро аз ёд бурда бошед. Наход фаромӯш кардаанд, ки ҳукумат кардан масъулиятест дучаҳонӣ. Магар дар растохез онҳо ба ёварии ман нахоҳанд шитофт?! Ва ба ҷои ман ҷавоб хоҳанд гуфт?!

ин мавъуд фаромӯш мешавад ва масъулияти амалҳо бар гардани дигарон бор мегардад? Магар фатвои Исмоил аз ҳамин асл барнаёмада буд?..”

Сарбоз: Шоҳам, бузургони сипоҳ меоянд.

Амир Исмоил бефарқ ба сӯйи ояндагон менигарад.

Амир Исмоил: Ман аз зулми ишон мегурезам, ба сутӯҳ омадам! Ин чо ҳам як лаҳза ба ҳоли хеш намегузорандам... Доду сад дод...

Омадани бузургони сипоҳро интизор нашуда,бар асп нишаста сӯйи шаҳр равон мешавад. Ҳине, ки ба ишон рӯ ба рӯ шуд,гуфт:

-Ман медонам, ки шумо чӣ мехоҳед. Вале ман нақзи амоннома нахоҳам кард.

Бузургони сипоҳ зи дунболи шоҳ аспҳои хешро баргардонданд. Абуяъқуб Исҳоқ аспашро тозиёна зада ба амир Исмоил баробар мешавад.

Исҳоқ: Шоҳам, шаҳреро ки маълум нест дар тасарруфи мо бимонад ё на, набояд раҳо карду рафт.

Амир Исмоил: Дуруст аст, вақте мо бо мардуми он чунин зулмро раво бинем, на ин ки Ҳирот, балки тамоми кишвар имкони аз даст рафтан дорад. Бародари ман, таваккул ба худо кунед. Ӯ донандаи аҳволи ҳама аст...

Амир Исмоил аспашро метозонад ва аз ҳамсафонаш босуръат дур мешавад.

Абуғоним Ҳамид аз Балх, аз назди Амри Лайс баргашта буд. Ва бесаборона омадани бародараш ва бузургони сипоҳро интизор мекашид. Аз тӯҳфаи овардааш барои бародараш аз шодӣ дар кушк намеғунчид. Ва ниҳоят сабраш ҳам сар омад, вале аз амир дарак набуд. Бар асп нишаста ба сароғи бародараш баромад. Ва онҳо дармадгоҳи шаҳр, дар назди дарвозаи Тӯс ба ҳам рӯ ба рӯ шуданд.

Ҳомид: Муждагонӣ, шоҳам! Аз ҳама меҳнат бирастем!

Амир Исмоил бо тааҷҷуб ба ӯ менигарад, вале ҳарфе намезанад ва ҳатто аспашро боз намедорад. Ва дар дил ба соддалавҳии бародараш ҳасад мебарад: “Чӣ осон хешро-ву дигаронро аз мушкилот наҷот медиҳанд! Ин меҳнат, ки ӯ мегӯяд ҷуз ишкам чист? “ Бегаму босафо ба сӯйи Абуғоним-ин бародари аз ҳама хурдияш лабханд мезанад. Ва

хине, ки дар назди кушк аз асп пиёда мешавад ва бародарашро ба оғӯш мекашад,бо як эҳсоси пур аз дард мегӯяд:

-Басо хаста шудаам, эътироз накун, бародар, ман мефаҳмам, ки ту чӣ гуфтан мехоҳӣ: "Ту ҳаққи хаста шудан надорӣ!" Ман худам ҳам медонам, вале чӣ илоҷ?

Ва аз зери каши Абуғоним дошта вориди кушк мешавад. Ӯ ин лаҳзаҳо тамоми дунёро бо як ҷуръа майи талх иваз кардан мехост. Вале ҳайҳот, он чунон, ки дунёро иваз кардан намешавад, ба ҳамон андоза баровардани хостаҳояш барояш мушкил аст.

-Зиндагӣ барои як Инсон, инсони вораста бисёр мушкил аст.

Ҳомид: Магар худи ишон боиси ин мушкилӣ нестанд?

Амир Исмоил: Дар акси ҳол Офариниш бемаъно мебуд.

Ҳомид: Пас шиква кардан хам бемаънову бехуда аст.

Амир Исмоил: Дуруст мегӯӣ, бародари ман. Шиква назди бедардон низ мушкил аст.

Механдад ва бар китфи Абуғоним тап-тап мезанад, ки ин ҳарфҳо шӯхӣ буд.

Амир Исмоил (ба Ҳоҷиб): Мо соате хилват менишинем.

Ӯ дигар ҳузури ҳоҷиби сароро фаромӯш мекунад ва бо бародараш хилват мегузинад.

Амир Исмоил: Хуш, Амри Лайс бо мӯътамади мо чи пайғоме фиристодааст, ки ишон аз шодӣ ба бесабрӣ расидаанд?

Абуғоним Ҳомид: Хасоили шоҳам бар вай таъсири инфиолии жарфе бар ҷой гузоштааст ва нафасе бе санои ишон намекашад. Ӯ аз рафтори худ пушаймон шудааст ва дар қиболи шоҳам худро шарманда эҳсос менамояд. (*Ва аз ҷойбаш бозубандеро берун гирифта ба амир Исмоил дароз мекунад*). Ӯ ин бозубандро ба ман доду гуфт: Амир Исмоилро аз чониби мо хидмат расон ва бигӯй, ки : "мешунавам , ки лашкарат бенавост. Ин нусхаи ганҷҳои ман асту барорам. Ҳамон бехтар, ки ин мол ба бандагони ту оид гардад, то ишонро сӯҳбате бошад".

Амир Исмоил аз хашм ба нохости Абуғоним ба сурьат бармехезад ва бар ӯ бонг мезанад:

-Тӯтиъагарони худобехабар! Гумонҳо дуруст баромад. Бозгард ва ин нусха ба ӯ боз дех ва бигӯ: Исмоил мегӯяд "аз гояти дониш мехоҳӣ ки бар аҳли хирад фузуний ҷӯйӣ?! Туро ва бародаратро ин ҳама ганҷу дафина аз кучо ҳосил

шуда?! Ҳама ҷаҳонро маълум аст, ки шумо рӯйгарбачагонед! Ду-се рӯзе худованд саодате, ки ба ҳақиқат айни шаковат бувад, мусоидати шумо карду дар ҷаҳон истилло ёфтед ва ба зӯри зулму ҷавр амволи мардуми бечора ҳосил кардед. Мазлумае, ки аз ин амвол дар гардани шумост,мехоҳӣ, ки ба санъат дар гардани ман афганӣ? Ман аз онҳо нестам, ки ин бозӣ бихарам... Ва ҷавоби ҳама фардо пеши худи таоло шуморо мебояд дод ва ба ҷуз ӯ подош чашидан. Ту зиракӣ, мехоҳӣ, ки ин бор бар гардани ман кунӣ, то чун фардо дар рӯзи Ҳисоб мазлумон гиребонгири шумо бигарданд ки моли мо ба ноҳақ аз мо ситондаед, боз дихед, бигӯед: "Ҳар чӣ ситондем, ба Исмоил додем. Аз ӯ талаб кунед, ки ман тоқати ҷавоби онон надорам" Ва ба Абуюсуф Яъқуб бирасон, ки ин хаёли хом аз сар бадар кунад ва ба Амри Лайс қурбат начӯяд, ки ин бозӣ басо хатарнок аст... (*Бозубндро назди Абугоним мепартояд*). Чаро карахт нишастай? Бархезу бирав!

Абугоним Ҳомид (*ҳанӯз ки ҳайраташ фурӯ нанишастааст*): Ман ҳеч намефаҳмам....Охир, ин... Не,чизе намефаҳмам...

Амир Исмоил: Ту ҳанӯз тифл боқӣ мондай.Ба саодати ту ҳасад мебарам.

Абугоним Ҳомид: Рост мегӯям. Ман ҳеч намефаҳмам. Охир ӯ ....

Амир Исмоил: Бародарат Абуюсуф бо Амр мехоҳанд ба ин васила моро ба худ мутамоил гардонанд, то мо бо Амри Лайс иттиҳод бандем.

Абӯгоним Ҳомид: Магар ин кори бад аст?

Амир Исмоил: Шояд даҳ сол пештар мехостам,вале он замон шароит ба ин сурат набуд. Ва имрӯз шароит мусоид аст,вале ман дигар намехоҳам.

Абугоним Ҳомид: Охир, як замоне амирам ҳамчунон орзуе доштанд, ки ба кишвар ҷалолати аздастрафтаашро баргардонанд.

Амир Исмоил: Хаста шудаам. Ин иттиҳод оғози нооромиҳои тоза ба тоза хоҳад буд. Ман дигар намехоҳам. Ман хаста шудаам. Мардум хаста шудааст.

Абугоним Ҳомид: Рой ройи амирам аст. Ман фақат намехоҳам боре бародарамро мутаассиф бинам.

Амир Исмоил: Ин дунё барои осоиши ҳама кифоят мекунад ва аз сари ҳама ҳам мемонад. Акнун бирав.Ба Абу-

юсуф бирасон , ки интизори мо нашаванд, ба роҳ баро-янд.

Абӯғоним Ҳомид: Ман барои ин густохиям узр мехоҳам...

Амир Исмоил: Боз чӣ шуд?

Абуғоним Ҳомид: Ҳар хукме, ки сари хашм бароварда мешавад, боиси пушаймонӣ мегардад. Ман мехоҳам ами-рам дар ин амр шитоб накунанд. Ас-сабру мифтоҳ-ал-фа-рах!

Амир Исмоил: Аз ту гумон надоштам. Афсӯс,одам ши-нохтанӣ набудааст! Чанд лахза пеш ба ту хасад мебур-дам...

Абуғоним Ҳомид: Амирам беҳуда гумони бад мебаранд, ман ҳатто дар андешаам ҷуръати чунин ниятеро накардам.

Амир Исмоил: Агар ман дар қиболи ишон ғалат рафтам, узр мехоҳам. Аз хастагист. Акнун бирав...

Амир Исмоил баъди рафтани Абуғоним Ҳомид танҳо мемонад.

Сарбозоне савор бо садои ҳаюҳӯ аз дунболи кулоғе медаванд.

Ва кулоге гирифта ба минкор ҳамоиле мурассаъ, дар пах-нои беғубори осмони нимарӯз бо ҳарос парвоз мекунад.

Ва зане бо лобаву зорӣ аз сарҳангҳои амир Исмоил ма-дад металабад: "Ҳамоилам мурассаъ ба чанд дона ёкут буд..."

Мардуми ҳангомачӯ аз хонаҳо ба кӯчаҳо рехта буданд.

Ва занону духтарон бо нигоххои пур аз суол бар бомҳо шуда....

-Чӣ вокеа? Чӣ ҳодиса?..

-Кулоге хамоили занеро рабуда..

-Чӣ бехуда!

Амир Исмоил: Ин чо касе мондааст? (Хочиби сарой ба шитоб меояд.) Чаро ба кушк андар садое дар намеояд?

Хочиб: Ҳама шаҳр ба дунболи кулоге мегарданд.

Амир Исмоил: Чӣ хел кулог?!

Хочиб: Намедонам.

Амир Исмоил: Пас бираву бифахм!

Ҳочиби сарой меравад.

"Ҳама шаҳр ба дунболи кулоғе мегарданд". Амир Исмоил андешамандона ба назди панҷара меравад. Мардуми ҳангомачӯ ба хонаҳои хеш бармегаштанд. Ва кулоғе танҳо ба осмони шаҳр парвоз мекард ва гоҳ аз гоҳ малололуда шеван мезад. Ҳочиб ҳар роҳгузареро, ки аз баробараш мебаромад, боздошта,суол мекард. Ва раҳгузарон дар посухи ин ҳочиби ғафлатзада китф дарҳам кашида дунболаш роҳих еш мегирифтанд.Занону духтарон нигоҳашонро аз дурҳои дур канда, аз бомҳо поин меомаданд. Лахзае баъд даруни хилвати кӯчаҳо шаҳр Абуяъқуб Исҳоқ, фарзанди амир Исмоил Аҳмад, Ҳамӯя бинни Алӣ, Муҳаммади Ҳорун,Порси Байкандӣ пайдо мешаванд ва ба сӯйи кушк меоянд. Сарбозони зиёде сандуқҳои бисёрро меоварданд. Амир Исмоил ба хашм меандешид: "Кишварро кулоғе ба ғорат бурдаасту инону чун кудаконе бесару по паи чӣ чизе мегарданд!"

Бузургони сипоҳ бо рӯҳи болида вориди ҳучраи амир Исмоил мешаванд. Ва амир Исмоил ба ишон ҳамла меоварад.

Амир Исмоил: Алимони Ҳиндӣ бо бародараш дар Газнаву Кобулистон ба ғорату куштори мардум даст зада ин ҷо бузургони сипоҳи мо чун кӯдакони бесару по зи дунболи кулоғе мегарданд!

Исҳоқ: Амирам...

Амир Исмоил: Чанд ғатрифие аз моли мардум оидатон нашуд, ранҷидед?! Шумо фаромӯш кардаед, ки сардори сипоҳи мардумӣ ҳастед! Ин хиёнат аст. Ин исён аст!

Ҳамӯя: Шоҳам...

Амир Исмоил: Бас! Ман ба касе иҷоза нахоҳам дод, ки ба молу ҷони мардум дастдарозӣ кунад! Умед набандед, ҳеҷ гоҳ нахоҳад шуд! Худоё,ин чӣ ҳол аст, ки сипоҳиёни мо ба мисли шабушкхорҳои шимол рафтор мекунанд? Бародарони худро ғорат кардан мехоҳанд? Ё Абоиброҳим! Талошҳои ту беҳуда аст! Ту об бар ҳован мекӯфтай!.... Шумо худ маро ба чунин сӯҳбати номатлуб кашонидед. Ба ҷони Аҳмад савганд ман намехостам дар касе миннат гузорам. Акнун ки сухан ба ин ҷо кашида шуд, аз ҳақ ичтиноб напазиред, бигӯед ки ман оё заррае аз ҳаққи шумоёнро костаам?! Ва ёкути ман на аз ҳамон деги сарбозист?! Ин ҳучраи ман ба ҷуз курсии чӯбин чӣ зиёдатӣ аз ҳучраҳои

шумоён дорад? Чаро ман баробар бо як сарбоз қаноат мекунам, вале шумо намехохед? Ба худованде, ки замину осмонҳо офарид, савганд, ки нагузорам сари мӯе аз Адли Султон халал ёбад. Ман аз шумо мепурсам: Адли Султон чист?.. Ҷаҳл шуморо ба чое кашонидаст, ки аз омӯзиш ҳам мондаед. Ман арафа нафсаҳу фақад арафа раббаҳу . Сифоти нафси мӯъмин чанд аст? Дах: аввал зуҳд, дуввум тақво, сеюм ранч ,чаҳорум инсоф, панҷум ихлос, шашум закот, ҳафтум ҳач, ҳаштум рӯза, нӯҳум намоз, дахум чиход! Ин сифати нафси ломеа аст. Муҳаммад бинни Ҳоруни Сарахсӣ сифати нафси аммораро баён кун.

Ҳамагон ба Ҳорун менигаранд. Вале ӯ ба гумоне, ки амир Исмоил ба гуноҳи ӯ ишорате дорад, хомӯш мемонад ва ҳозирон аз ин сукути ӯ ҳамчунон аз як пайомади ногуворе, ки гӯё вай муртакиби он шуда бошад, шак мекунанд. Вале амир Исмоил ҳеч касде ба ишора кардани гуноҳони ӯро надошт ва фақат мехост, ки ба ёди ишон биёварад: Инсон шудан чист? Ӯ ба чавонтарин асҳоби худ -Ахмад мурочиат мекунад.

-Инсон бар куфри хеш чун чира мешавад?

Ахмад: Бо он дах сифоте, ки шоҳам ёдовар шуданд.

Амир Исмоил: Оё куфр сифот дорад?

Ахмад: Оре.

Амир Исмоил: Баён кун.

Ахмад: Аввал ҷаҳл, дуввум хашм, саввум бугз, чаҳорум қаҳр, панҷум кибр, шашум кина, ҳафтум ҳасад, ҳаштум бухл, нӯҳум нифоқ ва дахум гайбат.

Амир Исмоил: Пас чун аз шумо сифоти инсони вораста-ро, озодаро тақозо кунам, ки ба дах дарача хосил шавад?

Ин нафси мулҳама аст: аввал илм, дуюм хикмат, сеюм имон, чаҳорум дониш, панҷум меҳр, шашум вафо, ҳафтум раксу самоъ, ҳаштум вачд, нӯҳум ҳалолат ва дахум қабули сухан... Ва он гах расидан ба шиноҳти нафси мутмаина аст, ки он низ дах сифат дорад: аввал илми ҳаё, дуюм сабри тамом, сеюм тасолим,чаҳорум ризо,панҷум адл, шашум эҳсон, ҳафтум шафқат,ҳаштум авф, нӯҳум фано, дахум каноат. Ин расидан ба ман арафа нафсаҳуст. Ин шиноҳтани нафси худ аст... шумо фаромӯш кардаед? Вакте ишон расолати хешро дар ин будан аз ёд мебарад қонуни дод ба майдон меояд. Ин қонун ба мисли мӯ борик ва монанди тег бурро мебошад. Ман шуморо бо тамоми чиддият

“ҳушёр бош!” медиҳам, ки зинҳор тарзе зиндагиву амал намоед ки ба ин майдон кашонида нашавед! Масъулияти инсон шудан бояд дигар ғаризаи башар бошад, ба мисли он ки хӯрдану хуфтан будан ва ғаризаи як ҷонвар аст! Дар акси ҳол тарҳрезии мадинаҳои мунаввара кори абас ва худфиребист. Тавбаи Одам дигаронро тасалло додану худро фирефтан аст! Мефаҳмед, ки бо ночо гузоштани як хишт тамоми созмони тамоюлоти инсон бар бод меравад, ҳеч мешавад! Ва ҳар бор лозим меояд, ки онро аз нав бино кунанд. Барои ин, ки ин тахриб ба вуҷуд намояд, қонуни ахлоқ ба майдон омадааст ва шариати худро дуруст кардааст. Пас, ҳар лаҳзаву ҳар нафас мо муаззафем, ки худро бисозем, ислоҳ кунем.. То замоне, ки инсон ислоҳгар нашавад, бедодиву зулм, харобкориву бадахлоқӣ бар чой хоҳад монд.

Қуззоту фақеҳон хомӯш буданд. Сарони лашкар ҳама хомӯш буданд. Касе ҷуръати ҷуғидан надошт. Ҳар касе метарсид, ки мабодо бо сухан гуфтан, бо дар баҳс ҳамроҳ шудан, оғози баҳси дигаре гардад ва ё тамоми хашми амир бар сари ӯ рехта шавад. Ва оё аз он чи амир Исмоил мегуфт, чизе мефаҳмиданд? Гуё худ амир ҳам аз ин қазия пай бурда бошад, чанд гоҳе ором гирифт ва бар курсияш нишаст. Ҳанӯз мулозимони дарбораш ба по меистоданд. Амир дар ҳақиқат хеле хаста менамуд ва бо овози ғашадору гирифта гуфт:

-Бифармоед. - Ва бо худ андешид: “Эй кош дар баробари қонун низ ҳамчунон мутеъ мебудед. Вале ҳайҳот! Фақат мутеъ дар баробари нафси худанд ва маро ба сӯйи куфр тела медиҳанд, то икрор кунам, ки :Қонун манам! Худоё,худовандо маро аз ин тамаллуқи тамаллуққорон бираҳон!” -Хуш, қазия чӣ будааст?

Касе ҷуръати сухан кардан надорад. Охир, ҳама кору бори онҳо, тамоми он чӣ, ки қасди ба шоҳ гуфтани онро доштанд, дар баробари гуфтаҳои ӯ беарзиш аст. Хилофи он гуфтаҳост. Ҳар чи бодобод, Абӯяъқуб Исҳоқ аз ҷой бармехезад.

Исҳоқ: Сояи давлати шоҳам бар сари мо ва ҷумлаи раоё бардавом бод. Имрӯз ҳодисае рух дод ки басо шигифтовар аз он чи мо тасаввур мекунем. Тасодуфан мақоруни бори дуввум дидори муборак диданамон ин ҳодиса рух дод. Канизе, ки козури сипоҳ аст, ба ҳангоми тағйири либоси худ хамоиле, ки мурассаъ ба чанд дона ёқут буд,аз гар-

дан берун меоварад ва болои рахташ мегузорад. Кулоғе, ба тасаввури ин, ки васлаҳои гӯшт аст, онро даррабуда бо худ мебарад. Чун он зан назди мо шеван карду ин қазия гуфт, мо ба дунболи кулоғ фиристодем. Ва чун кулоғ худ аз тарс онро раҳо кард ва иттифоқан дар чоҳе афтод. Ва чун касеро ба чоҳ карданд, ӯ муждаи сандуқҳои зарро, ки дар он пинҳон буд, бад-онҳо дод.

Амир Исмоил: Маълум кардед, ки ганчи кист?

Исҳоқ: Зоҳиран инҳо аз ганҷҳои пинҳони Амри Лайс бояд бошанд. Мардум ҳамчунон тахмин мекунанд.

Ҳамӯя: Худоро шукр, он чи мехостам бар мардуми Ҳирот тахмил кунем, он ба даст омад.

Сандуқҳоро оварданд. Сари сандуқҳоро боз карданд. Амир Исмоил ин лаҳзаҳо мутаваҷҷеҳ гардид, ки асҳобаш ҳузури ӯро билкул фаромӯш кардаанд ва бо тамоми ҳуш ва завқи моломол аз шодӣ чашм сӯйи сандуқҳо бастаанд. Хост онҳоро ба худ оварад, вале аз нияташ баргашт,то бубинад ҳирси ишон то ба кучо кашида мешавад. Ӯ ба ҳар қадоме бо диққат менигарад ва бо тамасхур лабханд мезанад.

"Мо дар чӣ хаёлу фалак дар чӣ хаёл... Агар худ инсон тамоюл ба тағйир пазируфтан надошта бошад, агар худи ӯ ин ғаризаи хуфтаро дар худ бедор насозад, кӯшиши беруна мухол аст, ба мисли дар ҳован об куфтан аст".

Амир Исмоил: Бо ин зар чӣ мекунед?

Исҳоқ: Ба сипоҳ харҷ мекунем ва ҳар чи бокӣ моид ба байтулмол месупорем.

Амир Исмоил: Хуб... Байтулмол ба ин маблаг эҳтиёҷ надорад.

Исҳоқ: Дар байтулмол гатрифие нест, ки ба сипоҳ харҷ кунем,пас..

Амир Исмоил: Байтулмолро ба ин рох пур намекунанд. Ҳар чӣ бокӣ мемонад, ба омили шаҳр супоред ва назорат кунед, ки он дар сохтани мактабҳо сарф шавад.

Ҳамӯя: Шаҳр мактаб дорад.

Амир Исмоил: Ду-се мактаб кофӣ нест. Ҳеҷ тифле набояд беруи аз омӯзишу парвариш бимонад.

Хочиб медарояд.

Хочиб: Амирам, сарбозе бор мехохад. Ӯ иддао мекунад, ки супориши худи шоҳам аст.

Амир Исмоил: Бигӯ дарояд.

Хочиб меравад ва пас аз лаҳзае бо рӯзбон ворид мешавад. Рӯзбон ба ҳозирин таъзим менамояд ва мунтазир меистад.

Амир Исмоил: Бифармо,чи дидӣ ва чӣ ҳодисае рух дод?

Рӯзбон: Умри шоҳам поянда бод. Ман дуртар аз ҷойи муояна меистодам ва мушоҳида мекардам. Лашкариён аз он ҷо мегузаштанд, вале касе эътиборе ба меваи дарахт намедод. То ин лаҳзаҳо ҳол бад-ин минвол буд.

Ва сарбоз аз ҳол меравад ва ба мисли тани дарахти табархӯрда ба замин меафтад. Ҳозирин болои сари ӯ медаванд.Амир Исмоил дасти сарбозро гирифта, набзашро месанҷад.

Амир Исмоил: Зуд пизишкро даъват кунед.

Ҳоҷиб меравад.Ҳанӯз дасти сарбоз дар дасти шоҳ аст.

Амир Исмоил: Набзаш суст мезанад. Таб дорад. Кӣ ӯро мешиносад? Ҳеҷ кас! Шумо худро он қадар бузург гирифтаед, ки сарбози хешро намешиносед.Назари худованд дар пастист. Дарвешон аз суфаи пайғамбаранд .

Табиб бо ҳамроҳии ҳоҷиби сарой меояд. Ӯ марде баландболо бо чеҳраи кушоду зебо ва риши мошу бариҷ аст. Ба сӯйи амир Исмоил таъзим мекунад ва шоҳ аз ҷой, ки бар сари сарбоз сари по нишаста буд, мехезад. Табиб сарбозро муояна мекунад ва бо чанд торсакие, ки бари рӯяш мезанад, ӯро ба худ меорад. Амир Исмоил суломез ба пизишк менигарад.

Пизишк: Боке нест, амирам. Аз ғизо нахӯрдан қувваташ таҳким рафтааст.

Амир Исмоил ба сӯйи сарҳангҳо менигарад. Ва ба ҳоҷиб мефармояд.

-Аз ғизои сарҳангҳо биёвар. (Ба меҳр даст бар китфони сарбоз мегузорад). Чанд вақт шуд, ки хӯрок нахурдай?

Сарбоз сар ба хиҷолат поин меоварад ва аз шиддати ҳаячон ранги рӯяш сурх мешавад.

Рӯзбон: Чаҳор рӯз мешавад.

Амир Исмоил: Чаро аз он меваи себ, ки зераш посбонӣ мекардӣ, нахӯрдӣ.

Рӯзбон (*хиҷолатмандона*): Соҳиби бог он ҷо набуд, то аз ӯ иҷозат пурсам.

Амир Исмоил ӯро аз зери кашаш гирифта, бар суфа менишонад ва худ бари ӯ ҷой мегирад.

Амир Исмоил: Ман ҳам чанд рӯзест, ки чизе нахӯрдаам.

Бо ҳам хӯрок мехӯрем.

Рӯзбон хичолатмандона ба сарҳангҳо менигарад ва боз сар поин меорад.

Амир Исмоил: Ту хичолат накаш. Ишон лаҳзае шиками худро хор шудан намегузоранд. Бубин шикамашон чунон пиҳ гирифтааст, ки ба мушкилӣ нафас мекашанд.

Хизматгорон хӯрок меоранд. Амир Исмоил ба пизишк менигарад ва ӯро бар сари дастурхон даъват менамояд.

-Бифармоед.

Пизишк: Давлати шоҳам поянда бод, ҳанӯз вакти хӯрок хӯрдани ман нарасидааст.

Амир Исмоил: Пизишки мо ба чӣ вақте хӯрок мехӯранд?

Пизишк: Ба субҳу ба аср. Ва бист сол мешавад, ки аз гизои шомгоҳон ичтиноб варзидаам.

Абӯяъқуб Исҳок ба сӯйи ҳочиби сарой балхашмона менигарад. Ахмад бинни Исмоил ба хайрат афтодааст. Ва мобакӣ суоломез ба ҳамдигар менигаранд: чӣ тавр шуда ки ин тавр шуда? Амир Исмоил ба мисли як сарбози бемоя гуруснагӣ мекашад! Вале касе хабар надорад.

Пизишк дубора ба амир ва хозирин таъзим намуда, ичозаи рафтан мепурсад: "Бо ичозаи Шумо..." Ва амир Исмоил ба ишорати сар ба рафтани ӯ рухсат медихад. Ва бо сарбоз бо иштихо машгули хӯрок хӯрдан мешавад.

Амир Исмоил: Ин хӯрок факат барои ду нафар аст. Агар чанобон майл доранд...

САМАРҚАНД

Амри Лайси Саффорӣ бо хотири парешон, бо чехраи гирифта, бемуродона ба сарвакти худ, бепосбону мухофизин даруни чорбоги касри амир Наср сайр мекард. Абуюсуф Яъқуб паси панчара истода буд ва ба ӯ наззора мебурд, хамчунон ки бародари бузургаш Наср бар бародарзодааш Ахмад. Дар ин чанд соли охир дарахтони боғ пир шудаанд. Замоне буд, ки онхо бароларон хамрохи падараш он ин чорбогро бунёд нихода буданд. Ёдаш аст, гӯё замони зиёде нагузашта бошад, падараш навихолҳоро медошт ва ӯ ба бунашон хок мерехт. Падару бародараш аз ин чахон рахт барбастанд. Ришн ӯ хам мошу биринч шудааст. Асари замон дар хама чиз, ки марбут ба ин касру чорбоғ бошад, амик шудааст. Шохахои дарахтон хушки-

дааанд. Чаро боғбонҳо онҳоро хушкчинӣ намекунанд. Бародарзодааш қасрро ба ҳоли хеш гузоштааст. Ва ё ӯ ҳам аз амуяш Абоиброҳим таъсир бардоштааст, ки ба кори дунё чунин лояқил рафтор мекунад?! Ин шабушкхорҳои дарборро ба зӯри тозиёна бояд кор фармуд, зеро ишон хӯйи шабушк гирифтаанд....

-Эй ҳочиб! Чаро боғро ба ҳоли худ гузоштай? Қаср чунин фарсудааст! Магар шуморо барои ҳамин ин чо нигох медоранд, ки вайрон кунед? Кай ин хӯйи вайронгарӣ аз худ бадар мекунед? Шумо кай одам мешавед? Оё мешавед?

Ҳочиб бо сари афканда, хомӯш чун мучриме меистод.

Абуюсуф Яъқуб: Эй ифрит, гумон мекунам он чунон ботамиз ҳастӣ, ки ҳатто мумкин забони биҳиштиёнро низ надонӣ?! Дур шав аз назарам! Дигар бор вазъ ба чунин аҳвол бинам, аз худат домангир бош! Дур шав, ифрити палид!

Ҳочиб ба мисли саги шаллоқхӯрда, вале даҳоне пур аз табассум аз толор бадар меравад. Абуюсуф боз ба назди панчара бармегардад. Амри Лайс ба поёни боғ расида буд. Ба он чое, ки гургҳо хӯса буданд ва касерову чизеро бим намедоданд ва ё аз ҳайбати мунчамиди онҳо касеву чизе дигар намеҳаросид. Ва ғизоли пире ҳанӯз беибову бебок даруни маргзор мечамид. Ва қафаси шер холӣ буд. Амри Лайс то дергоҳ назди ин қафаси мустаҳкам бимонд, гӯё чун сутунҳои он бар замин фурӯ рафта буд, ки наметавонист аз чой бичунбад. Шояд ин тасодуф бо мачоз айни ҳоли ӯ буд? Гургҳое, ки дигар касеро бим намедоданд, ғизоли пире, ки бепарво мечамид ва қафасе, ки холӣ буд. Ӯ дар худ чуръат пайдо кард, ки вориди қафас шавад. Мустаҳкамии онро имтиҳон намуд. Сутунҳо гӯё дар замин реша давонда буданд , ба мисли дарахти пир. Ҳанӯз андаруни қафас бӯйи шер медод. Аз ин пас бӯйи Амри Лайс хоҳад гирифт! Ӯ аз ин андешаи ғамангез лабханд зад. Дигар ҳама чиз барои ӯ тамом шудааст ва ё чизҳо барояш моҳияти хешро гум кардаанд. Ӯ беҳуда умед мебандад. Абуюсуф низ ба ҳован об мекубад. Аз худаш гузашт. Намебоист шерро биёлуғд. Ӯ дигар ин қафасро раҳо кардааст ва гумон аст, ки дигарбора ба он баргардад. Моҳӣ, ки ба дарё рехт, наҳанг мешавад.

Ӯ банди андешаҳои ғамангези хеш буд, ки ҳочиб ба суроғаш омад. Онҳо ба қаср баргаштанд. Вале Амри Лайс аз пеш медонист, ки ҳама кӯшишашон баҳри тарсими як

итифоқ бехуда аст. Бо ворид шудани Амри Лайс Абуюсуф Яъқуб ба пешвозаш аз чой хест.

Абуюсуф: Ман ба суроғи Абдучаббор бини Ҳамза одам фиристодам. Ӯ дам ба дам ҳозир мешавад.

Амри Лайс: Ман гумон намекунам, ки сӯҳбати мо ба натичае хохад расид.

Абуюсуф: Ҳанӯз ноумед шудан бехуда аст. То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст!

Амри Лайс: Шояд...

Ҳочиби сарой ворид мешавад.

Ҳочиб: Расуле аз Сиистон омадааст ва мехоҳад бо амир Амри Лайс вохӯрад.

Абӯюсуф: Хуб тадқиқ кардед, ки ӯ кист?

Ҳочиб: Мегӯяд, расул аз чониби Тоҳир ва Яъқуб аст, исмаш Ҳафс бинни Умар .

Амри Лайс: Ман ӯро мешиносам. Ӯ аз бандагони ман будл.

Абуюсуф: Бигӯ, дарояд.

Ҳочиб меравад.

Амри Лайс: Ӯ чавоби номаи маро овардааст.

Ҳафс бинни Умар , марди сиёҳчурдаи баландболои точикнажоде ворид мешавад ва худро бар пойи Амри Лайс меафканад ва сарашро дар кадамхои ӯ месояд. Амри Лайс мехоҳад монеъи залилии ӯ бишавад,вале тамоми кӯшишаш бехуда аст.

Ҳафс: Ман дигар ба орзуи хеш расидаам... Ҳама ниёзам аз ин зиндагӣ дубора дидани хочаам буд...худоро шукр... Хочаро ба саломат мебинам. Ва ё ман хоб мебинам.. Худоё, худовандо, ин дар хоб аст ё дар бедорӣ?!!

Амри Лайс: Ё Абоҳафс ором бигир.. Он чунон, ки мебинӣ, ман хамонам ки будам. Балки осудатар аз пеш ... бо хамон иззу чалол.. Бубин,оё аз шавкати мо чизе кастаст?..

Хафс бини Умар сар боло мекунад, ба хайрат бар Амри Лайс менигарад ва дубора бо нолаву лоба сар бар пойҳои хочааш мекӯбад.

Амри Лайс: Бигӯ, он чо фарзандони мо дар чӣ холанд?

Хафс (*Бо гиреви нола*): Чойи шумо холисту сукони давлат ба дасти бод уфтода.

Абӯюсуф чашм аз Хафс намеканад. Абдучаббор бинни

Ҳамза номаълум вориди толор мешавад ва худро ба гӯшае мекашад. Ӯ дигар пир шудааст. Бар риши мучаадаш ғубори солҳо нишаста. Қомати зебояш дол гардида.

Амри Лайс: Бигӯ, ту худ чӣ ҳол дорӣ?

Ҳафс бинни Умар дилаш пур шуда буд ва ашк аз чашмонаш мерехт , ҳарф задан натавонист.

Абуюсуф: Бечора... Бигзор имрӯз истироҳат кунад, ғубори роҳ бияфшонад... Аз омадани хоҷа бехабар мондаем... Ассалому алейкум хоҷа...

Онҳо ҳамдигарро ба оғӯш мегиранд.

Амри Лайс: Бирав, имрӯз истироҳат кун, фардо сӯҳбат хоҳем кард.

Ҳафс бинни Умар бо ҳоҷиби сарой аз толор хорич мешавад.

Абдуҷаббор: Ман дар хусуси корнамоиҳову футуҳоти хонаводаи Саффорӣ басо суханони нек шунидаам, вале имрӯз хушбахтам, ки худро дар сӯҳбати ишон мебинам. Ва барои ман ҳамчунин ногувор аст, ки амири билоди шарқии халофатро дар чунин вазъе зиёрат менамоям. Ба ҳеҷ кадом аз шоҳони кишвари мо муяссар нашуда буд, ки хулафои аббосӣ дар ҳарамайн хутба ба номашон хонанд, магар ба номи Яъқубу Амри Лайси Саффорӣ! (*Амри Лайсро зиёрат мекунад ва ба дидагонаш мемолад. Ва ҳамзамон ашкашро пок мекунад*). Эй дареғо, ки гоҳ иззию гаҳ зилл.

Ҳафс бинни Умар аз роҳаш бармегардад ва номаро ба Амри Лайс медиҳад.

Ҳафс: Фаромӯш кардаам, узр, амирам, аз ҳаячон фаромӯшӣ кардаам.

Амр: Боке нест.Дигар мо фурсат ба кифоят дорем.

Номаро гирифта мекушояд, вазъаш тағйир мепазирад. Дубора онро аз назар мегузаронад.

Амр: Агар иҷозат бошад бо расул хилват кунам. Хотирам мушавваш аст. Метарсам, аз он чӣ мо мехостем, чизе бар наояд.

Абуюсуф: Чӣ хабар? Чӣ менависанд?

Амр: Алҳол аз нома ба рӯшанӣ маълум намешавад. Баъд сӯҳбат хоҳем кард (*Ба тарафи Абдуҷаббор бинни Ҳамза*) узр мехоҳам. Бисёр мушток будам бо ишон ҳамнишин шавам. Узр мехоҳам..

Абдуҷаббор: Боке нест.Мо ҳама барои ҳамсӯҳбат шудан фурсати зиёде дорем. Ман интизор мешавам.

Амри Лайс аз назди ишон хорич мешавад. Абдучабор бинни Ҳамза кунчковона ба Абуюсуф Яъқуб менигарад. вале ӯ худро ногумон мегирад ва чунон вонамуд месозад, ки чизеро намефаҳмад.

Абдучаббор: Шумо чӣ мехостед, ки Амр аз ичро шуданаш ноумед гардид?

Абдуюсуф: Магар ин замон баргаштан ба он дигар мохияте дорад? Чизе набуд, ҳеч чизе набуд...

Абдучаббор хамчунон ба Абуюсуф кунчковона ин бор вале нобоварона менигарад. Нигоҳаш гӯё аз ҳилоли андешаҳои ӯ гузар мекунад, вале Абуюсуф худро нигоҳ дошта наметавонад ва бехудона, вале хашмгинона фарёд мезанад.

Абуюсуф: Ҳо, буд! Мо мехостем онҳоро муттафик созем, як созем! Шунидед,нашуд! Ҳамааш барбод рафт. Вассалом.

Ба ачала баромада меравад. Абдучаббор бинни Ҳамза бо андешаи худ танҳо мемонад. "Пас маро дар чараён дошташ будаанд! Ва ё маро ба тарафи хеш кашидан мехостанд. Ман боид накши миёнчиро ичро мекардам. Шоид мақсади хубе буд. Вале ҳамааш барбод рафт. Шоид ҳанӯз фурсате бокӣ бошад? Шоид? Чорае боид кард. То ки ҳадаф накше бар об намонад. Абоиброҳим худ хамчунон орзуе дошт. Агар тағйир наёфта бошад, пас имкон дорад. Охир, ӯ орзуи баргардонидани иззати аздастрафтаи ин кишварро дар сар мепарварид. Имрӯз ин имкон вучуд дорад. Намебоид ноумед шуд. Аббосихо хилофи ормонҳои ин кишвар рафтор намуданд ва таахудоти хешро дар киболи Абумуслим аз ёд бурдаанд.

Хеч монеае вучуд надорад, ки инҳо яке бишаванд,ранчишхоишонро, ки байни салотин як амали маълум аст,фаромӯш кунанд. Ин ранчишхо дар баробари чунин ҳадафе беарзиш мешаванд. Ин фурсатро набоид аз даст дод..."

Ва аз дунболи Абуюсуф ба чорбоги каср мебароид, то ӯро дилдихӣ кунад, ки ҳанӯз чизе барбод нарафтааст, "ҳанӯз имкон вучуд дорад".

Мухити нимравшани хучран музайян вазнин буд. Амри Лайс чашм айнаки зону сохта буд ва дар худ гум

шуда, кунчи суффа менишаст. Ҳафс бинни Умар дилхура назди дар меистод. Ӯ саропо ҳайкали тарс шуда буд ва аз банохост оташ гирифтани Амри Лайс бим дошт. Амри Лайс ғайри чашмдошти Ҳафс бинни Умар андешамандонаву хаёлолуд хомӯширо мешиканад.

Амр: (номаро дубора кушода мехонад).

Кӯшиши банда сабаб аз бахшиш аст,
Кори қазо буд, туро айб нест.
Буду набуд аз сифати эзад аст.
Бандаи дармондаи бечора кист?...
..Аввали махлуқ чӣ бошад? Завол!
Кори ҷаҳон аввалу охир якест...

Пас кори моро тамомшуда... Чӣ тасаллои хубе! Хуш ба ҳоли ишон, ки Муҳаммад Васиф будааст, вагарна баҳри тасаллои мо чӣ мегуфтанд?! Як даста бечигари парвой. Бешарафони тарсу (*Оташ гирифта*). Чаро ба номаи аввали ман посух надоданд?

Ҳафс: Вақте бори нахуст нома аз амирам ба Сиистон расид, сарҳангони лашкар Тоҳир ва Яъқубро фаро хонда, ишонро тарс доданд ки:

"Донед, ки чӣ рафт андар ин миёна? Он акнун ҳама Амр андар дил дорад. Накардед ҳарб он рӯз, то ӯ гирифта шуд, - ки танҳо ҳарб ӯ кард ва мо накардем ва ғорат кардан ки бо ӯ буд. Ва аз он чо биёмадем. Он чи аз мо рафт андар Хуросон ба ҳар шаҳре ва нишондани ту, ки Тоҳирӣ ва байъат кардан туро ва атият ту додӣ аз хазина моро ва бисёр ҳадасон ки аз мо уфтодааст ба ҳеҷ ҳол салоҳи мову ту нест, ки ӯро халос бошад. Ва чун ӯ берун омад, на ту монӣ ва на мо. Агар худ бо ин ҳама ризо хоҳад, мо он гаҳ он чӣ хоҳем, натавонем кард. Бокӣ ту донӣ. Ин вазифаи мо буд, ки туро биёгоҳонем". Он гоҳ Яъқуб пурсид, ки: Агар ӯро раҳо созем, пас шумо чи хоҳед кард" гуфтанд: "Саҳрои худо васеъ аст". Тоҳир чора чуз қабул кардан надонист.

Амр: Пас фарзандонам бо дасти хеш маро ба хок супориданд. Як каси зиндае пайдо нашуд? Аз хар чо мурда буд?! Ва ё ӯ ҳам дар ин тӯтиа иштирок дошт?

Ҳафс: Ҳама ҳузур дошт. Тамоми лашкар ба Сиистон ҷамъ омада ва ба Тоҳир бинни Муҳаммад байъат карданд. Тоҳир вазоратро ба Аҳмад бинни Шаҳфур супурд ва ӯ зимоми ҳукуматро ба даст гирифт.

Ҳамон рӯзе, ки лашкар ба Тоҳир байъат намуду вазорат ба Шаҳфур гузашт, ӯ ба халифа Муътазид ва Убайдуллоҳ бинни Сулаймон аз асирии амрам хабар фиристод. Субкарӣ Тоҳирро тахти таъсир дароварда, лашкарро бар хеш мутеъ сохт ва кулли умурро ба даст гирифт. Аз вазорат ёфтани Аҳмад бинни Шаҳфур розӣ набуд, бинобар ин касди барканории ӯ намуд ва дар ин чой номзадии Абдуллоҳ бинни Мухаммад бинни Миколро пешбарӣ мекард. Кор ба чое расид, ки Субкарӣ касди куштани писарони Шаҳфур Аҳмад ва Мухаммадро дар сар мепарварид. -

Амри Лайс бо тааҷҷуб ба нақли Ҳафс гӯш медиҳад гоҳ аз гоҳ лабханд мезанад, хашм мегирад, тамасхуромез табассум мекунад.

Амр: Хуш, хуш, басо аҷиб аст!

Ҳафс: Шаҳфур ба Буст, ба бародараш Мухаммад дар номае ба исрор такозо менамояд , ки ба марказ биёяд. Ӯ худ вазоратро идора хоҳад карда ва ӯ сипаҳсолор хоҳад шуд. Вале Мухаммад чавоби рад мефиристад, ки "дар чунин замонаи бесарусомон як чо будани онҳо аз рӯйи ақли солим нест. Дуруст он аст, ки ман дар Буст бимонам ва ту дар Сиистон, баъд маълум хоҳад шуд. Алҳол давлат рӯ ба сӯйи завол дорад." Вале Аҳмад Тоҳирро ба чону ҳолаш нагузошта мачбур менамояд, ки барои Мухаммад нома нависад ва хоҳиши ӯро тасдиқ созад. Мухаммад ичборан ба Сиистон омад. Тоҳир аз ӯ хуш истиқбол намуд ва бо мехрубониҳову ҳадоёи зиёде ин иқлоширо қадрдонӣ кард. Мухаммад бинни Шаҳфур сипоҳсолориро напазируфт. Ин гоҳ мачбур шуданд, ки Субкариро аз пойтахт дур кунанд.

Амр: Пас ин номаро кӣ навишт? ки "Аҳмад ва Мухаммад - писарони Шаҳфур ва Мухаммад ибни Ҳамдон бар ин подшоҳӣ муставлӣ гаштанд ва аз ишон он фасод омад андар вилоят ва хазина ки натвон гуфт, ки то мо чаҳл кардем то яъни ишон баргирифта шуд. Акнун чаҳл кунем бар асар,он чи хоста бифиристем"..

Ҳафс: Ибни Микол.

Амр: Равшантар ҳарф бизан, ман чизе дарнамеёбам.

Ҳафс аз дилтангии Амри Лайс дасту по мекӯрад.

Амр: Саросема машав, ин чо каси дигаре нест. Батафсил бигӯй.

Ҳафс (*ҳанӯз дар авозаи изтироб мушоҳида мешавад*): Ман ҳамчунон ки амирам такозо дорад, амал кардам.

Ҳукумати Руходро бо Кобулистону Ҳинд ба номи Субкарӣ карданд, вале вай дар ҳаракат ба сӯйи мулки хеш таъхир мекард, бо баҳонаҳои зиёд кори имрӯзро ба фардо мепартофт. Аҳмади Шаҳфур нисбат ба сипоҳ сахтгириву хасисӣ зоҳир месохт. Ин боиси ҳалоки ишон гардид. Сипоҳ миёни хеш машварат карданд, агар Муҳаммад ибни Ҳамдон ба пойтахт ҳозир шавад,ҳалоки бародарон Аҳмад ва Муҳаммад муҳол мегардад. Ба ин мақсад маншури мулки Замини Довар ва Бустро ба номи ӯ карданд, то он чо бимонад,вале Муҳаммад ибни Ҳамдон сипоҳи хеш гирд оварда ба дарбор омад. Тоҳир аз ишон хуш пазирой кард. ҳадяҳо дод ва савганд ёд кард, ки коре хилоф накунад ва то ҳаст ин таъаҳуднома барҷой хоҳад буд. Вале фардои ҳамон рӯз корҳову қавлҳо дигар шуд.

"Рӯзи дигар Тоҳир бар боми кушки Яъқуб баромад, ки сипоҳ бо пуррагӣ дар майдони дарвозаи қаср гирд омада буданд. Ҳамёнҳои дирҳамро биёварданд ва аз бом бар сари сипоҳ нисор карданд. Сарбозон дирҳам бичиданду ором гирифтанд. Байни сипоҳ овозаҳо паҳн мешуд,ки гӯё Тоҳир бо ин рафтораш гуфтан мехост, ки : "Агар Аҳмади Шаҳфур шуморо аз дафтари девон барафкандааст, бим мадоред, ки мо худ ба шумо дирам диҳем."

Тоҳир ба қаср баргашт. Муҳаммад ибни Ҳамдон барои арзи сипос ба побӯсии ӯ даромад ва баъди таъзиму икром хост баргардад. Вале Зукайҳодим ӯро аз даст бигрифт ва ба ҳучраи худ бурду гуфт.

Зукай: Пеш аз он, ки биравӣ, ба дастуроти амир амал намой.

Ҳине ки онҳо вориди ҳучра мешуданд,одамони мусаллаҳ зи дунболашон ворид гардида, ӯро куштанд. Ӯ ҳатто фурсат ба лаб кушодан наёфт ва дар замон ҷон ба ҷонофарин супурд ва даҳонаш ҳамчунон бо фурсати барои сухан гуфтан наёфта боз бимонд.

Зукай: Ӯро пинҳон кунед, то писарони Шаҳфур хабар наёбанд.

Қотилон бо дари дигар ҷасади Муҳаммад Ҳамдонро кашон -кашон мебаранд. Зукайҳодим пайи чинояти хешро пок месозад.

Дар беруни қаср сипоҳиёне чанд ба интизори писарони Шаҳфур, ки дар боргохи Тоҳир буданд, истодаанд. Баъди фурсате бародарон аз боргох хорич мешаванд ва сарбо-

зон аз истиқболи ишон аз ҷой хеста,шамшерҳо аз ниём баркашида, нигинҳо аз панҷаҳояшон мегиранд. Аҳмад муқобилият нишон додан мехоҳад.

-Хиёнат... Ин хиёнат аст! Субкарӣ бо ибни Микол тутиъа мекунанд....

Вале сарбозҳо ба доду фарёди онҳо гӯш надода, ишонро ичборан ба зиндон мебаранд.

-Моро кучо мебаред? Ин хиёнат аст! Амир аз ин аҳвол огоҳ нест!

-Шояд ин ҷо ором бигирӣ.

- Онҳоро ба зиндон мепартоянд. Ва дарро бар рӯяшон мебанданд. Ҳанӯз паси дари зиндон садои доду вояшон шунида мешавад.

Субкарӣ ва Ибни Микол пайдо мешаванд.

Субкарӣ: Ман фармудам ки Симо-ал-Ҷайонӣ молу мулки ишонро мусодира намояд ва наздашон мустахриҷ бимонад.

Микол: Ман аз Муҳаммад бим дорам. Ӯ марде заранг аст.

Субкарӣ: Ӯ дар дасти мо безарар мешавад, биме ба дил роҳ мадеҳ, ки ҷаҳон аз шарри ишон хоҳад баросуд...

Ҳафс: Ҳангоми додхоҳӣ Муҳаммад ба дасти Симо кушта шуд. Мансаби вазирӣ ба номи Ибни Микол тасвиб гардид ва тамоми умури давлат ба дасти Субкарӣ гузашт. Ишон ба сипоҳ бахшишҳо доданд ва ҷомаҳо пӯшонданд. Ва маро барои узрхоҳӣ аз ин таъхир ба назди амирам фиристоданд....

Амри Лайс дар андешаи худ банд меафтад ва ҳузури Ҳафс ибни Умарро билкул аз ёд мебарад. Гӯё Алӣ ибни Лайс нигини қудратро гирифтааст. Гӯё ҳанӯз ҳам зи дунболи ӯст. “Кори қазо буд,туро айб нест.. . Кори ҷаҳон аввалу охир якест - Завол!..” Ҳафс ибни Умар гоҳ аз гоҳ аз хилоли андешаҳо бо худ ҳарф заданашро мешунид. Чӣ ҳоли ғарибу риққатоваре дошт. Нигоҳаш ба мисли сайди қафас буд: номурод, фурӯғи умедаш бенур гашта, ба мисли шиша кӯр гардида. Ҳафс бо сари остин ашкашро, ки беихтиёр аз мушоҳидаи аҳволи Амри Лайс гулӯгираш шуда буд, пок сохт, вале натавонист садои ҳиқ заданашро хафа намояд. Амр бо азоби як пири солхӯрда, базӯр аз ҷой хест. Ва калов-калов ба сӯйи дар рафт. Пойҳояш қудрати ӯро бардоштан надоштанд. Ҳафсро ҳангоми аз сари

роҳаш як тараф истодан мушоҳида кард.

Амр: Ту ҳанӯз ин ҷо ҳастӣ?

Ҳафс: Амирам ҳар чӣ фармоянд.

Амр: Баргард. Ба ишон бирасон, ки Амр озод аст.

Ҳафс: Ман бо амирам ин ҷо мемонам. Хизмат мекунам.

Амр: Бандаи озод аз қайди ҳамаву ҳама чиз растааст.

Ӯ эҳтиёҷ надорад, ниёз надорад,умед надорад.Озод аст. Ҳамин тавр бирасон. Озод! Акнун бирав, ки ин ҷо танҳоӣ хоҳӣ кашид.

Ҳафс ибни Умар эътироз кардан мехоҳад. Вале Амр бо ангуштро рӯйи лабонаш бурдан , ӯро маньъ мекунад.

-Маро на Исмоил,балки ишон шикаст додаанд!

Ва аз ангушт нигинро бароварда ба Ҳафс медиҳад.

-Ба Муҳаммад ибни Васиф бидеҳ ва бигӯй, ки қиматтар чизе бо худ надорам. Ганҷам ба тороҷ рафта, вагарна бахшишро зиёд мекардам. Бигӯ, ками моро ивази зиёд бипазиранд.

Ва худ ба худ шеъри Муҳаммад Васифро такроркунон аз назди Ҳафс ибни Умар меравад.

..Буду набуд аз сифати эзад аст,

Бандайи дармондайи бечора кист?..

Ва садояш дар поёни даҳлез қатъ мегардад. Ҳафс ибни Умар ҳанӯз дар пояи паланд часпида буд.

Ҳафс: Дил аз ин ҷаҳон баргирифта аст...

Вақте Амри Лайс бо авзои перешон ва андешаи машкук ба толор баргашт, ҷуз Абдуҷаббор ибни Ҳамза касеро надид. Пирмард дар козаи андешаҳояш пинак рафта буд. Ҳанӯз аз Абуюсуф дарак набуд.

Амри Лайс: Парвариши гургҳои пир вақти амирзодаро зиёд мегирад,

Абдуҷаббор Ибни Ҳамза дар аввал чизе нафаҳмид ва баъди чанд лахзае гӯё чизе ба хотираш расида бошад,даст сӯйи осмон бардошта “а-а!” хитоб кард.

Амри Лайс ба назди панҷара рафт,то дар чорбоғ ба чӣ кор машғул будани Абуюсуфро бубинад. Вале ӯ дар чое аз чаҳорбоғ наменамуд. Фақат оҳуи пир тани танҳо дарунни дарахтону рӯйи сабзаҳо мечамид.

Амри Лайс: Оҳуи пир танҳо мечамад.

Абдуҷаббор ибни Ҳамза ба мисли пештара даст боло бардошта боз “а-а!” хитоб намуд. Амри Лайс бо худ андешид. “Пирӣ бо кариву кӯриву шаллӣ ҳамзод аст!”

Амри Лайс: Пирӣ ҳузнангез аст. Ҳарчанд озод мечамад, вале афсурдаву хаста аст. Пояш шиканак медиҳад, пешпо мехӯрад, аз он ки чашмош хира шудааст, танаш бе тавон гардидааст. Шояд гӯшош ҳам нашнаванд.

Ба назди Абдуҷаббор мегардад. Ва дар канори ӯ бар лаби суффа менишинад. Абдуҷаббор ибни Ҳамза аз хиҷолат эътироз кардан мехоҳад, вале Амри Лайс бо даст ба сина бурдан ӯро таскин медиҳад ва ба суханаш, ки барои Абдуҷаббор аз як ногуворӣ пардапӯш шуда буд, идома медиҳад:

-Замон ба мисли як нафас зуд мегузарад!

Абдуҷаббор: Умри нафс нафас аст. Ҳар кӣ ин нафас дар ёфт, бурд...

Амри Лайс: Вале ман чизе дарнаёфтам, шояд фурсат надоштам. Ҳамеша коре мекардаму чизи дигаре мехостам. Балки дар ман як хости бузурге вуҷуд дошт, ки ҳамеша алайҳи кирдорам бар мехост. Ман кори худ мекардаму ӯ кори худ. Ҳеҷ гоҳ набудааст, ки мо ҳамоҳанг шуда бошем. Алҳол, ки бо шумо суҳбат мекунам, даруни гӯшом нағмаи дигаре танинандоз аст. Ин нағма тамоми зиндагим бо ман будааст, вале ман ҷуръати буруз додани онро дар худ наёфтаам. Балки ҳамеша аз садо доданаш тарсидаам. Тарси ман аз худам нест. Балки аз дигарон аст. Мабод ки маро ба бузургтарин ҷурме дар зиндагим иттиҳом зананд.

Абдуҷаббор: Оё ин лаҳза метавонед онро бо ман қисмат кунед? Он садо чист? Он қудрати пурзӯр чист, ки ҳамеша шуморо дар ҳолати инфиолӣ доштааст? Бим ба худ роҳ мадиҳед, ин ҷо фақат ҳардумон ҳастем.

Амри Лайс:Имрӯз зиндагии ман ба он ҳадде расидааст, ки ҳама гуна истиҳола варзидан дигар камоли пучӣ аст. Ман бо худ тасмимамро гирифтаам, ки бояд онро барои худ яксара кунам. Ман бояд барои худам маълуму муайян намоям, ки ин зиндагие, ки ман паси сар гузоштам чӣ моҳияте, чӣ маъние дошт? Оё он зулме ки дар фурӯ нишондани аташи дарунам раво доштам, дуруст буд?! Магар умри гаронмояро ба беҳуда ҳадар насохтам? Бо вуҷуди ин ҳама истиҳолаҳо, гумон мекунам,ки зиндагим дурӯғ будааст.Тибқи иродаи дигарон амал кардан будааст,худ-

ро барои ҳадафҳои дигарон ба қурбонӣ додан будааст! Акнун ки фурсате намондааст, ман пушаймон шудаам. Ман он қудратро доштам, ки метавонистам тибқи хостҳои худам зиндагӣ кунам. Шояд ин имконияти маро дигарон надоштанд. Аз ману аз онҳо наметавонад пурсиш яксон бошад, зеро онҳо зиндагишонро як амри мусаллам, ончунон ки ҳасту бояд бошад, қабул мекунанд. Ман ба ҳама амале, ки содир кардаам, дар ниҳон эътироз доштаам, нафрат доштаам. Ва он амалеро ҳам ки кардаам бо дудиливу қароҳат кардаам. Шояд имрӯз фаҳмидаам, ки чунин эҳсосе доштаем.

Абдуҷаббор: Ҳар инсоне гирифтор ба чунин эҳсос ҳаст. Агар ин эҳсос реша дар имон надошта бошад, боке нест. Ҳамчунин ҳам бояд бошад, зеро инсон дубуна аст. Ҳар амале ки бақо надорад, мояи пушаймонист. Фақат як рох аст, ки пушаймонӣ надорад.

Амри Лайс: Бадбахтона, ҳар гуна андеша реша дар раги имон дорад, бар дини инсон мезанад.

Абдуҷаббор: Чаро бадбахтона? Андешае,ки реша дар имон дорад, сидқу сафо меорад. Аз заданаш иҷтиноб бояд варзид. Ин кори шайтон аст!

Амри Лайс: Дар реша давондан ва ё теша задани он фақат худи мо масъулем. Мо ин масъулиятро бо иродаи озоди худ қабул кардаем. Пас дар ин амр ҷуз ман касе дигар масъул нест. Иштикоки ман сари ин масъулият аст,ки зиндагимро дарҳам рехтааст. Метарсам, ки онро таҳоқуқ бахшам,зеро медонам, ки аз сар баровардани он дунё аз ҳам фурӯ хоҳад рехт. Аввал худ шумо маро маҳкум хоҳед кард. ба мунофиқӣ айбдор хохед намуд. Вале ба шумо мегӯям. ки ман дар зиндагии худ мунофиқ набудаам. Онро буруз надодаам. Ҳарчанд дарунамро месӯзонад, хаёламро мунҷамид месозад. Фақат ҳамин лаҳзаҳоро ки бо шумо дарди дил мегӯям,ором гирифтааст, балки ҳолати фурсатталабонаеро бо худ гирифтааст ва дар пайи ҳамон лаҳзаи мувофиқест, ки аз нав сар кашад, исён кунад. Ҳанӯз аз бурузаш метарсам, ҳарчанд гумон мекунам, ки сари калобаро кушода бошам. Дигар бароям, он чунон ки гуфтам, фарқе намекунад. Хаста шудаам. Фурсате ки мондааст баросудан мехоҳам. Бигзор дигар дунё аз ҳам пошида шавад...

Онҳо лаҳзае хомӯш мемонанд. Банохост бо эҳтирос Амри Лайс хомӯширо мешиканад.

-Дар ман дигар намегунчад, аз даруни хокистари Каркӯй забона мекашад ба мисли нағмаи масгит ҳама офоқро пур мекунад, ҳафт осмони мармаринро медарад, ҳамчун талиаи Меҳр медамад. Худоё, худовандо!

“Фарахта бодо рӯи,
Ханида Гаршасп ҳӯи.
Ҳаме пур аст аз ҷӯи,
Нӯш кун май анӯш.
Дӯст бизо, гӯш,
Ба офарин над гӯш.
Ҳамеша некӣ, кӯш.
Ки гузашту дӯш.
Шоҳо, худойгоно,
Ба офарини шоҳӣ...

Абдучаббор: Ҳар марди озодае дар зиндагии худ бо чунин аждаре даргир аст. Дар умқи андешаи ҳар кадом аз ин гуна ашхос ҳамчунин суруде аз каркӯе ҳамеша тинандоз аст. Ва ҳар кадоме онро ҳамчунин фурӯ менишонд.

Амри Лайс: Ман ҳамеша аз худ мепурсам: оё ин эҳсосро, ин андешаро, он чунон ки шумо дуруст гуфтед, ин аждарро фақат ман дорам ва танҳо ман бо он даргирам? Ва ё дигарон хештанро фиреб медиҳанд, ба худи худ дурӯғ мегӯянд ва чунин вонамуд мекунанд, ки аз як вичдони осудаву ором бархӯрдоранд имони ишон комилу бехадша аст.

Абдучаббор: Ворастагон ё онҳое ки қодир ба матраҳ сохтани “чораҳое” шудаанд дигар масъулият доранд тартибу низомро дар ҷомеа бо манфиатҳои умум риоя намоянд. Дусад сол мегузарад ҳанӯз мо бар андешаи хеш ғолиб наёмадаем.

Амри Лайс: Пас ин андешаи мо нест. Таҳмилӣ аст! Андешае, ки реша дар раги инсон надорад, табдил ба афзор мешавад. Ман ҳамеша зимомдори ичбории ин афзор будам. Пас аз ин ман мехоҳам бидонам, ки кистам ва ё то ин лаҳзаҳо кӣ будаам?

Абдучаббор: Бузургтарин ҳақиқат боварнокарданитарин чиз аст ва бартарин қудрат фиребро лозим дорад.

Амри Лайс: Ман ҳар нафас бо рӯзаву намоз худро тазкия кардан хостам, вале натавонистам. Аз ман зӯртар аст. Ҳар нафас ниятҳои маро барбод медоду медиҳад. Дар ҳама ҳолат - чӣ дар пайкор,чӣ дар ибодат ва чӣ дар фарогат. Хато гуфтам, аз он нафасе фароғат надоштаам.

Амри Лайс хомӯш мемонад. Ба фикр фурӯ меравад ва дар андешааш бо худ ҷидол мекунад, чизерову кореро ба ёд меоварад.

Абдуҷаббор: Амирам хомӯш монданд?

Амри Лайс: Акнун фаҳмидам, ки чаро бародарам равоншод Яъқуб ибтидои ҳар коре мегуфт: ло ҳавла ва ло қуввата ило биллоҳ ва ё наузубилоҳи мин аш-шайтони раҷим...

Абуюсуф Яъқуб вориди толор мешавад ва Амри Лайс. Абдуҷаббор ибни Ҳамза ба истиқболаш аз ҷой мехезанд.

Абуюсуф: Ҳеч намехостам ба сӯҳбати шумо халал бирасонам, вале аз шавқи бесабрӣ тоқат карда натавонистам. Куфру дин аз масоили аҷиб аст,ки фақеҳонро як умр ба худ машғул медорад . Ва ё ширку имон... Вале бародари мо Абоиброҳим ҳамеша таъкид меварзанд, ки роҳу усул муҳим нест, инсон бояд муслиҳ бишавад, ҳаёташро ба сӯйи як зиндагии шарофатмандона ислоҳ бинамояд...

Онҳо ба сӯҳбати Абуюсуф ҳамроҳ намешаванд, то поён бурдани суханаш сабр мекунанд. Аз хомӯшии ишон ӯ худро ноҳинҷор эҳсос мекунад, сурх мешавад ва узрхоҳона мегӯяд:

-Шояд ман бемавқеъ омадам?.. Бовар кунед, ҳамчунин қасде надоштам. Сӯҳбати шумо хеле аҷиб буд.

Абдуҷаббор: Сӯҳбати пирон аҷобате надорад, балки моломоли ҳасрат асту дард.

Абуюсуф: Ман гумон намекардам, ки зиндагии шумо ҳасратангез бошад. Яке амири Хуросону Ироқайн ва дигаре ҳама умр вазири арҷманд. Кӣ бовар мекунад?!

Амри Лайс: Зоғе бе доғе нест. Зиндагӣ ҳар қадар олитар дарду ҳасрataш ба ҳамон андоза бузургтар. Агар бозгаште будӣ ҳеҷ инсоне бо тариқи собиқаш намерафт.

Абуюсуф: Чаро?

Амри Лайс: Зеро инсон таҷрибапазир нест. Як хаторо ҳазор нафар такрор мекунад,вале панд намегирад. Ва ҳангоме ки умраш ба ҷое расид, аз тамоми кардаву гуфтааш пушаймон мешавад ва дар ҳасрати умри дигаре меуфтад то аздастдодаҳояшро ислоҳ намояд, вале ҳайҳот! Онгоҳ ба дигарон аз хатоҳои хеш панд медиҳад. Агар мардум пандпазир мебуд, аз замони Одам то ба ин дам Инсон фариштa мешуд. Вале афсӯс, ки то ба ҳол гӯли биёбон бокӣ мондааст...

Абдучаббор: Оре, рафта барнамегардад,оянда кутоҳ асту номаълум ва саломатӣ бебақо. Ба қавли дигар гузашта нест. Аслан, ки гузашта чист? Ҳамин нафасе ки бароварда мешавад, ва эътимод ба нафаси тоза кашидан чист? Ҳеҷ . Яъне мо ҳечро ба ҳеч сарф мекунем. Сари ин ҳечӣ пархош мекунем, талош мекунем, дунёро кунфаякун мекунем. Ва боз Мансурвор даъво мекунем. Ва Ҳаҷҷочвор зулм бар дигарон раво медорем.

Абуюсуф: Пас чӣ бояд кард?

Абдучаббор: Ин пурсиш ба мисли одам қадимист. Балки ҳамзоди Одам аст. Ба қавли Абоиброҳим инсон фақат як илочи раҳоӣ аз ин қайду бастҳоро дорад ва он ҳам муслиҳ шудан. Ҳар кас дар роҳи камоли хеш бояд то ба як муслиҳ иртифоъ ёбад, яъне аз болои сояҳои хеш бичаҳад. Вагарна ҷаҳон як дори ҳасратҳо аз хатоҳо боқӣ хоҳад монд.

Амри Лайс: Ман аз болои мурдаҳо ҷаҳидаам. Ва он қадар бори заҳмати ин ҷаҳон гардидаам, ки дигар токати таҳаммули онро надорам. Ба имдодам расед, агар кори хайре дар ҳаққи ман кардан хоҳед, ҳарчи зудтар ба Бухоро расул фиристед.

Абуюсуф бо чашмони ҳайратзада гоҳ ба Амри Лайс ва гоҳ ба Абдучаббор ибни Ҳамза менигарад ва гуфтан мехоҳад ки шумо дар набудани ман боҳам забон як кардаед. Вале ман ин корро ҳамтур раҳо нахоҳам сохт. Ин чо ниятҳо тоза нест.

Абуюсуф: Манзур аз ирсоли расул чист?

Амри Лайс: Таслими Бағдод шудан. Дигар ин чо мондани ман маъние надорад. Ман намехоҳам бар заҳмати шумо барафзоям. Ҳама корҳо тамом шудааст. Ман ба касе даркор нестам.

Абуюсуф: Абоиброҳим Исмоил қабул нахоҳад кард. Ӯ замонат додаст. Ин шуданӣ нест! Корҳо акнун дуруст мешаванд.

Амри Лайс: Бовар мекунам, вале ман дигар пуштивона надорам. Сиистон дар дасти харачу марач. Сипоҳ ба Тохир байъат кардаанд ва бузургони кишвар озодии маро дигар намехоҳанд.

Абдучаббор ба Абуюсуф менигарад. Ишон дар ҳамдигар хира мешавнад. Чизе намефаҳманд.

Амри Лайс: Дар ин кишвар сулолаҳо бо дасти гуломон аз байн рафтаанд ва давлатмардон аз дасти ҳочибони са-

роямон кушта шудаанд. Ин ҳам таҷрибаи талхи зиндагии мост, ки ҳеч панд напазируфтем. Рустамҳо ба дасти Шағодҳо кушта мешаванд!...

Ва мактубро бароварда ба Абуюсуф Яъқуб медиҳад. Ӯ номаро хонда ба Абдуҷаббор дароз мекунад ва интизор мемонад, ки чи мебояд кард.

Амри Лайс: Ин ҷо дигар асир мондани ман ба кафолате масъул нест. Ман тасмими худро гирифтаам. Хуб мешавад ман таслими Бағдод шавам. Дигар ман барои ҳар ду тараф безарар гардидаам. Хоҳиш мекунам, ба назди Абоиброҳим Исмоил амири Хуросон расул фиристед.

Абдуҷаббор: Он вақт фикри Абоиброҳим низ маълум хоҳад шуд ва тибқи он амал хоҳем кард. Ба амирам номаи муфассал бояд навишт ва қазияро битамом баён бояд намуд. Вассалом.

Амри Лайс: Ройи дуруст ҳамин аст.Он гоҳ амири Хуросон ба салоҳияти хеш амал хоҳад намуд.

Абуюсуф: Афсӯс... афсӯс... Мурод наздик буд.. Ҳама чиз дар дасти қазост.

Амри Лайс: Абоиброҳим ба танҳоӣ метавонад аз ӯҳдаи ин амали шарофатманд сарбаландона барояд. Шумо дар ин хусус парво накунед. Муҳим он аст,ки ҳадаф бошад. Дил танг мадор ки Баҳром аз Ҳиндустон савори пил хоҳад омад...

Абуюсуф: Дар Бағдод чи чиз интизор буданашонро амирам тасаввур карда метавонанд? Ишон бо ҷанобашон чун рафтор хоҳанд намуд?

Амри Лайс: Аз он ки ин ҷо умр ба беҳуда дар интизори номаълумиҳо бигзаронӣ, магар хубнест ки бидонӣ бо ту чи хоҳанд кард. Ман пеш аз он ки тасмимамро бигирам, неку бадашро барои худ санҷидаам. Агар хуб рафтор кунанд, ба мисли Афшин Ғурак писари Ковус ба ҷазои гуруснагӣ дар кунҷи зиндон ҳалок хоҳам шуд. Дар акси ҳол ҷазоямро на камтар аз ҷазои Мозиёр ва ё Бобак муқаррар хоҳанд намуд. Ин муҳим нест. Магар мо хиёнати ишонро кам дидаем. Онҳо ҳеч гоҳ моро бо хеш дар як саф намегузоранд. Онҳо бо Абумуслим чӣ кор карданд! Аз тааҳудоте ки бо ӯ баста буданд , рӯ гардонданд. Бусалмаву оли Бармакро куштанд. Афшину Бобаку Мозиёрро ба дасти худамон аз миён бардоштанд. Ибни Муқаффаъро зинда-зинда аҷзо ба ҷазо андар оташ андохтанд. Бо ман аз он зиёд

намекунанд. Дар сиёсат ба манфиати бегонагон хидмат кардан ҳамеша оқибати ҳузнангез ба ҳамроҳ дорад Ин омилро ҷуз Яъқуб дигар давлатмардони мо нодида мегирифтанд ё мегиранд. Сукути хонадони Тоҳириро аз мо медонанд. Мо ба онҳо то он лаҳзае зарурем, ки заиф бошем. Мо барои Бағдод номатлуб будем. Икрор мекунам,-хато аз ман ҳам гузашт.Қудрат то андозае маро худкома сохт. Имрӯз ки фикр мекунам, маро гофилгир карда, ноаён бар оташи худхоҳиям равған рехта будаанд. Онҳо барои чунин як фарҷоме бо ҳама рафтори ман муросову сабр мекардаанд. Вале ман бо он чи бо ишон кардаам пушаймон нестам. Ва дар вопасин нафас ҳам мехоҳам ба рӯяшон бингарам ва ночиз буданашонро барояшон бинамоёнам.

Абуюсуф: Бо ин ҳам муросо хоҳанд кард,вале ба мо чи ҳаз! Боз ҳам ба манфиати Бағдод хоҳад буд.

Амри Лайс: Вале ин ҷо монданам ҳам ба манфиати шумо нахоҳад буд.Фақат барояшон баҳонае мешавад, ҳарчанд медонанд ки ман барояшон сари мӯе дигар хатарнок нестам. Ман намехоҳам ки ҳатто ба фарҷоми худ коре ба манфиати шуми онҳо карда бошам. Вале афсӯс, Абоиброҳим бағоят худотарс аст ва ишонро ончунон ки бояд бошанд, қабул мекунад, кизбу риёшонро ба чои сидқу марҷеъият қабул мекунад. Онҳо бо он чи мекунанду ҳастанд бовар надоранд. Онҳо ҳатто ба расули худо,ки хешро аз он тухма медонанд, бовар надоранд. Агар бовар медоштанд, ба хонадони пайғамбар чунин рафтор наменамуданд. Не, онҳо ба он чӣ мо барояшон хун мерезем,бовар надоранд. Ҳатто ба дини овардаашон имон надоранд. Ва мо ин риёву кизбро ҳамчун амри мусаллам мепазирем. Ҳамин ки касе аз аслашон аз андешаашон, аз асли зиндагиашон огоҳ шуд ё заррае ба ниятҳояшон , фиребу дӯруғашон пай бурд, ӯро аз роҳи хеш мебардоранд. Бағдод дар ин масъала дижи руин аст. На касе аз он хориҷ мешавад ва на касе ба он ворид мегардад. Рӯзгори ишон андаруни ин дижи рӯин қиссаи “Ҳазор достон” аст. Кадоми онро гӯям?! Барои хондани он як умр, намерасад. Инҳо аз уммавиҳо заррае кам нестанд, балки аз ишон гӯйи сабқат мебаранд. Аз куфр сухан гуфтан сафои имон мебарад.

Абуюсуф: Ҳар чӣ мехоҳӣ далел биёвар, вале тасмим хатост, беҳудааст. Ман онро пазируфтан наметавонам. Фарҷоми шумаш ҳар чи бошад бар гардани худи ишон аст.

Ман дигар ҳарфе надорам. Шумо чӣ мегӯед?

Абдучаббор (ба худ омада): Ишон дигар тасмимашонро гирифтаанд ва далел ҳам доранд.

Абуюсуф: Боз нагӯед, ки нагуфта буд. Бигзор гуфтаи шумо шавад. Ман имрӯз ба Бухоро расул мефиристам. Номаҳо якчоя бинвисед

Амри Лайс: Барои охирин бор таманно мекунам: Дошгани гургҳо бар оҳу ҷабр аст.

Абуюсуф (*механдад*): Онҳо хӯса ҳастанд.

Амри Лайс: Барои оҳу фарқе намекунад.

Абуюсуф: Бошад.

Ва ба назди панҷара меравад.Ба сӯйи қафасҳо менигарад. Дар ҳақиқат оҳу пиру лоғар шуда буд. Ва ба худ меандешад: "Осори солҳост!"

БУХОРО

Амир Исмоил дилтангона, бо авзои гирифта байни сутунҳои толори нимравшани боргоҳ гардиш мекунад. Вазири барид Муҳаммад бини Нӯҳ бар суффае оромона нишастааст ва гӯш ба қимори фармоишоти амир мебошад. Вале амир Исмоил ҳузури ӯро аз ёд бурдааст ва худ ба худ ҳарф мезанад ва бар Нӯҳ чунин менамояд, ки ӯ ҳазён мегӯяд!

Амир Исмоил: Сараш бод гирифтааст. Ҳар киро сараш бод гирад,ба сӯйи маргаш мешитобад. Намедонам чаро зиндагӣ ин қадар бар дилашон задааст. Ӯ гумон мекунад халифа сарашро навозиш мекунад. Табиист, саратро навозиш хоҳад кард! Ончунон ки Ҳорун сари Зайди алавиро. Сарашро ба хок супурдед? Ба ҳар навъ сайид аст, аз тухмаи пайғамбар! Ба як реша ба тухмаи Сосон мерасад. Бар ин арзу бум бегона нест. Аслан ки сайидзодагон бегона нестанд. Боди буруташон низ аз ин ҷост! Ҳатман бо шарофати он роҳзан моро бо Муовияву Язид-ул-лаъна ба як саф хоҳанд гузошт ва соли дароз мардумро ба мӯя кашидану дашноми ин "кофар" барангехта хоҳанд кард. Ҳорун, дар воқеъ коре кард, ки шоистаи як роҳзан аст. Бо Абулҳусайни Зайд чӣ кардед?! Умедворам он чи бо падараш рафт,бо ӯ накардаанд. Мегӯянд марде фозилу олим аст, дуруст аст? Фаҳмидед? Ӯро ҳозир кунед. Ман худам бо ӯ суҳбат хоҳам кард.

Мухаммад бинни Нӯҳ аз паи ихзори асир меравад ва амир Исмоил худ ба худ меандешад.

"Ҳарчанд сипоҳи алавӣ ҳазимат ёфтаанд, вале минтақа ором нахоҳад гирифт. Мардумро, он чунон ки сирати алавиён аст, дар муқобили халофат қарор хоҳанд дод. Абулҳусайни Зайдро ба саёдати хеш боядончо фиристод, то аз шӯришҳои эҳтимолӣ пешгирӣ шавад. Дар акси ҳол..."

Муҳаммад бинни Нӯҳ сайиди асирро пешандози ду сарбоз меорад.

Амир Исмоил: Ҳанӯз дар банд?! Инсон қодир нест дар як вақт ҳама чо бошад,ҳамаро бинад,ба як амал ҳазор кирдор кунад. Ин тачовуз бар Ҳукумати худованд аст, аз як банда даъвии чунин иддао куфр аст,писарамӯи азиз! То ба кай ҳама корро ман худам мекунам?! Инсоф диҳед. Зӯри ман барои расидагӣ ба ҳама корҳо намерасад! Пас шумо давлатмардони кишвар ба чӣ кор меоед?!

Ва худ амир Исмоил ба боз кардани банди дасту пои Абулҳусайни Зайд бинни Муҳаммади Зайд фарзанди доии мақтул мешитобад, вале Муҳаммади Нӯҳ пешдастӣ мекунад ва амирро аз ин амал пешгирӣ менамояд. Ӯ бо сарбозҳо якчоя дасту пои сайиди асирро аз банд озод месозад.

Амир Исмоил: Ман ҳеч гоҳ розӣ набудааму нестам, ки бо асирон, хусусан асилзодагон ҳамчунин рафтор кунанд. Ин амали язидӣ аст! Ман ичоза нахоҳам дод! Дигар бас аст! Ман намедонам ин талафоти сайидзодаро чун метавон ҷуброн кард. Ин сӯги ман аст, ки перомунамро роҳзанону худкомагон гирифтаанд.

Зайд: Аз қазо чунин рафта будааст ва андӯҳу нороҳатии амирамро сабабе намебинам. Аъмоли Амри Лайс беҳин сабаке буд. Амирам дар ин амр ҷурме надоранд. Хашму нописандӣ равони марҳумро тира сохта буд. Мучрим мо ҳастем, ки бар ишон лашкар кашидем. Мо сазовор ба накӯҳиш ва укубату хорӣ ҳастем. Хоҳиш мекунам аз сари меҳрубонӣ бар мо гузашт кунанд, аз гуноҳамон даргузаранд ва он чи сазовор бар аъмоламон аст, он раво бинанд...

Амир Исмоил ба гӯшаи даст ашки чашмонашро пок месозад ва сайидзодаро ба канор мекашад ва сарашро бар китфони ӯ мегузорад. Вале наметавонад ашкашро боз дорад ва ҳамчунон мегиряд.

Зайд: Аз мо гузашт, ки насиҳати амирамро напазируфтем ва аз мақсади хеш барнагаштем. Тақдир чунин буд ва ҷои таассуф нест. Мо бо ҷомаҳои сафед ботини сияҳ доштаем ва солори ғозиён ҳанӯз бо парчами муслимӣ кори сафеди ҷадди мо мекунанд.

Амир Исмоил Абулҳусайни Зайдро дар бараш менишонад. Бузургони давлат ворид мешаванд.

Симо-ал-Кабир: Ҳасан бинни Муҳаммад омадааст .

Амир Исмоил: Ӯ кист?

Симо-ал-Кабир: Ибни Толут, аз сарҳангони Муътазид. Дар хусуси Ҷӯйи Мӯлиён...

Амир Исмоил: Ин муомиларо ба вақти дигар гузоред ва ё ҳуҷҷатҳояшро омода созед.

Симо-ал-Кабир меравад. Амир Исмоил ба суханонаш идома медиҳад.

-Чаро сипаҳсолори мо Ҳамӯя бини Алӣ ҳузур надорад?

Ҳама ба сӯйи якдигар менигаранд ва аз якдигар ҷавоб мечӯянд, вале дар ҳамин вақт Ҳамӯя бинни Алӣ ҳозир мешавад. Ҳозирин нафаси осуда мекашанд.

-Мо маслиҳати шуморо гирифтем, дар ҳаққи Ҳорун хато кардем. Набоист ӯро мефиристодем.

Ҳамӯя: Амирам, ҷанг аст. Агар накушӣ кушта хоҳӣ шуд. Агар зафар наёбӣ мағлуб хоҳӣ шуд. Ҳеч сипоҳе бахуд ин зиллатро раво намебинад.

Амир Исмоил: Сулҳ ҳам усули ҷанг аст!

Нӯх: Доии Табаристон напазируфт.Ин ҷо гуноҳи мо нест.

Амир Исмоил ба Абулҳусайни Зайд рӯ меоварад:

-Сайидзода назди мо мӯҳтараманд. Ишон ба гирифтани ҳар гуна тасмим ихтиёр доранд. Агар хоҳанд метавонанд ба ниёбати мо ба Табаристон баргарданд.

Зайд: Аҳволи Табаристон аз ҷангҳои охир тағйир гирифт ва наметавонам он ҷо бишавам. Дар Бухоро мондан авлотар.

Амир Исмоил: Ин чун мешавад, ки аҳли аёл он ҷо бошад...

Зайд: Ман ҳанӯз издивоҷ накардаам, балки фурсате наёфта будам.

Амир Исмоил: Агар сайидзода зид набошанд, мо худамон барояшон аз Бухоро ҳамсари муносиб пайдо мекунем.

Абулҳусайни Зайд аз хиҷолат сар поин меоварад.

-Алҳол барои сайидзода хонаи муносиб пайдо бинамоед ва мухориҷашонро низ аз байтулмол муайян хоҳем намуд.

Зайд: Адолати амирам дар ҳаққи банда беандоза аст. Бисёр шунида будам ва имрӯз аён мебинам.

Амир Исмоил: Ҳар он чи дар бораи амир ё шоҳ мегӯянд, ба тамҷит аст, ғулув аст, ба он бовар намекунед. Шоҳон ба мисли оташанд: қурбашону ғурбаташон бисӯзонад. Аз ин рӯст, ки мегӯянд: Меҳру кинаашон яксон аст.

Зайд: Бигзор ҳар чи гӯянд, мо амири хешро шинохтаем. Ва аз сабабҳои ин ҷо монданам ҳам амираманд.

Амир Исмоил: Агар сайид солиён назди мо биншинанд суханашон тамҷид барояд ва сухани ба тамҷид касро ғофил гардонад ва аз ин рӯ гуфтаанд, ки ҳаром аст. Сайидзода хеле кӯфти роҳ бардоштаанд ва ҷароҳаташон дар сӯги падар хунчакон аст. Хуб мешуд ишон ба гармоба мерафтанд ва истироҳат менамуданд. Сӯҳбати мо ба ҷое намегуреазад. Умедворам ишонро ҳамеша хоҳам дид.

Амир Исмоил Абулҳусайни Зайдро то назди дар гусел мекунад ва дар фарҷом мегӯяд:

-Умедворам, ба таври доимӣ аз сӯҳбати шумо баҳравар хоҳам шуд.

Зайд (*шӯхиомез ,вале маълум аст, ки дар ҳузури шоҳ одоби муоширатро риоя менамояд*): Амирам дар нисбати ман ғулув мекунанд... Мо мӯҳтоҷи сӯҳбати пурбаракати ҷаноб ҳастем.

Амир Исмоил ғамгинона лабханд мезанад. Абулҳусайни Зайд таъзим намуда, бо ҳоҷиби сарой баромада меравад ва амир Исмоил бачои хеш бармегардад.

Амир Исмоил: Ба ин қабоҳат кушта шудани Муҳаммади Зайд дар саросари олами ислом инзиҷор ба амал меоварад! Тамоми кори давлатдории моро хатти батлон мекашад. Кулли шайъин арҷаъа ило аслиҳӣ . Таррор таррориящро кард. Тадбир чист? Ин тари ӯро кӣ хушк мекунад?

Хоҷаи Бузург: Худаш. Минтақаро хуб медонад, мардумонашро хуб мешиносад.

Амир Исмоил: Боз ҳамон!

Нӯҳ: Хоҷаи Бузург дуруст мегӯянд, алҳол барои ин минтақа аз вай воридтар касеро надорем. Бо ирсоли шахси дигар метавон харҷу марҷро тезонд.

Амир Исмоил: Кӣ кафолат медиҳад, ки ӯ аз ин бадтар накунад?

Нӯҳ: Шоҳам,ман дар ин амал ҳеч қабоҳат намебинам. Донии алавӣ сазовори амалаш чазо гирифт.

Амир Исмоил (бо хашм омада): Магар моро бо Язид дар як саф гузоштан ин қабоҳат нест?!

Нӯҳ: Бар мардум зулм кардан, молу мулки ишонро ситонидан,ба номуси ишон дастдарозӣ намудан ҳам қабоҳат аст. Мо мардумро аз золиме раҳо кардаем.

Амир Исмоил: Ва золими дигареро ба ҷойи ӯ гузоштаем!

Нӯҳ: Алҳол ӯ зарур аст. Вале ҳамеша аз ӯ бохабар бояд буд.

Амир Исмоил: Аз ӯ шак доред?

Нӯҳ: Аз ӯ ҳар бало сар заданаш мумкин аст. Аз бало ҳазар гуфтаанд. Вале имрӯз ӯ зарур аст.

Амир Исмоил: Э хушо ба ҳоли мо ! Дар як мамлакати бузург як нафари сазовор наёбӣ? Бигзор ин бор ҳам ба гуфти шумо шавад! Маншури хукумати Табаристонро барояш бифиристед, вале зинҳораш диҳед. Ман намехоҳам дигар аз ӯ дардисарҳое дошта бошам. Э кош, саидзода қабул мекард....

Дигар Давлати Сомонӣ то шимол имтидод ёфта буд ва Муҳаммад Ҳоруни Сарахсӣ лаззати хукумат мечашид.

Ва халифаи Бағдод Мӯътазид аз марги салафи хеш Муҳаммад Зайди алавӣ аз муддаиёни ҷалолати халофат андӯҳгин шуда буд ва дар ивази сари бетани Доии Гургону Табаристон сари равон тақозо менамуд:

"Ман Абуабдуллоҳ бинн- ал-Имом Абилаббос ал-Мӯътазид биллоҳ амиралмӯъминин ило Абоиброҳим Исмоил бинни Аҳмад мавлии амиралмӯъминин.."

Ӯ каломи "мавло"-ро ба таъкид набишта буд.

"Амрро бифирист!.."

Аз ин хунбаҳо амир Исмоил андӯҳгин буду тадбир мечуст. Озодагон кай хилофи ваъдаи хеш амал кунанд?!! Онҳо ҳастанд, ки хилофат ба зиёдат мекунанд.Бо сипарӣ шудани садсолаҳо ҳанӯз дунболаи аспи афтодаашон медаванд. Ҳанӯз худовандро моли маврусии хеш мешуморанд ва ҳамчун зимоми қудрат бақои худро таъмин менамоянд. Онро ба минбари хостаҳои ғаризии хеш табдил додаанд. Худоё, худовандо ман ниёиш ба шукронаи ту меку-

нам ва тавакkал барои ту мекунам. Эй Аҳад, эй Воҳид,эй фард, ки туро мислу ҷинсу шабеҳ набошад, эй фард ба зот, ки зоти ту ба ҳеч зот намонад, эй дар ато фард, эй дар карам фард, ки беистиҳқоқ ато дихӣ, эй дар ғуфрон фард, ки бешумор омӯрзӣ, э й дар накуӣ фард, ки бе эҳтиёт андаке бипазирӣ; эй дар ҷабборӣ фард, ки ҳамаро бишканӣ, эй дар малаки фард, ки ҳама малакон ба малаки ту малаканд ва ту бо малаку бемалак малакӣ, эй дар моликӣ фард, ки ҳама моликон ба мулк маликанд ва ту бе мулк моликӣ, эй самад, эй ки ҳамаро ба ту хоҷат буваду туро ба кас ҳоҷат на, эй бениёз, эй қадим, ки туро аввалу оғоз набошад, эй олим ба илм; эй қодир ба қудрат; эй ҳай,эй боқӣ, билниҳоя, эй азали азалҳо, эй сайиди ҳафт осмону ҳафт замин, эй бе халқ холиқ, эй раҳмон фид-дунё ва эй раҳим фил-охират, эй мурид ба иродати қадим, эй хоҳо, эй ба зоти хеш ҳаким, эй розиқ, эй рауф, эй мутакаббир, эй бузург бо худ, эй мавсуф ба ҳарчи худро бад-он васф кунӣ,эй мусаммо ба ҳар чӣ худро бад-он ном дихӣ...

Ва зери дарахти бузурге парандагону чарандагон гирд омадаанд ва шере бузург гирдогирди ишон мечархад...

Ва шоҳине азим аз тори ин дарахти осмонсой ба парвоз меояд, болҳояш ҳама ҷо соя меафкананд...

Ва моҳие азим бар дарёи муҳит шиновар аст...

Ва гове азим заминро сари шохи заррин гирифтаасту бар моҳӣ шиновар аст...

Ва ҳафт осмон дар гардиш...

Ва ин ҷаҳон аз карон то карон дар зеҳн нопадид, ақл дар шинохташ тифли безабон, нотавон...

Эй Ахмад, ман натавонистам ин достонро то ба поён бароят тавзеҳ дихам.... Шояд он замон фурсат надоштем, вале имрӯз фурсат рафтааст. Ту бузург шудай.Он муғи китобдор ҳам намондааст. Ва ин дарахти азим хам пажмурдааст, ин хазандагону чарандагон решаҳои онро макидаанд, хойиданд. Парандагон аз шохсоронаш паридаанду ба акcои олам фирор кардаанд...

Ва Симурғи шохсораш ба зеҳнҳо кӯч бастааст...

Ва Ҷамшед худовандро аз офариниши хеш хичил гардондааст...

Ва Нӯҳ худоро пушаймон сохтаст...

Дигар шабушкҳо ба боли малаххо лона кардаанду ишон аз парвоз мондаанд,коҳил шудаанд... Чун чӯгиён расола-

ти хешро фаромӯш кардаанд. Дигар ин диноварон динвар шудаанд.

Эй бузург меҳано, эй Бузург Хуросон, дигар тобиши ховар аз туст! Ту расолати хешро дарёфтаӣ! Пайки ту омад, Бахроми ту омад! Бо ороста дирафш ба ойини хусравон! Дигар офтоб аз дили ту уруҷ хоҳад намуд. Ту дигар ба Кайхусрави хеш бол хоҳӣ дод! Ту Ҷамшедро ба сарзамини ҷовидона ҷавониҳо хоҳӣ кашид! Эй Хуросон, Эй сарзамини пайёмоварони раҳоӣ,эй маҳди Офариниш! Ҷовидона моно!..

Ва он шаб хоб ба дидаи амир Исмоил наёмад. Қаср оромӯ сокит буд. Аз дурҳо, аз найистонҳои Ҷӯйи Мӯлиён гоҳ аз гоҳ садои шағолон ба гӯш мерасид. Ва шери шаҳзода Аҳмад тани танҳо даруни даҳлезҳои қасри шоҳӣ гардиш мекард.

Ва Амри Лайсро бар тахти равон ба Бухоро меовардand...

Худо шоҳид , амир Исмоил инро намехост. Ва фардо бо ӯ чун рӯбарӯ хоҳад шуд?!

Аз ҳар канораи шаҳр садои муаззинҳо мардумро ба намози бомдод фаро мехонд. Амир Исмоил ҳанӯз дар намози хуфтан буд.

Сапедаи саҳар густурдатар мешуд. Чорбоғ бо нағмаи мурғон бедор мегашт. Ва ду марде дар дили дашт,зери офтоби тафсон, яке савор бар маркабе ва дигаре пиёда ,яке ташнаву хаста, дигаре роҳату осуда аз бими гармову ташнагӣ мерафтанд. Яке Фарохимиву дигаре Иброҳимӣ, яке беҳдину дигаре ҷуҳуд...Он марди савори беҳдин ҳатто асбашро бар хӯи хеш парварда буд ва лавозимеро ки бар як мусофир зарурат дорад,бар он бор карда, вале марди ҷуҳуд бору барге надошт. Байни ишон гуфтугӯе ба вуқӯъ омад.

Марди савор: Мазҳабу эътиқоди ту чист?

Ҷуҳуд: Эътиқоди ман ин аст ки дар осмон худост ва ман бандаи ӯ ҳастам ва аз ӯ мехоҳам ки ба ман ва ҳар касе ки бар дини ман аст хайр расонад. Муътақидам ки ҳар касе бо дини ман мухолиф бошад хуну молу арзу аҳлу фарзандонаш бар ман ҳалол аст ва ёрии ӯву насиҳати ӯву муруввати ӯву тараҳҳуму шафқати ӯ бар ман ҳаром аст. Ин аст

1.Фароҳим (Phrahim) бобои модарии Зардушт.

2. Арабҳои даврai аввалро дар Ironзамин ҷуҳуд меномиданд.

мазҳабу эътиқоди ман. Акнун ту бигӯй ки дину мазҳабат чист?

Марди савор: Мазҳаби ман ин аст, ки ман барои худ ва тамоми инсони замин хайр талабам ва барои ҳеч кас аз офаридаҳои худо бад намехоҳам,хоҳ бар дини ман бошад ва хоҳ мухолиф бошад ва мӯътақидам ки бо ҳар ҷондоре бояд меҳрубон буд ва бедоду номардумӣ набояд кард. Ҳар гоҳ касе дардманд бошад ман ҳам дар худ дарди ӯро эҳсос мекунам ва орзумандам хайру саодат ва сиҳату масаррат ба ҳамаи мардум яксара баробар бирасад.

Марди ҷуҳуд: Агар касе ба ту зулму бедод кунад, чӣ мекунӣ?

Марди савор: Ба худованде додгар бовар дорам, ки зулму бедодро посух медиҳад ҳамчунон ки эҳсону некӯиро подош мебахшояд.

Марди ҷуҳуд: Аммо ман мебинам, ки ту тибқи дини худ амал намекунӣ.

Марди савор: Чӣ гуна?

Марди ҷуҳуд: Ман ҳам аз чинси ту ҳастам ва мебинӣ, ки пиёдаам ва зоду тӯшае надорам,хаставу гурусnаам,дар ҳоле ки ту бар асп саворӣ ва бору буна фаровон дорӣ.

Марди савор: Рост мегӯй, ин мурувват набошад.

Аз асп ба зер меояд. Суфра мегустарад ва он чӣ аз хӯрданиву ошомиданӣ, ки дошт бар сари суфра мениҳад. Марди ҷуҳуд харисона шикам сер мекунад. Он гоҳ марди зардуштӣ ҷуҳудро бар аспи хеш савор мекунад ва худ пиёда ҳамерафтанд. Ҷуҳуд аспро маҳмез мезанад. Марди зардуштӣ зи дунболаш фарёд мезанад:

-Эй мард,маро танҳо магузор, ки дар ин биёбон безоду тӯшаву маркаб ҳалок хоҳам шуд.

Марди ҷуҳуд: Магар ман динамро ба ту нагуфтам, ва ту ҳам мазҳабатро ба ман гуфтӣ. Ту ба дини хеш амал кардӣ ва ман ҳам мехоҳам тибқи мазҳабам рафтор кунам.

Марди ҷуҳуд бе ҳеч биму афсӯс аспро биронд ва марди зардуштӣ аз дунболаш медавид ва мекӯшид ӯро ба сари салоҳ биёварад,вале беҳуда. Ҷуҳуд дар мазҳаби хеш устувор буд. Ба насиҳату шикваи зардуштӣ эътино накарда бирафт. Марди зардуштӣ вомонда миёни биёбон бимонд. Пас дил ба сӯйи худованд карду гуфт:

-Худоё ман ба ақидаи мазҳабиву инсоним амал кардам ва бар ту аз ин моҷаро чизе пӯшида нест.

Пас ба рох афтод. Ҳанӯз чандон роҳе нарафта буд,ки дид асп ҷуҳудро бар замин афканда ва худ ба гӯшае истодааст. Марди ҷуҳуд гардану пой шикаста,зору низор бар замин аст.

Асп соҳибашро шинохта ба сӯяш меравад. Марди зардуштӣ бар асп савор шуда қасди рафтан карда буд, ки ҷуҳуд бо яъсу навмедӣ фарёд зад:

-Эй мард, ман акнун бештар сазовори раҳматам ва ту ҳам бештар аз пеш раҳмат кун, ки ман афтодаам. Бар ман раҳм кун ва бар мазҳаби хеш амал кун, ки он мазҳаб туро ёрӣ карда ва фирӯз шудӣ.

Марди савор: Ту сазовор ба меҳрубонӣ нестӣ, зеро ҷуз худат ба касе мурувват надорӣ.

Марди ҷуҳуд: Эй мард, сарзанишам макун, ки ба ту гуфтам эътиқоду диёнату мазҳаберо, ки тибқи он парварда шудаам ва падарону пирони мо ба он муътақиданд.

Марди зардуштӣ дубора аз асп ба зер омад, ҷуҳуди носипосро бар он нишонду ба шаҳр бурд.

Амир Исмоил бар ҷойнамози хеш аз арақ тар шуда буд ва он қадар хаставу беҳол менамуд, ки гӯё тамоми биёбонро пиёда паймуда бошад.Дар ҳақиқат буд ё дар рӯъё ӯ ҳамсафари ҷуҳуде биёбонро пиёда паймуда буд.Ва ҳанӯз даруни як шаҳри пурмағалу ноошнову пурдуд ва мардумаш бегона ҳайрон гардиш мекард,ки чанд шаҳнае ӯро боз доштанд. Ӯ сабаби боздошт шудани хешро пурсон шуд, вале шаҳнаҳо сӯяш бо тамасхур лабханд заданд, ки ту марди ғариб ҳастӣ. Дар ин шаҳр бар бегонагон ҷой нест.

Амир Исмоил эътироз кард, ки чун бегона аст. Ин шаҳру кишвар аз рӯди қолубино аз они онҳо буд. Ин бор шаҳнае ба баногӯшаш муште заду гуфт:

-Оре, аз шумо буд,вале худованди таолло насиби мо гардонд. Магар ба ҳангоми кандани Хандақ нашнида будӣ, ки ҳамаашро бар мо ваъда кард. Боз худро ба нодонӣ задану пурсидан чист? Беҳтар аст, бигӯй, аз тӯшаи рох чӣ дорӣ?

Амир Исмоил аз бими мушти дуввум ноилоҷ гуфт:

-Бо худ аспе дорам.

-Кучост?

-Дар корвонсарои соҳил (*худ ба худ*) Ҳанӯз моли Оли Бармакро ба ғорат мебаранд!...

-Эй аҷамӣ, бо худ чи ғур-ғур дорӣ?

-Ҳеч.

Ва ӯро ба сӯйи корвонсарой бо ачала мебурданд. Шаҳр дар ҳакикат бӯйи ганди мурдахо мекард ва аз ҳар тараф боди саргардон бӯйи фасод меовард. Аз зиёдии пашша дахон кушодану ҳарф задан ва ё бо бинӣ сахт нафас кашидан намешуд. Бими он дошт ки бар замири одам ворид шаванду касро аз дарун холӣ кунанд. Бозори пашшахо!

-Ин чи шаҳр аст? - ба тарс мепурсад амир Исмоил.

-Оё тағйир кардааст? - бо хушунат чавоб медиҳад шахна.

-Ман онро намешиносам. Пас тағйир кардааст.

-Ин Дорулхилофа аст!

-Яъне Багдод? Ман аспамро ба Тайсафун гузошта будам.

-Ту моро масқара мекунӣ, эй ачамӣ?

-Ман барост мегӯям.

-Бо вучуди он ки маволӣ, аст боз девона ҳам будааст. Ва ё мехоҳад худро хамчунон намоёнад, моро гӯл занад. Аз инхо эхтиёт боид кард. Макри ишон поён надорад. Магар инхо набуданд, ки бинни Аббосро дарди сари мо гардонданд.

Амир Исмоилро ба корвонсарой бурданд, вале аспи ӯ набуд.

-Асбатро мешиносӣ? Чун буд?

-Сафед. Ба мисли абри бахор...

Онхо хама корвонсаройхои шахрро гаштанд, вале аз аспи Сафед ному нишоне наёфтанд.

-Ту дурӯғ мегӯй. Ҳеч гах аспе ҳам надоштай,хостӣ моро гӯл бизанӣ.

-Мо дурӯғро душман медорем ва дурӯғгӯйро душмани худо медонем.

-Пас кучост?

-Дар Тайсафун....

Шахна аз рӯи хашм ӯро мушти дигаре мезанад.

-Ӯро рахо кун. Як ачамии чинние будааст.

-Рӯзи мо ба умеди аспи "Сафед"-и ӯ бебахраву бехосил ба абас рафт. Ман ӯро хамин тавр рахо нахохам кард.

-Либосашро бигир.

-Киро намекунад. Вале барои ноумед нашудан ба хамин хам каноат мекунем.

Амир Исмоилро бо либоси таг мегузоранд. Ӯ аз шар-

мандагии урён мондан худро аз дарун пашшаҳову фасодҳо ба соҳили рӯди Арванд мекашад.

Ва дар фаросуйи Арванд сари бетани Яҳё ҳанӯз бар шохаи сарве месӯхт. Бегумон ин ҳамон сарвест, ки писари Тоҳир ба буриданаш амр карда буд. Онҳо якчо, ҳамтан месӯхтанд.

Ва аспе Сафед аз бими шере гирд бар гирди он медавид, мегурехт. Пушти асп холӣ буд, саворе надошт. Аз қазо асп ба суръати бод аз ин ҳалқаи гирдгардон раҳо мешавад ва ба сӯйи тулӯи хуршед фирор мекунад. Бегумон бӯйи сояҳибашро аз хилоли бӯйҳои гандида мешамаду ташхис медиҳад, мешиносад. Худоё ӯро бе газанд ба соҳибаш бирасон!..

Ва амир Исмоил чун афсунгарони Бағдодӣ ,чун Синдбоди дарёгард аз болои рӯди азими Арванд Исовор мегузарад, дунболи аспи Сафеди хеш меравад. Ва аз шаҳри пуртаафун ба гӯшаш садое ҳамчун нағвое пур аз умед мерасад: Худоё, худовандо ин манзилро ба соҳибаш бирасон!...

Ин садоҳои фаросӯй ӯро чолоктар, тезгомтар мегардонанд.

Дари ҳуҷраи намозгити амир Исмоил ба садое нолон боз мегардад ва хоҷиб солори бузурги даргоҳ ворид мешавад. Амир Исмоил аз ҷойнамози хеш мехезад. Нури хуршед сари шохсоронро заррин гардонда буд. Ҳоҷиб панҷараҳоро, ки ба сӯйи чорбоғ менигаристанд,боз мекунад.

Амир Исмоил: Ин чи бӯйи фасод аст, ки аз қаср меояд?

Ҳоҷиб ҳайрон китф дар ҳам мекашад ва бечуръатона бо тарс ҳавои ҳуҷраро бо садои шунаво мешамад.

Хоҷиб: Шоҳам ,бӯе ба машоми ман намерасад.

Амир Исмоил: Панҷ бор бояд таҳорат кард, дар ҳафт қадам. бояд даст шуст!..

Амир Исмоил ҳанӯз дар тасарруфи рӯъёи хеш буд, вале ҳоҷиб аз қазия бехабар чӣ гуфтану чӣ карданашро дигар намедонист. Амир дилтангона ба сӯяш нигарист.Чӣ зарурате дар ин субҳи барвақт ҳоҷиброро ба ҳуҷраи ӯ овардааст? Ҳоҷиб бечуръатона сухан оғоз мекунад.

-Аз Бағдод расуле омадааст ва бор мехоҳад.

-Ашнаси ғулом?

-Магар кораш таъҷилист, ки ...Аз Самарқанд чи хабар?

-Амри Лайс ба Ромитан расидааст ва интизори фармои-

ши шоҳам аст.

-Барояш ҷойгоҳе шоиста муҳайё созед. Ӯ назди мо асир нест!

Онҳо аз ҳучра бадар шуда, аз толорҳо гузашта ба боргоҳ мераванд. Амир Исмоил таи рох дар хусуси Амри Лайс меандешид, вале ба натичае намерасид. Расули Бағдод хатман ба талаби ӯ омадааст.. Агар ӯ худ нахоҳад ... худкардаро даво нест..

Умаро ҷамъ омада буданд.

Деворнигораҳои толори боргоҳ гӯё ҳаёт ёфта буданд. Ҳаракат мекарданд, мечунбиданд,балки ҷунбу ҷӯш дошганд. Пирмарди нуронӣ, ки тамоми шаб амир Исмоил бо ӯ сухбат дошт, ҳанӯз сухан мекард. Ва суханони ӯ чунон гирова рӯшан буд, ки ӯро дар бедории хеш ба иштикок меовард. Ӯ бо оҳистагӣ аз байни сутунҳои мунаққаш гузашта ба умарои дарбор ба имтиҳон менигарист. Оё онҳо низ ин каломро мешунаванд? Вале дар ваҷоҳаташон чизе ки намудоркунандаи ин ҳол бошад мушоҳида намешуд. Аз хилоли лабҳои ҷовидона сокиту беҳаракати пирмард суханҳо чун оби равону гуворо фаввора мезаданд:

"-Эй касоне, ки аз дуру наздик барои огоҳ шудан омадаед, ман акнун бароятон сухан хоҳам гуфт. Гӯш фаро дихед ва бишнавед ҳакикати рӯшанеро, ки ба шумо меомӯзам. Бодиққат ба хотир биспаред,мабодо бори дигар омӯзгори бадҳоҳ зиндагонии мардумро табоҳ созад ва дурӯғпараст бо қаҷомӯзии хеш ононро гумроҳ намояд..."

Амир Исмоил пеш аз он ки бар тахт нишинад,бори дигар баргашта ба умаро менигарад.Онҳо ҳанӯз хомӯшанд ва интизори фармоишоти ӯ ҳастанд. Вале ӯ ба таъкидхое, ки аз хилоли девори боргоҳ мешоранд гӯш фаро додааст.

"- Акнун дар бораи ду минӯ ё ду гавҳаре, ки дар огози зиндагонӣ вуҷуд доштаанд, сухан хоҳам гуфт. Аз ин ду гавҳар он яке ки поку муқаддас буд ба ҳамзоди хеш гавҳари палид чунин гуфт: Ҳеҷ гоҳ андешаву омӯзиш ва иродаву имон ва гуфтору кирдору вичдони мо бо якдигар созиш надошта ва аз ҳам ҷудо ҳастанд.."

Ва чун тифлаконе фариштаҳӯ дар миёни толор, байни сутунҳо мунаққаши мармарин пароканда мешуданд ба ҳар тараф мегурехтанд, нопадид мегардиданд. Суханҳое ки бар боли фариштагон пароз мекарданд. Эй ҳушо ба ҳоли он тифлаконе ки ба чунин сурат ҳаст меёбанд! Инон аз чисми

кадомин хушбахттарин тане буруз хоҳанд кард?! Чун шоранда обҳо мусаффо, вазанда чун сабуктарин насимҳо,боланда чун оташҳои пок! Худоё, худовандо , дар чунин дунёи девгуна зуллом чандин покиву рӯшанӣ! Ин фақат муъчизи туст. Фақат ту қодирӣ, эй Яктои беҳамто! Эй кош метавонистам бо болҳои шикастаи хеш дунболаи ишон бигирам. Эй ангезонанда бар некиҳову покиҳо, муъчизи туро гӯл мезананд, худогун туро ба сӯи девгунагӣ сӯқ медиҳанд.

"...-поёни зиндагии онҳо пушаймониву оҳу афсӯс хоҳад буд... Ҳастибахши якто ва аз ҳама чиз огоҳро натавон фирефтан..."

Аз забони Амир Исмоил беихтиёр каломи ба қалимат сеҳазорсола садо медиҳад, балки лабҳои то ба ҳол хомӯшу ба ҳам часпидаашро кафонда,начво мекунад.

-Ат хурушиё ҳит мӯй мараут сипентутаму.. - Амир Исмоил аз ин садои пуроҳанг, ки гӯё аз фаросӯйи ин чаҳон дар забонаш қорӣ шула шуда буд,ба харос афтод ва саропои вуҷудаш ларзид.

Амир Исмоил: Касе дигар аз забони ман, ба чои ман мантра мехонд! Шумо шунидед?

Касе аз хайрат чизе гуфтан натавонист. Онҳо низ на камтар аз амири хеш музтариб монда буданд. Ин калому оҳанги қадим барояшон ошно буд, бе тарҷума фаҳмо буд... "Эдун аз суханоне. ки аз сӯйи парвардигор ба ман илҳом шудааст, гуфтугӯ хоҳам кард..." Онҳо ба тааҷҷуби афзун интизор буданд. Ин лаҳзаҳо аз ҳангоматалабони бозорӣ фарқе надоштанд.Вале амир Исмоил аз поёни номаълуми ин ҳодиса бим кард.

Амир Исмоил: Маро танҳо гузоред!

Умаро шитобзадаву ҳароснок боргоҳро тарк карданд. Ва амир Исмоил дар худ мачоли гуфтани "Хаста шудаам"-ро наёфт ва пушташро бар тахт такия дод. Ин каломе аз забон ва ё берун аз ихтиёраш,бо иродаи дигаре садо дод. барояш ошно буд. Ӯ онро борҳо шунида буд. Дар китобхонаи Самарқанд. Аз забони китобдори пир... Дигар на садое буду на сояе. Тасвирҳо дар деворҳо аз калом афтида. Дигар ин сарҳои бетани тасвирҳо мантра намехонданд. Ман танҳо мондаам, худоё ин дугонагӣ дар андешаи ман чист? Ва ё ҳанӯз имони ман комил нашудааст. Ва ё ҳанӯз Ҷамшед даруни ман исён мекунад. Ва ё ман ҳам ба мисли ӯ барои пазириши навин омода нашудаам?! Ҳар чи мета-

вонад, бошад, вале ҷуз ғариза аст. Пас чист,худоё? Ло ҳавла ва ло қуввата ило биллоҳ! Он чи бар забони ман ҷорӣ мешавад,каломи шайтанат нест, гумроҳӣ нест, шак нест. Ҳидоят ба сӯи туст.Вале мансух аст. Ҳидояти қадиму ҷадид аст. Ҷанги қадиму ҷадид нест. Онҳо дар ман сулҳ кардаанд, дар созишанд. Дар танҳоӣ бо ту аз қадим мегӯянд бо дигарон аз ҷадид. Ман бо худам қадимам, вале бо дигарон ҷадидам. Эй яктои беҳамто, ин дугонагӣ чист? Имон ё илҳод? Ғурур ё тарс? Худхоҳӣ ва ё тавотӯъ? Исён ё таслим? Чаро бо худ исёнам,вале бо дигарон таслим? Худоё, ман тарс аз ин дугонагӣ дорам, ки мабодо бар бандагонат ошкор шавад. Он гоҳ аст, ки туро фаромӯш хоҳанд кард,-он гоҳ аст ки бо ному “амри” ту ҷиноят хоҳанд намуд, зеро расолати хешро аз ёд бурдаанд. Моҳияти офариниши туро аз хотирҳо зудудаанд. Онҳо аз як офариниши худогуна, ки ҳар нафас бояд худогунатар шавад, як муҷассамаи Абулҳавл сохтаанд, ба ҳоим сохтаанд. Он чӣ ту дар офариниши ӯ медонистиву дигарон шак карданд, инак ҳам надонистанд. Ҷазои Ҷамшед қаҳри ту набуд, ӯ офаридаи туро ба сӯйи худогуна шудан, инсон шудан мебурд. Инҳо буданд, ки ӯро қаҳр карданд ва аз сироти мустақим баргардонданд, балки тариқи туро ба қаҳр кардани ӯ қатъ карданд. Ман аз ин гуна фарҷомҳо метарсам. Ҷамшедро рад карда, Заҳҳок мепазиранд, Алӣ кушта Муовия меоранд. Инон дар ивази Ту Сикка пазируфтаанд. Ин исёни мардудшудагон аст. Ин тариқи парастандагони гӯсолаи Қорун аст. Гӯсолаи Зарди Сомирӣ!

Эй аз Офариниш бениёз,эй бе ҳама Олам Ҳаст,эй ҳама ҷаҳон дугонаву ту Якто, ман паноҳ фақат ба ту овардаам. Дар ин олами дубуна чун метавон бо ту монанд шуд?! Якрӯ шуд? Якто шуд?!! Оё юге фарохури гардани ғафси ҳафтоду ду миллат фароҳам омадааст?! Оё башар ҳадафи хешро ёфтааст?... Оё башар ҳадафе дорад?! Оё башаре, ки ба гунаи фариштагон бошад, вуҷуд дорад?! Оё башар метавонад худогуна бишавад, дар ҳоле, ки худ вуҷудаш тахтушшои шак қарор гирифтаст? Чора чист? Аз рӯйи сояҳои ин махлуқи башаргуна бояд ҷаҳид? Мисли Ҷамшед бояд парид,чун Кайхусрав бояд рахид.То он замон домонгири ту хоҳанд буд, эй худо. Бо номи ту фасод хоҳанд кард, эй парвардигор. Оҳ агар башар медонист, ки дар самти мукобили ту қарор гирифтааст! Аз ту дур гардидааст! Эй кош башар ин хатои хешро мешинохт ва бар худ икрор мекард!

Ва ҳадафи офаринишро медонист. Он гоҳ буд, ки Иблис бе дасту поча мешуд музтар мемонад, ҳадафи исёнаш бе моҳият мегардид: Иблис ба пӯчӣ мегароид! Девҳои гӯлзанандаи ин махлуқи башаргуна ҳалок мешуданд. Ва аз аъмоли онҳо дигар шигифтзада намешуданд, аъузхонӣ аз забонҳо меуфтод. Вале афсӯс ки ин хом офаридгорро гӯл зад: Иблис аз тани ӯ нарафта буд. Он ки дар баробари фариштагон асмо мехонд, Иблис буд. Аз ин рӯ кори ҳодиён бенатича монд, муслиҳин ба ҷое нарасонданд. Одам фақат лачан буд. Аз ӯ фақат бӯйи бад меомад. Атри фиреби Иблис ҳам ӯро хушбӯй нагардонд.. Деви Видоту! Ҳукумати беқонунӣ! Ҷангали Гаутама! То ба рӯзи Хурдод ҳамчунон боқӣ хоҳад монд....

Шаҳбону ва АҳмадуМуҳаммадиНӯҳ шитобзада ва бо ҳоли парешон ворид мешаванд. Амир Исмоил бо нигоҳе хаста, беморгуна ба ишон менигарад.

Шаҳбону: Шоҳам?...

Амир Исмоил: Фақат хаста шудаам.

Нӯҳ: Басо хуб мешуд агар амирам чанд рӯзе боргоҳро тарк мекарданд ва ба Ҷӯйи Мӯлиён ва ё ҳар чое ки мақбули табъашон бошад, бираванд.

Шаҳбону: Абулаббос Муҳаммад дуруст мегӯянд. Шоҳам бояд чанд рӯзе фориғ аз кори давлат истироҳат кунанд.

Амир Исмоил: Дилам мехоҳад, вале наметавонам.Корҳо хеле зиёданд, корҳое ки анҷом надодаем, хеле зиёданд. Онҳоро бояд амалӣ гардонд. Ин корҳои накарда фурсат намедиҳанд.

Шаҳбону: Охир, то ба кай метавон кори дигаронро кард? Вақти он аст,ки девону даргоҳ ҳар кадоме кори худро иҷро кунанд.

Аҳмад: Дар даргоҳ одамони шоиста гирд омадаанд. Модарам дуруст мегӯянд: Онҳоро бояд масъул гардонд.

Амир Исмоил хомӯшона ба гапи фарзандаш гӯш медод ва бо худ меандешид: салоҳиятдоре ку? Ҳама ба даҳони ман менигаранд. Ман медонам, ки чаро ба даҳони ман менигаранд.Ҳанӯз ман кори хешро ба поён нарасондаам. Аз ин рӯ наметавонам онро нотамом, дар нимароҳ вел кунам... Он гоҳ мебуд,ки ...Инон мехоҳанд аз ман масъулиятамро бигиранд. Бигзоред, ман то поён роҳамро биравам.

Амир Исмоил: Дуруст, ба дарбор мардони фарзона гирд омадаанд. Вале ман худ бояд кори огоз кардаамро ба поён расонам. Мутмаин шавам, ки кори ман поён ёфтааст, мақсади ман ичро шудааст. Кори ман ҳанӯз анҷом наёфтааст. Маслиҳати шумо ҳанӯз нобаҳангом аст, барвақт аст... Хастагии ман мегузарад. Бонуи ман, фарзанди ман,бародари ман мутмаин бошанд, ман ҳанӯз қувва ва қудрати дар худ рафъ кардани хастагиро дорам. Он чи дигарон шуморо ба ташвиш андохтаанд, дурӯғ аст. Ман дар воқеъ чизеро мебинаму мешунавам, ки дигарон аз идроки он маҳруманд, очизанд, бебахраанд.. Хоҳиш мекунам, дар хусуси ман мутмаин бошед.

Тасвирҳои бесари деворҳо ба Иброҳим дар Навбаҳор сухан гуфтанд: "Бемаргӣ ёфта шуд! Дарвозаҳои бемаргӣ кушода шудаанд!" Ӯ ҷома дарид ва аз ин дарвозаҳо Балхро тарк гуфт. Сар дар биёбони беобу бегиёҳи Арабистон ниҳод. Ҳама роҳ ин сухан чун овози табле дар гӯшаш садо медод. Саранҷом ба ҷое дар қалби биёбон расид,ки дигар онро нашунид. Сарашро таккон дод, гӯшашро тоза кард, вале чизе аз он овозро дигар нашунид. Гӯё кар шуда буд! Дигар роҳро гум кард, гӯё кӯр шуда буд. Саргардон дар биёбони беобу бегиёҳ мегашт, роҳ бероҳа мерафт...

Дарвозаҳо имрӯз аз Бухоро кушуда шудаанд! Ин Иброҳим роҳро мешиносад, ҳанӯз ба бероҳа нарафтааст. Худро начот додан рӯшангарӣ нест. Ҷангалистони анбӯҳу пурбим ва торику вахшатзоро, ки беруни ин дарвозаҳост,бояд рӯшан кард.

-Шумо ҳарфе аз ин тасвирҳои мақтулу бе сару по шунидаед? Оё ин овози рӯшану бедоргарро ки аз хилоли ин суратҳо, аз қабати деворҳо ба мисли оби чашмасорон бо садои фораму гуворо берун метарованд, мешунавед? Оё медонед, ки чаро ин нилуфарҳои сурху сафед, гулобӣ ба қаъри ҳавз хазидаанд ва майли буруз намекунанд? Онҳо ин садоро шунидаанду мешунаванд: "Дарвозаҳои бемаргӣ кушода шуданд! Бемаргӣ ёфта шуд!" Ин тасвирҳо имрӯз аз забони ман ҳарф мезананд. Ин дарвозаҳо имрӯз аз Бухоро кушуда шудаанд! Ва ман масъулам, ки ин каррону кӯрон аз ин дарвозаҳо ба бероҳа нараванд. Масъулияти як шунаванда ин садоҳоро ин каломро нишон додани сароти мустақим аст. Бурдан ба сироти мустақим аст расондан ба сироти мустақим аст! Он гоҳ аст, ки ман масъулияти хешро ба поён расондаам, он гоҳ аст,ки дигаронро

бо худ шарик хоҳам гардонд. Ин шӯрии ташнагизоро бо ин каломи тарованда чун чашмасорон боид татҳир кард, боид шуст, то кӯриву каррихо аз байн равад, то ин каломи ташначудой шунида шавад, дида шавад. Он гоҳ аст ки ин бегонагон аз ин ошно бегонагӣ нагиранд, аз дари ошной бо ӯ унс ҷӯянд. На Адҳамвор аз он дурӣ гиранд,роҳ ба бероҳа раванд. Иброҳим боистӣ дигаронро бибарад, на худро бираҳад. Иброҳим боистӣ Гуштосп мебуд. Он гоҳ мебуд, ки кори муслиҳин башарро обистан месохт ва ба ҷое мерасад. Вале афсӯс,нутфаи андешаро дар раҳми башар афтгона аст... Ман ба шумо сирреро гуфтам,ки Ҷамшед дар шаби торик бо худ наёрист! Абунаср мувозиби шерони хеш бош, ба шербонон эътимод нест! Шаҳбону чаро дар фикри фарзанди хеш нестанд ва ё мо бехабарем?

Шаҳбону: Ӯ худ иддао мекунад, ки ҳанӯз барвақт аст. Ба падарат худ бигӯ, ки чаро ҳоло вақт нарасидааст?

Амир Исмоил: Ман беш аз пеш моилам, ки наберагон дошта бошам. Ақалан аз ҷиҳати ворисони хеш дилпур бошам.Ҳо, бисёр мехом.

Абунаср Аҳмад: Ҳанӯз сари қазия наандешидаам, гумон мекунам ҳанӯз аҳамият надорад.

Амир Исмоил: Шояд барои ту аҳамият надошта бошад, ва ин корро беаҳамият гирифтан бемасъулиятист. Моро ҳама корамон , ҳатто андешаамон барои дигарон ҳоизи аҳамият аст. Аз рафтору кирдор ва андешаи мод ар бораи кишвар ҳадас мезананд. Шикор хуб аст, вале ба вақташ Ҳар кор вақту андоза дорад ва берун аз он адаб нест. Ба ҳама корҳо боид расидагӣ кард.

Абнаср Аҳмад: Шоҳам ин гапи бадгӯён аст. Мехоҳанд...

Амир Исмоил: Кори як ҷавони вораста он аст, ки ҳеч бадгӯ дар он раҳ наёбад. Мо фақат аз роҳи гуфтору кирдор ва андешаҳои худ ба дигарон дастак медиҳем, баҳо медиҳем ва қазоват мекунем. То мо сухан нагӯем, амал накунем, шинохта намешавем. Ба гардани дигарон партофтани аъмоли худ ва ба қавли шоҳзода бори гуноҳи бадгӯён хасмон донистани онҳо бемасъулиятист. Ман гумон мекардам, ки танбеҳ ва дашноми муаллим шоҳзодаро дарсе шудааст.

Абунаср Аҳмад он айёмро аз ёд бурда буд. Ва ҳеч гах аз хотираш хутур накарда буд, ки зиндагии ӯ, гуфтору кирдораш мавриди бозпурсӣ карор гирифт. Гоҳ аз гоҳ, ки

модараш вокеан изҳори норизояти мекард,онро аз рашку ҳасади дигарон, бадхоҳонаш медонист ва гӯё бо ин сабукдӯшкунӣ модарашро тасало медод ва худашро фиреб. Ӯ имрӯз дар баробари падараш дар як вазъи ногуворе қарор гирифта буд: мешуд дигар аъмоли худро ба гардани дигарон ҳавола кард. Ӯ дар аввал ҳамчунин кушишеро буруз додан хост, вале мантиқи бемуросои падараш ин далелсозиро ботил гардонд. Ӯ баъди танбеҳи муаллимаш дувумин бор буд, ки дар баробари падараш ҳамчун мучрим қарор мегирифт.

Амир Исмоил: Ин бор на манро, балки худатро танбеҳ хоҳанд дод ва ба худат носазо хоҳанд фиристод. Ҳар бемасъулиятӣ сазовор ба танбеҳ аст! (Ба Шаҳбону ва Муҳаммади Нӯҳ рӯ меорад) Пас худ қазоват кунед, чун мешавад ба дигарон бовар кард?! Ман метарсам, ки тамоми мақсади ман, ки дар сохтану такмили он умрамро ба сар бурдаам, дастхушии бемасъулиятиҳо гардад. Аламон аз он рӯз , аламон! Шоҳзодаи азиз, ман на барои он месозам, ки шумо вайрон кунед.

Ин лаҳзаҳо буд, ки Муҳаммади Нӯҳ фаҳмид: амир Исмоил аз роҳи бародараш амир Наср рафтанӣ нест. Ӯ ҳарчанд аланан иброз надоштааст ва эълом накардааст, вале чуз хонадони хеш бо хеч каси дигар эътимод кардани нест. Наср мебояд буд то барои як ҳадафи бузург бар хостаҳову гаризаҳои ночизи хеш фоиқ омад! Аз худ беҳонро такрим кард. Ӯ дигар он амир Исмоили пешин,яъне бист сол пештар нест, ҳарчанд дар ӯ рафтораш бо дӯстони овони чавонияш тағйире намебинанд. Ӯ бо Муҳаммади Нӯҳ ҳамчунин муносибат мекунад: дуруст аст ки ҳамеша бо ӯ машварат менамояд ва аз муҳимтарин вазоратҳо вазорати баридро ба ӯ бовар кардааст. Шояд ӯ, яъне Муҳаммади Нӯҳ ба ӯ, яъне Исмоил ҳасад мебарад. Вале ҳасади ӯ поя надорад. “Чӣ фарқ дорад?”- кохилона меандешад ӯ - “Муҳим он аст, ки Исмоил ҳам аз ин дудмон аст. Ӯ фақат аз муносибати падару писар каме рашк бурд. Охир ӯ тарғибгару даъвогари бунёд намудани маҷлисе чун маҷлиси ниёгонаш ашконӣён “Магистон” буд, дар ҳайати озодагон, то умури давлатӣ дар он муҳокима шаванд. Шояд ҳамчунон ниятe ҳанӯз дар дилаш зиндааст.

Ва фақат лаҳзае, лаҳзаи танбеҳ додани фарзандаш аз маромаш дур шудааст. Ба мисли ӯ, ки паи як лаҳза нисбат ба салоқати ӯ дар қиболи ҳадафҳояш ба шакку тардид ду-

чор гардид.”

Амир Исмоил: Чаро бародари мо хомӯшанд?

Муҳаммади Нӯҳ: Ман мехостам бифаҳмам, ки шоҳам чӣ мушкиле доранд. Худоро шукр мекунам, ки ҷанобашонро ба мисли ҳамешагӣ мебинам.

Амир Исмоил: Бародари мо ё нисбат ба мо беэътино шудаанд ва ё мисли ҳамеша дар мо нанигаристаанд. Ман пинҳон намекунам. Имрӯз бузургтарин мушкиле бар сарам омадааст ва намедонам чи сон онро ҳал намоям.

Муҳаммади Нӯҳ: Он чӣ мушкил аст?

Амир Исмоил: Амри Лайс! Ман наметавонам ба ӯ рӯ ба рӯ оям ва дар чашмонаш бингарам. Назди ӯ шарманда ҳастам! Аз ӯ шармам меояд,ки натавонистам ӯро аз шари Бағдод эмин дорам. Ҳарчанад дар ин амр ман гуноҳе надорам. Ӯ худ исрор варзид. Вале бехабарон қазияро баръакс талаққӣ хоҳанд намуд. Яъне ман нахостам! Худо шоҳид, ман ҳамчунон нияте надоштаму ҳанӯз ҳам надорам. Агар имрӯз ҳам аз раъяш баргардад, ман дар қавли хеш содиқ мемонам. - Амир Исмоил ин лаҳзаҳо ҳузури Шаҳбону ва фарзандашро, ки лаҳзае чанд аз ёд бурда буд, эҳсос мекунад. - Аз Шаҳбону маъзарат мехоҳам. Агар бо ман дигар коре надоранд,мехостам бо бародарам Муҳаммад дар хилват машварат намоям.

Шаҳбону ва Абунаср Аҳмад баромада мераванд. Амир Исмоил баъди рафтани онҳо суханонашро дунбола мекунад: - Он ҷо чизеро аз ман мехоҳанд, ки хилофи мантиқ аст. Ба як кишвар ду шоҳ намегунҷад! Шояд дар марҳилаҳои аввал созишу муросо ба вуҷуд ояд,вале табиати инсонро намешавад ҳамеша дар лаҷом нигоҳ дошт. Ӯ рӯзе даъво хоҳад кард; нооромиву хунрезиҳо оғоз хоҳанд шуд; мардум нодору заиф хоҳанд гардид. Ман ин чизро намехоҳам. Ва онҳое,ки ӯро ба ин тараф тела медиҳанд, инро намефаҳманд ва агар мефаҳманд нисбат ба мо нияти нек надоранд ва рафторашон мугризона аст. Амри Лайсро гумроҳ кардаанд ва ё ин пирамард аз ақл бегона шудаасту чун кӯдакон меандешад. Пас бигӯ,чора чист, ман чӣ бояд бикунам?

Муҳаммади Нӯҳ: Шояд ӯ умедвор аст, ки Бағдод дар адои он ҳама хизматҳояш сарашро дастмол мекунад ва чун сангги зери бағал нигоҳ медорад ва дар як рӯзе, ҳамин ки шоҳам барои халифа нодаркор шуданд, онро партоб ме-

кунад. Шояд Амри Лайс ба ҳамин фурсат умед мебандад ва орзуи бозгашт дорад?

Амир Исмоил: Аввалан, ин чиз муҳим нест. Сониян, ӯ дар дарбори халифа душманони зиёде дорад. Ба ҳеч вачҳ онҳо ба ӯ чунин имкониятро нахоҳанд дод.Вале бими ман на аз Амр асту на аз халифа. Ман аз тӯҳмати ояндагони ин сарзамин метарсам. Онҳо сукути хонадони Саффориро дар гардани ман хоҳанд баст. Ман аз ин тӯҳмат метарсам.

Муҳаммади Нӯҳ: Оё бозгашти Амри Лайс барои амирам хатаре дорад?

Амир Исмоил: Боз дар сар чӣ хаёле дорӣ?

Муҳаммади Нӯҳ: Ҳичӣ, ҳамту пурсидам.

Амир Исмоил: Имрӯз ҳеҷ қудрате наметавонад боиси хатари мо гардад. Инро бародари мо хеле хуб медонанд. Вале нооромӣ ба вуҷуд меоварад.

Муҳаммади Нӯҳ: Пас ӯро бо роҳи Сиистон бояд ба Бағдод фиристод.

Амир Исмоил: Чаро?

Муҳаммади Нӯҳ: Агар фарзандонаш ӯро раҳо кунанд, шоҳам аз маломати нофармонии амри халифа масун хоҳанд моид ва дар акси ҳол аз тӯҳмати ояндагон дар амон хоҳанд буд. Ҳама гуноҳ бар гардани худи Саффориён хоҳад афтод.

Амир Исмоил: Ачаб чораи раҳоӣ! Беҳин тадбир! - Кӯдакворшодӣ мекунад,Муҳаммадро ба огӯш гирифта аз замин мебардорад ва чарх мезанад. - Зиҳӣ ақли тадбиргар! Ман ҳеч гоҳ ҳамчунон шод нашуда будам.- Ва аз гунаҳои Муҳаммад мебӯсад. - Мушкилтарин масъалаи маро ба ин осонӣ ҳал намудӣ! Зиҳӣ чунин раҳоӣ!.. - Амир Исмоил макс мекунад. Ба худ чеҳраи ҷиддӣ мегирад. Гӯё ин марди чанд нафас пештар шодмонаву хушбахт ӯ набуд. - Ман аз ӯ шарм медорам. Балки аз суханони хеш шармандаам. Ба кадом рӯй ба ӯ рӯ ба рӯ мешавам?! - Сухани амир хеле гамангезу ноумедона садо медиҳад. - Ман ба ӯ истимолат дода будам, ки туро аз хашми халифа халос кунам... ва боз намедонам чӣ ваъдаҳои дигар...

Муҳаммади Нӯҳ: Шоҳам андӯҳгин набошанд ва аз ин хусус андешае ба дил роҳ надиҳанд, агар ризоят доранд, банда ин мушкилро ба зимма хоҳад гирифт.

Амир Исмоил: Бе ту ман чӣ кор мекардам?!

Муҳаммади Нӯҳ: Каси дигаре низ ҳамин корро мекард.

Амир Исмоил: Гумон намекунам. Бародарон дар паи фурсате ҳастанд, ки ман кай муртакиби хурдтарин лағзише мегардам.

Муҳаммади Нӯҳ: Аз он чо, ки ман медонам ва қариб ҳамеша бо ишонам,ҳамагон шоҳамро дӯст медоранд ва имрӯз дар саросари Хуросон хутбаҳо ба номи шоҳам мехонанд. Аз ҳама муҳимтар раоёи кишвар шоҳи хешро дӯст медоранд ва оромишу рифоҳи хешро мадюни ҷанобашон медонанд. Ва мардуми кишвар муҳаббати хешро ба шоҳи худ борҳо намоиш додаанд... Агар шоҳам иҷозат фармоянд аз паси маъмурияти худ ба назди Амри Лайс биравам.

Амир Исмоил: Бисёр хуб. Вале пеш аз он бояд аз нияти халифа огоҳ бошем.

Муҳаммади Нӯҳ ба талаби Ашнаси ғулом, ки алҳол ходими дарбори Бағдод ва расули халифа буд, аз назди амир Исмоил бадар рафт. Амир Исмоил дилтангона аз тахт поин омада гардиш мекард ва бо худ меандешид: "Дигар имрӯз дарвозаҳо аз Бухоро кушуда шудаанд... Ва роҳи бемаргӣ ёфта шудааст... Муждагонӣ, эй Иронзамин,дигар ту начот ёфтай!Ва нуре зи дили зулмот ба сӯи ситорагони фалак уруҷ мекунад, дунё рӯшан мешавад. Ин зиё дигар роҳи туст... Ин бемаргӣ тӯӣ... Ин дарвозаҳо аз қалби ту боз мешаванд ва ин роҳҳо ба сӯйи ту меоранд ва дар ту қатъ мегарданд. Дигар то абад ҳамчунон боқӣ хоҳад монд, дигар то абад ҳамчунин имтидод хоҳад ёфт. Ин масири туст, ин дигар сарнавишти туст. Рудҳои гилолуд дар ту софӣ хоҳанд шуд. Барои ин дунё як осмони пурситора хоҳӣ гашт. Ва ин ситораҳо бо мурур ин олами зулмотро чун офтобе равшан хоҳанд сохт...Эй сарзамини шукӯҳманд, эй диёри нахустин омӯзгорон, муждагонӣ!!!"

Ва аз хилоли панҷараҳо садои муаззин меомад.. Ва суруди ниёиши як сарзамин бо ин ҳама паҳноварӣ ба сӯйи осмон мерафт.

Ва фариштагон дар пойгоҳи мукаддаси Арш салавот мефиристоданд...

Ва амир Исмоил дигар дар дилу андешааш сафо ёфта буд.

Дунё лабрез аз нағмаҳо шуда буд.. Нағмаҳои аршӣ! Нағмаҳои Аъло!..

Дигар ҳар чиз ба асли хеш бар мегардад!

То абад ҳамчунин хоҳад монд!!!

ҚАСРИ ВАРАХША

Аҳмад бинни Муҳаммади Лайс дар кушки қадимаи Варахша барои Амри Лайс, Аҳмад ибни Наср ва Абуюсуф Яъқуб,ки ӯро то ба Бухоро ҳамроҳӣ мекарданд, мачлиси пазирой ороста буд. Вале рӯзи дуввум мегузашт ва ҳанӯз аз ҷониби шоҳи Хуросон хабаре не. Амри Лайс дилтанг шуда буд ва дигар нисбат ба атофиёнаш беэътино гардида, фақат бо худ меандешид. Абуюсуф Яъқуб ҳам аз боргохи бародараш барнагашатааст. Ба Аҳмад бинни Муҳаммад низ рӯҳияи меҳмон гузаштааст. Чизе дар дилаш намегунчад. Вале рафтораш фақат аз рӯйи одоб аст. Амри Лайс бо худ меандешид,ки амир Исмоил дар хусуси ӯ чӣ хаёле ба сар дорад. Вале наметавонист чизе бифаҳмад ва ё иқдомеро аз тарафи ӯ тахмин ҳадас бизанад. Ва дар натиҷа ки ба ҷое нарасид ба худ иқрор кард: шояд рафтораш ноодуруст буд, намебоист чунин мекард. Дигар хама ҳадас заданҳояш бехуда буд. Хайр чӣ?! Айби худи ӯст. Ирак дар тасарруфи малаххорҳо, гӯё аз азал моли падарашон бошад. Шабушкхорхо аз ҷониби Чин таҳдид мекунанд. Магар дар ҳаман ин вазъият худи ӯ айбдор нест. Чаро фақат ба қисмати ғарбии кишвар қаноат накард, ва сарҳадоти бокимондаи мамлакатро аз дасти госибон бигирад. Он гоҳ амир Исмоил таҳдидҳои шимолу шарқии кишварро ханасӣ мекард. Метавонистанд дар сулҳу осоиш бо ҳам муросо кунанд.Айби худи ӯст. Исмоил гуноҳе надорад. Ҳатто халифа аз ӯ пуштибонӣ накардааст. Ҳатто ӯ метавонист дар Самарқанд боқии умрашро бо осудагӣ сипарӣ созад. Вале не, ин хама кам буд, ӯ бештар мехост. Амир Исмоил дар баробари хашму қаҳри халифа ӯро замонат буд, вале не, хумори таҳсину ситоиши халифааш гирифт. Дигар дер шудааст, фурсат аз даст рафтааст. Дигар ҳар чи андешидан дар ин хусус бефоида, абас аст. Чаро амир Исмоил дер мекунад, ду рӯз мегузарад, вале аз ӯ дарак нест. Ин интизорӣ аз як амри номаълум ӯро дилтанг сохтааст. Ин ду рӯз ба мисли ду сол гузаштааст. Худоё ин интизорӣ поён дорад?! Ӯ имрӯз ба касе даркор нест. Ҳатто ба навводагонаш! Агар халифа ӯро талаб ҳам ки мекунад, фақат барои оромии худаш аст. Амри Лайс барои онҳо ба масобаи исёну нофармонӣ талаққӣ мешуд. Ба мисли Яъқуби Лайс!.. Амр ,сабур бош, ки парвардигор чӣ мефармояд?

Ҳочиб аз дар медароямд ва дар гӯши Аҳмад ибни Муҳам-

мад чизе мегӯяд. Ӯ саросема бадар меравад. Мусиқӣ хомӯш мегардад. Амри Лайс ду чашм ба дар интизор мемонад. Шоҳи Хуросон мсояд! Вале ғайри чашмдошти ӯ аз дар Муҳаммади Нӯҳ ворид мешавад. Ҳозирин ба истиқболи ӯ аз ҷой мехезанд.

Муҳаммади Нӯҳ: Шоҳи Хуросон ба Амри Лайс дуруд мефиристанд ва вуруди ҷанобашонро ба Бухоро хайра мақдам мегӯянд.

Амри Лайс хост аз вазири барид бипурсад, ки чаро амир Исмоил худ ба мулоқоти ӯ наёмадааст, вале аз нияташ баргашт ва онро беҳуда ангошт.

Амри Лайс: Давлати шоҳам дар паноҳи додори додгар поянда бод!

Муҳаммади Нӯҳ: Шоҳам дирӯз аз амиралмӯъминин Абдуллоҳ бинал-Имом Абилаббос ал-Мӯътазид биллоҳ нома дарёфт намуданд.

Амри Лайс: Умедворам, ки шоҳам маншури аморати Хуросону Гургон ва Табаристонро гирифтаанд?

Муҳаммади Нӯҳ: Амиралмӯъминин дар номааш шуморо дархост намудааст.

Амри Лайс: Иддаои худи мо низ ҳамин буд.

Муҳаммади Нӯҳ: Баъди дарёфти ин нома шоҳам хеле андӯҳгин гардидаанд, ки набоястӣ Амри Лайс ба дасти мо гирифтор мешуд ва чун гирифтор шуд,ҷавонмардӣ нахоҳад буд, ки ӯро ба Бағдод бифиристем.

Амри Лайс: Таманнои мо аз шоҳам буд, ки моро таслими Бағдод кунанд. Ман намехоҳам, ки ин амри халифа боиси нороҳатии хотири шоҳам бошад. Аз қазо ҳамчунин рафта будааст.

Муҳаммади Нӯҳ: Шоҳам намехоҳанд, ки заволи давлати шумо ба дасти ишон бошад. Аз ин рӯ мехоҳанд хилофи амиралмӯъминин шуморо бо иддаи сарбозон бо роҳи Систон фиристанд. Бинобар ин мефармоянд: “Ҷаҳд кун, то касе аз ҳавохоҳонат биёяд ва туро аз дасти ин сарбозон бистонад, то маро узр бошад...”

Амри Лайс: Ин амр ҳатмист?

Муҳаммади Нӯҳ: Бале.

Амри Лайс: Ман намехостам барои шоҳам дарди саре эҷод намоям. Ман медонам,ки Мӯътазид маккор ва кинатуз аст. Агар шоҳам чунин мехоҳанд, пас далел доранд.

Муҳаммади Нӯҳ: Шоҳам мефармоянд: Агар Амри Лайс

хочате дорад, бихоҳад.

Амри Лайс: Ба шоҳам бирасонед, ки фарзандони маро некӯ доранд ва ба ин касоне, ки маро мебаранд васият кунанд, ки эҳтироми маро ба ҷой оваранд.

Муҳаммади Нӯҳ: Ман хочати шуморо ба шоҳам мерасонам. Паноҳи шумо ба худо бод! - ва меравад. Дар дили Амри Лайс умеде пайдо мешавад. Ва ба тарафи Ҳафс ибни Умар лабханд мезанад. Рафтори наводагонашро дар ҷавоби дархостҳояш фаромӯш мекунад. Ва кинаҳо аз сина бурун мерезад ва ба Ҳафс ибни Умар мегӯяд:

-Як бори дигар .... – Вале Ҳафс ибни Умар хомӯш мемонад. Ӯ бовар надорад. Боз худо медонад. -Дигар бо дили осуда ва хотире ҷамъ шодӣ мебояд кард. Мусиқӣ! Ноҳиди навогарро ба мачлиси мо фуруд оваред! Олам ҳама пур аз бонги ҳачот гардидааст! Ноҳиди чангзанро фуруд ор,эй муганнӣ!..

Тасвирҳо дар деворҳо ба ракс меоянд.

ҚАСРИ ШОҲӢ

Муҳаммади Нӯҳ аз назди Амри Лайс меомад. Боргоҳ аз рафтуо, даро-барои умарову вузаро майдони Регистонро мемонд. Ҳар кас маъмурияти хешро ичро мекард.

Амир Исмоил бо Абуюсуф Яъқуб, бародарзодааш Ахмал ибни Наср ва Хочаи Бузург танҳо ба танҳо монда буданд ва ҳамин лаҳзаҳо буд,ки Муҳаммади Нӯҳ ворид гардид. Амир Исмоил ба пешвозаш аз ҷой бархост.

Амир Исмоил: Ӯ чуи буд?!

Мухаммади Нӯх: Дар аввал беэътино ва дилсард менамуд,вале бо шунидани пайғоми шоҳам каноатманд гардид

Амир Исмоил: Ҳочаташ чист?

Мухаммади Нӯх: Ӯ аз шоҳам таманно дорад, ки фарзандонашро некӯ доранд, ва ба барандагонаш бифармоянд, ки эхтиромашро ба ҷой оваранд ва некӯш доранд.

Амир Исмоил: Боз чй?

Мухамади Нӯх: Ҳамин шоҳам.

Амир Исмоил: Факат ҳамин?

Мухаммади Нӯх: Оре, факат ҳамин, шоҳам.

Хочаи Бузург: Магар барои як марди асир ин кофӣ нест,

ки шоҳам ба ӯ умеди начот медиҳанд?

Абуюсуф: Ӯ дигар он Амр нест.

Амир Исмоил: Чун?

Абуюсуф: Ҷунунаш фурӯ нишастааст. Дигар як марди бурдбору ботавозӯъ гардидааст. Беҳуда шоҳам бовар накарданд.

Амир Исмоил: Оё бародари мо боре шуда, ки ба чашми шери қафас нигоҳ карда бошанд? Гургҳоро дар чорбоғи Самарқанд мушоҳида кардаед? Онҳо дар бари шер меситоданд.

Абуюсуф: Эътибор надодаам.

Амир Исмоил: Афсӯс.

Аҳмад ибни Наср: Хеле лоғар шудаанд.

Амир Исмоил: Ҳанӯз оҳу озодона мечарад.

Аҳмад ибни Наср: Оре,вале пир шудааст.

Абуюсуф: Муроди шоҳамро намефаҳмам.

Амир Исмоил: Фаҳмидани мушоҳидакории бародарамон, ачиб ҳолатест. Даруни чорбоғ хеч кадоме аз онҳо озод нест.Шеру гургҳо дар қафас ва оҳу даруни девор асиранд ва озодии ҳар кадом нисбист. Ва тасаввури, ҳамчунин фарз мекунем, ҳар кадоме аз онҳо дар хусуси озодӣ тавофут дорад. Оҳуву гургҳо бим аз шер доранд ва шер аз шербон. Тасаввури ин ду аз озодӣ дур будан аз назди шер аст. Шер орзуи чангал мекунад. Ниёзи онҳо фақат ин озодӣ аст. Раҳо шудан? Агар онҳоро дар як замон раҳо созем ин тафриқаи тасаввур аз озодиро мушоҳида хоҳем намуд. Онҳо дар ин вазъашон фақат як ниёз доранд: раҳо ёфтан! Ва ҳол он ки беруни ин чорбоғ ҳар кадоме барои дигаре хатар эчод мекунад. Оё барои онҳо даруни чорбоғ будан бехтару амнтар нест?! Маълум аст. Вале онҳо асири ғаризаи ҳастанд. Онҳо дар чорбоғ аз даст наёфтан ба ғаризаашон гирди қафасҳои хеш мечарханд ва ба назар шафқатангез менамоянд. Дар аввал чунин ба назар менамояд, он чи намоёнандаи офариниш ё хилқат аст,инсон ғариза надорад, зеро нотиқа аст, андешаманд аст, ин афзалияти ӯст. Ин хулоса аз моҳияти хилқати инсон аст,ки бояд ҳамчунин буда бошад. Вале чунин нест. Инсон бар ғаризаи будан тасаллут наёфтааст, нафси хешро маҳор назадаст. Баръакс, фазилати андешиданро ҳамчу абзоре дар дасти нафс, ки худ ғаризаи инсон аст, қарор додааст. Вақте акл ҳамчун абзор дар дасти нафс қарор мегирад, ба бадтарин

василаи вахшат табдил меёбад. Ҳеч муслихе натавонист ин махоргусехтаро ба ислох оварад. Боз бародари мо мехоҳанд, ки ман бовар кунам! Тарбиятдидатарин инсонҳо натавонистанд ислоҳ бишаванд,балки хатарноктарин гардидаанд, зеро дубуна амал мекунанд. Ба ҳамеша як бунаашшеро пинҳон мелоранд. Ҳатто муслиҳин,бо истисноӣ як нафар ,он ҳам ба тардид, дубунаанд. Фақат худованд бедареғ бахшанда аст, ба як амр ҷаҳонҳоро саршор месозад, бениёз аст,вале ниёзҳоро бароварда мекунад. Фақат худованд аз худ-ҷӯшанда аст, бедареғ бахшандаву шоранда аст, мисли дарё,мисли ҷангал, мисли замин... Фақат инсон аст, ки қаноатманд нест! Дар баробари хостҳояш қонеъ нест. Ва хостҳояш поён надорад. Аташаш бе таскин аст. Ин ташнагӣ ба андозаест, ки тасарруф ба мулки худованд мекунад. Ва боз фақат худованд аст, ки ӯро ноумед намекунад. Тирашро рангин мегардонад. Қоруну Ҳотам як нафаранд... Дигар барои худованд таваккул мекунем. Ҳамааш дар дасти ӯст. Дар ҳаққи Амри Лайс: ин ҳочаташро низ бароварда хоҳем сохт. Ба Ашнаси ходим бифармоед фардо ба рох бароянд. Бо рохи Систон. Иддаи каме аз сарбозонро бо ӯ ҳамроҳ кунед. Ӯ бояд мақсади моро нафаҳмад.Ба ӯ фаҳмонед, ки рохи Хуросон амн нест. Ҳорун чоми сафед пӯшидаааст...

Ҳамагонҷонибӣ Муҳаммади Нӯҳ ба тааҷҷуб менигаранд. Вале ӯ аз он чӣ амир Исмоил дар хусуси осигии Муҳаммади Ҳоруи гуфт, хабар надошт. Шояд. Он чиро ки шоҳон медонанд, дигарон бехабар мемонанд. Алалхусус агар он шоҳ боз Исмоил бошад. Ӯ ба чониби шоҳ менигарад. Амир Исмоил бо лабханде малеҳ сӯяш чашмак мезанад. Шоҳон ишва намефурӯшанд, балки гӯл мезананд, дигаронро дар як холати ногувору номуайяне мегузоранд. Абуюсуф Яъқуб, Ахмад ибни Наср ва Абулфазл боз чониби шоҳ менигаранд. Аз он табассуми малеҳу гӯлзананда дар чеҳраи шоҳ осоре намонда буд. Ишон аз вазъи шоҳу вазири барид чизе нафаҳмиданд, ва боят ҳамчунин ҳам буда бошад.

Амир Исмоил: Ханӯз қафаси чорбоғи кушк холӣ аст?

Ахмад ибни Наср: Оре, шоҳам.

Амир Исмоил: Вакте чизе барои иктизоят истифода намешавад ,аз он чо бӯйи харобӣ меояд. Ои қафас бо шер обод аст ва дар якчоягӣ бо гургҳову охуву девор манзараи Чорбоғро комил мегардонад. Кӯҳсорони шумо пур аз

шеру паланганд... Ва ё сайёди ба дилу гурдае дар вилояти шумо намондааст?!

Аҳмад ибни Наср: Ман худам онро пурра мекунам.

Амир Исмоил: Барои ҳамин ҳам мо аз муҳимтарин вилоёти хеш Самарқандро ба шумо бовар кардем..

Аҳмад ибни Наср аз ҷой хеста таъзим мекунад ва амир Исмоил суханонашро давом медиҳад.

-Умедворам дӯстони мо саломатанд? Пири китобдор чӣ ҳол дорад?

Аҳмад ибни Наср: Худоро шукр, туфайли марҳамату лутфи шоҳам давлати пирӣ мегузаронанд. Вале як сол шуд, ки китобдори пир ҷаҳонро видоъ гуфт.

Амир Исмоил *(даст ба рӯй кашида)* :Хабар наёфтаам, бисёр мехостам дар маъракаи дафнаш ҳузур дошта бошам. Ӯ аз ман таманно карда буд. Чӣ инсоне шарифу вораста буд. - Ашкашро пок мекунад.- Ҳар он хубие, ки дар ман вуҷуд дорад, аз ӯ гирифтаам. Бардошти ман аз инсон ҳаммонанди ӯ будан аст. Худо ҷояшро биҳишт гардонод. -Дубора дасти дуо ба рӯй мекашад. - Хазинаи китобхона хеле ғанӣ буд. Ҳар гуна китобро ёфтан мешуд. Умедворам ин хазинаи маърифат хароб нашудааст. Зеро мардуми мо аз шинохти худо бардошти ғалату мутаасибона доранд.

Аҳмад ибни Наср: Пирамардро аз рӯйи васияти худаш дафн намуданд. Ва имрӯз китобхона дар дасти фарзанди аршадаш қарор дорад. Ӯ низ марде фозилу поксиришт аст.

Амир Исмоил: Мардонии фозилу донишманди ростин аз мобақӣ бо як фазилати худ фарқ мекунад. Онҳо таассуб надоранд. Ва беш аз ҳама мавриди рашку ҳасад ва душманӣ қарор мегиранд. Онҳо беш аз ҳама ниёз ба ҳимоят шудан доранд. Вазифаи давлат аст, ки аз онҳо пуштибонӣ кунад, ба меҳнати ишон ачр гузорад. Ва дар маърази ибрати дигарон қарор диҳад. Ин гуна давлат растагор мешавад ва раоёи хешро ба сӯйи растагорӣ ва рифоҳи моддӣ мебарад.Абулфазлу Муҳамад шоҳид,ҳанӯз дар Самарқанд мо дар ин хусус баҳсҳо мекардем. Ва орзуи мо таҷдид кардани азамату озодӣ ва истиқлоли ин сарзамини пахновар буд, ки бо номи ягонаи Ирон бар тоҷи таърих медурахшид... - Чанд лаҳза хомӯш мемонад ва оҳе сард мекашад.- Ба мобақӣ фақат муросо мебояд кард. Зеро онҳо бо таассуби худ,бо дониши нокомили худ зиндагиро ба майдони хунрезиҳо, вайрониҳо, душманиҳо мекашонанд.Ба-

рои як инсони вораста ҳама роҳҳо ба растагорӣ мебаранд. Ва моҳияти будани инсон растагорист. Ва вазифаи ин марди вораста равшан кардани ҳама роҳҳост. Он гоҳ аст, ки замин ҳам ба мисли осмон фақат аз ситора иборат мешавад. Он гоҳ аст, ки Иблиси Нодонӣ, гумроҳӣ тани башарро тарк хоҳад кард ва он гоҳ аст то аз забони худи ӯ рӯҳи поку беолоишаш суруди Асмо мехонад. Он гоҳ аст ки аъмолаш дар вокеъ боиси рашку ҳасади фариштагон мегардад. Дар акси ҳол ӯ ҳамон Одам аст, ки ҳанӯз Иблис баданаш-ро тарк накардааст ва аз ӯ бӯйи фасод меояд. Чаро аз як чашмасор хушамон меояд? Зеро вай аз худ чӯшанда аст, поку зулол аст, равон аст! Як инсон бояд ҳамчунин чашмасор бошад. Ҳар чо, ки ин об меравад, бо худ хуррамӣ меоваранд. Муроди эъломи худованд аз як офариниш ҳамин буд. Фариштагон ба ин нияти муназзаҳи худованд саҷда кардаанд, на ба лачан! Ва ин иблис буд, ки онро шинохт, ба вай ҳасад варзид, зеро медонист моияи ишки худованд ба вучуд меояд, ӯ дар канор мемонад. Бе эътино мегардад. Ӯ аз ҷазби ишки худ ба худои хеш осӣ шуд. Зулайховор панча ба пироҳани Юсуф андохт. Ворастагон асли моҳияти хилкатанд. Ҳама роҳҳо барои ишон кушуда мегардад. Оиҳоро ҳар чо, ки ҳастанд, азиз мебояд дошт...

Амир Исмоил каф мекӯбад. Ҳочиб ҳозир мешавад.

Амир Исмоил: Шаҳбонуро даъват намо. - Ҳочиб боз баромада меравад .- Ба шумо сирреро мекушоям. Вале дар ҳузури Шаҳбону. Ҳузури Шаҳбону зарур аст... -Пас аз макси дуруларозу фишороваранда. - Шумо маро ба ёди Самарқанд овардед. Гумон мекунам дар кушки худамон ҳастам ва шумо ба мисли ҳамешагӣ бо манед. Он қадар дилам мехоҳад дар Самарқанд бошам. Тани танҳо дар кӯчаҳои сангфаршаш гардиш кунам. Хоттоҳ инсонро ҳамеша ба сӯйи хеш мекашад. Самсоро! Бинобар кавли будлоиёни чагонӣ ин мафҳуми бозгашт аст. Ва ба кавли зандика фурӯ рафтан дар Зулмати бепоён ва дар масири хеш чун нуре дурахшидан аст. Балки аз он Зулмот нури асирро раҳо кардан! Дунё хеле ачиб аст... Ҳар чӣ аз рӯшанӣ вучуд дорад, асир аст! Ва нур ҳамеша аз хоттоҳи хеш гурезон аст ва дар талоши раҳоист. Об ҳам рӯшноист. Нур ҳам аз худ чӯшандаву равон ва поку зулол аст. Ва дар мачрои хеш рӯшангару поксозанда аст. Агар оби чашмасор ба сӯйи, дарё меравад, нур ба сӯйи Осмонҳо... Ана Шаҳбону ҳам омаданд. Ва шуморо аз сӯҳбатҳои дилгири ман

раҳониданд. Барои ман ин гуна сӯҳбатҳо ками дар кам муяссар мегарданд. Гузашти замон, таъҷили расидагӣ ба умури давлатӣ лаҳзае амон намедиҳад. Ва ёрони қадим ҳам дар Самарқанд мондаанд. Шаҳбону, Беҳофариди пирро, китобдори шаҳрро ба ёд доред.

Шаҳбону: Ҳамсояамонро? Арабе молу зиёашро, хонаву дарашро барои габр буданаш ғасб карда буд. Шоҳам онро аз ғосиб гирифта ба соҳибаш баргардонда буданд.

Амир Исмоил: Оре, ӯ аз олам гузаштаст.

Шаҳбону: Илоҳо ҷояшро биҳишт гардонод. - Даст ба рӯй мебарад.

Амир Исмоил: Се фарзандашро ҳам дар ёд доранд. ки ба фарзандони мо як ҷо бозӣ мекарданд?

Шаҳбону: Тифлакони хубе буданд: боодобу хушрӯй.

Амир Исмоил: Ман тарсидам, ки Шаҳбону фаромӯш кардаанд. Аноҳито бояд духтари калон шуда бошад.

Шаҳбону: Шояд ба шавҳар баромадааст?

Амир Исмоил: Метарсидам, ки Шаҳбону фаромӯш кардаанд. Мо ӯро гаҳворабахши фарзандамон карда будем. Наход аз хотирашон баромада бошад? Аз ман чашмдошт шудан мумкин аст. Ман хеле банд ҳастам. Вале Шаҳбону..

Аҳмад ибни Наср: Аз он ҷо, ки ман медонам, пирамард фақат писари калонаш-Фаридунро хонадор карда буд.

Амир Исмоил: Бисёр хуб. Шаҳбону ҳамроҳи бародар ва бародарзодаамон ба Самарқанд бояд бираванд.

Шаҳбону: Наход ман?!!

Амир Исмоил: Ман наметавонам, ҳарчанд дилам меход худам ба Самарқанд биравам. Вазъият чунин аст ,ки бояд фавран ба Табаристон биравам.

Муҳаммади Нӯҳ аз хиҷолат сурх мешавад. Вазири барид намедонад, ки дар Табаристон чӣ мегузарад. Ва акнун маънии чашмак задани шоҳ барояш маълум мегардад.

Амир Исмоил: Абуюсуф Яъқуб ва агар бародари бузургамон Абулашъас ҳанӯз дар Самарқанд бошанд ва бародарзодаамон Аҳмад ибни Наср дар ин амр ба Шаҳбону маслиҳат ва кӯмаки хешро дареғ нахоҳанд дошт.

Шаҳбону: Охир, чи хел мешавад? Падар дар арӯсии фарзанд иштирок надоранд.

Амир Исмоил: Писар бо ман меравад.Шумо арӯсро танҳо бе шавҳар ба Бухоро меоваред. Арӯсиро дар Бухоро

баргузор мекунем.

Шахбону: Охир, ин чи хел мешавад?

Амир Исмоил: Ҳама корҳо хуб мешавад. Агар хонаводаи арӯс майли ба Бухоро кӯчидан дошта бошад, бедиранг онҳоро ҳамроҳи хеш бигиред. Боз кор хубтар хоҳад шуд. Онҳоро дар Ҷӯйи Мӯлиён ва ё Баркад, ҳар ҷо ки маъкулашон афтод, фуруд оред. Ман барои муҳайё сохтани манзилашон пеш аз рафтан супориш медиҳам... Дигар фикр мекунам, чизе намонд. Ман бародарам Абуюсуфро ба гардиши Бухоро мебароранам. Шаҳр хеле тағйир ёфтааст.

Ва бародарон аз боргоҳ хориҷ мешаванд. Шахбону, Ахмад ибни Наср, Муҳаммади Нӯҳ ва Абулфазл то дергоҳ дар боргоҳ мемонанд.

ДАР РОҲИ БАҒДОД

Амри Лайс сӣ рӯз мешуд, ки ба умеди раҳоӣ дар иҳотаи сӣ сарбози мухофиз рох мепаймуд. Ҳамагон хаста шуда, сутурҳо кариб аз пои равон монда буданд. Вале Амри Лайс хастагиашро эҳсос намекард. Ва барои Ашноси ходим ин рохе, ки мерафтанд, хеҷ ба Бағдод намерасонд. Ҳафс ибни Умар аз зиндагияш безор шуда буд ва дар дил ба умедхои бепояи Амр лаънат мефиристод. Фақат ӯ медонист, ки амири маъзули Ироқайну Хуросон ва Синд бехуда умед мебандад ва дар ёди хеҷ касе аз навводагонаш нест. Ӯро фаромӯш кардаанд ва ё аз бахраш баромадаанд. Ҳар кадоман дар хафоли худаш бо айшу нӯш машғул аст. Сармояи ба захмати ду насли саффорӣ гирдомада ройгон харҷ мешавад ва чун барги хазоне асири панҷаи бод мегардад. Ох, Сиистон пур аз бод аст! Боде, ки аз сахрои Лут мевазад ва якбора ба муддати якдаҳ бист рӯз хоки Сиистонро мебезад. Боде, ки ба шаб сардту ба рӯз дӯзахофарин аст. Боде, ки ба касеву чизе амон намедихад. Касеву чизе аз газанди он панах намеёбад.

Дигар сахрои Лут бо боду бо гармову бо сармояш ишонро хаста кардааст. Ашнаси гулом аз тангдиливу хашм фарёд мезанад:

-Ки мелонад,оё ин сахро поён дорад? Оё мо ба ободие мерасем? Ин боди сарду дӯзахэо оё меистад?...

Ин фарёдҳои аз дард ба лаб расидаро бод мебарад. Даҳони фарёдгари Ашнаси ғулом аз рег пур мешавад ва ҳамчунон дар ҳолати фарёд задан боз мемонад. Амри Лайс чизе намешунавад. Гӯшҳояш аз нағмаи раҳоӣ пур шудааст. Ҳафс ибни Умар ба зӯр лаб мекушояд , вале дар пӯзбандаш ҳабс мешавад. Ӯ гӯё бо тамоми тавонаш фарёд мекашид, ки: “Оре, поён дорад! Дар интиҳои ин саҳро шаҳраки Ниҳ ободону бо кишт аст. Мӯъҷизи худоро бин, ки пашша надорад!..” Ӯ мехост Ашнаси ғуломро тасаллӣ диҳад. Сарбозонро умедвор созад. Вале афсӯс, боди гарми Нимрӯз каломашро дар гулӯяш сӯзонд, чун дуде аз димоғаш бурун овард. Оре, ин саҳро бо шаҳраки Ниҳ интиҳо меёбад ва ӯ аз ин меҳнат барои боқии умр халос мешавад. То ба Ниҳ чанд фарсахе боқӣ мондааст. Дигар раҳоӣ дар дастраси эшон қарор дорад. Баъди чанд фарсахе дигар ва ё манзиле онҳо азобу шиканҷа ва хастагии роҳро фаромӯш хоҳанд кард. Бо шаб баробар ,балки якҷо, дар як вақт ба Ниҳ хоҳанд расид, ба Ниҳ ворид хоҳанд шуд! Ашнас реги даҳонашро туф карда боз фарёд мезанад:

-Ин сарзамини Гаршоспу Рустам аст?!

Ҳафс ибни Умар зери лаб хешро тамасхур мекунад. “Дар ин диёр ҳатман Рустаму Гаршосп мебояд буд! Вагарна писари Луҳросп бошӣ ҳам, зарир хоҳӣ шуд!”

Амри Лайс хомӯш буд ва ҳарфеву садое ба гӯшаш намедаромад. Ӯ саропо дар тасарруфи тасаввури пазироии наберагонаш буд. Онҳо хеле пазмонаш шудаанд! Балки Систон чун аташзадае ба қатраи борон пазмон шудаанд. Тоҳиру Яъқуб ӯро дар миён гирифта, аз байни пешвозгирандагони пазмоншуда ба сӯйи Заранҷ мебаранд. Ӯ аз ин пазирой ба риққат меояд,ашк мерезад.Ва дар ҷавоби шаафу шодии мардум фарёд мезанад: “Ман бо шумоям. Ман дигар то абад бо шумоям!” Ва Мӯътазид ноумед мегардад. Дар вокеъ ӯ фарёд мезад ва ин фарёди ӯро фақат Ҳафс ибни Умар, ки ҳампаҳлӯяш буд, мешунид ва бо тамасхур мегуфт: “Чӣ ҳаз!”.

Ва бод фарёд мекашид, бо хашм хору хасро бар ҳаво мебурд, регро бар сару рӯйҳо мезад. Бод девона мешуд. Офтоб паси осмони пургубор бо ранги парида сӯйи гуруб мерафт. Офтоби Нимрӯз ҳам сард мешуд! Ва саҳрои Лут менолид: “Чӣ ҳазззз!

Иштиёқи дидори “пазмоншудагон” сабр аз дили Амр мебарад. Гузашти замон сангин мегардад. Аспашро ба

аспи Ҳафс ибни Умар наздиктар мебарад.

Амри Лайс: Мебояст аз роҳи дигар ба Заранч мерафтӣ! Дар Них интизор намешудем. Ҳанӯз хам дер нест. Аспатро баргардон, то Заранч бидавон!

Ҳафс ибни Умар: Ашнас пай хохад бурд. Ва шумо рохро ба бероха хохед рафт.

Амри Лайс: Ту фикри рохро накун. Ман ҳастам! Ишонро ба Них хоҳам расонд.

Ҳафс ибни Умар: Амирам лахзае бо худ нестанд. Сангинии роҳ ишонро хаставу парешон сохтааст.

Дар Них чора хоҳем ҷуст, то ғулом аз асрори мо огох нагардад.Манзил қариб мондаст. Сабр мебояд кард.

Амри Лайс: Сабр мебояд кард! Тфу...- Ҳанӯз дар дахонаш рег бокӣ мондааст ва зери дандонаш садо мебарорад, ғаш меоварад, гӯё чизи андахеро бар забон бурда бошад. – Оре,дуруст мегӯй. Эҳтиёт мебояд кард! Манзил наздик мондааст. Тфу! - Рег дар кому забонаш часпидааст! Кому дахонаш хушкидааст! Ин аз аташи иштиёқ аст. Ин аз ташнагии дидор аст! - Тфу!..

Ва дигар то ба Них фақат туфи дар дахонаш набударо ба рӯйи бод партоб мекунад.

Отфоб дар дили дашт фурӯ меравад. Шабаҳи соягуни шаҳраки Них намудор мегардад. Мусофирон беҳолона хурсандии худро буруз медиҳанд.

Амри Лайс: Зудтар ба назди шаҳрдор сарбозеро бояд фиристод, то омадани моро ба ӯ хабар дихад.

Ҳафс ибни Умар: Ба чӣ хотир?

Амри Лайс: Ман меоям! Тадоруки пазироиро бубинад.

Ҳафс ибни Умар: Аз омадани амирам касе бояд хабар наёбад. Магар фаромӯш кардаед, ки шумо дигар асири амиралмӯъминин ҳастед?

Амри Лайс ба воқеияти зиндагии худ бармегардад, махзун мешавад. Бо андӯҳи бузург мегӯяд:

-Охир, ба ободӣ мерасем. Тадорук бояд дид.

Ҳафс ибни Умар: Бигзор сари Ашнаси ғулом дард кунад. Ӯ масъули роҳ аст.

Амри Лайс: Дар воқеъ дуруст мегӯй. Гӯё гоҳ аз гоҳ ҳавосам меравад,ки будан, кучо буданамро фаромӯш мекунам. Шояд аз пирист?..Пирӣ ҳам бар ман чира шудааст. Гузашти замон бегумон бар мо асари хешро мегузорад. Вагарна

кай буд? Дирӯз, амири Хуросону имрӯз асири банда! Ачаб дунёи дун аст!

Ҳафс ибни Умар: Зиндагии ҳар фард нишони ибрат аст.

Амри Лайс (*ба андӯҳи бузурге*): Дирӯз вай бозичаи дасти ман буд ва имрӯз вай бо ман бозӣ мекунад!.. Ҷуз таваккул бар худо кардан дигар коре аз дастамон намеояд. Дар кучое шунида будам, ки фарзонае мегуфт: Шоҳ бо масхара кардани масхарабоз бегумон худ масхарабоз шуда буд! Лут мешавад лутӣ ва лутӣ мешавад Лут! Пас то ба он лаҳзаи муродбахш ибтикоре аз худ нишон намедиҳем, фақат интизор мешавем.

Ҳафс ибни Умар: Таваккул бар худо мекунем, то чӣ мефармояд..

Сарбозон аз хастагиву кӯфтагии роҳ пинак мерафтанд, ва ба такон хӯрдан бо ҳарос бедор мешуданд.Ашнаси ғулом дар даромадгоҳи шаҳр аспашро баргардонда, ба назди Амри Лайс, ки дар миёни гурӯҳ мерафт, меояд.

Ашнас: Ин ободи корвонсарой дорад?

Амри Лайс: Оре.

Ӯ боз аспашро чорнаъл мезанад ва дар раъси мусофирон вориди шаҳр мешавад. Дар назди бинои корвонсарой меистанд. Ашнас бо сарбозе фармон медиҳад: "Саройдорро даъват кун!" Сарбоз коҳилона аз асп поин меояд ва мисли тифли нав пои равон бароварда ҷониби дарвоза меравад. Ашнас аз гомзании ӯ дилтанг мешавад ва аз пасаш фарёд мезанад:

-Зуд бош!

Сарбоз қасди давидан мекунад , вале по ба по зада меафтад. Дигар сарбозон беҳолона лабханд мезананд. Сарбоз дарвозаро ҳалқа мезанад, вале аз дарун садое намеояд. Боз сахтар мезанад. Касе ҷавоб намедиҳад. Сарбоз дар нимторикӣ ба сӯйи Ашнас фарёд мезанад:

-Ин чо касе нест!

Ашнас (бо овози хашмин): Ӯро пайдо бикун! Хонаҳои гирду атрофро дар бизан!

Сарбоз даруни торикиву боди сард ғарқ мешавад. Дақиқаҳо тӯл мекашанду аз бекарорӣ соат мешаванд. Ва дар поёни кӯча нури хирае пайдо меояд ва боз ғайб мезанад. Ва гаҳ аз гаҳ аз хилоли боду торикӣ садои дар задани сарбоз ба гӯшҳо мерасад. Аспҳо аз хастагиву сармо пой мекӯбанд.Саворагон аз ламси боди сард дар худ хазида-

анд. Ниҳоят сарбоз бо марде пайдо мешавад. Сарбозон аз омадани саройдор сар аз гиребон кашида боз чун сугур дар хафоли хеш фурӯ мехазанд. Овози бо сарбоз харф задани саройдор шунида мешавад, ки шикоят мекунад: " Як сол мешавад, ки ба ин чониб касе наёмадааст, курбон... Манзиле, ки дар он одам зиндагӣ накунад, хароба аст, курбон...Дар замони Амири Асир ин чо ободон буд, пуродам буд, курбон...Дунёи сифлапарвар!.. Кишварро ба горат бесамар гардондаанд.... Дигар ба чуз доду водод аз дасти мо чи хам меояд, курбон.. Аз одам хамин тавр омада, ки ин қавм худаш бузургонашро ба курбонгоҳ мебарад, бо дасти худаш қурбон...

Ин суханҳо барои сарбозони хаста ҳоизи аҳамияте набудаанд, балки дар гӯшашон ҳамчунон ин бод садо медоданд. Вале "Амири Асир" вазъи дигаре дошт. Ҳар сухани саройдор ӯро маҳкум мекард, теге ба чигараш мезад. Ин ҳоли ногувори Амри Лайсро фақат Ҳафс ибни Умар мефахмид. Ашнаси ғулом нисбат ба ин пурҳарфии саройдор беэътибор буд ва аз худ вокунише нишон намедод. Ӯ бо тафохур фикр мекард, ки амиреро бо чунин бузургӣ худованд назди ӯ чунин залил гардондааст. Имрӯз дар ин мавқеъ,дар ин ҳолат халифаи Бағдод вай аст!

Ашнас (*аз он баландиҳо*): Эй мард, зуд бош, ки сардии ин бод бар устухонам расидааст! Сергапӣ одамро коҳил месозад.

Саройдор: Ба чашм,ого ҳамин замон корҳо хуб мешавад..

Дарвоза боз мешавад. Сарбозон аз аспҳо пиёда шуда вориди ҳаёти сангфарши Сарой мегарданд. Амри Лайс болои аспи хеш, балки аспи Ашнас, ҳанӯз карахт нишастааст. Ашнас бо тарсу ҳарос аз дарвоза берун медавад ва базӯр худро аз дашном додан боз медорад.

-Амирам?!

Рашъа бар андоми Амри Лайс давид. Ҳатто амир Исмоил чунин густохона таҳқир карданро ба худ раво надида буд. Амри Лайс бо хашм лачомро ба сӯйи Ашнас ҳаво дода, аз асп пиёда мешавад ва вориди корвонсарой мегардад. Ашнас бо тамасхур пузханд мезанад ва аз дунболаш аспро ба андарун мебарад. Дере нагузашта ду-се хизматгори корвонсарой пайдо мешаванд ва меҳмононро чо ба чо мекунад. Аспҳоро ба истаблҳо мебанданд ва ба онҳо алаф

медиҳанд.

Хизматгор ба ҳучраи Амри Лайс ва Ҳафс ибни Умар медарояд.

Хизматгор: Хоҷагон чӣ мефармоянд?

Амр Лайс: Ҳар чӣ гарм аст. Фарқе надорад.

Хизматгор меравад.

Амри Лайс: Ман каме дароз мекашам. Хӯрок, ки оварданд,маро бедор мекунӣ. Ҳатман ман субҳгоҳон шаҳрдорро бояд бубинам. Фаромӯш накунӣ.

Ҳафс ибни Умар: Ман бомдод бояд ба роҳ бароям.

Амри Лайс тамоми шаб таб мекунад ва аноӣ мегӯяд. Ҳафс ибни Умар лаҳзае аз болини амири хеш дур намешавад ва бо дамидани субҳ ишонро хоб мебарад. Дигарон низ фақат нисфи рӯз аз хоб бедор мешаванд.

Ашнас,бо вуҷуди он ки паси ҳучраи Амри Лайс посбон гузошта буд,баъди аз хоб хестан аввал сар ба ҳучраи ӯ мехалонад ва пасон машғули шустушӯ мегардад. Ҳафс ибни Умар аз паси Ашнаси ғулом берун меояд ва дар рӯи ҳаёти корвонсарой ба ҳам рӯ ба рӯ меоянд.

Ҳафс ибни Умар: Касеро паси пизишк бояд фиристод.

Ашнас (*бо тамасхур*): Боз чӣ шуд?

Хафс ибни Умар: Амир Амри Лайс бемор аст. Ӯ тамоми шаб табларза дошт.

Ашнас: Мо бояд ба роҳ бароем.

Ҳафс ибни Умар: Амир Амри Лайс дар чунин вазъе, ки дорад, сафар кардан наметавонад. Хатарнок аст.

Ашнас: Ӯ ҳамеша дарди сар эҷод кардааст! Ин ҷо мондanамон низ хатар дорад. Ман масъулам, ки ӯро ба Бағдод бирасонам. Худоё, ин чи бало буд?!

Ҳафс ибни Умар: Шояд аз байни сарбозон табибе бошад.

Ашнас: Намедонам.

Ҳафс ибни Умар: Одатан ҳангоми сафарҳои дурударз ба гурӯҳ табиберо ҳамроҳ мекунанд.

Ашнас: Намедонам. Ҳоло мефаҳмем.

Ашнаси ғулом андарун меравад ва баъди фосилае бармегардад.

Ашнас: Мутаассифона, касе ин илмро намедонад.

Ҳафс ибни Умар: Пас аз паи чора бояд шуд.Ва ё Ашнас ходим аз чизе бим доранд?

Ашнас(худ ба худ) : Гӯё намедонад. (ба Ҳафс ибни Умар). Амри Лайси Саффорӣ Ашнаси ходим нест, ки ӯро нашносанд.

Ҳафс ибни Умар: Оё Ашнас ходим гумон мекунанд, ки тамоми мардуми қаламрави хилофат агар дар шаҳр халифаи хешро танҳо, бинанд ӯро мешиносанд?

Ашнас: Намедонам. Вале ман часорати ин корро надорам.

Ҳафс ибни Умар: Дигар илоче нест. Ӯ саломат боид ба Бағдод расад.

Ашнас ба таҳқиқу имтиҳон ба чашмони Ҳафс ибни Умар менигарад. Ӯ аз ин исрорварзиҳо дар бемор будани Амри Лайс ба шубҳа меафтад.

Ашнас: Чаро махз ӯ бемор мешавад? Боз вақте ки ба диёраш расидаем..

Ҳафс ибни Умар: Ӯ марде пир аст. Ва ин роҳи дуру дарозро бетанаффус паймудан барои чун ӯе кори осоне нест. Худоро шукр боид кард, ки ӯ то ба ин ҷо саломат расидааст. Ман вазифаи худ медонистам, ки ба шумо хабар дихам. Дигар бокӣ шумо медонеду Амри Лайсу Бағдод....

Ҳафс ибни Умар баргашта рафтанӣ мешавад, вале Ашнаси ғулом ӯро боз медорад.

Ашнас: Чаро шумо худро аз масъулит сабукдӯш месозед? Шумо ҳам барои ӯ масъулед.

Ҳафс ибни Умар (*худро тааҷҷубзада гирифта*): Кӣ гуфт? Мо фақат ҳамсафар будему бас. Дигар ҳеч! Ман ба сафари шумо ҳеч вобастагие надорам. Аз ин ҷо роҳҳои мо ҷудо мешаванд.

Ашнас: Ба шумо чун бовар кунам, ки худро ба ҷойи каси дигар намедиҳед?

Ҳафс ибни Умар: Ҳар чур, ки мехоҳанд . Дар акси ҳол боз ба Бухоро мебоид гашт.

Ашнас: Шӯхӣ мекунед?!

Ҳафс ибни Умар: Далел надорам.

Ашнас: Ман шуморо раҳо намекунам.

Ҳафс ибни Умар: Ман фақат барои амнияти худ ба хайли шумо ҳамроҳ шудаям.

Ашнас: Аз ба роҳ баромадани мо касе хабар надошт, ба ҷуз ду-се кас. Агар шумо аз вобастагони ӯ нестед,чун бо мо ҳамроҳ шудед?

Ҳафс ибни Умар: Чаро шумо намефаҳмед,ки ин банда ҳам метавонад аз ҷониби он ду-се кас маъмурият дошта бошад?

Ашнас: Ҳуҷҷат?

Ҳафс ибни Умар (*худро бар зӯр даст гирифта*): Кай шудааст ки асрори шоҳонро ба ходимаке арза доранд?!

Ва ба хашм аз назди Ашнас дур мешавад. Ходими халифаи халофат ва намояндаи шоҳи Хуросон дар кори худ Амри Лайс хира мемонад. Агар ҳисоби ишонро худо наёбад, бандааш очиз аст! Ҳатто халифаи мусулмонон аз макри ишон очиз мондааст. Чӣ расад ба ғуломе ҳамчун ӯ?!

Ҳафс ибни Умар сар ба ҳуҷраи Амри Лайс халонд .Ӯ ҳанӯз дар хоб буд. Боз дарро ба рӯяш баста ба кофтукови саройдор баромад. Лаҳзае нагузашта онҳо дар ҳавлии корвонсарой суҳбат мекарданд. Ва дар фарҷом саройдор Ҳафс ибни Умарро дилпур кард, ки : "Мутмаин бошед, дигар навбати ба амирам хидмат кардани мо расидааст. Агар ин лаҳза иқдом накунем, пас аз будани мо чӣ суд?"

Ҳафс ибни Умар: Ба шаҳрдор ҳамаашро бифаҳмонед. Ё ҳоло ва ё ҳеч гоҳ!

Онҳо аз ҳам ҷудо шуданд. Ҳафс ибни Умар ба ҳуҷраи худ рафт. Амри Лайс ҳанӯз дар хоб буд ва гоҳ аз гоҳ аной мегуфт. Ҳанӯз таб дошт. Ҳафс ибни Умар ӯро боэҳтиёт бедор кард. Амри Лайс аз дидани ӯ дар ҳайрат монд.

Амри Лайс: Чаро ҳанӯз нарафтаӣ?

Ҳафс ибни Умар: Амирам таб доштанд, салоҳ дар он дидам,ки то ба по хестани амирам ҳамроҳашон монам. Эҳтимоли онро дорад,ки ҳамроҳ меравем.(Ва бо овози хафӣ) Ашнас гумонбар шудааст. Ӯ ҳатто розӣ нест,ки пизишкро даъват кунад. Иншооллоҳ, ҳама корҳо хуб мешавад. Фақат шумо бемории хешро ваҳимтар вонамуд намоед. Мобақии кор дар дасти мост.

Амри Лайс: Шаҳрдор хабар дорад?

Ҳафс ибни Умар: Мешавад. Шумо тибқи гуфтаи ман амал кунед, ҳама корҳо хуб мешавад.Шуморо сиҳат ва саломат ба манзили мурод хоҳем расонид.

Амри Лайс: Гумон намекунам. Хобамро дидам..

Ба ҳуҷра ворид шудани Ашнас ва пизишк ришгаи сӯҳбати ишонро бурид.Табиб пас аз муоянаи дуру дароз бемории Амри Лайсро ваҳим муайян намуда, фармуд ки бемор бояд бештар истироҳат кунад...

Ашнас: Бемор тавони бардошти сафарро доранд?

Пизишк: Мутлако мумкин нест. Беморӣ сахт хуруҷ карданаш аз эхтимол дур нест. Ба камаш як хафта сабр кардананшон зарур аст,то бемор рӯ ба бехбудӣ оварад.

Ашнас (бо Ҳафс ибни Умар рӯ меоварад) : Шумо чӣ кор мекунед?

Ҳафс ибни Умар: Тасмим гирифтам,ки то бехбуд ёфтани бемор бо шумо бимонам. Дар бозгашт аз ман чигунагии рохро бозпурсӣ хоханд кард. Ман хам бояд мутмаин бошам, ки шумо бе ҳеч дарди саре ба роҳи худ идома додаед.

Ашнас: Узр мехом, маъмуриятам тақозо мекунад, ки хеле эхтиёткор бошам. Агар аз ман гузашта бошад аз хоча узр мепурсам.

Ҳафс ибни Умар: Мефаҳмам. Ҷои шумо хар каси дигар хам ҳамчунин рафтор мекард.

Пизишк: Ман боз фардо меоям..

Онҳо баромада мераванд. Нигоҳи Амри Лайс дар Ҳафс ибни Умар раҳ мебандад.

Ва рӯзҳо ба каҳолат мегузаранд ва касолати Амри Лайсро вахимтар месозанд, вале хеч нест, ки аз ҷониби Заранч касе ба сурогашон ояд.

Ва ҳафтаҳо мегузаранд, вале интизории Амри Лайс аз раҳоияш беҳуда мешавад хеч кас ба ёди ӯ нест. Алҳак, бахт аз ӯ рӯ гардондааст. Дигар ба сарнивашти талхи хеш тан дардодааст. Дигар аз нолиш мондааст. Дигар аз ҳарф мондааст. Дигар аз ҳама дунё безор шудааст. Ӯ дигар на дидан мехоҳаду на шунидан. Ӯ дигар дар ин дунё ба касе аркор нест! Тамоми зиндагияш беҳуда буд, абас буд. Накши рӯйи рег буд!. Ӯ дигар намехост на барои охирин бор ба сӯйи Заранг бингарад, на бо Ҳафс ибни Умар видоъ кунад. Ӯ дигар мучассамаи марги хостҳои худ шуда буд.

Рох дигар азоб надошт...

Бод дигар сард набуд...

Отфоб дигар намесӯзонд...

Хилқати худованд фақат як бозии худнамой буд...

Худоё, худовандо, чаро ин бозӣ бад-ин сон берахмона аст!...

ТАБАРИСТОН

Бузургони Рай ин бор Ибни Ҷустонро, ки ба Носир Ка-

бир ва ҳасудон муттафиқ ва аз иродатмандони доии Дайламон буд, бо худ ба Табаристон оварданд. Муҳаммад ибни Ҳоруни Сарахсӣ то ба ҳол аз ибтикор кардан алайҳи хочаи хеш амир Исмоил тардид дошт. Ӯ қудрати чангии амири Сомониро нек медонист.

Ибни Ҷустон: Вале имрӯз вазъият ба манфиати мо кор мекунад. Амир Исмоил Амри Лайсро бо роҳи Сиистон ба Бағдод фиристодааст. Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амри Лайс ҷадди хешро раҳо хоҳад кард. Ин маънии онро дорад, ки Саффориён алайҳи Аббосиён алам хоҳанд бардошт. Ин фурсати муносиб аст, ки мо Райро аз ҳузури шабушкхорҳои халифа пок созем.

Ҳорун: Қиём кардан алайҳи хулафо ба масобаи исён кардан бар зидди худост!...

Ҷустон: Ин хулафо ҳукумати худо ба тақаллуб гирифтаанд ва то ба ҳол зулм бар аҳли байт раво медоранд. Магар ин куфру исён нест?! Дои Носири Кабир бо мост. Хилофат бар ҳақ чои ишон аст. Ва сониян ҳукумат кардани чанд ғуломи турк бар кишвари мо магар иҳонат нест?!

Бузурги Розӣ: Мардуми вилояти Рай аз зулми ин ғуломи манфуруламал ба сутӯҳ омадаанд. Ӯ ба мисли Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф саффок аст. Дигар, ки Абуубайдуллоҳ Муҳаммади Афшин ибни Абисоҷ аз ҳокимияти Озарбодагон маълум ва ба фармондори Арманистон мансуб шудааст. Аз ин интисоб бародараш Юсуф ва писараш Девдод розӣ нестанд. Ин омилҳо ҳама ба манфиати мост. Ва мардуми Рай умедворанд, ки ҳокими Табаристон иқдом намоянд ва бар ишон роҳбарӣ кунанд.

Ҳорун: Ман аз осӣ шудан бар фотеҳи Хуросон бим дорам.

Ҷустон: Омили Табаристон алайҳи хилофат қиём мекунад, на бар амирам Сомонӣ... Дигар ин, ки алавиёни Табаристону Гургон, Дайламу Гелон аз аввал дар мухолифат бо хилофати аббосиҳо буданд. Аз ин рӯ шумо ҳамчуи ҳокими ин манотиқ амал мекунед. Барои ин фақат чомаи муслимиро иваз бояд кард.

Ҳорун: Чӣ сон кори осон аст! - Худро ба хандидан мачбур месозад,вале дар рафти хандаҳо ба худ авзои чиддӣ мегирад. -Дигар риёкорона азо гирифтан бас аст. Дигар чомаҳои сафед дар хуни банӣ Ҳошим мебояд гулгуна сохт.

Ва чомаи сиёҳро аз тан бадар карда сӯйи пойгаҳ мепар-

тояд. Ва фардо алами Абумуслимро ба коми оташ меандозад... Ва сипохиёни норизои хешро бо хабс мегирад...

Ва ба чомаи сафед нишаста, бар аспи сафед барафрошта алами сафед, аз кӯххои сафед чониби Рай харакат мекунад. Ӯ мерафт, то хиёнат кунад!

Ё Хорун, ту бо чомаи сафед факат рӯй сиёх кардай! Бо рӯйи сиёху чомаи сафед кучо хохй рафт?!!

Мухаммади Хорун дигар кӯр шуда буд. Он Хоруни хайёти сарахсиро намелид... ӯ дигар кар шуда буд ва он Хоруни дузди Сарахсй кораш дигар факат паймоншиканиву хиёнат буд.

Дигар ӯ факат як хоб медид: шабушкхо бар боли малаххо чун зулуке часпидаанд.

Ӯ меравад то киштзорхоро начот дихад...

БАҒДОД

Корвони барандагони Амри Лайс намози шом ба дехе расид, ки дар саводи Багдод буд. Ашнаси ғулом баъди ба манзиле фуруд овардани хамрохонаш бо дасти сарбозе назди Бадр-ул-Кабир ,ки аз сипахсолорони Тулӯни ғулом буд ва ботинан бо Амри Лайс душманй меварзид, нома фиристод ва омадани амири саркаши саффориро ба ӯ хабар дод. Амри Лайси Саффорӣ замони хукуматаш бар як кишвари бузург ва хангоми сохиби шуртаи Багдод будаваш ба худ ичоза намедод, ки хулафо ӯро ба Тулӯни ғулом ки хукумати Мисрро бо чоплӯсӣ ва тахкирхо ба даст оварда буд, дар як саф гузоранд ва дар Макка аламашро дар чои алами ӯ карор диханд. Ин тахкирхоро Бадр, ки намояндаи Тулӯн дар Багдод буд, беш аз сохибаш эхсос мекард. Хатто чокарони Амри Лайс бо ихонат ба ӯ, ки сипахсолори аббосӣ буд, муносибат мекарданд. Ин кина асосан аз соли 267 (881 м) огоз шуда буд. Хамин сол Мухаммад бинни Тулӯни сипахсолор ва амири Миср ба Макка сафар кард. Ва аз рӯи анъана дар рӯзхои ид алами Амри Лайсро дар минбар нигох медошатнд. Ба сабаби он ки омили Форс Мухаммад ибни Лайс хироҷи Багдодро нафиристода буд, қасд карданд алами Амри Лайсро аз минбари Макка бияфгананд. Ин хабар ба амири Саффорӣ расид, қасди Порс кард ва ба фарзандаш,ки хамрохи Ахмад ибни Абдуллох ба Хузистон тархи хиёнат рехта буданд, ба мазмуни “Ба

мавқеи ман дар Макка зарба зад" номаи тунде фиристод. Барояш хабар расид, ки қасд доранд ҷои алами ӯ алами Мисрро боло кунад. Вале намояндаи Амр дар Макка ба ин кор иҷоза надод. Кор ба ҷое кашид, ки байни тарафҳо ҷанг бархост. Сокинони Макка аз намояндаи Амр пуштибонӣ карданд ва нагузоштанд, ки алами ғуломе ҷои алами ҳамчун Амри Лайси ғозиро бигирад. Ва боз аз рӯйи анъана дар тарафи рости минбар алами амири саффорӣ барҷой монд. Дар ин воқеа Бадри ҳаммомӣ-ғуломи Тулуни ғулом ҳузур дошт. Аз ин рӯ Бадр бо дарёфти хабари оварда шудани Амри Лайс, ки ҳама умр орзуи залил дидани ӯро дар дил мепарварид, бедиранг ба сӯйи Ашнаси ғулом, вале имрӯз ходим шитофт. Рӯзи дигар Амри Лайсро бар шутури дукӯҳонае филмонанд нишонданд ва ба Бағдод оварданд Ӯро либоси абрешимини шоҳона пӯшонда буданд. Ин шутурро худ Амри Лайс дар қатори дигар ҳадоё ба халифа баҳри дарёфти маншури Варазруд фиристода буд. Ӯ шутури масти хешро шинохт. Онҳо аз дарвозаи Порс вориди Бағдод шуданд. Мардуми шаҳр аз хурду калон, марду зан ба кӯчаҳо рехта буданд ва ҳанӯз мунодиён аз "ташрифи" амири саркаши саффорӣ нидо медоданд. "Амри Лайс омадааст, ки Бағдодро тасхир кунад!" Амри Лайс бар шутури филҳайбати хеш бо виқор нишаста буд. Бадри Ҳаммомиву Қосим бинни Абдуллоҳи сарҳанг бо сипоҳи хеш аз пасаш мерафтанд. Садои таҳқирҳову таассуфҳо аз миёни издиҳоми ҳангомачӯёни ду тарафи роҳ ба гӯшаш мерасид: "Ин ҳамон аст, ки айши моро мунағғас месохт!.. Осоиши моро халалдор мекард!.. Фарзандони моро ба коми марг месупорид! Ӯ ҳанӯз шикаста нест! Ӯ ҳанӯз шукӯҳи шоҳона дорад!.. Эй дареғ, дунё сифлапарвар аст!... Шер ба ҳангоми марг ҳам шер мемонад... Бо чашми кӯр ҳам чӣ зебост ӯ!.."

Ӯро дар кӯчаҳои шаҳр мегардонданд. Бадри ғулом умед дошт мардуми Бағдод санги маломат ба сӯяш мепартояд. Вале хилофи чашмдошти ӯ, чунин ба назар мерасид, ки мардум аз фотеҳи хеш истиқбол мекарданд. Аз хашм чашмони тангаш дар рӯйи пачақаш гум шуда ва амомаи бузург қомати кӯтоҳашро бар болои зин боз хурдтар сохта буд. Нукси чиз ҳангоми намоиш хувайдо мешавад. Ва мардуми Бағдодро аз саликаву табъи пасти халифаи худ хомгӣ меомад: чи сон мумкин аст?! Ҳирси дунё ҳар чизи номумкинро имконпазир мегардонад! Ҳамчунон дар ба-

робари чунин зиштиву палиштӣ таҳаммул карданро!

Қасри Сурайё

Халифа Мӯътазид биллоҳ дар зеботарин бинои шаҳри Бағдод-қасри Сурайё бо Ашнаси ходим танҳо ба танҳо сӯҳбат мекард. Ранги рӯяш беморгуна парида буд ва овозаш аз ранҷи дард хаставу хафӣ садо медод. Чашмонаш аз бехобӣ варам кардаву сурх гардида.

Мӯътазид: Таъхир кардӣ?

Ашнас: Сафари мо аз тариқи Сиистон буд.

Мӯътазид: Чаро?

Ашнас: Роҳи Хуросон амн набуд ва маслиҳат он дидем, ки аз дур бошад ҳам аз тариқи Сиистон биёем.

Мӯътазид: Аз Бухоро кай баромадӣ?

Ашнас: Ду моҳ пеш.

Мӯътазид: Барои чунин маъмурияте басо дароз аст.

Ашнас: Амри Лайс қариб як моҳ бемор буд ва мачбур шудем, ки то сиҳат ёфтани ӯ дар Ниҳ таваққуф кунем.

Мӯътазид: Ӯ бемор буд ва ё хостед?.. Ва амир Исмоил ибни Аҳмад мехост ӯро бигрезонад?..

Ашнас: Гумон намекунам. Агар ӯ чунин мақсаде медошт, ӯро аслан ба Бағдод намефиристод.

Мӯътазид (*худ ба худ*): Ту чӣ медонӣ, ки ишон чӣ мақсаде доштанд. Худованд ростоварандаи корҳост! (бо Ашнас) Ҳоло ӯро кучо фуруд овардай?

Ашнас: Ӯро дар шаҳр мегардонанд.

Мӯътазид (*фарёд мезанад*): Ин амали зиштро кӣ фармуд?

Ашнас: Бадр-ул-Кабир. Ишон бо Қосим ибни-Абдуллох дар шаҳр ҳамегардонанд.

Мӯътазид хашмолуд аз ҷойгаҳаш хестанӣ мешавад,вале аз заъф немтавонад. Бо овози ларзон хитоб мекунад.

-Фавран, ӯро биёред!

Ашнаси ходим гӯё ба фарши мармарин мехкӯб шуда бошад, карахту ночунбон аст. Аз сари худ андеша дорад. Амиралмӯъминин аз чизе огоҳ аст, ки ӯ намедонанд!

-Чаро карахт шудай? Зуд бош!

Ин каломи эҳтиромноки амиралмӯъминин ӯро ба худ меоварад. Якбора якка мехӯрад ва пуштнокӣ ба сӯйи дар меравад. Мӯътазид биллоҳ танҳо мемонад ва дигар ҳеч кас-

ро ба ҳузураш намедиҳад. Исмоил ибни Аҳмад чизи дигар мехост! Тираш хок хӯрд! Тоҳир аз ин моҷаро қасди дигар дорад. Дигар ӯ аз паи ин баҳона мегардад. Ин баҳона дигар асорати ҷаддаш дар сияҳчоли Мӯътазид хоҳам буд! Ман ин баҳонаро ба ту нахоҳам дод! Тифли ширхора! Мехоҳад аз роҳи аҷдодаш биравад. Ман ба ту фурсат нахоҳам дод, то бар ошӯбӣ, исён кунӣ! Дигар ибтикори ту аз худат вобаста нахоҳад буд. Дигар халифа мабҷбур аст ҷуръати фавқулодаи фотеҳи Хуросонро эътироф намояд ва оромишу осудагии қисмати аъзами ҷаҳони исломро аз ӯ вобаста бидонад. Дигар ба ӯ аз дари мадоро муросо мебояд кард. Оре, дигар ӯ мачбур аст, ки хостҳояшро бипазирад. Дигар чора надорад. Алавиёни Табаристон сар бардоштаанд. Фардо Тоҳир ибни Муҳаммад ба додхоҳии ҷаддаш алам хоҳад барафрошт. Мағриб ноором аст... Ғуломони турк аз тамаъ кулуфт шудаанд. Бе тамаъ бар байтулмол коре намекунанд: дех хуранд - зан муранд! Ин тангчашмони гурусна серӣ надоранд!.

Амри Лайси Саффорирo меоранд. Халифа сарашро аз болин бардошта хастаҳолона ба ӯ менигарад. Ҳанӯз викори шоҳона аз ваҷоҳаташ нарафтааст. Забунбинии Бадри ғулом назди ин шаҳомату виқор ночизу беранг менамоянд. Бадр зону мезанал ва дасти ларзони амиралмӯъмининро бӯсидан мехоҳад, вале Мӯътазид бо кароҳат дасташро кашида мегирад. Ӯ аз Амр чашмдор аст ки ба пояш афтода пузиш металабад. Вале Амри Лайс чун сутунҳои тахти Ҷамшед шукӯҳманду бепарвост. Дақиқаҳо тӯл мекашиданд, амиралмӯъминин интизор мекашид, вале Амри Лайс ҳамчунин орому бовиқор буд. Агар гузашт менамуд, тибқи чашмдошти халифа амал мекард, шояд аз гуноҳаш мегузашт, ӯро мебахшид. Вале халифа аз забонаш ҳатто ҳарфе нашунид. Бар ӯ хашм гирифт.

Мӯътазид: Алҳамдулиллоҳ, ки шарри ту кифоят шуд ва дилҳо аз шуғли ту фориғ гашт.

Амри Лайс аз худ вокунише нишон надод, ҳамчунон шукӯҳманду бовиқор буд.

Мӯътазид: Ӯро ба зиндон баред!

Бадр: Ӯро бибояд кушт, ки ӯро тамаъ аз мамлакат ҳама ҷаҳон аст. Набояд бар ҷаҳон касе бимонад ки бар амиралмӯъминин вал муслимин бузургӣ ёрад кард.

Мӯътазид: Ин мард бузург аст андар ислом ва кас андар

дорулкуфр чандон футух кард, ки ин накард. Бидоред, то нигоҳ кунем.

Амри Лайсро ба зиндон бурданд. Ба зиндоне, ки Ғурак писари Ковус дар он ҷой аз гуруснагиву ташнагӣ мурда буд. Ва Мансурро он ҷой асир нигаҳ хоҳанд дошт. Вале Мӯътазид аз шуғли ӯ фориғ нашуд. Аз андешаи кори ӯ бемор гашт.

Амри Лайс дар зиндон ҳам ба касе ҳарфе назад. Ҳар рӯз Бадр барои коҳондани ҷони ӯ ба зиндон меомад ва аз иҳонат гуфтан дар ҳаққи Амри Лайс хаста шуда, боз ба қаср бармегашт. Амри Лайс ӯро ҳам бемор карда буд. Ӯ мехост бар иззати нафсаш бирасад, ӯро шикаста созад, вале ҳама кушишаш беҳуда буд, балки баръакс худаш шикаставу ноумед мегардид. Халифаи беморро ҳам ҳар рӯз ба куштанаш ташвиқ мекард: "Зинда мондани ӯ дарди сарҳое ба бор хоҳад овард!"

Дигар он "дарди сарҳо" новобаста аз Амри Лайс пайдо мешуданд.

Муҳаммади Ҳорун дар Табаристон алами сафед афрошта, дар Рай Укартамиш-намояндаи халифаро бо ду писараш бо қабеҳтарин уқубат бикушт ва Райро аз тахти тасаллути Бағдод берун гирифта ба Табаристон пайваст. Душманонаш дар шимолу шарқии хилофат рӯз ба рӯз пурзӯр мешуданд.

Тоҳир бинни Муҳаммад ба тасарруфи Форс меомад, то шаъну шавкати аҷдодашро дубора баргардонад.

Дигар касе сухани Мӯътазид биллоҳоро нафаҳмид. Забонаш мегирифт.Ба лакнат сухан мегуфт. Ва ҳангоме ки аз ин нотавонияш асабӣ мешуд,забонаш билкул мегирифт. Соатҳо лозим меомад, ки ором биёбад ва қудрати такаллум пайдо кунад. Дигар зиндагии Мӯътазид ба кобус табдил шуда буд. Гӯё ин кобуси ваҳшатзои зиндагияш поён надошт. Дарёи гилолуд ӯро фурӯ мебурд.Ӯ оби гилолуди ғализро фурӯ мебурд. Нафасаш мегирифт. Ба талвоса дасту по задан мехост, фақат мехост, ки дасту по бизанад ва худро ба соҳил бирасонад. Вале афсӯс,оби ғализи дарё ба ӯ имконе намедод. Ӯро дар худ фурӯ мебурд. Яъсаш амиқтар мерафт.Ва ҳамин лаҳзаҳо буд, ки марди саворе дар соҳил ба пайдо меомад. Бидуни он ки тар шавад аз дарё мегузашт, ба шаҳри ҷовидонаи кобусҳо ворид мегардид. Нигоҳи ҳасратбори Мӯътазид ба дунболаш мерафт. Ва дар

худ фарёд мезад: “Эй марди хуросонӣ ба имдодам бирас!.. Начотам дех ки ғарқ мешавам” Ва аз дурҳо садое ба гӯшаш мерасад: “Подоши начот додани мо Абусалмаву Абумуслим буд! Боз аз кадом начот сухан мегӯӣ?!” Мӯътазид маъюсона иқрор мекунад: “Оре, ин хатои мо буд. Чокарони сароиро, ки озодагон бардоштаем ҳузури шумо барои мо шармовар буд,зеро мо ҳанӯз дар баробари шумо саҳроӣ, аъробӣ боқӣ мондаем... Мо зарурат ба аз худ пасттаре доштем. Оре, ин хатои мо буд... Мо аз Салмон ракш бурдаем. “Салмон аҳли байти” бароямон иҳонатовар буд. Бо ҳилла ба рӯз расидагон ҳамеша ҳамчунинанд! Качравон ҳеч гоҳ мустақим нараванд! Оре, хатои мо аз ибтидо буд! Бубин ман ба дарёи гилолуд ғарқ мешавам. Вале ту бидуни олуда шудан, бидуни тар шудан, онро убур мекунӣ! Хушо ба ҳоли Салмон! Хушо ба ҳоли Бӯҳанифа!.. Хушо ба ҳоли растагорон!.. “ Мӯътазид бо эҳтиросу таб фарёд мезанад.

-Амр!.. Амр!..

Касе дар ёди ӯ нест. Ин нидо ҳам мисли боқии суханонаш ба бод меравад, ҳазёни таболуд пиндошта мешавад. Ӯ бухс мекунад. Ӯ бо нидо гуфтанӣ буд, ки даст ба дамани фотеҳи Хуросон мебояд зад. Аз роҳи озмуда мебояд рафт. Вале ҳайҳот, дар ин шаҳри ҷовидона кобусҳо на забони гирову мутакаллим вуҷуд дораду не гӯши ниюшо, аз ниюша!.. Аз ин вузарову умаро чи фоида?! Амиралмӯъминин аз ишон хаста шудааст! “Ӯро ба ҳоли худ гузоред... Мегӯяд табиб.- Амиралмӯъминин ба осоиш ниёз дорад. Даме бояд баросояд”. Муктафӣ бар болини падар интизор мемонад. Ҷойи ӯ ин ҷост! Ӯ бояд бо падар бимонад. Ба касе намешавад бовар кард. Кӣ медонад? Мӯътазид биллоҳ сӯи фарзанд бо шакку тарс менигарад.Ва табиброро бо ишорати даст мефаҳмонад, ки ин ҷо бимонад.Табиб қасди рафтан надорад. Ӯ фақат дигаронро барои осоиши амиралмӯъминин ба дар кардаасту бас! Мӯътазид биллоҳ хушнуд мешавад ва бо ишорат ба писар фаҳмондан мехоҳад ,ки коғазу давот лозим дорад.

Табиб: Амиралмӯъминин коғазу давот мехоҳанд.

Муктафӣ биллоҳ коғазу давот меорад. Табиб Мӯътазидро бар рахт менишонад,чанд болиштеро бар пушташ такягоҳ мегузорад. Халифаи мусулмонон дигар муродашро гавассути набиштан ба дигарон хоҳад фаҳмонд.

Ҳанӯз мағзи фалачшудаи амиралмӯъминин қобилити

фикр кардан дорад. Ҳанӯз андешааш фалаҷ нашудааст .

Корвони ҳадоёи халифа ,ки ҳама тӯҳафи Амри Лайс буд, ҷониби Бухоро ҳаракат мекунад, то амир Исмоил кишвари хешро вусъат бахшад, амнияти халофатро таъмин созад.

Ва Амри Лайс бо ин ҳама атоё дар кунҷи зиндони халофат гуруснагӣ мекашад.

Ва тоҷи мурасаъи шоҳаншоҳ Яздигурд вориси хешоро меёбад.

Ва шамшери тиллоии яздигурдӣ ба дасти соҳибаш мерасад.

Ва аспи сафед иситабли Тайсафунро раҳо мекунад

Ва Симурғ ба лонаи хеш бармегардад.

Ва шер вуҳушро ба зери сояи ин сарви азим гирд меоварад.

Ва паррандагон ба лонаҳои хеш дар шохсори ин сарви азим кӯч мебанданд.

Ва дигар дарёи азим ором мегирад...

Ва Яҳмус - ин гови муқаддас бар шоҳҳои заррини хеш Заминро ором медорад.

Ва моҳӣ дар об намелағжад...

Ва ҷаҳон ба оини ростӣ ҳамоҳанг мешавад..

Ва амир Исмоил ба қасди вусъат додани қаламрави ҳукумати маврусии хеш аз дарвозаҳои Бухоро берун меравад-,то оини ростиро густурдатар созад.

Ва “роҳ дар ҷаҳон якест ва он роҳи ростӣ аст”

Ва ростӣ беҳтарин неъмат ва ҳам мояи саодат аст ва саодат азони касест, хостори беҳтарин ростист...

МАРВ

Амир Исмоил ба шаҳри пуршукӯҳи Марви Шоҳиҷаҳон ворид мешавад. Ҳама ҷо садои мунодиёи ба гӯш мерасад: “Сипоҳи амир Исмоилро бо раъияти ӯ коре нест”Мардуми шаҳр чӣ марду чӣ зан ба истиқболи амири хеш мебароянд. Онҳо аввалин бор шоҳи худро мебинанд. Ӯ ба эҳтироми мардум аз аспаш пиёда мешавад ва пешопеши лашкар аз байни мардум мегузарад. Шодию шаафи мардуми

шаҳр ҳадду канор надорад. Онҳо бар сари шоҳи худ парвоза мечошанд, танга мерезанд. Шиор мепартоянд: "Зиҳӣ шоҳи одил! Зиҳӣ Баҳроми мо! То рӯзи хурдод ҳамчунин бодо!". Шиордиҳӣ ба сурудхонӣ мегузарад. Мардуми шаҳр бо як овоз мехонанд.

Кай бувад ки ояд,
Пайк аз Ҳиндустон.
Ки омад он шаҳ Баҳром,
Аз дӯдаи Кайён,
Ки пил аст ҳазор,
Бар сар аст пилбон.
Ки ороста дирафш дорад,
Ба оини хусравон...

Ва ин замзамаи ҳамсароӣ шаҳрро гӯё ба осмон мебардошт. Амир Исмоил аввалин бор буд,ки хешро чунин боланда меёфт. Гӯё ӯ ҳамроҳи ин шаҳр ба сӯйи осмонҳо уруҷ мекард: сабук, озод, фараҳманд, шодмона чун ба рӯзи Наврӯз! Худоё, худовандо дарвозаҳои осмон боз мешаванд! Ин суруд дар фаросӯи осмонҳо садо медиҳад. Ё ин суруди ҷовидона чист, ки аз он сӯи осмонҳо ба лаҳни қудси садо медиҳад! Онро фариштагон нишаста бар боли бодҳо тараннум мекунанд. Чун қумриёни нағмапардоз бар шохсорон!..

Эй кош ин лаҳзаҳо поён надоштӣ! Дунё ба вачд омада буд. Амир Исмоил гӯё бар ҳарири абрҳо гом мезад. Овози карнайу суранӣ аз токҳо садо медод. Нағмаи қудсӣ! Сурудди осмонӣ! Дарвозаҳои биҳишт аз хилоли абрҳо бо ин садоҳо боз мешаванд. Эй кош ин лаҳзаҳо бебозгашт будандӣ!...

Амир Исмоил то субҳи рӯзи дигар бад-ин аҳвол буд, аз худ бехуд буд, маст аз шодиҳо дар рӯъё буд. Ба сайр шаҳр ҳам, ки аз рӯйи одати ҳамешагии худ баромада буд, ҳамин рӯҳияи боландаро дошт. Ва бо дидани манзараи нохуше ба вокеияти зиндагӣ баргашт. Айшаш мунағғас гардид: Шутури масте миёни киштзори хуррам мастона мечарид.

Амир Исмоил: Бифаҳмед, ин шутури кист, ки киштзорашро хароб мекунад.

Чанд сарбоз паи амр рафтанд. Шутур аз ишон рамид, дигар бедод мекард. Шутури маҳоргусехта бар рони хешдоғи амири Хуросонро дошт.

Амир Исмоил (*ба сарбозе*): Биштоб, сорбонро изҳор кун!

Сорбон савор бар ҷамозае бимнок омад. Амир Исмоил аз хашм бекарор буд. Тайёр буд хашми хешро бар сари ӯ бирезад. Сорбон худ гумкардаву музтариб менамуд.

Амир Исмоил: Шутури ман дар киштзори мусулмонон чӣ мекунад?!

Сорбон (бо харос): Ба арвоҳи падарам савганд ин шутур аз дӯш боз рамидааст. Ва ман то акнун дар талаби ӯ будам.

Амир Исмоил: Ба ҳар чо ки адлу инсоф нест,он ҷо дузах аст! Агар ин бедод аз шоҳ бошад ,худо худаш нигоҳ дорад! Ин бор узратро пазируфтам. Мувочиби кори хеш бош. Соҳиби киштзорро биёваред.

Ӯро оварданд. Аз тарс меларзид.

Амир Исмоил: Шутури ман дар киштзори ту рафта харобӣ кардааст.

Зореъ: Медидам.

Амир Исмоил: Пас чаро монеъ нашудӣ, ки ба киштзорат харобӣ наёварад?

Зореъ: Дар ӯ доғи шоҳамро шинохтам ва ҷуръат накардам, ки онро аз киштзор берун кунам.

Амир Исмоил (*ба ҳамроҳонаш менигарад*) : Ал-амон, аз зулми шоҳон ал-амон! Муртакиб шумо мешавед, вале назди худованд маро мебояд ҷавоб гуфт. (*ба Зореъ*) Зарареро, ки шутури мо дар киштзорат овардааст,баён кун.

Зореъ: Ман хушбахтии хеш мешуморам, ки шутури шоҳи Хуросон ба киштзори ман даромадааст.

Амир Исмоил (лабханд мезанад): Замини киштат бисёр аст, ки ин қадар валиниъмати мекунӣ?

Зореъ: Фақат ҳамин.

Амир Исмоил: Дигар манбаи таъмини рӯзгоратро дорӣ.

Зореъ: Не, амирам.

Амир Исмоил: Ту фақат ҳамин мулк дорӣ, вале шоҳи Хуросон коргузорони бисёр. Агар ишон ҳар кадоме чунин харобӣ ба мулки раоё ованд, чун мешавад?

Зореъ музтару хомӯш мемонад.

Амир Исмоил: Кишвар хароб мешавад! Ман назди худованд ҷавоб медиҳам, ки бо ҳангоми аморати ман, бо гуноҳи ходимони ман фарзандони фалонӣ ибни фалон гуруснагӣ кашиданд. Агар ту гузашт мекунӣ, ман наметавонам. Ҷавоби як қатра ашки фарзанди ту барои ман муш-

кил аст. Зарарро баён кун.

Зореъ: Сӣ дирам...

Амир Исмоил: Изъофи он диҳед.

Зореъ он рӯз ва рӯзҳои дигар низ аз ин ҳодиса рӯҳияи боланда пайдо карда буд. Бовараш намеомад. Ӯ аз адолати шоҳон бисёр қиссаҳо шунидаву хонда буд, вале надида буд, балки ҳеҷ касро чунин саодате муяссар нагардида буд. Ҳар рӯз чунин ҳодисае воқеъ намешавад. Агар чунин воқеаҳо ҳар рӯз имконпазир мебуданд, қиссаи шоҳ Исмоилу Зореъ вирди забонҳо намегардид. Мардуми шаҳру деҳистон ба ҷуз ҳикоят кардани ин ҳодиса гӯё дигар коре надоштанд. Ва худи ҳамон рӯз воқеаи дигаре ба вуқӯъ пайваст, ки мардумро беш аз пеш шигифтзада сохт. Ҳинне ки амир Исмоил дар шаҳр гардиш мекард, мардум харбандаи ӯро пешандоз карда ба наздаш бурданд ва нолиданд. Амир Исмоил ба хашм сӯи харбанда нигаристу гуфт:

—Туро музд хаст?

Харбанда (бо тарсу ҳарос): Ҳаст.

Амир Исмоил: Мунодии ман нашнидӣ?

Харбанда: Шунидам.

Амир Исмоил: Пас чаро ба полизи раъияти ман андар шудӣ ва зиён кардӣ?

Харбанда: Хато кардам.

Амир Исмоил: Ман аз баҳри хатои ту ба дӯзах натавонам рафтан. Барои ибрати дигарон дасташ бибуред, дар шаҳр бигардонед ва мунодӣ кунед: Бо ҳар касе ки хилофи раъйи амир амал мекунад, дар моли раоё дастдарозӣ мекунад, ба чунин ҷазо гирифтор мешавад.

Фармони шоҳро худдом дар ҳол ба маърази ичро гузоштанд. Харбанда ҳеҷ гумон накарда буд, ки ғафлаташ аз хари хеш ӯро ба чунин ҷазои саъб гирифтор месозад. Ба соҳибони зиёъ писханд зада буд, ки ба беҳуда хешро ранҷа месозанд. Дигар аз тарс ранг дар рӯяш намонда буд. Шокиён низ аз кори хеш пушаймон шуданд ва тарс бар мардум муставлӣ гардид. Онҳо, яъне мардуми шаҳр аввалин бор буд, ки бо муҷримон чунин муносибат карданро медиданд. Лашкарии Рофеъ бинни Ҳарсама агар шаҳреро ба ғорат мебурд, бе ҷазо мемонд. Хоразмиён низ аз аъроб бадтар берахму золим буданд. Ва рафтори онҳо бо раоё ҳамчун амри мусаллам пазируфта мешуд ва мардум ба ин тарзи муносибат хӯ гирифта буданд; боид чунин буда бо-

шад! Вале амир Исмоил ҳатто бар харбандааш гузашт накард, чӣ расад, ба лашкарӣ! Ва ё пояи адл бо зулм гузошта мешавад?! Зулмро бояд бо зулм фурӯ нишонд! Дар акси ҳол адолате буруз нахоҳад дод. Хишти биҳиштро аз хокистартудаҳои дӯзах мебояд рехт!..

Амир Исмоил ҳарчанд ба қаҳр ҳукми харбандааашро бароварда, вале ғамгин шуда буд. Ӯ ба ёди фарзандони ин муҷрим афтод, дилаш ба ҳоли ишон сӯхт. Вале чӣ чора?! Агар пеши роҳи зулм гирифта нашавад, густариш меёбад. Он гоҳ бар ҳамагон мушкил мегардад. Зиндагӣ бесамар хоҳад шуд. Ӯ ба ин хотир ба роҳ баромадааст. Ӯ меравад, ки дасти зулмро кӯтоҳ кунад. Қатъ кунад! Ӯ меравад, ки диёри аҷдодашро бубинад, бо наберагони Меҳрон, ба амузодагонаш ошно шавад.Ин Нӯшрадӣ меравад то ба фарзандони Меҳрону Шопуру Баҳроми Чӯбин хешро бишносонад, нишон диҳад, ки номи Нӯшрад - он ҷадди аълои хонадони сомонӣ аз дафтари рӯзгор сутурда нашудааст. Ӯ омадааст, ки он шукӯҳи аз даст рафтаро аз нав муҷалло кунад. Мардуми ин сарзамини паҳновару шукӯҳмандро дар орзуву умедҳои хеш мутмаин созад: Баҳроми Варҷованд дар роҳ аст! Ман омадаам ки ба шумо эълом кунам: Ҳар кас такрори ҷадди худ аст! Навмед набошед, бар аспи шукӯҳманди орзуҳои хеш зин занед. Он шукӯҳманд, он род, он тачассумгари дод, балки худ Дод дар роҳ аст! Гирди ман ҳалқа занед. Ман худ паёмовари ин навид ҳастам. Дигар навидан бас аст! Эй такрори такрори такрорҳои пуршукӯҳ, бар аспи сафеди орзуҳо зин занед! Ҳанӯз ки киштзорҳои хуррами шумо ба пуррагӣ дастхуши торочи малаххо нагардидааст, ҳанӯз ки тани тавонои шумо аз газанди шабушкҳо осеб надидааст, бар аспи шукӯҳи орзуҳо зин занед! Дигар як нафас фурсати таъхир нест.

—Ба роҳ!

Табли ҳаракат навохта мешавад. Ҳанӯз ки зулму бедод густариш наёфтааст бояд саркуб шавад, решакан шавад! Амир Исмоил аз дарвозаи Гургон Марврро ба қасди Рай тарк гуфт. Мардуми шаҳр шоҳи Хуросонро бо бардошти дугона гусел карданд. Ва бузургону начибзодагон як манзил аз пасаш рафтанд. Амир Исмоил ҳангоми видоъ ба ишон гуфт:

—Зинҳор бо мардуми хеш зулму бедод раво мадоред. Подоши зулм зулм аст!

Тири аз камончастаро намешавад пас гирифт. Бигзор ин

сусморхорҳои лавандшуда ҳар чӣ мехоҳанд бияндешанд. Бигзор фикр кунанд ва ҳатман хоҳанд кард, ки амир Исмоил хилофи наси китоби осмонӣ сухан мегӯяд. Вале бурӯз нахоҳанд дод. Медонанд, балки мефаҳманд, ки дигар он замонҳо гузаштааст. Имрӯз маволӣ мулло шудааст. Ин маволӣ аст ки дигар рамӯзи каломи ишонро шарҳ медиҳад, набудаҳоро меёбад, тачрибаи таърихии худро ба ишон нисбат медиҳад. Афсӯс ки дар Марв асилзодае намондааст ва ё аз ишон ҳар кӣ чон ба саломат бурд, аз ин диёр фирор намудааст. Ва ё ҳастанду чунон пинҳон шудаанд, ки ба чароғ наметавон ишонро пайдо кард. Сабр кунед, ман шуморо аз хафолҳои хеш берун хоҳам кашид! Ва амир Исмоил банохост ба Ҳамӯя ибни Алӣ, ки аз бараш мерафт мегӯяд:

—Ачиб аст, дар ишон аз арабӣ чизе намондааст. Ба лаҳни мардуми Хоразм сухан мекунанд!

Ҳамуя: Аз букаламуни диёри хеш ирс гирифтаанд.

Амир Исмоил лабханд мезанад, то дер гоҳ хомӯш мемонад ва боз бегумон, ба мисли он ки бо худ ҳарф мезада бошад, мегӯяд:

—Баъзан ба худ фикр мекунам, ки он аъробе, ки даҷ Хуросон, хусусан Бухорову Самарқанд, Марву Нишобур, Балху Ҳирот чиҳод карданд ва ба қавли расули худо хусусан дар Бухоро он қадар шаҳид шуданд, ки ба рӯзи растохез аз зери суми аспе ҳафтод ҳазор аламбардор мехезад, кучо шуданд?

Ҳамуя: Шаҳид шуданд!

Амир Исмоил: Бояд зиндаҳош дучандон монда бошад. Ту хоҳӣ гуфт ки боз ба сарзамини Ҳичоз баргаштанд? Вале ин тавр нест. Аз рӯзи аввали истилошон ба ишон ваъдаи кишварҳои обод медоданд ва ишон дар ин сарзаминҳо дунболи биҳишти мавъуд мегаштанд. Ҳеч имкон надорад, ки онҳо ин биҳиштро бигзоранду биёбони бе обу гиёро авло бишморанд.

Ҳамуя: Он қадар бурданд, ки метавон биёбонро бӯстон гардонд.

Амир Исмоил: Ин тавр нест. Ғаризаи одамӣ ҳамеша осоиш мечӯяд. Юниҳо низ дар ин паҳноҳои ободу хуррам гум шудаанд ва ё ифтихор аз ин сарзамин кардаанд. Юниҳо аз арабҳо хубтар набуданд. Балки арабҳо тачрибаи ишонро такрор карданд.Ин сарзамин ҳамеша худро бо

хуни ғосибон рангин кардааст ва дар фарҷом барояшон муқаддас гардидааст ва бо ин бақои миллати моро таъмин сохтааст. Ҳеҷ сарзамине дар таърихи хеш инчунин тачрибаро надоштааст. Мефаҳмӣ, ҳеҷ кишваре, ҳеҷ милате! Мо чизе дорем ки ҳеч ғосиби мо надорад ва ногузир аст онро бипазирад, бар он арҷ ниҳад ва онро барои худ оини зиндагӣ бисозад, муқаддас гардонад. Оё медонӣ, ки ин чист?!

Ҳамӯя: Ин қазия боре ҳам аз хотирам хутур накардааст.

Амир Исмоил: Ман тамоми умр сари ин қазия андешидаам. Ин азимату шукӯҳи гузаштагони ин сарзамин аст. Як гузаштаи ҳамеша ифтихорангез, шукӯҳманд! Ҳоло аз роҳи Деҳистон мегузарем. Фақат як худи ин русто он қадар бузургони таърихи моро додааст, ки ҳеҷ кишвари дигар надода. Ҳар хонадоне ки дар тӯли ҳазор сол дар ин сарзамин ҳукумат кардаанд ва бо фазлу ақли ботадбири хеш ин сарзаминро муҳташаму азамат бахшидаанд. Имрӯз ҳам аз дудаи ишон касе бояд бокӣ монда бошад. Онҳоро бояд пайдо кард. Онҳо ҳатман дар Табаристон бояд бокӣ монда бошанд.

Ҳамуя: Нашнидаам.

Амир Исмоил: Испаҳбад Шаҳриёр писари Подусиён ва маликулҷибол Испаҳбад Шарвин писари Рустам ибни Қорун.

Ҳамуя: Магар ишон дар байъати нашри Дой нестанд? Ва ё Муҳаммади Ҳорун? Гумон намекунам, ки исёни Муҳаммади Ҳорун дар як майдони холӣ ба вуҷуд омада бошад?

Амир Исмоил: Аз он ҷое ки ман иттилоъ дорам миёни Зайдиҳо ва испаҳбадон як халои хусумату душманӣ вуҷуд дорад. Испаҳбад Рустам писари Қорунро ки маликулҷибол буд. Рофеъ ба ҳила асир гирифт ва тамоми наздиконашро укубат кард, молу мулкашонро ба зулм гирифт ва худашро ба зиндон партофт то дар он ҷо фармон ёфт. Имрӯз мулки ишон дар тасарруфи Носири Кабир ва ёрони ӯ карор дорад. Дигар ин ки тарафдорони Носир, яъне содоти алавӣ тамоми молу мулки наҷибзодагони Табаристонро тасоҳиб шудаанд.

Ҳамуя: Пас мардуми Табаристон аз вуҷуди эшон хушнуд нестанд?

Амир Исмоил: То андозае ҳамин тавр аст. Содот аз яке

гирифтанд ва ба дигаре бахшиданд. Он нав ба давлатрасидагон аз ишон пуштибонӣ мекунанд.

Ҳамуя: Пас вазифаи мост, ки ҳақро ба ҳақдораш қарор диҳем.

Амир Исмоил: Бегуфтугӯ! Вале алҳол ишонро бояд пайдо кунем. Ба ишон одам монед. Ман дар шаҳри Гургон бо онҳо мулоқот кардан мехоҳам. Бо ҳар кадоме аз ишон мулоқоти мустақими сипаҳсолори Хуросон ҳатмист.

Дар ин фармони амир Исмоил бисёр нуктаҳо барои Ҳамӯя ибни Алӣ, ки басо марди фозилу кордон ва донишманду тадбиргар буд, тира менамуд. Чаро амир Исмоил ин корро на ба Абулаббос ибни Муҳаммади Нӯҳ, балки ба зимаи ӯ гузошт. Ҳанӯз касе ба сипаҳсолории Хуросон тасдиқ нашуда буд. Даъвогарон хеле зиёданд. Сараш гиҷ рафта буд, вале дар нимароҳ барояш рӯшан гардид, ки муроди шоҳи Хуросон чист. Вале ҳанӯз дар хусуси маъмурияти вазири барид чизе барояш маълум набуд. Нияти шоҳонро ҷуз худованд каси дигаре намедонад.

Амир Исмоил дар Гургону Сорӣ таваққуф накард. Ба Омул омад, вале вориди шаҳр нашуд. Дар мавзеи хушманзари саҳрои Лайконӣ бифармуд чодар заданд. Бузургони шаҳр ба мулоқоти ӯ меомаданду мерафтанд, вале амир Исмоил ба ишон эътимод намекард ва аз кирдори Муҳаммади Ҳорун ва содоти алавӣ пурсон мешуд. Вале дар ахбори ишон аз худ вокунише нишон намедод: Фақат ӯ омадааст, ки ҷомаи исиёнро ба мотами Носир бикашад! Кораш дигар тафаҳҳус дар Табаристон буд, то ин ки Ҳамӯя бо испаҳбадони ҷабрдида ба хизматаш расиданд. Амир Исмоил аз Испаҳбад Шаҳриёр писари Подӯсиён ва Испаҳбад Шарвин писари Рустам писари Коран ва бародарзодааш Апарвиз, ки ҳанӯз бар оини аҷдодӣ содиқ монда бударданд, хуш пазирой кард ва ишонро бо лутфу эҳтиром бинвохт. Ишон ҳанӯз дар Табаристон ҳавохоҳони зиёде дошт.

Амир Исмоил: Ҷаҳон то ҳаст гирдгардон бувад. Хонадонҳо ба ҳам мерасанд ва боз аз ҳам пароканда мешаванд. боз бо ҳам меоянд. Дар тӯли ин ҳазор сол магар кам будааст, ки хонадонҳои Меҳрону Корану Исфаҳбадон ба ҳам омада бошанду боз аз ҳам дур гардида?! Ва имрӯз ҳам ин се хонадон сари як хон гирд омадаанд, то масъулияташонро, вафодориашонро дар баробари меҳани хеш нишон диҳанд. Ин сарнавишти мост, сарнавишти ин хонадонҳо!

Марздориву точгузориву точдорӣ кори мо будааст. Аз Ашки аввал то ба Яздигурди охир!

Аҳли мачлис аз ин ахбор ба шигифт меафтанд, такон мехӯранд, бедор мешаванд, ба риққат меоянд. Лахзаҳо мегузаранд, вале ҳеч кас тавони ҳарф заданро дар хеш намеёбад. Фақат ашки шодӣ баёнгари ҳоли ишон буду бас! Онҳо ҳамдигарро аз сари меҳр, бидуни буруз додани эҳсосот, лолу гунг ба оғӯш мекашиданд, ашки ҳасрат мерехтанд: Худоё, худовандо, магар ин кор мумкин аст?!! Оё мумкин аст!?? Ин нидои машкуке буд, ки аз ниҳонхонаи ҳар андешае, ҳар диле буруз мекард. Бовар карданӣ нест, ки пас аз садсолаҳо хонадонҳои масъули ин сарзамин, пас аз мунфарику пароканда шудан, пас аз афтоданашон аз авранг боз ба ҳам чамъ оянд! Эй додори додгар, доно ба ҳар роз туӣ!

—Фурсати он аст, ки раҳгумзадагон ба асли хеш баргарданд.

Амир Исмоил пай бурд, ки аз сухани ӯ бардошти дугона мекунанд, тавзеҳ дод:

—Хохиш мекунам, сухани маро дуруст фаҳмед. Он ба шахсиятҳои алоҳида аз баъзе хонадонҳо тааллуқ дорад.

Дар вокеъ амир Исмоил бовияҳоро дар назар дошт, ки ба Носири Кабир байъат карда буданд ва ҳукумати ӯро дар Дайламу Гелон пуштибонӣ менамуданд. Дар иттиҳоди Муҳаммади Зайд ва Рофеъ ибни Ҳарсама бар зидди Амри Лайс Муҳаммад ибни Ваҳсудон ва Алӣ ибни Сурхоб (Сухро) бо алавиён буданд ва имрӯз фарзандони ишон бо Носири Кабиру Муҳаммади Ҳорун муттафиқ гаштаанд. Дар фарчом амир Исмоил Исфаҳбад Шаҳриёр писари Фодусиён, Шарвин писари Рустам писари Корун ва бародарзодааш Апарвезро хилъатҳои шоҳона пушонд. Ва фардо дар шаҳрҳои Табаристону Гургон мунодӣ карданд, ки Амир Исмоил омадааст то ҳакро ба ҳақдораш бирасонад...

—Ман умедворам, - ба испаҳбадон мурочиат намуд амирИсмоил, — дар ин кор ба ман кӯмаки хешро дареғ намедоред. Мо тасмим гирифтаем, ки аз дасти содот, ки ба тагаллуб амлоки қадимаи аҳли Табаристонро ситондаанд, боз ба сохибони аслиаш баргардонем.

Шарвин: Содот ошӯб хоханд кард.

Амир Исмоил: Мо дар ин чо Хукми адлро мебарорем,

то мардуми ин вилоят ба ҳар иғвое дода нашаванд, барои як порча нони биринчӣ ба ҷони ҳам дар наафтанд, сулҳу осоиш баркарор гардад, то мардуми ҷабрдида ба кору бори созандаи хеш баргарданд. Мо фардо якҷоя ин ҳукмро содир мекунем.

Шарвину Шаҳриёр аз назди амир Исмоил омадан ҳамин муродро доштанд, вале хуб шуд ки худи ӯ ин масъаларо ба миён андохт. Ин ҳамон фурсате буд, ки онҳо метавонистанд амлоки хешро бозситонанд ва аз душманони ҷониву мазҳабии худ қасос бигиранд.Вале ҳадафи амир Исмоил аз ин амал ба ҷанг кашидани Носири Кабир ва муттафиқонаш буд. Мехост бо як тир ду нишон занад. Ӯ медонист, ки Доии Кабир ба ин иҳонат ва хоргирӣ муросо карда наметавонад ва хурӯҷ хоҳад намуд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Абӯмуҳаммад Ҳасан ибни Алӣ мулаққаб бо Носири Кабир ба Дайламу Гелон бо шиори хунхоҳӣ аз "Доиюлҳақ Муҳаммади Зайд хурӯҷ кард. Бо мардуме зиёд рӯй ба Омул ниҳод. Мардуми Омул ба куллӣ гирди амир Исмоил ҷамъ омаданд. Амир Исмоил фарзандаш - Аҳмад ибни Исмоил ва писарамуяш - Абулаббос Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Нӯҳро ба масоф фиристод. Исфаҳбад Шаҳриёр писари Подӯсбон ва Шарвин писари Рустам писари Коран, мисли анъанаи қадим бо сипоҳи хеш дар ҳайати лашкари Абулаббос Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Нӯҳ ширкат варзиданд. Лашкарҳо дар мавзеи Фалос ба ҳам расиданд. Сипоҳи Носири Кабир ва муттафиқинаш ҷуз сипару зубин, ки одати қадимаи мардумони Табаристону Дайлам буд, дигар намуд силоҳе ҳам надоштанд. Дар миён ҷангҳои сангину хунине сурат гирифт ва даёлама ҳазимат шуданд. Носири Кабир бо талаф додани ду ҳазор сарбоз ва падари Мокони Кокӣ ва падари Ҳасани Фирӯзон ки мулуки Гелону Дайлам буданд, ба Дайламон гурехт. Баъди ин пирӯзӣ дубора тамоми Табаристон мутеъи қалamрави Сомониён гардид. Амир Исмоил ин вилоятро ба писари аммааш Абулаббоси Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Нӯҳ ибни Асад, ки "марде бо сирати ҳасана" буд, супурд ва испаҳбад Шаҳриёр ибни Подусбонро сипаҳсолору мушовири ӯ таин кард ва Гургон ба писараш Аҳмад ибни Исмоил дод ва мулки Шарвин ибни Рустамро баргардонд.

Амир Исмоил чун аз ин ҷониб фориғ шуд ба талаби Муҳаммади Ҳорун ба тарафи Рай ба роҳ афтод ва бузургони шаҳри Омул ба гуселаш баромаданд. Ӯ ҳангоме ки бо фар-

зандашу писари амакаш видоъ мекард, дар хузури хама ба Ахмад супориш дод, ки:

—Ту ханӯз чавонӣ ва дар идора кардани умури вилоят аз Абулаббос Абдуллох, ки "марде боақлу киёсат ва фазлу диросат ва сирате хасана" хастанд, дастур бигир, ва дар хар амре аз ишон итоат намой!

Вале ин насихати падар ба иззати нафсаш расида буд ва ин боис гардид ки боқии умр бо ӯ хусусмат варзад ва ӯро аз худхохиву баландназарӣ, ки хоси хӯи чавонист, нодида бигирад.

—Дар ёд бидор, ки худованди таоло ин амирӣ бар ту рӯзӣ гардонд ва хукм бар бандагони худо рондан басо саъб асту масъулиятдор. Корест хатарнок. Бояд ки амир худойтарс бошаду порсо, то бандагони худо аз ӯ пуштибонии хешро ёбанд. Дар акси хол чунин амирро дар байни раоёи кишвар хурмату эхтиром набошад ва хеч касе бар ӯ эътимод накунад. Ва дар садади он бош ки ононро бо адлу доду диҳиш бар хеш мушфику мехрубон гардонӣ, то рӯзе мушкиле ба сарат ояд, онхо ба тараф дорит бархезанд. Ин фазилатро метавон фақат аз роҳи илму донишу хирад ҳосил намуд. Дӯстдори илм бошу мардони хирадманд. Бо факехон мадоро кун, ки сухани ишон миёни мардум коргар афтад. Дар кори мазҳабиву фирқахо дахолат макун, чуз аз роҳи машварат...

Амир Исмоил то ба роҳ баромадан фарзандро насихат медоду зинҳор. Ва аз Абулаббос Абдуллох ибни Мухаммад такозо намуд, ки мувозиби фарзандаш бошад: Ҳар чӣ ройгон ба даст меояд, ройгон ба бод меравад! Мо на барои он сохтаем, ки ишон вайрон кунанд. Дар эъмори ин бино умри наслҳо сарф шудааст. Мо бояд ба гузаштаву ояндаи кори хеш масъул бошем... Ман хам мехоҳам бедарди сар, конеъ ба обу ноне ва ба мисли хама аз як зиндагонии хусусӣ бархурдор бошам. Боваркарданӣ нест, вале ман баъзан аз як дарвеши бесарупое хасад мебарам. Хушо ба холи ононе ки фақат масъули худ хастанд... Замони ифтироқи мо хам расид...

Ашкашро пок мекунад. Ҳеч гох фикр накарда буд, ки хамчунин рӯзе ёрони чавонӣ аз хам чудо мешаванд: яке ба Самарқанду дигаре ба Омул! Худо нигахдор!.. Ва ба аспи сафеди хеш махмез мезанад, ба суръати бод дур мешавад. Абулаббос Абдуллоҳ ибни Муҳаммад бо дили шикаста то дер гох ба губори таки аспи амир Исмоил менигарад. Во-

қеан онҳо пир шудаанд... Тан ба ризои қазо мебояд дод! Аз ин раҳ на фақат онҳо омадаанду мераванд! Ҷадди аълошон Баҳром низ аз ин роҳ омадааст. Ва имрӯз навобаи ӯ аз ин роҳ мераванд.

Ва шаҳри Рай бимнок аст... аз он ки осиеро ба хиёнату исён суқ додааст; аз он ки сипаҳсолор Аҳмад ибни Саҳлро аз карда пушаймон гардондааст: Осиён ба ҳар ду олам сияҳрӯянд!

Ва Муҳаммади Ҳорун бимнок аст... аз он ки доии алавиёни Дайлам ҳазимат шудаву ба ҷангалистони анбуҳи Мозандарон паноҳ мебарад; аз он ки ӯ дигар ҳокими Табаристон нест; аз он ки сипаҳсолор Аҳмад ибни Саҳл аз ӯ гурехтаву ба лашкари Хуросон пайвастааст: Хиёнатро хиёнат гӯр аст, Ҳорун! Фотеҳи Хуросон шоҳ Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад, ибни Сомон, ибни Нӯшрод ибни Баҳроми Шӯбин ибни Мехрон меояд! Аз роҳи ҷадди аълои хеш Баҳром меояд! Мавъуди Ironзамин аз Ҳиндугон меояд! Худовандо, ӯро Нусрат бахш!

Мурдаи ғуломони бани Аббос бар сари дор тачзия шудаанд, аз сарири хеш афтидаанд!

Ва шаҳри Рай буйи ганди мурдаҳо гирифтааст!

Ва илми Муҳаммади Розӣ беилоҷ мондааст!

Кирми чашмони Укартамишу фарзандонаш мор шудаанду бар хафоли ҷамҷамаҳо хазидаанд!

Ва мӯзиҳо шаҳрро фаро гирифтаанд.

Ва Муҳаммад Ҳоруни Сарахсӣ дар бими раҳоӣ...

Амир Исмоил: Ман гумон надоштам, ки ту бар мо осӣ шавӣ.

Аҳмад ибни Саҳл: Ӯ аз мо пинҳон медошт.

Амир Исмоил: Аламу либосаш ҳам пинҳон буд?

Аҳмад ибни Саҳл: Ӯ мегуфт: мо бад-он хотир ҷома дигар мекунем, ки амиралмуъминин Мӯътазид биллоҳ аз амир Исмоил ибни Аҳмад бадгумон нашавад. Мо бо номи алавиёни Дайламу Гургон сарҳадоти кишвари оли Сомонро вусъат мебахшем...

Амир Исмоил: Каломат ифшогари дурўғат аст. Ман намедонам, дигар ба ту чун бовар кунам.

Аҳмад ибни Саҳл (хиҷолат кашида): Агар шоҳам аз гуноҳам бигзаранд, ман дар масоф бо Муҳаммади Ҳорун садоқатамро ба шоҳам нишон хоҳам дод.

Амир Исмоил: Вазъи лашкараш чун аст?

Ахмад ибни Сахл: Аз ғалабаи шоҳам бар доии алавӣ ба ҳарос уфтодаанд. Тарс бар эшон муставлӣ гардидааст.

Амир Исмоил: Бе сипоҳи ту бо ӯ чӣ қадар сарбоз мондаст?

Ахмад ибни Сахл: Ҳашт ҳазор. Ба ҷуз як ҳазор дайламӣ, мо бақӣ майли ҷангидан бо сипоҳи шоҳамро надоранд. Ва он ҳазор нафар ҳам ба шубҳа афтодаанд.

Амир Исмоил: Модом ки чунин аст, чаро бо ту ҳамрох нашуданд?

Ахмад ибни Сахл: Аз бими ғазаби шоҳам, ки бар эшон гузашт нахоҳанд кард.

Амир Исмоил: Чаро ту бим накардӣ?

Ахмад ибни Сахл: Бехтар он донистам, ки ба ғазаби шоҳам гирифтор бошам нисбат ба он ки дар муқобили ишон шамшер кашам.

Амир Исмоил: Пас маълум мешавад, ки аз аввал бар мо осӣ шудани Ҳорунро медонистӣ. Худо накунод, агар мо дар муқобили доии алавӣ мунҳазим мешудем, ту ҳеҷ гоҳ ба тарафи мо намегузаштӣ.

Ахмад ибни Сахл: Савганд ба номи худое ки маро халқ кардааст, ҳамеша дилам хиҷил буд. Ман гуноҳи хешро дар масоф бо ӯ ҷуброн мекунам.

Амир Исмоил: Магар гуноҳ ҷуброн мешавад? Ин ҳам ба монанди даъвии Носир аст.

Ахмад ибни Сахл: Савганд ба номи худое ки маро халқ кардааст, ман дар ин масоф гуноҳамро бо хуни хеш хоҳам шуст.

Ҳамуя ибни Алӣ механдад. Амир Исмоил аз ҳоли низори ӯ лабханд мезанад. Ахмад ибни Сахл ҳис мекунад ки ӯро масқара мекунанд,сар ба зер афканда, хомӯш мемонад.

Амир Исмоил: Он кас ки як бор хиёнат кард, бори дуюму сейум ҳам мекунад. Ин пандро Муҳаммади Ҳорун ба мо биёмӯзонд. Бигзор гуфтаи ту шавад. Туро ҳам меозмоем: Рӯзи аввал ту масоф хоҳӣ дод.

Ахмад ибни Сахл худро ба пои амир Исмоил мепартояд. Аз шиддати риққат ашк дар чашмонаш ҳалқа мезанад.

Амир Исмоил: Бархез, ин амал шоистаи як озода нест.

Ҳамуя: Аз касрати ғуломони турк дар сипоҳ ин хӯй бар озодагон ҳам ориз шудааст. Дигар лозим меояд, ки ин хӯйи пастро бо зарбати тозиёна аз замири ишон бадар кунем.

Амир Исмоил механдад, дигарон аз ӯ пайравӣ мекунанд. Ҳамӯя ибни Алӣ боз хашмингин мешавад.

Ҳамуя: Ман мазоҳ намегӯям!

Амир Исмоил: Пас хӯйи хиёнат кардан аз касрати чист?

Ҳамуя: Аз касрати ғаррагӣ... аз касрати дарки Озод будан, худрой будан...

Амир Исмоил: Пас ин хӯй низ бад аст. Ин хӯй тафриқаву тақзия шудан меоварад, ки самарааш бардагӣ хоҳад буд! Ин ҳис аз касрати нодонист! Бехабарист! Ноогоҳист! Ҷаҳолат аст!

Амир Исмоил низ хашмин мешавад. Якбора ҳама ба чеҳра никоби ҷиддият мекашанд.

Амир Исмоил: То ба хашм омадан, ҳиммат гуморед, мадрасаҳо кушоед, ҳар шаҳристони ин кишварро Бағдод созед. Чаро аз он ки мардум бесавод мемонанд ба хашм намеоед? Таҳсили илму маърифат, бояд маҷбурӣ бошад. Ҳама Муҳаммади Розӣ нест! Дигаронро ичборан тарбият мебояд кард! Он гоҳ аст ки хашмин шудани шуморо аз як амали ношоист метавон ҳамчун як амри мусаллам пазируфт. Дар акси ҳол ҳар гуна вокуниш боиси ханда аст! Аввал мебояд мадраса сохт ва аз он пас масгит! Ба масгит касе меравад ки худро шинохта бошад. Худшиносӣ ба илм муяссар мегардад. Мӯъмини худогоҳ худошинос аст, худотарс аст. Худошиносӣ аз роҳи инфиродӣ ҳосил мегардад. Хушбахтона соҳиби китобу коғаз ҳам ҳастем. Ин масъулият аст! Масъулияти бо ҳама чизро доштан худро ба кадом сурат мешиносонем!.. Китобхонаҳои мо пур аз китоб аст. Аъроб натавонистанд ҷумла китоби моро ба коми обу оташ андозанд. Ин амали зишту худобехабарона буд. Вақте ки ба он ниёзманд шуданд, дигар дер шуда буд, дигар пушаймон шуда буданд. Умавиҳо ҳар чанд тафриқа андохтанду моро хор шуморданд боз бе мо будан натавонистанд. Ин китобҳо бояд самар бахшанд, мағзҳои китобзой бизоянд. Дар ин сафар кӣ китобхонаи Марврро дид? Ҳеҷ кас! Ҳиммат гуморед, агар чунин ифтихоре доред, ба он ҷо толибилмонро фиристед, бо ҳазинаи худ ишонро тарбият кунед! Бо донистани ду-се ҳарф намешавад худоро шинохт, бо хондани фақат як китоб наметавон олим буд! Ачиб он аст, ки дар ин китобхонаи бузург як мусулмон намеёбӣ. Ҳама габру зандиқу муғу тарсо! Фақат онҳо кохи илмро бо омӯзишу дониши хеш боло мебаранд... Бо як

хишт намешавад бино кард! Беҳуда! Мо ба фахрфурӯшии хеш овора! Чӣ беҳуда! Хастакунанда!.. Омодагӣ бинед, фардо рӯзи масоф аст...

Ҷанг ду рӯз давом кард. Одамони амир Исмоил дар набардгоҳи лашкари Муҳаммади Ҳорун мунодӣ мекарданд, ки амири Хуросон бар осиён гузашт хоҳад намуд. Хоҳ таъсири ин мунодиҳо буд ва ё худ фаҳмидани бемаънигии дар баробари амир Исмоил алам боло карданд, ки сарбозон гурӯҳ-гурӯҳ ба лашкариёни амир Исмоил мепайвастанд. Аҳмад ибни Саҳл ки дар қалби лашкар мечангид, барои шустани гуноҳонаш басо мардонагӣ нишон медод. Сипоҳиёни майманаву майсара, ки таҳти фармондихии Ҳамуя ибни Алӣ ва Абусолеҳ Мансур ибни Исҳоқ ибни Аҳмад амал мекарданд, ҳалқаи муҳосираи лашкари Ҳорунро торафт тангтар мегардонданд. Сипоҳиёни Испаҳбад Шарвин писари Рустам ҳанӯз ичозаи масоф додан наёфта буданд ва барои лаҳзаи "мабодо" нигоҳдорӣ мешуданд. Амир Исмоил ки аз баландие ба ин набард назора мекард, аз ҷангидани сипоҳиёнаш розӣ буд.

Ҳокими маъзули Табаристон дар майдон наменамуд. Шояд ӯ ҳам аз ҷониби муқобил ба ҷанг наззора мекард. Вале бегоҳ маълум шуд, ки Ҳорун бо ҳазор сарбози дайламӣ ҷониби Қазвин гурехтааст. Амир Исмоил бедиранг ба таъқиби ӯ бародарзодааш Абӯсолеҳ Мансурро, ки худро дар ҷанг нишон дода буд, фиристод.

—Зинҳор, ба сипоҳиён бифаҳмонед, ки бо мардуми шаҳр ва молу маноли ишон дастдарозӣ накунанд. Ба ин мақсад ишонро маош медиҳем, ки инкора набошанд.

Муҳаммади Ҳорун дар Қазвин таваққуф накард, ба Зинҷон рафта аз он ҷой ба Дайлам паноҳ бурд. Ва сарбозонаш дар кӯҳҳову ҷангалҳо пароканда шуданд, то ҷони худро ба саломат ба хонаҳошон бирасонанд.

Дигар хабари ғалабаҳои охири амир Исмоил дар Ирак (Ирок) паҳн шуда буд. Мардуми Рай ӯро бо ҷадди аълояш Баҳроми Шӯбин муқоиса мекарданд! Ва тасалло меёфтанд.

Амир Исмоил:

Амир... дар маҳалле ки ба Қазвин расид, ҳангоми иртифоот буд ва дар он иртифоот шоҳҳову меваҳои раз фаровон. Лашкариёнаш хӯшаи ангуре аз касе талаб накардаенд ва фақат гоҳе ба зар мехариданд...

Баҳроми Шӯбин:

Ҳеҷ як аз сипоҳиёни ӯ (Баҳром) ба тасарруфи моли мардум, ҳатто ба андозаи хардале таваҷҷӯҳ надоранд...

Амир Исмоил ҳам ба мисла ҷадди аълояш фақат дар баробари бедод золим буд. Ӯ дар ин амр, ҳатто ба умарояш бовар намекард. Худаш мерафт, ки қазоват кунад. Ба рӯзҳои яхбандони зимистон ки рафту омади мардумон мушкил мешуд, ба чое мебаромад ки иртиботи мардум бо вай саҳлтар бошад. Ӯ ба ин мақсад танҳо бар асп нишаста ба майдон меомад ва то намози пешин дар пушти асп мебуд. Вақте умаро ба ӯ мегуфтанд, ки дар чунин рӯзҳо дигар шоҳон аз кохи хеш берун намераванд, ту чаро чунин заҳматро бар худ раво медорӣ, амир Исмоил посух медод: "Бошад ки ҷабрдидае ба даргоҳ ояд аз паи ҳочати хеш ва ӯро нафақотеву маскане набошад ва чун ба узри сармову хунукӣ маро набинад ва ба мо расидани ӯро, донам ки гардонанд, бечора боз ноумед ба хонаи худ баргардад. Аз ин рӯ ба майдон мебароям, зеро рафъи гирифторихо дар ин гуна айём назди худованд боарзиштар аз дигар замонҳост".

Вақте ки ба Рай ворид шуд, аввалин коре ки кард, ба суроғи Муҳаммад Закариёи Розӣ рафт. Ҳакими бузург дар Бемористони хеш буд, маризонро муояна мекард ва ба дафтари шахсии онон иллати амрозу табобати ишонро менавишт. Ин тарзи муоличаи ниёгон ба шумор мерафт, ки бо тасаллути аъроб аз байн бирафт. Муҳаммади Закариё барои аввалин бор дар қаламрави ҳукумати исломӣ онро ба роҳ монда буд. Амир Исмоил бисёрҳо тавсифи ин бемористону тарзи муоличаи беморонро аз уламо шунида буд ва орзуи дидани онро дар дил мепарварад.Имрӯз ба орзӯи дили худ расида буд. Пазишкёре ки назди даромадгоҳи Бемористон ба забту қайди маризон иштигол дошт, аз дидани амир Исмоил ба ҳарос афтода, шитобзада худро ба Ҳаким расонид. Аз шиддати тарсу эҳтирос забонаш бар ком часпида буд. Ҳаким аз тарсхӯрдагии пизишкёраш ба ташвиш афтода машғулияташро қатъ намуда, тунд пурсид:

—Чӣ шуд?

Пизишкёр: Аааааамир Иссссммоил...

Сухани пизишкёр ба охир нарасида буд, ки амир Исмоил аз дар намудор гардид. Ӯ марди баландболои лоғаран-

доме буд, дар ришу мӯйи муҷаҳҳаду бураш сафедӣ давида, чашмони бузургу сабзгунаш аз меҳнати бехобиву сафарҳои дароз хаста гардида, мижгонҳои дароз-дарозаш бар пилкҳояш гаронӣ карда, сари китфии дарозе ба ранги сурх бар тан пушида дошт. Шоҳаншоҳе ки аз рӯъёи таърих берун омада. Дигар Ҳакими бузург маҷзубу мехкуб шуда буд. Боваркарданӣ набуд: шоҳи Хуросон, Ғозии бузург ба дидори ӯ омадааст! Назди ӯ омадааст! Зиёрати ӯ омадааст! Ҳеҷ гаҳ чунин набудааст! Ӯро доим паи ҳоҷати хеш ба кушкҳо бурдаанд, ба дидори хеш сарафроз гардондаанд, ба зиёрати хеш мушарраф сохтаанд! У барои ишон фақат пизишк будааст. Вале ин лаҳзаҳо намедонад бо шоҳи Хуросон чӣ тарз муносибат кунад. Агар+ худ амир Исмоил икдом ба суҳбат намекард, Ҳакими бузург ҳамчунон лолу карахт ба як ҷой мехкуб меистод.

Амир Исмоил: Басо орзуманд будам, ки ба хизмати шумо бирасам. Худованд ин рӯзи саодатмандро бар ман насиб гардонд.

Розӣ: Барои ман шарафи бузург аст, ки... шоҳи Хуросонро дар вайронаи хеш қабул мекунам. Нури дида ...

Амир Исмоил: Устоди бузургвор маъзарат металабам, ки зоеи вақти қимати ишон шудем. Вале шавқу иштиёқи дидорашон зӯртар аз мо буд. Ҳама роҳҳои Рай моро ба ин кошона мекашиданд.

Розӣ: Боиси сарафрозии ман аст...

Дигар амир Исмоил ба як ҷавони камтаҷрибае табдил ёфта буд ки ғалаёни эҳсосот ӯро бо худ мебурд. Ва чун навомӯзе беработ дасту по мезад, то аз ин ноҳинҷориву худгумӣ раҳо ёбад.

Розӣ: Чаро ин чо истодаем, бифармоед, хуш омадед, нури дида...

Амир Исмоил: Шуморо аз коратон боз доштан, гунох аст. Ба вакти муносиб. Ба вакти фарогати устод ба шарафёбии дидорашон хоҳем омад, вале холо паи маъмурияташон бошанд. Маризон ба шумо бештар зарурат доранд...

Розӣ: Ҳама умри ман фидои сари шоҳам бод, андешае дар хусуси ман ба хотир масупоред. Бифармоед...

Амир Исмоил: Ман аз устод пурсиданиҳо бисёр дорам ва метарсам суҳбатамон ба дарозо кашад.

Розӣ: Агарчӣ ба дарозои умр бошад, нагузорам ки бира-

вед.

Амир Исмоил ҳамроҳонашро паи фуруд овардани лашкар бифиристод ва худ танҳо ба танҳо бо Муҳаммад Закариёи Розӣ бимонд. Онҳо то дергоҳ бо ҳам дар хусуси оламу одам, моҳияти офариниш, ҳақиқати адён, расолати инсон, шинохти худованд, инсон ва шайтон, хуллас он чӣ ақли кунҷкови амир Исмоилро ором намегузошт, сӯҳбат карданд. Ҳакими бузург дар матраҳ сохтани масъалаҳо, баровардани хулосаҳо, посухи суолоте, ки инсонро ба ваҳму тардид меовард, густоҳу бемуросо буд. Риндона сухан мегуфт ва одаму ҳавоҳои ӯро ба боди масқара мекашид. Ҳама пурсишҳоро посух дошт муттакӣ бар таҷрибаву илму мантиқ. Ҳама бадгӯиҳо дар ҳаққи ӯ аз ҳасад бурдан аз ақли берози ӯ буд. Сӯҳбати ишон ҳар чанд тӯл мекашид ишқу эҳтироми амир Исмоил ба ӯ зиёда мешуд. Дигар ӯ маҷзуб шуда буд. Дигар ӯ фаҳмида буд, ки олам як роҳи беохир дар такомулу пешрафт аст, ки ҳеҷ касеву ҳеҷ қавмеву ҳеҷ миллате аз якдигар бартарӣ надоранд. Бартари додани як касе, як қавме ва ё як миллате бар дигареро маҳсули хаёли касал аст, ки инсонро аз такомул боз медорад...

Амир Исмоил: Аз Шумо дар масъалаи нубувват ва эъҷози пайамбарон бад мегӯянд.

Розӣ: Шоҳам омадаанд, ки маро қазоват кунанд ва ҳукмамро...

Амир Исмоил: Ҳаргиз чунин нияте надоштам, фақат аз забони худи шумо фаҳмидан мехостам.

Розӣ: Аз кучо мардум бар худ воҷиб донистанд, ки худо қавмеро ба нубувват ихтисос диҳад ва қавми дигарро аз ин фазилат маҳрум созад? Ва касонеро ки ихтисос ба нубувват дод, бар мардум бартарӣ ниҳад ва раҳнамои дигар халқҳо кунад ва мардумро бар онон ниёзманд созад?! Худованд ҳамаи бандагони хешро баробар офаридааст ва ҳеҷ кадомеро бар дигаре бартарӣ надодааст! Ҳама дар як масиранд пешу қафо ба сӯи такомул. Мӯъҷизоти мутанабиён низ чизе ҷуз худъаву найрангу фиреб нест ва ғолиби онҳо аз мақолаи афсонаҳои динӣ аст, ки баъд аз худи онон падид омадааст. Ва мабониву усули динҳо, хусусан адёни сомӣ бо ҳакоик мухолифату мугойират дорад. Ҳамин сабаб аст, ки миёни онҳо ихтилофу танокиз дида мешавад..

Амир Исмоил: Пас чаро мардум аз онҳо пайравӣ мекунанд?

Розӣ: Иллати эътимоду эътиқоди мардум ба адён, итоат аз пешвоёни мазҳабӣ танҳо одат аст. Адёну мазоҳиб иллати асосии ҷангҳо ва мухолифат бо андешаҳои фалсафӣ ва пажуҳишҳои илмӣ мебошанд.

Амир Исмоил: Пас Шумо китобҳои осмониро инкор мекунед?

Розӣ: Ҳамин тавр аст. Осори қудамо монанди Афлотуну Арасту Уқлидусу Буқрот хидмати муҳимтар ва муфидтаре ба башар карда метавонад.

Амир Исмоил: Фарз кардем, башар ин чизҳоро тард кард? пас чи чизе, ё омиле ё қудрате метавонад дар роҳи таомулаш ӯро пеш барад?

Розӣ: Одат. Одат лаёқати онро дорад, ки бо тамрин ҳар мушкилеро осон ва ҳар амри ғариберо ошно созад. Ва ин ҳол чӣ дар боби умури нафсонӣ ва чӣ дар мавриди умури ҷисмонӣ, ҳарду содиқ аст.

Амир Исмоил: Пас дар ҳисоби занодиқ шумурдани шумо аз ин чо манша мегирад?

Розӣ: Тӯҳмат аст. Ман аз ҳар гуна ранҷ расондан иҷтиноб меварзам. Ин ҳукм ҳам шомили ҷузъиёти касир аст, ки ақл онҳоро пазируфтан натавонад, мисли амали мардуми Ҳинд дар сӯхтани ачсоди худ ва афкандани хеш бар оташи сӯзон ба қасди такарруб ёфтан ба худо ва равиши монавия дар буридани нафси худ ҳар гоҳ ки хотир ба ҷимоъ майл кунад ва одат додани хеш ба гуруснагиву ташнагӣ ва иҷтиноб аз истеъмоли об дар шустушӯй ва ба кор бурдани бавл ба чои он... Таҳмили ранҷ бар нуфуси муҳаррик газаби илоҳист!Ман бар онам ки чун парвардигори арҷманду боҷалол олимест, ки чаҳл дар ӯ роҳ надорад ва одилест, ки оламаш аз ҷавр холист. Ва илму адлу раҳматаш барзиёдатист ва холиқу молики мост. Ва мо бандагони ҳалқабагӯши ӯем ва маҳбубтарин бандагонаш сазовори дӯстдории худи он аст, ки беҳтар бар сирати банда равад ва мутеътар фармони ӯро ба кор бандад. Пас наздиктарин бандагон ба худои арҷманду боҷалол донотарину одилтарин ва раҳимтарину мехрубонтарини онон аст... Аз худованд ки бахшандаи ақлу кушояндаи ғами вахм аст, тавфиқу ёрӣ металабем, то моро бар он чӣ хости ӯст бидорад ва бо он чӣ ки сабаби наздикшавӣ ба уст, хидоят фармояд.

Амир Исмоил вакте аз бемористон берун омад, рӯз шом хӯрда буд ва ҷаҳон ба мисли бардошташ аз бахс бо Ҳаки-

ми бузург нимравшану нимторик буд. Ҳанӯз ба таври комил он чӣ аз ин сӯҳбат чашмдор буд, қонеъ набуд. Балки ӯро мутазалзил сохта, дубунагиро дар эътиқодоташ амиқтар бурда буд. Дигар барои ҳар бунааш далелҳои қотеъе ҳосил карда буд.

Ҳавлии бемористон аз бӯи гулу райҳон оганда буд. Онҳо аз роҳрави сангфаршу покиза хомӯшона ба сӯи дарвоза мерафтанд.

Амир Исмоил: Саргарми масъалаҳои рӯҳонӣ гардида, фаромӯш кардаам аз ҳолу аҳвол, кору борашон чӯё шавам.

Розӣ: Ҳама зиндагии ман ҳамон аст, ки бо шоҳам арза фармудам.

Амир Исмоил: Ташкили чунин бемористоне хеле писандида аст. Ҳавасе дар дилам шӯъла зад, ки кош ба ҳар шаҳре, ба ҳар деҳе ҳамчунин бемористоне месохтем. Фақат миллати солим ба як зиндагии фараҳмандонаву комиле қодир буда метавонад.

Розӣ: Кори мушкиле нест. Миллатро бояд тарбият кард, ба илму дониш одат дод. Он гоҳ мешавад дар матни чунин ҷомеаи тарбиятёфта ҳама орзуҳоро бароварда сохт. Дар ин мақсад ба шоҳам тавфиқ мехоҳем.

Амир Исмоил: Ин корро аз ташриф овардани шумо ба Бухоро оғоз хоҳем кард. Ман бисёр мехоҳам, ки шумо ба Бухоро оед.

Розӣ: Ё насиб.

Амир Исмоил: Пас бо шумо видоъ намекунем. То дар ин ҷо буданам, ба хидмати шумо хоҳам расид. Паноҳ ба худо, то дидан.

Розӣ: Паноҳ ба худо, то дидан...

Амир Исмоил бо аҳли рикобаш дар паси кӯчаҳои тангу тори шаҳри Рай ғайб мезанад. Муҳаммад Закариёи Розӣ бо диле шодмона ба Бемористон бармегардад. Ӯ солҳо буд ҳамчунин ёри ҳамсӯҳбате наёфта буд ки қаноатманд шавад. Амир Исмоил он касе буд, ки Ҳакими бузург тамоми умр дар талабаш буд, ӯро мехост. Э кош, ҳар инсоне Исмоиле мешуд! Он гоҳ мебуд, ки ин маошхӯрони даргоҳи худованд аз минбарҳо меуфтоданд. Он гоҳ мебуд, ки ҷангҳо қатъ мешуданд, он гоҳ мебуд ки инсонҳо бо ақле боланда аз ишқ ба худованди арҷманду боҷалол қурбат меёфтанд. Он гоҳ мебуд, ки Ҷамшед ба сарири хеш менишаст

Ҳанӯз як Исмоил кам аст!..

Ҳанӯз як Муҳаммади Розӣ кам аст, ки зиндагии беморгунаи башарро шифо бахшад!..

Ҳанӯз Бахроми Варҷованд бо пайғоми мавъуд наёмадаст!..

Ҳанӯз башар ба бероҳа меравад!..

Ҳанӯз башарро ба бероҳа мебаранд!..

Ҳанӯз башар ба зулмати ваҳм фурӯ меравад!

Мурлиспанд!!!

БАҒДОД

Қасри Сурайё ғамзада менамуд. Гӯё пои зиндагӣ дар ин нуқта аз халофат қатъ гардида бошад. Амиралмӯъминин Мӯътазид биллоҳ билкул фалаҷ шуда буд ва охирин лаҳзаҳои зиндагии хешро мегузаронд! Бемории лоилочи ӯ барои густариш ёфтани талошхову муборизаҳои пинҳон баҳона медод. Дигар ҳама вонамудсозиҳо бозӣ буд, барои фиреби назар буд! Бадри ходим дигар дил аз халифа шуста даст ба домани Софии хуррамиву Қосим ибни Абдуллоҳ ибни Сулаймон, зада буд. Муктафӣ биллоҳ баъди марги падар Амри Лайсро озод хоҳад кард, зеро аз ӯ басо тӯҳфаҳову хубиҳо дидааст. Он рӯз аст ки марги Бадри ходим фаро хоҳад расид. Вале ишон дар фикри Амри Лайси Саффорӣ нестанд. Ӯро фаромӯш кардаанд. Ин Бадри гулом аст, ки як лаҳза аз фикри ӯ озод нест, ҳар замон ба дидораш меравад, то ӯро хору залилтар гардонад, дар ташнагиву гуруснагӣ ба ҳалокат бирасонад... Чаро ӯ, яъне Бадри Кабир наметавонад бар чои Муктафӣ бародараш Ҷаъфарро ба сарир бирасонад, то аз шарри Амри Лайс бираҳад?! Ҳанӯз ки Мӯътазид биллоҳ намурда... Муктафӣ биллоҳ умури халофатро ба даст гирифтааст. Пинҳонӣ бо вузарои падар дар умури давлат машварат мекунад.

Муктафӣ: Исёни Муҳаммади Ҳорун дар Табаристону Рай чӣ шуд?

Сулаймон: Аз ҷониби амир Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ пахш гардид, вале ҳанӯз оташи ташнагии Муҳаммади Ҳорун фурӯ нанишастааст. Ӯ дигар ба алавиёни Дайламу Гелон амон бурдааст.

Муктафӣ: Умед аст, ки амир Исмоил шарри ӯро кифоят мекунад.

Сафӣ: Амир Исмоил ба Хуросон баргаштааст...

Сулаймон: Ҳукумати Райро ба бародарзодааш Абӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқ бахшидааст. Ин амал аз ҷониби ӯ худсарӣ маҳсуб мешавад.

Муктафӣ: Аз душманӣ бо ӯ иҷтиноб мебояд варзид. Ӯ дигар амири Мовароуннаҳр нест. Ӯ дар қаламрави шарқии халофат миёни мардум аз маҳбубияти хосае бархурдор мебошад. Шояд ин маҳбубиятро фақат Абумуслим молик буду бас! Дар ин амр ӯ мадюни фазилату кордонӣ ва адолату диндории хеш мебошад. Ва сониян дар ин хитта аз хилофат ӯ ба худ рақибе надорад. Ва хушбахтии мост ки ӯ ба мисли умарои саффорӣ исёнгару саркаш нест.

Сулаймон: Дар ин масъала сиёсати амиралмӯъминин басо самарабахш аст: Душманро бо дӯсти дохилӣ аз байн бурдан!

Муктафӣ: Иншооллоҳ, мо ин сиёсати хирадмандонро низ ба ирс хоҳем гирифт.

Вале Бадри ходим ором надошт. Имрӯз бори дуввум буд, ки ба зиндон назди Амри Лайс мерафт.

Бадр: Ту хурсандӣ макун, ки умри Мӯътазид биллоҳ ба охир расидааст. Агар як нафас бокӣ бошад, ризояти ӯро хоҳам гирифт. Ту ҳаргиз рӯзи рӯшанро нахоҳӣ дид!

Амри Лайс фақат бо тамасхӯр сӯяш лабханд зад. Ӯ аз гуруснагиву ташнагӣ бемадор шуда буд ва дар вуҷудаш он қадар қуввае пайдо карда натавонист, ки ба сару рӯйи ин хабис туф кунад. Фақат нимғурма гуфт:

-Ту дигар пир шудай... ба дарди касе намехӯрӣ... беҳуда талош мекунӣ.. Вале ман... - нафасаш дар гулӯяш дармонд, натавонист суханашро ба поён барисонад. Вале Бадри ғулом медонист, ки Амри Лайс чӣ гуфтан мехоҳад. Ӯ ҳанӯз барвақт ба забони мустаории Амри Лайс ошно шуда буд. Аз ин рӯ давоми танзу таъни ӯро нашунида, ба хашм аз наздаш баромада рост ба кохи Сурайё назди халифаи фалаҷ рафт. Халифаро, агар табибро истисно кунем, дигар ба ҳоли худ тани танҳо гузошта буданд. Ӯ дигар метавонист хабарҳои номатлубро гуфта хашми халифаро биёварад ва ҳукми эъдоми ӯро ҳосил кунад.

Бадр: Бозмондагони саффорӣ алами исён алайҳи хилофат баланд кардаанд. Тоҳир ибни Муҳаммади Лайс бо тарафдоронаш ба Форс омадааст.

Халифа беэътиноӣна ба Бадр менигарад; ҳоли гарибе

дорад. Ба мисли саги шаллоқхӯрдае бо сари хам дум меликонад. Амиралмӯъминин бо поин овардани пилкҳои чашми росташ аз ӯ, ки ҳар нафас ва ба таври доимӣ мувозиби Амри Лайс мебошад, аз ҳолу аҳволаш пурсон мешавад.

Бадр: Амр умедвор аст, ки набераш ӯро раҳо хоҳад кард.

Амиралмӯъминин ба бемоягии ин дурӯғ лабханд задан мехоҳад , вале наметавонад. Ӯро фаромӯш мекунад. Муктафӣ бо вузаро меоянд. Валиаҳд ба назди Бадр меравад ва бо овози паст, ки мабодо ба роҳату оромиши амиралмӯъминин халал ворид карда бошад, мегӯяд:

-Дӯсти мо Амри Лайс чӣ ҳоле дорад? Умедворам барояш музоҳимате ба вуҷуд намеёваранд?

Бадр: Ҳолу аҳволи Амри Лайс хуб аст.

Муктафӣ: Аз мо ба ӯ салом расон.

Бадр: Ба чашм.

Муктафӣ аз бари падар гузашта, мешинад. Ҳама хомӯшанд, аз баланд гап задан метарсанд. Вале амиралмӯъминин нисбат ба зиндагӣ, нисбат ба атрофиёнаш дигар беэътино гардидааст, ба холи худ шудааст. Муктафӣ ба чои падар калима арза мекунад: Оёте чанд қироят мекунад. Чашмони халифа ба сақфи Сурайё духта мешаванд, англакаш меафтад, бе ҳеҷ монеае ҷон аз баданаш раҳо мегардад, ҳозиринро дар ғафлат мегузорад. Муктафӣ бо харос чашмони ранҷкашидаву фурӯрафтаи хабдаҳум халифаи муслиминро аз оли Аббос барои абад мепӯшад. Манахашро мебандад. Тарашро хушк мекунанд. Баъди ин тадорукот марги халифаи муслимин, амиралмӯъминин Абдуллох биннал-Имом Абилаббос ал-Мӯътазид биллохро эълом карданд. Бадр аз ин фурсати мувофиқ истифода бурда бо чанд сарбоз ба зиндон рафт. Амри Лайс бехолу ранҷур хобида буд. Аз омадани ғуломи ғулом бедор нашул.

Бадр: Ӯро бедор кунед!

Сарбозҳо ба хорӣ Амри Лайсро бедор мекунанд. Ӯ дар баробари худ Бадри изтиробзадаву харосонро мебинад, лабханд мезанад: кори чунин хоҷае ба дасти чунин бандае афтодааст! Дунёи букаламун! Агар ҳар сохибватане ба мисли ин беватанон умраш мабзули талошу ҷиҳод мебуд!?

Бадр: Амиралмӯъминин пеш аз фармон ёфтан, фармонии...

Дигар барои Амри Лайс рӯшан шуда буд, ки чаро ин ғулом, агар фармон ёфта бошад, чунин изтиробиву харо-

сон аст

Амри Лайс: Ту бо хоинона куштани чун мане эмин натавонӣ шуд! Ҳазорсолаҳо мегузаранд ва ман барои шумо дарди сарҳое эҷод хоҳам кард. Шумо аз идроки он ки кӣ будеду чӣ шудед барои худ дардисарҳо эҷод хоҳед намуд. Шояд шумо худ фаромӯш кунед, ки киҳо будед, вале таърихи ин сарзамин бо мардумаш ҳамчунон бокӣ хоҳанд монд ва ҳар лаҳза шуморо ба ёди гузаштаҳотон хоҳад афканд. Гузаштаҳои шумо барои шумо дузах эҷод хоҳанд намуд...

Бадр (хашмолуд ва хунсардона): Рӯҳи исёнгарашро ором кунед! Зудтар!

Сарбозҳо мутеъкорона сари Амри Лайсро аз тан ҷудо мекунанд .Сареро ба хоки зиллат, пеши пои ғуломе меафгананд, ки шукӯҳи аврангҳо буд. Худоё, худовандо дигар ин шабушкҳо одамхор шудаанд! Дигар ин шабушкҳо нишаста бар боли малаххо киштзорҳои хуррамро хароб мекунанд!.. Қабоҳати ғуломон ваҳшатангез аст? Бадри ғулом аз қабоҳати хеш, ки бо дасти ду шабушкхори дигар сурат пазируфт, ба ваҳшат меояд, ва ё аз салобати Хоҷа метарсад ва бо таҳлука зиндонро тарк мекунад. Дар хориҷи зиндон қотилони амири Ироқайну Хуросон, Ҳинду Синд, Кобулистону Зобулистонро мекушанд. Ин кушторҳо дигар шоҳиде нахоҳанд дошт. Касе Бадри "кабир"-ро ба дорӯға нахоҳад кашид! Ба маҳкама нахоҳад кашид. Қуззот далел надоранд! Дигар нахоҳанд дошт! Зиндонбонон кушандагони Амри Лайсро куштаанд! Вассалом! Эй ғулом, куштани чунин Хоҷа на корест осон!!! Дигар то ба ҳашр кушта хоҳӣ шуд! Ҳар рӯз, ҳар соат, ҳар нафас аз нав бо дасти ҳар кадоме аз ин ватандорон кушта хоҳӣ шуд!

Рустамҳоро шағодҳо мекушанд! Ё ин амр сарнавишти озодагон шудааст? Шояд масали "сагбачаро калон кунӣ аз поят мегазад" зодаи ҳамин сарнавишт аст?! Шояд? Вале Абӯмуҳаммад бинни Алӣ ал-Муктафӣ биллоҳ дар ҷои падар нишаст ба расми ирониёни қадим! Инон ки ҷуз регзорҳои Ҳичоз чизе намедонистанд, имрӯз ба расму одати мутеони хеш зиндагиву ҳукумат мекарданд. Бо тақвотарини ишон дар арабият натавонист назди чилову шукӯҳи ироният худро боз дорад, бо асли худро аз даст додан ногузир аз ироният пайравиву тақлид намуд. Ҳичоз дигар чарогоҳи шутурҳо шудааст! Ҳичозиҳо хонаву дарҳои хешро фаромӯш кардаанд, ба кушкҳои Мадоин кӯчидаанд. Ди-

гар суруди регҳову бодҳои биёбонро ба нағмаҳои осмонии Ноҳид иваз намудаанд. Ҷомаҳои дурушти пашмбофту ноҳинҷорро ба абрешими шоҳӣ бадал кардаанд. Сарҳои чун занон пушидаро ба точи шоҳаншаҳӣ оростаанд. Дар соҳили рудҳои равон, дар миёни киштзорҳои сабзу хуррам, боғҳои биҳиштгун маскан гузидаанд. Дигар биҳишти мавъудро ёфтаанд! Магар мешавад дигар аз ин зиндагии ҳавасангез даст кашид?! Дигар ҳар касе агар туро аз он биёбонҳои беобу бегиёҳ ба сӯйи хеш фаро хонад, гӯ бирав, эй бобо! Мо ба он чӣ баҳраш талош кардаем ёфтаем. Сарзамини Ҳиҷоз бо биҳишти мавъудаш аз шумост!

Лазизтар аз малаху сусмор ғизо ёфтаанд...Инонро ба мавъуди худ баред! Инон аз ин мавъуде ки мо ёфтаем фаротар мехоҳанд! Инонро ба биҳишти Мавъуди Ҳиҷоз фаро хонед! Инон мушток шудаанд, мачзуб шудаанд! Мо дигар аз мавҷуди Ҳиҷоз ба ин ҷо Ҳубут кардаем. Моро ба ҳоли хеш гузоред, эй воъидон Мавъуд!..Эй воъидони Мавъуд, моро раҳо кунед!..

Муктафӣ биллоҳ умури ҳукумати халофатро аз фармони озодии Амри Лайси Саффорӣ огоз мекунад, то дар қаламрави шарқии импротурии хеш ду мухраи қудрати ба ҳам зидро дошта бошад. Вале ин тираш хок мехӯрад! Амри Лайсро куштаанд!

Муктафӣ: Кушандаи ӯро пайдо кунед! Худи ҳамин лахза!

Қотил маъмури чустучӯи хеш мешавад! Бадр бенатича бармегардад: Қотилонро куштаанд! Ду сарбози турк!

Муктафӣ: Сарбоз ба амир чӣ хусумате дошта метавонад, агар бе пуштивонае бошад?! Иллати душмании ду сарбоз аз як амири барояшон ноошно чист?!

Софӣ (*дар гӯши Муктафӣ*): Буданд касоне, ки фармони қатли ӯро аз худобиёмурзод исрор мекарданд.

Муктафӣ: Ин чо ҳузур дорад?

Софӣ: Не.

Муктафӣ: Ӯро пайдо кунед!

Софии хуррамӣ бо сарбозе чанд ба сурогаи Бадри ходим меравад. Муктафӣ ба Қосим ибни Абдуллоҳ рӯ меорад.

Муктафӣ: Ниятҳо барбод рафт. Дигар илоҷе нест. Аҳди вулӯъ ба амир Исмоил ибни Аҳмад фиристед ва вилоёти Ироқу Райу Исфахон ва диёри Табаристону Гургон ҳама ба Хуросон зам кунед...

Сарбозҳо Бадри ғуломро, ки аз бешарафиву беномусӣ то ба "кабир" уруҷ карда буд, бо дастҳои баста меоранд. Аз тарси бими халифа ранг дар рӯйи зарди пурожангаш, ки хоси кӯсаҳост, намонда буд. Аслан ки рӯяш ранг надошт. Онро ба наврасияш рехта буд. Имрӯз фурсати онро ранг кардан наёфта буд, ки Софии Хуррамӣ ғофилгираш кард.

Муктафӣ: Маро бо ин ғулом хилват гузоред!

Ҷуз ду сарбози муҳофизи муҷрим дигар ҳама мераванд ва халифа ба Бадр рӯ меорад.

—Чаро чунин амали зиштеро муртакиб шудӣ?

Бадр: Ӯро тамаи мамлакат ҳама ҷаҳон буд. Набоястӣ, ки дар ҷаҳон касе бошад ки бар амиралмӯъминин бузургӣ ёрад кардан"

Ин суханҳо назди Мӯътазид ба каррот гуфта буд, вале посухе ҷуз лабханди дардолуд наёфта буд.

Муктафӣ: Ӯ талоши кишвари хеш мекард, гумкардаҳои хешро баргардондан мехост. Туро ки ҳеҷ мояе надоштиву надорӣ, чӣ таҳрик ба ин амали зишт дод?

Бадр: Садоқату вафодорӣ ба амиралмӯъминин ва поси намаки ишон.

Муктафӣ: Оё як ғулом озодона, бехабар аз Хоҷаи хеш ҳаққи мустақилона амал карданро доранд?!

Бадр: Не.

Муктафӣ: Ӯро ба зиндон баред!

Бадр пои равонро гум карда буд, забонаш ба комаш часпида буд ва сарбозҳо кашон-кашон ӯро аз боргоҳ ба зиндон бурданд. Ӯ аз ваҳшати ҷазо дидан ҳатто гиряву лобадон бурданд, зориданро аз ёд бурда буд. Ӯро чун кундаи тару оташгирифта, кашон-кашон аз миёни кӯчаву бозор ба зиндон мебаранд. Қотили Амри Лайс! Қотили он кӣ дар Макка хутба ба номаш мехонданд, дар партави ливояш боди бако мехӯрданд!..

Шаҳр аз марги халифаи хеш ба чунин сутӯҳ наёмада буд! Амри Лайсро куштаанд! Марги чунин Хоҷа на корест осон! Ин хиёнат ба осоиши мардум аст! Дигар мувозиби бало бошед! Хабари кушта шудани Амри Лайс ба зиндон дар байни мардум тарсу вахм, шафқату ҳамдардӣ барангехта буд. Ҳанӯз касе барқи буриши шамшери тези ишонро фаромӯш накарда буд! Ҳанӯз касе лаззати бориши атои хонин ишонро аз ёд набурда буд! Дарего, дарего, дарег!!! Мук-

тафӣ биллоҳ дар оташи хашму ғазаб аланга гирифтааст!

Муктафӣ: Ӯро бо қабеҳтарин вачҳ баҳри ибрати дигарон дар миёни мардуми Бағдод кушед!..

Сулаймон: Фармони амиралмӯъминин ачулона аст, ки оқибати хубе нахоҳад дошт. Шояд боиси шӯридани атрок шавад.

Муктафӣ: Чаро аз оқибати шумаш намеандешед! Ин абулҳавлҳоиозро мо худ сохтаем. Минбаъд ҳамчунин хоҳад шуд! Ҳар ғуломе, ғуломзодае агар бар хочаи хеш даст мебардорад, ё бар хочаи хеш осӣ мешавад ва ё бидуни фармоишоти хочаи хеш амал мекунад, чунин кайфар хоҳад шуд!

Ва Бадри "Кабир"-ро дар паси шутуре баста дар шахр мекашонанд. Шутури масту дукӯҳонае ки бар он Амри Лайсро мегардонданд, имрӯз рам хӯрдаву тозон аст, гурезон аст.

Ва корвони ҳадоёи амиралмӯъминин Абӯмуҳаммад Муктафӣ биллоҳ аз Бағдод баромада рах ба сӯйи Хуросон гирифтааст. Ӯ дар дил бим аз саркашии наводаи Амри Лайс дорад.

Ва амир Исмоил ибни Ахмад Райро ба қасди Бухоро тарк гуфтааст. Дигар ҳама роҳҳо дар Бухоро қатъ мешаванд. Дигар Бухоро нофи замин аст! Поянда пойтахт моно, эй Бухоро!..

БОЗГАШТ

Амир Исмоил дар Нишобур аз шунидани хабари марги халифа Мӯътазид ва қатли Амри Лайси Саффорӣ сахт андӯҳгин шуд. Ва ҳамон соат номаи хашмолуде ба Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амри Лайс навишт: "Шунидам ки исён кардай ва чониби Форс лашкар кашидай ва аз Ахвоз тарафдоронатро фаро хондай, то давлати саффориро тачдид намой? Хон эй писар, ба такаллуб рафтай! Агар даъвй дошта бошй, ки бо чаддат чунону чунин рафтор карданд, мардумфиребист, аз сари хумор аст. Ту ханӯз болиг аз кафтарбозй нашудай. Агар чунин чигари мардй дошти, ба рӯзи майдонорой кучо будй?! Амри Лайс дар майдон танҳо монда буд, аз дасти чокаронаш ба горат рафта буд. Аз ту мепурсам, эй писари Муҳаммад, он рӯз кучо будед?! Он рӯз рӯзи даъво, рӯзи поймардй, рӯзи далерию номус буд!

Он рӯз аст, ки тамоми даъвоҳои шуморо ботил месозад. Он рӯз буд, ки шуморо халъи қудрат кард. Дар он рӯз ҳар он чиро ки аз писари Тоҳир ба тағаллуб сохиб шуда будед, аз даст додед. Ту набояст ба сӯи Форс лашкар мекашидӣ. Ту роҳ ба бероҳа рафтай. Даъвии ту фақат бо Бухорост; Имрӯз даъвои ту ба Бағдод бепоя аст, зеро вақте ки қасди Бухоро кардед, Бағдод дар паси шумо буд. Ҳар чиз ки ба тазаллум ҳосил мешавад, боз ба тазаллум аз даст меравад. Ҳон!

Ин мулкро, ки дар он ҳукумат меронӣ, мадюни касе бош ки ба лаҳзаи зарурӣ қадраш надонистӣ, ҳатто ба як ҷав арзиш нагузоштӣ. Он замон ки ба Ниҳ интизори туро мекашид, то аз банди сарбозони халифа раҳояш кунӣ, кучо будӣ? Сӣ рӯз ба роҳ буд. Ҳеч кас андар ҳама Хуросону Сиистон нагуфт, ки Амр худ ҳаст? Ту имрӯз мулдай шудай? Ё аз ҳукми фардо тарсидӣ? Шумо фурсатро ҳанӯз ба Балх андар аз даст дода будед. Ҳанӯз ки мулки Нимрӯз дорӣ, туфайли хоҳишу васияти ҷадди хеш дорӣ ба замонати зинҳор маро! Эй кош, ӯ медонист!.. Дигар дар ин сарзамини паҳновар - аз Ираку Нимрӯзу Табаристону Гургону Хуросон то Туркистони Чин ҳаққи даъво марост, ҳаққи пурсиш марост,.. Имрӯз ҳаққи мардуми ин сарзаминро даъвогар манам. Ман даъво мекунам! Ва намегузорам, касе ба тазаллум моли мардум барад, бар мардум меҳнат афзояд. Ба ду ҷаҳон посухгӯи ин кишвар манам. Ҳанӯз ки фитна доман паҳн накардааст, ҳамди худой ба ҷой биёвар ва ба мақарри хеш баргард. Ман ҳанӯз намехоҳам, ки заволи оли Саффор ба дасти ман бошад, он чунон ки заволи давлати оли Тоҳир ба дасти шумо шуд! Дар акси ҳол, заволи шумо ба дасти худи шумо хоҳад буд! Вассалом!.."

Амир Исмоил номаро барои сарони сипоҳ ва қуззоти ҳамроҳаш хонд. Нома дар ҳақиқат хашмолуд ва таҳқиромез буд.

Амир Исмоил: Ҳарчанд хостам лаҳни номаро нармтар созам, вале бешарафии Тоҳир монеи ин амр мешуд. Ҳеч гап не, гоҳ аз гоҳ ин тифлонро гӯшмол додан зарур аст. Вале ман гумон намекунам, ки ӯ гапшунаву пандгир бошад. Бинобар ин дар баробари нома сипоҳе низ мебояд ба Форс ирсол кард. То напиндорад, ки сухани мо фақат аз сиёсат иборат мебошад.

Боят ӯ ҳис кунад, ки дар паси сухани мо на танҳо сиёсат, балки ҳамчунон қудрат низ вучуд дорад. Он гоҳ аст, ки

сухани мо ба замин нахоҳад расид.

Ҳамуя: Хеле ба маврид хоҳад буд, зеро ханӯз зарбати шамшери сипоҳи мо дар димоғашон боқист, гумон намекунам, ки ҷуръати рӯёрӯ шудан бо сипоҳи моро кунанд. Сониян, Тоҳир худ нағз эҳсос мекунад, ки бо даргири ҷанг шудан охирин пойгоҳи кудраташро ҳам аз даст хоҳад дод. Солисан, ӯ гумон намебурд, ки дар ин амр шоҳам дахолат хоҳанд кард...

Ахмади Саҳл: Аз лашкаркашии Тоҳир ибни Муҳаммад ба Форс доии Дайлам огоҳ буд.

Амир Исмоил: Аз кучо медонӣ?

Ахмади Саҳл: Муҳаммади Ҳорунро аз хуручи ӯ дар Ирак ва муборизоти дарбории Абӯсоҷ бо бародараш Юсуф дар Арманистон дилпур карда буданд.

Амир Исмоил: Ачаб нест... Пас Ҳорун ором нахоҳад гирифт... Бехуда... Худованд ишонро огоҳ кардааст: Ва ло тулку биайдикум ила-т-тахлукати, яъне: Худро ба дасти хеш ба нобудӣ накашонед.

Мебоист ӯро то ба охир таъқиб кардан, вачаб ба вачаб чангалистони Дайламро поксозӣ кардан, шаҳҳои касногузарро, ки сипоҳи шикастхӯрдаи доиву Ҳорун панох бурдаанд, ба хок хамвор кардан!.. Мебоист ин чангалистони анбӯҳро бо шеру палангаш ба коми оташ кашид, ишонро ба интихои орзуҳояшон, ба фаросӯи хостҳошон, ки навмедӣ хохад буд, расонид...

Амир Исмоил (*ба Ҳамуя ибни Алӣ*): Имрӯз нафақаи савора низомро бипардозед, то субҳгоҳон ба рох бароянд. Ахмад ибни Сахли Моҳон ба фармондихии он таъин карда шавад. Ҳар ошӯб дар нутфааш боят нобуд гардад!..

Рӯзи дигар субҳгоҳон пеш аз ба рох баромдан, амир Исмоил аз назди сафи сарбозони савора гузашт. Бору бунаву силоҳи ишонро аз назар гузаронд.

Амир Исмоил: Шумо ба хар чо ки мерасед, боят оваридаи осоишу оромӣ бошед, то мардум аз шумо ба мехр истикбол кунанд. Шумо дар кишвари худ амал мекунед, бо мардуми хеш аз рӯи инсофу адолат муносибат кунед, то онхо ба як зиндагии ободу созанда дилгарм шаванд. Дар ин кор хеҷ чиз ба мисли ахлоки хамидаи сипоҳиён муассиртар вокеъ намегардад. Худо нигоҳ дорад аз "он рӯзе ки бародар аз бародар фирор мекунад. Одил бошед, ки "адли яксоата бех аз ибодати хафтодсола" гуфтаанд.

Сипоҳ ба як овоз нидо сар доданд: "Аййада-л-лаҳу-Ул амира".*

Саворанизом бо фармондеҳии сипаҳсолори Хуросон Аҳмад ибни Саҳли Моҳон ба сӯи Форс ба роҳ мебарояд. Амир Исмоил ба Бухоро бармегардад.

Ҳанӯз ин роҳ ба поёни талошу чиҳод нарасидааст.

Яъҷуҷу маъҷуҷ боз ба қасди яғмогарӣ дар шарқи мамлакат гирд омадаанд...

Ҳорун боз алами исён бардоштааст...

Тоҳир ибни Муҳаммад ба Сиистон баргаштааст...

Убайдуллоҳ Муҳаммади Афшин дар Арманистон аз вабои хонумонсуз даргузаштааст. Дигар Девдозу амуяш Юсуф ба ҷони хеш уфтодаанд.

Ҳанӯз ин роҳ бо поёни талошу чиҳод нарасидааст.

Зангулаи корвонҳо акси садои ноқуси фалак шудааст:

Ва ин дунёи акс бояд ба асли хеш баргардад!

Инсон худогуна шавад!..

Ҷамҷамаи ҷомгуни Ҷам пур аз ин садо шудааст.

Ва Рустам аз Бухоро сар мекашад- Марзбоне мустаҳкамтар аз девори Чин, сангинтар аз садди Зулқарнайн! Куруши Кабир ба хато шуда Искандар - пайғамбар ба палид! Эй Хуросон Зулқарнайни ту Куруш буд ва имрӯз ба додхоҳӣ бархостааст! Ифтихороти туро ба яғмо бурдаанд, ин бобулиҳову қибтиён! Дарахти Асурик, Дарахти Аҳуро дигар дар ин ҷо сабз мешавад, дигар бор аз ин ҷо сар мекашад!

Ҳафтод ҳазор чодари Яъҷуҷ ба қурбонгаҳи Иброҳим нисор мешавад. Бозори Нахшаб пур аз ғулом аст, имрӯз!

Дигар бораҳо ба шаҳрҳо фурӯ меуфтанд! Киштзорҳо то ба уфуқҳо доман кашидаанд.

БОРАИ ШУМО МАНАМ!..

Ва Ҳорун бо чигари сӯхта медавад! Навмедиҳо беист ӯро медавонанд то Бухоро, шабу рӯз! Сарнавишти осиён ҳам-

Худой дастгири шоҳ буд!

чунин хоҳад буд! Дой ба инзивои хеш мехазад. Ва Аҳмад мучиби хашми падар мешавад. Даъво карда бошӣ?! Бегонае натавонад кори ту кардан! Гар мекунад ба иғроз мекунад!

Ҳанӯз ин роҳ ба поёни талошу чиҳод нарасидааст!.. Ҳанӯз Бахром дар роҳ аст...

Ҳанӯз Сарв дар ҷавона аст...
Ҳанӯз Шери шукӯҳ дар гурриш аст...
Ҳанӯз Симурғи орзу дар гардиш аст...
Ҳанӯз Аспи Сафеди қудрат дар давидан аст...

Ҳанӯз ин сарзамин дар интизори Мавъуди хеш сурудхон аст:

КАЙ БУВАД КИ ОЯД
ПАЙКЕ АЗ ҲИНДУГОН.
КИ ОМАД ОН ШАҲ БАҲРОМ
АЗ ДУДАИ КАЁН.

КИ ПИЛ АСТ ҲАЗОР
БАР САР АСТ ПИЛБОН
КИ ОРОСТА ДИРАФШ ДОРАД
БА ОИНИ ХУСРАВОН...

Ҳанӯз ин роҳ ба поёни талошу чиҳод нарасидааст. Ҳанӯз Яъҷуҷ даҷҷолзост.

-Ин роҳи талошу чиҳод манам, ки то ба шумо имтидод хоҳад ёфт! Ҳар чиз ба асли хеш бармегардад! То абад ҳамчунин хоҳад буд, хон!..

191313
Китобхонаи миллии Тоҷикистон